Выводы. Таким образом, развитие системы социальной помощи в экономической системе регионов Таджикистане за исследуемый период было обусловлено, с одной стороны процессом продолжающейся дифференциации доходов населения, а с другой - постепенным сокращением финансовых ресурсов, выделяемых из государственного бюджета на программы социальной помощи: если затраты на них составили 11,1% от ВРП, то в 2024 г. они снизились до 3,7%, то есть в 3 раза. В этих условиях особое значение приобретает упорядочение видов программ социальной помощи, выбор тех из них, которые наиболее полно учитывают условия и особенности развития республики.

ЛИТЕРАТУРА:

1. Абдукодири, Х.А. (Абдукодиров Х.А.) Система пенсионного обеспечения как фактор мотивации производительности труда и дохода индивида//Финансово-экономический Вестник. (научно-практический журнал). – Душанбе, 2021. - № 3 (27). – С. 26-36.
2. Бабосов, Е.М. Динамика доходов и уровня жизни населения в постсоветском обществе / Е.М. Бабосов // Социальная политика в постсоветском обществе. Задачи, противоречия, механизмы. – М., 2001. – С. 133–143.
3. Воложанина, О.А. Развитие социально-экономических систем. Автореф. дис. на соискан. степени д.э.н. – СПб.: 2011, с. 16, 25. – Режим доступа: [http://vak.ed.gov.ru/ru/dissertation/index.php?id54=11600&from54=52] (дата обращения 14.06.2012).
4. Ким, О.Л. Механизм управления экономическим ростом в регионе. Автореф. на соискание … д.э.н. – СПб.: 2007, Экономическая библиотека. — Режим доступа: [http://economy-lib.com/mehanizmupravleniya-ekonomicheskim-rostom-v-regione#ixzz2KaPdEtcB] (дата обращения 12.01.2011).
5. Клейменова, А.С. Анализ тенденций социально-экономического развития региона в контексте перехода к устойчивому развитию. // Вестник Тамбовского университета, серия: Гуманитарные науки, 2008, № 5. – С. 145–152.
6. Куркудинова, Е.В. Кластерный подход как технология управления экономическим развитием региона. // Экономика и управление, 2010, № 10(71). – С. 170–172.
7. Народное хозяйство СССР в 1990 году: Статистический ежегодник. - М., 1990. - С. 257.
8. Национальная стратегия развития Республики Таджикистан на период до 2030 года. – Душанбе. 2016. – 104 стр.
9. Сайджанов, С.Ш., Абдукодиров Х.А. Ҷанбаҳои иљтимоӣ-иќтисодии танзими даромади аҳолї дар минтаќа//Ученые записки ХГУ. – Худжанд. 2023. № 1. – С. 85-95.
10. Статистический ежегодник Согдийской области. – Худжанд. ГУАПСП Президенте Республики Таджикистан в Согдийской области. 2025. – С. 10; 12; 17; 128; 132.
11. Тошматов, М.Н. Повышение инвестиционной привлекательности - стратегическая задача государства // Вестник ТТУ им. акад. М.С. Осими. – Душанбе. – 2013. – № 4 (24).
12. Узакова, Г. М. Проблемы привлечения средств населения в инвестиционную сферу // Экономика Таджикистана: стратегия развития. – Душанбе. – 2009. – С. 77.

УДК 331.108:640.4(575.3)

САМТҲОИ АФЗАЛИЯТНОКИ РУШДИ ИҚТИДОРИ КАДРИИ МЕҲМОНХОНАҲО ДАР ШАРОИТИ МУОСИР

АБДУЛЛОЕВ ЗАФАРҶОН АСҲОБОВИЧ
Номзади илмҳои иқтисодӣ, муаллими калони кафедраи менеҷмент, маркетинг ва иқтисодиёти меҳнати Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон.
Суроға: 734055, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи А. Деҳотӣ 1/2.
Тел.: (+992) 934-44-41-54. **E-mail:** abdulloevzafar2023@gmail.com.

Аннотатсия. Дар мақола муаллиф самтҳои афзалиятноки рушди иқтидори кадрии меҳмонхонаҳоро дар шароити муосир мавриди омӯзиш ва таҳқиқ қарор дода, хусусиятҳои асосии иқтидори кадрӣ, идоракунӣ ва рушди иқтидори кадрӣ, унсурҳои асосии иқтидори кадрӣ ва хусусиятҳои асосии иқтидори кадрии меҳмонхонаҳоро баррасӣ ва таҳлил намудааст.

Муаллиф қайд менамояд, иқтидори кадрӣ ин маҷмӯи салоҳиятҳо, дониш, таҷриба, сифатҳои шахсӣ ва эҷодии кормандон мебошад, ки барои ноил гардидан ба ҳадафҳои стратегии ширкат истифода мешаванд, равона карда шудааст. Ҳадафи иқтидори кадрӣ ин таъмини рақобатпазирӣ, баланд бардоштани ҳосилнокӣ ва ҳалли вазифаҳои рушд тавассути истифодаи самараноки захираҳои инсонӣ мебошад. Иқтидори кадрҳои меҳмонхона ин маҷмӯи дониш, малака, таҷриба ва сифатҳои шахсии кормандон буда, сифати хизматрасониҳо, садоқати муштариён ва рақобатпазирии меҳмонхонаҳоро муайян мекунад. Кормандони баландихтисос мустақиман ба қаноатмандии муштариён тавассути ташаккули симои мусбӣ ва таъмини фармоишҳои такрорӣ таъсир мерасонанд.

Вожаҳои калидӣ: кадр, иқтидори кадрӣ, меҳмонхона, саноати меҳмонхонадорӣ, хизматрасонӣ, сифати хизматрасонӣ, самтҳои афзалиятнок, ҳавасмандагрдонӣ, рақамисозӣ, мутобиқсозии технологӣ, такмили ихтисос.

ПРИОРИТЕТНЫЕ НАПРАВЛЕНИЯ РАЗВИТИЯ КАДРОВОГО ПОТЕНЦИАЛА ОТЕЛЕЙ В СОВРЕМЕННЫХ УСЛОВИЯХ

АБДУЛЛОЕВ ЗАФАРДЖОН АСХОБОВИЧ
Кандидат экономических наук, старший преподаватель кафедры менеджмента, маркетинга и экономики труда Таджикского государственного университета коммерции.
Адрес: Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Дехоти ½.
Тел.: (+992) 934-44-41-54. **E-mail:** abdulloevzafar2023@gmail.com.

Аннотация. В статье автор исследовал приоритетные направления развития кадрового потенциала гостиниц в современных условиях, рассмотрел и проанализировал основные характеристики кадрового потенциала, управление и развитие кадрового потенциала, основные элементы кадрового потенциала и основные характеристики кадрового потенциала гостиниц.

Автор отмечает, что кадровый потенциал-это совокупность компетенций, знаний, опыта, личных и творческих качеств сотрудников, направленных на достижение стратегических целей компании. Целью кадрового потенциала является обеспечение конкурентоспособности, повышение производительности и решение задач развития за счет эффективного использования человеческих ресурсов. Кадровый потенциал отеля-это совокупность знаний, навыков, опыта и личных качеств персонала, определяющих качество предоставляемых услуг, лояльность клиентов и конкурентоспособность отелей. Квалифицированный персонал напрямую влияет на удовлетворенность клиентов, создавая положительный имидж и обеспечивая повторные заказы.

Ключевые слова: кадр, кадровый потенциал, гостиница, гостиничная индустрия, сервис, качество обслуживания, приоритетные направления, мотивация, цифровизация, технологическая адаптация, повышение квалификации.

PRIORITY AREAS FOR THE DEVELOPMENT OF HUMAN RESOURCES IN HOTELS IN MODERN CONDITIONS

ABDULLOEV ZAFARJON ASHOBOVICH
Candidate of Economic Sciences, Senior Lecturer at the Department of Management, Marketing and Labor Economics, Tajik State University of Commerce.
Address: 734055, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Street A. Dehoti, 1/2.
Phone: (+992) 934-44-41-54. **E-mail:** abdulloevzafar2023@gmail.com.

Abstract. In the article, the author investigated the priority areas of the development of human resources of hotels in modern conditions, reviewed and analyzed the main characteristics of human resources, management and development of human resources, the main elements of human resources and the main characteristics of human resources of hotels.

The author notes that human resource potential is a set of competencies, knowledge, experience, personal and creative qualities of employees aimed at achieving the company's strategic goals. The purpose of human resources is to ensure competitiveness, increase productivity and solve development problems through the effective use of human resources. The personnel potential of a hotel is a set of knowledge, skills, experience and personal qualities of the staff that determine the quality of services provided, customer loyalty and competitiveness of hotels. Qualified staff directly affects customer satisfaction by creating a positive image and ensuring repeat orders.

Keywords: personnel, human resources, hotel, hotel industry, service, quality of service, priority areas, motivation, digitalization, technological adaptation, professional development.

Муқаддима. Дар шароити муосир таъмини меҳмонхонаҳо бо мутахассисони баландихтисос яке аз масъалаҳои мубрам ва ҳалталаб боқӣ мемонад. Ҳоло масалъаи инфрасохтор, бунёд ва таъмини меҳмонхонаҳо бо шароити созгор бо мутахассисони баландихтисос мушкилоти асосии меҳмонхонаҳо боқӣ мемонад. Дар солҳои соҳибистиқлолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон меҳмонхонаҳои замонавии барҳаво сохта шуда, аксари онҳо ба талабот ва стандартҳои миллию байналхалқӣ ҷавобгӯ мебошанд. Вале бо вуҷуди ин ҳоло ҳам як қатор мушкилот дар самти тайёр намудани кадрҳо ва баланд бардоштани сифати хизматрасониҳо ҷой дорад, ки беш аз пеш ҳалли саривақтӣ металабанд.

Усулҳои таҳқиқот. Дар ҷараёни омӯзиш ва таҳқиқ аз усулҳои илмии омӯзиши сабабу натиҷа, таҳлили омилҳо ва ғайра истифода гардидааст.

Натиҷаҳои таҳқиқот. Таҳқиқот ба омӯзиш ва таҳқиқи самтҳои афзалиятноки рушди иқтидори кадрии меҳмонхонаҳоро дар шароити муосир бахшида шуда, хусусиятҳои асосии иқтидори кадрӣ, идоракунӣ ва рушди иқтидори кадрӣ, унсурҳои асосии иқтидори кадрӣ ва хусусиятҳои асосии иқтидори кадрии меҳмонхонаҳо мавриди омӯзиш ва таҳқиқ қарор дода шудааст.

Дар мақола муаллиф қайд менамояд, ки таъмини саривақтӣ ва идоракунии самараноки кадрҳо дар меҳмонхона имкон медиҳад, ки хароҷотро муносиб гардонида, ҳосилнокии меҳнатро баланд бардорем. Ба мушкилоти асосии иқтидори кадрии меҳмонхонаҳо ин норасоии шадиди кормандони соҳибтахассус, махсусан пешхизматрҳо ва ошпазҳои касбӣ, гардиши баланди кадрҳо, тахассуси пасти кормандон ва зуд истеҳлок гардидани таҷҳизоту воситаҳо аз сабаби истифодаи нодуруст ва ғайримақсад мебошанд. Ҳамзамон, вазъият бо мавсимӣ будан, эътибори пасти тахассусҳо, ҳавасмандгардонии сусту нокифоя ва мушкилоти мутобиқ шудан ба технологияҳои нав мураккаб мешавад.

Натиҷаҳои илмии мақоларо меҳмонхонаҳои кишвар метавонанд, ки баҳри баланд бардоштани иқтидори кадрӣ ва беҳтар намудани сифати хизматрасониҳои худ дар амал истифода намоянд.

Мақсади таҳқиқот. Мақсади таҳқиқоти мо омӯзиш, таҳқиқ ва ошкор намудани самтҳои афзалиятноки рушди иқтидори кадрии меҳмонхонаҳоро дар шароити муосир мебошад. Дар хулосаи таҳқиқот тавсияву пешниҳодҳои муаллиф ҷиҳати ошкор ва ташаккули хусусиятҳои асосии иқтидори кадрӣ, идоракунӣ ва рушди иқтидори кадрӣ, унсурҳои асосии иқтидори кадрӣ ва хусусиятҳои асосии иқтидори кадрии меҳмонхонаҳо тавсияҳои мушаххас пешниҳод гардидааст.

Фарзияи таҳқиқот. Фарзияи таҳқиқот омӯзиш, таҳқиқ ва баррасии самтҳои афзалиятноки рушди иқтидори кадрии меҳмонхонаҳоро дар шароити муосир дар бар мегирад. Пешниҳодҳои муаллиф барои истифодаи амалии таҳқиқот доир ба самтҳои афзалиятноки рушди иқтидори кадрии меҳмонхонаҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат мекунад.

Таҳлили адабиёт ва гузориши масъала. Дар таҳияи мақола аз корҳои илмии худи муаллиф, инчунин муҳаққиқони ватанию хориҷӣ, аз ҷумла Абдуллоев З.А. [1, 2, 3], Агеева Е.А. [4], Андреев С.А. [5], А.Я. Кибанова [6], В.И. Лихацкий [7], Кабутзода Қ.М. [8], Молл Е.Г. [9], Одегов О.Г., Никонов Т.В. [10], Ушаков Р.Н., Новикова Н.Г. [11] ба таври мухтасар истифода гардидааст.

Муҳтавои асосӣ. Иқтидори кадрӣ ин маҷмӯи дониш, малака, таҷриба ва қобилияти кормандон барои ноил гардидан ба ҳадафҳои стратегии ширкат буда, он сифатҳои ҷисмонӣ, зеҳнӣ ва шахсии кормандонро дар бар гирифта, самаранокии корро муайян ва таъмин менамояд. Он ба рушди иқтидори ҳосилнокӣ ва рақобатпазирии ширкатҳо мусоидат мекунад.

Иқтидори кадрии меҳмонхона ин маҷмӯи салоҳият, малака ва имкониятҳои кормандонро дар назар дорад, ки ба рақобатпазирӣ, сатҳи баланди хизматрасонӣ ва инчунин ба рушди фаъолияти тиҷорат замина мегузорад. Вазифаҳои асосии иқтидори кадрии меҳмонхонаҳо аз таъмини сифати хизматрасонӣ, мутобиқшавӣ ба технологияҳои нав, баланд бардоштани садоқати меҳмонону мизоҷон, рушди касбияти кормандон ва идоракунии самараноки равандҳои хизматрасонӣ иборат мебошад.

“Дар раванди рушди босуръати саноати меҳмондорӣ ва ҷорисозии низоми навовариҳо, инчунин технологияҳои рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаи таъмини меҳмонхонаҳо бо кадрҳои баландихтисос, ки рақобатпазирии дарозмуддати корхонаҳоро дар соҳаи меҳмондорӣ таъмин менамоянд, аҳаммияти бештарро касб намуда истодааст. Рушди босуръати тиҷорати меҳмонхонаҳо дар шароити рақобати шадид талаботи навро нисбат ба тарбияи кадрҳо талаб мекунад” [1].

Аз дигар тараф, ба андешаи мо “таҳлилҳои макроиқтисодӣ нишон медиҳанд, ки рақамикунонии равандҳои тиҷорати меҳмонхонаҳо дар шароити ҳозира хеле зарур ва мубрам гардида, он метавонад дар оянда як самти муҳимми иқтисодиёти миллӣ гардида, ба механизми нави идоракунӣ тавсеа бахшад” [2].

Ба андешаи коршиносон «барномаҳои маҷозӣ имкониятҳои дастрасӣ ба вазифаи муайянро дошта, аудиторияи бештари аҳолиро ба он ворид менамоянд» [3]. Иқтидори меҳнатии корманд ин маҷмӯи сифатҳои инсон мебошад, ки имконият ва ҳудуди иштироки ӯро дар меҳнат муайян мекунад [4]. Иқтидори кадрӣ маҷмӯи имкониятҳои воқеӣ ва захираҳои категорияҳои муайяни коргарон мебошад, ки метавонад дар раванди фаъолияти меҳнатӣ тибқи вазифаҳои мансабӣ, ҳадафҳо ва вазифаҳои дар назди ҷомеа, минтақа, коллектив гузошташуда дар марҳилаи муайяни рушди иқтисодӣ татбиқ карда шаванд [5].

Иқтидори кадрии ташкилот ин маҷмӯи имкониятҳои мавҷуда ва стратегии кормандон, аз ҷумла дониш, малака, салоҳият ва сифатҳое мебошад, ки қобилияти онро барои муваффақона амалӣ намудани вазифаҳо, расидан ба ҳадафҳо ва таъмини рушди ташкилот муайян мекунанд [8]. Иқтидори кадрии меҳмонхона яке аз ҷузъҳои аввалиндараҷаи захираҳо буда, дар рушди фаъолияти меҳмонхона нақши ҳалкунандаро мебозад [11].

Ҷузъҳои асосии меҳнатӣ дар меҳмонхонаҳо ин нерӯи корманд ин сину сол, ба саломатӣ (ҷисмонӣ ва ё як ҳолати равонӣ, вазн, реҷа ва сифати ғизо ва ғайра); хусусиятҳои шахсӣ (хусусиятҳои хислат ва ғайра); тайёрӣ(таҳсилоти умумӣ, касбӣ); қобилияти рушди касбӣ, таҳсилоти доимӣ ва ғайра); муносибат ба меҳнат (эҷодкорӣ, интизом); таҷриба, малакаҳои корӣ, собиқаи корӣ дар ин касб, ихтисосҳо; вазъи оилавӣ (оила, муҷаррад, фарзанддор шудан, вазъи моддии оила ва ғ.) мебошанд [6].

Ҷадвали 1. Хусусиятҳои асосии иқтидори кадрӣ

№	Хусусиятҳо	Тавсиф
1	Таркиб	На танҳо шумораи коргарон, балки сатҳи имкониятҳои муштараки онҳо ба нобат гирифта мешавад
2	Салоҳиятҳо	Малака, дониш, тахассус ва қобилияти омӯзиш бояд баланд бардошта шавад
3	Сифатҳои шахсӣ	Қобилияти рушд, роҳбарӣ ва садоқати кормандон бояд ба талабот ҷавобгӯ бошад
4	Динамикӣ	Қобилияти мутобиқ шудан ба тағйирот ва шароитҳои нав мувофиқ карда шавад

Сарчашма: таҳияи муаллиф.

Идоракунии иқтидор ба мутобиқсозии қобилияти кормандон ба ҳадафҳои ширкат тавассути таъмини рушди устувори он мусоидат мекунад. Иқтидори кадрҳои меҳмонхона маҷмӯи салоҳиятҳо, таҷриба, саломатӣ ва сифатҳои шахсии кормандонро фаро гирифта, қобилиятҳои меҳмонхонаро барои расидан ба ҳадафҳои стратегӣ ва таъмини сифати баланди хизматрасониҳо муайян мекунанд. Он тахассуси коргарон, садоқат, ҳавасмандӣ ва қобилияти омӯзиши онҳоро дар бар мегирад, ки бартарии асосии рақобат дар саноати меҳмоннавозӣ мебошад.

Ҷадвали 2. Идоракунӣ ва рушди иқтидори кадрӣ

№	Самтҳо	Тавсиф
1.	Арзёбӣ	Таҳлили малакаҳои ҷорӣ, таҷриба ва KPI (Key Performance Indicators) нишондиҳандаҳои асосии самаранокӣ мебошанд, ки дар ифодаи рақамӣ ва фоизҳоро баҳо медиҳанд, ки кормандон, шуъбаҳо ё ширкат дар маҷмуъ ба ҳадафҳои гузошташуда то чӣ андоза самаранок ноил мешаванд. Ба ибораи одӣ, KPI ченакҳое мебошанд, ки нишон медиҳанд, ки оё тиҷорат ба натиҷаи ба нақша гирифташуда наздик мешавад.
2.	Ташаккул	Интихоби кадрҳо бо иқтидори дуруст ва мутобиқшавӣ.
3.	Рушд	Омӯзиш, такмили ихтисос, ҳавасмандӣ ва банақшагирии касбӣ.
4.	Истифодаи самаранок	Ҷойгиркунии кормандон аз рӯи қобилиятҳои онҳо.

Сарчашма: таҳияи муаллиф.

В.И. Лихацкий қайд менамояд, ки "...захираҳои асосии ташкилот, ки самаранокии фаъолияти онро дар бозор муайян мекунанд" [7]. Ба ақидаи Молл Е.Г. бошад "...таъсири мутақобилаи коллективи меҳнатӣ ба рафтори ҳар як фард ва мутахассиси нав ба ҳолати иқтидори кадрии ташкилот раванди худтанзимкунии муносибатҳои байниҳамдигариро ба вуҷуд меорад" [9].

Муҳаққиқон Одегов О.Г., Никонов Т.В. иброз медоранд "...самтҳои фаъолияти ҷорӣ бо захираҳои инсонӣ аз вазъи мушаххас вобаста буда, ҳам дар дохили коллективи меҳнатӣ ва ҳам дар муҳити бозори хориҷӣ, инчунин аз нуқтаи назар ва афзалиятҳои роҳбарият муайян карда мешаванд. Ҳамзамон, як қатор муқаррароти илмии ба таври умумӣ қабулгардида дар намуди

принсипҳои муносибати муносиб ба таъмини пурра, инкишоф ва истифодаи захираҳои кадрӣ ба таври объективӣ мавҷуданд” [10].

Рушди иқтидори кадрии меҳмонхона раванди стратегии такмили ихтисос, салоҳият ва ҳавасмандгардонии кормандон барои беҳтар кардани сатҳу сифати хизматрасониҳо ва баланд бардоштани самаранокии тиҷорат мебошад. Тадбирҳои асосии он ин омӯзиши кормандон, мутобиқсозии стандартҳои хизматрасонӣ, татбиқи технологияҳои рақамӣ, нигоҳ доштани кадрҳо тавассути низоми ҳавасмандгардонӣ ва ғамхорӣ ба мизоҷон ва меҳмонон мебошанд.



Расми 1. Унсурҳои асосии иқтидори кадрӣ
Сарчашма: таҳияи муаллиф.

Рушди иқтидори кадрӣ мониторинги доимӣ, омӯзиш ва ташаккули фарҳанги корпоративиро талаб мекунад. Мониторинги доимӣ метавонад ба назорати саривақтии кори ҳайати хизматрасон ва раванди фаъолият таъсири мусбӣ расонида, самаранокии фаъолиятро баланд мебардорад. Ташаккули фарҳанги корпоративӣ бошад яке аз омилҳои муваффақияти меҳмонхона маҳсуб меёбад.

Ҷадвали 3. Хусусиятҳои асосии иқтидори кадрии меҳмонхона

№	Хусусиятҳои асосӣ	Тавсиф
1	Таъмини сифати хизматрасонӣ	Кормандон бевосита маҳсулоти меҳмонхонаро фурӯхта, фазои дӯстона эҷод мекунанд ва мувофиқати хизматрасониҳоро ба стандартҳо таъмин мекунанд.
2	Мутобиқсозӣ ва навоварӣ	Қобилияти кормандон барои самаранок азхуд кардани технологияҳои нав, аз ҷумла низомҳои хизматрасонии фосилавӣ ва идоракунии меҳмонхонаҳо.
3	Вазифаи истеҳсолӣ	Иҷрои вазифаҳои амалиётӣ (тозакунӣ, қабули меҳмонон ва хизматрасонии техникӣ) аз ҷониби хадамоти хоҷагидорӣ, хадамоти қабул ва ҷойгиркунӣ.
4	Баланд бардоштани рақобатпазирӣ	Кормандони соҳибтахассуси сатҳи баланди хизматрасониро таъмин мекунанд, ки омили асосии муваффақият дар соҳаи меҳмоннавозӣ мебошад.
5	Рушд ва омӯзиш	Такмили пайвастаи малака, рушди касбӣ ва малакаҳои кормандон барои қонеъ кардани талаботи тағйирёбандаи бозор.
6	Идоракунии вафодорӣ	Эҷоди таҷрибаи мусбати ҳамкорӣ, ки садоқати меҳмононро ташаккул медиҳад.
7	Истифодаи самараноки захираҳо	тақсимоти Оқилонаи вазифаҳо ва шумораи кормандон мувофиқи ҳаҷми вазифаҳо.

Сарчашма: таҳияи муаллиф.

Самтҳои афзалиятноки рушди тиҷорати меҳмонхонаҳо ин рақамикунонӣ (хонаи доно, автоматикунонӣ ва бронкунӣ), рушди сайёҳии дохилӣ, фардикунонии хизматрасониҳо ва экологӣ мебошанд. Масъалаҳои асосии он аз рушди меҳмонхонаҳои ҷумҳурӣ, баланд

бардоштани самаранокии амалиёт, татбиқи таҷҳизот, техника ва технологияҳои муосир, зеҳни сунъӣ барои муошират бо меҳмонон ва фароҳам овардани шароитҳои муносиб мебошанд.

Ҷадвали 4. Самтҳои афзалиятноки рушди тиҷорати меҳмонхонаҳо

№	Самтҳои афзалиятнок	Тавсиф
1	Рақамикунонӣ ва технология	Ҷорӣ намудани технологияҳои бетафовут (худтанзимкунӣ, калидҳои рақамӣ), истифодаи низомҳои “Хонаи доно”, Wi-Fi-и баландсуръат ва истифодаи зеҳни сунъӣ барои фардӣ кардани пешниҳодҳо.
2	Рушди сайёҳии дохилӣ	Таъкид ба сафарҳои истироҳатӣ, рушди кемпингҳои деҳотӣ, меҳмонхонаҳои экологӣ ва ғайра.
3	Самаранокии амалиётӣ	Муносибсозии равандҳо барои кам кардани хароҷот, идоракунии даромад, аз нав дида баромадани шабакаҳои фурӯш барои афзоиши таҳвили мустақим.
4	Ба мизоҷон нигаронидашуда	Фардикунонии хизматрасонии, эҷоди таҷрибаи беназир барои меҳмонон ва пешниҳодҳои оилавӣ ғ.
5	Тозагию бехатарӣ ва рушди устувор	Ҷорӣ намудани принсипҳои истеъмоли огоҳона, самаранокии энергия, рушди хизматрасонии тарабхона.
6	Муносибсозии таомнома	Хӯрокхӯрӣ ва хизматрасонии босифат дар утоқҳо.

Сарчашма: таҳияи муаллиф.

Ба самтҳои афзалиятноки рушди иқтидори кадрҳои меҳмонхона омӯзиши доимии технологияҳои рақамӣ, баланд бардоштани стандартҳои хизматрасонӣ, рушди робитаи мусбат ва ҳавасмандгардонии кормандон дохил мешаванд. Барои рушди самтҳои афзалиятноки иқтидори кадрҳои меҳмонхона бояд диққати асосӣ ба мутобиқшавӣ ба навоварӣ, афзоиши маҳорати касбӣ, татбиқи нишондиҳандаҳои асосии самаранокӣ ва ташаккули садоқат барои баланд бардоштани рақобатпазирӣ равона шудааст.



Расми 2. Самтҳои асосии рушди иқтидори кадрии меҳмонхонаҳо
Сарчашма: таҳияи муаллиф.

1. Рақамисозӣ ва мутобиқсозии технологӣ: Омӯзиши кор бо низомҳои идоракунии амвол ва сармоя, хизматрасониҳои “бронкунии онлайн”, барномаҳои хизматрасониҳои меҳмонон ва абзорҳои ҳамкории рақамӣ.

2. Баланд бардоштани сифати хизматрасонӣ: Тренингҳо оид ба стандартҳои меҳмоннавозӣ, хушмуомила будан, фардикунонии хизматрасонӣ ва ҳалли ҳолатҳои низоӣ.

3. Рушди малакаҳои нарм (Soft Skills): Ташаккули малакаҳои муошират байнифарҳангӣ, ҳамдардӣ, устувории асабоният ва ба муштариён равонашуда.

4. Низоми омӯзиши давомдор: Мутобиқ намудани кормандон ба тағйирот, рушди қобилияти худомӯзӣ ва азхудкунии хусусиятҳои нав.

5. Ҳавасмандгардонӣ ва нигоҳдорӣ: Таҳияи низомҳои самараноки ҳавасмандгардонии моддӣ ва ғайримоддӣ ва арзёбии самаранокии кор.

6. Ташаккули захираҳои кадрӣ: Банақшагирии касбҳо, рушди сифатҳои роҳбарӣ дар кормандони асосӣ ва салоҳиятҳои идоракунӣ дар роҳбарон.

Ин самтҳо мутобиқати кормандонро ба талаботи муосири саноати меҳмондорӣ таъмин намуда, ба афзоиши сифати хизматрасонӣ ва самаранокии молиявии маҷмааи меҳмонхонаҳо мусоидат хоҳад кард.

Хулоса, ҳалли мушкилоти иқтидори кадрӣ дар меҳмонхонаҳо муносибати ҳамаҷонибаро талаб карда, автоматикунонии равандҳои муқаррарӣ, стандартикунонии истеҳсолот, омӯзиши кормандон, рушди низоми ҳавасмандгардонӣ ва ташаккули захираҳои кадрӣ талаб мекунад. Тамарқуз ба баланд бардоштани салоҳияти кормандон, мутобиқшавӣ ва эҷоди шаффофи касбҳо барои қонеъ намудани ҳадафҳои стратегии меҳмонхона муҳим мебошад.

АДАБИЁТ

1. Абдуллоев З.А. Такмили низоми идоракунии кормандон дар шароити рақамикунонӣ (дар мисоли меҳмонхонаҳои шаҳри Душанбе). Дисс. номзадӣ. Душанбе 2024. 195 Саҳ. https://tguk.tj.
2. Абдуллоев З.А. Иқтидори кадрии кормандони меҳмонҳонаҳо / З.А. Абдуллоев // Паёми ДДТТ, - Душанбе, - 2023, №4/1 (49). - С.285-288.
3. Абдуллоев З.А. Идоракунии захираҳои инсонӣ дар шароити рақамикунонӣ / З.А. Абдуллоев // Паёми ДДТТ, 2023, 4/2 (50) С.21-26.
4. Агеева Е.А. Кадровый потенциал гостиниц: понятие, сущность, особенности // Сервис +. 2010. №3. URL: https://cyberleninka.ru.
5. Андреев С.А. Кадровый потенциал в условиях становления рынка. Дисс…д-ра экон. наук. М., 2007
6. А.Я. Кибанова. Управление персоналом. Энциклопедия / Под ред. М.: Инфра-М, 2009. С. 345.
7. В.И. Лихацкий. Кадровый менеджмент. Учебник. Рекомендован учебно-методическим советом Санкт-Петербургского университета управления и экономики в качестве учебника для студентов гуманитарного профиля. Санкт-Петербург. 2011.
8. Кабутзода Қ.М., Абдуллоев З.А. Омилҳои асосии баланд бардоштани иқтидори захираҳои кадрӣ дар ташкилот. Паёми ДДТТ. Маҷаллаи илмӣ № 1(61) / 2026. Душанбе 2026, 121-128 С.
9. Молл Е.Г. Управление карьерой менеджера. – Спб.: Издательство Питер, 2003. – 352 с.
10. Одегов О.Г., Никонов Т.В. Аудит и контроллинг персонала. – М.: Альфа Пресс, 2006. - 560 с.
11. Ушаков Р.Н., Новикова Н.Г. Практические рекомендации по развитию кадрового потенциала гостиничных предприятий на основе совершенствования системы взаимодействия со специализированными вузами // Вестник ассоциации вузов туризма и сервиса. 2012. №1. URL: https://cyberleninka.ru.

УДК 640.43:001.895(575.3)

НАҚШ ВА МАВҚЕИ ХӮРОКИ ОММА ДАР РУШДИ ИННОВАТСИОНИИ ИҚТИСОДИЁТ

АБДУРАҲМОН ҲАКИМЗОДА
Номзади илмҳои иқтисодӣ, иҷрокунандаи вазифаи дотсенти кафедраи менеҷмент, маркетинг ва иқтисодиёти меҳнати Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон.
Суроға: 734055, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи А. Деҳотӣ 1/2.
Тел.: (+992) 907-70-48-90. **E-mail:** hakimzod-90@mail.ru
ШАРОФОВ ФАРҲОД НИЗОМИДДИНОВИЧ
Муаллими калони кафедраи фаъолияти гумрукии
Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон.
Суроға: 734055, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи А. Деҳотӣ 1/2.
Тел.: (+992) 934-44-42-37. **E-mail:** hakimzod-90@mail.ru

Аннотатсия. Дар мақола аз ҷониби муаллифон нақш ва мавқеи хӯроки омма дар рушди инноватсионии иқтисодиёт мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор дода шуда, ҳадаф, вазифаҳо, воситаҳо, намудҳо, принсипҳо, мушкилот, омилҳои таъсиррасон ва рушди муассисаҳои хӯроки омма баррасӣ карда шудааст. Муаллифон қайд менамоянд, ки хӯроки омма ҳамчун яке аз бахши калидии иқтисодиёт на танҳо эҳтиёҷоту талаботи аҳолиро бо ғизо ва хизматрасонии босифат таъмин менамояд, балки барои ташкили ҷойҳои нави корӣ, рушди соҳибкорӣ, ҷорӣ намудани технологияҳои муосир ва баланд бардоштани рақобатпазирии иқтисодиёт заминаи мусоид фароҳам меоварад. Дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт истифодаи технологияҳои иттилоотӣ, низомҳои пардохти электронӣ, хизматрасониҳои онлайнӣ, автоматикунонии равандҳои истеҳсолӣ ва идоракунӣ аҳаммияти хосса пайдо кардааст.

Калидвожаҳо: хӯроки омма, инноватсия, иқтисодиёти инноватсионӣ, рақамикунонӣ, технология, соҳибкорӣ, хизматрасонӣ, рақобатпазирӣ, ресторан, самаранокии иқтисодӣ.

РОЛЬ И МЕСТО ОБЩЕСТВЕННОГО ПИТАНИЯ В ИННОВАЦИОННОМ РАЗВИТИИ ЭКОНОМИКИ

АБДУРАХМОН ХАКИМЗОДА
Кандидат экономических наук, и.о. доцента кафедры менеджмента, маркетинга и экономики труда Таджикского государственного университета коммерции.
Адрес: 734055, Республика Таджикистан, г. Душанбе, улица А. Дехоти 1/2.
Тел.: (+992) 907-70-48-90. **E-mail:** hakimzod-90@mail.ru
ШАРОФОВ ФАРХОД НИЗОМИДДИНОВИЧ
Старший преподаватель кафедры таможенного дела
Таджикского государственного университета коммерции.
Адрес: 734055, Республика Таджикистан, г. Душанбе, улица А. Дехоти 1/2.
Тел.: (+992) 934-44-42-37. **E-mail**: hakimzod-90@mail.ru

Аннотация. В статье авторы исследовали и проанализировали роль и место общественного питания в инновационном развитии экономики, а также рассмотрели цель, задачи, средства, виды, принципы, проблемы, влияющие факторы и развитие учреждений общественного питания. Авторы отмечают, что общественное питание как один из ключевых секторов экономики не только обеспечивает потребности населения качественным питанием и услугами, но и создает благоприятную основу для создания новых рабочих мест, развития предпринимательства, внедрения современных технологий и повышения конкурентоспособности экономики. В условиях цифровизации экономики особое значение приобрело использование информационных технологий, электронных платежных систем, онлайн-сервисов, автоматизации производственных процессов и управления.

Ключевые слова: общественное питание, инновации, инновационная экономика, цифровизация, технологии, предпринимательство, услуги, конкурентоспособность, ресторан, экономическая эффективность.

THE ROLE AND PLACE OF PUBLIC CATERING IN THE INNOVATIVE DEVELOPMENT OF THE ECONOMY

ABDURAHMON HAKIMZODA
Candidate of Economic Sciences, Acting Associate Professor, Department of Management, Marketing and Labor Economics, Tajik State University of Commerce.
Address: 734055, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Street A. Dehoti, 1/2.
Phone: (+992) 907-70-48-90. **E-mail:** hakimzod-90@mail.ru
SHAROFOV FARHOD NIZOMIDDINOVICH
Senior Lecturer at the Department of Customs Affairs of the Tajik State University of Commerce.
Address: 734055, Republic of Tajikistan, Dushanbe, A. Dehoti street 1/2.
Phone: (+992) 934-44-42-37. **E-mail:** hakimzod-90@mail.ru

Annotation. In the article, the authors investigated and analyzed the role and place of public catering in the innovative development of the economy, as well as considered the purpose, objectives, means, types, principles, problems, influencing factors and the development of public catering institutions. The authors note that catering, as one of the key sectors of the economy, not only meets the needs of the population with high-quality food and services, but also creates a favorable basis for creating new jobs, developing entrepreneurship, introducing modern technologies and increasing the competitiveness of the economy. In the context of the digitalization of the economy, the use of information technologies, electronic payment systems, online services, automation of production processes and management has become particularly important.

Keywords: catering, innovation, innovative economy, digitalization, technology, entrepreneurship, services, competitiveness, restaurant, economic efficiency.

Муқаддима. Дар шароити муосир рушди иқтисодиёти миллӣ ба дараҷаи истифодаи босамари захираҳо, татбиқи технологияҳои нав ва қобилияти субъектҳои иқтисодӣ барои мутобиқ гардидан ба тағйиротҳои бозорӣ вобастагии калон дорад. Гузариш ба модели нав, яъне иқтисодиёти инноватсионӣ тақозо мекунад, ки бахши хизматрасонӣ низ ба равандҳои навоварӣ фаъолон гардонида шавад. Ҳоло яке аз самтҳои нисбатан муҳим ва стратегии соҳаи хизматрасонӣ ин бахши хӯроки омма ба ҳисоб меравад. Соҳаи мазкур бо аҳолӣ робитаи мустақим дошта, фаъолияти худро ба талаботи ҳаррӯзаи истеъмолкунандагон бояд алоқаманд гардонад. Аз ин лиҳоз, тағйиротҳои технологӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодӣ дар соҳаи мазкур нисбатан зуд ба миён меоянд.

Имрӯз рушди муассисаҳои хӯроки омма (МХО) танҳо ба афзоши шумораи муассисаҳои хӯрокворӣ маҳдуд набуда, он истифодаи технологияҳои рақамӣ, таҳияи маҳсулоти нави ғизоӣ, такмили усулҳои навтани хизматрасонӣ, истифодаи таҷҳизоти камхарҷ, идоракунии рақамии захираҳо ва татбиқи моделҳои нави соҳибкорӣ ба унсурҳои асосии рушди соҳаи мазкур нигаронида шудааст.

Усулҳои таҳқиқот. Муаллифон дар раванди таҳияи мақолаи илмӣ аз усулҳои таҳлили омилҳо, маълумотҳои оморӣ, экспертӣ ва муқоисавӣ та таври васеъ истифода бурданд.

Натиҷаҳои таҳқиқот. Таҳқиқот ба омӯзиш ва баррасии нақш ва мавқеи хӯроки омма дар рушди инноватсионии иқтисодиёт бахшида шуда, ҳадаф, вазифаҳо, воситаҳо, намудҳо, принсипҳо, мушкилот, омилҳои таъсиррасон ва рушди муассисаҳои хӯроки омма мавриди омӯзиш ва таҳқиқ қарор дода шудааст.

Ба ақидаи мо, хӯроки омма ҳамчун яке аз бахши асосии иқтисодиёт на танҳо эҳтиёҷоту талаботи аҳолиро бо озуқа ва хизматрасонии босифат таъмин месозад, балки ҷиҳати ташкили ҷойҳои нави корӣ, рушди соҳаи соҳибкорӣ, ҷорисозии технологияҳои навтарин ва баланд

бардоштани рақобатпазирии иқтисодиёт заминаи мусоид фароҳам меорад. Натиҷаҳои асосии таҳқиқот собит менамояд, ки дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт истифодаи технологияҳои иттилоотӣ, низомҳои пардохти электронӣ, хизматрасониҳои онлайнӣ, автоматикунонии равандҳои истеҳсолӣ ва идоракунӣ дар соҳаи хӯроки омма аҳаммияти махсус дошта, ба баланд бардоштани нишондиҳандаҳои соҳа мегардад.

Мақсади таҳқиқот. Ба омӯзиш ва таҳқиқи нақш ва мавқеи хӯроки омма дар рушди инноватсионии иқтисодиёт равона карда шудааст. Дар хулосаи мақолаи илмӣ аз ҷониби муаллифон тавсияҳои зурурӣ ҷиҳати **бартараф намудани мушкилоти ҷойдошта дар МХО-и** Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардидааст.

Фарзияи таҳқиқот. Ба омӯзиш ва таҳқиқи нақш ва мавқеи хӯроки омма дар рушди инноватсионии иқтисодиёт бахшида шудааст. Хулоса ва пешниҳодҳои муаллифони мақола ҷиҳати истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот ба рушди инноватсионии МХО дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсия карда мешаванд.

Таҳлили адабиёт ва гузориши масъала. Дар мақола мо аз мақола ва корҳои илмии муҳаққиқон, аз ҷумла: Алексеева Д.А. [1], Новоселов С.В. [4, 5, 6], Оболенская Л.В. [7], Пакерманов Е.М. [8], Л.А. Маюрникова [9], Т.А. Джум, Г.М. Зайко [10], Чугунова О.В. [11], Шарофов Ф.Н. [15, 16], Чугунова О.В. [17] истифода намуда, иқтибос овардем.

Муҳтавои асосӣ. Дар замони муосир яке аз самтҳои муҳимми ноилшавӣ ба рушди нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ ва тақвияти сатҳу сифати зиндагии аҳолии мамлкат дар рушди фаъолияти инноватсионӣ, ҷорӣ ва татбиқи васеи технологияҳои инноватсионӣ ва рақамӣ дар истеҳсолот ва соҳаи хизматрасонӣ эътироф гардидаст.

Ба ақидаи мо "...ҳоло бахши хӯроки омма яке аз бахшҳои стратегӣ, босуръат рушдёбанда ва соҳаҳои афзалиятноки иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон гардида истодааст. Он фаъолияте мебошад, ки ҳадафи асосӣ ва ниҳоияш пешниҳоди хизматрасониҳои босифат ба мизоҷон дар ивази даромади пулӣ мебошад" [16, с. 332].

Ба ақидаи Чугунова О.В. "...айни замон, дар кишварҳои пешрафтаи ҷаҳон 70-85% афзоиши маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ (ММД) ба ҳиссаи донишҳои нав, ки дар технологияҳои инноватсионии истеҳсолот ва идоракунӣ зоҳир ёфтаанд, рост меояд. Ин ба мо имкон медиҳад, ки ҷиҳати ташаккули ҷомеаи донишманд хулосаҳои амиқи худро барорем. Донише, ки дар маҳсулоти инноватсионӣ таҷассум меёбад, сармояи асосии ҷомеа дар марҳилаи пас аз саноатии рушди он мегардад. Тақвият бахшидани нақш ва аҳаммияти фаъолияти инноватсионӣ дар рушди ҷамъиятӣ ба он оварда мерасонад, ки суръати таҳия ва татбиқи инноватсия ба таври назаррас афзоиш меёбад" [17].

"Мақсади асосии сиёсати инноватсионии корхонаҳои соҳаи хизматрасонӣ, аз ҷумла хӯроки омма, ин таъсис ва рушди замина барои гузаронидани дигаргуниҳои самарабахши иқтисодиёти он мебошад, ки дар он тиҷорати инноватсионӣ ҳамчун объекти идоракунӣ дар мадди аввал ҳисобида мешавад" [13, 14].

Тибқи таҳлилҳои Новоселов С.В. ва Пакерманов Е.М. "...ҳоло дар Россия танҳо 4-5% корхонаҳо инноватсионияро ба фаъолияти худ таҳия ва ҷорӣ месозанд. Дар ИМА ин нишондиҳанда аз 35% зиёд аст. Ҷанбаи муҳимтарини ташкили фаъолияти инноватсионӣ маблағгузории он ба шумор меравад. Дар кишварҳои пешрафтаи ҷаҳон маблағгузории фаъолияти инноватсионӣ ҳам аз сарчашмаҳои давлатӣ ва ҳам хусусӣ амалӣ гардонида мешавад" [4, 6, 8].

Дар шароити муосир ҳадафи асосии рушди инноватсионии муассисаҳои хӯроки омма ба баланд бардоштани самаранокии фаъолият, сатҳу сифати хизматрасонӣ ва рақобатпазир гардидани фаъолият ба воситаи таҳия ва ҷорисозии навовариҳои технологӣ, маҳсулот, ташкилӣ, маркетингӣ ва рақамӣ равона мегардад.

Ба ақидаи мо "... технологияҳои рақамӣ дар соҳаи хӯроки омма маҷмӯи воситаҳо ва қарорҳое мебошанд, ки ба мо имкон медиҳанд, ки равандҳоро муносиб гардонида, сифати хизматрасониҳоро баланд бардошта, талаботу эҳтиёҷоти муштариёнро васеътар қонеъ гардонем. Имрӯз технологияҳои рақамӣ дар тиҷорати тарабхонаҳо, қаҳвахонаҳо, ошхонаҳо ва

дигар корхонаҳои хӯроки омма фаъолона ҷорӣ карда шуда истодаанд, то ки идоракунии самараноктар, автоматикунонӣ ва хизматрасониҳои инноватсиониро таъмин намоянд” [15, с. 464]. Ин ҳадаф як қатор самтҳои ба ҳам алоқаманди зеринро дар бар мегирад, ки дар расми 1. оварда шудааст.



Расми 1. Ҳадафҳои асосии рушди инноватсионии муассисаҳои хӯроки омма
Сарчашма: таҳияи муаллифон.

Аз ин нуқтаи назар, рушди инноватсионӣ бояд ба раванди мунтазами такмили фаъолияти МХО баррасӣ гардад, на ҳамчун ҷорӣ намудани як технологияи алоҳида.

Алексеева Д.А. қайд намудааст, ки “...муассисаҳои хӯроки омма се вазифаи асосӣ: истеҳсол, фурӯш ва ташкили истеъмоли маҳсулоти хӯроки оммаро аз ҷониби аҳолӣ дар ҷойҳои махсус ташкил шуда, иҷро мекунанд, аммо дар баробари ин вазифаҳо бояд вазифаи МХО ба монанди “ташкили фароғат ва чорабиниҳои иҷтимоии аҳолӣ” низ ҷудо карда мешаванд” [1].

Барои расидан ба ҳадафҳои МХО иҷрои як қатор вазифаҳои муҳимми зерин зарур мебошад, ки дар ҷадвали 1. оварда шудааст.

Ҷадвали 1. Вазифаҳои асосии муассисаҳои хӯроки омма дар шароити рушди инноватсионии иқтисодиёт

№	Вазифаҳо	Тавсиф
1.	Омӯзиши бозор ва талаботи истеъмолкунандагон	Муассиса бояд мунтазам талабот, хоҳиш ва афзалиятҳои истеъмолкунандагонро таҳлил намояд. Омӯзиши бозор имконият медиҳад, ки маҳсулот ва хизматрасониҳои нав мутобиқи талаботи воқеии мизоҷон таҳия карда шаванд.
2.	Ҷорисозии технологияҳои навин	Истифода намудани таҷҳизоти муосир дар ошхона, низомҳои автоматикунонидашудаи идор намудани раванди фаъолият, технологияҳои рақамӣ барои фармоиш ва пардохтҳо ба самаранокии фаъолияти МХО заминаҳои мусоид фароҳам меоранд.
3.	Такмили маҳсулот ва хизматрасонӣ	Таҳияи таомҳои нав, васеъ намудани таомнома, истифодаи маҳсулоти маҳаллӣ ва пешниҳоди шаклҳои нави хизматрасонӣ метавонанд ба баланд гардидани ҷолибияти МХО мусоидат намоянд.
4.	Баланд бардоштани самаранокии идоракунӣ	Идоракунии захираҳои молиявӣ, меҳнатӣ ва моддӣ бояд дар асоси маълумоти воқеӣ ва таҳлили нишондиҳандаҳои фаъолияти МХО анҷом дода шавад.
5.	Рушди иқтидори кадрӣ	Кормандон бояд бо технологияҳои нав шинос шуда, малакаҳои касбӣ, рақамӣ ва хизматрасонии худро мунтазам такмил диҳанд.
6.	Баланд бардоштани рақобатпазирӣ	Татбиқи инноватсия бояд ба фароҳам овардани бартариҳои рақобатӣ, аз ҷумла сифати баланд, суръати хизматрасонӣ, гуногунии маҳсулот ва сатҳи муносиби нарх дар МХО равона карда шавад.

Сарчашма: таҳияи муаллифон.

Ҳангоми фаъолият ва хизматрасонӣ дар МХО таърих, санъат, анъана, ҷашну маросим, рамзҳои миллӣ ва зебоиҳои классикии миллат, таҷриба ва технологияҳои навтарин дар бахши хизматрасонӣ бояд ба назар гирифта шуда, истифода карда шаванд. Воситаҳои рушди инноватсионӣ маҷмӯи усулҳо, технологияҳо ва механизмҳое мебошанд, ки барои татбиқи навовариҳо истифода мешаванд, ки дар расми 2. нишон дода шудааст.



Расми 2. Воситаҳои рушди инноватсионии МХО

Сарчашма: таҳияи муаллифон.

Айни замон яке аз соҳаҳои босуръат рушдёбанда ва ояндадор фаъолияти инноватсионӣ дар бахши хӯроки омма (ХО) мебошад. “Инноватсия навоварӣ дар соҳаи техника, технология, ташкили меҳнат ё идоракунӣ, ки ба истифодаи дастовардҳои илм ва таҷрибаи пешқадам асос ёфтааст, ки баланд бардоштани сифати самаранокии низоми истеҳсолӣ ё сифати маҳсулотро таъмин мекунад” [13].

Баланд бардоштани сатҳ ва сифати зиндагии аҳолӣ фарҳанги анъанавии ғизоро каме тағйир додааст.

Ба қидаи Чугунова О.В. “...шумораи афзояндаи МХО ба масъалаи нархгузорӣ бояд дурусттар муносибат намоянд, зеро мувофиқати муайяни нарх ва сифати хизматрасониҳои хӯроки оммаро муқаррар мекунанд” [11].

Ҷадвали 2. Намудҳои асосии инноватсия дар муассисаҳои хӯроки омма

№	Вазифаҳо	Тавсиф
1.	Инноватсияи маҳсулотӣ	Ин навъи инноватсия ба таҳия ва пешниҳоди маҳсулоти нави ғизоӣ ё такмили маҳсулоти мавҷуда равона мешавад. Таомҳои нав, менюҳои махсус ва истифодаи таркибҳои нави маҳсулот намунаи чунин навоварӣ мебошанд.
2.	Инноватсияи технологӣ	Инноватсияи технологӣ истифодаи таҷҳизот ва равандҳои нави истеҳсолиро дар бар мегирад. Мақсади он баланд бардоштани сифати маҳсулот, суръати истеҳсол ва истифодаи самараноки захираҳо мебошад.
3.	Инноватсияи хизматрасонӣ	Ин навоварӣ ба тағйир додани тарзи хизматрасонӣ равона мешавад. Фармоиши онлайн, расонидани ғизо, менюи электронӣ ва хизматрасонии инфиродӣ аз ҷумлаи чунин шаклҳо мебошанд.
4.	Инноватсияи ташкилӣ	Тағйир додани сохтори идоракунӣ, тақсимоти вазифаҳо, ташкили нави ҷараёни кор ва истифодаи усулҳои муосири идоракунӣ ба ин гурӯҳ дохил мешаванд.
5.	Инноватсияи маркетингӣ	Истифодаи усулҳои нави таблиғ, омӯзиш ва таҳлили эҳтиёҷоту талаботи мизоҷон, маркетинги рақамӣ ва татбиқи барномаҳои ҳавасмандгардонии мизоҷон ба намунаи инноватсияи маркетингӣ дохил мешаванд.
6.	Инноватсияи рақамӣ	Он ба истифодабарии технологияҳои рақамӣ дар ҳама марҳилаҳои фаъолияти МХО алоқа дошта, метавонад истеҳсол, хизматрасонӣ, маркетинг ва идоракуниро фаро гирад.

Сарчашма: таҳияи муаллифон.

Ба ақидаи Л.А. Маюрникова "...тағйирот одатан ба равандҳо ё равандҳои дохилии марбут ба пухтупаз, расонидани маҳсулот ва хизматрасониҳо ба корбари ниҳоӣ дахл доранд. Ин метавонад ҳам азнавсозии пурраи равандҳои тиҷорат ва ҳам стратегияи тағйироти доимии ҷиддӣ дар равандҳои асосӣ бошад" [9].

Рушди инноватсионии МХО ба як қатор принсипҳои асосии зерин асос меёбад, ки дар расми 3. оварда шудааст.



Расми 3. Принсипҳои асосии рушди инноватсионии МХО

Сарчашма: таҳияи муаллифон.

Дар асоси таҳлили фаъолияти МХО дар Ҷумҳури Тоҷикистон ба хулосае омадан мумкин аст, ки қисмати зиёди онҳо форматҳои гуногуни ташкилӣ доранд.

Дар ҷадвали 3. гардиши савдои хӯроки омма дар минатақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон оварда шудааст.

Ҷадвали 3. Гардиши савдои хӯроки омма дар минатақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2020 – 2024 (ҳаз. сомонӣ)

Гардиши савдои хӯроки омма дар минатақаҳои кишвар	Солҳо				
	2020	**2021**	**2022**	**2023**	**2024**
Ҷумҳурии Тоҷикистон	211032	352848	553216	783062	1031711,6
Бо %	100	100	100	100	100
ВМКБ	2703	4299	3872	3725	3725,4
Ҳиссаи ВМКБ нисбат ба ҳаҷми умумии савдои хӯроки омма (бо %)	1,3	1,2	0,7	0,48	0,36
Вилояти Суғд	46448	69139	85345	152865	199355,5
Ҳиссаи в. Суғд нисбат ба ҳаҷми умумии савдои хӯроки омма (бо %)	22	19,6	15,4	19,5	19,32
Вилояти Хатлон	6989	10216	12700	19744	24830
Ҳиссаи в. Хатлон нис. ба ҳаҷми умумии савдои хӯроки омма (бо %)	3,3	2,9	2,3	2,5	2,41
Шаҳри Душанбе	139752	258829	438533	581249	768799,8
Ҳиссаи ш. Душанбе нис. ба ҳаҷми умумии савдои хӯроки омма (бо %)	66,2	73,4	79,3	74,2	74,52
НТМ	15140	10365	12766	25479	35000,9
Ҳиссаи НТМ нисбат ба ҳаҷми умумумии савдои хӯроки омма (бо %)	7,2	2,9	2,3	3,3	3,4

Сарчашма: Дар асоси маълумотҳои Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Савдо ва хизматрасонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2024 саҳ. 31-33 ҳисоб карда шудааст.

Аз рӯйи таҳлили маълумотҳои ҷадвали 3. маълум мегардад, ки ҳаҷми гардиши савдои хӯроки омма дар минатақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2020 – 2024 рӯ ба афзоиш овардааст. Дар давраи ҳисоботӣ ҳаҷми гардиши савдои хӯроки омма дар ҷумҳурӣ 4,9 маротиба афзуда, агар соли 2020-ум 211032 ҳазор сомониро ташкил дода бошад, дар соли 2024 бошад ба 1031711,6 ҳазор сомонӣ баробар шудааст.

Рушди инноватсионии МХО бо як қатор мушкилоти иқтисодӣ, технологӣ, кадрӣ ва ташкилӣ рӯ ба рӯ мешавад, ки дар ҷадвалӣ 4. оварда шудааст.

Ҷадвали 4. Мушкилоти асосии рушди инноватсионии МХО

№	Мушкилот	Тавсиф
1.	Маҳдудияти захираҳои молиявӣ	Барои хариди таҷҳизоти муосир, ҷорӣ намудани системаҳои рақамӣ ва омӯзиши кормандон маблағгузории муайян зарур аст. Барои муассисаҳои хурд дастрасӣ ба маблағҳои зарурӣ метавонад маҳдуд бошад.
2.	Норасоии кадрҳои соҳибихтисос	Ҷорӣ намудани технологияҳои нав кормандонеро талаб менамояд, ки ҳам малакаҳои касбӣ ва ҳам донишҳои рақамӣ дошта бошанд. Норасоии чунин кадрҳо метавонад суръати татбиқи инноватсияҳоро коҳиш диҳад.
3.	Сатҳи нокифояи рақамикунонӣ	Дар баъзе муассисаҳо равандҳои қабули фармоиш, баҳисобгирии захираҳо ва идоракунӣ то ҳол ба усулҳои анъанавӣ асос ёфтаанд. Ин ҳолат имконияти истифодаи маълумоти воқеиро барои қабули қарорҳо маҳдуд мекунад.
4.	Хавфи сармоягузории инноватсионӣ	Ҳар як навоварӣ натиҷаи кафолатнок надорад. Тағйирёбии талаботи бозор, афзоиши хароҷот ё нодуруст интихоб намудани технология метавонад самаранокии сармоягузориро паст намояд.
5.	Мушкилоти инфрасохторӣ	Дастрасӣ ба интернет, таҷҳизоти муосир, хизматрасониҳои рақамӣ ва инфрасохтори зарурӣ барои рушди инноватсионӣ аҳамияти калон дорад.
6.	Муқовимат ба тағйирот	Баъзан кормандон ё роҳбарияти муассиса ба ҷорӣ намудани технологияҳои нав бо эҳтиёт муносибат мекунанд. Сабаб метавонад набудани маълумот дар бораи манфиатҳои технология ё тарси тағйирёбии тарзи кор бошад.
7.	Мушкилоти идоракунии маълумот	Бо рушди рақамикунонӣ ҳаҷми маълумоти марбут ба муштариён, фурӯш, захираҳо ва фаъолияти кормандон зиёд мешавад. Идоракунии дуруст ва бехатари ин маълумот ба низоми мувофиқ ниёз дорад.

Сарчашма: таҳияи муаллифон.

Хулоса. Ҳамин тариқ, ба андешаи мо, МХО дар шароити рушди иқтисодиёти инноватсионӣ аз модели фаъолияти анъанавӣ бояд ба модели фаъолияти технологӣ, рақамӣ ва муштаримеҳвар гузаранд. Ҳадафи асосии чунин гузариш ба баланд бардоштани самаранокӣ, сатҳу сифати хизматрасонӣ ва рақобатпазирии муассисаҳои мазкур мусоидат мекунад.

Дар ин радиф, воситаҳои технологӣ, рақамӣ, молиявӣ, маркетингӣ ва ташкилӣ аҳаммияти хосса пайдо мекунад.

Инноватсияҳои маҳсулотӣ, технологӣ, хизматрасонӣ, ташкилӣ, маркетингӣ ва рақамӣ метавонанд самтҳои мухталифи фаъолияти МХО-ро ташикл намояд. Инчунин, мушкилоти сармоягузорӣ, норасоии мутахассисони баландихтисос, мушкилоти инфрасохтор, хаву таваккалҳои сармоягузорӣ ва сатҳи нокифояи рақамикунонӣ метавонанд ба рушди инноватсионии МХО мушкилот эҷод намоянд. Аз ин лиҳоз, рушди минбаъдаи МХО ташкили муҳити созкори инноватсионӣ, дастгирии соҳибкорӣ, рушди инфрасохтори рақамӣ ва баланд бардоштани иқтидори кадрӣ аҳаммияти стратегӣ дорад.

Дар натиҷа инноватсия барои МХО на танҳо воситаи такмили хизматрасонӣ, балки яке аз омилҳои асосии баланд бардоштани самаранокии иқтисодӣ, рақобатпазирӣ ва таъмини рушди устувори онҳо мегардад.

Барои рушди устувори инноватсионии МХО амалӣ намудани тадбирҳои зерин мувофиқи мақсад мебошад:

1. Таҳияи стратегияи рушди инноватсионии ҳар як муассиса дар асоси имкониятҳо ва талаботи бозор.
2. Гузариш ба низомҳои рақамии идоракунии фурӯш, анбор ва фармоишҳо.
3. Ҷорӣ намудани пардохтҳои электронӣ ва хизматрасониҳои онлайнӣ.
4. Ташкили низоми мунтазами омӯзиш ва бозомӯзии кормандон.
5. Истифодаи таҷҳизоти каммасраф ва технологияҳои муосири истеҳсолӣ.
6. Гузаронидани таҳлили мунтазами талаботи истеъмолкунандагон.
7. Тақвияти ҳамкорӣ бо истеҳсолкунандагони маҳаллии маҳсулоти кишоварзӣ ва саноати хӯрокворӣ.
8. Рушди маркетинги рақамӣ ва усулҳои муосири ҷалби муштариён.
9. Кам намудани партовҳои ғизоӣ ва истифодаи оқилонаи захираҳо.
10. Ташкили низоми баҳодиҳии самаранокии лоиҳаҳои инноватсионӣ.

АДАБИЁТ:

1. Алексеева Д.А. Состояние и тенденции развития общественного питания в России // Научно-методический электронный журнал «Концепт». – 2016. – Т. 6. – С. 151–155. – URL: http://e-koncept.ru/2016/56066.htm.
2. Актуальные проблемы и перспективы развития индустрии гостеприимства. Изд-во СПбГЭУ, 2014. – 159 с. - ISBN 978-5-7310-3025-0
3. Национальная инновационная система и государственная инновационная политика Российской Федерации / Базовый доклад к обзору ОЭСР национальной инновационной системы Российской Федерации, Минобрнауки РФ. – М., 2009. – 206 с.
4. Новоселов С.В. Менеджмент научно-инновационной деятельности технико-технологического университета: проблемы и решения / С.В. Новоселов, Л.А. Маюрникова – Кемерово: Кузбасвузиздат, 2007. – 199 с.
5. Новоселов С.В. Аналитическая система управления инновационным развитием организаций и предприятий в региональных условиях на основе гибридных технологий: монография / С.В. Новоселов. – Барнаул: изд-во Алтайский дом печати, Барнаул – 2009. – 261 с.
6. Новоселов С.В. Основы управления инновационным развитием организаций и предприятий в региональных условиях / С.В. Новоселов, Л.А. Маюрникова. – Кемерово, 2013. – 261 с.
7. Оболенская Л.В. Технологические платформы в российской версии: инновационный прорыв ли повторение пройденного? // Инновации. – 2012. – № 4. – С. 94-97.
8. Пакерманов Е.М. Оценка инновационного процесса в отечественном законодательстве и в «Руководстве Осло» / Е.М. Пакерманов, И.Р. Шегельман, Д.Б. Одлис // Микроэкономика. – 2011. – № 4. – С. 14–17.
9. Теоретико-методологический подход к инновационному развитию сферы общественного питания: монография / Л.А. Маюрникова [и др.]; под редакцией Л.А. Маюрниковой; Кемеровский технологический институт пищевой промышленности. – Кемерово, 2014. – 199 с.
10. Современные формы обслуживания в ресторанном бизнесе: Учебное пособие / Т.А. Джум, Г.М. Зайко - М.: Магистр, НИЦ ИНФРА-М, 2015. - 528 с.: 60x90 1/16.
11. Чугунова О.В. Динамика развития сферы общественного питания свердловской области / Чугунова О.В., Мекерова О.В., Вяткин А.В. // В сборнике: Продовольственный рынок: состояние, перспективы, угрозы. Сборник статей Международной научно-практической конференции. Екатеринбург, 2015. С. 102-109.
12. ГОСТ Р 50762-2007 «Классификация предприятий общественного питания». М.: Стандартинформ. – 2007. – 15 с.

13. Федеральный закон №127-ФЗ от 23 августа 1996 года «О науке и государственной научно-технической политике» [Электронный ресурс]. URL: http:consultant.ru/ document/cons_doc_LAW_11507/
14. Распоряжение правительства РФ от 08.12.2011 № 2227-р «Об утверждении стратегии инновационного развития Российской Федерации на период до 2020 года» [Электронный ресурс]. URL: http://base.garant.ru/70106124.
15. Шарофов Ф.Н. Таъсири технологияҳои рақамӣ ба рушди муассисаҳои хӯроки омма. Паёми ДДТТ. 2 (62) / 2026. Саҳ. 462-470.
16. Шарофов Ф.Н. Моҳияти иҷтимоию иқтисодии муассисаҳои хӯроки омма. Паёми ДДТТ. Маҷаллаи илмӣ. № 4/2 (60) / 2025. Саҳ. 331 – 338.
17. Чугунова О.В. Инновационные направления развития сферы общественного питания. ФГБОУ ВПО Уральский государственный экономический университет, Екатеринбург, e-mail: chugun.ova@yandex.ru. Научное обозрение, экономические науки № 3, 2017.

УДК: 330.322:330.341(575.3)

ТАҲЛИЛИ ВАЗЪИ САРМОЯГУЗОРИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН: МУШКИЛОТ, ДУРНАМО ВА СТРАТЕГИЯИ РУШДИ УСТУВОР

АЗИМОВА ДИЛАФРӮЗ СОНИЕВНА
Ассистенти кафедраи иқтисоди ҷаҳонии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.
Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, кӯчаи Буни Ҳисорак.
Тел.: (+992) 880-60-87-87. **E-mail:** dilafruz_sonievna@mail.ru

Аннотатсия. Мақола ба таҳлили ҳамаҷонибаи вазъи сармоягузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2025, муайян намудани мушкилоти мавҷуда ва таҳияи стратегияҳои рушди устувор бахшида шудааст. Дар таҳқиқот нишон дода шудааст, ки дар шароити ноустувории иқтисоди ҷаҳонӣ, ҷалби сармоя барои Тоҷикистон на танҳо манбаи молиявӣ, балки фишанги асосии навсозии технологӣ ва баланд бардоштани маҳсулнокии меҳнат маҳсуб меёбад. Муаллиф портфели лоиҳаҳои сармоягузории давлатиро, ки аз 82 лоиҳа ба маблағи беш аз 4 млрд. доллар иборат аст, таҳлил намуда, бартарияти модели рушди ба грант нигаронидашударо ошкор кардаанд, ки қисми зиёди онро маблағҳои бебозгашт ташкил медиҳанд.

Дар мақола таваҷҷуҳи махсус ба динамикаи воридоти сармояи мустақими хориҷӣ равона шудааст, ки дар соли 2025 афзоиши назаррасро нишон дод. Таҳлили ҷуғрофӣ ва соҳавии сармоягузориҳо нобаробарии шадиди минтақавиро байни вилоятҳои Суғд, Хатлон, ВМКБ, шаҳри Душанбе ва навоҳии тобеъи ҷумҳурӣ нишон медиҳад.

Муаллиф вобастагии зиёд аз сармояи кишварҳои маҳдудро қайд намуда, зарурати диверсификатсияи сарчашмаи маблағгузориро аз кишварҳои Халиҷи Форс ва Иттиҳоди Аврупо асоснок мекунанд.

Калидвожаҳо: сармоягузории давлатӣ, сармояи мустақими хориҷӣ, грантҳо, моделҳои рушди иқтисодӣ, қоғазҳои қиматнок, шарикони рушд, иқтисоди сабз, диверсификатсия, рақамикунонӣ, амнияти қарзӣ, блокчейн, вомбаргҳои сабз.

АНАЛИЗ ИНВЕСТИЦИОННОЙ СИТУАЦИИ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН: ПРОБЛЕМЫ, ПЕРСПЕКТИВЫ И СТРАТЕГИЯ УСТОЙЧИВОГО РАЗВИТИЯ

АЗИМОВА ДИЛАФРУЗ СОНИЕВНА
Ассистент кафедры мировой экономики ТНУ.
Адрес: 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, ул. Буни Хисорак.
Тел.: (+992) 880-60-87-87. **E-mail:** dilafruz_sonievna@mail.ru

Аннотация. Статья посвящена всестороннему анализу инвестиционной ситуации Республики Таджикистан в 2025 году, выявлению существующих проблем и разработке стратегий устойчивого развития. Исследование показывает, что в условиях нестабильности мировой экономики привлечение инвестиций в Таджикистан является не только финансовым источником, но и главным рычагом технологической модернизации и повышения производительности труда. Автор проанализировали портфель государственных инвестиционных проектов, состоящий из 82 проектов на сумму более 4 миллиардов долларов, и выявили преимущества грантовой модели развития, основная часть которой – безвозвратные средства.

Статья посвящена комплексному анализу инвестиционной ситуации Республики Таджикистан в 2025 году, выявлению существующих проблем и разработке стратегий устойчивого развития. В статье рассматривается динамика притока прямых иностранных инвестиций, которая показала значительный рост в 2025 году. Географический и отраслевой анализ инвестиций выявляет резкое региональное неравенство между Согдийской, Хатлонской, ГБАО, Душанбинской областью и подведомственными республике районами.

Автор отмечают высокую зависимость от капитала из ограниченного числа стран и обосновывают необходимость диверсификации источников финансирования из стран Персидского залива и Европейского союза.

Ключевые слова: государственные инвестиции, прямые иностранные инвестиции, гранты, модели экономического развития, ценные бумаги, партнеры по развитию, зеленая экономика, диверсификация, цифровизация, обеспечение долга, блокчейн, зеленые облигации.

ANALYSIS OF THE INVESTMENT SITUATION OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN: CHALLENGES, PROSPECTS, AND A SUSTAINABLE DEVELOPMENT STRATEGY

AZIMOVA DILAFRUZ SONIEVNA
Assistant of the department of world economy of the Tajik National University.
Address: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Buni Hisorak street.
Tel.: (+992) 880-60-87-87. **E-mail:** dilafruz_sonievna@mail.ru

Abstract. This article provides a comprehensive analysis of the investment situation in the Republic of Tajikistan in 2025, identifying existing challenges and developing sustainable development strategies. The study demonstrates that, given the instability of the global economy, attracting investment to Tajikistan is not only a financial source but also a key lever for technological modernization and increased labor productivity. Author analyzed a portfolio of public investment projects, consisting of 82 projects worth over $4 billion, and identified the advantages of a grant-based development model, the majority of which are non-repayable funds.

This article provides a comprehensive analysis of the investment situation in the Republic of Tajikistan in 2025, identifying existing challenges and developing sustainable development strategies. The article examines the dynamics of foreign direct investment inflows, which showed significant growth in 2025. A geographic and sectoral analysis of investments reveals sharp regional disparities between the Sughd, Khatlon, GBAO, Dushanbe regions, and the districts under the republic's jurisdiction.

Author note a high dependence on capital from a limited number of countries and justify the need to diversify funding sources from the Persian Gulf and the European Union.

Keywords: public investment, foreign direct investment, grants, economic development models, securities, development partners, green economy, diversification, digitalization, debt security, blockchain, green bonds.

Муққадима. Дар шароити ноустуворӣ, номуайянии вазъи иқтисодиёти ҷаҳонӣ барои таъмини мувозини рушди устувори иҷтимоию иқтисоди ҷумҳурӣ дарёфт ва ҷалби манбаъҳои

зарурии сармоягузории дохилӣ ва хориҷӣ яке аз шартҳои муҳими сиёсати иқтисодии давлат мебошад. Ҳамин аст, ки дар шароити ҷаҳонишавӣ ва вобастагии байниҳамдигарии иқтисодҳои имллӣ, ҷустуҷӯи шаклҳои нави таъмини рақобатнокии иқтисоди миллӣ аҳамияти махсус пайдо кардааст. Аз ин рӯ, яке аз самтҳои самарадеҳ ва муҳими рушди иқтисоди муосири Тоҷикистон ин амалинамоии лоиҳаҳои сармоягузориҳои давлатӣ бо роҳи ҷалби сармояи мустақими хориҷӣ ва дарёфти маблағҳои дохилии сармоягузорӣ мебошад. Пӯшида нест, ки сармоягузорӣ мавқеи ҳалкунандаро дар рушди иқтисодиёти давлатҳо дошта, баҳодиҳии тақвияти тағйироти мусбии маблағгузорӣ дар замони муосири рушди иқтисоди миллӣ, яке аз вазифаҳои афзалиятноки сиёсати сармоягузории давлатӣ ба ҳисоб меравад. Бунёди шароити мувофиқи сармоягузорӣ омили калидии рушди самарабахши иқтисодиву иҷтимоии ҳудудҳо ба шумор рафта, маҳз сатҳи ҷолибияти молиявӣ такони асосиро барои амалисозии тарҳҳои сармоягузорӣ таъмин месозад.

Мақсади асосии мақола аз таҳлили ҳамаҷонибаи ҳолати кунунии ҷалби сармоягузориҳо, муайян кардани мушкилоти сохторӣ ва минтақавии он ва таҳияи тавсияҳои стратегӣ барои рушди устувори иқтисодӣ тавассути воситаҳои муосири молиявӣ иборат мебошад.

Асосҳои назариявӣ. Ҳадафи олии стратегии рушди дарозмуддати Тоҷикистон баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии мардуми кишвар дар асоси таъмини рушди устувори иқтисодӣ буда, "...ҷалби сармояи дохиливу хориҷӣ ҷиҳати рушди бозори коғазҳои қиматнок, бахассус, қоғазҳои қиматноки "сабз" ва бозори такрорӣ" [7] низ яке аз заминаҳои ба даст овардани ин ҳадафи асосии кишвар ба ҳисоб меравад. Бо назардошти муҳиммияти ин масъала дар ин таҳқиқот нишондиҳандаҳои асосӣ ва тағйироти сифатӣ дар сиёсати сармоягузории мамлакат мавриди баррасӣ ва таҳлил қарор дода шуданд.

Усулҳои таҳқиқот. Барои ноил шудан ба мақсади гузошташуда усулҳои таҳлили тибқӣ, муқоисавии иқтисодию оморӣ ва таҳлили сохторӣ-динамикӣ истифода шудаанд. Ба унвони заминаи иттилоотии таҳқиқот маълумоти расмии Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин гузоришҳои созмонҳои молиявии байналмилалӣ барои солҳои 2021-2025 истифода бурда шуданд.

Натиҷаҳои илмӣ. Дар шароити муосири афзоиши ҳолати номуайянӣ, ноустувории иқтисодӣ ва пайдарпайии буҳронҳо дар иқтисодиёти ҷаҳонӣ барои мамлакатҳои дар ҳоли рушд қарордошта, аз ҷумла барои Ҷумҳурии Тоҷикистон низ раванди ҷалб ва идораи сармояи дохилию хориҷӣ "на танҳо воситаи пур кардани фазои норасоии молиявӣ, балки фишанги асосии навсозии технологӣ, унсури сохтории иқтисоди миллӣ ва ҳамзамон омили баландбардории самаранокии меҳнат маҳсуб меёбад" [7].

Бо назардошти муҳиммияти ин масъала дар ин таҳқиқот нишондиҳандаҳои асосӣ ва тағйироти сифатӣ дар сиёсати сармоягузории Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2025 таҳлил гардида, самтҳои афзалиятнок барои солҳои оянда мушаххас гардиданд. Тибқи маълумоти мавҷудаи оморӣ маҷмӯи лоиҳаҳои сармоягузории давлатии амалкунанда дар ҷумҳурӣ дар ин давом аз 82 адад иборат буд, ки аз онҳо 55-то лоиҳаҳои грантӣ, 5-то лоиҳаҳои қарзӣ ва 22-то лоиҳаҳои дар ҳаммаблағгузории қарз ва грант маҳсуб меёфтанд. Арзиши умумии портфели стратегӣ дар ин сол 43,2 млрд. сомонӣ (наздик ба 4,7 млрд. доллари ИМА)-ро ташкил медиҳад, ки ин аз миқёси васеи ислоҳоти давлатӣ шаҳодат медиҳад [3].

Таркиби сохтории маҷмуи (портфели) лоиҳаҳои амалкунанда нишон медиҳад, ки ба маблағҳои грантӣ бо ҳаҷми 28,8 млрд. сомонӣ (3,1 млрд. доллар) ё 66,7% ҳиссаи асосӣ рост меояд [3]. Албатта, ин нишондиҳанда аз эътимоди баланди институтҳои молиявии байналмилалӣ ва минтақавӣ ба суботи сиёсӣ ва иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон шаҳодат медиҳад. Дар ин сохтор ба маблағҳои қарзӣ 13 млрд. сомонӣ (1,4 млрд. доллар) ё 30% ва ба саҳми мустақими Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон 1,4 млрд. сомонӣ (151,2 млн. доллар) ё 3,2% рост омада буданд. Ҳамчунин, саҳми корхонаҳои давлатӣ, мақомоти маҳаллӣ ва ҷамоатҳо дар сохтори маҷмуи қарзӣ ва амалишавии лоиҳаҳо 53,7 млн. сомониро (0,1%) ташкил

намуда буд. Дар сохтори маблағгузории лоиҳаҳои давлатӣ сарчашмаҳои асосии маблағгузории беруна шарикони рушд: Бонки Ҷаҳонӣ бо саҳми 1725,7 млн. доллар (37%), Бонки Осиёии Рушд бо 914,7 млн. доллар (19,5%), Бонки Аврупоии Тағдид ва Рушд бо 658,1 млн. доллар (14,1%) ва Бонки Исломии Рушд бо 207,9 млн. доллар (4,4%) боқӣ монда буданд [9].

Ҷадвали 1. Таҳлили сохтории маблағгузории лоиҳаҳои давлатӣ дар соли 2025

Нишондиҳанда	Маблағ (бо млрд. сомонӣ)	Маблағ (бо млрд. доллар)	Ҳисса дар маҷмуъ (бо %)
Ҳаҷми умумии портфел	43,2	4,7	100
Маблағҳои грантӣ	28,8	3,1	66,7
Маблағҳои қарзӣ	13,0	1,4	30
Саҳми Ҳукумати ҶТ	1,4	0,1512	3,2
Дигар сарчашмаҳо (бенефитсиарҳо)	0,0537	0,0058	0,1

Манбаъ: дар асоси маълумоти Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ аз ҷониби муаллифон таҳия карда шуд.

Таҳлили нишондиҳандаҳои ҷадвали 1 нишон медиҳад, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ин сол модели "рушди ба грант нигаронидашуда"-ро пеш гирифта буд. Ин модел, аз як тараф, дар марҳилаҳои гузариши иқтисодӣ барои таъмини суботи макроиқтисодӣ муҳим аст, аммо аз тарафи дигар, барои расидан ба худмаблағгузории стратегӣ тағйироти сохториро тақозо мекунад [8, с. 18].

Бо истифода аз таҷрибаи пешрафтаи ҷаҳонӣ, давлатҳо кӯшиш мекунанд, ки касри буҷети давлатии худро маҳз аз ҳисоби маблағҳои бебозгашт пӯшонанд, то аз "доми қарзӣ" (debt trap) иқтисодиёти худро эмин нигоҳ доранд [1, с. 54].

Дар сохтори таҳлилшудаи портфели сармоягузории давлатӣ баланд будани ҳиссаи грантҳо то 66,7% аз он далолат мекунад, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз фишангҳои дипломатияи иқтисодӣ самаранок истифода мебарад [3].

Аз нигоҳи илмӣ ин нишондиҳанда далолат медиҳад, ки дар ин сурат татбиқи лоиҳаҳои стратегии кишвар ба зиёдшавии қарзи берунаи давлатӣ нисбат ба ММД фишори ҷиддӣ наоранд.

Дар шароити муосир аз ҷониби аксари давлатҳо барои таъмини рушди устувор аз механизми "ҳаммаблағгузории маҳаллӣ" ба таври васеъ истифода мешавад, ки дар ҷумҳурии мо низ бояд тақвият ёбад. Бо назардошти афзалиятнокии ин механизм дар сохтори маблағгузории лоиҳаҳои давлатӣ, ки ҳаҷми умумии портфел 4,7 млрд. долларро ташкил намуда буд, Ҳукумати Тоҷикистон бо саҳми 3,2% ва дигар сарчашмаҳои дохилӣ бо саҳми 0,1**%** мавқеи худро ишғол намудаанд [6, с. 247].

Ба андешаи мо, «барои баланд бардоштани ҳисси масъулият ва таъмини устувории лоиҳаҳо пас аз анҷоми маблағгузории хориҷӣ, зарур аст, ки ҳиссаи сармоягузории дохилӣ тадриҷан то 10-15% расонида шавад. Дар ин ҷода сафарбарнамоӣ ва ҷалби бештари сармояи корхонаҳои ватанӣ ба раванди татбиқи лоиҳаҳо шарт ва зарур аст». Дар илми иқтисодии муосир исбот шудааст, ки сармоягузории давлатӣ бояд роҳро барои сармояи хусусӣ боз кунад (crowding-in effect). Яъне аз истифодаи модели "сармоягузории давлатӣ - катализатори сармояи хусусӣ" истифода кардан қобили қабул мебошад [2, с. 186].

Чи тавре маълум аст, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба модели шарикии давлат ва бахши хусусӣ давоми солҳои охир таваҷҷуҳи махсус равона шудааст. Аз ин рӯ, пешниҳод мегардад, ки дар доираи татбиқи лоиҳаҳои давлатии сармоягузорӣ аз ин механизм васеътар истифода шавад. Масалан, агар грант барои сохтмони роҳ ё нерӯгоҳ истифода шавад, хизматрасонии техникии он бояд ба бахши хусусии ватанӣ дода шавад, то сармоя дар дохили кишвар гардиш кунад.

Бо назардошти таҷрибаи муосир, махсусан таҷрибаи Эстония ва Гурҷистон, ки низоми "E-Investment"-ро ҷорӣ кардаанд, барои самаранок истифодабарии маблағҳо идоракунии рақамии портфел (digital investment management) ва низоми мониторинги онлайнӣ (real-time dashboard) роҳандозӣ карда мешавад. Ин имкон медиҳад, ки давраи иҷрои лоиҳаҳо дар ҳама сатҳҳо танзим ва маълум карда шавад.

Ҳамин тариқ, сохтори таҳлилшудаи портфели сармоягузории давлатӣ диверсификатсияи манбаъҳоро тақозо менамояд. Бояд ҳамеша таносуби вобастагӣ аз як ё ду донори асосӣ кам карда шуда, ҷалби фондҳои сармоягузории кишварҳои дигар зиёд карда шаванд [1, с.54].

Тавре таҳлилҳо иншон медиҳанд, ҷараёни азхудкунии маблағҳо аз оғози татбиқи лоиҳаҳо то 1 январи соли 2026 ба 28,1 млрд. сомонӣ (3 млрд. доллар) баробар гардидааст, ки ин 65% маблағи умумиро дар бар мегирад. Танҳо дар соли 2025 азхудкунии маблағҳо 6,4 млрд. сомонӣ (697 млн. доллар)-ро ташкил дод, ки ин ба 100% нақшаи молиявии давраи ҳисоботӣ баробар аст [9]. Ин нишондиҳандаи мусбат натиҷаи идоракунии самарабахш ва ҳамоҳангсозии фаъолияти марказҳои татбиқи лоиҳаҳо мебошад. Бо вуҷуди ин, дар раванди амалишавии баъзе лоиҳаҳо мушкилоти ташкилӣ ва техникӣ ба назар мерасанд, ки боиси таъхир дар иҷрои корҳо ва тамдиди муҳлатҳо мегарданд. Ин ҳолат тақозо мекунад, ки Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ назорати мониторингиро тақвият бахшида, ҷиҳати бартараф намудани монеаҳои бюрократӣ ва техникӣ чораҳои таъхирнопазир андешад. Барои шароити муосир зарур аст, ки на танҳо азхудкунии маблағҳо (100%) ба монанди соли 2025, балки самаранокии ин маблағҳо (ROI - боздеҳи сармоя) бояд дар меҳвари сиёсати сармоягузорӣ қарор гирад. Аз нигоҳи мо, дар самти таъмини *«import substitution»* бояд ҳадди аққал 30-40%-и масолеҳи сохтмонӣ ва хадамот дар доираи лоиҳаҳои грантӣ аз ҳисоби истеҳсолкунандагони ватанӣ таъмин карда шавад [5].

Аз маълумоти оморӣ бармеояд, ки дар бахши сармоягузории хориҷӣ соли 2025 ҳамчун соли афзоиши динамикӣ арзёбӣ мешавад [6, с. 246]. Тибқи маълумоти фаврии Бонки миллии Тоҷикистон, ба ҷумҳурӣ 6925,3 млн. доллари ИМА сармояи хориҷӣ ворид шуда буд, ки нисбат ба соли гузашта 35% зиёд мебошад. Аз ин ҳаҷм 509,5 млн. дол. сармояи мустақими хориҷӣ (СМХ), 6414,3 млн. дол. дигар сармояҳо ва 1,5 млн. долларро сармояи ҷомадонӣ ташкил медиҳанд [7].

Ҷадвали 2. Динамикаи воридоти сармояи хориҷӣ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон

Намуди сармоя	Соли 2025 (бо млн. доллар)	Нисбат ба соли 2024 (бо %)
Ҷамъи сармояи воридшуда	6 925,3	+35,1%
Сармояи мустақими хориҷӣ (СМХ)	509,5	+1,1%
Дигар сармояҳо (қарзҳо ва ғ.)	6 414,3	+38,8%
Сармояи ҷомадонӣ	1,5	-

Манбаъ: дар асоси маълумоти БМТ аз ҷониби муаллифон таҳия карда шуд.

Тавре аз маълумотҳои ҷадвали 2 аён ҳаст, афзоиши воридоти сармояи хориҷӣ аз ҳисоби дигар намуди сармоягузориҳо дар ҳаҷми 1792 млн. доллар (38,8%) таъмин гардидааст. Сармоягузории мустақими хориҷӣ ҳамчун омили муҳимтарини интиқоли технология ва дониш дар соли 2025 нисбат ба соли 2024 ба миқдори ҳамагӣ 1,1 фоиз афзоиш ёфта, асосан ба соҳаҳои саноати истихроҷ (56,3%), саноати коркард (20,2%), савдо (9,8%) ва миёнаравии молиявӣ (9,5%) равона шудааст [9].

Таҳлили ҷуғрофии воридоти СМХ нобаробарии рушди минтақавиро нишон медиҳад: вилояти Суғд бо ҳаҷми 405,9 млн. доллар (79,7%) ва шаҳри Душанбе бо 101,2 млн. доллар (19,9%) пешсаф мебошанд, дар ҳоле ки дар вилояти Хатлон ва ВМКБ коҳиши шадиди воридоти сармоя ба мушоҳида мерасад. Ин тамоюл зарурати таҳияи барномаҳои махсуси ҷолибияти сармоягузориро барои минтақаҳои қайдшуда, бо истифода аз имтиёзҳои мақсадноки маъмурӣ, андозӣ ва гумрукӣ, пеш меорад.

Инчунин, вобастагии зиёд аз сармояи як ё ду давлат диққати махсусро ба масъалаи диверсификатсияи сарчашмаҳои СМХ ҷалб мекунад. Дар шароити коҳишёбии воридоти сармоя дар ҷаҳон мувофиқи пешгӯиҳои UNCTAD (коҳиши 11% дар соли 2024 ва 3% дар соли 2025), Тоҷикистон бояд ба ислоҳоти низоми дастгирии соҳибкорӣ ва баланд бардоштани эътимоди сармоягузорон таваҷҷуҳи бештар зоҳир намояд [4].

Ҷадвали 3. Тақсимоти ҷуғрофии сармоягузории мустақими хориҷӣ дар соли 2025

Минтақа	Ҳаҷми сармоя (млн. доллар)	Ҳисса (%)	Тағйирот бо фоиз нисбат ба соли 2024
вилояти Суғд	405,9	79,7	+9,8
шаҳри Душанбе	101,2	19,9	+19,7
вилояти Хатлон	1,8	0,35	-96,2
ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ	0,5211	0,1	+181,8
ВМКБ	0,0155	0,003	-98,8

Манбаъ: дар асоси маълумоти КДСИАД аз ҷониби муаллифон таҳия карда шуд.

Аз нигоҳи мо, тафовути шадиди сармоягузории мустақими хориҷӣ байни вилояти Суғд (405,9 млн. доллар) ва вилояти Хатлон (1,8 млн. доллар) таҳқиқоти иловагиро тақозо менамояд. Чунки дар вилояти Хатлон низ корхонаҳо бо сармояи хориҷӣ таъсис ёфта истодаанд. Маълум аст, ки методологияи омори сармояи хориҷӣ такмилталаб аст. Дар умум барои сармоягузороне, ки ба вилояти Хатлон ё ВМКБ сармоя мегузоранд, сабукиҳои зиёдтар пешниҳод карда шаванд [6, с. 245].

Ҷадвали 4. Мамлакатҳои асосии сармоягузори Тоҷикистон дар соли 2025

Кишвари сармоягузор	Маблағ (млн. доллар)	Ҳисса дар маҷмӯъ (%)
Ҷумҳурии Халқии Чин	294,2	57,7%
Британияи Кабир	81,9	16,1%
Федератсияи Россия	37,0	7,3%
Дигар кишварҳо	96,4	18,9%

Манбаъ: дар асоси маълумоти БМТ аз ҷониби муаллифон таҳия карда шуд.

Инчунин, вобастагӣ аз сармояи Чин бояд бо ҷалби фаъолтари кишварҳои Халиҷ (Шоҳигарии Арабистони Саудӣ, Қатар, Амороти муттаҳидаи Араб, Баҳрайн, Ҷумҳурии исломии Эрон) ва Иттиҳоди Аврупо мувозинат карда шавад.

Ташкили ҷойҳои нави корӣ яке аз ҳадафҳои асосии сиёсати сармоягузории мамлакат мебошад. Муҳиммияти ин масъала буд, ки дар соли 2025 бо мақсади татбиқи лоиҳаҳои афзалиятнок бо соҳибкорону сармоягузорон 7 созишномаи нави сармоягузорӣ ба маблағи умумии 525 млн. доллар ба имзо расид, ки эҷоди 3778 ҷойи кориро таъмин кард [7]. Ин созишномаҳо лоиҳаҳои бузургро ба монанди сохтмони корхонаҳои "Тоҷиксемент" (80 млн. доллар), ҷорӣ намудани низоми биллингии баҳисобгирии нерӯи барқ дар шаҳри Душанбе (110 млн. доллар), корхонаи истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар ноҳияи Данғара ("КМ Муосир"), маҷмааи саноатии "Филизот" (50 млн. доллар) ва комбинатҳои металлургиву маъдантозакуниро фаро мегиранд [3]. Ин лоиҳаҳо на танҳо иқтидори содиротии кишварро афзун менамоянд, балки барои рушди иқтисоди рақамӣ ва саноатикунонии босуръати мамлакат низ заминаи мусоид мегузоранд.

Бо назардошти он ки яке аз паҳлӯҳои муҳими соли 2025 ҷорӣ намудани низомҳои автоматикунонидашудаи назорат мебошад (Консорсиуми сармоягузорон дар ҳайати - ҶДММ «Авесто Гурӯҳ», ҶСК «Тоҷикгидроэлектромонтаж» ва ҶДММ Ташкилоти амонатии қарзии хурди «Душанбе Сити»), истифодаи технологияи “blockchain” дар баҳисобгирии лоиҳаҳои сармоягузории давлатӣ метавонад, шаффофияти мутлақро таъмин намуда, хавфҳои коррупсиониро аз байн барад ва эътимоди донорҳои байналмилалиро дучанд гардонад.

Роҷеъ ба ин масъала пешниҳод менамоем, ки "Харитаи рақамии сармоягузорӣ"-и ҷумҳурӣ сохта шавад, ки дар он ҳар як қитъаи замин ва иқтидори саноатии минтақаҳо (бахусус вилояти Хатлон ва ВМКБ) ба таври онлайн барои сармоягузорони дохилию хориҷӣ дастрас бошад.

Маблағгузорӣ ба сармояи асосӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бошад, дар соли 2025 ба 28,7 млрд. сомонӣ расидааст, ки 23% зиёдшавиро нисбат ба соли 2024 нишон медиҳад. Аз ин маблағ 13,2 млрд. сомонӣ ба бахши давлатӣ ва 11,3 млрд. сомонӣ ба бахши хусусӣ рост меояд. Дар ин сол фондҳои асосӣ ба маблағи 11,4 млрд. сомонӣ ба кор андохта шуданд, ки сохтмони 2,1 млн. метри мураббаъ манзил, мактабҳо барои 50 ҳазор хонанда ва муассисаҳои тандурустиро дар бар мегиранд [5].

Ҷадвали 6. Нишондиҳандаҳои таркибии маблағгузорӣ ба сармояи асосӣ

Сарчашмаи маблағгузорӣ	Маблағ (млн. сомонӣ)	Афзоиш нисбат ба соли 2024 (%)
Маблағҳои давлатӣ	13 280,5	+30,4
Сармояи шахсӣ (хусусӣ)	11 306,3	+31,6
Сармояи хориҷӣ	4 099,4	-
Маблағҳои муштарак	49,8	-
ҶАМЪ:	**28 736,0**	**+23,0**

Манбаъ: дар асоси маълумоти оморӣ аз ҷониби муаллифон таҳия карда шуд.

Ин раванд, хусусан дар заминаи омодагиҳо ба ҷашни 35-солагии Истиқлоли давлатӣ, нишон медиҳад, ки давлат ба бахши иҷтимоӣ ва беҳбудии сатҳи зиндагии мардум аҳамияти аввалиндараҷа медиҳад. Ҳамчун тавсияи стратегӣ, зарур аст, ки ҷалби сармоя ба технологияҳои "сабз", рақамикунонии комили равандҳои сармоягузорӣ ва тақвияти иқтидори кадрии марказҳои татбиқи лоиҳаҳо дар маркази диққати ҳукумат ва вазорату идораҳои дахлдор қарор гирад.

Таҳлили стратегии ҳамкориҳо бо институтҳои молиявии байналмилалӣ ва минтақавӣ ва таъсири онҳо ба устувории иқтисодӣ яке аз нуқтаҳои асосӣ дар таҳқиқоти мазкур ба ҳисоб меравад. Дар заминаи таҳлили нишондиҳандаҳои асосӣ, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2025 сиёсати "бисёрсамтӣ"-ро дар ҷалби сармояи хориҷӣ бомуваффақият идома дода буд, вижагиҳои ҳамкорӣ дар ин самт ошкор карда шуданд. Рақамҳои дар ҷадвали поён нигошташуда танҳо нишондиҳандаи молиявӣ набуда, балки ифодагари боварии институтҳои глобалӣ ба ислоҳоти сохтории ҷумҳурии мо мебошанд [8, с. 19].

Тавре аз ҷадвали мазкур мушоҳида мешавад, ҳиссаи маҷмӯии Бонки Ҷаҳонӣ ва Бонки Осиёии Рушд (БОР), ки беш аз 56,5%-и тамоми портфелро ташкил медиҳад, нишон медиҳад, ки иқтисоди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба стандартҳои байналмилалии идоракунӣ ва шаффофият мувофиқат мекунад. Дар таҷрибаи ҷаҳонӣ, ҳамкорӣ бо ин ду ниҳод на танҳо маблағ, балки "ноу-хау" (технология ва дониши идоракунӣ) - ро низ вориди кишвар месозад [4].

Консентратсияи асосии маблағҳо дар ин ду институти сернуфуз имкон медиҳад, ки лоиҳаҳои миқёсан калони минтақавӣ (масалан, дар соҳаи энергетика ва нақлиёт) бо кафолати баланди сифат амалӣ карда шаванд.

Ҷадвали 7. Сарчашмаҳои асосии маблағгузории беруна («Шарикони рушд»)

Ташкилоти молиявӣ	Маблағ (млн. доллар)	Ҳисса дар портфел (%)	Таъсири стратегӣ
Бонки Ҷаҳонӣ	1725,7	37,0	Дастгирии ислоҳоти сохторӣ ва бахши иҷтимоӣ
Бонки Осиёии Рушд	914,7	19,5	Рушди инфрасохтори нақлиётӣ ва энергетикӣ
Бонки Аврупоии Таҷдид ва Рушд	658,1	14,1	Дастгирии бахши хусусӣ ва иқтисодиёти "сабз"
Бонки Исломии Рушд	207,9	4,4	Лоиҳаҳои кишоварзӣ ва лоиҳаҳои соҳаи маориф

Дигар сарчашмаҳо	1174,3	25,0	Диверсификатсияи манбаъҳои молиявӣ

Манбаъ: дар асоси маълумоти оморӣ аз ҷониби муаллифон таҳия карда шуд.

Ҳиссаи 4,4%-и Бонки Исломии Рушд (БИР) ва 25%-и дигар сарчашмаҳо нишондиҳандаи он аст, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон кӯшиш дорад, манбаъҳои маблағгузориро диверсификатсия кунад. Ин аз нигоҳи амнияти иқтисодӣ ниҳоят муҳим аст, зеро вобастагӣ аз як манбаъ хавфи фишорҳои сиёсӣ ва иқтисодиро зиёд мекунад [4]. Дар заминаи таҷрибаи кишварҳои муваффақи Осиёи Ҷанубу Шарқӣ, зарур аст, ки ҳамкорӣ бо ниҳодҳои молиявии исломӣ (масалан, тавассути воситаҳои "Сукук") ва Фондҳои дигар зиёд карда шавад, то хавфи фоизии қарзҳо кам гарданд.

Бо назардошти он ки 37%-и маблағҳо аз Бонки Ҷаҳонӣ меоянд, зарур аст, ки таҷрибаи ин институтҳо дар соҳаи идоракунии лоиҳаҳо ба мутахассисони ватанӣ пурра омӯзонида шавад. Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҷалби грантҳо аз Бонки Ҷаҳонӣ дар минтақаи Осиёи Марказӣ яке аз мавқеъҳои пешсафро дорад, ки ин нишонаи муваффақияти сиёсати "дарҳои боз" ва иҷрои ҳамаҷонибаи бануд бастҳои «Ҳуҷҷати шарикӣ бо Бонки Ҷаҳонӣ» мебошад. Институтҳои молиявӣ (Бонки Ҷаҳонӣ, БОР, БИР), ки 56,5%-и маблағгузориро таъмин мекунанд, имрӯз ба меъёрҳои экологӣ ва иҷтимоӣ (ESG) аҳамияти аввалиндараҷа медиҳанд [2, с. 192].

Дар ин робита, масъалаи экосистемаи "green investment" дар раванди шарикии минбаъда бо институтҳои молиявӣ қарор хоҳад гирифт. Яъне, ҷалби сармоягузориҳо танҳо ба лоиҳаҳое, ки меъёрҳои экологии байналмилалиро риоя мекунанд, имкон медиҳанд, ки Тоҷикистон мавқеашро дар бозорҳои Аврупо устувор намояд [8, с. 21].

Омӯзишу таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар раванди глобализатсия, кишварҳои рӯ ба рушд, аз ҷумла Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар баробари фишорҳои геополитикӣ ва тағйирёбии занҷираҳои таъминоти ҷаҳонӣ қарор доранд.

Ҷадвали 8. Таҳлили SWOT-и фазои сармоягузории Тоҷикистон (соли 2025)

Таъсирбахшӣ	Заифӣ	Иқтидорҳо	Таҳдидҳо
Саҳми баланди грантҳо (66,7%)	Вобастагӣ аз як гуруҳи сармоягузорҳо	Гузариш ба "Иқтисоди сабз"	Коҳиши ҷалби сармоя дар ҷаҳон ва номуайянӣ
Афзоиши СМХ ба Душанбеву Суғд	Коҳиши СМХ дар Хатлон ва ВМКБ	Рушди кластерҳои агросаноатӣ	Бесуботии нархи ашёи хом
Суръати баланди сохтмон	Мушкилоти бюрократӣ дар лоиҳаҳо	Рақамикунонии соҳаи молия	Авҷи рақобати бозории минтақавӣ

Манбаъ: дар асоси маълумоти оморӣ аз ҷониби муаллифон таҳия карда шуд.

“Нишондиҳандаҳои соли 2025 нишон медиҳанд, ки Тоҷикистон тавонистааст, ки устувории макроиқтисодиро ҳифз кунад. Дар ҳар сурат, дар татбиқи барномаҳо ва лоиҳаҳои давлатӣ дар солҳои оянда вобастагии зиёд аз кӯмакҳои грантӣ ва шумораи маҳдуди давлатҳои сармоягузор дар солҳои минбаъда дар маркази диққати сиёсати сармоягузорӣ қарор дода шаванд” [7].

Таҳлил гузаронидашуда нишон медиҳад, ки барои гузариш аз модели "истеъмолӣ-иқтисодӣ" ба модели "индустриалӣ-инноватсионӣ", ки дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 (СМР-2030) пешбинӣ шудааст, танҳо ҷалби маблағ кифоя нест. Зарур аст, ки сифати сармоя тағйир дода шавад. Бо назардошти талаботи СМР-2030 ва риояи меъёрҳои байналмилалии таъмини амнияти экологӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд бартарии худро дар соҳаи гидроэнергетика ҳамчун "сармоягузории сабз" дар бозорҳои байналмилалии сармоя (Green Bonds) таблиғ кунад. Ин имкон медиҳад, ки ҷумҳурӣ аз вобастагии грантҳои мустақим ба бозори коғазҳои қиматноки байналмилалӣ ворид шавад. Яъне дар ин росто, имкони иштирокчии фаъоли бозори ҷаҳонии сармоя шудан муҳайё

мешавад [10, с.39]**.** Барои рушди иқтисоди баробари минтақаҳои Тоҷикистон диверсификатсияи минтақавӣ шарти муҳим арзёбӣ мешавад.

«СМХ бояд на танҳо ба соҳаи истихроҷ (дар соли 2025 беш аз 56%-ро ташкил дод), балки ба бахшҳои дорои арзиши иловашудаи баланд, аз ҷумла технологияҳои иттилоотӣ (IT) ва коркарди ниҳоии маҳсулоти кишоварзӣ равона карда шавад. Коҳишёбии сармоягузорӣ дар ҷаҳон мувофиқи маълумоти UNCTAD (3% дар соли 2025) ҳушдорест, ки рақобат барои сармоя дар минтақаи Осиёи Марказӣ шиддат мегирад ва Тоҷикистон бояд бартариҳои беназири худро, аз ҷумла "энергияи сабз"-ро ҳамчун бренди сармоягузорӣ истифода барад» [4].

Ҳамин тариқ, таҳлили муфассали нишондиҳандаҳои соли 2025 дар доираи ин таҳқиқоти гузаронидашуда собит месозад, ки “Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи СМР-2030 дар марҳилаи муҳими гузариш аз модели экстенсивии рушд ба модели интенсивии индустриалӣ” [10, с.25] қарор дорад. Портфели лоиҳаҳои давлатӣ бо ҳаҷми 4,7 млрд доллар заминаи боэътимоди инфрасохториро ба вуҷуд овардааст, ки дар оянда идома бахшидан ба ин суръат аҳамияти калони иқтисодию иҷтимоиро соҳиб мебошад. Бо вуҷуди ин, барои таъмини рушди босубот дар солҳои 2026-2030, зарур аст, ки сиёсати "дарҳои боз" дар самти сармоягузорӣ бо механизми диверсификатсияи ҷуғрофӣ ва соҳавӣ тақвият дода шавад. Истифодаи технологияҳои зеҳни сунъӣ ва Blockchain дар идоракунии сармоя метавонад шаффофиятро таъмин намуда, Ҷумҳурии Тоҷикистонро боз ҳам ба як маркази ҷолиби сармоягузорӣ дар Осиёи Марказӣ табдил диҳад [5].

Хулоса ва пешниҳод. Бо назардошти маълумоти пешниҳодшуда ва таҳлили алгоритмҳои иқтисодӣ, метавон хулоса кард, ки новобаста аз чолишҳои берунӣ ва вазъи мураккаби иқтисодиёти ҷаҳон соли 2025 барои Ҷумҳурии Тоҷикистон соли "дастовардҳои иқтисодӣ" ба ҳисоб меравад. Минбаъд, барои боз ҳам ноил шудан ба муваффақияти дарозмуддат, пешниҳодҳои зерин бояд ба инобат гирифта шаванд:

1. Фаъолгардонии самаранокии кори Фонди кафолати сармоягузории ҳимояи сармоягузорони хурд ва миёна аз хавфҳои ғайритиҷоратӣ;
2. Сафарбарнамоии мутахассисони баландихтисоси сатҳи ҷаҳонӣ дар Марказҳои татбиқи лоиҳаҳо. Ин имкон медиҳад, ки на танҳо азхудкунии маблағҳо сад дар сад, балки сифати иҷроиши корҳо низ сад дар сад гардад.

Натиҷаҳои таҳқиқот нишон медиҳанд, ки бо вуҷуди динамикаи мусбати афзоиши ҳаҷми умумии сармоягузориҳо, дар сиёсати сармоягузории кишвар як қатор мушкилоти сохторӣ мавҷуданд, ки рушди устуворро маҳдуд мекунанд.

Якум, вобастагии баланд аз як сарчашмаи маблағгузорӣ (аз як мамлакат ва ё минтақа) хатарҳои геоиқтисодиро афзоиш медиҳад. Муҳаққиқон ба монанди Раҳимов Р.К. ва Давлатов И.Ҳ. борҳо таъкид кардаанд, ки диверсификатсияи ҷуғрофии сармоя унсури асосии амнияти иқтисодӣ мебошад [4]. Барои коҳиш додани ин вобастагӣ, зарур аст, ки ҳамкорӣ бо кишварҳои Халиҷи Форс (Арабистони Саудӣ, Амороти Муттаҳидаи Араб) ва Иттиҳоди Аврупо фаъол карда шавад.

Дувум, ҷудошавии соҳавӣ ба фоидаи соҳаҳои истихроҷи ашёи хом ба консепсияи гузариш ба "иқтисодиёти сабз" ва рақамикунонӣ, ки дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 (СМР-2030) пешбинӣ шудааст, мувофиқат намекунад [10]. Сармоягузорӣ ба соҳаҳои баландтехнологӣ метавонад самаранокии умумии иқтисодиро таъмин намояд.

Сеюм, нобаробарии минтақавӣ боиси фишори демографӣ ба пойтахт ва суст шудани рушди инфрасохтори маҳаллӣ мегардад. Эҷоди минтақаҳои озоди иқтисодӣ (МОИ) дар Панҷ ва Данғара метавонад як воситаи самараноки диверсификатсияи минтақавӣ гардад, агар ба онҳо имтиёзҳои иловагии институтсионалӣ дода шаванд.

Бо мақсади бартараф намудани ин мушкилот ва таъмини рушди устувор, стратегияи рушди сармоягузориро зарур аст, ки дар се самти асосӣ амалӣ намоем:

1. Ҷорӣ кардани воситаҳои "молияи сабз": интишори вомбаргҳои сабз дар бозори дохилӣ ва байналмилалӣ барои маблағгузории лоиҳаҳои энергетикаи тақдидшаванда (аз ҷумла НБО-ҳои хурд ва панелҳои офтобӣ) [1].

2. Токенизатсияи активҳо ва технологияи Blockchain: Барои таъмини шаффофияти лоиҳаҳои давлатии сармоягузорӣ ва ҷалби сармояи хурди хориҷӣ тавассути платформаҳои рақамӣ [6].

3. Рушди бозори коғазҳои қиматнок: фаъолсозии биржаи фондии Тоҷикистон ва ҳавасмандкунии ширкатҳои ватанӣ барои баромадан ба бозори минтақавии молиявӣ, ки ин имкон медиҳад сармояи дохилии хусусӣ самараноктар истифода шавад.

Ҳамин тариқ, ин тадбирҳо имкон медиҳанд, ки Тоҷикистон на танҳо ҳаҷми сармояро афзоиш диҳад, балки сифати онро барои таъмини рушди устувор ва дарозмуддати иқтисодӣ дигаргун созад.

АДАБИЁТ:

1. Vernon R. International investment and international trade in the product cycle // Quarterly Journal of Economics. 1966. Т. 80, № 2. С. 190—207.
2. Азимова Д.С. Алоқамандӣ ва таъсири сармоягузории мустақими хориҷӣ бо сармоягузориҳои дохилӣ / Д.С. Азимова / Маҷаллаи “Муносибатҳои байналмилалӣ ва амният”-и МТС назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. - 2025, - №3 (15), - С.184-196.
3. Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон. [Манбаи электронӣ] https://www.medt.tj/tj/strategiy-i-programmi/strategiya-razvitiya-zeljonoj-ekonomiki-v-respublike-tadzhikistan-na-2023-2037-gody (санаи истифодабарӣ: 30.03.2026)
4. Доклад о мировых инвестициях - 2025. Международные инвестиции в цифровую экономику / UNCTAD / [Захираи электронӣ]. https://unctad.org/system/files/official-document/wir2025_overview_ru.pdf (санаи истифодабарӣ: 15.03.2026)
5. Доклад об экономике Таджикистана 2025 [манбаи электронӣ] https://www.vsemirnyjbank.org/ru/country/tajikistan/publication/economic-update-2025 (санаи истифодабарӣ: 12.03.2026)
6. Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2025. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон // Маҷмуаи оморӣ // ш. Душанбе, - 2025, - 442 саҳ.
7. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22.12.2025 [манбаи электронӣ]. URL: https://prezident.tj/event/missives/54181 (санаи воридшавӣ: 02.03.2026)
8. Солеҳзода А.А. Таҳлили таъсири таҳдидҳои беруна ба иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон / А.А. Солеҳзода, Ф.С. Восидиён / Маҷаллаи “Иқтисодиёти Тоҷикистон”. АМИТ. - 2024. - №3. - С.18-25.
9. Сомонаи расмии Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ: https://investcom.tj/investment/publicinvestments/490-feristi-loiaoi-sarmojaguzorii-davlat.html (санаи истифодабарӣ: 24.04.2026)
10.Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 // Қарори МН МО Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 01.12.2016, №636 // - ш. Душанбе, - ҶДММ «Контраст», - 2017

УДК 334.72:336.02:330.322 (575.3)

ТАЪСИРИ СОҲИБКОРИИ ПИНҲОНӢ БА РУШДИ СОҲИБКОРИИ РАСМӢ ВА ТАШАККУЛИ МУҲИТИ МУСОИДИ САРМОЯГУЗОРӢ

АСЛОНОВ СУЛАЙМОН МАХКАМОВИЧ
Номзади илмҳои иқтисодӣ, докторант-унвонҷӯи Институти иқтисод ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, дотсенти кафедраи назарияи иқтисодии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон.
Суроға: 734000, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, к. Борбад 48.
Тел.: (+992) 90 777 77 30. **E-mail:** sulaymon-aslonov@mail.ru.

Аннотатсия. Дар мақола масъалаи таъсири соҳибкории пинҳонӣ ба рушди соҳибкории расмӣ ва ташаккули муҳити мусоиди сармоягузорӣ мавриди таҳлили илмӣ қарор дода

шудааст. Муаллиф соҳибкории пинҳониро ҳамчун яке аз зуҳуроти иқтисодиёти ғайрирасмӣ баррасӣ намуда, таъсири онро ба рақобати бозорӣ, шаффофияти муносибатҳои иқтисодӣ, даромадҳои буҷетӣ, ҳавасмандии субъектҳои соҳибкорӣ барои қонунӣ гардонидани фаъолият ва эътимоди сармоягузорон таҳлил менамояд.

Дар асоси қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва таҳқиқоти байналмилалӣ робитаи байни сатҳи расмиятнокии фаъолияти соҳибкорӣ, сифати маъмурикунонии андоз, дастрасӣ ба маблағгузорӣ ва муҳити сармоягузорӣ муайян карда шудааст. Мақола нишон медиҳад, ки коҳиш додани соҳибкории пинҳонӣ бояд на танҳо тавассути чораҳои назоратӣ ва ҷавобгарӣ, балки тавассути фароҳам овардани шароити иқтисодии мусоид барои фаъолияти расмӣ, рақамикунонии хизматрасониҳои давлатӣ, соддагардонии расмиёти маъмурӣ, баланд бардоштани дастрасӣ ба маблағгузорӣ ва таҳкими кафолатҳои ҳуқуқии соҳибкорон амалӣ гардад. Дар мақола самтҳои такмили сиёсати давлатӣ оид ба гузариши фаъолияти иқтисодӣ аз бахши ғайрирасмӣ ба бахши расмӣ пешниҳод карда шудаанд.

Калидвожаҳо: соҳибкории пинҳонӣ, иқтисодиёти ғайрирасмӣ, соҳибкории расмӣ, муҳити сармоягузорӣ, сармоягузорӣ, андозбандӣ, рақобат, маъмурикунонии андоз, рақамикунонӣ, шаффофияти иқтисодӣ, рушди соҳибкорӣ.

ВЛИЯНИЕ СКРЫТОГО ПРЕДПРИНИМАТЕЛЬСТВА НА РАЗВИТИЕ ФОРМАЛЬНОГО ПРЕДПРИНИМАТЕЛЬСТВА И ФОРМИРОВАНИЕ БЛАГОПРИЯТНОЙ ИНВЕСТИЦИОННОЙ СРЕДЫ

АСЛОНОВ СУЛАЙМОН МАХКАМОВИЧ

Кандидат экономических наук, докторант – соискатель Института экономики и демографии Национальной академии наук Таджикистана, доцент кафедры экономической теории Международного университета туризма и предпринимательства Таджикистана.

Адрес: 734000, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Борбад 48.

Тел.: (+992) 90 777 77 30. **E-mail:** sulaymon-aslonov@mail.ru.

Аннотация. В статье исследуется влияние скрытого предпринимательства на развитие формального предпринимательства и формирование благоприятной инвестиционной среды. Скрытое предпринимательство рассматривается как одно из проявлений неформальной экономики, а также анализируется его воздействие на рыночную конкуренцию, прозрачность экономических отношений, формирование доходов государственного бюджета, стимулы субъектов предпринимательства к легализации экономической деятельности и доверие инвесторов.

На основе анализа законодательства Республики Таджикистан и результатов научных исследований определяется взаимосвязь между уровнем формализации предпринимательской деятельности, эффективностью налогового администрирования, доступом к финансированию и качеством инвестиционной среды. Обосновывается, что сокращение скрытого предпринимательства не должно ограничиваться исключительно мерами государственного контроля и юридической ответственности, а должно предусматривать создание благоприятных экономических условий для ведения официальной деятельности, цифровизацию государственных услуг, упрощение административных процедур, повышение доступности финансирования и укрепление правовых гарантий предпринимателей. В статье предлагаются основные направления совершенствования государственной политики по переводу экономической деятельности из неформального сектора в формальный и улучшению инвестиционной среды.

Ключевые слова: скрытое предпринимательство, неформальная экономика, формальное предпринимательство, инвестиционная среда, инвестиции, налогообложение, рыночная конкуренция, налоговое администрирование, цифровизация, экономическая прозрачность, развитие предпринимательства.

THE IMPACT OF HIDDEN ENTREPRENEURSHIP ON THE DEVELOPMENT OF FORMAL ENTREPRENEURSHIP AND THE FORMATION OF A FAVORABLE INVESTMENT ENVIRONMENT

ASLONOV SULAYMON MAKHKAMOVICH
Candidate of Economic Sciences, doctoral researcher at the Institute of Economics and Demography of the National Academy of Sciences of Tajikistan, Associate Professor of the Department of Economic Theory at the International University of Tourism and Entrepreneurship of Tajikistan. **Address:** 734000, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Borbad Street 48.
Tel.: (+992) 90 777 77 30. **E-mail:** sulaymon-aslonov@mail.ru.

Abstract. This article examines the impact of hidden entrepreneurship on the development of formal entrepreneurship and the formation of a favorable investment environment. Hidden entrepreneurship is considered as one of the manifestations of the informal economy, with particular attention paid to its impact on market competition, the transparency of economic relations, government budget revenues, the incentives of business entities to formalize their economic activities, and investor confidence.

Based on an analysis of the legislation of the Republic of Tajikistan and the findings of academic and international studies, the article identifies the relationship between the formalization of entrepreneurial activity, the effectiveness of tax administration, access to financing, and the quality of the investment environment. It is argued that reducing hidden entrepreneurship should not be limited to government control measures and legal liability, but should also involve the creation of favorable economic conditions for formal business activities, the digitalization of public services, the simplification of administrative procedures, improved access to financing, and the strengthening of legal guarantees for entrepreneurs. The article proposes key directions for improving public policy aimed at transitioning economic activities from the informal sector to the formal sector and enhancing the investment environment.

Keywords: hidden entrepreneurship, informal economy, formal entrepreneurship, investment environment, investment, taxation, market competition, tax administration, digitalization, economic transparency, entrepreneurship development.

Муқаддима. Дар шароити рушди иқтисоди бозорӣ соҳибкорӣ яке аз омилҳои асосии ташаккули ҷойҳои нави корӣ, афзоиши истеҳсолот, рушди хизматрасониҳо, ҷалби сармоя ва таъмини рақобат дар бозор ба ҳисоб меравад. Самаранокии соҳибкорӣ дар навбати аввал аз мавҷудияти муҳити мусоиди ҳуқуқӣ, иқтисодӣ ва институтсионалӣ вобаста мебошад. Аз ин рӯ, ташаккули шароити устувор барои рушди соҳибкории расмӣ ва ҷалби сармоягузории хусусӣ аз вазифаҳои муҳими сиёсати иқтисодии давлат ба шумор меравад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ҳимоя ва дастгирии фаъолияти соҳибкорӣ заминаи ҳуқуқӣ ташаккул ёфтааст. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ» муносибатҳои вобаста ба ҳимоя, дастгирии давлатӣ ва рушди соҳибкориро танзим намуда, кафолатҳои давлатии фаъолияти субъектҳои соҳибкориро муайян мекунад [9].

Ҳамзамон, дар иқтисодиёт фаъолияти субъектҳое вуҷуд дорад, ки қисман ё пурра берун аз низоми расмии бақайдгирӣ, ҳисоботдиҳӣ ва андозбандӣ анҷом дода мешавад. Чунин фаъолиятро дар доираи таҳқиқоти иқтисодӣ метавон ҳамчун яке аз шаклҳои иқтисодиёти ғайрирасмӣ баррасӣ намуд. Соҳибкории пинҳонӣ дар ин ҳолат на танҳо ба ҳаҷми даромадҳои андозии давлат таъсир мерасонад, балки метавонад муносибатҳои рақобатиро тағйир дода, ба фаъолияти субъектҳои қонунан амалкунанда таъсири манфӣ расонад.

Аҳамияти масъала дар шароити муосир боз ҳам бештар мегардад, зеро рушди соҳибкории расмӣ ва ҷалби сармоягузории хусусӣ ба шаффофияти муносибатҳои иқтисодӣ, ҳифзи ҳуқуқи моликият, пешгӯишаванда будани қоидаҳои бозор ва самаранокии институтҳои давлатӣ вобастагии мустақим дорад. Бонки ҷаҳонӣ дар арзёбиҳои солҳои охир таъкид

менамояд, ки рушди бахши хусусӣ дар Тоҷикистон ба беҳтар намудани рақобат, соддагардонии расмиёти сармоягузорӣ, таҳкими ҳуқуқи сармоягузорон ва баланд бардоштани самаранокии институтҳои давлатӣ алоқаманд мебошад [15, 16, 17, 18, 19].

Афзоиши босуръати ҳаҷми фаъолияти савдо ва шумораи субъектҳои соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон зарурати таҳкими механизмҳои ошкор, баҳисобгирӣ ва назорати соҳибкории пинҳониро бештар мегардонад. Тибқи маълумоти оморӣ, ҳаҷми гардиши чакана аз 24 948,3 млн сомонӣ дар соли 2019 то 55 066,5 млн сомонӣ дар соли 2024 афзоиш ёфта, зиёда аз ду баробар зиёд шудааст. Ҳамзамон, ҳиссаи бахши ғайридавлатӣ дар гардиши чакана дар соли 2024 ба 99,8 фоиз расидааст. Ин нишондиҳандаҳо нақши калони фаъолияти соҳибкории хусусиро дар ташаккули бозори дохилӣ ва гардиши молӣ инъикос менамоянд.

Аз нуқтаи назари таҳқиқи соҳибкории пинҳонӣ, сохтори гардиши чакана низ аҳамияти махсус дорад. Дар соли 2024 аз 54 971,6 млн сомонӣ гардиши чакана ба бахши ғайридавлатӣ рост омада, 18 496,4 млн сомонӣ ба савдои тиҷоратӣ ва 36 475,1 млн сомонӣ ба бозорҳо ва дигар сохторҳои тиҷоратӣ рост меояд [1, 10]. Ҳаҷми назарраси муомилоти иқтисодӣ дар бозорҳо ва дигар шаклҳои савдои ғайридавлатӣ зарурати такмили баҳисобгирии пурраи амалиёти тиҷоратӣ, таъмини шаффофияти даромадҳо ва коҳиш додани имкониятҳои пинҳон намудани қисми воқеии фаъолияти иқтисодиро ба миён меорад.

Масъала бо афзоиши шумораи субъектҳои савдои чакана боз ҳам муҳимтар мегардад. Агар соли 2019 шумораи корхонаҳои савдои чакана 15 018 адад бошад, пас соли 2024 ин нишондиҳанда ба 22 933 адад расидааст. Ҳамзамон, дар соли 2024 дар бозорҳо ба ҳисоби миёна 102,3 ҳазор фурӯшанда дар як рӯз фаъолият доштааст. Чунин миқёси фаъолияти иқтисодӣ, аз як тараф, ба рушди соҳибкорӣ, таъсиси ҷойҳои корӣ ва афзоиши пешниҳоди молу хизматрасонӣ мусоидат намояд, аз ҷониби дигар, барои низоми андозбандӣ ва назорати давлатӣ масъалаи муайян намудани ҳаҷми воқеии фаъолияти соҳибкорӣ, гардиши мол ва даромади субъектҳо-ро ба миён мегузорад.

Дар ин замина, мавҷудияти эҳтимолии қисми ба қайдгирифтанашуда ё пурра инъикоснашудаи фаъолияти соҳибкорӣ метавонад боиси коҳиши заминаи андозбандӣ, маҳдуд гардидани даромадҳои буҷети давлатӣ ва таҳриф шудани нишондиҳандаҳои расмии фаъолияти иқтисодӣ гардад. Аз ин рӯ, таҳқиқи соҳибкории пинҳонӣ на танҳо аз нуқтаи назари ҳуқуқӣ ва андозӣ, балки ҳамчун масъалаи муҳими идоракунии иқтисодӣ, таъмини рақобати одилона, шаффофияти бозор ва самаранокии сиёсати буҷетию андозӣ аҳамияти илмӣ ва амалӣ пайдо мекунад.

Бо дарназардошти ин, зарурати ташаккули низоми муосири мониторинг ва ошкорсозии соҳибкории пинҳонӣ, ки маълумоти мақомоти андоз, омор, бақайдгирии давлатӣ, гумрук, низоми пардохтҳои электронӣ ва дигар манбаъҳои иттилоотиро муттаҳид менамояд, бештар мегардад. Чунин равиш имкон медиҳад, ки фарқи байни фаъолияти воқеии иқтисодӣ ва маълумоти расман эълоншуда сари вақт муайян гардида, барои коҳиш додани миқёси соҳибкории пинҳонӣ ва баланд бардоштани самаранокии идоракунии давлатӣ чораҳои асоснок таҳия карда шаванд.

Дараҷаи омӯзиши масъала. Масъалаи иқтисодиёти ғайрирасмӣ, фаъолияти соҳибкории пинҳонӣ ва таъсири он ба рушди бахши хусусӣ дар адабиёти иқтисодии муосир мавқеи муҳим дорад. Таҳқиқоти иқтисодии байналмилалӣ нишон медиҳанд, ки паҳншавии фаъолияти ғайрирасмӣ метавонад заминаи рақобати нобаробарро ба вуҷуд оварда, имкониятҳои рушди субъектҳои расмиро маҳдуд созад [3, 4, 5].

Дар робита ба Тоҷикистон низ ин масъала аз ҷониби ташкилотҳои байналмилалӣ таҳлил шудааст. Таҳқиқоти Бонки ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки бахши хусусии расмӣ дар Тоҷикистон бо маҳдудиятҳои сохторӣ рӯ ба рӯ буда, рақобат аз ҷониби субъектҳои ғайрирасмӣ яке аз монеаҳои фаъолияти корхонаҳо ба ҳисоб меравад. Дар Тадқиқоти корхонаҳои Тоҷикистон дар соли 2024, ки 364 корхонаро фаро гирифтааст, 5,5 фоизи корхонаҳои пурсидашуда «амалияи рақибон дар бахши ғайрирасмӣ»-ро ҳамчун монеаи фаъолияти худ қайд намудаанд. Дар ҳамин таҳқиқот 29,4 фоиз меъёрҳои андоз ва 14,8 фоиз дастрасӣ ба

маблағгузориро ҳамчун монеаи асосӣ нишон додаанд. Ин рақамҳо барои тамоми иқтисодиёт нишондиҳандаи умумӣ ҳисобида намешаванд, вале барои муайян намудани мушкилоти даркшавандаи соҳибкорони пурсишшуда аҳамияти таҳлилӣ доранд [16].

Ҳамин тавр, таҳлили соҳибкории пинҳонӣ танҳо дар доираи муносибатҳои «соҳибкор–андоз» маҳдуд намегардад. Масъала бояд дар робитаи мутақобилаи давлат, соҳибкор, истеъмолкунанда, низоми молиявӣ ва сармоягузор баррасӣ шавад.

Мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот. Мақсади таҳқиқот муайян намудани таъсири соҳибкории пинҳонӣ ба рушди соҳибкории расмӣ ва ташаккули муҳити мусоиди сармоягузорӣ, инчунин таҳияи пешниҳодҳо оид ба кам намудани фаъолияти иқтисодии ғайрирасмӣ мебошад. Барои расидан ба ин мақсад вазифаҳои зерин гузошта шудаанд:

– муайян намудани моҳияти иқтисодию ҳуқуқии соҳибкории пинҳонӣ;

– таҳлили таъсири фаъолияти пинҳонӣ ба рақобати бозорӣ;

– муайян намудани робитаи соҳибкории пинҳонӣ бо рушди соҳибкории расмӣ;

– таҳлили таъсири шаффофияти фаъолияти иқтисодӣ ба муҳити сармоягузорӣ;

– баррасии нақши маъмурикунонии андоз ва рақамикунонӣ дар коҳиши фаъолияти ғайрирасмӣ;

– таҳияи пешниҳодҳо оид ба ҳавасмандгардонии субъектҳои иқтисодӣ барои фаъолияти расмӣ.

Методологияи таҳқиқот. Дар таҳқиқот усулҳои таҳлили системавӣ, муқоисавӣ, ҳуқуқӣ, иқтисодӣ, оморӣ ва мантиқӣ истифода шудаанд. Асоси иттилоотии таҳқиқотро санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, маълумоти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, таҳқиқоти Бонки ҷаҳонӣ, Хазинаи байналмилалии асъор ва дигар сарчашмаҳои илмӣ ташкил медиҳанд. Дар таҳлили ҳуқуқӣ, аз ҷумла, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ» ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сармоя ва ҳавасмандгардонии фаъолияти сармоягузорӣ» истифода шудааст.

Натиҷаи тадқиқот. Соҳибкории расмӣ фаъолияти иқтисодие мебошад, ки субъект онро дар доираи талаботи қонунгузорӣ, аз ҷумла бақайдгирии давлатӣ, баҳисобгирии молиявӣ, ҳисоботдиҳӣ ва иҷрои ӯҳдадориҳои андозӣ амалӣ менамояд.

Баръакс, соҳибкории пинҳонӣ метавонад ҳолатҳоеро дар бар гирад, ки субъект фаъолияти иқтисодиро пурра ё қисман аз мақомоти давлатӣ пинҳон менамояд.

Аз нуқтаи назари иқтисодӣ, соҳибкории пинҳонӣ метавонад шаклҳои гуногун дошта бошад: пешбурди фаъолияти соҳибкорӣ бе бақайдгирии дахлдор, пинҳон намудани қисми даромад, истифодаи муносибатҳои меҳнатии ба таври расмӣ ба қайд гирифта нашуда, нишон надодани қисми муомилоти молиявӣ ва дигар шаклҳои коҳиш додани шаффофияти фаъолияти иқтисодӣ [2, 3].

Бо вуҷуди ин, бояд соҳибкории пинҳониро аз тамоми шаклҳои иқтисодиёти ғайрирасмӣ яксон ҳисобидан мумкин нест. Иқтисодиёти ғайрирасмӣ мафҳуми васеътар буда, метавонад фаъолияти иқтисодиро дар бар гирад, ки бо сабабҳои гуногуни иҷтимоӣ ва иқтисодӣ берун аз низоми пурраи расмӣ анҷом дода мешавад. Соҳибкории пинҳонӣ бошад, дар доираи ин мақола пеш аз ҳама ба фаъолияти соҳибкорие ишора мекунад, ки бо мақсади пинҳон намудани фаъолияти воқеӣ ё қисми он аз низоми расмии иқтисодӣ амалӣ мегардад.

Яке аз оқибатҳои муҳими соҳибкории пинҳонӣ таъсири он ба рақобати бозорӣ мебошад. Субъекти расмӣ барои бақайдгирӣ, баҳисобгирӣ, пардохти андозҳо, риояи талаботи меҳнатӣ ва дигар ӯҳдадориҳои қонунӣ хароҷот менамояд. Агар рақиби ӯ қисман ё пурра аз чунин ӯҳдадориҳо канорагирӣ кунад, арзиши воқеии фаъолияти иқтисодии субъектҳо барои муқоиса яксон намемонад. Дар чунин ҳолат субъекти расмӣ метавонад бо афзоиши хароҷоти нисбӣ рӯ ба рӯ шавад. Ин вазъият ба коҳиши қобилияти рақобатии баъзе корхонаҳои расмӣ оварда мерасонад ва дар ҳолатҳои муайян метавонад ҳавасмандии соҳибкоронро барои гузаштан ба бахши ғайрирасмӣ зиёд намояд. Аз ин рӯ, байни соҳибкории пинҳонӣ ва соҳибкории расмӣ муносибати даврии манфӣ ба вуҷуд омада метавонад: афзоиши фаъолияти

пинҳонӣ, рақобати нобаробар, афзоиши фишори хароҷотӣ ба соҳибкории расмӣ, коҳиши ҳавасмандии расмиятнокӣ, густариши бахши ғайирасмӣ.

Барои пешгирии чунин раванд сиёсати давлатӣ бояд ҳамзамон ду самтро дар бар гирад: аз як тараф, пешгирии қонуншиканиҳо ва баланд бардоштани самаранокии назорат; аз ҷониби дигар, коҳиш додани хароҷоти риояи талаботи қонунгузорӣ ва фароҳам овардани имтиёзҳои воқеии иқтисодӣ барои фаъолияти расмӣ.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ» ҳимоя, дастгирии давлатӣ ва рушди соҳибкориро ҳамчун самтҳои танзими давлатӣ муайян менамояд. Ин заминаи ҳуқуқӣ имконият медиҳад, ки мубориза бо фаъолияти пинҳонӣ бо сиёсати рушди соҳибкории расмӣ пайваст карда шавад [9].

Соҳибкории пинҳонӣ ба ташаккули даромадҳои давлатӣ низ таъсир мерасонад. Ҳангоми пинҳон шудани қисми фаъолияти иқтисодӣ, заминаи андозбандӣ танг мегардад ва қисми потенсиалии даромадҳои давлатӣ ба буҷет ворид намешавад. Коҳиши даромадҳои буҷетӣ дар навбати худ метавонад имкониятҳои давлатро барои маблағгузории инфрасохтор, маориф, тандурустӣ, ҳифзи иҷтимоӣ ва дигар самтҳои афзалиятнок маҳдуд намояд. Аз ин нуқтаи назар, мубориза бо фаъолияти ғайирасмӣ танҳо масъалаи таъмини интизоми андозӣ набуда, балки яке аз унсурҳои таҳкими иқтидори молиявии давлат мебошад.

Хазинаи байналмилалии асъор таъкид кардааст, ки ислоҳоти андозии Тоҷикистон аз соли 2022, аз ҷумла коҳиши шумораи андозҳо, паст намудани баъзе меъёрҳои андоз ва рушди рақамикунонии амалиёт ва маъмурикунонии андоз, барои ҳавасманд намудани фаъолияти соҳибкорӣ ва мубориза бо ғайирасмиятнокӣ равона шудааст. Ҳамзамон, ХБА зарурати идомаи такмили маъмурикунонии андоз ва васеъ намудани заминаи андозбандиро таъкид мекунад [14].

Муҳити сармоягузорӣ маҷмӯи омилҳои ҳуқуқӣ, иқтисодӣ, молиявӣ, институтсионалӣ ва иҷтимоие мебошад, ки қарорҳои сармоягузоронро дар бораи ҷойгир намудани сармоя муайян мекунанд. Дар ин раванд сатҳи шаффофияти бозор ва баробарии шароити рақобат аҳамияти махсус дорад.

Сармоягузор ҳангоми қабули қарор бояд имконият дошта бошад, ки ҳаҷми бозор, талабот, рақобат, хавфҳои ҳуқуқӣ, андозӣ ва молиявиро нисбатан дақиқ арзёбӣ намояд [6]. Густариши фаъолияти пинҳонӣ метавонад арзёбии чунин омилҳоро мушкил намояд, зеро қисми муносибатҳои иқтисодӣ берун аз омори расмӣ ва механизмҳои муқаррарии ҳисоботдиҳӣ қарор мегиранд.

Аз ин рӯ, соҳибкории пинҳонӣ метавонад ба муҳити сармоягузорӣ тавассути се канали асосӣ таъсир расонад, нигаред расми1:



Расми 1. Равандҳои сармоягузорӣ

Сарчашма: таҳияи муаллиф.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сармоя ва ҳавасмандгардонии фаъолияти сармоягузорӣ», ки 14 майи соли 2025 таҳти №2173 қабул гардида, амалкунанда мебошад, асосҳои ҳуқуқию иқтисодии муносибатҳоро дар соҳаи сармоя ва фаъолияти сармоягузорӣ муқаррар намуда, ба таъмини устуворӣ ва беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ равона шудааст [8].

Қабули ин қонун дар шароити зарурати таҳкими муҳити сармоягузорӣ аҳамияти махсус дорад. Қонунгузории нав масъалаи сармоягузорӣ ва механизмҳои ҳавасмандгардонии онро дар як низоми ҳуқуқӣ муттаҳид менамояд [11, 12]. Ҳамзамон, аз нуқтаи назари иқтисодӣ, самаранокии ин кафолатҳо аз сифати татбиқи онҳо, шаффофияти муҳити соҳибкорӣ ва баробарии шароити рақобат вобаста мебошад.

Яке аз воситаҳои муҳими гузариши фаъолияти иқтисодӣ ба низоми расмӣ рақамикунонии муносибатҳои иқтисодӣ мебошад. Пардохтҳои ғайринақдӣ, ҳисобномаҳои электронӣ, хизматрасониҳои рақамии андозӣ, бақайдгирии электронӣ ва мубодилаи автоматии маълумот байни мақомоти давлатӣ имконият медиҳанд, ки шаффофияти фаъолияти иқтисодӣ баланд бардошта шавад. Барномаи рушди маъмурикунонии андози Тоҷикистон барои солҳои 2026–2030, ки бо дастгирии ХБА таҳия шудааст, ба навсозӣ ва рақамикунонии маъмурикунонии андоз, баланд бардоштани риояи ихтиёрии ӯҳдадориҳои андозӣ, коҳиши иқтисодиёти пинҳонӣ ва беҳтар намудани хизматрасониҳо ба андозсупорандагон нигаронида шудааст [13]. Аз ин рӯ, рақамикунонӣ бояд танҳо ҳамчун воситаи назорат баррасӣ нашавад. Он метавонад воситаи кам кардани хароҷоти маъмурии соҳибкор, соддагардонии муносибат бо мақомоти давлатӣ ва баланд бардоштани пешгӯишавандагии фаъолияти соҳибкорӣ бошад.

Рушди сармоягузории хусусӣ аз мавҷудияти муҳити устувори соҳибкорӣ вобастагии зиёд дорад. Бонки ҷаҳонӣ дар таҳлили иқтисоди Тоҷикистон таъкид кардааст, ки барои кушодани имкониятҳои нави рушди иқтисодӣ зарурати ҷалби бештари сармоягузории хусусӣ, таҳкими рақобат, соддагардонии расмиёти сармоягузорӣ ва беҳтар намудани ҳифзи ҳуқуқи сармоягузорон вуҷуд дорад [17].

Дар чунин шароит кам намудани соҳибкории пинҳонӣ метавонад ба ташаккули муҳити шаффофтар ва рақобатпазиртар мусоидат намояд. Субъекти расмӣ имконияти бештар барои истифодаи хизматрасониҳои бонкӣ, гирифтани қарз, ҷалби шарикони стратегӣ, иштирок дар тендерҳо, бастани шартномаҳои расмӣ ва ворид шудан ба занҷираҳои таъминот дорад. Баръакс, фаъолияти пинҳонӣ метавонад дастрасии субъектро ба чунин механизмҳо маҳдуд намояд. Аз ҷумла, набудани ҳисоботи шаффоф ва ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаи гардиши молиявӣ метавонад имконияти ҷалби маблағгузории бонкӣ ё сармояи шарикиро маҳдуд созад. Аз ин рӯ, гузариш аз фаъолияти пинҳонӣ ба фаъолияти расмӣ бояд барои соҳибкор манфиати иқтисодии мушаххас дошта бошад. Танҳо зиёд намудани назорат бе фароҳам овардани чунин манфиат метавонад барои ҳалли пурраи масъала кофӣ набошад.

Маълумоти омории Тоҷикистон нишон медиҳад, ки шумораи субъектҳои соҳибкории инфиродӣ дар солҳои охир афзоиш ёфтааст. То 1 июли соли 2025 дар ҷумҳурӣ 742,8 ҳазор соҳибкори инфиродӣ ба қайд гирифта шуда буд, ки нисбат ба ҳамин даврааи соли қаблӣ 88,1 ҳазор ё 13,5 фоиз зиёд мебошад. Дар ин шумора соҳибкорони инфиродӣ тибқи шаҳодатнома, патент, шаҳодатнома бо шартҳои махсус ва соҳибкорони инфиродии хоҷагиҳои деҳқонӣ дохил шудаанд [1, 10].

Афзоиши шумораи субъектҳои ба қайд гирифташуда аз густариши фаъолияти соҳибкорӣ дар низоми расмӣ шаҳодат медиҳад. Аммо худи афзоиши бақайдгирӣ барои арзёбии пурраи расмиятнокии иқтисодиёт кофӣ нест. Барои таҳлили амиқ инчунин ҳаҷми гардиши расмӣ, саҳми соҳибкории хурду миёна дар ММД, сатҳи шуғли расмӣ, андозҳои пардохтшуда, дастрасӣ ба маблағгузорӣ ва ҳаҷми фаъолияти иқтисодии ғайрирасмӣ бояд ба назар гирифта шавад. Ин масъала махсусан муҳим аст, зеро Бонки ҷаҳонӣ дар таҳлилҳои худ рушди бахши хусусии Тоҷикистонро ба зарурати беҳтар намудани рақобат, дастрасӣ ба маблағгузорӣ, муҳити сармоягузорӣ ва шароити воридшавии ширкатҳои нав ба бозор алоқаманд медонад [18].

Самтҳои асосии коҳиши соҳибкории пинҳонӣ. Ба андешаи муаллиф, сиёсати давлатӣ оид ба коҳиши соҳибкории пинҳонӣ бояд аз модели танҳо назоратӣ ба модели зерин гузарад, расми 2.



Расим 2. Коҳиши соҳибкории пинҳонӣ
Сарчашма: таҳияи муаллиф.

Аввалан, бояд расмиёти бақайдгирӣ ва пешбурди фаъолияти соҳибкорӣ то ҳадди имкон содда ва пешгӯишаванда бошанд.

Дуюм, хизматрасониҳои давлатӣ ва андозӣ бояд бештар ба шакли электронӣ гузаронида шаванд. Ин раванд ҳам хароҷоти маъмурии соҳибкорро коҳиш медиҳад ва ҳам имконияти муносибатҳои ғайришаффофро маҳдуд менамояд.

Сеюм, бояд барои субъектҳои ба таври ихтиёрӣ ба низоми расмӣ воридшаванда механизмҳои ҳавасмандгардонӣ истифода шаванд. Ин метавонад соддагардонии ҳисоботдиҳӣ барои субъектҳои хурд, хизматрасонии машваратии ройгон, дастрасӣ ба барномаҳои дастгирии молиявӣ ва механизмҳои кафолати қарзиро дар бар гирад.

Чорум, назорати давлатӣ бояд бештар ба идоракунии хавф асос ёбад. Яъне субъектҳои дорои хавфи баланд бояд ба таври мақсаднок таҳлил шаванд, дар ҳоле ки барои соҳибкорони дорои сатҳи баланди риояи талаботи қонунгузорӣ расмиёти маъмурӣ то ҳадди имкон кам карда шаванд.

Панҷум, мубориза бо фаъолияти пинҳонӣ бояд бо сиёсати рушди рақобат алоқаманд бошад. Барои субъектҳои расмӣ бояд кафолат дода шавад, ки онҳо дар бозор бо рақибоне, ки ӯҳдадориҳои қонуниро иҷро намекунанд, дар шароити нобаробар қарор нагиранд.

Танҳо татбиқи чораҳои ҷавобгарӣ барои бартараф намудани соҳибкории пинҳонӣ кофӣ нест. Соҳибкор бояд фаъолияти расмиро ҳамчун муҳити дорои имкониятҳои бештар барои рушди дарозмуддат қабул намояд. Дар ин замина дастрасӣ ба қарзҳои имтиёзнок, кафолатҳои қарзӣ, барномаҳои омӯзишӣ, машваратҳои ҳуқуқию андозӣ, дастрасӣ ба бозорҳои давлатӣ, дастгирии содирот ва рушди инфрасохтори соҳибкорӣ аҳамияти муҳим доранд. Қонунгузории Тоҷикистон дар бораи ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ самтҳои иттилоотӣ, ташкилӣ-ҳуқуқӣ, молиявию қарзӣ ва моддию техникии дастгирии соҳибкориро пешбинӣ менамояд [9].

Аз ин рӯ, сиёсати зидди соҳибкории пинҳонӣ бояд бо сиёсати дастгирии соҳибкории расмӣ ҳамгиро карда шавад. Чунин муносибат имкон медиҳад, ки субъектҳои ғайрирасмӣ ба ҷойи танҳо объекти назорат будан, ба субъекти эҳтимолии рушди иқтисодӣ ва сармоягузорӣ табдил дода шаванд.

Рақобати самаранок яке аз шартҳои асосии фаъолияти иқтисоди бозорӣ мебошад. Дар шароити рақобати солим корхонаҳо тавассути баланд бардоштани сифати маҳсулот, паст намудани хароҷот, ҷорӣ намудани технологияҳои нав ва беҳтар намудани хизматрасонӣ мавқеи худро дар бозор мустаҳкам мекунанд. Соҳибкории пинҳонӣ метавонад ин механизмро халалдор намояд, агар субъект бо роҳи саркашӣ аз қисми ӯҳдадориҳои қонунӣ арзиши фаъолияти худро сунъӣ паст кунад. Дар ин ҳолат афзалияти рақобатӣ на аз самаранокии иқтисодӣ, балки аз сатҳи риоя накардани талаботи расмӣ ба вуҷуд меояд.

Бинобар ин, мубориза бо соҳибкории пинҳонӣ бояд ҳамчун яке аз унсурҳои сиёсати рушди рақобат баррасӣ карда шавад. Бонки ҷаҳонӣ низ таҳкими рақобат ва фароҳам овардани шароити бозории мусоидро аз самтҳои муҳими рушди бахши хусусӣ дар Тоҷикистон арзёбӣ менамояд [19].

Дар асоси **натиҷаҳои таҳлили гузаронидашуда** ҷиҳати коҳиш додани соҳибкории пинҳонӣ, рушди соҳибкории расмӣ ва фароҳам овардани муҳити мусоиди сармоягузорӣ пешниҳодҳои илмӣ ва амалии зерин манзур карда мешаванд:

1. Ташаккули механизми ягонаи мониторинги соҳибкории пинҳонӣ, ки дар доираи талаботи қонунгузорӣ оид ба ҳифзи маълумот истифодаи ҳамоҳангшудаи маълумоти мақомоти андоз, омор, бақайдгирии давлатӣ, гумрук ва низоми пардохтҳои электрониро таъмин намояд. Чунин механизм метавонад барои муайян намудани номутобиқатии нишондиҳандаҳои фаъолияти иқтисодӣ ва ошкор намудани хавфҳои эҳтимолии пинҳонкунии даромад мусоидат намояд.
2. Гузариш ба назорати андозӣ дар асоси хавф, ки ҳадафи асосии он на зиёд намудани шумораи санҷишҳо, балки муайян ва пешгирӣ намудани ҳолатҳои воқеии пинҳонкунии фаъолияти иқтисодӣ ва даромадҳо бошад. Дар ин замина истифодаи таҳлили хавф ва маълумоти рақамӣ метавонад самаранокии назорати давлатӣ ва ҳадафнокии онро баланд бардорад.

3. Коҳиш додани хароҷоти риояи талаботи қонунгузорӣ барои субъектҳои соҳибкории хурд, аз ҷумла тавассути соддагардонии расмиёти бақайдгирӣ, ҳисоботдиҳӣ ва пардохти андозҳо, инчунин тавсеаи хизматрасониҳои электронии давлатӣ. Ин тадбир метавонад барои кам намудани монеаҳои маъмурӣ ва ташвиқи субъектҳои иқтисодӣ ба фаъолияти расмӣ мусоидат намояд.

4. Тақвияти ҳавасмандгардонии иқтисодии фаъолияти расмӣ, аз ҷумла тавассути беҳтар намудани дастрасии субъектҳои соҳибкорӣ ба маблағгузорӣ, барномаҳои давлатии дастгирии соҳибкорӣ, хизматрасониҳои машваратӣ ва дигар воситаҳои рушди фаъолияти соҳибкорӣ. Фаъолияти расмӣ бояд барои субъектҳои иқтисодӣ на танҳо ӯҳдадории ҳуқуқӣ, балки имконияти воқеии рушди минбаъда бошад.

5. Тақвияти ҳифзи ҳуқуқии соҳибкорони расмӣ, бо мақсади ҳимояи субъектҳои қонунан фаъол аз рақобати ғайриқонунӣ, фаъолияти пинҳонӣ ва дигар шаклҳои вайрон намудани муҳити рақобат. Дар ин самт таъмини баробарии шароити фаъолияти иқтисодӣ ва татбиқи самараноки кафолатҳои ҳуқуқии соҳибкорон аҳаммияти муҳим дорад.

6. Рушди низоми рақамии пайгирии амалиёти иқтисодӣ, аз ҷумла тавассути густариши истифодаи ҳисобномаҳои электронӣ, пардохтҳои ғайринақдӣ ва мубодилаи рақамии маълумот байни мақомоти дахлдор ва субъектҳои иқтисодӣ. Рақамикунонӣ метавонад шаффофияти амалиёти иқтисодиро баланд бардошта, имконияти пинҳон намудани ҳаҷми воқеии фаъолияти соҳибкориро коҳиш диҳад.

7. Баланд бардоштани саводнокии ҳуқуқӣ ва андозии соҳибкорон, махсусан субъектҳои хурд ва навтаъсис, тавассути ташкили барномаҳои омӯзишӣ, машваратҳои соҳавӣ ва дастрас намудани маълумоти фаҳмо оид ба талаботи қонунгузории андоз ва тартиби пешбурди фаъолияти расмӣ.

8. Ҳамоҳангсозии сиёсати коҳиши иқтисодиёти пинҳонӣ бо сиёсати сармоягузорӣ, то ки баланд бардоштани сатҳи шаффофияти иқтисодӣ, пешгӯишавандагии муҳити соҳибкорӣ ва эътимод ба механизмҳои ҳуқуқию институтсионалӣ ҳамчун омилҳои муҳими ташаккули муҳити мусоиди сармоягузорӣ ба назар гирифта шаванд.

9. Тақвияти рақобати солим дар бозор, аз ҷумла тавассути бартараф намудани афзалиятҳои иқтисодии ғайриқонунии субъектҳое, ки ӯҳдадориҳои андозӣ ва дигар талаботи расмиро иҷро намекунанд. Таъмини шароити баробари рақобат барои рушди соҳибкории расмӣ ва ҷалби сармоягузории хусусӣ заминаи муҳим фароҳам меорад.

10. Ташкили механизми «гузариши ихтиёрӣ ба расмият», ки барои субъектҳои хоҳишманди қонунӣ гардонидани фаъолияти иқтисодии худ маҷмӯи хизматрасониҳои машваратӣ, бақайдгирии соддакардашуда, дастрасӣ ба воситаҳои дастгирии соҳибкорӣ ва роҳнамоии ҳуқуқию андозиро пешбинӣ намояд. Механизми мазкур бояд ба ташвиқи ихтиёрии субъектҳо барои гузаштан аз фаъолияти пинҳонӣ ба фаъолияти расмӣ равона карда шавад.

Дар маҷмӯъ, татбиқи пешниҳодҳои мазкур метавонад барои коҳиш додани ҳаҷми фаъолияти пинҳонӣ, васеъ намудани заминаи соҳибкории расмӣ, баланд бардоштани шаффофияти иқтисодӣ, таҳкими рақобати солим ва беҳтар намудани муҳити сармоягузорӣ заминаи институтсионалӣ ва иқтисодӣ фароҳам оварад.

Хулоса. Соҳибкории пинҳонӣ яке аз омилҳое мебошад, ки метавонад ба рушди устувори соҳибкории расмӣ ва ташаккули муҳити мусоиди сармоягузорӣ таъсир расонад. Таъсири он танҳо бо кам шудани даромадҳои андозӣ маҳдуд намешавад, балки рақобати бозорӣ, шаффофияти муносибатҳои иқтисодӣ, дастрасии субъектҳо ба маблағгузорӣ ва пешгӯишавандагии муҳити соҳибкориро низ фаро мегирад.

Таҳлил нишон медиҳад, ки байни рушди соҳибкории расмӣ ва коҳиши фаъолияти пинҳонӣ робитаи мутақобила вуҷуд дорад. Агар субъектҳои расмӣ бо хароҷоти зиёди маъмурӣ, рақобати ғайрирасмӣ ва маҳдудияти дастрасӣ ба маблағгузорӣ рӯ ба рӯ шаванд, ҳавасмандии онҳо барои тавсеаи фаъолияти расмӣ метавонад коҳиш ёбад. Баръакс, агар фаъолияти расмӣ имкониятҳои бештар барои дастрасӣ ба қарз, бозорҳо, хизматрасониҳои

давлатӣ ва ҳимояи ҳуқуқиро фароҳам созад, ангезаи гузаштан ба фаъолияти пинҳонӣ коҳиш меёбад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон заминаи ҳуқуқӣ барои дастгирии соҳибкорӣ ва беҳтар намудани муҳити сармоягузорӣ пайваста такмил меёбад. Қонуни соли 2025 «Дар бораи сармоя ва ҳавасмандгардонии фаъолияти сармоягузорӣ» ба таъмини устуворӣ ва беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ нигаронида шудааст. Ҳамзамон, рушди рақамикунонии маъмурикунонии андоз дар доираи барномаи солҳои 2026–2030 ба баланд бардоштани риояи ихтиёрии талаботи андозӣ ва коҳиши иқтисодиёти пинҳонӣ равона шудааст.

Аз ин рӯ, коҳиши соҳибкории пинҳонӣ бояд ҳамчун қисми таркибии сиёсати рушди бахши хусусӣ баррасӣ карда шавад. Самаранокии чунин сиёсат дар ҳолате баланд хоҳад буд, ки чораҳои назоратӣ бо соддагардонии муҳити соҳибкорӣ, рақамикунонӣ, дастгирии молиявию машваратӣ, ҳифзи ҳуқуқи соҳибкорон ва таҳкими рақобати солим ҳамоҳанг карда шаванд.

Дар маҷмӯъ, гузариш аз фаъолияти пинҳонӣ ба фаъолияти расмӣ бояд барои субъектҳои иқтисодӣ на танҳо ӯҳдадории ҳуқуқӣ, балки имконияти воқеии рушди дарозмуддат, дастрасӣ ба сармоя ва иштирок дар иқтисодиёти муосир бошад. Маҳз чунин муносибат метавонад барои васеъ намудани заминаи соҳибкории расмӣ, баланд бардоштани шаффофияти иқтисодӣ ва ташаккули муҳити устувори сармоягузорӣ замина фароҳам оварад.

АДАБИЁТ:

1. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Натиҷаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар моҳҳои январ–июни соли 2025. Душанбе, 2025. https://www.stat.tj/wp-content/uploads/2025/07/6-2025-tochiki-2.pdf?
2. Аслонов С.М. Институциональные проблемы предпринимательской деятельности в Республике Таджикистан. Научная статья. Аслонов С.М. // Таджикский государственный университет коммерции, Вестник ТГУК, № 3(53) - 2024. – с. 493 – 499.
3. Аслонов С.М. Омӯзиши хароҷоти трансаксионӣ ва муайян гаштани ҳудудҳои амнияти соҳибкорӣ дар Тоҷикистон. Мақолаи илмӣ. Аслонов С.М. // Иқтисодиёти Тоҷикистон. - № 2.- 2024. – с. 131 – 139.
4. Аслонов С.М. Предпринимательская деятельность по рейтингу «DOING BUSINESS». Научная статья. Аслонов С.М. // Научно-политический журнал Академии государственного управления при Президенте Республики Таджикистан. Государственное управление, 2022 / №3 (57). – с. 37 – 44.
5. Аслонов С.М. Рейтинг стран Средней Азии по уровню экономической свободы. Научная статья. Аслонов С.М. // Научно-политический журнал Академии государственного управления при Президенте Республики Таджикистан. Государственное управление, 2021 / №4 (53). – с. 73 – 79.
6. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 октябри соли 2025, №558 «Дар бораи муайян намудани мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи сармоя ва ҳавасмандгардонии фаъолияти сармоягузорӣ». [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://mmih.tj/SEARCH/DocumentView?DocumentId=171110 (Санаи муроҷиат: 1.06.2026)
7. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ». [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://mmih.tj/SEARCH/DocumentView?DocumentId=34561&compareid=164367(Санаи муроҷиат: 1.06.2026)
8. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сармоя ва ҳавасмандгардонии фаъолияти сармоягузорӣ». 14 майи соли 2025, №2173. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://mmih.tj/SEARCH/DocumentView?DocumentId=169228 (Санаи муроҷиат: 1.06.2026)
9. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ». 26 июли соли 2014, №1107. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ:

https://mmih.tj/SEARCH/DocumentView?DocumentId=122229&compareid=122229 (Санаи муроҷиат: 1.06.2026)
10. Нишондиҳандаҳои асосии савдо ва хизматрасонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2025.
11. Шоҳзода, Н.И. Механизмҳои самараноки идоракунии сармоягузорӣ ва татбиқи стратегияҳои инноватсионӣ дар шароити иқтисодиёти рақамии Тоҷикистон / Н. И. Шоҳзода // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – 2025. – No. 2(57).
12. Шоҳзода, Н.И. Ташаккули шаклҳои танзими давлатии дастгирии сармоягузории хориҷӣ барои рушди бозори хизматрасонии экологӣ / Н. И. Шоҳзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2025. – No. 1. – P. 190-195.
13. International Monetary Fund. Republic of Tajikistan: Request for a Twenty-Two-Month Policy Coordination Instrument. IMF Country Report No. 24/84. Washington, D.C., 2024.
14. International Monetary Fund. Republic of Tajikistan: Tax Administration Development Program 2026–2030. High Level Summary Technical Assistance Report No. 2026/021. Washington, D.C., 2026.
15. World Bank. Tajikistan Economic Update 2025. Washington, D.C., 2025. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://www.worldbank.org/en/country/tajikistan/publication/economic-update-2025? (Санаи муроҷиат: 1.06.2026)
16. World Bank. Tajikistan Enterprise Survey 2024. Washington, D.C., 2025. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://microdata.worldbank.org/index.php/catalog/6529/variable/V633? (Санаи муроҷиат: 1.06.2026)
17. World Bank. Tajikistan Public Expenditure Review: Reforming Tax Policy and Administration for Sustainable and Inclusive Growth. Washington, D.C., 2022. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://www.worldbank.org/en/country/tajikistan/publication/per-2022? (Санаи муроҷиат: 1.06.2026)
18. World Bank. Tajikistan: Addressing Challenges to Create More and Better Jobs. Washington, D.C. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://www.worldbank.org/en/country/tajikistan/publication/tajikistan-addressing-challenges-to-create-more-and-better-jobs?utm_source=chatgpt.com(Санаи муроҷиат: 1.06.2026)
19. World Bank. Tajikistan: Fostering Economic Transformation and Jobs Creation. Washington, D.C., 2026. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://www.worldbank.org/en/results/2026/06/12/tajikistan-fostering-economic-transformation-and-jobs-creation? (Санаи муроҷиат: 1.06.2026)

УДК 339.138:658.8(575.3)

ТАЪСИРИ СТРАТЕГИЯИ ТАБЛИҒИ МАҲСУЛОТ БА САМАРАНОКИИ КОРХОНАҲОИ САВДО ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

АХМЕДОВА АДИБАХОН ЮСУФҶОНОВНА
Муаллимаи калони кафедраи молшиносӣ ва фаъолияти гумрукии ДИС ДДТТ.
Суроға: ш.Хуҷанд, кӯчаи Пайрав Сулаймонӣ №4, бинои таълимии №4
Тел.: (+992) 929-08-10-75. **E-mail:** adiba1987002gmail.com

Аннотатсия. Дар мақола таъсири стратегияҳои таблиғоти маҳсулот ба фаъолияти корхонаҳои савдо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити иқтисоди рақамӣ баррасӣ гардида, воситаҳои асосии таблиғот ва таъсири онҳо ба фаъолияти молиявӣ, бозорӣ ва нуфузии корхонаҳо дида баромада шудааст. Таҳлили муқоисавии стратегияҳои таблиғоти маҳсулот дар шаклҳои гуногуни савдои чакана, аз ҷумла бозорҳо, марказҳои савдо, супермаркетҳо ва

гипермаркетҳо пешниҳод карда мешавад. Таваҷҷӯҳи махсус ба нақши онлайн маркетинг ва технологияҳои рақамӣ ҳамчун омили баланд бардоштани рақобатпазирӣ ва рушди устувори корхонаҳои чакана равона карда шудааст.

Калимаҳои калидӣ: стратегияи таблиғ, корхонаҳои савдо, самаранокии фаъолият, интернет-маркетинг, рақобатпазирӣ, рақамикунонӣ, Ҷумҳурии Тоҷикистон.

ВЛИЯНИЕ СТРАТЕГИИ ПРОДВИЖЕНИЯ ТОВАРА НА ЭФФЕКТИВНОСТЬ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ ТОРГОВЫХ ПРЕДПРИЯТИЙ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

АХМЕДОВА АДИБАХОН ЮСУФДЖОНОВНА
Старший преподаватель кафедры товароведения и таможенной деятельности ДИС ТГУТТ
Адрес: г. Худжанд, улица Пайрав Сулаймони №4, учебное здание №4
Тел.: (+992) 929-08-10-75. **E-mail:** adiba1987002gmail.com

Аннотация. В статье исследуется влияние стратегии продвижения товара на эффективность деятельности торговых предприятий Республики Таджикистан в условиях цифровой экономики. Рассматриваются основные инструменты продвижения и их воздействие на финансовые, рыночные и имиджевые показатели деятельности предприятий. Проведён сравнительный анализ стратегий продвижения товаров в различных форматах торговли, включая рынки, торговые центры, супермаркеты и гипермаркеты. Особое внимание уделяется роли интернет-маркетинга и цифровых технологий как факторов повышения конкурентоспособности и устойчивого развития торговых предприятий.

Ключевые слова: стратегия продвижения, торговые предприятия, эффективность деятельности, интернет-маркетинг, конкурентоспособность, цифровизация, Республика Таджикистан.

THE IMPACT OF PRODUCT PROMOTION STRATEGY ON THE PERFORMANCE OF RETAIL ENTERPRISES IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

AKHMEDOVA ADIBAKHON YUSUFJONOVNA
Senior Lecturer of the Department of Commodity Science and Customs Affairs, DIS TSUET
Address: Khujand city, Payrav Sulaymoni Street No. 4, Academic Building No. 4
Phone: (+992) 929-08-10-75. **E-mail:** adiba1987002gmail.com

Abstract. This article examines the impact of product promotion strategy on the performance of retail enterprises in the Republic of Tajikistan in the digital economy. It examines the main promotion tools and their impact on the financial, market, and image performance of enterprises. A comparative analysis of product promotion strategies in various retail formats, including markets, shopping centers, supermarkets, and hypermarkets, is provided. Particular attention is paid to the role of online marketing and digital technologies as factors in enhancing the competitiveness and sustainable development of retail enterprises.

Keywords: promotion strategy, retail enterprises, performance, online marketing, competitiveness, digitalization, Republic of Tajikistan.

Муқаддима. Дар шароити тағйирёбии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва афзоиши рақобат дар бозори дохилӣ, масъалаи баланд бардоштани самаранокии корхонаҳои савдои чакана хеле муҳим аст. Таҷриба нишон медиҳад, ки истеҳсол ва фурӯши молҳо бе истифодабарии фаъоли воситаҳои маркетинг рушди устувор ва рақобатпазирии субъектҳои соҳибкориро пурра таъмин карда наметавонад. Навгонии илмии таҳқиқоти мазкур дар муайян кардани робитаи байни шаклҳои нуқтаи фурӯши чакана ва самаранокии стратегияҳои таблиғи маҳсулоти он дар заминаи рақамикунонии иқтисодиёт дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Аҳамияти амалии он дар татбиқи эҳтимолии натиҷаҳо ва тавсияҳо барои фурӯшандагон ҳангоми таҳия ва танзими стратегияҳои таблиғи маҳсулоти онҳо ифода меёбад.

Илова бар ин, навгонии илмии таҳқиқот дар банизомдарории воситаҳои таблиғи маҳсулот бо назардошти хусусиятҳои инфрасохтори тиҷоратии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва сатҳи рушди рақамии корхонаҳои савдои чакана мебошад, ки имкон медиҳад равишҳои классикии маркетингӣ ба шароити иқтисоди миллӣ мутобиқ карда шаванд.

Мақсади тадқиқот. Омӯзиши назариявӣ ва таҳлили амалӣ намудани таъсири стратегияҳои гуногуни таблиғи маҳсулот ба сатҳи самаранокии фаъолияти корхонаҳои савдо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, муайян кардани омилҳои асосии баланд бардоштани фурӯш, ҷалби муштариён ва беҳсозии нишондиҳандаҳои иқтисодии корхонаҳо, инчунин таҳияи тавсияҳо оид ба такмили сиёсати таблиғотӣ дар шароити бозори муосир.

Натиҷаи тадқиқот. Дар рафти тадқиқот муайян гардид, ки истифодаи стратегияҳои муосири таблиғи маҳсулот (аз ҷумла рекламаи рақамӣ, маркетинги шабакаҳои иҷтимоӣ, аксияҳо ва тахфифҳо, инчунин таблиғоти анъанавӣ) ба сатҳи самаранокии фаъолияти корхонаҳои савдо таъсири мустақим ва мусбат мерасонад.

Таҳлилҳо нишон доданд, ки корхонаҳое, ки таблиғоти мунтазам ва мақсаднокро истифода мебаранд, афзоиши ҳаҷми фурӯш, баланд шудани сатҳи шинохташавии бренд ва зиёдшавии ҷалби мизоҷонро таҷриба мекунанд. Ҳамзамон, истифодаи воситаҳои рақамии таблиғот дар муқоиса бо усулҳои анъанавӣ самаранокии баландтар дошта, хароҷоти маркетингиро нисбатан коҳиш медиҳад. Натиҷаҳои тадқиқот инчунин собит карданд, ки самаранокии таблиғот аз омилҳое мисли сифати маҳсулот, интихоби дурусти аудиторияи мақсаднок, мунтазамӣ ва эҷодкорӣ дар паёмҳои рекламавӣ вобастагии зич дорад.

Муҳокимаи натиҷаҳо нишон медиҳад, ки стратегияи таблиғи маҳсулот яке аз омилҳои калидии баланд бардоштани самаранокии фаъолияти корхонаҳои савдо ба ҳисоб меравад. Дар шароити бозори рақобатноки Ҷумҳурии Тоҷикистон, корхонаҳое, ки ба банақшагирии дуруст ва истифодаи мақсадноки воситаҳои таблиғотӣ диққат медиҳанд, ба натиҷаҳои беҳтари иқтисодӣ ноил мегарданд.

Натиҷаҳои тадқиқот бо андешаҳои муҳаққиқони соҳаи маркетинг мувофиқат мекунанд, ки таблиғотро ҳамчун воситаи муҳими таъсиррасонӣ ба рафтори истеъмолкунандагон ва афзоиши талабот арзёбӣ мекунанд. Ҳамзамон, маълум гардид, ки самаранокии таблиғот на танҳо ба ҳаҷми маблағгузорӣ, балки ба сифати паёми рекламавӣ, интихоби дурусти каналҳои иртиботӣ ва мутобиқати он ба талаботи аудитория вобаста мебошад.

Аҳамияти амалии кор дар имконияти истифодаи хулосаҳо ва тавсияҳои бадастовардашуда дар фаъолияти корхонаҳои савдо ҳангоми таҳия ва коркарди стратегияҳои таблиғи маҳсулот мебошад.

Дар рафти таҳқиқот усулҳои таҳлил ва синтез, таҳлили муқоисавӣ, умумигардонии сарчашмаҳои илмӣ ва моделсозии мантиқӣ истифода шуданд.

Дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олӣ қайд карда шудааст, ки “ташаккули «иқтисоди сабз», суръат бахшидани раванди рақамикунонии иқтисодиёт, инкишофи неруи инсонӣ, баланд бардоштани рақобатнокии маҳсулотҳои ватанӣ, тақвияти имкониятҳои содиротии мамлакат ва беҳтар гардонидани сифати хизматрасониҳои иҷтимоиро аз ҷумлаи масъалаҳои афзалиятнок эълон кардем” [2]. Татбиқи ин афзалиятҳо мустақиман бо ҷорӣ намудани стратегияҳои муосири таблиғоти маҳсулот, аз ҷумла онлайн-маркетинг алоқаманд аст, ки ба фурӯшандагон имкон медиҳад, ки ба шароити нави иқтисодӣ мутобиқ шаванд ва самаранокии худро беҳтар кунанд.

Бинобар ин, омӯзиши таъсири стратегияи таблиғоти маҳсулот ба фаъолияти корхонаҳои савдо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон вазифаи муҳими илмӣ ва амалӣ мебошад.

Фаъолияти корхонаи чакана як категорияи мураккаби иқтисодӣ мебошад, ки дараҷаи ноил шудан ба ҳадафҳои онро ба воситаи истифодаи оқилонаи захираҳои моддӣ, молиявӣ ва меҳнатӣ тасвир мекунад. Дар таҳқиқоти илмӣ, самаранокӣ бо истифода аз системаи нишондиҳандаҳои ба ҳам алоқаманд, ки ҳам натиҷаҳои иқтисодӣ ва ҳам мавқеи ширкатро дар бозор тавсиф мекунанд, баррасӣ карда мешавад [8].

Ҷадвали 1. Нишондиҳандаҳои асосии фаъолияти корхонаи савдо

Гурӯҳи нишондиҳандаҳо	Хусусият
Молиявӣ	Даромад, фоида, фоиданокӣ
Истеҳсолӣ	Гардиши захираҳои молӣ, хароҷоти муосилот
Бозорӣ	Ҳаҷми фурӯш, саҳми бозор
Нуфузӣ	Огоҳии бренд, вафодории истеъмолкунандагон

Сарчашма: таҳияи муаллиф дар асоси таҳқиқот

Истифодаи ин нишондиҳандаҳо имкон медиҳад, ки таъсири стратегияҳои таблиғоти маҳсулот ба фаъолияти корхонаҳои савдои чакана ба таври ҳамаҷониба баррасӣ карда шавад.

Стратегияи таблиғи маҳсулот маҷмӯи фаъолиятҳоест, ки барои пайдоиши талабот, ҳавасмандгардонии фурӯш ва барқарор кардани муоширати устувор бо истеъмолкунандагон равона шудаанд. Татбиқи стратегияи таъсирбахши таблиғот ба зиёдшавии ҳаҷми фурӯш ва даромад таъсири бевосита дошта, ба ташаккули нуфузи мусбати корпоративӣ ва тақвияти мавқеи он дар бозор таъсири ғайримустақим мерасонад [7].



Расми 1. Таъсири стратегияи таблиғоти маҳсулот ба фаъолияти корхонаи савдо
Сарчашма: таҳияи муаллиф дар асоси таҳқиқот

Диаграммаи пешниҳодшуда робитаи байни стратегияи пешбурди маҳсулот ва нишондиҳандаҳои асосии фаъолияти корхонаи савдои чаканаро инъикос мекунад ва таъсири мунтазами воситаҳои маркетингро ба рафтори истеъмолкунандагон ва натиҷаҳои иқтисодӣ нишон медиҳад.

Чорчӯбаи пешниҳодшуда имкон медиҳад, ки раванди таҳияи стратегияи пешбурди маҳсулот дар шакли алгоритми қадам ба қадам таҳия ва пешниҳод гардад:таҳлили бозор ва истеъмолкунандагон → интихоби воситаҳои пешбурди маҳсулот → татбиқи фаъолиятҳои маркетингӣ → арзёбии самаранокӣ ва танзими стратегия. Истифодаи ин алгоритм ба фурӯшандагон имкон медиҳад, ки самаранокии қарорҳои идоракунии маркетингии худро беҳтар кунанд.

Дар Паёми худ ба Маҷлиси Олӣ Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон чунин таъкид намудаанд, ки “...идоракунии самараноки иқтидорҳои мавҷуда, ташкили корхонаҳои истеҳсолӣ ва таъсис додани ҷойҳои кории нав, баланд бардоштани рақобатнокии маҳсулоти ватанӣ ва тақвияти иқтидори содиротии мамлакат таъмин карда шавад”. Дар ин замина, “...стратегияи пешбурди маҳсулот ҳамчун воситаи муҳим барои ноил шудан ба ин ҳадафҳо хизмат мекунад, зеро он ба густариши бозорҳо мусоидат карда, ба афзоиши ҳаҷми фурӯш замина фароҳам меорад ва барои рушди устувори корхонаҳои савдои чакана шароити мусоиди иқтисодиро таъмин менамояд” [1, 2].

Самаранокии стратегияи таблиғи маҳсулот асосан аз шакли корхонаи савдои чакана муайян карда мешавад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар баробари бозорҳои анъанавӣ, марказҳои савдо, супермаркетҳо ва гипермаркетҳо босуръат рушд мекунанд, ки бо истифодаи воситаҳои маркетингӣ ва технологияҳои рақамӣ фарқ мекунанд.

Дар бозорҳои муқаррарӣ таблиғи маҳсулот асосан тавассути фурӯши шахсӣ ва рақобати нархӣ ба даст оварда мешавад. Ин шакл бо истифодаи маҳдуди коммуникатсияҳои маркетингӣ ва сатҳи пасти ташаккули бренд фаҳмида мешавад.

Қайд кардан бамаврид аст, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон бо омезиши шаклҳои муқаррарии савдо ва форматҳои муосири савдои чакана тавсиф мешавад, ки ин барои таҳияи стратегияи таблиғотӣ равиши чандирро талаб мекунад. Бо назардошти саҳми назарраси бозорҳо ва нуқтаҳои хурди савдои чакана дар тақсимоти маҳсулот, татбиқи воситаҳои таблиғотии дастрасу мутобиқ ба хусусиятҳои бозорҳои маҳаллӣ ва талаботи истеъмолкунандагон барои ноил шудан ба натиҷаҳои самараноки маркетингӣ аҳаммияти калон дорад.

Дар марказҳои савдо стратегияи таблиғ тавассути истифодаи мерчандайзинги визуалӣ, аксияҳои рекламавӣ ва чорабиниҳои маркетингӣ характери систематикӣ пайдо мекунанд. Аммо, самаранокии таблиғот асосан аз консепсияи умумии маркази савдо ва фаъолиятҳои маркетингии иҷорагирон вобаста аст.

Ҷадвали 2. Хусусиятҳои муқоисавии стратегияҳои пешбурди маҳсулот дар шаклҳои гуногуни савдои чакана

Нишондиҳанда	Бозорҳо	Марказҳои савдо	Супермаркетҳо	Гипермаркетҳо
Воситаҳои асосии пешбурд	Фурӯши мустақим, нарх	Маркетинги намоишӣ, таблиғот	Реклама, барномаҳои садоқатмандии муштариён	Маркетинги ҳамгирошуда
Истифодаи интернет-маркетинг	Паст	Миёна	Баланд	Хеле баланд
Сатҳи ташаккули бренд	Паст	Миёна	Баланд	Хеле баланд
Таъсир ба ҳаҷми фурӯш	Маҳдуд	Миёна	Баланд	максимум

Сарчашма: таҳияи муаллиф дар асоси таҳқиқот

Сатҳи баландтарини самаранокии стратегияи таблиғотӣ дар супермаркетҳо ва гипермаркетҳо мушоҳида мешавад, ки дар онҳо равиши ҳамгирошудаи маркетинг, аз ҷумла барномаҳои садоқатмандӣ, чорабиниҳои таблиғотӣ ва шабакаҳои рақамии муошират истифода мешавад.

Маълумоти ҷадвал робитаи мустақимро байни сатҳи рушди формати тиҷорат ва самаранокии стратегияи таблиғи маҳсулот нишон медиҳад.

Дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт, рушди интернет-маркетинг ҳамчун яке аз воситаҳои сахттаъсири таблиғи маҳсулот аҳамияти хоса пайдо мекунад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, барои корхонаҳои савдои чакана истифодаи шабакаҳои таблиғоти рақамӣ ҳамчун роҳи арзон ва муассири васеъ намудани бозори фурӯш аҳаммияти бештар пайдо мекунад [10].

Интернет - маркетинг унсури муҳими стратегияи муосири таблиғотӣ буда, имкон медиҳад, ки бозор васеъ карда шуда, хароҷот ба низом дароварда шавад ва рақобатпазирии фурӯшандагон баланд гардад.

Дар Паёми худ ба Маҷлиси Олӣ Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон чунин таъкид намудаанд, ки “дар масъалаи гузариш ба низоми пардохтҳои ғайринақдӣ барои ноил гардидан ба устувории молиявии давлат ва рушди иқтисодӣ нақши муҳим дорад” [2].

Татбиқи ин равиш шаффофияти муомилоти тиҷоратиро афзоиш дода, имкониятҳои онлайн-маркетингро васеъ мекунад ва самаранокии корхонаҳои чакана, бахусус дар бахшии супермаркетҳо ва гипермаркетҳоро беҳтар мекунад.



Расми 2. Нақши интернет - маркетинг дар баланд бардоштани самаранокии корхонаҳои савдои чакана

Сарчашма: таҳияи муаллиф дар асоси таҳқиқот

Истифодаи шабакаҳои иҷтимоӣ, таблиғоти онлайн ва платформаҳои тиҷорати рақамӣ ба тиҷорат имкон медиҳад, ки бо истеъмолкунандагон зуд муошират кунанд, афзалиятҳои онҳоро ба назар гиранд ва паёмҳои маркетингиро дар вақти воқеӣ мутобиқ созанд, ки афзоиши фурӯш ва рақобатпазириро таъмин мекунад.

Шабакаҳои иҷтимоӣ имкон медиҳанд, ки корхонаҳои савдои чакана аз аудиторияи худ фикру мулоҳизаҳоро ҷамъ кунанд. Ширкатҳо метавонанд пурсишҳо гузаронанд, озмунҳо баргузор кунанд ва ҳатто аз муштариён фикру мулоҳизаҳои мустақим гиранд. Ин ба онҳо имкон медиҳад, ки нуқсонҳоро муайян кунанд ва маҳсулот ё хидматҳои худро беҳтар созанд. Умуман, шабакаҳои иҷтимоӣ ба як воситаи пуриқтидори тиҷорат табдил ёфтаанд. Онҳо ба маркетологҳо имкон медиҳанд, ки ба аудиторияи васеъ дастрасӣ пайдо кунанд, бо муштариён муоширати мустақим барқарор кунанд ва имкониятҳо барои рушд ва пешрафт фароҳам оранд. Бо вуҷуди ин, муҳим аст, ки барои ба даст овардани ҳадди аксар фоида аз истифодаи шабакаҳои иҷтимоӣ дар тиҷорат зарурати равиши стратегӣ ва таҳлили натиҷаҳоро дар хотир дошта бошанд [9].

Аммо, татбиқи онлайн-маркетинг дар савдои чакана дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо як қатор маҳдудиятҳо рӯбарӯ аст, аз ҷумла нокифоя будани малакаҳои рақамӣ дар байни кормандон, дастрасии нобаробар ба инфрасохтори рақамӣ ва захираҳои маҳдуди молиявӣ. Ба назар гирифтани ин омилҳо барои таҳияи стратегияи муассир ва устувори таблиғоти маҳсулот муҳим аст.

Ҳамин тариқ, қайд намудан зарур аст, ки стратегияҳои таблиғоти маҳсулот ба фаъолияти корхонаҳои савдои чакана дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсири назаррас ва бисёрҷониба доранд. Стратегияи оқилона тарҳрезишудаи таблиғот ба беҳтар шудани фаъолияти молиявӣ, мустаҳкамтар шудани мавқеи бозор ва рушди бартариҳои рақобатпазирии устувор мусоидат мекунад.

Таҳлили муқоисавии шаклҳои гуногуни савдои чакана нишон медиҳад, ки бо гузариши бозорҳои муқаррарӣ ба форматҳои муосир, ба монанди супермаркетҳо ва гипермаркетҳо, нақши иртиботҳои маркетингии муттаҳид ва онлайн-маркетинг баланд мегардад. Ин инъикоси тағйироти доимии бахши савдои чакана ва зарурати мутобиқ кардани стратегияҳои таблиғотӣ ба иқтисоди рақамӣ мебошад.

Нақши онлайн-маркетинг дар баланд бардоштани самаранокии савдои чакана, васеъ кардани бозорҳои фурӯш, кам кардани хароҷоти таблиғот ва баланд бардоштани рақобатпазирии маҳсулоти ватанӣ хеле муҳим аст.

Татбиқи самтҳои афзалиятноке, ки дар Паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон зикр гардидаанд, аз ҷумла "рақамикунонии иқтисодиёт ва густариши пардохтҳои ғайринақдӣ, барои фароҳам овардани шароити мусоид ҷиҳати рушди устувори савдои чакана ва таҳкими иқтидори иқтисодии кишвар мусоидат менамояд" [2].

Хулоса. Дар натиҷаи омӯзиш ва таҳлили мавзӯи «Таъсири стратегияи таблиғи маҳсулот ба самаранокии корхонаҳои савдо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки стратегияи дурусти таблиғотӣ яке аз омилҳои муҳими баланд бардоштани самаранокии фаъолияти корхонаҳои савдо ба ҳисоб меравад.

Тадқиқот нишон дод, ки истифодаи воситаҳои муосири таблиғот, аз ҷумла маркетинги рақамӣ, шабакаҳои иҷтимоӣ ва рекламаи мақсаднок, ба афзоиши ҳаҷми фурӯш, ҷалби муштариёни нав ва беҳтар гардидани шинохташавии бренд мусоидат мекунад. Ҳамзамон, омезиши усулҳои анъанавӣ ва рақамии таблиғот самаранокии бештарро таъмин менамояд.

Натиҷаҳои бадастовардашударо метавонанд корхонаҳои савдои чаканаи кишвар ҳангоми интихоби шакли таблиғи маҳсулот, инчунин ҳангоми таҳияи барномаҳои маркетинги рақамӣ, бо назардошти сатҳи рушди инфрасохтори тиҷоратӣ ва аудиторияи мақсаднок, истифода баранд.

АДАБИЁТ:

1. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» аз 28.12.2023. – Душанбе, 2023.
2. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» аз 28.12.2024. – Душанбе, 2024.
3. Абдуллоев А.А. Маркетинг в системе развития торговли Республики Таджикистан: Монография. – Душанбе: Ирфон, 2018. – 212 с.
4. Джураев К.Р. Роль цифровых технологий в развитии торговых предприятий Республики Таджикистан // Вестник экономики и предпринимательства. – 2023. – № 3. – С. 29–35.
5. Доклады и аналитические материалы по развитию цифровой экономики и электронной коммерции в Республике Таджикистан. – Душанбе: Министерство экономического развития и торговли РТ, 2021. – 156 с.
6. Зокиров Б.Б. Современные методы продвижения товаров на внутреннем рынке Республики Таджикистан // Материалы республиканской научно-практической конференции. – Душанбе, 2022. – С. 64–69.
7. Котлер Ф. Маркетинг. Менеджмент: учеб. пособие. – М.: Питер, 2019. – 816 с.
8. Ламбен Ж.Ж. Стратегический маркетинг: учеб. пособие. – СПб.: Наука, 2018. – 589 с.
9. Лутфулоев М.Д. Цифровизация маркетинга: проблемы и тенденции развития // Вестник Таджикского государственного университета коммерции. – 2024. – № 1(51). – EDN DMRXFU.
10. Научные труды отечественных исследователей по проблемам маркетинга и экономики Республики Таджикистан: сб. науч. ст. – Душанбе, 2020. – 240 с.
11. Негматов М.С. Интернет-маркетинг как фактор повышения конкурентоспособности предприятий торговли // Научные труды Таджикского технического университета. – 2021. – № 1. – С. 87–93.
12. Саидов Н.Н., Рахмонов Ф.Р. Развитие торговых предприятий в условиях рыночной экономики Таджикистана // Вестник Таджикского государственного университета. – 2019. – № 4. – С. 112–118.
13. Хайдаров Ш.К. Цифровая экономика и перспективы развития торговли в Республике Таджикистан // Экономика и управление. – 2020. – № 2. – С. 45–52.

УДК 338.46:004.9

ИННОВАЦИОННАЯ ПАРАДИГМА СОЦИАЛЬНО ЗНАЧИМЫХ УСЛУГ В УСЛОВИЯХ ЦИФРОВИЗАЦИИ ЭКОНОМИКИ

АХМАДОВ РАХИМДЖОН РАДЖАБОВИЧ
Кандидат экономических наук, доцент кафедры государственного и местного управления Таджикского национального университета.
Адрес: 734025, г. Душанбе, Республика Таджикистан, проспект Рудаки, 17.
Тел.: (+992) 919-20-20-66. **E-mail:** 0609.ru@mail.ru

Аннотация. В статье рассмотрены научно-теоретические аспекты инновационной парадигмы социально значимых услуг в условиях цифровизации национальной экономики. Обосновано, что социально значимые услуги обусловлены эффективной переориентации цифровой трансформации, разработке инновационных механизмов управления финансами, систематизации рыночных элементов, с учетом изменчивости конъюнктуры рынка услуг, а также моделирование цифровых инструментов развития образовательных и медицинских услуг. Разработан методический подход формирования инновационной парадигмы социально значимых услуг, с учетом логического построения организационно-экономических принципов и механизмов. Выявлены особенности инновационного развития социально значимых услуг в системе национальной экономики, обеспечивающие рост человеческого потенциала в процессе трансформации цифровой экономики.

Обосновано, что инновационная парадигма социально значимых услуг обеспечивает новые горизонты социально-экономического развития страны, способствует расширению масштаба рынка социальных услуг, стимулирует к качественному и эффективному предоставлению услуг за счет внедрения современных цифровых инноваций и влияет на рост человеческого капитала. Предложено формирование современной модели рынка цифровых социальных услуг в объединённом формате системы образования и здравоохранения, адаптирующие новыми инновационными и цифровыми изменениями, способствующие усилению процессов разработки и внедрения инновационных методов производства и предоставления социально значимых услуг, фокусом на экономику знаний для инновационных инициатив, креативных мышлений и бизнес идей, а также для выработки новых финансовых инструментов инновационного развития социально значимых услуг.

Ключевые слова: услуга, рынок, инновационная парадигма, цифровизация, социально значимые услуги, образовательные услуги, медицинские услуги, инновационные инициативы, цифровая платформа.

ПАРАДИГМАИ ИННОВАТСИОНИИ ХИЗМАТҲОИ МУҲИМИ ИҶТИМОӢ ДАР ШАРОИТИ РАҚАМИКУНОНИИ ИҚТИСОДИЁТ

АҲМАДОВ РАҲИМҶОН РАҶАБОВИЧ
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи идоракунии давлатӣ ва маҳаллии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.
Суроға: 734025, ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Рӯдакӣ, 17.
Тел.: (+992) 919-20-20-66. **E-mail:** 0609.ru@mail.ru

Аннотатсия. Дар мақолаи мазкур ҷанбаҳои илмӣ ва назариявии парадигмаи инноватсионии хизматҳои муҳими иҷтимоӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёти миллӣ баррасӣ карда шудааст. Асоснок карда шудааст, ки хизматҳои муҳими иҷтимоӣ бо самти самарабахши трансформатсияи рақамӣ, таҳияи механизмҳои инноватсионии идоракунии молиявӣ, ба низом даровардани унсурҳои бозор бо дарназардошти ноустувории вазъи бозори хизматрасонӣ, инчунин моделсозии воситаҳои рақамӣ барои рушди хизматҳои таълимӣ ва тиббӣ вобастаанд. Равиши методологӣ ба ташаккули парадигмаи инноватсионии хизматҳои

муҳими иҷтимоӣ бо назардошти тартиби пайдарҳамии мантиқии принсипҳо ва механизмҳои ташкилию иқтисодӣ таҳия шудааст. Хусусиятҳои рушди инноватсионии хизматҳои муҳими иҷтимоӣ дар системаи иқтисоди миллӣ, таъмини афзоиши нерӯи инсонӣ дар раванди трансформатсияи иқтисодиёти рақамӣ муайян карда шудаанд.

Асоснок карда шудааст, ки парадигмаи инноватсионии хизматҳои муҳими иҷтимоӣ барои рушди иҷтимоию иқтисодии кишвар уфуқҳои нав фароҳам оварда, ба тавсеаи бозори хизматҳои иҷтимоӣ мусоидат намуда, пешниҳоди сифат ва самаранокии хизматрасониро тавассути ҷорӣ намудани навовариҳои муосири рақамӣ ҳавасманд намуда, ба афзоиши сармояи инсонӣ таъсир мерасонад. Ташаккули модели муосири бозори хизматрасониҳои иҷтимоии рақамӣ дар системаҳои ягонаи маориф ва тандурустӣ, мутобиқ шудан ба тағйироти нави инноватсионӣ ва рақамӣ, мусоидат ба таҳкими равандҳои таҳия ва татбиқи усулҳои инноватсионии истеҳсолот ва пешниҳоди хизматҳои муҳими иҷтимоӣ таваҷҷӯҳ ба иқтисодиёти дониш барои ташаббусҳои инноватсионӣ, тафаккури эҷодӣ ва идеяҳои тиҷоратӣ, таҳияи афзорҳои нави молиявӣ барои рушди инноватсионии хизматҳои муҳими иҷтимоӣ пешниҳод карда шудааст.

Калидвожаҳо: хизматрасонӣ, бозор, парадигмаи инноватсионӣ, рақамикунонӣ, хизматҳои муҳими иҷтимоӣ аҳамиятнок, хизматҳои таълимӣ, хизматҳои тиббӣ, ташаббуси инноватсионӣ, платформаи рақамӣ.

INNOVATIVE PARADIGM OF SOCIALLY SIGNIFICANT SERVICES IN THE CONTEXT OF DIGITALIZATION OF THE ECONOMY

AKHMADOV RAKHIMDZHON RADZHABOVICH
Tajik National University, Candidate of Economic Sciences,
Associate Professor of the Department of State and Local Administration.
Address: 734025, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Rudaki Avenue, 17.
Phone: (+992) 919-20-20-66**. E-mail:** 0609.ru@mail.ru

Abstract. This article examines the scientific and theoretical aspects of the innovative paradigm of socially significant services in the context of the digitalization of the national economy. It is substantiated that socially significant services are conditioned by the effective reorientation of digital transformation, the development of innovative financial management mechanisms, the systematization of market elements, taking into account the volatility of the services market situation, as well as the modeling of digital tools for the development of educational and medical services. A methodological approach to the formation of an innovative paradigm of socially significant services has been developed, taking into account the logical construction of organizational and economic principles and mechanisms. The features of innovative development of socially significant services in the national economic system, ensuring the growth of human potential in the process of transformation of the digital economy, are identified.

It is substantiated that the innovative paradigm of socially significant services provides new horizons for the country's socio-economic development, contributes to the expansion of the social services market, stimulates high-quality and efficient provision of services through the introduction of modern digital innovations, and will influence the growth of human capital. The formation of a modern model of the digital social services market in the unified education and healthcare systems is proposed, adapting to new innovative and digital changes, contributing to the strengthening of the processes of development and implementation of innovative methods of production and provision of socially significant services, focusing on the knowledge economy for innovative initiatives, creative thinking, and business ideas, and for developing new financial instruments for the innovative development of socially significant services.

Key words: service, market, innovative paradigm, digitalization, socially significant services, educational services, medical services, innovative initiative, digital platform.

Введение. Современные тренды цифрового развития предполагают логические подходы научно обоснованных идей и инициатив инновационного развития социально значимых услуг, особенно в процессе цифровой трансформации, где главным контуром является обеспечение социально-экономического развития страны. Инновационная парадигма социально значимых услуг обусловлена эффективной переориентации цифровой трансформации, разработке инновационных механизмов управления финансами, систематизации рыночных элементов, с учетом изменчивости конъюнктуры рынка услуг, а также моделированию цифровых инструментов развития образовательных и медицинских услуг, которые являются основным компонентом социально значимых услуг. Исходя из этого, в связи с переориентацией экономических моделей на новые горизонты цифрового развития, актуализируется исследование вопросов инновационной парадигмы социально значимых услуг на основе цифровизации экономики, как в научных кругах, так и на рынке социальных услуг.

«… первостепенное внимание необходимо уделить вопросам развития человеческого капитала, укреплению производственных мощностей и использованию современных технологий, налаживанию производства конкурентоспособной продукции с высокой добавочной стоимостью, связи науки с производством и формированию экономики, основанной на знаниях, изобретательствах и новаторствах» [12].

Методы исследования. Глобализационный контур рынка услуг связанный инновационными процессами, способствует разработка эффективных концепций, модели и цифровой архитектуры развития социально значимых услуг. Социально значимые услуги, как образовательные и медицинские в любой современной экономике являются основой зарождения социально-экономического развития. Социально значимые услуги в контексте государственной социальной политики направлены на обеспечение базовых условий жизнедеятельности людей, которыми являются услуги сферы образования и сферы здравоохранения. Общепринято, что образовательные и медицинские услуги фундаментально фокусируются на социальное развитие общества, в отличие от других отраслей экономики чувствительными являются рыночные явления, цифровизации и инновационные передвижения.

Следует отметить, что многие страны мира, Таджикистан в особенности, с учетом изменчивости конъюнктуры рынка услуг, следом за ней динамичный рост потребности населения, периодичное совершенствование рыночных механизмов разрабатывали свои национальные инновационные парадигмы основывающиеся на экономике знаний, инновационных инициатив и различных бизнес моделей.

В условиях технологического и инновационного развития экономики основной предпосылкой инновационного развития социально значимых услуг в процессе формирования модели цифровой экономики становится объединение информационных систем данных сфер для образования отдельной платформы, аккумулирующей информационные данные, с целью обеспечения инновационного развития социально значимых услуг в контексте цифровой экономики [1, с. 61].

Институциональные и организационно-финансовые основы инновационной парадигмы социально значимых услуг в условиях цифровизации зависит от принятых нормативно-правовых актов и успешной их реализации. На сегодняшний день, в Республике Таджикистане принят ряд стратегических документов, обосновывающие формирование инфраструктуры инновационного развития социально значимых услуг, особенно образовательные и медицинские услуги, способствующие социально-экономическому развитию страны на долгосрочной перспективе.

Основополагающим документом инновационного развития социально значимых услуг в условиях цифровизации национальной экономики является «Национальная стратегия развития Республики Таджикистан на период до 2030» года, Стратегия развития «зелёной» экономики в Республике Таджикистан на 2023-2037 годы, Национальная стратегия развития образования Республики Таджикистан на период до 2030 года, Стратегия охраны здоровья

населения Республики Таджикистан на период до 2030 года, Закон Республики Таджикистан «О научной деятельности и государственной научно-технической политике», Закон Республики Таджикистан «Об инновационной деятельности», Концепция цифровой экономики в Республике Таджикистан и другие.

Следует отметить, что основной фокус стратегических документов направлено на устойчивое развитие национальной экономики, через призму доступности качественного образования и внедрение инновационно-креативных методов предоставления образовательных услуг. Рыночные механизмы и изменчивость характера рынков услуг и труда предполагают подготовку профессиональных кадров во всех отраслях экономики, с учетом современных требований рынка труда. Особенно, когда наряду с трансформацией цифровизации экономики, структура рынка труда существенно меняется и появляются новые формы занятость, требовательным становится внедрения инноваций в процессе предоставления образовательных услуг. «Необходимость формирования устойчивых компетенций и инноваций становится принципиально важным условием обеспечения реального и долгосрочного прогресса. При этом речь идет не только о повышении доступа к образованию и инновациям, но и о качестве образования и результативности науки» [9, с. 43]. В связи с этим, назревает необходимость совершенствования системы образования и организационные механизмы предоставления образовательных услуг на рынке. Весьма требовательным становится подготовка кадров на уровне мирового рынка труда, для сохранения конкурентоспособности отечественного рынка образовательных услуг, что является ключевым фактором инновационного развития социально значимых услуг.

«… становится целесообразным, когда образование инновационных процессов развития социально значимых услуг циркулярно передвигается вместе с поэтапным совершенствованием институциональных аспектов, формированием инновационной инфраструктуры, эффективным использованием интеллектуальной собственности и благоприятной инвестиционной среды, а также активизации экономических отношений государственных органов власти и бизнеса» [2, с. 84].

Пешгуфтор. Дар шароити муосири рушди иқтисодиёти бозорӣ, фаъолияти соҳибкорӣ ҳамчун яке аз омилҳои асосии таъмин намудани рушди устувори иқтисодӣ, таъсиси ҷойҳои корӣ нав, баланд бардоштани шароити зиндагии аҳолӣ ва таҳкими рақобатпазирии иқтисодиёти миллӣ шинохта шудааст. Вобаста ба ин, кишварҳо бо истифода аз роҳу фишангҳои гуногуни иқтисодӣ-ҳуқуқӣ чиҳати муҳайё сохтани муҳити мусоиди соҳибкорӣ тадбирҳои зарурироҳандозӣ мекунанд. Дар шароити имрӯза яке аз чунин воситаҳои муҳим – ин низоми имтиёзҳои гумрукӣ ба ҳисоб меравад, ки ба дастгирии фаъолияти соҳибкорӣ ва ҳавасмандгардонии сармоягузорӣ нигаронида шудааст. Масъалаи дастгирии субъектҳои соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити муносибатҳои иқтисоди бозорӣ ва ҳамгироии тадриҷӣ ба муносибатҳои иқтисодии байналмилалӣ аҳамияти муҳиму зарурӣ касб кардааст. Дар ин раванд, имтиёзҳои гумрукӣ ҳамчун воситаи муҳими сиёсати иқтисодии кишвар чиҳати кам намудани хароҷоти истеҳсолкунандагон, рушди истеҳсолоти ватанӣ ва ҷалби сармояи хориҷию дохилӣ мавриди истифода қарор дода мешаванд. Татбиқи чунин имтиёзҳо ба субъектҳои соҳибкорӣ имконият фароҳам меорад, ки таҷҳизоти технологӣ, ашёи хом ва дигар воситаҳои истеҳсолиро бо хароҷоти камтар ворид кунад, ки дар навбати худ ин ба баланд гардидани самаранокии фаъолияти онҳо мусоидат менамояд.

Муҳимияти дигари мавзуи таҳқиқшаванда инчунин бо он асоснок мешавад, ки дар шароити рақобати афзояндаи бозорҳои ҷаҳонӣ рушди соҳибкорӣ дар дар иқтисодиёти миллӣ бе истифода намудани механизмҳои самараноки дастгирии давлатӣ мушкил аст. Аз ин рӯ, имтиёзҳои гумрукӣ ҳамчун яке аз шаклҳои самаровари дастгирии давлатӣ метавонанд барои ташкили корхонаҳои нав, ҷорӣ намудани технологияҳои инноватсионӣ ва афзоиши иқтидори истеҳсолии ҷумҳурӣ шароити мусоид фароҳам созад. Дар натиҷа, ҳаҷми истеҳсолот дар кишвар афзоиш пайдо намуда, маҳсулоти рақобатпазир ба бозорҳои дохилию хориҷӣ чиҳати қонеъ гардонидани талаботи рӯзафзунӣ аҳолӣ ва бо

мақсади муаррифи кардани истеҳсолоти ватанӣ пешниҳод мегардад. Бояд ҳаминро қайд намуд, ки муҳимияти мавзуи мазкур аз чанд паҳлу арзёбӣ мегардад (Расми 1).

Яке аз воситаҳои асосии сиёсати гумрукӣ имтиёзҳои гумрукӣ аст, ки ба танзими ҷараёнҳои савдои хориҷӣ, дастгирии истеҳсолоти миллӣ ва рушди фаъолияти соҳибкорӣ мусоидат мекунанд. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои охир як қатор тадбирҳо барои беҳтар намудани муҳити соҳибкорӣ амалӣ карда мешаванд.



Расми 1. Ҷиҳатҳои пайдо шудани муҳимияти таҳқиқот дар самти имтиёзҳои гумрукӣ ҷиҳати дастгирии фаъолияти соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

Сарчашма: таҳия ва коркарди муаллифон

Бо вуҷуди ин, механизми истифодаи имтиёзҳои гумрукӣ ҳанӯз ҳам такмилталаб буда, масъалаи систематизатсия ва таснифи онҳо аҳамияти муҳими илмӣ ва амалӣ дорад. Аз ин рӯ, таҳқиқи масъалаи таснифи имтиёзҳои гумрукӣ ва муайян намудани асосҳои назариявӣ ва методологии он барои баланд бардоштани самаранокии сиёсати иқтисодӣ аҳамияти муҳим дорад.

Ҳамин тариқ, аҳамияти мавзуи матраҳшаванда дар он зоҳир мегардад, ки он масъалаҳои муҳими иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва ҳуқуқиро дар бар гирифта, ба таҳқиқи нақши давлат дар ҳавасмандгардонии фаъолияти соҳибкорӣ ва рушди иқтисоди миллӣ равона шудааст. Омӯзиши ҳамаҷонибаи ин масъала барои такмили сиёсати гумрукӣ ва баланд бардоштани самаранокии дастгирии давлатии соҳибкорӣ аҳамияти назариявӣ ва амалӣ дорад.

Методологияи таҳқиқот. Методологияи омӯзиш имконият фароҳам меорад, ки масъалаи таснифи имтиёзҳои гумрукӣ аз нуқтаи назари иқтисодӣ, ҳуқуқӣ ва идоракунӣ ҳамаҷониба таҳқиқ гардида, таъсири онҳо ба рушди фаъолияти соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо истифода аз усулҳои муосири таҳлилӣ, муқоисавӣ ва иқтисодӣ-математикӣ баҳодиҳӣ гардад.

Асоси методологии таҳқиқотро усулҳои умумии илмии таҳлил, муқоиса, ҷамъбаст ва систематизатсияи маълумот ташкил медиҳанд. Ҳангоми анҷом додани таҳқиқот санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла Кодекси гумрукӣ, инчунин маводи таҳлилӣ ва омории

мақомоти гумрукӣ мавриди омӯзиш қарор гирифтанд. Дар раванди таҳқиқот усули таҳлили сохторӣ ва функсионалӣ барои муайян намудани хусусиятҳои асосии имтиёзҳои гумрукӣ истифода гардидааст.

Мақсади мақола аз асоснок намудани зарурати ташаккул ва такмили таснифи илмии имтиёзҳои гумрукӣ ҳамчун воситаи муҳими сиёсати давлатии дастгирии фаъолияти соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон иборат буда, ба муайян намудани меъёрҳои асосии гурӯҳбандии онҳо, арзёбии таъсири имтиёзҳои гумрукӣ ба рушди соҳибкорӣ ва пешниҳоди самтҳои такмили низоми татбиқи онҳо дар шароити рақамикунонӣ ва рушди иқтисоди миллӣ равона шудааст.

Таҳлили адабиёт ва гузориши масъала. Масъалаҳои истифодаи имтиёзҳои гумрукӣ ва нақши онҳо дар рушди иқтисоди миллӣ дар асарҳои як қатор олимони ватанӣ ва хориҷӣ баррасӣ шудаанд. Махсусан, ба ин масъала аз олимони тоҷик: Раҷабов Р.К. [16], Шоҳназари Х.Ғ. [28], Раҳмонов Д.Р. [15], Ҳамитов М.С., Ҳакимзода А. [23], Ашурзода Ш.М. [2], Турсунов Х.М. [21], Намозализода Ш.Н. [13], Ғаюрова Р.С. [6] ва дигарон таҳқиқот анҷом додаанд. Илова бар ин, дар корҳои илмӣ-таҳқиқотии олимони хориҷӣ ба монанди: Халипов С.В. [22], Головинов О.Н., Павловская И.Г. [7], Бакаева О.Ю. [4], Кочубей И.С. [9], Орлова Е.Н. [14], Синенко О.А. [17] таъкид мегардад, ки имтиёзҳои гумрукӣ яке аз воситаҳои муҳими танзими иқтисодӣ ва дастгирии бахшҳои афзалиятноки иқтисодиёт мебошанд.

Тибқи назарияи иқтисодии муосир, имтиёзҳои гумрукӣ ҳамчун механизми ҳавасмандгардонии фаъолияти соҳибкорӣ ва рушди савдои хориҷӣ баромад менамоянд. Онҳо метавонанд ба кам гардидани хароҷоти воридотӣ, ҷалби сармоягузорӣ ва рушди истеҳсолоти ватанӣ мусоидат намоянд. Бо вуҷуди ин, дар адабиёти илмӣ масъалаи таснифи мукаммали имтиёзҳои гумрукӣ, махсусан дар шароити иқтисодиёти миллӣ, ҳанӯз ҳам ба таври кофӣ таҳқиқ нашудааст.

Натиҷаҳои таҳқиқот. Натиҷаҳои таҳқиқот нишон медиҳанд, ки мавҷудияти системаи дақиқи таснифи имтиёзҳои гумрукӣ барои баланд бардоштани самаранокии сиёсати иқтисодӣ аҳамияти калон дорад. Таснифи пешниҳодшуда метавонад ба такмили механизми идоракунии фискалӣ ва беҳтар намудани назорати давлатии истифодаи имтиёзҳо мусоидат намояд. Илова бар ин, татбиқи чунин тасниф метавонад ба баланд бардоштани шаффофияти сиёсати гумрукӣ ва фароҳам овардани шароити мусоид барои рушди фаъолияти соҳибкорӣ мусоидат кунад.

Дар Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ставкаҳои боҷҳои гумрукии содирот чунин дарҷ гардидааст: «имтиёзҳои тарифию гумрукӣ чунин имтиёзе фаҳмида мешавад, ки ҳангоми татбиқи сиёсати тиҷоратии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо тартиби яктарафа шартҳои муносибатҳои мутақобила ё нисбати моли аз сарҳади гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон интиқолшаванда, баргардонидани боҷи қаблан пардохташуда, озод кардан аз пардохти боҷи гумрукӣ, кам кардани меъёри боҷи гумрукӣ, муқаррар намудани квотаҳои тарифӣ барои воридоти (содироти) имтиёзноки мол пешниҳод карда мешавад» [12].

Орлова Е.Н. дар таҳқиқоти худ қайд мекунад, ки «танзими фаъолияти савдои хориҷӣ тавассути имтиёзҳо яке аз самтҳои муҳимтарини танзими гумрукӣ мебошад, зеро некӯаҳволии давлат на танҳо аз вазъи дохилии иқтисодиёт, балки аз сатҳи рушди фаъолияти иқтисодии хориҷӣ, ки бевосита ба рушди он мусоидат мекунад, муайян карда мешавад. Аз нуқтаи назари равишҳо ба танзими фаъолияти иқтисодии хориҷӣ бояд қайд кард, ки дар амалияи хориҷӣ равишҳои протексионистӣ ва фритредерӣ (савдои озод) ташаккул ёфтаанд. Равиши якум муқаррар кардани меъёрҳои баландро ба молҳои воридотӣ пешбинӣ мекунад, ки тавассути он барои рушди истеҳсолоти ватанӣ шароити мусоид фароҳам оварда мешавад. Дар равиши дуюм, баръакс, меъёрҳои пастшудаи боҷҳои воридотӣ бо мақсади ҳавасмандгардонии воридоти молҳои хориҷӣ муқаррар карда мешаванд» [14, с. 135].

Муҳақиқ қайд мекунад, ки «хусусияти имтиёзҳои гумрукӣ дар он аст, ки онҳо метавонанд ҳам барои ҳавасмандгардонии воридоти (содироти) намудҳои алоҳидаи молҳо ва ҳам дар робита бо зарурати риояи принсипҳои ҳуқуқи байналмилалӣ аз ҷониби давлат, масалан, муқаррар кардани меъёрҳои паст ё сифр ҳангоми воридоти молҳо аз кишварҳои рӯ ба тараққӣ ё камтар рушдёфта ва ғайра истифода шаванд» [9, с. 123].

Ҳамитов М.С., Ҳакимзода А. чунин қайд меунанд: «...ҳангоми интиқоли мол аз ҳудуди МОИ берун аз ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон андозҳо ва боҷҳои гумрукӣ ситонида намешавад, ба истиснои хироҷи барасмиятдарории гумрукӣ ва маҳдудиятҳои дорои хусусияти иқтисодидошта. Ҳангоми интиқоли мол аз ҳудуди МОИ ба ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон боҷҳои гумрукӣ ситонида намешаванд, андоз аз арзиши иловашуда аз тарафи харидор пардохт карда мешавад» [23, с. 14].

Муҳақиқони дигари ватанӣ Ашурзода Ш.М., Саидзода Ф.М. чунин дарҷ менамоянд, ки «Ҳукумат дар замони соҳибистиқлолӣ дар доираи сиёсати пешгирифтаи давлат доир ба дастгирии фаъолияти соҳибкориву сармоягузорӣ тадбирҳои зарурӣ амалӣ карда, дар ин самт барои соҳибкорон имтиёзу

сабукиҳои зиёд ҷорӣ намудаанд. Ин сабукиҳо то ба имрӯз зиёда аз 120 намудро ташкил менамояд» [2, с. 117].

Турсунов Х.М. дарҷ мекунад, ки «....умуман, аз натиҷаи таҳлил чунин бар меояд, ки имтиёзҳои андозӣ ва гумрукӣ хислати мусбӣ дошта, аз ҳисоби татбиқи онҳо дар давраи таҳлилӣ нишондиҳандаҳои самаранокии рушди иқтисодии он тамоюли болоравиро дар бар гирифтаанд. Воқеан дуруст аст, ки новобаста аз он ки татбиқи имтиёзҳои андозиву гумрукӣ хароҷоти буҷети давлатӣ маҳсуб меёбад, дар навбати худ боздеҳии он барои зиёд намудани манбаъҳои андозбандӣ дар солҳои минбаъда заминагузор мебошад» [21, с. 407].

Илова бар ин, Низомализода Ш.Н. чунин қайд мекунад, ки «дар таъмини рушди устувори иқтисоди миллӣ таҳкими механизми ҳавасмандгардонии соҳаҳои мухталиф, тақвият додани саҳми бахши хусусӣ ва истифодаи таҷрибаи муосири байналмилалӣ нақши муассир дорад. Имтиёзҳо ва сабукиҳои пешбинишудаи андозӣ ба беҳтаргардонии фазои соҳибкорию сармоягузорӣ ва кам кардани монеаҳои маъмурӣ нигаронида шуда бошад, аз ҷониби дигар хароҷоти андозӣ эътироф гардида, дар сурати ғайримақсаднок истифода шудан, бинобар маҳдудияти сарчашмаҳои андозбандӣ ва дар ин радиф бавуҷудоии мушкилоти молиявӣ дар тавозуни буҷети давлатӣ сарбории иловагиро эҷод менамояд» [13, с. 256].

Ҳамзамон, Раҷабов Р.К. ва Раҷабова Н.Р чунин дарҷ менамоянд, ки «рушди кунунии расмиёти декларатсиякунонии гумрукии электронӣ имкон медиҳад, ки технологияи бақайдгирии автоматӣ ва додани декларатсияи мол бидуни иштироки шахси мансабдори гумрук, инчунин татбиқи маълумоти ҳатмии пешакӣ доир ба молҳо ва всоттаи нақлиёт, инчунин технологияи бақайдгирӣ ва додани ДГЭ, истифодаи технологияи пардохти фаврии боҷҳои гумрукӣ оғоз карда шавад. Декларатсияи гумрукии электронӣ тартиби ояндаи муваффақ ва пешрафта мебошад, аз ин рӯ ҷорӣ ва татбиқи самтҳои асосии такмили он дар шароити муосири рушди иқтисодиёти рақамӣ дар Тоҷикистон афзалиятнок ҳисобида мешавад» [16, с. 25].

Халипов С.В. имтиёзҳои гумрукиро ҳамчун “воситаи ҳуқуқии дастгирии фаъолияти иқтисодии хориҷӣ арзёбӣ мекунад. Ба андешаи ӯ, имтиёзҳо бояд барои рушди иқтисод, ҷалби сармоягузорӣ ва дастгирии соҳаҳои афзалиятнок истифода шаванд, вале онҳо набояд принсипи баробарии иштирокчиёни фаъолияти иқтисодии хориҷиро вайрон кунанд» [22, с. 109]. Муҳақиқони дигар Головинов О.Н., Павловская И.Г. таъкид мекунанд, ки «имтиёзҳои гумрукӣ метавонанд фаъолияти соҳибкориро ҳавасманд созанд, аммо дар сурати назорати нокифоя боиси кам шудани даромади буҷет ва истифодаи нодурусти сабукиҳо мегарданд» [7, с. 165]. Аз ин рӯ, онҳо ҷонибдори механизми шаффофи пешниҳоди имтиёзҳо мебошанд. Илова бар ин, имтиёзҳои гумрукӣ одатан ҳангоми муқаррар кардани қоидаҳои савдо дар доираи қаламрави дорои мақоми махсуси иқтисодӣ истифода мешаванд [17, с. 126]. Таҳлили таҷрибаи амалии татбиқи имтиёзҳои гумрукӣ нишон медиҳад, ки онҳо метавонанд аз рӯйи як қатор меъёрҳо гурӯҳбандӣ карда шаванд. Таснифи имтиёзҳои гумрукӣ дар расми 2 оварда шудааст.



Расми 2. - Таснифи меъёрҳои гурӯҳбандии имтиёзҳои гумрукӣ
Сачашма: дар асоси адабиёти [22, с. 110] аз ҷониби муаллифон омода шудааст.

Чунин тасниф имконият медиҳад, ки сиёсати гумрукӣ ба таври системавӣ ва самаранок амалӣ карда шавад.

Дар адабиёти илмӣ ба имтиёзҳои гумрукӣ ҳама гуна афзалиятҳо (истисноҳо) вобаста ба қоидаҳои муқаррарнамудаи қонунгузории гумрукӣ, аз ҷумла дар соҳаи пардохтҳои гумрукӣ, барасмиятдарории гумрукӣ ва назорати молҳо дохил карда мешаванд (масалан, С.В. Халипов [22], А.А. Артемев, Л. И. Гончаренко [1], Кочубей И. С., Бакаева О. Ю.[10]).

Ҳамин тариқ, имтиёзҳои гумрукиро вобаста ба он, ки дар кадом соҳаи гумрук истисноҳои сабуккунанда дода мешаванд, тасниф кардан мумкин аст. Чунин тақсимоти имтиёзҳо имкон медиҳад, ки имтиёзҳои хусусияти молиявӣ (бо пардохтҳои гумрукӣ алоқаманд) ва хусусияти маъмурӣ (дар соҳаи амалиёти гумрукӣ ва назорати гумрукӣ) ҷудо карда мешаванд (Расми 3).



Расми 3. - Намудҳои имтиёзҳои гумрукӣ.

Сарчашма: тартиби муаллифон дар асоси адабиёт [14, с. 136]

Дар Кодекси гумрукии Иттиҳоди иқтисодии Авруосиё мафҳуми «имтиёзҳои гумрукӣ - ҳамчун имтиёзҳо оид ба ситонидани пардохтҳои гумрукӣ тавассути интиқоли бевоситаи намудҳои пардохтҳои мавҷуда оварда шудааст: имтиёзҳо оид ба пардохти боҷи воридотӣ, содиротӣ, андозҳо, инчунин боҷҳои гумрукӣ» [8] маънидод карда шудааст.

Имтиёзҳо доир ба ситонидани пардохтҳои гумрукӣ, тавре ки қаблан зикр карда шуда буд, тибқи қонунгузории гумрукӣ вобаста ба намуди пардохт ба намудҳои гуногун ҷудо карда мешаванд:

- имтиёзҳои тарифӣ ва преференсияҳо, яъне имтиёзҳо оид ба пардохти боҷҳои воридотӣ ва содиротӣ. «Онҳо метавонанд дар шакли озодкунӣ аз пардохти боҷ, паст кардани меъёри боҷ, муқаррар кардани квотаҳои тарифӣ барои воридоти (содироти) афзалиятноки мол пешниҳод карда шаванд. Инчунин дар адабиёти илмӣ имконияти тағйир додани муҳлати пардохти боҷҳо дар баъзе ҳолатҳо, инчунин баргардонидани боҷи қаблан пардохтшуда ҳамчун имтиёз баррасӣ карда мешавад» [19];
- имтиёзҳои андозӣ (ААИ, аксиз);
- имтиёзҳо оид ба пардохти боҷҳои гумрукӣ (барои амалиёти гумрукӣ, нигоҳдорӣ, ҳамроҳӣ).

Хусусияти фарқкунандаи имтиёзҳои тарифӣ ва преференсияҳо дар асоснокии пешниҳоди онҳо аст. Афзалиятҳои тарифӣ дар шакли меъёрҳои пастшуда, аммо вобаста ба кишвари пайдоиши мол пешниҳод мегардад. Дар ҳамаи ҳолатҳои дигар, вақте ки кишвари пайдоиш омили муайянкунанда нест, афзалиятҳо (истисноҳо) - имтиёзҳои тарифӣ номида мешаванд.

Як гурӯҳ муқақиқони тоҷик чунин қайд мекунанд, ки «саҳми имтиёзҳои тарифии гумрукӣ дар маҷмӯъ ба ҳамаи соҳаҳои иқтисоди миллӣ нақши калиди дорад. Аз он ҷумла, ба рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар кишвар нигаронида шуда, ба вусъат бахшидани иқтидори содиротии мамлакат ва ҷалби бештари сармоягузории дохилию хориҷӣ дар кишвар боис мегардад» [27, с. 105].

Раҳмонов Д.Р. қайд мекунад, ки «имтиёзҳои тарифию андозӣ яке аз воситаҳои муҳимтарини ҳавасмандгардонии сармоягузорони ватанӣ ва хориҷӣ ба ҳисоб меравад» [15, с. 112].

Валиев Н.Ш. дар кори илмии худ қайд менамояд, ки «байни воҳидҳои муҳити беруна ва дохилаи соҳибкории хурд ва инфиродӣ иртиботе вуҷуд дорад, ки онҳо бояд ҳангоми коркарди механизми ташаккулёбии муҳити мусбии соҳибкорӣ барои соҳибкории хурд ва инфиродӣ бояд ба эътибор гирифта шаванд. Ҳангоми пайдо шудани хавфу хатарҳои умумииқтисодӣ (буҳрони иқтисодӣ, монеаҳои беасоси иқтисодӣ – баланд бардоштани боҷу хироҷҳои гумрукӣ, андозҳо, муҷозотҳои иқтисодӣ ва ғ) назорати беасоси сохторҳои гуногуни давлатӣ ва ғайридавлатӣ нисбати фаъолияти соҳибкории хурд ва инфиродӣ, бешубҳа халалдор мешавад ва натиҷаи фаъолияти хоҷагиашон торафт рӯ ба мушкилоти иқтисодӣ – молиявӣ меорад ва ҳамаи ин боиси қатъи фаъолияти онҳо мегардад, ки имрӯз хеле зиёд мушоҳида мешавад» [5, с. 110].

Имтиёзҳои гумрукӣ метавонанд бо сабабҳои гуногун истифода шаванд. Аз ҷумлаи омилҳое, ки барои татбиқи онҳо асос мегарданд, инҳоро метавон ҷудо намуд.

Якум, асоси маъмултарини пешниҳоди ҳуқуқ ба истифодаи имтиёзҳои гумрукӣ набудани мол (таҷҳизот ва ғайра) дар дохили кишвар мебошад, ки ҳамтои он аз ҷониби истеҳсолкунандагони ватанӣ истеҳсол намешавад. Дуюм, моли воридшаванда метавонад ҳамчун саҳми муассиси хориҷӣ ба сармояи оинномавӣ (ҳуқуқӣ)-и ташкилот ворид гардад. Дар ин ҳолат, ҳадафи воридоти мол ҳамчун омили асосии пешниҳоди имтиёзҳои гумрукӣ ба ҳисоб меравад. Сеюм, вобаста ба расмиёти гумрукии интихобшуда, метавонанд намудҳои гуногуни имтиёзҳои гумрукӣ пешниҳод карда шаванд. Дар амал бештар ба субъектҳои фаъолияти иқтисодии хориҷӣ озодкунӣ аз пардохти боҷҳои гумрукӣ ва андозҳо дода мешавад. Чорум, имтиёзҳои гумрукӣ метавонанд вобаста ба арзиши моли воридшаванда низ пешниҳод гарданд. Аз ҷумла, ин ҳолат ҳангоми татбиқи расмиёти гумрукии бароориш барои истеъмоли дохилӣ ё воридоти муваққатӣ ба назар мерасад.

Асоснокии пешниҳоди имтиёзҳои тарифӣ метавонанд гуногун бошанд ва омилҳо метавонанд ба назар гирифта шаванд ба монанди: категорияи молҳо, асоснокии маъмултарин (масалан, воридоти таҷҳизоте, ки аналогҳои он дар кишвари воридот истеҳсол карда намешаванд, асарҳои санъат ва ғайра); мақсади воридот (масалан, озодкунӣ ҳангоми воридоти мол аз ҷониби муассисони хориҷӣ ҳамчун саҳм ба сармояи оинномавӣ); арзиши молҳои воридотӣ (масалан, дар асоси моддаҳои 135 ва 225 Кодекси гумрукии ИИАО ҳангоми истифодаи тартиби воридоти муваққатӣ ё бароориши истеъмоли дохилӣ нисбат ба молҳои арзиши гумрукии на зиёда аз 200 евро, ки ба суроғаи як қабулкунанда аз як фиристанда дар як ҳуҷҷати нақлиётӣ ворид карда мешаванд, боҷ ситонида намешавад) [8]; расмиёти гумрукии интихобшуда.

Имтиёзҳо доир ба амалиётҳои гумрукӣ, ин манфиатҳои марбут ба сода кардани ҷойгиркунии мол ба расмиёти гумрукӣ, кам кардани муҳлатҳо, рӯйхати ҳуҷҷатҳо ва маълумоти пешниҳодшуда, дар натиҷа, кам кардани вақти гузаронидани тамоми расмиёти гумрукӣ ва хароҷоти иштирокчиёни фаъолияти иқтисодии хориҷӣ мебошанд.

Рӯйхати намудҳои имтиёзҳо доир ба амалиёти гумрукӣ дар расми 4 оварда шудааст.

Ба назар мерасад, ки озодкунӣ аз шаклҳои алоҳидаи назорати гумрукӣ ҳамчун имтиёзҳои хусусияти маъмурӣ ҷудо карда мешавад. Имтиёзҳо доир ба назорати гумрукӣ асосан бо гузаронидани амалиёти тафтишотӣ алоқаманданд. Кодекси гумрукии ИИАО низ чунин асосҳоро барои озодкунӣ дар бар мегирад. Масалан, ин ба почтаҳои алоҳидаи байналмилалӣ дахл дорад: аэрограммаҳо, кортҳои почтавӣ ва мактубҳо, адабиёт барои нобиноён. Онҳо ба мақомоти гумрук танҳо дар сурате пешниҳод карда мешаванд, ки чунин мукотибот дорои молҳои манъшуда ё молҳое бошад, ки ба маҳдудиятҳо дохил мешаванд (сархати 2 банди 1 моддаи 317 КГ ИИАО).

Бояд қайд кард, ки тафовути имтиёзҳои гумрукӣ шартӣ аст. Афзалиятҳо ҳангоми интиқоли як мол метавонан хусусияти гуногун дошта бошанд. Ҳамин тавр, имтиёзҳо ҳам ҳангоми амалиёти гумрукӣ ва ҳам ҳангоми ситонидани пардохтҳои гумрукӣ дар сурати воридоти кумаки башардӯстона муқаррар карда мешаванд, зеро чунин воридот на танҳо дар навбати аввал сурат мегирад, балки аз пардохти боҷҳо, андозҳо низ озод карда мешавад. Илова бар ин, имтиёзҳои маъмурӣ ба кам кардани хароҷоти иштирокчиёни фаъолияти иқтисодии хориҷӣ мусоидат мекунанд.



Расми 4. - Намудҳои имтиёзҳо доир ба амалиёти гумрукӣ

Сарчашма: таҳияи муаллифон дар асоси адабиёти [22, с. 109; 4, с. 4].

1. Имтиёзҳои гумрукӣ ҳамчун қисми сиёсати иқтисодии давлатӣ, воситаи муҳиме барои дастгирии фаъолияти соҳибкорӣ ва ҳавасмандгардонии содирот ба шумор мераванд. Онҳо ба соҳибкорон имконият медиҳанд, ки ҳангоми воридоти молу маҳсулот ва содироти маҳсулоти тайёр аз пардохтҳои гумрукӣ сабукӣ ёбанд.

2. Имтиёзҳо вобаста ба соҳиби мол, яъне соҳибкороне, ки дар соҳаҳои стратегӣ фаъолият мекунанд, масалан дар соҳаи аграрӣ, саноати сабук ё технологияҳои нав, метавонанд аз имтиёзҳои гумрукӣ бархӯрдор шаванд. Ин имтиёзҳо бо мақсади дастгирии соҳаҳои афзалиятнок ва рушди инфрасохтори иқтисодӣ дода мешаванд.

Имтиёзҳо вобаста ба соҳиби мол (моликият) одатан ба ҳуқуқу вазифаҳои шахсоне дахл доранд, ки моликияти муайян доранд ва аз ин манфиатҳо баҳравар мешаванд. Имтиёзҳои мазкур метавонанд вобаста ба қонунҳои миллӣ ва навъи моликият гуногун бошанд. Баъзе аз имтиёзҳои маъмултарини соҳиби мол иборатанд аз:

- **Ҳуқуқ барои истифодабарӣ**: соҳибони мол метавонанд моликияти худро мувофиқи хоҳиш ва манфиати шахсӣ истифода баранд. Масалан, соҳиби манзил метавонад он манзилро барои зиндагӣ, иҷора додан ё фурӯш истифода барад.
- **Ҳуқуқ барои даромад**: агар моликият ба соҳиби он даромад оварад, соҳиби мол ҳуқуқ дорад, ки даромадро барои худ бигирад. Барои мисол, соҳиби моликияти ғайриманқул метавонад тавассути иҷора даромад ба даст орад.
- **Ҳуқуқи фурӯш ва тақсимот**: соҳиби мол метавонад онро фурӯшад, ҳадя диҳад ё ба дигар шахс интиқол диҳад.
- **Ҳифзи ҳуқуқ**: соҳибони мол ҳуқуқ доранд, ки моликияти худро аз зарар, дуздӣ ё истифодаи ғайриқонунӣ ҳимоят кунанд.
- **Ҳуқуқи мерос**: баъд аз вафот моликият метавонад тибқи қонуни мерос ба ворисон интиқол ёбад. соҳибони мол метавонанд мероси худро мувофиқи иродаашон васият кунанд.
- **Масъулиятҳои қонунии моликӣ:** соҳиби мол масъул аст, ки моликияти худро дар ҳолати хуб нигоҳ дорад, андозҳо ва хароҷотҳои заруриро пардохт кунад.

Имтиёзҳо вобаста ба моликият метавонанд ба навъи моликият вобаста бошанд (манзил, амволи ғайриманқул, амволи зеҳнӣ ва ғайра), инчунин метавонанд вобаста ба талаботи қонунии минтақаи ҷойгиршавӣ тағйир ёбанд.

3. Имтиёзҳо вобаста ба минтақаҳои иқтисодӣ, яъне дар минтақаҳои озоди иқтисодӣ (МОИ), соҳибкорон аксаран аз пардохтҳои гумрукӣ озод мешаванд. Ин сиёсат барои ҷалби сармоягузории хориҷӣ ва инкишофи иқтисоди ватанӣ дар минтақаҳои махсус мусоидат мекунад.

Имтиёзҳо барои минтақаҳои иқтисодӣ асосан барои ҷалби сармоягузорӣ, рушди саноат ва баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ равона шудаанд. Минтақаҳои иқтисодӣ дар кишварҳо бо мақсади пешбурди тиҷорат, таъсиси ҷойҳои корӣ ва баланд бардоштани рақобатпазирии иқтисодӣ таъсис дода мешаванд.

Ин гуна имтиёзҳо барои пешбурди соҳаҳои истеҳсолӣ, хидматрасонӣ ва инноватсионӣ кумак намуда, ба рушди иқтисодӣ ва устувории бозорҳои маҳаллӣ таъсири мусбат мерасонанд.

Имтиёзҳои асосие, ки дар минтақаҳои иқтисодӣ пешниҳод мешаванд, одатан дар намудҳои зерин ҷамъбаст мешаванд (Расми 5)

Таҳлили расми 5 нишон медиҳад, ки имтиёзҳо яке аз воситаҳои муҳими сиёсати иқтисодии давлатӣ буда, дар беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ, рушди соҳибкорӣ ва тақвияти рақобатпазирии иқтисоди миллӣ нақши калидӣ доранд.

Имтиёзҳои андозӣ, содагардонии расмиёти савдо ва кам кардани монеаҳои маъмурӣ, таъмини дастрасӣ ба инфрасохтори истеҳсолӣ ва дастгирии молиявӣ дар маҷмӯъ барои коҳиш додани харочоти фаъолияти соҳибкорӣ, баланд бардоштани самаранокии истеҳсолот ва ҷалби сармоягузории дохиливу хориҷӣ заминаи мусоид фароҳам меоранд.



Расми 5. - Имтиёзҳои асосие, ки дар минтақаҳои иқтисодӣ пешниҳод карда мешаванд.
Сарчашма: тартиби муаллифон

Ҳамзамон, татбиқи самараноки чунин имтиёзҳо ба баланд гардидани иқтидори истеҳсолӣ, рушди содирот, таъсиси ҷойҳои нави корӣ ва суръат бахшидани рушди устувори иҷтимоию иқтисодии кишвар мусоидат менамояд. Аз ин рӯ, сиёсати пешниҳоди имтиёзҳо бояд ба принсипҳои шаффофият, самаранокӣ, ҳадафмандӣ ва арзёбии мунтазами натиҷаҳои иқтисодии онҳо асос ёбад, то ки онҳо воқеан ба рушди истеҳсолоти миллӣ ва баланд бардоштани рақобатпазирии иқтисодиёт хизмат намоянд.

4. Имтиёзҳои дар асоси муносибатҳои байналмилалӣ. Таҳти шартномаҳои байналмилалӣ, соҳибкороне, ки дар доираи муносибатҳои тиҷоратии дутарафа ё бисёрҷониба фаъолият мекунанд, аз кам кардани андозҳо ва имтиёзҳои дигар бархӯрдор мешаванд. Имтиёзҳое, ки дар асоси муносибатҳои байналмилалӣ ба даст меоянд, барои кишварҳо ва шахсиятҳои ҳуқуқӣ (корхонаҳо, ташкилотҳо) муҳим мебошанд. Ин имтиёзҳо метавонанд иқтисодӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ ё фарҳангӣ бошанд ва асосан аз шартномаҳо, созишномаҳо ва мувофиқаҳои байнидавлатӣ, инчунин фаъолиятҳои дипломатӣ ба даст меоянд.

Дар расми 6 таъсири раванди ҷаҳонишавӣ (байналмилалӣ шудан)-ро ба рушди соҳибкорӣ аз чор самти асосӣ (иқтисодӣ, сиёсӣ, фарҳангӣ ва иҷтимоӣ) оварда шудааст. Дар расм нишон дода шудааст, ки соҳибкорӣ имрӯз дар муҳити кушод ва ба ҳам вобаста рушд мекунад, ки дар он ҳам имкониятҳо ва ҳам хатарҳо вуҷуд доранд.



Расми 6. - Баъзе аз муҳимтарин имтиёзҳое, ки кишварҳо дар асоси муносибатҳои байналмилалӣ мегиранд. Сарчашма: таҳияи муаллифон дар асосои адабиёти [11, с. 345].

Аз нигоҳи иқтисодӣ, ҷаҳонишавӣ тавассути густариши тиҷорати озод, ҷалби сармоягузории хориҷӣ ва дастрасӣ ба қарзҳо ва инфрасохтор барои соҳибкорон имкониятҳои нав фароҳам меорад. Ин омилҳо метавонанд истеҳсолотро зиёд карда, рақобатпазириро баланд бардоранд. Аммо ҳамзамон, нобаробарӣ ва рақобати шадид метавонад ба соҳибкорони хурду миёна таъсири манфӣ расонад. Дар самти сиёсӣ, муносибатҳои дипломатӣ, амният ва иштироки кишварҳо дар созмонҳои байналмилалӣ ба устувории муҳити соҳибкорӣ мусоидат мекунанд. Вақте ки қоидаҳо шаффоф ва ҳамоҳанг мешаванд, сармоягузорон бештар эътимод пайдо мекунанд. Аммо ноустувории сиёсӣ метавонад рушди соҳибкориро суст кунад. Аз ҷиҳати фарҳангӣ ва иҷтимоӣ, дастрасӣ ба таҳсилот, технология ва инноватсияҳо ба рушди малакаҳои соҳибкорон мусоидат менамояд. Ҳамзамон, ҳифзи ҳуқуқи инсон, масъалаҳои муҳоҷират ва ҳифзи муҳити зист низ ба муҳити соҳибкорӣ таъсир мерасонанд. Ҷомеаи солим ва таҳсилкарда заминаи муҳим барои иқтисоди устувор мебошад.

Рушди соҳибкорӣ дар шароити муосир аз як қатор омилҳои муҳим вобаста мебошад, ки онҳо метавонанд ба баланд шудани самаранокӣ, рақобатпазирӣ ва устувории фаъолияти соҳибкорӣ мусоидат намоянд. Дар ин замина, чанд самти асосии тавсиявӣ мавҷуд аст, ки татбиқи онҳо барои пешрафти соҳибкорӣ аҳамияти калон дорад.

Пеш аз ҳама, баланд бардоштани дониш ва малакаҳои касбӣ яке аз шартҳои асосии муваффақияти соҳибкорӣ ба ҳисоб меравад. Омӯзиши идоракунии бизнес, усулҳои муосири маркетинг ва истифодаи технологияҳои рақамӣ ба соҳибкор имкон медиҳад, ки қарорҳои дуруст қабул намояд ва фаъолияти худро самараноктар ташкил кунад. Дуюм, истифодаи технология ва инноватсия дар рушди соҳибкорӣ нақши муҳим мебозад. Рақамисозии равандҳои тиҷоратӣ, истифодаи интернет ва платформаҳои онлайнӣ имконият медиҳанд, ки соҳибкорон бозори худро васеъ намуда, ба мизоҷони бештар дастрасӣ пайдо кунанд. Сеюм, ҷалби сармоягузорӣ ҳамчун омили муҳими рушди фаъолияти соҳибкорӣ баррасӣ мешавад. Истифодаи қарзҳо, грантҳо ва ҳамкорӣ бо сармоягузорони хориҷӣ метавонад барои васеъ намудани истеҳсолот ва баланд бардоштани иқтидори молиявии соҳибкорӣ мусоидат кунад. Чорум, баланд бардоштани рақобатпазирӣ зарур аст, зеро бозори муосир хеле рақобатнок аст. Беҳтар намудани сифати маҳсулот ва хизматрасонӣ мувофиқи стандартҳои байналмилалӣ имкон медиҳад, ки соҳибкор дар бозор мавқеи устувор пайдо кунад. Панҷум, риояи принсипҳои ҳифзи муҳити зист ва масъулияти иҷтимоӣ аҳамияти афзоянда дорад. Пешбурди истеҳсолоти устувор ва кам кардани таъсири манфӣ ба табиат на танҳо ба ҷомеа фоида меорад, балки обрӯи соҳибкорро низ баланд мебардорад. Дар ниҳоят, тақвияти ҳамкорӣ ва шабакасозӣ омили муҳими дигар мебошад. Иштирок дар созмонҳо, форумҳо ва робита бо соҳибкорони дигар имкониятҳои навро барои ҳамкорӣ, омӯзиш ва густариши бозор фароҳам месозад.

Дар умум бояд ҳаминро қайд намуд, ки рушди соҳибкорӣ маҷмуи дониш, технология, сармоя ва ҳамкориро талаб мекунад. Татбиқи ин тавсияҳо метавонад ба ташаккули фаъолияти устувор ва муваффақи соҳибкорӣ мусоидат намояд. Илова бар ин, ҷаҳонишавӣ барои соҳибкорӣ ҳам имконият ва ҳам чолиш аст. Он бозорҳоро васеъ менамояд, аммо рақобат ва талаботро низ афзоиш медиҳад. Барои муваффақият, соҳибкор бояд ба шароити нави ҷаҳонӣ мутобиқ шавад.

Дар ин таҳқиқот «як чанд имтиёзҳои зарури барои рушди тамоми соҳаҳо пешниҳод шудааст ва барои ба даст овардани онҳо муносибатҳои дипломатӣ, ҳамкориҳои сиёсӣ ва шартномаҳои байнидавлатӣ нақши муҳим мебозанд» [18, с. 467].

Таснифи имтиёзҳои гумрукӣ аз рӯйи нақши онҳо дар рушди соҳибкорӣ барои дарки он, ки чӣ гуна навъҳои гуногуни имтиёзҳо метавонанд ба рушди фаъолияти соҳибкорӣ мусоидат намоянд, аҳамияти назариявӣ ва амалӣ дорад.

Мо дар мақолаи мазкур нақши таснифи имтиёзҳои гумрукиро дар рушди соҳибкорӣ аз рӯйи нишондиҳандаҳои гуногун гурӯҳбанӣ намудем, ки дар расми 7 гирдоварӣ шудаанд.

Таҳлили расми 7 нишон медиҳад, ки имтиёзҳои гумрукӣ ҳамчун яке аз воситаҳои муҳими сиёсати иқтисодии давлат ба рушди соҳибкорӣ таъсири ҳамаҷониба мерасонанд. Имтиёзҳои гумрукӣ на танҳо хароҷоти фаъолияти соҳибкоронро коҳиш медиҳанд, балки барои ҷалби сармоягузорӣ, рушди фаъолияти истеҳсолӣ, дастгирии ширкатҳои инноватсионӣ, ҳавасмандсозии соҳибкорони нав ва густариши фаъолияти соҳибкорӣ дар минтақаҳо заминаи мусоид фароҳам меоранд. Ҳамзамон, истифодаи самараноки чунин имтиёзҳо ба баланд гардидани рақобатпазирии маҳсулоти ватанӣ, афзоиши иқтидори содиротӣ ва беҳтар гардидани муҳити сармоягузорӣ мусоидат менамояд. Бояд ҳаминро қайд намуд, ки имтиёзҳои гумрукӣ метавонанд ҳамчун омили муҳими рушди устувори иқтисоди миллӣ ва такмили муҳити соҳибкорӣ арзёбӣ гарданд.



Расми 7. - Нақши таснифи имтиёзҳои гумрукӣ дар рушди соҳибкорӣ
Сарчашма: таҳияи муаллифон дар асосои адабиёти [11, с. 345].

Барои боз ҳам рушди соҳибкорӣ таввасути имтиёзҳои гумрукӣ пешниҳод менамоем, ки:

- такмили механизми пешниҳоди имтиёзҳои гумрукӣ бо роҳи муайян намудани меъёрҳои дақиқи баҳодиҳии самаранокии онҳо, то ки имтиёзҳо ба соҳаҳои афзалиятнок ва истеҳсолоти воқеан самарабахш равона карда шаванд.
- ҷорӣ намудани низоми мониторинг ва арзёбии натиҷабахшии имтиёзҳои гумрукӣ, ки таъсири онҳо ба ҳаҷми сармоягузорӣ, таъсиси ҷойҳои нави корӣ, афзоиши истеҳсолот ва содирот мунтазам таҳлил карда шавад.
- рушди имтиёзҳои гумрукӣ барои ширкатҳои инноватсионӣ, бахусус ҳангоми воридоти технологияҳои пешрафта, таҷҳизоти рақамӣ ва таҷҳизоти истеҳсолии дорои арзиши иловашудаи баланд.
- тақвияти дастгирии соҳибкории хурду миёна тавассути соддагардонии расмиёти гумрукӣ, рақамикунонии хизматрасониҳо ва коҳиш додани монеаҳои маъмурӣ ҳангоми истифодаи имтиёзҳо.
- равона намудани имтиёзҳои гумрукӣ ба рушди истеҳсолоти содиротӣ, махсусан барои корхонаҳое, ки маҳсулоти рақобатпазири ватанӣ истеҳсол намуда, ба бозорҳои хориҷӣ содир мекунанд.
- тақвияти дастгирии соҳибкорӣ дар минтақаҳои дурдаст ва озоди иқтисодӣ бо пешниҳоди имтиёзҳои иловагӣ барои воридоти таҷҳизоти истеҳсолӣ ва технологияҳои муосир.
- баланд бардоштани шаффофият ва дастрасии иттилоот оид ба имтиёзҳои гумрукӣ тавассути ташкили пойгоҳи ягонаи электронии маълумот ва хизматрасониҳои машваратӣ барои соҳибкорон.
- ҳамоҳангсозии сиёсати гумрукӣ бо сиёсати саноатӣ ва сармоягузорӣ, то ки имтиёзҳои гумрукӣ ба афзоиши истеҳсолоти ватанӣ, рақобатпазирии иқтисоди миллӣ ва рушди устувори соҳибкорӣ мусоидат намоянд.

Бояд ҳаминро қайд намуд, ки имтиёзҳои гумрукӣ бояд на ҳамчун воситаи коҳиши пардохтҳои гумрукӣ, балки ҳамчун механизми стратегияи давлатии ҳавасмандгардонии рушди соҳибкорӣ, навоварӣ, ҷалби сармоя ва рақобатпазирии иқтисоди миллӣ баррасӣ шаванд. Самаранокии онҳо дар ҳолате баланд мегардад, ки механизми пешниҳоди имтиёзҳо ба принсипҳои мақсаднокӣ, шаффофият, самаранокӣ, рақамикунонӣ ва баҳодиҳии мунтазами натиҷаҳо асос ёбад.

Бартарияти таснифоти пешниҳод намудаи мо аз дигар таснифотҳо дар он аст, ки «бештар фарогири фаъолияти соҳибкорӣ буда, гуруҳҳои мақсаднокро ифода менамояд. Ҳамзамон ин таснифот метавонад ба давлат ва ассотсиатсияҳои тиҷоратӣ кӯмак кунад, ки кадом тадбирҳои дастгирӣ барои ҳавасмандгардонии соҳибкорӣ дар бахшҳои гуногуни иқтисодиёт самараноктаранд» [26, с. 193].

Афзалиятҳои таснифи имтиёзҳои гумрукӣ аз рӯйи нақши онҳо дар рушди соҳибкорӣ дар он аст, ки он имкон медиҳад, ки захираҳо барои дастгирии бахшҳои ниёзманд бо назардошти эҳтиёҷоти беназири намудҳои гуногуни тиҷорат, ба монанди стартапҳо ва ширкатҳои инноватсионӣ, мақсаднок тақсим карда шаванд. Ин ба пешбурди навоварӣ ва эҷоди ҷойҳои нави корӣ мусоидат мекунад ва инчунин рушди устуворро тавассути тамаркуз ба технологияи устувор дастгирӣ мекунад. Ғайр аз он, имтиёзҳо барои ширкатҳо дар минтақаҳои дурдаст ба коҳиш додани номутаносибии иқтисодӣ мусоидат мекунанд, расмиёти коҳишёфта монеаҳои маъмуриро коҳиш медиҳанд ва чандирии таснифот имкон медиҳад, ки ба тағйирот дар иқтисодиёт зуд мутобиқ шаванд ва дар ниҳоят ба иқтисодиёти устувортар ва рақобатпазир мусоидат кунанд.

Имтиёзҳои гумрукӣ нақши муҳим дар рушди фаъолияти соҳибкорӣ доранд, зеро онҳо як қатор сабукиҳоро барои соҳибкорон ва ширкатҳо дар раванди воридот ва содирот фароҳам меоранд. Ин имтиёзҳо метавонанд боиси афзоиши рақобатпазирӣ, кам кардани хароҷот ва рушди устувори иқтисодӣ шаванд [25, с. 447].

Имтиёзҳои гумрукӣ яке аз воситаҳои муҳими сиёсати иқтисодии давлат ба ҳисоб рафта, дар рушди соҳибкории истеҳсолӣ нақши назаррас доранд. Онҳо ҳамчун механизми ҳавасмандгардонӣ барои паст намудани хароҷоти истеҳсолӣ, ҷалби сармоягузорӣ, рушди истеҳсолот ва баланд бардоштани рақобатпазирии маҳсулоти ватанӣ хизмат мекунанд.

Дар шароити ҷаҳонишавии иқтисодиёт ва афзоиши рақобат дар бозорҳои байналмилалӣ истифодаи самараноки имтиёзҳои гумрукӣ метавонад ба рушди устувори бахши истеҳсолӣ мусоидат намояд.

Яке аз самтҳои асосии таъсири имтиёзҳои гумрукӣ коҳиш додани хароҷоти вобаста ба воридот ва содироти молу маҳсулот мебошад. Коҳиш ё бекор намудани боҷҳои гумрукӣ ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба соҳибкорон имконият медиҳад, ки ашёи хом, таҷҳизот ва технологияҳои заруриро бо арзиши нисбатан паст ворид намоянд. Дар натиҷа, арзиши аслии маҳсулоти истеҳсолшаванда коҳиш ёфта, фоидаи корхонаҳо афзоиш меёбад ва имконияти тавсеаи фаъолияти истеҳсолӣ фароҳам мегардад.

Самти дигари муҳими таъсири имтиёзҳои гумрукӣ дастгирии рушди соҳаҳои афзалиятноки иқтисодиёт мебошад. Давлат аксар вақт чунин имтиёзҳоро ба бахшҳое равона месозад, ки барои рушди иқтисоди миллӣ аҳаммияти стратегӣ доранд. Аз ҷумла, пешниҳоди имтиёзҳо барои воридоти таҷҳизоти муосири истеҳсолӣ ва технологияҳои нав ба навсозии иқтидорҳои истеҳсолӣ, баланд бардоштани самаранокии фаъолияти корхонаҳо ва беҳтар гардидани сифати маҳсулоти истеҳсолшаванда мусоидат менамояд.

Ҳамзамон, имтиёзҳои гумрукӣ ба баланд гардидани рақобатпазирии соҳибкорони ватанӣ дар бозорҳои байналмилалӣ низ таъсири мусбат мерасонанд. Паст гардидани хароҷоти истеҳсол ва содирот ба истеҳсолкунандагон имкон медиҳад, ки маҳсулоти худро бо нархи нисбатан рақобатпазир ба бозорҳои хориҷӣ пешниҳод намоянд. Дар натиҷа, ҳаҷми содироти маҳсулоти ватанӣ афзоиш ёфта, воридшавии асъори хориҷӣ ба иқтисоди миллӣ таъмин мегардад ва мавқеи кишвар дар муносибатҳои иқтисодии байналмилалӣ таҳким меёбад.

Илова бар ин, имтиёзҳои гумрукӣ ҳамчун омили муҳими ҷалби сармоягузориҳои дохилӣ ва хориҷӣ баромад мекунанд. Мавҷудияти низоми имтиёзнок барои сармоягузорон муҳити мусоиди сармоягузориро фароҳам оварда, хавфҳои молиявиро коҳиш медиҳад. Дар чунин шароит сармоягузорон бештар омода мешаванд, ки ба таъсиси корхонаҳои нави истеҳсолӣ, ворид намудани технологияҳои инноватсионӣ ва густариши фаъолияти иқтисодӣ маблағгузорӣ намоянд.

Дар баробари ин, рушди соҳибкории истеҳсолӣ тавассути истифодаи имтиёзҳои гумрукӣ ба беҳтар гардидани вазъи иҷтимоию иқтисодии кишвар низ мусоидат мекунад. Тавсеаи фаъолияти истеҳсолӣ боиси таъсиси ҷойҳои нави корӣ гардида, сатҳи шуғли аҳолӣ ва даромади шаҳрвандонро

баланд мебардорад. Ин раванд дар маҷмӯъ ба баланд шудани сатҳи зиндагии аҳолӣ, афзоиши даромади буҷети давлатӣ ва рушди устувори иқтисоди миллӣ мусоидат менамояд.

Ҳамин тариқ, имтиёзҳои гумрукӣ ҳамчун яке аз абзорҳои муҳими сиёсати давлатии иқтисодӣ дар рушди соҳибкории истеҳсолӣ нақши калидӣ доранд. Онҳо тавассути коҳиш додани харочоти истеҳсолӣ, дастгирии соҳаҳои афзалиятнок, баланд бардоштани рақобатпазирии маҳсулоти ватанӣ, ҷалби сармоягузорӣ ва таъсиси ҷойҳои нави корӣ ба рушди иқтисоди миллӣ ва таъмини рушди устувори кишвар мусоидат менамоянд.

Хулоса. Дар натиҷаи таҳқиқот муайян гардид, ки имтиёзҳои гумрукӣ яке аз воситаҳои муҳими сиёсати иқтисодии давлатӣ ба ҳисоб рафта, дар рушди фаъолияти соҳибкорӣ, ҷалби сармоягузорӣ, такмили иқтидори истеҳсолӣ ва баланд бардоштани рақобатпазирии иқтисоди миллӣ нақши калидӣ доранд. Таҳлил нишон дод, ки татбиқи самараноки имтиёзҳои гумрукӣ ба коҳиш ёфтани харочоти фаъолияти соҳибкорон, воридоти технологияҳои муосир, рушди истеҳсолоти ватанӣ ва афзоиши иқтидори содиротии мамлакат мусоидат менамояд.

Дар ҷараёни таҳқиқот асосҳои назариявӣ ва ҳуқуқии имтиёзҳои гумрукӣ омӯхта шуда, мавқеи олимони ватанӣ ва хориҷӣ оид ба моҳият, аҳамият ва нақши онҳо таҳлил гардид. Муайян карда шуд, ки дар адабиёти илмӣ ва амалияи ҳуқуқӣ нисбат ба таснифи имтиёзҳои гумрукӣ ягонагии назар вуҷуд надорад. Бо дарназардошти ин, аз ҷониби муаллифон таснифи мукаммали имтиёзҳои гумрукӣ пешниҳод гардид, ки онҳо аз рӯйи хусусияти ҳуқуқӣ, самти татбиқ, асосҳои пешниҳоди имтиёз, мақсади истифода, соҳаҳои иқтисодӣ, минтақаҳои иқтисодӣ ва муносибатҳои байналмилалӣ гурӯҳбандӣ шудаанд.

Натиҷаҳои таҳқиқот собит намуданд, ки таснифи илмии имтиёзҳои гумрукӣ барои такмили сиёсати гумрукӣ, баланд бардоштани шаффофият ва самаранокии механизми пешниҳоди имтиёзҳо, инчунин тақвияти назорати давлатии истифодаи онҳо аҳамияти амалӣ дорад. Ҳамзамон, муайян гардид, ки имтиёзҳои гумрукӣ дар якҷоягӣ бо рақамикунонии расмиёти гумрукӣ, рушди декларатсияи электронии гумрукӣ ва содагардонии хизматрасониҳои давлатӣ метавонанд муҳити мусоиди соҳибкорӣ ва сармоягузориро боз ҳам беҳтар намоянд.

Дар асоси натиҷаҳои таҳқиқот пешниҳод мегардад, ки:

- низоми ҳуқуқии танзими имтиёзҳои гумрукӣ такмил дода шуда, меъёрҳои ягонаи гурӯҳбандии онҳо дар қонунгузорӣ мустаҳкам гарданд;
- механизми мониторинг ва арзёбии самаранокии имтиёзҳои гумрукӣ бо истифода аз нишондиҳандаҳои иқтисодӣ ҷорӣ карда шавад;
- рақамикунонии пурраи расмиёти гумрукӣ ва пешниҳоди имтиёзҳо таъмин гардида, шаффофият ва дастрасии соҳибкорон ба онҳо баланд бардошта шавад;
- имтиёзҳои гумрукӣ пеш аз ҳама ба рушди истеҳсолоти ватанӣ, содироти маҳсулоти рақобатпазир, ҷалби сармоягузории мустақими хориҷӣ ва рушди минтақаҳои озоди иқтисодӣ равона карда шаванд.

Дар умум, бояд ҳаминро хулоса намуд, ки татбиқи самараноки имтиёзҳои гумрукӣ метавонад ҳамчун яке аз воситаҳои муҳими баланд бардоштани рақобатпазирии иқтисоди миллӣ, рушди фаъолияти соҳибкорӣ, диверсификатсияи истеҳсолот ва таъмини рушди устувори иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон хизмат намояд.

АДАБИЁТ:

1. Артемьев А.А., Гончаренко Л.И. Теоретические и практические проблемы применения льгот в сфере таможенного обложения в условиях функционирования Таможенного союза (Белоруссия-Россия-Казахстан) / Л.И. Гончаренко, А.А. Артемьев // Инновационное развитие экономики. - 2012. - № 4 (10). - С. 25–29.
2. Ашурзода, Ш.М. Вазъ ва тамоюлоти имтиёзҳои андозию гумрукӣ дар рушди фаъолияти соҳибкорӣ ва такмили механизмҳои молиявию иқтисодии он / Ш.М. Ашурзода, Ф.М. Саидзода // Вестник Филиала Московского государственного университета имени М.В. Ломоносова в городе Душанбе. – 2025. – Vol. 2, №1(46). – С. 115-122.
3. Бланк И.А. Финансовая политика государства. – Москва: Экономика, 2019. - С. 577.
4. Буваева Н.Э. Меры, стимулирующие добросовестное поведение участников таможенных правоотношений / Н.Э. Буваева, А.Н. Шашкина // Административное и муниципальное право. - 2018. - № 2. - С. 1-9.

5. Валиев Н.Ш. Ташаккул ва рушди фаъолияти соҳибкории хурд (дар мисоли савдои чаканаи Ҷумҳурии Тоҷикистон). Дисс. барои дарёфти ном. илм. иқт. аз рӯйи ихтисоси 08.00.05 - иқтисодиёти соҳибкорӣ, Душанбе. – 2021. – 192 с.
6. Ғаюрова, Р.С. Низомҳои гумрукӣ ва хусусияти истифодабарии онҳо дар шароити муосир / Р.С. Ғаюрова // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – 2021. – №4-2(39). – С. 73-82.
7. Головинов О.Н., Павловская И.Г. Актуальные проблемы и пути решения предоставления льгот по уплате таможенных платежей в российской федерации. Новое в экономической кибернетике. 2025. 1 (Jun. 2025), 162–176.
8. Кодекси гумрукии Иттиҳоди иқтисодии Авруосиё. 2017-С.1355 — URL: http://docs.eaeunion.org/docs/
9. Кочубей И.С. Классификация правовых льгот в области таможенного дела / И.С. Кочубей // Право и государство: теория и практика. - 2007. - № 10 (34). - С. 122–127.
10.Кочубей И.С., Бакаева О.Ю. Льготы в таможенном законодательстве / О.Ю. Бакаева, И.С. Кочубей // Право и экономика. - 2008. - №5. - С. 94 - 102.
11.Кругман П., Обстфельд М. Международная экономика. – Москва: Вильямс, 2018. – С. 345
12.Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 июни соли 2014, №377 «Дар бораи ставкаҳои боҷҳои гумрукии содирот».
13.Намозализода, Ш.Н. Имтиёзҳои андозӣ таъминкунандаи рушди босуботи корхонаҳои коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ / Ш.Н. Намозализода // Паёми молия ва иқтисод. – 2024. – №4-1(43). – С. 254-261.
14.Орлова Е.Н., Завьялова Е.О. Таможенные льготы: механизм установления и практика применения // Baikal Research Journal. 2021- №3- С.133-137. URL:https://cyberleninka.ru /article/n/tamozhennye-lgoty-mehanizm-ustanovleniya-i-praktika-primeneniya (дата обращ. 18.12.2025).
15.Раҳмонов Д.Р. Ҷанбаҳои институтсионалии иқтидори содиротии Комплекси агросаноатии Тоҷикистон / Д.Р. Раҳмонов // Идоракунии давлатӣ. – 2020. – №4-2(49). – С. 112-119.)
16.Раҷабов Р.К. Самтҳои такмили декларатсиякунонии электронии гумрукии мол ва воситаҳои нақлиёт дар ТОҶИКИСТОН / Р. К. Раҷабов, Н. Р. Раҷабова // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – 2023. – №2-1(46). – С. 22-28.
17.Синенко О.А. Практика применения таможенных льгот в рамках территорий с особым экономическим статусом АТР / О.А. Синенко // Инновационное развитие экономики. - 2020. - № 3 (57). - С. 123–134.
18.Стиглиц Дж. Экономика государственного сектора. – Москва: Инфра-М, 2020. – С. 467
19.Тавсири Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2021-1115 https://gumruk.tj/index.php
20.Таҳлили самаранокии имтиёзҳои андозӣ ва гумрукии амалкунанда, Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2023. – 84 с.
21.Турсунов Х.М. Таҳлили вазъи самарабахшии татбиқи имтиёзҳои андозӣ ва гумрукӣ дар соҳаи кишоварзии иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон / Х.М. Турсунов, Ш.Б. Соҳибова // Рақамикунонии иқтисодиёт ҳамчун омили рушди иқтисодӣ: Маҷмӯи мақолаҳои конференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ дар мавзӯи, Душанбе, 16 декабря 2024 года. – Душанбе: Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, 2024. – С. 495-502.
22.Халипов С.В. Таможенные льготы в праве Евразийского экономического союза и законодательстве Российской Федерации / С.В. Халипов // Российский внешнеэкономический вестник. - 2017. - № 4. - С. 107–113.
23.Ҳамитов, М.С. Фаъолияти истеҳсолию тиҷоратии минтақаҳои озоди иқтисодӣ / М.С. Ҳамитов, А.А. Ҳакимов, А. Ҳакимзода // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – 2019. – №2(27). – С. 12-18.
24.Ҳисоботҳои омории Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон. https://gumruk.tj/index.php
25.Ҷураев Ш.Н. Арзёбии нақши имтиёзҳои гумрукӣ дар рушди фаъолияти соҳибкории истеҳсолии Ҷумҳурии Тоҷикистон // Паёми молия ва иқтисод – Душанбе, 2024. – №4 (43). – С. 444- 452.
26.Ҷураев Ш.Н. Имтиёзҳои гумрукӣ яке аз омилҳои муҳим дар рушди фаъолияти соҳибкории истеҳсолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон// Маҷмӯаи маводи конфренсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ дар мавзӯи “Менеҷменти инноватсионӣ дар шароити рушди иқтисоди рақамӣ”, ш.Душанбе. - 2025. – С. 191-197.

27.Шоҳназари Х.Ғ. Саҳми имтиёзҳои тарифии гумрукӣ дар рушди сармоягузории дохилию хориҷӣ ва соҳибкории истеҳсолии Ҷумҳурии Тоҷикистон / Х.Ғ. Шоҳназари, Ғ.Х. Ғуломов, Б.Ш. Тагаев // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – 2022. – №3 (42). – С. 101-109.

УДК 657.6:330.47(575.3)

МУАММОҲОИ РАҚАМИКУНОНИИ АУДИТ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

ВАЛИЕВА ДИЛФУЗА МӮМИНОВНА
Унвонҷӯи Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон, ш. Хуҷанд, Ҷумҳурии Тоҷикистон. **E-mail:** dilfuzavalieva61@gmail.com. **Тел.:** (+992) 927-17-36-69.
ЛУТФУЛЛОЗОДА МАЗБУТҶОН ДАДОПУР
Н.и.и., дотсенти Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон, ш. Хуҷанд, Ҷумҳурии Тоҷикистон. **E-mail:** maz_lutf@mail.ru. **Тел.:** (+992) 928-62-22-66.

Аннотатсия. Дар мақола муаммоҳои асосии рақамикунонии аудит дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити рушди иқтисоди рақамӣ баррасӣ шудааст. Дар он татбиқи технологияҳои иттилоотӣ дар системаи аудит, автоматикунонии расмиёти аудит ва истифодаи платформаҳои рақамӣ ва роҳҳои ҳалли таъминоти барномавии муосир баррасӣ гардидааст. Дар асоси таҳлил, самтҳои асосии ташаккули рақамикунонии аудит дар Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда мешаванд.

Калид вожаҳо: рақамикунонӣ, аудит, иқтисоди рақамӣ, технологияи иттилоотӣ, фаъолияти аудиторӣ, табдили рақамӣ, Ҷумҳурии Тоҷикистон, автоматикунонии аудит.

ПРОБЛЕМЫ ЦИФРОВИЗАЦИИ АУДИТА В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

ВАЛИЕВА ДИЛФУЗА МУМИНОВНА
Соискател Таджикского государственного университета права, бизнеса и политики, г. Худжанд, Республика Таджикистан. **E-mail:** dilfuzavalieva61@gmail.com.
Тел.: (+992) 927-17-36-69.
ЛУТФУЛЛОЗОДА МАЗБУТҶОН ДАДОПУР
К.э.н., доцент Таджикского государственного университета права, бизнеса и политики, г. Худжанд, Республика Таджикистан. **E-mail:** maz_lutf@mail.ru. **Тел.:** (+992) 928-62-22-66.

Аннотация. В статье рассматриваются основные проблемы цифровизации аудиторской деятельности в Республике Таджикистан в условиях формирования цифровой экономики. Исследованы вопросы внедрения информационных технологий в систему аудита, автоматизации аудиторских процедур, использования цифровых платформ и современных программных решений. На основе проведенного анализа предложены основные направления совершенствования цифровизации аудиторской деятельности в Республике Таджикистан.

Ключевые слова: цифровизация, аудит, цифровая экономика, информационные технологии, аудиторская деятельность, цифровая трансформация, Республика Таджикистан, автоматизация аудита.

PROBLEMS OF DIGITALIZATION OF AUDIT IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

VALIEVA DILFUZA MUMINOVNA
Applicant at the Tajik State University of Law, Business and Politics, Khujand, Republic of Tajikistan. **E-mail:** dilfuzavalieva61@gmail.com. **Tel.:** (+992) 927-17-36-69.

LUTFULLOZODA MAZBUTJON DADOPUR
Candidate of Economic Sciences, Associate Professor at the Tajik State University of Law, Business and Politics, Khujand, Republic of Tajikistan. **E-mail:** maz_lutf@mail.ru.
Tel.: (+992) 928-62-22-66.

Abstract. This article examines the key challenges of digitalizing auditing in the Republic of Tajikistan in the context of the emerging digital economy. The article examines the implementation of information technology in the audit system, automation of audit procedures, and the use of digital platforms and modern software solutions. Based on the analysis, key areas for improving the digitalization of auditing in the Republic of Tajikistan are proposed.

Keywords: digitalization, audit, digital economy, information technology, auditing, digital transformation, Republic of Tajikistan, audit automation.

Муқаддима. Марҳилаи ҷории рушди иқтисоди ҷаҳонӣ бо татбиқи фаъоли технологияҳои рақамӣ қариб дар ҳама соҳаҳои фаъолияти иҷтимоӣ ва иқтисодӣ тавсиф мешавад. Ҷумҳурии Тоҷикистон низ тадриҷан ба модели иқтисоди рақамӣ мегузарад, ки дар стратегияҳои рушди давлат ва татбиқи ҳукумати электронӣ инъикос ёфтааст [5].

Дар заминаи табдили рақамӣ, навсозии системаҳои баҳисобгирӣ ва аудит хеле муҳим аст. Рақамикунонии аудит раванди ворид намудани технологияҳои иттилоотӣ ва иртиботӣ, системаҳои автоматии таҳлили маълумот, хизматрасониҳои абрӣ ва унсурҳои зеҳни сунъӣ ба фаъолияти ташкилотҳои аудиторӣ мебошад [3].

Рушди аудити рақамӣ сифати тафтишотро беҳтар намуда, хароҷоти вақтро кам мекунад ва хатогиҳои инсониро ба ҳадди ақал расонида шаффофияти маълумоти молиявиро таъмин мекунад. Аммо, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон рақамикунонии аудит бо як қатор муаммоҳои ташкилӣ, техникӣ ва ҳуқуқӣ рӯбарӯ аст.

Дар шароити имрӯза, низоми аудит дар Ҷумҳурии Тоҷикистон гузариши тадриҷии технологияҳои рақамиро аз сар гузаронида истодааст. Асоси танзими фаъолияти аудиторӣ Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи фаъолияти аудиторӣ” мебошад, ки чорчӯбаи ҳуқуқии ташкили аудитро дар ҷумҳурӣ муайян мекунад [1].

Новобаста аз рушди технологияҳои иттилоотӣ, сатҳи рақамикунонии хизматрасонии аудиторӣ дар ҷумҳурӣ дар муқоиса бо тамоюлҳои ҷаҳонӣ нисбатан паст боқӣ мемонад. Бисёре аз ширкатҳои аудиторӣ усулҳои муқаррарии пешбурди ҳуҷҷатҳоро, ки ба ҳуҷҷатнигории коғазӣ ва коркарди дастӣ асос ёфтаанд, истифода мебаранд [10].

Сарфи назар аз тамоюлҳои мусбат, рақамикунонии аудит дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо як қатор муаммоҳои ҷиддии ташкилӣ, техникӣ ва ҳуқуқӣ вобаста аст. Норасоии инфрасохтори рақамӣ, нарасидани кадрҳои баландихтисос, номукаммалии санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ ва хавфҳои амнияти иттилоотӣ татбиқи технологияҳои рақамиро дар аудит ба таври назаррас паст мекунанд.

Ҳадафи таҳқиқот таҳлили муаммоҳои асосии рақамикунонии аудит дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва муайян кардани дурнамои рушди минбаъдаи аудити рақамӣ мебошад.

Шарҳи адабиёт. Ҷанбаҳои мухталифи рақамикунонии баҳисобгирии бухгалтерӣ ва аудит дар асарҳои олимон ва муҳаққиқони гуногуни хориҷию ватанӣ, ба монанди С.А. Аблязова, О.Н. Афанасьева, А.Р. С.М. Бычкова, Д.В. Эльяшев, М.И. Ерыкалин, В.В. Кодинцев, Н.Г. Кондрашова, Ц.Лю, И.Н. Мавлина, В.С. Симакова, М.Н. Толчинская, В.Ю. Макарьева, К.Г. Николова, А.В. Рублева, Қ. Хушвахтзода, Б.Ҳ. Каримов, С.Ф. Низомов, Д.А. Давлатзода, И.С. Шамсзода, Ғ.М. Раҳимов, Ф.Д. Зокирова, Р.Н. Саидов ва дигарон баррасӣ гардидааст. Ҳамчунин мушкилоти мазкур характери глобалиро соҳиб буда, дар як қатор гузоришот ва маърӯзаҳои ташкилотҳо ва муассисаҳои байналмилалӣ низ баррасӣ мешаванд. Аммо, ҷанбаҳои мушаххаси рақамикунонии аудит, хусусан усулҳои таҳлили таъсири рақамикунонӣ ва муаммоҳои ҷойдоштаи он нисбатан камтар таҳқиқ шудаанд.

Фарзияи тадқиқот. Дар назар дошта мешавад, ки сатҳи самаранокии аудит дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мустақиман аз дараҷаи рақамикунонии равандҳои аудит вобаста аст. Татбиқи ҳамаҷонибаи технологияҳои рақамӣ, такмили инфрасохтори иттилоотӣ ва баланд бардоштани салоҳияти рақамии мутахассисон метавонад сифати аудитро беҳтар намуда, хатарҳои амалиётиро коҳиш диҳад ва амнияти иттилоотии низоми молиявии давлатро тақвият бахшад.

Маводҳо ва усулҳои тадқиқот. Асосҳои методологии тадқиқот асарҳои илмии олимони ватанӣ ва хориҷӣ дар соҳаи иқтисоди рақамӣ, аудит ва технологияи иттилоотӣ мебошанд. Дар таҳқиқот усулҳои таҳлили системавӣ, таҳлили муқоисавӣ, умумӣкунии мантиқӣ ва таҳқиқоти таҳлилӣ истифода шудаанд.

Таҳқиқот ба манбаъҳои зерин асос ёфтааст:

- Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи фаъолияти аудиторӣ"; 22.07.2013, №993.
- Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи аудити дохилӣ дар бахши давлатӣ», 21.07.2010, №631.
- Консепсияи иқтисоди рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 декабри соли 2019, № 642)
- Барномаи миёнамуҳлати рушди иқтисоди рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025 (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 октябри соли 2021, № 460).
- нашрияҳои илмӣ оид ба аудити рақамӣ;
- маводҳо аз таҳқиқоти байналмилалӣ оид ба табдили рақамии бахши молиявӣ.

Дар таҳқиқот вазъи кунунии рақамикунонии аудит дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлили муаммоҳо ва омилҳои асосие, ки рушди аудити рақамиро бозмедоранд, муайян карда шуданд.

Натиҷаҳои тадқиқот. Дар солҳои охир, ҳукумати ҷумҳурӣ барои рушди иқтисоди рақамӣ ва ҳукумати электронӣ чораҳо андешида истодааст, ки заминаҳоро барои рақамикунонии минбаъдаи аудит фароҳам меорад.

Ҳолати муосири рақамикунонии аудит. Дар такя ба Консепсияи иқтисоди рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки 30 декабри соли 2019,таҳти №642 бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудааст, метавон гуфт, ки рушди аудити технологияҳои иттилоотӣ метавонад боиси зиёд гардидани шумораи дархости муштариёни аудиторони инфиродӣ ва ташкилотҳои аудиторӣ гардад. Дар натиҷа, хизматрасониҳои аудиторӣ шаклан ва сифатан дигаргун гашта, доираи онҳо васеъ мешавад ва ба афзоиши ММД ва баланд гардидани сатҳу сифати зиндагӣ мусоидат менамояд. Тавре, ки дар ҳуҷҷати мазкур зикр мешавад, натиҷаи рақамикунонӣ ин тезонидани суръати рушди иқтисоди ҷумҳурӣ, баланд бардоштани рақобатпазирии кишвар дар сатҳи байналмилалӣ, афзоиши иловагии ММД ва беҳтаргардонии сифати зиндагии аҳолӣ аз ҳисоби истифодабарии технологияҳои рақамӣ мебошад [2]. Вобаста ба ин, рушди фаъолияти аудиторӣ низ дар асоси истифодаи имкониятҳои иқтисоди рақамӣ низ ба манфиати аудиторон, фармоишгарони аудит ва дар ниҳоят, рушди иқтисоди миллӣ мебошад.

Дар шароити имрӯза, низоми аудит дар Ҷумҳурии Тоҷикистон гузариши тадриҷӣ ба технологияҳои рақамиро аз сар гузаронида истодааст. Новобаста аз рушди технологияи иттилоотӣ, сатҳи рақамикунонии хизматрасонии аудит дар муқоиса бо тамоюлҳои ҷаҳонӣ нисбатан паст боқӣ мемонад.

Бисёре аз ширкатҳои аудиторӣ усулҳои анъанавии пешбурди ҳуҷҷатнигориро, ки бо ҳуҷҷатҳои коғазӣ ва коркарди дастӣ асос ёфтаанд, истифода мебаранд. Дар шароити имрӯза, ҳукумат чораҳоеро барои рушди иқтисоди рақамӣ ва татбиқи ҳукумати электронӣ андешида истодааст, ки заминаҳоро барои навсозии минбаъдаи аудит фароҳам меорад.

Муаммоҳои асосии рақамикунонии аудит. Бо назардошти таҳлили ҳолати ҷорӣ ва таҷрибаи кишварҳои пешрафта, мо ба хулосае омадем, ки дар шароити имрӯза муаммоҳои зерин дар рақамикунонии аудит дар ҷумҳурӣ вуҷуд доранд (Расми 1):

1. Норасоии инфрасохтори рақамӣ. Яке аз муаммоҳои асосии рақамикунонии аудит дар Ҷумҳурии Тоҷикистон рушди нисбатан сусти инфрасохтори рақамӣ мебошад. Бисёре аз минтақаҳои кишвар бо мушкилоти пайвасти сусти интернет, дастрасии маҳдуд ба хизматрасониҳои муосири рақамӣ ва таҷҳизоти нокифояи техникӣ рӯбарӯ мешаванд.



Расми 1. Муаммоҳои асосии рақамикунонии аудит дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

Аудити муассири рақамӣ ба интернети баландсуръат, серверҳои бузург, платформаҳои абрӣ ва системаҳои муосири таъминоти барномавӣ ниёз дорад. Аммо, қисми назарраси ширкатҳои аудитӣ барои татбиқи пурраи технологияҳои рақамӣ захираҳои зарурии техникиро надоранд.

2. Набудани кадрҳои соҳибихтисос. Боз як мушкилоти назаррас и норасоии мутахассисоне мебошад, ки ҳам дар соҳаи аудит ва ҳам дар соҳаи технологияҳои рақамӣ дониш доранд. Аудитори муосир бояд дар истифодаи системаҳои автоматии баҳисобгирӣ, платформаҳои таҳлилӣ, маълумоти калон ва барномаҳои таҳлили рақамӣ маҳорат ва малакаи кориро дошта бошад [7].

Дар Тоҷикистон сатҳи омӯзиш дар соҳаи аудити рақамӣ нокифоя буда, аксарияти мутахассисон дониши маҳдуди технологияи иттилоотӣ доранд, ки ин ба татбиқи усулҳои муосири аудит монеъ мешавад.

Ғайр аз ин, барномаҳои таълимии муассисаҳои таҳсилоти олӣ на ҳамеша ба талаботи муосири иқтисоди рақамӣ пурра ҷавобгӯ мебошанд.

3. Масъалаҳои танзими ҳуқуқию меъёрӣ. Мушкилоти дигари ҷиддӣ мутобиқсозии нокифояи қонунгузорӣ ба шароити иқтисоди рақамӣ мебошад. Гарчанде ки Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи фаъолияти аудиторӣ" дар кишвар амал мекунад, бисёр масъалаҳои

марбут ба истифодаи технологияҳои рақамӣ, идоракунии ҳуҷҷатҳои электронӣ ва аудити автоматӣ ба таври кофӣ танзим нашудаанд.

Набудани стандартҳои возеҳи танзимкунанда барои истифодаи системаҳои аудити рақамӣ барои ширкатҳои аудиторӣ мушкилоти муайянеро ба вуҷуд меорад. Аз ҷумла, масъалаҳои зерин ба таври нокифоя таҳия шудаанд:

- Истифодаи технологияҳои абрӣ;
- Нигоҳдории маълумоти рақамӣ;
- Истифодаи зеҳни сунъӣ дар аудит;
- Ҳифзи ҳуҷҷатҳои электронӣ;
- Аудити фосилавӣ.

4. Арзиши баланди табдили рақамӣ. Татбиқи технологияҳои муосири рақамӣ дар фаъолияти ширкатҳои аудиторӣ сармоягузориҳои назарраси молиявиро талаб мекунад. Барои рақамикунонии пурра, ширкатҳои аудиторӣ бояд таъминоти барномавии муосири литсензиядор, таҷҳизоти серверӣ, системаҳои нигоҳдории маълумот, воситаҳои автоматикунонии аудит, инчунин воситаҳои амнияти иттилоот ва ҳифзи маълумоти махфиро соҳиб бошанд. Ғайр аз ин, омӯзонидани кормандон барои кор бо платформаҳо ва технологияҳои нави рақамӣ ба хароҷоти назаррас табдил меёбад [7].

Барои ширкатҳои бузурги байналмилалии аудиторӣ, чунин хароҷот қисми стратегияи рушди онҳо мебошанд, аммо барои аксари ширкатҳои аудитории хурду миёна дар Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин хароҷот бори гаронии молиявиро ташкил медиҳанд. Захираҳои маҳдуди молиявӣ ба ташкилотҳо имкон намедиҳанд, ки инфрасохтори техникии худро зуд навсозӣ кунанд ва роҳҳои ҳалли муосири рақамиро татбиқ кунанд.

Мушкилоти иловагӣ зарурати навсозии доимии нармафзор ва таҷҳизоти техникӣ мебошад, зеро технологияҳои рақамӣ босуръат рушд мекунанд ва ба навсозии мунтазам ниёз доранд [6]. Дар натиҷа, бисёр ташкилотҳо усулҳои кӯҳнаи аудит ва шаклҳои анъанавии коркарди иттилоотро истифода мебаранд, ки самаранокӣ ва рақобатпазирии онҳоро дар бозори хидматрасонии аудит коҳиш медиҳад. Ин омилҳо ба рақамикунонии суст ва нобаробари аудит дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсир мерасонанд. Баъзе ширкатҳо фаъолона технологияҳои рақамӣ ва системаҳои автоматии таҳлили маълумотро татбиқ мекунанд, дар ҳоле ки дигарон дар марҳилаҳои аввали табдили рақамӣ боқӣ мемонанд.

5. Таҳдидҳои амнияти иттилоот. Рақамикунонии аудит бо хатари афзояндаи таҳдидҳои киберӣ ва ихроҷи маълумоти махфӣ рӯбарӯ аст. Ширкатҳои аудиторӣ ҳуҷҷатҳои молиявиро, ки дорои маълумоти муҳими тиҷоратӣ мебошанд, коркард мекунанд, ки амнияти иттилоотро ба авлавияти асосӣ табдил медиҳанд.

Яке аз мушкилоти нигаронкунанда дар рақамикунонии аудит таъмини амнияти иттилоот аст. Ширкатҳои муосири аудиторӣ ҳаҷми зиёди маълумоти молиявӣ, тиҷоратӣ ва идоракуниро коркард мекунанд, ки қисми зиёди онҳо ҳамчун махфӣ тасниф карда мешаванд. Гузариш ба идоракунии ҳуҷҷатҳои электронӣ, технологияҳои абрӣ ва платформаҳои рақамӣ ҳамзамон самаранокиро беҳтар мекунад ва хатари таҳдидҳои кибериро зиёд мекунад.

Дар муҳити рақамӣ, ширкатҳои аудиторӣ ба ҳадафҳои эҳтимолии ҳамлаҳои киберӣ, ҳакерӣ ва дастрасии беиҷозат ба иттилоот табдил меёбанд.

Амнияти нокифояи системаҳои иттилоотӣ метавонад ба оқибатҳои ҷиддӣ ҳам барои ширкати аудиторӣ ва ҳам барои ташкилот оварда расонад [9].

Бар асоси андешаҳои баёншуда, мо таҳлили муаммоҳо ва дурнамои рақамикунонии аудитро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронидем. (Ҷадвали 1).

Ҷадвали 1. Таҳлили муаммоҳо вадурнамои рақамикунони аудит дар ҷумҳурӣ

№	Самти таҳлил	Мундариҷаи масъала	Оқибатҳо барои фаъолияти аудиторӣ	Роҳҳои ҳалли
1	Рушди иқтисоди рақамӣ	Ҷумҳурии Тоҷикистон тадриҷан ба иқтисоди рақамӣ ва татбиқи ҳукумати электронӣ гузашта истодааст	Заминаҳои навсозии фаъолияти аудиторӣ ташаккул меёбанд	барномаҳои давлатии рақамикунонӣ ва рушди ТИК
2	Ҳолати рақамикунонии аудит	Сатҳи рақамикунонии хизматрасониҳои аудитӣ нисбатан паст мебошад	Самаранокии аудит ва рақобатпазирии ташкилотҳо коҳиш меёбад	Ҷорӣ намудани платформаҳои рақамии муосир ва системаҳои автоматикунонидашуда
3	Усулҳои анъанавии аудит	Бисёре аз ташкилотҳо истифодаи идоракунии ҳуҷҷатҳои коғазӣ ва коркарди дастиро идома медиҳанд.	Афзоиши хароҷоти вақт ва эҳтимолияти хатогиҳо	Гузариш ба идоракунии электронии ҳуҷҷатҳо ва таҳлили рақамӣ
4	Сатҳи нокифояи инфрасохтори рақамӣ	Суръати сусти интернет, дастрасии маҳдуд ба хизматрасониҳои рақамӣ ва таҷҳизоти техникии камиқтидор	Суст шудани татбиқи аудити рақамӣ дар минтақаҳои кишвар	Рушди интернети баландсуръат ва такмили инфрасохтори техникӣ
5	Набудани захираҳои техникии муосир	Набудани серверҳо, платформаҳои абрӣ ва системаҳои таъминоти барномавӣ	Маҳдудиятҳои имконоти аудити рақамӣ	Сармоягузорӣ дар технологияҳои рақамӣ ва роҳҳои ҳалли абрӣ
6	Набудани кадрҳои баландихтисос	Набудани мутахассисони дорои дониш дар соҳаи аудит ва технологияҳои иттилоотӣ	Мушкилоти татбиқи усулҳои аудити рақамӣ	Омӯзиши мутахассисони насли нав ва такмили ихтисоси кадрҳо
7	Камбудиҳои барномаҳои таълимӣ	Барномаҳои таълимӣ на ҳамеша ба талаботи иқтисоди рақамӣ ҷавобгӯ мебошанд	Сатҳи нокифояи салоҳиятҳои рақамӣ дар байни хатмкунандагон	Навсозии стандартҳои таълимӣ ва ҷорӣ намудани фанҳои самти IT
8	Мушкилоти танзими ҳуқуқӣ	Қонунгузорӣ аудити рақамӣ ва идоракунии ҳуҷҷатҳои электрониро ба қадри кофӣ танзим намекунад.	Ҳангоми истифодаи технологияҳои рақамӣ мушкилоти ҳуқуқӣ ба миён меоянд	Такмили санадҳои меъёрию ҳуқуқии танзимкунанда
9	Истифодаи технологияҳои абрӣ ва зеҳни сунъӣ	Стандартҳо барои истифодаи зеҳни сунъӣ ва хизматрасониҳои абрӣ дар аудит ба қадри кофӣ таҳия нашудаанд.	Истифодаи маҳдуди технологияҳои муосир	Таҳияи стандартҳои миллии аудити рақамӣ
10	Арзиши баланди табдили рақамӣ	Зарурати хароҷоти назарраси молиявӣ таъминоти барномавӣ,	Ширкатҳои хурд барои зуд қабул кардани технологияҳои рақамӣ мубориза мебаранд	Дастгирии давлатӣ ва рақамикунонии марҳилавӣ

№	Самти таҳлил	Мундариҷаи масъала	Оқибатҳо барои фаъолияти аудиторӣ	Роҳҳои ҳалли
		таъминоти таҷҳизотӣ ва омӯзиш		
11	Такмилдиҳии пайвастаи технологияҳо	Фарсудашавии баландсуръати таъминоти барномавӣ ва таҷҳизотӣ	Афзоиши хароҷот ва ақибмонии технологӣ дар ташкилотҳо	Навсозии мунтазами инфрасохтори рақамӣ
12	Таҳдидҳо ба амнияти иттилоотӣ	Хатари афзояндаи ихроҷи маълумот, ҳамлаҳои киберӣ ва дастрасии беиҷозат	Аз даст додани маълумоти махфӣ ва вайроншавии системаҳо	низомҳои муосири амнияти киберӣ
13	Сатҳи нокифояи ҳифзи киберӣ	Набудани нусхаи эҳтиётӣ, муҳофизати зиддивирусӣ ва дастрасии бисёрсатҳӣ	Эҳтимолияти афзояндаи ҳодисаҳои киберӣ	Истифодаи воситаҳои муосири амнияти иттилоотӣ
14	Омили инсонӣ	Саводнокии нокифояи рақамии кормандон ва хатогиҳо дар кор бо системаҳо	Пайдоиши таҳдидҳо ба амнияти иттилоотӣ	Баланд бардоштани саводнокии рақамии кормандон
15	Бартариҳои аудити рақамӣ	Автоматикунонии равандҳо, суръат бахшидан ба Таҳлили маълумот ва баланд бардоштани шаффофият	Беҳтар кардани сифати назорати Молиявӣ ва самаранокии аудит	Татбиқи фаъоли технологияҳои рақамӣ
16	Дурнамои рушди аудити рақамӣ	Рақамикунонӣ ба такмили низоми молиявии давлат мусоидат мекунад	Баланд бардоштани шаффофияти иқтисодӣ ва эътимод ба аудит	Ҳамкории ҳамаҷониба байни давлат, донишгоҳҳо ва ташкилотҳои аудиторӣ

Сарчашма: таҳияи муаллифон.

Муҳокимаи натиҷаҳо. Натиҷаҳои таҳқиқот нишон медиҳанд, ки рақамикунонии аудит шарти зарурии навсозии низоми молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Истифодаи технологияҳои рақамӣ ба баланд бардоштани самаранокии назорати молиявӣ, беҳтар шудани сифати аудит ва шаффофияти равандҳои иқтисодӣ мусоидат мекунад.

Дар шароити имрӯза, мушкилоти мавҷуда суръати табдили рақамиро дар аудит ба таври назаррас маҳдуд мекунанд. Таҳлили таҷрибаи байналмилалӣ нишон медиҳад, ки рушди бомуваффақияти аудити рақамӣ танҳо бо ҳамкории ҳамаҷонибаи давлат, муассисаҳои таълимӣ, ҷомеаи илмӣ ва ширкатҳои аудитӣ имконпазир аст. Рушди инфрасохтори муосири рақамӣ, такмили заминаи меъёрӣ, омодасозии кадрҳои соҳибихтисос ва беҳтар кардани амнияти иттилоотӣ аҳамияти хоса доранд.

Хулоса. Ҳамин тариқ, рақамикунонии аудит дар Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз самтҳои муҳимтарини навсозии низоми молиявии миллӣ ва рушди иқтисоди муосири рақамӣ мебошад. Дар шароити табдили рақамии ҷаҳонӣ, истифодаи технологияҳои иттилоотӣ дар аудит ба шарти зарурии баланд бардоштани рақобатпазирии ширкатҳои аудиторӣ, такмили механизмҳои назорати молиявӣ ва таъмини шаффофияти фаъолияти иқтисодӣ табдил меёбад.

Ҷорӣ намудани технологияҳои рақамӣ самаранокии аудитро тавассути автоматикунонии коркарди иттилоот, суръат бахшидан ба таҳлили маълумоти молиявӣ ва коҳиш додани эҳтимолияти хатогиҳои инсонӣ ба таври назаррас беҳтар мекунад. Истифодаи таъминоти барномави махсус, технологияҳои абрӣ, идоракунии ҳуҷҷатҳои электронӣ ва

системаҳои таҳлили маълумоти калон сифати аудит, суръати қабули қарорҳо ва эътимоднокии ҳисоботи молиявиро беҳтар мекунад.

Ғайр аз ин, рақамикунонии аудит дар таъмини шаффофияти равандҳои иқтисодӣ, тақвияти интизоми молиявӣ ва афзоиши эътимод байни давлат, сармоягузорон ва шарикони тиҷоратӣ нақши калидӣ мебозад. Воситаҳои муосири рақамӣ имкон медиҳанд, ки вайронкуниҳои молиявӣ нисбатан самараноктар ошкор карда шуда, таҳлили хатарҳо ва мониторинги риояи талаботи қонунӣ анҷом дода шаванд.

Бо вуҷуди манфиатҳои назарраси табдили рақамӣ, рақамикунонии аудит дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо як қатор муаммоҳо ва маҳдудиятҳои ҷиддӣ рӯбарӯ аст. Яке аз монеаҳои асосӣ рушди нокифояи инфрасохтори рақамӣ, бахусус дар баъзе минтақаҳои кишвар боқӣ мемонад. Дастрасии маҳдуд ба технологияҳои муосири иттилоотӣ, алоқаи ноустувори интернет ва таҷҳизоти нокифояи техникӣ дар ташкилотҳо татбиқи роҳҳои ҳалли рақамиро дар амалияи аудит суст мекунад.

Норасоии мутахассисони соҳибихтисос бо салоҳиятҳои муосири рақамӣ низ мушкили ҷиддӣ аст. Истифодаи самараноки системаҳои автоматии аудит ба мутахассисони ботаҷриба дар соҳаи технологияҳои иттилоотӣ, системаҳои таҳлили маълумот ва воситаҳои амнияти киберӣ ниёз дорад. Ин ниёз ба такмили барномаҳои таълимӣ ва омода кардани насли нави мутахассисонро афзоиш медиҳад.

Мушкилоти иловагӣ аз номукаммалии санадҳои меъёрию ҳуқуқии танзимкунандаи аудити рақамӣ, идоракунии ҳуҷҷатҳои электронӣ ва амнияти иттилоотӣ ба миён меоянд. Рушди босуръати технологияҳои рақамӣ навсозии доимии қонунгузорӣ ва таҳияи стандартҳои муосирро барои танзими фаъолияти аудитӣ талаб мекунад.

Дар айни замон, татбиқи технологияҳои рақамӣ хароҷоти назарраси молиявиро барои ба даст овардани таъминоти барномавӣ, навсозии инфрасохтори техникӣ, амнияти иттилоот ва омӯзиши кормандон талаб мекунад. Барои бисёре аз ширкатҳои аудитии хурду миёна чунин хароҷот бори гаронии молиявиро ташкил медиҳанд.

Дар заминаи рақамикунонӣ, масъалаҳои амнияти иттилоот махсусан муҳим мегарданд. Ҳаҷми афзояндаи маълумоти электронӣ ва истифодаи технологияҳои шабакавӣ хатари ҳамлаҳои киберӣ, ихроҷи маълумоти махфӣ ва дастрасии беиҷозат ба ҳуҷҷатҳои молиявиро зиёд мекунад. Аз ин рӯ, таъмини амнияти боэътимоди иттилоот ба самти калидии рушди аудити рақамӣ табдил меёбад.

Рушди бомуваффақияти аудити рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамкории ҳамаҷонибаро байни давлат, муассисаҳои таълимӣ, ҷомеаи илмӣ ва ширкатҳои аудитӣ талаб мекунад. Вазифаҳои муҳимтарин рушди инфрасохтори рақамии муосир, такмили санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ, тақвияти амнияти киберӣ ва тайёр кардани мутахассисони баландихтисос мебошанд, ки қодиранд дар иқтисоди рақамӣ самаранок кор кунанд.

Ҳамин тариқ, рушди минбаъдаи аудити рақамӣ ба баланд бардоштани самаранокии назорати молиявӣ, тақвияти шаффофияти низоми иқтисодӣ ва эҷоди муҳити муосири рақамӣ, ки ба талаботи иқтисоди иттилоотии ҷаҳонӣ ҷавобгӯ бошад, мусоидат хоҳад кард.

АДАБИЁТ:

1. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти аудиторӣ» аз 22.06.2013, № 993
2. Консепсияи иқтисоди рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 декабри соли 2019, № 642)
3. Аманназаров Д., Союнова А., Гурбанова Г., Атаева А. Цифровизация системы аудита: новый уровень качества и эффективности // Символ науки. 2024. №10-2-1. URL: https://cyberleninka.ru/article/n/tsifrovizatsiya-sistemy-audita-novyy-uroven-kachestva-i-effektivnosti (дата обращения: 18.05.2026).
4. Кизилов, А.Н. Аудит в условиях цифровизации: основные проблемы и пути решения / А.Н. Кизилов, Х.М. Мажиев // Современная российская наука: актуальные вопросы, достижения и инновации: сборник статей IV Всероссийской научно-практической конференции, Пенза, 20

мая 2022 года. – Пенза: Наука и Просвещение (ИП Гуляев Г.Ю.), 2022. – С. 65-68. – EDN HKBLPS
5. Лутфулоев, М.Д. Таъсири рақамикунонии савдои чакана ба устувории иқтисоди миллӣ / М.Д. Лутфулоев, С.С. Амонов // Вестник Бохтарского государственного университета имени Носира Хусрава. Серия гуманитарных и экономических наук. – 2026. – No. 1-1(143). – P. 318-324. – EDN GXWXQX.
6. Лутфулоев, М.Д. Цифровизация маркетинга: проблемы и тенденции развития / М.Д. Лутфулоев // Вестник Таджикского государственного университета коммерции. – 2024. – № 1(51). – EDN DMRXFU.
7. Попова Элеонора Викторовна, Куденко Марина Сергеевна Цифровые технологии в учете и аудите // Экономический вестник Донбасского государственного технического университета. 2024.
8. Селезнева Ирина Павловна, Ситнов Алексей Александрович. Аудит в условиях цифровизации экономики россии: риски, возможности и ограничения // Проблемы экономики и юридической практики. 2020. №4.
9. Сергеев, Л.И. Государственный стратегический аудит в цифровой экономике / Л.И. Сергеев // Тренды и управление. — 2019. — № 2. — С. 61-75. — DOI 10.7256/2454-0730.2019.2.29039. — EDN HAMDPX.
10. Ходжаева Мархаматхон Исроиловна. Сущность аудита и регулирование аудиторской деятельности // ТГФЭУ. 2022. №1 (30).

УДК 332.1:330.322:338.45

ТАҶРИБАИ ХОРИҶИИ ИДОРАИ ДАВЛАТИИ ҶАЛБИ САРМОЯ БА ЗАМИНАҲОИ БУНЁДИИ САНОАТИ МИНТАҚА

ВОҲИДОВ АЛИАКБАР АБДУЛБОЕВИЧ
Доктор (PhD-доктори фалсаф), курси сеюм, аз рӯи ихтисос - 6D051000 - (идораи давлатӣ ва маҳаллӣ) кафедраи идоракунии молияи давлатӣ ва иқтисоди рақамии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. **Суроға:** 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи С. Носир 33. **Тел.:** (+992) 987-44-41-76. **E-mail:**vokhidovaliakbar@mail.ru

Анотатсия. Мақола ба таҳлили таҷрибаи хориҷӣ дар самти ҷалби сармоя ба заминаҳои бунёдии саноати минтақа бахшида шудааст. Дар он моделҳо ва механизмҳои асосии ташвиқи сармоягузории дохиливу хориҷӣ, аз қабили минтақаҳои озоди иқтисодӣ ва саноатӣ, боғҳои технологиявию инноватсионӣ, лоиҳаҳои ҳамкорӣ дар доираи шарикии давлатӣ-хусусӣ, созишномаҳои дарозмуддати ва низомҳои имтиёзҳои андозию гумрукӣ баррасӣ мегарданд. Муаллиф таҷрибаи кишварҳои босуръат рушдёбандаи саноатӣ, аз ҷумла Чин, Кореяи Ҷанубӣ, Малайзия, Туркия ва Қазоқистонро муқоисаворона меомӯзад ва омилҳои муваффақияти онҳо - аз қабили суботи институтсионалӣ, такмили муҳити ҳуқуқии сармоягузорӣ, рушди инфрасохтори нақлиётӣ ва энергетикӣ, баланд бардоштани сатҳи рақобатпазирии минтақавӣ ва дастгирии давлатии соҳаҳои афзалиятнокро ҷудо менамояд. Таҷрибаи кишварҳои хориҷӣ нишон медиҳад, ки ташаккули муҳити мусоиди сармоягузорӣ ва истифодаи механизмҳои муосири маблағгузорӣ барои рушди устувори инфрасохтори саноатӣ ва баланд бардоштани рақобатпазирии минтақаҳо аҳаммияти муҳим дорад.

Калидвожаҳо: ҷалби сармоя, заминаҳои бунёдии саноат, таҷрибаи хориҷӣ, минтақаҳои озоди иқтисодӣ, сармоягузории хориҷӣ, инфрасохтори саноатӣ, сиёсати сармоягузорӣ, саноатикунонии минтақа, рақобатпазирии иқтисодӣ.

ЗАРУБЕЖНЫЙ ОПЫТ ГОСУДАРСТВЕННОГО УПРАВЛЕНИЯ ПРИВЛЕЧЕНИЕМ ИНВЕСТИЦИЙ В ФУНДАМЕНТАЛЬНЫЕ ОСНОВЫ РАЗВИТИЯ ПРОМЫШЛЕННОСТИ РЕГИОНА

ВОХИДОВ АЛИАКБАР АБДУЛБОЕВИЧ
Доктор PhD (доктор философии), обучающийся на третьем курсе по специальности 6D051000 – «Государственное и местное управление», кафедра государственного финансового управления и цифровой экономики Академии государственного управления при Президенте Республики Таджикистан. **Адрес:** 734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. С. Носир, 33.
Тел.: (+992) 987-44-41-76. **E-mail**:vokhidovaliakbar@mail.ru

Аннотация. Статья посвящена анализу зарубежного опыта привлечения инвестиций в базовые отрасли региональной промышленности. Рассматриваются основные модели и механизмы стимулирования внутренних и внешних инвестиций, включая свободные экономические и индустриальные зоны, технопарки и инновационные кластеры, проекты государственно-частного партнёрства, концессионные соглашения, а также системы налоговых и таможенных льгот. Путём сравнительного анализа изучен опыт Китая, Южной Кореи, Малайзии, Турции и Казахстана, выделены ключевые факторы успеха - институциональная стабильность, совершенствование инвестиционного законодательства, развитие транспортной и энергетической инфраструктуры, а также государственная поддержка приоритетных отраслей. Зарубежный опыт показывает, что формирование благоприятного инвестиционного климата и применение современных механизмов финансирования имеют важное значение для устойчивого развития промышленной инфраструктуры и повышения конкурентоспособности регионов.

Ключевые слова: инвестиции, привлечение капитала, промышленность, промышленное развитие, регион, промышленная инфраструктура, зарубежный опыт, инвестиционная политика, государственно-частное партнёрство, концессионный механизм, инвестиционный климат, региональное развитие.

INTERNATIONAL EXPERIENCE IN PUBLIC ADMINISTRATION OF INVESTMENT ATTRACTION TO THE FUNDAMENTAL FOUNDATIONS OF REGIONAL INDUSTRIAL DEVELOPMENT

VOHIDOV ALIAKBAR ABDULBǪEVICH
PhD (Doctor of Philosophy), third-year doctoral student in the specialty 6D051000 – “Public and Local Governance,” Department of Public Financial Management and Digital Economy, Academy of Public Administration under the President of the Republic of Tajikistan.
Address: 734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, S. Nosir Street 33.
Tel.: (+992) 987-44-41-76. **E-mail:**vokhidovaliakbar@mail.ru

Abstract. This article examines international best practices for attracting investment into the fundamental sectors of regional industrial development. It analyzes key models and mechanisms used to stimulate both domestic and foreign investment, including free economic and industrial zones, technology and innovation parks, public–private partnership (PPP) projects, concession agreements, and systems of tax and customs incentives. Through comparative analysis, the study explores the experience of China, South Korea, Malaysia, Turkey, and Kazakhstan, identifying critical success factors such as institutional stability, improved investment legislation, advanced transport and energy infrastructure, and targeted government support for priority industries. The study examines the role of public investment policy, a favorable institutional environment, tax and financial incentives, public-private partnerships, concession mechanisms, and the use of extra-budgetary sources of financing. International experience demonstrates that creating a favorable investment climate and applying modern financing mechanisms are important factors for the sustainable development of industrial infrastructure and enhancing the competitiveness of regions.

Keywords: investment, capital attraction, industry, industrial development, region, industrial infrastructure, international experience, investment policy, public-private partnership, concession mechanism, investment climate, regional development.

Муқаддима. Дар шароити тағйирёбии сохтори иқтисоди ҷаҳонӣ ва афзоиши рақобат барои захираҳои сармоягузорӣ масъалаи такмили идоракунии давлатии равандҳои сармоягузорӣ ба яке аз самтҳои муҳими сиёсати рушди иқтисодӣ табдил ёфтааст. Барои минтақаҳо ҷалби сармоя на танҳо воситаи зиёд намудани ҳаҷми маблағгузорӣ, балки омили ташаккули иқтидори истеҳсолӣ, навсозии инфрасохтор, таъсиси ҷойҳои нави корӣ ва баланд бардоштани рақобатпазирии иқтисодӣ мебошад.

Рушди саноат дар сатҳи минтақавӣ бевосита ба ҳолати инфрасохтори энергетикӣ, нақлиётӣ, истеҳсолӣ, коммуникатсионӣ ва технологӣ вобаста мебошад. Аз ин рӯ, идоракунии давлатии сармоягузорӣ бояд ба ташкили муҳити институтсионалӣ ва иқтисодие равона гардад, ки барои сармоягузор имконияти фаъолияти устувор ва дарозмуддат фароҳам оварад. Дар ин раванд таҷрибаи кишварҳои хориҷӣ аз нуқтаи назари истифодаи шарикии давлат ва бахши хусусӣ, механизмҳои консессионӣ, имтиёзҳои сармоягузорӣ, минтақаҳои махсуси иқтисодӣ ва низоми дастгирии лоиҳаҳои инфрасохторӣ аҳаммияти илмӣ ва амалӣ дорад.

Қобили тазаккур мебошад, аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон эълон гардидани солҳои «Солҳои рушди саноат 2022-2026 » [1]. Аз ҷумла: «Стратегияи милли рушди Ҷумҳурии Тоҷкистон дар давраи то соли 2030» [2]., «Стратегияи рушди саноат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» [3]., мусоидат ба раванди фарогиру устувори саноатикунонӣ ва навовариҳо» қабул гардид, ки барои рушди инфрасохтории заминаҳои бунёдии саноати аҳамияти ниҳоят бузург дорад.

Мубрамияти таҳқиқот ба он вобаста аст, ки рушди босуръати саноат бе ташаккули заминаҳои устувори инфрасохторӣ ва молиявӣ маҳдуд мегардад. Дар чунин шароит давлат ҳамчун субъекти асосии танзими иқтисодӣ бояд на танҳо сиёсати ҷалби сармояро таҳия намояд, балки механизми муассири ҳамоҳангсозии манфиатҳои давлат, минтақаҳо ва сармоягузорони хусусиро низ ташаккул диҳад. Омӯзиши таҷрибаи хориҷӣ имконият медиҳад, ки воситаҳои нисбатан самараноки идоракунии давлатии сармоягузорӣ муайян гардида, имконияти мутобиқсозии онҳо ба шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон арзёбӣ карда шавад.

Мақсади таҳқиқот. Мақсади таҳқиқот таҳлили таҷрибаи хориҷӣ дар самти идоракунии давлатии ҷалби сармоя ба рушди саноати минтақа ва муайян намудани механизмҳои мувофиқи истифодаи он дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Барои расидан ба ин мақсад вазифаҳои зерин муайян карда шуданд: таҳлили асосҳои назариявии идоракунии давлатии сармоягузорӣ; муайян намудани нақши давлат дар ташаккули муҳити сармоягузории минтақа; омӯзиши механизмҳои хориҷии ҷалби сармоя ба инфрасохтори саноатӣ; таҳлили имкониятҳои истифодаи шарикии давлат ва бахши хусусӣ ва механизмҳои консессионӣ; муайян намудани самтҳои мутобиқсозии таҷрибаи байналмилалӣ ба шароити Тоҷикистон.Инчунин муайян намудани ҷалби сармоягузориҳо ба заминаҳои бунёдии саноати ва нақши он дар рушди иқтисоди минтақа, механизмҳои асосии ҷалби сармоя, унсурҳои асосии ҷалби сармояи хориҷӣ ва мушкилот ва монеаҳои рушди заминаҳои бунёдии саноати дар сатҳи маҳалли дар шароити гузариш ба маделҳои муосири инноватсионӣ, яке аз омили муҳими баланд гардидани сатҳу сифати зиндагиро дар сатҳи маҳал вобаст бо ташаккулёбии соҳаи саноат ва ба ин васила балан бардоштани сатҳи некуаҳволии маҳал ба шумор меравад.

Методҳои таҳқиқот. Дар раванди таҳқиқот аз асосҳои назариявӣ, таҳлили адабиётҳои илмӣ, омӯзиши таҷрибаи хориҷӣ ва таҳлили муқоисавӣ, таҳлили мантиқӣ, абстраксия ва умумисозӣ, методҳои моделсозии консептуалӣ, методҳои таҳлили иқтисодӣ ва оморӣ, таҳлили динамикӣ ва таҳлили сохторӣ истифода шудааст.

Қисмати асосӣ. Дар таҷрибаи кишварҳои хориҷӣ идоракунии давлатии ҷалби сармоя ба рушди саноат ҳамчун низоми байниҳамдигарии сиёсати иқтисодӣ, институтҳои давлатӣ,

механизмҳои молиявӣ ва инфрасохтори минтақавӣ ташаккул меёбад. Давлат тавассути сиёсати андозию молиявӣ, кафолатҳои ҳуқуқӣ, дастгирии инфрасохторӣ ва механизмҳои ҳавасмандгардонӣ барои сармоягузорон шароити заруриро фароҳам менамояд. Ҳамзамон, минтақаҳо бо истифода аз иқтидори захиравӣ ва мавқеи иқтисодию ҷуғрофии худ метавонанд самтҳои афзалиятноки ҷалби сармояро муайян намоянд.

Яке аз хусусиятҳои муҳимми таҷрибаи байналмилалӣ гузариш аз модели идоракунии мустақими давлатӣ ба модели ҳамоҳангсозии фаъолияти субъектҳои гуногуни иқтисодӣ мебошад. Дар ин раванд давлат нақши танзимкунанда ва кафолатдиҳанда дошта, бахши хусусӣ ҳамчун манбаи сармоя, технология ва таҷрибаи идоракунӣ ҷалб мегардад. Чунин муносибат махсусан дар татбиқи лоиҳаҳои бузурги инфрасохторӣ аҳаммияти муҳим дорад.

Шарикии давлат ва бахши хусусӣ яке аз механизмҳои васеъ истифодашавандаи ҷалби сармоя ба инфрасохтори саноатӣ мебошад. Афзалияти чунин механизм дар он ифода меёбад, ки имкониятҳои молиявӣ ва идоракунии бахши хусусӣ бо ваколатҳои танзимкунанда ва имкониятҳои институтсионалии давлат пайваст карда мешаванд. Дар доираи чунин муносибатҳо тақсимоти хавфҳо, масъулиятҳо ва манфиатҳои тарафҳо бояд пешакӣ муайян карда шавад.

Механизмҳои консессионӣ низ метавонанд ҳамчун воситаи ҷалби сармоя ба объектҳои инфрасохторӣ истифода шаванд. Дар доираи консессия давлат метавонад ба субъекти хусусӣ ҳуқуқи сохтмон, истифода ё идоракунии объекти муайянро барои муҳлати муқарраршуда диҳад. Барои самаранокии чунин механизмҳо шаффофияти шартнома, назорати иҷрои ӯҳдадориҳо ва ҳифзи манфиатҳои ҷамъиятӣ аҳаммияти муҳим доранд.

Таҷрибаи байналмилалӣ инчунин нишон медиҳад, ки рушди минтақаҳои саноатӣ бе инфрасохтори мувофиқи энергетикӣ, нақлиётӣ ва рақамӣ устувор буда наметавонад. Аз ин рӯ, ҷалби сармоя бояд ба объектҳое равона гардад, ки таъсири мултипликативӣ ба иқтисоди минтақа доранд. Сармоягузорӣ ба роҳҳо, энергетика, шабакаҳои алоқа, логистика ва инфрасохтори истеҳсолӣ метавонад барои ташаккули занҷираҳои нави истеҳсолӣ ва васеъ намудани фаъолияти соҳибкорӣ замина фароҳам оварад.

Таҳлили таҷрибаи кишварҳои пешрафтаи саноатӣ нишон медиҳад, ки ҷалби сармоягузориҳо ба заминаҳои бунёдии саноати минтақа пеш аз ҳама тавассути ташкили муҳити устувори институтсионалӣ ва пешгӯишаванда амалӣ мегардад. Дар аксари давлатҳои Аврупо ва Осиё барои бахшҳои зерсохторӣ - энергетика, нақлиёт, логистика, инфрасохтори саноатӣ, паркҳо ва кластерҳои саноатӣ - низоми махсуси имтиёзҳои андозӣ, субсидияҳои ҳадафманд, кафолатҳои давлатӣ ва дастгирии қарзӣ ҷорӣ гардидааст, ки хавфҳои сармоягузорро коҳиш дода, давраи бозгашти сармояро кӯтоҳ менамояд.

Таҷрибаи Чин, Ҷумҳурии Корея, Туркия, Қазоқистон, Ӯзбекистон ва як қатор кишварҳои дигари рушдёбанда нишон медиҳад, ки ташкили минтақаҳои озоди иқтисодӣ, бофтҳои саноатӣ ва паркҳои технологӣ бо инфрасохтори «калиди тайёр» (замин, роҳ, энергетика, алоқа, ҳадамоти гумрукӣ ва бонкӣ дар як нуқта) яке аз омилҳои муҳимтарини ҷалби сармоя ба соҳаҳои бунёдӣ ба шумор меравад.

Усули паҳншудаи дигар - инкишофи шарикии давлативу хусусӣ дар лоиҳаҳои зерсохторӣ мебошад, ки дар аксари кишварҳо барои бунёди неругоҳҳо, хатҳои интиқоли барқ, шабакаҳои коммуникатсионӣ, роҳҳои автомобилгард ва роҳи оҳан ба таври фаъол истифода мегардад. Механизмҳои асосии щамкориҳо имкон медиҳанд, ки давлат масъулияти танзим, кафолатҳо ва қисми инфрасохтори асосиро ба зимма гирад, дар ҳоле ки бахши хусусӣ технология, менеҷмент ва захираҳои молиявиро ворид мекунад. Барои ҷалби сармоя ба заминаҳои бунёдии саноат, кишварҳои хориҷӣ инчунин банақшагирии дарозмуддати минтақавӣ, рейтингҳои сармоягузории минтақаҳо, порталҳои рақамии «як равзана» ва системаҳои шаффофи интихоби лоиҳаҳоро ба роҳ мондаанд, ки сатҳи боварии сармоягузорони дохилию хориҷиро баланд менамоянд.

«Амалигардонии сиёсати фаъоли сармоягузорӣ ба таҷдиди соҳаи саноат ва азнавкунии инфрасохтори корхонаҳои саноатӣ боис гардида, ба пайдо шудани соҳаҳои нави техникӣ ва

технологӣ оварда расонид» [7]. Амалигардонии сиёсати фаъоли сармоягузорӣ ба таҷдиди саноат ва навсозии инфрасохтори корхонаҳо мусоидат намуда, барои ташаккули иқтидори нави техникӣ ва технологӣ замина фароҳам меорад. Ба мавқеи муаллиф, самаранокии чунин сиёсат бояд на танҳо аз рӯи ҳаҷми сармояи ҷалбшуда, балки аз рӯи натиҷаҳои он — навсозии воситаҳои асосӣ, ҷорӣ намудани технологияҳои муосир ва афзоиши иқтидори истеҳсолӣ — арзёбӣ гардад. Дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон ин равиш метавонад ҳамчун омили муҳими рушди инфрасохтори саноатии минтақаҳо ва баланд бардоштани ҷолибияти сармоягузории онҳо истифода шавад.

Муаллифон Ашуров И.С., Асоев М.М. «...таъкид менамояд, ки рушди истеҳсолоти саноатӣ ва тағйироти сохторие, ки солҳои охир дар соҳаи саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мушоҳида мерасанд, натиҷаи зарурати баланд бардоштани самаранокии механизмҳои коркард, таъмини устувории таъминотӣ ва тақвияти иқтидори иқтисодӣ мебошанд. Таҳлил нишон медиҳад, ки болоравии ҳиссаи истеҳсоли маҳсулот дар зерсоҳаву гурӯҳҳои гуногун танҳо ҳангоми истифодаи равишҳои муосири идоракунӣ, устувор гардонидани занҷирҳои технологӣ ва такмили инфрасохтори саноатӣ имконпазир аст. Дар ин замина, муаллифон зарурати ҷорӣ намудани ислоҳоти институсионалӣ, густариши иқтидори истеҳсолӣ ва татбиқи барномаҳои мақсаднокро ҳамчун омилҳои калидии рушди минбаъдаи саноат муқаррар карда, талаб менамояд, ки сиёсати давлатӣ ба баланд бардоштани рақобатпазирии маҳсулот ва диверсификатсияи истеҳсолот равона карда шавад» [5].

Бо дарназардошти ҳамин таҷриба, барои минтақаҳои саноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳим аст, ки моделҳои муваффақ – аз қабили минтақаҳои озоди иқтисодӣ, паркҳои саноатӣ, механизмҳои ШДХ ва имтиёзҳои ҳадафманд барои инфрасохтори энергетикӣ, нақлиётӣ ва логистикӣ – ба шароити миллӣ мутобиқ карда шаванд. Ҳамоҳангсозии сиёсати давлатии сармоягузорӣ бо стратегияҳои рушди миллӣ ва минтақавӣ, такмили қонунгузории ШДХ, рақамисозии хизматрасониҳои иҷозатдиҳӣ, ҳамчунин баланд бардоштани қобилияти институтсионалии мақомоти маҳаллӣ метавонад ба афзоиши ҷалби сармоя ба заминаҳои бунёдии саноати минтақа мусоидат намояд ва пойгоҳи устувори саноатикунонии кишварро таъмин созад.

Намояи 1. Сохтори маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ дар солҳои 2015-2024 ***(бо фоиз)***



Сарчашма: Таҳияи муаллиф дар асоии маводҳои “Ҳисоботи фосилавии фишурда оид ба рафти татбиқи Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025[4].

Ҳамзамон лозим ба зикр мебошад, ки ҳиссаи соҳаи саноат дар сохтори ММД аз 15,1 фоиз дар соли 2015 то 16,9 фоиз дар соли 2024, саҳми соҳаи кишоварзӣ аз 21,6 то 22,8 фоиз ва саҳми соҳаи хизматрасонӣ аз 37,7 то 42,8 фоиз афзуда, барои саноатикунонии босуръати кишвар заминаи мусоид фароҳам оварда шудааст.

Дар марҳилаи дуюми татбиқи СМР 2030 ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ аз 38,8 миллиард сомонии соли 2021 то ба 54 миллард сомонӣ дар соли 2024 ё қариб 1,4 маротиба афзудааст, ки дар натиҷа ҳиссаи он дар сохтори ММД (тибқи маълумоти пешакӣ) ба 16,9 фоиз баробар гардид.

Ин тамоюл на танҳо нишондиҳандаи тақвияти иқтидорҳои дохилии истеҳсолӣ, балки нишондиҳандаи он аст, ки стратегияи давлатии ҷалби сармоя, махсусан ба зерсохторҳои асосии саноат, дар самти дуруст амалӣ мешавад.

Дар заминаи таҷрибаи ҷаҳонӣ, афзоиши ҳиссаи саноат дар сохтори ММД аксаран бо ду омил робитаи қавӣ дорад: аввал, ҷалби сармояи мустақими хориҷӣ ба инфрасохтори саноатӣ ва, дувум, рушди кластерҳои истеҳсолӣ дар минтақаҳо.

Масалан, таҷрибаи кишварҳои Осиёи Ҷанубу Шарқӣ нишон медиҳад, ки ҳангоми афзоиши ҳиссаи саноат ҳатман механизмҳои махсуси ташвиқи сармоягузории хориҷӣ татбиқ мегарданд: аз таъсиси минтақаҳои озоди саноатӣ то пешниҳоди имтиёзҳои андозӣ ва таъмини инфрасохтори логистикии баландсифат.

Ин раванд барои Тоҷикистон низ муҳим мебошад, зеро болоравии ҳиссаи саноат дар ММД худ ба худ ба вуҷуд намеояд, балки натиҷаи сиёсати ҳадафманди давлатӣ оид ба ҷалби сармоя ба соҳаҳои бунёдии саноат мебошад.

Ҷадвали 1. Динамикаи таъсис ва ба истифода додани корхонаҳои нави саноатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2020–2025

№	Сол	Шумораи корхонаҳои нави саноатӣ, адад	Ҷойҳои нави корӣ, нафар
1	2020	142	2 148
2	2021	162	2 139
3	2022	487	4 052
4	2023	729	4 846
5	2024	528	5 115
6	2025	396	2 422
Ҳамагӣ	**2020–2025**	**2 444**	**20 722**

Манбаъ: Дар асоси маълумоти пешниҳодшудаи муаллиф таҳия гардидааст.[9, 10].

Таҳлили маълумоти ҷадвал нишон медиҳад, ки дар солҳои 2020-2025 раванди ташаккул ва густариши иқтидори саноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон тамоюли афзоишӣ доштааст. Дар ин давра шумораи умумии корхонаҳои саноатӣ аз 2 274 адад ба 3 972 адад расида, 1 698 адад ё тақрибан 74,7% зиёд шудааст. Дар маҷмӯъ, дар солҳои таҳлилшаванда 2 444 корхонаи нави саноатӣ таъсис ёфта, 20 722 ҷойи нави корӣ фароҳам оварда шудааст. Баландтарин нишондиҳандаи таъсиси корхонаҳои нав дар соли 2023 - 729 адад ва аз рӯи таъсиси ҷойҳои корӣ дар соли 2024 -5 115 ҷойи корӣ ба қайд гирифта шудааст. Афзоиши босуръати шумораи корхонаҳои нав дар солҳои 2022-2024 аз фаъолшавии равандҳои сармоягузорӣ, тавсеаи иқтидори истеҳсолӣ ва фароҳам гардидани заминаҳои мусоиди рушди соҳибкории саноатӣ шаҳодат медиҳад.

Дар соли 2025 бошад, бо вуҷуди коҳиш ёфтани шумораи корхонаҳои нави баистифодарасида нисбат ба солҳои 2023-2024, раванди таъсиси корхонаҳо идома ёфтааст.

Ба андешаи муаллиф, ин динамика зарурати идомаи сиёсати фаъоли сармоягузорӣ, беҳтар намудани инфрасохтори истеҳсолӣ ва энергетикӣ, инчунин равона намудани сармоя ба соҳаҳои дорои арзиши баланд

Амалигардонии сиёсати фаъоли сармоягузорӣ ба таҷдиди саноат ва навсозии инфрасохтори корхонаҳо мусоидат намуда, барои ташаккули иқтидори нави техникӣ ва технологӣ замина фароҳам меорад. Ба мавқеи муаллиф, самаранокии чунин сиёсат бояд на танҳо аз рӯи ҳаҷми сармояи ҷалбшуда, балки аз рӯи натиҷаҳои он - навсозии воситаҳои асосӣ, ҷорӣ намудани технологияҳои муосир ва афзоиши иқтидори истеҳсолӣ - арзёбӣ гардад. Дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон ин равиш метавонад ҳамчун омили муҳими рушди

инфрасохтори саноатии минтақаҳо ва баланд бардоштани ҷолибияти сармоягузории онҳо истифода шавад.

Дар ин замина, таҷрибаи кишварҳои муваффақ-Чин, Кореяи Ҷанубӣ, Малайзия ва Қазоқистон - нишон медиҳад, ки саноатикунонии босуръат маҳз дар шароити ворид шудани сармояи хориҷӣ ба зерсохторҳои энергетикӣ, нақлиётӣ, корхонаҳои коркарди ашёи хом ва навовариҳои технологӣ таъмин мегардад.

Аз ин рӯ, нишондиҳандаҳои зимни солҳои 2015-2024 мушоҳидагардида метавонанд ҳамчун далели он хизмат кунанд, ки Тоҷикистон ба марҳилаи нав - марҳилаи саноатикунонии такя ба ҷалби сармоя ва диверсификатсияи истеҳсолот - ворид шудааст. Ин боз ҳам аҳамияти омӯзиши таҷрибаи хориҷӣ оид ба ҷалби сармоя ба заминаҳои бунёдии саноати минтақа-ро боло мебарад, то воситаҳо, механизмҳо ва моделҳои муваффақ барои шароити миллӣ мутобиқ гардонида шаванд.

Ба мушоҳида мерасад, кидар ҳар сурат сармоягузор ба сармоягузорӣ баҳо медиҳад ҷолибияти соҳа, ки бояд тавсифи умумии соҳаҳои алоҳида (намудҳои фаъолияти иқтисодӣ) аз нуқтаи назари дурнамои рушди онҳо, даромаднокии сармоягузорӣ ва сатҳи хавфи сармоягузорӣ фаҳмида шавад [6].

Масалан, таҷрибаи Чин ҳамчун яке аз мисолҳои нодири рушди босуръати саноат ва ҷалби сармоягузории дохиливу хориҷӣ, аҳамияти махсус дорад. Яке аз омилҳои калидии муваффақияти Чин, таъсиси минтақаҳои озоди иқтисодӣ ва парки саноатӣ буд, ки дар онҳо режими махсуси имтиёзҳои андозӣ, сабуксозии тартиботи маъмурӣ, дастрасии содда ба инфрасохтор ва ҳавасмандкунии соҳибкорони маҳаллӣ ва хориҷӣ таъмин гардид.

Маҳз чунин муҳити озоду рақобатпазир шароити ҷалби сармояи бузург ва воридоти технологияҳои навро фароҳам овард.

Дар мисоли Кореяи Ҷанубӣ, истифодаи сиёсати давлатӣ барои рушди саноати машҳури кореягӣ - кластерҳои технологӣ ва корхонаҳои саноатии интегратсионӣ -хеле натиҷабахш буд. Ҳукумати ин кишвар, дар баробари таъмин намудани имтиёзҳои молиявӣ, инчунин дастгирии омӯзиш ва бозомӯзии кадрҳоро ба роҳ монд, ки дар натиҷа сатҳи инноватсия ва рақобатпазирии маҳсулоти саноатии миллӣ афзоиш ёфт. Ва инчунин лозим ба зикр мебошад, ки Ҷумҳурии Чехия, ки содиркунандаи маҳсулоти кишоварзӣ мебошад ва аз ҷиҳати рақобатпазирӣ дар саноати коркард хеле ақиб мондааст, сиёсати иқтисодии пешгирифтаи худро барои дастгирӣ ва афзоиши истеҳсолоти хоҷагии қишлоқ равона кардааст [8].

Казоқистон ва Ӯзбекистон низ дар минтақаи Осиёи Марказӣ таҷрибаи ҷолиб доранд. Дар Қазоқистон, таъсиси “Минтақаҳои махсуси иқтисодӣ” ва кластерҳои саноатӣ бо пешниҳод намудани сабуккориҳои андозӣ, кафолати давлатӣ ва дастрасӣ ба инфрасохтор, муҳити ҷолиби сармоягузориро ба вуҷуд овардааст. Инчунин, мавҷудияти Бонки рушди Қазоқистон, ки барои лоиҳаҳои саноатӣ қарзҳои дарозмуддат ва имтиёзнок пешниҳод мекунад, барои ҷалби сармоя аҳамияти калидӣ пайдо кардааст. Дар Ӯзбекистон, солҳои охир, бо тадбиқи стратегияи кушод ба сармояи хориҷӣ, ислоҳоти институтсионалӣ, рақамисозии равандҳои бақайдгирӣ, соддасозии расмиёт ва тақвияти ҳамкории байналмилалӣ, ҳаҷми сармоягузории хориҷӣ ва рушди соҳаи саноат ба таври қобили мулоҳиза афзоиш ёфтааст.

Аҳамияти ин таҷрибаҳо дар он аст, ки ҳар як кишвар бо назардошти захираҳо ва воқеиятҳои худ, комёбиҳоро маҳз тавассути мутобиқсозии абзорҳои сиёсати сармоягузорӣ ба даст овардааст.

Чунин равиш ба Тоҷикистон низ имкон медиҳад, ки бо риояи стандартҳои байналмилалӣ, таҳкими қонунгузорӣ, рушди инфрасохтор, такмили кадрҳо ва ҷорӣ намудани низоми имтиёзҳо ва дастгирӣ, муҳити рақобатпазири сармоягузориро ташаккул диҳад ва ба рушди устувори саноати минтақа ноил гардад.

Омӯзиши таҷрибаи кишварҳои хориҷӣ нишон медиҳад, ки на танҳо абзорҳои маъмулӣ, балки таҳлили амиқи муҳити сармоягузорӣ, рушди потенсиали инсонӣ ва тарбияи кадрҳои рақобатпазир, нақши махсус доранд. Масалан, дар Чин ва Кореяи Ҷанубӣ, давлат барои ҷалби сармоя на танҳо имтиёзҳо ва инфрасохтори навро ташкил кард, балки барномаҳои махсуси

таълимии байналмилалӣ ва рушди технопаркҳо, марказҳои навоварӣ ва инкубаторҳои стартапро роҳандозӣ намуд. Ин самт ба ташаккули экосистемаи саноатӣ мусоидат кард, ки дар он сармоя, идея ва технология дар як вақт ҷамъ меоянд.

Модели Қазоқистон ва Ӯзбекистон низ барои шароити Тоҷикистон бисёр омӯзанда аст. Ҳар ду кишвар ба ислоҳоти институтсионалӣ ва рақамигардонии равандҳои бақайдгирии соҳибкорӣ аҳамияти калон доданд. Масалан, таъсиси “равзанаи ягона” ва порталҳои давлатии сармоягузорӣ дар Қазоқистон, боиси афзоиши суръати воридоти сармоя ва содда шудани равандҳо гардид. Дар Ӯзбекистон, рушди шабакаи марказҳои хизматрасонӣ барои сармоягузорон ва пешниҳоди маблағгузории имтиёзнок, имконияти воридшавии сармояи хориҷиро зиёд кард.

Ҷанбаҳои умумии таҷрибаи давлатҳои муваффақро метавон чунин ҷамъбаст кард:

- *Ҷорӣ намудани низоми имтиёзҳои андозӣ ва сабуксозии маъмурият барои лоиҳаҳои афзалиятнок;*
- *Таъсиси минтақаҳои озоди иқтисодӣ ва кластерҳои саноатӣ бо инфрасохтори пешрафта;*
- *Такмили пайвастаи қонунгузорӣ ва ҷорӣ намудани механизмҳои ҳифзи ҳуқуқи сармоягузорон;*
- *Рақамигардонии амалиёт, таъсиси платформаҳои иттилоотии кушода ва дастрасӣ ба маълумоти оморӣ;*
- *Рушди барномаҳои омӯзишӣ ва дастгирии кадрҳои тахассусманд, ҷалби донишҷӯён ва мутахассисон ба лоиҳаҳои инноватсионӣ;*
- *Платформаҳои ҳамкорӣ байни давлат, бахши хусусӣ ва институтҳои байналмилалӣ.*

Бо мақсади таъмини рушди устувор ва суръатбахшии саноатикунонии минтақавӣ, таҳлили самтҳои ҷалби сармоя ба заминаҳои бунёдӣ имкон медиҳад, ки афзалиятҳои стратегӣ, хавфҳо ва механизмҳои муассири ҳамгироии сармояи давлатӣ, хусусӣ ва хориҷӣ дақиқ муайян шаванд.

Расми 1.

САМТҲОИ АСОСИИ ҶАЛБИ САРМОЯ БА ЗАМИНАҲОИ БУНЁДИИ САНОАТИ МИНТАҚА

Институтсионалӣ-ҳуқуқӣ ва маъмурӣ	Инфрасохтори саноатӣ ва логистикӣ	Молиявӣ-инноватсионӣ ва кадрӣ
❖ Такмили қонунгузорӣ ва кафолатҳои давлатӣ барои ҳифзи ҳуқуқи сармоягузорон. ❖ Содда ва рақамисозии расмиёти иҷозатдиҳӣ. ❖ Тақвияти нақши институтҳои дастгиркунанда ❖ Баланд бардоштани шаффофият ва имиджи сармоягузории минтақаҳо.	❖ Бо инфрасохтори «калиди тайёр» Сармоягузорӣ ба инфрасохтори энергетикӣ (нерутоҳҳо, хатҳои интиқол, манбаъҳои барқароршаванда). ❖ Беҳсозии роҳҳо, роҳи оҳан, логистика, анборҳо ва терминалҳои боркашонӣ. ❖ Тавсеаи инфрасохтори рақамӣ ва платформаҳои саноатӣ барои ҳамоҳангсозии занҷири арзиш.	❖ Татбиқи механизмҳои шарикии давлативу хусусӣ дар лоиҳаҳои бунёдӣ. ❖ Ҷорӣ намудани имтиёзҳои андозӣ ва гумрукӣ барои сармоягузории дарозмуддат ба саноат. ❖ Дастгирии инноватсия, стартапҳо ва технологияҳои нав дар соҳаҳои бунёдӣ. ❖ Омода ва бозомӯзии кадрҳои маҳаллӣ, таъсиси марказҳои малака барои саноати минтақа.

Сарчашма: Таҳияи муаллиф.

Дар асоси омӯзиши таҷрибаи байналмилалӣ ва хусусиятҳои миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон, самтҳои асосии ҷалби сармоя ба се гурӯҳи калидӣ – институтсионалӣ-ҳуқуқӣ ва маъмурӣ, инфрасохторӣ-саноатӣ ва логистикӣ, инчунин молиявӣ-инноватсионӣ ва кадрӣ – ҷудо карда мешаванд.

Бо мақсади таъмини рушди устувори саноати минтақавӣ, таҳлили самтҳои ҷалби сармоя ба заминаҳои бунёдӣ имкон медиҳад, ки афзалиятҳо ва механизмҳои муассир дақиқ муайян шаванд. Дар асоси омӯзиши таҷрибаи байналмилалӣ ва хусусиятҳои миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон, самтҳои асосии ҷалби сармоя ба се гурӯҳи калидӣ – институтсионалӣ-ҳуқуқӣ, инфрасохторӣ-саноатӣ ва молиявӣ-инноватсионӣ – ҷудо карда мешаванд.

Таҳлил нишон медиҳад, ки самти асосии муваффақият дар истифодаи абзорҳо ва стратегияи мутобиқ ба воқеияти худи кишварҳо аст. Яъне, ҳар давлат, вобаста ба имконият, захира ва сиёсати миллии худ, шакл ва тарзи дастгирии сармоягузорро муайян мекунад.

Дар натиҷа, омӯхтани таҷрибаи байналмилалӣ ва мутобиқсозии роҳҳои муваффақ ба шароити маҳаллии Тоҷикистон бояд аз чунин қадамҳо иборат бошад:

- Таъсиси минтақаҳои махсуси иқтисодӣ бо муқаррароти маҳаллӣ ва имтиёзҳои хос;
- Ташкили платформаи рақамии ягона барои сармоягузорон;
- Барномаҳои васеи бозомӯзии кадрҳо ва ҷалби ҷавонон ба стартапҳо;
- Афзалият додан ба лоиҳаҳои дорои таъсири иҷтимоӣ ва содиротии баланд;
- Ҳамгироии барномаҳои миллӣ бо стратегияи рушди устувори минтақавӣ.

Бо чунин роҳ, Тоҷикистон метавонад муҳити воқеан рақобатпазир ва ҷаззоби сармоягузориро барои рушди саноати минтақа ташаккул диҳад ва иқтидори мавҷудаи худро пурра истифода барад.

Дар идомаи таҳлил бояд зикр кард, ки барои мутобиқсозии таҷрибаи ҷаҳонӣ ба шароити маҳаллии Тоҷикистон, муҳим аст, ки моделҳо ва абзорҳои ҷалби сармоя ба шароитҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии кишвар мутобиқ гарданд. Маҳдудиятҳои инфрасохторӣ, норасоии маблағгузории дарозмуддат ва зарурати таъмини амнияти ҳуқуқии сармоягузорон, талаботи иловагии низомсозиро пеш меоранд.

Яке аз шартҳои калидии муваффақият - истифодаи механизмҳои ҳавасмандгардонии фарогир ва шарикӣ бо институтҳои байналмилалӣ мебошад. Барои мисол, таъсиси фондҳои махсус барои сармоягузории саноат, ба роҳ мондани кафолатҳои давлатӣ, ҷорӣ кардани суғуртаи сармоя ва барномаҳои грантӣ метавонад хавфи сармоягузориро коҳиш диҳад ва ҷалби маблағҳоро афзоиш диҳад. Дар шароити кишварҳое чун Қазоқистон ва Ӯзбекистон, чунин абзорҳо барои рушди бахшҳои нав ва лоиҳаҳои бузурги саноатӣ нақши муҳим бозидаанд.

Зимнан, бояд таъкид кард, ки рушди соҳаи кадрҳо ва такмили малакаҳои идоракунӣ ва фанноварӣ - ҷузъи ҷудонашавандаи ин низом мебошад. Ҷалби донишҷӯён, муҳаққиқон ва мутахассисони ҷавон ба марказҳои инноватсионӣ, кластери стартапҳо ва барномаҳои таҳсилоти амалгаро, метавонад муҳити зеҳнии рақобатпазирро ташаккул диҳад ва воридоти сармояро бо захираҳои инсонӣ пайваст намояд.

Таҳлили таҷрибаи хориҷӣ, ҳамчунин, нишон медиҳад, ки фақат ташкили муҳити ҳуқуқӣ ва иқтисодии мусоид кофӣ нест: рушди шабакаҳои логистикӣ, инфрасохтори рақамӣ, осон кардани дастрасӣ ба бозорҳои беруна, дастгирии стартапҳо ва татбиқи пайвастаи мониторинги натиҷаҳо низ шартҳои зарурии рушди устувор ба шумор мераванд.

Хулоса, мутобиқсозии таҷрибаи ҷаҳонӣ бояд ҳамеша бо таҳлили воқеияти маҳаллӣ, мушкилоти мавҷуда, захираҳои кадрӣ ва молиявии дохилӣ ва дурнамои рушди миллӣ ҳамоҳанг карда шавад. Танҳо дар ин сурат, истифодаи абзорҳо ва механизмҳои ҷаҳонӣ метавонад ба рушди саноати минтақаи Тоҷикистон ва баланд бардоштани рақобатпазирии иқтисоди миллӣ замина гузорад.

Бо тавваҷҷуҳ ба таҷрибаи муваффақи давлатҳои хориҷӣ ва хулосаҳои таҳлилӣ, барои Тоҷикистон муҳим аст, ки аз ҷанбаҳои муҳимтарини ин моделҳо на нусхабардории механикӣ, балки мутобиқсозии оқилона ва инноватсионӣ-и абзорҳо, равишҳо ва механизмҳои ҷалби сармояро ба роҳ монад. Дар ин раванд, ҳар як қадами нав бояд бо омӯзиши пайвастаи натиҷаҳо, таҳлили манфиат ва эҳтимоли хавф, ҳамчунин бо машварати коршиносон ва иштироки ҷомеаи соҳибкорӣ ва илмӣ, ҳамоҳанг карда шавад.

Яке аз иқдомҳои муҳим, ки дар таҷрибаи кишварҳои муваффақ ҷой дорад - муайянсозии соҳаҳои афзалиятнок барои сармоягузорӣ ва коркарди "харитаи роҳ" - рушди саноати минтақа мебошад. Дар асоси чунин ҳуҷҷати стратегӣ, механизми ҳавасмандгардонӣ, шартҳои имтиёзнок, ва дастгирии инфрасохторӣ маҳз барои лоиҳаҳои дорои афзалияти баланди иқтисодӣ ва содиротӣ роҳандозӣ мешавад.

Муҳокимаронӣ.Самтҳои асосии ҷалби сармоя ба заминаҳои бунёдии саноати минтақа на танҳо маҷмӯи чораҳои техникӣ ва молиявӣ, балки низоми мутавозуни ислоҳоти институтсионалӣ, инфрасохторӣ ва кадриро дар бар мегиранд, ки бе онҳо татбиқи ҳадафҳои дарозмуддати саноатикунонии кишвар ғайриимкон мегардад. Самти институтсионалӣ-ҳуқуқӣ ва маъмурӣ дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳамияти хоса дорад, зеро бе ҳифзи боэътимоди ҳуқуқи сармоягузорон, шаффофияти қарорҳои мақомот, коҳиши хароҷоти маъмурӣ ва рақамисозии расмиёти иҷозатдиҳӣ ҳатто мавҷудияти захираҳои фаровони табиӣ ва меҳнатӣ наметавонад ба афзоиши ҷиддии сармоягузорӣ оварда расонад.

Ҳамзамон, самти инфрасохторӣ-саноатӣ ва логистикӣ ҳамчун «пойгоҳи моддӣ» амал мекунад: агар минтақа бо неругоҳҳои боэътимод, роҳҳои босифати автомобилгард ва роҳи оҳан, инфрасохтори рақамӣ, паркҳо ва кластерҳои саноатӣ таъмин набошад, сармоягузор маҷбур мешавад хароҷоти иловагӣ ба зимма гирад, ки ин рақобатпазирии минтақаро нисбат ба дигар ҳудудҳо паст мегардонад.

Аз ҷониби дигар, самти молиявӣ-инноватсионӣ ва кадрӣ ба саволи «бо кӣ ва чӣ гуна» амалӣ шудани лоиҳаҳо посух медиҳад: бе механизмҳои гуногуни шарикии давлативу хусусӣ, имтиёзҳои ҳадафманди андозиву гумрукӣ, дастгирии инновасия ва кластерҳои инноватсионӣ, инчунин бе кадрҳои баландихтисос дар сатҳи маҳаллӣ, ҷалби сармоя танҳо ба хариди техника маҳдуд гардида, ба табдили амиқи сохтори саноатӣ ва эҷоди арзиши иловашудаи баланд оварда намерасонад. Аз ҳамин дидгоҳ, муҳокимаи самтҳо нишон медиҳад, ки самаранокии сиёсати ҷалби сармоя дар он сурат таъмин мегардад, ки ин се блок – институтсионалӣ-ҳуқуқӣ, инфрасохторӣ-саноатӣ ва молиявӣ-инноватсионӣ – ҳамчун унсурҳои як низоми ягона амал намоянд, байни онҳо ҳамоҳангсозии уфуқӣ ва амудӣ ба роҳ монда шуда, дар сатҳи миллӣ ва минтақавӣ ҳадафҳо, индикаторҳо ва афзалиятҳои якхела муайян карда шаванд.

Таҳлили таҷрибаи кишварҳои хориҷӣ нишон медиҳад, ки ҷалби сармоя ба рушди саноати минтақа танҳо ба зиёд намудани ҳаҷми маблағгузорӣ маҳдуд намегардад, балки ҳамчун низоми мураккаби ташкилию иқтисодӣ баромад менамояд, ки дар он сиёсати давлатӣ, иқтидори захиравии минтақа, сифати инфрасохтор, муҳити институтсионалӣ ва манфиатҳои сармоягузорон бо ҳам алоқаманд мебошанд.

Аз ин нуқтаи назар, минтақаҳое, ки дорои инфрасохтори мувофиқи истеҳсолӣ, энергетикӣ, нақлиётӣ ва коммуникатсионӣ мебошанд, имконияти бештар барои ҷалби сармоя ва ташаккули иқтидори нави саноатӣ пайдо мекунанд. Аз ин рӯ, сиёсати сармоягузорӣ бояд на танҳо ба пешниҳоди имтиёзҳо, балки ба фароҳам овардани шароити воқеӣ барои фаъолияти дарозмуддати сармоягузорон равона карда шавад.

Дар таҷрибаи байналмилалӣ яке аз самтҳои муҳимми рушди инфрасохтори саноатӣ истифодаи шаклҳои гуногуни ҳамкории давлат ва бахши хусусӣ ба ҳисоб меравад. Механизмҳои шарикии давлат ва бахши хусусӣ имкон медиҳанд, ки ҳангоми маҳдуд будани имкониятҳои буҷетӣ захираҳои молиявӣ, технологӣ ва идоракунии бахши хусусӣ ба татбиқи лоиҳаҳои инфрасохторӣ ҷалб карда шаванд. Дар ин раванд механизмҳои консессионӣ низ метавонанд ҳамчун воситаи ташкили истифода ва идоракунии объектҳои инфрасохторӣ истифода гарданд. Муҳим он аст, ки чунин муносибатҳо дар асоси тақсимоти возеҳи масъулият, хавф ва натиҷаҳои иқтисодӣ байни ҷонибҳо ташкил карда шаванд.

Ҷанбаи дигари муҳими таҷрибаи хориҷӣ диверсификатсияи манбаъҳои маблағгузории рушди саноат мебошад. Вобастагии аз ҳад зиёд ба маблағҳои буҷетӣ имкониятҳои густариши инфрасохтори саноатиро маҳдуд карда метавонад. Аз ин рӯ, дар баробари маблағгузории давлатӣ истифодаи сармояи хусусӣ, сармоягузории мустақими хориҷӣ, қарзҳои институтҳои молиявии рушд, фондҳои махсуси сармоягузорӣ ва дигар шаклҳои маблағгузории

дарозмуддат аҳаммияти бештар пайдо менамояд. Чунин диверсификатсия имкон медиҳад, ки захираҳои молиявӣ ба самтҳои афзалиятнок равона гардида, устуворii молиявии лоиҳаҳои саноатӣ баланд бардошта шавад.

Аз нуқтаи назари методологӣ, таҷрибаи кишварҳои хориҷӣ зарурати гузариш аз муносибати танҳо соҳавӣ ба муносибати ҳудудию системавиро нишон медиҳад. Дар чунин ҳолат рушди саноат дар алоҳидагӣ аз дигар унсурҳои иқтисоди минтақа баррасӣ намегардад, балки бо бозори меҳнат, нақлиёт, энергетика, захираҳои табиӣ, низоми таҳсилот, хизматрасониҳои молиявӣ ва бозори истеъмолӣ ҳамчун унсурҳои ба ҳам вобастаи як низоми ягона арзёбӣ мешавад. Ба андешаи мо, маҳз чунин муносибат метавонад барои муайян намудани самтҳои воқеии ҷалби сармоя ба минтақаҳои дорои имкониятҳои гуногуни иқтисодӣ заминаи методологӣ фароҳам оварад.

Ҳамин тариқ барои Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаи мазкур дар шароити афзоиши талабот ба рушди истеҳсолоти саноатӣ, истифодаи самараноки захираҳои маҳаллӣ ва ташаккули инфрасохтори рақобатпазир аҳаммияти махсус дорад. Мутобиқсозии таҷрибаи хориҷӣ бояд механикӣ набошад, зеро шароити табиӣ, сохтори иқтисодӣ, имкониятҳои молиявӣ ва хусусиятҳои институтсионалии минтақаҳои Тоҷикистон аз кишварҳои дигар фарқ мекунанд. Аз ин рӯ, истифодаи таҷрибаи байналмилалӣ бояд дар асоси арзёбии иқтидори ҳар як минтақа, муайян намудани афзалиятҳои саноатӣ, таҳлили хавфҳои сармоягузорӣ ва муайян намудани манфиатҳои дарозмуддати иқтисодию иҷтимоӣ сурат гирад.

Дар маҷмӯъ, натиҷаҳои таҳлил нишон медиҳанд, ки самаранокии ҷалби сармоя ба саноати минтақа аз ҳамоҳангии се унсури асосӣ - сиёсати давлатии сармоягузорӣ, муҳити мусоиди институтсионалӣ ва иқтидори инфрасохтории минтақа - вобастагии назаррас дорад. Ҳангоми таъмин намудани ҳамоҳангии ин унсурҳо имконияти ташаккули муҳити устувори сармоягузорӣ, афзоиши фаъолияти истеҳсолӣ, таъсиси ҷойҳои нави корӣ ва баланд бардоштани рақобатпазирии минтақа фароҳам мегардад. Аз ин рӯ, таҳияи механизми мутобиқшудаи ҷалби сармоя бо дарназардошти хусусиятҳои ҳудудӣ метавонад яке аз самтҳои муҳими такмили сиёсати рушди саноатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бошад.

Хулоса, ҳамзамон, дар низоми ҷалби сармоягузорӣ, истифодаи платформаҳои рақамӣ, соддагардонии расмиёт ва пешниҳоди иттилооти шаффоф, яке аз самтҳои калидӣ ба ҳисоб меравад. Таҷрибаи Қазоқистон ва Ӯзбекистон бо таъсиси порталҳои сармоягузорӣ ва “равзанаи ягона”, нишон дод, ки ин абзорҳо сатҳи эътимод ва ҳавасмандии сармоягузоронро ба маротиб боло мебаранд.

Ниҳоят, мутобиқсозии таҷрибаи ҷаҳонӣ ба шароити маҳаллии Тоҷикистон бояд ҳамеша бо мониторинг ва арзёбии мунтазами натиҷаҳо, таҳияи пешниҳодҳо барои ислоҳ ва такмили қонунгузорӣ, инчунин ба таври фаъол ҷалб кардани ҳамаи бозигарони бозор - давлат, бахши хусусӣ, илму маориф ва ҷомеаи шаҳрвандӣ - ҳамоҳанг карда шавад.

Ин омӯхти амиқи таҷрибаи ҷаҳонӣ ва моделҳои пешсафи ҷалби сармоя имкон медиҳад, ки барои рушди инфрасохтори саноати минтақаи Тоҷикистон механизми воқеан инноватсионӣ ва устувор роҳандозӣ гардад. Маҳз бо ин усул, имкониятҳои мавҷудаи кишвар ва минтақа пурра истифода шуда, заминаи рушди босуръат ва устувор фароҳам хоҳад шуд.

Дар натиҷаи таҳқиқоти гузаронидашуда муайян гардид, ки таҷрибаи кишварҳои хориҷӣ дар самти ҷалби сармоя ба рушди саноати минтақаҳо бар асоси маҷмӯи чораҳои институтсионалӣ, молиявӣ, инфрасохторӣ ва идоракунӣ ташаккул меёбад. Таъмини муҳити мусоиди сармоягузорӣ, устуворii заминаи ҳуқуқӣ, рушди инфрасохтори истеҳсолӣ ва нақлиётӣ, дастрасӣ ба захираҳои энергетикӣ, истифодаи технологияҳои муосир ва таъмини ҳифзи манфиатҳои қонунии сармоягузорон аз омилҳои асосии ташаккули иқтидори сармоягузории минтақа ба ҳисоб мераванд.

Таҳлил нишон медиҳад, ки барои рушди инфрасохтори саноатӣ танҳо зиёд намудани маблағгузории давлатӣ набуда, зарур аст, ки механизми бисёрманбаъии маблағгузорӣ ташаккул дода шуда, дар баробари захираҳои буҷетӣ имкониятҳои сармояи хусусӣ, сармоягузории мустақими хориҷӣ, қарзҳои дарозмуддат, грантҳо ва дигар воситаҳои молиявӣ

самаранок истифода шаванд. Дар ин замина, шарикии давлат ва бахши хусусӣ ва механизмҳои консессионӣ метавонанд барои татбиқи лоиҳаҳои калони инфрасохтории дорои аҳаммияти минтақавӣ заминаи муносиб фароҳам созанд.

Барои Ҷумҳурии Тоҷикистон истифодаи таҷрибаи хориҷӣ бояд бо дарназардошти хусусиятҳои иҷтимоию иқтисодӣ, имкониятҳои молиявӣ, захираҳои табиӣ ва иқтидори истеҳсолии ҳар як минтақа амалӣ карда шавад. Аз ин лиҳоз, ташаккули механизми ҳудудию соҳавии ҷалби сармоя пешниҳод мегардад, ки дар он афзалиятҳои саноатии минтақа, имкониятҳои инфрасохторӣ, талаботи бозор, иқтидори меҳнатӣ ва хавфҳои сармоягузорӣ ба таври маҷмӯӣ ба инобат гирифта мешаванд. Чунин муносибат метавонад ба самараноктар тақсим намудани захираҳои сармоягузорӣ ва интихоби лоиҳаҳои афзалиятнок мусоидат намояд.

Ҳамзамон, яке аз самтҳои муҳими такмили сиёсати давлатӣ рушди инфрасохтори омодакунандаи лоиҳаҳои сармоягузорӣ мебошад. Мақомоти давлатӣ ва маҳаллӣ метавонанд бо таҳияи лоиҳаҳои аз ҷиҳати техникӣ ва иқтисодӣ асоснокшуда, ташкили заминаҳои ҳуқуқию иттилоотӣ, пешниҳоди маълумоти шаффоф оид ба имкониятҳои минтақа ва таъсиси низоми мониторинги татбиқи лоиҳаҳо сатҳи ҷолибияти сармоягузориро баланд бардоранд. Дар чунин шароит рақобати минтақаҳо барои ҷалби сармоя на танҳо аз рӯи ҳаҷми имтиёзҳо, балки аз рӯи сифати муҳити соҳибкорӣ ва омодагии инфрасохторӣ сурат мегирад.

Ҳамин тариқ, омӯзиши таҷрибаи хориҷии кишварҳо барои Ҷумҳурии Тоҷикистон на ҳамчун модели омодаи нусхабардорӣ, балки ҳамчун манбаи усулҳо ва механизмҳои мутобиқшаванда аҳаммият дорад. Самаранокии истифодаи он аз қобилияти институтҳои давлатӣ ва маҳаллӣ дар мутобиқ намудани механизмҳои сармоягузорӣ ба хусусиятҳои ҳудудӣ, таъмини ҳамоҳангии манфиатҳои давлат ва сармоягузор, инчунин аз сатҳи рушди инфрасохтори истеҳсолӣ вобаста мебошад. Аз ин рӯ, такмили низоми ҷалби сармоя ба рушди саноати минтақа бояд ба принсипҳои самаранокии иқтисодӣ, устувории молиявӣ, шаффофияти идоракунӣ, диверсификатсияи манбаъҳои маблағгузорӣ ва истифодаи оқилонаи иқтидори ҳудудӣ асос ёбад.

Ҳамин,тариқ хулоса намудан ба маврид мебошад,ки таҳлили таҷрибаи давлатҳои муваффақ дар соҳаи ҷалби сармоя ба саноати минтақа нишон медиҳад, ки муваффақияти аслӣ танҳо дар сурати мутобиқсозии оқилонаи механизмҳо, равишҳо ва абзорҳои ҷаҳонӣ ба шароити маҳаллии кишвар ва минтақа имконпазир мегардад. Татбиқи моделҳои минтақаҳои озоди иқтисодӣ, кластери саноатӣ, шарикӣ байни бахши давлатӣ ва хусусӣ, барномаҳои таълимӣ ва рақамигардонии идоракунӣ - танҳо дар ҳолате натиҷа медиҳанд, ки онҳо бо воқеияти захираҳои маҳаллӣ, имкониятҳои инфрасохторӣ ва иқтидори инсонии кишвар ҳамоҳанг бошанд.

АДАБИЁТ:

1. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» аз 28.12.2024 [Манбаи электронӣ] // Сомонаи расмии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. URL: – (https://www.president.tj/event/photoreport/photoreport/49226). 2026

2. Стратегияи милли рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030. - Душанбе, 2016. - С. 9-10.

3. Стратегияи рушди саноат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030»

4. Ҳисоботи фосилавии фишурда оид ба рафти татбиқи Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025

5. Ашуров, И.С. Таҳлили вазъи инфрасохтори соҳаи саноат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон / И.С. Ашуров, Ф.М. Ғуломносирова, М.М. Асоев // Тоҷикистон ва ҷаҳони имрӯз. – 2021. – No. 4(76). – P. 111-123[6].

6. Гулов Б.М. Нақши сармоягузорӣ ва самтҳои такмили сиёсати он дар рушди устувори комплекси агросаноатии тоҷикистон / Б.М. Гулов // Идоракунии давлатӣ. – 2025. – No. 4\1 (75). – P. 91-99.

7. Деҳқонов, С.А. Танзим ва дастгирии давлатӣ ҳамчун омили рушди иқтисодию иҷтимоии минтақа (дар мисоли минтақаи Рашт) : диссертация на соискание ученой степени кандидата наук / Деҳқонов Соҳибназар Амирхоҷаевич. – Душанбе, 2024. – 181 р.
8. Иванов Г.И. Инвестиционный менеджмент: Учебное пособие. - Ростов н/Д: "Феникс", 2001. - 320 с.
9. Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Маҷмуаи оморӣ. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Душанбе, 2020-2025
10. Саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон. Маҷмуаи оморӣ. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. –Душанбе, 2020- 2025.
11. Тағоев Ҷ.Х. Тамоюли рушди равандҳои сармоягузорӣ дар иқтисодиёти ҷумҳурӣ, буриши минтақаҳо ва соҳаҳои он [Матн] / Ҷ.Х. Тағоев, А.М. Холов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – Душанбе, 2022. - №6. – С.22-30.

УДК 330.34:004

ТАШАККУЛИ АСОСҲОИ НАЗАРИЯВИИ МАФҲУМИ ИҚТИСОДИЁТИ ИТТИЛООТӢ-РАҚАМӢ

ГАДОЕВ АБДУРАШИД ФАЙЗУЛЛОЕВИЧ
Номзади илмҳои иқтисод, дотсенти кафедраи «Технологияҳои иттилооти»-и Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон.
Суроға: 734055, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Борбад 48/5.
E-mail: rashid.tj@mail.ru; **Тел.:** (+992) 904-66-74-66.
РАҲМОНЗОДА МАҲМАДАЛӢ НАИМ
Номзади илмҳои иқтисод, и.в. дотсенти кафедраи технологияҳои иттилоотии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон.
Суроға: 734055, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Борбад 48/5.
E-mail: mrahmonzoda@list.ru. **Тел.:** (+992) 900-15-44-25.

Аннотатсия. Мақолаи пешниҳодшуда ба омӯзиши ҷанбаҳои назариявии мафҳуми иқтисодиёти иттилоотӣ-рақамӣ равона гардида, дар он тавзеҳи илмии ин мафҳум ва афзалиятҳои истифодаи технологияҳои иттилоотию рақамӣ мавриди таҳлил қарор мегиранд.

Иқтисодиёти иттилоотӣ ё рақамӣ ба пайдоиш ва инкишофи шакли нави низоми иқтисодӣ вобаста буда, ҳамзамон бо усулҳои навини идоракунии ташкилотӣ алоқаманд аст. Он гузаришро аз истеҳсоли оммавӣ ба истеҳсоли чандир ва мутобиқшаванда таъмин менамояд. Иқтисодиёти рақамӣ ҳамчун як низоми ягонаи шабакавии ҷаҳонӣ фаъолият мекунад, ки дар вақти воқеӣ амал намуда, аз ҳамкориҳои мутақобилаи минтақавӣ ва байналмилалӣ вобастагии зич дорад. Дар шароити имрӯзаи рушди устувор иттилооти рақамӣ аҳамияти асосӣ касб намуда, дар тамоми соҳаҳо васеъ истифода мешавад.

Калидвожаҳо: иқтисодиёти рақамӣ, иқтисодиёти иттилоотӣ, технологияҳои рақамӣ, шабакаҳои иттилоотӣ, рушди иқтисодӣ, маҳсулоти иттилоотӣ, хизматрасониҳои рақамӣ.

ТЕОРЕТИЧЕСКИЕ ОСНОВЫ ЦИФРОВОЙ ЭКОНОМИКИ И ОСНОВНЫЕ НАПРАВЛЕНИЯ ЕЁ РАЗВИТИЯ

ГАДОЕВ АБДУРАШИД ФАЙЗУЛЛОЕВИЧ
Кандидат экономических наук, доцент кафедры «Информационные технологии» Международного университета туризма и предпринимательство Таджикистана.
Адрес: 734055, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Борбад 48/5.
E-mail: rashid.tj@mail.ru. **Тел.:** (+992) 904-66-74-66.

РАХМОНЗОДА МАХМАДАЛИ НАИМ
Кандидат экономических наук., и.о. доцент кафедры информационных технологии Международного университета туризма и предпринимательства Таджикистана.
Адрес: 734055, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Борбад 48/5.
E-mail: mrahmonzoda@list.ru. **Тел.:** (+992) 900-15-44-25.

Аннотация. Данная статья посвящена формированию теоретических основ информационно-цифровой экономики, приведены основные понятия, а также преимущества использования понятий информационно-цифровой экономики.

Информационная или цифровая экономика характеризуется новой экономической моделью, а также организационным управлением - переходом от массового производства к адаптивному производству. Информационная экономика реализуется как единая система взаимосвязанной глобальной сети в реальном режиме, который зависит от взаимных и региональных характеристик. В современных условиях устойчивого развития информация в цифровом формате играет доминирующую роль и широко используется.

Ключевые слова: цифровая экономика, информационная экономика, формирование, цифровые технологии, сеть, развитие, информационные продукты, услуги.

THEORETICAL FOUNDATIONS OF THE DIGITAL ECONOMY AND ITS MAIN DIRECTIONS OF DEVELOPMENT

GADOEV ABDURASHID FAIZULLOEVICH
PhD in Economics, Associate Professor of the department of information technology, International University of Tourism and Entrepreneurship of Tajikistan.
Address: 734055, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Borbad avenue 48/5.
E-mail: rashid.tj@mail.ru. **Phone:** (+992) 904-66-74-66.
RAHMONZODA MAHMADALI NAIM
Candidate of economic sciences, acting associate professor of the department of information technology at the International University of Tourism and Entrepreneurship of Tajikistan.
Address: 734055, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Borbad avenue 48/5.
E-mail: mrahmonzoda@list.ru. **Phone:** (+992) 900-15-44-25.

Annotation. This article is devoted to the formation of the theoretical foundations of the concept of information-digital economy, which includes the interpretation, as well as the advantages of using the concepts of information-digital.

The information or digital economy is characterized by the development and advancement of a new economic model, as well as new organizational management - the transition from mass production to adaptive production. The information economy is implemented as a single system of an interconnected global network in the real world, which depends on mutual and regional characteristics. In modern conditions of sustainable development, information in digital form plays a dominant role and is widely used.

Key words: digital economy, information economy, formation, digital technologies, network, development, information products, services.

Муқаддима. Дар шароити ҷаҳонишавӣ ва рушди босуръати технологияҳо дар аксари кишварҳои ҷаҳон шакли нави иқтисодӣ – иқтисодиёти рақамӣ ё иттилоотӣ ташаккул ёфта истодааст, ки дар ҳаёти иҷтимоӣ ва иқтисодии ҷомеа аҳамияти калон дорад. Моҳияти асосии ин модели иқтисодӣ ба истифодаи фарогири иттилоот ҳамчун захираи муҳими иқтисодӣ ва ҳамзамон ҳамчун натиҷаи фаъолияти истеҳсолӣ асос меёбад.

Рушди иқтисодиёти иттилоотӣ дар заминаи ҷаҳонишавӣ бо пешрафти технологияҳои иттилоотӣ, паҳн гардидани интернет ва густариши шабакаҳои ҷаҳонӣ иртиботи зич дорад. Дар

чунин муҳит фаъолияти иқтисодӣ дар доираи шабакаҳои ба ҳам пайваста амалӣ гардида, ҳамчун як низоми ягонаи ҷаҳонӣ дар вақти воқеӣ фаъолият менамояд.

Бо вуҷуди ин, то имрӯз асосҳои назариявии ягона барои таърифи мафҳуми «иқтисодиёти иттилоотӣ» пурра шакл нагирифтаанд. Барои шарҳи он равишҳои гуногун, аз ҷумла равишҳои технологӣ, иқтисодӣ, меҳнатӣ, истеъмолӣ ва эҷодӣ истифода мешаванд [9, с.101].

Мавод ва усули таҳқиқот. Дар адабиёти илмӣ барои муайян намудани моҳияти иқтисодиёти иттилоотӣ як қатор равишҳои асосӣ ҷудо карда мешаванд:

– иқтисодиёти иттилоотӣ ҳамчун марҳилаи нави рушди иқтисод баррасӣ мешавад, ки дар он маҳсулоти иттилоотӣ ва фаъолияти эҷодӣ нақши калидӣ доранд;

– иқтисодиёти иттилоотӣ бо инкишофи соҳаи иттилоотӣ алоқаманд буда, дар он иттилоот ҳамчун захираи стратегӣ ва маҳсулоти иқтисодӣ арзёбӣ мегардад;

– иқтисодиёти иттилоотӣ ба пайдоиши шаклҳои нави идоракунии ташкилӣ вобаста буда, гузаришро аз истеҳсоли оммавӣ ба истеҳсоли чандир ва мутобиқшаванда дар бар мегирад.

Дар шароити имрӯза корхонаҳои шабакавӣ ҳамчун шакли муосири идоракунии ташкилӣ дар натиҷаи ҳамгироии тағйироти ташкилӣ ва пешрафти технологияҳои иттилоотӣ ба вуҷуд омадаанд. Омили асосии ин раванд рушди босуръати додаҳои рақамӣ мебошад, ки ба паҳншавии васеи гаҷетҳо, телефонҳои мобилӣ ва афзоиши дастрасӣ ба интернети баландсуръат вобаста аст.

Ҳаҷми чунин маълумоти рақамӣ аз иттилооти анъанавӣ зиёд буда, маҳз ҳамин омил заминаи ташаккули фаҳмиши иқтисодиёти иттилоотӣ-рақамиро фароҳам овардааст. Аз ин рӯ, иқтисодиёти иттилоотӣ ҳамчун назарияи иқтисодии ҷомеаи иттилоотӣ низ арзёбӣ мегардад.

Иқтисодиёти анъанавӣ бештар ба истеҳсоли мол ва хизматрасониҳои моддӣ такя намуда, қувваи кор ва захираҳои табииро ҳамчун омилҳои асосии истеҳсол меҳисобад. Баръакс, иқтисодиёти иттилоотӣ ба маълумот ва дониш ҳамчун сарчашмаҳои калидии рушд аҳамияти бештар медиҳад ва самаранокии равандҳои иқтисодӣ ба сатҳи ҷамъоварӣ, коркард ва паҳнкунии иттилоот вобаста мегардад. Дар ҳамин замина, иқтисодиёти рақамӣ бештар ба додаҳо ва технологияҳои рақамӣ асос ёфта, равандҳои анъанавӣ ва иттилоотиро рақамӣ мегардонад, инчунин ҳамгироии платформаҳои рақамӣ, таҳлили ҳаҷми бузурги маълумот ва худкоркунии равандҳоро таъмин мекунад.



Ҷадвали 1. Муқоисаи иқтисодиёти анъанавӣ, иттилоотӣ ва рақамӣ.

Ин муқоиса нишон медиҳад, ки гузариш аз иқтисодиёти анъанавӣ ба иқтисодиёти иттилоотӣ ва минбаъд ба иқтисодиёти рақамӣ марҳилаҳои муҳими тағйироти сохториро дар бар гирифта, афзалияти омилҳои истеҳсолиро дигаргун месозад. Дар натиҷа, дар иқтисодиёти рақамӣ нақши асосӣ ба технологияҳо ва додаҳо дода мешавад.

Аз маълумотҳои ҷадвал бармеояд, ки рушди иқтисод аз модели саноатӣ ба иттилоотӣ ва сипас ба рақамӣ мегузарад. Дар иқтисоди рақамӣ омили асосии истеҳсол додаҳо ва технологияҳои рақамӣ ба ҳисоб мераванд.

Таҳлили асосҳои назариявии иқтисодиёти иттилоотӣ нишон медиҳад, ки дар айни замон дар самти муайян кардани таърифи иқтисоди “иттилоотӣ” ва стратегияи идоракунии ташкилӣ ягон тавзеҳ ва тафсири ягона вуҷуд надорад.

Вобаста ба таърифҳо ва тафсирҳои дар боло зикршуда, қайд кардан лозим аст, ки дар шароити муосири рушди иқтисод ва ҷомеа иттилоот дар шакли рақамӣ нақши бартарӣ ва васеъ истифода мешаванд [13, с. 162].

Ба андешаи мо, мувофиқи мақсад аст, ки мафҳуми мазкурро, яъне иқтисоди иттилоотӣ бо истилоҳи дурустар тағйирот ворид намуда, ба маънои васеъ, мафҳуми иқтисоди иттилоотӣ рақамӣ истифода шавад. Иқтисоди иттилоотӣ-рақамӣ ин низоми мураккаби ташкили институтҳо ва муносибатҳои иқтисодӣ, технологӣ ва иҷтимоии байни ширкатҳо, низомҳо ва платформаҳо, ки дар он захираҳои асосии истеҳсолӣ ва омили истеҳсоли молҳои иттилоотӣ рақамӣ дороиҳои ғайримоддӣ дар шакли рақамӣ асос меёбанд, ба ҳисоб меравад: додаҳо, додаҳои калон, иттилоот ва ғайра.

Тибқи равишу амалҳои иқтисоди мантиқӣ ва шароити муосир тафсир ва бартариҳои рақамикунонӣ дар ҷомеа хубтару ҷонноктар аён гардида, аз омилҳои зерини самаранокии он (расми 1), аз як тараф, омӯзонидани дастгоҳҳои рақамӣ ва аз худ кардани имкониятҳо ва хизматрасониҳои нави иқтисодиёти бозоргонӣ дар асоси соддагардонӣ ва кам кардани хароҷот барои самаранок истифода бурдани бизнес равнадҳо, аз тарафи дигар, васеъкунонии муҳити фарогирии корхона барои идора, муайян карда мешаванд.

Аз натиҷаҳои таҳлил бармеояд, ки дар он равиш ва аҳамияти иттилоот ва технологияҳои рақамӣ дар рушди иқтисодӣ ва иҷтимоӣ баррасӣ гардидааст. Дар доираи ин модел, иттилоот на танҳо ҳамчун захира ё омил, балки ҳамчун унсури марказии самаранокии истеҳсолот ва қабули қарорҳо арзёбӣ мешавад. Равандҳои рақамигардонӣ ба автоматизатсияи фаъолиятҳо мусоидат намуда, ҳамгироии додаҳо ва системаҳои иттилоотиро таъмин мекунанд, ки ин ба таҳлили амиқ ва баланд бардоштани самаранокии стратегӣ замина мегузорад.



Расми 1. Тафсирҳои асосии иттилоот ва рақамӣ

Дар маҷмӯъ, модел нишон медиҳад, ки сатҳи самаранокии иқтисодӣ ва рушди инноватсионӣ бевосита ба дастрасӣ, коркард ва таҳлили иттилоот вобаста мебошад. Иқтисодиёти иттилоотӣ ва рақамӣ бо истифода аз платформаҳо ва технологияҳои муосир имконият фароҳам меорад, ки қарорҳо дар асоси маълумоти воқеӣ ва бо диди стратегӣ қабул карда шаванд, ки ин барои таъмини рушди устувор ва баланд бардоштани рақобатпазирӣ муҳим аст.

Дар маҷмӯъ, тафсири нави иқтисодӣ — “иттилоотӣ-рақамӣ” — ба як қатор падидаҳои муҳим такя мекунад. Аз як тараф, инқилоби электронӣ ва рушди босуръати ҷараёнҳои иттилоотӣ ба навсозии соҳаҳои анъанавӣ, аз ҷумла энергетика, мусоидат намуда, онҳоро ба самти сарфаи энергия равона месозад.

Аз тарафи дигар, ташаккули ҷойҳои кори электронӣ (дар шароити хона) бо истифода аз воситаҳои муосири телекоммуникатсионӣ ба ҳалли як қатор мушкилоти замони муосир, аз қабили коҳиши ифлосшавии муҳити зист, баланд бардоштани шаффофият ва дастрасии иттилооти корпоративӣ мусоидат менамояд.

Раванди рушди иқтисодӣ нишон медиҳад, ки шаклҳои истеҳсол ва низомҳои иқтисодӣ дар тӯли таърих пайваста тағйир ёфтаанд. Дар марҳилаҳои аввал иқтисодиёт бештар ба истеҳсоли молҳои моддӣ ва истифодаи қувваи меҳнат такя мекард, ки онро метавон иқтисодиёти анъанавӣ номид. Бо пешрафти технологияҳои иттилоотӣ ва афзоиши аҳамияти дониш марҳилаи нав — иқтисодиёти иттилоотӣ — ба вуҷуд омад, ки дар он маълумот ва дониш ҳамчун омилҳои асосии рушд ва истеҳсол баромад мекунанд. Ин марҳила нишон медиҳад, ки имкониятҳои рушди кишварҳо бештар аз сатҳи қобилияти онҳо дар ҷамъоварӣ, коркард ва истифодаи иттилоот вобаста мебошад [7, с.58-63].

Иқтисодиёти рақамӣ давраи нави инкишофро ифода мекунад, ки дар он додаҳо ва технологияҳои рақамӣ ҳамчун омилҳои марказӣ нақши асосӣ мебозанд. Ҷараёнҳои анъанавӣ ва иттилоотиро рақамигардонӣ ва ҳамгироӣ карда, таҳлили маълумотҳои калон, худкорсозии равандҳо ва истифодаи платформаҳои рақамиро фароҳам меорад. Дар ин замина стратегияи рушди кишварҳо аз истеҳсолоти анъанавӣ ба таҳлили додаҳо ва инноватсияҳои рақамӣ равона мешавад.

Таҳаввули иқтисодӣ аз анъанавӣ ба иттилоотӣ ва сипас ба рақамӣ нишон медиҳад, ки омили асосии афзалиятнок дар иқтисоди рақамӣ ба технология ва маълумот рост меояд ва қобилияти рақобатпазирии иқтисодиро дар сатҳи ҷаҳонӣ муайян мекунад.



Расми 2. Модели таҳаввули рушди иқтисодиёт

Модели таҳаввули рушди иқтисодӣ рушди марҳила ба марҳиларо аз иқтисодиёти саноатӣ ба иқтисодиёти иттилоотӣ, сипас ба марҳилаи рақамикунонӣ ва ниҳоят ба иқтисодиёти зеҳнӣ фароҳам меорад.

Иқтисодиёти саноатӣ – ба истеҳсоли маҳсулот ва хизматрасониҳои моддӣ равона гардида, дар он қувваи кор ва сармояи ҷисмонӣ нақши асосиро мебозанд. Равандҳои истеҳсолӣ бештар устувор, стандартӣ ва пешгӯишаванда мебошанд.

Иқтисодиёти иттилоотӣ – дар ин марҳила маълумот ва дониш ба унсурҳои асосии рушди иқтисодӣ табдил меёбанд. Самаранокии фаъолияти иқтисодӣ аз сатҳи ҷамъоварӣ, таҳлил ва паҳнкунии иттилоот вобаста буда, заминаи рушди навовариҳоро фароҳам месозад.

Марҳилаи рақамигардонӣ – дар ин зина равандҳои анъанавӣ ва иттилоотӣ ба шакли рақамӣ мегузаранд. Технологияҳои таҳлили додаҳои калон, автоматизатсия ва истифодаи платформаҳои рақамӣ рушд ёфта, самаранокии истеҳсол ва сифати қабули қарорҳоро ба таври назаррас беҳтар мекунанд.

Иқтисодиёти зеҳнӣ – марҳилаи пешрафтаест, ки дар он додаҳо ва технологияҳои рақамӣ бо имкониятҳои зеҳни сунъӣ (AI) ва моделҳои интеллектуалӣ ҳамгиро мешаванд. Ин раванд имкониятҳои инноватсионӣ ва рушди стратегиро дар сатҳи ҷаҳонӣ тақвият медиҳад.

Дар маҷмӯъ, ин модел нишон медиҳад, ки рушди иқтисодӣ дорои хусусияти пайдарпай ва марҳилавӣ мебошад ва дар ҳар давра аҳамияти омилҳои истеҳсолӣ тағйир меёбад: аз қувваи кор ва сармоя дар иқтисодиёти саноатӣ, ба дониш ва иттилоот дар иқтисодиёти иттилоотӣ, ба технология ва додаҳо дар марҳилаи рақамигардонӣ ва ниҳоят ба зеҳни сунъӣ дар иқтисодиёти зеҳнӣ.

Натиҷаи таҳқиқот. Таҳлилҳо нишон медиҳад, ки марҳилаҳои таҳаввул асосан бо тағйироти сохторӣ ва афзалиятҳои омилҳои истеҳсол муайян мешаванд: аз қувваи кор ва сармоя дар иқтисодиёти анъанавӣ, ба дониш ва иттилоот дар иқтисодиёти иттилоотӣ ва ниҳоят ба додаҳо ва технологияҳои рақамӣ дар иқтисодиёти рақамӣ.

Ин модел нишон медиҳад, ки рушди иқтисодӣ як раванд пайдарпай ва стратегӣ буда, қобилияти кишварҳоро барои рақобат дар сатҳи ҷаҳонӣ муайян мекунад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ташаккули модели муосири идоракунӣ ва омодасозии мутахассисони баландихтисос ҳамчун яке аз самтҳои муҳими рушди иқтисодиёти рақамӣ арзёбӣ мегардад. Ин раванд дар Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 декабри соли 2019, №642 таъкид шудааст, ки мувофиқи он яке аз роҳҳои асосии гузариш ба иқтисодиёти иттилоотӣ татбиқи трансформатсияи рақамӣ ба ҳисоб меравад. Ҳамзамон, ин раванд ҳамчун омили муҳими ноил гардидан ба ҳадафи чоруми стратегии миллӣ — саноатикунонии босуръат ва рушди устувори кишвар — баромад мекунад [11].

Дар чунин шароит, бо рушди рақамикунонии ҷомеа ва равандҳои иқтисодӣ, корхонаҳо на танҳо ба зиёд намудани ҳаҷми истеҳсолот ва фоида тамаркуз мекунанд, балки бояд принсипҳои экологӣ, иҷтимоӣ, иттилоотӣ ва сиёсиро низ ба фаъолияти худ ворид намоянд. Ин равиш имконият медиҳад, ки мушкилоти мураккаби иҷтимоӣ самаранок ҳаллу фасл гарданд.

Ҳамин тавр, дар ҷомеаи муосир раванди гузариши пайдарпай аз иқтисодиёти саноатӣ ба иқтисодиёти иттилоотӣ-рақамӣ идома дорад, ки дар доираи он маҳсулоти дорои шакли моддӣ тадриҷан ба шаклҳои ғайримоддӣ табдил ёфта, муносибатҳои иқтисодӣ бештар хусусияти ғайримолӣ касб мекунанд.

Иқтисодиёти иттилоотӣ-рақамӣ дорои хусусияти бисёрсоҳа буда, бо фанҳои гуногун, аз ҷумла иқтисод, информатика, математика, психология ва дигар илмҳо иртиботи зич дорад.

Инчунин, иқтисодиёти рақамӣ ҳамчун иқтисодиёти электронӣ ва интернетӣ тавсиф мешавад, ки фаъолияти он ба истифодаи шабакаҳои компютерӣ ва телекоммуникатсияҳои рақамӣ такя мекунад. Дар доираи чунин иқтисод тиҷорати электронӣ рушд ёфта, истеҳсол ва фурӯши молу хизматрасониҳои рақамӣ амалӣ мегардад.

Дар натиҷа, барои расидан ба ҳадафҳои стратегӣ, аз ҷумла гузариш ба иқтисодиёти рақамӣ, саноатикунонӣ ва таъмини рушди устувор, зарурати омодасозӣ ва нигоҳдории мутахассисони соҳибтаҷриба дар соҳаи технологияҳои иттилоотӣ ба миён меояд. Ин талабот бо афзоиши босуръати ниёз ба кадрҳои рақамӣ ҳам дар бозори меҳнати миллӣ ва ҳам дар сатҳи байналмилалӣ алоқаманд мебошад.

Дар шароити муосири рушди ҷомеа иқтисодиёти иттилоотӣ-рақамӣ ҳамчун марҳилаи нави эволютсионии низоми иқтисодӣ ташаккул ёфта, нақши калидӣ дар баланд бардоштани самаранокии фаъолияти хоҷагидорӣ ва рушди устувори иқтисоди миллӣ мебозад. Таҳқиқот нишон медиҳад, ки заминаҳои назариявии ин мафҳум аз ҳамгироии илмҳои иқтисодӣ, технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ ва равандҳои ҷаҳонишавӣ ба вуҷуд омадаанд.

Иқтисодиёти иттилоотӣ-рақамӣ бо хусусиятҳое чун истифодаи васеи технологияҳои рақамӣ, автоматизатсияи равандҳо, рушди платформаҳои рақамӣ, гардиши босуръати иттилоот ва ташаккули шаклҳои нави муносибатҳои иқтисодӣ фарқ мекунад. Дар ин замина, мафҳумҳои «рақамикунонӣ», «трансформатсияи рақамӣ» ва «иқтисоди иттилоотӣ» ҳамчун унсурҳои асосии ташаккули иқтисодиёти рақамӣ баромад мекунанд.

Хулоса. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки омилҳои асосии ташаккули иқтисодиёти иттилоотӣ-рақамӣ ин пешрафти технологӣ, густариши шабакаҳои интернетӣ, рушди инноватсия, рақобати бозорӣ ва дастгирии сиёсати давлатӣ мебошанд. Ин омилҳо ба тағйирёбии сохтори иқтисодӣ, пайдоиши бозорҳои нав ва такмилёбии механизмҳои идоракунӣ мусоидат менамоянд.

Ҳамзамон, иқтисодиёти рақамӣ имкониятҳои навро барои рушди соҳибкорӣ, баланд бардоштани сифати хизматрасонӣ ва афзоиши маҳсулнокии меҳнат фароҳам меорад. Бо вуҷуди ин, он бо як қатор мушкилот, аз ҷумла нобаробарии рақамӣ, хатарҳои киберамният ва норасоии кадрҳои баландихтисос рӯ ба рӯ мебошад.

Дар маҷмӯъ, ташаккули асосҳои назариявии иқтисодиёти иттилоотӣ-рақамӣ аҳамияти муҳим дошта, барои таҳияи сиёсати самараноки иқтисодӣ, рушди инноватсионӣ ва мутобиқшавии кишварҳо ба шароити иқтисоди ҷаҳонӣ заминаи устувор фароҳам меорад.

АДАБИЁТ:

1. Human Development Report 2020. The next frontier. Human development and the Anthropocene. – N.Y. 2020. -412 pp.
2. А.Ф. Гадоев, А. Абдалимов, Ф.С. Комилиён. Разработка и реализация управленческих решений на предприятиях легкой промышленности Таджикистана в условиях ускоренной индустриализации: монография – Душанбе, 2022. – 155 с.
3. Авдийский В.И., Дадалко В.А., Синявский Н.Г. Национальная и региональная экономическая безопасность России: учеб. по-собие / В.И. Авдийский, В.А. Дадалко, Н.Г. Синявский. Москва: ИНФРА-М, 2017. - 363 с.
4. Гадоев А.Ф. Организационные аспекты повышения качества решений в условиях экономической неопределённости. - Вестник Таджикского национального университета. - Душанбе: «Сино», 2019. - №4 (566). - С. 133-140
5. Гадоев А.Ф. Совершенствование механизма разработки и реализации управленческих решений (на материалах предприятий легкой промышленности Республики Таджикистан): диссертация. Кандидатская диссертация по специальности 08.00.05 - Экономика и управление народным хозяйством (экон. науки) – Душанбе, 2019. – 167 с.
6. Гадоев А.Ф. Социально-ориентированная кадровая политика как фактор эффективного управления человеческими ресурсами предприятия. - Вестник Таджикского национального университета. - Душанбе: «Сино», 2012. - №2/4(89) С. 154-158
7. Гадоев А.Ф. Ҷаҳонишавӣ ва тағйироти технологияи рақамӣ: дурнамо ва паёмадҳои байналхалқӣ.- Маҷалаи илмию сиёсии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон - Душанбе, 2025. - №3 (74). - С. 58-63
8. Информационная экономика / А.М. Баранов, Р.М. Нижегородцев, Б.В. Сорвиров; под ред. Б.В. Сорвирова. - М.: Интеграция, 2015. - 383 с.
9. Комилов Ф.С., Гадоев А.Ф., Роль информационных технологий в повышении эффективности управленческих решений на промышленных предприятиях. - Известия Академии наук Респ ублики Таджикистана. – Душанбе 2012. - №3 С. 48-52

10. Комилов Ф.С., Шарапов Д.С., Гадоев А.Ф. Технологияҳои информатсионӣ дар сайёҳӣ: васоити таълимӣ.- Душанбе: «Бебок», 2018. – 272 с.
11. Концепция цифровой экономики Республики Таджикистан. Утверждено постановлением Правительством Республики Таджикистан от 30 декабря 2019. - №642. - Душанбе, 2019. - 33 с.
12. Осипов Ю.М., Юдина Т.Н., Гелисханов И.З. (2019). Информационно-цифровая экономика: концепт, основные параметры и механизмы реализации // Вестник Московского университета. Серия 6. Экономика. - 2019. - № 3. - С. 42-61.
13. Программа среднесрочного развития цифровой экономики Республики Таджикистан на 2021-2025гг. - Душанбе, 2021. - 65 с.

УДК 338.48:330.341.1 (575.3)

ТАЪСИРИ ИНФРАСОХТОР БА ТАШАККУЛ ВА РУШДИ САМТҲОИ САЙЁҲӢ

ГАДОЕВ ҲАСАН СОЛИҲОВИЧ
Номзади илмҳои иқтисодӣ, мудири кафедраи сайёҳӣ ва бизнеси меҳмондорӣ
Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон.
Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Борбад, 48/5.
Тел.: (+992) 901- 09-88-95 **E-mail:** hasan_81-g@mail.ru
ҚУРБОНЗОДА МУҲАММАД СУЛТОНАЛӢ
Номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи сайёҳӣ ва бизнеси меҳмондорӣ
Донишгоҳибайналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон,
Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Борбад, 48/5.
Тел.: (+992) 901-71-63-77. **E-mail:** yormakurbonov@gmail.com

Аннотатсия. Дар мақола масъалаҳои таъсири инфрасохтор ба ташаккул ва рушди самтҳои сайёҳӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд. Нақши инфрасохтори нақлиётӣ, меҳмонхонаҳо, муассисаҳои хӯроки умумӣ, шабакаҳои коммуникатсионӣ ва хизматрасониҳои иттилоотӣ дар рушди соҳаи сайёҳӣ мавриди таҳлили амиқ қарор дода шудааст. Муаллиф таъсири сатҳи рушди инфрасохторро ба ҷалби сайёҳон, беҳтар намудани сифати хизматрасонӣ ва баланд бардоштани рақобатпазирии дестинатсияҳои туристӣ баррасӣ менамояд. Дар мақола омилҳои асосии ташаккули инфрасохтори туристӣ ва нақши онҳо дар рушди иқтисодиёти минтақаҳо муайян карда шудаанд. Ҳамчунин, масъалаҳои сармоягузорӣ ба инфрасохтори сайёҳӣ ва аҳамияти он дар рушди устувори соҳа таҳлил гардидаанд. Таҷрибаи байналмилалӣ оид ба рушди инфрасохтори туристӣ ва имкониятҳои татбиқи он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди омӯзиш қарор гирифтааст. Натиҷаҳои таҳқиқот нишон медиҳанд, ки рушди мутавозин ва самараноки инфрасохтор заминаи асосии ташаккули маҳсулоти рақобатпазири сайёҳӣ мебошад. Муаллиф ба хулоса меояд, ки такмили инфрасохтори туристӣ метавонад ба афзоиши ҷараёни сайёҳон, беҳтар гардидани сифати хизматрасонӣ ва баланд бардоштани саҳми соҳаи сайёҳӣ дар рушди иқтисоди миллӣ мусоидат намояд.

Калидвожаҳо: инфрасохтор, сайёҳӣ, дестинатсияи туристӣ, инфрасохтори нақлиётӣ, меҳмондорӣ, хизматрасонӣ, рушди устувор, рақобатпазирӣ, сармоягузорӣ, иқтисодиёти сайёҳӣ.

ВЛИЯНИЕ ИНФРАСТРУКТУРЫ НА ФОРМИРОВАНИЕ И РАЗВИТИЕ ТУРИСТСКИХ НАПРАВЛЕНИЙ

ГАДОЕВ ХАСАН СОЛИХОВИЧ
Кандидат экономических наук, заведующий кафедрой туризма и гостиничного бизнеса
Международного университета туризма и предпринимательства Таджикистана.
Адрес: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Борбад, 48/5.
Тел.: (+992) 901-09-88-95, **E-mail:** hasan_81-g@mail.ru

КУРБОНЗОДА МУХАММАД СУЛТОНАЛИ
Кандидат экономических наук, доцент кафедры туризма и гостиничного бизнеса
Международный университет туризма и предпринимательства Таджикистана,
Адрес: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Борбад, 48/5.
Тел.: (+992) 901-71-63-77. **E-mail:** yormakurbonov@gmfil.com

Аннотатсия. В статье исследуются вопросы влияния инфраструктуры на формирование и развитие туристских направлений. Проведен анализ роли транспортной инфраструктуры, гостиничного хозяйства, предприятий общественного питания, коммуникационных сетей и информационных услуг в развитии туристической отрасли. Автор рассматривает влияние уровня инфраструктурного обеспечения на привлечение туристов, повышение качества обслуживания и конкурентоспособности туристских дестинаций. В работе определены основные факторы формирования туристской инфраструктуры и их значение для социально-экономического развития регионов. Особое внимание уделено вопросам инвестирования в туристскую инфраструктуру и её роли в обеспечении устойчивого развития туризма. Изучен международный опыт развития инфраструктуры туризма и возможности его применения в Республике Таджикистан. Результаты исследования показывают, что эффективное развитие инфраструктуры является важнейшим условием формирования конкурентоспособного туристского продукта. Сделан вывод о том, что совершенствование туристской инфраструктуры способствует увеличению туристских потоков, повышению качества услуг и росту вклада туризма в национальную экономику.

Ключевые слова: инфраструктура, туризм, туристская дестинация, транспортная инфраструктура, гостиничное хозяйство, сервис, устойчивое развитие, конкурентоспособность, инвестиции, экономика туризма.

THE IMPACT OF INFRASTRUCTURE ON THE FORMATION AND DEVELOPMENT OF TOURISM DESTINATIONS

GADOEV HASAN SOLIKHOVICH
Candidate of Economic Sciences (PhD in Economics), Head of the Department of Tourism and Hospitality Business, International University of Tourism and Entrepreneurship of Tajikistan.
Address: 48/5 Borbad Avenue, Dushanbe 734025, Republic of Tajikistan.
Tel.: (+992) 901-09-88-95 **E-mail:** hasan_81-g@mail.ru
KURBONZODA MUHAMMAD SULTONALI
Candidate of Economic Sciences (PhD), Associate Professor of the Department of Tourism and Hospitality Business, International University of Tourism and Entrepreneurship of Tajikistan.
Address: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Borbad Avenue, 48/5.
Tel.: (+992) 901-71-63-77. **E-mail:** yormakurbonov@gmfil.com

Abstract. The article examines the impact of infrastructure on the formation and development of tourism destinations. Special attention is paid to the role of transport infrastructure, accommodation facilities, catering enterprises, communication networks, and information services in tourism development. The author analyzes how infrastructure influences tourist attraction, service quality improvement, and the competitiveness of tourism destinations. The study identifies the main factors shaping tourism infrastructure and their significance for regional socio-economic development. Particular emphasis is placed on investment in tourism infrastructure and its role in ensuring sustainable tourism development. International experience in tourism infrastructure development and the possibilities of its application in the Republic of Tajikistan are also examined. The findings indicate that efficient infrastructure development is a fundamental prerequisite for creating a competitive tourism product. The author concludes that improving tourism infrastructure contributes to increasing tourist flows, enhancing service quality, and strengthening the contribution of tourism to national economic growth.

Keywords: infrastructure, tourism, tourism destination, transport infrastructure, hospitality industry, service quality, sustainable development, competitiveness, investment, tourism economy.

Муқаддима. Дар шароити муосри ҷаҳонишавӣ ва рушди босуръати иқтисодиёт, соҳаи сайёҳӣ ба яке аз бахшҳои муҳими иқтисоди миллӣ табдил ёфтааст. Рушди самтҳои сайёҳӣ бевосита ба ба сатҳи рушди инфрасохтор вобаста буда, он ҳамчун заминаи асосии ташкили хизматрасониҳои босифат баромад мекунад. Инфрасохтори мукаммал имкон медиҳад, ки дастрасии сайёҳон ба маконҳои сайёҳӣ беҳтар гардида, шароити муносиб барои будубош ва фароғати онҳо фароҳам оварда шавад. Дар баробари ин, он ба баланд бардоштани рақобатпазирии минтақаҳо ва ҷалби сармоягузорӣ мусоидат менамояд. Бо вуҷуди пешравиҳо, дар бисёр кишварҳо, аз ҷумла Тоҷикистон, масъалаҳои норасоии инфрасохтор ҳанӯз ҳам боқӣ мемонанд. Аз ин рӯ, омӯзиши таъсири инфрасохтор ба ташаккул ва рушди самтҳои сайёҳӣ аҳамияти муҳими илмӣ ва амалӣ дорад [4, с. 146].

Инфрасохтор дар маънои иқтисодӣ маҷмӯи шароитҳо ва воситаҳои моддию техникӣ мебошад, ки фаъолияти иқтисодӣ ва иҷтимоиро таъмин менамояд. Дар соҳаи сайёҳӣ, инфрасохтор ҳамчун заминаи асосӣ барои ташкили хизматрасониҳои сайёҳӣ хизмат мекунад. Он аз маҷмӯи унсурҳои гуногун иборат буда, ба фаъолияти самараноки тамоми занҷираи арзиши сайёҳӣ таъсир мерасонад. Аз ҷумла, инфрасохтор имконият медиҳад, ки сайёҳон ба осонӣ ба маконҳои сайёҳӣ расанд, дар шароити муносиб ҷойгир шаванд ва хизматрасониҳои гуногуни фароғатиро истифода баранд. Дар сурати набудани инфрасохтори мувофиқ, ҳатто минтақаҳои дорои захираҳои бойи табиӣ ва фарҳангӣ низ наметавонанд ба самтҳои ҷолиби сайёҳӣ табдил ёбанд [1, с. 22].

Аз нуқтаи назари назариявӣ, инфрасохторро метавон ба ду гурӯҳи асосӣ ҷудо кард: инфрасохтори умумӣ ва инфрасохтори махсуси сайёҳӣ. Инфрасохтори умумӣ унсурҳоеро дар бар мегирад, ки барои тамоми иқтисодиёт аҳамият доранд, аз ҷумла роҳҳо, пулҳо, фурудгоҳҳо, шабакаҳои алоқа ва энергетика. Ин навъи инфрасохтор на танҳо барои рушди сайёҳӣ, балки барои рушди тамоми бахшҳои иқтисодӣ муҳим мебошад. Инфрасохтори махсуси сайёҳӣ бошад, бевосита ба хизматрасонии сайёҳон равона шудааст ва меҳмонхонаҳо, тарабхонаҳо, марказҳои иттилоотӣ, муассисаҳои фарҳангӣ ва фароғатиро дар бар мегирад. Ҳамоҳангии байни ин ду намуди инфрасохтор шарти асосии рушди устувори самтҳои сайёҳӣ ба ҳисоб меравад [2, с. 166].

Таҳлили тадқиқоти охирин ва нашрияҳо. Дар солҳои охир масъалаҳои рушди инфрасохтори сайёҳӣ ва таъсири он ба ташаккул ва рушди самтҳои сайёҳӣ дар маркази таваҷҷуҳи муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷӣ қарор гирифтаанд. Дар шароити ҷаҳонишавӣ ва рақобати афзояндаи бозори байналмилалии сайёҳӣ, инфрасохтор ҳамчун яке аз омилҳои калидии муайянкунандаи рақобатпазирии дестинатсияҳои туристӣ эътироф мегардад. Таҳқиқоти охирин нишон медиҳанд, ки сатҳи рушди инфрасохтори нақлиётӣ, меҳмондорӣ, коммуникатсионӣ ва хизматрасонӣ ба ҳаҷми ҷараёни сайёҳон, сифати таҷрибаи туристӣ ва рушди иқтисодии минтақаҳо таъсири бевосита мерасонад.

Дар байни муҳаққиқони хориҷӣ саҳми назарраси илмӣ ба масъалаҳои рушди инфрасохтори туристӣ аз ҷониби олимон, аз қабили Ричард Батлер, Крис Купер, Алан Лью, Дэвид Пирс ва Саймон Ҳадсон гузошта шудааст. Дар корҳои онҳо нақши инфрасохтор ҳамчун унсури асосии системаи туристӣ ва омили муҳими ташаккули афзалиятҳои рақобатии минтақаҳои туристӣ мавриди таҳлил қарор гирифтааст. Аз ҷумла, К. Купер ва ҳаммуаллифони ӯ таъкид менамоянд, ки рушди устувори сайёҳӣ бидуни мавҷудияти инфрасохтори муосир ва самаранок ғайриимкон мебошад, зеро сифати хизматрасонӣ ва дастрасии объектҳои туристӣ аз сатҳи рушди инфрасохтор вобастагии мустақим дорад. Ташкилотҳои байналмилалӣ низ ба ин масъала таваҷҷуҳи ҷиддӣ зоҳир менамоянд. Дар ҳисоботҳои Созмони ҷаҳонии сайёҳӣ (UN Tourism), Шӯрои ҷаҳонии сайёҳӣ ва саёҳат (WTTC) ва Форуми ҷаҳонии иқтисодӣ мунтазам таъкид карда мешавад, ки сармоягузорӣ ба инфрасохтори туристӣ яке аз шартҳои асосии рушди устувори соҳа ба ҳисоб меравад. Мувофиқи гузоришҳои мазкур, кишварҳое, ки дорои

инфрасохтори пешрафтаи нақлиётӣ, рақамӣ ва хизматрасонӣ мебошанд, дар бозори байналмилалии сайёҳӣ мавқеи рақобатпазири бештар доранд.

Дар фазои илмии кишварҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил масъалаҳои рушди инфрасохтори сайёҳӣ дар таҳқиқоти олимон, аз ҷумла А.Д. Чудновский, М.А. Жукова, В.С. Сенин ва А.Ю. Александрова мавриди омӯзиш қарор гирифтаанд. Дар асарҳои онҳо масъалаҳои идоракунии рушди инфрасохтори туристӣ, ҷалби сармоягузорӣ ва баланд бардоштани сифати хизматрасонӣ ҳамчун омилҳои муҳими рушди бозори сайёҳӣ баррасӣ мешаванд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ дар солҳои охир таваҷҷуҳ ба омӯзиши масъалаҳои рушди инфрасохтори сайёҳӣ зиёд гардидааст. Олимони тоҷик масъалаҳои марбут ба рушди инфрасохтори туристӣ, имкониятҳои сайёҳии минтақаҳо, ҷалби сармоягузорӣ ва такмили хизматрасониҳои туристиро таҳқиқ намудаанд. Бо вуҷуди ин, таҳлили адабиёти илмӣ нишон медиҳад, ки масъалаи таъсири ҳамаҷонибаи инфрасохтор ба ташаккул ва рушди самтҳои сайёҳӣ дар шароити Тоҷикистон ҳанӯз ба таври кофӣ мавриди омӯзиши комплексӣ қарор нагирифтааст. Таҳқиқоти муосир нишон медиҳанд, ки имрӯз дар баробари инфрасохтори анъанавӣ, аҳамияти инфрасохтори рақамӣ низ босуръат афзоиш меёбад. Истифодаи платформаҳои электронӣ, технологияҳои мобилӣ, системаҳои бронкунии онлайн ва хизматрасониҳои рақамӣ ба яке аз омилҳои муҳими рушди дестинатсияҳои туристӣ табдил ёфтааст. Аз ин рӯ, рушди инфрасохтори рақамӣ ҳамчун ҷузъи ҷудонашавандаи инфрасохтори туристии муосир баррасӣ мегардад.

Асосҳои назариявӣ. Асосҳои назариявии таҳқиқоти мазкур ба консепсияҳо ва назарияҳои муосири рушди сайёҳӣ, рушди минтақавӣ, иқтисодиёти хизматрасонӣ ва инфрасохтори туристӣ такя менамоянд. Дар илми иқтисодӣ ва сайёҳишиносӣ инфрасохтор ҳамчун маҷмӯи объектҳо, хизматрасониҳо ва шароитҳое муайян карда мешавад, ки барои фаъолияти самараноки субъектҳои иқтисодӣ ва қонеъ гардонидани талаботи истеъмолкунандагон замина фароҳам меоранд. Дар соҳаи сайёҳӣ инфрасохтор яке аз унсурҳои муҳими системаи туристӣ ба ҳисоб рафта, сатҳи дастрасӣ, сифати хизматрасонӣ ва рақобатпазирии дестинатсияҳои туристиро муайян менамояд. Асоси назариявии таҳқиқот пеш аз ҳама ба назарияи рушди устувори сайёҳӣ такя мекунад, ки мувофиқи он рушди соҳа бояд дар асоси мувозинати манфиатҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва экологӣ амалӣ карда шавад. Мувофиқи ин назария, инфрасохтори туристӣ на танҳо бояд ба афзоиши ҷараёни сайёҳон мусоидат намояд, балки ҳамзамон ҳифзи муҳити зист, нигоҳдории мероси фарҳангӣ ва беҳтар гардидани сатҳи зиндагии аҳолии маҳаллиро таъмин созад. Дар ин замина, рушди инфрасохтори нақлиётӣ, меҳмондорӣ, коммуникатсионӣ ва хизматрасонӣ ҳамчун шарти муҳими татбиқи принсипҳои рушди устувор баррасӣ мегардад. Ҳамчунин, таҳқиқот ба назарияи рақобатпазирии дестинатсияҳои туристӣ асос ёфтааст. Тибқи ин назария, мавқеи рақобатии ҳар як минтақаи туристӣ аз маҷмӯи омилҳо, аз ҷумла сифати инфрасохтор, сатҳи хизматрасонӣ, дастрасии нақлиётӣ ва истифодаи технологияҳои муосир вобаста мебошад. Олимон бар он назаранд, ки маҳз рушди инфрасохтори муосир имконият медиҳад, ки минтақаҳои туристӣ ба талаботи бозори ҷаҳонӣ мутобиқ гардида, шумораи бештари сайёҳонро ҷалб намоянд.

Дар доираи таҳқиқот инчунин назарияи рушди минтақавӣ истифода шудааст. Мувофиқи ин назария, инфрасохтор ҳамчун омили муҳими рушди иҷтимоию иқтисодии минтақаҳо баромад намуда, ба афзоиши сармоягузорӣ, ташкили ҷойҳои нави корӣ ва рушди соҳибкорӣ мусоидат мекунад. Дар соҳаи сайёҳӣ ин раванд тавассути беҳтар намудани дастрасии объектҳои туристӣ, рушди шабакаҳои хизматрасонӣ ва баланд бардоштани сифати таҷрибаи туристӣ амалӣ мегардад.

Маълумот ва усулҳо. Дар раванди таҳқиқот ҳамчун сарчашмаи маълумот аз маълумотҳои Агентии омори назди президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Кумитаи рушди сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода бурда шудааст. Ҳамзамон барои гирифтани маълумот оид ба татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ ҷиҳати беҳтар намудани фазои

сайёҳӣ дар мамлакат аз сомонаи Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволӣ давлатӣ истифода бурда шудааст. Барои арзёбии дурусти сатҳи илмии мақолаи пойгоҳҳои байналмилалии иттилоотӣ-таҳлилии Scopus, Web of Science ва Google Scholar истифода бурда шудааст.

Объекти таҳқиқот: раванди ташаккул ва рушди самтҳои сайёҳӣ ва нақши инфрасохтори туристӣ дар баланд бардоштани рақобатпазирӣ, ҷалби сайёҳон ва рушди устувори минтақаҳо мебошад.

Дар раванди таҳқиқот аз усулҳои илмии гунгоногун истифода бурда шудааст, аз қабили: усули монографӣ имконият фароҳам овард, ки адабиётҳо ва маълумотҳо ба таври зарурӣ омӯхта шуда, хулосабардории аниқ гирифта шавад. Усули таҳлилӣ ва муқоисавӣ ҷиҳати муқоисаи маълумотҳо бо сарчашмаҳои илмӣ ва баровардани хулосаи амиқи илмӣ кӯмак намуд.

Мақсади таҳқиқот. Мақсади асосии таҳқиқот аз омӯзиши ҳамаҷонибаи таъсири инфрасохтор ба ташаккул ва рушди самтҳои сайёҳӣ иборат мебошад. Дар доираи таҳқиқот муайян намудани нақш ва аҳамияти инфрасохтори туристӣ дар рушди устувори соҳаи сайёҳӣ, баланд бардоштани рақобатпазирии дестинатсияҳои туристӣ ва ҷалби сайёҳон пешбинӣ мегардад. Ҳамчунин, таҳлил ва арзёбии таъсири инфрасохтори нақлиётӣ, меҳмонхонаҳо, муассисаҳои хӯроки умумӣ, шабакаҳои коммуникатсионӣ ва дигар унсурҳои хизматрасонӣ ба рушди самтҳои сайёҳӣ аз ҳадафҳои муҳими таҳқиқот ба ҳисоб меравад. Таҳқиқот ба омӯзиши таҷрибаи байналмилалӣ дар самти рушди инфрасохтори сайёҳӣ ва имкониятҳои татбиқи он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ равона шудааст. Дар баробари ин, муайян намудани мушкилот ва маҳдудиятҳои мавҷуда дар рушди инфрасохтори туристӣ, таҳияи пешниҳодҳо ва тавсияҳои амалӣ ҷиҳати такмили инфрасохтори соҳа ва таъмини рушди устувори сайёҳӣ яке аз мақсадҳои асосии таҳқиқот мебошад.

Натиҷаҳои тадқиқот: Яке аз муҳимтарин унсурҳои инфрасохтор, ки ба рушди сайёҳӣ таъсири бевосита мерасонад, инфрасохтори нақлиётӣ мебошад. Нақлиёт ҳамчун воситаи асосии ҳаракати сайёҳон, дастрасии онҳоро ба маконҳои сайёҳӣ таъмин менамояд. Сифати роҳҳо, мавҷудияти фурудгоҳҳо, шабакаҳои роҳи оҳан ва нақлиёти ҷамъиятӣ омилҳои муҳими муайянкунандаи рушди самтҳои сайёҳӣ мебошанд. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки минтақаҳое, ки дорои инфрасохтори нақлиётии рушдёфта мебошанд, метавонанд шумораи бештари сайёҳонро ҷалб намоянд. Баръакс, набудани роҳҳои муносиб ва мушкилоти нақлиётӣ метавонад монеаи ҷиддӣ барои рушди сайёҳӣ гардад. Аз ин рӯ, сармоягузорӣ ба инфрасохтори нақлиётӣ яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатӣ дар бисёр кишварҳо ба ҳисоб меравад.

Инфрасохтори меҳмонхонагӣ низ дар рушди сайёҳӣ нақши муҳим мебозад. Меҳмонхонаҳо ва дигар муассисаҳои ҷойгиронӣ шароити будубоши сайёҳонро таъмин намуда, ба сатҳи қаноатмандии онҳо таъсири мустақим мерасонанд. Дар шароити рақобати шадид дар бозори ҷаҳонии сайёҳӣ, сифати хизматрасонӣ, сатҳи бароҳатӣ ва мутобиқат ба стандартҳои байналмилалӣ аҳамияти калон дорад. Минтақаҳое, ки метавонанд хизматрасониҳои босифат ва гуногуншакл пешниҳод намоянд, бартарии рақобатӣ пайдо мекунанд. Илова бар ин, рушди инфрасохтори меҳмонхонагӣ ба афзоиши давомнокии будубоши сайёҳон ва зиёд шудани даромадҳои иқтисодӣ мусоидат мекунад [7, с. 104].

Дар замони муосир, инфрасохтори иттилоотӣ ба яке аз унсурҳои муҳимтарини рушди сайёҳӣ табдил ёфтааст. Технологияҳои рақамӣ имконият медиҳанд, ки сайёҳон пеш аз сафар маълумоти муфассал дар бораи самтҳои сайёҳӣ дастрас намоянд, хизматрасониҳоро онлайн фармоиш диҳанд ва сафарро ба таври самаранок ба нақша гиранд. Мавҷудияти платформаҳои бронкунӣ, вебсайтҳои иттилоотӣ, харитаҳои рақамӣ ва барномаҳои мобилӣ ба баланд бардоштани сатҳи хизматрасонӣ ва рақобатпазирии самтҳои сайёҳӣ мусоидат мекунад. Аз ин рӯ, рақамикунонии соҳаи сайёҳӣ яке аз самтҳои муҳими рушди инфрасохтор ба ҳисоб меравад. Инфрасохтори иҷтимоӣ низ дар ташаккул ва рушди самтҳои сайёҳӣ нақши муҳим мебозад. Амният, хизматрасониҳои тиббӣ, таъмини оби тоза, нерӯи барқ ва дигар хизматрасониҳои коммуналӣ ба ташаккули муҳити мусоид барои сайёҳон мусоидат мекунанд. Агар сайёҳон

худро дар муҳити бехатар ва бароҳат ҳис кунанд, эҳтимоли бозгашт ва тавсияи самти сайёҳӣ ба дигарон зиёд мегардад. Аз ин рӯ, рушди инфрасохтори иҷтимоӣ яке аз шартҳои муҳими рушди устувори сайёҳӣ мебошад.

Таъсири инфрасохтор ба ташаккули самтҳои сайёҳӣ дар он зоҳир мегардад, ки маҳз тавассути он минтақаҳо метавонанд иқтидори сайёҳии худро амалӣ намоянд. Масалан, минтақаҳои дорои манзараҳои табиии нодир, вале бе роҳҳои мувофиқ ва инфрасохтори хизматрасонӣ, наметавонанд сайёҳонро ҷалб намоянд. Бо рушди инфрасохтор, чунин минтақаҳо метавонанд ба самтҳои ҷолиби сайёҳӣ табдил ёбанд. Ин раванд ба рушди иқтисодии минтақа, таъсиси ҷойҳои нави корӣ ва баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ мусоидат мекунад [5, с. 7].



Модели мазкур таъсири инрасохторро ба ташаккул ва рушди самтҳои сайёҳиро инъикос менамояд. Дар асоси ин модел инфрасохтор ҳамчун заминаи асосии фаъолияти сайёҳӣ баррасӣ гардида, нақши он дар таъмини дастрасӣ, беҳтар намудани сифати хизматрасонӣ, ҷалби сайёҳон, баланд бардоштани имиҷи минтақа ва рушди устувори самтҳои сайёҳӣ нишон дода мешавад.

Таҷрибаи рушди соҳаи сайёҳӣ собит месозад, ки мавҷудияти захираҳои табиӣ, таърихӣ, фарҳангӣ ва фароғатӣ худ ба худ барои ташаккули самти рақобатпазири сайёҳӣ кофӣ нест. Барои ба маҳсулоти воқеии туристӣ табдил додани ин захираҳо зарур аст, ки дар минтақа роҳҳои мувофиқ, воситаҳои нақлиёти дастрас, меҳмонхонаҳо, хонаҳои меҳмонӣ, тарабхонаҳо, марказҳои иттилоотӣ, хизматрасонии тиббӣ, интернет, низоми амният, таъминоти муҳандисӣ ва дигар шароити зарурӣ мавҷуд бошанд.

Моҳияти асосии модели мазкур дар он ифода меёбад, ки инфрасохтор ба рушди самтҳои сайёҳӣ ҳам таъсири мустақим ва ҳам таъсири ғайримустақим мерасонад. Таъсири мустақим пеш аз ҳама дар осон гардидани ҳаракати сайёҳон, беҳтар шудани шароити будубош, дастрас шудани хизматрасониҳои зарурӣ ва баланд гардидани қаноатмандии онҳо зоҳир мегардад. Таъсири ғайримустақим бошад, тавассути омилҳое амалӣ мешавад, ки дар байни инфрасохтор ва рушди сайёҳӣ нақши миёнарав доранд. Ба чунин омилҳо дастрасии осон ба минтақа, сифати хизматрасонӣ, амният ва роҳатии сайёҳон, ҷолибияти сармоягузорӣ, имиҷ ва бренди минтақа, инчунин фаъолияти маркетингӣ дохил мешаванд. Маҳз ҳамин омилҳо имконият медиҳанд, ки инфрасохтор на танҳо ҳамчун маҷмӯи объектҳои моддӣ, балки ҳамчун механизми ташаккули маҳсулоти сайёҳӣ ва рушди иқтисодии минтақа баромад намояд.

Дар модели пешниҳодшуда инфрасохтори сайёҳӣ ҳамчун омили ибтидоӣ ба ташаккули самти сайёҳӣ таъсир мерасонад. Вақте ки минтақа дорои роҳҳои хуб, нақлиёти мунтазам, ҷойҳои мувофиқи истиқомат, хизматрасонии босифат ва дастрасии иттилоотӣ мебошад, он барои сайёҳон ҷолибтар мегардад. Дар чунин шароит имконияти ташкили хатсайрҳои нав, пешниҳоди хизматрасониҳои иловагӣ, ҷалби сайёҳони дохилӣ ва хориҷӣ, инчунин рушди соҳибкории маҳаллӣ зиёд мешавад. Баръакс, норасоии инфрасохтор метавонад рушди ҳатто минтақаҳои дорои иқтидори баланди туристиро маҳдуд созад. Аз ин рӯ, инфрасохтор дар модели мазкур ҳамчун шарти зарурии табдили захираҳои туристӣ ба маҳсулоти рақобатпазир арзёбӣ мегардад.

Аҳамияти илмии модели мазкур дар он аст, ки он рушди сайёҳиро ҳамчун раванди пайдарпай ва вобаста ба якдигар нишон медиҳад. Дар оғоз инфрасохтор шароити умумиро барои қабули сайёҳон фароҳам меорад, сипас тавассути беҳтар шудани дастрасӣ, хизматрасонӣ, амният ва маркетинг самти сайёҳӣ ташаккул меёбад. Дар натиҷа, минтақа метавонад ба афзоиши шумораи сайёҳон, баланд шудани даромади маҳаллӣ, таъсиси ҷойҳои нави корӣ, ҷалби сармоягузорӣ ва баланд гардидани рақобатпазирӣ ноил гардад. Ҳамзамон, рушди босамари самтҳои сайёҳӣ метавонад ба такмили минбаъдаи инфрасохтор низ мусоидат намояд, зеро афзоиши талабот ба хизматрасониҳои туристӣ зарурати беҳтар намудани роҳҳо, меҳмонхонаҳо, хизматрасониҳои рақамӣ, объектҳои фарҳангӣ ва низоми идоракунии минтақаро ба миён меорад.

Дар маҷмӯъ, модели консептуалӣ нишон медиҳад, ки рушди инфрасохтор яке аз омилҳои калидии ташаккул ва рушди самтҳои сайёҳӣ ба ҳисоб меравад. Он на танҳо шароити техникию моддии қабули сайёҳонро таъмин менамояд, балки ба баланд бардоштани сифати хизматрасонӣ, беҳтар гардидани имиҷи минтақа, ҷалби сармоя, рушди соҳибкорӣ ва устувории иҷтимоию иқтисодии маҳал таъсири мусбат мерасонад. Аз ин рӯ, дар банақшагирии рушди сайёҳӣ бояд инфрасохтор ҳамчун самти афзалиятнок баррасӣ гардида, рушди он бо талаботи бозори сайёҳӣ, ҳифзи муҳити зист, манфиатҳои аҳолии маҳаллӣ ва имкониятҳои рақобатии минтақа ҳамоҳанг карда шавад.

Модели мазкур метавонад ҳамчун асоси назариявӣ барои таҳлили ҳолати инфрасохтори сайёҳӣ, муайян намудани мушкилоти мавҷуда ва таҳияи тавсияҳои амалӣ оид ба рушди самтҳои нави сайёҳӣ истифода гардад. Барои санҷиши амалии модели мазкур яке аз нишондиҳандаҳои муҳим — динамикаи шумораи меҳмонхонаҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2020–2025 мавриди таҳлил қарор дода мешавад, зеро меҳмонхонаҳо қисми асосии инфрасохтори қабул ва ҷойгиронии сайёҳонро ташкил медиҳанд.

Маълумоти ҷадвали 1 имкон медиҳад, ки тамоюли тағйирёбии иқтидори инфрасохтори меҳмонхонаҳо, сатҳи афзоиш ё коҳиши он ва таъсири ин раванд ба рушди самтҳои нави сайёҳӣ арзёбӣ карда шавад.

Ҷадвали 1. Динамикаи шумораи меҳмонхонаҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2020–2025

Солҳо	Шумораи меҳмонхонаҳо (адад)	Афзоиш (+), коҳиш (-) нисбат ба соли қаблӣ (адад)	Суръати афзоиш (%)
2020	180	–	100,0
2021	188	+8	104,4
2022	183	-5	97,3
2023	187	+4	102,2
2024	209	+22	111,8
2025	219	+10	104,8

Сарчашма: тартиб дода шудааст дар асоси маълумоти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи рушди сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳисобҳои муаллиф.

Маълумоти ҷадвали 1 нишон медиҳад, ки дар давраи солҳои 2020–2025 рушди инфрасохтори меҳмондорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тамоюли умумии мусбат доштааст. Шумораи меҳмонхонаҳо аз 180 адад дар соли 2020 то 219 адад дар соли 2025 афзоиш ёфтааст, ки ин ба зиёдшавии 39 адад ё 21,7 фоиз баробар мебошад. Ин нишондиҳанда аз рушди босуботи соҳаи меҳмондорӣ ва афзоиши таваҷҷуҳ ба сармоягузорӣ дар инфрасохтори туристӣ шаҳодат медиҳад. Дар соли 2021 шумораи меҳмонхонаҳо ба 188 адад расида, нисбат ба соли қаблӣ 8 адад зиёд гардидааст. Суръати афзоиш дар ин сол 104,4 фоизро ташкил додааст. Ин афзоиш асосан ба беҳтар гардидани шароити фаъолияти соҳибкорӣ ва таваҷҷуҳи бештар ба рушди хизматрасониҳои туристӣ вобаста мебошад. Дар соли 2022 коҳиши нисбии нишондиҳанда мушоҳида мегардад. Шумораи меҳмонхонаҳо то 183 адад кам шуда, нисбат ба соли 2021 панҷ адад камтарро ташкил медиҳад. Сабаби асосии чунин коҳишро метавон ба таъсири оқибатҳои пандемияи COVID-19 ва коҳиш ёфтани ҷараёни сайёҳон дар солҳои баъди пандемиявӣ рабт дод. Бо вуҷуди ин, коҳиш хусусияти муваққатӣ дошта, ба тамоюли умумии рушди соҳа таъсири ҷиддӣ нарасонидааст.

Аз соли 2023 вазъият тадриҷан беҳтар гардида, шумораи меҳмонхонаҳо ба 187 адад расидааст. Дар солҳои 2024 ва 2025 бошад, афзоиши назарраси инфрасохтори меҳмондорӣ мушоҳида мешавад. Танҳо дар соли 2024 шумораи меҳмонхонаҳо 22 адад зиёд гардида, ба 209 адад расидааст. Ин баландтарин нишондиҳандаи афзоиш дар тамоми давраи таҳлилшаванда мебошад. Дар соли 2025 низ тамоюли мусбат идома ёфта, шумораи меҳмонхонаҳо ба 219 адад расидааст.

Таҳлилҳо нишон медиҳад, ки рушди инфрасохтори меҳмондорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар марҳилаи рушд қарор дошта, барои қабули шумораи бештари сайёҳон ва баланд бардоштани сифати хизматрасонӣ заминаи мусоид фароҳам меорад. Афзоиши шумораи меҳмонхонаҳо инчунин нишондиҳандаи беҳтар гардидани муҳити сармоягузорӣ ва афзоиши талабот ба хизматрасониҳои туристӣ дар кишвар мебошад.

Ҷадвали 2. Нишондиҳандаҳои умумии рушди инфрасохтори меҳмондорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (2020–2025)

Нишондиҳанда	2020	2021	2022	2023	2024	2025
Шумораи меҳмонхонаҳо (адад)	180	188	183	187	209	219
Афзоиш нисбат ба соли 2020 (%)	100,0	104,4	101,7	103,9	116,1	121,7
Афзоиш нисбат ба соли қаблӣ (адад)	–	+8	-5	+4	+22	+10

Сарчашма: тартиби муаллиф дар асоси маълумоти расмии Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Кумитаи рушди сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Таҳлилҳо нишон медиҳад, ки тамоюлҳои асосии рушди инфрасохтори меҳмондорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нуқтаи назари нишондиҳандаҳои мутлақ ва нисбӣ арзёбӣ карда шаванд. Маълумотҳо нишон медиҳанд, ки дар тӯли давраи таҳлилшаванда рушди соҳа бо суръати нисбатан устувор амалӣ гардидааст. Агар нишондиҳандаи соли 2020 ҳамчун соли базавӣ қабул карда шавад, пас дар соли 2021 ҳаҷми рушди инфрасохтори меҳмондорӣ ба 104,4 фоиз расидааст. Дар соли 2022 ин нишондиҳанда то 101,7 фоиз коҳиш ёфтааст, ки сабаби он коҳиши муваққатии фаъолияти баъзе субъектҳои соҳаи меҳмондорӣ мебошад. Бо вуҷуди ин, нишондиҳандаи мазкур аз сатҳи соли базавӣ баландтар боқӣ мондааст.

Аз соли 2023 сар карда, рушди инфрасохтори меҳмондорӣ суръати бештар касб менамояд. Нишондиҳандаи афзоиш нисбат ба соли 2020 ба 103,9 фоиз расида, дар соли 2024 бошад, ба 116,1 фоиз баробар мегардад. Ин ҳолат аз фаъол гардидани сармоягузорӣ, беҳтар шудани муҳити соҳибкорӣ ва зиёд шудани талабот ба хизматрасониҳои меҳмонхонагӣ шаҳодат медиҳад. Соли 2025 нишондиҳандаи умумии рушди инфрасохтори меҳмондорӣ ба 121,7 фоиз расидааст. Ин маънои онро дорад, ки шумораи меҳмонхонаҳо нисбат ба соли 2020 беш аз панҷ як ҳисса зиёд гардидааст. Чунин тамоюл барои рушди минбаъдаи соҳаи сайёҳӣ аҳамияти муҳим дошта, имконият медиҳад, ки кишвар шумораи бештари сайёҳони хориҷӣ ва дохилиро қабул намояд.

Таҳлил инчунин нишон медиҳад, ки суръати баландтарини рушди инфрасохтори меҳмондорӣ ба солҳои 2024–2025 рост меояд. Дар ин давра татбиқи барномаҳои давлатӣ оид ба рушди сайёҳӣ, ҷалби сармоягузорӣ ва беҳтар намудани шароити хизматрасонӣ ба рушди инфрасохтори соҳавӣ мусоидат намудааст. Дар натиҷа иқтидори қабули меҳмонон зиёд гардида, имкониятҳои рушди намудҳои гуногуни сайёҳӣ, аз ҷумла сайёҳии экологӣ, фарҳангӣ ва кӯҳӣ васеъ шудаанд.

Хулоса ва пешниҳодҳо. Таҳқиқоти анҷомдодашуда нишон дод, ки инфрасохтор яке аз омилҳои асосӣ ва муайянкунандаи ташаккул, рушд ва рақобатпазирии самтҳои сайёҳӣ ба ҳисоб меравад. Дар шароити иқтисодиёти ҷаҳонии муосир, ки дар он рақобат байни дестинатсияҳои туристӣ пайваста афзоиш меёбад, рушди инфрасохтори туристӣ ҳамчун шарти муҳими ҷалби сайёҳон ва рушди устувори соҳа баромад менамояд. Натиҷаҳои таҳлил собит намуданд, ки байни сатҳи рушди инфрасохтор ва нишондиҳандаҳои рушди соҳаи сайёҳӣ вобастагии мустақим вуҷуд дорад. Минтақаҳое, ки дорои роҳҳои нақлиётии муосир, шабакаҳои меҳмонхонаҳо, муассисаҳои хӯроки умумӣ, марказҳои хизматрасонӣ ва технологияҳои рақамӣ мебошанд, имконияти бештар барои ҷалби сайёҳон ва рушди фаъолияти иқтисодӣ доранд.

Таҳқиқот нишон дод, ки инфрасохтори нақлиётӣ ҳамчун омили асосии рушди самтҳои сайёҳӣ баромад менамояд. Дастрасии осон ба объектҳои туристӣ имконият медиҳад, ки минтақаҳои дорои захираҳои табиӣ ва фарҳангӣ ба бозори туристӣ ҷалб карда шаванд. Ҳамзамон, рушди инфрасохтори меҳмонхона ва хизматрасонӣ ба баланд гардидани сатҳи қаноатмандии сайёҳон ва афзоиши давомнокии будубоши онҳо мусоидат мекунад. Дар баробари ин, аҳамияти инфрасохтори рақамӣ низ дар солҳои охир афзоиш ёфта, истифодаи технологияҳои муосир ба яке аз омилҳои муҳими рақобатпазирии дестинатсияҳои туристӣ табдил ёфтааст.

Натиҷаҳои таҳқиқот инчунин нишон доданд, ки рушди инфрасохтори туристӣ ба рушди иҷтимоию иқтисодии минтақаҳо таъсири мусбат мерасонад. Тавассути рушди инфрасохтор ҷойҳои нави корӣ таъсис меёбанд, имкониятҳои соҳибкорӣ васеъ мегарданд, даромади аҳолӣ зиёд шуда, шароити зиндагии сокинони маҳаллӣ беҳтар мешавад. Илова бар ин, рушди инфрасохтори туристӣ метавонад ба беҳтар гардидани сифати дигар хизматрасониҳои ҷамъиятӣ, аз ҷумла нақлиёт, алоқа, савдо ва хизматрасониҳои иҷтимоӣ мусоидат намояд.

Таҳлил нишон дод, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон дорои имкониятҳои васеи рушди сайёҳӣ мебошад. Захираҳои бойи табиӣ, кӯҳҳои баланд, минтақаҳои рекреатсионӣ, кӯлҳои нодир ва мероси ғании таърихию фарҳангӣ метавонанд барои рушди намудҳои гуногуни сайёҳӣ заминаи мусоид фароҳам оваранд. Аммо истифодаи пурраи ин иқтидор аз рушди

инфрасохтори туристӣ вобастагии зиёд дорад. Бо вуҷуди пешрафтҳои назаррас дар солҳои охир, дар як қатор минтақаҳои туристии кишвар ҳанӯз ҳам мушкилоти марбут ба дастрасии нақлиётӣ, норасоии воситаҳои ҷойгиронӣ, сатҳи пасти хизматрасонӣ ва маҳдудияти технологияҳои рақамӣ боқӣ мемонанд.

Дар асоси натиҷаҳои таҳқиқот пешниҳод мегардад, ки рушди инфрасохтори туристӣ ҳамчун яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатии рушди сайёҳӣ муайян карда шавад. Пеш аз ҳама, зарур аст, ки ҳаҷми сармоягузорӣ ба сохтмон ва таҷдиди роҳҳои аҳамияти туристидошта зиёд карда шавад. Беҳтар намудани дастрасии нақлиётӣ ба минтақаҳои кӯҳӣ, табиӣ ва фарҳангӣ метавонад барои ҷалби шумораи бештари сайёҳон мусоидат намояд [9, с. 26].

Ҳамчунин, тавсия дода мешавад, ки барои рушди шабакаи меҳмонхонаҳо, марказҳои истироҳатӣ ва дигар воситаҳои ҷойгиронӣ шароити мусоиди сармоягузорӣ фароҳам оварда шавад. Дар ин замина истифодаи механизмҳои шарикии давлат ва бахши хусусӣ метавонад воситаи самараноки ҷалби сармоя ба соҳа гардад. Бахши хусусӣ бояд барои татбиқи лоиҳаҳои инфрасохторӣ бештар ҷалб карда шавад, зеро таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки чунин ҳамкорӣ самаранокии рушди инфрасохторро таъмин менамояд.

Яке аз самтҳои муҳими рушди соҳа рушди инфрасохтори рақамӣ мебошад. Зарур аст, ки платформаҳои миллии иттилоотии туристӣ, системаҳои бронкунии электронӣ, хизматрасониҳои онлайн ва харитаҳои рақамии туристӣ такмил дода шаванд. Ин тадбирҳо метавонанд дастрасии иттилоотро барои сайёҳон беҳтар намуда, сатҳи рақобатпазирии дестинатсияҳои туристии кишварро баланд бардоранд.

Ҳамзамон, ҳангоми рушди инфрасохтори туристӣ бояд ба масъалаҳои ҳифзи муҳити зист диққати махсус дода шавад. Татбиқи принсипҳои рушди устувор, истифодаи технологияҳои аз ҷиҳати экологӣ бехатар ва нигоҳдории захираҳои табиӣ бояд қисми ҷудонашавандаи сиёсати рушди инфрасохтори туристӣ бошанд. Ин махсусан барои Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки қисми зиёди захираҳои туристии он дар минтақаҳои кӯҳӣ ва аз ҷиҳати экологӣ ҳассос ҷойгир шудаанд, аҳамияти калон дорад.

Дар маҷмӯъ, таҳқиқот нишон медиҳад, ки рушди инфрасохтор ҳамчун заминаи асосии ташаккул ва рушди самтҳои сайёҳӣ баромад намуда, ба баланд гардидани рақобатпазирии минтақаҳои туристӣ, афзоиши ҷараёни сайёҳон, рушди соҳибкорӣ ва беҳтар шудани вазъи иҷтимоию иқтисодии аҳолӣ мусоидат мекунад. Аз ин рӯ, татбиқи пайгиронаи сиёсати рушди инфрасохтори туристӣ метавонад ба яке аз омилҳои муҳими рушди устувори соҳаи сайёҳӣ ва баланд бардоштани саҳми он дар иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон табдил ёбад.

АДАБИЁТ:

1. Асрорзода, У.С. Заминаҳои иқтисодӣ ва пешомадҳои рушди сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / У.С. Асрорзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – Душанбе, 2023. – № 4–1. – С. 22–32.
2. Бегматов, З.Р., Содиков, Ш. А. Особенности туризма и туристского природопользования [Текст] / З.Р. Бегматов, Ш.А. Содиков // Проблемы развития внутреннего туризма в современных условиях: материалы респ. науч.-практ. конф. – Душанбе, 2023. – С. 166–169.
3. Бобозода, А.О. Роль туристической инфраструктуры в системе современных экономических отношений [Текст] / А.О. Бобозода // Вестник Академии государственного управления при Президенте Республики Таджикистан. – Душанбе, 2020. – № 1 (45).
4. Ёров, Дж.Н. Туристско-рекреационный потенциал Республики Таджикистан: проблемы и перспективы [Текст] / Дж.Н. Ёров // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – Душанбе, 2018. – № 8. – С. 145–158.
5. Кадыров, Д.Б., Ялунина, Е.Н. Совершенствование институциональных условий развития туризма в Республике Таджикистан [Текст] / Д.Б. Кадыров, Е.Н. Ялунина // Материалы международной научнопрактической конференции «Развитие туризма как фактор

социальноэкономического продвижения Республики Таджикистан: современное состояние и перспективы». – Душанбе, 2018. – С. 5–11.
6. Курбонов, Ё.С. Разработка комплексной стратегии по управлению на предприятиях гостиничного комплекса [Текст] / Ё.С. Курбонов // Вестник Таджикского национального университета. – Душанбе, 2015. – № 2/8 (181). – С. 231–235.
7. Курбонов, Ё.С. Теоретические основы малого и среднего бизнеса в гостиничном комплексе [Текст] / Ё.С. Курбонов // Вестник Таджикского национального университета. – Душанбе, 2015. – № 2/8 (181). – С. 103–11
8. Рауфов, Р.Н. Республика Таджикистан и его туристические ресурсы [Текст] / Р.Н. Рауфов // Материалы республиканской научно-практической конференции «Проблемы развития внутреннего туризма в современных условиях». – Душанбе, 2023. – С. 33–37.
9. Сайфуллоев, Н.Н., Ёров, Дж.Н. Тенденции развития туризма в Республике Таджикистан: институциональные и инфраструктурные аспекты [Текст] / Н.Н. Сайфуллоев, Дж.Н. Ёров // Сборник материалов V Международной научно-практической конференции «Направления повышения эффективности управленческой деятельности органов государственной власти и местного самоуправления». – Алчевск, 2023. – С. 26–32.
10. Gadoev H.S. Rijabekov N. Ch. // Analysis of the tourism and recreational potential of the Sughd region. Science and innovation international scientific journal volume 5 issue 1 January 2026 Tashkent. ISSN: 2181-3337. 08.00.00 Economic sciences 74-84

УДК 336.76:37.018.4

МЕХАНИЗМҲОИ БАЛАНД БАРДОШТАНИ САВОДНОКИИ МОЛИЯВӢ ВА ТАЪСИРИ ОН БОЗОРИ МОЛИЯВИИ КИШВАРҲОИ ПЕШРАФТА

ГУЛБЕКОВА СУРАЙЁ ҶУРАБЕКОВНА
Ассистенти кафедраи иқтисод ва идоракунӣ, Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ. **Суроға:** 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 121.
Тел.: (+992) 93 446 06 44. **E-mail:** surayogulbekova@gmail.com.

Аннотатсия. Дар мақолаи мазкур иштироки аҳолӣ дар бозори молиявӣ ва нақши саводнокии молиявӣ дар ташаккули рафтори сармоягузории хонаводаҳо мавриди омӯзиш, таҳлил ва таҳқиқ қарор гирифтаанд. Дар раванди таҳқиқ механизмҳои баланд бардоштани саводнокии молиявӣ роҳҳои баланд бардоштани онҳо дар давлатҳои рушдкарда, аз қабили: ИМА, Иттиҳоди Аврупо, Ҷопон, Кореяи Ҷанубӣ ва Қазоқистон таҳлил карда шуд. Таъсири саводнокии молиявӣ, таҳияи барномаҳои таълимӣ, нақши ниҳодҳои соҳавӣ, саҳми давлат ва ҷомеъаи шаҳрвандӣ дар давлатҳои болозикр таҳқиқ механизмҳои мавҷудаи идоракунии бозори молиявӣ ва танзими аҳолӣ ҷиҳати иштирок дар ин бозор арзёбӣ карда шуд.

Таҷрибаи хориҷӣ нишон дод, ки дар кишварҳои тараққикарда ҷиҳати рушди рушди бозори молиявӣ аз механизмҳои иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва ҳавасмандгардонӣ васеъ истифода мебаранд ва ин механизм боиси баланд шудани иштироки аҳолӣ дар раванди сармоягузории инфиродӣ гардидааст.

Калидвожаҳо: саводнокии молиявӣ, сармоягузорӣ, бозори молиявӣ, механизмҳои идоракунӣ, идоракунии хавфҳо, таҷрибаи хориҷӣ.

МЕХАНИЗМЫ ПОВЫШЕНИЯ ФИНАНСОВОЙ ГРАМОТНОСТИ И ЕЕ ВЛИЯНИЕ НА ФИНАНСОВЫЙ РЫНОК РАЗВИТЫХ СТРАН

ГУЛБЕКОВА СУРАЙЁ ДЖУРАБЕКОВНА
Ассистент кафедры экономики и управления, Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни. **Адрес:** 734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 121.
Тел.: (+992) 93 446 06 44. **E-mail**: surayogulbekova@gmail.com.

Аннотация. В данной статье изучаются, анализируются и исследуются участие населения на финансовом рынке и роль финансовой грамотности в формировании инвестиционного поведения домохозяйств. В ходе исследования определены механизмы повышения финансовой грамотности и проанализированы пути ее повышения в развитых странах, таких как США, Европейский союз, Япония, Южная Корея и Казахстан. Исследовано и оценено влияние финансовой грамотности, разработки образовательных программ, роли отраслевых институтов, государства и гражданского общества в указанных странах, а также существующие механизмы управления финансовым рынком и регулирования участия населения в данном рынке.

Зарубежный опыт показал, что в развитых странах для развития финансового рынка широко используются экономические, социальные и стимулирующие механизмы, которые способствуют повышению участия населения в процессе индивидуального инвестирования.

Ключевые слова: финансовая грамотность, инвестиции, финансовый рынок, механизмы управления, управление рисками, зарубежный опыт

MECHANISMS FOR IMPROVING FINANCIAL LITERACY AND ITS IMPACT ON THE FINANCIAL MARKET OF DEVELOPED COUNTRIES

GULBEKOVA SURAYYO DZHURABEKOVNA

Assistant, Department of Economics and Management, Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni. **Address:** 734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 121.

Tel.: (+992) 93 446 06 44. **E-mail:** surayogulbekova@gmail.com

Abstract. This article examines, analyzes, and investigates public participation in financial markets and the role of financial literacy in shaping household investment behavior. The study identifies mechanisms for improving financial literacy and analyzes approaches to enhancing it in developed countries, including the United States, the European Union, Japan, South Korea, and Kazakhstan. The study also examines and evaluates the impact of financial literacy, the development of educational programs, and the roles of sectoral institutions, government, and civil society in these countries, as well as existing mechanisms for financial market governance and the regulation of public participation in financial markets.

International experience demonstrates that developed countries widely employ economic, social, and incentive-based mechanisms to promote financial market development, which contributes to increased public participation in individual investment activities.

Keywords: financial literacy, investment, financial market, governance mechanisms, risk management, international experience.

Муқаддима. Дар шароити ҷаҳонишавӣ дигаргун шудани низми молиявӣ, вазъи бозори молиявии ҷаҳонӣ, татбиқи технологияи инноватсионӣ ва рақамӣ дар раванди хизматрасониҳои молиявӣ баланд бардоштани саводнокии молиявӣ ва донишҳои молиявии аҳолӣ нақши муҳимро дар сиёсати иқтисодии давлатҳои ҷаҳон касб намудааст. Зеро дар шароти муосири хоҷагидорӣ ва бозори ҷаҳонӣ баланд бардоштани саводнокии молия "...ҳамчун ҳадафи муҳими сиёсати маърифати молиявӣ боқӣ мемонад, зеро барои худи афрод ва бозорҳои молиявӣ муҳим аст, ки саводнокии молиявӣ ва салоҳияти гурӯҳҳои нави воридшаванда ба бозори хизматрасонии молиявӣ ба онҳо имкон диҳад, ки аз ҳама хизматрасониҳо ва маҳсулоти мавҷуда баҳра баранд" [7]. Вобаста ба ин, саводнокии молияӣ дар шароити кунунӣ дар баробари баланд бардоштани дониши иқтисодӣ-молиявии аҳолӣ ҳамчун унсури моҳим дар раванди рафтори оқилонаи молиявии аҳолӣ, баланд бардоштани устувории молиявии хонаводаҳо ва рушди бозори молиявӣ хизмат мекунад.

Дар кишварҳои аз ҷиҳати иқтисодӣ пешрафтаи ҷаҳон масъалаи саводнокии молиявӣ ва механизҳои марҳила ба марҳила баланд бардоштани он яке аз масъалаҳои калидӣ дар сиёсати давлатҳо қарор дошта дар замина, ҷиҳати баланд бардоштани саводнокии молиявии аҳолии банақшагирии стратегиро роҳандозӣ менамоянд. Созмони ҳамкории иқтисодӣ ва рушд (СҲИР)

дар раванди фаъолияти худ ҷиҳати беҳтар намудани саводнокии молиявӣ дар ҷаҳон таҳияи чандин стратегиҳои саводнокии молиявӣ ва механизмҳои баланд бардоштани онро таҳия намудааст, ки ин раванд дар қабули қарорҳо дар стратегияҳои молиявӣ ва сиёсати давлатӣ ҷиҳати ҳифзи истеҳмолкунанда ва баланд бардоштани саводнокии молиявӣ хизмат кунад [30]. Барои баланд бардоштани саводнокии молиявӣ дар кишварҳои тарқикарда ҳамоҳангии байни муассисаҳои таълимӣ, мақомотҳои давлатӣ, институтҳои молиявӣ, бонки марказӣ ва ташкилотҳои ҷамъияти ҳамоҳангии ва ҳамкориҳои зич роҳандозӣ карда шудааст.

Раванди баланд бардоштани саводнокии молиявӣ дар сиесати давлатҳои хориҷӣ хусусияти институтсионалиро ба худ касб намудааст. Агар дарс олҳои қаблӣ саводнокии молиявӣ ҷиҳати баланд бардоштани донишҳо оид ба пасандозҳои бонкӣ, буҷаи давлат, раванди ҳисоб ва пардохти андозҳо нигаронида мешуд, имрӯз дар таҷрибаи ҷаҳон ин раванд ба раванди хавфҳои молиявӣ, пешгирӣ аз раванди қалобӣ, ҳифзи маълумотҳои шахсӣ, раванди идоракунии сармоягузорӣ ва хизматрасониҳои молиявӣ нигоронида шудааст.

Бонки Ҷаҳонӣ маълумот медиҳад, ки то соли 2022 дар саросари ҷаҳон дар 78 юрисдиксия стратегияҳои миллӣ оид ба таълими молиявӣ ва баланд бардоштани саводнокии молиявӣ таҳия ва амалӣ карда шудаанд [27]. Раванди таҳия ва татбиқи стратегияҳои таълими молиявӣ дар давлатҳои ҷаҳон дар натиҷаи афзоиши амалиётҳои қаллобии электронӣ ва дигар хавфҳои молиявии рақамӣ торафт вусъат меёбад. Тибқи маълумоти OECD, то соли 2024 зиёда аз 80 давлати ҷаҳон стратегияҳои миллии саводнокии молиявиро таҳия ва татбиқ намудаанд [32]. Вобаста ба ин, робитаи байни рушди бозори молиявӣ ва баланд бардоштани саводнокии молиявӣ дар давлатҳои аз ҷиҳати иқтисодӣ рушдёфта яке аз масъалаҳои калидии сиёсати стратегии онҳо ба ҳисоб меравад. Рушди бозори молиявӣ, ҷалби пасандозҳо ва сармоягузориҳо ба иқтисодиёт аз сатҳи саводнокии молиявии аҳолӣ вобастагии калон дорад.

Тибқи маълумоти Бонки Ҷаҳонӣ [19], фаъолияти самараноки бозори молиявӣ аз сатҳи фарогирии молиявии аҳолӣ ва қобилияти молиявии онҳо вобастагӣ дошта, аҳолии дорои дониш ва қобилияти баланди молиявӣ ҳамкориҳои густурдаро бо бонкҳо ва муассисаҳои молиявӣ ба роҳ монда, хавфҳои молиявиро коҳиш медиҳанд.

Ҳамин тавр, таваҷҷуҳи афзояндаи институтҳои молиявӣ, ҷомеаи ҷаҳонӣ, созмонҳои байналмилалӣ ва давлатҳои аз ҷиҳати иқтисодӣ рушдёфта ба баланд бардоштани саводнокии молиявӣ, мутобиқ намудани аҳолӣ ба равандҳои ҷаҳонишавӣ ва рақамикунонии низоми молиявӣ, ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои истеъмолкунандагон, инчунин баланд бардоштани устувории молиявӣ ва таъмини суботи бозори молиявӣ равона гардидааст. Вобаста ба ин, омӯзиши таҷрибаи давлатҳои аз ҷиҳати иқтисодӣ пешрафта барои мутобиқ намудани ин таҷрибаҳо дар шароити ҷумҳурии Тоҷикистон зарур буда, он аз нуктаи назари иқтисодӣ аҳамияти назариявӣ ва амалӣ дорад.

Мавод ва усули таҳқиқот. Дар таҳқиқот ҷиҳати таҳқиқи маълумотҳо оид ба саводнокии молия, идоракунии бозори фондӣ, нақши саводнокии молиявӣ дар рушди бозори молиявӣ аз адабиётҳои олимони хориҷӣ, ватанӣ аз пойгоҳҳои иқтибосии Scopus, Web of Science, РИНЦ ва партали интернетии Google Scholar истифода бурда шудааст.

Дар раванди таҳқиқот аз усулҳои илмии таҳлилӣ, муқоисавӣ, институтсионалӣ, рефератӣ ва системавӣ истифода шудааст. Дар раванди таҳқиқ бо истифода аз усулҳои илмии зикршуда, таҳлили таҷрибаи давлатҳои ИМА, Иттиҳоди Аврупо, Ҷопон, Кореяи Ҷанубӣ ва Қазоқистон омӯхта шуда, механизмҳои муосири идоракунии давлатии бозори молиявӣ ва саводнокии молиявӣ таҳия ва нуктаҳои муҳими истифодаи ин механизмҳо барои таҷрибаи Тоҷикистон пешниҳод карда шудааст.

Натиҷаи таҳқиқот. Раванди баланд бардоштани саводнокии молиявӣ дар таҷрибаи давлатҳои аз ҷиҳати иқтисодӣ пешрафта аз доираи фарогирии таълимоти муқарарии аҳолӣ берун рафта, он дар сиёсати давлатҳо ҳамчун вазифаи стратегии рушди бозори молиявӣ маҳсуб гаштааст. Даҷрибаи давлатҳои хориҷӣ нишон дод, ки давлатҳои идоракунии саводнокии молиявиро дар асоси механизмҳои гуногун идора менамоянд ва онҳоро ба се гуруҳ ҷудо менамоем.

1. Марҳилаи якум, малакаҳои молиявии аҳолӣ тавассути таҳияи барномаҳои махсус ва роҳандозии онҳо баланд бардошта мешавад;
2. Марҳилаи дуюм, донишҳои андухтаи аҳолӣ дар таҷриба истифода бурда мешавад ва дар ин марҳила шахсони фарогирифташуда идоракунии буҷаи шахсӣ, раванди пасандоз, банақшагирии даромад ва хароҷотҳо, арзёбии хавҳои сармоягузорӣ, суғуртакунии дороиҳои молиявӣ таваҷҷуҳ зоҳир менамояд;
3. Марҳилаи сеюм, донишҳои назаривии андухта, рафтори тағйирёфта дар раванди истифдаи ин донишҳо ба баланд бардоштнаи хизматрасониҳои молиявӣ ва иштироки фаъоли аҳолӣ дар бозори молиявӣ кумк хоҳад намуд.

Барои рушди бозори молиявӣ ва баланд бардоштани саводнокии молиявии аҳолӣ дар давлатҳои пешрафтаи ҷаҳон механизмҳо, усулҳо ва барномаҳои гуногуни давлатӣ истифода бурда мешавад. Таи солҳои охир, саводнокии молиявӣ дар ИМА муҳимияти хоссаро касб намудааст, зеро афзоиши таваррум ва баъдан болоравии меъёрҳои фоизӣ баъд аз пандемия COVID-19 дар бозори молияии ин кишвар бачашм мерасад [29]. Номуйянӣ ва баланд будани хавфҳо дар сатҳи макраиқтисодӣ муҳимияти саводнокии молиявиро зиёд мекунад. Тибқи таҳқиқи олимон дар баробари муҳимияти баланди ин самт то ҳол сатҳи саводнокии молиявӣ дар ИМА паст мебошад [33]. Дар баробари паст будани саводнокии молиявии аҳолӣ дар ИМА, иштироки фаъоли аҳолӣ дар бозори молиявӣ бачашм мерасад.

Тибқи таҳқиоти Gallup дар соли 2025 62% аҳолии Амрико дорои саҳмия мебошанд ва дар бозори фондӣ иштироки фаъолона доранд. “Дорандагони саҳмияҳо дар байни хонаводаҳои дорои даромади 100 ҳазор доллар ё бештар (87%), хатмкунандагони коллеҷ (84%) ва калонсолони оиладор (77%) баландтарин аст. Дар муқоиса, ин нишондиҳанда дар байни муҷаррадон 49%, шахсони дорои маълумоти миёна ё камтар 42% ва хонаводаҳои дорои даромади камтар аз 50 ҳазор доллар 28%-ро ташкил медиҳад” [38].

Ин рақамҳо аз он гувоҳӣ медишад, ки рушди бозори молиявӣ дар ИМА аз як модели муқарарӣ бо ҳамгироии аҳолӣ ба бозори молияви табдил ёфтааст. Дар ИМА саводнокии молиявӣ дар асоси модели ҳамкории давлат бо институтҳои молиявӣ, муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, ташкилотҳои ҷамъияти, муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, муассисаҳои молиявӣ роҳандозӣ шудааст. Вобаст ба ин, дар сатҳи федеролӣ Комиссияи саводнокии молиявӣ ва маориф (FLEC) [26] таъсис дода шуда, он аз ҷониби Вазорати хазинадории ИМА батанзим дароварда шуда, фаъолияти муассисаҳои давлатиро дар самти саводнокии молиявӣ мавридӣ омӯзиш қарор медиҳанд. Дар баробари ин, дар ИМА Стратегияи милллии саводнокии молиявӣ [36] таҳия карда шудааст, ки он ба татбқи технологияи рақамӣ, таҳсилоти молиявӣ, ҳамкории давлат бо бахши хусусӣ ва роҳандозии таҳқиқотҳои илмӣ нигаронида шудааст.



Расми 1. Механизми баланд бардоштани саводнокии молиявӣ дар ИМА
Сарчашма: таҳияи муаллиф.

Яке аз ҷиҳатҳои фарқкунандаи таҷрибаи ИМА ин аст, ки ҳамгироии аҳолӣ ба бозори молиявӣ бо воситаи механизмҳои ғайримустақим ва институтсионалӣ роҳандозӣ карда мешавад. Ин равнд аз он гувоҳӣ медиҳанд, ки иштирокии озоди аҳолӣ дар бозори молиявӣ ва фондӣ аз доштани донишҳои амиқӣ молиявӣ вобаста буда, дар ин баробар ҳар як шаҳрванд ҳамчун сармоягузор метвонад дар садҳо лоиҳаҳои сармоягузорӣ ва тавассути фонди диверсификатсияшуда дастрасӣ пайдо кунад. ИМА дар самти баланд бардоштани

механизмҳои гуногуни идоракуниро истифода менамояд, ки ҷиҳатҳои мусбати таҷрибаи онро чунин мебошад:

- *Фарогирии васеъӣ аҳолӣ ба донишҳои молиявӣ.* Зиёда аз 62%-и саҳмияҳои бозори фондӣ дар соли 2025 дар дасти аҳолӣ қарор дошт. Ин раванд аз он шаҳодат медиҳад, ки аҳолӣ дар бозори молиявӣ нақши муҳим дорад. Дар ИМА иштироки аҳолӣ дар бозори фондӣ на танҳо тавассути хариди мустақими саҳмияҳо, балки тавассути институтҳои нафақавӣ ва фондҳои сармоягузорӣ низ амалӣ мешавад.

- *Табдил додани пасандозҳо ба сармоягузориҳои дарозмуддат.* Дар инҷо Қисми 401(k)-и Кодекси даромадҳои дохилии ИМА ҳамчун механизми ҷамъоварии маблағҳои аҳолӣ амал мекунад. Дар асоси ин механизм, корманд як қисми маошашро ба ҳисоби махсуси нафақавӣ мегузаронад ва ин маблағ одатан ба фондҳои муштарак, саҳмияҳо ё дигар воситаҳои сармоягузорӣ равона мешавад. Ин раванд барои ҷалби бештари аҳолӣ хизмат намуда, соли 2024 56,0 % хонаводаҳо дар ИМА саҳмияҳои фондҳои муштарак ё дигар ширкатҳои сармоягузории бақайдгирифташудаи ИМА-ро доштанд, ки тақрибан 74,0 миллион хонаводаҳои ИМА ва 126,8 миллион сармоягузорони инфиродӣ мебошанд [31].

- *Инфрасохтори қавии иттилоотӣ.* Дар ИМА ниҳодҳои муҳим Системаи миллии ҳамоҳангсозии молиявӣ (NFCS), Рушди иҷтимоӣ ва иқтисодии инсон (SHED), Чаҳорчӯби таснифоти стандартӣ (SCF), Таҳлили қарз ва сиёсати фискалӣ **(**DFA) дар якҷоягӣ ба мақомотҳои давлатӣ имконият фароҳам меоварад, ки дар ҳамоҳангӣ бо ҳам сатҳи саводнокии молиявӣ, фарқияти иҷтимоӣ, даромадкнокии хонаводаҳоро маълум намоянд.

- *Ҳамгироии танзими давлатӣ ва низоми таълим.* Дар ИМА дар баробари тазими қонунгузориҳо ва ҷори намудани ҷазо мехнизми иттилоотӣ ва таълимӣ ҷиҳати баланд бардоштани огоҳии молиявии аҳолӣ аз ҷониби Мақомоти танзимкунандаи саноати молиявии ИМА ва Комиссияи коғазҳои қиматнок ва биржаҳои ИМА роҳандозӣ карда мешавад. Ин равишро метоваон модели «ҳимоя + маориф» низ номид, зеро ҳимояи сармоягузор ба баланд бардоштани малакаҳои қабули қарор оварда расонад.

Дар баробари дастовардҳо ва рушди бозори молиявӣ дар ИМА таҷрибаи он ва модели идоракунии он дорои баъзе мушкилотҳо ва ҷиҳатҳои манфӣ мебошад, аз қабилӣ:

- *Нобаробарии молиявӣ ва сармоя. Системаи захиравии федералӣ таъкид мекунад, ки* нишондиҳандаи «чанд фоизи аҳолӣ саҳмия дорад?» бояд бо нишондиҳандаи «чӣ қадар сарват дар дасти кадом гурӯҳ аст?» баробар бошад. Ин раванд дар низоми молиявии ИМА баробар нест.

- *Гузоштани масъулияти сармоягузорӣ ва хавфи он ба худи шаҳрванд.* Низоми 401(k) ва IRA барои шаҳрвандон имкониятҳои зиёд фароҳам меоварад, вале аҳолиро аз хавҳои молиявӣ ҳифз намекунад ва онро ба уҳдаи худи сармоягузор мепартояд, ки ин раванд метавонад боиси муфлисшавии зиёди аҳолӣ дар раванди паст шудани фоизи саҳмияҳо гардад.

- *Вобастагии зиёд аз бозори сармоя. Модели* амрикоӣ дар баробари давлатҳои системаи бонкӣ нигоронидашуда, иштироки аҳолиро дар бозори молиявӣ ва фондӣ таъмин кардааст. Аз нуктаи назари макраиқтисодӣ дар ҳолати тағйироти назаррас ҳангоми татбиқи чунин модел метавонад ба даромаднокии аҳолӣ, пасандозҳо, дороиҳои хонаводаҳои таъсири манфии бештар расонад.

Таҳлили таҷрибаи ИМА ҷиҳати танзими бозори молиявӣ ва нақши аҳолӣ дар рушди бозори молиявӣ ва фонди нишон дод, ки дар ин раванд механизми танзими интитутсионалӣ амалӣ карда мешавад, ки он аз чор унсур иборат мебошад: таълими фарогир ва молиявӣ; тастрасии осони аҳолӣ ба дороиҳои молиявӣ; ҳавасмандии институтсионалӣ ва андозӣ; танзими давлатӣ ва ҳифзи ҳуқуқии манфиатҳои сармоягузор. Дар баробари таҷрибаи ИМА, таҷрибаи давлатҳои Аврупо ҷиҳати танзими саводнокии молиявӣ ҷиҳати рушди бозори молиявӣ нишон медиҳад, ки он нисбат ба ИМА ба низоми институтсионалӣ ва гуногуншакл асос ёфтааст.

Муҳаққиқон Каустиа, М., Конлин, А. ва Луотонен, Н. [28] дар раванди таҳқиқоти бозори фондии 19 кишвари Арупоро таҳқиқ намуда, муаяйн намуданд, ба раванди бозор омилҳои

институтсионалӣ, омилҳои рафторӣ, иштироки васеъи аҳолӣ ва хусусиятҳои инфиродии он таъсир мерасонанд. Тибқи таҳқиқоти онҳо таъсири инфирода дар рушди бозори молиявӣ дар Аврупо 50%-ро ташкил медиҳад, ки ин раванд аз он гувоҳӣ медиҳад, ки саводнокии молиявӣ яке аз омилҳои асосии иштироки аҳолӣ дар бозори саҳомӣ мебошад.

Хусусияти муҳими модели аврупоӣ даст кашидан аз барномаҳои парокандаи таълимӣ ва гузаштан ба низоми идоракунии стратегии миллӣ дар самти саводнокии молиявӣ мебошад. Иттиҳоди Аврупо соли 2022 [18] барномаи «Чаҳорчӯби салоҳияти молиявӣ барои калонсолон» (EU/OECD-INFE)-ро қабул кардааст. Ҳадафи қабули барнома фарогирии аҳолии калонсол бо саводнокии молиявӣ ва баланд бардоштани малакаву дониши онҳо ҷиҳати қабули қарорҳои дурусти молиявӣ мебошад. Дар баробари ин, имрӯзҳо Иттиҳоди Аврупо дар самти баланд бардоштани саводнокии молиявӣ ва рақамии аҳолӣ барои истеъмолкунандагон як қатор барномаҳои таълимии молиявиро таҳия ва татбиқ намуда истодааст.

Аз ҷумла, «Тавсияи Созмони ҳамкории иқтисодӣ ва рушд оид ба саводнокии молиявӣ» [5; 20] таҳия шудааст, ки ин чаҳорчӯба барои баланд бардоштани саводнокии молиявӣ дар кишварҳои узви Созмони ҳамкории иқтисодӣ ва рушд истифода мешавад. Дар доираи рақамикунонӣ аз ҷониби Комиссияи Аврупо мониторинги пайвастаи сатҳи донишҳои молиявии рақамӣ тавассути «Индекси иқтисодиёт ва ҷомеаи рақамӣ» [20] гузаронида мешавад, ки ҳадафи он баланд бардоштани сатҳи донишҳои молиявии рақамии аҳолӣ ва таҳкими мавқеи кишварҳои Аврупо дар муқоиса бо дигар кишварҳо мебошад. вобаста ба ин, дар расми 2 модели аврупоии баланд бардоштани саводнокии молиявӣ аҳолӣ ва нақши он дар рушди бозори молиявӣ оварда шудааст.



Расми 2. Модели баланд бардоштани саводнокии молиявӣ ва рушди бозори молиявӣ дар Аврупо. Сарчашма: таҳияи муаллиф

Дар давлатҳои Иттиҳоди Аврупо яке аз самтҳои муҳими баланд бардоштани донишҳои молиявӣ ин заминаи мактаби маҳсуб мегардад. Дар натиҷаи таҳқиқоти PISA [10] соли 2022 нишон додааст, ки хонандагон аз кишварҳои Фландрия, Дания, Нидерландия, Чехия, Австрия ва Полша дар асоси меъёри муайян намудаи Созмони ҳамкории иқтисодӣ ва рушд оид ба

саводнокии молиявӣ дар қадори дигар кишварҳо аз холи миёна зиёдтар бадаст оварданд. Дар муқоиса бо дигар давлатҳо, Австралия таълими молиявиро барвақттар, аз синни кӯдакӣ оғоз намуда, онро дар давраи таҳсил дар мактаб идома медиҳад [34].

Дар Аврупо, дар баробари татбиқи барномаҳои таълимӣ, ба таълими молиявӣ дар муассисаҳои томактабӣ ва мактабӣ, инчунин ба нақши оила дар баланд бардоштани сатҳи донишҳои молиявӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир намуда, онро яке аз омилҳои асосӣ медонанд.

Яке аз механизмҳои дигари қобили таваҷҷуҳ дар идоракунии саводнокии молиявӣ дар Аврупо иштироки аҳолӣ дар бозори молиявӣ ва фондӣ мебошад. Тибқи таҳқиқоти А. М. Андриес, А. П. Плопану ва Н. Спринс, ки 17 000 нафарро аз 25 давлати Аврупо фаро гирифтааст, муайян шудааст, ки аҳолии кишварҳои Скандинавия дар раванди хариди коғазҳои қиматнок ва иштирок дар бозори саҳомӣ фаъолияти нисбатан баланд доранд [12]. Тибқи натиҷаҳои ин таҳқиқот, 61,78%-и аҳолии Дания, 59,45%-и аҳолии Шветсия ва 40,56%-и аҳолии Финландия дар бозори фондӣ сармоягузорӣ менамоянд. Дар муқоиса, танҳо 2,05%-и аҳолии Булғористон, 5,47%-и аҳолии Маҷористон ва 5,94%-и аҳолии Юнон дар ин давра ба фаъолияти сармоягузорӣ машғул буданд. Ин раванд аз он гувоҳӣ медиҳад, ки фаъолияти сармоягузории аҳолӣ на танҳо аз сатҳи даромаднокии онҳо вобаста аст, балки ба сифати идоракунӣ ва самаранокии фаъолияти ниҳодҳои танзимкунандаи соҳа, инчунин ба сатҳи иштироки аҳолӣ дар бозори саҳомӣ ва молиявӣ алоқаманд мебошад.

Дигар механизми идоракунии саводнокии молиявӣ танзими давлати он дар дар давлатҳои Аврупо мебошад. Таҳлилҳо нишон дод, ки модели аврупоии танзими давлатӣ хусусяти бисерсатҳа дорад.

Сатҳи якум, дар сатҳи Иттиҳоди Аврупо маҳсуб мегардад, ки саводнокии молиявӣ, бозори сармоя, ҳифзи ҳуқуқии сармоягузорон тавассути сохтори ягонаи идоракунӣ батанзим дароварда мешаванд [23]. Дар ин замина, соли 2015 аз ҷонби Иттиҳоди Аврупо «Иттиҳоди бозорҳои сармоя» (CMU) ташкил шудааст, ҳама бозорҳои саҳомии аврупоро батанзим медарорад. Мақсади асосии ин Иттиҳодия «таъмини ҷараёни пулӣ (сармоягузорӣ ва пасандозҳо) дар саросари Иттиҳоди Аврупо мебошад, то ки он ба истеъмолкунандагон, сармоягузорон ва ширкатҳо, новобаста аз макони ҷойгиршавӣ, фоида оварад» [20].

Сатҳи дуюм, танзими бозори фондӣ аз ҷониби мақомоти миллӣ ва маҳалии ҳар як давлат дар ИА мебошад. Дар ИА дар баробари идоракунии марказонидашудаи бозори фондӣ ва молявӣ, беҳтар намудани иштироки аҳолӣ инчунин мақомотҳои маҳалӣ танзимкунандаи соҳа амал мекунанд, ки дар Олмон «Идораи федералии назорати хизматрасониҳои молиявии Олмон» [14], Мақомоти назорати бозорҳои молиявии Фаронса [13], Комиссияи миллии ширкатҳо ва биржаи Италия [18] ва дигар давлатҳо низ чунин низоми танзимкунадаи бозори фондиро доранд, ки раванди ҷалби сармоягузорӣ ва ҳифзи истеъмолкунангоро назорат мекунанд.

Сатҳи сеюм, механизмҳои идоракунии ҳифзи истеъмолкунанда дар ИА амалӣ карда мешавад, ки дар асоси санадҳои дахлдори ҳуқуқӣ ҳимояи сармоягузорон, хавфи сармоягузорӣ, ҳифзи манфиатҳои истеъмолкунандагон пешгирӣ аз фурӯши маҳсулоти номуносибро танзим менамояд [37].

Дар баробари таҳлили таҷрибаи ИА ва давлатҳои он метавон самтҳуи мусбати таҷрибаи онро пешниҳод намуд, аз қабили:

- Механизми таълими молиявии барвақтӣ роҳандозӣ, карда шудааст, ки ин раванд огоҳии ҷавонон ва наврасонро ҷиҳати идоракун намудани дороиҳои молиявӣ бедор мекунад;

- Механизми танзими бозори моляивии иерархӣ ки аз зинаи болоӣ то поёни раванди идоракунии саводнокии молиявӣ бо қабули барномаҳои махсус роҳандозӣ карда мешавад;

- Механизми диверсификатсияи шабакаҳои сармоягузорӣ амал мекунад, ки тибқи он хонаводаҳо тавасути хариди саҳмияҳои, иштирок дар фондҳои муштарак, фондҳои нафақа ва суғрута иштирок менамоянд.

- Институтҳои давлатӣ ва танзимкунандаи соҳа дар низоми баланд бардоштани саводнокии молиявӣ ва идоракунии бозори фондӣ нақши калон доранд. Таҷрибаи 25 кишвари

аврупоӣ нишон медиҳанд, ки дар асосӣ таъсири институтҳо аҳолӣ ва хонаводаҳо бо бозори саҳомӣ алоқамандии зиёд пайдо намудаанд.

- Механизми ҳамгироии саводнокии молиявӣ ва ҳифзи истеъмолкунанда амал мекунад, дар асоси он саводнокии молиявӣ дар сиёсати давлатӣ бо ҳифзи истеъмолкунанда ҳамоҳанг мебошад.

Дар баробари тағрибаи мусбати ИА ва давлатҳои он, ҳамзамон механизмҳои танзими он ва раванди идоракунии тағрибаи онҳо дорои баъзе камбудиҳо ва норасоӣ мебошад, аз қабили:

- Дар баробари низоми марказонидашуда дар ИА фарқияти назаррас ҷиҳати идоракунӣ ва баланд бардоштани саводнокии молиявӣ дар давлатҳо дида мешавад. Дар ин замина, сиёсати ягона дар ИА наметавонад хусусияти миллии давлатҳоро инъикос намояд;

- Бинобар таъсири тағрибаи таърихӣ дар кишварҳои пасошуравӣ то ба имрӯз этимоди мардум ба бозори молиявӣ ва институтҳои сармоягузорӣ кам мебошад;

- Муракабӣ дар раванди дороиҳои молиявӣ дар давлатҳои ИА вуҷуд доранд, ки бинобар ҳиф нашудани хавҳои молиявӣ дар баъзе давлатҳо барои самоягузорон мушкилӣ ба миён меоварад.

Ҳамин тавр, таҳлили тағрибаи идоракунии саводнокии молиявӣ ва механизмҳои баланд бардоштани он дар ИА нишон дод, ки дар онҷо механизми институтсионалӣ-иқтисодӣ ва иҷтимоиро дар раванди идоракунии бозорӣ молиявӣ ва баланд бардоштани саводнокии молиявии аҳолӣ истифода менамоянд. Дар қатори тағрибаи ИА тағрибаи идоракунии савонокии молиявӣ Ҷопон низ қобили омӯзиш ва таҳқиқ мебошад.

Дар Ҷопон раванди баланд бардоштани саводнокии молиявӣ дар зери таваҷҷуҳи ҳукумат қарор дорад ва пасанозҳои зиёди бонкии аҳолӣ гувоҳии ин сиёсат мебошад. Таҳлили тағрибаи Ҷопон аз он гувоҳӣ медиҳад, ки дар ин давлат механизми баланд бардоштани саводнокии молиявии аҳолӣ марҳила ба марҳила ба дигаргун шудани рафтори молиявии аҳолӣ оварда расонидааст.

Дар Ҷопон ҷиҳати арзёбии сатҳи донишҳои молиявии аҳолӣ Низоми миллии арзёбии саводнокии молиявӣ амал мекунад. Тибқи таҳқиқоти гузаронидаи ин ниҳод дар соли 2022, ки 30,0 ҳазор шаҳрванди сини 18-79-соларо дар бар гирифтааст, гузаронида шуда, натиҷаи таҳқиқот муаяйн намудааст, ки 55,7 % пурсидашудагон ба саволҳои пешниҳодшуда дуруст ҷавоб додааст, ки нисбат ба соли 2019 0,9 банди фоизӣ кам мебошад [35]. Ин таҳқиқот аз фарогирии аҳолӣ дар асоси донишҳои дадашуда ба аҳолӣ нишон медиҳад.

Яке аз механизмҳои муҳими иннаватсионие, ки Ҷопон роҳандозӣ намудааст ин низоми NISA «Суратҳисоби сармоягузории инфиродӣ бо имтиёзҳои андоз дар Ҷопон» маҳсуб мегардад [25]. Аз соли 2014 ин низом амал мекунад ва ҷалби сармоягузории хусусиро тавасути тахфифҳои андозӣ зиёд намудааст. Механизми муҳими ин низом дар он ҳаст, ки давлат бо сохтани инфрасохтори муҳими молиявӣ ҷалби шаҳрвандонро ба бозори фондӣ бароҳ мемонад.

Дар баробарии ин дар Ҷопон Агентии хизматрасониҳои молиявӣ [2;3] амал мекунад, ки он дар раванди фаъолияти худ 3 принсипи асосиро дар раванди баланд бардоштани донишҳои молиявӣ таъкид мекунад: банақшагирӣ ва идоракунии буҷети хонаводагӣ; механизми сармоягузории доимӣ; сармоягузориҳои дарозмуддат ва диверсификатсия сармоягузорӣ ва хавфи онҳо. Дар Ҷопон кушишҳо ҷиҳати таъмини мунтазами идоракунии хавфҳои сармоягузорӣ ва ҳавасмандгардонии иштирокчиёни он дар сиёсати давлатӣ роҳандозӣ намояд.

Яке аз механизмҳои муҳими модели Ҷопонӣ ин нақши таҳсилоти молиявӣ дар низоми идоракунии он маҳсуб гардида он ҳамчун як раванди доимӣ баррасӣ мегардад. Central Council for Financial Services Information яке аз ниҳодҳое мебошад, ки дар баробари таҳқиқотҳои худ, ҳамзамон самтҳои омӯзиш ва роҳҳои баланд бардоштани саводнокии молиявиро пешниҳод менамояд. Аз ҷониби ин ниҳод ҳар чаҳор сол якбор таҳқиқот оид ба сатҳи саводнокии молиявии аҳолӣ гузаронида мешавад. Раванди арзёбии фаъолияти таълим ва барномаҳои таълимӣ ба арзёбии натиҷаҳои таълим дар истеҳсолот ва бозори молиявӣ нигоронида шудааст.

Ҷиҳатҳои мусбати тағрибаи Ҷопон:

- Дар Ҷопон сиёсати давлатии сармоягузорӣ ба саводнокии молиявӣ пайватагӣ доша, таълими молявӣ ҳадафи иҷтимоӣ надошта, қисми асосии сиёсати давлатӣ ҷиҳати ташаккули сармоя ва даромаднокии хонаводаҳо маҳсуб мегардад.

- Дар модели идоракунии Ҷопонӣ бозори молиявӣ ба сармоягузории дарозмуддат нигаронида шудааст, сармоягузориҳо ва хавфҳои марбут ба он диверсификатсия карда мешаванд.

- Базаи васеъи маълумоти оморӣ ҷиҳати сатҳи саводнокии аҳолӣ дар Ҷопон мавҷуд мебошад, ки Тадқиқоти саводнокии молиявӣ, Ҳисобҳои ҷараёни маблағҳо маълумотҳоро ҷиҳати сатҳи дониш ва саводнокии молиявии аҳолӣ; рафтори воқеъии шарҳвандон дар бозори фондӣ; сохтори дороиҳои молиявии аҳолӣ ва хонаводаҳо.

Таҷрибаи Кореяи Ҷанубӣ низ дар самти идоракунӣ ва баланд бардоштани саводнокии молиявӣ ҷолиб мебошад. Дар муқоиса ба таҷрибаи Ҷопон, Кореяи Ҷанубӣ рушди бозори фондӣ ва молиявиро бо қарзҳои хонаводаҳо, иштироки фаъоли аҳолӣ дар бозорҳои сармоя, рақамикунонии раванди хизмарасонии молиявӣ нигаронида шудааст.

Корея низоми институтсионалии идоракунии саводнокии молиявиро роҳандозӣ намудааст. Ин раванд дар асоси ҳамкории давлат бо бахши хусусӣ роҳандозӣ карда мешавад. Ҷиҳати идора намудани хизматрасониҳои молиявӣ дар Кореяи Ҷанубӣ Комиссияи хизматрасонии молиявӣ (FSC) [25] амал мекунад, ки соли 2020 аз ҷониби ин ниҳод ҷиҳати баланд бардоштани саводнокии молиявии аҳолӣ таҳияи нишондиҳандаҳо оид ба такмили низоми таълими молиявӣ, саводнокии молиявии аҳолӣ, ташкили онлайн платформаҳои молиявӣ, омодасозии мутахассисон ва омӯзгорон барои аҳолии сатҳ ва сину соли гуногун таҳия карда шудааст.

Дар Кареяи Ҷануби модели идоракунии саводнокии молиявӣ таъти унвони «саводнокӣ дар тули ҳаёт» амал мекунад. Яъне, талаботи барномаҳои таълимӣ ҷиҳати баланд бардоштани донишҳои молиявӣ аз кӯдакон, наврасон, донишҷӯён, аҳолии коригар ва сатҳои гуногун аз ҷумла нафақахурон яксон арзёби карда мешавад [15]. Механизми идоракунии донишҳои молиявии аҳолӣ дар ин давлат дар асоси консепсияи OECD роҳандозӣ шудааст, ки он донишҳо ва саводнокии молиявиро ҳамчун маҷмуъи донишҳо, муносибат ва рафтор арзёбӣ мекунад.

Модели дигари идоракунии саводнокии молиявӣ дар Кареяи Ҷанубӣ ҳамгироии молиявӣ бо бозори сармоя мебошад. Дар ин замина, механизмҳои иқтисодиро ҷиҳати иштироки васеъи аҳолӣ дар бозори фондӣ истифода мебарад. Механизми муҳими онҳо Ҳисоби пасандозии инфиродӣ (ISA) маҳсуб мегардад, ки Ҳукумат ҷиҳати иштироки васеъи аҳолӣ дар бозори молиявӣ ва зиёд намудани пасандозҳои онҳо таҳфифҳои ISA-ро зиёд намудааст [16]. Ин механизм ба монанди NISA-аи Ҷопонӣ мебошад, ки ҳарду ниҳод ҳадафашон як мебошанд, ташвиқ ва ҷалби аҳолӣ ба бозори молиявӣ ба воситаи пешниҳоди механизмҳои ҳавасмандгардонӣ.

Дар расми 3 модели баланд бардоштани саводнокии молиявӣ ва рушди иштироки аҳолӣ дар бозори сармоя дар Корея оварда шудааст, ки нуктаи асосии он ба иштироки аҳолӣ дар бозори сармоя нигаронида шудааст.

Дар натиҷаи омӯзиши таҷрибаи Кореяи Ҷанубӣ метавон чунин ҷиҳатҳои мусбати механизмии идоракунии саводнокии молиявиро дар ин давлат номбар намуд:

- истифодаи механизми ниҳодии таҳсилоти молиявӣ дар Кореяи Ҷанубӣ роҳандозӣ карда шудааст, ки дар доираи он таҳсилоти молиявӣ аз як низоми пароканда ба як ниҳоди муташакил ва ҳамоҳангшудаи давлатӣ табдил ёфтааст;

- механизми рақамикунонии раванди таълими молиявӣ роҳандозӣ карда шудааст, ки дар асоси он воситаҳои рақамӣ, технологияи инноватсионӣ, воситаҳои ҳушманд дар раванди таълими молиявии аҳолӣ васеъ истифода бурда мешавад;

- механизми пайванди таълим бо истеҳсолот дар амал татбиқ карда мешавад, ки баъд аз азхудкунии барномаи таълимӣ раванди истифодаи донишҳои молиявӣ дар амалия арзёбӣ карда мешавад ва ин раванд ҳар 4 сол бароҳ монда мешавад.



Расми 3. Модели баланд бардоштани саводнокии молиявӣ ва рушди иштироки аҳолӣ дар бозори сармоя дар Корея. Сарчашма: таҳияи муаллиф

- татбиқи механизми ҳавасмандгардонии аҳолӣ ҷиҳати иштироки васеъи аҳолӣ дар бозори молиявӣ амал мекунад. Дар доираи ин механизм давлат аҳолиро аз доираи пасандозгузоранда ба сармоягузор ва иштироккунадаи фаъол дар бозори молиявӣ табдил медиҳад.

Ҳамин тавр, таҷрибаи Кореяи Ҷанубӣ нишон медиҳад, ки дар раванди баланд бардоштани саводнокии молиявии аҳолӣ ва рушди бозори молявӣ бояд механизми ҳамкории давлат бо бахши хусусӣ ва ҷомеаи шаървандӣ роҳандозӣ карда шавад ва рафтори молиявии аҳолӣ дар ин замина бояд дигар карда шавад.

Дар баробари таҳлили таҷрибаи давлат хориҷӣ, таҷрибаи Ҷумҳурии Қазоқистон, ки дар фазои иқтисодии Осиёи Марказӣ дохил мешавад, бамаврид мебошад. Баъд аз бадаст овардани истиқлолияти давлатӣ, Қазоқистон ислоҳоти тамоми соҳаҳои худро гузаронид алалхусус соҳаи таълимро ба низоми Балонӣ наздик намуд [8]. Дар Қазоқистон, масъалаи саводнокии молиявӣ бо назардошти вазъи кунунии иқтисодиёт ва хусусиятҳои бозорҳои молиявӣ махсусан шадид аст. Тибқи таҳқиқот [6], камтар аз 30% Қазоқистониён метавонанд ба саволҳои асосии молиявӣ, аз қабили фаҳмидани меъёрҳои фоизӣ, хатарҳои сармоягузорӣ ва буҷетсозӣ, дуруст ҷавоб диҳанд. Тибқи таҳқиқот [1] дар соли 2023, ки зиёда аз 3 ҳазор нафарро фаро гирифтааст, индекси умумии саводнокии молиявӣ 40,5%-ро ташкил додааст. Яке аз муҳимияти таҷриба дар он мебошад, ки 48,2% аҳолӣ донишҳои молиявиро аз тариқи шабакаҳои иҷтимоӣ дарёфт карданд, ки Қазоқистон онро ҳамчун механизми баландбардории донишҳои молиявӣ истифода мебарад.

Яке аз механизмҳои муҳими Қазоқистон ин рушди инфрасохтори бозори молиявӣ маҳсуб мегардад, ки дар он имкониятҳо барои иштироки васеъи аҳолӣ муҳайё карда шудааст. Дар рушди ин бозор ду ниҳод Биржаи саҳҳомии Қазоқистон (KASE) ва Маркази байналмилалии молиявии Остона нақши калидӣ доранд. Инфрасохтори молия имкнонияти иштироки аҳолӣ ва сармоягузориҳои инфиродиро дар бозори фондӣ зиёд намуд. Ин раванд боиси он гаштааст, ки дар соли 2024 сармоягузорони инфиродӣ дар Қазоқистон 62,1%-и ҳаҷми гардиши савдои саҳмияҳо дар бозори дуюмдараҷаи ташкил додаанд [9].

Қазоқистон таи солҳои охир ҷиҳати дастрасии васеъи аҳолӣ ба бозори молиявӣ ва пешгирӣ аз раванди қалобӣ раванди рақамикунонии хизматрасониҳои аҳолиро роҳандозӣ намудааст. Дар ин замина, инфрасохтори инноватсионӣ, индентификатсияи фосилавӣ ва дигар раванди рақамикунонӣ ба брокерон ҷиҳати гузаронидани амалиётҳои сармоягузорӣ имконият фароҳам меоваранд. Дар баробари ин, механизмҳои иқтисодӣ аз қабили ҳавасмандгардонии андозии сармоягузорон, маҳдудиятҳои хавфи сармоягузорӣ ва хифзи ҳуқуқии манфиатҳои сармоягузорон, шаффофият дар бозори молиявӣ ва зиёд будани эътимоди мардум ба бозори сармоя маҳсуб мегардад.

Хулоса. Таҳлили таҷрибаи давлатҳои аз ҷиҳати иқтисодӣ ва инфрасохтори молиявӣ рушдкардаи ҷаҳон аз он гувоҳӣ медиҳад, ки давлатҳо рушди бозори молиявиро дар баланд бардоштани донишҳои молиявии аҳолӣ мебинанд. Кишварҳои ҷиҳати ҷалби аҳолӣ ба раванди сармоягузорӣ ва иштироки фаъолона дар бозори фонди аз механизмҳои гуногун истифода мекунанд қисмати механизмҳо ба иқтисодӣ-иқтимоӣ ва институтсионалии идоракунӣ нигаронида шудааст. Ҷиҳати истифодаи таҷрибаи хориҷӣ дар раванди баланд бардоштани саводнокии молиявӣ чунин тавсия ва пешниҳодҳо намудан бамаврид мебошад:

- Марҳила ба марҳила гузариш аз назария ба амалия дар раванди ҷалби аҳолӣ ба бозори фондӣ. Кушиш намудан лозим аст, ки аҳолӣ бо истифода аз донишҳои молиявии андухтаи худро дар амалия татбиқ намоянд. Шаҳрвандон дар ин раванд роҳҳои идоракунии буҷаи хонаводаро омӯхта самтҳои баланд бардоштани буҷаи хонавода бо роҳи сармоягузорӣ ва хариди когазҳои қимматнок зиёд намоянд. Ин раванд ба рушди бозор мусоидат намуда, даромаднокии хонаводаҳо ва соҳаи иқтисодиётро рушд медиҳад.

- Содагардонии раванди иштироки аҳолӣ дар бозори сармоягузорӣ ва таҳияи дастурамал ҷиҳати қадам ба қадам иштирок намудани аҳолӣ дар ин бозор. Дар ин замина, бояд бо пешниҳоди замонати давлатӣ раванди хариди коғазҳои қимматнок ба аҳолӣ роҳандозӣ карда шавад. Ин механизм имконият медиҳад, ки хафви сармоягузории аҳолӣ коҳиш меёбад ва дар ин баробар таваҷҷуҳи аҳолӣ баланд мегардад, ки метавон дар ин самт аз таҷрибаи Ҷопон ва Кореяи Ҷанубӣ истифода намуд.

- Яке аз механизмҳои хуби Ҷопон ва Кореяи Ҷанубӣ барои Тоҷикистон дар он аст, ки бояд ҳисоби сармоягузории инфиродии аҳолӣ кушода шавад. Дар ин суратҳисобҳо аҳолӣ маблағҳои озоди худро танҳои барои сармоягузории дарозмуддат ба соҳаҳои мухталиф амалӣ намоянд. Ҳадафи роҳандозии чунин механизм табдил додани пасандозҳои озоди аҳолӣ ба сармоягузорӣ мебошад, ки ин раванд имконияти зиёд намудани сармоягузории дохилиро ба иқтисодиёт фароҳам оварда, даромаднокии аҳолиро зиёд мекунад ва сатҳи камбизоати коҳиш меёбад.

- Бо дарназардошти таҷрибаи давлатҳои ИА бояд дар назди ниҳодҳои идоракунандаи бозори фондӣ платформаи ягонаи иттилоотии бозори сармоя таҳия карда шавад. Дар платформа раванди хариди коғазҳои қимматнок аз бозорҳои фондӣ, қадам ба қадам ҳаракати сармоягузор дар ин бозор бояд ба таври содда ва оммафаҳм таҳия карда шавад, ки ин раванд имкният медиҳад, аҳолӣ маблағҳои озоди худро ба сармоягузории дарозмуддат равона намоянд.

АДАБИЁТ:

1. Агентство Республики Казахстан по регулированию и развитию финансового рынка. О результатах социологического исследования уровня финансовой грамотности населения в 2023 году [Электронный ресурс]. - 2023. - (дата обращения: 05.09.2026).
2. Агентство финансовых услуг Японии. О странах, управляющих активами [Электронный ресурс]. - 2023. - (дата обращения: 04.09.2026).
3. Арабов, Ф.П. Механизм управления инвестициями в эколого-экономическом использовании земельно-водных ресурсов (на примере орошаемого земледелия Таджикистана): специальность 08.00.05 "Экономика и управление народным хозяйством (по отраслям и сферам деятельности, в т.ч.: экономика, организация и управление предприятиями,)": автореферат диссертации на соискание ученой степени доктора экономических наук / Арабов Фирдавс Пулодович. – Душанбе, 2020. – 60 с.
4. Арабов, Ф.П. Теоретические аспекты инвестиционной деятельности земельно-водных ресурсов: понятие, сущность и источники формирования / Ф.П. Арабов // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2019. – № 5-2. – С. 45-48. – EDN YRGBSX.
5. Европейская комиссия. Стратегия цифровых финансов для ЕС: сообщение Комиссии Европейскому парламенту, Совету, Европейскому экономическому и социальному комитету и Комитету регионов [Электронный ресурс]. – Брюссель: Европейская комиссия, 2020. – Digital finance strategy for the EU (дата обращения: 03.09.2026).

6. Есбергенова, Б.М. Современное состояние и решение актуальных вопросов финансовой грамотности в Казахстане / Б.М. Есбергенова, Ж.Т. Бекбергенова // Proceedings of the 8th International Scientific Conference «Scientific Results». – Rome, Italy: University of Bari Aldo Moro, 2024. – С. 263.
7. Кузина, О.Е. Финансовая грамотность, финансовая культура и финансовая автономия молодежи / О.Е. Кузина, А.Я. Абдураманов // Мониторинг общественного мнения: экономические и социальные перемены. - 2025. - № 6 (190). - С. 71-97. - DOI: 10.14515/monitoring.2025.6.3048.
8. Лухманова, Г.К. Финансовая грамотность как ключевой механизм избежания мошенничества / Г.К. Лухманова, Н.Т. Сартанова, К.С. Байшоланова // Scientific Journal of Pedagogy and Economics. – 2025. – Т. 416. – № 4. – С. 477–493.
9. Международный финансовый центр «Астана». За последние пять лет количество розничных инвестиционных счетов в Казахстане увеличилось в 35 раз [Электронный ресурс]. - (дата обращения: 05.09.2026).
10.Результаты учащихся по финансовой грамотности в PISA 2022: результаты PISA 2022 (Том IV) [Электронный ресурс] // OECD. – 2024. – Результаты учащихся по финансовой грамотности в PISA 2022 (дата обращения: 03.09.2026).
11.Содиков, К.А. Экономическая эффективность агробиологического метода выращивания сельскохозяйственных культур в экологических условиях / К.А. Содиков, Ф.П. Арабов // Экономика и управление: ключевые проблемы и перспективы развития : Материалы XIII Международной научно-практической конференции, Тихорецк, 22 октября 2021 года / Под общей редакцией Е.В. Королюк. – Краснодар: ФГБУ "Российское энергетическое агентство" Минэнерго России Краснодарский ЦНТИ-филиал ФГБУ "РЭА" Минэнерго России, 2021. – С. 169-175.
12.Andrieş, A.M. Institutional determinants of households' financial investment behaviour across European countries / A.M. Andrieş, A.P. Plopeanu, N. Sprincean // Economic Analysis and Policy. – 2023. – Т. 77. – С. 300–325.
13.Autorité des marchés financiers (AMF) [Электронный ресурс]. - https://www.amf-france.org/fr (дата обращения: 04.06.2026).
14.BaFin. Bundesanstalt für Finanzdienstleistungsaufsicht [Электронный ресурс]. - https://www.bafin.de/DE/home_node.html (дата обращения: 04.09.2026).
15.Choi, I. Enhancing financial literacy in South Korea: Integrating AI and data visualization to understand financial instruments' interdependencies / I. Choi, W.C. Kim // Societal Impacts. – 2023. – Т. 1. – № 1–2. – Article 100024.
16.Choung, Y. Digital financial literacy and financial well-being / Y. Choung, S. Chatterjee, T.Y. Pak // Finance Research Letters. – 2023. – Т. 58. – С. 104438.
17.Commission and OECD-INFE publish joint framework for adults to improve individuals' financial skills [Электронный ресурс] // European Commission. – 2022. – 11 January. – Commission and OECD-INFE publish joint framework for adults to improve individuals' financial skills (дата обращения: 01.05.2026).
18.Commissione Nazionale per le Società e la Borsa (CONSOB) [Электронный ресурс]. — https://www.consob.it/ (дата обращения: 04.09.2026).
19.Enhancing Financial Capability and Inclusion in Uzbekistan [Электронный ресурс] // International Finance Corporation. – 2020. – https://www.ifc.org (дата обращения: 03.09.2026).
20.European Commission. Capital markets union 2020 action plan: A capital markets union for people and business [Электронный ресурс]. – Brussels: European Commission, 2020. – Capital markets union 2020 action plan (дата обращения: 03.06.2026).
21.European Commission. Digital Economy and Society Index (DESI): Thematic chapter [Электронный ресурс]. – Brussels: European Commission, 2022. – Digital Economy and Society Index (DESI) (дата обращения: 03.09.2026).
22.European Commission. What is the Capital Markets Union? [Электронный ресурс]. - https://finance.ec.europa.eu/financial-markets/financial-markets-policy/capital-markets-union/what-capital-markets-union_en (дата обращения: 02.06.2026).
23.Financial Education Affects Financial Knowledge and Downstream Behaviors / T. Kaiser, A. Lusardi, L. Menkhoff, C. Urban // Journal of Financial Economics. - 2022. - Vol. 145, No. 2. - P. 255–272.
24.Financial Services Agency. NISA: Learn about NISA [Electronic resource]. - NISA: Learn about NISA (accessed: 04.09.2026).
25.Financial Services Commission. FSC To Work on Improvements To Financial Education Programs [Электронный ресурс]. - 2020. - 1 мая. - (дата обращения: 01.07.2026).

26.FINRA Foundation. National Financial Capability Study (NFCS) [Электронный ресурс] // FINRA Foundation. - https://www.finrafoundation.org/national-financial-capability-study (дата обращения: 03.07.2026).
27.Global Financial Inclusion and Consumer Protection (FICP) Survey [Электронный ресурс] // World Bank. - https://www.worldbank.org/en/topic/financialinclusion/brief/ficpsurvey (дата обращения: 03.09.2026).
28.Kaustia, M. What drives stock market participation? The role of institutional, traditional, and behavioral factors / M. Kaustia, A. Conlin, N. Luotonen // Journal of Banking & Finance. – 2023. – T. 148. – Article 106743.
29.Lusardi, A. Financial literacy and financial well-being: Evidence from the US / A. Lusardi, J. L. Streeter // Journal of Financial Literacy and Wellbeing. – 2023. – T. 1. – № 2. – C. 169-198.
30.OECD. Recommendation of the Council on Financial Literacy [Электронный ресурс]. - OECD/LEGAL/0461, 2020. - https://legalinstruments.oecd.org/en/instruments/OECD-LEGAL-0461 (дата обращения: 02.09.2026).
31.Ownership of Mutual Funds and Shareholder Sentiment [Электронный ресурс] // ICI Research Perspective. – 2024. – Vol. 30. – No. 8. – October. – ICI Research Perspective (дата обращения: 03.09.2026).
32.PISA 2024 Results (Volume IV). How Financially Smart Are Students? [Электронный ресурс] // OECD. – https://www.oecd.org/en/publications/pisa-2022-results-volume-iv_5a849c2a-en/full-report/component-8.html (дата обращения: 03.09.2026).
33.Statista. Распределение уровня образования в Соединенных Штатах с 1960 по 2021 год [Электронный ресурс]. – 2023. – https://www.statista.com/statistics/184260/educational-attainment-in-the-us/ (дата обращения: 03.09.2026).
34.Tahir, M.S. The role of financial risk-taking attitude in personal finances and consumer satisfaction: evidence from Australia / M.S. Tahir, D.W. Richards, A.D. Ahmed // International Journal of Bank Marketing. – 2023. – T. 41. – № 4. – C. 787–809.
35.The Central Council for Financial Services Information. Financial Literacy Survey: 2022 Results [Электронный ресурс]. - March 2023. - 51 c. - (дата обращения: 01.07.2026).
36.U.S. National Strategy for Financial Literacy 2020 [Электронный ресурс]. – Washington, D.C.: U.S. Department of the Treasury, 2020. – 28 p. – U.S. National Strategy for Financial Literacy 2020 (дата обращения: 01.08.2026).
37.Vu T.-H.-P. Effects of the financial crisis on household financial risky assets holdings: Empirical evidence from Europe / T.-H.-P. Vu, C.-S. Li, C.-C. Liu // International Review of Economics & Finance. - 2021. - Vol. 71. - P. 342-358. — DOI: 10.1016/j.iref.2020.09.009.
38. What Percentage of Americans Own Stock? [Электронный ресурс] // Gallup. – 2025. – 5 мая. - https://news.gallup.com/poll/266807/percentage-americans-own-stock.aspx (дата обращения: 03.08.2026).

УДК: 657.6:338.2 (575.3)

АСОСҲОИ ИНСТИТУТСИОНАЛӢ ВА АМСИЛАҲОИ ТАНЗИМИ БОЗОРИ ХИЗМАТРАСОНИҲОИ АУДИТОРӢ

ҒУЛОМОВ ЗИКРУЛЛО ТОШМУРОДОВИЧ
Доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯи ихтисос, дотсенти кафедраи баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит, декани факултети баҳисобгирию иқтисодии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон. **Суроға:** 734055, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Борбад, 48/5. **E-mail:** ghulomov.z@mail.ru. **Тел.:** (+992) 902-62-62-76.

Аннотатсия. Дар мақола асосҳои институтсионалӣ ва амсилаҳои танзими бозори хизматрасониҳои аудиторӣ дар шароити тағйироти муосири фаъолияти аудиторӣ таҳқиқ мешаванд. Унсурҳои институтсионалии танзими бозори хизматрасониҳои аудиторӣ баррасӣ шуда, хусусиятҳои ҳамкории механизмҳои танзими давлатӣ ва касбӣ ифшо карда мешаванд. Таҳлили муқоисавии амсилаҳои танзими давлатӣ, касбӣ ва омехта гузаронида шуда, хусусиятҳои хос, бартариҳо ва маҳдудиятҳои онҳо ошкор карда мешаванд. Нишон дода мешавад, ки амалияи муосири байналмилалӣ бо тақвияти механизмҳои омехтаи танзим, ки ба

омезиши назорати давлатӣ ва худтанзимкунии касбӣ асос ёфтаанд, тавсиф мешавад. Хулоса дар бораи он асоснок карда мешавад, ки барои Ҷумҳурии Тоҷикистон рушди минбаъдаи низоми танзими бозори хизматрасониҳои аудиторӣ бо ташаккули амсилаи танзимкунии мутобиқшаванда, ки хусусиятҳои миллии институтсионалиро ба назар мегирад ва барои тақвияти эътимод ба аудит, беҳтар кардани сифати хизматрасониҳои аудиторӣ ва рушди муҳити касбӣ равона шудааст, алоқаманд мебошад.

Калидвожаҳо: аудит, фаъолияти аудиторӣ, хизматрасониҳои аудиторӣ, бозори хизматрасониҳои аудиторӣ, муҳити институтсионалӣ, танзими аудит, амсилаҳои танзимкунӣ, назорати давлатӣ, худтанзимкунии касбӣ, назорати сифат.

ИНСТИТУЦИОНАЛЬНЫЕ ОСНОВЫ И МОДЕЛИ РЕГУЛИРОВАНИЯ РЫНКА АУДИТОРСКИХ УСЛУГ

ГУЛОМОВ ЗИКРУЛЛО ТОШМУРОДОВИЧ

Доктор философии (PhD), доктор по специальности, доцент кафедры бухгалтерского учета и аудита, декан учетно-экономического факультета Международного университета туризма и предпринимательства Таджикистана. **Адрес:** 734055, Республика Таджикистан, Душанбе, ул. Борбад, 48/5. **E-mail:** ghulomov.z@mail.ru. **Тел.:** (+992) 902-62-62-76

Аннотация. В статье рассматриваются институциональные основы и модели регулирования рынка аудиторских услуг в контексте современных изменений аудиторской деятельности. Рассматриваются институциональные элементы регулирования рынка аудиторских услуг, выявляются особенности взаимодействия государственных и профессиональных механизмов регулирования. Проводится сравнительный анализ государственных, профессиональных и смешанных моделей регулирования, выявляются их специфические особенности, преимущества и ограничения. Показано, что современная международная практика характеризуется усилением смешанных механизмов регулирования, основанных на сочетании государственного контроля и профессионального саморегулирования. Обосновывается вывод о том, что для Республики Таджикистан дальнейшее развитие системы регулирования рынка аудиторских услуг связано с формированием адаптивной модели регулирования, учитывающей национальные институциональные особенности и направленной на укрепление доверия к аудиту, повышение качества аудиторских услуг и развитие профессиональной среды.

Ключевые слова: аудит, аудиторская деятельность, аудиторские услуги, рынок аудиторских услуг, институциональная среда, регулирование аудита, модели регулирования, государственный контроль, профессиональное саморегулирование, контроль качества.

INSTITUTIONAL FOUNDATIONS AND MODELS FOR REGULATION OF THE AUDIT SERVICES MARKET

GHULOMOV ZIKRULLO TOSHMURODOVICH

Doctor of Philosophy (PhD), Doctor of Science in the specialty, Associate Professor of the Department of Accounting and Auditing, Dean of the Faculty of Accounting and Economics of the International University of Tourism and Entrepreneurship of Tajikistan.
Address: 734055, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Borbad Street, 48/5.
E-mail: ghulomov.z@mail.ru. **Tel.:** +992 902-62-62-76

Abstract. This article examines the institutional foundations and models for regulating the audit services market in the context of contemporary changes in auditing. It examines the institutional elements of audit market regulation and identifies the interactions between state and professional regulatory mechanisms. A comparative analysis of state, professional, and mixed regulatory models is provided, highlighting their specific features, advantages, and limitations. It is shown that current international practice is characterized by the strengthening of mixed regulatory mechanisms based on

a combination of state control and professional self-regulation. It is concluded that for the Republic of Tajikistan, the further development of the audit services market regulation system is associated with the formation of an adaptive regulatory model that takes into account national institutional characteristics and is aimed at strengthening trust in auditing, improving the quality of audit services, and developing the professional environment.

Keywords: audit, audit activity, audit services, audit services market, institutional environment, audit regulation, regulatory models, state control, professional self-regulation, quality control.

Пешгуфтор. Рушди иқтисоди бозорӣ, мураккабшавии муносибатҳои хоҷагидорӣ ва афзоиши талабот ба шаффофии иттилооти молиявӣ аҳаммияти хизматрасониҳои аудитириро ҳамчун як унсури асосии инфрасохтори институтсионалии иқтисодиёт афзун мекунанд. Дар шароити имрӯза, аудит на танҳо саҳеҳии ҳисоботи молиявиро тасдиқ мекунад, балки инчунин ба таҳкими эътимод байни иштирокчиёни бозор, коҳиш додани номутаносибиҳои иттилоотӣ ва беҳтар кардани сифати идоракунии корпоративӣ мусоидат мекунад. Бо мурури тавсеаи фаъолияти соҳибкорӣ ва ҳамгироии иқтисодиёти миллӣ ба иқтисодиёти ҷаҳонӣ, аҳаммияти низоми муассири танзими аудит, ки барои таъмини мувозинати манфиатҳои давлат, ҷомеаи касбии аудиторон ва истифодабарандагони хизматрасониҳои аудиторӣ қодир бошад, меафзояд.

Мушкилоти мазкур барои Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳамияти хоса дорад. Рушди соҳибкорӣ, татбиқи стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ ва аудит, густариши равандҳои сармоягузорӣ ва табдили ботадриҷи рақамии иқтисодиёт тақвияти муҳити институтсионалии аудитро тақозо мекунанд. Дар баробари ин, бозори хизматрасониҳои аудиторӣ дар кишвар ҳанӯз дар марҳилаи ташаккули институтсионалӣ қарор дошта, такмили механизмҳои назорати сифат, равшан кардани вазифаҳои мақомоти танзимкунанда ва таъсиси низоми устувори назорати касбиро талаб мекунад. Дар чунин шароит, омӯзиши асосҳои институтсионалӣ ва амсилаҳои танзимкунии бозори хизматрасониҳои аудиторӣ аҳамияти баланди назариявӣ ва амалӣ низ пайдо мекунад.

Масъалаҳои аудит ва танзими фаъолияти аудиторӣ дар асарҳои муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷӣ баррасӣ шудаанд. Адабиёти хориҷӣ асосан ба сохтори институтсионалии фаъолияти аудиторӣ, таъмини мустақилии аудит, механизмҳои назорати давлатӣ ва касбӣ, инчунин низомҳои назорати сифати хизматрасониҳои аудиторӣ тамаркуз мекунад. Дар адабиёти илмии ватанӣ ҷанбаҳои алоҳидаи назариявӣ ва ташкилии аудит дар интишороти М.Х. Давлатзода [1], Б.Ҳ. Каримов [2; 6], Э.Қ. Миршарифзода (Э.Қ. Миршарипов) [7], Р.С. Тоҳирова [9], Қ.Х. Хушвахтзода [10] ва дигарон таҳқиқ шудаанд. Дар онҳо моҳияти аудит, асосҳои ташкилии фаъолияти аудиторӣ, ташкили аудити дохилӣ ва хусусиятҳои гузаронидани санҷишҳои аудиторӣ баррасӣ шудаанд. Ҳамчунин, Б.Ҳ. Каримов ба масъалаҳои баланд бардоштани сифат ва самаранокии хизматрасониҳои аудиторӣ, рушди назорати дохилӣ ва такмили расмиёти аудит таваҷҷуҳ кардааст [3; 4; 5]. Р.Н. Саидов самтҳои афзалиятноки рушди фаъолияти аудитириро муайян мекунад [8]. Аммо, дар интишороти мазкур масъалаҳои марбут ба сохтори институтсионалии бозори хизматрасониҳои аудиторӣ, ҳамкории субъектҳои танзимкунанда ва амсилаҳои муқоисавии ташкили назорати аудит ба таври пурра баррасӣ нашудаанд. Бинобар ин, зарурати коркарди ин масъалаҳо вобаста ба шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон, омӯзиши минбаъдаи онҳо бо назардошти тамоюлҳои муосири рушди аудит ба миён меояд. Ҳамин холигоҳи илмӣ мубрам будани таҳқиқоти мазкурро тасдиқ мекунад.

Ҳадафи таҳқиқот ифшо кардани асосҳои институтсионалии амалкунии бозори хизматрасониҳои аудиторӣ ва таҳлили муқоисавии амсилаҳои танзимкунии он барои ошкор кардани хусусиятҳои корбурд ва аҳамияти онҳо барои рушди фаъолияти аудиторӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Мавод ва усулҳои таҳқиқот. Асоси методологии таҳқиқотро равишҳои институтсионалӣ ва муназзам ташкил доданд. Корбурди ин равишҳо имкон дод, ки бозори хизматрасониҳои аудиторӣ ҳамчун маҷмуи ниҳодҳо, меъёрҳо ва субъектҳои танзимкунандаи бо ҳам алоқаманд, ки амалкунӣ ва рушди аудитро таъмин мекунанд, баррасӣ карда шавад. Дар ин маврид, тавассути равиши институтсионалӣ нақши давлат, ташкилотҳои касбӣ ва механизмҳои назорати сифат дар ташаккули низоми танзими хизматрасониҳои аудиторӣ муайян карда шуда, равиши муназзам имкон дод, ки муносибатҳои байни унсурҳои алоҳидаи ин низом таҳлил карда шаванд.

Дар раванди таҳқиқот усулҳои таҳлили муқоисавӣ, мантиқӣ ва сохторӣ истифода шудаанд. Таҳлили муқоисавӣ ҳангоми омӯзиши амсилаҳои хориҷии танзимкунии фаъолияти аудиторӣ ва ошкор кардани хусусиятҳои фарқкунандаи онҳо истифода шудааст. Таҳлили мантиқӣ барои ифшо кардани моҳият ва асосҳои институтсионалии бозори хизматрасониҳои аудиторӣ ва таҳлили сохторӣ барои омӯзиши таркиб ва вазифаҳои субъектҳои танзимкунанда истифода шудааст. Пойгоҳи иттилоотии таҳқиқотро асарҳои илмии муаллифони ватанӣ ва хориҷӣ, санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ ва дигар маводи инъикоскунандаи амалияи муосири ташкил ва танзими фаъолияти аудиторӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил додаанд.

Натиҷаҳои таҳқиқот. Бозори хизматрасониҳои аудиторӣ дар инфрасохтори институтсионалии иқтисодиёт мавқеи муҳим дорад, зеро амалкунии он бо пешниҳоди касбии хизматрасониҳои аудиторӣ ва таъмини эътимод ба иттилооти молиявӣ марбут аст. Гузашта аз ин, фаъолияти ин бахши бозори хизматрасониҳо бо таъмини саҳеҳии иттилооти молиявӣ, кам кардани номутаносибиҳои иттилоот ва тақвияти эътимод байни субъектҳои хоҷагидорӣ, сармоягузорон, мақомоти давлатӣ ва дигар истифодабарандагони ҳисоботи молиявӣ алоқаманд аст. Дар тафовут аз бозорҳои анъанавии хизматрасонӣ, натиҷаҳои аудит ба манфиатҳои ҷамъиятӣ (давлатӣ) дахолат мекунанд, зеро сифати аудит ба устувории муносибатҳои молиявӣ ва сатҳи шаффофӣ дар муҳити иқтисодӣ таъсир мерасонад. Дар баробари ин, «барои босифат гузаронидани хизматрасониҳои аудиторӣ пеш аз ҳама таҳия намудани низоми нишондиҳандаҳои сифати аудит, ки ба арзёбӣ намудани имконоти аудиторҳо ва ташкилотҳои аудиторӣ барои пешниҳод кардани хизматрасониҳои аудитории босифат мусоидат намояд, зарур аст» [4, с. 48].

Бинобар ин, бозори хизматрасониҳои аудиторӣ ҳамчун як низоми институтсионалӣ, ки фаъолияти он дар баробари пешниҳод ва талабот, инчунин аз маҷмуи меъёрҳои танзимкунанда, талаботи касбӣ ва механизмҳои назорат вобаста аст, баррасӣ карда мешавад. Омӯзиши адабиёт нишон медиҳад, ки «мушкилоти дар фаъолияти аудитории на танҳо Ҷумҳурии Тоҷикистон, балки тамоми ҷаҳон пайдошаванда аксаран хосияти ниҳодӣ дошта, бо бесамарии амалкунии худи ниҳоди аудит алоқаманд мебошанд» [3, с. 24].

Сохтори институтсионалии бозори хизматрасониҳои аудиторӣ дар таҳти таъсири ниҳодҳои расмӣ ва ғайрирасмӣ ташаккул меёбад. Ниҳодҳои расмӣ санадҳои қонунгузорӣ ва меъёрӣ, стандартҳои байналмилалии аудит, қоидаҳои иҷозатномадиҳӣ ва фаъолияти касбӣ, инчунин расмиёти назоратиро дар бар мегиранд. Маҳз ҳаминҳо марзҳои ҳуқуқии амалияи аудитро муайян ва талаботи ягонаро барои сифати хизматрасониҳои пешниҳодшаванда муқаррар мекунанд. Бо вуҷуди ин, самаранокии танзим танҳо бо мавҷудияти пойгоҳи меъёрӣ маҳдуд намешавад. Ҳамчунин, ниҳодҳои ғайрирасмӣ, аз қабили ахлоқи касбӣ, обрӯи тиҷоратӣ, меъёрҳои рафтори касбӣ ва сатҳи эътимод ба ҷомеаи аудиторӣ низ таъсири назаррас доранд. Ин унсурҳо аксар вақт дар муайян кардани сифати аудит на камтар аз талаботи расмӣ нақш доранд. Аз ҷумла, «набудани сифати зарурӣ дар бозори хизматрасониҳои аудиторӣ ба баландшавии минбаъдаи сатҳи боварӣ ба аудиторҳо таъсири номатлуб мерасонад» [5, с. 73].

Хусусияти фарқкунандаи танзими бозори хизматрасониҳои аудиторӣ дар хосияти бисёрҷанбаи он ифода меёбад. Ташаккул ва нигоҳдории муҳити институтсионалӣ тавассути ҳамкории якчанд гурӯҳҳои субъектҳо, ки вазифаҳои гуногун, вале пурракунандаи ҳамдигарро иҷро мекунанд, таъмин карда мешавад. Мақомоти давлатӣ асосҳои ҳуқуқии фаъолияти аудитириро муайян ва назорати давлатии онро роҳандозӣ мекунанд, иттиҳодияҳои касбӣ дар

таҳияи талаботи касбӣ ва механизмҳои худтанзимкунӣ иштирок мекунанд, стандартҳои байналмилалӣ ва меъёрҳои касбӣ фазои ягонаи методологии аудитро фароҳам меоранд [6, с. 56]. Чунин омезиши механизмҳои давлатӣ ва касбӣ барои таъмини тавозун байни зарурати назорати давлатӣ ва ҳифзи мустақилияти касбии аудиторон имкон медиҳад.

Ҳамин тариқ, танзими бозори хизматрасониҳои аудиторӣ низоми мураккаби институтсионалӣ мебошад, ки ба ҳамкории ниҳодҳои расмӣ ва ғайрирасмӣ, инчунин субъектҳои сатҳҳои гуногун асос ёфтааст. Барои равшантар нишон додани таркиб ва робитаҳои мутақобилаи ин унсурҳо, сохтори институтсионалии танзими хизматрасониҳои аудит дар намуди тарҳ пешниҳод карда мешавад (расми 1).



Расми 1. Тарҳи сохтори институтсионалии танзими бозори хизматрасониҳои аудиторӣ
Сарчашма: таҳияи муаллиф дар асоси [1; 3; 4; 5; 7; 10]

Сохтори институтсионалии дар расми 1 пешниҳодшуда нишон медиҳад, ки танзими бозори хизматрасониҳои аудиторӣ ба ҳамкории якчанд унсурҳои бо ҳам алоқаманд асос ёфтааст ва бо фаъолияти ягон субъекти алоҳида маҳдуд намешавад. Самаранокии амалкунии низоми мазкур бо ҳамоҳангии ниҳодҳои расмӣ ва ғайрирасмӣ, инчунин тақсимоти вазифаҳо байни мақомоти давлатӣ, ташкилотҳои касбӣ ва иштирокчиёни бозори хизматрасониҳои аудиторӣ муайян карда мешавад.

Чунин сохтори институтсионалӣ ташаккули механизмҳои назорати сифат, нигоҳдории мустақилияти касбӣ ва афзоиши эътимод ба хизматрасониҳои аудитириро таъмин мекунад. Тафовут дар муносибати байни механизмҳои танзими давлатӣ ва касбӣ ба ташаккули амсилаҳои гуногуни ташкили бозори хизматрасониҳои аудиторӣ боис мешавад.

Рушди институтсионалии бозори хизматрасониҳои аудиторӣ дар кишварҳои гуногун дар таҳти таъсири хусусиятҳои низоми ҳуқуқӣ, дараҷаи иштироки давлат дар иқтисодиёт ва сатҳи рушди ҷомеаи касбии аудиторон ташаккул меёбад [4, с. 47]. Дар натиҷа, амсилаҳои гуногуни танзими фаъолияти аудиторӣ ба миён омадаанд, ки аз ҷиҳати тақсимоти ваколатҳо байни мақомоти давлатӣ ва ташкилотҳои касбӣ, механизмҳои назорати сифат ва тартиби роҳандозии назорати касбӣ фарқ мекунанд. Сарфи назар аз мавудияти хусусиятҳои миллӣ, дар ҷаҳон се амсилаи асосии танзими хизматрасониҳои аудиторӣ паҳн шудаанд: давлатӣ, касбӣ ва омехта.

Амсилаи давлатӣ бо нақши бартаридоштаи мақомоти давлатӣ дар танзими фаъолияти аудиторӣ тавсиф мешавад. Дар доираи ин амсила, давлат асосҳои меъёрию ҳуқуқии аудитро муайян ва талаботро барои фаъолияти касбӣ муқаррар карда, ҳамчунин назорати риояи ин қоидаҳоро роҳандозӣ менамояд. Амсилаи касбӣ, баръакс, ба нақши пешбари иттиҳодияҳои касбии аудиторон, ки ба онҳо вазифаҳои таҳияи талаботи касбӣ, назорати сифат ва танзими фаъолияти аъзои худ вогузор карда мешавад, такя мекунад. Амсилаи омехта омезиши назорати давлатӣ ва танзими касбиро дар назар дошта, тақсимоти вазифаҳоро байни ниҳодҳои давлатӣ ва ҷомеаи касбии аудиторон таъмин менамояд. Маҳз ҳамин равиш дар даҳсолаҳои охир маъмултарин шудааст, зеро он бартариҳои назорати давлатӣ ва тахассуси касбиро муттаҳид мекунад.

Амалияи танзими бозори хизматрасониҳои аудиторӣ аз набудани амсилаи умумии барои ҳамаи кишварҳо татбиқшаванда шаҳодат медиҳад. Тафовут дар анъанаҳои ҳуқуқӣ, муҳити институтсионалӣ ва сатҳи рушди ҷомеаи касбӣ боиси ташаккули якчанд амсилаҳои танзимкунӣ гардидааст, ки ҳар кадоми онҳо механизмҳои худро барои ташкили назорати фаъолияти аудиторӣ ва назорати сифати сифат доранд.

Барои нишон додани хусусиятҳои хоси онҳо, таҳлили муқоисавии амсилаҳои асосии танзими бозори хизматрасониҳои аудиторӣ пешниҳод карда мешавад (ҷадвали 1).

Ҷадвали 1. Муқоисаи аммсилаҳои танзими бозори хизматрасониҳои аудиторӣ

Маҳакҳои муқоиса	**Амсилаи давлатӣ**	**Амсилаи касбӣ (худтанзимкунанда)**	**Амсилаи омехта**
Субъекти асосии танзим	Мақомоти давлатӣ	Иттиҳодияҳои касбии аудиторон	Давлат ва ташкилотҳои касбӣ
Нақши давлат	Бартаридошта	Маҳдуд	Назорат ва ҳамоҳангсозӣ
Нақши ташкилотҳои касбӣ	Машваратӣ ё маҳдуд	Асосӣ	Ҳамкорӣ бо мақомоти давлатӣ
Таҳияи талаботи касбӣ	Давлат	Ташкилотҳои касбӣ	Якҷоя ё бо ҳамоҳангсозӣ
Назорати сифат	Давлатӣ	Касбӣ	Давлатӣ ва касбӣ
Дараҷаи мустақилияти аудиторон	Нисбатан маҳдуд	Баланд	Мутавозин
Афзалиятҳо	Назорати қатъӣ ва ҳифзи манфиатҳои давлатӣ (ҷамъиятӣ)	Чандирӣ ва тахассуси касбӣ	Мувозинати назорат ва мустақилият
Маҳдудиятҳо	Хавфи расмиятпарастӣ	Хавфи маҳдудияти назорати берунӣ	Мураккабии ҳамоҳангсозӣ

Сарчашма: таҳияи муаллиф дар асоси [1; 3; 4; 5; 7; 10]

Таҳлили муқоисавии амсилаҳои танзими бозори хизматрасониҳои аудиторӣ нишон медиҳад, ки ҳар яки онҳо бартариҳо ва маҳдудиятҳои худро доранд ва самаранокии корбурди онҳо асосан аз муҳити институтсионалӣ ва сатҳи рушди фаъолияти аудиторӣ дар кишвари мушаххас муайян карда мешавад. Амалияи байналмилалӣ аз тақвияти тамоюли истифодаи механизмҳои танзими омехта, ки ба омезиши назорати давлатӣ ва худтанзимкунии касбӣ асос ёфтаанд, шаҳодат медиҳад.

Равиши мазкур шароити заруриро барои нигоҳ доштани сатҳи зарурии назорати сифати хизматрасониҳои аудиторӣ ва мустақилияти касбии аудиторҳо фароҳам меорад. Ин тамоюлҳо зарурати баррасии минбаъдаи тамоюлҳои муосири рушди амсилаҳои танзими бозори хизматрасониҳои аудиторӣ ва арзёбии аҳамияти онҳоро барои Ҷумҳурии Тоҷикистон ба миён меоранд.

Рушди бозори хизматрасониҳои аудиторӣ бо табдили тадриҷии механизмҳои танзимкунандаи он ҳамрадиф мебошад. Тағйирот дар сохтори бозорҳои молиявӣ, афзоиши талабот ба шаффофии ҳисобот ва таваҷҷуҳи бештар ба сифати аудит боиси тақдиди назари равишҳои анъанавии назорати касбӣ мегардад [3]. Дар натиҷа, танзими аудит дар кишварҳои гуногун мураккабтар ва бисёрҷанба шуда, ҳамкории бештари байни ниҳодҳои давлатӣ ва ҷомеаи касбиро талаб мекунад.

Яке аз тамоюлҳои назаррас тақвияти назорати давлатии фаъолияти аудиторӣ мебошад. Таҷрибаи бисёр кишварҳо нишон медиҳад, ки таъмини эътимод ба хизматрасониҳои аудиторӣ ташаккули механизмҳои муассири назорати берунии сифат ва баланд бардоштани масъулияти иштирокчиёни бозорро талаб мекунад [10, с. 63]. Дар баробари ин, корбурди стандартҳои байналмилалии аудит ва талаботи марбут ба онҳо оид ба ташкили фаъолияти касбӣ густариш ёфта, ба якхелакунии равишҳои гузаронидани санҷишҳои аудиторӣ ва арзёбии натиҷаҳои онҳо мусоидат мекунад.

Дигаргуниҳои назаррас дар тақсимоти вазифаҳо байни мақомоти давлатӣ ва ташкилотҳои касбӣ низ мушоҳида мешаванд. Агар, қаблан танзимкунӣ аксар вақт ба бартарии як ҷониб нисбат ба ҷониби дигар асос меёфт, амалияи муосир таваҷҷуҳро ба амсилаи нисбатан мутавозин, ки ба омезиши механизмҳои назорати давлатӣ ва худтанзимкунии касбӣ асос ёфтааст, нишон медиҳад. Ҳамзамон, воситаҳои танзимкунанда низ тағйир меёбанд, аз ҷумла истифодаи шаклҳои электронии ҳисобот, расмиёти мониторинг ва мубодилаи иттилооти касбӣ, ки таъсири умумии муҳити рақамиро ба ташкили фаъолияти аудиторӣ инъикос мекунанд [2; 10].

Барои Ҷумҳурии Тоҷикистон, ин тамоюлҳо дар шароити рушди минбаъдаи низоми хизматрасониҳои аудиторӣ ва такмили механизмҳои таъмини сифати онҳо аҳамияти амалӣ доранд. Таҷрибаи байналмилалӣ нишон медиҳад, ки нусхабардории бевоситаи амсилаҳои хориҷии танзимкунӣ ҳамеша натиҷаҳои интизоршавандаро намедиҳад, зеро самаранокии роҳҳои ҳалли институтсионалӣ бо шароити миллии ҳуқуқӣ ва ташкилӣ муайян карда мешавад. Бинобар ин, тавсия дода мешавад, ки рушди танзими бозори хизматрасониҳои аудиторӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ташаккули амсилаи мутобиқшаванда, ки воситаҳои назорати давлатӣ ва иқтидори танзими касбиро бо назардошти хусусиятҳои муҳити институтсионалии миллӣ муттаҳид мекунад, алоқаманд карда шавад.

Муҳокимаи натиҷаҳо. Натиҷаҳои бадастомада имкон медиҳанд, ки танзими бозори хизматрасониҳои аудиторӣ ҳамчун як низоми пӯёни институтсионалӣ, ки самаранокии он на бо воситаҳои алоҳидаи назорат, балки дар асоси ҳамоҳангии робитаҳои байниҳамдигарии иштирокчиёни асосии он муайян мегардад, баррасӣ карда шавад. Таҳлили анҷомдодашуда нишон медиҳад, ки устувории бозори хизматрасониҳои аудиторӣ бо рушди низоми танзимкунандае алоқаманд аст, ки ҳамзамон ҳифзи манфиатҳои давлатиро таъмин мекунад ва мустақилии касбии фаъолияти аудитириро нигоҳ медорад.

Муқоисаи амсилаҳои мавҷудаи танзимкунӣ ҳамгироии ботадриҷи равишҳои қаблан ҷудогонаи ташкили назорати аудитириро нишон медиҳад. Амалияи муосир гузаришро аз амсилаҳои қатъиян муайяншуда ба механизмҳои нисбатан чандири ҳамкории

институтсионалӣ, ки дар доираи онҳо вазифаҳои давлат ва ҷомеаи касбии аудиторон якдигарро пурра мекунанд, нишон медиҳад [2; 6].

Ин имкон медиҳад, ки сифати хизматрасониҳои аудиторӣ на танҳо ҳамчун натиҷаи риояи талаботи меъёрӣ, балки ҳамчун натиҷаи мувофиқати институтсионалӣ низ баррасӣ карда шавад.

Барои Ҷумҳурии Тоҷикистон ин муқаррарот аҳамияти методологӣ ва амалӣ доранд, зеро рушди минбаъдаи низоми хизматрасониҳои аудиторӣ ба назар гирифтани шароити миллии институтсионалӣ ва хусусиятҳои муҳити касбиро талаб мекунад. Дар робита ба ин, масъалаҳои тақсимоти вазифаҳои танзимкунӣ, ташкили назорати сифат ва тақвияти масъулияти касбӣ дар ташаккули амсилаи муассири танзими фаъолияти аудиторӣ аҳамияти асосӣ доранд.

Хулоса. Таҳқиқот нишон дод, ки бозори хизматрасониҳои аудиторӣ дар доираи як низоми мураккаби институтсионалии муттаҳидкунандаи ниҳодҳои расмӣ ва ғайрирасмӣ, инчунин механизмҳои танзими давлатӣ ва касбӣ амал мекунад. Муқаррар карда шуд, ки ташкили назорати аудиторӣ дар амалияи ҷаҳонӣ ба корбурди амсилаҳои гуногун, ки аз ҷиҳати тақсимоти вазифаҳои танзимкунӣ ва тарзҳои таъмини сифати фаъолияти аудиторӣ фарқ мекунанд, асос ёфтааст.

Таҳлили муқоисавии анҷомдодашуда тақвияти нақши амсилаҳои омехтаи танзимкуниро, ки назорати давлатӣ ва худтанзимкунии касбиро муттаҳид мекунанд, нишон дод. Паҳншавии онҳо аз таваҷҷуҳ барои таъмини сатҳи зарурии назорат бо нигоҳ доштани мустақилии касбии аудиторон ва устувории бозори хизматрасониҳои аудиторӣ бармеояд.

Барои Ҷумҳурии Тоҷикистон рушди минбаъдаи низоми танзими бозори хизматрасониҳои аудиторӣ бояд бо ташаккули амсилаи танзимкунии мутобиқшаванда, ки хусусиятҳои миллии институсионалиро ба назар мегирад ва барои тақвияти эътимод ба фаъолияти аудиторӣ, беҳтар кардани сифати хизматрасониҳои аудиторӣ ва рушди муҳити касбӣ равона шудааст, алоқаманд бошад.

АДАБИЁТ:

1. Давлатзода, М.Х. Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит. Китоби дарсӣ / М.Х. Давлатзода, Р.С. Тоҳирова, М.Б. Каримиён, Б.Ҳ. Каримов. – Душанбе: Ирфон, 2025. – 476 с.
2. Каримов, Б.Х. Развитие внутреннего контроля для обеспечения достоверности финансовой отчетности и снижения рисков ее искажения / Б.Х. Каримов // Актуальные вопросы современной науки: сборник статей XX Международной научно-практической конференции, Пенза, 10 марта 2025 года. – Пенза: Наука и Просвещение, 2025. – С. 100–105
3. Каримов, Б.Ҳ. Аудит ва назорати сифати он / Б.Ҳ. Каримов, З.Т. Ғуломов. – Душанбе: Соҳибкор, 2023. – 139 с.
4. Каримов, Б.Ҳ. Баландбардории сифат ва самаранокии хизматрасониҳои аудиторӣ: истифодаи таҷрибаи байналмилалӣ / Б.Ҳ. Каримов, З.Т. Ғуломов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2021. – № 3-2. – С. 47-54
5. Каримов, Б.Ҳ. Рушди назорати дохилӣ чун воситаҳои баландбардории самаранокӣ ва сифати хизматрасониҳои аудиторӣ / Б.Ҳ. Каримов, З.Т. Ғуломов // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – 2020. – № 3(32). – С. 71–76
6. Каримов, Б.Ҳ. Ҳамкории аудитор бо дигар шахсон барои гирифтани шаҳодатҳои аудиторӣ / Б.Ҳ. Каримов, Р.С. Тоҳирова // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – 2020. – № 4-1(33). – С. 56-61
7. Миршарипов, Э.Қ. Аудит: Воситаи таълимӣ / Э.Қ. Миршарипов. – Рашт: Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт, 2024. – 155 с.
8. Саидов, Р.Н. Самтҳои афзалиятноки рушди фаъолияти аудиторӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон / Р.Н. Саидов // Идоракунии давлатӣ. – 2025. – № 2(73). – С. 325–332

9. Тоҳирова, Р.С. Асосҳои ташкилии фаъолияти аудиторӣ: омодагӣ ба санҷиши аудиторӣ / Р.С. Тоҳирова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2019. – № 10-2. – С. 46-50
10. Хушвахтзода, Қ.Х. Аудити дохилӣ: китоби дарсӣ барои муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ / Қ.Х. Хушвахтзода, Р.С. Тоҳирова, Б.Ҳ. Каримов. – Душанбе: Ирфон, 2022. – 420 с.

УДК 336.22:330.8

НАЗАРИЯИ ПАЙДОИШ ВА ТАКМИЛИ АНДОЗБАНДӢ

ДАВЛЯТОВ ЭҲСОН МИРАҲМАДОВИЧ
Муаллими калони кафедраи андоз ва андозбандии
Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон.
Суроға: 734055, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи А. Деҳотӣ 1/2.
Тел.: (+992) 926-04-04-16. **E-mail:** ehson_1983@inbox.ru

Аннотатсия. Дар мақола ҷанбаҳои назариявии пайдоиши андозҳо ҳамчун зуҳуроти ҷамъиятӣ, омилҳо ва сабабҳои ба вуҷуд омадани андозҳо, алоқамандии андозҳо бо давлат, сиёсати андозбандӣ дар Осиёи Марказӣ, аз ҷумла қаламравӣ имрӯзаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва марҳилаҳои ташаккули аввалин низомҳои андозбандӣ, мафҳуми низоми андозбандӣ ва такмили минбаъдаи он мавриди омӯзиш қарор дода шудааст.

Дар ҳама давру замон муаммоҳои андозбандӣ фикрҳои олимон ва иқтисодчиёнро ба худ ҷалб менамояд, зеро андозҳо барои таъмини раванди бо суботи муносибатҳои муайяни иқтисодӣ, мавҷудият ва фаъолияти давлат, ҷамъоварӣ, тақсим ва азнавтақсими андозаи муайяни маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ ва даромади миллӣ ба соҳаҳои ҳаётан муҳими иқтисодӣ-иҷтимоӣ равона карда мешаванд.

Вожаҳои калидӣ: пайдоиши андозҳо, андозҳо, феодалӣ, давлат, давлатдорӣ, иқтисодӣ-иҷтимоӣ, низоми андозбандӣ.

ТЕОРИЯ ПРОИСХОЖДЕНИЯ И СОВЕРШЕНСТВОВАНИЯ НАЛОГООБЛОЖЕНИЯ

ДАВЛЯТОВ ЭХСОН МИРАХМАДОВИЧ
Старший преподователь кафедры налог и налогооблажение
Таджикского государственного университета коммерции.
Адрес: 734055, Республика Таджикистан, г. Душанбе, улица А. Дехоти 1/2.
Тел.: (+992) 926-04-04-16. **E-mail:** ehson_1983@inbox.ru

Аннотация. В статье рассматриваются теоретические аспекты возникновения налогов как социального феномена, факторы и причины возникновения налогов, взаимосвязь налогов и государства, а также налоговая политика в Центральной Азии, включая современная территория Республики Таджикистан, этапы формирования первых систем налогообложения, концепция системы налогообложения и ее дальнейшее совершенствование.

Проблемы налогообложения всегда привлекали внимание ученых и экономистов, поскольку налоги необходимы для обеспечения стабильности определенных экономических отношений, существования и функционирования государства, сбор, распределение и перераспределение определенной части валового внутреннего продукта и национального дохода направлены на важнейшие экономические и социальные сектора.

Ключевые слова: происхождение налогов, налоги, феодализм, государство, государственность, социально-экономический, система налогообложения.

THEORY OF THE ORIGIN AND IMPROVEMENT OF TAXATION

DAVLYATOV EKHSON MIRAKHMADOVICH
Senior Lecturer, Department of Taxes and Taxation,
Tajik State University of Commerce.
Address: 1/2 A. Dekhoti Street, Dushanbe, 734055, Republic of Tajikistan.
Tel.: (+992) 926-04-04-16. **E-mail:** ehson_1983@inbox.ru

Abstract. The article examines the theoretical aspects of the emergence of taxes as a social phenomenon, the factors and causes of the emergence of taxes, the relationship between taxes and the state, as well as tax policy in Central Asia, including the modern territory of the Republic of Tajikistan, stages of formation of the first taxation systems, the concept of the taxation system and its further improvement.

The problems of taxation have always attracted the attention of scientists and economists, since taxes are necessary to ensure the stability of certain economic relations, the existence and functioning of the state, the collection, distribution and redistribution of a certain part of the gross domestic product and national income are directed to the most important economic and social sectors.

Key words: origin of taxes, taxes, feudalism, state, statehood, socio-economic, tax system.

Муқаддима. Омӯзиш ва таҳлили пайдоиши андоз ва андозбандӣ, аз ҷумла дар қаламрави имрӯзаи Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз масъалаҳои мубрами илмӣ-амалии соҳаи андоз ба ҳисоб рафта, дар такмили низоми миллии андозбандӣ саҳми назаррас мегузорад. Зеро низоми андозбандии аксарияти кишварҳои пешрафта дар натиҷаи омӯзиш ва таҳлили таърихи андоз ва андозбандӣ бо дарназардошти урфу одат ва ананаҳои хоси миллӣ рушд ёфтаанд. Аз ин рӯ, омӯзиши таърихи пайдоиш ва такмили низоми андозбандӣ, ичунин таҳлили низоми андозбандии кишварҳои хориҷӣ ва имкониятҳои ҷорӣ намудани моделҳои мувофиқи андозбандӣ метавонанд дар бунёди низоми муосири андозбандии миллӣ саҳми арзанда гузорад.

Низоми миллии андозбандии муосир бо назардошти мутавозини манфиатҳои иштирокчиёни муносибатҳои андозӣ барои рушди фаъолияти соҳибкорӣ, ҷалби сармояи хориҷӣ, тақвият бахшидани пояҳои иқтисодиёт, таъсиси ҷойҳои корӣ нав, ғани гардидани буҷети давлатӣ ва баланд бардоштани сатҳи некуаҳволии мардум заминаи мусоид фароҳам меоварад.

Усулҳои таҳқиқот. Дар раванди таҳқиқот усулҳои хронологӣ, омӯзиши сабаб ва омилҳо ва таҳлили экспертӣ истифода гардидааст.

Натиҷаҳои таҳқиқот. Мақолаи илмӣ ба таърихи пайдоиш ва такмили андозбандӣ аз ҷумла дар қаламравӣ имрӯзаи Ҷумҳурии Тоҷикистон сабаб ва омилҳои пайдоиши андоз ҳамчун зуҳуроти ҷамъиятӣ бахшида шудааст.

Дар мақола нуқтаи назарӣ олимони ватанӣ ва хориҷӣ дар масоили заминаҳои пайдоиши андоз ва такмили андозбандӣ мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор гирифта, хулоса ва натиҷаҳои таҳқиқот пешниҳод гардидааст.

Мақсади таҳқиқот. Мақсади таҳқиқот аз омӯзиш, таҳлил ва баррасии таърихи пайдоиши андоз ва андозбандӣ, сабаб ва омилҳои пайдоиши он, сиёсати андозбандӣ ва роҳҳои такмили низоми андозбандӣ иборат мебошад.

Фарзияи таҳқиқот. Фарзияи таҳқиқот ба сабабҳо ва омилҳои пайдоиши андоз ҳамчун зуҳуроти ҷамъиятӣ, сиёсати андозбандӣ дар Осиёи Марказӣ ва қаламрави имрӯзаи Ҷумҳурии Тоҷикистон асос ёфтааст.

Таҳлили адабиёт ва гузориши масъала. Масъалаи таърихи пайдоиши андоз ва андозбандӣ дар таҳқиқотҳои олимони хориҷию ватанӣ, Суханрони Пешвои миллат, аз ҷумла Суханронии Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон[11], Бабаев У.Д. [1], Брагинский И.С. [2], А.В. Брызгалин, А.Н. Головкин [3], Елинский, А.В. [4], Карнейро Р.Л. [5], Е.Д. Клюкина, К.С. Черноусова [6], Панов, Е.Г.[7], Петти У. [8], Гафуров Б.Г. [9], Исломов С. [10], Улугходжаева,

Х. Р. [12], Ш. Юсупов [13] мавриди омӯзиш ва баррасӣ қарор гирифта, дар мақола истифода гардиданд.

Муҳтавои асосӣ. Дар шароити кунуни андозҳо ҳамчун фишанги калидии батанзимдарории муносибатҳои молиявӣ, иқтисодӣ-иҷтимоӣ ба ҳисоб рафта, бунёди низоми муосир ва самараноки андозбандӣ бо дарназардошти принсипҳои асосии андозбандӣ ҷиҳати ҳавасмандии фаъолияти соҳибкорӣ ва ҷалби сармояи хориҷӣ масъалаи муҳим барои ноил гардидан ба ҳадафҳои стратегии кишвар, рушди босуръати иқтисодиёт ва дар маҷмӯъ баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ алоқамандии зич дорад.

Андозҳо ҳамчун категорияи иқтисодӣ барои таъмини раванди бо суботи муносибатҳои муайяни иқтисодӣ, мавҷудият ва фаъолияти давлат, ҷамъоварӣ, тақсим ва азнавтақсими андозаи муайяни маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ ва даромади миллӣ ба соҳаҳои ҳаётан муҳими иқтисодӣ-иҷтимоӣ равона карда мешаванд.

Усули таърихии таҳқиқи пайдоиш ва такомули назарияи андоз ва андозбандӣ аз он шаҳодат медиҳад, ки то ҳол замон ва макони аниқи пайдоиши аввалин андозҳо дар тамадуни башарият дақиқ муайян карда нашудааст, зеро ҳануз ҳам дар минтақаҳои гуногуни кураи замин кашфиётҳое пайдо мегарданд, ки оид ба тарзи ҳаёт ва муносибатҳои иқтисодӣ-иҷтимоӣ, аз ҷумла дар сарчашмаҳои таърихии пайдоиши андоз ва андозбандӣ саҳифаҳои нав илова менамоянд.

Аксарияти олимон вобаста ба пайдоиши андозҳо бо ақидаи ҳамдигар ҳамфикр буда, пайдоиши андозҳоро ба давраи ташаккулёбии аввалин шакли давлатдорӣ дар заминаи иттифоқ ва иттиҳоди ҷамъиятии қабилаҳои мустақиле, ки дар ҳолатҳои мудофиа ва амалиётҳои ҳарбӣ бо ҳам муттаҳид мегардиданд, рабт медиҳанд. Ё ба таври дигар гуем пайдоиши андозҳо ин маҳсули оқилонаи иродаи халқ ҷиҳати ихтиёран ё ба таври маҷбури даст кашидан аз як қисми неъматҳо ба хотири кафолати нигоҳ доштани қисми дигари он мебошад.

Олими Амрикои Роберт Карнейро заминагузори асосии пайдоиши давлатҳоро дар афзоиши демографӣ ва талабот ба заминҳои ҳамвору ҳосилхез мансуб диниста, ин омилҳоро сабаби хусусияти иқтисодӣ ва шиддат гирифтани ҷангҳо меҳисобад, ки дар натиҷа мағлубгардида истиқлолиятро аз даст дода ба як воҳиди сиёсӣ шомил мегардид. Тобеъияти сисёсӣ боиси пардохти мағлубпулӣ ва андоз мегардид. Р. Карнейро қайд менамояд, ки: «Марказонӣ ва мураккабии чунин воҳиди сиёсӣ ба вай ҳуқуқӣ номида шудани давлатро медиҳад. Марҳилаи баъдӣ аз забт кардани якчанд давлатҳои навбунёд дар водиҳо иборат буда, бо ғалабаи давлати пуркувваттарин ва таъсиси империяи ягона анҷом меёфт...» [5].

Муаллиф А. В. Елинский дар тадқиқоти хеш роҷеъ ба идораи даромади давлат дар хусуси рисолаи машҳури «Арташастхра», ки дар давраи аз асри II то асри III пеш аз милод таҳия гардидааст, чунин овардааст: «...Дар ин рисола дар баробари дигар таълимот, таълим оид ба идораи даромади давлат низ дарҷ гардида буд. Дар он гуфта мешавад, ки «мақсади ниҳоии ҳар гуна сиёсат васеъ намудани ҳокимияти ҳукмрон бар ҳудудҳои гирду атроф ба шумор меравад. Дар натиҷаи ғалаба кардан подшоҳ андозсупорандагони нав пайдо мекунад. Забт кардани ҳудудҳо боиси ғани шудани хазина гардида ва хазина имкон медиҳад, ки то ҳокими ҷаҳон шудан сиёсати истилогарона нигоҳ дошта шавад» [4].

Муҳаққиқ Панов Е.Г., пайдоиши истилоҳи «fiscus»-ро таҳқиқ намуда, дар радифи он ниёз ба ҷамъоварии андозҳоро чунин шарҳ додааст: «...Контейнерҳои сайёр барои нигоҳ доштани як қисми воситаҳое, ки барои пардохт пешбинӣ шудаанд, одатан fiscus («сабад») номида мешуданд. Баъдтар ин истилоҳ ҳамчун номи хазинаи саҳроии легион муқаррар шуд, ки дар он маблағ барои нигоҳубини сарбозон ва як қисми ғанимати ҷанг ҷойгир буд. Ҳамин тавр, «фиск» ба гуфтори ҳарбии Рими қадим дохил шуд» [7].

Шояд, ҳамин нуқтаи назар ба воқеият наздиктар бошад, зеро аз хавфи ҳуҷуми ҷанговарони кӯчманчӣ ва амалҳои истилогаронаи қавмҳои «давлатҳои» дигар, эмин нигоҳ доштани ҳаёт ва моликияти қавм, таъмини моддии ҳимоятгарон ва иштирокчиёни амалиётҳои ҳарбӣ зарур буд, ки ин неъматҳо аз аъзоёни қавм ба таври маҷбури ҷамъоварӣ мегардиданд.

Аз гуфтаҳои боло бармеояд, ки сабаби асосии муноқиша дар байни қавмҳои «давлатҳои» давраҳои қадим маҳз ба даст овардани неъматҳои моддӣ, ки заминаи асосии истеҳсол, парвариш ва нигоҳдории онро замин ташкил медиҳад ба ҳисоб рафта, муборизаҳо баҳри аз худ кардани заминҳои серҳосил, ки барои истеҳсоли зироатҳо ва чаронидани чорво зарур мебошанд, сурат мегирифтааст. Аз ин нуқтаи назар «замин» аввалин объекте, ки боиси пайдоиши чунин зуҳуроти ҷамъиятӣ чун андоз гардидааст, ба ҳисоб меравад.

Аз ин лиҳоз, ба ақидаи мо пайдоиши андозҳо бо пайдошавии аввалин нишонаҳои давлатдорӣ ва давлатҳо дар натиҷаи рақобат ҷиҳати нигоҳ доштан ё ба даст овардани неъматҳои моддӣ бо усули забти дигар қавмҳо ба хотири бадаст овардани манфиатҳои «андозҳои натуравӣ» ба вуҷуд омадааст.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар суханронии худ 23 августи соли 2006 «Арзишҳои ориёӣ дар тамаддуни ҷаҳонӣ» дар остонаи гиромидошти тамаддуни ориёӣ қайд менамояд, ки: «Куҳантарин маълумот дар бораи ду қавми ориёии мод ва порс ба қарни IX пеш аз милод, бо зикри онҳо дар осори ошурӣ иртибот дорад. Дар навиштаҳои шоҳи Ошур Салмансари III (солҳои 859-824 пеш аз милод) модҳо ва порсҳо ба шаклҳои “омодаи” ва “парсуа” зикр шуда, аз сукунати онҳо дар ин минтақа ёд гардидааст. Бинобар ин, манбаи ошурӣ ориёиҳои моду порс нахуст дар ноҳияҳои шимоли ғарб ва қисматҳои ғарби Эрон сокин будаанд. Ин мардумон баъдан ба ҷануб ворид шуда, давлатҳои мустақили худро ташкил додаанд, ки яке давлати Мод ва дигар давлати Ҳахоманишиён мебошад.

Қавмҳои гуногуни ориёии шарқӣ бо таъсиси давлати Мод ва Ҳахоманишиён вориди таърих гардида, бархе аз ин сарзаминҳо нахуст ба давлати Мод ва дар замони Ҳахоманишиён ба ин шоҳаншоҳӣ вобаста шуданд. То ин замон сарзаминҳои шарқи Ориё, чун Бохтар, Суғду Фарғона ва Хоразм бо доштани ҳудудҳои марзӣ мустақил буданд» [11].

Андозҳо ва боҷҳо аз оғози тамаддуни башарият то давраи муосир ҳамчун қисми таркибӣ ва ҷудонашавандаи таъминоти субъектҳои давлатӣ бо захираҳои моддию молиявӣ ба ҳисоб рафта, вобаста ба андозҳо ва мавҷудияти давлатҳо дар ҳудуди Осиёи Марказӣ маълумотҳои аввалин ба давраҳои ҳазосолаи 1-и пеш аз милод рост меояд.

Ба ақидаи Бабаев У.Д.: «Қадимтарин давлати ғуломдорӣ дар Осиёи Миёна Бохтар буд, ки дар асрҳои VII-VI пеш аз милод вуҷуд дошт. Вай ҳудуди калон дошта, аз ҷумла ҷануби Тоҷикистони имрӯзаро ишғол мекард. Тахминан дар ҳамон вақт дар водиҳои Зарафшон давлати дигари қадим Суғд ташкил ёфт. Дар асрҳои VI-IV пеш аз милод Осиёи Миёна ба ҳайати давлатӣ Ҳахоманишиён дохил гардида буд, ки аз ҷониби шоҳ Куруш таъсис дода шудааст. Дар натиҷаи ҳаракатҳои забткорона ба Куруш муяссар гардид, ки як қаламравӣ васеъ, аз ҷумла давлатҳои Осиёи Ғарбӣ, Бохтар ва Суғдро тасарруф намояд. Тамоми ҳокимият ба ҳудудҳои андозсупоранда – сатрапияҳо тақсим шуда буд, ки дар онҳо сатрапҳо ҳукмронӣ мекарданд ва ба забткунандагон андозҳои калон медоданд. Ин аҳволи оммаи меҳнаткашонро ниҳоят душвор гардонда, қабилаҳо ва халқҳои Осиёи Миёнаро водор мекард, ки ба муқобили истисмогарони худ доим шӯриш бардоранд» [1].

Андозҳо ҳамчун нишондиҳандаи вазъи иқтисодӣ-иҷтимоӣ ҳамрадифи пайдоиши давлат ва давлатдорӣ буда, ҷамъоварии онҳо то як давраи муайяни таърихӣ на аз ҷанбаҳои назариявӣ-илмӣ, нақш ва аҳамияти онҳо дар маҷмӯи муносибатҳои ҷамъиятӣ балки аз дар амал пиёда намудани сиёсати андозии ноодилонаи дар фазои носолим ва бесамари табақаҳои ҳукмрон ба таври стихиявӣ зуҳур намудааст, ки ин вазъ яке аз омили асосии кашолёфтани рушди муносибатҳои иқтисодӣ (махсусан дар қаламравӣ Осиёи Марказӣ) ба ҳисоб меравад.

Аз нуқтаи назари таърихӣ, андозбандиро метавон ба ду давра, ки дар навбати худ якчанд марҳиларо дарбар мегирад аз ҳам ҷудо намуд. Давраи аввалро метавон шартан давраи «бенизомии андозбандӣ» ва дуюмро эҳёи «низоми илмии андозбандӣ» номгузорӣ намуд.



Расми 1. Давраҳои рушди андозбандӣ дар Осиёи Марказӣ
Сарчашма: Таҳияи муаллиф

Дар Осиёи Марказӣ, аз ҷумла қаламрави имрӯзаи Ҷумҳурии Тоҷикистон давраи аввали таърихии андоз то давраи барҳам хурдани муносибатҳои феодалӣ ва барпо гардидани ҳокимияти шуравӣ (солҳои 1917-1920) идома ёфт. Далели ин гуфтаҳо сиёсати бесарусомонаи ситонидани андозҳо дар Аморати Бухоро солҳои 1880 ба ҳисоб меравад, ки боиси нооромӣ ва шӯриши оммавӣ гардиданд. Юсупов Ш., сабаби шӯриши деҳқононро бо сарвории деҳқони фақир Восе, соли 1986 чунин шарҳ додааст: «Сабаби шӯриш дар он буд, ки амлокдорон аз ҳосили фаровони он сол истифода намуда, аз деҳқонон талаб карданд, ки хироҷро на танҳо барои соли ҷорӣ, балки барои чандин соли камҳосилӣ пардохт намоянд. Деҳқонон ҷавобан ба ин талаби зиёд пардохт намудани хироҷ даст кашида, исъён бардоштанд» [13].

Дар ҳамин масир шарқшиноси маъруф И.С. Брагинский, қайд намудааст, ки «…дар даҳсолаи охири ҳукмронии худ амирони Бухоро маҳорати ваҳшиёна ситонидани андозҳоро ба ҳадди интиҳо расониданд. Ҳатто андози дуд, «дудпулӣ» ҳам ҷорӣ гардида буд. Мардум бесабаб намегуфтанд, ки фақат барои кашидани нафас андоз ситонида намешавад»[2].

Масъалаи мазкурро муҳаққиқ С. Исломов чунин баён намудааст: «Дар давоми қариб якуним ҳазор сол дар минтақаи Осиёи Миёна шакли хоси муносибатҳои феодалӣ ҳукмрон буд ва гузаштан ба сотсиализм бе капитализм сурат гирифт. Дар ин давра тартиботи феодалӣ, анъана ва расму оинҳои асрҳои аср муқарраршударо ба куллӣ тағйир додан номумкин буд. Дар давлатҳои феодалӣ, ки асоси ташаккули Тоҷикистони ҳозираро ташкил медоданд, андозҳои зиёд мавҷуд буданд, усулҳои ҷамъоварии онҳо ва шакли андоз худсарона буданд, ки дар ин бора нависандаи тоҷик С. Айнӣ қайд намудаанд»[10].

Алома Б. Ғафуров вобаста ба давраи мутавозини ҷамъоварии андозҳо дар минтақаи Осиёи Миёна чунин овардааст: «...Идоракунии хуби сохти давлатдорӣ, аз ҷумла оид ба масъалаҳои ситонидани андоз ва истифодаи маблағҳои давлатӣ дар асрҳои IX-X дар давлатӣ Сомониён ташаккул ёфта буд»[9].

Андозҳои сершумор дар ҳама давра боиси коҳиш ёфтани пардохтпазирии андозсупорандагон, зиёд гардидани қарзи андозӣ, мушкил намудани ҷамъоварии он ва дар натиҷа боиси монеъ гаштан ба рушди иқтисодиёт ва паст гардидани сатҳи зиндагонии мардум мерасонад.

«…Масъалаи пайдоиш, таҳаввул ва инкишофи андозҳо аз ҷониби бисёр олимон, иқтисоддонҳо, файласуфон ва арбобони давлатӣ, аз ҷумла Хойзер К., Дёмин А.В., Грачёв Е.Ю., мавриди омӯзиш қарор дода шудааст»[6].

Аксарияти олимон дар мавриди марҳилаҳои инкишофи низоми андозбандӣ ва такмили усулҳои андозситонӣ дар он бовараанд, ки он аз се марҳилаи асосӣ иборат мебошад.

Аз ҷумла, олими рус. Е.И. Естигнеев марҳилаи якумро аз дунёи қадим то аввали асрҳои миёна, марҳилаи дуюмро бо такмили андозҳои мустақим ва ғайримустақим то охирҳои асри XVIII ва марҳилаи сеюмро то давраи муосир баён менамояд.

Таҷрибаи ҷамъоварии андозҳо таърихи беш аз чандин ҳазорсола дошта, таҳқиқоти назариявӣ ва омӯзиши ҷанбаҳои гуногуни он дар асрҳои XVI-XVIII пайдо мешавад. Таҳқиқот

ва омӯзиши назариявии ҷанбаҳои андозбандӣ боиси пайдоиш ва ташаккули аввалин низомҳои андозбандӣ ва такомули минбаъдаи онҳо мегардад.

Мафҳум ва моҳияти назариявии низоми андозбандӣ дар маркази таваҷҷуҳи муҳаққиқон ва мутафаккирони мактаби классикӣ А. Смит, У. Петти, Кейнс Ҷ.М., муҳаққиқони муосири тоҷик Улуғхоҷаева Х.Р., С. Халифазода, Қурбонов А.Р., Исломов Т.С., олимони рус Соколова Э.Д., Куликов Н.И., Аксенов И.С., Бризгалин А.В., Юткина Т.Ф., Мишустин М.В., мавриди баррасӣ қарор дода шудаанд.

Иқтисоддони Англис У. Петти дар рисолаи худ чунин қайд менамояд, ки: «...низоми андоз на аз рӯйи аломатҳои зоҳирӣ, балки бо моҳияти асосии равандҳои иқтисодӣ муносибати хос дошта, зери «табиати ниҳоии андоз» ва оқибатҳои он, рентаи замин ва пул ҳамчун манбаи асосии боигарии давлат ниҳон мебошад.» [8].

Муҳаққиқ Х.Р. Улуғхоҷаева чунин изҳор намудааст, ки: «...низоми андоз - ин маҷмӯи андозҳое мебошад, ки давлат тавассути қонунҳо муқаррар намуда, тартиби ҷорӣ кардан, ҳисоб кардан, ситонидан ва бекор кардани онҳоро танзим менамояд» [12].

Дар навбати худ А.В. Бризгалин мафҳуми низоми андозро чунин шарҳ додааст: «маҷмӯи тамоми муносибатҳои ҷамъиятии дар давлат мавҷудбуда, ки дар соҳаи андозбандӣ ба вуҷуд омада, дар байни худ хусусияти иқтисодӣ, сиёсӣ, ташкилӣ ва ҳуқуқии ба ҳам алоқаманд доранд» [3].

Дар шароити муосир низоми андозӣ дар асоси меъёрҳои қонунгузории андоз таҳия ва амалӣ гардида, ин низом танзими раванди муносибатҳои субъектҳои андоз ва андозбандиро аз лаҳзаи оғоз то фарорасии ӯҳдадориҳои андоз дар бар мегирад.

Низоми андоз ё андозбандӣ аз маҷмӯи андозҳо, субъектҳои муносбатҳои андозӣ, ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои онҳо, қоидаҳои андозбандии дар асоси принсипҳои андозбандӣ амалишаванда, мафҳумҳо, ки дар санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии танзимкунандаи ин муносибатҳо инъикосёфта ва доираи амали он, ки дар маҷмӯъ унсурҳои низоми андозбандиро ташкил дода, вазифаҳои мушаххасро иҷро менамоянд, иборат мебошад.

Барои ҳар як давлат мақсад аз ташаккули низоми андозбандӣ ин ҷамъоварӣ ва ташаккули захираҳои молиявӣ барои иҷрои вазифаҳои давлатӣ, инчунин бартараф намудани муаммоҳое, ки барои рушди иқтисодиёти миллӣ ва баланд бардоштани некуаҳволии мардум монеа эҷод менамоянд, ба ҳисоб меравад.

Хулоса. Дар ҷамъбасти мақола ҳаминро қайд намудан зарур аст, ки дар таҷрибаи ҷаҳонӣ чунин низоми андозбандие, ки мукаммал ва муносиб ба талаботи ҳамаи кишварҳо бошад вуҷуд надорад. Зеро ҳар як давлат ва кишвар ба худ хусусиятҳои хоси таърихӣ, вазъи сиёсӣ, имкониятҳои ҷойгиршавии ҷуғрофӣ ва иқтисодӣ, захираҳои сарватҳои табии ва қуввaҳои истеҳсолӣ, истифодаи технологияҳои иттилоотӣ ва ҳамоҳангии бахши давлатӣ ва хусусӣ, минталитет ва фарҳанги андозсупорӣ ва ғайра, ки бо ҳам павастаги доранд, дорост.

Аз ин лиҳоз ҳар як давлат бояд низоми миллии андозбандиро бо дарназардошти ин омилҳо ташаккул ва бунёд намояд. Ҳамзамон, бояд тазаккур дод, ки бо назардошти тамоюли тараққиёти мамлакат бо вазъи иқтисодӣ-иҷтимоӣ муносибатҳои иқтисодӣ шакли муосирро касб намуда, низоми андозбандӣ низ мутаносибан бояд ба он такмил, тағйир, танзим ва назорат карда шавад.

АДАБИЁТ:

1. Бабаев У.Д. Предки таджиков в период развития рабовладельческих отношений. Энциклопедия ТССР, Душанбе.: 1974, с.80.
2. Брагинский И.С. Ҳаёт ва эҷодиёти С. Айнӣ. – Душанбе, «Ирфон», 1968, саҳ. 4.
3. Брызгалин А. В. Налоговая оптимизация: принципы, методы, рекомендации, арбитражная практика /А.В. Брызгалин, А.Н. Головкин // «Налоги и финансовое право». – 2009. – 104с.
4. Елинский, А. В. Из истории налогообложения зарубежных стран: от древних времен до XVIII века / А. В. Елинский // Финансовое право. - 2006. - № 5. - С. 18-22.

5. Карнейро Р. Л. Процесс или стадии: ложная дихотомия в исследовании истории возникновения государство / Р. Л. Карнейро // Альтернативные пути к цивилизации /под ред. Н. Н. Крадина [и др.]. – М. : Логос, 2000. – С. 84-94.
6. Клюкина, Е.Д. История происхождения налогов и налогообложения / Е.Д. Клюкина, К.С. Черноусова // Международный журнал гуманитарных и естественных наук. – 2020. – № 4-2(43). – С. 94-98. – DOI 10.24411/2500-1000-2020-10353. – EDN BANSPB.
7. Панов, Е. Г. Фискалы и императоры как парадокс в истории налогообложения / Е. Г. Панов // Философия. История. Образование. – 2022. – № 3(5). – EDN NWYOKK.
8. Петти У. Экономические и статистические работы: монография. -М.: Соцэкгиз, 1940. - 324 с. - С. 156.
9. См.: Гафуров Б.Г. Таджики. Древнейшая, древняя и средневековая история. - М.: Наука, 1972. - С.341-342, 367-368.
10. См: Исломов С. Налоги в изображении Садриддина Айни. – Бизнес и политика, № 51 (421), 22.12.2000.
11. Суханронии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон; Арзишҳои ориёӣ дар тамаддуни ҷаҳонӣ (дар остонаи гиромидошти тамаддуни ориёӣ) аз 23.08.2006 (захираи электронӣ): www.president.tj.
12. Улугходжаева, Х.Р. Налоги и налогообложение Республики Таджикистан / Х.Р. Улугходжаева. – Душанбе: Ирфон, 2009. – 64 с.
13. Ш. Юсупов «Восточная Бухара в последн., трети XIX в» Энцик. ТССР, Душанбе, 1974г. с.98.

УДК 332.122(575.3):339.727.22

МИНТАҚАҲОИ ОЗОДИ ИҚТИСОДӢ – ЗАМИНАИ МУҲИМИ ҶАЛБИ САРМОЯИ ХОРИҶӢ ВА РУШДИ УСТУВОРИ ИҚТИСОДИ МИЛЛӢ

ДУСТБОЕВ ШОДИМУРОД
Доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, профессори кафедраи иқтисоди ҷаҳонӣ ва муносибатҳои байналмилалии Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон.
Суроға: 734055, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи А. Деҳотӣ, 1/2.
Тел.: (+992) 935-43-52-28. **E-mail:** vestnik-tsuc@mail.ru
АБДУРАҲМОН ҲАКИМЗОДА
Номзади илмҳои иқтисодӣ, иҷрокунандаи вазифаи дотсенти кафедраи менеҷмент, маркетинг ва иқтисодиёти меҳнати Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон.
Суроға: 734055, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи А. Деҳотӣ 1/2.
Тел.: (+992) 907-70-48-90. **E-mail:** hakimzod-90@mail.ru
САФАРОВ ҶОВИДОН АЗИЗМАДОВИЧ
Номзади илмҳои иқтисодӣ, иҷрокунандаи вазифаи дотсенти кафедраи иқтисоди ҷаҳонӣ ва муносибатҳои байналмилалии Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон.
Суроға: 734055, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи А. Деҳотӣ, 1/2.
Тел.: (+992) 888-29-83-83. **E-mail:** Jonik.8877@mail.ru

Аннотатсия. Дар мақола паҳлуҳои иқтисодии минтақаҳои озоди иқтисодӣ (МОИ), субъектҳои заминаи муҳими ҷалби сармояи хориҷӣ ва рушди устувори иқтисоди миллӣ мавриди омӯзиш ва таҳқиқ қарор дода шудааст. Қайд гардидааст, ки МОИ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар заминаи ҷалби имтиёзноки сармоягузории хориҷӣ, воридоти технологияҳои инноватсионӣ, таҷҳизот ва таҷриба асос ёфта, ҳамчун як механизми пешбарандаи иқтисоди миллӣ хизмат менамоянд. Дар ин ҷо ба ҷалби сармоягузории хориҷӣ, ки ба рушди МОИ аҳамияти аввалиндараҷа дорад, диққати махсус дода шуда, омилҳои асосии таъсиррасон ба он ҳаматарафа омӯхта шудааст. Ҳамчунин, вазъи муосири фаъолияти МОИ дар кишвар ва таҷрибаи давлатҳои рушдёфта доир ба маблағгузорӣ ба субъектҳои он таҳлил гардидааст. Дар хотима тавсияҳои муфид пешниҳод гардидааст.

Вожаҳои калидӣ: минтақаҳои озоди иқтисодӣ, сармояи хориҷӣ, содирот, технологияҳои инноватсионӣ, боҷҳои гумрукӣ, рушди устувор, омилҳои таъсиррасон, имтиёзҳои андозӣ, таҷриба.

СВОБОДНЫЕ ЭКОНОМИЧЕСКИЕ ЗОНЫ – ВАЖНАЯ ОСНОВА ПРИВЛЕЧЕНИЯ ИНОСТРАННЫХ ИНВЕСТИЦИЙ И УСТОЙЧИВОГО РАЗВИТИЯ НАЦИОНАЛЬНОЙ ЭКОНОМИКИ

ДУСТБОЕВ ШОДИМУРОД
Доктор экономических наук, профессор, профессор кафедры мировой экономики и международных отношений Таджикского государственного университета коммерции.
Адрес: 734055, Республика Таджикистан, г. Душанбе, улица А. Дехоти 1/2.
Тел.: (+992) 935-43-52-28. **E-mail:** vestnik-tsuc@mail.ru
АБДУРАХМОН ХАКИМЗОДА
Кандидат экономических наук, и.о. доцента кафедры менеджмента, маркетинга и экономики труда Таджикского государственного университета коммерции.
Адрес: 734055, Республика Таджикистан, г. Душанбе, улица А. Дехоти 1/2.
Тел.: (+992) 907-70-48-90. **E-mail:** hakimzod-90@mail.ru
САФАРОВ ДЖОВИДОН АЗИЗМАДОВИЧ
Кандидат экономических наук, и.о. доцент кафедры мировой экономики и международных отношений Таджикского государственного университета коммерции.
Адрес: 734055, Республика Таджикистан, г. Душанбе, улица А. Дехоти 1/2.
Тел.: (+992) 888-29-83-83. **E-mail:** Jonik.8877@mail.ru

Аннотация. В статье изучаются и исследуются экономические аспекты свободных экономических зон (СЭЗ), являющихся важными объектами привлечения иностранных инвестиций и устойчивого развития национальной экономики. Отмечается, что СЭЗ в Республике Таджикистан, основываясь на преференциальном привлечении иностранных инвестиций, импорте инновационных технологий, оборудования и опыта, служат движущей силой национальной экономики. Особое внимание уделяется привлечению иностранных инвестиций, имеющему первостепенное значение для развития СЭЗ, и всесторонне изучаются основные факторы, влияющие на этот процесс. Также анализируется текущее состояние деятельности в свободных экономических зонах страны и опыт развитых стран в финансировании таких объектов. В заключение приводятся полезные рекомендации.

Ключевые слова: свободные экономические зоны, иностранный инвестиции, экспорт, инновационные технологии, таможенные пошлины, устойчивое развитие, влияющие факторы, налоговые льготы, опыт.

FREE ECONOMIC ZONES ARE AN IMPORTANT BASIS FOR ATTRACTING FOREIGN INVESTMENT AND SUSTAINABLE DEVELOPMENT OF THE NATIONAL ECONOMY

DUSTBOEV SHODIMUROD
Doctor of Economics, Professor, Professor of the Department of World Economy and International Relations at the Tajik State University of Commerce. **Address:** 734055, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Street A. Dehoti, 1/2. **Phone:** (+992) 935-43-52-28. **E-mail:** vestnik-tsuc@mail.ru
ABDURAHMON HAKIMZODA
Candidate of Economic Sciences, Acting Associate Professor, Department of Management, Marketing and Labor Economics, Tajik State University of Commerce.
Address: 734055, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Street A. Dehoti, 1/2.
Phone: (+992) 907-70-48-90. **E-mail:** hakimzod-90@mail.ru
SAFAROV JOVIDON AZIZMADOVICH
Candidate of Economic Sciences, Acting Associate Professor of the Department of World Economy and International Relations at the Tajik State University of Commerce.
Address: 734055, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Street A. Dehoti, 1/2.
Phone: (+992) 888-29-83-83. **E-mail:** Jonik.8877@mail.ru

Abstract. This article examines and explores the economic aspects of free economic zones (FEZ), which are important for attracting foreign investment and sustainable development of the national economy. It is noted that FEZ in the Republic of Tajikistan, based on preferential treatment for foreign investment and the import of innovative technologies, equipment, and expertise, serve as a driving force for the national economy. Particular attention is paid to attracting foreign investment, which is of paramount importance for the development of FEZ, and the key factors influencing this process are comprehensively examined. The current state of operations in the country's free economic zones and the experience of developed countries in financing such projects are also analyzed. Helpful recommendations are provided in the conclusion.

Keywords: free economic zones, foreign investment, exports, innovative technologies, customs duties, sustainable development, influencing factors, tax benefits, experience.

Муқаддима. Таъсис ва рушди фаъолияти МОИ дар ҳама мамлакатҳои тараққикарда ва рӯ ба тараққӣ яке аз самтҳои афзалиятнок ба ҳисоб меравад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ онҳо яке аз самтҳои афзалиятноки иқтисоди миллӣ ба шумор рафта, заминаҳои мустаҳками қонунӣ ҷиҳати таъсис ва рушди МОИ қабул гардида, амал менамояд. Ҳавасмандгардонӣ ва тақвият бахшидани фаъолияти МОИ метавонад ба рушди соҳаи саноат ва дар маҷмӯъ ба иқтисодиёти миллӣ заминаҳои мусоид фароҳам оваранд.

Дар мақола қайд гардидааст, ки таъсис ва рушди МОИ дар мамлакат ҳамчун як механизми ҷалб ва самаранок истифода гардидани сармоягузориҳои ватанию хориҷӣ гардида, дар навбати худ ба таъсис ва ба кор андохтани корхонаҳои азими саноатию ғайрисаноатӣ, таъсиси ҷойҳои нави кории муносиб ва истеҳсоли маҳсулоти рақобатпазир дар бозорҳои маҳаллӣ, минтақавӣ, миллӣ ва хориҷӣ мусоидат менамояд. МОИ ба рушди устувори иқтисоди миллӣ заминаи мусоид фароҳам оварда, барои баланд бардоштани некӯаҳволии мардум ва паст гардидани сатҳи камбизоатӣ нақши бориз мегузорад.

Усулҳои таҳқиқот. Дар раванди таҳқиқот усулҳои мухталифи илмӣ, аз ҷумла усули омӯзиши таҷриба, таҳлили омилҳо, таҳлили оморӣ ва ғайра истифода бурда шудааст.

Натиҷаҳои таҳқиқот. Дар мақола аз ҷониби муаллифон минтақаҳои озоди иқтисодӣ ҳамчун заминаи муҳими ҷалби сармояи хориҷӣ ва рушди устувори иқтисоди миллӣ мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор дода шудааст. Асосҳои назариявии таҳқиқот ба ақидаи олимони ватанию хориҷӣ ва қонуни МОИ такя мекунад, ки МОИ ва ва сармоягузориҳои ватанию хориҷиро баррасӣ ва ба танзим медароранд.

Натиҷаҳои таҳқиқотро субъектҳои минтақаҳои озоди иқтисодӣ метавонанд баҳри ҷалби бештари сармоягузорони ватанию хориҷӣ ва рушди устувори фаъолияти худ дар амал истифода намоянд.

Мақсади таҳқиқот. Мақсади асосии таҳқиқот аз омӯзиш ва таҳлили вазъи муосири минтақаҳои озоди иқтисодӣ, ки ҳамчун заминаи муҳими ҷалби сармояи хориҷӣ ва рушди устувори иқтисоди миллӣ мебошад, ошкор ва баррасӣ гардидааст.

Фарзияи таҳқиқот. Фарзияи таҳқиқот ба муносибатҳои иҷтимоию иқтисодие, ки вазъи муосир, имконият ва афзалиятҳои минтақаҳои озоди иқтисодиро ҳамчун заминаи муҳими ҷалби сармояи хориҷӣ ва рушди устувори иқтисоди миллӣ мусоидат мекунанд, баррасӣ гардидааст.

Таҳлили адабиёт ва гузориши масъала. Масъалаи таъсис, ҷалби сармоягузорӣ ва рушди минтақаҳои озоди иқтисодӣ дар таҳқиқотҳои олимони ватанию хориҷӣ, Паёми Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон [15], Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи минтақаҳои озоди иқтисодӣ”[11], Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 [14], вазъи иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон [9, 10], Аушев М.И. [6], Архипов А.Ю. [7], Ангелина А.К. [8], Медведев С.В. [12], Маъруфҷони С. [13], Абдураҳмон Ҳ. [1,2,3,4,5] ба таври васеъ таҳқиқ гардидааст, ки дар раванди таҳияи мақола мо истифода намуда, иқтибос овардем.

Муҳтавои асосӣ. Аз омӯзиши адабиёти соҳавӣ бар меояд, ки сиёсати “дарҳои кушода” барои таъсиси минтақаҳои озоди иқтисодӣ (МОИ) ва самаранок ба роҳ мондани фаъолияти субъекҳои он мусоидат менамояд, чунки дар он субъектҳо шароити мусоид барои ҷалби сармояи хориҷӣ, техникаю технологияи ҳозиразамон фароҳам оварда мешавад, ки заминаи моддии таъсиси ҷойҳои нави корӣ дар ин корхонаҳо мегардад. Яъне дар ин минтақаҳо иқтидорҳои нави истеҳсолӣ сохта мешаванд ва истифодаи самараноки онҳо омили муҳими рушди иқтисоди миллӣ мегардад.

Мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи минтақаҳои озоди иқтисодӣ” “...МОИ қитъаи алоҳидаи (маҳдуди) қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ҳудуди аниқ муқарраркардашуда, ки дар он барои фаъолияти соҳибкорӣ ва сармоягузорӣ шароити имтиёзноки иқтисодӣ ва низоми махсуси ҳуқуқӣ муҳайё карда шудааст” [11].

Дар асоси қонуни МОИ дар доираи он барои соҳибкорону сармоягузорони ватанию хориҷӣ шароити мусоиди соҳибкорию сармоягузорӣ фароҳам оварда шудааст, ки барои пешравии босамари субъектҳои хоҷагидори ин минтақаҳо аз аҳамият холӣ нест.

Бартарии дигари МОИ дар он аст, ки дар доираи ин минтақаҳо ва субъектҳои он барои фаъолияти пурсамари соҳибкорони ватанию хориҷӣ ба ғайр аз реҷаи имтиёзноки ҷалби сармоя, ҳамчунин барои воридоти техникаю технологияҳои каммасрафу замонавии аз лиҳози экологӣ кампартов чорабиниҳои имтиёзнок пешбинӣ гардидааст, ки ин омил дар навбати худ барои рушди иқтисодию иҷтимоии вилояту минтақаҳои кишварамон мусоидат менамояд.

Маълум аст, ки яке аз омилҳои самарабахши фаъолияти субъектҳо дар МОИ кафолатҳои давлатӣ ба ин субъектҳо мебошад, ки аз ҷумла чунинанд:

- ✓ ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои субъектҳоро дар ин минтақаҳо кафолат медиҳад;
- ✓ маҷмӯи кафолатҳоро оид ба ҳифзи моликият таъмин месозад;
- ✓ ҳуқуқи ба хориҷа интиқол додани маблағи даромадҳо, ки дар дар натиҷаи фаъолияти онҳо дар минтақаҳои мазкур ба даст оварда шудааст, кафолат медиҳад. Дастгирӣ ва кафолатҳои давлатӣ, ки аз қонуни МОИ бар меояд, ҳамчун заминаи ҳуқуқӣ барои ҳавасмандгардонии соҳибкорони ватанию хориҷӣ корбаст карда мешавад.

Бояд қайд намуд, ки дар марҳилаи аввали таъсисёбии худи МОИ ҷиҳати бунёди инфрасохтори аввалиндараҷаи истеҳсолӣ ва ғайри истеҳсолӣ ба сармоягузориҳои калони ватанию хориҷӣ ниёз дорад. Болоравии ҳаҷми ҷалби ин гуна сармоягузориҳо, ташаккули фазои мусоиди маблағгузориро дар мамлакат талаб менамояд, ки ин дар навбати худ омили муҳими стратегии таҷдиди иқтисоди миллӣ мегардад. Таҳлил нишон медиҳад, ки яке аз омилҳои муҳим дар рушди босамари иқтисоди миллӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷалби сармоягузории хориҷӣ ва кӯмакҳои беруна хеле назаррас арзёбӣ мегарданд.

Доир ба саҳми сармоягузорӣ дар рушди иқтисодию иҷтимоии мамлакат Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ чунин қайд намуданд: “Барои таъмин намудани рушди иҷтимоиву иқтисодии мамлакат дар ин муддат аз ҳисоби ҳамаи сарчашмаҳои маблағгузорӣ беш аз 670 миллиард сомонӣ, аз ҷумла 159 миллиард сомонӣ сармояи хориҷӣ равона гардид. Бо дарназардошти амалисозии ҳадафҳои стратегии давлат корҳо дар самти ҷалби сармояи хориҷӣ ва дохилӣ, хусусан, сармояи мустақим бояд вусъат дода шаванд” [15].

Таҷриба нишон медиҳад, ки барои ҷалби сармояи хориҷӣ нақши ташкил намудани фазои сармоягузорӣ хело муҳим аст. Дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 чунин қайд гардидааст: “...дар шароити суст шудани рушди иқтисодӣ аксари кишварҳои ҷаҳон аз беҳсозии фазои сармоягузорӣ ҳамчун воситаи суръат бахшидан ба рушди иқтисодӣ ва баланд бардошани сифати он истифода мебаранд” [14].

Омӯзиш нишон дод, ки дар кишвари мо ҳоло панҷ МОИ: “Суғд”, “Данғара”, “Панҷ”, “Кӯлоб” ва “Ишкошим” таъсис дода шудааст ва ҳолати кунунии фаъолияти истеҳсолии онҳо дар ҷадвали 1. нишон дода шудааст.

Таҳлил нишон дод, ки ба ҳолати 1 октябри соли 2024 дар МОИ-и мамлакат 101 ширкатҳои ватанию хориҷӣ ба қайд гирифта шудааст, ки қисме аз онҳо фаъолияти истеҳсолӣ

дошта, қисми дигар барои фаъолият омодагӣ дида истодаанд. Аз шумораи умумии ширкатҳо дар МОИ – и мамлакат 38 субъект ба МОИ “Суғд”, 33 субъект ба МОИ “Данғара”, 17 субъект ба МОИ “Панҷ”, 4 субъект ба МОИ “Ишкошим” ва 9 субъект ба МОИ “Кӯлоб” рост меоянд. Дар ин давра дар МОИ зиёда аз 1,5 ҳазор ҷойҳои кории нав таъсис дода шуда, ҳаҷми умумии сармоягузорӣ тақрибан 2,4 млрд сомониро дар бар мегирад [10].

Ҷадвали 1. Ҳаҷми маҳсулоти истеҳсолшуда дар МОИ-и Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2020 - 2024, (млн. сомонӣ) [9, 10]

Минтақаҳои озоди иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон		Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ, млн. сомонӣ					Суръати афзоиш соли 2024/ 2020 маротиба
		Солҳо					
		2020	2021	2022	2023	2024	
	МОИ “Суғд”	165,3	295,4	408,5	248,4	441,9	2,6
	МОИ “Данғара”	34,5	71,1	71,7	48,4	57,1	1,6
	МОИ “Панҷ”	0,05	-	4,7	20,9	26,2	5,2
	МОИ “Кӯлоб”	-	-	0,03	0,2	0,2	-
	МОИ “Ишкошим”	-	-	-	-	-	-
	Ҳамагӣ	**199,9**	**366,5**	**485**	**318**	**525,4**	**2,6**

Сарчашма: *Вазъи иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон январ - декабри солҳои 2020 - 2024 // Ҳисоботи оморӣ. Душанбе, АОнПҶТ, 2025. – С.42.*

Аз таҳлили ҷадвали 1. бар меояд, ки ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар МОИ-и Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2024 ба 525,4 млн. сомонӣ баробар буда, нисбат ба соли 2020-ум 2,6 маротиба афзоиш ёфтааст.

Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар корхонаҳои МОИ “Суғд” дар соли 2024 (ба ҳисоби ҳазор сомонӣ) чунин аст: дар ҶДММ “Реал” 7467,7, ҶДММ “Равзана Пластик” - 1072,8, ҶДММ КМ “Стар Пласт” - 3008,5, ҶДММ КМ “Силкоат Бойя” - 16513,6, ҶДММ КМ “Арча мебел” - 10996,3, ҶДММ КМ ТТ “Таҷпроф” - 303842,2, ҶДММ “Фартуна Ко” - 8059,9, ҶДММ КМ ТТ “Афранг пластик” - 50748,0, ҶДММ “Донаи алмос” - 4723,5, ҶДММ “Покзарф” - 674,4, ҶДММ “Ҷаҳони нав ММ” - 56,9, ҶДММ “Сайр Суғд” - 10748,3, ҶДММ “Тоҷикполиэтилен” - 6762,4, ҶДММ “Азияполитекс” 17302,6, ҶДММ “Ситораи аср” - 1,5, ҶДММ “Оҳанкор” 0,5 ва ҶСП “Ариана метал пласт” - 0,8 ҳазор сомонӣ маҳсулот истеҳсол гардидааст [10].

Зиёда аз ин, дар МОИ-и “Суғд” дар соли 2024-ум 3 субъект ба маблағи 3210,4 ҳазор сомонӣ хизматрасонии пулакӣ расонидаанд ва як субъект корҳои сохтмонӣ - пудратиро ба маблағи 1182,3 ҳазор сомонӣ ба анҷом расонидааст.

Ҳамин тавр, дар МОИ номбурда дар тамоми корхонаҳо фаъолият хуб ба роҳ монда шуда, маҳсулоти истеҳсолшуда рақобатпазир аст, дар бозорҳои дохилию хориҷӣ ба фурӯш бароварда шуда, то андозае талаботи истеъмолгарон ва дигар ширкату корхонаҳоро қонеъ мегардонад.

Дар соли 2024-ум дар МОИ-и “Данғара” 10 корхонаи истеҳсолӣ фаъолият кардааст ва ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ ба 57512,9 ҳазор сомонӣ баробар гардидааст, аз ҷумла дар ҶДММ “Тоҷпласт – 1” – 6246,0, ҶДММ “Детйен Бетон” – 8590,4, ҶДММ “Ауфен” – 33500,0, ҶДММ “Ғаюр саноат” – 1527,3, ҶДММ “Миср 2001” – 271,5, ҶДММ “Сохтмон 11” – 506,1, ҶДММ “Грин – голд” – 111,0, ҶДММ “Техно полоиш” – 400,4, ҶДММ “Оксус Интеразия” – 5490,3 ва ҶДММ “Тоҷикистон Петролиум” – 869,9 ҳазор сомонӣ. Мутаассифона, дар МОИ-и “Данғара” дар соли 2024 якчанд корхонаҳо бо сабабҳои номаълум, аз ҷумла фаъолият накарданд [9].

Ҳамзамон, дар МОИ-и “Данғара” дар соли 2024-ум як субъект ҶДММ “Ширкати осиёимиёнагии саноати ангишту кимиё ва сохтмонии (сармоягузории) Шенсӣ” ба аҳолӣ ба маблағи 1630,0 ҳазор сомонӣ хизматрасонии пулакӣ расонидааст.

Дар МОИ-и “Панҷ” дар соли 2024 корҳои сохтмонӣ ба маблағи 2500,0 ҳазор сомонӣ иҷро гардида, 6 - корхонаи саноатӣ: ҶДММ “Бурок-2 ЛТД”, ҶДММ “Милал-Интер-Ҷоинт”, ҶДММ “Ансор”, ҶДММ “Тоҷикистон-Тахор пластик”, ҶДММ “Технологияҳои офтобӣ” ва ҶСП “Фон дарё” ба қайд гирифта шудааст, ки ҳоло як корхонаи саноатӣ ҶСП “Фон дарё” фаъолияти истеҳсолӣ дорад ва ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот дар он – 26261,2 ҳазор сомониро ташкил додааст [10].

Ҳоло дар ҳар ҳудуди МОИ “Кӯлоб” 2 - корхонаи саноатӣ – ҶДММ “Тоҷик Алмос” ва ҶДММ “Кӯлоб Агросаноат” ба қайд гирифта шудааст, ки дар соли 2024 аз ҷониби корхонаи истеҳсолии ҶДММ “Тоҷик Алмос” ба маблағи 201,6 ҳазор сомонӣ маҳсулоти саноатӣ истеҳсол гардидааст. Корҳои сохтмонӣ дар минтақа давом дошта, то ҳол ба маблағи 13544,0 ҳазор сомонӣ иҷро гардидааст [10].

Дар соли 2024 дар МОИ “Ишкошим” бошад истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ ва корҳои сохтмонӣ ба қайд гирифта нашудааст [10].

Чӣ тавре, ки дар боло қайд гардид МОИ дар хоҷагии ҷаҳон, аз ҷумла, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун муҳити мусоид ва омили самараноки ҷалби сармоягузории хориҷӣ гардидааст. Ҳамчунин, он яке аз омилҳои асосии ҳамгироӣ ва раванди ҷаҳонишавӣ мебошад, ки дар заминаи ҳамкорӣ бо ширкатҳои фаромиллӣ ба сатҳи интернатсионализатсиягардонии сармоя оварда мерасонад.

Воситаҳои муҳими ҷалби сармояи хориҷӣ ба МОИ дар расми 1. нишон дода шудааст.



Расми 1. Воситаҳои муҳими ҷалби сармояи хориҷӣ ба МОИ
Сарчашма: таҳияи муаллифон

Дар ҳудуди МОИ фаъолияти соҳибкорӣ новобаста аз шаклҳои моликият аз пардохти ҳама гуна андозҳо, ки дар Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ гардидааст, ба ғайр аз андози иҷтимоӣ ва андоз аз даромади шахсони воқеӣ озод карда мешаванд.

Доир ба танзими гумрукӣ дар қонуни мазкур чунин омадааст:

а) Ба МОИ молҳои хориҷӣ ва ватанӣ бе пардохти боҷҳои гумрукӣ ва андоз, инчунин бе истифодаи монеа ва маҳдудиятҳои дорои хусусияти иқтисоди, ки тибқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян шудаанд, ворид карда мешаванд;

б) Воридоти таҷҳизоти истеҳсолӣ, сохтмонӣ ва молҳои зарурӣ барои ташкили инфрасохтори МОИ аз ҷониби субъектҳо ва маъмурияти МОИ аз пардохти андоз ва боҷҳои гумрукӣ озод мебошанд;

в) Ҳангоми интиқоли молҳо аз ҳудуди як МОИ ба ҳудуди МОИ дигар дар мамлакат таҳти назорати гумрукӣ андоз ва боҷҳои гумрукӣ ситонида намешавад.

Омӯзиши адабиёти соҳавӣ ҳамчунин нишон дод, ки сарчашмаҳои маблағгузорӣ ба субъектҳои МОИ гуногун буда, аз ҷумла аз буҷетҳои маҳаллию давлатӣ, аз ҳисоби соҳибкорон, бонкҳои тиҷоратӣ, ҷалб намудани маблағҳои аҳолӣ тавассути баровардани қоғазҳои қиматнок ва маблағҳои андозбандии қарзӣ сармоягузорӣ намуд [1].

Самтҳои ояндадори сармоягузории хориҷӣ, дар аксари МОИ-и Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд дар заминаи технологияҳои муосир, истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ ва воридотивазкунанда равона карда шаванд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба хотири фаъолияти пурсамари МОИ имтиёзҳои зерини андозӣ муайян гардидааст, ки дар ҷадвали 2. оварда шудааст.

Ҷадвали 2. Имтиёзҳои андозӣ дар МОИ Ҷумҳурии Тоҷикистон

№	Номгӯи андозҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон	Андозҳо дар ҳудуди МОИ
1	Андоз аз даромад	Андоз аз даромад*
2	Андоз аз арзиши иловашуда	Андози иҷтимоӣ**
3	Андози аксиз	-
4	Андозҳо барои захираҳои табиӣ	-
5	Андози иҷтимоӣ	-
6	Андоз аз фурӯш (алюминийи аввалия)	-
7	Андоз аз истифодабарандагони роҳҳои автомобилгард	-
8	Андоз аз воситаҳои нақлиёт	-
9	Андоз аз амволи ғайриманқул	-

** андоз аз даромади шахсони воқеӣ (12%);*

*** андози иҷтимоӣ (20 %) аз фонди музди меҳнат пардохт карда мешавад.*

Таҳлили ҷадвали 2. нишон медиҳад, ки дар доираи МОИ кишвар субъектҳои соҳибкории (новобаста аз шакли моликият), аз тамоми номгӯйи андозҳои дар ҷадвал овардашуда, ба ҷуз андоз аз даромад ва андози иҷтимоӣ озод мебошанд, ки ин омил дар навбати худ соҳибкоронро ҳавасманд намуда, барои фаъолияти пурсамар дар ин минтақаҳо ҷалб менамояд.

Зиёда аз ин, воридоти молу маҳсулоти ватанӣ ва хориҷӣ, таҷҳизоти саноатӣ ва сохтмонӣ ба ҳудуди МОИ бидуни ситонидани боҷҳои гумрукӣ ва андоз ҷараён мегирад. Дар ҳолати интиқоли мол аз ҳудуди МОИ ба берун аз ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон андозҳо ва боҷҳои гумрукӣ ситонида намешавад, ба истиснои хироҷи барасмиятдарории гумрукӣ ва маҳдудиятҳои дорои хусусияти иқтисодидошта [13].

Омилҳои асосии таъсиррасон ба ҷалби сармоягузории хориҷӣ дар МОИ дар расми 2. нишон дода шудааст.



Расми 2. Омилҳои асосии таъсиррасон ба ҷалби сармоягузории хориҷӣ ба МОИ
Сарчашма: таҳияи муаллифон

Дар баробари омилҳои болозикр барои ҷалби сармоягузории хориҷӣ ба инобат гирифтани хавф ва дигар имконияту захираҳо бисёр муҳим аст. Аз нуқтаи назари мо барои самаранок истифода гардидани маблағгузорӣ, ҳамчунин ба инобат гирифтани нишондиҳандаҳои зерин аз аҳамият холӣ нест:

А) Хусусиятҳои хоси соҳа, ки дар он сармояи хориҷӣ истифода мегардад;

Б) Реҷаи кории корхона як смета, якбаста ё дубаста ва ё пай дар пай фаъолият кардани он;

В) Ҷой доштани талаботи истеъмолкунандагон дар минтақа;

Г) Дараҷаи тахассуснокии кормандон ва ба талаботи корхона мувофиқ будани онҳо;

Ғ) Вазъи иҷтимоию иқтисодӣ, сиёсӣ ва экологӣ дар минтақа;

Д) Мавҷуд будани заминаи устувори қонунгузории миллӣ ва ғайра.

Аз таҷрибаи хоҷагии ҷаҳон бар меояд, ки барои сармоягузорӣ дар доираи МОИ шароитҳои мусоид фароҳам оварда шудааст, ки дар навбати худ барои ҷалби сармоягузории хурду миёна мусоидат менамояд. Ин намуди сармоягузорӣ ҳам натиҷаҳои назаррас меоранд. Корхонаҳои хурд ва миёна одатан барои рушди инфрасохтори истеҳсолӣ, афзоиши сармоя ва ноил шудан ба суботи иҷтимоӣ муҳити мусоид фароҳам меоваранд [6].

Барои босамар истифода гардидани сармояи хориҷӣ ҷой доштани заминаҳои зерин муҳим аст:

1. Дастрасӣ ба захираҳои молиявӣ, инфрасохтори истеҳсолӣ ва талабот, кадрҳои баландихтисос, ҷойҳои холии корӣ, ҷой доштани талабот ба маҳсулоти истеҳсолӣ-техникӣ, истеъмолӣ ва имкониятҳои молиявӣ бештар ҷалб мегардад.

2. Мавҷудияти захираҳои бойи табиӣ ва ҷойгиршавию мавқеи сиёсӣ доштани МОИ. Яке аз шартҳои муҳими ҷалби сармояи хориҷӣ дар ин минтақаҳо аз ҷой доштани захираҳои бойи табиӣ (ашёи хоми минералӣ, канданиҳои фоиданок) аст, ки дар навбати худ ба мавқеи ҷойгиршавии онҳо (дар минтақаҳои сарҳадӣ, бандарҳо, ки дорои логистикаи нақлиётӣ мебошанд), вобастагии калон дорад. Ин омил ҳам барои коркарди самараноки ашёи хом ва фурӯши маҳсулоти истеҳсолнамуда мусоидат менамояд.

3. Чӣ тавре, ки дар боло қайд гардид, дар МОИ тибқи қонунгузории мамлакат барои ҷалби сармояи хориҷӣ пеш аз ҳама андозҳои имтиёзнок ва дигар бартариҳо барои воридоту содироти омилҳои истеҳсолот пешбинӣ шудааст, ки он барои фаъолияти манфиатбахши соҳибкорон мусоидат менамояд.

4. Ба инобат гирифтани омилҳои зерин, ки барои ҷалби сармояи хориҷӣ таъсири манфӣ мерасонанд, хело муҳим аст: сатҳи баланди ҷинояткорӣ, ҷой доштани фассод, мушкилоти ҷиддии иҷтимоӣ ва ноустувории вазъи сиёсӣ.

5. Дар охир, бояд қайд намуд, ки ҷой доштани инфрасохтори бозор, ки барои ҷалби сармояи хориҷӣ аз аҳамият холӣ нест. Инфрасохтори номбурда бонкҳо, фондҳои сармоягузорӣ, биржаҳо, ширкатҳои молиявӣ ва миёнаравӣ, пасандозҳои аҳолӣ, фондҳои суғуртавӣ ва ғайраҳоро дар бар мегирад, ки барои ҷалби саривақтии сармоя шароити мусоид фароҳам меоваранд.

Ин омилҳо барои давлатҳои ба иқтисодиёти бозорӣ гузаранда, ки дар он онҳо ислоҳоти мунтазами иқтисодӣ гузаронида мешавад, бештар хос аст, ки дар расми 3 нишон дода шудааст.



Расми 3. Омилҳои асосӣ, ки барои ҷалби сармояи хориҷӣ ба МОИ мусоидат менамоянд
Сарчашма: таҳияи муаллифон

Дар асоси навиштаҳои боло доир ба натиҷагирӣ аз таҳқиқи омилҳо ва паҳлуҳҳои асосии ҷалби сармоягузории хориҷӣ дар МОИ ҳамчун омили муҳими рушди устувор ба хулосаҳои зерин омдан мумкин аст:

1. Аз омӯзиши вазъи кунунии МОИ дар мамлакат бар меояд, ки на ҳама ин минтақаҳо фаъолияти босамар доранд ва барои босамар гаштани фаъолияти онҳо бояд аз тарафи маъмурияти ин минтақаҳо ва мақомоти ваколатдори давлатӣ оид ба ин минтақаҳо чораҳои зарурӣ доир ба саривақт ворид гаштани сармоягузориҳои ватанию хориҷӣ ба субъектҳои он андешида шаванд;

2. Таҳлили омилҳои таъсиррасон барои рушди ин минтақаҳо нишон медиҳад, ки самаранокии фаъолияти субъектҳо дар онҳо бештар аз баинобатгирии ин омилҳо вобаста аст ва аз тарафи роҳбарияти ин минтақаҳо бояд корҳои ташкилию омодасозиро доир ба бизнес-нақшаҳо ё лоиҳаҳои сармоягузории довталабонро барои амалисозии онҳо чораҳои саривақтӣ андешанд;

3. Фаъолияти пурсамари ин минтақаҳо ҳамчунин аз бозомӯзии мутахассисон, таъмини кадрҳои баландихтисос ва боло бурдани тахассуснокии онҳо вобастагии калон дорад, ки татбиқи саривақтии ин омилҳо аз аҳамият холӣ нест;

4. Таъсиси МОИ дар мамлакат ҳамчун як механизми ҷалб ва самаранок истифода гардидани сармоягузориҳои ватанию хориҷӣ мебошад, ки дар навбати худ ба сохтану ба кор андохтани корхонаҳои саноатию тиҷоратӣ, таъсиси ҷойҳои нави корӣ ва истеҳсоли маҳсулоти рақобатпазир дар бозорҳои ватанию хориҷӣ мусоидат менамояд.

Ин натиҷагириҳои МОИ дар навбати худ ба рушди устувори иқтисодиёт дар минтақаҳо ва мамлакат заминаи мусоид фароҳам оварда, барои боло бурдани некӯаҳволии аҳолӣ ва паст гардидани сатҳи камбизоатӣ нақши бориз мебозанд.

АДАБИЁТ:

1. Абдураҳмон Ҳ. Рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар минтақаҳои озоди иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Диссертатсияи номзадӣ. Душанбе, 2023.
2. Абдураҳмон Ҳ. Масоили рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар минтақаҳои озоди иқтисодии Тоҷикистон. Автореферат. Душанбе, 2024.
3. Абдураҳмон Ҳ., Ҳамитов М.С. Таҳлили вазъи муосири фаъолияти минтақаҳои озоди иқтисодии Ҷумҳурии Ӯзбекистон ва истифодаи таҷрибаи он дар Тоҷикистон. Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. Маҷаллаи илмӣ. №1 (56) 2025. С. 14-21.
4. Абдураҳмон Ҳ. Нақши минтақаҳои озоди иқтисодӣ дар рушди соҳаи саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон. Маҷмӯи маводҳои конференсияи байналмилалии илмӣ - амалӣ дар мавзӯи “Рақамикунонӣ ва инноватсия: мушкилот ва дурнамои рушди он” // – Душанбе: ДДТТ, 2025. С. 85-91.
5. Абдураҳмон Ҳ. Таҳлили вазъи муосири фаъолияти минтақаи озоди иқтисодии “Данғара”. Актуальные проблемы теории и практики бухгалтерского учета, анализа и аудита / Материалы VIII Международной научно-практической конференции (27-28 ноября 2020 г., г. Душанбе). - С.-129.
6. Аушев М.И. Инвестиции в особых экономических зонах: мировой и Российский опыт // Инновации и инвестиции. 2022. №10. URL: https://cyberleninka.ru.
7. Архипов А.Ю., Павлов П.В., Татарова А.В. Институты особой экономической зоны и приграничной торговли как структуры эффективного развития международной инвестиционной деятельности Монография. – Таганрог: Изд-во ТТИ ЮФУ, 2011. – 294 с. http://www.aup.ru.
8. Ангелина А.К. Свободные экономические зоны: фокус на устойчивое развитие // Международная торговля и торговая политика. 2024. №4 (40). URL: https://cyberleninka.ru.
9. Вазъи иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон январ - декабри соли 2023 // Ҳисоботи оморӣ. Душанбе, АОнПҶТ, 2024. – С.45.

10. Вазъи иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон январ - декабри соли 2024 // Ҳисоботи оморӣ. Душанбе, АОнПҶТ, 2025. – С.42.
11. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи минтақаҳои озоди иқтисодӣ”, Боби 1. Муқаррароти умумӣ аз 25 марти соли 2011, № 700 (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2011, №3, мод. 167)., http://fezdangara.tj.
12. Медведев С. В. История и цели создания свободных экономических зон // Экономика и социум. 2014. №1-2 (10). URL: https://cyberleninka.ru.
13. Маъруфҷони С. Рушди минтақаҳои озоди иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон: моҳият, хусусият ва роҳҳои пешрафти он. Илм ва техника барои рушди устувор маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ (28 апрели соли 2018). саҳ. 79. https://tut.tj.
14. Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030. Душанбе 2016. С – 84. https://minjust.ww.tj.
15. Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон // ш. Душанбе – 2025.

УДК 339.543(575.3)

ОМИЛҲОИ БА ХИЗМАТРАСОНИИ ГУМРУКӢ ТАЪСИРРАСОН ДАР ШАРОИТИ РАҚАМИКУНОНӢ

ЗАФАРЗОДА АНУШ
Сарнозири Раёсати ташкили назорати гумрукии Хадамоти гумрук, ҳамзамон унвонҷӯи Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. **Суроға:** 734055, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи А. Деҳотӣ 1/2. **Тел.:** (+992) 983-38-88-88, **E-mail:** a.zafarzoda@mail.ru

Аннотатсия. Бояд зикр намуд, ки гумрук ин дарвозаи давлат буда, кафили амнияти иқтисодиву иҷтимоӣ, сиёсиву фарҳангӣ ва стратегии миллӣ ба ҳисоб меравад. Дар мақолаи мазкур масоил ва тарзи таъсиррасонӣ ба хизматрасонии гумрукӣ омилҳои асосии иқтисодӣ (ҳаҷми савдо, нархҳо), ташкилӣ (рақамӣ, инфрасохтор), ҳуқуқӣ (қонунгузорӣ) ва геополитикӣ мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст. Ин омилҳо суръат, сифат ва арзиши расмиёти гумрукиро муайян карда, ба амнияти иқтисодӣ ва ҷалби сармоя мустақиман таъсир мерасонанд. Рақамӣ (автоматикунонӣ) равандро тезтар ва шаффофтар мекунад. Ин омилҳо дар маҷмӯъ ба сатҳи сифати хизматрасонии гумрукӣ ва интихоби реҷаи гумрукӣ таъсир мерасонанд.

Вожаҳои калидӣ: гумрук, хизматрасонӣ, омилҳо, хадамоти гумрукӣ, сифати хизматрасонӣ, рақамикунонӣ, сармояи инсонӣ, меъёрҳо, идоракунӣ, таҳлил, самаранокӣ

ФАКТОРЫ, ВЛИЯЮЩИЕ НА ТАМОЖЕННЫЕ УСЛУГИ В УСЛОВИЯХ ЦИФРОВИЗАЦИИ

ЗАФАРЗОДА АНУШ
Главный инспектор Управления организации таможенного контроля Таможенной службы, одновременно соискатель учёной степени Таджикского государственного университета коммерции. **Адрес:** 734055, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. А. Дехоти, 1/2. **Тел.:** (+992) 983-38-88-88, **E-mail:** a.zafarzoda@mail.ru

Аннотация. Следует отметить, что таможня является воротами в государство и рассматривается как гарант национальной экономической, социальной, политической, культурной и стратегической безопасности. В данной статье рассматриваются вопросы и способы влияния основных экономических (объем торговли, цены), организационных (цифровые технологии, инфраструктура), правовых (законодательство) и геополитических факторов на таможенные услуги. Эти факторы определяют скорость, качество и стоимость таможенных процедур и напрямую влияют на экономическую безопасность и привлечение

инвестиций. Цифровизация (автоматизация) делает процесс быстрее и прозрачнее. Эти факторы в целом влияют на уровень качества таможенных услуг и выбор таможенного режима.

Ключевые слова: таможня, услуги, факторы, таможенные услуги, качество услуг, цифровизация, человеческий капитал, стандарты, управление, анализ, эффективность

FACTORS AFFECTING CUSTOMS SERVICES IN THE CONDITIONS OF DIGITALIZATION

ZAFARZODA ANUSH
Chief Inspector of the Customs Control Organization Department of the Customs Service, and concurrently a degree-seeking researcher at the Tajik State University of Commerce.
Address: 734055, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Street A. Dehoti, 1/2.
Тел.: (+992) 983-38-88-88, **E-mail:** a.zafarzoda@mail.ru

Annotation. It should be noted that customs is the gateway to the state and is considered a guarantor of national economic, social, political, cultural and strategic security. This article examines the issues and ways in which the main economic (trade volume, prices), organizational (digital, infrastructure), legal (legislation) and geopolitical factors influence customs services. These factors determine the speed, quality and cost of customs procedures and directly affect economic security and investment attraction. Digitalization (automation) makes the process faster and more transparent. These factors generally affect the level of quality of customs services and the choice of customs regime.

Keywords: customs, services, factors, customs services, quality of services, digitalization, human capital, standards, management, analysis, efficiency

Мубрамии таҳқиқот. Дар таҳқиқоти мазкур таъсири омилҳои асосӣ ба хизматрасонии гумрукӣ дар иқтисоди рақамӣ мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор гирифтааст. Бояд хотиррасон намуд, ки омилҳои ташкилӣ ва техникӣ (рақамӣ), омилҳои иқтисодӣ ва тиҷоратӣ, омилҳои ҳуқуқӣ (танзимкунанда), омилҳои инфрасохторӣ, омилҳои геополитикӣ ва амниятӣ ба фаъолияти мақомоти гумрук таъсири мутақобила доранд. Ин омилҳо дар маҷмӯъ ба сатҳи сифати хизматрасонии гумрукӣ ва интихоби реҷаи гумрукӣ таъсир мерасонанд.

Асосҳои назариявии таҳқиқот. Таҳқиқоти мазкур ба консепсияҳои фаъолияти гумрук ва менеҷменти гумрукӣ, назарияҳои муносибатҳои меҳнатӣ, принсипҳои демократӣ, ҳамкориҳои мутақобила, рушди ҷомеа ва беҳдошти соҳаи иқтисодиёт такия мекунад. Тибқи назарияҳои муосири менеҷменти гумрукӣ дар рушди низоми муносибатҳои меҳнатӣ, бахусус фаъолияти гумрукӣ беҳдошти сифати хизматрасониҳо аҳамияти хоса дорад.

Мақсади таҳқиқот. Мақсади асосии таҳқиқот омӯзиши ҳамаҷонибаи назриявию методӣ, омилҳои таъсиррасон ба хизматрасониҳои гумрукӣ дар танзими муносибатҳои иҷтимоию иқтисодӣ, ошкор кардани хусусиятҳо ва мушкилоти амалии татбиқи он дар рушди соҳаи гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад.

Фарзияи таҳқиқот. Фарзияи тадқиқот бар он асос ёфтааст, ки омилҳои таъсиррасон ба сифати хизматрасонӣ дар танзими муносибатҳои иҷтимоию иқтисодӣ нақши муҳим дошта, самаранокии истифодаи захираҳои мавҷударо дар иқтисодиёт таҷассум менамояд.

Усулҳои таҳқиқот. Дар таҳқиқот усули системавӣ-таркибӣ, сабабу натиҷа, усули омӯзиши омилҳо, экспертӣ-таҳлилӣ, иқтисодӣ-риёзӣ, иҷтимоӣ, алоқамандии хусусиятҳои миқдорию сифатӣ ва ғайра истифода шудаанд.

Таҳлили адабиёт ва гузориши масъала. Масоили мазкур дар таҳқиқоти олимони хориҷиву ватанӣ Абрамов А.С. [1], Алёхина О.В. [2], Ананьев А.Э. [3],Антонов А.Ю. [4], Валиев Ф.Н. [5], Вербинская А.А. [6], Врабие А.Г. [7], Джабборов А.И. [8], Турсунов Х.М. [8], Мирзоалиев А.А. [9], Назаров Т.Н. [10], Раджабов Р.К. [11, 13], Раджабова Н.Р. [12, 13], Факеров Х.Н. [15], Хикматов С.И. [16] ва як қатор муҳаққиқони дигар бо овардани далелҳои

воқеӣ чунин меъёрҳои сифати хизматрсониҳои гумрукиро мушоҳида намудан мумкин аст. Аммо, баъзе паҳлӯҳои он то ҳанӯз норавшан мондааст. Дар мақолаи мазкур мо кӯшиш менамоем, онҳоро баррасӣ намоем.

Муҳтавои асосӣ. Таҷриба нишон медиҳад, ки дар шароити рақамикунонӣ сармояи инсониро метавон тақвият бахшид, агар унсурҳои муҳими ин ҷараён таввақҷӯҳи хоса зоҳир намуда бошем (**расми 1**).

Ин унсурҳо ба рушду рақамикунонии ва такмили сифати хизматрасониҳои гумрукӣ нақши назаррасро касб намуда метавонанд. Бинобар ин, ба инобат гирифтани онҳо ба такмилёбиву ташаккули хизматрасониҳои гумрукӣ заминаи мусоид фароҳам хоҳад оварад.

Ба андешаи мо, технологияи рақамӣ имрӯз дар ҷараёни такамили сифати хизматрасониҳои гумрукӣ васеъ истифода мешавад, маҳдудиятҳоро бартараф менамояд ва нишондиҳандаҳои даромади буҷети давлатиро афзоиш медиҳад. Дар шароити зудтағйирёбанда як навъ василаи ошкорсозии нишондиҳандаҳои рушди иқтисодӣ ва пешгӯии дақиқи онҳо мебошад.



Расми 1. Омилҳои ҷузъии таъсиррасон ба рушду рақамикунонии ва такмили сифати хизматрасониҳои гумрукӣ (таҳияи муаллифи мақола дар асоси [9])

Дар ҳақиқат омилҳои рушддиҳандаи сифати хизматрасониҳои гумрукӣ гуногунанд. Ошкорсозии ба таҳқиқотҳои нав такя менамояд. Инчунин ошкорсозии равандҳои иттилоотӣ ва таҳлили низ маҳаки идоракунии самаранок кормандони мақомоти гумрукӣ ва сарфаю сариштакории вақт ва дигар захираҳои дар ихтиёри онҳо буда мебошад.

Аз ҳамин хотир мо дар идомаи таҳқиқот навъҳои нишондиҳандаҳои сифати хизатрасониҳои гумрукиро пешниҳод менамоем (ҷадвали 1.).

Ҷадвали 1. Навъбандии нишондиҳандаҳои сифати хизматарсониҳои гумрукӣ дар шароити рақамикунонӣ*

№	Нишона	Навъбандӣ
1.	Вобаста ба хосияти хизматрасонӣ	иқтисодӣ;
		стандарст;
		технологӣ;
		ргонометрӣ.
2.	Шумораи нишондодҳои расмӣ	маҷмӯӣ;
		интегралӣ
		шуморагӣ;
		яклухтӣ.
3.	Сатҳи муқаррарнамоӣ	нақшавӣ;
		дурнамоӣ;

		баҳодиҳӣ
4.	Усулҳои муқаррарнамоӣ	иҷтимоӣ;
		иқтисодӣ;
		ташкилӣ.
5.	Ҳаракатнокӣ	якдафъаина;
		доимӣ;
		аз рӯйи ҳаҷм.
6.	Пардохтнокӣ	электронӣ;
		бо ёрии имкониятҳои миёнаравон;
		нақдӣ.
7.	Таҳлилӣ	ҳармоҳа;
		семоҳа;
		вобаста ба афзоиши даврагии талабот ба хизматрасонӣ.

***Сарчашма:** таҳияи муаллиф дар асоси адабиёти илмӣ.

Аз рӯйи нишондодҳои адабиёти илми соҳавии соҳаи хизматрасониҳо дар шароити кунунӣ ба тарви пурра зиёда аз 50 навъбандии соҳаи хизматарсонӣ вуҷуд дорад. Меъёрҳои навъбандишудаи хизматарсониҳои гумрукӣ дар аксар маврид бо овардани далелҳои воқеӣ **(ҷадвали 1.)** вз ҷониби муҳаққиқон ҳангоми анҷом додани таҳқиқоти илмӣ истифода гардидааст.

Дар сурати ба инобат гирифтани меъёрҳои мавҷуддаи навъбандии хизматрасониҳои гумрукӣ имконияти банақшагирии раванди корҳо ва хизматрасониҳо дар шароити рақамикунонӣ, ки талабот ба навсозии фаъолияти корӣ пеш омадааст имконияти таъмини шаффофияти корӣ бешубҳа аз аҳамияти баланд доштани он шаҳодат медиҳад. Дар идома меъёрҳои сифати хизматрсониҳои гумрукӣ аз рӯйи дах нишондиҳанда пешниҳод менамоем. **(расми 2.).**



Расми 2. Меъёрҳои сифати хизматрсониҳои гумрукӣ дар чаҳорчӯбаи равандҳои рақмикунонӣ

***Сарчашма:** таҳияи муаллифи мақола дар асоси адабиёти илмӣ.

Бояд тазаккур дод, ки дар таҳқиқоти олимони хориҷиву ватанӣ Абрамов А.С. [1], Алёхина О.В. [2], Ананьев А.Э. [3],Антонов А.Ю. [4], Валиев Ф.Н. [5], Вербинская А.А. [6], Врабие А.Г. [7], Джабборов А.И. [8], Турсунов Х.М. [8], Мирзоалиев А.А. [9], Назаров Т.Н. [10], Раджабов Р.К. [11, 13], Раджабова Н.Р. [12, 13], Факеров Х.Н. [15], Хикматов С.И. [16] ва як қатор муҳаққиқони дигар бо овардани далелҳои воқеӣ чунин меъёрҳои сифати хизматрсониҳои гумрукиро мушоҳида намудан мумкин аст.

Аммо на ҳамаи онҳо ба чаҳорчӯбаи равандҳои рақмикунонӣ мувофиқ мебошанд. Ин тартиби амалкард бештар хоси иқтисодиёти анъанавӣ буда, чунон имконияти технологияҳои рақамиро инъикос наменамояд.

Ба андешаи мо таҳқиқоти анҷомдодашуда бояд дар чаҳорчӯбаи иқтисодиёти рақамӣ анҷом дода шавад ва тамоми навгониҳои рақамиро бояд инъикос намояд.

Дар чаҳорчӯбаи гуфтаҳои дар боло овардашуда ва омилҳои мутаассири таркибӣ, нишондиҳандаҳои иқтисодии хизматрасониҳои гумрукиро пешниҳод менамоем (**расми 3.**).

Ҳангоми баҳодиҳии сифат ба нишондиҳандаҳои дар боло зикршуда, бояд суръати иҷрои амалиётҳо, истифодаи шаклҳои пешрафтаи хизматрасонӣ, ташкили назорат ва самаранокии он нисбат ба амалиётҳои анҷомёфта, сатҳи хароҷот барои расонидани хизматҳои гумрукӣ, дурустии иттилоот дар бораи хизматрасониҳо ва ғайра ба назар гирифта шаванд.



Расми 3. Нишондиҳандаҳои иқтисодии хизматрасониҳои гумрукӣ
***Сарчашма:** таҳияи муаллиф дар асоси адабиёти илмӣ.

Бо мақсади пешниҳод намудани натиҷаҳои таҳлили омилҳои идоракунии сифати хизматрасониҳои гумрукӣ ба шакли аён, мумкин аст диаграммаи сабаб ва натиҷаи Исикаваро истифода бурд, ки имконият медиҳад омилҳоро аз рӯйи дараҷаи таъсири онҳо ба натиҷаи фаъолияти мақомоти гумрук дараҷабандӣ (ранжировать) намоем.

Таҳлили шароити фаъолияти мақомоти гумрук аз рӯйи шаш омили асосӣ имкон дод, ки омилҳои таъсири ғайримустақим муайян карда шаванд, ки онҳо ба омилҳои мустақим таъсир расонида, дар навбати худ ба идоракунии сифати хизматрасониҳои гумрукӣ таъсири бавосита мерасонанд. Ҳоло бошад ба нишондиҳандаҳои иҷроиши хизматрасониҳои гумрукӣ диққат медиҳем (расми 4).



Расми 4. Нишондиҳандаҳои иҷроиши хизматрасониҳои гумрукӣ
***Сарчашма:** таҳияи муаллиф дар асоси адабиёти илмӣ.

Хулоса. Нишондиҳандаҳои сифат бояд ба талаботи зерин ҷавобгӯ бошанд:

- аз ҳадафҳои ташкилот бароянд;
- дастраси умум бошанд;
- равшану мушаххас муайян карда шуда бошанд;
- ҷолибу дилпазир бошанд.

Дар солҳои охир дар бозори хизматрасониҳои гумрукӣ аз ҷониби ширкатҳои хориҷӣ, ба ғайр аз омилҳои нархгузорӣ, талабот ба хизматрасониҳои босифат ба таври назаррас афзоиш ёфтааст. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки ширкатҳои хориҷӣ асосан тавассути сохторҳои консалтингӣ намояндагӣ мекунанд, ки дар соҳаи логистика ва интиқолҳои экспресс ихтисос доранд. Онҳо таҷрибаи байналмилалӣ дошта, дар самти таъминоти моддӣ ва молиявӣ бартарӣ доранд ва дорои қувваи кории баландихтисос мебошанд.

АДАБИЁТ:

1. Абрамов А.С. Механизм повышения эффективности и качества таможенных услуг в сквозном процессе таможенного контроля [Текст] / А.С. Абрамов // диссертация на соискание ученой степени кандидата экономических наук / Российская таможенная академия. Люберцы – 2019. 191 с.;
2. Алёхина О.В., Ермилов И.С. Анализ качества осуществления таможенных услуг [Текст] / О.В Алёхина., Ермилов И.С. // В сборнике: Таможенное дело: направления эффективного развития. Сборник научных трудов. Саратов, 2018. С. 113-128.
3. Ананьев А.Э. Сервисная концепция таможенного администрирования и управления качеством услуг в процессе пост таможенного контроля [Текст] / А.Э. Ананьев // Экономические науки. 2024. № 232. С. 39-49.
4. Антонов А.Ю. контроль качества государственных таможенных услуг как необходимое условие повышения их эффективности [Текст] / А.Ю. Антонов // Вестник Белгородского государственного технологического университета им. В.Г. Шухова. 2014. № 3. С. 84-88.
5. Валиев Ф.Н. Методика повышения качества таможенных услуг в условиях цифровой прослеживаемой бизнес-процессов сквозного таможенного контроля ввозимых товаров [Текст] / Ф.Н. Валиев // Экономика, предпринимательство и право. 2025. Т. 15. № 1. С. 451-468.
6. Вербинская А.А., Зиннатулина И.Р., Терентьев Д.Е. Современные проблемы управления качеством таможенных услуг [Текст] / А.А. Вербинская, И.Р. Зиннатулина, Д.Е. Терентьев // Дневник науки. 2024. № 11 (95).
7. Врабие А.Г. Управление качеством таможенных услуг в системе управления таможенными органами [Текст] / А.Г. Врабие // Научный альманах. 2023. № 12-2 (110). С. 92-96.
8. Джабборов А.И., Турсунов Х.М. Содержание и механизмы управление таможенной системы [Текст] / А.И. Джабборов, Х.М. Турсунов // Вестник Таджикского государственного университета коммерции. 2019. № 3 (28). С. 75-84.
9. Мирзоалиев А.А. Рушди иқтидори кадрии савдои чакана дар шароити иқтисодиёти рақамӣ [Матн] / А.А. Мирзоалиев //. Монография. –Душанбе: «Ирфон», 2023. – 240 с.
10. Назаров Т.Н. Экономика развития, эффективности и спроса [Текст] / Т.Н., Назаров // Известия Академии наук Республики Таджикистан. Отделение общественных наук. 2023. № 1 (270). С. 7-15.
11. Раджабов Р.К. Региональные особенности развития рынка таможенных услуг [Текст] / Р.К. Раджабов // Монография. Душанбе: Сумани Кудрат, 2014 г.-150 с.
12. Раджабова Н.Р. дисс. канд. экон. наук 08.00.05 на тему «Организационный механизм развития оказания услуг по таможенной экспертизе товаров при проведении таможенного контроля» [Текст] / Н.Р. Раджабова // – Душанбе, 2015 г.- С.16 - 17

13. Раҷабов Р.К., Раҷабова Н.Р. Самтҳои такмили декларатсиякунонии электронии гумрукии мол ва воситаҳои нақлиёт дар Тоҷикистон [Матн]/ Р.К. Раҷабов, Н.Р. Раҷабова // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. 2023. № 2-1 (46). С. 22-28.
14. Таможенный кодекс Евразийского экономического союза. – М.: Проспект, 2018. – 512 с.
15. Факеров Х.Н. Совершенствование механизма управления инфраструктурного потенциала таможенных органов Таджикистана [Текст] / Х.Н. Факеров, Н.Р. Раджабова // Вестник Таджикского государственного университета коммерции, 1 (51)-2024.- Душанбе, 2024.-С. 17-27.
16. Хикматов С.И. Таможенная система: состояние, проблемы и инновационное развитие [Текст] / Р.К., Раджабов, С.И. Хикматов // под ред. профессора Факерова Х.Н., Монография.- Душанбе, Сумани Кудрат, 2012.- 196 с.

УДК 657.6:368:004.9

ТРАНСФОРМАЦИЯ ТЕОРЕТИЧЕСКИХ ОСНОВ УЧЁТНО-АНАЛИТИЧЕСКИХ И КОНТРОЛЬНЫХ ПРОЦЕДУР СФЕРЫ СОЦИАЛЬНОГО СТРАХОВАНИЯ С УЧЁТОМ ТРЕБОВАНИЙ ЦИФРОВОЙ ЭКОНОМИКИ

ЗОКИРХОНЗОДА МУКАДАМХОН ЗОКИРХОН
Доктор экономических наук, заместитель директора по науке и международным отношениям Института экономики и торговли Таджикского государственного университета коммерции г. Худжанда. **Адрес:** 735700, Республика Таджикистан, г. Худжанд, проспект Исмоили Сомони 169. **Тел.:** (+992) 92-765-19-81. **E-mail:** mukaddam81@gmail.com

Аннотация. В статье исследованы теоретические вопросы по экономическому понятию «учётно-аналитическая и контрольная система», которая способствует комплексному представлению об учёте, анализе и контроле. Систематизированы научные подходы к исследованию вышеуказанного определения. Автор акцентирует внимание на необходимость исследования бухгалтерского учёта, анализа и аудита (контроля) во взаимосвязанном и взаимозависимом формате. Предложена авторская формулировка по учётно-аналитическому и контрольному обеспечению, которая способствовала разработке модели учётно-аналитической и контрольной системы. Рассмотрены трансформационные процессы учётно-аналитических и контрольных процедур государственного социального страхования и пенсий в условиях цифровой экономики Таджикистана.

Ключевые слова: учётно-аналитическая и контрольная система, бухгалтерский учёт, экономический анализ, аудит, налоговый учёт, статистика, трансформация.

ИСЛОҲОТИ АСОСҲОИ НАЗАРИЯВИИ РАСМИЁТИ БАҲИСОБГИРӢ-ТАҲЛИЛӢ ВА НАЗОРАТИИ СОҲАИ СУҒУРТАИ ИҶТИМОӢ БО НАЗАРДОШТИ ТАЛАБОТИ ИҚТИСОДИЁТИ РАҚАМӢ

ЗОКИРХОНЗОДА МУҚАДАМХОН ЗОКИРХОН
Доктори илмҳои иқтисодӣ, муовини директор оид ба илм ва робитаҳои байналмилалии Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон дар ш. Хуҷанд.
Суроға: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Хуҷанд, хиёбони Исмоили Сомони 169.
Тел.: (+992) 92-765-19-81. **E-mail:** mukaddam81@gmail.com

Аннотатсия. Дар мақола масъалаҳои назариявӣ оид ба мафҳуми иқтисодии "низоми баҳисобгирӣ-таҳлилӣ ва назоратӣ" тадқиқ карда шудаанд, ки ба тасаввуроти комплексии баҳисобгирӣ, таҳлил ва назорат мусоидат мекунанд. Равишҳои илмӣ ба таҳқиқи таърифи дар боло зикршуда ба низом дароварда шудаанд. Муаллиф зарурати баррасии баҳисобгирии муҳосибӣ, таҳлил ва аудит (назорат)-ро дар доираи як низоми ба ҳам алоқаманд ва вобаста ба якдигар таъкид менамояд. Таърифи нави таъминоти муҳосибавӣ, таҳлилӣ ва назоратӣ пешниҳод шудааст, ки ба таҳияи модели низоми муттаҳиди баҳисобгирии муҳосибӣ, таҳлилӣ ва назоратӣ мусоидат мекунад. Инчунин, дар таҳқиқот таҳаввулоти расмиёти баҳисобгирии муҳосибӣ, таҳлилӣ ва назоратӣ вобаста ба суғуртаи иҷтимоии давлатӣ ва нафақа дар шароити иқтисоди рақамии Тоҷикистон баррасӣ гардидааст.

Калидвожаҳо: низоми баҳисобгирӣ ва назорат, баҳисобгирӣ, таҳлили иқтисодӣ, аудит, баҳисобгирии андоз, омор, ислоҳот.

TRANSFORMATION OF THE THEORETICAL FOUNDATIONS OF ACCOUNTING, ANALYTICAL AND CONTROL PROCEDURES OF SOCIAL INSURANCE SPHERE BY THE REQUIREMENTS OF THE DIGITAL ECONOMY

ZOKIRKHONZODA MUQADAMKHON ZOKIRKHON
Doctor of Economic Sciences, deputy director on science and international relations of Institute of Economy and Trade of Tajik State University of Commerce in Khujand
Address: 735700, Republic of Tajikistan, Khujand, Ismoili Somoni 169.
Tel.: (+992) 92-765-19-81. **E-mail:** mukaddam81@gmail.com

Abstract. The article examines theoretical issues on the economic concept of "accounting, analytical and control system", which contributes to a comprehensive understanding of accounting, analysis and control. Systematized the scientific approaches to the study of the above definition. The author emphasizes the need to examine accounting, analysis, and auditing (control) within an interconnected and interdependent framework. A novel definition of accounting, analytical, and control support is proposes, facilitating the development of a model for an integrated accounting, analytical, and control system. The study also examines the transformation of accounting, analytical, and control procedures regarding state social insurance and pensions within the context of Tajikistan's digital economy.

Keywords: accounting, analytical and control system, accounting, economic analysis, audit, tax accounting, statistics, transformation.

Введение. Интенсивный переход к цифровым технологиям во всех сферах деятельности, в частности в системе социального страхования не является исключением, приводит к необходимости исследования теоретических основ учётно-аналитического и контрольного обеспечения. Несомненно, практический процесс использования цифровых технологий находится впереди по сравнению с теоретическими основами. К современным специалистам по учёту и аудиту предъявляются высокие требования, не только в аспекте учётно-аналитической и контрольной деятельности, также по направлению развития навыков пользования цифровыми и инновационными технологиями на высоком уровне.

Планирование перехода к цифровизации, приведённая в «Концепция цифровой экономики в Республике Таджикистан» [3], является практической инструкцией по успешному внедрению цифровых технологий. Каждый этап планирования, который тщательно и детально приведён в Концепции, был успешно реализован в рамках «Среднесрочная программа развития цифровой экономики в Республике Таджикистан на 2021-2025 годы» [7].

Методы исследования. В процессе данного научного исследования использованы общенаучные методы, такие методы как систематизация, концептуальный анализ и наблюдение с целью получения результатов по поставленным задачам исследования.

При помощи концептуального анализа рассмотрены научные формулировки учёных по отношению к понятию «учётно-аналитическая система», «учётно-контрольное обеспечение» с целью формирования авторской трактовки по терминологии «учётно-аналитическая и контрольная система» с учётом требований цифровой экономики и технологического прорыва в сфере бухгалтерского учёта.

Метод систематизации использован при исследовании научных взглядов некоторых ученых, в частности, Шеремета А.Д. по комплектации учёта, анализа и аудита, общность которых не имеют сомнения, в результате нами предложено дополнить в имеющую группировку, учётно-аналитическую и контрольную науку, включающая «управленческий учёт», «финансовый учёт», «налоговый учёт», «комплексный экономический анализ», «аудит», «статистика», «контроль и ревизия», «банковский учёт» и другие.

Посредством методом наблюдения выявлено, что процесс цифровизации в Таджикистане находится на стадии средней реализации, так как поставленные цели, установленные задачи и ожидаемые результаты были своевременно и эффективно реализованы. Но мы полагаем, что с увеличением использования цифровых технологий в учётно-аналитической и контрольной деятельности, появляется необходимость в нормативно-правовом обеспечении по цифровому учёту и аудиту. В этой связи основой нормативно - правовых актов являются основные термины по цифровому учёту и аудиту.

Целью исследования является систематизация терминов, связанных с учётом, анализом и аудитом системы государственного социального страхования в условиях перехода на цифровую экономику. Для реализации поставленной цели установлены следующие задачи:

- проанализировать научные взгляды учёных по учётно-аналитической и контрольной системе;
- обосновать необходимость в разработке новой формулировки по учётно-аналитической и контрольной системе с учётом требований цифровизации;
- выявить возможные последствия в результате внедрения цифровых технологий в процесс учётно-аналитических и контрольных процедур государственного социального страхования и пенсий;
- разработать комплекс мер по совершенствованию учётно-аналитических и контрольных процедур системы государственного социального страхования и пенсий в условиях цифровизации.

Результаты исследования. Практика показывает, что процесс реализации плана по внедрению цифровой технологии сопровождается множеством проблем и препятствий, связанных с кадровым потенциалом, технологическими возможностями и финансовой обеспеченностью в сфере социального страхования. Для решения кадровых вопросов, появляется необходимость не только в повышении квалификации и получение дополнительной специальности по информационным технологиям. Таким образом, для установки эффективной бухгалтерской программы, настройки платформ и конфигураций программы под деятельность сферы социального страхования навыков специалистов информационных технологий недостаточны, также необходимы рекомендации бухгалтеров и аудиторов для адаптации новой программы под деятельность системы.

Итак, весь процесс перехода к цифровым технологиям охватывает бухгалтерский учёт, анализ и контроль (аудит), комплексной трактовки которых в научной исследовательской среде наблюдается очень редко. По результатам исследований приводятся научные концепции по учётно-аналитической системе, учётно-аналитическому обеспечению, учётно-контрольной системе и обеспечению, но не имеются трактовки ученых по учетно-аналитической и контрольной системе или обеспечению, хотя несомненно, учётная деятельность приобретает более комплексный характер с охватом анализа и контроля.

Для формирования авторской трактовки и научного взгляда способствовал концептуальный анализ, мнения и видения нескольких авторов по учётно-аналитической системе, учётно-аналитическому обеспечению и контролю в отдельности (таблица 1).

В результате систематизации трактовок, нами особо выделяется мнение Маталыцкой С.К., так как концепция учётно-аналитической системы со стороны автора рассматривается не только шире, но также подтверждается авторское предположение взаимосвязанности исследуемых наук. Кроме того, корреляционные признаки между учётно-аналитической системой и контролем является чётко и определенно отражается в приведённой трактовке. Научный взгляд Орлова Д.В. также указывает на необходимость взаимосвязанности учёта, анализа и контроля, так как принятие управленческих решений невозможно без контроля.

Аналогичному научному видению придерживаются Попова Л.В., Маслова И.А. и Маслов Б.Г., которые в узком виде смогли отобразить сущность учётно-аналитической системы и её неразрывную связь с управленческим решением посредством контроля.

Таблица 1. - Научные подходы к определению терминологии «учётно-аналитическая и контрольная система»

Авторы	Определение
Маталыцкая С.К.	«Учётно-аналитическая система - это совокупность взаимосвязанных и взаимодействующих элементов, обеспечивающих бизнес-процессы информацией о фактах и явлениях субъекта хозяйствования, необходимой для эффективных управленческих решений, посредством её измерения, сбора, обработки, хранения, обобщения, анализа и контроля» [4, с.20].
Орлов Д.В.	«Учётно-аналитическая система - это подсистема управления предприятием, базирующаяся на учётно-отчётной информации и способствующая принятию оптимальных управленческих решений» [5, с. 49].
Попова Л.В., Маслова И.А. и Маслов Б.Г.	«Учётно-аналитическая система представляет собой сбор, обработку и оценку всех видов информации, потребляемой для принятия управленческих решений на микро- и макроуровнях» [6].
Маталыцкая С.К.	«Учётно-аналитическое обеспечение - это совокупность информационных источников, представленных на всех этапах учётного процесса учётной и не учетной информацией о хозяйственных операциях и процессах, доходах, расходах, активах, собственном капитале и обязательствах организации, предусматривающих анализ информации в процессе функционирования учётно-аналитической системы» [4, с.18].
Иванов Е.А.	«… контроль составная часть учётно-аналитического обеспечения, с помощью которого проводится проверка соответствия деятельности правилам и требованиям, установленным законодательными и нормативными актами, вышестоящими органами, осуществляется консультирование предприятия по вопросам управления» [2, с.77].

Источник: *составлено автором*

Обсуждение. Концептуальные основы каждого автора являются подтверждением того, что имеется необходимость в рассмотрении такого научного оборота как «учётно-аналитическая и контрольная система». Ключевым и неопровержимым фактом данной необходимости является мнение Иванова Е.А., которое отражается в том, что основой каждого контроля является учётно-аналитическая и контрольная система, комплексное рассмотрение которой способствует развитию и совершенствованию учётной, аналитической и контрольной деятельности сферы государственного социального страхования и пенсий.

Изучив мнения множества учёных, акцентируем внимание на группировку наук предлагаемое Шереметом А.Д., который относит бухгалтерский учёт, анализ и аудит к функциональным и управленческим наукам [8, с.13]. Мы поддерживаем Шеремета А.Д. в том, что он относит науки «бухгалтерский учёт», «анализ» и «аудит» к функциональным и управленческим наукам, нам импонирует данное классификационное разделение, но, с целью расширения и точности классификационных подразделений, предлагаем дополнить группировку учётно-аналитической и контрольной наукой, включающая «управленческий учёт», «финансовый учёт», «налоговый учёт», «комплексный экономический анализ», «аудит», «статистика», «контроль и ревизия», «банковский учёт» и другие учётно-аналитические и контрольные науки. Мы полагаем, что комплекс взаимосвязанных наук способствуют исследованию наук, которые не только имеют неразрывную связь, но также являются взаимозависимыми. Данное расширение круга по категориям науки является базовым направлением и напутствием для развития и совершенствования научно-исследовательских работ по учётно-аналитическим и контрольным наукам. Поскольку, в настоящее время теоретико-концептуальных основ по трём направлением в комплексе (учётно-аналитическая и контрольная система) отсутствует.

Ключевым аспектом авторского подхода явился научный взгляд выдающегося ученого Шеремета А.Д., который приводит определение по учёту, анализу и аудиту как наука (рис.1.):

Исследования показывают, что основу триады исследуемых наук по мнению Шеремета А.Д. составляют их методы и приёмы, которые в условиях цифовизации экономики приобретают несколько иной характер. Проведённые предыдущие авторские исследования указывают на то, что количество методов и приёмов с учётом использования цифровых технологий и программ в процессе бухгалтерского учёта, анализа и аудита в сфере государственного социального страхования сократилось.



Рисунок 1. Трактовки Шеремета А.Д. по концепциям бухгалтерского учёта, анализа и аудита [8, с.13].

Но тем не менее, для обеспечения качественного, прозрачного, достоверного и своевременного бухгалтерского учёта с вытекающими последствиями необходимы специалисты – бухгалтера и аудиторы с навыками информационных технологий. В этой связи, нами предлагается трактовка по исследуемой проблематике учитывая условия цифрового учёта и аудита.

Итак, по нашему мнению, *«Учётно-аналитическая и контрольная система представляет собой комплекс информационно-цифровых инструментов по отражению операций в учёте, их аналитической обработке с целью непрерывного контроля над финансово-хозяйственной деятельностью».* [1, с.42].

Весь процесс учётной работы намного упрощается посредством интенсивного внедрения цифровых технологий, поэтому в авторской трактовке акцентировано внимание на комплекс информационно-цифровых инструментов, с помощью которого можно сэкономить рабочее время на ординарные расчёта социальных налогов, пособий и пенсий. Таким образом специалисты по бухгалтерскому учёту и аудиту будут эффективно использовать время и ум на более необходимые аспекту учёта и аудита, такие как выбор наиболее оптимальных методов, приёмов, расчётов и принятие логически обоснованных решений. В этой связи бухгалтерский учёт представляется как электронные журналы, облачная бухгалтерия, электронный документооборот, электронная отчётность, для составление которой необходимы навыки использования возможностей компьютерных программ, приложений и цифровых механизмов.

Основываясь на научно-исследовательские результаты по концептуальным основам учёта, анализа и аудита разработана модель учётно-аналитических и контрольных процедур сферы государственного социального страхования. Модель учётно-аналитических и контрольных процедур разработана с учётом специфических особенностей бухгалтерского учёта государственного социального страхования. Для эффективной реализации разработанной модели привязка бухгалтерских программ с компьютерными программами по проведению аудита является необходимостью. Таким образом, обеспечивается корреляция между процессами учёта, анализа и аудита (контроля) сферы государственного социального страхования и пенсий [1, с.56]. Немаловажным аспектом является отобразить связи между учётом, анализом и аудитом в концептуальных основах и модельной разработке с целью их внедрения в практическую деятельность государственного социального страхования и пенсий при помощи современных цифровых технологий.

Основываясь на трансформацию теоретических основ учётно-аналитических и контрольных процедур государственного социального страхования в условиях цифровой экономики наблюдаются некоторые изменения, влияющие на следующее:

- компетенция работников (бухгалтера и аудиторы);
- рабочее время (экономия рабочего времени);
- качество учётно-отчётной работы (доступность, прозрачность и достоверность);
- зарплата и др.

Как приведено в п. 3 ст. 9 Закона № 702 «О бухгалтерском учете и финансовой отчётности» [9], при формировании учетной политики в отношении конкретного объекта бухгалтерского учета выбирается способ ведения бухгалтерского учета из способов, допускаемых национальными стандартами, в условиях цифровизации требует некоторых изменений и дополнений.

Под учетной политикой органов социального страхования понимается выбранная им совокупность способов ведения бухгалтерского учета - первичного наблюдения, стоимостного измерения, текущей группировки и итогового обобщения фактов хозяйственной деятельности.

При формировании учетной политики организации по конкретному вопросу организации и ведения бухгалтерского учета осуществляется выбор одного способа из нескольких, допускаемых законодательством Республики Таджикистан и (или) нормативными правовыми актами по бухгалтерскому учету. Если по конкретному вопросу в нормативных правовых актах не установлены способы ведения бухгалтерского учета, то при формировании учетной политики осуществляется разработка организацией соответствующего способа, исходя из настоящего и иных положений по бухгалтерскому учету, а также Международных стандартов финансовой отчетности. При этом иные положения по бухгалтерскому учету применяются для разработки соответствующего способа в части аналогичных или связанных фактов хозяйственной деятельности, определений, условий признания и порядка оценки активов, обязательств, доходов и расходов.



Рисунок 2. Случаи изменений в учётной политике сферры социального страхования

Принятая организацией учетная политика подлежит оформлению соответствующей организационно-распорядительной документацией (приказами, распоряжениями и т.п.) организации. Изменение учетной политики органов социального страхования может производиться в случаях (рис.2.):

Изменение учетной политики органов социального страхования производится с начала отчетного года, если иное не обуславливается причиной такого изменения.

Заключение. Итак, в результате научно-исследовательских работ можно отметить, что последствия изменения учетной политики, оказавшие или способные оказать существенное влияние на финансовое положение организации, финансовые результаты ее деятельности и (или) движение денежных средств, оцениваются в денежном выражении. Оценка в денежном выражении последствий изменений учетной политики производится на основании выверенных организацией данных на дату, с которой применяется измененный способ ведения бухгалтерского учета. Изменения учетной политики на год, следующий за отчетным, объявляются в пояснительной записке к бухгалтерской отчетности организации.

В целом, трансформации в аспекте учётно-аналитических и контрольных процедур сферы государственного социального страхования должны быть основаны на изменениях и дополнениях в нормативно-правовых актах по бухгалтерскому учёту и аудиту в государственном секторе, также в результате использования цифровых технологий и изменений методов учётного процесса появляется необходимость ввести изменения и трансформации в учётную политику сферы государственного социального страхования и пенсий Таджикистана.

ЛИТЕРАТУРА:

1. Абдурахмонова М.З. Особенности учёта и аудита системы социального страхования в условиях цифровизации экономики Таджикистана // Монография: Издательство “Ношир” - 2022г. - 140с. ISBN: 978-99985-35-14-5.
2. Иванов, Е.А. Бюджетирование в учётно-аналитических системах многосегментных организаций: Монография / Е.А. Иванов. - М.: НИЦ ИНФРА-М. - 2013.- 170с.
3. Концепция цифровой экономики Республики Таджикистан / Утверждена постановлением Правительства Республики Таджикистан от 30 декабря 2019 года, № 642.
4. Маталыцкая, С.К. Учётно-аналитическая система и учётно-аналитическое обеспечение: генезис и современное состояние / С.К. Маталыцкая // Консультации бухгалтеру, аудитору, менеджеру, руководителю. Бухгалтерский учёт и анализ № 10. - 2020. - С. 17-22.
5. Орлов, Д.В. Понятие учётно-аналитической системы как инструмент управления современным предприятием / Д.В. Орлов // Бухгалтерский, управленческий учёт и аудит. Современные тенденции в экономике и управлении. - С. 47-51.
6. Попова, Л.В., Маслов Б.Г., Маслова И.А. Основные теоретические принципы построения учётно-аналитической системы // Л.В. Попова, Б.Г. Маслов, И.А. Маслова// Финансовый менеджмент. – 2003. - №5.
7. Среднесрочная программа развития цифровой экономики в Республике Таджикистан на 2021-2025 годы.
8. Шеремет, А.Д., Старовойтова Е.В. Бухгалтерский учёт и анализ: Учебник / Под общ. ред. проф. А.Д. Шеремета. - М.: ИНФРА - М, 2010. - 618с.
9. Интернет-ресурс: adlia.tj /show. doc. fwx/ [дата обращения: 02.07.2026г.].

УДК: 336.145:378.1:004.9

АСОСҲОИ НАЗАРИЯВӢ ВА АМАЛИИ МОДЕЛҲОИ ПЕШРАФТАИ МАБЛАҒГУЗОРИИ МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ ОЛИИ КАСБӢ ДАР ДАВРАИ ГУЗАРИШ БА ИҚТИСОДИ РАҚАМӢ

ИКРОМӢ ФАЗЛИДДИН НУРИДДИН

Доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи молия ва суғуртаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. **Суроға:** 734025, ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Рӯдакӣ, 17. **Тел.:** (+992) 981-07-67-67. **E-mail:** fazliddin-91-91@mail.ru.

НАИМОВ МИРҚУРБОН ЮСУФҶОНОВИЧ

Докторанти Ph.D-и кафедраи молия ва суғуртаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. **Суроға:** 734025, ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Рӯдакӣ, 17. **Тел.:** (+992) 934-51-51-50. **E-mail:** mirqurbon93@mail.ru

Аннотатсия. Дар шароити рушди босуръати технологияҳои рақамӣ ва ташаккули иқтисоди рақамӣ масъалаи такмили механизмҳои маблағгузории муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ аҳамияти махсус пайдо мекунад. Дар таҳқиқоти мазкур ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии моделҳои муосири маблағгузории муассисаҳои таҳсилоти олӣ мавриди омӯзиш қарор гирифта, нақши онҳо дар таъмини устувории молиявӣ ва баланд бардоштани самаранокии фаъолияти таълимӣ таҳлил шудааст. Таҳқиқот нишон медиҳад, ки дар шароити рақамикунонии иқтисод муносибатҳои молиявӣ дар низоми таҳсилоти олӣ тадриҷан тағйир ёфта, зарурати истифодаи шаклҳои нави маблағгузорӣ ба миён меояд. Дар ин раванд нақши технологияҳои рақамӣ дар такмили банақшагирӣ, идоракунӣ ва назорати ҷараёнҳои молиявӣ афзоиш ёфта, имкониятҳои васеъро барои истифодаи самараноки захираҳо фароҳам меорад. Дар асоси таҳлили таҷрибаи байналмилалӣ моделҳои гуногуни маблағгузории муассисаҳои таҳсилоти олӣ баррасӣ гардидаанд. Муайян карда шудааст, ки самаранокии ин моделҳо аз сатҳи иштироки давлат, дараҷаи мустақилияти молиявии муассисаҳо, имкониятҳои ҷалби сармояи хусусӣ ва истифодаи воситаҳои рақамии идоракунӣ вобастагӣ дорад. Дар бисёр кишварҳо татбиқи механизмҳои маблағгузории натиҷамеҳвар, грантҳои рақобатӣ ва шарикии давлат бо бахши хусусӣ ба беҳтар гардидани нишондиҳандаҳои фаъолияти муассисаҳои таълимӣ мусоидат намудааст. Натиҷаҳои таҳлил нишон медиҳанд, ки дар шароити гузариш ба иқтисоди рақамӣ диверсификатсияи манбаҳои маблағгузорӣ яке аз омилҳои муҳими рушди устувори муассисаҳои таҳсилоти олӣ ба ҳисоб меравад. Ҷалби сарчашмаҳои иловагии молиявӣ, аз ҷумла грантҳои байналмилалӣ, маблағгузории лоиҳаҳои илмӣ, ҳамкориҳо бо бахши хусусӣ ва истифодаи платформаҳои рақамӣ барои пешниҳоди хизматрасониҳои таълимӣ имкониятҳои нави рушди молиявиро ба вуҷуд меоранд. Дар натиҷаи таҳқиқот роҳҳои асосии такмили низоми маблағгузории муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ муайян гардидаанд. Аз ҷумла, густариши мустақилияти молиявӣ, ҷорӣ намудани технологияҳои рақамӣ дар идоракунии молиявӣ, такмили механизмҳои тақсимоти захираҳо ва рушди низоми баҳодиҳии самаранокии истифодаи маблағҳо ҳамчун самтҳои афзалиятнок пешниҳод шудаанд. Ҳамин тавр, ки истифодаи моделҳои пешрафтаи маблағгузорӣ дар якҷоягӣ бо имкониятҳои иқтисоди рақамӣ метавонад барои баланд бардоштани сифати таҳсилот, тақвияти рақобатпазирии муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва таъмини рушди устувори онҳо заминаи мусоид фароҳам оварад.

Вожаҳои калидӣ: иқтисоди рақамӣ, муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, маблағгузорӣ, моделҳои маблағгузорӣ, трансформатсияи рақамӣ, устувории молиявӣ, идоракунии молиявӣ, сарчашмаҳои молиявӣ, грантҳо, шарикии давлат ва бахши хусусӣ, самаранокӣ.

ТЕОРЕТИЧЕСКИЕ И ПРАКТИЧЕСКИЕ ОСНОВЫ ПЕРЕДОВЫХ МОДЕЛЕЙ ФИНАНСИРОВАНИЯ УЧРЕЖДЕНИЙ ВЫСШЕГО ПРОФЕССИОНАЛЬНОГО ОБРАЗОВАНИЯ В ПЕРИОД ПЕРЕХОДА К ЦИФРОВОЙ ЭКОНОМИКЕ

ИКРОМИ ФАЗЛИДДИН НУРИДДИН
Доктор экономических наук, доцент кафедры финансов и страхования Таджикского национального университета. **Адрес:** 734025, г. Душанбе, Республика Таджикистан, проспект Рудаки, 17. **Тел.:** (+992) 981-07-67-67. **E-mail:** fazliddin-91-91@mail.ru
НАИМОВ МИРКУРБОН ЮСУФДЖОНОВИЧ
Докторант PhD кафедры финансов и страхования Таджикского национального университета. **Адрес:** 734025, г. Душанбе, Республика Таджикистан, проспект Рудаки, 17. **Тел.:** (+992) 934-51-51-50. **E-mail:** mirqurbon93@mail.ru

Аннотация. В условиях стремительного развития цифровых технологий и формирования цифровой экономики особую актуальность приобретает совершенствование механизмов финансирования учреждений высшего профессионального образования. В данном исследовании рассмотрены теоретические и практические аспекты современных моделей финансирования высших учебных заведений, а также проанализирована их роль в обеспечении финансовой устойчивости и повышении эффективности образовательной деятельности. Исследование показывает, что в условиях цифровизации экономики финансовые отношения в системе высшего образования постепенно трансформируются, что обусловливает необходимость внедрения новых форм финансирования. В этом процессе возрастает значение цифровых технологий в совершенствовании планирования, управления и контроля финансовых потоков, создавая широкие возможности для более эффективного использования ресурсов. На основе анализа международного опыта рассмотрены различные модели финансирования учреждений высшего образования. Установлено, что эффективность данных моделей зависит от уровня участия государства, степени финансовой автономии образовательных учреждений, возможностей привлечения частного капитала и использования цифровых инструментов управления. Во многих странах внедрение механизмов результативного финансирования, конкурентных грантов и государственно-частного партнерства способствовало улучшению показателей деятельности образовательных организаций. Результаты анализа свидетельствуют о том, что в условиях перехода к цифровой экономике диверсификация источников финансирования является одним из важнейших факторов устойчивого развития учреждений высшего образования. Привлечение дополнительных финансовых ресурсов, включая международные гранты, финансирование научных проектов, сотрудничество с частным сектором и использование цифровых платформ для предоставления образовательных услуг, создает новые возможности для финансового развития. В результате исследования определены основные направления совершенствования системы финансирования учреждений высшего профессионального образования. В частности, в качестве приоритетных направлений предложены расширение финансовой автономии образовательных учреждений, внедрение цифровых технологий в финансовое управление, совершенствование механизмов распределения ресурсов и развитие системы оценки эффективности использования финансовых средств. Таким образом, использование передовых моделей финансирования в сочетании с возможностями цифровой экономики способно создать благоприятные условия для повышения качества образования, укрепления конкурентоспособности учреждений высшего образования и обеспечения их устойчивого развития.

Ключевые слова: цифровая экономика, учреждения высшего профессионального образования, финансирование, модели финансирования, цифровая трансформация, финансовая устойчивость, финансовое управление, финансовые ресурсы, гранты, государственно-частное партнерство, эффективность.

THEORETICAL AND PRACTICAL FOUNDATIONS OF ADVANCED FINANCING MODELS FOR HIGHER PROFESSIONAL EDUCATION INSTITUTIONS IN THE PERIOD OF TRANSITION TO THE DIGITAL ECONOMY

IKROMI FAZLIDDIN NURIDDIN
Doctor of Economic Sciences, Associate Professor at the Department of Finance and Insurance, Tajik National University. **Address:** 734025, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Rudaki Avenue, 17.
Tel.: (+992) 981-07-67-67. **E-mail:** fazliddin-91-91@mail.ru
NAIMOV MIRQURBON YUSUFJONOVICH
PhD Student, Department of Finance and Insurance, Tajik National University.
Address: 734025, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Rudaki Avenue, 17.
Tel.: (+992) 934-51-51-50. **E-mail:** mirqurbon93@mail.ru

Abstract. In the context of the rapid development of digital technologies and the formation of the digital economy, the improvement of financing mechanisms for higher professional education institutions has become increasingly important. This study examines the theoretical and practical aspects of modern financing models for higher education institutions and analyzes their role in ensuring financial sustainability and enhancing the effectiveness of educational activities. The research demonstrates that the digitalization of the economy is gradually transforming financial relations within the higher education system, creating a need for the implementation of new financing approaches. In this process, digital technologies play an increasingly significant role in improving financial planning, management, and monitoring, thereby providing broader opportunities for the efficient utilization of resources. Based on an analysis of international experience, various financing models for higher education institutions have been examined. The study reveals that the effectiveness of these models depends on the level of government participation, the degree of financial autonomy of educational institutions, the ability to attract private investment, and the use of digital management tools. In many countries, the implementation of performance-based funding mechanisms, competitive grants, and public-private partnerships has contributed to improved institutional performance. The findings indicate that, during the transition to a digital economy, the diversification of funding sources represents one of the key factors for the sustainable development of higher education institutions. The attraction of additional financial resources, including international grants, research project funding, cooperation with the private sector, and the use of digital platforms for educational service delivery, creates new opportunities for financial growth and development. As a result of the study, the main directions for improving the financing system of higher professional education institutions have been identified. These include expanding financial autonomy, introducing digital technologies into financial management, improving resource allocation mechanisms, and developing systems for evaluating the efficiency of financial resource utilization. Thus, the application of advanced financing models in combination with the opportunities offered by the digital economy can create favorable conditions for improving the quality of education, strengthening the competitiveness of higher education institutions, and ensuring their sustainable development.

Keywords: digital economy, higher professional education institutions, financing, financing models, digital transformation, financial sustainability, financial management, financial resources, grants, public-private partnership, efficiency.

Муқаддима. Дар шароити ташаккули иқтисоди рақамӣ ва густариши технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ муносибат ба маблағгузории муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ низ ба таври ҷиддӣ тағйир ёфта истодааст. Агар дар низоми анъанавӣ маблағгузорӣ асосан дар шакли сметавӣ амалӣ гардида, диққати асосӣ ба тақсимоти харочот ва нигоҳдории фаъолияти ҷории муассисаҳо равона мешуд, имрӯз талаботи иқтисоди муосир усулҳои нав ва чандиртари идоракунии молиявиро пеш мегузорад.

Дар чунин шароит донишгоҳҳо бояд на танҳо маблағҳоро дуруст истифода баранд, балки қобилияти мутобиқшавӣ ба тағйироти босуръати бозори меҳнат, рушди технология ва талаботи ҷомеаро низ дошта бошанд.

Рушди иқтисоди рақамӣ боиси он гардидааст, ки дар низоми маблағгузории таҳсилоти олӣ бештар ба натиҷаҳои воқеӣ, самаранокии фаъолияти муассиса ва рақобатпазирии онҳо диққат дода шавад[1]. Моделҳои муосири маблағгузорӣ тадриҷан ба принсипҳои натиҷамеҳвар ва бозормеҳвар такя мекунанд, ки дар онҳо сифати таҳсил, фаъолияти илмӣ, сатҳи омодагии хатмкунандагон ва мутобиқшавии онҳо ба бозори меҳнат ҳамчун нишондиҳандаҳои асосии баҳодиҳӣ истифода мешаванд. Дар чунин низом маблағгузорӣ танҳо барои нигоҳ доштани фаъолияти муассиса пешбинӣ намешавад, балки ҳамчун воситаи ҳавасмандсозии рушди илм, технология ва инноватсия хизмат мекунад.

Усулҳои таҳқиқот. Дар раванди таҳқиқот аз усулҳои гуногуни илмӣ, аз ҷумла усули таҳлили муқоисавӣ, омӯзиши таҷрибаи байналмилалӣ, таҳлили системавӣ ва ҷамъбасти назариявӣ истифода гардидааст.

Натиҷаҳои таҳқиқот. Таҳқиқот ба таҳқиқ ва таҳлили самтҳои стратегӣ ва афзалиятноки рушди молиявии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар шароити иқтисоди рақамӣ бахшида шудааст. Асосҳои назариявии таҳқиқот ба ақидаи олимони ватанию хориҷӣ ва стратегияву барномаҳое такя мекунад, ки соҳаи маориф ва низоми маблағгузории онро дар кишвар баррасӣ ва ба танзим медароранд.

Дар мақола муаллифон қайд намудаанд, ки дар шароити рақамикунонии иқтисод муносибатҳои молиявӣ дар низоми таҳсилоти олӣ тадриҷан тағйир ёфта, зарурати истифодаи шаклҳои нави маблағгузорӣ ба миён меояд, ки ин ба таъмини устувории молиявӣ ва баланд бардоштани самаранокии фаъолияти таълимӣ замина мегузорад.

Истифодаи технологияҳои рақамӣ дар банақшагирӣ, идоракунӣ ва назорати ҷараёнҳои молиявӣ имкониятҳои васеъро барои истифодаи самараноки захираҳо фароҳам меорад. Ҳамзамон, диверсификатсияи манбаҳои маблағгузорӣ, аз ҷумла грантҳо, маблағгузории лоиҳаҳои илмӣ, ҳамкорӣ бо бахши хусусӣ ва истифодаи платформаҳои рақамӣ замина барои устувории молиявӣ ва ҳамкориҳои иқтисодӣ мегардад.

Натиҷаҳои илмии таҳқиқот метавонанд ба самтҳои стратегӣ ва афзалиятноки рушди соҳаи таҳсилоти олӣ дар шароити иқтисоди муосир тақвият бахшида, аз ҷониби муассисаҳои таълимии кишвар дар амал истифода карда шаванд.

Мақсади таҳқиқот. Мақсади асосии таҳқиқот аз омӯзиш, таҳқиқ ва таҳлили ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии моделҳои пешрафтаи маблағгузории муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар давраи гузариш ба иқтисоди рақамӣ иборат аст. Дар хулосаи таҳқиқот чораҳои зарурӣ ҷиҳати такмили минбаъдаи низоми маблағгузории соҳаи таҳсилоти олӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардидааст.

Фарзияи таҳқиқот. Фарзияи таҳқиқот, ки истифодаи моделҳои пешрафтаи маблағгузорӣ ва воситаҳои рақамии идоракунии молиявӣ ба рушди устувор ва баланд бардоштани рақобатпазирии муассисаҳои таҳсилоти олӣ дар шароити иқтисоди муосир мусоидат мекунанд, мавриди омӯзиш, таҳқиқ ва таҳлил қарор дода шудааст. Пешниҳодоти муаллифони мақола барои истифодаи амалии таҳқиқот дар такмили низоми маблағгузории муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсия карда шудааст.

Таҳлили адабиёт ва гузориши масъала. Дар мақола муаллифон бештар ба стратегияҳо, консепсияҳои муосири маблағгузорӣ ва барномаҳои гуногуни соҳаи маориф ва рақамикунонӣ, инчунин корҳои илмии муҳаққиқони хориҷӣ ва ватанӣ, ки дар самти маблағгузорӣ ва рақамикунонии таҳсилоти олӣ таҳқиқоти илмӣ бурдаанд, такя намудаанд, аз ҷумла: Ҷамил Салми, Сунита Двиведи ва Шину Виг, К.А. Руфф, В.А. Лямкина ва А.Н. Акмалова, Б. Уилямсон ва Я. Комленович, У. Боуэн, Т.Л. Клячко, Б. Кларк, М. Алнези, Т.Н. Белятская ва В.С. Князкова, В.Г. Костенкова, инчунин корҳои илмии олимони ватанӣ, ба монанди: Икромӣ Н. Қ., Икромӣ Ф. Н., Шарифзода Б. Х. ва Ҳикматов С..

Муҳтавои асосӣ. Дар раванди таҳқиқот муайян гардид, ки трансформатсияи рақамӣ барои баланд бардоштани самаранокии идоракунии захираҳои молиявӣ имкониятҳои нави амалӣ ва ташкилӣ фароҳам меорад. Истифодаи системаҳои электронии баҳисобгирӣ, платформаҳои рақамии идоракунӣ ва таҳлили маълумот имкон медиҳад, ки раванди банақшагирӣ ва назорати маблағҳо дақиқтар ва шаффофтар гардад.

Бо истифода аз технологияҳои рақамӣ роҳбарияти донишгоҳҳо метавонад вазъи молиявиро дар вақти воқеӣ таҳлил намуда, самтҳои афзалиятноки хароҷотро муайян кунад ва истифодаи ғайрисамараноки маблағҳоро коҳиш диҳад. Инчунин рақамикунонӣ ба коҳиш ёфтани омилҳои коррупсионӣ ва баланд гардидани сатҳи ҳисоботдиҳӣ мусоидат менамояд.

Дар баробари ин, иқтисоди рақамӣ муносибати донишгоҳҳоро ба идоракунии стратегӣ низ тағйир медиҳад. Муассисаҳои таҳсилоти олӣ маҷбур мешаванд, ки барои ҷалби сармоягузорӣ, грантҳои байналмилалӣ, лоиҳаҳои илмӣ ва ҳамкорӣ бо бахши хусусӣ фаъолтар амал намоянд. Дар натиҷа, маблағгузорӣ хусусияти бисёрманбаа гирифта, донишгоҳҳо тадриҷан ба субъектҳои фаъоли иқтисоди донишбунёд табдил меёбанд. Ин раванд ба рушди муҳити рақобатпазир, баланд гардидани сифати таҳсил ва ворид намудани технологияҳои муосир ба фаъолияти таълимӣ ва илмӣ мусоидат мекунад.

Аз таҳлили назарияи Ҷамил Салми [13, с.85] бармеояд, ки муҳити нави маблағгузорӣ ба афзоиши рақобати байни донишгоҳҳо такя мекунад. Дар чунин шароит муассисаҳои таҳсилоти олӣ барои дарёфти манбаъҳои бештар бояд сифати хизматрасонӣ, навоварӣ ва мутобиқшавӣ ба бозори меҳнатро таъмин намоянд. Ин раванд ба он оварда мерасонад, ки маблағгузорӣ бештар ба натиҷа ва талаботи истеъмолкунандагони хизматрасонии таълимӣ вобаста мегардад.

Мавқеи Сунита Двиведи ва Шину Виг нишон медиҳад, ки технологияҳои рақамӣ, махсусан блокчейн, метавонанд шаффофият ва эътимоднокии муомилоти молиявиро дар соҳаи маориф тақвият бахшанд. Ба андешаи онҳо, рушди таҳсилот на танҳо омили ташаккули сармояи инсонӣ мебошад, балки воситаи муҳими таъмин намудани баробарии иҷтимоӣ низ ба ҳисоб меравад. Аз ин рӯ, истифодаи технологияҳои муҳофизатшудаи рақамӣ дар низоми маблағгузорӣ аҳамияти бештар касб мекунад.

К.А. Руфф дар таҳқиқоти худ нақши воситаҳои рақамиро дар рушди иқтисоди муосир махсус таъкид менамояд[8, с.0109]. Ба назари ӯ, истифодаи big data, зеҳни сунъӣ ва омӯзиши мошинӣ имконият медиҳад, ки равандҳои иқтисодӣ ва идоракунӣ бо самаранокии баланд амалӣ гарданд. Ин ақида барои муассисаҳои таҳсилоти олӣ низ муҳим мебошад, зеро идоракунии молиявӣ дар асоси таҳлили маълумоти калон метавонад ба қабули қарорҳои дақиқ мусоидат намояд.

Мавқеи В.А. Лямкина ва А.Н. Акмалова аҳамияти стратегии таҳсилотро барои рушди давлат нишон медиҳад [8, с.0106]. Онҳо таҳсилотро яке аз омилҳои асосии пешрафти иҷтимоию иқтисодӣ арзёбӣ мекунанд. Дар чунин шароит маблағгузории самараноки донишгоҳҳо ҳамчун шарти муҳимми баланд бардоштани рақобатпазирии иқтисоди миллӣ арзёбӣ мегардад.

Андешаҳои Б. Уилямсон ва Я. Комленович нишон медиҳанд, ки рақамикунонӣ ба низоми таҳсилоти олӣ имконият медиҳад, ки аз воситаҳои нави молиявӣ истифода барад[8, с.0118]. Ба андешаи онҳо, активҳои рақамӣ ва платформаҳои нави сармоягузорӣ метавонанд манбаи дарозмуддати маблағгузории муассисаҳои таҳсилоти олӣ гарданд. Ин ҳолат имконияти диверсификатсияи манбаъҳои даромадро васеъ мекунад.

У. Боуэн таъсири технологияҳои рақамиро ба коҳиши хароҷоти таҳсилот муҳим арзёбӣ менамояд. Татбиқи воситаҳои рақамӣ имконият медиҳад, ки хизматрасониҳои таълимӣ дастрастар гардида, шумораи бештари донишҷӯён ба таҳсил ҷалб карда шаванд [11, с.01]. Ҳамин тавр, технологияҳои муосир метавонанд ҳам сифати таҳсил ва ҳам самаранокии молиявии донишгоҳҳоро беҳтар намоянд.

Т.Л. Клячко принсипи «маблағ аз паи донишҷӯ»-ро ҳамчун заминаи асосии маблағгузории нормативӣ арзёбӣ мекунад [6, с.66]. Ин равиш ба он нигаронида шудааст, ки

маблағгузорӣ мутобиқ ба шумора ва талаботи донишҷӯён сурат гирад. Дар натиҷа донишгоҳҳо барои ҷалби донишҷӯён ва беҳтар намудани сифати таълим ҳавасманд мегарданд.

Б. Кларк донишгоҳи муосирро ҳамчун сохтори соҳибкор муаррифӣ менамояд [11, с.01]. Аз нуқтаи назари ӯ, муассисаҳои таҳсилоти олӣ бояд дар баробари фаъолияти таълимӣ имкониятҳои иқтисодӣ ва инноватсионӣро низ рушд диҳанд. Ин консепсия ба ташаккули донишгоҳҳои рақобатпазир ва мустақили молиявӣ мусоидат мекунад.

М. Алнези ба зарурати ташкили инфрасохтори чандири технологӣ дар донишгоҳҳо диққат медиҳад [8, с.0114]. Ӯ бар он назар аст, ки системаҳои иттилоотии мутобиқшаванда ва платформаҳои корпоративӣ метавонанд самаранокии идоракунии захираҳои молиявиро баланд бардоранд. Дар шароити иқтисоди рақамӣ чунин равиш барои таъмини устувории фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти олӣ муҳим мебошад.

Т.Н. Белятская ва В.С. Князкова мақсади асосии таҳсилоти олиро дар ташаккули сармояи рақамӣ мебинанд [11, с.01]. Ба андешаи онҳо, рушди иқтисоди электронӣ бе тайёр намудани мутахассисони дорои салоҳияти рақамӣ ғайриимкон аст. Аз ин лиҳоз, маблағгузории донишгоҳҳо бояд ба рушди технологияҳои рақамӣ ва иқтидори зеҳнӣ равона карда шавад.

В.Г. Костенкова бошад, масъалаи трансформатсияи рақамии раванди таълимро муҳим мешуморад [7, с.957]. Ӯ таъкид мекунад, ки рақамикунонӣ бояд барои ташкили таҳсили инфиродӣ ва ба натиҷа нигаронидашуда замина фароҳам оварад. Ин раванд метавонад сифати таълимро баланд бардошта, самаранокии истифодаи захираҳои молиявиро беҳтар намояд.

Ҳаминт тавр, таҳлили назарияҳои пешниҳодшуда нишон медиҳад, ки консепсияҳои муосири маблағгузории муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ бештар ба рақамикунонӣ, рақобат, шаффофият, сармояи инсонӣ ва истифодаи технологияҳои интеллектуалӣ асос меёбанд. Ҳамаи ин равандҳо ба ташаккули модели нави идоракунӣ ва маблағгузории донишгоҳҳо мусоидат намуда, онҳоро ба талаботи иқтисоди рақамии муосир мутобиқ месозанд.

Дар раванди таҳқиқот муайян карда шуд, ки моделҳои маблағгузории муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ вобаста ба сатҳи иштироки давлат дар таъмини молиявӣ, нақши воситаҳои бозорӣ ва дараҷаи мустақилияти идоракунии муассисаҳо фарқ мекунанд. Натиҷаҳои таҳлил нишон медиҳанд, ки самаранокии ҳар як модел аз мутобиқати он ба шароити иқтисодию иҷтимоӣ ва ҳадафҳои стратегии рушди кишвар вобаста буда, хусусиятҳои хоси худро дорад. Дар шароити муосир бештар чор модели асосии маблағгузорӣ мавриди истифода қарор доранд.



Расми 1. Сохтори моделҳои маблағгузории муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар шароити иқтисоди рақамӣ. Сарчашма: таҳияи муаллифон.

Маблағгузории эҳтиёҷмеҳвар (Модели А1). Ин модел яке аз шаклҳои анъанавии дастгирии давлатии таҳсилоти олӣ ба ҳисоб меравад. Дар доираи чунин низом маблағҳои буҷетӣ бевосита аз ҷониби давлат ба муассисаҳои таҳсилоти олӣ ҷудо карда мешаванд.

Давлат ҳаҷми маблағгузориро бо дарназардошти талаботи иқтисоди миллӣ, зарурати омодасозии мутахассисон ва эҳтиёҷоти иҷтимоӣ муайян менамояд. Донишгоҳҳо дар навбати худ уҳдадор мешаванд, ки мутахассисони барои давлат заруриро мутобиқи стандартҳо ва нархҳои пешакӣ мувофиқашуда омода созанд.

Ин шакли маблағгузорӣ бештар дар кишварҳое истифода мешавад, ки дар онҳо давлат нақши асосиро дар идоракунии соҳаи таҳсилот нигоҳ медорад [3]. Масалан, дар баъзе давлатҳои Аврупо, аз ҷумла Олмон ва Фаронса, қисми зиёди хароҷоти муассисаҳои таҳсилоти олӣ аз ҳисоби буҷети давлатӣ пӯшонида мешавад. Афзалияти асосии ин модел дар он аст, ки давлат метавонад дастрасии васеи аҳолиро ба таҳсилоти олӣ таъмин намуда, омодасозии кадрҳоро мутобиқи манфиатҳои миллӣ ба роҳ монад. Аммо дар айни замон вобастагии баланд аз буҷети давлатӣ метавонад сатҳи мустақилияти молиявии донишгоҳҳоро маҳдуд намояд.

Хариди хизматрасониҳои таълимӣ аз ҷониби давлат (Модели А2). Дар ин модел давлат ҳамчун фармоишгар амал намуда, барои омодасозии мутахассисон миёни муассисаҳои таҳсилоти олӣ озмун баргузор мекунад. Яъне, маблағгузорӣ ба он донишгоҳҳое дода мешавад, ки метавонанд хизматрасониҳои таълимиро бо сифати баландтар ва хароҷоти нисбатан камтар пешниҳод намоянд. Дар чунин низом муассисаҳои таълимӣ барои гирифтани фармоиши давлатӣ байни ҳам рақобат мекунанд.

Ин тартиб муҳити рақобатиро тақвият дода, муассисаҳои таҳсилоти олиро водор месозад, ки сифати таълим, самаранокии идоракунӣ ва истифодаи захираҳои молиявиро беҳтар намоянд. Давлат бошад имконият пайдо мекунад, ки маблағҳои буҷетиро нисбатан самаранок истифода барад ва хароҷоти зиёдатиро коҳиш диҳад. Дар айни замон чунин модел метавонад ба баланд гардидани сифати хизматрасониҳои таълимӣ ва мутобиқшавии муассисаҳо ба талаботи бозори меҳнат мусоидат кунад.

Маблағгузорӣ дар асоси натиҷаҳои фаъолият (Модели В). Дар шароити муосир яке аз самтҳои муҳимтарини ислоҳоти маблағгузорӣ гузариш ба модели натиҷамеҳвар ба ҳисоб меравад. Дар ин низом ҳаҷми маблағгузории буҷетӣ ба натиҷаҳои воқеии фаъолияти муассиса вобаста карда мешавад. Яъне, донишгоҳҳо на танҳо барои мавҷудияти худ, балки барои самаранокии фаъолияти таълимӣ ва илмии худ маблағ мегиранд.

Барои арзёбии фаъолияти муассисаҳо нишондиҳандаҳои гуногун истифода мешаванд. Ба онҳо шумораи хатмкунандагон, сатҳи дониш ва малакаи онҳо, мутобиқшавӣ ба бозори меҳнат, фаъолияти илмӣ-тадқиқотӣ, ҳаҷми мақолаҳои илмӣ ва ҷалби грантҳои тадқиқотӣ дохил мешаванд[3]. Ин усул донишгоҳҳоро барои баланд бардоштани сифати таълим, рушди илм ва такмили идоракунии дохилӣ ҳавасманд мегардонад. Ҳамзамон шаффофияти истифодаи маблағҳои давлатӣ низ бештар таъмин мешавад.

Маблағгузории талаботмеҳвар (Модели С). Ин модел ба принсипи «маблағ аз паси донишҷӯ» асос ёфтааст. Дар чунин низом давлат маблағро мустақиман ба муассисаи таълимӣ намедиҳад, балки донишҷӯёнро бо воситаҳои молиявӣ, аз ҷумла ваучерҳо, сертификатҳо ё грантҳои таълимӣ таъмин менамояд. Донишҷӯён бошанд мустақилона интихоб мекунанд, ки дар кадом донишгоҳ таҳсил намоянд ва маблағ ҳамроҳи онҳо ба ҳамон муассиса мегузарад.

Моҳияти асосии ин модел дар баланд бардоштани озодии интихоби донишҷӯён ва ташаккули рақобати бозорӣ байни муассисаҳои таҳсилоти олӣ ифода меёбад. Донишгоҳҳо барои ҷалби донишҷӯён маҷбур мешаванд сифати таълим, шароити таҳсил, технологияҳои таълимӣ ва обрӯи илмии худро беҳтар намоянд. Ин усул инчунин ба муассисаҳо имконият медиҳад, ки ба талаботи бозори меҳнат зудтар мутобиқ шаванд ва барномаҳои таълимиро мутобиқи ниёзҳои ҷомеа такмил диҳанд.

Ҳамин тавр, таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки моделҳои гуногуни маблағгузорӣ вобаста ба сиёсати давлатӣ ва сатҳи рушди иқтисодӣ истифода мешаванд. Бо вуҷуди

фарқиятҳо, ҳамаи ин моделҳо ба баланд бардоштани сифати таҳсилот, самаранокии истифодаи маблағҳои давлатӣ ва рушди рақобатпазирии муассисаҳои таҳсилоти олӣ равона шудаанд.

Яке аз самтҳои муҳимтарини ислоҳоти маблағгузории муассисаҳои таҳсилоти олӣ дар шароити иқтисоди рақамӣ гузариш ба низоми маблағгузории нормативии ҳарсара ба ҳисоб меравад[1]. Ин усул ба принсипе асос меёбад, ки мувофиқи он маблағгузорӣ аз шумораи воқеии донишҷӯён ва арзиши меъёрии таҳсили ҳар як нафар вобаста карда мешавад. Дар чунин низом маблағгузории давлатӣ мустақиман ба фаъолияти муассиса пайваст шуда, донишгоҳҳо барои ҷалби донишҷӯёни бештар ва баланд бардоштани сифати хизматрасониҳои таълимӣ ҳавасманд мегарданд. Низоми мазкур инчунин имкон медиҳад, ки тақсимоти маблағҳои буҷетӣ нисбатан шаффоф ва ба талаботи воқеии соҳа мутобиқ карда шавад.

Дар доираи чунин ислоҳот механизми уҳдадориҳои молиявии номии давлатӣ аҳамияти махсус пайдо мекунад. Моҳияти ин усул дар он аст, ки давлат барои ҳар як шаҳрванд маблағи муайяни дастгирии таҳсилро пешбинӣ менамояд. Ин маблағ метавонад дар шакли сертификат, ваучер ё дигар ҳуҷҷати молиявӣ пешниҳод гардад, ки донишҷӯ онро барои пардохти таҳсил дар донишгоҳи интихобкардаи худ истифода мебарад. Дар натиҷа донишгоҳҳо барои ҷалби довталабони беҳтарин байни ҳам рақобат мекунанд, зеро маблағ ҳамроҳи донишҷӯ ба муассисаи интихобшуда мегузарад. Чунин тартиб на танҳо озодии интихоби шаҳрвандонро васеъ мекунад, балки муассисаҳои таҳсилоти олиро низ водор месозад, ки сифати таълим, сатҳи хизматрасонӣ ва шароити таҳсилро пайваста такмил диҳанд.

Дар айни замон, дар шароити иқтисоди муосир масъалаи дифференсиатсияи нормативҳои маблағгузорӣ низ аҳамияти калон дорад. Нормативҳо барои ҳамаи ихтисосҳо ва минтақаҳо яксон муайян карда намешаванд, зеро хароҷоти омодасозии мутахассисон вобаста ба хусусияти соҳаҳо фарқ мекунад. Масалан, ихтисосҳои техникӣ, тиббӣ ва муҳандисӣ одатан ба таҷҳизоти гаронбаҳо, озмоишгоҳҳо ва базаи моддӣ-техникии пешрафта ниёз доранд, аз ин рӯ маблағгузории онҳо нисбат ба ихтисосҳои гуманитарӣ бештар мебошад.

Ҳамчунин сатҳи рушди иқтисодии минтақаҳо ва талаботи бозори меҳнат низ ҳангоми муайян намудани ҳаҷми маблағгузорӣ ба назар гирифта мешавад. Ин усул имкон медиҳад, ки захираҳои давлатӣ мутобиқи эҳтиёҷоти воқеии иқтисод ва ҷомеа самаранок тақсим карда шаванд.

Технологияҳои рақамӣ ба низоми идоракунии молиявии муассисаҳои таҳсилоти олӣ таъсири амиқ расонида, имкониятҳои нави назорат ва банақшагириро ба вуҷуд овардаанд. Яке аз самтҳои муҳим автоматикунонии равандҳои молиявӣ ба ҳисоб меравад. Истифодаи системаҳои электронии идоракунӣ ва зеҳни сунъӣ имкон медиҳад, ки бисёр амалиётҳои такрорӣ ва муқаррарӣ, аз ҷумла ҳисобкунии музди меҳнат, баҳисобгирии хароҷот, таҳияи ҳисобот ва назорати молиявӣ ба таври автоматикӣ анҷом дода шаванд. Ин раванд на танҳо суръати корро баланд мебардорад, балки хатогиҳои инсонӣ ва хавфи истифодаи ғайрисамараноки маблағҳоро низ коҳиш медиҳад.

ЛИТЕРАТУРА:

1. Абдукодиров, Х.А. Конкурентоспособность экономики Таджикистана в условиях членства в ВТО /Фундаментальные научные исследования. Сборник научных трудов по материалам XL Международной научно-практической конференции (г.-к. Анапа, 14 сентября 2021 г.). – Анапа: Изд-во «НИЦ ЭСП» в ЮФО, 2021. – С. 11-17.
2. Ахматова, М. Теоретические модели конкурентоспособности / М. Ахматова, Е. Попов // Маркетинг. 2023. № 4. – С. 25.
3. Береговая, И. Б. К вопросу об управлении конкурентоспособностью предприятия // Вестн. ЮУрГУ. Сер. Экономика и менеджмент. 2013. Т. 7, № 2. – С. 137–141.
4. Райкова, В. Диагностика конкурентной среды в системе маркетинга// Вестник Волжского университета им. В.Н. Татищева. – Волгоград. 2009. – С. 55.
5. Портер, М. Конкурентная стратегия: Методика анализа отраслей и конкурентов / Майкл Портер; Пер с англ. – 6-е изд. – Москва: Альпина Паблишер, 2016. – 453 с.
6. Рахимов, А.М. Проблемы повышения конкурентоспособности экономики Республики Таджикистан. – Худжанд.: Р. Джалил, 2004. – С. 49.
7. Словарь иностранных слов. – М.: Русский язык, 1988. – С. 123.
8. Улмасов, Ф.М. Повышение конкурентоспособности национальной экономики – Дисс. на соискание ученой степени к.э.н. – М.: 2009. – С. 18.
9. Фатдуддинов, Р.А. Концепция новой теории управления конкуренцией и конкурентоспособностью//Современная конкуренция. 2017. №1. – С. 65.
10. Хайруллов, Д.С., Еремеев Л.М. Устойчивость и проблемы социально-экономического развития региона // Вестник Казанского государственного аграрного университета. – Казань. - 2012. - №1. – С.73–76.
11. Хакимов, А.Х. Методология управления конкурентоспособностью предпринимательских структур (текст)// СПб.: Астерион. 2019. - 368с.
12. https://research.un.org/ru/docs/dev/1981-1990.

УДК 338.43:338.1 (575.3)

ТАЪМИНИ АМНИЯТИ ОЗУҚАВОРӢ ВА РУШДИ ИҚТИСОДИИ АҲОЛИИ ДЕҲОТ ДАР ШАРОИТИ ИҚТИСОДИЁТИ МУОСИР

ИСМОИЛЗОДА ФИРУЗ МАҲМАДАЛӢ

Доктор PhD, дотсенти кафедраи баҳисобгирии бухгалтерӣ ва аудити Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. **Суроға:** 734055, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кучаи Деҳотӣ ½. **E-mail:** Ashurov1990tguk@mail.ru. **Тел.:** (+992) 938-85-46-46.

Аннотатсия. Дар мақола масъалаҳои мубрами таъмини амнияти озуқаворӣ ва рушди иқтисодии аҳолии деҳот дар шароити иқтисодиёти муосир мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд. Таъкид мегардад, ки амнияти озуқаворӣ барои Ҷумҳурии Тоҷикистон на танҳо масъалаи иқтисодӣ, балки масъалаи муҳимми иҷтимоӣ ва стратегӣ ба ҳисоб меравад, зеро қисми зиёди аҳолии кишвар дар деҳот зиндагӣ намуда, сатҳи зиндагӣ ва даромади онҳо бо рушди соҳаи кишоварзӣ ва фаъолияти истеҳсолии деҳот алоқаманд мебошад.

Дар мақола тамоюли рушди соҳаи кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи солҳои 2015–2024 дар асоси маълумоти омории расмӣ таҳлил гардида, тағйирёбии шумораи хоҷагиҳои кишоварзӣ, афзоиши хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ), ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти растанипарварӣ ва чорвопарварӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Нишон дода шудааст, ки рушди устувори соҳаи аграрӣ ба афзоиши шуғли аҳолии деҳот, баланд гардидани даромади оилаҳо, истифодаи самараноки захираҳои замин ва таҳкими амнияти озуқаворӣ кишвар мусоидат менамояд. Дар таҳқиқот ба масъалаҳои истифодаи самараноки заминҳои кишоварзӣ, таҷдиди шабакаҳои обёрӣ, ҷорӣ намудани технологияҳои муосири истеҳсолӣ, баланд бардоштани ҳосилнокии зироатҳо ва рушди коркарди маҳсулоти кишоварзӣ диққати махсус дода шудааст. Муайян карда шудааст, ки танҳо зиёд намудани ҳаҷми истеҳсоли кишоварзӣ барои рушди устувори деҳот кофӣ набуда, рушди соҳибкории хурду миёна, ташкили ҷойҳои нави корӣ ва диверсификатсияи иқтисодиёти деҳот низ аҳамияти муҳим доранд.

Калидвожаҳо: амнияти озуқаворӣ, кишоварзӣ, иқтисодиёти деҳот, аҳолии деҳот, хоҷагиҳои деҳқонӣ, бахши аграрӣ, истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ, рушди устувор, технологияҳои муосир, истифодаи самараноки замин, Ҷумҳурии Тоҷикистон.

ОБЕСПЕЧЕНИЕ ПРОДОВОЛЬСТВЕННОЙ БЕЗОПАСНОСТИ И ЭКОНОМИЧЕСКОЕ РАЗВИТИЕ СЕЛЬСКОГО НАСЕЛЕНИЯ В УСЛОВИЯХ СОВРЕМЕННОЙ ЭКОНОМИКИ

ИСМОИЛЗОДА ФИРУЗ МАХМАДАЛИ

Доктор PhD, доцент, кафедры бухгалтерский учет и аудит, Таджикский государственный университеть коммерции. **Адрес:** 734055, Республика Раджикистан, г. Душанбе, улица Дехоти ½. **E-mail:** Ashurov1990tguk@mail.ru. **Тел.:** (+992) 938-85-46-46.

Аннотатсия. В статье рассматриваются актуальные вопросы обеспечения продовольственной безопасности и развития экономического потенциала сельского населения Республики Таджикистан в условиях современной экономики. Отмечается, что продовольственная безопасность является не только экономической, но и социальной и стратегической задачей государства, поскольку значительная часть населения страны проживает в сельской местности и непосредственно связана с аграрным сектором.

В работе проведён анализ основных тенденций развития сельского хозяйства Республики Таджикистан за 2015–2024 годы, включая динамику количества сельскохозяйственных предприятий, рост числа дехканских (фермерских) хозяйств, изменение объёмов производства продукции растениеводства и животноводства. На основе статистических данных показано, что развитие аграрного сектора оказывает положительное влияние на занятость населения, рост доходов сельских домохозяйств и укрепление

продовольственной безопасности страны. Особое внимание уделено проблемам эффективного использования земельных ресурсов, совершенствованию ирригационной системы, внедрению современных технологий производства, повышению урожайности сельскохозяйственных культур и развитию перерабатывающей промышленности в сельской местности. Обосновано, что устойчивое развитие сельских территорий невозможно обеспечить только за счёт роста сельскохозяйственного производства, поэтому важное значение имеют развитие малого и среднего предпринимательства, создание новых рабочих мест и диверсификация экономики села.

Ключевые слова: продовольственная безопасность, сельское хозяйство, сельское население, сельская экономика, дехканские хозяйства, аграрный сектор, производство сельскохозяйственной продукции, устойчивое развитие, инновационные технологии, Республика Таджикистан.

ENSURING FOOD SECURITY AND ECONOMIC DEVELOPMENT OF RURAL POPULATION UNDER THE CONDITIONS OF THE MODERN ECONOMY

ISMOILZODA FIRUZ MAKHMADALI
PhD, Associate Professor, Department of Accounting and Auditing, Tajik State University of Commerce. **Address:** 734055, Republic of Rajikistan, Dushanbe, Dekhoti Street ½.
E-mail: Ashurov1990tguk@mail.ru. **Tel.:** (+992) 938-85-46-46.

Abstract. The article examines the current issues of ensuring food security and developing the economic potential of the rural population of the Republic of Tajikistan under modern economic conditions. It emphasizes that food security is not only an economic but also a social and strategic priority of the state, since a significant part of the country's population lives in rural areas and depends directly on agricultural activities.

The study analyzes the main trends in the development of agriculture in the Republic of Tajikistan during 2015–2024, including changes in the number of agricultural enterprises, the growth of dehkan (farming) households, and the dynamics of crop and livestock production. Based on statistical data, it is demonstrated that the development of the agricultural sector contributes to increasing employment, improving rural household incomes, and strengthening national food security. Particular attention is paid to the efficient use of agricultural land resources, modernization of irrigation systems, introduction of modern agricultural technologies, improvement of crop productivity, and development of agricultural processing industries in rural areas. The study highlights that sustainable rural development cannot be achieved solely through increasing agricultural production; therefore, the development of small and medium-sized enterprises, job creation, and economic diversification in rural areas are of great importance.

Keywords: food security, agriculture, rural population, rural economy, dehkan farms, agricultural sector, agricultural production, sustainable development, innovative technologies, Republic of Tajikistan.

Муқаддима. Дар шароити ҷаҳони муосир ҳар як кишвари соҳибистиқлол талош менамояд, ки талаботи дохилии худро то ҳадди имкон аз ҳисоби захираҳои худӣ таъмин намояд. Раванди ташаккули ҷаҳони бисёркутбӣ низ саривақтӣ ва муҳим будани ин масъаларо бори дигар таъкид менамояд. Имрӯз давлатҳо дар шароите қарор доранд, ки аҳолии онҳо пайваста афзоиш ёфта, тағйирёбии иқлим ба истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ таъсири манфӣ мерасонад ва бозорҳои ҷаҳонӣ ба ноустуворӣ рӯ ба рӯ мешаванд. Дар чунин шароит масъалаи таъмини амнияти озуқаворӣ аҳамияти бештар касб менамояд. Ҳар як давлат талош меварзад, ки барои шаҳрвандони худ шароити муносиб фароҳам оварда, вобастагии худро аз воридоти маҳсулоти озуқаворӣ коҳиш диҳад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон низ ҳамчун узви комилҳуқуқи ҷомеаи ҷаҳонӣ аз ин равандҳо бетаъсир намонда, масъалаи таъмини амнияти иқтисодӣ ва худкифоиро яке аз ҳадафҳои муҳими сиёсати иқтисодии худ муайян намудааст. Таъмини амнияти озуқаворӣ барои кишвар на танҳо масъалаи иқтисодӣ, балки масъалаи муҳими иҷтимоӣ ва миллӣ низ ба ҳисоб меравад, зеро қисми зиёди аҳолии кишвар дар деҳот зиндагӣ намуда, рӯзгори онҳо бевосита бо фаъолияти кишоварзӣ алоқаманд мебошад. Рушди иқтисодиёти деҳот ба сатҳи даромад, шуғл ва некӯаҳволии аҳолӣ таъсири бевосита дошта, таъмини амнияти озуқаворӣ дар ин замина яке аз омилҳои муҳими рушди иҷтимоию иқтисодии кишвар ба ҳисоб меравад.

Бояд гуфт, ки Тоҷикистон дар солҳои аввали соҳибистиқлолӣ роҳи пурмашаққати рушди иқтисодиро тай намуда, оқибатҳои ҷанги шаҳрвандӣ, буҳрони иқтисодӣ, аз байн рафтани беш аз 35 ҳазор манзили истиқоматӣ, коргоҳу корхонаҳои саноатӣ ва коҳиш ёфтани иқтидори истеҳсолӣ ба сатҳи зиндагии мардум таъсири манфӣ расониданд. Дар чунин шароит масъалаи таъмини аҳолӣ бо маҳсулоти озуқаворӣ ба яке аз вазифаҳои муҳимтарини давлат табдил ёфта, ислоҳоти замин ва ҷудо намудани қитъаҳои замин ба аҳолӣ яке аз тадбирҳои аввалиндараҷа барои рушди истеҳсолоти маҳсулоти кишоварзӣ ва коҳиш додани сатҳи камбизоатӣ мусоидат намуд.

Хушбахтона имрӯз дар доираи сиёсати созанда ва бунёдкоронаи Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон натиҷаҳои он ислоҳот ба таври возеҳ ва равшан мушоҳида гардида, дар бештаре аз минтақаҳои кишварамон ҳазорон хоҷагиҳои деҳқонӣ ташкил ёфта, мардум тавонистанд имкониятҳои нави истеҳсолиро истифода баранд. Маҳз ҷудо намудани заминҳои кишоварзӣ тавонист сатҳи зиндагии аҳолиро тағйир дода, бозорҳои дохилӣ аз маҳсулотҳои кишоварзӣ, аз ҷумла картошка, сабзавот, мева ва дигар маҳсулотҳои истеҳсоли ватанӣ таъмин гардад.

Мақолаи мазкур ба таҳлили вазъи рушди соҳаи кишоварзӣ, арзёбии нақши хоҷагиҳои деҳқонӣ дар таъмини амнияти озуқаворӣ ва муайян намудани самтҳои асосии рушди иқтисодии аҳолии деҳот дар шароити иқтисодиёти муосир равона гардидааст.

Аҳамияти мавзӯъ. Рушди соҳаи кишоварзӣ ва иқтисодиёти деҳот дар шароити муосир яке аз омилҳои муҳими рушди устувори иқтисоди миллӣ ба ҳисоб рафта, истифодаи самараноки заминҳои кишоварзӣ ва дигар захираҳои истеҳсолӣ, баланд бардоштани ҳосилнокӣ ва рушди истеҳсолоти кишоварзӣ ба афзоиши даромади аҳолии деҳот ва беҳтар гардидани сатҳи зиндагии онҳо мусоидат менамояд. Дар ин замина, таҳлили вазъи иқтисодиёти деҳот, муайян намудани омилҳои таъсиррасон ба фаъолияти хоҷагиҳои кишоварзӣ ва таҳияи роҳҳои баланд бардоштани самаранокии истеҳсолот аҳамияти муҳим дорад.

Дараҷаи омӯзиши масъала. Масъалаҳои болозикр дар таҳқиқоти як қатор олимони ватанӣ ва хориҷӣ мавриди омӯзиш қарор гирифта, ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии рушди устувори соҳаи кишоварзӣ, ташаккули муносибатҳои нави хоҷагидорӣ ва истифодаи самараноки захираҳои истеҳсолӣ дар корҳои илмии олимони иқтисодшинос, аз ҷумла А.Смит, Д.Рикардо, Т.Малтус, ки масъалаҳои истеҳсолоти кишоварзӣ ва нақши захираҳои заминро дар рушди иқтисодӣ баррасӣ намудаанд, таҳқиқ шудаанд.

Дар таҳқиқоти олимони муосир, аз ҷумла Ҷ. фон Браун (Joachim von Braun), М. Смал (M. Smale), Ҳ. де Ҳан (Hans de Haen) масъалаҳои амнияти озуқаворӣ, дастрасии аҳолӣ ба маҳсулоти ғизоӣ ва рушди устувори кишоварзӣ мавриди омӯзиш қарор гирифтаанд.

Аз ҷумлаи муҳаққиқони ватанӣ, масъалаҳои мазкур дар корҳои илмии Қ.Х. Барфиев, Э.Ш. Зарипов, Ф.М. Ашуров, Ф.М. Аҳмадов ва дигарон мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд. Дар таҳқиқоти онҳо асосан масъалаҳои рушди иқтисодии деҳот, таъсири омилҳои иқтисодию демографӣ ба сатҳи зиндагии аҳолӣ, рушди муносибатҳои бозорӣ ва такмили сиёсати аграрӣ баррасӣ шудаанд.

Бо вуҷуди мавҷудияти таҳқиқоти назариявӣ ва амалӣ, масъалаҳои вобастагии мутақобилаи рушди истеҳсолоти кишоварзӣ, таъмини амнияти озуқаворӣ ва баланд бардоштани иқтидори иқтисодии аҳолии деҳот дар шароити тағйирёбандаи иқтисоди муосир

то ҳол омӯзиши минбаъдаро талаб менамоянд. Зеро таҳлили тамоюлҳои рушди соҳаи кишоварзӣ ва муайян намудани самтҳои такмили рушди иқтисодии деҳот яке аз масъалаҳои мубрами таҳқиқоти илмӣ ба ҳисоб меравад.

Зарурати таҳқиқ. Таҳқиқи масъалаи таъмини амнияти озуқаворӣ ва рушди иқтисодии аҳолии деҳот аз он вобаста аст, ки дар шароити муосир тағйирёбии иқлим, афзоиши талабот ба маҳсулоти озуқаворӣ, маҳдуд будани захираҳои истеҳсолӣ ва таъсири омилҳои беруна ба бозорҳои ҷаҳонӣ барои рушди устувори соҳаи кишоварзӣ мушкилоти нав ба миён меоранд. Бинобар ин, барои Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки қисми зиёди аҳолии он дар минтақаҳои деҳот зиндагӣ менамоянд, сатҳи зиндагии онҳо бо фаъолияти кишоварзӣ алоқаманд буда, ҳалли масъалаҳои мазкур аҳамияти муҳим дорад.

Бо вуҷуди пешрафтҳои бадастомада дар соҳаи кишоварзӣ, зарурати баланд бардоштани самаранокии истифодаи заминҳои кишоварзӣ, навсозии инфрасохтори истеҳсолӣ, ҷорӣ намудани технологияҳои муосир, рушди коркарди маҳсулоти кишоварзӣ ва васеъ намудани имкониятҳои шуғли аҳолии деҳот имрӯз муҳим арзёбӣ мегардад. Бинобар ин, таҳқиқи омилҳои таъсиррасон ба амнияти озуқаворӣ ва муайян намудани самтҳои асосии рушди иқтисодии деҳот барои таҳияи роҳҳои самараноки таъмини рушди устувори иқтисодию иҷтимоии кишвар зарур мебошад.

Гузориши масъала. Дар мақолаи мазкур масъалаи таъмини амнияти озуқаворӣ ва рушди иқтисодии аҳолии деҳот дар шароити иқтисодиёти муосир мавриди таҳқиқ қарор дода мешавад. Мақсад аз таҳқиқ муайян намудани нақши рушди соҳаи кишоварзӣ, фаъолияти хоҷагиҳои деҳқонӣ ва истифодаи самараноки захираҳои истеҳсолӣ дар баланд бардоштани сатҳи даромад, шуғл ва шароити зиндагии аҳолии деҳот арзёбӣ мегардад.

Илова бар ин, омӯзиши равандҳои рушди соҳаи кишоварзӣ ва муайян намудани имкониятҳои баланд бардоштани самаранокии иқтисодиёти деҳот ҷиҳати ноил шудан ба вазифаҳои зерин мувофиқи мақсад мебошад, аз ҷумла:

– арзёбии фаъолияти хоҷагиҳои деҳқонӣ;

– таҳлили истифодаи замин ва захираҳои истеҳсолӣ;

– муайян намудани омилҳои таъсиррасон ба рушди иқтисодиёти деҳот;

– пешниҳоди роҳҳои такмили рушди устувори соҳаи кишоварзӣ.

Ҳалли масъалаҳои мазкур имкон медиҳад, ки робитаи байни рушди бахши кишоварзӣ, таҳкими амнияти озуқаворӣ ва беҳтар гардидани вазъи иҷтимоию иқтисодии аҳолии деҳот муайян карда шуда, барои такмили сиёсати рушди деҳот пешниҳодҳои асосноки илмӣ таҳия карда шаванд.

Омили мазкур барои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар баробари афзалиятҳои иқтисодӣ доштанаш паҳлуҳои иҷтимоӣ ва миллӣ низ доранд. Зеро қисми бештари аҳолии кишвар дар деҳот зиндагӣ намуда, рӯзгори онҳо бевосита бо фаъолияти кишоварзӣ алоқаманд мебошад. Ҳамзамон, даромади оилаҳои деҳот, таъмини онҳо бо ҷойи кор, имконияти таҳсил ва зиндагии шоиста бештар аз сатҳи рушди иқтисодиёти деҳот алоқаманд аст. Бинобар ин, вақте сухан дар мавриди амнияти озуқаворӣ меравад, дар асл ҳадаф шароити зиндагии миллионҳо сокинони деҳот арзёбӣ мегардад.

Таҳлили маълумоти диаграммаи 1 нишон медиҳад, ки дар сохтори субъектҳои хоҷагидории соҳаи кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи солҳои 2015–2024 тағйироти назаррас ба амал омадааст. Аз ҷумла, шумораи хоҷагиҳои давлатии кишоварзӣ тамоюли коҳишёбӣ дошта, аз 183 адад дар соли 2015 то 159 адад дар соли 2020 ва ба 157 адад дар соли 2024 расидааст. Дар маҷмӯъ, дар ин давра шумораи онҳо 26 адад ё 14,2 фоиз кам гардидааст. Ин раванд аз идомаи ислоҳоти соҳавӣ, таҷдиди сохтори хоҷагиҳои давлатӣ ва афзоиши нақши шаклҳои гуногуни хоҷагидорӣ дар иқтисодиёти аграрӣ шаҳодат медиҳад.

Дар баробари ин, шумораи хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) тамоюли устувори афзоишро нишон медиҳад. Агар дар соли 2015 шумораи онҳо 123 379 ададро ташкил дода бошад, пас ин нишондиҳанда дар соли 2020 ба 179 005 адад ва дар соли 2024 ба 179 818 адад расидааст.

Диаграммаи 1

Шумораи корхонаҳо ва ташкилотҳои кишоварзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон давоми солҳои 2015-2024

(воҳид)



Сарчашма: таҳияи муаллиф дар асоси маълумотҳои омории Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон – 2025. С. 279

Дар муқоиса бо соли 2015 шумораи хоҷагиҳои деҳқонӣ 56 439 адад ё тақрибан 45,7 фоиз зиёд шудааст. Ин нишондиҳанда аз рушди муносибатҳои бозорӣ дар соҳаи кишоварзӣ, тақвияти шакли хоҷагидории деҳқонӣ ва самаранокии тадбирҳои давлатии дастгирии соҳибкорӣ дар деҳот шаҳодат медиҳад [8].

Афзоиши шумораи хоҷагиҳои деҳқонӣ, пеш аз ҳама, ба татбиқи ислоҳоти соҳаи кишоварзӣ, тақсимоти замин, беҳтар гардидани дастрасӣ ба захираҳои истеҳсолӣ, дастгирии давлатии истеҳсолкунандагони кишоварзӣ ва фароҳам овардани шароити мусоид барои фаъолияти соҳибкорӣ вобаста мебошад.

Аз ин рӯ, хоҷагиҳои деҳқонӣ имрӯз ба яке аз шаклҳои асосии истеҳсолоти кишоварзӣ табдил ёфта, дар таъмини амнияти озуқаворӣ, баланд бардоштани сатҳи шуғли аҳолии деҳот ва рушди устувори иқтисодиёти аграрии мамлакат нақши муҳим мебозанд.

Дар ин радиф, ташаккули ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ бо рушди иҷтимоию иқтисодии деҳот робитаи мустақим дорад. Афзоиши шумораи хоҷагиҳои деҳқонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон на танҳо ба зиёд гардидани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ мусоидат намудааст, балки ба рушди деҳот низ такони ҷиддӣ бахшидааст. Фаъолияти хоҷагиҳои деҳқонӣ ба таъсиси ҷойҳои нави корӣ, баланд гардидани сатҳи шуғли аҳолии деҳот, афзоиши даромади оилаҳо ва истифодаи самараноки захираҳои замин мусоидат мекунад.

Нишондиҳандаҳои даромад ва хароҷоти аҳолӣ ҳамчун категорияҳои асосӣ дар самти баҳодиҳии сатҳи зиндагии аҳолӣ истифода бурда мешаванд. Аз ин рӯ барои арзёбии талаботи истеъмолии аҳолӣ бештар нишондиҳандаҳои даромади пулӣ ва хароҷотҳои аҳолиро истифода бурдан бомаврид мебошад [2, с. 105].

Ҳамзамон, дастгирии давлатии рушди соҳибкорӣ дар бахши кишоварзӣ, аз ҷумла ҷудо намудани замин, пешниҳоди қарзҳои имтиёзнок, татбиқи барномаҳои давлатии рушди деҳот ва соҳаи кишоварзӣ, барои ташаккули иқтидори истеҳсолии деҳот заминаи мусоид фароҳам овардааст.

Дар натиҷа, хоҷагиҳои деҳқонӣ имрӯз ба субъекти асосии истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ табдил ёфта, дар таъмини амнияти озуқаворӣ, паст намудани сатҳи камбизоатӣ ва рушди устувори минтақаҳои деҳот нақши муҳим мебозанд. (нигаред ба ҷадвали 1.)

Ҷадвали 1. Тамоюли ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон давоми солҳои 2015-2024

(млн. сомонӣ)

№	Номгуи маҳсулот	Солҳо		
1	**Ҳамагӣ**	**2015**	**2020**	**2024**
		39057,0	**53235,2**	**73976,6**
аз он ҷумла:				
2	Растанипарварӣ	27143,4	36919,4	50984,9
3	Чорвопарварӣ	11913,6	16315,8	22991,7

Сарчашма: таҳияи муаллиф дар асоси маълумотҳои омории Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон – 2025. С. 281

Маълумоти ҷадвали 1 нишон медиҳад, ки дар давраи солҳои 2015–2024 ҳаҷми умумии истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тамоюли устувори афзоиш доштааст. Агар дар соли 2015 ҳаҷми умумии истеҳсолот 39 057,0 млн сомониро ташкил дода бошад, пас ин нишондиҳанда дар соли 2020 ба 53 235,2 млн сомонӣ ва дар соли 2024 ба 73 976,6 млн сомонӣ расидааст. Дар муқоиса бо соли 2015 ҳаҷми истеҳсолоти кишоварзӣ 34 919,6 млн сомонӣ ё тақрибан 89,4 фоиз афзоиш ёфтааст. Ин нишондиҳанда аз рушди устувори соҳаи кишоварзӣ ва баланд гардидани иқтидори истеҳсолии кишвар шаҳодат медиҳад.

Дар таркиби истеҳсолот саҳми асосиро соҳаи растанипарварӣ ташкил медиҳад. Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти растанипарварӣ аз 27 143,4 млн сомонӣ дар соли 2015 то 36 919,4 млн сомонӣ дар соли 2020 ва ба 50 984,9 млн сомонӣ дар соли 2024 расида, нисбат ба соли 2015 23 841,5 млн сомонӣ ё 87,8 фоиз зиёд гардидааст. Ин тамоюл аз самаранок истифода гардидани захираҳои замин, васеъ гардидани майдонҳои кишт, беҳтар шудани ҳосилнокӣ ва амалисозии чораҳои давлатии дастгирии истеҳсолкунандагони соҳаи растанипарварӣ шаҳодат медиҳад.

Ҳамзамон, дар соҳаи чорвопарварӣ низ афзоиши устувор ба назар мерасад. Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти чорвопарварӣ аз 11 913,6 млн сомонӣ дар соли 2015 ба 16 315,8 млн сомонӣ дар соли 2020 ва ба 22 991,7 млн сомонӣ дар соли 2024 расида, дар маҷмӯъ 11 078,1 млн сомонӣ ё 93,0 фоиз зиёд шудааст. Суръати баланди рушди чорвопарварӣ ба зиёд гардидани саршумори чорво, беҳтар шудани заминаи хӯроки чорво, рушди хоҷагиҳои деҳқонӣ ва афзоиши талаботи бозор ба маҳсулоти чорводорӣ вобаста мебошад [9].

Дар маҷмӯъ, афзоиши ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ нишон медиҳад, ки ислоҳоти аграрӣ, рушди хоҷагиҳои деҳқонӣ ва тадбирҳои давлатии дастгирии соҳаи кишоварзӣ ба рушди иқтисодиёти деҳот таъсири мусбат расонидаанд. Зиёд шудани ҳаҷми истеҳсолот ба баланд гардидани даромади аҳолии деҳот, ташкили ҷойҳои нави корӣ, беҳтар шудани сатҳи зиндагии аҳолӣ ва таҳкими амнияти озуқавории мамлакат мусоидат намуда, барои рушди устувори деҳот заминаи мусоид фароҳам овардааст.

Бо вуҷуди пешрафтҳои назаррас дар соҳаи кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар ин бахши муҳими иқтисоди миллӣ ҳанӯз ҳам як қатор масъалаҳои ҷиддӣ боқӣ мондаанд. Яке аз масъалаҳои муҳимтарини соҳа истифодаи самараноки заминҳои кишоварзӣ мебошад, зеро Тоҷикистон кишвари кӯҳсор буда, зиёда аз 93 фоизи ҳудуди онро кӯҳҳо ташкил медиҳанд. Аз ин рӯ, захираҳои заминҳои барои кишоварзӣ мувофиқ маҳдуд буда, истифодаи оқилона ва самараноки ҳар як қитъаи замини корам аҳамияти стратегӣ дорад. Дар чунин шароит баланд бардоштани ҳосилнокии заминҳо ва истифодаи технологияҳои муосири истеҳсолот яке аз роҳҳои асосии таъмини рушди устувори соҳаи кишоварзӣ ва амнияти озуқавории кишвар ба ҳисоб меравад.

Тибқи маълумоти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар соли 2024 масоҳати кишти зироатҳои кишоварзӣ 862,7 ҳазор гектарро ташкил дода, аз ин миқдор 390,2 ҳазор гектар ба кишти зироатҳои ғалладона ва лӯбиёгиҳо, 196,5 ҳазор гектар ба зироатҳои техникӣ, 64,5 ҳазор гектар ба картошка, 75,2 ҳазор гектар ба сабзавот, 25,1 ҳазор гектар ба полезиҳо ва қисми боқимонда ба зироатҳои хӯроки чорво ва дигар намудҳои

зироатҳо рост меояд. Ин нишондиҳандаҳо аз он шаҳодат медиҳанд, ки қисми зиёди заминҳои кишт барои истеҳсоли маҳсулоти дорои аҳамияти стратегӣ, пеш аз ҳама зироатҳои ғалладона, равона гардида, истеҳсоли онҳо асосан дар минтақаҳои деҳот ва хоҷагиҳои кишоварзӣ сурат мегирад [1].

Бо вуҷуди ин, дар бисёр минтақаҳои ҷумҳурӣ имкониятҳои истеҳсолии заминҳо пурра истифода намешаванд. Дар баъзе хоҷагиҳо ҳосилнокии зироатҳои асосӣ аз сатҳи меъёрӣ паст буда, ин ҳолат ба омилҳое, аз қабили риоя нагардидани талаботи агротехникӣ, истифодаи нокифояи тухмиҳои хушсифат, фарсуда будани техникаи кишоварзӣ, норасоии нуриҳои минералӣ ва органикӣ, инчунин камбуди оби полезӣ вобаста мебошад. Аз ин рӯ, танҳо зиёд намудани майдони кишт наметавонад масъалаи таъмини амнияти озуқавориро ҳал намояд. Зарур аст, ки пеш аз ҳама самаранокии истифодаи заминҳои мавҷуда баланд бардошта шуда, тавассути ҷорӣ намудани технологияҳои муосир, истифодаи навъҳои серҳосили зироатҳо ва риояи талаботи илмии парвариш аз ҳар як гектар ҳосили бештар ба даст оварда шавад. Ин тадбирҳо метавонанд ба афзоиши истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ, баланд шудани даромади истеҳсолкунандагон ва таъмини бозори дохилӣ бо маҳсулоти ватанӣ мусоидат намоянд.

Бо вуҷуди ин, дар бисёр минтақаҳои ҷумҳурӣ ҳосилнокии заминҳо аз имкониятҳои воқеии онҳо пасттар мебошад. Масалан, дар баъзе хоҷагиҳо ҳосили гандум аз як гектар ҳамагӣ 25–30 сентнер-ро ташкил медиҳад, дар ҳоле ки бо истифодаи технологияҳои муосири кишоварзӣ ва риояи қоидаҳои агротехникӣ ин нишондиҳанда метавонад ба 45–60 сентнер расонида шавад. Ҳамчунин, ҳосилнокии пахта дар бисёр хоҷагиҳо аз 20–25 сентнер аз як гектар зиёд нест, гарчанде ки иқтидори воқеии заминҳо барои гирифтани ҳосили бештар мавҷуд аст.

Сабабҳои асосии чунин вазъият гуногунанд. Пеш аз ҳама, қисми зиёди техникаи кишоварзии истифодашаванда кӯҳна ва фарсуда мебошад. Тибқи маълумоти расмӣ, зиёда аз 60 фоизи техникаи кишоварзӣ муҳлати истифодаи муқарраргардидаи худро гузаштааст, ки ин боиси паст шудани сифати корҳои саҳроӣ мегардад. Илова бар ин, на ҳамаи деҳқонон ба тухмиҳои сертификатдор ва серҳосил дастрасӣ доранд.

Камбуди нуриҳои минералӣ ва гаронии нархи онҳо низ ба паст шудани ҳосилнокӣ таъсири манфӣ мерасонад. Дар баробари ин, сатҳи дониши агротехникии баъзе кишоварзон ба талаботи муосир ҷавобгӯ нест, ки боиси истифодаи ғайрисамараноки захираҳои замин ва об мегардад.

Дар шароити афзоиши мунтазами шумораи аҳолӣ ва зиёд гардидани талаботи бозори дохилӣ ба маҳсулоти ғизоӣ, самаранок истифода бурдани заминҳои кишоварзӣ яке аз самтҳои муҳимми рушди соҳа ба ҳисоб меравад. Маҳдудияти заминҳои корам ва афзоиши талабот ба маҳсулоти кишоварзӣ зарурати баланд бардоштани ҳосилнокии ҳар як воҳиди заминро ба миён оварда, дар баробари ин, афзоиши ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ бояд ба истифодаи инноватсия, навсозии воситаҳои истеҳсолӣ ва беҳтар намудани таъминоти хоҷагиҳои деҳқонӣ бо захираҳои зарурӣ асос ёбад. Бинобар ин, таъмин намудани кишоварзон бо тухмиҳои хушсифат, нуриҳои минералӣ, техникаи муосир ва истифодаи усулҳои каммасрафи обёрӣ нақши муҳим дорад. Ҳамзамон, баланд бардоштани сатҳи саводнокии агротехникӣ ва малакаҳои касбии истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ тавассути омӯзиш, машварат ва паҳн намудани таҷрибаҳои пешқадам метавонад ба афзоиши самаранокии истеҳсолот мусоидат намояд. Дар натиҷа, фароҳам овардани чунин шароит имконият медиҳад, ки иқтидори истеҳсолии заминҳои кишоварзӣ беҳтар истифода шуда, ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти ғизоӣ афзоиш ёбад ва заминаҳои устувори таъмини аҳолӣ бо озуқа таҳким пайдо кунанд.

Бисёрфарзандӣ дар давраи аввали реформаи иқтисодиётӣ ба таври манфӣ ба тарзи ҳаёти иқтисодии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсир намуд. На ҳамаи омилҳо имконияти пешбурди ҳаёти оилавиро доштанд ва имконияти таъмин кардани онро аз ҷиҳати молиявӣ ва барои рушди босифати иқтидори инсониро аз даст дода буданд. Ин ҳолатро Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон “Аномалияи демографӣ” ном гузошт, ки дар ҷараёни он захираҳои

иқтисодӣ танҳо барои мақсадҳои истеъмолӣ, на барои рушди босифати инсонӣ истифода мешуданд. Дар ин ҳолати бавуҷудомада нақши назаррасро омили иқтисодӣ – демографӣ бозид [3, с. 72].

Дар баробари самаранок истифода бурдани заминҳои кишоварзӣ масъалаи таҷдиди шабакаҳои оббиёрӣ ва инфрасохтори обӣ низ аҳамияти бештар пайдо мекунад. Бо вуҷуди он ки Тоҷикистон дорои захираҳои бузурги обӣ мебошад ва зиёда аз 60 фоизи захираҳои оби Осиёи Марказӣ дар ҳудуди кишвари мо ташаккул меёбанд, истифодаи самараноки ин захираҳо ҳанӯз ҳам мушкилоти ҷиддӣ дорад. Тибқи маълумоти расмии Вазорати энергетика ва захираҳои оби Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар кишвар зиёда аз 720 ҳазор гектар заминҳои обёришаванда мавҷуд буда, қисми зиёди онҳо аз шабакаҳои обёрии солҳои 1960–1980 истифода мебаранд. Дар натиҷаи фарсудашавии каналҳо ва иншооти гидротехникӣ, дар баъзе минтақаҳо то 30–40 фоизи об ҳангоми интиқол талаф меёбад. Ин вазъ ба самаранокии истеҳсолоти кишоварзӣ таъсири манфӣ расонида, хароҷоти истеҳсолиро бештар хоҳад кард.

Бо мақсади ҳалли ин мушкилот солҳои охир дар ҷумҳурӣ барномаҳои таҷдиди шабакаҳои обёрӣ мавриди амал қарор гирифта, дар доираи ҳамкориҳо бо Бонки Ҷаҳонӣ, Бонки Осиёии Рушд ва дигар шарикон садҳо километр каналҳои обёрӣ ва пойгоҳҳои обкашӣ таъмиру навсозӣ гардидаанд. Ҳамзамон, истифодаи усулҳои каммасрафи обёрӣ, аз ҷумла обёрии қатрагӣ ва боронӣ, тадриҷан васеъ гардида, таҷрибаи кишварҳои пешрафтаи кишоварзӣ нишон медиҳад, ки истифодаи обёрии қатрагӣ имкон медиҳад аз 30 то 50 дарсади обҳо сарфа шуда, ҳосилнокии зироатҳои кишоварзӣ то 40 дарсад зиёд гардад. Ин тадбирандешиҳо барои кишвари мо, ки тағйирёбии иқлим ва камшавии пиряхҳо ба захираҳои об таъсир мерасонанд, аҳамияти стратегӣ дорад.

Амнияти озуқаворӣ танҳо аз афзоиши ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ вобаста набуда, балки барои беҳтар гардидани сатҳи зиндагии аҳолии деҳот ва рушди дигар бахшҳои иқтисодӣ низ аҳамияти калон дорад.

Тибқи маълумоти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, зиёда аз 70 фоизи аҳолии кишвар дар деҳот зиндагӣ мекунанд ва қисми зиёди онҳо дар соҳаи кишоварзӣ фаъолият доранд. Аммо саҳми кишоварзӣ дар маҷмӯи маҳсулоти дохилии кишвар тақрибан 22–25 дарсадро ташкил медиҳад, ки ин нишондод барои афзоиши даромади аҳолӣ кофӣ нест [4].

Имрӯз дар бисёр деҳаҳои Тоҷикистон имкониятҳои васеи рушди соҳибкорӣ мавҷуд буда, коркарди маҳсулоти кишоварзӣ, ҳунарҳои мардумӣ, сайёҳӣ, хизматрасонӣ ва сохтмон метавонанд ба манбаи муҳимми даромади аҳолӣ табдил ёбанд. Агар маҳсулоти истеҳсолшуда дар дохили кишвар коркард гардад, арзиши иловагӣ афзоиш меёбад ва даромади истеҳсолкунандагон бештар шавад, онгоҳ маҳсулоти истеҳсолнамудаи ватанӣ метавонад афзоиши арзиши иловашуда ва ҳам суръути содиротии худро тақвият бахшад.

Дар шароити ҷаҳонишавӣ рақобат дар бозорҳо беш аз пеш шадидтар гардида, барои нигоҳ доштани мавқеи маҳсулоти ватанӣ сифати он бояд ба талаботи бозор ҷавобгӯ бошад. Истеҳсолкунандагон дар баробари зиёд намудани ҳаҷми истеҳсолот бояд ба сифат, бастабандӣ ва рақобатпазирии маҳсулот низ диққати ҷиддӣ диҳанд. Дар ин росто, нақши давлат аҳамияти махсус дошта, дастгирии истеҳсолкунандагон, фароҳам овардани шароити мусоиди сармоягузорӣ, рушди инфрасохтор, дастрасӣ ба қарзҳои имтиёзнок ва ҷорӣ намудани технологияҳои нав метавонанд рушди деҳотро суръат бахшанд.

Тақрибаи кишварҳои пешрафта нишон медиҳад, ки рушди устувори деҳот на танҳо ба дастгирии давлатӣ, балки ба фаъолнокии аҳолӣ, ташаббускорӣ, истифодаи самараноки имкониятҳои мавҷуда, баланд бардоштани сатҳи дониш, азхуд намудани технологияҳои муосир ва рушди фарҳанги соҳибкорӣ вобастагии зич дорад.

Бо вуҷуди ин, дар марҳилаи нави рушди иқтисодӣ зарур аст, ки диққати асосӣ ба баланд бардоштани ҳосилнокӣ, ҷорӣ намудани технологияҳои инноватсионӣ, рушди коркарди маҳсулоти кишоварзӣ, беҳтар намудани дастрасии истеҳсолкунандагон ба маблағгузорӣ ва таҳкими иқтидори соҳибкории деҳот равона карда шавад. Танҳо дар чунин шароит метавон

рушди устувори иқтисодиёти деҳотро таъмин намуда, сатҳи зиндагии аҳолиро баланд бардошт ва амнияти озуқаворii кишварро дар дарозмуддат таҳким бахшид.

Хулоса. Дар асоси натиҷаҳои таҳқиқот метавон хулоса кард, ки таъмини амнияти озуқаворӣ ва рушди иқтисодии аҳолии деҳот ҳамчун яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити муосир аҳамияти стратегӣ дорад. Таҳлили нишондиҳандаҳои рушди соҳаи кишоварзӣ дар давраи солҳои 2015–2024 нишон дод, ки дар натиҷаи ислоҳоти соҳаи кишоварзӣ, ташаккули хоҷагиҳои деҳқонӣ ва дастгирии давлатии бахши соҳибкорӣ дар соҳаи кишоварзӣ иқтидори истеҳсолии соҳа афзоиш ёфта, саҳми он дар таъмини бозори дохилӣ бо маҳсулоти озуқаворӣ ва баланд гардидани шуғли аҳолии деҳот назаррас мебошад.

Зимни таҳлилҳои бадастомада муайян гардид, ки афзоиши ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ва шумораи хоҷагиҳои деҳқонӣ барои рушди иқтисодиёти деҳот заминаи мусоид фароҳам оварда бошад ҳам, барои ноил шудан ба рушди устувор зарур аст, ки масъалаҳои баланд бардоштани ҳосилнокии замин, истифодаи технологияҳои муосири истеҳсолӣ, таҷдиди низоми обёрӣ ва беҳтар намудани дастрасии истеҳсолкунандагон ба захираҳои молиявӣ ва моддию техникӣ тақвият дода шаванд. Инчунин, ташкили низоми самараноки коркарди маҳсулоти кишоварзӣ, рушди соҳибкории хурду миёна, васеъ намудани соҳаҳои хизматрасонӣ, сайёҳии деҳот ва дигар самтҳои фаъолияти иқтисодӣ метавонад барои зиёд намудани даромади аҳолӣ ва фароҳам овардани ҷойҳои нави корӣ мусоидат намояд.

Бо дарназардошти омилҳои мазкур, барои таҳкими минбаъдаи амнияти озуқаворӣ ва таъмини рушди устувори деҳот татбиқи чораҳои мақсадноки давлатӣ зарур мебошад, ки ба ҳамоҳангсозии рушди истеҳсолоти кишоварзӣ, ҷорӣ намудани навовариҳои технологӣ, ҳифз ва истифодаи оқилонаи захираҳои табиӣ, инчунин баланд бардоштани иқтидори соҳибкории аҳолии деҳот равона карда шаванд. Амалисозии чунин тадбирҳо имкон фароҳам меорад, ки сатҳи зиндагии аҳолии деҳот баланд бардошта шуда, барои таъмини рушди устувори иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар дурнамои дарозмуддат заминаи мусоид фароҳам оварда шавад.

АДАБИЁТ:

1. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2025. С. 283
2. Аҳмадов Ф.М., Ашуров Ф.М., Исозода А.Ф. Омӯзиши омории омилҳои ба сатҳи зиндагии аҳолӣ таъсиррасонанда С.88 Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон 2022, 3(42)
3. Барфиев Қ.Х., Зарипов Э.Ш., Ашуров Ф.М. Тамоюли замонавӣ ва динамикаи нишондиҳандаҳои сатҳи зиндагии аҳолии деҳот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон 2020, 1(30) С.72. ISSN 2308-054X
4. Оморҳои овардашуда ба маълумоти солҳои 2023–2025-и Агентии омори Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати энергетика ва захираҳои об, инчунин созмонҳои байналмилалӣ (FAO, Бонки Ҷаҳонӣ ва Бонки Осиёии Рушд) такя мекунанд ва барои истифода дар корҳои илмӣ мувофиқ мебошанд.
5. Раҷабов О.Ҷ., Аҳмадов Ф.М. / Таҳлили омории тағйирёбии нишондиҳандаҳои асосии бозори меҳнат дар ҷумҳурии тоҷикистон // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон 2021, 1(35) саҳ. 105.
6. Рустамджон С.К., Ашуров Ф.М., Ҳусензода А.Ф. / Рушди иқтисодиёти сабз дар деҳот бо назардошти захираҳои мавҷудаи он // С.К. Рустамджон, Ф.М. Ашуров, А.Ф. Ҳусензода / Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон 2024 №2. Саҳ. 137.
7. Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030. –Душанбе, 2016. -103 с.
8. Таҳияи муаллиф дар асоси маълумотҳои омории Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон – 2025. С. 281
9. Таҳияи муаллиф дар асоси маълумотҳои омории Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон – 2025. С. 279
10. Хушвахтзода Қ.Х., Ашуров Ф.М., Аҳмадов Ф.М., Раҷабов О.Ҷ. Сатҳи зиндагии аҳолии деҳоти Ҷумҳурии Тоҷикистон / Монография / Душанбе: Шарқи озод, 2021. 200 с.

УДК 331.2:339.37:004

МАСОИЛИ ҲАВАСМАНДГАРДОНИИ КОРМАНДОНИ КОРХОНАҲОИ САВДОИ ЧАКАНА ДАР ШАРОИТИ РАҚАМИКУНОНӢ

КАБУТЗОДА ҚУРБОНАЛӢ МИРЗО
Номзади илмҳои иқтисодӣ, иҷрокунандаи вазифаи дотсенти кафедраи менеҷмент, маркетинг ва иқтисодиёти меҳнати Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон,
Суроға: 734055, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи А. Деҳотӣ 1/2.
Тел.: (+992) 935242191, **E-mail:** kabutov-83@mail.ru.

Аннотатсия. Мақола ба таҳлили масоили ҳавасмандгардонии кормандони корхонаҳои савдои чакана дар шароити рақамикунонӣ бахшида шудааст. Дар мақола аз ҷониби муаллиф омилҳои моддӣ ва ғайримоддии ҳавасмандгардонӣ, таъсири рақамикунонӣ ба натиҷаи меҳнат, зарурати рушди малакаҳои рақамии командон, истифодаи нишондиҳандаҳои муҳимми самаранокӣ ва ташаккули низоми ҳавасмандгардонии инфиродӣ ва гурӯҳӣ мавриди таҳлил карда шудааст. Тағйирёбӣ дар технологияҳои савдо, рушди низоми ҳисоббаробаркуниҳои электронӣ, барномаҳои идоракунии захираҳо, тиҷорати электронӣ, таҳлили иттилоот ва воситаҳои рақамии идоракунии захираҳои инсонӣ талаботи навро нисбат ба дониш, малака ва фаъолияти меҳнатии кормандон ба миён мегузорад.

Ба ақидаи муаллиф дар чунин шароит низоми анъанавии ҳавасмандгардонӣ на ҳамеша метавонад ба баланд бардоштани маҳсулнокӣ ва мутобиқшавии кормандон ба муҳити рақамӣ мусоидат намояд. Дар асоси таҳқиқот аз ҷониби муаллиф самтҳои такмили низоми ҳавасмандгардонии кормандони корхонаҳои савдои чакана дар Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардидаанд.

Вожаҳои калидӣ: ҳавасмандгардонӣ, савдои чакана, корманд, рақамикунонӣ, захираҳои инсонӣ, маҳсулнокии меҳнат, малакаҳои рақамӣ, ҳавасмандгардонии моддӣ, ҳавасмандгардонии ғайримоддӣ, тиҷорати электронӣ.

ПРОБЛЕМЫ МОТИВАЦИИ РАБОТНИКОВ ПРЕДПРИЯТИЙ РОЗНИЧНОЙ ТОРГОВЛИ В УСЛОВИЯХ ЦИФРОВИЗАЦИИ

КАБУТЗОДА КУРБОНАЛИ МИРЗО
Кандидат экономических наук, исполняющий обязанности доцента кафедры менеджмента, маркетинга и экономики труда Таджикского государственного университета коммерции.
Адрес: 734055, Республика Таджикистан, г. Душанбе, улица А. Дехоти 1/2.
Тел.: (+992) 935242191, **E-mail:** kabutov-83@mail.ru.

Аннотация. Статья посвящена анализу проблемы мотивации работников предприятий розничной торговли в условиях цифровизации. В статье автором проанализированы материальные и нематериальные факторы мотивации, влияние цифровизации на результат труда, необходимость развития командных цифровых навыков, использование важных показателей эффективности и формирование индивидуальной и групповой системы мотивации. Изменения в торговых технологиях, развитие электронных расчетных систем, приложений для управления ресурсами, электронной коммерции, анализа информации и цифровых инструментов управления человеческими ресурсами предъявляют новые требования к знаниям, навыкам и производительности труда сотрудников.

По мнению автора, в таких условиях традиционная система стимулирования не всегда может способствовать повышению производительности и адаптации сотрудников к цифровой среде. На основании исследования автором предложены направления совершенствования системы стимулирования работников предприятий розничной торговли в Республике Таджикистан.

Ключевые слова: мотивация, розничная торговля, персонал, цифровизация, человеческие ресурсы, производительность труда, цифровые навыки, материальные стимулы, нематериальные стимулы, электронная коммерция.

PROBLEMS OF MOTIVATION OF RETAIL WORKERS IN THE CONTEXT OF DIGITALIZATION

KABUTZODA QURBONALI MIRZO
Candidate of Economic Sciences, Acting Associate Professor of the Department of Management, marketing and labor economics at the Tajik State University of Commerce.
Address: 734055, Republic of Tajikistan, Dushanbe, A. Dehoti street 1/2.
Phone: (+992) 935242191, **E-mail:** kabutov-83@mail.ru.

Annotation. The article is devoted to the analysis of the problem of motivation of employees of retail enterprises in the context of digitalization. In the article, the author analyzes the material and non-material factors of motivation, the impact of digitalization on the result of work, the need to develop team digital skills, the use of important performance indicators and the formation of an individual and group motivation system. Changes in trading technologies, the development of electronic payment systems, resource management applications, e-commerce, information analysis, and digital human resource management tools place new demands on employees' knowledge, skills, and productivity.

According to the author, in such conditions, the traditional incentive system may not always help to increase productivity and adapt employees to the digital environment. Based on the research, the author suggests ways to improve the incentive system for employees of retail trade enterprises in the Republic of Tajikistan.

Keywords: motivation, retail trade, personnel, digitalization, human resources, labor productivity, digital skills, material incentives, intangible incentives, e-commerce.

Муқаддима. Дар шароити муосир, ки раванди савдо ба низоми нав гузашта истодааст, ҳавасмандгардонӣ яке аз воситаҳои асосии рушди тиҷорат ва дар умум корхона мегардад. Ҳавасмандии кормандони корхонаҳои савдои чакана як сарчашмаи муҳимии корхона буда, бо кӯшиши он қодир аст, ки ҳамеша ба пеш ҳаракат намуда, ҳадафҳои дар пеш истодаро амалӣ намоянд. Барои самаранок ҳавасмандгардонии кормандони корхонаҳои савдои чакна ҷиҳати ба даст овардани натиҷаҳои баланд, воситаҳои ҳавасмандгардонии кормандони савдоро интихобан ба таври инфиродӣ, бо риояи тавозуни манфиатҳои кормандон ва корхона интихоб кардан мувофиқи мақсад арзёбӣ мегардад. Дар ин раванд истифодаи технологияи муосир ва рақамикунонӣ низ корхонаҳои савдои чаканаро водор месозад, ки ба ин раванд пайваст гарданд.

Дар мақола аз ҷониби мо, омилҳои моддию ғайримоддии ҳавасмандгардонӣ, таъсири рақамикунонӣ ба натиҷаҳои меҳнат, зарурати рушди малакаҳои рақамӣ, истифодаи нишондиҳандаҳои муҳимми самаранокӣ ва ташаккули низоми ҳавасмандгардонии баррасӣ гардидааст. Навгонӣ дар технологияҳои соҳаи савдо, рушди низоми ҳисоббаробаркуниҳои электронӣ, тиҷорати электронӣ, маркетинги рақамӣ, интернет-маркетинг ва воситаҳои рақамии идоракунии захираҳои инсонӣ талаботи навро нисбат ба дониш, малака ва фаъолияти меҳнатии кормандон тақозо мекунад.

Усулҳои таҳқиқот. Аз ҷониби мо дар мақола аз усулҳои усулҳои таҳлилӣ-назариявӣ, таҳқиқи омилҳо, усулҳои экспертӣ ва муқоисавӣ мавриди истифода қарор дода шудааст.

Натиҷаҳои таҳқиқот. Таҳқиқот ба омӯзиш ва таҳқиқи масоили ҳавасмандгардонии кормандони корхонаҳои савдои чакана дар шароити рақамикунонӣ бахшида шуда, мафҳумҳои савдои чакана, ҳавасмандгардонӣ, салоҳиятҳои муҳити рақамии кормандони муосири савдо, масъалаҳои асосии ҳавасмандгардонии кормандон, нишондиҳандаҳои арзёбии фаъолияти кормандони корхонаҳои савдои чакана, арзёбии малакаҳои рақамии кормандони соҳаи савдо,

марҳилаҳои механизми амалии ҳавасмандгардонии рақамӣ ва самтҳои такмили ҳавасмандгардонии корхонаҳои савдои чакана дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди омӯзиш ва таҳқиқ қарор дода шудааст, ки ба баланд бардоштани самаранокии соҳа мусоидат мекунад.

Мақсади таҳқиқот. Ба омӯзиш ва таҳқиқи масоили ҳавасмандгардонии кормандони корхонаҳои савдои чакана дар шароити рақамикунонӣ бахшида шудааст. Дар умум дар мақолаи илмӣ аз ҷониби мо тавсияҳои илмӣ-методӣ ҷиҳати бартараф намудани мушкилоти соҳа, аз ҷумла, салоҳиятҳои муҳити рақамии кормандони муосири савдо, нишондиҳандаҳои арзёбии фаъолияти кормандони корхонаҳои савдои чакана, арзёбии малакаҳои рақамии кормандони соҳаи савдо, марҳилаҳои механизми амалии ҳавасмандгардонии рақамӣ ва самтҳои такмили ҳавасмандгардонии корхонаҳои савдои чакана дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди омӯзиш ва таҳқиқ қарор дода шудааст, ки ба баланд бардоштани самаранокии соҳа мусоидат мекунад.

Фарзияи таҳқиқот. Ба омӯзиш ва таҳқиқи масоили ҳавасмандгардонии кормандони корхонаҳои савдои чакана дар шароити рақамикунонӣ бахшида шуда, хулоса ва пешниҳодҳои мақола ҷиҳати истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот ба рушди корхонаҳои савдои чаканаи Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсия карда мешаванд.

Таҳлили адабиёт ва гузориши масъала. Дар мақола мо аз корҳои илмӣ-таҳқиқотии муҳаққиқон, аз қабилӣ: Анна С. [1], Гусельникова Ю.А., Богдан Н.Н. [2], Кабутзоад Қ.М. [3, 4, 5], Кокурина И.Г. [6], Козлова О.А., Селезенева Е.А. [7], Кибанова А.Я. [9], Павлова Е. К. [10], Панкратов Ф.Г., Солдатова Н.Ф. [11], Самарина Е. [12], Трокина А.А. [15], Иванова С.В. [16], Егоршин А. П. [17] истифода бурда, иқтибос овардем.

Муҳтавои асосӣ. Дар шароити муосир рақамикунонӣ ба яке аз омилҳои калидии тағйирёбии модели нави рушди фаъолияти корхонаҳои савдои чакана табдил ёфтааст. Ҳоло ташаккул ва рушди технологияҳои рақамӣ тарзи муносибати корхонаҳоро бо истеъмолкунандагон, таъминкунандагон ва кормандон куллан тағйир додааст. Айни замон ҳавасмандгардонӣ яке аз ҷузъҳо ва воситаҳои асосии рушди тамоми корхонаҳои савдои чакана гардидааст.

Ба ақидаи мо "...савдои чакана яке аз соҳаҳои зудрушдёбандаи иқтисодиёти ҷумҳурӣ буда, ҳолат ва самаранокии иқтисодиву иҷтимоии он ҳам ба сатҳи зиндагии аҳолӣ ва ҳам ба рушди бахшҳои воқеии иқтисодиёт, алалхусус ба истеҳсоли молҳои истеъмолӣ таъсири бевосита ва фаъол мерасонад" [3].

Ба ақидаи Панкратов Ф.Г. ва Солдатова Н.Ф. "...савдои чакана ин фаъолият оид ба фурӯши мол ва хизматрасониҳо бевосита ба истеъмолкунандагони ниҳоӣ барои истифодабарии шахсии ғайритиҷоратӣ мебошад" [11].

Мафҳуми савдои чакана дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи савдо ва хизматрасонии маишӣ" чунин тавсиф шудааст: "...савдои чакана – намуди савдо вобаста ба хариду фурӯши молҳои ниёзи истеъмолкунанда дар раванди қонеъ гардонидани эҳтиёҷоти шахсӣ мебошад" [8] .

Ба ақидаи Павлова Е.К. "...савдои чакана давраи рушди назаррасро аз сар мегузаронад, ки онро бахши муҳимми иқтисодиёт мегардонад. Пайдоиши доимии ширкатҳои нав танҳо сатҳи рақобатро меафзояд. Дар чунин шароит, фаҳмидани принсипҳои ҳавасмандгардонии кормандон нақши калидӣ мебозад, зеро муваффақияти ташкилот бевосита аз сифати хизматрасонӣ ба мизоҷон, ноил шудан ба нақшаҳои фурӯш ва ҳадафҳои асосӣ вобаста аст" [10].

Корхонаҳои савдои чакана имрӯз на танҳо ба фурӯши мол, балки ба ҷамъоварӣ ва таҳлили маълумот дар бораи истеъмолкунандагон, идоракунии рақамии захираҳо, истифодаи кассаҳои электронӣ, пардохтҳои рақамӣ, савдои онлайн ва хизматрасонӣ рӯ меоранд.

Ба андешаи мо, "...ҳоло савдои чакана яке аз соҳаҳои зудрушдёбандаи иқтисодиёти ҷумҳурӣ буда, ҳолат ва самаранокии иқтисодиву иҷтимоии он ҳам ба сатҳи зиндагии аҳолӣ ва ҳам ба рушди бахшҳои воқеии иқтисодиёт, алалхусус ба истеҳсоли молҳои истеъмолӣ таъсири бевосита ва фаъол мерасонад" [5].

Ба ақидаи Кокурина И.Г. “...яке аз вазифаҳои асосии идоракунии кадрҳо дар корхонаҳои савдои чакана ҳавасмандгардонӣ ба ҳисоб меравад. Он ба таъсири дарозмуддат ба кормандон бо ҳадафи нигоҳ доштани таваҷҷӯҳи кормандон ба меҳнати сермаҳсул равона карда шудааст. Ҳавасмандкунӣ ин усули ҳалли мушкилот буда, ба сохтори воқеии самтҳои арзиш ва манфиатҳои кормандон нигаронида шуда, ба татбиқи пурраи иқтидори мавҷудаи меҳнатӣ равона карда шудааст” [6, саҳ.73-87].

Ба андешаи Кибанова А.Я. бошад “...ҳавасмандӣ раванди дохилӣ буда, интихоби бошууронаи шахс ба ин ё он намуди рафтор, таъсири комплексии омилҳои беруна ва дохилӣ муайян карда мешавад” [9, саҳ.524].

Иванова С.В. қайд менамояд, ки “...усулҳои ҳавасмандкунӣ ин роҳҳои таъсиррасонӣ ба кормандон, баланд бардоштани ҳосилнокии меҳнат, ба даст овардани фоидаи ташкилот, рушди корхона, таъмини мукофотпулӣ барои меҳнат, баланд бардоштани самаранокии меҳнати кормандон мебошанд” [16].

Гусельникова Ю.А. ва Богдан Н.Н. чунин меҳисобанд, ки “...мутахассисони ҳавасмандгардонии меҳнат самтҳои асосии беҳбуди ҳавасмандгардонии меҳнатро муайян мекунанд: ҳавасмандгардонии моддӣ, ҳавасмандгардонии пулӣ, беҳтар кардани ташкили меҳнат, баланд бардоштани сифати қувваи корӣ, ҷалби кормандон ба раванди идоракунӣ. Барои рушди ҳар як самт роҳҳои ҳавасмандгардонии кормандон мавҷуданд” [2].

Трокина А. А. қайд менамояд, ки “...робитаи ҳавасмандии корманд ва сатҳи садоқати ӯ ба ширкат вуҷуд дорад. Таҳкими ангезаҳо аз қаноатмандии кормандон аз бисёр омилҳои фаъолияти меҳнатӣ вобаста аст. Ҳар қадаре, ки қаноатмандии корманд аз кор зиёд бошад, эҳтимолияти садоқати ӯ зиёдтар мешавад. Дар ин ҳолат назарияи ҳавасмандкунии А. Маслоу вуҷуд дорад. Ба ақидаи ӯ, ки ниёзҳо иерархӣ мебошанд, мавзӯи психология рафтор аст, на шуури инсон” [15].

Ба ақидаи муҳаққиқон Козлова О.А. ва Селезенева Е.А. “...рақамикунонии иқтисодиёт ва ҷомеа аз низоми ҳавасмандгардонии мутобиқсозӣ барои ошкор намудани сифатҳо ва қобилиятҳои шахсии инсон, тафаккури танқидӣ, кор дар коллектив, ташаббускорӣ, устуворӣ ва коммуникатсионӣ талаб мекунад. Дар натиҷаи ин зарурати ислоҳи низоми ҳавасмандгардонӣ дар асоси ба даст овардани тавозун байни усулҳои ҳавасмандгардонии моддӣ ва усулҳое, ки имконияти худшиносии кормандонро мекушоянд, афзоиши ҳавасмандии онҳо ба кор ва ба даст овардани на танҳо қаноатмандии моддӣ, балки маънавӣ аз фаъолияти меҳнатӣ ба миён меояд” [7].

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ аҳаммияти рақамикунонии савдо рӯз аз рӯз афзуда истодааст. Мувофиқи маълумотҳои оморӣ, дар моҳҳои январ – октябри соли 2025 ҳаҷми гардиши савдои яклухт, чакана ва таъмири автомобилҳо 60328,8 млн. сомониро ташкил дод, ки нисбат ба моҳҳои январ - октябри соли 2024 - ум бо нархҳои муқоисавӣ 12,7% зиёд шудааст (индекси нарх 103,2%-ро ташкил додааст). Дар моҳҳои январ - октябри соли 2025 нисбат ба моҳҳои январ – октябри соли 2024 гардиши савдои чакана ва таъмири автомобилҳо 12,7% зиёд гардидааст.

Ин нишондиҳандаҳо шаҳодат медиҳанд, ки соҳаи савдо яке аз бахшҳои муҳимми иқтисоди миллӣ буда, баланд бардоштани самаранокии меҳнати кормандони он аҳаммияти иқтисодии бузург дорад.

Ҳамзамон, рақамикунонии савдо масъалаи нави идоракунии захираҳои инсониро ба миён гузошта, кормандро чӣ гуна дар шароите ҳавасманд кардан лозим аст, ки талабот ба малакаҳои рақамӣ, тезонидани суръати кор, сатҳу сифати хизматрасонӣ ва қобилияти мутобиқшавӣ пайваста тағйир ёбад? Ҷавоб ба ин савол яке аз шартҳои муҳимми баланд бардоштани рақобатпазирии корхонаҳои савдои чакана баҳисоб меравад.

Ба андешаи мо, ҳавасмандгардонии меҳнат ин маҷмӯи омилҳо ва механизмҳое мебошад, ки кормандро барои иҷрои босифат, босалоҳият ва самараноки вазифаҳои меҳнатӣ ҷалб менамояд. Дар корхонаҳои савдои чакана ҳавасмандгардонӣ аҳаммияти махсус дошта, натиҷаи фаъолияти корманд аксар вақт ба таври мустақим ба ҳаҷми фурӯш, сатҳу сифати

хизматрасонӣ, қаноатмандии мизоҷон, афзоиши шумораи харидороне, ки хариди такрорӣ мекунанд, арзиши миёнаи хариди молу маҳсулот, сифати пешниҳоди молу хизматрасонӣ ва нигоҳ доштани муштариён таъсир мерасонад.

Аз ин лиҳоз, дар раванди низоми ҳавасмандгардонӣ бояд на танҳо ба ҳаҷми фурӯш, балки ба сифати хизматрасонӣ ва риояи стандартҳои корӣ низ диққати ҷиддӣ додан лозим аст.

Егоршин А. П. қайд менамояд, ки "...қисми зиёди мағозаҳои савдои чакана аз он фарқ мекунанд, ки коллективи меҳнатӣ дар онҳо хурд буда, онҳо тибқи қонунҳои гурӯҳи хурди психологӣ фаъолият мекунанд" [17].

Дар шакли анъанавии низоми ҳавасмандгардонӣ он бештар ба музди меҳнат, мукофотпулӣ, иловапулӣ ва ҷазоҳои интизомӣ такя мекард. Аммо рақамикунонӣ бошад тақозо мекунад, ки низоми мазкур ба омилҳои нави меҳнат мутобиқ карда шавад. Дар чунин шароит рақамикунонӣ мазмун ва ташкили меҳнатро дар савдо тағйир медиҳад.

Технологияҳои рақамӣ метавонанд вазифаҳои ҳисоб ва назорати мол, бақайдгирии фурӯш, қабули пардохт, фармоиши молу маҳсулот, таҳлили талабот, назорати фаъолияти кормандон, тартиб додани ҳисобот ва идоракунии захираҳоро иҷро намуда, автоматӣ ё содда намоянд.

Дар натиҷа, аз корманд на танҳо малакаи фурӯши мол, балки қобилияти истифодаи технологияҳои нави рақамӣ талаб карда шавад. Таҳқиқотҳои муосир нишон медиҳанд, ки рақамикунонии фаъолияти корхона метавонад ба воситаи баланд бардоштани салоҳият, ҳавасмандии омӯзиш ва мустақилияти корманд ба беҳтар гардидани натиҷаҳои меҳнат мусоидати амиқ намояд.

Аз ин лиҳоз, рақамикунонӣ бояд на ҳамчун таҳдид ба корманди корхона, балки ҳамчун воситаи рушди касбӣ ва баланд бардоштани салоҳият ва самаранокии меҳнат пешниҳод карда шавад.

Дар муҳити рақамӣ корманди муосири корхонаи савдо бояд маҷмӯи васеътари салоҳиятҳоро дошта бошад, ки дар ҷадвали 1. оварда шудааст.

Ҷадвали 1. Салоҳиятҳои муҳити рақамии кормандони муосири соҳаи савдо

№	Салоҳиятҳо	Тавсиф
1	Малакаҳои рақамӣ	Истифодаи барномаҳои савдо, хазинаҳои электронӣ, низомҳои идоракунии захираҳо ва платформаҳои онлайнӣ.
2	Малакаҳои коммуникатсионӣ	Муошират самаранок бо муштариён дар муҳити анъанавӣ ва рақамӣ.
3	Қобилияти таҳлили иттилоот	Донистани нишондиҳандаҳои фурӯш ва рафтори истеъмолкунандагон.
4	Мутобиқ шудан	Омодагӣ ба омӯзиши технологияҳои нав.
5	Малакаҳои хизматрасонӣ	Қобилияти ҳалли мушкилоти муштариён.
6	Масъулияти рақамӣ	Риояи қоидаҳои ҳифзи иттилоот ва амнияти рақамӣ.

Сарчашма: таҳияи муаллиф

Ҳамин тавр, рақамикунонӣ сохтори салоҳиятҳои заруриро тағйир дода, зарурати тағйироти низоми ҳавасмандгардониро низ ба миён меорад. Дар шароити рақамикунонӣ аҳаммияти омӯзиши омилҳои таъсиррасон бештар гардида, кормандон мехоҳанд на танҳо музди меҳнат, балки имконияти рушди салоҳиятҳои рақамиро низ ба даст оранд.

Дар ҷадвали 2. масъалаҳои асосии ҳавасмандгардонии кормандон оварда шудааст.

Ҷадвали 2. Масъалаҳои асосии ҳавасмандгардонии кормандон

№	Салоҳиятҳо	Тавсиф
1	Номукаммалии робитаи музди меҳнат бо натиҷаи кор	Яке аз масъалаҳои асосӣ дар низоми ҳавасмандгардонӣ набудани робитаи равшан байни натиҷаи меҳнат ва даромади кормандон мебошад. Агар кормандон афзоиши фурӯш, беҳтар шудани хизматрасонӣ ё баланд гардидани қаноатмандии мизоҷонро таъмин намояд, бояд натиҷаи он дар низоми додани мукофотҳо инъикос ёбад.

		Дар акси ҳол, ҳавасмандии корманд барои баланд бардоштани натиҷаҳои меҳнат коҳиш меёбад.
2	Афзоиши фишори рақамӣ	Рақамикунонӣ метавонад самаранокиро баланд бардошта, талаботи навро ба кормандон афзояд. Назорати доимии нишондиҳандаҳо, истифодаи низомҳои автоматӣ ва суръати баланди фаъолият метавонад боиси фишори меҳнатӣ гардад. Аз ин лиҳоз, роҳбарият бояд байни назорати рақамӣ ва мустақилияти кормандон тавозун пешниҳод намояд.
3	Норасоии малакаҳои рақамӣ	Агар корманд барои истифодаи технологияҳои нав омодагии кофӣ надошта бошад, пас рақамикунонӣ метавонад ба паст гардидани ҳавасмандӣ оварда расонад. Корманд метавонад технологияҳоро ҳамчун воситаи назорат ё таҳдид ба ҷойи кори худ қабул кунад. Аз ин лиҳоз, ҷорисозии ҳар як технологияи нав бояд бо омӯзиш ва дастгирии кормандон равона карда шавад.
4	Номукаммалии низоми ҳавасмандии ғайримоддӣ	Дар савдои чакана омилҳои ғайримоддӣ низ аҳаммияти калон дошта, ба онҳо эътирофи дастовардҳо, имконияти рушди касбӣ, омӯзиши ройгон, пешбарӣ ба вазифаи баландтар, муҳити мусоиди корӣ, иштироки корманд дар қабули қарорҳо, чандирии ҷадвали корӣ ва муносибати одилонаи роҳбарият ва ғ. дохил мешаванд.

Сарчашма: таҳияи муаллиф

Омӯзиши рақамӣ бояд қисми таркибии низоми ҳавасмандгардонии кормандони савдо бошад. Корхона метавонад барои кормандоне, ки малакаҳои нави рақамиро зуд аз худ мекунанд, мукофотпулӣ, сертификат, баланд бардоштани дараҷаи касбият, имконияти пешбарӣ ва зиёд намудани музди меҳнат пешбинӣ намояд.

Таҳқиқотҳои нав дар соҳаи савдои чакана нишон медиҳанд, ки истифодаи шаклҳои инноватсионии омӯзиш, аз ҷумла усулҳои интерактивӣ ва бо бозӣ пайвастшуда, метавонад ҷолибияти кори савдои чаканаро босамар баланд ва бардорад.

Ба ақидаи муҳаққиқон Козлова О.А., Селезенева Е.А. "...барои таъмини устувории рақобат кормандони савдои чакана бояд пайваста малака, азхуд намудани фаъолиятҳои нав, баланд бардоштани сатҳи дониш ва тахассуси худро такмил диҳанд" [7].

Аз ин нуқтаи назар, омӯзиши кормандон бояд ҳамчун сармоягузорӣ ба корманд арзёбӣ карда шавад, на ин ки ҳамчун хароҷоти иловагии корхона эътироф гардад. Яке аз имкониятҳои муҳимми рақамикунонӣ ин истифода бурдани маълумоти воқеӣ барои арзёбии фаъолияти кормандон мебошад.

Дар ҷадвали 3. нишондиҳандаҳои арзёбии фаъолияти кормандони корхонаҳои савдои чакана оварда шудааст.

Ҷадвали 3. Нишондиҳандаҳои арзёбии фаъолияти кормандони корхонаҳои савдои чакана

Нишондиҳанда	Тавсиф
Ҳаҷми фурӯш	Арзиши молҳои фурӯхташуда
Фурӯш ба як корманд	Маҳсулнокии меҳнат
Арзиши миёнаи харид	Самаранокии фурӯш
Қаноатмандии муштарӣ	Сифати хизматрасонӣ
Шумораи муштариёни такрорӣ	Садоқати муштарӣ
Суръати хизматрасонӣ	Самаранокии амалиёт
Хатоҳҳои хазинавӣ	Сифати иҷрои вазифа
Сатҳи иштирок дар омӯзиш	Рушди малакаҳои рақамӣ

Сарчашма: таҳияи муаллиф

Агар фаъолияти кории корманд танҳо аз рӯйи ҳаҷми фурӯш арзёбӣ карда шавад, он метавонад ба сифати хизматрасонӣ ё муносибат бо муштариён камтар диққат диҳад. Аз ин нуқтаи назар, низоми мутавозини нишондиҳандаҳо зарурӣ арзёбӣ мегардад.

Барои корхонаҳои савдои чакана модели зерини ҳавасмандгардониро пешниҳод кардан имконпазир аст:

Ҳавасмандгардонии умумӣ = музди асосӣ + мукофоти натиҷавӣ + мукофоти рақамӣ + ҳавасмандии касбӣ + ҳавасмандии иҷтимоӣ.

Музди асосӣ бояд устувории иҷтимоии кормандро таъмин намояд. Мукофот ба нишондиҳандаҳои фурӯш, хизматрасонӣ ва иҷрои вазифаҳо вобаста мебошад. Барои азхуд намудани технологияҳои нави рақамӣ, пешниҳоди ақидаҳои рақамӣ ва баланд бардоштани самаранокии равандҳои рақамӣ мукофотҳои махсус пешбинӣ карда мешавад. Кормандоне, ки малакаҳои нави рақамӣ ва касбии хешро баланд мебардоранд, бояд барои пешбарӣ имконияти бештару фаррохро соҳиб гарданд. Имконияти ҷадвали чандир, рӯзи истироҳат, омӯзиш ва эътирофи дастовардҳои онҳо метавонад ҳавасмандии кормандонро афзояд.

Рақамикунонӣ имкон медиҳад, ки идоракунии захираҳои инсонӣ низ давра ба давра ба шакли рақамӣ гузарад. Системаҳои HR (ин системаҳои идоракунии захираҳои инсонӣ мебошанд, ки ба корхонаҳо ва ташкилотҳо барои идоракунии кормандон, ҳуҷҷатҳо, музди меҳнат ва дигар равандҳои кадрӣ кӯмак расонад), метавонанд барои баҳодиҳии фаъолияти корманд, бақайдгирии вақти корӣ, омӯзиши онлайнӣ, таҳлили ҳосилнокии меҳнат, идоракунии мукофотпулӣ ва муайянсозии эҳтиёҷоти омӯзишӣ истифода шаванд.

Таҳқиқотҳои соли 2026 нишон медиҳад, ки рақамикунонии HR метавонад самаранокии идоракунии кормандонро тавассути пуркувват намудани низоми идоракунии захираҳои инсонӣ баланд бардорад. Бо вуҷуди ин, истифодаи низомҳои рақамии назорат бояд бо талаботи ахлоқӣ, ҳифзи маълумоти шахсӣ ва ҳуқуқи кормандон мутобиқ карда шавад.

Рақамикунонии савдои чакана дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳанӯз дар марҳилаи ташаккул қарор дорад. Бонки ҷаҳонӣ дар арзёбии соли 2025 қайд менамояд, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаҳои пайвастшавии интернет, омодагии технологӣ, хизматрасониҳои онлайнӣ, ҳифзи иттилоот ва баъзе ҷузъҳои тиҷорати электронӣ бо маҳдудиятҳои зиёд рӯ ба рӯ гардида истодааст.

Аз ин лиҳоз, низоми ҳавасмандгардонӣ дар корхонаҳои савдои чакаи ҷумҳурӣ бояд хусусиятҳои гузариширо ба назар гирад. Яъне, корхонаҳои савдои чакана набояд аз корманд якбора сатҳи баланди малакаҳои рақамиро талаб намоянд, зеро дар ин раванд ба онҳо вақт, омӯзиш ва тачриба лозим аст.

Ҷадвали 4. Нишондиҳандаҳои арзёбии малакаҳои рақамии кормандони соҳаи савдо

Нишондиҳанда	Мазмун
Ҳаҷми фурӯш	Арзиши молҳои фурӯхташуда
Фурӯш ба як корманд	Маҳсулнокии меҳнат
Арзиши миёнаи харид	Самаранокии фурӯш
Қаноатмандии муштарӣ	Сифати хизматрасонӣ
Шумораи муштариёни такрорӣ	Садоқати муштарӣ
Суръати хизматрасонӣ	Самаранокии амалиёт
Хатогиҳои кассавӣ	Сифати иҷрои вазифа
Сатҳи иштирок дар омӯзиш	Рушди малакаҳои рақамӣ

Сарчашма: таҳияи муаллиф

Дар натиҷа, сатҳи малакаҳои кормандон муайян гардида, барномаи омӯзишӣ таҳия ва технологияҳои навин марҳила ба марҳила ҷорӣ карда мешавад. Ҳамзамон, натиҷаи омӯзиш арзёбӣ гардада, барои азхудкунии технологияҳои нав бояд мукофотпулиҳо пешбинӣ карда шавад. Ин равиш ба мо имкон медиҳад, ки муқовимати кормандонро ба тағйирот коҳиш диҳем.

Аз ҷониби мо, барои корхонаҳои савдои чакана дар Ҷумҳурии Тоҷикистон самтҳои зерини такмили ҳавасмандгардонӣ пешниҳод карда мешаванд, ки дар расми 1. оварда шудааст.



Расми 1. Самтҳои такмили ҳавасмандгардонии корхонаҳои савдои чакана дар Ҷумҳурии Тоҷикистон
Сарчашма: таҳияи муаллиф.

Музди меҳнат бояд бо имконияти рушди касбӣ, эътирофи меҳнат ва омӯзиш пурра карда шавад. Кормандоне, ки технологияҳои навро самаранок ва сарфакорона истифода мебаранд, бояд ҳавасманд карда шаванд. Барои кормандони корхонаҳои савдои чакана давра ба давра курсҳои кӯтоҳмуддати рақамӣ, омӯзиши онлайн ва машғулиятҳои амалӣ ташкил кардан мувофиқи мақсад аст. Арзёбӣ бояд фурӯш, сифати хизматрасонӣ ва рушди малакаҳои рақамиро фаро гирад. Барои корманд бояд дурнамои касбӣ ба таври возеҳ вуҷуд дошта бошад: фурӯшанда → фурӯшандаи рақамӣ → роҳбари гурӯҳ → мудири бахш → мудири мағоза.

Корхонаи савдои чакана метавонад барои пешниҳодоти кормандон доир ба беҳтарсозии равандҳои рақамӣ барномаи махсуси «ақидаи моҳ» ё «навоварии корманд»-ро таъсис диҳад. Рақамикунонӣ танҳо масъалаи техника набуда, он тағйироти фарҳанги идоракунӣ ва муносибати кормандонро низ тақозоб мекунад.

Дар асоси таҳлил модели зеринро пешниҳод намудан мумкин аст:

Рақамикунонии корхонаи савдо → тағйири мазмуни меҳнат → рушди малакаҳои рақамӣ → низоми нави баҳодиҳӣ → ҳавасмандгардонии моддӣ ва ғайримоддӣ → балан шудани маҳсулнокӣ → беҳтаршавии сифати хизматрасонӣ → рақобатпазирии корхонаи савдо.

Дар ин занҷира омӯзиш ва рушди корманд нақши марказӣ дорад. Агар корхонаи савдо танҳо технологияро ҷорӣ намуда, ба рушди кормандон аҳаммияти ҷиддӣ надиҳад, натиҷаи рақамикунонӣ метавонад маҳдуд гардад. Баръакс, агар технология бо омӯзиш, ҳавасмандгардонӣ ва рушди касбият муттаҳид карда шуда, рақамикунонӣ ба афзоиши маҳсулнокии меҳнат мусоидат мекунад.

Дар расми 2. марҳилаҳои механизми амалии ҳавасмандгардонии рақамӣ оварда шудааст.



Расми 2. Марҳилаҳои механизми амалии ҳавасмандгардонии рақамӣ
Сарчашма: таҳияи муаллиф.

Хулоса. Рақамикунонии корхонаҳои савдои чакана на танҳо тағйири технологияҳои фурӯш, балки тағйири мазмун ва ташкили меҳнати кормандон арзёбӣ мегардад. Дар шароити рақамӣ самаранокии корхонаҳои савдои чакана то андозае ба он вобаста мебошад, ки кормандон то кадом сатҳ технологияҳои навро қабул карда, аз худ намуда, самаранок истифода мебаранд.

Аз ин лиҳоз, масъалаи ҳавасмандгардонии кормандони корхонаҳои савдои чакана бояд дар маркази сиёсати идоракунии корхонаҳои савдои чакана қарор гирад. Таҳлилҳо нишон дод, ки низоми анъанавии ҳавасмандгардонӣ, ки бештар ба музди меҳнат ва мукофоти ҳаҷми фурӯш асос ёфтааст, барои муҳити рақамӣ кофӣ нест.

Муҳим он аст, ки ба он рушди малакаҳои рақамӣ, омӯзиши пайваста, сатҳу сифати хизматрасонӣ, навоварӣ ва мутобиқшавии корманд дохил карда шавад.

Барои Ҷумҳурии Тоҷикистон ин масъала аҳаммияти махсус дошта, бахши савдо дар иқтисоди миллӣ мавқеи муҳим дошта, ҳаҷми он босуръат афзоиш ёфта истодааст. Ҳамзамон, таҳқиқотҳо нишон медиҳад, ки рақамикунонии савдои чакана барои кишвари мо имконияти коҳиш додани хароҷоти тиҷоратӣ, баланд бардоштани самаранокӣ ва васеъсозии дастрасӣ ба бозорҳои навро фароҳам оварда, барои ин рушди инфрасохтори рақамӣ, малака, салоиҳиятҳо ва заминаи институтсионалӣ зарур арзёбӣ мегардад.

Аз ин лиҳоз, самти асосии такмили сиёсати кадрии корхонаҳои савдои чакана бояд ташаккули низоми интегралии ҳавасмандгардонии рақамӣ бошад. Ин низом бояд музди меҳнати асосӣ, мукофотҳои натиҷавӣ, азхуд намудани технологияҳои нав, омӯзиши пайваста, рушди касбӣ ва ҳавасмандгардогии иҷтимоиро муттаҳид намояд.

Ба ақидаи мо, ба роҳҳои асосии ҳалли масоили ҳавасмандгардонӣ дар корхонаҳои савдои чакана инҳо дохил мешаванд:

1. Мукаммалгардони низоми музди меҳнати кормандон ва пайваста ҳавасмандгардонии моддии онҳо;
2. Ҷорӣ намудани низоми рақамии баҳодиҳӣ ба фаъолияти кормандони корхонаҳои савдои чакана;
3. Баланд бардоштани саводнокии рақамии кормандони корхонаҳои савдои чакана;
4. Рушди ҳавасмандгардонии ғайримоддии кормандони корхонаҳои савдои чакана;
5. Истифодаи низоми бозии ҳавасмандгардонии кормандони корхонаҳои савдои чакана;
6. Такмили низоми робита байни роҳбарият ва кормандони корхонаҳои савдои чакана ва ғайра.

Дар маҷмӯъ, метавон ба хулосае омад, ки рақамикунонӣ дар корхонаҳои савдои чакана танҳо дар сурате метавонад ба афзоиши маҳсулнокии меҳнат ва рақобатпазирии савдои чакана мусоидат намояд, агар ки он бо сиёсати самараноки идоракунии захираҳои инсонӣ ва низоми одилонаи ҳавасмандгардонии кормандон ҳамоҳанг карда шавад.

АДАБИЁТ:

1. Анна С.О мотивации продавцов: виды и методы [Текст] / Анна Сорокина // Директор по персоналу. – 2023. – № 8. – С. 24-25;
2. Гусельникова Ю.А., Богдан Н.Н. Мотивация и стимулирование труда работников в сфере торговли // Вестник науки. 2024. №5 (74). URL: https://cyberleninka.ru.
3. Кабутзоад Қ.М. Таъмини кадрии рушди савдои чакана дар шароити иқтисоди бозорӣ. Диссертатсияи номзадӣ. https://tguk.tj. Душанбе 2023. Саҳ. 15.
4. Кабутов Қ.М. Масоили таъмини кадрии савдои чакана дар шароити муосир // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – Душанбе. - 2023. - № 2/1 (46). – С. 337-341.
5. Кабутов Қ.М., Амонов С.С. Таҳқиқи омилҳои таъсиррасон ба рушди савдои чакана. Таҳқиқи омилҳои таъсиррасон ба рушди савдои чакана. Маҷмӯи маводҳои конференсияи байналмилалии илмӣ - амалӣ дар мавзӯи Рақамикунонӣ ва инноватсия: мушкилот ва дурнамои рушди он. Душанбе: «Матбаа», 2025.
6. Кокурина И.Г. Социально – психологический анализ смыслообразующей функции мотивации жизнедеятельности социального индивида / И.Г. Кокурина. – Текст: непосредственный // Вестник Московского университета. Серия 14, Психология. – 2007 . – № 1. – С. 73-87.
7. Козлова О.А., Селезенева Е.А. Особенности мотивации работников в условиях формирования цифровой экономики // Human Progress. 2018. №10. URL: https://cyberleninka.ru.
8. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи савдо ва хизматрасонии маишӣ”, Қарори Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2013, №3, Боби 1. Муқаррароти умумӣ.
9. Мотивация и стимулирование трудовой деятельности : учебник / под ред. А.Я. Кибанова. – Москва: ИНФРА-М, 2019. – 524 с. – Текст : непосредственный.
10. Павлова Е. К. Особенности мотивации персонала в сфере розничной торговли // Вестник науки. 2024. №5 (74). URL: https://cyberleninka.ru.
11. Панкратов Ф.Г., Солдатова Н.Ф. Коммерческая деятельность: Учебник / – 13-е изд., перераб. и доп. – М.: Издательско-торговая корпорация “Дашков и К”, 2012. – 202 с.
12. Самарина Е. «Пятёрочка» автоматизирует систему признания персонала – кейс / Самарина Елена [Электронный ресурс] // HRD : [сайт]. – URL: https://thehrd.ru.
13. Среднегодовая численность занятых в россии / [Электронный ресурс] // Федеральная служба государственной статистики : [сайт]. – URL: https://rosstat.gov.ru.
14. Система мотивации / [Электронный ресурс] // Магнит : [сайт]. – URL: https://ar2018.magnit.com/ru.
15. Трокина А.А. Мотивация сотрудников как один из значимых элементов лояльности персонала в сфере розничной торговли // Экономика и социум. 2016. №10 (29). URL: https://cyberleninka.ru.
16. Иванова С.В. Мотивация на 100 %: а где же у него кнопка? / С.В. Иванова. – 12-е изд. – Москва: Альпина Паблишерз, 2018. – 283 с. – Текст : непосредственный.
17. Егоршин А.П. Мотивация и стимулирование трудовой деятельности: учебное пособие / А. П. Егоршин. – 3-е изд., перераб. и доп. – Москва: ИНФРАМ, 2019. – 378 с;

УДК 657.6:338.46(575.3)

АСОСҲОИ НАЗАРИЯВӢ ВА МЕТОДОЛОГИИ РУШДИ БОЗОРИ ХИЗМАТРАСОНИИ АУДИТ ВА БАЛАНД БАРДОШТАНИ САМАРАИ ОН ДАР ИҚТИСОДИЁТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

КАМОЛОВА ШАҲРИГУЛ САЪДУЛЛОЕВНА
Ассистенти кафедраи таҳлили иқтисодӣ ва омори Донишгоҳи байналмиллалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон. **Суроға:** Ҷумҳурии Тоҷикистон 734055, ш. Душанбе.х. Борбад 48/5. **Тел.:** (+992) 777-11-19-55. **E-mail:** bkamolova@gmail.com

Аннотатсия: Дар таҳқиқоти мазкур ҷанбаҳои назариявии ташаккул ва рушди бозори хизматрасониҳои аудит дар шароити иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди омӯзиш қарор гирифтаанд. Моҳияти аудит ҳамчун унсури муҳими инфрасохтори иқтисоди бозорӣ муайян гардида, нақши он дар таъмини эътимоднокии ҳисоботи молиявӣ ва баланд бардоштани самаранокии фаъолияти субъектҳои хоҷагидорӣ нишон дода шудааст. Хусусиятҳои иқтисодӣ ва таъсири онҳо ба ташаккули бозори хизматрасониҳои аудит таҳлил гардидаанд. Заминаҳои иқтисодӣ, институтсионалӣ ва ҳуқуқии рушди аудит муайян карда шудаанд. Ҳамчунин, марҳилаҳои асосии ташаккули фаъолияти аудит дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ гардида, мушкилот ва маҳдудиятҳои мавҷудаи соҳа ошкор карда шудаанд. Натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд барои такмили низоми аудит ва баланд бардоштани сифати хизматрасониҳои аудит истифода шаванд.

Калимаҳои калидӣ: аудит, хизматрасониҳои аудит, бозори аудит, ҳисоботи молиявӣ, ҷаҳонишавии бизнес, рақамикунонии аудит.

ТЕОРЕТИЧЕСКИЕ И МЕТОДОЛОГИЧЕСКИЕ ОСНОВЫ СТАНОВЛЕНИЯ РЫНКА АУДИТОРСКИХ УСЛУГ И ПОВЫШЕНИЯ ЕГО ЭФФЕКТИВНОСТИ В ЭКОНОМИКЕ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

КАМОЛОВА ШАХРИГУЛ САДУЛЛОЕВНА
Ассистент кафедры экономический анализ и статистики Международного университета туризма и предпринимательство Таджикистана. **Адрес:** Республика Таджикистан, 734055, г. Душанбе, пр. Борбад, 48/5. **Тел.:** (+992) 777-11-19-55. **E-mail:** bkamolova@gmail.com

Аннотация: В настоящем исследовании изучены теоретические аспекты формирования и развития рынка аудиторских услуг в условиях экономики Республики Таджикистан. Раскрыта сущность аудита как важного элемента рыночной инфраструктуры, раскрыта его роль в обеспечении достоверности финансовой отчетности и повышении эффективности деятельности хозяйствующих субъектов. Проанализированы особенности переходной экономики и их влияние на формирование рынка аудиторских услуг. Выявлены экономические, институциональные и правовые предпосылки развития аудита. Рассмотрены основные этапы становления аудиторской деятельности в Республике Таджикистан, а также выявлены существующие проблемы и ограничения. Результаты исследования могут быть использованы для совершенствования системы аудита и повышения качества аудиторских услуг.

Ключевые слова: аудит, аудиторские услуги, рынок аудита, финансовая отчетность, глобализацией бизнеса, цифровизация аудита.

THEORETICAL AND METHODOLOGICAL BASIS FOR THE DEVELOPMENT OF THE MARKET OF AUDIT SERVICES AND INCREASING ITS EFFICIENCY IN THE ECONOMY OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

KAMOLOVA SHAHRIGUL SADULLOEVNA
Assistant of the Department of Economic Analysis and Statistics at the International University of Tourism and Entrepreneurship of Tajikistan. **Address:** Republic of Tajikistan, 734055, Dushanbe, Borbad Ave, 48/5. **Tel.:** (+992) 777-11-19-55. **E-mail:** bkamolova@gmail.com

Abstract: This study examines the theoretical aspects of the formation and development of the audit services market in the context of the economy of the Republic of Tajikistan. The essence of auditing as an important element of market infrastructure is defined, and its role in ensuring the reliability of financial reporting and improving the efficiency of economic entities is substantiated. The features of a transition economy and their impact on the formation of the audit services market are analyzed. The economic, institutional, and legal prerequisites for the development of auditing are identified. The main stages in the development of auditing activities in the Republic of Tajikistan are considered, and existing problems and constraints in the field are revealed. The results of the study can be used to improve the audit system and enhance the quality of audit services.

Keywords: auditing, audit services, audit market, financial reporting, business globalization, audit digitalization.

Муқаддима: Рушди иқтисодӣ бо тағйироти амиқи сохторӣ, ки бо рушди моликияти хусусӣ, соҳибкорӣ ва инфрасохтори бозор алоқаманданд дар мақола тавсиф мешавад. Дар чунин шароит, зарурат ба арзёбии мустақилонаи ҳисоботи молиявии ташкилотҳо афзоиш меёбад, ки боиси ташаккул ва рушди бозори хизматрасонии аудиторӣ мегардад.

Бо вуҷуди қадамҳои устувор дар ин самт, заминаҳои назариявӣ ва методологии рушди бозори хизматрасонии аудит дар ҷумҳурӣ ҳанӯз ҳам ба таҳқиқи амиқ ва мутобиқсозӣ ба стандартҳои байналмилалии аудит (СБА) ниёз доранд. Масъалаҳои баланд бардоштани самаранокии хизматрасонии аудит, рақобатпазирии ширкатҳои аудитории ватанӣ ва таъсири онҳо ба рушди умумии иқтисодиёти миллии Тоҷикистон мубрам ва актуалӣ боқӣ мемонанд. Ин омилҳо зарурати интихоби мавзуи таҳқиқот ва муҳиммияти илмию амалии онро муайян мекунанд.

Аҳамияти таҳқиқот: Дар натиҷаи омузиши соҳаи аудит зарурати дарки назариявии рушди аудит дар иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва муайян кардани хусусиятҳои хоси бозори хизматрасонии аудитӣ бармеояд. Сарфи назар аз мавҷудияти асарҳои илмӣ дар соҳаи аудит, ташаккули бозори хизматрасонии аудит дар шароити рушди иқтисодӣ, бахусус бо назардошти хусусиятҳои миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба қадри кофӣ омӯхта нашудааст. Ин зарурати таҳқиқоти ҳамаҷонибаро ба миён меорад.

Таҳияи низоми самараноки назорати молиявӣ дар рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба самти иқтисоди бозорӣ махсусан муҳим аст. Яке аз унсурҳои асосии чунин низом аудит мебошад, ки эътимоднокии маълумоти молиявиро таъмин мекунад, шаффофияти субъектҳои иқтисодиро афзоиш медиҳад ва эътимодро байни сармоягузорон, қарздиҳандагон ва ҳукумат тақвият медиҳад.

Ҳадафи таҳқиқот: Омӯзиши асосҳои назариявии ташаккул ва рушди бозори хизматрасонии аудиторӣ дар шароити рушди иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин муайян кардани омилҳои дар ҷадвали 1 овардашуда, ки ба рушди фаъолияти аудитори таъсир мерасонанд.

Барои ноил шудан ба ин ҳадаф, вазифаҳои зерин бояд ҳал карда шаванд:

1. Омӯзиши асосҳои назариявии аудит ҳамчун унсури инфрасохтори бозор.
2. Таҳлили хусусиятҳои иқтисоди гузариш ва таъсири онҳо ба рушди аудит.
3. Муайян кардани нақши аудит дар таъмини рушди устувори иқтисодӣ.

Хизматрасонии аудиторӣ як навъи фаъолияти касбии соҳибкорӣ мебошад, ки ба санҷиши мустақилонаи ҳисоботи молиявӣ, арзёбии эътимоднокии маълумот ва афзоиши эътимод байни иштирокчиёни бозор нигаронида шудааст.

Аз нуқтаи назари Белуха Н.Т., «...санади назорати аудит метавонад далели муҳими ҳақиқат барои муштарӣ, хадамоти андоз бошад, агар он дар асоси натиҷаҳои тадқиқоти илмии фаъолияти молиявӣ ва иқтисодӣ, ки дар баҳисобгирӣ ва ҳисоботдиҳӣ бо риояи методология ва қоидаҳои ҳуқуқӣ инъикос ёфтаанд, тартиб дода шавад» [1. с.318].

Масъалаҳои бозори хизматрасонии аудиторӣ дар зинаи омӯзиши илмӣ ва таъсири назорати аудит ба равандҳои идоракунии ташкилот дар шароити рушди муносибатҳои бозорӣ,

ҳадафҳо, вазифаҳо ва усулҳои он, инчунин равишҳои илмӣ ба стандартизатсия ва сифати аудит дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар солҳои охир аз ҷониби олимони тоҷик А. Менгниев, С.Ф. Низомов, А. Мирзоалиев, М. Шобеков, Д. Уроков, Ш. Комилов, Т. Гулов, К. Асоев, Б. Каримов, Р. С. Тохирова, Г.М. Рахимов, Г.Н. Ҷабборов, Н.Т. Қодиров, дар рушди назария ва амалияи аудит саҳм гузоштаанд. Дар бораи масъалаҳои аудит аз ҷониби олимони хориҷӣ: Н.Т. Белуха, В.Г. Афанасьев, К. Адаметский, А. Аренс, Дж. Лоббек, А.Д. Шеремет, В.П. Сюитс, Т. Г. Шешукова М.А. Горолилов, И.В. Федоренко, Ю.Ю. Кочинев, Е. Покивайлова , Ю.Ю. Кочинев, В.В. Бурцев, Е.М. Гутзейт ва дигарон.

Ҳамин тариқ, олимони ватанӣ бар он ақидаанд, ки бозори хизматрасонии аудиторӣ дар Тоҷикистон дар раванди рушди фаъол қарор дорад ва ба пешрафти минбаъдаи институтсионалӣ ва технологӣ ниёз дорад. Одатан, ҳангоми муайян кардани мафҳуми аудит, ҳадафи асосии он ба назар гирифта мешавад, ки дар ҷадвали зер таърифи аудит оварда шудааст:

ҶАДВАЛИ 1. АҚИДАИ ОЛИМОН ДАР СОҲАИ АУДИТ

№	Муаллифон	Манбаъ	Таърифҳои аудит
1.	Т.Г. Шешукова М.А. Горолилов	Аудит: назария ва амалияи татбиқи стандартҳои байналмилалӣ [3. с.184].	«Таърифи аудит дар қонунгузории дохилӣ бо муқаррароти байналмилалӣ мувофиқ аст».
2.	И.В. Федоренко	Аудит: васеъ кардани марзҳои илм (назария ва методология) [5. с.100].	«Аудит ин санҷиши мустақилона ва таҳлили ҳисоботи молиявии оммавии субъекти соҳибкорӣ мебошад».
3.	Н.Т. Белуха	Аудит [1. с.769].	«Мундариҷаи назорати аудит арзёбии коршиносии фаъолияти молиявию хоҷагии корхонаро дар асоси маълумоти баҳисобгирии муҳосибӣ, тавозун, ҳисоботдиҳӣ ва аудити дохилӣ дар бар мегирад».
4.	Ю.Ю. Кочинев	Аудит мувофиқи стандартҳои байналмилалӣ [6 с.413].	«Аудит метавонад ҳамчун як навъи санҷиши тиҷоратӣ муайян карда шавад».
5.	В.В. Буртсев	Ташкили системаи назорати дохилии ташкилоти тиҷоратӣ [12].	«Чаҳор марҳилаи раванди идоракуниро ҷудо мекунад: 1. банақшагирӣ; 2. ташкил ва танзими татбиқи қарорҳои идоракунӣ; 3. баҳисобгирӣ; 4. таҳлил ".
6.	Г.В. Савитская	Таҳлили фаъолияти иқтисодии корхона [7. с.688].	«Мафҳуми мураккабтари назорат ин назоратест, ки дар ҳар марҳилаи раванди идоракунӣ, асосгузори он амалӣ карда мешавад».
7.	А. Д. Шеремет	Аудит [8. с.410].	«Аудит ин санҷиши мустақилонаи ҳисоботи молиявии корхона аз ҷониби аудитори махсус таъиншуда ва изҳори андеша дар бораи онҳо бо риояи қоидаҳои муқаррарнамудаи қонун мебошад».

8.	Р.С. Тохирова	Рушди аудит дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 2019 [13. с.45-48] .	«Бозори аудит марҳила ба марҳила рушд мекунад ва аз ислоҳоти институтсионалӣ вобаста аст».
9.	Г.М. Раҳимов	Фаъолиятҳои аудиторӣ дар Тоҷикистон 2019 [4. с.112-115] .	«Аудит шаффофияти иқтисодӣ ва татбиқи стандартҳои байналмилалиро таъмин мекунад».
10.	Э.А. Покивайлова	Соли 2020	«Бозори аудит ба навсозӣ ва рушди танзим ниёз дорад».
11.	Э.М. Гутсейт	Асосҳои назариявии аудит 2020 [16] .	«Аудит унсури назорати молиявӣ ва инфрасохтори бозор аст».
12.	О.Ф. Ермишина	Таҳлили вазъи бозори хизматрасонии аудиторӣ дар соли 2025 [9]	«Аудит эътимодро ба маълумоти молиявӣ дар шароити ноустувор афзоиш медиҳад».
13.	Ғ.Н. Ҷабборов	Иқтисодиёт рақамӣ ва фаъолият аудиторӣ 2025 [11. с.78-82] .	«Рақамикунони самти калидии рушди аудит аст».

Сарчашма: Аз ҷониби муаллиф дар асоси адабиёт тартиб дода шудааст.

Н.Т. Қодиров қайд мекунад, ки «дар шароити иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон бозори хизматрасонии аудиторӣ дар марҳилаи ибтидоии худ қарор дорад ва бо мушкилоти зерин рӯбарӯ мешавад:

1. Набудани кадрҳои баландихтисос;
2. Сатҳи пасти эътимоднокӣ;
3. Чаҳорчӯбаи сусти танзимкунанда» [15. с.48-49] .

Дар иқтисоди бозорӣ, аудит вазифаҳои зеринро иҷро мекунад:



Расми 1. Вазифаҳои бозории фаъолияти аудиторӣ.
Аз ҷониби муаллиф дар асоси адабиёт тартиб дода шудааст.

Чунин хизматрасонии дар сатҳи баланд аз ҷониби аудиторҳо гузаронидашуда одатан нисбат ба дигар ширкатҳо гаронтаранд ва дар ҳолатҳое мувофиқанд, ки саҳмдорон ё шарикони хориҷӣ онҳоро талаб мекунанд. Агар ширкат аллакай вазифаи назорати дохилӣ ё аудит дошта бошад, ин ба вазифаи аудити беруна кӯмак мекунад, ки санҷиши аудитириро хеле зудтар анҷом диҳад ва ба кори аллакай анҷомдодашуда такя кунад. Масъалаҳои марбут ба ташаккул ва рушди бозори хизматрасонии аудит дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асарҳои муҳаққиқони ватанӣ инъикос ёфтаанд, ки аудитро ҳамчун як ниҳоди нав дар иқтисоди бозорӣ мешуморанд.

Ба ақидаи Р. С. Тоҳиров , «рушди аудит дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тадриҷан суст сурат мегирад ва мустақиман бо тағйирёбии низоми иқтисодӣ ва ташаккули чаҳорчӯбаи танзимкунанда алоқаманд аст» [13. с. 45-48]. Ба андешаи ӯ, ислоҳоти институтсионалӣ асоси рушди фаъолияти аудиторӣ гардиданд.

Г.М. Раҳимов қайд мекунад, ки «аудит дар шароити муосир на танҳо вазифаи назоратӣ, балки вазифаи стратегиро низ иҷро мекунад ва ба шаффофияти иқтисодиёт ва татбиқи стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ мусоидат менамояд» [4. с.112-115].

Олимони муосир бозори хизматрасонии аудитро ҳамчун унсури муҳими инфрасохтори молиявӣ мешуморанд, ки шаффофияти иқтисодиро таъмин мекунад, нобаробарии иттилоотро коҳиш медиҳад ва эътимодро ба гузоришдиҳии молиявӣ афзоиш медиҳад.

Илова бар ин, Г.Н. Ҷабборов зарурати рақамикунонии аудитро таъкид мекунад, ки ҷорӣ намудани технологияи иттилоотӣ шарти муҳимтарини беҳтар кардани сифати хизматрасонии аудиторӣ мебошад [11. с.78-82] .

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҷорӣ намудани системаи назорати сифат дар соҳаи аудит бехатар ва мунтазам анҷом дода шавад, зеро истифодаи мустақими он дар истеҳсоли мол, кор ва хизматрасонӣ идоракунии ташкилотӣ ва назорати натиҷаҳои воқеии молиявиро душвор мегардонад ва инчунин метавонад ба равишҳои субъективӣ ва хатогиҳо дар банақшагирии андоз оварда расонад.



Расми 2. Мушкилоти бозори хизматрасонии аудиторӣ

Аз ҷониби муаллиф дар асоси адабиёт тартиб дода шудааст.

И.А. Бланк қайд мекунад, ки «бозори хизматрасонии аудиторӣ дар муҳити институтсионалӣ, аз ҷумла қонунгузорӣ, стандартҳо ва ташкилотҳои касбӣ, рушд мекунад» [17. с.33-36] .

Рушди бозори хизматрасонии аудиторӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба гузариш аз низоми фармондеҳӣ-маъмурӣ ба иқтисоди бозорӣ зич алоқаманд аст. Аз нигоҳи назариявӣ, ин раванд бар асоси маҷмӯи заминаҳои иқтисодӣ, институтсионалӣ ва ҳуқуқӣ сурат мегирад.

Ба андешаи мо, аудит на танҳо вазифаи назоратӣ, балки вазифаи институтсионалиро дар рушди иқтисодӣ низ иҷро мекунад ва ба ташаккули муносибатҳои бозорӣ ва ҷолибияти сармоягузории кишвар мусоидат мекунад.

Махсусан таъкид карда мешавад, ки бозори хизматрасонии аудит қисми муҳими низоми молиявӣ мебошад. Бозори аудит дар таъмини шаффофият ва эътимод дар ҳисоботи молиявӣ, махсусан дар замони ноустувории иқтисодӣ, нақши калидӣ мебозад.

Ин тасдиқ мекунад, ки аудит ҳамчун механизми коҳиш додани хатарҳо ва нобаробарии иттилоотӣ хизмат мекунад. Ба фаъолияти доими соҳаи аудит чунин мушкилотҳои бозори метавонанд таъсири манфи расонанд:

Дар рушди бозори хизматрасонии аудиторӣ якчанд марҳилаҳо мавҷуданд , ки дар соҳаи фаъолияти аудиторӣ нақши муҳим доранд:

Марҳилаи якум: Тағйири бозор таҳти таъсири рақамикунонӣ ва ҷаҳонишавӣ. Муҳаққиқон қайд мекунанд, ки бозори хизматрасонии аудиторӣ аз соли 2020 инҷониб тағйироти назаррасро аз сар гузаронидааст, ки чунинанд:

1. ҷорӣ намудани технологияҳои рақамӣ;
2. автоматикунонии расмиёти аудит;

3. таҳкими стандартҳои байналмилалӣ.

Тибқи таҳқиқот, соли 2020 зарурати муосирсозии аудит ҳам дар сатҳи қонунгузорӣ ва ҳам дар сатҳи технологӣ мушоҳида мешавад. Ҳамин тариқ, аудит аз вазифаи анъанавии аудит ба вазифаи таҳлилӣ ва машваратӣ мегузарад.

Марҳилаи дуюм: Аҳамияти афзояндаи аудит ҳамчун воситаи идоракунии хатарҳо. Иқтисоддонони муосир нақши тағйирёбандаи аудитро ба ду гуруҳ ҷудо мекунанд:

а) аудит дигар талаботи барасмиятдарорӣ нахоҳад буд;

б) ба сифати муайян кардани хатарҳо ва беҳтар кардани самаранокии тиҷорат табдил меёбад.

Коршиносон қайд мекунанд, ки дар солҳои 2025–2026 аудит ба як воситаи арзёбии хатарҳо ва муайян кардани имкониятҳои рушд табдил хоҳад ёфт. Ин аз гузариш ба модели аудити ба хатар нигаронидашуда шаҳодат медиҳад.

Марҳилаи сеюм: Тамоюлҳои рушд дар бозори ҷаҳонии аудит. Таҳқиқоти байналмилалӣ афзоиши устувори бозорро нишон медиҳанд:

1. рушди бахши корпоративӣ;
2. тақвияти талаботи шаффофият;
3. ҷаҳонишавии тиҷорат.

Марҳилаи чорум: Мушкилоте, ки муҳаққиқон муайян кардаанд. Аксари мақолаҳои илмӣ аз соли 2018 то 2025 дар муайян кардани мушкилоти зерин мувофиқанд:

Таҳқиқоти ахир аз соли 2020 то 2025 нишон медиҳанд, ки бозори хизматрасонии аудиторӣ тағйиротро аз сар мегузаронад: нақши он дар таъмини шаффофияти иқтисодӣ афзоиш меёбад ва аҳамияти равиши ба хатар асосёфта ва технологияҳои рақамӣ меафзояд. Дар айни замон, мушкилоти марбут ба норасоии кормандон, танзим ва талабот, махсусан дар кишварҳои дорои иқтисодиёти рӯ ба инкишоф, боқӣ мемонанд.



Расми 3. Мушкилотҳои иқтисодӣ дар соҳаи аудит.
Аз ҷониби муаллиф дар асоси адабиёт тартиб дода шудааст.

Аз нуқтаи назари назариявӣ, аудит унсури инфрасохтори бозор аст, ки шаффофияти фаъолияти иқтисодиро таъмин мекунад ва нобаробарии иттилоотро коҳиш медиҳад.

Бо афзоиши ҳамгироии субъектҳои иқтисодии дохилӣ ба иқтисоди ҷаҳонӣ, талабот ба сатҳ ва сифати маълумоти молиявӣ ба таври назаррас афзоиш меёбад. Бо дарназардошти ин, ҳукумат дар даҳсолаи охир чораҳои зиёдеро барои такмил ва танзими системаҳои баҳисобгирӣ ва ҳисоботи молиявӣ андешидааст, ки ин низоми мавҷударо ба амалияи байналмилалии умум қабулшуда наздиктар мекунад [2. с. 247].

Рушди корхонаҳо ва афзоиши нақши ҳамгироии байналмилалӣ дар соҳаи иқтисодӣ муттаҳидсозии системаҳои баҳисобгирӣ ва аудит, ҳамоҳангсозӣ, якрангӣ ва шаффофияти принсипҳои танзими аудити босифатро, ки дар кишварҳои гуногун татбиқ мешаванд, талаб мекунад.



Расми 4. Равишҳои илмии муосир.
Аз ҷониби муаллиф дар асоси адабиёт тартиб дода шудааст.

Марҳилаи панҷум : Хусусиятҳои рушди иқтисодӣ ва таъсири онҳо ба аудит

Рушди иқтисодӣ бо хусусиятҳои зерин тавсиф мешавад:

a) тағйир додани шаклҳои моликият;
b) рушди бахши хусусӣ;
c) озодкунии нархҳо ва фаъолияти иқтисодии хориҷӣ;
d) ташаккули институтҳои нави бозорӣ.

Дар чунин шароит зарурати объективии назорати мустақили молиявӣ вуҷуд дорад, зеро:

a) шумораи субъектҳои соҳибкорӣ афзоиш меёбад;
b) муносибатҳои молиявӣ мураккабтар мешаванд;
c) хатари гузоришҳои нодуруст меафзояд.

Тавре ки дар таҳқиқоти илмӣ қайд шудааст, гузариш ба низоми бозорӣ ташаккули муҳити нави институтсионалӣ, аз ҷумла аудит, инчунин таҳияи чаҳорчӯбаи танзимкунанда ва кадрҳои касбиро талаб мекунад.

Марҳилаи шашум: Марҳилаҳои рушди бозори хизматрасонии аудиторӣ дар Тоҷикистон.

Таҳқиқот нишон медиҳанд, ки бозори хизматрасонии аудиторӣ дар Тоҷикистон аз сабаби заъфи талабот, норасоии мутахассисони соҳибихтисос ва бартарии давлат муддати тӯлонӣ суст рушд кардааст.

Аз нуқтаи назари назариявӣ, аудит нақши стратегӣ мебозад:

1. Рақамӣ кардани аудит;
2. Татбиқи стандартҳои байналмилалӣ дар Тоҷикистон;
3. Рушди аудити дохилӣ.

Рушди аудит шарти зарурии фаъолияти бомуваффақияти иқтисоди бозорӣ ва ташаккули муносибатҳои боэътимод байни субъектҳои соҳибкорӣ ҳисобида мешавад.

Асоси методологии таҳқиқотро методҳои умумиилмии таҳлили тиҷоратӣ ва мантиқӣ, усулҳои таърихӣ, методҳои махсуси иқтисодӣ ташкил медиҳанд. Ҷиҳати муайян намудани дурнамо ва роҳҳои баланд бардоштани самараи бозори хизматрасонии аудит дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз усулҳои таҳлили стратегӣ ва баҳодиҳии экспертӣ (коршиносӣ) истифода бурда шудааст».

Муҳокимаи асосҳои назариявӣ ва методологии рушди бозори хизматрасонии аудит дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон медиҳад, ки ин соҳа дар марҳалаи гузариш аз модели анъанавии назорати давлатӣ ба модели муосири бозории танзим, ки ба Стандартҳои Байналмилалии Аудит (СБА) асос ёфтааст, қарор дорад.

Барои баланд бардоштани самараи бозори хизматрасонии аудит дар Иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар қисми муҳокима пешниҳодҳои зерин ба миён гузошта мешаванд:

1. **Такмили қонунгузории танзимкунанда:** Назорати давлатии сифати аудитро бояд пурзӯр кард ва механизми масъулияти молиявию ҳуқуқии аудиторонро барои хулосаҳои нодуруст мушаххас намуд.

2. **Дастгирии ширкатҳои ватанӣ:** Таъсири иттиҳодияҳои касбии аудиторон (палатаҳо ва созмонҳои ҷамъиятӣ)-ро зиёд кардан лозим аст, то онҳо тавонанд манфиатҳои ширкатҳои миллиро ҳимоя кунанд.

3. **Ҳавасмандгардонии фаъолияти аудиторӣ:** Барои он корхонаҳое, ки аудити солона мегузаранд, имтиёзҳои муайяни маъмурӣ ё кӯмакҳо дар самти ҷалби сармоя пешбинӣ карда шавад.

4. **Татбиқи технологияҳои муосир:** Коркард ва ҷории барномаҳои автоматикунонидашудаи аудит (ба мисли Audit-Expert, CaseWare ва ғайра), ки мӯҳлати таҳлилро кам ва сифати онро баланд мебардоранд.

Хулоса: Ҳамин тариқ, асосҳои назариявии рушди бозори хизматрасонии аудиторӣ дар шароити рушди иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон бар асоси рушди муносибатҳои бозорӣ, ташаккули муҳити институтсионалӣ ва ҳуқуқӣ, ҳамгироӣ ба иқтисоди ҷаҳонӣ ва зарурати таъмини шаффофият ва эътимод дар низоми молиявӣ асос ёфтаанд.

Аудит на танҳо воситаи назорат, балки унсури муҳими рушди иқтисодӣ буда, ба фаъолияти устувори иқтисоди бозорӣ мусоидат мекунад.

Дар натиҷаи таҳқиқоти гузаронидашуда муайян карда шуд, ки ташаккули бозори хизматрасонии аудиторӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон раванди объективӣ ва табиӣ буда, бо гузариш ба иқтисоди бозорӣ ва рушди фаъолияти соҳибкорӣ вобаста аст.

Аудит унсури муҳими инфрасохтори бозор буда, эътимоднокии маълумоти молиявиро таъмин мекунад, хатарҳоро коҳиш медиҳад ва самаранокии идоракуниро беҳтар мекунад. Дар иқтисоди гузариш, нақши он ба таври назаррас меафзояд, зеро ниёз ба назорати мустақили молиявӣ ва рушди муносибатҳои боэътимод байни субъектҳои соҳибкорӣ афзоиш меёбад.

Хулоса. Таҳлил нишон дод, ки рушди бозори хизматрасонии аудиторӣ дар Тоҷикистон аз ибтидо то марҳилаи кунунии худ аз якчанд марҳила гузаштааст, ки бо татбиқи стандартҳои байналмилалӣ ва васеъ шудани доираи хизматрасониҳо тавсиф мешавад.

Бо вуҷуди ин, рушди бозор аз як қатор омилҳо, аз ҷумла талаботи нокифоя, норасоии кадрҳои баландихтисос ва чаҳорчӯбаи нокифояи танзимкунанда, бозмедорад.

Дар маҷмӯъ, ба чунин хулоса омадем, ки рушди минбаъдаи аудит дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои беҳтар кардани муҳити институтсионалӣ, баланд бардоштани сифати аудит, тайёр кардани мутахассисони лаёқатманд ва фаъолона ҷорӣ намудани стандартҳои байналмилалиро талаб мекунад. Ин самаранокии иқтисодиётро беҳтар ва ҷолибияти сармоягузории кишварро тақвият медиҳад.

АДАБИЁТ:

1. Аудит: Белуха Н.Т. Учебник. — К.: "Знания", КОО, 2000. — 769 с.
2. Аудит: учебник и практикум для вузов / Штефан М. А., Замотаева О. А., Максимова Н. В., Шурыгин А. В. под редакцией Штефан М. А. — 4-е изд., перераб. и доп. — Москва: Издательство Юрайт, 2023. — 744 с.
3. Аудит: теория и практика применения международных стандартов: учебное пособие. -2-е изд., Горолилов М. А., Шешукова Т. Г., – М.: Финансы и статистика, 2005. – 184 с.
4. Аудиторская деятельность в Таджикистане: состояние и перспективы развития Рахимов Г.М. // Восточно-Европейский научный журнал. — 2019. — № 6. — С. 112–115.

5. Аудит: расширяем границы науки (теория и методология): монография / И.В. Федоренко. — Москва: ИНФРА-М, 2023. — 100 с.
6. Аудит в соответствии с международными стандартами: учебник / Кочинев, Ю. Ю. — Москва: ИНФРА-М, 2023. — 413 с.
7. Анализ хозяйственной деятельности предприятия: Савицкая Г. В. 4-е изд., перераб. и доп. — Минск: «Новое знание», 2000. — 688 с.
8. Аудит: учебник. Шеремет А.Д., Суйц В.П. - 4-е изд., перераб. И доп. – М- ИНФРАМ-М, 2003. -410 с.
9. Анализ состояния рынка аудиторских услуг. Ермишина О.Ф., Власова С.С. // Journal of Monetary Economics and Management. — 2025.
10. Институциональные основы аудита в Таджикистане // Экономические науки. — 2020. — № 3. — С. 25–30.
11. Иқтисодиёти рақамӣ ва фаъолияти аудиторӣ. Ҷабборов Ғ.Н. // Материалы научной конференции. — Душанбе, 2025. — С. 78–82.
12. Организация системы внутреннего контроля коммерческой организации. Бурцев В. В. – М.: Экзамен, 2000.
13. Развитие аудита в Республике Таджикистан. Тохирова Р.С. — Душанбе, 2019. — С. 45–48.
14. Рынок аудиторских услуг: проблемы и пути решения Покивайлова Е.А., Петрова А.Т. // Финансовый бизнес. — 2020.
15. Развитие аудита в Республике Таджикистан. Кадыров Н.Т. – Душанбе, 2022 С- 48-49
16. Теоретические основы аудита. Гутцайт Е.М.— Москва, 2020.
17. Финансовый менеджмент. Бланк И.А. – Киев 2021 С- 33-36

УДК 657.47:338.48 (575.3)

ҶАНБАҲОИ БАҲИСОБГИРИЮ ИҚТИСОДИИ ТАСНИФ ВА ТАШАККУЛИ ХАРОҶОТ ДАР ФАЪОЛИЯТИ САЙЁҲӢ

КАРИМОВ НУРУЛЛО САФАРБЕГОВИЧ
Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, ассистенти кафедраи аудит ва ревизия.
Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734064, ш. Душанбе, кӯч. Нахимов, 64/14.
E-mail: nurullokarim@mail.ru. **Тел.:** (+992) 976-75-21-21.

Аннотатсия. Дар мақола ҷанбаҳои баҳисобгирию иқтисодии тасниф ва ташаккули хароҷоти фаъолияти сайёҳӣ дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳқиқ мешаванд. Моҳияти иқтисодии мафҳумҳои «масрафҳо», «хароҷот» ва «арзиши аслӣ» ифшо карда шуда, зарурати ҷудокунии онҳо вобаста ба фаъолияти хоҷагидорӣ дар бахши сайёҳӣ асоснок карда мешавад. Дар асоси таҳлили адабиёти хориҷӣ ва ватанӣ муқаррар карда шудааст, ки равишҳои мавҷуда ҷиҳати таснифи хароҷот асосан ба фаъолияти истеҳсолӣ нигаронида шудаанд ва хусусиятҳои хизматрасониҳои сайёҳиро пурра ба назар немегиранд. Дар баробари ин, хусусиятҳои фаъолияти сайёҳӣ ҳамчун объекти баҳисобгирии муҳосибӣ, ки бо хосияти мураккаб ва бисёрҷанба доштани маҳсулоти сайёҳӣ, ҳиссаи зиёди хизматрасониҳои харидашуда дар сохтори он, мавсимии талабот ба хизмарасониҳои сайёҳӣ ва вобастагии онҳо аз шароити инфрасохторӣ алоқаманд мебошанд, ошкор карда шудаанд. Дар асоси маълумоти расмии оморӣ тамоюлҳои муосири рушди фаъолияти сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлил карда шуда, омилҳои асосие, ки ба ташаккули хароҷоти ширкатҳои сайёҳӣ таъсир мерасонанд, муайян карда шудаанд. Таснифи банизомдаровардашудаи хароҷот дар фаъолияти сайёҳӣ пешниҳод карда шуда, самтҳои такмили баҳисобгирии онҳо, ки ба баланд бардоштани муҳтавои таҳлилӣ ва шаффофии иттилооти баҳисобгирӣ, инчунин аҳамияти он барои идоракунӣ нигаронида шудаанд, асоснок карда мешаванд. Дар бораи зарурати мутобиқсозии

равишҳои анъанавии баҳисобгирии хароҷот ба хусусиятҳои фаъолияти сайёҳӣ хулоса бароварда шудааст.

Калидвожаҳо: фаъолияти сайёҳӣ, хароҷот, таснифи хароҷот, баҳисобгирии хароҷот, арзиши аслӣ, маҳсулоти сайёҳӣ, хизматрасониҳои сайёҳӣ, баҳисобгирии идоракунӣ, баҳисобгирии таҳлилӣ, ташаккули хароҷот.

УЧЕТНО-ЭКОНОМИЧЕСКИЕ АСПЕКТЫ КЛАССИФИКАЦИИ И ФОРМИРОВАНИЯ ЗАТРАТ В ТУРИСТИЧЕСКОЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ

КАРИМОВ НУРУЛЛО САФАРБЕГОВИЧ
Таджикский государственный финансово-экономический университет, ассистент кафедры аудита и ревизии. **Адрес**: Республика Таджикистан, 734064, г. Душанбе, улица Нахимова, 64/14. **E-mail:** nurullokarim@mail.ru. **Тел.:** (+992) 976-75-21-21.

Аннотация. В статье исследуются учетно-экономические аспекты классификации и формирования затрат туристической деятельности в условиях Республики Таджикистан. Раскрывается экономическая сущность понятий «затраты», «расходы» и «себестоимость», обосновывается необходимость их разграничения применительно к хозяйственной деятельности в туристическом секторе. На основе анализа зарубежной и отечественной литературы установлено, что существующие подходы к классификации затрат в основном ориентированы на производственную деятельность и не в полной мере учитывают специфику туристических услуг. При этом выявляются особенности туристической деятельности как объекта учета, связанные со сложным и многогранным характером туристического продукта, высокой долей приобретаемых услуг в его структуре, сезонностью спроса на туристические услуги и их зависимостью от инфраструктурных условий. На основе официальных статистических данных проанализированы современные тенденции развития туристической деятельности в Республике Таджикистан, выявлены основные факторы, влияющие на формирование затрат туристических компаний. Предложена систематизированная классификация затрат в туристической деятельности и обоснованы направления совершенствования их учета, ориентированные на повышение аналитичности, прозрачности и управленческой значимости учетной информации. Сделан вывод о необходимости адаптации традиционных подходов к учету затрат к особенностям туристической деятельности.

Ключевые слова: туристическая деятельность, затраты, классификация затрат, учет затрат, себестоимость, туристический продукт, туристические услуги, управленческий учет, аналитический учет, формирование затрат.

ACCOUNTING AND ECONOMIC ASPECTS OF CLASSIFICATION AND COST FORMATION IN TOURISM

KARIMOV NURULLO SAFARBEGOVICH
Tajik State University of Finance and Economics, Assistant Professor, Department of Audit and Revision. **Address**: Republic of Tajikistan, 734064, Dushanbe, Nakhimov Street, 64/14.
E-mail: nurullokarim@mail.ru. **Tel.:** (+992) 976-75-21-21.

Abstract. This article examines the accounting and economic aspects of classification and cost formation in tourism in the Republic of Tajikistan. It explores the economic essence of the concepts of "expenses," "expenses," and "cost price," and substantiates the need to distinguish them in relation to economic activity in the tourism sector. An analysis of foreign and domestic literature reveals that existing approaches to cost classification are primarily focused on production activities and do not fully account for the specifics of tourism services. Furthermore, it identifies the specific features of tourism as an accounting entity, including the complex and multifaceted nature of the tourism product, the high proportion of purchased services within its structure, the seasonality of

demand for tourism services, and their dependence on infrastructure conditions. Using official statistical data, it analyzes current trends in the development of tourism in the Republic of Tajikistan and identifies the main factors influencing the formation of costs for tourism companies. A systematic classification of costs in tourism is proposed and areas for improving their accounting are substantiated, aimed at increasing the analytical effectiveness, transparency, and managerial significance of accounting information. A conclusion is reached regarding the need to adapt traditional approaches to cost accounting to the specific characteristics of tourism.

Keywords: tourism, costs, cost classification, cost accounting, cost price, tourism product, tourism services, management accounting, analytical accounting, cost formation.

Мубрамии таҳқиқот. Дар шароити имрӯза, сайёҳӣ як бахши босуръат рушдёбандаи иқтисодиёти миллӣ ҳисобида мешавад, ки ба ташаккули даромад ва густариши шуғли аҳолӣ, рушди инфрасохтор ва ҷолибияти сармоягузории минтақаҳо таъсири назаррас мерасонад. Дар сатҳи ҷаҳонӣ, сайёҳӣ аллакай аз ҳудудҳои соҳаи комилан фароғатӣ берун баромада, ба як низоми мураккаб ва бисёрсоҳавӣ, ки хизматрасониҳои нақлиётӣ, меҳмоннавозӣ, сайру саёҳат, иттилоотӣ ва дигарҳоро дар бар мегирад, табдил ёфтааст. Чунин сохтори бисёрҷанба идоракунии муассири равандҳои иқтисодӣ дар бахши сайёҳӣ, бахусус вобаста ба ташаккули хароҷот ва баҳисобгирии муҳосибиро тақозо мекунад. Бо вуҷуди шумораи зиёди интишороти илмӣ, ҳанӯз ҳам мушкилоти тасниф ва хусусиятҳои ташаккули хароҷот дар соҳаи сайёҳӣ ҳамчун объекти мустақили таҳқиқоти баҳисобгирию иқтисодӣ, бахусус дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба таври назаррас баррасӣ нашудаанд. Маҳз ҳамин холигоҳи илмӣ интихоби мавзуъ ва самти таҳқиқоти мазкурро муайян кардааст.

Асосҳои назариявии таҳқиқот. Дар робита ба ин, аҳамияти илмӣ ва амалии омӯзиши ҷанбаҳои баҳисобгирию иқтисодии тасниф ва ташаккули хароҷот дар фаъолияти сайёҳӣ, ки барои равшан кардани муҳтаво, банизомдарории аломатҳои таснифӣ ва ошкор кардани хусусиятҳои ташаккули хароҷот дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон нигаронида шудааст, афзоиш меёбад.

Масъалаҳои хароҷот, тасниф ва ташаккули онҳо чун анъана дар адабиёти иқтисодии хориҷӣ мавқеи намоёнро ишғол кардаанд. Асарҳои Э. Аткинсон [20], К. Друри [21], Р. Гаррисон [22] ва К. Ҳорнгрен [23] моҳияти хароҷот, равишҳои таснифи онҳо, ҳисоб кардани арзиши аслӣ ва тартиби истифодаи маълумоти баҳисобгирии муҳосибиро дар идоракунӣ ифшо мекунанд. Бояд қайд кард, ки аксари равишҳои мавҷуда асосан дар робита бо шароити соҳаҳои истеҳсолӣ таҳия шудаанд ва ба хусусиятҳои ташаккули хароҷот дар иқтисодиёти хизматрасонӣ, аз ҷумла бахши сайёҳӣ, шарҳи иловагии методологиро талаб мекунанд.

Ҳадафи таҳқиқот. Ифшо кардани ҷанбаҳои баҳисобгирию иқтисодии тасниф ва ташаккули хароҷот дар фаъолияти сайёҳӣ, равшан кардани муҳтавои онҳо ва ошкор кардани хусусиятҳои соҳавии ташаккули хароҷот дар шароити муосири Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Фарзияи таҳқиқот ба он асос меёбад, ки таҳқиқи ҷанбаҳои баҳисобгирию иқтисодии тасниф ва ташаккули хароҷот дар фаъолияти сайёҳӣ ҷиҳати ошкор кардани хусусиятҳои соҳавии ташаккули хароҷот дар шароити муосири Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат менамояд.

Усулҳои таҳқиқот. Асоси методологии таҳқиқотро усулҳои умумиилмӣ ва махсуси идрок ташкил доданд. Дар таҳқиқот усулҳои таҳлил ва таркиб, муқоиса, гурӯҳбандӣ, равишҳои муназзам ва мантиқӣ, инчунин усулҳои таҳлили иқтисодӣ ва оморӣ истифода шуданд. Барои омӯзиши вазъи муосири сайёҳӣ ва муайян кардани хусусиятҳои ташаккули хароҷот маълумоти омори расмии Ҷумҳурии Тоҷикистон, маводи таҳлилӣ ва натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ истифода шуданд.

Таҳлили адабиёт ва гузориши масъала. Дар адабиёти иқтисодии тоҷик, ҷанбаҳои алоҳидаи мушкилоти мазкур дар интишороти ба рушди баҳисобгирии молиявӣ ва баҳисобгирии идоракунӣ, ислоҳоти низоми баҳисобгирии муҳосибӣ ва такмили фаъолияти хадамоти муҳосибӣ бахшидашуда инъикос ёфтаанд.

Дар коркарди масъалаҳои мазкур саҳми олимон Б.Ҳ. Каримов [4, 5, 6], Г.Т. Қодирова [10], Қ.Х. Хушвахтзода [15], ки вазъи муосири баҳисобгирии муҳосибӣ, тағйироти институтсионалӣ ва асосҳои ташкилию методологии онро таҳқиқ кардаанд, назаррас мебошад. Таҳаввулоти баҳисобгирии идоракунӣ ва равишҳои муосири баҳисобгирӣ дар интишороти М.Б. Каримиён [3] ва Б.А. Маҷидзода [12] баррасӣ шудаанд. Дар интишороти Н.А. Абдулмуминзода [1], У.Ф. Ғаниев [2], Б.Ҳ. Каримов [6], Ҳ.Қ. Қурбонализода [11] масъалаҳои таснифи хароҷот, татбиқи усулҳои гуногуни баҳисобгирии хароҷот ва ҳисобкунии арзиши аслӣ, инчунин арзёбии иқтидори онҳо барои истифода дар соҳаҳои алоҳидаи иқтисодиёт баррасӣ шудаанд. Ҷанбаҳои алоҳидаи рушди сайёҳӣ ва инфрасохтори он дар интишороти Б.Ҳ. Каримов ба таҳқиқ фаро гирифта шудаанд [4, 5].

Муҳтавои асосӣ. Барои Ҷумҳурии Тоҷикистон рушди сайёҳӣ самти афзалиятноки сиёсати иҷтимоию иқтисодии давлат мебошад. Иқтидори бузурги табиию фароғатӣ, мероси бойи таърихию фарҳангӣ, гуногунии хатсайрҳои сайёҳӣ ва рушди ботадриҷи инфрасохтор заминаҳои воқеиро барои густариши сайёҳии дохилӣ ва воридотӣ фароҳам меоранд. Бо вуҷуди ин, «истифодаи нооқилонаи захираҳои сайёҳӣ, рушди нобасандаи иншооти инфрасохтори сайёҳӣ ва идоракунии номуносиби онҳо имкон намедиҳад, ки кори босамараи корхонаҳои соҳаи сайёҳӣ таъмин карда шавад» [6, с. 181]. Маводи расмии таҳлилӣ ва мушоҳидаҳои оморӣ таваҷҷуҳи афзоянда ба сайёҳӣ ҳамчун бахши афзалиятноки иқтисодиёти миллӣ, инчунин зарурати ташаккули пойгоҳи иттилоотии боэътимодро барои арзёбии самаранокии иқтисодии он тасдиқ мекунанд.

Дар баробари ин, рушди сайёҳӣ, густариши миқёсҳои фаъолияти корхонаҳои соҳа ва мураккабшавии муносибатҳои иқтисодӣ афзоиши талаботро ба ташкили баҳисобгирии муҳосибӣ ба миён меоранд. Дар тафовут аз соҳаҳои истеҳсолӣ, фаъолияти сайёҳӣ бо бартарии хизматрасониҳо, вобастагии зиёд аз омилҳои берунӣ, мавсимӣ будани талабот, гуногунии самтҳои хизматрасонӣ ва омезиши унсурҳои худӣ ва харидашудаи маҳсулоти сайёҳӣ тавсиф мешавад. Ин корбурди механизми мураккаби ташаккули хароҷот, аз ҷумла хароҷоти хизматрасонии нақлиётӣ, ҷойгиркунӣ (меҳмоннавозӣ), барномаҳои саёҳат ва тамошо, таблиғоти маркетингӣ, хизматрасониҳои миёнаравӣ ва дастгирии ташкилию иттилоотии хатсайрҳои сайёҳиро талаб мекунад. Дар чунин шароит, равишҳои анъанавии таснифи хароҷот, ки дар низоми баҳисобгирии муҳосибӣ истифода мешаванд, на ҳамеша хусусиятҳои соҳавии фаъолияти сайёҳиро пурра инъикос мекунанд ва ба эҳтиёҷоти идоракунӣ ҷавобгӯ мебошанд.

Сарфи назар аз рушди назарияи баҳисобгирии муҳосибии молиявӣ ва идоракунӣ, ҳанӯз ҳам масъалаҳои тасниф ва ташаккули хароҷот дар фаъолияти сайёҳӣ баҳсбарангез мебошанд. Таҳқиқоти илмии мавҷуда асосан ба масъалаҳои умумии баҳисобгирии хароҷот [1, 2, 3, 4, 5, 8, 9, 10, 11] ё ба мушкилоти тамоми бахши сайёҳӣ нигаронида шудаанд [10; 13]. Дар ин маврид, хусусиятҳои ташаккули хароҷот дар бахши сайёҳӣ ҳамчун як самти мустақили баҳисобгирии муҳосибӣ ва таҳқиқоти иқтисодӣ ба қадри кофӣ ифшо нашудаанд. Масъалаҳои мазкур махсусан дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон мубрам мебошанд, зеро дар кишвар рушди бахши сайёҳӣ мутобиқ кардани равишҳои мавҷудаи баҳисобгириро ба хусусиятҳои соҳавӣ ва эҳтиёҷоти амалии ширкатҳои сайёҳӣ талаб мекунад.

Дар адабиёти иқтисодӣ ва баҳисобгирӣ вожаҳои «масрафҳо», «хароҷот» ва «арзиши аслӣ» аксар вақт ба ҷои ҳамдигар истифода мешаванд, аммо тинати иқтисодӣ ва таъиноти вазифавии онҳо якхела нестанд. Ифшои тафовути ин мафҳумҳо барои таҳқиқи равандҳои ташаккули арзиши хизматрасониҳои сайёҳӣ ва ташкили баҳисобгирии онҳо муҳим аст.

Тавре муаллифон қайд мекунанд, «Мебояд мафҳуми хароҷотро аз мафҳуми масрафҳо фарқ кард. Масрафҳо (costs) – арзиши сарватҳое мебошад, ки барои ягон мақсад ба даст оварда шудаанд, вале ҳоло харҷ нашудаанд. Хароҷот – масрафҳое мебошанд, ки аллакай харҷ шудаанд, яъне ба арзиши аслии маҳсулот, молҳо, корҳо ва хизматрасониҳо соқит карда шудаанд» [7, с. 37]. Ҳамин тариқ, масрафҳо маблағи захираҳое мебошад, ки субъекти хоҷагидорӣ онҳоро дар раванди истеҳсоли маҳсулот ё хизматрасонӣ истифода мебарад. Яъне,

масрафҳо ҳамчун мафҳуми появии иқтисодӣ раванди фаъолияти хоҷагидорӣ ва таъминоти захиравии амалиёти алоҳидаи онро тавсиф мекунанд.

Мафҳуми хароҷот нисбатан мушаххас аст ва ба эътирофи ҳиссаи масрафҳо дар давраи ҳисоботӣ барои гирифтани натиҷаи молиявӣ сарф шудаанд, дахл дорад. Ба ибораи дигар, на ҳама масрафҳо фавран ба хароҷот табдил меёбанд: баъзе аз онҳо метавонанд дар шакли дороиҳо монанд, ба ташаккули равандҳои нотамом мусоидат кунанд ё ба давраҳои оянда мансуб дониста шаванд. Чунин тафовут махсусан дар соҳаи хизматрасонӣ, ки дар он лаҳзаҳои сурат гирифтани хароҷот ва эътирофи онҳо на ҳамеша бо ҳам мувофиқат мекунанд, муҳим аст.

Арзиши аслӣ, дар навбати худ, ифодаи пулии хароҷоте мебошад, ки бевосита бо истеҳсоли маҳсулот, иҷрои кор ё хизматрасонӣ алоқаманд мебошанд. Он тавассути банизомдарорӣ ва гурӯҳбандии хароҷот мувофиқи аломатҳои муқарраршуда ташаккул меёбад ва арзиши маҳсулоти истеҳсолшуда ё хизматрасонии анҷомдодашударо инъикос мекунад. Яъне, масрафҳо асоси появии ташаккули хароҷот ва арзиши аслӣ, худи арзиши аслӣ натиҷаи баҳисобгирӣ ва ҳисобкунии ҳадафноки масрафҳо ва хароҷот мебошад.

Мафҳумҳои мазкур барои фаъолияти сайёҳӣ махсусан муҳим мебошанд. Дар тафовут аз истеҳсолоти моддӣ, ки дар он объекти баҳисобгирӣ маҳсулоти моддӣ аст, дар сайёҳӣ натиҷаи асосӣ хизматрасонии бисёрҷанбаест, ки якчанд унсурҳои бо ҳам алоқамандро муттаҳид мекунад. Маҳсулоти сайёҳӣ ҳамчун маҷмуи хизматрасониҳо оид ба ҷойгиркунӣ, нақлиёт, ташкили хатсайр, саёҳат ва хӯрок, инчунин дигар унсурҳои хизматрасонӣ, ки аз ҷониби худи ширкати сайёҳӣ ва ҳам тавассути ҳамкорӣ ва ҷалби миёнаравҳо пешниҳод карда мешаванд, ташаккул меёбад.

Маҳз чунин мураккабии маҳсулоти сайёҳӣ хусусияти хоси фаъолияти сайёҳиро ҳамчун объекти баҳисобгирӣ муайян мекунад. Дар ин маврид, ҳиссаи назарраси хароҷот на дар доираи як раванди истеҳсолӣ, балки дар низоми муносибатҳои шартномавӣ ва миёнаравӣ, ки омезиши хароҷоти худи ширкати сайёҳиро бо арзиши хизматрасониҳои харидашуда боис мешавад, ташаккул меёбад. Ғайр аз ин, ба механизми ташаккули хароҷот мавсимӣ будани талабот, тағйирёбии ҷараёнҳои сайёҳӣ (шумораи сайёҳон), хусусиятҳои хатсайрҳо ва сатҳи рушди инфрасохтори сайёҳӣ ба таври назаррас таъсир мерасонанд.

Бинобар ин, таҳқиқи хароҷот дар фаъолияти сайёҳӣ дар баробари муқаррароти умумии назарияи баҳисобгирӣ, ҳамчунин ба назар гирифтани хусусиятҳои соҳавии ташаккули маҳсулоти сайёҳиро низ талаб мекунад. Ҳамчунин, «муҳим аз ҳама, дарки пурраи мақом ва нақши баҳисобгирии идоракунӣ дар рушди илмию амалии таъминоти иттилоотии низоми идоракунии корхонаҳои муосир зарур аст» [12, с. 113]. Ин зарурати равшан кардани равишҳои таснифи хароҷот ва мутобиқсозии онҳоро ба шароити фаъолияти ширкатҳои сайёҳӣ ба миён меорад.

Ташкили муносиби баҳисобгирии хароҷот дар фаъолияти сайёҳӣ бештар аз таснифи дурусти онҳо вобаста аст. Тасниф банизомдарории хароҷотро таъмин мекунад, барои ҳисоб кардани арзиши аслии хизматрасониҳои сайёҳӣ, назорати истифодаи захираҳо ва қабули қарорҳои идоракунӣ заминаи иттилоотӣ фароҳам меорад. Он «ҳамчун воситаи омӯзиш яке аз усулҳои таҳқиқ, дарк ва шинохти ашё ва зуҳуроти омӯхташаванда мебошад, ки ба синф (намуд, навъ)-ҳо ҷудо кардани ин ашё ва зуҳуротро бо назардошти умумикунонии хусусиятҳои муайян ва ошкор намудани шаклҳои робитаи байни онҳо ифода мекунад» [11, с. 197]. Аҳаммияти тасниф дар шароити фаъолияти сайёҳӣ бо сабаби хосияти бисёрҷанба доштани маҳсулоти сайёҳӣ ва омезиши намудҳои гуногуни хизматрасониҳо меафзояд.

Дар адабиёти иқтисодӣ, хароҷот чун анъана аз рӯи аломатҳои гуногун тасниф карда мешаванд, аз қабили: тарзи дохил кардан ба арзиши аслӣ, муносибат бо ҳаҷми фаъолият, муҳтавои иқтисодӣ, таъиноти вазифавӣ ва дараҷаи идорашавандагӣ [1; 2; 6; 7; 8; 9; 14; 15; 16; 18; 19]. Дар баробари ин, хусусиятҳои фаъолияти сайёҳӣ мутобиқсозии равишҳои мавҷударо ба хусусиятҳои ташаккули хизматрасониҳои сайёҳӣ талаб мекунанд. Зеро «дар фаъолияти сайёҳӣ омилҳои соҳавӣ хеле муҳим мебошанд, сар карда аз ҷолибияти умумии маконе, ки

иншооти хизматрасонӣ ба сайёҳон дар он ҷойгир аст, то сатҳи касбии дастаи кормандон ва стандартҳои хизматрасониҳо ба сайёҳон» [5, с. 239].

Бо назардошти хусусиятҳои соҳаи сайёҳӣ банизомдарории харочот дар ҷадвали 1 пешниҳод гардидааст.

Ҷадвали 1. Таснифи харочот дар фаъолияти сайёҳӣ

Аломати тасниф	Намудҳои харочот	Муҳтаво ва намунаҳо дар фаъолияти сайёҳӣ
Муносибат ба маҳсулоти сайёҳӣ	Мустақим, ғайримустақим	Харочоти мустақим – харочоти ҷойгиркунӣ, нақлиёт, хӯрок ва саёҳат; харочоти ғайримустақим – харочоти маъмурӣ ва умумихоҷагӣ.
Вобастагӣ аз ҳаҷми хизматрасониҳо	Тағйирёбанда; доимӣ	Харочоти тағйирёбанда аз шумораи сайёҳон ва саёҳат (тур)-ҳо вобастаанд; харочоти доимӣ – иҷорапулӣ, харочоти нигоҳдории идора ва кормандони маъмуриро дар бар мегиранд.
Ҷузъҳои иқтисодӣ	Моддӣ, меҳнатӣ, истеҳлок, дигар харочот	Моҳияти иқтисодии захираҳои истифодашавандаро инъикос менамоянд.
Таъиноти вазифавӣ	Амалиётӣ, маъмурӣ, маркетингӣ	Мувофиқан бо пешниҳоди хизматрасониҳо, идоракунӣ ва пешбурди маҳсулоти сайёҳӣ дар бозор алоқаманд мебошанд.
Манбаи ташаккул	Худӣ, харидашуда	Харочоти худӣ – дар дохили ширкати сайёҳӣ ташаккул меёбанд; харочоти харидашуда ба хизматрасониҳои шарикон ва паймонкорон марбут мебошанд.
Дараҷаи идорашавандагӣ	Танзимшаванда, танзимнашаванда	Харочоти танзимшаванда аз қарорҳои идоракунӣ вобаста мебошанд; харочоти танзимнашаванда аз шароити берунӣ ва муҳити бозорӣ вобаста мебошанд.

Сарчашма: таҳияи муаллиф дар асоси [9; 10; 13; 18; 19]

Тавре ки дар ҷадвали 1 нишон дода шудааст, харочот дар соҳаи сайёҳӣ бо таъсири ҳам равандҳои дохилии хоҷагидорӣ ва ҳам низоми муносибатҳои шарикӣ, омилҳои мавсимӣ ва сохтори маҳсулоти сайёҳӣ ташаккул меёбанд. Ин зарурати баррасии онҳоро ҳамчун низоми бисёрунсурӣ, ки равишҳои мутобиқшавандаи тасниф ва ташкили баҳисобгириро талаб мекунад, ба миён меорад.

Рушди фаъолияти сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои охир бо густариши ботадриҷи ҷараёнҳои сайёҳӣ ва афзоиши таваҷҷуҳ ба ин бахш ҳамчун самти асосии рушди иҷтимоию иқтисодӣ тавсиф мешавад. Сайёҳӣ на танҳо ба шуғл ва даромади аҳолӣ, инчунин ба рушди соҳаҳои нақлиёт, меҳмоннавозӣ, хӯроки умумӣ, савдо ва дигар хизматрасониҳои марбут таъсир мерасонад [5; 6]. Бо вуҷуди ин, пӯёи фаъолияти сайёҳӣ ба тағйирот дар муҳити берунӣ, вазъи инфрасохтор ва сатҳи хизматрасониҳои пешниҳодшаванда ҳассос мебошад.

Таҳқиқот ва мушоҳидаҳои омории дар Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронидашуда нишон медиҳанд, ки рушди сайёҳӣ бо мураккабшавии сохтори хизматрасониҳои сайёҳӣ ва афзоиши муҳиммии иттилооти саҳеҳ дар бораи харочот ва нишондиҳандаҳои иқтисодӣ ҳамрадиф аст. Дар маводи расмии таҳлилӣ зарурати ташаккули пойгоҳи боэътимоди оморӣ ва такмили таъминоти иттилоотии соҳаи сайёҳӣ таъкид шудааст, ки ин барои ташкили баҳисобгирии харочот низ муҳим аст.

Вазъи фаъолияти сайёҳӣ ва миқёси он бевосита ба сохтори харочоти ширкатҳои сайёҳӣ таъсир мерасонанд. Омилҳои асосӣ дар ин ҷо – мавсимии талабот, сохтори маҳсулоти сайёҳӣ, сатҳи рушди инфрасохтори нақлиётӣ ва меҳмоннавозӣ, хосияти муносибатҳо бо таъминкунандагони хизматрасониҳо ва ноустувории ҷараёнҳои сайёҳӣ мебошанд [5; 6]. Барои арзёбии ин тамоюлҳо, таҳқиқи нишондиҳандаҳои оморӣ рушди сайёҳӣ дар кишвар мақбул аст.

Бинобар ин, барои тавсифи нисбатан муфассали вазъи муосири фаъолияти сайёҳӣ ва ошкор кардани омилҳое, ки ба ташаккули харочот дар корхонаҳои соҳа таъсир мерасонанд, ба маълумоти расмии оморӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки пӯёи ҷараёнҳои сайёҳӣ, фаъолияти

ширкатҳои сайёҳӣ ва даромад аз хизматрасониҳои сайёҳиро инъикос мекунанд, назар мекунем (ҷадвали 2).

Ҷадвали 2. Нишондиҳандаҳои асосии рушди фаъолияти сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

Нишондиҳанда	2018	2019	2020	2021	2022	2023	2024
Шумораи шаҳрвандони хориҷии ҳамчун сайёҳ воридшуда, ҳазор нафар	1035,0	1257,0	350,6	296,3	999,3	1201,0	1400,2
Шумораи ширкатҳои сайёҳӣ, адад	146	161	224	235	242	225	200
Даромад аз хизматрасониҳои сайёҳӣ (бе ААИ), миллион сомонӣ	16,9	24,5	7,7	12,8	22,8	30,5	32,5

Сарчашма: таҳияи муаллиф дар асоси [13, с. 186]

Тавре ки дар ҷадвали 2 нишон дода шудааст, рушди сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо пӯёи нобаробар, вале умуман мусбат тавсиф мешавад. Тағйирот дар миқёси ҷараёнҳои сайёҳӣ, шумораи ширкатҳои сайёҳӣ ва даромад аз хизматрасониҳои сайёҳӣ бевосита ба сохтор ва механизми ташаккули хароҷот таъсир мерасонанд. Дар чунин шароит хароҷоти ширкатҳои сайёҳӣ ба ноустувориҳои мавсимӣ, маҳдудиятҳои инфрасохторӣ ва хусусиятҳои муносибатҳо бо таҳвилкунандагони хизматрасониҳо ҳассостар мешаванд, ки баррасии минбаъдаи омилҳои соҳавии ташаккули онҳоро талаб мекунад.

Механизми ташаккули хароҷот дар фаъолияти сайёҳӣ якчанд хусусиятҳои хос дорад, ки тафовути онро аз истеҳсолот ва бисёр дигар намудҳои фаъолияти хизматрасонӣ муайян мекунанд. Ин пеш аз ҳама ба он марбут аст, ки объекти фурӯш ва гирифтани даромад на маҳсулоти моддӣ, балки хизматрасонии мураккаби сайёҳӣ мебошад, ки якчанд унсурҳои бо ҳам алоқамандро муттаҳид мекунад. Ҳиссаи назарраси чунин хизматрасониҳо бо ҷалби шарикони берунӣ, аз ҷумла ташкилотҳои нақлиётӣ, меҳмонхонаҳо, осоишгоҳҳо, муассисаҳои хӯроки умумӣ ва хизматрасониҳои саёҳатӣ ташаккул меёбад, ки дар натиҷа, сохтори хароҷоти ширкатҳои сайёҳӣ хеле гуногун аст.

Ба ташаккули хароҷот иловатан мавсимии ҷараёнҳои сайёҳӣ, хусусиятҳои ҳудудии хатсайрҳои сайёҳӣ, сатҳи рушди инфрасохтор ва вазъи талабот ба хизматрасониҳои сайёҳӣ таъсир мерасонанд. Дар ин маврид, ҳиссаи хароҷот нисбатан устувор буда, ҳиссаи дигар вобаста ба шумораи сайёҳон ва нишондиҳандаҳои маҳсулоти сайёҳӣ ба таври назаррас тағйир меёбад. Банизомдарории хусусиятҳои соҳавии ташаккули хароҷоти ширкатҳои сайёҳӣ дар ҷадвали 3 пешниҳод гардидааст.

Ҷадвали 3. Хусусиятҳои соҳавии ташаккули хароҷот дар фаъолияти сайёҳӣ

Хусусият	Муҳтаво	Таъсир ба ташаккули хароҷот
Маҳсулоти сайёҳии мураккаб	Маҳсулоти сайёҳӣ аз якчанд хизматрасониҳои бо ҳамдигар вобаста иборат аст	Душвории муайянсозӣ ва тақсимоти хароҷот
Саҳми зиёди хизматрасониҳои харидашуда	Истифодаи хизматрасониҳои меҳмонхонаҳо, ташкилотҳои нақлиётӣ ва дигар шарикон	Афзоиши ҳиссаи хароҷоти вобаста ба шартномаҳо ва шарикон
Мавсимият	Тағйирёбии талабот вобаста ба фаслҳои сол ва ҷараёнҳои сайёҳӣ	Ноустувории ҳаҷм ва сохтори хароҷот
Вобастагӣ аз инфрасохтор	Сифати роҳҳо, воситаҳои нақлиёт ва ҷойгиркунонӣ	Тағйирёбии арзиши хизматрасониҳо ва хароҷоти ташкилӣ
Саҳми маркетинг ва таблиғ	Зарурати ҷалби сайёҳон ва рақобат	Афзоиши хароҷоти марбут ба таблиғ ва маркетингӣ

Тағйирпазирии талабот	Вобастагӣ аз вазъи бозор ва омилҳои берунӣ	Зарурати мутобиқсозии сохтори хароҷот

Сарчашма: таҳияи муаллиф

Аз ҷадвали 3 ба назар мерасад, ки сохтори хароҷот дар соҳаи сайёҳӣ бо таъсири омилҳои дохилӣ ва берунӣ ташаккул меёбад. Вобастагии баланд аз хизматрасониҳои харидашуда, мавсимият ва шароити инфрасохтор зарурати корбурди равиши чандиртарро барои баҳисобгирӣ ва таҳлили хароҷот талаб мекунанд. Дар тафовут аз соҳаҳои истеҳсолӣ, ки дар онҳо равандҳои дохилии ташаккули арзиши аслӣ бартарӣ доранд, дар соҳаи сайёҳӣ ҳиссаи назарраси хароҷот аз муносибатҳои шартномавӣ бармеояд ва тафсилоти муносиби баҳисобгириро талаб мекунанд.

Таҳлили анҷомдодашуда нишон медиҳад, ки равишҳои амалкунандаи тасниф ва баҳисобгирии хароҷот на ҳамеша хусусиятҳои фаъолияти сайёҳиро пурра инъикос мекунанд. Хосияти бисёрҷанбаи маҳсулоти сайёҳӣ, саҳми зиёди хизматрасониҳои харидашуда дар арзиши аслии маҳсулоти сайёҳӣ ва вобастагии хароҷот аз омилҳои берунӣ ташкили бештар мутобиқшудаи раванди баҳисобгириро талаб мекунанд. Дар робита ба ин, такмили баҳисобгирии хароҷот бояд на танҳо ба таъмини саҳеҳии иттилоот, ҳамчунин ба баланд бардоштани арзишмандии таҳлилӣ ва идоракунии он нигаронида шавад.

Бо назардошти хусусиятҳои ошкоршудаи фаъолияти сайёҳӣ, самтҳои асосии такмили тасниф ва баҳисобгирии хароҷот дар фаъолияти сайёҳӣ дар ҷадвали 4 пешниҳод карда мешаванд.

Аз муҳтавои ҷадвали 4 ба назар мерасад, ки такмили баҳисобгирии хароҷот дар соҳаи сайёҳӣ пеш аз ҳама бо мутобиқсозии равишҳои таснифӣ ба хусусиятҳои соҳавӣ ва васеъ кардани имконияти таҳлилии иттилооти баҳисобгирӣ алоқаманд мебошад.

Ҷадвали 4. Самтҳои такмили тасниф ва баҳисобгирии хароҷот дар фаъолияти сайёҳӣ

Самти такмил	Муҳтаво	Натиҷаи интизоршаванда
Мутобиқсозии таснифи хароҷот ба хусусиятҳои фаъолияти сайёҳӣ	Илова намудани аломатҳои соҳавӣ ва гурӯҳбандии мутобиқ ба маҳсулоти сайёҳӣ	Баланд шудани дақиқии гурӯҳбандӣ ва таҳлил
Такмили баҳисобгирии таҳлилӣ	Ҷудокунии хароҷот аз рӯи турҳо, хатсайрҳо ва намудҳои хизматрасониҳо	Беҳтар шудани назорат ва ҳисобкунии арзиши аслӣ
Тақвияти баҳисобгирии хизматрасониҳои харидашуда	Инъикоси алоҳидаи хароҷоти вобаста ба шарикон ва таҳвилкунандагони хизматрасониҳо	Баланд шудани шаффофӣт ва саҳеҳии иттилоот
Ба назар гирифтани омилҳои мавсимӣ	Таҳлили хароҷот бо назардошти тағйирёбии мавсимии талабот	Имконияти банақшагирии беҳтари фаъолияти молиявӣ
Истифодаи маълумот оид ба хароҷот барои идоракунӣ	Ҳамбастагии баҳисобгирии хароҷот бо таҳлил ва қабули қарорҳои идоракунӣ	Баланд шудани самаранокии идоракунии хароҷот

Сарчашма: таҳияи муаллиф дар асоси [1; 2; 3; 4; 5; 6; 7; 9; 13; 14]

Дар ин маврид, муфассалкунии хароҷот вобаста ба маҳсулот ва хизматрасониҳои сайёҳӣ, инчунин баланд бардоштани сатҳи шаффофии баҳисобгирии унсурҳои харидашудаи маҳсулоти сайёҳӣ аҳаммияти хоса пайдо мекунанд. Ин имкон медиҳад, ки иттилоот дар бораи хароҷот, дар баробари истифода барои ҳадафҳои ҳисобкунии арзиши аслӣ, ҳамчун абзори таҳлили иқтисодӣ ва идоракунии ширкатҳои сайёҳӣ низ истифода шавад.

Хулоса. Таҳқиқот нишон дод, ки сайёҳӣ ҳамчун як бахши махсуси хизматрасониҳо бо механизми махсуси ташаккули хароҷот, ки аз хосияти мураккабӣ ва бисёрҷанбаи маҳсулоти сайёҳӣ, саҳми зиёди хизматрасониҳои харидашуда ва вобастагӣ аз омилҳои берунӣ бармеояд, тавсиф мешавад. Ин зарурати баррасии хароҷотро на танҳо аз нигоҳи назарияи умумии баҳисобгирии муҳосибӣ, ҳамчунин бо назардошти хусусиятҳои соҳавии фаъолияти сайёҳӣ муайян мекунад.

Таҳлили равишҳои мавҷудаи таснифи хароҷот нишон медиҳад, ки аломатҳои анъанавӣ аҳамияти методологии худро нигоҳ медоранд, аммо татбиқи онҳо дар бахши сайёҳӣ баъзе ҷиҳатҳои мутобиқсозиро талаб мекунад. Дар шароити фаъолияти сайёҳӣ аломатҳои таснифӣ, аз қабили манбаи ташаккули хизматрасониҳо, таъиноти вазифавии хароҷот ва дараҷаи вобастагии онҳо аз ҷараёнҳои сайёҳӣ ва ноустувории мавсимӣ махсусан муҳим мебошанд.

Таҳқиқи вазъи муосири фаъолияти сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон дод, ки тағйирёбии миқёсҳои хизматрасониҳои сайёҳӣ ва сохтори бозори сайёҳӣ ба ташаккули хароҷоти ширкатҳои сайёҳӣ таъсири бевосита мерасонанд.

Бинобар ин, такмили баҳисобгирӣ бояд ба баланд бардоштани сатҳи муҳтавои таҳлилӣ ва шаффофии иттилоот дар бораи хароҷот, пеш аз ҳама тавассути таснифи нисбатан муфассали хароҷот ва рушди баҳисобгирии таҳлилӣ равона карда шавад.

Равишҳои дар таҳқиқот пешниҳодшудаи тасниф ва ташкили баҳисобгирии хароҷот метавонанд ба асосноктар муайян кардани арзиши аслии хизматрасониҳои сайёҳӣ ва беҳтар кардани таъминоти иттилоотии идоракунӣ дар ширкатҳои сайёҳии Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат кунанд.

АДАБИЁТ:

1.Абдулмуминзода, Н.А. Важные аспекты управленческого учета основных средств / Н.А. Абдулмуминзода, М.Б. Каримиён // Вопросы управления и экономики: современное состояние актуальных проблем: сборник статей по материалам XC международной научно-практической конференции, Москва, 10 декабря 2024 года. – Москва: Общество с ограниченной ответственностью «Интернаука», 2024. – С. 9-15

2.Ғаниев, У.Ф. Корбурди низомҳои баҳисобгирии хароҷот ва ҳисобкунии арзиши аслӣ дар корхонаҳои саноати масолеҳи сохтмонӣ / У.Ф. Ғаниев // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – 2021. – № 4-2(39). – С. 64-73

3.Каримиён, М.Б. Табдили консепсияҳои баҳисобгирии молиявӣ: аз анъанавӣ ба инноватсионӣ / М.Б. Каримиён // Фурӯғи илм. – 2025. – № 3. – С. 173-179

4.Каримов, Б.Х. Современное состояние бухгалтерского учета в Республике Таджикистан / Б.Х. Каримов, М.Б. Каримиён. – Душанбе: ДСХ, 2019. – 390 с.

5.Каримов, Б.Ҳ. Сармоягузорӣ ҳамчун омили пешбарандаи рушди сайёҳӣ ва инфрасохтори он / Б.Ҳ. Каримов, З. Аҳмади // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – 2023. – № 4-1(49). – С. 236-243

6.Каримов, Б.Ҳ. Ҷанбаҳои иқтисодии идоракунӣ ва рушди соҳаи сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон / Б.Ҳ. Каримов, М.А. Раҳимов // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – 2022. – № 3(42). – С. 180-188

7.Каримов, Б.Х. Бухгалтерский учет: учебник для учреждений высшего профессионального образования / Б.Х. Каримов, М.Б. Каримиён, М.Б. Каримиён.– Душанбе: Ирфон, 2021.– 444 с.

8.Каримов, Н. С. Асосҳои консептуалии баҳисобгирии идоракунӣ / Н. С. Каримов // Рушди соҳибкории хурд ва миёна дар шароити саноатикунонии босуръати иқтисодиёт: Маҷмуаи мақолаҳои конференсияи илмӣ-назариявии байналмилалӣ дар мавзӯи, Душанбе, 15 октября 2025 года. – Душанбе: Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, 2025. – Р. 339-343. – EDN HYXKBX.

9.Каримов, Н. С. Методологияи ташаккули низоми баҳисобгирии идоракунӣ дар ширкатҳои сайёҳӣ / Н. С. Каримов // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – 2025. – No. 4-2(60). – EDN QQDSEJ.

10.Кодирова, Г.Т. Вопросы развития практики бухгалтерского учета в Республике Таджикистан / Г.Т. Кодирова // Государственное управление. – 2023. – № 3(62). – С. 27-33
11.Қурбонализода, Ҳ.Қ. Масъалаҳои таснифи хароҷот дар низоми баҳисобгирии идоракунии корхонаҳои саноати хӯрокворӣ / Ҳ.Қ. Қурбонализода // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – 2025. – № 1(56). – С. 195-203
12.Маҷидзода, Б.А. Таҳаввули баҳисобгирии идоракунӣ ҳамчун соҳаи махсуси донишҳои иқтисодӣ / Б.А. Маҷидзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2025. – № 2. – С. 107-115
13.Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон 2025. Маҷмуаи оморӣ / Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2025. - 442 с.
14.Саидов, Р. Н. Нақши баҳисобгирии муҳосибӣ дар низоми идоракунии субъектҳои хоҷагидорӣ / Р. Н. Саидов, У. А. Ҷалилзода // Аудит дар шароити рақамикунонӣ: муаммо, афзалият ва дурнамо, Душанбе, 24 мая 2025 года. – Душанбе: Донишгохи давлатии молия ва иктисоди Точикистон, 2025. – Р. 205-210. – EDN HGKRNW.
15.Хушвахтзода, Қ.Х. Пояҳои ғоявии бунёдкунии низоми баҳисобгирии идоракунӣ ва таҳлили масрафҳо дар корхонаҳои саноати бофандагӣ / Қ.Х. Хушвахтзода, Д.А. Розиев // Тоҷикистон ва ҷаҳони имрӯз. – 2020. – № 4(72). – С. 108-118
16.Atkinson, A.A. Management Accounting / A.A. Atkinson, R.S. Kaplan, E.M. Matsumura, S.M. Young. – 5th ed. – Upper Saddle River, NJ: Pearson Prentice Hall, 2007. – 696 p.
17.Drury, C. Management and Cost Accounting/C. Drury.– 10th ed. London:Cengage, 2018. 816 p.
18.Garrison, R.H. Managerial Accounting / R.H. Garrison, E.W. Noreen, P.C. Brewer. – 17th ed. – New York: McGraw-Hill Education, 2020. – 832 p.
19.Horngren, C.T. Cost Accounting: A Managerial Emphasis / C.T. Horngren, S.M. Datar, M.V. Rajan. – 15th ed. – Boston: Pearson Learning Solutions, 2015. – 637 p.

УДК: 330.567.26: 31(575.3)

ТЕОРЕТИКО-МЕТОДОЛОГИЧЕСКИЕ ОЦЕНКИ СРЕДНЕГО КЛАССА В МЕЖДУНАРОДНОМ АСПЕКТЕ

КОДИРЗОДА ДИЛОВАР БАХРИДИН
Доктор экономических наук, профессор кафедры общеуниверситетской кафедры экономической теории Таджикского национального университета.
Адрес: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки 17.
Тел.: (+992) 106-00-18-81; **E-mail:** dilovark@mail.ru
САФАРЗОДА НАВРУЗ УМАРАЛИ
Кандидат экономических наук, доцент кафедры национальной экономики и экономической безопасности Таджикского национального университета.
Адрес: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки 17.
Тел.: (+992) 988-72-21-23**. E-mail:** cheh-16@mail.ru

Аннотация. В статье рассматривается теоретико-методологические оценки среднего класса в международном аспекте. Сегодня расширение и укрепление среднего класса считается одной из ключевых задач Стратегии национального развития Республики Таджикистан на период до 2030 года. Основные действия в рамках этой задачи направлены на содействие повышению доходов населения (в том числе на селе), создания условий для получения достойной и продуктивной занятости (в том числе трудоустройства уязвимых слоев населения) и сокращения уровня неравенства в обществе, что, как ожидается, позволит увеличить долю среднего класса в стране до 40% в 2025 году и 50% к 2030 году. Любое направление деятельности, совершаемое в экономике, в той или иной степени постоянно сталкивается с проблемой несоответствия распределения, ограниченного количества ресурсов с соответствующей системой их использования, имеет не только экономическую, но и

социальную окраску. Разработка теоретических и методологических аспектов исследования благосостояния населения и выявление основных факторов повышения уровня благосостояния представляют не только научно-теоретический, но и практический интерес. Перечисленные выше моменты обусловили выбор темы исследования и обуславливают актуальность, а также ее социальную и экономическую значимость.

Ключевые слова: благосостояния населения, средний класс, рынок труда, определение дохода граждан, трудоспособная населения, методологический аспект.

АСОСҲОИ НАЗАРИЯВӢ ВА МЕТОДОЛОГИИ АРЗЁБИИ ТАБАҚАИ МИЁНА ДАР САТҲИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ

ҚОДИРЗОДА ДИЛОВАР БАҲРИДДИН
Доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори, кафедраи умумидонишгоҳии назарияи иқтисодии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. **Тел.:** (+992) 106-00-18-81; **E-mail:** dilovark@mail.ru
САФАРЗОДА НАВРУЗ УМАРАЛӢ
Номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти, кафедраи иқтисоди миллӣ ва бехатарии иқтисодии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. **Тел.:** (+992) 988-72-21-23**. E-mail:** cheh-16@mail.ru

Аннотатсия. Дар мақолаи мазкур арзёбиҳои назариявӣ ва методологии табақаи миёна аз нигоҳи байналмилалӣ баррасӣ мешаванд. Имрӯз, густариш ва тақвияти табақаи миёна ҳадафи асосии Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2030 ҳисобида мешавад. Амалҳои калидӣ дар доираи ин ҳадаф ба мусоидат ба афзоиши даромад (аз ҷумла дар деҳот), фароҳам овардани шароит барои шуғли муносиб ва самаранок (аз ҷумла шуғл барои гурӯҳҳои осебпазир) ва коҳиш додани нобаробарӣ дар ҷомеа нигаронида шудаанд. Интизор меравад, ки саҳми табақаи миёна дар кишвар то соли 2025 то 40% ва то соли 2030 то 50% афзоиш ёбад. Ҳар гуна фаъолияти иқтисодӣ, дар сатҳҳои гуногун, доимо бо мушкилоти номутавозинии тақсимоти захираҳо, таъминоти маҳдуди захираҳо ва системаи мувофиқи истифодаи онҳо рӯбарӯ мешавад, ки на танҳо оқибатҳои иқтисодӣ, балки иҷтимоӣ низ дорад. Таҳияи ҷанбаҳои назариявӣ ва методологии таҳқиқоти некӯаҳволии аҳолӣ ва муайян кардани омилҳои асосии беҳтар шудани некӯаҳволӣ ҳам аз ҷиҳати илмӣ ва ҳам назариявӣ ва ҳам аз ҷиҳати амалӣ аҳамияти калон доранд. Нуктаҳои дар боло зикршуда интихоби мавзӯи тадқиқотро муайян карданд ва аҳамияти онро, инчунин аҳамияти иҷтимоӣ ва иқтисодии онро муайян карданд.

Калидвожаҳо: некӯаҳволии аҳолӣ, табақаи миёна, бозори меҳнат, муайян кардани даромади шаҳрвандон, аҳолии қобили меҳнат, ҷанбаи методологӣ.

THEORETICAL AND METHODOLOGICAL ASSESSMENTS OF THE MIDDLE CLASS IN AN INTERNATIONAL ASPECT

DILOVAR BAKHRIDIN KADYRZODA
Doctor of Sciences (Economics), Professor, Department of Economic Theory, Tajik National University **Address:** 17 Rudaki Avenue, Dushanbe, 734025, Republic of Tajikistan. **Phone:** (+992) 106-00-18-81; **E-mail:** dilovark@mail.ru
SAFARZODA NAVRUZ UMARALI
PhD (Economics), Associate Professor, Department of National Economy and Economic Security, Tajik National University. **Address:** 17 Rudaki Avenue, Dushanbe, 734025, Republic of Tajikistan. **Phone:** (+992) 988-72-21-23**. E-mail:** cheh-16@mail.ru

Abstract. This article examines the theoretical and methodological assessments of the middle class in an international context. Today, expanding and strengthening the middle class is considered one of the key objectives of the National Development Strategy of the Republic of Tajikistan through 2030. Key actions within this framework are aimed at facilitating an increase in the population's

income (including in rural areas), creating conditions for decent and productive employment (including employment for vulnerable groups), and reducing inequality in society. This is expected to increase the share of the middle class in the country to 40% by 2025 and 50% by 2030. Any economic activity, to varying degrees, constantly faces the problem of resource distribution mismatches, a limited supply of resources, and an appropriate system for their use, which has not only economic but also social implications. Developing theoretical and methodological aspects of population well-being research and identifying the key factors driving well-being improvements are of not only scientific and theoretical interest but also practical. The above considerations motivated the choice of research topic and underpin its relevance, as well as its social and economic significance.

Keywords: population well-being, middle class, labor market, income measurement, working-age population, methodological aspects.

Введение. В условиях переходной экономики Республики Таджикистан государственные структуры играют ключевую роль в обеспечении устойчивого социально-экономического развития и повышения уровня благосостояния населения. После обретения независимости страна столкнулась с необходимостью формирования системы государственного управления, способной регулировать рынок, обеспечивать социальную защиту и стимулировать экономический рост. Переход от командно-административной системы к рыночной экономике его социально-экономические последствия в большинстве стран бывшего Советского Союза, в том числе Таджикистан ощущался очень остро. Государственные институты Таджикистана играют ключевую роль в повышении благосостояния через реализацию Национальной стратегии развития-2030, направленную на диверсификацию экономики, модернизацию инфраструктуры и социальную защиту населения.

Методы исследования. В результате перехода от одной экономической системы к другой экономическая система заключается в том, реформы институциональных основ является очень актуальным поскольку уровень жизни большинства населения Таджикистана ниже по сравнению соседних стран. Уровень благосостояния населения из года в год имеет тенденцию к повышению, но всю ещё остаются низкими в стране. В результате изменений, происходящих в стране, из переходного периода, уровень реальной заработной платы населения существенно снизился, что привело к снижению уровня жизни населения. Повышение уровня благосостояния населения людей является одним из приоритетов направления социально-экономическое положение каждой страны, одно из непременных и важных условий возрождения социальной политики государство. Его рассматривают как фактор обеспечения экономической безопасности государства в современных условиях. В Республике Таджикистан, как и другие страны мира, сталкивается с проблемой повышения благосостояния населения. Благосостояние населения является одной из важнейших социально-экономических проблем нашего правительство.

Как отметил в своем очередном послании Основатель мира и национального единства, Лидер нации уважаемый Эмомали Рахмон, что: «…Наряду с этим конфликты и неспокойная ситуация в различных регионах мира, усиление политического противостояния и санкций между крупными державами, стремительное вооружение, «холодная война», изменения климата, а также разрыв звеньев товарооборота и другие внешние факторы побуждают нас принимать своевременные меры для предотвращения отрицательного их влияния на экономику страны. В этом направлении нам необходимо путем осуществления национальных целей, прежде всего, обеспечивать национальную безопасность и устойчивое экономическое развитие, таким образом еще больше повышать уровень и улучшать качество жизни народа. Наш народ, как и другие жители цивилизованных стран, имеет моральное право на достойную жизнь. Именно в этом заключается высшая цель политики государства и Правительства Таджикистана. Правительство страны, используя все имеющиеся ресурсы и возможности, регулярно реализует грандиозные созидательные планы во имя улучшения условий жизни

народа. Для социально-экономического развития страны и реализации приоритетных государственных инвестиционных проектов, а также для реализации национальных, отраслевых и местных планов и программ в течение 5 последних лет за счет государственного бюджета, внутреннего и зарубежного капиталовложения было направлено более 197 миллиардов сомони» [6].

Цель исследования заключается в теоретико-методологические оценки среднего класса в международном аспекте В рамках исследования были поставлены **следующие задачи:**

– проанализировать основные зарубежные и отечественные научные подходы общественного благосостояния населения подходы в исследованиях экономической науке;

– раскрыть основы теоретико-методологические исследования экономической природы благосостояния населения современных международных экономических отношениях;

– рассмотреть институциональные условия и возможности совершенствования отечественных институтов в повышения уровня благосостояния населения;

– исследовать мировой опыт повышения уровня благосостояния населения и приемлемые способы их использование в условиях Республики Таджикистан;

– выявить основные причины факторы повышения уровня благосостояния населения в современном этапе;

Результаты исследования. В этом углубленном анализе рассматривается численность, эволюция, распределение и характеристики среднего класса в Таджикистане. Пороговое значение среднего класса определяется на основе концепции уязвимости и экономической безопасности с использованием панельных данных Обследование бюджета домашних хозяйств. Средний класс в Таджикистане значительно вырос, особенно после пандемии Covid -19, 24 % в 2021 году до 42% в 2025 году. Этот рост наиболее выражен в городских районах и обусловлен трудовыми доходами в несельскохозяйственных секторах экономики и частными денежными переводами.

В Национальном стратегии развития Республики Таджикистан на период до 2030 года также «…учитывает международные обязательства Республики Таджикистан по Повестке дня на XXI век и Целям устойчивого развития (ЦУР), одобренным 70-й сессией Генеральной Ассамблеи ООН в сентябре 2015 года. Основным фокусом ЦУР является концепция Устойчивого человеческого развития. Исходя из этого, полное искоренение бедности и повышения уровня благосостояния смена неустойчивых и продвижение устойчивых моделей потребления и производства, а также защита и рациональное использование природных ресурсов в целях дальнейшего экономического и социального развития, являются главными задачами и жизненно важными условиями Устойчивого человеческого развития» [6].

Поэтому в первой очереди государство уделяет большое внимание повышению уровня благосостояния населения. Существенная доля домохозяйств не изменила свой экономический класс, что отражает зависимость от предшествующего пути развития. Также наблюдается постепенное продвижение домохозяйств по социальным – экономическим классам и восходящая мобильность, при этом средний класс имеет крайне малую вероятность оказаться за чертой бедности. Мобильность рабочей силы в среднем и высококвалифицированные профессии, из сельского хозяйства и за пределами страны является ключевым фактором перехода к статусу среднего класса. После учета профессиональных ресурсов и изменения положения на рынке труда, демографические факторы, подверженность погодным потрясениям и местоположение имеют значительную связь с выступлением в средний класс и пребыванием в нем, подчеркивая важность географических и институциональных факторов.

Разработка теоретических и методологических аспектов исследования благосостояния населения и выявление основных факторов повышения уровня благосостояния представляют не только научно-теоретический, но и практический интерес. Перечисленные выше моменты обусловили выбор темы исследования и обуславливают актуальность, а также ее социальную и экономическую значимость.

В статьи 1. Конституции Республики Таджикистан сказано, что: «…Таджикистан - социальное государство, политика которого направлена на создание условий, обеспечивающих достойную жизнь и свободное развитие человека». В социальном государстве должна проводиться активная государственная социальная политика, направленная на обеспечение граждан важнейшими социальными правами, основными из которых является право на труд и достойную оплату, на доступ к жилью, образованию, охране здоровья, на социальное обеспечение и другие также на определенный уровень благосостояния. В связи с этим, с точки зрения теории и практики важным направлением становятся усилия по разработке и реализации государственной политики в области предупреждения и сокращения бедности в Таджикистане» [6].

Приступая к рассмотрению проблемы благосостояния, необходимо обратить внимание на то, что: «…в ней наиболее полно проявили себя экономическая и этическая стороны жизнедеятельности человека, общества. Чисто экономический подход к решению проблемы повышения благосостояния базируется на принципе «невидимой руки», которая правит рынком, а через него и достижением каждым собственного благополучия. Причем благосостояние приравнивается к богатству, наращивание которого напрямую связано с экономическим ростом, накоплением капитала наличием других ресурсов. Поэтому центральное место здесь занимает материальное производство и, как производное от него, материальное благополучие» [10].

Благосостояние — это характеристика условий жизни и удовлетворения потребностей населения. Обычно термин используется для описания общего уровня материального и социального состояния в определенном обществе, может включать в себя различные аспекты жизни: уровень доходов, доступность здравоохранения, образования, различных услуг.

Обсуждение. Развитие любого государства невозможно без обеспечения достойной жизни граждан, ведь именно благополучие населения является важным аспектом государственной политики, которая должна быть направлена не только на наращивание материального благосостояния, но и на создание комфортных условий для проживания в стране и реализацию возможностей раскрытия каждым гражданином своих способностей и талантов. Факторы, определяющие качество жизни населения, позволяют сфокусировать внимание на удовлетворении основных потребностей человека. Потому чем больше нужд и интересов людей компенсируется, тем выше благосостояния.

Система денежных пособий оказывает важное воздействие на систему распределения. Все что потребляется поступает из полученного ВВП. То каким образом национальный доход будет поделен между экономическими агентами, зависит от:

- прямого дохода вследствие продажи рабочей силы;
- прав, появляющихся в результате владения собственностью;
- прав, обусловленных определенной политической конъектурой (например, права на получение пенсии);
- бесплатной помощи.

Нужно понимать, что для определения уровня и качество жизни населения в основном, используется две основные категории «Бедность» и «Благосостояния»:

1. Материальный уровень:

- Бедность – недостаток средств для удовлетворения даже базовых нужд (еда, жилье, медицина и образование).
- Благосостояния – высокий уровень доходов, наличие собственности, возможность удовлетворять не только базовые, но и дополнительные потребности.

2. Доступ к ресурсам:

- Бедность – ограничивает доступ к этим ресурсам, что усложняет выход из неблагоприятного положения.
- Благосостояния – обеспечивает человеку качественное образование, медицинское обслуживание, жилье, развлечения.

3. Социальный статус и возможности:

- Бедность – часто приводит к социальному неравенству ограниченным перспективам и зависимому положению.
- Благосостояния – дает больше возможностей для личностного роста, инвестиций, путешествий, ведения бизнеса.

В рамках программы целесообразно сформулировать следующие ключевые задачи:

- Выявлено основные причины факторы повышения уровня благосостояния населения и дано объективная оценка уровня жизни населения Таджикистана, что в условиях перехода к новым экономическим и политическим отношениям повышения уровня благосостояния имеет множество факторы и причины которое находится под влиянием внешних и внутренних факторов.

- Выделено основные направления повышения уровня благосостояния населения уровня бедности и неравенства регионов в Республике Таджикистан перспектива которое лежит в основе всех стратегических и программных документов, и задачи определяются на её основе. На новом этапе социально-экономического развития Таджикистана необходимо эффективно использовать внутренние возможности для реализации стратегических целей страны.

- Показано особенности характеристики расширение и укрепление среднего класса в Республике Таджикистана указывают на экономическую безопасность, поскольку они означают стабильность и способность противостоять потрясениям, что имеет решающее значение для определения статуса среднего класса. Таким образом порог среднего класса в Таджикистане определяется с учетом минимизации уязвимости перед лицом бедности и повышения уровня благосостояния населения.

- Выявлено основные пути совершенствования методов оценки роста общественного благосостояния населения и среднего класса как основные методы и способы измерения среднего класса, что в настоящее время оценка среднего класса в основном осуществляется с использованием экономических критериев, основанных на доходах или потребительских расходах гражданина или домохозяйства.

Разная обеспеченность и степень интенсивности использования факторов привело к усилению региональных различий в уровне благополучия граждан. К тому же в современных рыночных условиях идут процессы, оказывающие определенное влияние на реальный уровень благосостояния населения, живущего в регионе. Все это связано с возрастанием экономической самостоятельности регионов. Экономически развитыми признаны регионы с лучшими значениями по каждому конкретному показателю, например, самый высокий доход на душу населения, самая низкая величина прожиточного минимума и т. д. На основе этих данных определяется рейтинг того или иного региона. Вместе с тем, сейчас практически все регионы зависимы не только от степени насыщения ресурсами, но и уровня их истощения, располагаемых на его территории. Это является объективной причиной, определяющей материальную возможность развития.

Исходя из этого, по нашему мнению, каждая страна по уровню своих возможностей выявляет основные факторы повышения уровня благосостояния и тем самым решит данную проблему. Мера качества жизни людей, измеряемая с помощью различных показателей, таких как экономические факторы, социальные факторы, экологические факторы, государственные и политические факторы, личностные факторы. Рост благосостояния характеризуется улучшением качества жизни людей и увеличением доступности ресурсов и услуг. Благосостояния населения зависит от множества факторов, которые можно условно разделить такими факторами приведение в таблице 1.

Анализ данной таблицы показывают, что на множество факторов влияющие на уровень благосостояния населения в современном этапе. Формирование определенного уровня благосостояния населения зависит от влияния экономических и неэкономических факторов. Экономические факторы формирования благосостояния - это факторы, определяющие

условия удовлетворения экономических потребностей. Экономические факторы можно условно разделить на две группы: факторы, оказывающие влияние на уровень благосостояния степенью своего развития в условиях функционирования рыночного механизма и факторы, обеспечивающие определенный уровень благосостояния, посредством компенсации недостатков работы рыночного механизма.

Таблица 1. – Основные современные факторы благосостояния населения

По природе своего происхождения	По составу
Экономические факторы	**Доход** – уровень заработной платы, пассивный доход, социальные выплаты; **Работа и занятность** – стабильность рабочего места, возможности карьерного роста; **Имущество** – наличие недвижимости, финансовых активов; **Инфляция и экономическая стабильность** - рост цен, стоимость жизни.
Социальные факторы	**Образование** – уровень знаний и квалификации; **Доступ к медицинским услугам** – качество здравоохранения, продолжительности жизни; **Социальные связи** – поддержка семьи, друзей, коллег; **Безопасность** – уровень преступности, защищенность прав.
Личностные факторы	**Финансовая грамотность –** умение управлять деньгами, инвестициями; **Здоровье** – физическое и психическое состояние; **Жизненные установки** – мотивация, амбиции, отношение к труду и деньгам.
Институциональные и политические факторы	**Налоги и социальная поддержка –** льготы, пособия, налоговая политика; **Коррупция и правовая система** – справедливость судов, защита собственности; **Экономическая политика** – поддержка малого бизнеса, инвестиции в инфраструктуру.
Экологические факторы	**Экология и климат** – качество воздуха, доступ к чистой питьевой водой, эко катастрофы, наличие ресурсов.

Источник [12].

По мнению американского учёного Дугласа Норта что: «…Чтобы рассмотреть институциональные рамки, которые не поощряют, а тормозят экономическую активность, обратимся к условиям, господствующим во многих странах “третьего мира”, а также к условиям, которые имели место на протяжении большей части мировой истории. И в этом случае политические и экономические руководители имеют смешанный набор возможностей, но все же по большей части эти возможности поощряют скорее деятельность по перераспределению, чем по производству материальных благ, формируют скорее монополии, чем конкурентную среду, и скорее ограничивают, чем расширяют выбор. Они редко стимулируют инвестиции в образование, которое повышает производительность. Организации, развивающиеся в этих институциональных рамках, становятся более эффективными, но только эффективными в снижении общей продуктивности общества и в развитии базовой институциональной структуры, еще менее благоприятной для продуктивной деятельности. Такая траектория развития может быть долговременной и устойчивой, потому что в подобных экономиках транзакционные издержки политических и экономических рынков, наряду с субъективными моделями, господствующими в восприятии “актеров”, не способствуют постепенному продвижению этих обществ к более эффективным результатам» [5, с.25].

В условиях политической стабильности и достижения приемлемого уровня экономической стабилизации, Таджикистан в настоящее время готов к осуществлению нового этапа реформ для обеспечения роста с целью повышения уровня благосостояния широких слоев населения. Реструктуризация основных отраслей экономики позволит Таджикистану максимально использовать имеющийся материальный и человеческий потенциал. В ходе осуществления реформ значение межотраслевых связей будет возрастать. Наряду с этим, Правительство Республики Таджикистан намерено разработать Программу реформ социальной сферы, чтобы свести к минимуму социальные потери, как отмечено в Национальном стратегии развития до 2030 года. Расширение региональной и международной торговли будет способствовать экономическому росту. В действительности, процесс глобализации создает ряд возможностей для развития экономики Таджикистана, при условии реформирования транспортного сектора и сектора телекоммуникаций и более широкого привлечения частного сектора в деятельность указанных отраслей экономики. Кроме того, эти отрасли имеют очень большое значение для развития внутреннего рынка и для оказания поддержки всем другим отраслям экономики. Все это, в свою очередь, значительно ускорит процесс повышения уровня благосостояния населения и улучшения качество жизни в стране.

Для обеспечения успеха отраслевых реформ, Правительство Республики Таджикистан будет руководствоваться некоторыми ключевыми принципами. С достижением определенной макроэкономической стабильности обращено особое внимание на некоторые важные аспекты стратегических мер, направленных на поддержание отраслевой реструктуризации и институционального развития. Они включают в себя следующее:

- передача собственности из государственного сектора в частный посредством приватизации государственных активов;
- развитие индустриализации в стране тем самым создание новых рабочих мест для населения;
- принятие соответствующих положений с целью стимулирования образования новых частных предприятий и создания равных условий для всех участников рынка, а также осуществление контроля над монополиями и деятельностью, направленной на подрыв конкуренции;
- обеспечение более благоприятного воздействия прямых иностранных инвестиций на устойчивое развитие путем создания стабильного инвестиционного климата, гарантий прав собственности и выполнения договорных условий.

Сегодня Таджикистан имеет конструктивные программы реформирования экономики и преобразования многих сфер общественно-политической жизни общества.

Невозможно решить проблему повышения уровня благосостояния населения без подъема и развитии национальной экономики развития реального сектора и укрепления частного сектора народного хозяйства. Таджикистан, в том состоянии, в каком он есть, не может выделить социальному сектору больше средств, чем сейчас. Главное решение проблемы уровня благосостояния не в прямой помощи государства, а в создании им условий, при которых каждый человек самостоятельно зарабатывает себе на жизнь.

Сегодня расширение и укрепление среднего класса считается одной из ключевых задач Стратегии национального развития Республики Таджикистан на период до 2030 года. «…Основные действия в рамках этой задачи направлены на содействие повышению доходов населения (в том числе на селе), создания условий для получения достойной и продуктивной занятости (в том числе трудоустройства уязвимых слоев населения) и сокращения уровня неравенства в обществе, что, как ожидается, позволит увеличить долю среднего класса в стране до 40% в 2025 году и 50% к 2030 году» [8, с.6].

С целью изучения наилучшей практики расширения среднего класса, мы постарались провести небольшой анализ состояния и развития государственной политики развития среднего класса в развитых зарубежных странах, и соседних странах нашего региона.

Средний класс в ЕС трудно оценить так как не во всех странах членах ЕС наблюдаются

схожие условия социально-экономического развития. Но так или иначе по данным Еврофонда около 60% жителей Еврозоны можно отнести к среднему классу. В Исследовании посвященной теме развития неравенства доходов и среднего класса была предпринята попытка на основе подхода ОЭСР оценить низший, средний и высший классы в странах ЕС. К низшему классу были отнесены те страны доход которых варьируется от 75% до 100% от медианного дохода населения; средний класс – 100%-150%, и высший класс – 150%-200%. Результаты оценки представлены на рисунке 1.

Согласно данным исследования, представленные на рисунке 1 группу стран с высоким доходом, возглавляет Люксембург со средним уровнем национального дохода более 50 тыс. евро в месяц. Далее в этой группе следуют такие страны как Дания, Ирландия, Голландия и Австрия средний доход которых составляет более 30 тыс. евро. И замыкают группу Бельгия, Финляндия, Швеция, Германия, Франция.

В страны со средним доходом вошли Италия, Мальта, Кипр, Испания и Словения. Средний национальный ежемесячный доход этих стран приближен к 20 тыс. евро. И в страны с низким доходом вошли Эстония, Чехия, Португалия и др. Замыкает эту группу Венгрия, Болгария и Румыния со средним доходом менее 10 тыс. евро.



Рисунок 1. - Разбивка стран членов ЕС по среднему уровню национального дохода в 2024 году (тыс. евро)

***Источник:** [11, с.17].

1. Ташаккули экосистемаи инноватсионӣ ва таъсиси IT-хаби минтақавӣ дар ш. Хуҷанд. Заминагузории устувори инфрасохторӣ ва институтсионалӣ тавассути таъсиси Технопарк ва Парки технологияҳои иттилоотӣ барои рушди стартапҳо, фрилансинг ва аутсорсинги рақамӣ. Иқдоми мазкур ҳамчун драйвери афзоиши ҷойҳои кории баландпардохт хизмат карда, раванди муҳоҷирати «мағзҳо»-ро дар байни ҷавонони соҳибкасби минтақа коҳиш медиҳад ва рақобатпазирии бозори меҳнати минтақавиро дар сатҳи байналмилалӣ меафзояд.

2. Интегратсияи системаи таҳсилоти дуалӣ ва гузариш ба модели «донишгоҳ-саноат». Ҷорӣ намудани модели фаъоли таҳсилоти дуалӣ ва платформаҳои таҷрибаомузии амалӣ тавассути ҳамкории мустақими муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва миёнаи касбии вилоят бо субъектҳои бахши хусусӣ ва ширкатҳои IT. Ин раванд имкон медиҳад, ки диспропорсия ва бетавозунии миёни пешниҳоди кадрӣ ва талаботи воқеии бозори меҳнат (*skills mismatch*) ба таври назаррас коҳиш дода шуда, раванди адаптатсияи хатмкунандагон ба шароити истеҳсолӣ суръат бахшида шавад [9, 10].

3. Барномаи мақсадноки «Сармояи рақамӣ ва инклюзияи иҷтимоии занону ҷавонони деҳот». Бо назардошти асимметрияи амиқи гендерӣ дар сохтори бекории вилоят (ки дар соли 2024 ҳиссаи занон 50,9%-ро ташкил дод), таҳияи механизми ҳавасмандгардонии шуғли инклюзивӣ ба воситаи курсҳои махсуси саводнокии рақамӣ, тиҷорати электронӣ ва чандири шуғл (кори фосилавӣ ва платформавӣ) зарур арзёбӣ мегардад. Тадбири мазкур ба воридсозии занону ҷавонони деҳот ба гардиши иқтисодӣ ва беҳтар гардидани некӯаҳволии оилаҳо замина мегузорад [4, 6].

4. Татбиқи консепсияи «Омӯзиш дар тӯли ҳаёт» ва навсозии малакаҳо. Такомули сиёсати фаъоли бозори меҳнат тариқи механизмҳои баланд бардоштани малакаҳои рақамӣ барои кормандони соҳаҳои мухталифи иқтисодиёти мамлакат (хизматрасонӣ, саноати сабук ва кишоварзӣ). Раванди зикргардида чандирии захираҳои меҳнатиро нисбат ба трансформатсияи технологӣ таъмин намуда, хатари бекории сохториро дар шароити рақамикунонии босуръати иқтисодиёт коҳиш медиҳад [8, 2].

Хулоса. Натиҷаҳои бадастомада бо хулосаҳои олимони ватанӣ ва хориҷӣ оид ба таъсири рақамикунонӣ ба шуғл ва сармояи инсонӣ мувофиқат намуда, собит менамояд, ки рушди инфрасохтори рақамӣ ва баланд бардоштани сатҳи саводнокии рақамӣ ба афзоиши рақобатпазирии иқтисоди минтақавӣ мусоидат менамоянд.

1. Иқтисодиёти рақамӣ ба омили муҳими тағйироти сохтории бозори меҳнати маҳаллӣ табдил ёфтааст.

2. Тайи солҳои 2020–2024 нишондиҳандаҳои шуғл тамоюли мусбат нишон доданд.

3. Вилояти Суғд ҷиҳати рушди шуғли рақамӣ ва сармояи инсонӣ дорои имкониятҳои назаррас мебошад.

4. Баланд бардоштани сатҳи малакаҳои рақамӣ ва рушди инфрасохтори IT самти асосии сиёсати минтақавӣ бояд бошад.

5. Тақвияти ҳамкории «илм – маориф – бахши хусусӣ» ҷиҳати ташаккули иқтисодиёти рақамии минтақавӣ аҳаммияти муҳим дорад.

АДАБИЁТ:

1. Becker G.S. Human Capital: A Theoretical and Empirical Analysis. - Chicago: University of Chicago Press, 1993. - 412 p.
2. Schultz T.W. Investment in Human Capital // The American Economic Review.- 1961. - Vol. 51, No. 1.- P. 1-17.
3. World Economic Forum. The Future of Jobs Report 2025.- Geneva: WEF, 2025.- 116 p.
4. Бозори меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Маҷмӯаи оморӣ. – Душанбе: Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2024. – 180 саҳ.
5. Комилов С.Ҷ., Азизов Ш.С. Развитие трудовых отношений в условиях цифровизации производства // Вопросы науки и образования. - 2024. - № 6 (178). - С. 35-39.
6. Комилов С.Ҷ., Азимов Н.Ҳ. Падидаи «худиштиғол» дар сохтори муосири бозори меҳнат // Тоҷикистон ва ҷаҳони имрӯз. – 2025 - № 2 (90).- С. 166-178.
7. Комилов С.Ҷ., Садиқова Ш.К., Ҳодиев Д.А. Рушди сармояи инсонӣ дар шароити инноватсионӣ: ҷанбаҳои институтсионалӣ.- Душанбе: Эҷод, 2025.- 184 саҳ.
8. Мирзоалиев А.А. Ташаккули бозори меҳнат дар шароити рақамикунонӣ // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. - 2025 - № 4 (56). - С. 104- 111.
9. Мирзоалиев А.А., Кабиров Ш.Р. Масоили муҳоҷирати меҳнатӣ ва рушди бозори меҳнат // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон.- 2022. -№ 4-2 (44). - С. 219-224.
10. Мирзоалиев А.А., Холиқова П.И. Рушди иқтидори кадрӣ дар иқтисодиёти рақамӣ // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон.- 2022.- № 4-1 (43). - С. 279-283.
11. Набиева Х.Н. Особенности использования человеческого капитала в региональной экономике (на примере Согдийской области Республики Таджикистан): дисс. ... канд. экон. наук: 5.2.4. - Худжанд, 2024. - 165 с.
12. Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон - 2025. - Душанбе: Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2025. - 442 саҳ.
13. Стратегияи рушди иқтисодиёти рақамии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2040. - Душанбе, 2024.- 48 саҳ.
14. Шамсов И. Рушди иқтисодиёти рақамӣ ва таъсири он ба бозори ҷаҳонии меҳнат // Рӯзномаи «Ҷумҳурият». - 2024. - № 42. - С. 2-3.
15. Шарипов Ф.М. Иқтисодиёти рақамӣ ва рушди иҷтимоию иқтисодӣ. - Душанбе: Ирфон, 2023. - 286 саҳ.

УДК 338.45:664:332.1

ТАҲЛИЛИ МИНТАҚАВИИ АФЗОИШИ ҲАҶМИ ИСТЕҲСОЛИ МАҲСУЛОТИ САНОАТИ ХӮРОКВОРӢ: МУШКИЛОТ ВА ДУРНАМОИ РУШД

ҚУРБОНЗОДА АБДУЛЛО АБДУҶАЛОЛ

Доктори фалсафа (PhD), муаллими калони кафедраи молия ва суғуртаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. **Суроға:** 734025, Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17.
E-mail: abdullo0792@mail.ru. **Тел.:** (+992) 981-18-17-77

Аннотатсия. Мубрамияти мавзуи мақоли илмӣ дар таҳлили минтақавии афзоиши ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноати хӯрокворӣ: мушкилот ва дурнамои рушд дар асоси татбиқи саривақтии ҳадафҳои стратегии мамлакат, бахусус таъмини амнияти озуқаворӣ ва дастрасии аҳолӣ ба ғизои хушсифат дар минтақаҳо, асоснок карда шудааст. Дар асоси ин, омилҳои асосие, ки ба афзоиши ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти хӯрокворӣ таъсир мерасонанд таҳлил гардида, нобаробарии рушди иқтидори истеҳсолоти саноати хӯрокворӣ дар минтақаҳои алоҳида нишон дода шудааст. Ҳамзамон муайян карда шудааст, ки барои афзоиш додани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти хӯрокворӣ дар минтақаҳои алоҳидаи мамлакат, чи гуна мушкилотҳо мавҷуд буда ва роҳҳои бартараф намудани онҳо пешниҳод гардидааст.

Дар натиҷаи гузаронидани таҳқиқоти илмӣ хулосабарори карда шудааст, ки гарчанде ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноати хӯрокворӣ дар минтақаҳои ҷумҳурӣ тамоюлҳои мусбӣ дошта бошад ҳам бо вуҷуди рушди соҳа баъзе аз мушкилоти асосие мавҷуд мебошад, ки саноати хӯрокворӣ дар минтақаҳо бо онҳо рӯбарӯ аст ва барои бартараф намудани ин мушкилотҳо пешниҳодҳои мушаххас оварда шудааст.

Калидвожаҳо: истеҳсолот, минтақаҳо, корхона, воридотивазкунанда, соҳаи саноат, иқтисодиёт, таҳлил, маҳсулот, саноати хӯрокворӣ, амнияти озуқаворӣ, рақобатпазирии корхона.

РЕГИОНАЛЬНЫЙ АНАЛИЗ УВЕЛИЧЕНИЯ ПРОИЗВОДСТВА ПРОДУКЦИИ ПИЩЕВОЙ ПРОМЫШЛЕННОСТИ: ПРОБЛЕМЫ И ПЕРСПЕКТИВЫ РАЗВИТИЯ

КУРБОНЗОДА АБДУЛЛО АБДУДЖАЛОЛ

Доктор философии (PhD), старший преподаватель кафедры финансов и страхования, Таджикский национальный университет. **Адрес:** 734025, Таджикистан, Душанбе, проспект Рудаки, 17. **E-mail:**: abdullo0792@mail.ru. **Тел.:** (+992) 981-18-17-77

Аннотация. Актуальность темы научной статьи в региональном анализе роста производства пищевой промышленности: проблемы и перспективы развития обосновывается своевременной реализацией стратегических целей страны, в частности, обеспечением продовольственной безопасности и доступа населения к качественной пище в регионах. На этой основе анализируются основные факторы, влияющие на рост производства продуктов питания, и показывается неравномерное развитие производственного потенциала пищевой промышленности в отдельных регионах. Одновременно определяются проблемы, существующие в увеличении производства продуктов питания в отдельных регионах страны, и предлагаются пути их преодоления.

В результате научного исследования был сделан вывод, что, несмотря на положительную динамику объемов производства продуктов питания в регионах республики и развитие сектора, пищевая промышленность в регионах сталкивается с рядом серьезных проблем, и были предложены конкретные меры по их преодолению.

Ключевые слова: производство, регионы, предприятие, импортозамещение, промышленность, экономика, анализ, продукт, рынок, пищевая промышленность, продовольственная безопасность, конкурентоспособность предприятия.

REGIONAL ANALYSIS OF THE INCREASE IN PRODUCTION OF FOOD INDUSTRY PRODUCTS: PROBLEMS AND DEVELOPMENT PROSPECTS

KURBONZODA ABDULLO ABDUJALOL,
PhD, senior lecturer of the Department of Finance and Insurance, Tajik National University.
Address: 17 Rudaki Avenue, Dushanbe, 734025, Tajikistan.
E-mail: abdullo0792@mail.ru. **Tel.:** (+992)981-18-17-77

Abstract. The relevance of the topic of the scientific article in the regional analysis of the growth of food industry production: problems and prospects for development is justified on the basis of the timely implementation of the country's strategic goals, in particular, ensuring food security and access of the population to high-quality food in the regions. On this basis, the main factors affecting the growth of food production are analyzed, and the uneven development of food industry production capacity in individual regions is shown. At the same time, it is determined what problems exist in increasing food production in individual regions of the country, and ways to overcome them are proposed.

As a result of scientific research, it was concluded that although the volume of food industry production in the regions of the republic has positive trends, despite the development of the sector, there are some major problems that the food industry in the regions faces, and specific proposals have been made to overcome these problems.

Keywords: production, regions, enterprise, import substitution, industry, economics, analysis, product, market, food industry, food security, enterprise competitiveness.

Муқаддима. Дар шароити рушди муносибатҳои нави иқтисоди бозорӣ ва таҳкими рақобатпазирии байни молистеҳсолкунандагони ватаниву хориҷӣ, масъалаи ташкили истеҳсолот дар минтақаҳои ҷумҳурӣ ва махсусан имкониятҳои истеҳсоли маҳсулоти хӯрокворӣ, ҷиҳати таъмини аҳолии маҳал бо маҳсулотҳои хӯрокворияи ватанӣ, ҳамчунин мусоидат намудан ба рушди соҳа дар минтақаҳо аҳамияти муҳим дорад. Аз ин лиҳоз, таҳлили минтақавии истеҳсолоти саноати хӯрокворӣ ҳамчун ҷузъи ҷудонопазири сиёсати саноат ва заминаи татбиқи ҳадафи стратегии мамлакат-таъмини амнияти оузқаворӣ ва дастрасии аҳолӣ ба маҳсулоти ғизоӣ аҳамияти махсуси илмӣ ва амалӣ дорад. Таҳқиқоти мазкур имконият медиҳад, ки сатҳи рушди соҳа дар минтақаҳои кишвар муайян карда шуда, хусусиятҳои фарқияти минтақавӣ ошкор карда шаванд. Ҳамзамон, муайяннамоии омилҳои таъсиррасонанда ба афзоиши истеҳсолоти саноатӣ ҷиҳати истифодаи самараноки захираҳои мавҷудбуда шароит фароҳам меоварад.

Натиҷаҳои таҳқиқшаванда ба баланд бардоштани рақобатпазирии маҳсулоти ватанӣ ва ивазкунандаи воридот мусоидат намуда, метавонад дар таҳияи стратегия ва барномаҳои давлатии соҳавӣ истифода бурда шаванд. Дар баробари ин рушди саноати хӯрокворӣ ба беҳтар шудани сатҳи зиндагии аҳолӣ, таъсиси ҷойҳои нави корӣ ва ба ҳамин васила ба афзоиши даромади аҳолӣ дар минтақаҳо мусоидат хоҳад кард. Аз ин лиҳоз, омӯзиши ҳамаҷонибаи равандҳои рушди истеҳсолоти саноати хӯрокворӣ дар минтақаҳо барои рушди устувори иқтисодӣ ҷиҳати расидан ба ҳадафҳои миллӣ муҳим арзёбӣ мегардад.

Маводҳо ва усулҳои таҳқиқот. Албатта, ки мавзуи мазкурро муҳаққиқони ватанӣ дар алоҳидагӣ мавриди омӯзиш қарор додаанд, аммо хусусияти фарқунандаи таҳқиқоти мо аз дигар муҳаққиқон дар мақсадҳои муайяни гузошташуда мебошад. Масалан муҳақиқи ватанӣ Акимов С.М. масъалаи саноати хӯрокворирo дар вилояти Хатлон мавриди таҳқиқоти худ қарор дода, қайд намудааст, ки «...кластерҳои агросаноатӣ одатан дар ҳудудҳои муайян ё минтақаҳои кишвар ташаккул меёбанд. Ба андешаи ӯ роҳи самаранок зиёд намудани истеҳсоли маҳсулоти ватанӣ, маҳсулоти озуқаворӣ ва беҳтар намудани сифати онҳо, ташкили зерсохторҳои гуногуни комплексӣ мебошад» [5].

Аскарова С.С. бошад, таҳқиқоти худро дар вилояти Суғд дида баромада, рушди соҳаи мазкурро дар бунёди корхонаҳои хурду миёна ва махсусгардонидашудаи аз ҷиҳати техникӣ ва технологӣ муҷаҳҳазшуда дар минтақаҳое, ки дар онҷо ашёи хом ҷамъоварӣ мешавад, пешниҳод намудааст. [6] Албатта, ки пешниҳоди муҳақиқ илман асоснокшуда мебошад, вале ин маънои онро надорад, ки чунин корхонаҳо ивазкунандаи корхонаҳои бузурги соҳавӣ шаванд. Зеро корхонаҳои калон нисбат ба корхонаҳои хурд қодиртаранд, ки сармоягузориҳоро ба лоиҳаҳои инвеститсионӣ ҷалб намоянд. Бо дар назардошти андешаҳои боло мо ба хулосае омадем, ки дар баробари рушди корхонаҳои хурду миёна, таҳким бахшидан ба корхонаҳои бузурги истеҳсолоти саноати хӯрокворӣ яъне таъсис додани филиалҳо (корхонаҳои духтарӣ) дар минтақаҳое, ки маҳсулотҳои кишоварзӣ ҳамчун манбаи ашёи хоми соҳавӣ парвариш карда мешаванд, ба мақсад мувофиқ аст.

Муҳақиқи рус Елена А.О. дар таҳқиқоти худ қайд намудааст, ки «...аҳамияти стратегии саноати хӯрокворӣ аз омилҳои зерин муайян карда мешавад: таъмини кофии маҳсулоти хӯрокворӣ барои аҳолии минтақа, ки боиси беҳтар шудани вазъи демографӣ мегардад, шиддати иҷтимоиро коҳиш медиҳад ва амнияти дохилии минтақаро тақвият медиҳад. У дар таҳқиқоти худ робитаи ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти хӯрокворӣ ва индекси нархҳои истеъмолиро бо истифода аз модели эконометрикӣ ошкор намуда, ба хулосае омадааст, ки баланд бардоштани самаранокии саноати хӯрокворӣ танҳо аз омилҳои пулӣ вобаста набуда, балки аз омилҳои ғайрипулӣ низ вобастагӣ дорад. Бинобар ин чунин пешниҳодҳо намудааст: ташаккул додани робитаи байни истеҳсолкунандагони ашёи хоми кишоварзӣ ва истеҳсолкунандагони маҳсулоти тайёр, дигаргунсозии миқёси васеъи иқтидорҳои истеҳсолӣ дар корхонаҳои саноатӣ, аз ҷумла ҷори намудани системаҳои автоматикунонидашуда ва роботикунонидашудаи истеҳсолӣ, таҳия ва татбиқи технологияи коркарди ашёи хоми кишоварзӣ, ки партовҳои заруриро барои нобудсозӣ (утилизатсия) кам мекунад, ташкили хизматрасониҳои логистикӣ барои бурда расонидани маҳсулот аз истеҳсолкунанда ба фурушандагони чакана дар сатҳи маҳал ва минтақаҳо барои дастгирии брендҳои ватанӣ ва ҳифзи манфиатҳои истеҳсолкунандагони маҳаллӣ» [11].

Ҳадафи таҳқиқоти мо аз таҳлили минтақавии афзоиши ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноати хӯрокворӣ ва бо ин васила муайян намудани мушкилот ва имкониятҳои мавҷудбуда дар минтақаҳои гуногуни Ҷумҳурии Тоҷикистон иборат мебошад. Барои расидан ба ҳадафи мавзуи таҳқиқотӣ аз усулҳои таҳлили оморӣ, таҳлили коррелятсионию регрессионӣ истифода бурда шудааст.

Бе шубҳа, дар ин бобат саноатикунонии босуръат барои таъмин намудани устувории иқтисодиёт, ташкили ҷойҳои нави корӣ, баланд бардоштани иқтидори содиротии мамлакат ва рақобатнокии он заминаи мусоид мегузорд. Пешвои муаззами миллат бо назардошти аҳамияти бузурги соҳаи саноат дар рушди минбаъдаи мамлакат солҳои 2022-2026-ро “Солҳои рушди саноат” эълон намуда, дар Паёми соли 2025 чунин ибрози андеша намуданд, ки “Ба мақсади ноил гардидан ба яке аз ҳадафҳои стратегии миллӣ – саноатикунонии босуръати кишвар дар давраи татбиқи он (солҳои 2019 – 2025), яъне дар 7 соли охир беш аз 2600 корхонаи саноатӣ бо ташкили зиёда аз 87 ҳазор ҷойи корӣ сохта, ба истифода дода шудааст. Аз ҷумла дар соли 2025-ум 400 корхонаи истеҳсолӣ ба фаъолият оғоз намудааст” [2].

Натиҷаҳо. Гузаштан аз мамлакати агросаноатӣ ба саноатию аграрӣ, тадбиқи иқтисоди рақамӣ ва модели нави ба роҳ мондани истеҳсолот, яъне иқтисодиёти сабз, истеҳсолкунандагонро водор месозад, ки раванди истеҳсолотро ба чунин шароит мутобиқ сохта аҳолии мамлакатро дар минтақаҳои алоҳида бо ғизои солим таъмин намоянд.

Дар ин масир ҳадафи асосӣ аз саноатикунонии босуръат таъмини пешрафти иқтисодиёти кишвар, беҳтар намудани сатҳи зиндагии мардум ва ворид кардани Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қатори давлатҳои пешрафтаи ҷаҳон мебошад. Дар ин замина, Ҳукумати мамлакат таваҷҷуҳи хоссаро ба рушди соҳаҳои афзалиятноки саноат, аз қабили саноати хӯрокворӣ, равона месозад. Барои татбиқи босамари ин ҳадафҳо, ҷалби технологияҳои муосир ва инноватсионӣ, тақвияти ҳамкориҳои байналмилалӣ ва дастгирии соҳибкорони маҳаллӣ аҳамияти калидӣ дорад. Бо ин

мақсад, баҳри дастгирии соҳибкорон ва ҷалби сармоягузорон Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор имтиёзҳо ва шароитҳоро муҳайё месозад.

Бояд қайд намуд, ки бо мақсади амалинамоии ҳадафҳои сеюм ва чоруми миллӣ- таъмини амнияти озуқаворӣ ва саноатикунонии босуръати кишвар дар солҳои 2020-2025 ҳафт барнома ва консепсияи рушди соҳаҳои саноат таҳия шуда мавриди амал қарор гирифтаанд, ки яке аз ин барномаҳо “Барномаи рушди саноати хӯрокворрии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2025” ба шумор мерафт. Гарчанде муҳлати ин барнома ба анҷом расида бошад, ҳам дар давраи амалкарди худ, баъзе масъалаҳои мавҷудбуда роҳи ҳалли худро наёфтаан, аз ин нуқтаи назар ба андешаи мо хуб мебуд, ки барномаи мазкур тамдид карда шавад.

Мақсадҳои асосии Барномаи рушди саноати хӯрокворрии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020 – 2025 чунин буданд:

- ташаккули шароитҳои ҳуқуқӣ ва иқтисодӣ ҷиҳати қонеъ гардонидани эҳтиёҷоти истеъмолкунандагон, таъмини бозори истеъмолии кишвар аз ҳисоби маҳсулоти хӯрокворрии дар корхонаҳои ватанӣ истеҳсолшаванда;

- паст кардани тамоюлҳои истеҳсолоти мавсимӣ бо роҳи истифодаи технологияҳои нав, иншооти логистикӣ, дар истеҳсолот ҷорӣ намудани навъҳои гуногуни ашёи хом ва рушди инфрасохтори истеҳсолот;

- зиёд намудани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ, ба монанди зироатҳои равғандиҳанда, меваю сабзавот, гӯшт ва шир, инчунин таъмини пурраи талаботи корхонаҳои коркард бо ашёи хоми ватанӣ бо роҳи парвариши навъҳои саноатии меваю сабзавот ва васеъгардонии майдонҳои кишти кишоварзӣ;

- зиёд намудани ҳаҷми коркарди саноатӣ ва истифодаи самараноки захираҳои ашёи хом;

- баланд бардоштани вазни қиёсии коркарди саноатии ашёи хом ва танзими давлатии ташаккули ашёи хом - маҳсулоти кишоварзӣ барои корхонаҳои коркардкунанда [1].

Қобили қайд аст, ки дар сохтори молу маҳсулоти воридотшавандаи мамлакат бештар феҳристи маҳсулоти саноати хӯрокворӣ дида мешавад, ки албатта, барои татбиқи мақсадҳои олии рушди мамлакат метавонад монеаҳо эҷод намояд. Вобаста ба ин, таҳқиқ ва таҳлили мунтазами вазъи муосири саноати хӯрокворрии мамлакат, ҷиҳати пайдо намудани механизмҳои гуногуни ташкилӣ-институтсионалӣ ва молиявӣ, ҳамзамон, таҳияи роҳу усулҳои таъмини истеҳсолоти воридотивазкунанда дар корхонаҳои саноати хӯрокворӣ мубрам гардида истодааст [8].

Саноати хӯрокворӣ дар соҳаи саноати мамлакат мавқеи назаррас дошта, ҳиссаи он дар соҳаи мазкур дар соли 2024 ба 21,3% баробар гардид, ки дар тафриқа ба соли 2019 3,5 банди фоизӣ зиёд мебошад. Таҳлилҳои оморӣ нишон медиҳад, ки солҳои охир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон соҳаи саноат рӯ ба афзоиш ниҳода, дар соли 2024 шумораи корхонаҳои саноатӣ 3779 воҳидро ташкил дода, аз ин шумора 856 воҳид корхонаҳои саноати хӯрокворӣ мебошад, ки ин нисбат ба соли 2019 мутаносибан ба 1615 ва 394 воҳид зиёд мебошанд. Бояд қайд намуд, ки корхонаҳои саноати хӯрокворӣ дар минтақаҳо сол то сол зиёд гардида, ба рушди соҳаи мазкур мусоидат намуда истодаанд.

Мувофиқи маълумотҳои оморӣ дар соли 2024 шумораи корхонаҳои саноати хӯрокворӣ дар вилояти Суғд ба 357 адад расидааст, ки нисбат ба соли 2019 96,1% афзоиш ёфтааст. Дар вилояти Хатлон бошад ба 141 адад баробар гардида нисбат ба соли 2019 38,1% зиёд мебошад. Нишондиҳандаи корхонаҳои саноати хӯрокворӣ дар ВМКБ нисбат ба дигар минтақаҳо дар солҳои таҳлили нисбатан кам бошад ҳам вале соли 2024 дар муқоиса ба соли 2019 2,5 маротиба зиёд гардида аз рушди соҳа дар ин минтақа дарак медиҳад. Дар маҷмуъ рушди корхонаҳои соҳавӣ дар шаҳри Душанбе ва вилояти Суғд нисбатан чашмрас мебошад. (ниг. ба ҷадвали 1)

Бояд тазаккур дод, ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз 6 - январи соли 2022 №309 солҳои 2022-2026 – ро “Солҳои рушди саноат” эълон намудааст, ки дар он рушди соҳаи кишоварзӣ аз ҷумла истеҳсоли маҳсулоти кишоварзии минтақаҳои кишвар муҳим арзёби мегардад.

Саноати хӯрокворӣ ҳамчун қисми муҳими комплекси агросаноатӣ дар таъмин намудани аҳолӣ бо озуқа ва самаранок истифодабарии захираҳои ашёи хом нақши муҳимро мебозад.

Ҷадвали 1. Шумораи корхонаҳои саноати хӯрокворӣ дар минтақаҳо (адад)

Минтақа	2019	2020	2021	2022	2023	2024	2024/20119, бо %
Вилояти Суғд	182	198	204	245	333	357	196,1
Вилояти Хатлон	102	112	110	124	136	141	138,2
ВМКБ	9	9	10	15	18	32	355,5
ш. Душанбе	96	105	121	155	198	218	227,1
НТҶ	73	77	70	95	110	108	147,9

Сарчашма: Маҷмуаи омории Саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2019-2025 Саҳ 30-35.

Таҷрибаи ҷаҳонии ташкили истеҳсолоти кишоварзӣ нишон медиҳад, ки кластерҳои агросаноатӣ одатан дар ҳудудҳои муайян ё минтақаҳои кишвар ташаккул меёбанд. Истифода бурдани таҷрибаи ҷаҳонӣ дар ин самт дар ҷумҳурӣ, шарти асосии гузаштани ҷумҳурӣ ба шакли индустриалӣ-аграрӣ мебошад.

“...Иқтисодиёти Тоҷикистон ҳамаи заминаҳои заруриро (сарватҳои гуногуни табиӣ) барои рушди саноати хӯрокворӣ барои ноил шудан ба ҳадафи стратегии иқтисодии кишвар - амнияти озуқаворӣ дорад. Имрӯз саноати хӯрокворӣ дар сохтори саноатии миллӣ мавқеи марказиро ишғол мекунад” [3].

Истеҳсолоти маҳсулоти саноатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2019-2024 ба суръати назаррас рушд намуда дар давраи таҳлили дар миқёси мамлакат ба 169,7% баробар гардидааст, нишондиҳандаи аз ҳамма назаррасро дар минтақаҳо вилояти Суғд ташкил дода ҳиссаи он дар соли 2024 нисбат ба соли 2019 200,6%-ро ташкил додааст. (ниг. ба ҷадвали 2)

Ҷадвали 2. Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар минтақаҳо (бо нархҳои дахлдори сол млн. Сомонӣ)

	2019	2020	2021	2022	2023	2024	2024/2019 бо фоиз
Ҷумҳурии Тоҷикистон	27613,0	30890,0	38829,0	43025,0	46857,0	53837,0	169,7
ВМКБ	249,3	228,8	315,5	184,1	214,8	313,9	86,2
Вилояти Суғд	13053,6	15573,2	21064,8	24326,3	26188,1	30499,4	200,6
Вилояти Хатлон	8661,1	8998,3	10333,0	10792,5	11841,2	12666,0	136,7
ш. Душанбе	2753,4	2800,6	3339,4	3535,9	4265,1	5259,4	154,9
НТҶ	2895,6	3289,4	3776,3	4186,1	4347,8	5134,5	150,2

Сарчашма: таҳияи муаллиф дар асоси маълумотҳои Маҷмуаи омории Саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе-2025. Саҳ. 9-10.

Бешубҳа, фаъолияти муътадили корхонаҳои саноати хӯрокворӣ ва коркард дар ташаккул ва васеъ намудани фонди озуқаворӣ ва қонеъ гардондани талаботи аҳолӣ бо озуқа аҳамияти калон дорад. Корхонаҳои саноати хӯрокворӣ қариб дар ҳамаи гӯшаю канори мамлакат ҷойгир шудаанд. Оид ба инкишофи соҳаҳои саноати хӯрокворӣ рақамҳои зерин гувоҳӣ медиҳанд: (расми 1)



Расми 1. Диаграмаи сохтори соҳаи саноати хӯрокворӣ дар минтақаҳо.
Таҳияи муаллиф: Тибқи маълумотҳои Саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе 2025 – С. 17.

Аз маълумотҳои расми 1 аён аст, ки ҳиссаи аз ҳама баланди сохтори соҳавии саноати хӯрокворӣ ба вилояти Суғд рост омада 24,3%-ро дар соли 2024 ташкил медиҳад.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноати хӯрокворӣ дар минтақаҳои ҷумҳурӣ дар соли 2024 нисбат ба соли 2023 тамоюлҳои гуногун дорад. Агар дар соли 2023 ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноати хӯрокворӣ дар вилояти Суғд 8067770,2 ҳазор сомониро ташкил дода бошад, ин нишондиҳанда дар соли 2024 ба 7414079,7 ҳазор сомонӣ омада расидааст, ки нисбат ба соли 2023 8,1% коҳиш ёфтааст. Дар вилояти Хатлон бошад ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноати хӯрокворӣ дар соли 2024 нисбат ба соли 2023 25,0% зиёд гардидааст, ки аз рушд намудани истеҳсолоти саноатӣ дар ин минтақа шаҳодат медиҳад. Нишондиҳандаи нисбатан ками истеҳсоли маҳсулоти саноати хӯрокворӣ дар давраи таҳлили ба ВМКБ рост меояд, ки омили асосӣ дар ин ҷо ҷойгиршавии ҷуғрофии он ба шумор меравад. (ниг. ба расми 2)



Расми 2. Динамикаи ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноати хӯрокворӣ дар минтақаҳо.
Таҳияи муаллиф: Тибқи маълумотҳои Саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе 2025 – С. 31-35.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки истеҳсоли маҳсулотҳои саноати хӯрокворӣ дар минтақаҳои ҷумҳурӣ аз рӯйи намудҳои алоҳидаи маҳсулот гуногун буда ҳаҷми истеҳсолоти соҳавӣ дар соли 2024 гуногун арзёбӣ мегардад. Аз ин лиҳоз зарур мешуморем, ки истеҳсоли маҳсулоти саноати хӯрокворирро дар алоҳидагӣ таҳлил намоем.

Бояд қайд намуд, ки дар соли 2024 ҳаҷми истеҳсоли гӯшт якҷоя бо каллапочаи навъи 1 дар маҷмуъ 80632 тоннаро ташкил медиҳад, ки аз ин нишондиҳадна 34076 тонна дар вилояти Суғд истеҳсол гардидааст, ки ҳиссаи он дар ҳаҷми умумии истеҳсоли маҳсулоти мазкур ба

42,3% баробар мебошад. Аз ин нуқтаи назар бартарии истеҳсоли гӯшт якҷоя бо каллапочаи навъи 1-ро ба вилояти Суғд додан мумкин аст. Ҳаҷми истеҳсоли ҳасиб бошад дар соли таҳлили ба 4641 тонна расидааст, ки аз ин миқдор 619 тонна дар вилояти Хатлон, 1667 тонна дар вилояти Суғд, 2292 тонна дар шаҳри Душанбе ва 62 тонна дар Ноҳияҳои тобеъи ҷумҳурӣ истеҳсол гардидааст, мавқеи аввалиндараҷаро оид ба истеҳсоли ин намуди маҳсулот шаҳри Душанбе ишғол намуда ҳиссаи он ба 49,4% баробар мебошад. Истеҳсоли маҳсулоти шири холис ба ҳисоби шир бошад дар соли 2024 ба 19,6 ҳазор тонна баробар гардида аз ин шумора 0,04 ҳазор тонна ба ВМКБ, 2,2 ҳазор тонна ба вилояти Хатлон, 9,7 ҳазор тонна ба вилояти Суғд, 7,4 ҳазор тонна ба шаҳри Душанбе ва 0,3 ҳазор тонна ба НТҶ рост меояд, ки ҳиссаи аз ҳама бештарро вилояти Суғд (49,5%) ташкил медиҳад. Ҳаҷми истеҳсоли панири равғанин (якҷоя бо бринза) ба 590 тонна расидааст, ки ҳиссаи аз ҳамма баландро оид ба истеҳсоли ин намуди маҳсулот вилояти Суғд бо иқтидори 65,6% ташкил медиҳад. Консерваҳо дар соли 2024 82,8 млн. бонкаи шартӣ истеҳсол гардидааст, ки 48,6 млн бонкаи шартии он ба вилояти Суғд мансуб буда 56,5%-ро аз миқдори умумӣ ташкил дода, 40,9% ба вилояти Хатлон, 0,2% ба шаҳри Душанбе 0,05% ба НТҶ ва 0,02% ба ВМКБ мансуб мебошад. Истеҳсоли маҳсулоти қаннодӣ дар соли таҳлили 45442 тоннаро дар ҷумҳурӣ ташкил дода 27096 тонна ба шаҳри Душанбе мансуб буда ҳиссаи истеҳсоли он ба 59,6% баробар мебошад. Дар соли 2024 истеҳсоли маҳсулоти макаронӣ 55% ба вилояти Суғд, нушокиҳои беспирт 49,5% ба шаҳри Душанбе ва меваи хушк 99,2% ба вилояти Суғд мансуб мебошад. Нитиҷаи таҳлилҳои мазкур нишон медиҳад, ки вилояти Суғд дар истеҳсоли маҷмуи маҳсулоти саноати хӯрокворӣ мавқеи аввалиндараҷа дошта ин минтақа дар соҳаи мазкур рушди бемайлон дорад [16].

Хулоса. Ҳамин тариқ аз натиҷаи гузаронидани таҳқиқоти мазкур ба хулоса омадан мумкин аст, ки вилояти Суғд дар истеҳсолоти саноати хӯрокворӣ мавқеъи назаррас дошта, шаҳри Душанбе ва вилояти Хатлон дар ҳоли рушд қарор дошта НТМ ва ВМКБ бошад дар ин соҳа на он қадар назаррас мебошанд.

Бояд қайд намуд, ки саноати хӯрокворӣ ба соҳаи кишоварзӣ алоқамандии бевосита дошта, рушди соҳаи кишоварзӣ ба таҳким бахшидани истеҳсолоти саноати хӯрокворӣ мусоидат менамояд. Албатта, ки ин бе ташкил намудани кластерҳои агросаноатӣ ғайриимкон аст, бинобар ҳамин дар баробари рушди соҳаи кишоварзӣ ташкил намудани корхонаҳои саноатӣ дар минтақаҳои кишвар ба мақсад мувофиқ аст.

Натиҷаи таҳқиқот нишон медиҳад, ки гарчанде саноати хӯрокворӣ дар минтақаҳои ҷумҳурӣ тамоюлҳои мусбӣ дошта бошад ҳам бо вуҷуди рушди соҳа баъзе аз мушкилоти асосие мавҷуд мебошад, ки саноати хӯрокворӣ дар минтақаҳо бо онҳо рӯбарӯ аст:

- суръати пасти навсозии таҷҳизотҳо дар корхонаҳои амалкунанда;
- истифодаи таҷҳизоти кӯҳна боиси талафоти зиёди ашёи хом ҳангоми коркард мегардад, ки хароҷоти корхонаҳо ва арзиши аслии маҳсулоти тайёрро зиёд мекунад;
- вобастагӣ аз воридот;
- кам будани фаъолияти сармоягузориҳо, яъне ягона манбаи сармоягузории инноватсионӣ аз ҳисоби маблағҳои худии корхона мебошад;
- дастрас набудани субсидияҳои давлатӣ, ки метавонад дар ҳолатҳои душворӣ ба ин кохонаҳо кумак кунад;
- арзиши баланди бастабандӣ, масолеҳи истеъмолӣ ва ҷузъҳои таҷҳизот, ки нархи фуруши маҳсулотҳоро баланд гардонида имконияти истеъмолкунандагонро маҳдуд месозад;
- мушкилот дар логистика, ки хароҷотҳои истеҳсолкунандагонро зиёд мекунад;
- мушкилот бо стандартизатсия ва назорати маҳсулоти хӯрокворӣ, яъне ГОСТҳо куҳна шудаанд;
- норасоии ашёи хом ва афзоиши нархҳо.

Пешниҳодҳо. Бо дар назардошти мушкилотҳои зикргардида ҷиҳати бартараф кардани онҳо чунин пешниҳодҳо менамоем: ҷалби сармоягузориҳо барои навсозӣ ва харидори намудани технологияи навтарин ҷиҳати бартараф намудани талафоти ашёи хом, зиёд намудани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти хӯрокворӣ воридотивазкунанда ва ба ин васила кам

кардани вобастагӣ аз воридот, ташкили ҳамкориҳои иқтисоди бо бахши воқеии иқтисодиёти хориҷа ҷиҳати ҷалби сармоягузориҳои инноватсионӣ, то андозае зиёд намудани қисми даромадҳои буҷети давлатӣ ҷиҳати субсидиякунонии корхонаҳои саноати хӯрокворӣ дар минтақаҳо, таъсиси корхонаҳои корпоративӣ яъне ҳамгирои истеҳсолот ба хизматрасонӣ, коркард намудани ГОСТҳо ва зиёд намудани истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ, моҳипарварӣ, чорводорӣ ва парандапарварӣ, паст кардани арзиши аслии ашёи хом ва масолеҳи ба истеҳсолоти саноати хӯрокворӣ мусоидаткунанда.

АДАБИЁТ:

1. Барномаи рушди саноати хӯроквории Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2025, Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 июли соли 2019, № 373.

2. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии кишвар” –Душанбе, 2022 (16.12.2025). Сомонаи расмии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. [Манбаи электронӣ]. URL: http://president.tj/node/29823 (санаи мурочиат 01.02.2026).

3. Алиев О.М. Пищевая промышленность Республики Таджикистан и ее роль в обеспечении продовольственной безопасности: современное состояние и приоритетные направления развития / О.М. Алиев, Г.А. Курбонов // Национальные экономические системы в контексте формирования глобального экономического пространства: 107 Сборник научных трудов, Симферополь, 02 апреля 2021 года; под общей редакцией З.О. Адамановой. Том Выпуск 7. - Симферополь: «АРИАЛ», 2021. -С.97.

4. Алиджанов Д.А. Модернизация национальной экономики Республики Таджикистан как условие реализации программы импортозамещения / Д.А. Алиджанов // Экономический журнал. -М.: Смелый дизайн, 2015. -№4. -С.25-35.

5. Акимов С.М. Мушкилот ва имкониятҳои рушди соҳаи саноати хӯрокворӣ ва саноати коркард дар вилояти Хатлон / С.М. Акимов // Паёми молия ва иқтисод. 2022. № 1 (30). С. 258-267.. 258-267.

6. Аскарова С.С., Салимова З.М. Факторный анализ развития пищевой промышленности Согдийской области Республики Таджикистан / С.С. Аскарова, З.М. Салимова // Вестник Таджикского государственного университета права, бизнеса и политики. Серия общественных наук. 2025. № 1 (102). С. 96-109.

7. Коновалов Ю.В. Механизмы промышленной политики, влияющие на импортозамещение и инновационную стратегию предприятий / Ю.В. Коновалов // Российское предпринимательство. -Нижний Новгород, 2017. -№5. -том.18. -С.960.

8. Қурбонзода А.А. Таҳлили раванди истеҳсолоти воридотивазкунанда дар корхонаҳои саноати хӯроквории тоҷикистон // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон / Бахши илмҳои иҷтимоӣ–иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ, Душанбе- 2024, №5 саҳ. 101. (101-108)

9. Махмадизода, Ф.Б. Импортозамещение сельскохозяйственной продукции региона в контексте обеспечения продовольственной безопасности страны / Ф.Б. Махмадизода // Экономика Таджикистана. – 2022. – № 1. – С. 182-189.

10. Махмадизода, Ф.Б. Пути устойчивого развития сельхозтоваропроизводителей регионов в условиях ВТО / Махмадизода Ф.Б., Наджбудинзода Х.Ш., Махмадизода С.Б. // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2021. – № 5. – С. 138-145.

11. Орлова Е.А., Рябова Т.В., Фоменко Е.В. Проблемы и перспективы развития пищевой промышленности Астраханской области / Е.А.Орлова, Т.В. Рябова, Е.В. Фоменко // Вестник Астраханского государственного технического университета. Серия: Экономика. 2022. № 1. С. 70-77

12. Рахмонов Дж.Р. Оценка современного состояния инновационной активности предприятий пищевой промышленности Республики Таджикистан / Дж.Р. Рахмонов // Научный журнал ТНУ. Таджикистан: экономика и управление. - 2020. -№1. -С.91.

13. Ризокулов Т.Р. Управление ресурсным потенциалом региона в условиях реализации импортозамещающей политики (на примере Согдийской области Республики Таджикистан) Спец: 08.00.05 - экономика и управление народным хозяйством (региональная экономика): дисс. на соис. ученой степени канд. экон.наук / Т.Р. Ризокулов. –Худжанд, 2020. -С.132.

14. Салимзод А.Ф. Амнияти озуқаворӣ ҳамчун омили рушди устувори Ҷумҳурии Тоҷикистон /А.Ф. Салимзода // Маҷалаи илмии Кишоварз.- 2024, Т 105. -№4. С. 9-14

15. Шарифов З.Р. Нақши саноати хӯрокворӣ дар таъмини амнияти озуқаворӣ / З.Р. Шарифов // Маҷалаи илмии Кишоварз.- 2024, Т 102. -№1. С. 143-147

16. Маҷмуаи омории Саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе -2019-2025, 89с.

УДК: 336.226.322(575.3):336.14

АНДОЗ АЗ АРЗИШИ ИЛОВАШУДА ҲАМЧУН АНДОЗИ МУҲИМ ДАР ТАШАККУЛИ БУҶЕТИ ДАВЛАТӢ ВА ТАЪСИРРАСОН БА РУШДИ ИҚТИСОДИ МИЛЛӢ

ҚУРБОНОВ АБДУКАРИМ РАҲИМОВИЧ
Номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи андоз ва андозбандии
Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон.
Суроға: 734055, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи А. Деҳотӣ 1/2.
Тел.: (+992) 934-44-41-50. **E-mail:** qkarim@mail.ru
ТАШРИФЗОДА АМИРАЛӢ САФАРАЛӢ
Докторанти кафедраи молияи Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон.
Суроға: 734055, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи А. Деҳотӣ 1/2.
Тел.: (+992) 989-12-65-65. **E-mail:** amiral.@mail.ru

Аннотатсия. Андоз аз арзиши иловашуда, ҳамчун андози ғайримустақим дар ташаккули буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон нақши муассирро доро буда, қариб аз чор як ҳиссаи онро ташкил медиҳад ва дар баробари ин ҳангоми нодуруст истифода бурдани ААИ дар системаи андози соир мамлакат, метавонад барои рушди фаъолияти соҳибкорӣ мушкилӣ эҷод намояд. Дар ҳамин замина зарурати он ва роҳҳои дуруст ба роҳ мондани он дар системаи андози Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мақолаи мазкур мавриди назар анҷом дода мешаванд.

Калидвожаҳо: андоз аз арзиши иловашуда, буҷети давлатӣ, иқтисодиёти миллӣ, қоидаҳои андозсупорӣ, низоми андоз, мақомоти андоз, андозсупорандагон, меъёри андоз, давраи андозӣ, иқтисоди рақамӣ.

НАЛОГ НА ДОБАВЛЕННУЮ СТОИМОСТЬ КАК ВАЖНЫЙ НАЛОГ В ФОРМИРОВАНИИ ГОСУДАРСТВЕННОГО БЮДЖЕТА И ЕГО ВЛИЯНИЕ НА РАЗВИТИЕ НАЦИОНАЛЬНОЙ ЭКОНОМИКИ

КУРБОНОВ АБДУКАРИМ РАХИМОВИЧ
Кандидат экономических наук, доцент кафедры налогов и налогообложения
Таджикского государственного университета коммерции.
Адрес: 734055, Республика Таджикистан, г. Душанбе, улица А. Дехоти 1/2.
Тел.: (+992) 934-44-41-50. **E-mail:** qkarim@mail.ru
ТАШРИФЗОДА АМИРАЛИ САФАРАЛИ
Докторант кафедры финансов Таджикского государственного университета коммерции.
Адрес: 734055, Республика Таджикистан, г. Душанбе, улица А. Дехоти 1/2.
Тел.: (+992) 989-12-65-65. **E-mail:** amiral.@mail.ru

Аннотация. Налог на добавленную стоимость, как косвенный налог, играет эффективную роль в формировании государственного бюджета Республики Таджикистан, составляя почти четверть его, и в то же время, при неправильном использовании НДС в налоговой системе любой страны, может создавать проблемы для развития предпринимательской деятельности. В этом контексте в данной статье рассматривается необходимость его применения и пути его надлежащего внедрения в налоговую систему Республики Таджикистан.

Ключевые слова: налог на добавленную стоимость, государственный бюджет, национальная экономика, правила налогообложения, налоговая система, налоговые органы, налогоплательщики, налоговая ставка, налоговый период, цифровая экономика.

VALUE-ADDED TAX AS AN IMPORTANT TAX IN THE FORMATION OF THE STATE BUDGET AND INFLUENCE ON THE DEVELOPMENT OF THE NATIONAL ECONOMY

KURBONOV ABDUKARIM RAHIMOVICH
Candidate of Economic Sciences, Associate Professor, Department of Taxes and Taxation, Tajik State University of Commerce.
Address: 734055, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Street A. Dehoti, 1/2.
Tel.: (+992) 934-44-41-50. **E-mail:** qkarim@mail.ru
TASHRIFZODA AMIRALI SAFARALI
Doctoral Student, Department of Finance, Tajik State University of Commerce.
Address: 734055, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Street A. Dehoti, 1/2.
Tel.: (+992) 989-12-65-65. **E-mail:** amiral.@mail.ru

Abstract. Value-added tax, as an indirect tax, plays an effective role in the formation of the state budget of the Republic of Tajikistan, accounting for almost a quarter of it, and at the same time, when VAT is used incorrectly in the tax system of another country, it can create problems for the development of entrepreneurial activity. In this context, the need for it and ways to properly implement it in the tax system of the Republic of Tajikistan are considered in this article.

Keywords: value-added tax, state budget, national economy, taxation rules, tax system, tax authorities, taxpayers, tax rate, tax period, digital economy.

Муқаддима. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки сиёсати иқтисодии худро мувофиқи қоидаҳои иқтисоди бозорӣ амалӣ менамояд, андоз ҳамчун як унсури муҳими иқтисодӣ баромад намуда, вазифаҳои фискалӣ, танзимӣ, тақсимотӣ ва назоратиро дар бар мегирад.

Махсусан, таваҷҷуҳи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои эъмори як низоми одилонаи андоз хело зиёд буда, баҳри дастгирии давлатии соҳибкорӣ ва дигар соҳаҳои иқтисоди миллӣ мунтазам ғамхорӣ намуда, ҷиҳати додани имтиёзҳои зиёди андозӣ барои рушди он сайю кушиш менамояд. Ин аст, ки дар қонунгузории андозии Ҷумҳурии Тоҷикистон сол аз сол меъёраҳои нав ба нави сабуккунандаи гаронии андоз барои ҳамаи андозсупорандагон ворид карда шуда, дастгирии тамоми соҳаҳои иқтисодӣ амалӣ карда мешавад.

“... Тайи даҳ соли охир, яъне дар давраи татбиқи ду барномаи миёнамуҳлати рушди кишвар, ки марҳалаҳои фосилавии иҷрои Стратегияи миллии рушд то соли 2030-ро дар бар мегиранд, ба хотири расидан ба ҳадафҳои стратегӣ ва баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии аҳолӣ бисёр иқдомоти муҳимму самарабахш амалӣ карда шуданд. Дар натиҷа ҳаҷми маҷмуи маҳсулоти дохилӣ 3,4 баробар зиёд гардида, иқтисоди миллии мо ҳар сол ба ҳисоби миёна 7,6 фоиз афзоиш ёфт. Барои таъмин намудани рушди иҷтимоиву иқтисодии мамлакат дар ин муддат аз ҳисоби ҳамаи сарчашмаҳои маблағгузорӣ беш аз 670 миллиард сомонӣ, аз ҷумла 159 миллиард сомонӣ сармояи хориҷӣ равона гардид” [1, с. 1].

Оре, солҳои охир иқтисодиёти миллӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо суръати баланд рушд ёфта, мамлакат ба як кишвари муътадил рушдкунанда табдил ёфта, дараҷаи некуаҳволии мардум беҳтар мегардад. Албатта, барои рушди иқтисоди миллӣ нақши андозҳо муассир аст, зеро аз рӯи омори давлатӣ қариб 70%-и даромади буҷети давлатиро маҳз даромадҳои андозӣ ташкил менамоянд.

Мавод ва усули таҳқиқот. Дар ҳамин замина омӯзиши ҷиҳатҳои нафъи ААИ барои ташкили молияи давлатӣ ва таъсири он ба фаъолияти соҳибкорӣ аҳамияти махсусан калонро соҳиб мегардад, зеро аз як тараф ААИ барои ташаккули буҷети давлатӣ аҳамияти махсусро соҳиб бошад, аз ҷониби дигар он бояд он боис ба паст гаштани дараҷаи фаъолнокии фаъолияти соҳибкорӣ нагардад.

Асосан **андоз аз арзиши иловашуда** ҷузъи асосии андозҳои ғайримустақим маҳсуд шуда, ба воситаи он ҳиссаи муайяни арзиши изофае, ки дар ҷараёни истеҳсолу муомилоти мол, иҷрои кор ва хидматрасонӣ пайдо мешавад, ба буҷети давлатӣ пардохта мешавад.

"... Фаронса қадамҳои аввалинро барои ҷорӣ кардани низоми нави андоз гузошт. «Ихтироъкор»-и андоз аз арзиши иловашуда Морис Лорет, директори Раёсати андозҳо ва хирожҳои Вазорати иқтисод, молия ва саноати Фаронса, соли 1954 буд. Андози нав аввал дар мустамликаи фаронсавии Кот-д'Ивуар санҷида шуд. Пас аз он ки ин таҷриба муваффақ ҳисобида шуд, андоз дар соли 1958 дар Фаронса ҷорӣ карда шуд. Баъдан, ҳамаи кишварҳои Ҷомеаи Аврупо тибқи Дастури Шӯро вазифадор шуданд, ки то охири соли 1972 андози арзиши иловашударо барои субъектҳои хоҷагидорӣ дар қаламрави худ ҷорӣ кунанд. Дар Иттиҳоди Аврупо, андози арзиши иловашуда аз ҷониби Дастури ба ном «Дар бораи низоми андоз аз арзиши иловашуда» (MwStSystRL, 2006) аз ҷиҳати ҳуқуқӣ стандартизатсия карда шуд" [4].

Андоз аз арзиши иловашуда андози фурӯши молу хидматҳои замони шӯравиро иваз кард. "...Айни замон онро қариб 140 кишвари олам (ғайр аз ИМА ва Япония) ҳамчун воситаи ғанӣ гардондани буҷети давлат расман истифода мебаранд" [4].

Қисми даромади аз лиҳози қонунгузорӣ тасдиқшудаи буҷетҳо ба даромади аз андозҳои мустақиму ғайримустақим, бо тақсим гардидан ба даромади аз ҳар як андози ба ин ё он гурӯҳ дохилшаванда тақсим гардида буд. Ин барои фавран пай бурда шудани мушкилоти молиявӣ дар вазъиятҳои фавқулода, барои таъмин гардондани эҳтиёҷоти хазинаи давлат дар дурнамои чашмрас ба ҳайси замина хидмат мекунад. Меъёрҳои дар асоси таснифи андозҳо қарорёфта сифату дараҷаи муассир будани чорабиниҳои танзимгарии хазинагиро муайян карданд.

Андоз аз арзиши иловашуда соли 1992 ба ҷои андозҳо аз фурӯш ва аз гардиш бо баробари аксизҳо ба иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид карда шуданд. Аз оғози ворид намудани андоз ба иқтисодиёти мамлакат то имрӯз барои мукаммал гардонидани он як чанд маротиба ба қонунгузории андоз тағйироту иловаҳо ворид карда шуданд, ки он бо мушкилоти андозсупорандагон вобастагӣ дошт. Дар ҳақиқат имрӯз андозсупорандагон аз меъёри андоз ва тарзи муайян намудани объекти андозбандӣ изҳори нигаронӣ намуда, муттахасисони соҳаи андоз низ аз ин мушкили зиёд ҳарф мезананд.

Вақте олимон аниқ мекардагӣ шуданд, ки дар асоси тақсимоти андозҳо чӣ чиз қарор дорад, маълум гардид, ки муқаррар кардани меъёрҳои ин тақсимот хеле душвор будааст. Бинобар ҳамин таи солҳои охир якчанд маротиба меъёрҳои андоз аз арзиши иловашуда пасту баланд карда шуда то имрӯз як дараҷаи муътадилро соҳиб нагашатаанд.

Шахсони ҳуқуқӣ, ки аз меъёри ҳадди ақали ҳаҷми гардиш аз фурӯши мол ва иҷрои кор зиёдтар фаъолият мекунанд, ин намуди андозро бо тартиботи мушаххас ва сари вақт чун уҳдадорӣ ба буҷет месупоранд. Механизми ба эътибор гирифтани маблағи муайяни андоз воқеияти ҳақиқӣ дорад ва он дар амал истифода мешавад.

Меъёри андоз аз арзиши иловашуда ҳоло ба 14% аз арзиши иловашудаи молу хадамот дар истеҳсолоти ватанӣ ва молҳои аз хориҷи кишвар воридшаванда муқаррар гардидааст, ки нисбат ба солҳои пеш (аввал 28%, 20%, 18%, 15% ва 14%) мунтазам пасттар шудааст, ки дар соли 2027 ин меъёр боз ҳам як дар сад пасттар карда мешавад.

Инчунин, тибқи муқаррароти моддаи 269-и Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон меъёрҳои пастардашуда истифода бурда мешавад, ки онҳо чунинанд:

- "... меъёри пасткардашуда, ба истиснои воридоти андозбандишаванда ва таҳвили минбаъдаи моли воридшуда, нисбат ба иҷрои кори сохтмонӣ, хизматрасонии меҳмонхонавӣ ва хизматрасонии хӯроки умумӣ – 7% ва барои фурӯши маҳсулоти кишоварзии истеҳсоли дохилӣ, коркарди маҳсулоти кишоварзӣ, ба истиснои коркарди пахта, хизматрасонии таълимӣ ва фаъолияти оид ба хизматрасонии тиббӣ дар осоишгоҳҳо ва истироҳатгоҳҳо бе ҳуқуқи баҳисобгирии андоз аз арзиши иловашуда – 5%" [2. Моддаи 269].

Ҳамчунин, меъёри сифрӣ барои амалиётҳои содиротӣ низ истифода бурда мешавад.

Тибқи талаботи моддаи 244 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон "... Андоз аз арзиши иловашуда андози ғайримустаким буда, дар тамоми марҳилаҳои муомилоти мол (иҷрои кор ва хизматрасонӣ) мутобиқи муқаррароти Кодекси мазкур пардохт карда мешавад" [2. Моддаи 244]. Яъне ААИ дар ҳар як ҷараёни таҳвили мол, кор ва хизматрасонӣ ҳисоб карда мешавад, ки ин маънои замъ гаштани онро дар нархи мол, кор ва хизматрасониро мефаҳмонад.

Дар натиҷа чунин усули андозбандӣ ба гарон гаштани нархи мол, кор ва хизматрасонӣ оварда мерасонад.

Мувофиқи моддаи 245-и Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон шахсони зерин супорандагони андоз аз арзиши иловашуда эътироф карда мешаванд:

"... шахсе, ки даромади умумии у дар давраи на зиёда аз 12 моҳи пурраи пайдарпайи тақвимӣ аз 1,0 миллион сомонӣ зиёд мебошад..." [2. Моддаи 245].

Тибқи талаботи моддаи мазкур ҳама гуна корхонаҳо ва соҳибкорони инфиродие, ки гардиши мол, кор ва хизматрасонияшон аз 1 млн. сомонӣ дар як сол зиёд мешавад, аз низоми содакардашуда ба низоми умумии андоз гузариш намуда, бояд супорандагони ААИ шаванд, ки ин барои соҳибкорони инфиродӣ имконияти давом додани фаъолиятро аз байн бурда, онҳо маҷбур мешаванд, ки ҳамчун шахси ҳуқуқӣ фаъолияти худро идома диҳанд.

Натиҷаи таҳқиқот. Мувофиқи муҳтавои таҳқиқоти мазкур моро зарур аст, нақши ААИ-ро дар ташаккули буҷети давлатӣ асоснок намоем ва дар ҳамин замина як қатор нишондиҳандаҳои макроиқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дида мебароем.

Дар солҳои охир нишондиҳандаҳои макроиқтисодии мамлакат сол аз сол густариш ёфта, ин тенденсия шароити мусоидро баҳри некӯаҳволии мардум фароҳам оварда, афзоиш ёфтани даромадҳои пулии аҳолӣ ва зиёд гаштани пасандозҳои онҳо метавонад барои рушди фаъолнокии мардуми сарбаланди кишвар дар фаъолияти соҳибкорӣ боис шавад, инчунин баҳри машғул гаштан ба ин фаъолият шароити мусоидро фароҳам биорад.

Дар ҷадвали 1. Нишондиҳандаҳои даромад ва хароҷоти буҷети давлатӣ дар солҳои охир нишон дода мешавад.

Ҷадвали 1. Нишондиҳандаҳои даромад ва хароҷоти буҷети давлатӣ дар солҳои 2020-2024

Нишондиҳандаҳо	2020	2021	2022	2023	2024	2024 нисбати 2020 бо %
Даромадҳо	25065,0	30053,8	36056,8	43903,4	46613,9	185,97
Хароҷот	24812,5	29342,7	35338,9	43034,8	45836,1	187,73
Фоида(+), каср(-)	252,5	711,1	717,9	868,6	777,8	109,38

Сарчашма: Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе 2024.

Аз нишондодҳои омории даромад ва хароҷоти буҷети давлатӣ дар солҳои 2020-2024 чунин бар меояд, ки хамасола ин нишондодҳо афзоиш ёфта, фоидаи буҷетӣ (префитсит) ба назар мерасад, ки он дар соли 2024 ба маблағи 777,8 млн. сомонӣ баробар гаштааст. Ин нишондиҳанда дар соли 2023 аз ҳама бештар ба 868,6 млн. сомонӣ баробар гаштааст.

Ҳамчунин дар чор соли охир қисми даромади буҷети давлатӣ 185,97% афзоиш ёфта бошад, қисмати хароҷоти он дар ҳамин давра 187,73% зиёд гаштааст.

Барои пайдо намудани маълумоти зарурӣ бобати нақши андоз аз арзиши иловашуда дар ташаккули буҷети давлатӣ моро зарур аст, ки сохтори даромадҳои онро мавриди таҳқиқоти илмӣ карор диҳем.

Дар ҷадвали 2. Нишондиҳандаҳои даромади буҷети давлатӣ ва сохтори он дар солҳои 2020-2024 дида баромада мешавад.

Ҷадвали 2. Нишондиҳандаҳои даромади буҷети давлатӣ ва сохтори он дар солҳои 2020-2024

Нишондиҳандаҳо	Солҳо					2024/2023, бо %
	2020	2021	2022	2023	2024	
Ҳаҷми умумии буҷети давлатӣ	25064,9	30053,8	36338,8	43903,4	46613,9	106,17
даромадҳои ҷорӣ ва грантҳо	18414,9	21508,0	25255,5	28644,6	33454,7	116,79
Воридоти андозҳо	15366,5	19669,5	21814,0	25769,4	29129,1	130,04
андоз аз даромад ва андози фоида	3575,5	4712,7	5906,7	6861,2	7969,9	116,16
андози иҷтимоӣ	1686,8	2037,2	2001,0	2257,1	2564,7	113,63
андоз аз молу мулки ғайриманқул ва замин	374,2	456,9	752,5	1085,3	1170,2	107,82
андоз аз арзиши иловашуда	6393,1	8215,9	8949,0	10642,01	12186,2	114,51
аксизҳо	621,0	745,2	901,9	1252,6	1181,8	94,34
дигар даромадҳои берунӣ барои савдо ва амалиёт	701,4	907,4	1092,9	1547,5	1456,4	94,11
андозҳои дигари дохилӣ ва пардохтҳо аз молу хизматрасониҳо	331,5	389,5	188,0	220,8	245,2	111,05
Воридоти ғайриандозӣ	1895,4	1601,2	2420,5	2333,2	3629,9	155,58
воридот аз моликият ва фаъолияти соҳибкорӣ	297,0	313,2	469,9	465,3	531,7	114,27
дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷет	237,9	310,2	421,1	590,7	683,9	115,78
ҷарима ва муҷозотҳо	210,7	278,0	304,1	356,1	424,5	119,21
воридоти дигари ғайриандозӣ ва пардохтҳои маъмурӣ	459,2	628,1	658,3	728,3	1608,3	296,62
даромад аз сармоя	690,3	68,4	567,2	1928,2	3815,7	197,3
Грантҳо	1150,7	237,2	1021,0	542,2	695,8	128,33

Сарчашма: Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе 2024.

Ҳаҷми умумии буҷети давлатӣ дар соли 2024 маблағи 46613,9 млн. сомониро ташкил намуд, ки нисбати соли 2023 афзоиши он 106,17%-ро ташкил намудааст, ки ҳамин нишондиҳанда дар соли 2024 нисбати соли 2020 бошад, қариб ду маротиба афзоиш ёфтааст.

Даромадҳои андозии буҷети давлатӣ дар соли 2024 ба 29129,1млн. сомонӣ баробар

гашта, афзоиши он нисбат ба соли 2023 қариб ба 130,04% баробар гаштааст, ки нишондиҳандаи беҳтарин дар солҳои охир маҳсуб мешавад.

Дар сохтори даромадҳои буҷети давлатӣ дар соли 2024 қариб ҳамаи нишондиҳандаҳо соҳиби динамикаи мусбӣ буда, фақат даромади буҷети давлатӣ аз ҳисоби аксизҳо ба андозаи 94,3% ва дигар даромадҳои берунӣ барои савдо ва амалиёт ба 94,11% баробар гаштааст.

Ҳамин тариқ, нишондиҳандаҳои даромади буҷети давлати дар солҳои охир рӯй ба инкишоф дошта, ҳамасола суръати рушди он аз 5-то 8%-ро ташкил менамояд, ки он яке аз нишондиҳандаҳои беҳтарин дар миёни мимлакатҳои Осиёи марказӣ маҳсуб мешавад.

Афзоиши даромади буҷети давлатӣ аз он муассир аст, ки давлат метавонад вазифаҳои ҳифзи иҷтимоии аҳолиро беҳтар иҷро намуда, баҳри некуаҳволии мардум чораандешӣ намояд.

Барои таҳлили нақши ААИ дар иқтисоди миллӣ ба нишондиҳандаҳои макроиқтисодии мамлакат назар меандозем.

Дар ҷадвали 3. динамикаи даромадҳои буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2020-2024 оварда шудааст.

Ҷадвали 3. Динамикаи даромадҳои буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2020-2024

иҷроиши аслӣ бо млн. сомонӣ

Нишондиҳандаҳо	Солҳо				
	2020	2021	2022	2023	2024
Ҳаҷми умумии буҷети давлатӣ	25064,9	30053,8	36338,8	43903,4	46613,9
Воридоти андозҳо	15366,5	19669,5	21814,0	25769,4	29129,1
Андоз аз арзиши иловашуда	6393,1	8215,9	8949,0	10642,01	12186,2
Андоз аз арзиши иловашуда нисбати Ҳаҷми умумии буҷети давлатӣ (%)	25,51	27,34	22,75	24,24	26,14

Сарчашма: Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе 2024.

Аз нишондиҳандаҳои ҷадвали 3. чунин бар меояд, ки даромади буҷети давлатӣ ҳамасола рӯй ба афзоиш дошта, агар соли 2020 ба 25064,9 млн. сомонӣ баробар бошад, он дар соли 2024 ба 46613,9 млн. сомонӣ баробар гаштааст, ки афзоиш қариб ду маротибаро ташкил намудааст.

Нишондиҳандаҳои андоз аз арзиши иловашуда низ сол аз сол тақвият ёфта, соли 2024 нисбати соли 2020 қариб ду маротиба афзоиш ёфта маблағи 12186,2 млн. сомониро ташкил намуда, вазни қиёсии ААИ нисбати ҳаҷми умумии буҷети давлатӣ дар солҳои 2020-2024 аз 22,75 то 27.34%-ро ташкил намудааст, ки баҳисоби миёна 25%-ро ташкил намудааст.

Акнун, мепардозем ба он норасоиҳое, ки дар тадбиқи ААИ дар иқтисоди миллӣ мавҷуд аст, ки чунинанд;

- Ҳадди ниҳоии андозсупорандагоне, ки бояд ҳамчун супорандаи низоми содакардашуда фаъолият менамоянд 1 млн. сомониро ташкил менамояд, ки он ҳанӯз аз соли 2013 то инҷониб тағйир дода нашудааст. Ҳоло он, ки дар ин давра агар меъёри тавваруми пулӣ ва молиро дар ин солҳо ба инобат мегирифтем ин рақам чанд маротиба бояд зиёд карда мешуд.

Инчунин, агар соҳибкори инфиродӣ дар як сол зиёда аз 1 млн. сомонӣ гардиши мол, кор ва хизматрасонӣ дошта бошад, бояд ба супорандаи низоми умумӣ гузашта, ҳамчун шахси ҳуқуқӣ фаъолияти худро ба қайд гирад, ки ин басо душвориҳоро барои чунин андозсупорандагон метавонад ба миён орад.

Дар чунин ҳолат ба ҳайси соҳибкори инфиродӣ фаъолият душвор гашта, ӯ маҷбур мешавад, ки ҳамчун шахси ҳуқуқӣ фаъолияти худро аз нав ба қайд гирад, ки ба ин на ҳама соҳибкорон омода мебошанд, зеро гузаштан аз шахси воқеӣ ба шахси ҳуқуқӣ барои андозсупоранда як қатор талаботҳои иловагиро ба миён меоварад, ки онро на ҳамаи чунин соҳибкорон бардошт менамоянд, ки он ба кам гаштани фаъолнокии соҳибкорон боис гашта, онҳоро маҷбур менамояд, сатҳи даромадҳои худро пурра нишон надиҳанд.

- Меёри андоз аз арзиши иловашуда вобаста ба намуди фаъолият бо меъёрҳои гуногун муқаррар карда шавад.

- Мавриди боздид қарор додани меъёрҳои пасткардашуда, ки дар Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон чунинанд:

"... меъёри пасткардашуда, ба истиснои воридоти андозбандишаванда ва таҳвили минбаъдаи моли воридшуда, нисбат ба иҷрои кори сохтмонӣ, хизматрасонии меҳмонхонавӣ ва хизматрасонии хӯроки умумӣ - 7 фоиз ва барои фурӯши маҳсулоти кишоварзии истеҳсоли дохилӣ, коркарди маҳсулоти кишоварзӣ, ба истиснои коркарди пахта, хизматрасонии таълимӣ ва фаъолияти оид ба хизматрасонии тиббӣ дар осоишгоҳҳо ва истироҳатгоҳҳо бе ҳуқуқи баҳисобгирии андоз аз арзиши иловашуда - 5 фоиз" [2. Моддаи 264].

Агар меъёрҳои муқаррарӣ аз соли 2021 то ин ҷониб аз 18% ба 14% паст шуда бошанд ва соли 2027 ба 13% расонида шаванд, чаро меъёрҳои пасткардашуда дар ҷои худ меистанд.

Агар меъери ААИ дар оғози соли 2022 ба 18% баробар бошад то соли 2027 он ба 13% расонида шавад, онгоҳ камшавӣ ба 27,8%-ро ташкил менамояд, ки инҷо зарурати паст намудани меъёри 7%- а то ба 5% (7-27,8%) ва меъёри 5%-а тақрибан ба 3,5% (5%-27,8%) ба вуҷуд меояд.

Дар асоси таҳқиқоти масоили ААИ чунин пешниҳодҳоро ҷоиз мешуморем:

1. Ҳадди ниҳоии бақайдгирии корхонаҳо ба ҳайси супорандаи андоз аз арзиши иловашуда ба андозаи 3 млн. сомонӣ даромади солона, муқаррар карда шавад (ҳоло 1 млн. сомонӣ муқаррар шудааст): Сабаб дар он аст, ки ҳадди ниҳоии андозсупорандагон тибқи низоми содакардашуда дар ҳаҷми 1 млн. сомонӣ ҳанӯз соли 2016 муқаррар карда шуд, ки дар давоми қариб 10 сол бо назардошти сатҳи тавварум ин нишондиҳанда ҳам бояд баланд карда шавад.

Мисол агар сатҳи тавварум, сатҳи миёнаи афзоиши ММД, афзоиши сатҳи даромаднокии аҳолӣ ва дигар нишондиҳандаҳои макроиқтисодиро ба инобат гирифта, ҳар сол ба ҳисоби миёна 10%-и ба нишондиҳандаи ҳадди ниҳоӣ барои андозсупорандагон тибқи низоми содакардашуда, бозҳисобӣ намоем он гоҳ нишондиҳандаи мазкур қариб ба 3 млн.сомонӣ баробар мешавад.

Инчунин, баланд намудани ҳадди ниҳоии низоми соддакардашудаи андоз имкон медиҳад, ки руйпуш намудани даромад аз ҷонибӣ баъзе аз андозсупорандагон кам карда шавад. Зеро ҳангоми паст будани ҳадди ниҳоӣ, баъзе аз чунин категорияи андозсупорандагон зиёдтар ҳаракат менамоянд, ки даромади худро паст нишон диҳанд, ё худ дар фаъолият "пауза" баҳри нагузаштан аз ин ҳад гиранд, ки ин ба фаъолнокии онҳо таъсир расонида, ба суръати рушди иқтисоди миллӣ таъсири бад мерасонад.

2. Меёри андоз аз арзиши иловашуда воста ба намуди фаъолият бо меъёрҳои гуногун муқаррар карда шавад.

3. Меъёри андоз аз арзиши иловашуда барои муассисаҳои таълимӣ ба 3% муқаррар карда шавад.

4. Соҳаҳои иҷтимою тиб тамоман аз пардохти андоз аз арзиши иловашуда озод карда шаванд.

5. Тартиби ҳисоб намудани андоз аз арзиши иловашуда тағйир дода шуда, таҷрибаи мамлакатҳои пешрафта бояд ба инобат гирифта шавад.

6. Давраи ҳисоботӣ аз як моҳи муқарраргашта ба ҳар семоҳа иваз карда шавад.

АДАБИЁТ:

1. Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ». 28.12. 2024 (захираи электронӣ): www.president.tj.
2. Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе 2021.
3. Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе 2024.
4. Шабакаи электронӣ - https://tg.wikipedia.org/wiki. Санаи мурочиат 02.05.2026.

УДК 339.543(575.3):338.1.

ТАНЗИМИ ТАРИФИ ГУМРУКӢ ВА АҲАМИЯТИ ОН ДАР ТАЪМИНИ ФАЪОЛИЯТИ САМАРАНОКИ ИҚТИСОДИ МИЛЛӢ

МАҲМАДОВ ЭҲСОНҶОН АЛИЕВИЧ
Ассистенти кафедраи фаъолияти гумрукии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. **Суроға:** 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14. **Тел.: (**+992) 931-30-29-16. **E-mail:** ehson-19-98@mail.ru.

Аннотатсия. Дар ин мақола дар мавзӯи “Танзими тарифи гумрукӣ ва аҳамияти он дар таъмини самаранокии иқтисоди миллӣ” маълумоти умумӣ оиди пайдоиши тарифҳои гумрукӣ, истифодабарӣ, нақш ва аҳамияти онҳо дар ҳимояи истеҳолкунандагони ватанӣ ва дар маҷмуъ иқтисоди миллиро дар бар мегиранд, оварда шудаанд. Ҳар як давлати соҳибстиқлол барои таъмини фаъолияти самараноку мақсадноки иқтисодиёти миллӣ, аз ҷумла ҳифзи манфиатҳои истеҳсолкунандагони ватанӣ, танзимӣ давлатиро бароҳ мемонад. Яке аз востаи барои ба мақсадҳои зикргардида расидан, бо ҷорӣ намудати танзими тарифи гумрукӣ ба даст меояд, ки амалӣ кардидани он саравал ба зиммаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти гумрук ва сохторҳои он вогузор карда шудааст.

Калидвожаҳо: мақомоти гумрук, буҷети давлатӣ, Хадамоти гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон, арзиши гумрукӣ, боҷи гумрукӣ, боҷи адвалорӣ, тарифҳои гумрукӣ, иқтисоди миллӣ, муносибатҳои иқтисодии байналмилӣ.

ТАМОЖЕННО-ТАРИФНОЕ РЕГУЛИРОВАНИЕ И ЕГО ВАЖНОСТЬ В ОБЕСПЕЧЕНИИ ЭФФЕКТИВНОСТИ НАЦИОНАЛЬНОЙ ЭКОНОМИКИ

МАХМАДОВ ЭХСОНДЖОН АЛИЕВИЧ
Ассистент кафедры таможенного дела Таджикский государственный финансово - экономический университет. **Адрес:** 734067, Республика Таджикистан, г. Душанбе, улица Нахимова 64/14. **Тел.:** (+992) 931-30-29-16. **E-mail:** ehson-19-98@mail.ru.

Аннотация. В статье на тему «Таможенно-тарифное регулирование и его важность в обеспечении эффективности национальной экономики» даются общие сведения о происхождении таможенных тарифов, их применении, роли и значении в защите отечественных товаропроизводителей и национальной экономики в целом. В каждом независимом государстве осуществляется государственное регулирование, обеспечивающее эффективное и целенаправленное функционирование национальной экономики, в том числе защиту интересов отечественных товаропроизводителей. Одним из средств достижения вышеуказанных целей является введение таможенно-тарифного регулирования, реализация которого в первую очередь возложена на Правительство Республики Таджикистан, его таможенные органы и структуры.

Ключевые слова: таможенные органы, государственный бюджет, таможенная служба Республики Таджикистан, таможенная стоимость, таможенная пошлина, таможние тарифы, таможенные органы, националная экономика, международные экономические отношения.

CUSTOMS AND TARIFF REGULATION AND ITS IMPORTANCE IN ENSURING THE EFFICIENCY OF THE NATIONAL ECONOMY

MAHMADOV EHSONJON ALIEVICH
Assistant of the department of customs affairs of the Tajik state university of finance and economics. **Address:** 734067, Republic of Tajikistan, city Dushanbe, Nakhimov street 64/14. **Tel.:** (+992) 931-30-29-16. **E-mail:** ehson-19-98@mail.ru.

Abstract. The article on the topic "Customs and tariff regulation and its importance in ensuring the efficiency of the national economy" provides general information on the origin of customs tariffs, their application, role and significance in protecting domestic producers and the national economy as a whole. In each independent state, state regulation is carried out to ensure the effective and targeted functioning of the national economy, including the protection of the interests of domestic producers. One of the means of achieving the above goals is the introduction of customs and tariff regulation, the implementation of which is primarily entrusted to the Government of the Republic of Tajikistan, its customs authorities and structures.

Keywords: customs authorities, state budget, Customs service of the Republic of Tajikistan, customs value, customs duty, customs authorities, customs tariffs, national economic, international economic relations.

Гузориши масъала. Дар замони имрӯза барои рушди бахшҳои иқтисодиву иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар асоси таъмини дурусти муносибатҳои иқтисодии хориҷӣ имконпазир мегардад, ки он такмили танзими тарифи гумрукиро дар самти қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон талаб менамояд. Инчунин ҷой доштани маълумоти нокифоя нисбат ба қонунгузории гумрукии ҷойдошта, тарзи пур намудани ҳуҷҷатҳои гумрукӣ ва ё кор кардан бо дастгоҳҳо, теника ва технологияи муосири гумрукӣ мебошанд, ки ба паст рафтани сифати хизматрасониҳо оварда мерасонад.

Таҳлили таҳқиқотҳои охир ва нашриёт. Ҳоло, ки низоми иқтисоди бозорӣ дар ҳама бахшҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон амал намуда истодааст, таъмини самараноки фаъолият оид ба савдои хориҷӣ, амнияти иқтисодиёти кишвар аз хатарҳои гуногуни хусусияти дохилӣ ва берунӣ дошта ва таъмини дурусти рақобатпазирии ҳама таъминкунандагон ва соҳибкорони дохилӣ, вазифаи муҳими давлату ҳукумат баҳисоб меравад. Аз ин лиҳоз омӯзиши масъалаи танзими тарифи гумрукӣ дар шароити имрӯзаи Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳамиятнок буда, роҳҳои таъмини самаранокии он дар иқтисоди миллӣ шарти муҳим мебошад.

Мақсади мақола – таҳлил ва омӯзиши масъалаҳои вобаста ба меъёрҳои тарифи гумрукӣ, аз ҷумла меъёрҳои боҷҳои гумрукии воридотӣ ва содиротии дар кишвар амалкунандаро дар бар мегирад.

Муҳтавои асосии мақола. Яке аз роҳҳои таъмини танзим ва ҳимояи соҳибкорон ва таъминкунандагони ватанӣ, ин ҷорӣ намудани танзими тарифи гумрукӣ ба ҳисоб рафта, бо тартиби муайян намудани меъёрҳои гуногуни боҷҳои гумрукии содиротиву воридотӣ нисбати молҳои алоҳида ба ҳисоб мераванд, ки дар маҷмуъ дар таъмини амнияти иқтисодии кишвар нақши муассир дорад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон танзими тарифи гумрукӣ ҳанӯз дар даврони ба дастории истиқлолияти давлатӣ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гифта, то ҳол он раванд мавриди омӯзишу коркард қарор дорад ва Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ин самт ба дастовардҳои назаррас низ ноил гаштааст.

Аввалин тарифҳои гумрукӣ дар Руссия дар соли 1667 дар асоси оинномаи нави тиҷоратӣ, ки аз тарафи Афанасий Ордин-Нашокин таҳия намуда буд, пайдо шудааст. Дар соли 1724, аввалин тарифи расмии гумрукӣ бо фармони Пётри I қабул карда шуда, дар он барои воридоти молҳое, ки дар Русия аллакай истеҳсол мешуданд, меъёрҳои боҷҳои гумрукӣ баланд муқаррар карда шуданд.

Бояд қайд кард, ки оинномае, ки Афанасий Ордин-Нашокин пешниҳод намуда буд, муқаррароти андоз ва ҳам гумрукиро дар бар гирифта, ҳуҷҷати ягонаи танзими савдоро ташкил медод ва тарифи гумрукии аз тарафи Петр I дар соли 1724 қабул гардида, ба ҳимояи истеҳсолоти ватанӣ, таъмини меъёри баланди боҷи гумрукӣ барои молҳои воридоти хориҷӣ, ки аллакай дар Руссия истеҳсолшаванда равона шуда, ҳадафи асосии он ҳавасмандгардонии рушди истеҳсолоти ватаниро дар бар мегирифт.

Танзими тарифи гумрукӣ дар амалияи ҷаҳонӣ бо чунин мафҳумҳои асосӣ ифода карда мешавад:

- тарифи гумрукӣ;

- боҷҳои гумрукӣ;
- имтиёзҳои тарифӣ;
- арзиши гумрукӣ [8, с. 9].

Тарифи гумрукӣ гуфта – ин ҷамъи меъёрҳоеро меноманд, ки нисбати мол ва воситаҳои аз сарҳади гумрукӣ интиқолшаванда, дар мувофиқа ба рӯйхати номгуи молҳои фаъолияти иқтисодии хориҷӣ татбиқ карда шуда мебошад.

Вазифаҳои асосии тарифи гумрукӣ ҳангоми воридоти мол:

- вазифаи протексионистӣ;
- нақши танзимкунанда;
- вазифаи фискалӣ [7, с. 24].

Бо дуруст амалӣ гардидани вазифаҳои тарифи гумрукии номбаршуда амнияти иқтисодии кишвар ва манфиати соҳибкорон таъмин ва амалӣ хоҳад гашт.

Механизми таъсири танзими гумрукӣ ва тарифӣ ба фаъолияти тиҷорати хориҷӣ аз таъсири бевоситаи он ба ҳаҷми савдо ва сатҳи нархи молҳои истеҳсолкунандагони ватанӣ ва хориҷӣ, ки дар бозори дохилии кишвар фурӯхта мешаванд, иборат аст [8, с. 6].

Бояд қайд кард, ки ҳоло рӯйхати номгуи молҳои фаъолияти иқтисодии хориҷӣ дар аксарияти давлатҳо дар асоси Системаи ҳамоҳангшудаи тасниф ва рамзгузорӣ (Системаи ҳамоҳангшуда дар шакли кутоҳ - СҲ, (HS – Harmonized System)), ки он системаи байналмилалӣ буда, барои таъмини дурустии тасниф ва рамзгузории молҳо дар фаъолияти савдои хориҷӣ, ҳамчун санади асосӣ истифода бурда мешавад. Он системаи байналмилалӣ аз ҷониби Шӯрои ҳамкории гумрукӣ (Созмони Умумиҷаҳонии Гумрук – WCO) таҳия шудааст ва аз соли 1988 то ба имрӯз дар бисёр кишварҳои ҷаҳон, аз ҷумла Тоҷикистон рӯзи 2-юми марти соли 2013 аъзо шуда, ки аз он ба таври расмӣ истифода менамояд.

Аввалин санади ҳуқуқӣ дар самти танзими тарифи гумрукӣ дар Тоҷикистон ин қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи танзими тарифи гумрукӣ” аз 4-уми ноябри соли 1995 таҳти №200 қабул гардида, ду маротиба ба он тағйиру иловаҳо санаи 14-уми майи соли 1999 таҳти №744 ва 02-уми декабри соли 2002 таҳти №67 ворид карда шуд. Қонуни зикргардида муддате, ки мавриди амал қарор дошт, маҷмӯи муносбатҳоеро ба танзим медароварда, ки дар самти фаъолияти гумрукӣ, оид ба тартиби ташаккул ва истифодаи тарифи гумрукӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, сиёсати тиҷоратӣ ва танзими давлатии бозори дохилии кишвар дар муносибатҳои байниҳамдигарӣ бо бозори ҷаҳонӣ, аз ҷумла қоидаҳои ситонидани боҷи гумрукиро аз маҷмӯи молҳое, ки тариқи сарҳади гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон интиқол дода мешаванд. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи танзими тарифи гумрукӣ” бо қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 09-уми декабри соли 2004 таҳти №66 аз эътибор соқит карда шуд.

Аз санаи 3-уми декабри соли 2004 сар карда дар самти қонунгузории гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон тағйиротҳои назаррас ба амал омаданд. Мавзӯъ ва масъалаҳои вобаста ба танзими тарифи гумрукии қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи танзими тарифи гумрукӣ” аз 4-уми ноябри соли 1995 таҳти №200 ба кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар фасли III , ки номгузорӣ карда шудааст – “пардохтҳои гумрукӣ ва хироҷҳои гумрукӣ”, боби 41-ум, ки номгузорӣ карда шудааст – “ҳолатҳои умумии марбут ба пардохтҳои гумрукӣ ва хироҷҳои гумрукӣ, навъҳои пардохтҳои гумрукӣ ва хироҷҳо” ҷойгир карда шудаанд.

Боҷи гумрукӣ, яке аз пардохтҳои гумрукӣ буда, ба таври ҳатмӣ супорида шуда, пурра ба буҷети давлат равона мегардад. Мувофиқи моддаи 10 – уми кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон: “Боҷи гумрукӣ - пардохти ҳатмие, ки дар ҳолати интиқоли мол тавассути сарҳади гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз тарафи мақомоти гумрук тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон тариқи ғайринақдӣ ситонида мешавад (Қонуни ҶТ аз 2.01.2020 № 1678, аз 13.11.2023 № 2001)” [1].

Дар амалияи ҷаҳонӣ боҷҳои гумрукӣ ба ду намуди асосии зерин ҷудо карда мешаванд:

- Боҷи воридотӣ - пардохти гумрукиест, ки ҳангоми ворид намудани молу маҳсулот аз як кишвари хориҷӣ ба қаламрави гумрукии давлат ситонида мешавад. Ҳадафи асосии он

муҳофизати истеҳсолоти дохилӣ, танзими савдои хориҷӣ ва таъ мини даромади буҷети давлат мебошад.

Меъёрҳо барои боҷҳои воридотӣ тибқи Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи меъёрҳои боҷҳои гумрукии воридотии Ҷумҳурии Тоҷикистон” аз 28 августи соли 2024 № 470 аз 3% то 46% ва ё бо евро нисбати молҳои алоҳида татбиқ карда мешаванд [2].

- Боҷи содиротӣ — ин як навъи пардохти гумрукиест, ки ҳангоми содир намудани молу маҳсулот аз қаламрави гумрукии кишвар ба хориҷи он ситонида мешавад. Давлат онро бо мақсадҳои муайян истифода мебарад ва нисбат ба боҷи воридотӣ камтар паҳншуда мебошад.

Масалан: барои моли тибқи НМ ФИХ 2710 20 310 1 - мазутҳо 3% ва 2402 20 - сигаретҳо, дорои тамоку 46%, вале на камтар аз 5 евро барои 1000 дона боҷи воридотӣ ситонида мешавад.

Меъёрҳо барои боҷҳои содиротӣ тибқи Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи меъёрҳои боҷҳои гумрукии содиротии Ҷумҳурии Тоҷикистон” аз 3 июни соли 2014 № 377, аз 31.03.2020№ 212 аз 10% то 20% ва ё бо евро нисбати молҳои алоҳида татбиқ карда мешаванд [3].

Масалан: барои моли тибқи НМ ФИХ 5001 00 000 0 - пиллаи кирмак, ки кушодаву омода аст 20%, вале на кам аз 100 евро барои 1000 кг боҷи содиротӣ ситонида мешавад.

Тарифи гумрукӣ дар минтақаҳо ва кишварҳои алоҳида гуногун бо меъёрҳои гуногун ҷорӣ карда мешаванд:

- Иттиҳоди Аврупо (ИА): Сиёсати умумии гумрукӣ дошта, барои аъзоёни ИА тарифҳои умумӣ татбиқ карда мешавад.
- ИМА: Бисёре аз молҳо бо тарифи паст ворид шуда, вале барои соҳаҳои муҳими дохилӣ тарифҳои баланди муҳофизатӣ амалӣ када мешавад.
- Чин: Бо истифода аз тарифҳо барои ҳимояи бозори дохилӣ ва ҳамзамон дастгирии содирот машғул аст.
- Кишварҳои рӯ ба тараққӣ: Одатан тарифҳои баландтарро барои ҳимояи саноати навтаъсис истифода мебаранд.

Дар замони имрӯза навъҳои асосии тарифҳои гумрукӣ нисбати боҷҳои гумрукӣ амал менамоянд, ки аз инҳо иборат мебошанд:

Якум адвалорӣ (ad valorem): Пардохти гумрукӣ ҳамчун фоизи муайян аз арзиши мол ҳисоб карда мешавад (фоизи муайян аз арзиши мол).

Дуюм мушаххас (specific): Пардохт гумрукӣ аз рӯйи ҳаҷм ва воҳиди мол (бо асъори муайяншуда барои ҳар як кг).

Сеюм мураккаб: Омехтаи тарифҳои адвалорӣ ва мушаххас.

Мувофиқи моддаи 342 – юми кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон, намудҳои меъёрҳои боҷҳои гумрукӣ ба чунин гурӯҳҳо тақсим мешаванд (Қонуни ҶТ аз 23.07.2016 № 1347):

1) адвалорӣ - ба арзиши гумрукии моли мавриди андозбанди қароргирифта бо фоиз ҳисоб карда мешаванд;

2) махсус - тибқи ҳаҷми муқараршудаи воҳиди моли мавриди андозбанди қароргирифта ҳисоб карда мешаванд;

3) омехта - ҳар ду навъи зикршудаи меъёрҳои пардохти гумрукиро дар бар мегиранд [1].

Меъёри адвалории боҷи гумрукӣ дар таҷрибаи ҷаҳонӣ ва Тоҷикистон, аз арзиши гумрукии мол ва маҳсулотҳое, ки мавриди андозбанди қарор гирифта мешаванд бо фоизҳои муайян ва ҳаҷми муқаррашудаи воҳиди маҳсулот бо қурби евро тибқи Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи меъёрҳои боҷҳои гумрукии воридотии Ҷумҳурии Тоҷикистон” аз 28 августи соли 2024 № 470, муайян гардидаанд ҳисоб ва пардохт карда мешаванд.

Молҳои содир ва воридшавандаи кишвар ба ғайр аз техника ва маҳсулотҳои гуногуни истеҳсолӣ, хурокворӣ, махсусан маҳсулотҳои соҳаи кишоварзӣ мебошанд, ки нисбати онҳо

вобаста ба тағйирёбии ҳаҷми онҳо дар тули сол боҷҳои гумрукии мавсимӣ татбиқ карда шудаанд.

Мувофиқи Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи меъёрҳои боҷҳои гумрукии воридотии Ҷумҳурии Тоҷикистон” аз 28 августи соли 2024 № 470, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқи онро доро мебошад, ки боҷҳои гумрукии мавсимиро дар фаъолияти мақомоти гумруки кишвар, барои танзими дурусти фаъолияти савдои хориҷӣ муқаррар кунад. Бояд қайд кард, ки дар ҳолати зикргардида меъёрҳои боҷҳои гумрукии муқаррарнамуда дар тарифи гумрукӣ истифода бурда намешаванд. Дар муддати як соли ҳисоботӣ боҷҳои гумрукии мавсимӣ набояд аз шаш моҳ зиёд амал кунанд.

Барои амнияти иқтисодии кишвар, ҳимояи соҳибкорон, молтаъминкунандагони ватанӣ аз воридоти зиёди молҳо ба кишвар ва рақобати хориҷӣ, намудҳои хоси боҷҳои гумрукӣ муқаррар гардиддаанд, ки дар интиқоли дурусти молу воситаҳои нақлиёт дар кишвар нақши муҳимро иҷро менамояд.

Дар шароити имрӯза бо мақсади ҳимояи манфиатҳои иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбати моли воридотӣ, боҷҳои хоси гумрукиро метавонанд муваққатан истифода гарданд, ки ба мақсад мувофиқ мебошанд:

1) Боҷҳои махсус: ҳамчун тадбири муҳофизатиест, ки ҳангоми мол ба ҳудуди гумрукии кишвар ба он миқдор ва ё шартҳое ворид карда шавад, ки он метавонад ба истеҳсолкунандагон ва таъминкунандагони ватании чунин молҳои шабеҳ ва бевосита ба молҳое, ки рақобаткунанда мебошанд зарар мерасонад ва ё таҳдиди зарар расонидан доранд, дар амалия истифода карда мешаванд.

2) Боҷҳои зиддидемпингӣ: ҳангоми ворид намудани молу маҳсулотҳо ба ҳудуди гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо нархе, ки нисбат ба нархи гумрукии миёна аз кишваре, ки содироткунанда аст, дар лаҳзаи воридот хеле ҳам пасттар буда, чунин воридоти молҳо ба истеҳсолкунандагон ва таъминкунандагони ватании молҳои шабеҳ зарарҳои моддию молиявӣ расонад ва ё таҳдиди зарари калон расониданро намуда, дар таъмин намудани истеҳсоли васеи чунин молҳо дар кишвар таҳдид намояд, амалӣ карда мешаванд.

3) Боҷҳои ҷубронӣ: дар сурати ба ҳудуди гумрукии кишвар ворид намудани молҳое, ки дар раванди истеҳсол ва содироти он бевосита ва ё бавосита аз субсидия истифода карда шуда, чунин воридоти молҳо ба истеҳсолкунандагон ва таъминкунандагони ватании чуни молҳо зарарҳои моддию молиявӣ расонад, инчунин таҳдиди зарар расониданро ба воридоти молҳое, ки дар кишвар барои таъмин намудани истеҳсоли васеи онҳо таҳдид менамояд, амалӣ карда мешаванд.

Дар татбиқи танзими тарифи гумрукӣ арзиши гумрукӣ нақши асосиро иҷро менамояд, ки бо дуруст муайян намудани он самаранокии фаъолият таъмин мегардад.

Арзиши гумрукӣ — ин арзишест, ки барои муайян кардани андозҳо ва боҷҳои гумрукӣ ҳангоми интиқоли молҳо аз сарҳади гумрукӣ истифода мешавад. Он заминаи асосӣ барои ҳисоб кардани пардохтҳои гумрукӣ ва дигар пардохтҳои марбут ба барасмиятдарории молҳо ба ҳисоб меравад.

Дар аксари ҳолатҳо, арзиши гумрукии мол метавонад баробар ба арзиши аслии мол дар вақти харид буда метавонанд ва чунин омилҳоро дар бар мегиранд:

- аз рӯи нархи мол (шартномаи хариду фурӯш, ҳисобнома-фактура);
- маҷмӯи хароҷотҳое, ки ҳангоми интиқол бо воситаҳои нақлиёт то сарҳади гумрукии кишвар амалӣ мегарданд;
- шартномаи бима (шартномаи суғуртавӣ).

Бояд қад кард, ки арзиши гумрук молҳо аз маҷмӯи пардохт ва ё хароҷотҳои зерин иборат буда наметавонанд, дар сурате, ки агар онҳо аз нархи аслии пардохтшуда ва ё пардохтшаванда барои молҳои воридотӣ ба ҳудуди гумрукии кишвар вобасташуда ҷудо бошанд:

- хароҷотҳо барои сохтмон, ташкилнамоӣ, алоқа, хизматрасониҳои гуногун, аз ҷумла кӯмаки техникӣ, ки баъд аз ворид шудан ба сарҳади гумрукӣ, нисбат ба чунин молҳои воридотӣ амалӣ карда шудаанд, ба мисоли мошинаҳо ё таҷҳизотҳо;
- хароҷоти роҳ ва боркашонӣ пас аз воридшавӣ ба сарҳади гумрукӣ;
- боҷҳои гумрукӣ ва пардохтҳои андозии кишвари воридотӣ.

Муайян намудани арзиши гумрукӣ тибқи Қоидаҳои Созмони Умумиҷаҳонии Савдо (СУС), ки Тоҷикистон 2-юми марти соли 2013 шомил шудааст, қонунгузории миллӣ, аз ҷумла Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои зерқонунӣ анҷом дода мешавад.

Созишномаи кулл оид ба тарифҳо ва савдо (GATT - General Agreement on Tariffs and Trade) — созишномаи байналмилалиест, ки соли 1947 ба имзо расида, аз соли 1948 амал менамояд ва ҳадафи асосии он паст кардани монеаҳои савдои байналмилалӣ, аз ҷумла боз доштани болоравии боҷҳои гумрукӣ мебошад.

Арзиши гумрукӣ воситаи асосии тиҷорати байналмилалӣ буда, барои татбиқи меъёрҳои боҷи гумрукӣ замина фароҳам меорад. Татбиқи боҷҳои адвалорӣ бидуни муқаррар намудани мафҳуми арзиши гумрукӣ ғайриимкон аст. Арзиши гумрукӣ дар дигар соҳаҳои савдои байналмилалӣ ва ҳангоми ҳисоб кардани андозҳои дохилӣ низ истифода мешавад [6 с. 22].

Дар баробари боҷҳои гумрукии дар кишвар амалкунанда, инчунин хироҷҳои гумрукӣ амал мекунанд, ки маблағи онҳо қисман ба буҷети давлат ва таъмини фаъолияти худи мақомоти гумрук равона мегарданд.

Мувофиқи моддаи 347 – уми Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 03.12.2004 Қонуни ҶТ аз 13.11.2024 №2108, хироҷҳои гумрукӣ ва намудҳои онҳо оварда шудааст.

- хироҷи гумрукӣ барои барасмиятдарории гумрукӣ;
- хироҷи гумрукӣ барои мушоияти гумрукӣ;
- хироҷи гумрукӣ барои нигаҳдории мол дар анборҳои мақоми гумрук;
- хироҷи гумрукӣ барои додани шаҳодатномаи тахассусии мутахассиси барасмиятдарорандаи гумрукӣ [1].

Дар замони имрӯза ҳангоми амалигардонии барасмиятдарорӣ ва мушоияти гумрукии мол ва воситаҳои нақлиёт, нигоҳдории молҳо дар анборҳои гумрукӣ, инчунин барои додани шаҳодатномаи тахассусӣ ба мутахассисони барасмиятдарорандаи гумрукӣ хироҷҳои гумрукии амалкунанда, дар мувофиқа ба тартиб ва меъёри муайяннамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳисоб карда, ситонида мешаванд.

Хироҷҳои гумрукӣ аз ҷиҳати андоза бояд бо арзиши тахминии хизматрасонӣ маҳдуд шуда бошанд ва набояд асоси ғайримустақими ҳимояи моли ватанӣ ё бо мақсади ситонидани боҷу хироҷ асоси андозбандии моли хориҷӣ ҳангоми воридоти он гарданд [4].

№	Номгӯи хизматрасонии гумрукӣ	Андозаи хироҷҳои гумрукӣ
1.	**Хироҷи гумрукӣ барои барасмиятдарории гумрукии мол ва воситаҳои нақлиёте, ки арзиши гумрукиаш чунин микдорро ташкил медиҳад:**	
	то 5001-долл. ИМА	10 доллари ИМА
	аз 5001 то 10001 долл. ИМА	20 доллари ИМА
	аз 10001 то 50001 долл. ИМА	70 доллари ИМА
	аз 50001 то 100001 долл. ИМА	150 доллари ИМА
	аз 100001 доллари ИМА ва зиёда аз он	450 доллари ИМА
2.	Хироҷ барои мушоияти гумрукии мол барои як ё якчанд воситаҳои нақлиётии ибората аз як колонна (барои 10 км)	2 доллари ИМА
3.	**Хироҷ барои нигаҳдории мол дар анборҳои мақомоти гумрук:**	
	воситаҳои нақлиёт, барои як воҳид дар як шабонарӯз	0,5 доллари ИМА
	молҳо, барои 50 кг дар як шабонарӯз	0,01 доллари ИМА

4.	Хироҷи гумрукӣ барои додани шаҳодатномаи тахассусии мутахассиси барасмиятдарорандаи гумрукӣ	50 доллари ИМА

Сарчашма: Таҳияи муаллиф.

Дар кишвар тибқи қонунгузории амалкунанда ҳангоми интиқоли молҳо аз сарҳади гумрукӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон ӯҳдадории пардохти боҷҳои гумрукӣ ва андозӣ дар ҳолатҳои зерин ба миён меоянд:

1) воридоти мол ба кишвар – аз лаҳзаи гузаштани сарҳади гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

2) содироти мол аз кишвар — аз лаҳзаи пешниҳод намудани декларатсияи гумрукӣ ва ё иҷрои амалҳое, ки мақсади онҳо аз содир намудани молҳо аз ҳудуди гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон баҳисоб мераванд.

Дар шароити имрӯза дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таснифи молҳо тибқи Номгӯи молҳои фаъолияти иқтисодии хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи меъёрҳои боҷҳои гумрукии воридотии Ҷумҳурии Тоҷикистон” аз 08 августи соли 2018 №399 оварда шудаанд. Инчунин боҷҳои гумрукӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо евро ҳисоб карда шуда, бо асъори миллӣ тибқи қурби муайяннамудаи Бонки миллии Тоҷикистон дар рӯзи қабул гардидани декларатсияи гумрукӣ аз ҷониби мақомоти гумрук ва ё мавҷуд будани иҷозати молҳо ситонида мешавад.

Дар мувофиқа ба қонунгузории гумрукии дар Ҷумҳурии Тоҷикистон амалкунанда имтиёзҳо оид ба тарифҳо амал мекунанд, ки онҳо имкониятҳои хуб барои ҷоннок намудани муносибатҳои байнидавлатӣ ё рушди соҳаҳои аҳамиятноки кишвар мебошанд.

Мувофиқи моддаи 346 – ум дар кодекси гумруки Тоҷикистон “Таҳти мафҳуми имтиёзҳои тарифӣ чунин имтиёзе фаҳмида мешавад ки ҳангоми татбиқи сиёсати тиҷоратии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо тартиби яктарафа шартҳои муносибатҳои мутақобила ё нисбати моли аз сарҳади гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон интиқолшаванда, баргардонидани боҷи қаблан пардохташуда, озод кардан аз пардохти боҷи гумрукӣ кам кардани меъри боҷи гумрукӣ, муқаррар намудани квотаҳои тарифӣ барои воридоти (содироти) имтиёзноки мол пешниҳод карда мешавад (Қонуни ҶТ аз 23.07.2016 № 1347)” [4].

Мувофиқи моддаи 345-ум дар кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон озодкунии молҳои алоҳида аз пардохти боҷҳои гумрукӣ оварда шудаанд (Қонуни ҶТ аз 24.12.2022 № 1932):

1) воридоти пули миллӣ ё асъор (ба ғайр аз мақсадҳои нумизматикӣ), инчунин коғазҳои қиматнок;

2) воридоти металлҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон ва Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои Хазинаи давлатии сарватҳо;

3) воридоти молҳое, ки ройгон ба мақомоти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дода мешаванд, воридоти молҳо ба сифати кумаки башардӯстона, воридоти молҳое, ки ройгон ба ташкилотҳои эҳсонкорӣ барои мақсадҳои рафъи оқибатҳои офатҳои табиӣ, садама ва фалокатҳо дода мешаванд;

4) воридоти таҷҳизоти истеҳсолию технологӣ ва маҳсулоти такмилии онҳо, аз ҷумла дар асоси шартҳои иҷораи молиявӣ (лизинг);

5) воридоти маводу лавозимот барои истеҳсоли доруворӣ, таҷҳизоти тиббӣ, фармасевтӣ ва асбобҳои тиббӣ ва дигарон мебошанд [4].

Рӯйхати давлатҳои нисбатан кам тараққикарда барои ба ҳудуди гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид намудани молҳояшон, меъёрҳои боҷи гумрукии воридотии кишвар дар ҳаҷми панҷоҳ фоиз аз меъёри тасдиқшуда дар асоси қонунгузории амалкунанда муқаррар карда мешаванд, аз ҷумла тибқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи меъёрҳои боҷҳои гумрукии воридотии Ҷумҳурии Тоҷикистон” аз 28 августи соли 2024 №470, ба он давлатҳо дохил мешаванд: Афғонистон, Бангладеш, Буркина-Фасо, Бенин, Ангола ва ғайраҳо.

Бояд қайд кард, ки имтиёзҳои дар боло зикргардида, барои мусоидат намудан дар бахшҳои алоҳидаи иқтисодии кишвар саҳмгузор буда, имкониятҳои истеҳсолӣ ва хизматрасониҳоро дар давлат бештар ва сифатнок менамояд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои баъзе молҳо тарифҳо сатҳи устувор дошта, барои аксарияти молҳо бошад, муваққатан баланд бардошта мешаванд.

Намунаи ҷадвали тарифҳои гумрукӣ дар кишварҳои Осиёи Марказӣ (Тоҷикистон, Узбекистон, Қазоқистон, Қирғизистон ва Туркманистон) ба ҳисоби миёна оварда шудаанд (Нақшаи 1):

Дар асоси нақшаи 1 қайд кардан ба маврид аст, ки Қазоқистон ва Қирғизистон аъзои Иттиҳоди Иқтисодии АвруОсиё (ЕАЭС) мебошанд, бинобар ин тавсеаи низоми тарифии ЕАЭС ба онҳо татбиқ када мешавад. Тоҷикистон бошад аъзои Созмони Умумиҷаҳонии Савдо буда, дар доираи он намудҳои алоҳидаи тарифҳоро паст карда шудаанд. Узбекистон ва Туркманистон тарифҳои нисбатан муҳофизатӣ дошта, хусусан барои молҳои истеъмолӣ ва саноати дохилӣ татбиқ карда мешаванд.

Нақшаи 1. Намунаи ҷадвали тарифҳои гумрукӣ дар кишварҳои Осиёи Марказӣ ба ҳисоби миёна

№	Номи мол	Тоҷикистон (%)	Узбекистон (%)	Қазоқистон (%)	Қирғизистон (%)	Туркманистон (%)
1.	Орди гандум	10	10	0	0	5
2.	Шакар	5-15	20	5	5	10
3.	Автомобилҳои истифодашуда	5-10	30–40	10–25	5–10	15–20
4.	Телефонҳои мобилӣ	0	0	0	0	0
5.	Либоси тайёр (трикотаж, курта)	15	20	10	10	20
6.	Маҳсулоти кишоварзӣ (мева)	10	10	5	5	10
7.	Дорухо	0	0	0	0	0

Сарчашма: Таҳияи муаллиф.

Мувофиқи маълумотҳои ҳисоботии Хадамоти Гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон воридоти боҷи гумрукӣ ба буҷети давлат дар давраи ҳисоботии 2022-2024 оварда шудааст (Нақшаи 2).

Нақшаи 2. Гардиши савдои хориҷӣ дар Тоҷикистон дар давраи ҳисоботии 2022 – 2024 бо млрд. доллар ба ҳисоби миёна

№	Давраи ҳисоботӣ	Боҷи гумрукӣ	Барзиёдӣ нисбат ба соли гузашта
1.	2022	877	-
2.	2023	1 050,8	119%
3.	2024	1 177,0	112%

Сарчашма: Таҳияи муаллиф.

Дар нақшаи 1 дида мешавад, ки сол аз сол ҳаҷми воридоти боҷи гумрукӣ дар кишвар меафзояд, ки он яке аз манбаъҳои ғанӣ гардонидани буҷети давлат ва таъмини дурусти фаъолияти савдои доилӣ ва хориҷӣ мебошад.

Дар хулосаи мавзӯи мазкур чунин қайд намудан мумкин аст, ки тарифи гумрукӣ ин маҷмӯи меъёрҳое мебошанд, ки ҳангоми содирот, воридот бо фоиз ва ҳаҷми мол рӯёнида

мешавад, ки дар таъмини амнияти истеҳсолоти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва танзими дурусти фаъолияти тиҷорати хориҷӣ ҷорӣ карда мешаванд ва дар натиҷаи бо тартиби дурусти бароҳмонии онҳо ба ҳадафҳои дар зер номбаршуда расидан имконият фароҳам хоҳад шуд:

- Таъмини ҳимоя ва дастгирии таъминкунандагон ва истеҳсолкунандагони ватании молҳо: Бо истифода аз омили нарх, бо баланд бардоштани он нисбати молҳои воридотӣ, ки дар натиҷа имкон медиҳад рақобатпазирии молҳои кишвар беҳтар гардад.
- Ғанӣ гардонидани даромади буҷети давлат: Маблағи боҷҳои гумрукӣ яке аз манбаҳои муҳими даромад барои давлат мебошад.
- Таъмин намудани мувозинати савдо: Дар самти кам намудани воридот ва баръакс зиёд намудани ҳаҷми содирот.
- Назорати молҳои воридотӣ: Аз маҳдуд намудани воридоти маҳсулоти зараровар ё бар зидди сиёсати истеҳсолии кишвар буда мебошад.

Оид ба масъалаи танзими тарифи гумрукӣ пешниҳодҳои зерин мувофиқи мақсад мебошанд:

1. Тартиб додани механизми муайяни тарифҳои гумрукӣ, дар самти тағйирёбии муносибатҳои молиявӣ дар иқтисодиёт, ки самаранокӣ ва мақсаднокии фаъолиятро таъмин менамоянд;
2. Мунтазам содда ва шаффоф гардонидани расмиёти гумрукӣ, ки раванди интиқоли молу воситаҳои нақлиётиро тезонида, барои ҷалби сармояҳои гуногуни хориҷӣ шароити мусоид фароҳам меоранд;
3. Бароҳмонӣ ва гузаронидани чораҳои фаҳмондадиҳӣ, аз тарафи мутахасисон ва кормандони мақомоти гумрук оид ба пардохтҳои гумрукӣ, меъёрҳои боҷи гумрукӣ, ки ба самаранокии фаъолият ва кам шудани ҳуқуқвайронкуниҳои гумрукӣ оварда мерасонад.

АДАБИЁТ:

9. Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 03.12.2004 Қонуни ҶТ аз 13.11.2024 №2108
10. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи меъёрҳои боҷҳои гумрукии воридотии Ҷумҳурии Тоҷикистон” аз 28 августи соли 2024 № 470
11. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи меъёрҳои боҷҳои гумрукии содиротии Ҷумҳурии Тоҷикистон” аз 3 июни соли 2014 № 377, аз 31.03.2020№ 212
12. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи тасдиқи андозаи хироҷҳои гумрукӣ барои хизматрасонии гумрукӣ”, 2 декабри соли 2005 № 472, аз 20.04.2021 № 176
13. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар хусуси эътирофи замимаи 1 Созишнома вобаста ба татбиқи моддаи 7 Созишномаи кулл оид ба тарифҳо ва савдо” 21 майи соли 2012, № 250 ш. Душанбе
14. Г.Ю. Федотова “Таможенная стоимость” Санкт-Петербург, «Интермедия» - 2020
15. Е.Ю Тимофеева “Таможенные платежи” Санкт-Петербург, «Интермедия» - 2017
16. И.В. Шаращенко, Н.Т. Касьянова В.В. Филатова, О.А. Павленко, “Таможенно-тарифное регулирование внешнеторговой деятельности”, Санкт-Петербург, “Интермедия” - 2022
17. Мираков Қ. М., Муминов А.Б., Абдуллоев С.И., Ҳалимхонов З.А. “Танзими тарифи гумрукӣ” Душанбе - 2021
18. Сомонаи расмии Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон: *https://gumruk.tj*.

УДК 314.7:004 (575.3)

РАВАНДҲОИ ДЕМОГРАФӢ ДАР ЗАМИНАИ РУШДИ РАҚАМИКУНОНӢ

МИРЗОАЛИЕВ АБДУРАШИД АБДУНАБИЕВИЧ
Доктори илмҳои иқтисодӣ, иҷрокунандаи вазифаи профессори кафедраи менеҷмент, маркетинг ва иқтисодиёти меҳнати Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон.
Суроға: 734061, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Деҳотӣ ½.
E-mail: menejment_08 @mail.ru. **Тел.:** (+992) 934-44-41-45.
КАБУТЗОДА ҚУРБОНАЛӢ МИРЗО
Номзади илмҳои иқтисодӣ, и.в., дотсент, декани факултети молия ва қарзи Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон.
Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Деҳотӣ ½.
E-mail: kabutov-83@mail.ru. **Тел.:** (+992) 935-24-21-91.
АМОНОВ САҲБОН САРВАТҶОНОВИЧ
Номзади илмҳои иқтисодӣ, и.в., дотсенти кафедраи назарияи иқтисодӣ ва ташкили соҳибкории Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон.
Суроға: 734061, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯч. Деҳоти ½.
E-mail: a_sahbon@mail.ru. **Тел.:** (+992)935-77-92-00.

Аннотатсия: Ҷумҳурии Тоҷикистон бо афзоиши босуръати демографӣ, хусусан саҳми зиёди ҷавононро нишон медиҳад, ки рӯз ба рӯз талаботро ба ҷойҳои корӣ ба вуҷуд меорад. Дар ин маврид рақамикунонӣ, сарфи назар аз оғози суст (дар ибтидо 40% фарогирии интернет то соли 2022 мушоҳида мегардид), ба афзалияти калидӣ барои навсозии иқтисодӣ, рушди финтех ва хидматрасонии давлатӣ табдил ёфтаистодааст. Бинобар ин, барои рушди ин гуна муносибатҳои меҳнатӣ « Солҳои 2025-2030 солҳои иқтисоди рақамӣ ва рушди инноватсия» эълон гардидааст. Омӯзиши масоили демографӣ ва муносибатҳои иҷтимоӣ- меҳнатӣ дар шароити рақамикунонии фаъолият дар тамоми соҳаҳо муҳим мебошад. Тавре мо мушоҳида менамоем, Ҷумҳурии Тоҷикистон, як кишвари босуръат рушдёбанда дар Осиёи Марказӣ ба ҳисоб рафта, омезиши беназири тағйироти демографӣ ва технологиро нишон медиҳад. Аз як тараф, кишвар бо сатҳи баланди таваллуд, сохтори аҳолии ҷавон ва қисми назарраси ҷавонони қобили меҳнат тавсиф мешавад. Аз тарафи дигар, кишвар бо риояи Консепсияи иқтисоди рақамӣ, ки соли 2019 қабул шудааст, барои муосирсозии иқтисодиёт иқтисоди рақамиро фаъолона татбиқ мекунад. Робитаи байни ин равандҳо - демография ва рақамикунонӣ - ба омили калидии рушди устувор табдил меёбад. Афзоиши босуръати аҳолӣ эҷоди ҷойҳои корӣ, таҳсилоти босифат ва дастрасӣ ба хидматрасониҳои давлатиро талаб мекунад. Рақамикунонӣ воситаи муассир барои ҳалли ин мушкилот, бартараф кардани монеаҳои ҷуғрофӣ ва афзоиши ҳосилнокии меҳнат мебошад. Дар айни замон, қобилияти аҳолӣ барои мутобиқ шудан ба технологияҳои рақамӣ (саводнокии рақамӣ) аз сифати сармояи инсонӣ, ки аз ҷониби равандҳои демографӣ ташаккул меёбад, вобастагии қатъӣ дорад.

Калидвожаҳо: иқтисодиёт, иқтисодиёти меҳнат, демография, рақамикунонӣ, шуғлнокӣ, бекорӣ, музди меҳнат, ҳосилнокӣ, бозори меҳнат, камбизоатӣ, стратегия, иқтисодиёти инноватсионӣ.

ДЕМОГРАФИЧЕСКИЕ ПРОЦЕССЫ В УСЛОВИЯХ ЦИФРОВОГО РАЗВИТИЯ

МИРЗОАЛИЕВ АБДУРАШИД АБДУНАБИЕВИЧ
Доктор экономических наук, исполняющий обязанности профессора кафедры менеджмента, маркетинга и экономики труда Таджикского государственного университета коммерции.
Адрес: 734061, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Дехоти ½.
E-mail: menejment_08 @mail.ru. **Тел.:** (+992) 934-44-41-45.

КАБУТЗОДА КУРБОНАЛИ МИРЗО
Кандидат экономических наук, и.о. доцент, декан факультета финансов и кредита Таджикского государственного университета коммерции.
Адрес: Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Дехоти ½.
E-mail: kabutov-83@mail.ru. **Тел.:** (+992) 935-24-21-91.
АМОНОВ САХБОН САРВАТЖОНОВИЧ
Кандидат экономичесчких наук, и.о. доцент кафедры экономической теории и организации бизнеса Таджикского государственного университета коммерции.
Адрес: 734061, Республика Таджикистан, Душанбе, ул. Дехоти, ½.
E-mail: a_sahbon@mail.ru. **Тел.:** (+992) 935-77-92-00.

Аннотация: Республика Таджикистан переживает быстрый демографический рост, особенно с учетом большой доли молодежи, что создает растущий спрос на рабочие места. В этой связи цифровизация, несмотря на медленный старт (первоначально к 2022 году охват интернетом составлял 40%), становится ключевым приоритетом экономической модернизации, развития финтеха и государственных услуг. Поэтому для развития таких трудовых отношений было объявлено: «2025-2030 годы – годы цифровой экономики и развития инноваций». Изучение демографических вопросов и социально-трудовых отношений в контексте цифровизации деятельности во всех секторах имеет важное значение. Как мы видим, Республика Таджикистан, быстро развивающаяся страна в Центральной Азии, переживает уникальное сочетание демографических и технологических изменений. С одной стороны, для страны характерны высокая рождаемость, молодая структура населения и значительная доля молодежи трудоспособного возраста. С другой стороны, страна, в соответствии с Концепцией цифровой экономики, принятой в 2019 году, активно внедряет цифровую экономику для модернизации экономики. Взаимосвязь между этими процессами — демографией и цифровизацией — становится ключевым фактором устойчивого развития. Быстрый рост населения требует создания рабочих мест, качественного образования и доступа к государственным услугам. Цифровизация является эффективным инструментом решения этих проблем, преодоления географических барьеров и повышения производительности труда. При этом способность населения адаптироваться к цифровым технологиям (цифровая грамотность) тесно связана с качеством человеческого капитала, формируемого демографическими процессами.

Ключевые слова: экономика, экономика труда, демография, цифровизация, занятость, безработица, заработная плата, производительность, рынок труда, бедность, стратегия, инновационная экономика.

DEMOGRAPHIC PROCESSES IN THE CONDITIONS OF DIGITAL DEVELOPMENT

MIRZOALIEV ABDURASHID ABDUNABIEVICH
Doctor of Economic Sciences, Acting Professor of the Department of Management, Marketing and Labor Economics at the Tajik State University of Commerce.
Address: 734055, Republic of Tajikistan, Dushanbe, A. Dehoti Street 1/2.
E-mail: menejment_08 @mail.ru. **Tel.:** (+992) 934-44-41-45.
KABUTZODA KURBONALI MIRZO
Candidate of Economic Sciences, Acting Associate Professor, Dean of the Faculty of Finance and Credit at the Tajik State University of Commerce.
Address: 734055, Republic of Tajikistan, Dushanbe, A. Dehoti Street 1/2.
E-mail: kabutov-83@mail.ru. **Tel.:** (+992) 935-24-21-91
AMONOV SAHBON SARVATJONOVICH
Candidate of Economic Sciences, Acting Associate Professor, Department of economic theory s and business organization, Tajik State University of Commerce
Address: 734061, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Dekhoti Street, 1/2.
E-mail: a_sahbon@mail.ru. **Tel.:** (+992) 935-77-92-00

Annotation: The Republic of Tajikistan is experiencing rapid demographic growth, especially a large share of young people, which is creating a growing demand for jobs. In this regard, digitalization, despite a slow start (initially 40% Internet coverage was observed by 2022), is becoming a key priority for economic modernization, the development of fintech and public services. Therefore, for the development of such labor relations, "2025-2030 are the years of the digital economy and the development of innovation" has been declared. The study of demographic issues and socio-labor relations in the context of digitalization of activities in all sectors is important. As we can see, the Republic of Tajikistan, a rapidly developing country in Central Asia, is experiencing a unique combination of demographic and technological changes. On the one hand, the country is characterized by a high birth rate, a young population structure and a significant share of working-age youth. On the other hand, the country, in accordance with the Concept of the Digital Economy adopted in 2019, is actively implementing the digital economy to modernize the economy. The relationship between these processes - demography and digitalization - is becoming a key factor in sustainable development. Rapid population growth requires job creation, quality education, and access to public services. Digitalization is an effective tool for solving these problems, overcoming geographical barriers, and increasing labor productivity. At the same time, the ability of the population to adapt to digital technologies (digital literacy) is closely related to the quality of human capital formed by demographic processes.

Keywords: economy, labor economy, demography, digitalization, employment, unemployment, wages, productivity, labor market, poverty, strategy, innovative economy.

Муқаддима. Дар шароити имрӯза, аҳамияти нишондиҳандаҳои демографӣ барои рушди иқтисоди миллӣ ба таври назаррас афзоиш меёбад. Иқтидори демографии мавҷудаи ҳар як қаламрав иқтидори меҳнатии онро ташаккул медиҳад: қайд кардан кофист, ки омори демографии байналмилалӣ ва миллӣ се категорияи синну солии аз ҷиҳати иқтисодӣ муҳимро дар сохтори синну сол ва ҷинсии аҳолӣ фарқ мекунад: синни камкорӣ, синни кор ва синни аз ҳад зиёди кор. Ин ва дигар хусусиятҳои демографӣ асосан даромадҳои андоз ба буҷетҳоро дар ҳама сатҳҳо, ҳаҷми пардохтҳои иҷтимоӣ ба аҳолӣ, сохтори бозорҳои мол ва хизматрасонӣ, ҳаҷми ҳадди аксари шуғл ва ҳосилнокӣ, инчунин тамоюлҳои ояндаи рафтори истеъмолкунандагон ва сохтори хароҷоти истеъмолии хонаводаҳоро муайян мекунанд. Онҳо ба ҳаҷми сохтмони манзил, миқёси рушди системаҳои таҳсилоти умумӣ, касбӣ ва иловагӣ, конфигуратсияи инфрасохтори нақлиёт ва дигар хусусиятҳои иқтисодиро дар саросари кишвар таъсир мерасонанд.

Дар айни замон, ҳадафҳои ниҳоии сиёсати иҷтимоию иқтисодии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон инҳоянд: рушди иқтидори инсонӣ ва беҳтар кардани сифат, сатҳ ва давомнокии умр. Ин нишондиҳандаҳо аз афзоиши маҷмӯи маҳсулоти миллӣ (МММ), ҳаҷми сармоягузорӣ ба сари аҳолӣ, рушди инфрасохтори иҷтимоӣ, аз ҷумла тандурустӣ ва маориф, бекорӣ, музди меҳнат, даромади ба сари аҳолӣ ва ҳаҷми истеъмоли мол ва хизматрасонӣ таъсир мегиранд.

Дараҷаи омӯзиши масъала. Асарҳои бисёре аз олимони тоҷик ба масъалаҳои демографӣ ва муносибатҳои иҷтимоӣ- меҳнатӣ, ба монанди асарҳои М. Нурмаҳмадов [15] Ш. Дӯстбоев. [4] Ғаниев Т.Б. [3], Д.Б. Қодирзода [7, 13], И.С. Шамсов [13], Т.Р. Ризозода [20], Д.С. Амонова [1] Р.М. Бобоҷонов [2], Л.Х. Саидмуродов [19], С. Ҷурахонзода [6], Ш. Б. Ҷонмамадов [21], Рачабов Р.К. [18], А.Б. Мирсаидов [14], Ш.Ш. Қодиров [5], Қодирова З.Ҳ. [8], А.А. Мирзоалиев [10, 11, 12] ва дигарон бахшида шудаанд, ки бо истифода аз усулҳои иқтисодӣ ва математикӣ тамоми мураккабӣ ва номуайянии робитаҳои байни динамикаи нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ ва демографиро инъикос мекунанд.

Пеш аз баррасии баъзе паҳлуҳои назариявию амалии вазъи демографӣ дар шароити рақамикунонӣ ба саҳми воқеии олимони муоссир диққати худро равон кардан аз аҳамият холӣ нест. Маврид ба зикр аст, ки олимону муҳақиқони тоҷик оид ба масоили бозори меҳнат ва омодасозии кадрҳо таҳқиқотҳои зиёдеро гузаронидаанд, ки дар ҷадвали 1 оварда шудааст.

Ҷадвали 1. Саҳми наззарраси олимони тоҷик дар самти демография ва муносибатҳои меҳнатӣ

Муаллифон	Самти таҳқиқот	Натиҷа
М. Нурмаҳмадов	Таҳқиқоти илмӣ, монография	Дар соҳаҳои муносибатҳои иҷтимоӣ ва меҳнатӣ, иқтисоди меҳнат ва танзими бозори меҳнат, махсусан дар шароити гузариш ба иқтисоди бозорӣ таҳқиқотҳо гузаронидааст [15].
Ш. Дӯстбоев	Таҳқиқоти илмӣ, монография	Мавзӯъҳои тадқиқотии ӯ камбизоатӣ, сиёсати иҷтимоӣ, экология, шуғл, камбизоатӣ: роҳҳои коҳиши он ва рушди иқтисодӣ дар Тоҷикистонро дар бар мегиранд [4].
Д.Б. Қодирзода, И.С. Шамсов	Монографияи "Бозори меҳнат ва системаи омӯзиш дар давраи гузариш ба иқтисоди рақамӣ" (2021)	Асосҳои назариявӣ ва методологии муносибати байни бозори меҳнат ва низоми маорифро омӯхта, тавсияҳоро барои беҳтар кардани мутобиқшавии бозори меҳнати дохилӣ ба мушкилоти рақамикунонӣ таҳия кардаанд [13].
Р.К. Раҷабов	Таҳқиқоти илмӣ, монография	Самтҳои асосии рушди бозори меҳнат ва шуғли самараноки аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон [18]
Т.Р. Ризозода, Ш.А. Эшматов	Таҳқиқоти илмӣ	Рушди рақамикунонӣ ва бозори меҳнатро дар иқтисоди миллии Тоҷикистон, ҷанбаҳо ва тамоюлҳои асосии табдили рақамиро таҳлил кардаанд [20].
Ғаниев Т.Б.	Таҳқиқоти илмӣ, монография ва китобҳои дарсӣ	Масоили менеҷменти захираҳои башарӣ, системаи идоракунандаи захираҳои меҳнатӣ ва ҳавасмандгардонии онҳо дар шароити муосир [3]
Ш.Ш. Қодиров	Соли 2024 мақолаи "Равандҳои демографӣ дар заминаи рушди инноватсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон"	Таъсири инноватсия ба рафтори репродуктивӣ ва вазъи умумии демографии кишвар таҳлил карда шудааст [5].
А.А. Мирзоалиев	Таҳқиқоти илмӣ, монография	Низоми идоракунии муносибатҳои иҷтимоӣ ва меҳнатӣ, иқтидори кадрӣ, рушди сармояи инсонӣ дар иқтисоди рақамӣ [10, 11, 12]
Дар самти идоракунии муносибатҳои иҷтимоӣ ва меҳнатӣ ва бозори меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, оид ба шуғл, муҳоҷират ва ислоҳоти меҳнат дар шароити гузариш ба бозор ва иқтисоди рақамӣ		
Д.С. Амонова	Асарҳои илмӣ	Оид ба ислоҳоти муносибатҳои иҷтимоӣ ва меҳнатӣ [1].
Р.М. Бобоҷонов	Таҳқиқоти илмӣ	Омӯзиши шуғли самаранок ва хидматрасонии муассисаҳои бозори меҳнат [2].
Л.Х. Саидмуродов	Таҳқиқоти илмӣ, монография	Ӯ муҳоҷирати меҳнатиро дар сохтори муносибатҳои иҷтимоӣ ва меҳнатӣ меомӯзад ва иқтидори иҷтимоию иқтисодии минтақаҳоро меомӯзад [19].
З.Ҳ. Қодирова	Таҳқиқоти илмӣ	Принсипҳо ва шаклҳои ҳамкории низоми таҳсилоти олӣ ва бозори меҳнат [8]
С. Ҷурахонзода	Таҳқиқоти илмӣ	Ба таҳқиқоти масъалаҳои шуғли занон ва ҳамгироии занон дар бозори меҳнат[6]
Ш.Б. Ҷонмамадов	Таҳқиқоти илмӣ	Таҳқиқи механизмҳои танзими шуғли ғайрирасмӣ дар иқтисоди гузариш [21]
А. Б. Мирсаидов	Таҳқиқоти илмӣ	Доир ба масъалаҳои афзоиши шуғли самаранок ва фаъолияти бозори меҳнат [14]

Сарчашма: таҳияи муаллифон дар асоси адабиётҳои истифодашуда.

Вазъи демографӣ ва муносибатҳои меҳнатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо афзоиши босуръати аҳолӣ, афзоиши ҷавонон ва вобастагии баланди иқтисодиёт аз муҳоҷирати меҳнатии беруна тавсиф мешавад. Дар солҳои 2025-2026 Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи сатҳи таваллуд дар минтақа ҷои аввалро ишғол мекунад ва сатҳи умумии таваллуд тақрибан 3,3 кӯдак ба як зан рост меояд. Бояд қайд намуд, ки сохтори аҳолиро ҷавонон, яъне зиёда аз 35% аҳолиро кӯдакони то 15-сола ташкил медиҳанд. Дар маҷмӯъ тоҷикон аксариятро ташкил медиҳанд (зиёда аз 84%), ӯзбекҳо (тақрибан 14%) ва дигар миллатҳо низ ҳузур доранд.

Аз замони истиқлолият то ба имрӯз аҳолии қобили меҳнат беш аз 1,2 миллион нафар афзоиш ёфтааст, ки ба бозори меҳнати маҳаллӣ фишори ҷиддӣ ворид мекунад. Бинобар ин, аз сабаби маҳдуд будани шумораи ҷойҳои корӣ дар дохили кишвар, қисми назарраси аҳолии фаъол (асосан мардон) маҷбуранд, ки ба муҳоҷират, асосан ба Федератсияи Русия раванд. Занон ба ҳисоби миёна 3,8 кӯдак доранд ва таносуби занон (49,3%) ба мардон (50,7%) наздик аст. Агентӣ оморӣ ва Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон дар таҳқиқи ин равандҳо нақши муҳим доранд.

Мутобиқи маълумоти оморӣ, шумораи умумии кормандон дар ҳамаи соҳаҳои иқтисодиёти Тоҷикистон то охири соли 2024 тақрибан **2 миллиону 650 ҳазор нафарро** (ё 2650 ҳазор) ташкил дод.

Нишондиҳандаҳои асосӣ вобаста ба бозори меҳнат:

Шумораи умумии кормандон: Соли 2024 ин рақам ба 2,65 млн нафар расид, ки дар он кормандони корхонаҳои калон ва бахши хусусӣ шомил мебошанд.

Қувваи корӣ: Дар ибтидои соли 2024 шумораи қувваи корӣ (бо назардошти шахсони машғули кор ва бекорони расмӣ) 2 миллиону 568,8 ҳазор нафар арзёбӣ гардида буд.

Бахши хусусии хурд ва миёна: Дар корхонаҳои хурду миёна (SME) соли 2024 шумораи кормандон ба 712 ҳазор нафар расид.

Таъсиси ҷойҳои корӣ: Соли 2025 дар кишвар 280 ҳазор ҷойи кори нав таъсис дода шуд, ки аз онҳо танҳо ҳудуди 74 ҳазор (ё 26,2%) ҷойҳои кории доимӣ мебошанд.

Музди миёнаи меҳнат: Ба ҳолати 1-уми декабри соли 2025, маоши миёнаи кормандон дар Тоҷикистон 2 725,71 сомонӣ-ро ташкил дод, ки нисбат ба соли 2024 19,9% зиёд мебошад.

«Дар натиҷа ҳаҷми маҷмуи маҳсулоти дохилӣ 3,4 баробар зиёд гардида, иқтисоди миллии мо ҳар сол ба ҳисоби миёна 7,6 фоиз афзоиш ёфт. Барои таъмин намудани рушди иҷтимоиву иқтисодии мамлакат дар ин муддат аз ҳисоби ҳамаи сарчашмаҳои маблағгузорӣ беш аз 670 миллиард сомонӣ, аз ҷумла 159 миллиард сомонӣ сармояи хориҷӣ равона гардид. Дар ин давра маҷмуи маҳсулоти дохилӣ ба ҳар сари аҳолӣ 2,7 баробар афзоиш ёфта, аз 6 ҳазор сомонии соли 2015 ба 16,4 ҳазор сомонӣ дар соли 2025 расонида шуд. Аҳолии кишвар аз 8,5 миллион нафари соли 2015 ба 10,7 миллион нафар дар соли 2025 расид, яъне 26 фоиз зиёд гардид ва нишондиҳандаи дарозумрии аҳолӣ аз 70 ба 77 сол расид. Дар ин муддат сатҳи камбизоатӣ то 19 фоиз коҳиш ёфт. Даромади пулии аҳолӣ аз 26 миллиард сомонии соли 2015 то 165 миллиард сомонӣ дар соли 2025, яъне беш аз шаш баробар афзоиш ёфт.

Соли 2025 Барномаи миёнамуҳлати рушди кишвар барои солҳои 2026 – 2030 ҳамчун марҳалаи ниҳоии Стратегияи миллии рушд барои давраи то соли 2030 қабул гардид. Амалисозии саривақтӣ ва сифатноки он имкон медиҳад, ки дар панҷ соли оянда ҳаҷми маҷмуи маҳсулоти дохилӣ ду баробар афзоиш ёфта, сатҳи камбизоатӣ то 10 фоиз кам ва ҳиссаи табақаи миёнаи аҳолӣ то 50 фоиз зиёд гардад Дар ин давра рушди иқтисодӣ ҳар сол ба ҳисоби миёна 8,7 фоиз, аз ҷумла истеҳсоли маҳсулот дар соҳаҳои саноат 20 фоиз, кишоварзӣ 8,4 ва ҳаҷми хизматрасониҳои пулакӣ 11,7 фоиз афзоиш меёбад» [17].

Рушди барномавии давлатии Тоҷикистон дар солҳои соҳибистиқлолӣ ба марҳилаҳои асосии ташаккул гузашта, аз барномаҳои умумии иқтисодӣ (масалан, барномаи солҳои 2000-2010 ва 2010-2015) то барномаҳои мушаххаси соҳавӣ ва минтақавӣ табдил ёфтааст, ки ба рушди босуръати саноат, ислоҳоти иҷтимоӣ ва ташаккули инфрасохтор нигаронида шудаанд, ба монанди

Барномаи рушди саноат ва Стратегияи миллии рушд, ки ба марҳилаи ояндаи кишвар (2026-2030) роҳнамоӣ мекунад.



Расми 1. Рушди барномавии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои сиҳибистиқлолӣ.

Сарчашма: аз ҷониби муаллифон дар асоси маълумоти Барномаи рушди саноат ва Стратегияи миллии рушд таҳия шудааст.

Ин марҳилаҳо нишон медиҳанд, ки рушди барномавии давлатӣ аз ташаккули ибтидоӣ ба сӯи рушди ҳадафманди соҳавӣ ва минтақавӣ, бо дарназардошти тағйирёбии шароитҳои ҷаҳонӣ ва миллӣ, тадриҷан такмил ёфтааст.

Рақамикунонӣ бозори меҳнатро дигаргун мекунад, сохтори шуғлро тағйир медиҳад, талаботро ба малакаҳои IT афзоиш медиҳад ва шаклҳои нави корро эҷод мекунад, ки ҳама дар пасманзари пиршавии демографӣ мебошанд. Технология омӯзиши пайвастаро талаб мекунад, ки боиси номутавозинии малакаҳо ва аз нав тақсим кардани қувваи корӣ мегардад. Ин мутобиқсозии маориф ва идоракунии захираҳои инсониро барои пур кардани фосилаи малакаҳои рақамӣ байни наслҳо тақозо мекунад.

Тамоюлҳо ва таъсироти асосӣ:

✓ **Тағйир додани сохтори шуғл:** Гузариш аз соҳаҳои анъанавӣ ба бахшҳои марбут ба технологияҳои иттилоотӣ, хизматрасонӣ, тиҷорати электронӣ ва краудсорсинг ба амал меояд. Краудсорсинг ин ҷалби доираи васеи одамон ("издиҳом") тавассути платформаҳои онлайн барои ҳалли муштараки мушкилот, тавлиди ғояҳо ё эҷоди мундариҷа мебошад.

✓ **Талабот ба малакаҳо:** Рақамикунонӣ талаботро ба саводнокии рақамӣ дар байни коргарон ва талаботро ба мутахассисон дар соҳаи зеҳни сунъӣ ва технологияҳои марбут ба он зиёд мекунад.

✓ **Шаклҳои чандири шуғл:** Кори дурдаст, шуғли платформавӣ ва фрилансинг рушд карда, шароити кориро тағйир медиҳанд.

✓ **Ҷанбаи демографӣ:** Пиршавии аҳолӣ дар пасманзари автоматикунонӣ хатари норасоии қувваи кориро зиёд мекунад ва ҷалби фаъоли насли калонсолро дар иқтисоди рақамӣ тавассути омӯзиши пешрафта талаб мекунад.

✓ **Бозомӯзӣ:** Омӯзиши якумрӣ барои коҳиш додани оқибатҳои манфӣ, ба монанди бекорӣ аз сабаби автоматикунонии вазифаҳои муқаррарӣ, муҳим мегардад. Рақамикунонӣ ҳамчун мафҳуме пайдо мешавад, ки қодир аст маҳдудиятҳои демографиро тавассути афзоиши ҳосилнокии меҳнат ҷуброн кунад.

Дар солҳои 2024–2025, бозори меҳнат ва равандҳои демографӣ аз ҷониби табдили рақамӣ ва зеҳни сунъӣ (ЗС) таъсири амиқ хоҳанд дошт. Хусусиятҳои асосии ин давра норасоии шадиди қувваи корӣ, афзоиши шуғли платформа ва тағйироти куллӣ дар талаботи малака мебошанд.

Мушкилоту монеаҳои асосии бозори меҳнат дар заминаи рақамикунониву ивазшавии муносибатҳои меҳнатӣ чунин аст:

✓ **Норасоии истеъдодҳо ва нигоҳ доштани кормандон:** Нарасидани мутахассисон ширкатҳоро маҷбур мекунад, ки хароҷоти худро барои рақамикунонӣ зиёд кунанд ва чораҳои нигоҳдории кормандонро тақвият диҳанд. Тақрибан 70% корфармоён аллакай дар соли 2024 музди меҳнатро зиёд карда, ҷадвалҳои чандирро ҷорӣ кардаанд.

✓ **Табдили касбҳо аз ҷониби зеҳни сунъӣ:** Рақамикунонӣ боиси аз байн рафтани ҷойҳои кории муқаррарӣ мегардад. Дар бахши истеҳсолӣ, то 30% ҷойҳои корӣ метавонанд автоматӣ карда шаванд. Дар айни замон, талабот ба мутахассисони IT ва мутахассисони зеҳни сунъӣ афзоиш меёбад (пешбинӣ мешавад, ки ин шумора то охири соли 2025 ба 48,000 нафар афзоиш ёбад).

✓ **Шаклҳои нави шуғл:** Шуғли платформавӣ ва кори фосилавӣ васеъ паҳн шудаанд, ки сохтори муносибатҳои байни кормандон ва корфармоёнро тағйир медиҳанд.

✓ **Ҳаракати касбӣ:** Дар аввали соли 2025 шумораи коргарони ботаҷриба (+3%) ва коргарони кишоварзӣ (+13%) афзоиш ёфт, дар ҳоле ки шумораи коргарони беихтисос ва коргарони чакана коҳиш ёфт. Ҳамкорӣ бо демография Рақамӣ шудан омили калидӣ дар мутобиқшавии иқтисодиёт ба мушкилоти демографии кунунӣ аст:

✓ **Пиршавии аҳолӣ:** Автоматикунонӣ ба абзори ҷуброни коҳиши аҳолии қобили меҳнат табдил меёбад.

✓ **Равандҳои муҳоҷират:** Рақамӣ шудан ба танзими муҳоҷирати меҳнатӣ ва эҷоди платформаҳои рақамӣ барои ҳифзи ҳуқуқҳои муҳоҷирон мусоидат мекунад.

✓ **Тафовутҳои минтақавӣ:** Тафовути рақамӣ байни ҷавонони шаҳрӣ ва деҳот вуҷуд дорад, ки ба интизориҳои касбӣ ва некӯаҳволии молиявии онҳо таъсир мерасонад.

Ҷанбаҳои асосии демография ва бозори меҳнат:

✓ **Афзоиши аҳолӣ:** Дар тӯли 30 сол аҳолӣ 80% афзоиш ёфтааст, ки таъсиси солонаи шумораи зиёди ҷойҳои нави кориро талаб мекунад. Дар аввали соли 1991 аҳолии ҷумҳурӣ ба 5 миллиону 361 ҳазор нафар баробар буд. **Ҳоло бошад дар асоси** маълумоти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, шумораи аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон то 1 январи соли 2026 ба 10 720 800 нафар баробар шудааст.

✓ **Бозори меҳнати ҷавонон:** Ҳиссаи баланди ҷавонон имкониятҳоро эҷод мекунад, аммо иштироки фаъолро дар бахшҳои нави иқтисодӣ талаб мекунад.

✓ **Бекорӣ ва муҳоҷират:** Сатҳи баланди бекорӣ (тақрибан 11,6%) анъанавӣ бо муҳоҷирати меҳнатӣ ҷуброн карда мешавад. Рақамӣкунонии бозори меҳнат:

✓ **Тағйир додани сохтори шуғл:** Рақамӣкунонӣ талаботи малакаро тағйир медиҳад, ки такмили ихтисос ва бозомӯзии кадрҳоро талаб мекунад.

✓ **Рушди қувваи корӣ:** Системаи маориф ва омӯзиш барои қонеъ кардани талаботи иқтисоди рақамӣ бояд навсозӣ карда шавад.

✓ **Рушди ТИК:** Ҷорӣ намудани технологияҳои рақамӣ ба ҳосилнокӣ ва сохторҳои музди меҳнат таъсир мерасонад. Рақамӣ кардани иқтисодиёт, аз ҷумла рушди кори дурдаст ва платформаҳои онлайн, имкониятҳои нав фароҳам меорад, аммо инчунин зарурати баланд бардоштани салоҳиятҳои рақамии аҳолиро барои мутобиқ шудан ба шароити тағйирёбанда ба миён меорад.

Дар солҳои 2025–2026, демография ва бозори меҳнати Тоҷикистон бо суръати баланди афзоиши аҳолӣ ва гузариши фаъол ба иқтисоди рақамӣ тавсиф мешавад, ки расман бо эълони солҳои 2025–2030 ҳамчун "Солҳои иқтисоди рақамӣ ва рушди инноватсионӣ" эътироф шудааст. Вазъи демографӣ Тоҷикистон мақоми худро ҳамчун кишваре бо ҷавонтарин ва босуръаттарин аҳолии минтақа нигоҳ медорад:

✓ **Таъсиси ҷойҳои корӣ:** То соли 2025 дар кишвар тақрибан 280,000 ҷойҳои нави корӣ таъсис дода шудаанд. Дар Душанбе дар ин давра 46,000 ҷойҳои холии корӣ пайдо шуданд.

✓ **Шуғли рақамӣ:** Афзалият барои соли 2026 рушди босуръати технологияҳои рақамӣ ва инноватсия мебошад, ки боиси афзоиши талабот ба мутахассисони IT ва кадрҳои дорои салоҳиятҳои рақамӣ мегардад.

✓ **Омӯзиши кадрҳо:** Системаи маориф барои ҳалли мушкилоти иқтисоди рақамӣ фаъолона таҷдид карда мешавад. Кӯшишҳо барои ҳамгироии ТИК ба раванди таълим ва омода кардани мутахассисоне, ки қодиранд бо маълумоти калон ва зеҳни сунъӣ кор кунанд, равона карда шудаанд. Мушкилот ва тамоюлҳои асосӣ

✓ **Муҳоҷирати меҳнатӣ:** Гарчанде ки он омили муҳиме боқӣ мемонад, ки ба пешниҳоди қувваи корӣ таъсир мерасонад, рақамикунонии тиҷорат имкониятҳои навро барои шуғли дурдаст дар дохили кишвар боз мекунад.

✓ **Тафовути рақамӣ:** Таъмини дастрасии баробар ба хидматҳои рақамӣ ва интернет як мушкили калидӣ барои пешгирии нобаробарӣ дар бозори меҳнат боқӣ мемонад.

✓ **Банақшагирии стратегӣ:** «Консепсияи рушди шуғли самаранок то соли 2040» бо дарназардошти автоматикунонии истеҳсолот ва табдили рақамии соҳаҳо амалӣ карда мешавад.

Ҳангоми таҳқиқ мо тасмим гирифтем, ки давраи пайвастагии фаъолияти система, яъне бозтавлид бо чунин сурат гирад: « афзоиши аҳолӣ- ташаккули иқтидори меҳнатӣ- фаъолияти меҳнатӣ-рушди сармояи инсонӣ-рушди иқтисодӣ- истифода ва истеъмол- таҷдиди аҳолӣ, зеро мавҷудияти аҳолӣ дар ҷаҳони муосир ин танҳо омили меҳнати самаранок ва рушди иқтисодӣ эътироф нашудааст.

Ба ҳамин монанд, дар зерсистемаи баръакси иқтисодӣ-демографӣ, далели иқтисоди хеле рушдёфта шарти муҳим аст, аммо ҳатто пешгӯикунандаи таҷдиди оддии аҳолӣ нест. Мисоли равшани ин Олмон аст, ки дар он ҷо норасоии қувваи корӣ ду даҳсола боз аз сабаби пиршавии мунтазами аҳолӣ ба чашм мерасад.



Расми 2. Модели умумии таъсири тарафайни демографӣ
Сарчашма: таҳияи муаллифон дар асоси адабиёти [1].

Дар соли 2020, таносуби нафақахўрон ба қувваи кории эҳтимолӣ дар кишвар 43% буд. Ва агар ин тамоюл идома ёбад, ин рақам то соли 2060 ба 80% хоҳад расид. Ҳиссаи насли аз 15 то 24-сола дар Олмон нисбат ба насли аз 55 то 64-сола хеле камтар аст. О. Стеттс аз Институти иқтисодии Олмон (IW) қайд мекунад, ки "дар тўли даҳ соли оянда, коргарони хеле бештар аз коргарони нав ба нафақа мебароянд, ки ба қувваи корӣ ворид мешаванд" ва тахмин мезанад, ки афзоиши нафақахўрони "нав" дар Олмон дар даҳ соли оянда ба ду миллион нафар мерасад.

Ҳерберт Брюкер аз Институти бозори меҳнат ва тадқиқоти касбӣ (IAB) пешгўӣ мекунад, ки "қувваи кории Олмон байни солҳои 2020 ва 2060 сеяк кам мешавад - аз 47,4 миллион то 31,3 миллион". Ҳамин тариқ, Олмон тақрибан 16 миллион коргар намерасад» [22]. Таҳлили натиҷаҳои таҳқиқот дар бораи равандҳои демографӣ ва иқтисодии ҷаҳонӣ аз ҷониби демографҳои бонуфуз нишон медиҳад, ки иқтидори иқтисодии кишварҳо ва минтақаҳо бо захираҳои инсонӣ, ҳам миқдор ва ҳам сифати онҳо, алоқамандии ногусастанӣ дорад [23, 24, 25]. Бар асоси тамоюлҳое, ки дар семоҳаи охири асри 20 ва семоҳаи аввали асри 21 пайдо шудаанд, инчунин хулосаҳои дар [23, 24, 25] овардашуда, панҷ раванди демографӣ ва иқтисодии ҷаҳониро метавон муайян кард, ки олимон пешгўӣ мекунанд:

1. Рушди ММД-и ҷаҳонӣ метавонад суст шавад (тақрибан 1 банди фоизӣ дар як сол, тибқи ҳисобҳои гуногун), ки нисбат ба афзоиши аҳолӣ шадидтар коҳиш меёбад. Олимон пешгўӣ мекунанд, ки давраи рушди иқтисодӣ, ки аз афзоиши аҳолӣ ва дивиденди демографӣ бармеояд, ба охир мерасад.

2. Тағйирёбии аҳолӣ боиси тағйироти бузурги минтақавӣ дар фаъолияти иқтисодӣ мегардад: аз як тараф, коҳиши саҳми фаъолияти иқтисодии ҷаҳонӣ дар Осиёи Шарқӣ ва Ҷанубу Шарқӣ, Аврупо ва Амрикои Шимолӣ пешбинӣ мешавад, дар ҳоле ки аз тарафи дигар, афзоиши саҳми Осиёи Марказӣ ва Ҷанубӣ ва Африқои ҷанубу ғарби Саҳрои Кабир. Эҳтимол аст, ки тағйироти иқтисодӣ нисбат ба тағйироти аҳолӣ зиёдтар бошанд. Яъне, истеҳсоли ММД дар сатҳи ҷаҳонӣ тадриҷан ба самти Африқои ҷанубу ғарби Саҳрои Кабир ва нисбат ба тамоюлҳои демографӣ зудтар ҳаракат хоҳад кард.

3. Сатҳи зиндагии калонсолони қобили меҳнат дар кишварҳои пешрафта аз сабаби хароҷоти баланди тарбияи кўдакон ва пиронсолон коҳиш хоҳад ёфт. Аз ин рў, аз сабаби афзоиши доимии бори демографии аҳолии ғайрикорӣ, сатҳи зиндагии насли қобили меҳнат дар қудратҳои пешбари иқтисодӣ дар арзёбиҳои муқоисашаванда ба таври назаррас пасттар хоҳад буд.

4.Тағйирот дар сохтори синну сол метавонад рушди иқтисодии ба сари аҳолӣ дар кишварҳои дорои даромади паст ва миёнаи поёнро ҳавасманд кунад, аммо ба рушд дар кишварҳои дорои даромади баланд ва миёнаи боло монеъ шавад. Ҳамин тариқ, тағйир додани таркиби синну соли аҳолӣ ба кишварҳои дорои даромади паст имкон медиҳад, ки дивиденди демографиро ба даст оранд ва бо ин васила ҳосилнокии иқтисодӣ, фаъолият ва сатҳи зиндагии онҳоро афзоиш диҳанд.

5. Дар кишварҳои пешрафта, оқибатҳои иқтисодии пиршавии аҳолӣ боз ҳам амиқтар хоҳанд буд, ки дар баробари дигар чизҳо, дар рушди бахши иқтисодӣ, ки ба нигоҳубин ва хизматрасонии иҷтимоӣ барои пиронсолон дар кишварҳои пешрафта нигаронида шудааст, инъикос меёбад; потенсиали он дар тўли 10 соли оянда 20% шуғлро ташкил медиҳад. Дар асл, пиршавии аҳолӣ барои бисёре аз кишварҳои ИА ва ИМА ба як мушкили нави рушди устувор табдил хоҳад ёфт; эҳтимол дорад, ки он ба афзоиши қарзи давлатӣ, афзоиши дороиҳои хусусӣ ва эҳтимолан суръатбахшии танзими сохторӣ бо сабаби коҳиш ёфтани ҳиссаи аҳолии қобили меҳнат ва зарурати нигоҳ доштани ҳосилнокии меҳнат бо қувваи кории камтар оварда расонад.

Аён аст, ки тағйирот дар миқдор ва сохтори аҳолӣ, афзоиши давомнокии умр дар кишварҳои пешрафта ва афзоиши ҳиссаи аҳолии қобили меҳнат дар кишварҳои рў ба инкишоф на танҳо барои иқтисодиёти миллӣ, балки барои иқтисоди ҷаҳонӣ низ оқибатҳои амиқ хоҳанд дошт. Ин тамоюлҳо дар сатҳи минтақавӣ низ инъикос меёбанд.

Биёед робитаи байни рушди иқтисодӣ ва аҳолиро бо истифода аз фурсат баррасӣ кунем. Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ҷойгиршавии мусоиди фазоӣ ва шароити мусоиди табиӣ ва иқлимӣ тавсиф мешавад.

Тибқи иттилои АОНПҶТ, маҷмуи маҳсулоти дохилӣ (ММД) аз соли 2018 то 2024 солона 2,1 маротиба афзоиш ёфтааст. Дар ин муддат аҳолии ҷумҳурӣ аз 9126,6 соли 2018 ба 10508,5 нафар дар соли 2024, яъне 15,1 % афзудааст.

Ҷадвали 2. Вазъи иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва демографӣ

	2018	2019	2020	2021	2022	2023	2024	2024/2018, бо %
Аҳолӣ	9126,6	9313,8	9716,8	9886,8	10078,4	10288,3	10508,5	115,14
ММД:								
Ҳамагӣ, млн.сомонӣ	71059,2	7909,8	83958,3	101076,3	118181,7	132781,9	153402,2	215,8
Ба ҳар сари аҳолӣ, сомонӣ	7870,2	8580,1	8922,2	10312,0	11838,8	13039,2	14752,5	187,4
Сармоягузорӣ:								
Сармоягузории асосӣ (бо нархҳои ҷорӣ), миллион сомони	13361,0	12517,8	11775,5	15124,9	16655,2	20699,8	23042,3	172,4
Корхона:								
Шумораи корхонаҳо ва ташкилотҳо (дар охири сол; мувофиқи маълумоти бақайдгирии давлатӣ)	43252	46465	47639	48625	52134	55636	57841	133,7
Меҳнат:								
Шумораи бекорон, ҳазор нафар	52	51	51	55	55	49	49	94,2
Сатҳи бекорӣ, фоиз	2,1	2,0	2,1	2,1	2,1	1,9	1,8	84,7
Сатҳи зиндагӣ:								
Даромади пулии ба ҳар сари аҳолӣ (дар як моҳ), сомонӣ.	41083,9	47986	65347,0	80508,3	95124,7	120715,1	146496,6	356,5
Музди миёнаи моҳонаи номиналии ҷамъшудаи кормандони ташкилотҳо, сомони.	1233,82	1335,52	1393,78	1540,84	1760,29	2013,11	2310,21	187,2
Маблағи миёнаи нафақаҳои таъиншуда, сомонӣ	309,94	303,21	320,90	321,35	323,73	370,61	461,40	148,8

Сарчашма: ҳисоби муаллифон дар асоси АОНПҶТ, 2025. - с. 10-13.

Аз маълумотҳои оморӣ бармеояд, ки ММД ба сари аҳолӣ 187,4 % -ро ташкил медиҳад, ки аз сатҳи рушди иқтисодиёт гувоҳӣ медиҳад. Дар ин давра сармоягузорӣ 172,4%, шумораи корхонаҳо 133,7 % афзуда шумораи бекорон ва сатҳи бекорӣ паст шудааст. Ҳамзамон нишондиҳандаҳо аз болоравии сатҳи зиндагӣ дарак медиҳанд, яъне дар давраи таҳлилӣ даромади пулии аҳолӣ 3,5 маротиб, музди миёна 1,8 маротиб ва ҳаҷми нафақа 1,4 маротиб афзудааст.

Бояд қайд намуд, ки нишондиҳандаҳои демографӣ дар маҷмӯъ дар сатҳи рушд қарор доранд. Тавре ки дар боло зикр намудем суръати афзоигши аҳолӣ мушоҳида мегардад. Таносубан дар як сатҳ қарор доранд шумораи мардон (115,16) ва занон (115,1). Танҳо шумораи таваллуд ва фавтидагон каме пасттар аст. Дар ин давраи таҳлилшаванда афзоиши табии аҳолӣ ва давомнокии миёнаи умр мушоҳида мешавад. Дар умум вазъи демографиро мусбӣ арзёбӣ намудан мумкин аст.

Ҷадвали 3. Нишондиҳандаҳои интихобшудаи демографӣ

	2018	2019	2020	2021	2022	2023	2024	2024/2018
Аҳолӣ								
Шумораи аҳолӣ (дар охири сол), ҳазор нафар	9126,6	9313,8	9716,8	9886,8	10078,4	10288,3	10508,5	115,14
Аз ҷумла:								
мардон	4627,3	4724,1	4929,6	5016,8	5117,3	5215,4	5328,9	115,16
занон	4499,3	4589,7	4787,2	4870,0	4961,1	5072,9	5179,6	115,1
Аз шумораи умумии аҳолӣ - аҳолии қобили меҳнат, ҳазор нафар	5473,9	5567,4	5601,7	5703,3	5804,7	5918,8	6045,1	110,43
Шумораи таваллудҳо ба 1000 нафар	25,6	25,4	25,8	22,1	23,2	24,6	25,2	98,43
Шумораи фавтидагон ба 1000 нафар	4,0	3,6	3,6	4,5	4,0	3,1	3,2	80,0
Афзоиши табиӣ, коҳиш (-) ба 1000 нафар	22,0	21,8	21,3	18,1	20,1	21,4	22,0	100,0
Давомнокии миёнаи умр ҳангоми таваллуд, сол	75,0	75,1			76,3	76,5	76,6	102,1
Ҳамаи аҳолӣ								
мардон	73,3	73,5			74,7	75,2	75,3	102,7
занон	76,9	76,8			77,9	78,2	78,4	101,9

Сарчашма: ҳисоби муаллифон дар асоси АОНПҶТ, 2025. - с. 16-17.

Дар асоси таҳлили вазъи демографӣ ва равандҳои рақамикунонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (то аввали соли 2026), **хулосаҳои зеринро** баровардан мумкин аст:

Дивидендҳо ва мушкилоти демографӣ: Тоҷикистон бо суръати баланди афзоиши аҳолӣ тавсиф мешавад ва қариб 11 миллион нафарро ташкил медиҳад. Ин пойгоҳи назарраси ҷавононро ба вуҷуд меорад, ки бо равиши дуруст метавонад ба омили рушди иқтисодӣ табдил ёбад. Аммо, ин инчунин таъсиси миллионҳо ҷойҳои кориро талаб мекунад, ки рақамикуниро на танҳо масъалаи навсозӣ, балки зарурати воқеӣ мегардонад. Дар ин маврид ҷавонон ҳамчун нерӯи созанда нақши муассир доранд.

Дар шароити ҷаҳонишавӣ маҳз нерӯи тавоно ва сармояи инсонӣ рақобатпазир буда метавонад. Маҳз ҷавонон бояд пайваста дар пайи омӯзиш, сайқалдиҳӣ, рушди тафаккури зеҳнӣ, фарҳанги технологӣ ва равандҳои рақамисозӣ таъсиргузор бошанд.

Рақамикунонии фаъол: Солҳои 2025–2030 дар кишвар солҳои иқтисоди рақамӣ ва рушди инноватсия эълон шудаанд. Технологияҳои рақамӣ дар бахши молиявӣ, минтақаҳои озоди иқтисодӣ (МОИ) ва хидматрасониҳои давлатӣ фаъолона татбиқ карда мешаванд. Дар ин асос ҷаҳони муосирро наметавон бе муҳиту фазои иттилоотӣ, инноватсионӣ, зеҳни сунъӣ, рақамикунонӣ, прогреси илмию техтикӣ ва ҳамгироиҳо тасаввур кард.

Тафовути рақамӣ: Бо вуҷуди пешрафт (тақрибан 4 миллион корбари интернет то соли 2022), фосила дар дастрасӣ ба технология, махсусан дар деҳот, ки аксарияти аҳолӣ дар он ҷо зиндагӣ мекунанд, боқӣ мемонад. Рақамикунонии муваффақ сармоягузориро ба инфрасохтор, махсусан бо назардошти манзараи кӯҳистонӣ (93% кишвар), талаб мекунад. Ин раванд дар тамоми соҳаҳои фаъолият ногузир аст ва дар ташаккули фарҳанги технологиву рақамӣ кулли мардум бояд доир ба таҳаввулоти тафаккури худ устувор бошанд.

Саводнокии рақамӣ: Яке аз мушкилоти асосӣ баланд бардоштани саводнокии рақамии аҳолӣ барои таъмини фаҳмиш ва истифодаи самараноки абзорҳои нави рақамӣ, на танҳо дастрасии онҳо боқӣ мемонад. Дар ин ҷо, истифодаи технологияи рақамӣ бояд ҳадафмандона сурат гирад.

Компютер, технология, телефонҳои мобилӣ ва платформаҳои рақамӣ на барои вақткушӣ, бозиву кинову хобу хаёл, балки барои тиҷорат, бизнес, эҷоду ихтироъ, барномасозиву лоиҳакашӣ, яъне барои рушди мафкураи инсону зиндагии шоиста равона гардад.

АДАБИЁТ:

1. Амонова, Д.С. Проблемы обеспечения продуктивной занятости населения Республики Таджикистан в контексте интеграционных процессов в Евразии / Д.С. Амонова // Труд и социальные отношения. – 2024. – Т. 35, № 3. – С. 5-12.
2. Бабаджанов, Р.М. Человеческий капитал и инновационные подходы к измерению его использования/Р.М. Бабаджанов//Экономика Таджикистана. – Душанбе, 2019. - № 4. - С. 36-43
3. Ганиев Т.Б. Повышение эффективности управления формированием устойчивого человеческого развития и создание профессиональных рабочих мест // Вестник ТНУ. Серия: социально-экономических и общественных наук. - Душанбе, 2017. - №2/5-1. - С.30-35.
4. Дустбоев Ш. Бедность и пути его преодоления. -Душанбе, 2000 г.
5. Демографические процессы в условиях инновационного развития Республики Таджикистан//Под общей редакции кандидата экономических наук Кодирова Ш.Ш. – Душанбе «Дониш» 2024. – С. 260
6. Джурахонзода Саодат Джурахон Совершенствование механизмов регулирования рынка труда в Республике Таджикистан (на материалах службы занятости населения) иссертация на соискание учѐной степени кандидата экономических наук по специальности 08.00.12 - Экономика труда, Душанбе, 2024, 183с.
7. Кадыров Д.Б. Формирование и механизм регулирования доходов населения в системе факторов роста благосостояния: специальность 08.00.01 "Экономическая теория": диссертация на соискание ученой степени доктора экономических наук / Кадыров Дилловар Бахридинович. – Воронеж, 2003. – 318 с.
8. Кадырова З.Х. Принципы и формы взаимодействия системы высшего образования и рынка труда // Проблемы и перспективы развития экономики, управления и кооперации. Материалы научно-практической конференции профессорско- преподавательского состава, сотрудников, докторантов и аспирантов вузов по итогам научно-исследовательской работы 2015 году. (8-9 февраля 2016 года). Часть 2. – Ярославль – Москва: Издательство «Канцлер», 2016. – с.240-244 (с.136-идиссертация)
9. Комилов С.Ҷ. Рушди нерӯи инноватсионӣ дар шароити саноатикунонӣ // Тоҷикистон: иқтисод ва идора. - Душанбе, 2020. - С.29-34.
10. Мирзоалиев, А.А. Масоили муҳоҷирати меҳнатӣ ва рушди бозори меҳнат / А.А. Мирзоалиев, Ш.Р. Кабиров // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. - Душанбе, 2023. - №о. 4-2(44). - С.219-224.
11. Мирзоалиев, А.А. Рушди иқтидори кадрӣ дар иқтисодиёти рақамӣ / А.А. Мирзоалиев, П.И. Холиқова // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. - Душанбе, 2023. – No. 4-1(43). – P. 279-283.
12. Мирзоалиев, А.А. Идоракунии рушди иқтидори кадрии савдои чакана дар шароити рақамикунонӣ: Монография - Душанбе: Матбаи «Бебок», 2025 - 368 с.
13. Монография: *Рынок труда и система подготовки кадров при переходе к цифровой экономике* / Д.Б. Кодирзода, И.С. Шамсов. - Душанбе: Ирфон, 2021. -. 248 с.
14. Мирсаидов А.Б. – Таъминоти институсионалии истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолӣ дар бахши воқеии иқтисодиёти минтақа – «Дониш» – Душанбе- 2024. 200 (с. 133-и диссертация)
15. Нурмахмадов, М.Н. Рыночная экономика: проблемы организации труда/ М. Нурмахмадов; Науч. ред. Н.А. Иванов, Ю.Г. Одегов; ТГУ им. В.И. Ленина. - Душанбе: Дониш, 1991. - 140.

16. Омори олонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Агентии Омори Назди Президети Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2025, 442 с
17. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ16-уми декабри соли 2025
18. Раджабов Р.К. Основные направления развития рынка труда и продуктивной занятости населения Республики Таджикистан. [Текст] / Р.К.Раджабов // Республиканская научно-практическая конференция «Актуальные проблемы экономики труда и управления персоналом». – Душанбе: «ТГУК», 2023. -9-12 (с. 69- и диссертация)
19. Саидмуродзода Л.Х., Хамидова С.Х. К вопросу о роли компетентности и компетенций в формировании человеческого капитала // Ученые записки Худжандского государственного университета им. академика Б. Гафурова. Серия: Естественные и экономические науки. - 2023. - Т. 61. № 2. - С.160-166.
20. Тӯра Раббим Ризозода и Ш.А. Эшматова «К исследованию развития цифровизации и рынка труда в национальной экономике Таджикистана», «Вестнике ТГУПБП», серия общественных наук, 2025 г. № 4),
21. Ҷонмамадов, Ш.Б. Асосҳои назариявии шуғли пурмаҳсул дар бозори меҳнат / Ш.Б. Ҷонмамадов, Н.Н. Назарзода // Паёми молия ва иқтисод. - 2021. - № 4(28). - С. 65-72. –188Х 2663-0389
22. Экономике Германии нужно, чтобы мигрантов было еще больше. Демоскоп Weekly. [Электронный ресурс]. URL: http://www.demoscope.ru/weekly/2022/0963/gazeta05.php (дата обр ащения: 21.09.2022).
23. Christensen P., Gillingham K., Nordhaus W. Uncertainty in Forecasts of Long-Run Econom ic Growth // Proceedings of the National Academy of Sciences. – 2018. – № 21. – p. 5409-5414. – doi: 10.1073/pnas.1713628115.
24. Eggertsson G.B., Lancaster M.I., Summers L.H. Aging, Output Per Capita, and Secular Stag nation // AER: Insights. – 2019. – № 3. – p. 325-342. – doi: 10.1257/aeri.20180383.
25. Mason A., Lee R. Six Ways Population Change Will Affect the Global Economy // Populati on and Development Review. – 2022. – № 1. – p. 51-73.

УДК: 338.45:658.012.2

ВАЗЪИ КУНУНИИ АФЗАЛИЯТҲОИ ИДОРАКУНИИ ЛОИҲАҲОИ САРМОЯГУЗОРӢ ДАР БАХШИ САНОАТИ КОРКАРДИ МАҲСУЛОТҲОИ КИШОВАРЗӢ

МАҲМАДОВ ЭҲСОНҶОН АЛИЕВИЧ
Ассистенти кафедраи молияи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон.
Суроға: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14.
Тел.: (+992) 931-30-29- 16. **E-mail:** ehson-19- 98@mail.ru

Аннотатсия. Дар мақолаи мазкур вазъи кунунии афзалиятҳои идоракунии лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар бахши саноати коркарди маҳсулоти кишоварзӣ мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор гирифтааст. Нақши лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар рушди истеҳсолот, баланд бардоштани рақобатпазирии корхонаҳо ва татбиқи технологияҳои инноватсионӣ баррасӣ мешавад. Бояд қайд кард, ки дар шароити иқтисодии муосир самаранокии идоракунии лоиҳаҳои сармоягузорӣ аз омилҳои гуногун, ба монанди банақшагирии стратегӣ, ҷалби сармоя, идоракунии хавфҳо, рақамикунонии равандҳои истеҳсолӣ ва истифодаи захираҳои инсонӣ вобастагии калон дорад. Ҳамзамон мушкилоти асосии соҳаи зикргардида, маҳдудияти сармоягузорӣ, фарсудашавии техника ва норасоии механизмҳои муосири идоракунӣ муайян карда шудаанд. Вобаста ба мушкилотҳои ҷойдошта, самтҳои афзалиятноки такмили идоракунии лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар бахши саноати коркарди маҳсулотҳои кишоварзӣ пешниҳод гардида, аҳамияти татбиқи усулҳои муосири идоракунӣ барои рушди саноати коркарди маҳсулоти кишоварзии кишвар асоснок карда мешавад.

Вожаҳои калидӣ. лоиҳаи сармоягузорӣ, идоракунии лоиҳа, саноати коркард, самаранокии иқтисодӣ, инноватсия, рақобатпазирӣ, рушди саноат, банақшагирии стратегӣ, идоракунии хавфҳо, рақамикунонӣ, сармоягузорӣ, технологияҳои муосир.

ТЕКУЩЕЕ СОСТОЯНИЕ ПРИОРИТЕТОВ УПРАВЛЕНИЯ ИНВЕСТИЦИОННЫМИ ПРОЕКТАМИ В ОТРАСЛИ ПЕРЕРАБОТКИ СЕЛЬСКОХОЗЯЙСТВЕННОЙ ПРОДУКЦИИ

МАХМАДОВ ЭХСОНДЖОН АЛИЕВИЧ
Ассистент кафедры финансов Таджикский государственный финансово - экономический университет. **Адрес:** 734067, Республика Таджикистан, г. Душанбе, улица Нахимова 64/14.
Тел.: (+992) 931-30-29-16. **E-mail:** ehson-19-98@mail.ru

Аннотация. В данной статье анализируется и обсуждается текущее состояние приоритетов управления инвестиционными проектами в агроперерабатывающей промышленности. Рассматривается роль инвестиционных проектов в развитии производства, повышении конкурентоспособности предприятий и внедрении инновационных технологий. Следует отметить, что в современных экономических условиях эффективность управления инвестиционными проектами во многом зависит от различных факторов, таких как стратегическое планирование, привлечение капитала, управление рисками, цифровизация производственных процессов и использование человеческих ресурсов. При этом выявляются основные проблемы указанной отрасли: ограниченные инвестиции, устаревание оборудования и отсутствие современных механизмов управления. В зависимости от существующих проблем предлагаются приоритетные направления совершенствования управления инвестиционными проектами в агроперерабатывающей промышленности и обосновывается важность внедрения современных методов управления для развития агроперерабатывающей промышленности страны.

Ключевые слова: инвестиционный проект, управление проектами, перерабатывающая промышленность, экономическая эффективность, инновации, конкурентоспособность, промышленное развитие, стратегическое планирование, управление рисками, цифровизация, инвестиции, современные технологии.

CURRENT STATUS OF INVESTMENT PROJECT MANAGEMENT PRIORITIES IN THE AGRICULTURAL PROCESSING INDUSTRY

MAHMADOV EHSONJON ALIEVICH
Assistant of the department of finance of the Tajik state university of finance and economics.
Address: 734067, Republic of Tajikistan, c. Dushanbe, Nakhimov street 64/14.
Tel.: (+992) 931-30-29-16. **E-mail:** ehson-19-98@mail.ru

Abstract. This article analyzes and discusses the current status of investment project management priorities in the agro-processing industry. It examines the role of investment projects in production development, increasing enterprise competitiveness, and implementing innovative technologies. It should be noted that in today's economic environment, the effectiveness of investment project management largely depends on various factors, such as strategic planning, capital raising, risk management, digitalization of production processes, and human resource utilization. The article also identifies the key challenges facing the industry: limited investment, obsolete equipment, and a lack of modern management mechanisms. Based on these challenges, it proposes priority areas for improving investment project management in the agro-processing industry and substantiates the importance of implementing modern management methods for the development of the country's agro-processing industry.

Keywords: investment project, project management, processing industry, economic efficiency, innovation, competitiveness, industrial development, strategic planning, risk management, digitalization, investment, modern technologies.

Мубрамии таҳқиқот. Дар шароити ҷаҳонишавии иқтисодиёт ва рушди босуръати технологияҳои муосир, бахши саноати коркарди маҳсулоти кишоварзӣ ҳамчун яке аз самтҳои муҳими рушди иқтисоди миллӣ аҳамияти махсус касб менамояд. Рақобати шадид дар бозорҳои дохилӣ ва хориҷӣ аз корхонаҳои саноатӣ талаб менамояд, ки фаъолияти истеҳсолии худро дар заминаи технологияҳои инноватсионӣ ва усулҳои муосири идоракунӣ ба роҳ монанд. Дар чунин шароит татбиқи самараноки лоиҳаҳои сармоягузорӣ ба омили калидии баланд бардоштани иқтидори истеҳсолӣ, беҳтар намудани сифати маҳсулот ва таъмини рушди устувори иқтисодии кишвар табдил меёбад. Бо вуҷуди ин, дар амалияи идоракунии лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар бахши саноати коркард як қатор мушкилот, аз ҷумла маҳдудияти захираҳои молиявӣ, сатҳи пасти ҷалби сармоя, фарсудашавии воситаҳои асосии истеҳсолӣ, норасоии механизмҳои муосири менеҷмент ва хавфҳои иқтисодӣ ба назар мерасанд. Ин омилҳо ба самаранокии татбиқи лоиҳаҳо таъсири манфӣ расонида, рақобатпазирии корхонаҳоро коҳиш медиҳанд.

Аз ин лиҳоз, таҳқиқи вазъи кунунии афзалиятҳои идоракунии лоиҳаҳои сармоягузорӣ, муайян намудани омилҳои таъсиррасон ва пешниҳоди роҳҳои такмили механизми идоракунӣ дар бахши саноати коркарди маҳсулотҳои кишоварзӣ аҳамияти муҳими илмӣ ва амалӣ дорад.

Асосҳои назариявии таҳқиқот. Асосҳои назариявии таҳқиқоти мазкур ба омӯзиши консепсияҳо, назарияҳо ва равишҳои илмии марбут ба идоракунии лоиҳаҳои сармоягузорӣ, рушди саноати коркарди маҳсулоти кишоварзӣ ва идоракунии муосир такя менамоянд, ки дар раванди таҳқиқот назарияҳои иқтисодӣ оид ба сармоягузорӣ, рушди истеҳсолот ва идоракунии стратегӣ ҳамчун заминаи асосии илмӣ истифода гардидаанд.

Масъалаҳои идоракунии лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар осори олимони хориҷӣ ва ватанӣ мавқеи муҳим дошта, онҳо самаранокии истифодаи захираҳо, баҳодиҳии хавфҳо, банақшагирии стратегӣ ва татбиқи технологияҳои инноватсиониро ҳамчун омилҳои асосии рушди истеҳсолот арзёбӣ менамоянд. Дар таҳқиқот инчунин принсипҳои назарияи менеҷменти лоиҳавӣ, идоракунии хавфҳо, таҳлили иқтисодии самаранокӣ ва рақамикунонии равандҳои истеҳсолӣ мавриди истифода қарор гирифтаанд.

Чи хеле ки муҳақиқи ватанӣ Қурбонализода Д.Т. қайд менамояд, ки "...омӯзиши роҳҳои татбиқи лоиҳаҳо тавассути моделҳои муосир яке аз масъалаҳои мубрами таҳқиқоти илмӣ ва амалии замони муосир ба ҳисоб меравад. Ин таҳқиқот ба муайян намудани омилҳо, шароит ва механизмҳои самараноки татбиқи рақамикунонӣ дар сатҳи миллӣ ва соҳавӣ равона шудааст"[3].

Ҳангоми таҳлили масъалаи мазкур консепсияҳои рушди устувори саноат, рақобатпазирии корхонаҳо ва иқтисоди инноватсионӣ ҳамчун пояи назариявӣ ба назар гирифта шудаанд. Татбиқи усулҳои муосири идоракунӣ дар бахши саноати коркард барои таъмини самаранокии лоиҳаҳои сармоягузорӣ, истифодаи оқилонаи захираҳо ва баланд бардоштани иқтидори истеҳсолӣ аҳамияти муҳим дорад.

Мақсади таҳқиқот. Мақсади асосии таҳқиқот аз омӯзиш ва таҳлили вазъи кунунии афзалиятҳои идоракунии лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар бахши саноати коркард, муайян намудани омилҳои таъсиррасон ба самаранокии идоракунӣ ва пешниҳоди роҳҳои такмили механизми идоракунии лоиҳаҳои сармоягузорӣ иборат мебошад. Дар доираи таҳқиқот инчунин масъалаҳои вобаста ба баланд бардоштани самаранокии фаъолияти корхонаҳои саноатӣ, ҷалби сармоягузорӣ, татбиқи технологияҳои инноватсионӣ, идоракунии хавфҳо ва истифодаи усулҳои муосири идоракунӣ мавриди омӯзиш қарор мегиранд. Ҳадафи ниҳоии таҳқиқот таҳияи пешниҳодҳои амалӣ барои рушди устувори бахши саноати коркарди маҳсулоти кишоварзӣ ва баланд бардоштани рақобатпазирии корхонаҳо мебошад.

Фарзияи таҳқиқот. Фарзияи асосии таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки самаранокии идоракунии лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар бахши саноати коркарди маҳсулоти кишоварзӣ дар сурати истифодаи усулҳои муосири идоракунӣ, банақшагирии стратегӣ, рақамикунонии равандҳои истеҳсолӣ ва идоракунии самараноки хавфҳо ба таври назаррас баланд мегардад.

Усулҳои таҳқиқот. Дар раванди таҳқиқот маҷмӯи усулҳои илмӣ ва иқтисодӣ истифода гардидаанд, ки барои омӯзиши ҳамаҷонибаи масъала мусоидат менамоянд. Аз ҷумла, усулҳои таҳлил ва муқоисаи илмӣ барои омӯзиши вазъи кунунии идоракунии лоиҳаҳои сармоягузорӣ истифода шуданд. Ҳамчунин усулҳои оморӣ ва иқтисодӣ барои таҳлили нишондиҳандаҳои фаъолияти корхонаҳои саноати коркард, баҳодиҳии самаранокии лоиҳаҳои сармоягузорӣ ва муайян намудани омилҳои таъсиррасон татбиқ гардиданд. Усули таҳлили системавӣ барои муайян кардани робитаи байни унсурҳои идоракунӣ ва рушди истеҳсолот истифода шуда, усули мантиқӣ барои ҷамъбаст ва хулосабарорӣ хизмат намуд. Илова бар ин, дар таҳқиқот усулҳои банақшагирии стратегӣ, баҳодиҳии хавфҳо ва таҳлили самаранокии иқтисодӣ ҳамчун воситаҳои муҳими омӯзиши масъала истифода гардиданд.

Таҳлили адабиёт ва гузориши масъала. Масъалаҳои идоракунии лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар бахши саноати коркарди маҳсулоти кишоварзӣ дар корҳои илмии олимони хориҷӣ ва ватанӣ мавқеи муҳим доранд. Дар адабиёти иқтисодӣ масъалаҳои вобаста ба ҷалби сармоягузорӣ, самаранокии идоракунии лоиҳаҳо, рушди истеҳсолот ва татбиқи технологияҳои инноватсионӣ васеъ мавриди омӯзиш қарор гирифтаанд.

Олимон идоракунии самараноки лоиҳаҳои сармоягузориро ҳамчун омили муҳими рушди саноат ва баланд бардоштани рақобатпазирии иқтисодиёт арзёбӣ менамоянд. Дар таҳқиқотҳои муосир диққати асосӣ ба масъалаҳои банақшагирии стратегӣ, идоракунии хавфҳо, рақамикунонии равандҳои истеҳсолӣ ва истифодаи технологияҳои рақамӣ равона гардидааст.

Муҳтавои асосӣ. Дар шароити муосири рушди иқтисодиёт бахши саноати коркарди маҳсулоти кишоварзӣ ҳамчун яке аз самтҳои муҳими таъминкунандаи рушди устувори иқтисодӣ ва баланд бардоштани иқтидори истеҳсолии кишвар нақши калидӣ дорад, чунки рушди ин соҳа ба сатҳи самаранокии идоракунии лоиҳаҳои сармоягузорӣ вобастагии мустақим дошта, татбиқи дурусти чунин лоиҳаҳо метавонад ба навсозии истеҳсолот, таъсиси ҷойҳои нави корӣ ва афзоиши рақобатпазирии маҳсулоти ватанӣ мусоидат намояд.

Дар солҳои охир талабот ба ҷорӣ намудани технологияҳои муосир ва истифодаи усулҳои инноватсионии идоракунӣ дар корхонаҳои саноати коркард афзоиш ёфтааст. Ин раванд зарурати ҷалби сармоягузорӣ ва татбиқи лоиҳаҳои самараноки истеҳсолиро ба миён овардааст. Дар чунин шароит идоракунии дурусти лоиҳаҳои сармоягузорӣ яке аз омилҳои асосии рушди корхонаҳо ба ҳисоб меравад.

Таҳлил нишон медиҳад, ки самаранокии идоракунии лоиҳаҳои сармоягузорӣ пеш аз ҳама ба банақшагирии стратегӣ вобаста мебошад. Банақшагирии самаранок имконият медиҳад, ки ҳадафҳои лоиҳа дуруст муайян гардида, захираҳои молиявӣ ва истеҳсолӣ самаранок истифода шаванд. Дар баробари ин, муайян намудани хавфҳои эҳтимолӣ ва таҳияи механизмҳои коҳиш додани онҳо барои муваффақияти татбиқи лоиҳа аҳамияти муҳим дорад.

Яке аз афзалиятҳои муҳими идоракунии лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар бахши саноати коркард рақамикунонии равандҳои истеҳсолӣ мебошад. Истифодаи технологияҳои рақамӣ ба корхонаҳо имкон медиҳад, ки хароҷоти истеҳсолиро коҳиш дода, сифати маҳсулотро беҳтар намоянд ва рақобатпазирии худро дар бозор баланд бардоранд. Ҳамзамон ҷорӣ намудани системаҳои автоматикунонидашуда ба баланд гардидани самаранокии идоракунӣ мусоидат мекунад.

Таҳқиқот нишон медиҳад, ки дар фаъолияти корхонаҳои са саноати коркарди маҳсулоти кишоварзӣ як қатор мушкилот мавҷуданд. Аз ҷумла, маҳдуд будани захираҳои молиявӣ, паст будани сатҳи ҷалби сармоягузории хориҷӣ, фарсудашавии техника ва технологияҳо, инчунин норасоии мутахассисони баландихтисос ба рушди соҳа таъсири манфӣ мерасонанд. Ин омилҳо боиси коҳиш ёфтани самаранокии лоиҳаҳои сармоягузорӣ ва паст гардидани рақобатпазирии корхонаҳо мегарданд.

Дар чунин шароит такмили механизми идоракунии лоиҳаҳои сармоягузорӣ аҳамияти аввалиндараҷа пайдо мекунад, зеро барои баланд бардоштани самаранокии идоракунӣ зарур аст, ки усулҳои муосири идоракунӣ, технологияҳои рақамӣ ва таҷрибаи пешқадами байналмилалӣ васеъ истифода карда шаванд, инчунин, беҳтар намудани муҳити сармоягузорӣ, дастгирии давлатии корхонаҳои истеҳсолӣ ва рушди инфрасохтори саноатӣ метавонад ба ҷалби сармоя ва рушди соҳа мусоидат намояд.

Бо мақсади таҳлили вазъи кунунии афзалиятҳои идоракунии лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар бахши саноати коркард, самтҳои асосии таъсиррасон, мушкилот ва натиҷаҳои интизоршаванда дар ҷадвали 1 ҷамъбаст ва тавсиф карда шудаанд. Ҷадвал имкон медиҳад, ки омилҳои муҳими рушди соҳа ва роҳҳои баланд бардоштани самаранокии идоракунии лоиҳаҳои сармоягузорӣ ба таври муназзам нишон дода шаванд.

Ҷадвали 1. Тавсифи афзалиятҳо ва мушкилоти идоракунии лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар бахши саноати коркард

№	Самтҳои асосӣ	Тавсиф	Натиҷаи интизоршаванда
1	Банақшагирии стратегӣ	Муайян намудани ҳадафҳо, захираҳо ва марҳилаҳои татбиқи лоиҳа	Баланд гардидани самаранокии идоракунӣ
2	Ҷалби сармоягузорӣ	Ҷалби сармояи дохилӣ ва хориҷӣ барои рушди истеҳсолот	Васеъ гардидани иқтидори истеҳсолӣ
3	Идоракунии хавфҳо	Пешгирӣ ва коҳиш додани хавфҳои молиявӣ ва иқтисодӣ	Кам шудани талафот ва хавфҳо
4	Рақамикунонии истеҳсолот	Истифодаи технологияҳои рақамӣ ва автоматикунонӣ	Баланд шудани сифати маҳсулот ва маҳсулнокӣ
5	Технологияҳои инноватсионӣ	Ҷорӣ намудани таҷҳизот ва технологияҳои муосир	Афзоиши рақобатпазирии корхонаҳо
6	Захираҳои инсонӣ	Омодасозӣ ва баланд бардоштани малакаи мутахассисон	Беҳтар гардидани сифати идоракунӣ
7	Дастгирии давлатӣ	Имтиёзҳо, маблағгузорӣ ва дастгирии барномаҳои саноатӣ	Рушди устувори бахши саноати коркард
8	Мушкилоти молиявӣ	Норасоии сармоя ва маҳдудияти маблағгузорӣ	Коҳиши имконияти татбиқи лоиҳаҳо
9	Фарсудашавии техника	Кӯҳнашавии таҷҳизот ва технологияҳои истеҳсолӣ	Паст шудани самаранокии истеҳсолот
10	Такмили идоракунӣ	Татбиқи усулҳои муосири идоракунӣ	Баланд шудани самаранокии фаъолияти корхонаҳо

Сарчашма: коркарди муаллиф.

Таҳлили ҷадвали пешниҳодшуда нишон медиҳад, ки идоракунии лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар бахши саноати коркард як низоми мураккаб ва бисёрҷанба мебошад, ки аз омилҳои гуногуни иқтисодӣ, ташкилӣ ва технологӣ вобастагӣ дорад. Ҳар як самти овардашуда дар ҷадвал ба рушди самаранокии истеҳсолот ва баланд бардоштани рақобатпазирии корхонаҳо таъсири мустақим мерасонад.

Аз ҷиҳати мусбат, банақшагирии стратегӣ, ҷалби сармоягузорӣ ва татбиқи технологияҳои инноватсионӣ ҳамчун омилҳои калидии рушди соҳа баромад мекунанд. Ин омилҳо имконият медиҳанд, ки корхонаҳо захираҳои худро самаранок истифода бурда, иқтидори истеҳсолиро васеъ намоянд ва сифати маҳсулотро баланд бардоранд. Ҳамчунин рақамикунонии истеҳсолот ва такмили усулҳои идоракунӣ ба беҳтар шудани равандҳои дохилии корхонаҳо мусоидат мекунанд.

Дар баробари ин, ҷадвал мушкилоти ҷиддии мавҷударо низ нишон медиҳад. Маҳдудияти сармоягузорӣ ва фарсудашавии техника аз ҷумла омилҳое мебошанд, ки ба рушди босуръати

соҳа монеа эҷод мекунанд. Ин мушкилот боиси паст шудани самаранокии истеҳсолот ва маҳдуд гардидани имкониятҳои татбиқи лоиҳаҳои нав мегарданд.

Натиҷаи таҳлил собит менамояд, ки байни омилҳои мусбат ва манфӣ робитаи мустақим вуҷуд дорад. Яъне, дар ҳолати такмил додани банақшагирӣ, ҷалби сармоя ва навсозии технологияҳо метавон ба коҳиши таъсири мушкилот ва баланд бардоштани самаранокии умумии соҳа ноил гардид.

Барои таҳлили амиқтари тамоюлҳои рушди саноати коркард дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2020-2024, нишондиҳандаҳои асосии иқтисодии соҳа дар шакли график оварда шудаанд. Ин маълумот имконият медиҳад, ки динамикаи тағйирёбии ҳаҷми истеҳсолот, ҳиссаи соҳаи саноати коркард дар таркиби умумии соҳаи саноат, шумораи корхонаҳо ва ҳаҷми сармоягузориҳо ба таври муқоисавӣ ва бо рақамҳо арзёбӣ карда шавад.

Расми 1. Ҳиссаи соҳаи саноати коркард дар бахши иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон



Сарчашма: коркарди муаллиф дар асоси маълумотҳои Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон 2025.

Таҳлили графики пешниҳодшуда нишон медиҳад, ки дар давраи солҳои 2020-2024 рушди саноати коркард дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тамоюли умумии афзоиш дошта, вале дар баъзе нишондиҳандаҳо тағйирёбии нобаробар мушоҳида мегардад. Нахуст, ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноати коркард аз 19054 млн сомонӣ дар соли 2020 ба 30283 млн сомонӣ дар соли 2024 расидааст. Ин нишон медиҳад, ки дар давоми панҷ сол афзоиши зиёда аз 11,2 млрд сомонӣ ба қайд гирифта шудааст, ки ба васеъшавии иқтидори истеҳсолӣ ва фаъол гардидани корхонаҳои нав алоқаманд мебошад.

Ҳиссаи соҳаи саноати коркард дар таркиби умумии соҳаи саноат аз 57,5% дар соли 2021 ба 56,2% дар соли 2024 тағйир ёфтааст. Гарчанде дар соли 2022 ин нишондиҳанда ба 61,6% расида буд, вале баъдан каме коҳиш ёфтааст, ки нишон медиҳад саҳми соҳа нисбатан устувор, вале пурра якхела нест.

Шумораи корхонаҳои фаъол дар соҳаи саноати коркард низ тамоюли афзоиш дорад: аз 1846 адад дар соли 2020 ба 3241 адад дар соли 2024 расидааст. Ин афзоиши зиёда аз 1395 корхона дар панҷ солро ташкил медиҳад, ки аз беҳтар шудани муҳити соҳибкорӣ ва афзоиши ҷалби сармоягузорӣ шаҳодат медиҳад.

Дар баробари ин, ҳаҷми сармоягузорӣ ба соҳаи саноати коркард тағйирёбанда мебошад: аз 34 ҳазор доллар дар соли 2024 (бо нишондиҳандаи пасттарин дар график) то сатҳҳои баландтар дар солҳои пешин (масалан, 2954 ҳазор доллар дар соли 2023 ва 2318 ҳазор доллар дар соли 2022). Ин нишон медиҳад, ки сармоягузорӣ ба соҳа устувор нест ва ба омилҳои беруна ва дохилӣ вобастагии баланд дорад.

Дар маҷмӯъ, таҳлил собит месозад, ки саноати коркард дар кишвар дар ҳоли рушд қарор дорад, вале ноустувории сармоягузорӣ ва тағйирёбии ҳиссаи соҳа дар таркиби умумии саноат нишон медиҳад, ки зарурати такмили идоракунии лоиҳаҳои сармоягузорӣ ва ҷалби сармояи устувор ба миён омадааст. Идоракунии самараноки лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар бахши саноати коркард як қатор афзалиятҳои муҳим дорад, ки ба рушди устувори корхонаҳо ва баланд бардоштани нишондиҳандаҳои иқтисодӣ мусоидат менамояд.

Муҳақиқи ватанӣ Қурбонзода О.Р. доир ба самаранокии лоиҳаҳои сармоягузорӣ назар кардааст, ки он чунин мегуяд "..пеш аз татбиқи лоиҳаи сармоягузорӣ зарурати арзёбии самаранокии он ба миён меояд. Арзёбии самаранокии лоиҳаи сармоягузорӣ имкон медиҳад, ки сатҳи ҷолибиятнокии лоиҳаи сармоягузорӣ барои иштирокчиёни лоиҳа, аз ҷумла сармоягузорони хориҷӣ (шарикони рушд) муайян карда шавад"[4]. Яке аз афзалиятҳои асосӣ ин баланд бардоштани самаранокии истифодаи захираҳои молиявӣ ва моддӣ мебошад. Тавассути банақшагирии дақиқ ва назорати марҳилаҳои лоиҳа имконият фароҳам меояд, ки маблағҳо бе талафот ва бо натиҷаи бештар самаранок истифода шаванд.

Афзалияти дигар ба беҳтар шудани раванди банақшагирии стратегӣ марбут аст. Идоракунии лоиҳаҳо имкон медиҳад, ки ҳадафҳои дарозмуддати корхона муайян шуда, самтҳои афзалиятноки рушд интихоб гарданд. Ин ҳолат ба устувории рушди истеҳсолот мусоидат мекунад. Инчунин, идоракунии лоиҳаҳои сармоягузорӣ ба коҳиши хавфҳои иқтисодӣ ва молиявӣ мусоидат менамояд. Бо истифодаи усулҳои таҳлили хавфҳо, имконияти пешгирии хатарҳо ва кам кардани таъсири манфии онҳо ба натиҷаи лоиҳа зиёд мегардад.

Афзалияти муҳим дигар ҷалби самараноки сармоягузорӣ мебошад. Идоракунии дуруст муҳити мусоид барои сармоягузорон фароҳам оварда, эътимод ба лоиҳаҳоро зиёд мекунад ва имконияти ҷалби сармояи дохилӣ ва хориҷиро васеъ менамояд.

Идоракунии лоиҳаҳои сармоягузории саноати коркарди маҳсулотҳои кишоварзӣ дар шароити имрӯза ҳамчун қисми муҳими идоракунии стратегӣ фаҳмида мешавад. Он ба интихоби роҳҳои афзалиятноки рушди саноати коркарди маҳсулотҳои кишоварзӣ, ҷалби захираҳои молиявӣ ва истифодаи самараноки онҳо мусоидат хоҳад намуд. Дар ин замина бояд қайд кард, ки бо мақсади ба даст овардани натиҷаҳои мушаххас захираҳои молиявӣ, меҳнатӣ, моддӣ ва иттилоотӣ, бо муҳлати муайян ва буҷети муқарраргардидаи он муттаҳид карда мешаванд [5].

Ҳамзамон, татбиқи усулҳои муосири идоракунӣ ба баланд шудани рақобатпазирии корхонаҳо мусоидат мекунад. Корхонаҳое, ки лоиҳаҳои сармоягузориро самаранок идора мекунанд, метавонанд маҳсулоти босифат истеҳсол намуда, мавқеи худро дар бозор устувор гардонанд.

Хулоса дар натиҷаи таҳқиқот муайян гардид, ки идоракунии лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар бахши саноати коркард яке аз омилҳои асосии рушди устувори иқтисоди миллӣ ба ҳисоб меравад. Татбиқи самараноки лоиҳаҳои сармоягузорӣ ба афзоиши ҳаҷми истеҳсолот, васеъшавии иқтидори корхонаҳо ва баланд гардидани рақобатпазирии маҳсулоти ватанӣ мусоидат менамояд. Таҳлили нишондиҳандаҳо нишон дод, ки дар давраи солҳои 2020-2024 соҳаи саноати коркард тамоюли умумии рушд дошта бошад ҳам, дар баъзе самтҳо, махсусан дар ҷалби сармоягузорӣ ва устувории он, нобаробарӣ ва тағйирёбии муайян ба назар мерасад. Ин ҳолат аз мавҷудияти як қатор мушкилот, аз ҷумла маҳдудияти захираҳои молиявӣ, фарсудашавии техника ва норасоии механизмҳои муосири идоракунӣ шаҳодат медиҳад.

Ҳамзамон собит гардид, ки истифодаи усулҳои муосири идоракунӣ, банақшагирии стратегӣ, рақамикунонии равандҳои истеҳсолӣ ва идоракунии самараноки хавфҳо метавонад ба баланд шудани самаранокии лоиҳаҳои сармоягузорӣ ва беҳтар шудани муҳити сармоягузорӣ мусоидат намояд. Дар маҷмӯъ, барои таъмини рушди устувори саноати коркард зарурати такмили идоракунии лоиҳаҳои сармоягузорӣ, ҷалби сармояи дохилӣ ва хориҷӣ, навсозии базаи техникӣ ва татбиқи технологияҳои инноватсионӣ ба миён меояд.

АДАБИЁТ:

1. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 марти соли 2018, №161 «Дар бораи Тартиби таҳияи лоиҳаҳои давлатиии сармоягузорӣ ва амалӣ намудани Барномаҳои сармоягузориҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон».
2. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 декабри соли 2015, № 772 дар бораи «Барномаи давлатии сармоягузориҳо барои солҳои 2016–2020».
3. Қурбонализода, Д. Роҳҳои татбиқи лоиҳаҳои рақамикунонӣ дар соҳаҳои иҷтимоӣ тавассути моделҳои муосир / Д. Қурбонализода // Кишоварз. – 2025. – Vol. 109, No. 4. – P. 363-368. – EDN UJTOSU.
4. Қурбонзода, О.Р. Арзёбии самаранокии лоиҳаҳои сармоягузорӣ / О. Р. Қурбонзода // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – 2023. – No. 4-2(50). – EDN DPFDVF.
5. Маҳмадов, Э.А. Ҷанбаҳои назариявии идоракунии лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар бахши саноати коркарди маҳсулотҳои кишоварзӣ / Э. А. Маҳмадов, З. М. Зиёев // Паёми молия ва иқтисод. – 2025. – No. 4 (47). – С. 243-249.
6. Нурализода, А.Н. Асосҳои назариявии рушди иқтисоди рақамӣ дар минтақаҳо: назарияҳо, таҳлилҳо ва пешниҳодҳо / А. Н. Нурализода, Д. Т. Қурбонализода // Паёми молия ва иқтисод. – 2023. – No. 1(35). – P. 153-165. – EDN HTZKQN.
7. Odinaev, E.C. Ways of implementing digitalization projects in social areas in the conditions of the Republic of Tajikistan / E.S. Odinaev, D.T. Qurbonalizoda // Recent scientific investigation : Proceedings of LXXVIII International Multidisciplinary Conference. – Shawnee, USA: Internauka, LLC, 2026. – P. 180-182. – EDN CJEKML.
8. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон “Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон”, 16.12.2025.
9. Саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон. Маҷмуаи оморӣ. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2024. – 89 с.
10. Qurbonalizoda, D.T. The importance of digitalization in the development of social projects / D.T. Qurbonalizoda, B.D. Azizkulov // Интернаука. – 2026. – No. 5-3(416). – P. 41-42. – EDN HAPWXP.

УДК: 005.96:005.591.6 (575.3)

САҲМИ ОЛИМОНИ ВАТАНӢ ДАР ТАҲҚИҚ ВА ИНКИШОФИ НАЗАРИЯИ САРМОЯИ ИНСОНӢ

МИРЗОЕВА МЕҲРБОНУ УМАРОВНА
Номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи идораи молияи Донишкадаи политехникии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ дар шаҳри Хуҷанд.
Суроға: 735700 ш. Хуҷанд, хиёбони Исмоили Сомонӣ, 226.
Тел.: (+992) +992 (3422) 6-04-54. **E-mail:** bonu.6664@mail.ru

Аннотатсия. Дар мақола равишҳои назариявии олимони тоҷик ба ташаккул, такрористеҳсолкунӣ ва танзими давлатии сармояи инсонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳқиқ шудаанд. Дар асоси таҳлили нашрияҳои илмӣ, нақши муҳити институтсионалӣ, маориф, тандурустӣ ва салоҳиятҳои касбӣ дар беҳтар кардани сифати сармояи инсонӣ омӯхта шудааст. Хусусиятҳои рушди он дар шароити саноатикунонии босуръат, рақамикунонии иқтисодиёт ва талаботи тағйирёбандаи бозори меҳнат баррасӣ шудаанд. Мушкилоти марбут ба номувофиқатии байни омӯзиши кадрҳо ва ниёзҳои корфармоён, муҳоҷирати меҳнатӣ, нобаробарии ҳудудӣ ва рушди нокифояи инфрасохтори иҷтимоӣ, аз ҷумла дар деҳот, систематизатсия карда шудаанд.

Вожаҳои калидӣ: сармояи инсонӣ, танзими давлатӣ, муҳити институтсионалӣ, таҳсилоти касбӣ, рақамикунонӣ, бозори меҳнат, муҳоҷирати меҳнатӣ, рушди инноватсионӣ.

ВКЛАД ОТЕЧЕСТВЕННЫХ УЧЕНЫХ В ИССЛЕДОВАНИИ И РАЗВИТИИ ТЕОРИИ ЧЕЛОВЕЧЕСКОГО КАПИТАЛА

МИРЗОЕВА МЕХРБОНУ УМАРОВНА
Кандидат экономических наук, доцент кафедры управления финансами Политехнического института Таджикского технического университета имени академика М.С. Осими в городе Худжанде.
Адрес: 735700, г. Худжанд, проспект Исмоили Сомони, 226.
Тел.: +992 (3422) 6-04-54. **E-mail:** bonu.6664@mail.ru

Аннотация. В статье обобщены теоретические подходы таджикских учёных к формированию, воспроизводству и государственному регулированию человеческого капитала в Республике Таджикистан. На основе анализа научных публикаций раскрыта роль институциональной среды, образования, здравоохранения и профессиональных компетенций в повышении качества человеческого капитала. Рассмотрены особенности его развития в условиях ускоренной индустриализации, цифровизации экономики и изменения требований рынка труда. Систематизированы проблемы, связанные с несоответствием подготовки кадров потребностям работодателей, трудовой миграцией, территориальным неравенством и недостаточным развитием социальной инфраструктуры, включая сельские территории.

Ключевые слова: человеческий капитал, государственное регулирование, институциональная среда, профессиональное образование, цифровизация, рынок труда, трудовая миграция, инновационное развитие, Республика Таджикистан.

THE CONTRIBUTION OF DOMESTIC SCHOLARS TO THE STUDY AND DEVELOPMENT OF HUMAN CAPITAL THEORY

MIRZOEVA MEHRBONU UMAROVNA
Candidate of Economic Sciences, Associate Professor, Department of Financial Management, Polytechnic Institute of Tajik Technical University named after Academician M.S. Osimi in Khujand.
Address: 735700, Tajikistan, Khujand, Avenue Ismoili Somoni, 226
Tel.: +992 (3422) 6-04-54. **E-mail:** bonu.6664@mail.ru

Abstract. The article synthesizes the theoretical approaches of Tajik scholars to the formation, reproduction, and state regulation of human capital in the Republic of Tajikistan. Based on a review of scientific publications, it examines the role of the institutional environment, education, healthcare, and professional competencies in improving the quality of human capital. The study considers the specific features of human capital development amid accelerated industrialization, economic digitalization, and changing labor market requirements. It systematizes challenges associated with the mismatch between workforce training and employers' needs, labor migration, territorial inequality, and insufficient social infrastructure, including in rural areas.

Keywords: human capital, state regulation, institutional environment, vocational education, digitalization, labor market, labor migration, innovation-driven development, Republic of Tajikistan.

Сарсухан. Таъмини рушди инноватсионии иқтисоди миллӣ татбиқи ҳадафҳои стратегии рушди иқтисодиву иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба сифати сармояи инсонӣ вобаста мебошад. Бинобар ин дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъкид карда шуда буд, ки яке аз самтҳои афзалиятнок дар панҷсолаи минбаъда ҷиҳати пешбурди иқтисоди рақамӣ ин рушди сармояи инсонӣ бо роҳи омӯзиш ва бозомӯзии кадрҳо доир ба технологияҳои иттилоотӣ дар дохил ва хориҷи кишвар ва баланд бардоштани маърифати истифодаи технологияҳои рақамӣ муайян карда шуд. Ҳамзамон Пешвои миллат таъкид намудаанд, ки сифати давлат на ба шумораи аҳолӣ, балки ба сифати аҳолӣ вобаста мебошад. Дар баробари ин, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зикр намуданд, ки «... сармояи инсонӣ ҳамчун муҳаррики пуриқтидор ба пешрафти инноватсия ва технологияҳои нав мусоидат намуда, дар ин замина такмили сифати сармояи инсонӣ дар асоси густариши технологияҳои инноватсионӣ ва рақамӣ аҳамияти мубрам пайдо мекунад» [21].

Вобаста ба ин таҳқиқи асосҳои назариявӣ ва методологии танзими давлатии рушди сармояи инсонӣ аз ҷумлаи масъалаҳои мубрам ва дорои аҳамияти стратегӣ мебошад.

Усули таҳқиқот. Асосҳои методологии тадқиқотро усули таърихӣ-мантиқӣ, таҳлил ва синтез, таҳлили муқоисавӣ, равиши системавӣ ва таҳлили мундариҷаи нашрияҳои илмӣ ташкил доданд. Истифодаи онҳо имкон дод, ки рушди ғояҳои олимони ватаниро дар бораи сармояи инсонӣ пайгирӣ кунем, равишҳои тадқиқотиро муқоиса кунем ва саҳми онҳоро дар рушди назарияи мувофиқ ҷамъбаст намоем.

Натиҷаҳои таҳқиқот. Омӯзиши саҳми олимони ватанӣ дар рушди назарияи сармояи инсонӣ имкон медиҳад, ки равишҳои онҳоро барои муайян кардани мундариҷа, шароити ташаккули он ва нақши он дар рушди иҷтимоию иқтисодӣ ба низом дароварда шавад. Дар ин ҷо ба назар гирифтани нақши маориф, омӯзиши касбӣ ва тандурустии ҷамъиятӣ дар робита бо шуғл ва истифодаи самараноки дониш ва малакаҳои ҷамъшуда муҳим мебошад. Саҳми муҳаққиқони ватаниро метавон бо мутобиқ кардани принсипҳои назариявии умумӣ ба шароити миллӣ, аз ҷумла хусусиятҳои бозори меҳнат, муҳоҷирати меҳнатӣ ва ниёз ба қувваи корӣ баландихтисос дар иқтисодиёт ошкор кард.

Мақсади таҳқиқот ин омӯзиши марҳилаҳои асосии ташаккул ва рушди назарияи сармояи инсонӣ дар илми иқтисодии ватанӣ мебошад.

Таҳлили адабиёт ва гузориши масъала. Дар мақола асарҳои илмии олимони ватанӣ ба монанди Ашӯров И.С. [1], Бобоҷонов С.Р. [2] Ғаниев Т.Б. [3; 4], Ғоибназарзода С.М. [5; 6] Зоирзода И.С. [7] Иматшоев З.Х. [8], Кодиров Ш.Ф. [9], Комилов С.Ҷ. [10], Кошонова М.Р. [11], Мукимова Н.Р. [12], Рахимов Р.К. [13], Саидмуродзода Л.Х. ва С.Х. Хамидова [14] Султонов З.С. ва И.С. Оқилов [15], Файзуллоев М. К. [16], Хамидова С.Х. [17], Холматов М.М. [18] ва Шамсов И. С. [19; 20] таҳлил ва истифода карда шудаанд.

Муҳтавои асосӣ. Академик Р.К. Раҳимов самтҳои афзалиятноки рушди сармояи инсониро ҳамчун шарти зарурӣ барои ташаккули иқтисоди инноватсионии саноатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ мекунад. Бо истифода аз таҳлили муқоисавӣ бо кишварҳои ИДМ, Р.К. Раҳимов «...сатҳи таҳсилоти касбӣ, сохтори маҳорати шуғл ва мавҷудияти қувваи

кории баландихтисосро дар иқтисодиёт арзёбӣ мекунад ва қафомонии назарраси кишварро дар тайёр кардани мутахассисони дорои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ, инчунин саҳми баланди қувваи кории беихтисос ошкор мекунад. Таваҷҷӯҳи махсус ба таҳлили сохтори хизматрасонии таълимӣ ва омӯзиши соҳавӣ равона карда шудааст, ки номувофиқ будани низоми таҳсилоти касбӣ ба ниёзҳои рушди инноватсионӣ ва саноатикунонии босуръатро нишон медиҳад. Афзалиятҳои асосӣ барои рушди таҳсилоти ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ, такмили сохтори маҳорати шуғл ва тайёр кардани мутахассисони баландихтисос барои соҳаҳои миёна ва баландтехнологӣ пешниҳод менамоянд» [13].

Р.К. Раҳимов хулоса мекунад, ки «...гузариши Тоҷикистон ба модели рушди инноватсионии саноатӣ бидуни сармоягузориҳои калон ба сармояи инсонӣ ва навсозии низоми таълим ғайриимкон аст. Ба андешаи ӯ зарурати ислоҳоти сохтори таҳсилоти касбӣ мувофиқи талаботи бозори меҳнат, афзоиши омодасозии мутахассисони муҳандисӣ ва техникӣ, рушди соҳаҳои дорои технологияи баланд, кам кардани саҳми қувваи кории беихтисос ва беҳтар кардани сохтори соҳавии саноат асоснок карда шудааст. Р.К. Раҳимов қайд менамояд, ки татбиқи ин тадбирҳо сифати сармояи инсониро беҳтар мекунад, саноатикунонии босуръатро таъмин менамояд, рақобатпазирии иқтисоди миллиро афзоиш медиҳад ва шароитро барои рушди устувори инноватсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон фароҳам меорад» [13].

Дар тадқиқотҳои Ғаниев Т.Б., модели ташаккул ва рушди сармояи инсонӣ, аз ҷумла механизмҳои институтсионалӣ, манбаъҳои маблағгузорӣ, равандҳои омӯзишӣ ва низоми ҳамкорӣ байни давлат, оилаҳо, муассисаҳои таълимӣ ва корфармоён таҳқиқ шудааст. Ғаниев Т.Б., қайд менамояд, ки «...рушди минбаъдаи иқтисодӣ дар Тоҷикистон бидуни такмили низоми идоракунии сармояи инсонӣ, ки ба таҳсилоти пайвастаи касбӣ, идоракунии инноватсионӣ ва сармоягузории дарозмуддат ба рушди шахсӣ асос ёфтааст, ғайриимкон аст. Авлавиятҳои пешниҳодшуда тақвияти робитаи байни маориф ва ниёзҳои бозори меҳнат, рушди нерӯи инсонӣ тавассути технологияҳои муосири таълим, беҳтар кардани сифати тайёр кардани мутахассисон, эҷоди механизми муассири идоракунии сармояи инсонӣ ва густариши дастгирии давлатӣ барои сармоягузорӣ дар маориф, илм ва рушди касбӣ мебошанд. Ба андешаи муҳаққиқ татбиқи ин тадбирҳо рушди иқтисодиёти ба донише навовариҳо асосёфта, афзоиши ҳосилнокии меҳнат ва рақобатпазирии иқтисоди миллиро дар шароити ҷаҳонишавӣ таъмин хоҳад кард» [3].

Т.Б. Ғаниев ба масъалаҳои ташаккулёбии сармояи инсонӣ ва таъсири он ба рушди касбии шахсият диққати хос зоҳир намуда, аз ҷумла қайд менамояд, ки "...барои таъмини фаъолнокии сармояи инсонӣ дар ҷараёни истеҳсолӣ ва тиҷорату хизматрасониҳо моро зарур аст, ки сармоягузориҳои стратегии дарозмуддатро дар бахши рушди неруи зеҳнии инсонӣ равона намоем" [4]. Ин равишро бо роҳи таъмини дастрасӣ ба таҳсилоти олии касбӣ ва таълимоти бефосилаи касбӣ-электронӣ, рушди пайвастаи соҳибкориву ҳунармандӣ, ташаккули пешвоӣ, таъмини бехатарии фаъолияти касбиву ҳунарӣ, муҳити озоди иқтисодиву иҷтимоӣ ва фарҳангиву санъати волои инсонӣ амалӣ карда мешавад. Аз ин гуфтаҳо бармеояд, ки сармояи инсонӣ бояд пеш аз ҳама ақидаҳои навоварона дошта бошад, зеро он метавонад баро гузаштан ба иқтисодиёти инноватсионӣ замина гузорад.

Ҳамидова С.Х. дар таҳқиқоти худ таҳияи равиши институтсионалӣ ва таълимӣ барои ташаккул ва рушди сармояи инсонӣ дар иқтисоди индустриалӣ-инноватсионӣ мавриди баррасӣ қарор додааст. Муаллиф изҳор медорад, ки «...рақобатпазирии иқтисоди миллӣ дар шароити муосир аз сифати сармояи инсонӣ, ки тавассути ҳамкории муассири байни низоми маориф, ҳукумат ва тиҷорат ташаккул меёбад, муайян карда мешавад. Нақши муҳити институтсионалӣ дар эҷоди механизмҳои таҳсилоти пайваста, рушди салоҳиятҳо, рақамикунонии раванди таълим ва мутобиқсозии омӯзиш ба ниёзҳои бозори меҳнат омӯхта шудааст. Таваҷҷӯҳи махсус ба равиши салоҳиятнокӣ, ҳамгироии маориф, илм ва саноат, рушди кластерҳои таҳсили фосилавӣ, илмӣ ва таълимӣ ва пешгӯии талаботи иқтисодиёт ба мутахассисони соҳибихтисос равона карда шудааст. Ҳамидова С.Х. навсозии низоми маориф ва такмили муассисаҳои идоракунии сармояи инсониро шартҳои калидии гузариш ба

иқтисоди дониш ва рушди устувори индустриалӣ-инноватсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон медонад» [17].

Ба андешаи Ҳамидова С.Х. «...рушди самараноки сармояи инсонӣ танҳо тавассути татбиқи сиёсати ҳамаҷонибаи давлатӣ, ки ба ҳамкории ҳамоҳангшуда байни ҳукумат, муассисаҳои таълимӣ, тиҷорат ва ҷомеа асос ёфтааст, имконпазир аст. Самтҳои афзалиятноки пешниҳодшуда аз навсозии низоми маориф дар асоси равиши салоҳиятнокӣ, васеъ кардани таҳсилоти пайваста ва фосилавӣ, такмили механизмҳои пешгӯии ниёзҳои кадрӣ, рушди кластерҳои илмӣ, таълимӣ ва саноатӣ, тақвияти шарикии давлатӣ ва хусусӣ, ҳавасмандгардонии сармоягузорӣ дар маориф, илм ва инноватсия ва фароҳам овардани муҳити мусоиди институтсионалӣ барои амалӣ кардани иқтидори зеҳнии аҳолӣ иборатанд» [17]. Ба ақидаи муаллиф, татбиқи ин тадбирҳо ба рушди сармояи инсонии рақобатпазир, таъмини рушди босуръати иқтисоди индустриалӣ-инноватсионӣ, афзоиши ҳосилнокии меҳнат ва гузоштани замина барои рушди устувори иҷтимоию иқтисодии дарозмуддати кишвар мусоидат хоҳад кард.

Дар таҳқиқоти олимони ватанӣ истифодаи равиши институтсионалӣ бартарияти хос дорад. Яъне, зимни баррасии масъалаҳои назариявӣ, методологӣ ва амалии сармояи инсонӣ нақши ниҳодҳои меъёр ва рафтор арзёбӣ гардида, ташаккули низоми танзими давлатии сармояи инсониро ба фаъолияти ниҳодҳо алоқаманд медонанд. Яъне, дар таҳқиқоти солҳои охир таъкид мешавад, ки барои баланд бардоштани сифати сармояи инсонӣ ва ташаккули низоми танзими давлатии он бояд ниҳодҳои давлатӣ, ҷамъиятӣ ва базши хусусӣ фаъолияти муштарак дошта бошанд. Дар ин замина нақши маориф, тандурустӣ ва фарҳанг ҳамчун омили бунёдӣ баррасӣ гардида, таъкид мешавад, ки давлат бояд дар раванди такрористеҳсоли сармояи инсонӣ тадбирҳои мушаххас андешад.

Саидмуродзода Л.Х. дар таҳқиқотҳое, ки ба масъалаҳои назариявӣ ва методологии сармояи инсонӣ бахшида шудааст, таъкид менамояд, ки равиши салоҳиятнок дар ташаккули сармояи инсонӣ мавқеи марказлӣ дошта, сармояи инсонӣ асоси гузариш ба модели индустриалию инноватсионии рушд ба ҳисоб меравад. Ба ақидаи муаллиф «...такмили низоми маорифи миллӣ, истифода аз равиши таҳсилоти салоҳиятнок ва танзими механизми ташаккули мутахассисони баландихтисос асоси баланд бардоштани сифати сармояи инсонӣ ва рақобатпазирии он ба ҳисоб меравад. Дар таҳқиқотҳои муаллиф ҳамчунин ба масъалаҳои рушди салоҳиятҳо, таъмини мутобиқати сатҳи омодагии кадрҳо ба талаботи иқтисоди инноватсионӣ ва бозори муосири меҳнат мавқеи хос доранд» [14].

Бо истифода аз равиши институтсионалӣ исбот карда шудааст, ки тақвияти омӯзиши амалӣ, ҳамгироии маориф бо ниёзҳои соҳа ва мутобиқшавӣ ба шароити тағйирёбандаи бозори меҳнат аз ҷумлаи шартҳои асосии ташаккули модели милли рушди сармояи инсонӣ ба ҳисоб меравад. Масалан, Саидмуродзода Л.Ҳ. дар таҳқиқоти худ рушди минтақавиро дар заминаи сармояи инсонӣ таҳқиқ намуда, ба хулоса меояд, ки дар ташаккули сармояи инсонӣ бояд дар сатҳи минтақаҳо масъалаҳои таълими мақсаднок, беҳтар намудани сифати зиндагӣ ва коҳиши нобаробарии дастрасӣ ба захираҳои иқтисодӣ ҳал карда шаванд. Ба ақидаи муаллиф танҳо дар ин шароит татбиқи самараноки сиёсати минтақавӣ таъмин карда шуда, он дар раванди коркарди афзалиятҳои стратегӣ аҳамияти муҳим дорад.

Зоирзода И.С.(Хоркашов И.С.) сармояи инсониро аз нигоҳи таъмини амнияти иқтисодӣ таҳқиқ намуда, онро ҳамчун омили асосии рушди устувори иқтисодӣ ва таъмини амнияти он баррасӣ менамояд. Ба ақидаи муаллиф «...сармояи инсонӣ ба низоми маориф ва сармоягузорӣ вобаста буда, рушди зинноватсионии иқтисодиёт ба идоракунии сармояи инсонӣ алоқаманд аст. Дар таҳқиқоти муҳаққиқ қобилияти соҳибкорӣ унсури асосии сармояи инсонӣ муаррифи шуда, рақобатпазирии соҳаҳо аз он ҷумла саноат ба сармояи инсонӣ вобаста мебошад. Қисмати асосии таҳқиқоти муаллиф ба нақши сармояи инсонӣ дар рушди иқтисодиёти инноватсионӣ, таъмини амнияти иқтисодӣ дар шароити гузариш ба иқтисодиётит сабз ва таъсири он ба рақамикунонӣ бахшида шуда, муаллиф сармояи инсониро омили бунёдии рушди устувор ва фарогир медонад» [7].

Сармояи инсонӣ ба сифати омили рушди инноватсионӣ баромад мекунад, бинобар ин олимони ватанӣ ба таҳқиқи нақши сармояи инсонӣ дар шароити гузариш ба иқтисодиёти бозорӣ, ки ташаккули муносибатҳои соҳибкорӣ ва таъмини рушди инноватсионии соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқ таввақуҳ кардаанд. Дар марҳилаи нахустини рушди назарияи миллии сармояи инсонӣ Комилов С.Ҷ. ба таҳқиқи нақши таҷрибаи истеҳсолӣ ва ҷаҳонбинии соҳибкорӣ дар ташаккули сармояи инсонӣ оғоз намудааст.

Таҳқиқоти Комилов С.Ҷ. пеш аз ҳама ба масоили нақши сармояи инсонӣ дар марҳилаи гузариш ба иқтисодиёти бозорӣ, рушди инноватсионии иқтисодиёт, бозори меҳнат ва идоракунии зиддибуҳронии бахши хусусӣ ва корхонаҳои саноатӣ, танзими давлатии муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ, таъминоти кадрии рушди инноватсионӣ, таъсири муҳити институтсионалӣ ба сармояи инсонӣ ва рушди сармояи инсонӣ дар шароити гузариш ба инқтисодиёти инноватсионӣ ва густариши равандҳои рақамикунонӣ бахшида шудааст [10].

Комилов С.Ҷ. нақши сармояи инсониро дар ташаккули моделҳои нави иқтисодӣ баррасӣ намуда, онро омили асосии рушди иқтисодиёти инноватсионӣ ва ташаккули бозори меҳнати муосир эътироф менамояд. Рушди соҳибкорӣ ҳамчун омили бунёдии гузариш ба иқтисоди бозорӣ дар таҳқиқоти Комилов С.Ҷ. мавқеи марказӣ дошта, сармояи инсонӣ ҳамчун манбаи рушди инноватсионӣ унсури муҳими таъмини самаранокии бахши хусусӣ эътироф шудааст. Ҳамчунин сармояи инсонӣ ба сифати омили рафъи бӯҳрон, рушди моликияти зеҳнӣ ва ташаккули иқтисодиёти ба дониш асосёфта баромад мекунад.

Масалан Комилов С.Ҷ. қайд менамояд, ки "...сармояи инсонӣ унсури ҷудонашавандаи муносибатҳои иҷтимоӣ баромад намуда, дониш, малака, таҷрибаи ҳаётӣ ва собиқаи корӣ (истеҳсолӣ), маълумот ва ҳавасмандӣ сифати онро муайян мекунад". Таҳлили таҳқиқоти Комилов С.Ҷ. нишон медиҳад, ки муаллиф ба қобилиятҳои эҷодии сармояи инсонӣ ва татбиқи амалии он дар рушди инноватсионии саноат ва соҳибкорӣ, соҳаи хизматрасонӣ ва иқтисодиёти минтақавӣ таваҷҷуҳ менамояд. Вобаста ба ин, ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки сармояи инсонӣ асоси рушди инноватсионии иқтисодиёт, ташаккули муносибатҳои меҳнатӣ ва омили таъмини рушди устувори иқтисодиёти бозорӣ мебошад.

Файзуллоев М.К. [16] нақши ҳалкунандаи сармояи инсониро дар ташаккули низоми миллии инноватсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳқиқ намудааст. Муаллиф қайд менамояд, ки дар шароити муосир дониш, маориф, салоҳияти зеҳнӣ, малакаҳои касбӣ ва қобилияти коргарон барои навоварӣ ба захираи асосии стратегии рушди иқтисодӣ табдил меёбанд. Дар асоси таҳлили муҳити институтсионалӣ ва маълумоти оморӣ, муаллиф хусусиятҳои хоси ташаккули сармояи инсониро дар Тоҷикистон асоснок намудааст. Сатҳи баланди муҳоҷирати меҳнатии беруна, тағйироти демографӣ, маблағгузории нокифоя барои илм ва маориф ба фаъолияти самараноки ниҳодҳои ташаккулдиҳандаи сармояи инсонӣ таъсири манфӣ мерасонанд. Дар таҳқиқотҳои муаллиф ба нақши муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва илмию тадқиқотӣ дар ташаккули сармояи инсонӣ ва салоҳияти инноватсионии онҳо таваҷҷуҳи махсус зоҳир карда шудааст.

Муаллиф хулоса мекунад, ки гузариши Тоҷикистон ба иқтисоди инноватсионӣ танҳо бо истифода ва рушди самараноки сармояи инсонӣ тавассути афзоиши сармоягузорӣ дар маориф, илм, тандурустӣ ва омӯзиши касбӣ имконпазир аст. Дар таҳқиқоти сершумори муаллиф зарурати беҳтар кардани муҳити институтсионалӣ, таҳияи механизмҳои идоракунии муҳоҷират, тақвияти ҳамкорӣ байни илм, маориф ва саноат ва фароҳам овардани шароит барои ҷамъоварӣ ва нигоҳдории салоҳияти зеҳнии кишвар таъкид шудааст. Ба андешаи муаллиф, татбиқи ин тадбирҳо барои иқтисоди миллӣ бартариҳои рақобатӣ фароҳам меорад, рушди устувори инноватсионии иҷтимоию иқтисодиро таъмин менамояд.

Султонов З.С. ва Окилов И.С. [15] таҳияи заминаи назариявӣ барои ташаккули муҳити институтсионалӣ ва инноватсионии идоракунии сармояи инсонӣ ҳамчун шарти калидии рушди инноватсионӣ ва баланд бардоштани рақобатпазирии иқтисоди миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон меноманд. Муаллифон исбот мекунанд, ки идоракунии самараноки сармояи инсонӣ таъсиси инфрасохтори ҳамаҷонибаи инноватсониро талаб мекунад, ки муассисаҳои

таълимӣ, ташкилотҳои тадқиқотӣ, паркҳои технологӣ, марказҳои интиқоли технологияҳо, инкубаторҳои тиҷоратӣ, муассисаҳои молиявӣ ва мақомоти давлатиро муттаҳид мекунад. Хусусиятҳои асосии муҳити муассири институтсионалӣ ва инноватсиониро, аз ҷумла дастрасии ҳудудӣ, захираҳои молиявӣ ва кадрӣ, иқтидори баланди илмӣ ва техникӣ, чандирӣ ва тамаркуз ба натиҷаҳои ниҳоии инноватсионӣ, мавриди таҳлил қарор додаанд. Таваҷҷӯҳи махсус ба равиши институтсионалӣ равона карда шудааст, ки мувофиқи он рушди сармояи инсонӣ бояд ба ҳамкории давлат, илм, маориф ва тиҷорат асос ёфта, давраи пурраи эҷод, татбиқ ва тиҷоратикунонии инноватсияро таъмин намояд.

Ба андешаи онҳо рушди устувори сармояи инсонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бе беҳтар кардани муҳити институтсионалӣ ва эҷоди системаи муассири идоракунии инноватсия ғайриимкон аст. Самтҳои афзалиятноки пешниҳодшуда рушди инфрасохтори инноватсионӣ, тақвияти чаҳорчӯбаи танзимкунанда, густариши дастгирии давлатӣ ба илм ва маориф, ҳавасмандгардонии сармоягузорӣ ба сармояи инсонӣ, такмили механизмҳои тайёр кардани кадрҳои баландихтисос ва тақвияти ҳамкорӣ байни ҳамаи иштирокчиёни раванди инноватсионӣ мебошанд. Ба гуфтаи муаллифон, татбиқи равиши инноватсионии институтсионалӣ самаранокии истифодаи сармояи инсониро беҳтар мекунад, интиқоли дониш ва технологияро суръат мебахшад, афзоиши инноватсияро таъмин мекунад ва шароити зарурироо барои рушди дарозмуддати иҷтимоию иқтисодӣ ва баланд бардоштани рақобатпазирии иқтисоди миллӣ фароҳам меорад.

Рушди индустриалию инноватсионии иқтисодиёт ба сифати сармояи инсонӣ вобаста мебошад. Таҷриба нишон медиҳад, ки рушди инноватсионӣ, саноатикунонии босуръат, гузариш ба иқтисодиёти ба донишу навовариҳо асосёфта ва рушди технологии иқтисодиёти миллӣ ба сармояи инсонии дорои сифати баланд алоқаманд аст. Вобаста ба ин, рушди соҳаҳои истеҳсолоти моддӣ, махсусан саноат ба сармояи инсонӣ вобаста буда, муҳаққиқони ватанӣ сармояи инсониро ҳамчун омили рушди инноватсионии саноат арёбӣ мекунанд. Масалан, ба ақидаи Низомова Т.Д. барои баланд бардоштани нақши сармояи инсонӣ дар рушди саноат бояд мутахаассисони баландихтисос, аз он ҷумла насли нави менеҷерони касбӣ, бо назардошти кластерикунонии саноат омода карда шаванд.

Дар таҳқиқоти Муқимова Н.Р.,[12] ки рушди инноватсионии саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шудааст, сармояи инсонӣ ба сифати омили муайянкунандаи рушд баромад мекунад. Муаллиф робитаи байни таҳаввулоти рақамӣ, рушди инноватсионӣ ва ташаккули иқтисодиёти ба дониш асосёфтаро таҳқиқ намуда, исбот кардааст, ки самаранокии рақамикунонӣ пеш аз ҳам бо сифати сармояи инсонӣ муайян карда мешавад. Муаллиф ба таҳлили сохтори сарвати миллӣ таваҷҷуҳнамуда, тасдиқ мекунад, ки бо афзоиши ҳиссаи сармояи инсонӣ рақобатпазирӣ ва иқтидори инноватсионии кишвар афзуда, дар ин замина ҳамгироии соҳаи маориф, илм, тиҷорат ва технологияҳои рақамӣ муҳим мебошад.

Дар шароити саноатикунонии босуръат ва густариши равандҳои рақамикунонӣ рушди босуръати сармояи инсонӣ ва фароҳам овардани фазои мусоиди институтсионалӣ ба сифати омилҳои бунёдӣ баромад мекунанд. Дар ин замина баланд бардоштани сатҳи саводнокии рақамии аҳолӣ, таҷдиди маориф, омодасозии кадрҳои баландихтисос барои иқтисодиёти рақамӣ, рушди тадқиқоти илмӣ, таҳкими ҳамкории сохторҳои илмӣ ва тиҷоратӣ, такмил додани инфрасохтори рақамӣ ва татбиқи сиёсати давлатӣ дар соҳаи таҳаввулоти рақамӣ аҳамияти муҳим доранд. Зимнан, рушди сармояи инсонӣ ва неруи зеҳнии созанда татбиқи босамари технологияҳои рақамӣ, афзоиши фаъолияти инноватсионӣ ба ташаккули иқтисодиёти рақобатпазир мусоидат мекунад.

Дар шароити гузариш ба иқтисоди рақами танзими давлатии сармояи инсонӣ ба таҳавулоти ҷиддӣ рӯ ба рӯ гардида, шароит ва омилҳои ба ташаккули сармояи инсонӣ таъсиррасонанда ба таври кулли тағйир меёбанд. Бинобар ин консепсия, равишҳо ва усулҳои тадқиқоти сармояи инсонӣ бояд бо таваҷҷуҳ ба густариши равандҳои рақамикунонӣ такмил дода шавад. Ба андешаи мо иқтисодиёти рақамӣ ба ташаккули нерӯи инсонӣ таъсири мусбӣ расонида, ҳамзамон барои баланд бардоштани сифати он шароити мусоидро фароҳам месозад.

Аз ин рӯ бо назардошти афзалияту бартариятҳо ва таҳдидҳои рақамикунонии муносибатҳои иқтисодиву иҷтимоӣ сармояи инсонӣ бояд ба талаботи бозори меҳнат ва технологияҳои рақамӣ ҷавобгӯй бошад.

Муҳаққиқони ватанӣ таъсири иқтисодиёти рақамиро ба бозори меҳнат, муносибатҳои меҳнатӣ ва ташаккули сармояи инсонӣ таҳқиқ намуда, ба хулосае омаданд, ки дар раванди танзими давлатии рушди сармояи инсонӣ бояд зуҳуроти хоси иқтисодиёти рақамӣ ба инобат гирифта шавад. Масалан, Шамсов И.С. [19; 20] дар таҳқиқотҳои худ, ки ба таъсири иқтисодиёти рақамӣ ба ташаккули бозори меҳнат бахшида шудааст, исбот намудааст, ки дар шароити муосир сармояи инсонӣ бояд дорои ҷаҳонбинӣ ва салоҳиятҳои рақамӣ бошад. Муаллиф исбот намудааст, ки дар шароити гузариш ба иқтисоди рақамӣ сармояи инсонӣ ба сифати омили асосии рақобатпазирии иқтисоди миллӣ баромад намуда, давлат бояд дар рушди он нақши ҳамоҳангсоз дошта бошад.

Муаллиф таъкид мекунад, ки гузариш ба иқтисоди рақамӣ тақозо менамояд, ки танзими шуғл ба идоракунии рушди сармояи инсонӣ табдил дода шуда, таваҷҷуҳи асоси ба дониш, салоҳиятҳои рақамӣ ва фаъолияти инноватсионии коргарон равона карда шудааст. Яъне, сиёсати давлатӣ бояд тағйироти сохтории бозори меҳнат ва ниёзҳои иқтисодиёти рақамиро ба назар гирад. Дар баробари ин ҳамгироии бозори меҳнат ва низоми омӯзиши кадрҳо бояд ба талаботи корфармоён нигаронида шуда, барномаҳои таълимӣ ба тағйирот дар муҳити рақамӣ мутобиқ карда шаванд. Вобаста ба ин рушди салоҳиятҳои рақамии аҳолӣ, танзими давлатии тағйироти сохторӣ дар бозори меҳнат ва рушди муҳити институтсионалӣ ба сифати самтҳои калидии сиёсати давлатӣ эътироф карда шудаанд.

Шамсов И.С. [19; 20] ба сифати муҳаққиқи асосии таҳаввулоти муносибатҳои меҳнатӣ дар шароити гузариш ба иқтисодиёти бозорӣ пешниҳод менамояд, ки бо назардошти парадигмаҳои нави рушд бояд сиёсати давлатии шуғл ва низоми таҳсилоти олӣ ва касбӣ такмил дода шуда, низоми таҳсилоти муттаассил ба роҳ монда шавад. Ҳамчунин истифодаи ангезаҳои иқтисодӣ барои бахши хусусӣ ва эҷоди инфрасохтори муосири илмӣ, техникӣ ва инноватсионӣ шарти асосии ташаккули сармояи инсонии ба талаботи иқтисодиёти рақамӣ ҷавобгуй ба ҳисоб меравад. Муаллиф дар қатори самтҳои номбаршуда ҳамчунин ба ҷорӣ кардани механизмҳои дастгирии иҷтимоии коргарон ва таҳкими механизмҳои идоракунии институтсионалӣ таваҷҷуҳ карда, идоракунии давлатии самараноки рушди сармояи инсонӣиро ба рақамикунонии маориф, навсозии бозори меҳнат, ҳавасмандгардонии сармоягузориҳо ба сармояи инсонӣ ва рушди инфрасохтори инноватсионӣ алоқаманд медонад.

Дар мақолаи илмии Холматов М.М. [18] захираҳои инсонӣ унсури меҳварии гузариши ба иқтисодиёти рақамӣ эътироф шудааст. Муаллиф исбот намудааст, ки ҷорӣ намудани технологияҳои рақамӣ, афзорҳои зеҳни сунъӣ, робототехника ва автоматизатсия мундариҷаи кор ва сохтори шуғл ба ҷаҳонбинӣ ва салоҳиятҳои рақамии сармояи инсонӣ вобаста мебошад. Тамоюлҳои муосири табдили рақамии бозори меҳнат нишон медиҳад, ки мушкилоти асосии марбут ба норасоии мутахассисони дорои салоҳиятҳои рақамӣ, саводнокии нокифояи рақамӣ дар байни аҳолӣ ва нокифоя будани низоми таҳсилоти касбӣ барои гузариш ба иқтисодиёти рақамӣ мушкилот эҷод менамоянд. Дар ин самт ба зарурати навсозии низоми маориф, рушди зеҳни рақамӣ, омода кардани мутахассисон дар соҳаҳои нав (иқтисоди рақамӣ, информатикаи тиҷоратӣ, технологияи иттилоотӣ, зеҳни сунъӣ) ва рушди сармояи инсонӣ таваҷҷуҳ зоҳир намуда, таъмини рушди инноватсионии иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба сифати неруи инсонӣ вобаста медонад.

Ба андешаи мо, рушди устувори иқтисоди рақамӣ бидуни рушди босуръати сармояи инсонӣ ва такмили пайвастаи сифати он ғайриимкон буда, рушди саводнокии рақамӣ дар байни аҳолӣ, татбиқи технологияҳои муосири таълимӣ, фароҳам овардани шароит барои омӯзиши пайваста ва бозомӯзии касбии кормандон, таҳия ва татбиқи сиёсати давлатӣ оид ба татбиқи зеҳни сунъӣ ва технологияҳои рақамӣ аҳамияти муҳим доранд. Рушди ҳамаҷонибаи салоҳиятҳои рақамӣ, навсозии маориф ва сармоягузории фаъол ба сармояи инсонӣ рақобатпазирии иқтисоди миллиро афзоиш медиҳад, табдили самараноки рақамиро таъмин

мекунад ва заминаро барои рушди инноватсионии дарозмуддати Ҷумҳурии Тоҷикистон фароҳам меорад.

Дар тадқиқоти Холматов М.М. сармояи инсонӣ ҳамчун омили калидии гузариши Ҷумҳурии Тоҷикистон ба иқтисодиёти рақамӣ мебошад. Яъне, дар шароити таҳаввулоти рақамӣ, сармояи инсонӣ хосиятҳои нави иттилоотӣ ва шабакавӣ, ва салоҳиятҳову вазифаҳоеро ба касб мекунад, ки рақобатпазирии иқтисоди миллиро муайян мекунанд. Дар ин шароит такрористеҳсоли сармояи инсонӣ ба муҳити рақамӣ вобаста шуда, он таҳти таъсири зеҳни сунъӣ, маълумоти калон, автоматикунонӣ ва технологияҳои рақамӣ муайян карда мешавад.

Муаллиф вазъи кунунии рақамикунониро дар Тоҷикистон таҳлил намуда, омодагии нокифояи кадрҳо барои иқтисоди рақамӣ, норасоии салоҳиятҳои рақамӣ, номукаммалии инфрасохтори рақамӣ ва зарурати навсозии низоми маорифро аз ҷумлаи масъалаҳои ҳалталаб арзёбӣ мекунад. Гузариш ба иқтисоди рақамӣ сиёсати ҳамаҷонибаи давлатиро барои рушди инсонӣ, аз ҷумла такмили низоми маориф, тайёр кардани кадрҳои соҳибихтисос, баланд бардоштани саводнокии рақамӣ, дастгирии илм, инфрасохтори инноватсионӣ ва татбиқи самараноки технологияҳои рақамӣ, талаб мекунад. Ба ақидаи муаллиф, маҳз рушди иқтидори зеҳнӣ ва эҷодии аҳолӣ робитаи байни илм ва истеҳсолотро тақвият дода, рақобатпазирии иқтисодиётро таъмин карда, шароити устуворро барои рушди дарозмуддати иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон фароҳам меорад.

Сармояи инсонӣ дар меҳвари муносибатҳои меҳнатӣ қарор дорад. Аз ин рӯ дар таҳқиқоти гурӯҳи олимони ватанӣ сармояи инсонӣ ҳамчун омили муайянкунандаи рушди бозори меҳнат арзёбӣ мегарадад. Дар ин тадқиқотҳо сармояи инсонӣ бо истифода аз равиши консептуалии бозори меҳнат баррасӣ гардида, сифати бозори меҳнат ба сатҳи рушди сармояи инсонӣ алоқаманд дониста мешавад. Масалан, олимони ватанӣ робитаи байни сармояи инсонӣ ва захираҳои инсониро бо истифода аз иқтидори меҳнатӣ ва самаранокии он дар бозори меҳнат муайян менамоянд. Ба ақидаи онҳо хусусиятҳои асосии захираҳои инсонӣ, ки сатҳи таҳсилот, рушди зеҳнӣ ва касбӣ, қобилиятҳои эҷодӣ ва азхудкунии технологияҳои муосир мебошад.

Дар тадқиқотҳои Кошонова М.Р. [11], ки ба дигаргунсозиҳои иқтисодию иҷтимоӣ, муҳоҷират ва нақши сармояи инсонӣ дар раванди ислоҳот бахшида шудааст, муаллиф консепсияи идоракунии инноватсионии захираҳои инсониро пешниҳод намуда, сармояи инсониро ҳамчун омили калидии рушди иқтисодиёт номбар намудааст. Ба андешаи М.Р. Кошонова шарти асосии гузариш ба иқтисодиёти инноватсионӣ истифодаи самараноки захираҳои инсонӣ ба ҳисоб меравад. Бозори меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистонро таҳлил намуда, исбот намудааст, ки барзиёдии қувваи корӣ, бекорӣ, муҳоҷират ва номувофиқатии сатҳи омодагии касбӣ ва талаботи бозори меҳнат аз ҷумлаи мушкилоти ҳалталаб ба ҳисоб меравад. Дар заминаи такмили равиши инноватсионии идоракунии захираҳои инсонӣ, муаллиф пешниҳод менамояд, ки зимни танзими давлатии рушди сармояи инсонӣ омилҳои институтсионалӣ, иҷтимоӣ-психологӣ ва иқтисодиро ба назар гирифта шаванд.

Аз рӯи таҳлили натиҷаҳои таҳқиқоти Кошонова М.Р. ба хулосае омадан мумкин аст, ки татбиқи сиёсати давлатӣ дар самти рушди сармояи инсонӣ бояд тадбирҳои мушаххасро ҷиҳати такмили низоми таҳсилоти касбӣ, эҷоди механизмҳои муассири шуғл, коҳиши бекорӣ ва таҳкими малакаҳои корӣ пешбинӣ намояд. Тадбирҳои муайяншуда ба татбиқи усулҳои инноватсионии идоракунии меҳнат, рушди муҳити рақобатпазир, ҳавасмандгардонии фаъолияти соҳибкорӣ, густариши робитаҳои иқтисодии хориҷӣ, гуногунрангии сохтории иқтисодиёт, инчунин тақвияти ҳифзи иҷтимоии коргарон ва беҳтар кардани сифати таълим вобаста мебошад. Дар ин шароит самаранокии истифодаи сармояи инсонӣ баланд гардида, рушди устувори иҷтимоию иқтисодӣ таъмин карда мешавад.

Таҳқиқотҳои Ғоибназарзода С.М. [5; 6] ба арзёбии нақши маориф дар тағйироти бозори меҳнат дар шароити ҷаҳонишавӣ, моделҳои функсионалии он ва хусусиятҳои ташаккули захираҳои кадрӣ дар шароити муосир ва идоракунии захираҳои меҳнатӣ дар доираи консепсия, стратегия ва барномаҳои давлатӣ бахшида шуда, сармояи инсонӣ ба сифати манбаи навовариҳои технологӣ ва афзоиши рақобат баррасӣ карда мешавад. Ба андешаи муаллиф

захираҳои инсонӣ ҳамчун маҷмӯи дониш, малакаҳои касбӣ, қобилиятҳои эҷодӣ ва соҳибкорӣ, иқтидори зеҳнӣ ва фарҳанги касбӣ баромад мекунанд.

Дастоварди муҳими муҳаққиқ ин асосноккунии илмии такмили низоми идоракунии захираҳои инсонӣ ба ҳисоб меравад. Дар ин самт муаллиф пешниҳод намудааст, ки низоми идоракунии сармояи инсонӣ бояд ба таъмини сифати он равона карда шавад. Яъне сармояи инсонии баландсифат бо назардошти тахассус, ангеза ва қобилият омили асосии баландбардории рақобатпазирии иқтисодиёт ба ҳисоб меравад. Дар баробари ин муаллиф пешниҳод менамояд, ки гузариш аз низоми анъанавии идоракунии захираҳои меҳнатӣ ба низоми идоракунии стратегӣ шарти асосии танзими муносибатҳои меҳнатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баромад мекунад.

Бо назардошти рушди индустриаливу инноватсионии иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон Ғоибназарзода С.М. ба рушди таҳсилоти касбии муҳандисӣ, бозомӯзӣ ва такмили ихтисоси коргарон, ҷорӣ намудани низоми арзёбии салоҳият, тақвияти инфрасохтори бозори меҳнат, дастгирии шуғли гурӯҳҳои осебпазир ва такмили сиёсати захираҳои инсонии давлатӣ таввачуҳ зоҳир менамояд. Таъкид мешавад, ки танзими давлатии сармояи инсонӣ бояд баҳисобгирии дақиқи хусусиятҳои сифатӣ ва миқдории коргаронро таъмин карда, сармоягузорӣ ба маориф, тандурустӣ ва рушди касбиро афзоиш диҳад.

Низоми маориф ва таҳсилоти касбӣ дар ташаккули сармояи инсонӣ нақши асосӣ дорад. Муҳиммият ва мубрамияти бахшҳои мазкур дар таҳқиқотҳои Қодиров Ш.Ш. дида баромада шудааст.

Ба андешаи муаллиф сифати сармояи инсонӣ ба сифати таълим ва фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ вобаста мебошад. Дар шароити гузариш ба модели инноватсионии рушди иқтисодӣ, низоми таҳсилоти олии касбӣ мутахассисони баландихтисосро омода намуда, рақобатпазирии иқтисоди миллиро баланд мебардорад. Иштироки нокифояи ҷавонон дар таҳсилоти олӣ, коҳиши сатҳи хатм, таъсири муҳоҷирати меҳнатӣ ба самтҳои таълим ва номувофиқатӣ байни сифати таҳсилоти хатмкунандагон ва талаботи корфармоён аз ҷумлаи мушкилоти ташаккули сармояи инсонӣ эътироф шудаанд.

Қодиров Ш.Ш. [9]сатҳи таҳсилотро ҳамчун унсури калидии ташаккули сармояи инсонӣ баррасӣ намуда, баланд бардоштани сатҳи маълумотнокии аҳолиро ба сифати омили беҳтар кардани сифатии сармояи инсонӣ эътироф менамояд. Муаллиф асоснок намудааст, ки рушди минбаъдаи сармояи инсонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бидуни беҳтар кардани сифат ва дастрасӣ ба таҳсилоти олӣ ғайриимкон буда, татбиқи тадбирҳо муайян самаранокии такрористеҳсоли сармояи инсониро беҳтар, омодасозии мутахассисони рақобатпазирро таъмин ва шароити заруриро барои рушди устувори иҷтимоию иқтисодӣ фароҳам мекунад.

Таҳлили тадқиқотҳои муаллифони дар боло овардашуда нишон медиҳад, ки таҳқиқи сармояи инсонӣ аз нигоҳи бозори меҳнат ба дигаргунсозиҳои иқтисодиву иҷтимоӣ модели инноватсионии рушд, истифодаи низоми стратегии идоракунӣ, тақвияти фаъолияти соҳаи маориф, баланд бардоштани сифати таҳсилот ва такмили фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ вобаста мебошад. Ба андешаи мо тадбирҳои пешниҳодшуда дар низоми омилҳои баланд бардоштани сифати сармояи инсонӣ мавқеи хос дошта, дар баробари ин бояд ба рушди инфрасохтор, хизматҳои муҳими иҷтимоӣ ва муассисаҳои тамоми зинаҳои таҳсилот таввачуҳ зоҳир карда шавад.

Бо назардошти хусусиятҳои хоси иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки зиёда аз 75% аҳоли дар қаламрави деҳот истиқомат мекунанд, масъалаҳои мубрами рушди сармояи инсонӣ дар бахши аграрӣ ва иқтисодиёти маҳаллӣ аҳамияти стретегӣ пайдо мекунад. Дар ин замина таҳқиқотҳое, ки ба арзёбии нақши сармояи инсонӣ дар рушди бахши аграрӣ ва қаламрави деҳот бахшида шудаанд, исбот шудааст, ки танзими давлатии бозори меҳнат ва такмили низоми таҳсилоти касбӣ асоси рушд ва баланд бардоштани сифати сармояи инсонӣ ба ҳисоб меравад. Дар баробари ин ташкили мониторинги доимии ниёзҳои қувваи корӣ, таҳияи барномаҳои таълимӣ дар асоси талаботи корфармоён ва тақвияти ҳамкорӣ байни муассисаҳои таълимӣ ва бахши хусусӣ метавонанд ба сифати самтҳои афзалиятнок баромад кунанд.

Муҳаққиқони ватанӣ И.С. Ашуров ва И.Х. Гулов [1] равишҳои консептуалии рушди шарикии давлат ва бахши хусусиро дар ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ ва меҳнатӣ баррасӣ намуда, таъкид менамоянд, ки дар шароити иқтисоди бозорӣ давлат наметавонад мустақилона фаъолияти самараноки соҳаи иҷтимоиро таъмин намояд. Дар ин замина муаллифон модели низоми шарикии давлат ва бахши хусусиро таҳия карданд, ки ҳадафҳо, субъектҳо, принсипҳо, механизмҳо ва воситаҳои татбиқи он ба ташаккули сифати сармояи инсонӣ нигаронида шудаанд.

Дар таҳқиқот исбот карда шудааст, ки рушди соҳибкории истеҳсолӣ ва кластерҳои агросаноатӣ, таъмини соҳибкорон бо имтиёзҳои иҷтимоӣ ва андозӣ, беҳтар кардани малакаҳои кормандон, таъмини бехатарии меҳнат, таҳияи барномаҳои иҷтимоии корпоративӣ, такмили созишномаҳои коллективӣ, ҷалб ва нигоҳ доштани кадрҳои баландихтисос, дастгирии барномаҳои манзил ва рушди инфрасохтори иҷтимоӣ ба сифати самтҳои афзалиятнок баромад мекунанд. Аз руйи натиҷаҳои таҳқиқот собит шудааст, ки татбиқи тадбирҳои муайяншуда ҳосилнокии меҳнатро афзоиш ва суботи иҷтимоиро тақвият дода, сифати сармояи инсониро беҳтар мекунад.

Ҳамчунин муҳаққиқон Иматшоев З.Х. ва Давлатзода Б.Р. [8] масъалаҳои мубрами рушди сармояи инсониро дар бахши аграрии иқтисодиёт ва комплекси агросаноатӣ таҳқиқ намуда, сармояи инсониро омили муайянкунандаи рушди устувори бахши кишоварзӣ арзёбӣ мекунанд. Дар таҳқиқоти хеш муаллифон дар асоси таҳлили хусусиятҳо ва таркиби демографии аҳолии деҳот, сатҳи маълумот, тахассуси коргарон ва шароити корӣ, монеаҳои асосии рушди сармояи инсонӣ муайян карда, ҷолибияти пасти меҳнати кишоварзиро ҳамчун омили коҳиши сифати сармояи инсонӣ эътироф мекунанд. Ҳамчунин, ба ақидаи муҳаққиқон, норасоии кадрҳои баландихтисос, муҳоҷирати меҳнатии ҷавонон, дастрасии маҳдуд ба таҳсилоти баландсифати кишоварзӣ, механиконии нокифояи истеҳсолот, музди меҳнати паст ва инфрасохтори иҷтимоии суст инкишофёфта низ на танҳо ба сифати сармояи инсонӣ, балки ба истифодабарии самараноки захираҳои инсонӣ таъсири манфӣ мерасонанд.

Хулоса. Дар асоси таҳлили таҳқиқотҳое, ки бо назардошти хусусияти хоси рушди сармояи инсонӣ дар бахши аграрӣ ва қаламрави деҳот анҷом дода шудааст, ҳаминро қайд менамоем, ки рушди сармояи инсонӣ ба такмили инфрасохтори таълимӣ ва беҳтар кардани сифати муҳити корӣ дар бахши кишоварзӣ вобаста мебошад. Яъне, идоракунии самараноки сармояи инсонӣ дар бахши кишоварзии иқтисодиёт татбиқи сиёсати ҳамаҷонибаи давлатиро тақозо менамояд, ки ба афзоиши ҷолибияти меҳнати кишоварзӣ ва рушди захираҳои инсонии ин бахш нигаронида шуда бошад.

Аз нигоҳи назариявӣ рушди сармояи инсонӣ дар бахши кишоварзии иқтисодиёт ба сармоягузорӣ ба инфрасохтор, ҷорӣ намудани технологияҳои муосир, дастгирии мутахассисони ҷавон тавассути пешниҳоди грант ва қарзҳои имтиёзнок ва манзил вобаста мебошад. Агар сармояи инсонӣ ҳамчун омили муайянкунанда дар мутобиқшавии бахши кишоварзии Тоҷикистон ба ҷаҳонишавӣ, тағйирёбии иқлим ва рақобати афзояндаи байналмилалӣ бошад, пас сармоягузорӣ дар таълим ва омӯзиши касбии аҳамияти стратегӣ дорад.

Дар шароити гузариш ба иқтисодиёти рақамӣ, ки ба истифодаи васеи платформаҳо ва технологияҳои рақамӣ дар бахши кишоварзӣ тавсиф дода мешавад, ташаккули ҷаҳонбинӣ ва малакаҳои рақамӣ афзалияти бештар пайдо мекунанд. Яъне, рушди кишоварзии дақиқ, истифодаи платформаҳои рақамӣ, технологияҳои GPS, дронҳо, гармхонаҳои интеллектуалӣ ва обёрии сарфакунанда, ки самранокии истеҳсолоти кишоварзиро баланд мебардорад, ба малакаҳои рақамии сармояи инсонӣ вобаста мебошад. Дар ин замина, метавон хулоса кард, ки рушди устувори бахши кишоварзии иқтисодиёт танҳо тавассути омезиши ҳамаҷонибаи рушди сармояи инсонӣ, навсозии технологӣ ва дастгирии давлатӣ имконпазир буда, татбиқи тадбирҳои зарурӣ амнияти озуқавориро таъмин ва рақобатпазирии кишоварзиро баланд мебардорад.

АДАБИЁТ:

1. Ашӯров, И.С. Ҳамкории давлат ва бахши хусусӣ дар ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ ва меҳнатӣ / И.С. Ашӯров, И.Х. Гулов // Международные отношения и безопасность. – 2022. – No. 3(3). – P. 187-201. – EDN HTIBKS.
2. Бабаджанов, С.Р. Институциональные основы формирования и использования человеческих ресурсов в условиях трансформируемой экономики (на материалах Республики Таджикистан): специальность 08.00.01 "Экономическая теория": диссертация на соискание ученой степени кандидата экономических наук / Бабаджанов Сухроб Рустамович. – Душанбе, 2011. – 151 с. – EDN QFUMAL.
3. Ганиев, Т.Б. Ташаккулёбӣ ва инкишофи идоракунии сармояи инсонӣ дар шароити ҷаҳонишавии иқтисодӣ / Т.Б. Ганиев, Х.Х. Искандаров, С.Н. Давлатов. – Душанбе: Донишгохи миллии Тоҷикистон, 2023. – 164 р. – ISBN 978-99985—4102-3. – EDN ESMQYH.
4. Ганиев, Т.Б. Теоретические основы управления эффективности развития человека в современном менеджменте организации / Т.Б. Ганиев // Вестник университета (Российско-Таджикский (Славянский) университет). – 2016. – № 3(54). – С. 36-43. – EDN XICQIH.
5. Гоибназарзода, С.М. Особенности управления человеческих ресурсов в системе государственной службы / С.М. Гоибназарзода // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2020. – № 4. – С. 131-139. – EDN KNQLTE.
6. Гоибназарзода, С.М. Роль образования в трансформации рынка труда и развитии человеческих ресурсов / С.М. Гоибназарзода // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2020. – № 4. – С. 205-213. – EDN VGLNLP.
7. Зоирзода, И.С. Таъсири рақамикунонӣ ба таҳкими амнияти молиявӣ ва ташаккули сармояи инсонӣ дар Ҷумҳурии тоҷикитсон / И.С. Зоирзода // Рушди устувори низоми молиявию қарзӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт: Маҷмуаи маводи конфронси байналмилалӣ, Душанбе, 16 апреля 2026 года. – Душанбе: Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон, 2026. – P. 11-19. – EDN TESCHX.
8. Иматшоев, З.Х. Основные проблемы управления человеческим капиталом в сельском хозяйстве Республики Таджикистан / З.Х. Иматшоев // Новости науки. – 2025. – № 4. – С. 161-169. – EDN JTLCSF.
9. Кодиров, Ш.Ф. Демографические аспекты формирования человеческого капитала / Ш.Ф. Кодиров // III-й Международный демографический форум "Демография и глобальные вызовы": Сборник статей форума, Воронеж, 23–25 мая 2024 года. Том 1. Пленарное заседание. Секция 1. – Воронеж: ООО "Цифровая полиграфия", 2024. – С. 128-132. – EDN CKKGCL.
10. Комилов, С.Дж. Рушди сармояи инсонӣ дар шароити иқтисодиёти инноватсионӣ: Ҷанбаҳои институтсионалӣ / С.Дж. Комилов, Ш.К. Садикова, Д.А. Ходиев. – Душанбе: Таджикский национальный университет, 2025. – 184 р. – ISBN 978-99985—9005-2. – EDN ZTWNBR.
11. Кошонова, М.Р. Инновации и человеческий капитал: принципы и подходы к управлению трудовыми ресурсами / М.Р. Кошонова, И.С. Хоркашов, П.С. Кошонов // Экономика Таджикистана. – 2020. – № 1. – С. 169-176. – EDN BWWCSQ.
12. Мукимова, Н.Р. Инновационное развитие человеческого потенциала в условиях цифровой экономики Н.Р. Мукимова / Н.Р. Мукимова // Политехнический вестник. Серия: Интеллект. Инновации. Инвестиции. – 2021. – № 4(56). – С. 75-84. – EDN XINGKU.
13. Рахимов, Р.К. Развитие человеческого капитала - важнейшее условие формирования инновационной - индустриальной экономики / Р.К. Рахимов // Таджикистан: экономика и управление. – 2020. – № 1. – С. 11-24. – EDN WBHPID.
14. Саидмуродзода, Л.Х. К вопросу о роли компетентности и компетенций в формировании человеческого капитала / Л.Х. Саидмуродзода, С.Х. Хамидова // Ученые записки Худжандского государственного университета им. академика Б. Гафурова. Серия: Естественные и экономические науки. – 2022. – Т. 61, № 2. – С. 160-166. – EDN JUCKFJ.
15. Султонов, З.С. Формирование институционально-инновационной среды управления человеческим капиталом / З.С. Султонов, И.С. Окилов // Вестник университета (Российско-Таджикский (Славянский) университет). – 2019. – № 1(65). – С. 22-29. – EDN YTLOMN.
16. Файзуллоев, М.К. Развити человеческого капитала как основа становления инновационной экономики Таджикистана / М.К. Файзуллоев // Социально-экономические проблемы и перспективы развития трудовых отношений в инновационной экономике: Материалы международной научно-практической конференции, Омск, 22 апреля 2016 года. – Омск: Омский государственный технический университет, 2016. – С. 141-145. – EDN WXQNHN.

17.Хамидова, С.Х. Формирование и развитие человеческого капитала в условиях индустриально-инновационной экономики: институциональные и образовательные аспекты / С.Х. Хамидова // Вестник Бохтарского государственного университета имени Носира Хусрава. Серия гуманитарных и экономических наук. – 2026. – № 1-1(143). – С. 294-301. – EDN LBBETJ.
18.Холматов, М.М. Цифровая экономика Таджикистана в оценке человеческого капитала / М. М. Холматов // Экономика Таджикистана. – 2020. – № 1. – С. 104-111. – EDN GKUUQD.
19.Шамсов, И.С. Взаимодействия рынка труда и системы подготовки кадров в условиях цифровизации экономики / И.С. Шамсов // Таджикистан: экономика и управление. – 2020. – № 1. – С. 67-75. – ЭДН QNRNYJ.
20. Шамсов, И.С. Предпосылки цифровизации экономики и их влияние на отечественный рынок труда / И.С. Шамсов, Т.Р. Ризокулов // Таджикистан и современный мир. – 2019. – № 3(66). – С. 33-44. – EDN WOOQXD.
21.https://www.president.tj/event/missives/49225

УДК 339.138:622(575.3)

ОМИЛҲОИ МАРКЕТИНГИИ ВУСЪАТЁБИИ ИҚТИДОРИ СОДИРОТИИ САНОАТИ ИСТИХРОҶИ МАЪДАНИ ВИЛОЯТИ СУҒД

МИРЗОЗОДА ВОҲИД МИРЗО
Номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, муовини ректор оид ба корҳои тарбияи Донишкадаи кӯҳию металлургии Тоҷикистон. **Суроға:** 735730, Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Суғд, шаҳри Бустон, кӯчаи А. Баротов, 6. **Тел.:** (+992) 927-34-11-88.
E-mail: vohid.o@mail.ru

Аннотатсия. Дар мақола масъалаҳои вусъатёбии иқтидори содиротии саноати истихроҷи маъдани вилояти Суғд ва таъсири фаъолнокии маркетингӣ ба раванди мазкур мавриди омӯзиш қарор дода шудааст. Қайд карда мешавад, ки мавҷудияти иқтидори захиравӣ ва истеҳсолии минтақа рушди низоми иқтисодиёти онро кафолат намедиҳад. Дар ин маврид, ташаккул ва вусъатёбии иқтидори содиротии соҳаҳо, махсусан саноати истихроҷи маъдан, ки аз рӯи нишондиҳандаҳои он вилояти Суғд дар кишвар мавқеи намоёнро ишғол менамояд, аҳамияти хоса дорад. Дар баланд бардоштани самаранокии истифодабарии иқтидори содиротии саноати истихроҷи маъдан фаъолнокии маркетингии корхонаҳои соҳаи мазкур аҳамияти хоса дорад, зеро маҳсулоти соҳа ва бозори фурӯши он хусусиятҳои хоси худро дорад. Ҳиссаи маҳсулоти саноати истихроҷи маъдан дар сохтори содироти минтақавӣ ҳиссаи зиёдро дорад ва вусъатёбии он барои таҳкими иқтидори содиротии минтақа таъсири назаррасро мерасонад. Барои таъмини рушди саноати истихроҷи маъдан ва рушди низоми иқтисодиёти минтақа татбиқи коркарди ниҳоии маҳсулоти соҳа зарур мебошад, ки сатҳи баланди арзиши иловашуда ба вуҷуд меорад ва ҳаҷми воридотҳои пулиро ба минтақа афзоиш медиҳад.

Калидвожаҳо: маркетинг, фаъолнокии маркетингӣ, иқтидори содиротӣ, истихроҷи маъдан, рушди иқтисодиёти минтақа, вусъатёбии иқтидор, ҳаҷми истеҳсол.

МАРКЕТИНГОВЫЕ ФАКТОРЫ РАСШИРЕНИЯ ЭКСПОРТНОГО ПОТЕНЦИАЛА ГОРНОДОБЫВАЮЩЕЙ ПРОМЫШЛЕННОСТИ СОГДИЙСКОЙ ОБЛАСТИ

МИРЗОЗОДА ВОХИД МИРЗО
Кандидат экономический наук доцент, проректор по воспитательной работе Горно-металлургического института Таджикистана. **Адрес:** 735730, Республика Таджикистан, Согдийская область, город Бустон, ул. А. Баротов, 6. **Тел.:** (+992) 927-34-11-88.
E-mail: Vohid.o@mail.ru

Аннотация. В статье рассматриваются вопросы расширения экспортного потенциала горнодобывающей промышленности Согдийской области и влияния маркетинговой активности на данный процесс. Отмечается, что наличие ресурсного и производственного потенциала региона не гарантирует развития его экономической системы. В этой связи особое значение приобретает формирование и расширение экспортного потенциала отраслей, особенно горнодобывающей промышленности, по показателям которой Согдийская область занимает заметное положение в стране. В повышении эффективности использования экспортного потенциала горнодобывающей промышленности особое значение имеет маркетинговая активность предприятий данной отрасли, поскольку продукция отрасли и рынок её сбыта имеют свои специфические особенности. Доля продукции горнодобывающей промышленности в структуре регионального экспорта является значительной, и её расширение оказывает существенное влияние на укрепление экспортного потенциала региона. Для обеспечения развития горнодобывающей промышленности и экономической системы региона необходимо осуществление конечной переработки продукции отрасли, что позволяет создавать более высокий уровень добавленной стоимости и росту объёма денежных поступлений в регион.

Ключевые слова: маркетинг, маркетинговая активность, экспортный потенциал, горнодобывающая промышленность, развитие экономики региона, расширение потенциала, объём производства.

MARKETING FACTORS IN EXPANDING THE EXPORT POTENTIAL OF THE MINING INDUSTRY IN THE SUGHD REGION

MIRZOZODA VOHID MIRZO

Candidate of Economic Sciences, associate professor, Vice-Rector for educational work at the Mining-Metallurgical Institute of Tajikistan. **Address:** 735700, Republic of Tajikistan, Sughd region, Buston city, street Barotov,6. **Tel.:** (+992) 927-34-11-88. **E-mail:** vohid.o@mail.ru

Abstract. The article examines issues related to expanding the export potential of the mining industry in the Sughd Region and the influence of marketing activity on this process. It is noted that the availability of resource and production potential in a region does not, in itself, guarantee the development of its economic system. In this regard, particular importance is attached to the formation and expansion of the export potential of various industries, especially the mining industry, in terms of which the Sughd Region occupies a prominent position in the country. Marketing activity of enterprises in this sector plays a particularly important role in improving the efficiency of utilizing the export potential of the mining industry, since the industry's products and their target markets have specific characteristics. Mining products account for a significant share of the region's export structure, and the expansion of this share has a substantial impact on strengthening the region's export potential. To ensure the development of the mining industry and the regional economic system, it is necessary to implement final processing of industry products, which makes it possible to generate higher added value and increase the volume of monetary inflows into the region.

Keywords: marketing, marketing activity, export potential, mining industry, regional economic development, potential expansion, production volume.

Сарсухан. Дар шароити ҷаҳонишавии босуръати иқтисодиёти минтақавӣ ва миллӣ мавҷудияти захираҳои иқтисодӣ, иқтидори истеҳсолии соҳа ва истеҳсоли воқеии маҳсулот рушди субъектони фаъолияти хоҷагидорӣ, соҳа ва иқтисодиёти ҳам минтақаву ва кишварро бо пуррагӣ таъмин карда наметавонад. Дар ин маврид, ба фурӯш баровардани маҳсулоти истеҳсолгардида ва воридотҳои воситаҳои пулӣ аҳамияти хоса дорад, ки фаъол гардонидани фаъолияти маркетингии субъектони фаъолияти хоҷагидориро талаб менамояд. Раванди мазкур барои таъмини устувории фурӯш ва мунтазамии ҳаҷми он таъсири мустақим дошта, иқтидори содиротии соҳаро вусъат мебахшад.

Усулҳои таҳқиқот. Ҳангоми гузаронидани таҳқиқоти илмӣ усулҳои гуногуни таҳлили иқтисодӣ, аз ҷумла, усулҳои таҳлили динамикӣ, муқоисакунӣ, усули арзёбии экспертӣ, омилӣ, усули сохторию мантиқӣ, усули шохисӣ ва дигар усулҳо истифода шуданд, ки онҳо ҳамдигарро пурра менамоянд ва барои баррасии гуногунҷабҳаи масъалаи гузошташаванда мусоидат менамоянд.

Ҳангоми навиштани мақола маводҳои даврии Сарраёсати агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Суғд ва додаҳои он, маводҳои нашрияҳои даврии илмӣ, натиҷаҳои корҳои илмӣ-татқиқотии олимони ватанӣ ва хориҷӣ, манбаъҳои электронии Интернет ташкил менамоянд.

Мақсади таҳқиқот дар омӯзиши иқтидори содиротии соҳаи истихроҷи маъдани вилояти Суғд ва нақши омилҳои маркетингӣ ва фаъолнокии маркетингии субъектони фаъолияти хоҷагидории соҳаи мазкур дар вусъатёбии иқтидори содирот бо дар назардошти шароити муосир зоҳир мегардад.

Натиҷаҳои таҳқиқот. Вилояти Суғд яке аз марказҳои саноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шумор рафта, қисми асосии маҳсулоти саноати истихроҷи маъдан дар ҳудуди минтақаи мазкур истеҳсол ва ба фурӯш бароварда мешавад, ки ба рушди низоми иқтисодиёти минтақа, таъмини аҳолӣ бо ҷойи кор, ташаккули арзиши баланди иловашуда, афзоиши воридотҳои пулӣ ба буҷети давлатӣ таъсири мустақим мерасонад. Дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 203 афзоиш додани ҳаҷми истеҳсол ва фурӯши маҳсулоти саноатӣ ва таъмини сатҳи баланди рақобатпазирии он дар бозорҳои дохилӣ ва беруна яке аз самтҳои афзалиятноки рушди иқтисодиёти мамлакат эътироф карда шудааст [1].

Сарфи назар аз он, ки саноати истихроҷи маъдани вилояти Суғд яке аз соҳаҳои рушдкардаи на танҳо минтақа,балки кишвар маҳсуб меёбад, дар таъмини мунтазамии ҳаҷми фурӯш ва вусъат додани иқтидори содиротии он баъзе фазои холиро дидан мумкин аст. Содироти маҳсулот ба бозорҳои беруна омили муҳимтарини рушди иқтисодиёт ба шумор рафта, дар ин маврид, ташаккул, вусъатдиҳӣ ва самаранок истифода намудани иқтидори содиротӣ муҳим мебошад, ки дар зери иқтидори содиротии саноати истихроҷи маъдан қобилияти истеҳсол намудани маҳсулоти рақобатпазири соҳавӣ ва ба бозорҳои беруна содирот намудани онҳо фаҳмида мешавад.

Аннотатсия. Дар мақола ташкили баҳисобгирии ҷорӣ ва усулҳои ҳисоботи молиявии ширкатҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлил карда мешавад. Ҳадафи таҳқиқот муайян кардани хусусиятҳои хоси ташкили баҳисобгирӣ, равандҳои таҳия ва пешниҳоди ҳисоботи молиявӣ ва арзёбии мушкилоте мебошад, ки дар фаъолияти ширкатҳо ба миён меоянд. Таҳлили чаҳорчӯбаи танзимкунандаи баҳисобгирӣ ва ҳисоботи корпоративӣ, татбиқи Стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ, нақши сиёсати баҳисобгирии ширкатҳо ва таъсири рақамикунонии равандҳои баҳисобгириро дар бар мегирад. Натиҷаҳо нишон медиҳанд, ки такмил додани усулҳои баҳисобгирӣ, истифодаи технологияҳои муосири рақамӣ ва баланд бардоштани сифати ҳисоботи молиявӣ ба беҳтар шудани шаффофият, эътимоднокӣ ва самаранокии идоракунии корпоративӣ мусоидат менамояд.

Калидвожаҳо: баҳисобгирии муҳосибӣ, ҳисоботи корпоративӣ, ҳисоботи молиявӣ, методикаи баҳисобгирӣ, сиёсати баҳисобгирӣ, стандартҳои байналмилалӣ, ҳисоботи молиявии корхона, рақамикунонӣ, технологияҳои рақамӣ.

АНАЛИЗ ДЕЙСТВУЮЩЕЙ МЕТОДИКИ ОРГАНИЗАЦИИ БУХГАЛТЕРСКОГО УЧЁТА И КОРПОРАТИВНОЙ ОТЧЁТНОСТИ НА ПРЕДПРИЯТИЯХ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

НАЗАРОВ МАХМАДЯТИМ ХУШВАХТОВИЧ
Докторант PhD кафедры бухгалтерского учета Таджикского национального университета. **Адрес:** Республика Таджикистан, 734025, г. Душанбе, проспект Рудаки 17.
Тел.: +992 870-10-19-94. **E-mail**: makhmadyatim.nazarov@mail.ru

Аннотация. В статье анализируется существующая организация бухгалтерского учета и методы финансовой отчетности предприятий Республики Таджикистан. Цель исследования – выявление специфики организации бухгалтерского учета, процессов подготовки и представления финансовой отчетности, а также оценка проблем, возникающих в деятельности предприятий. Анализ включает нормативно-правовую базу бухгалтерского учета и корпоративной отчетности, внедрение Международных стандартов финансовой отчетности, роль учетной политики предприятий и влияние цифровизации бухгалтерских процессов. Результаты показывают, что совершенствование методов бухгалтерского учета, использование современных цифровых технологий и повышение качества финансовой отчетности способствуют повышению прозрачности, надежности и эффективности корпоративного управления.

Ключевые слова: бухгалтерский учет, корпоративная отчетность, финансовая отчетность, методология бухгалтерского учета, учетная политика, международные стандарты, финансовая отчетность предприятия, цифровизация, цифровые технологии.

ANALYSIS OF THE METHODOLOGY OF ACCOUNTING AND CORPORATE REPORTING IN ENTERPRISES OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN.

NAZAROV MAHMADYATIM KHUSHVAKHTOVICH
PhD student of the Department of Accounting of the Tajik National University.
Address: Republic of Tajikistan, 734025, Dushanbe, Rudaki Avenue 17.
Tel.: +992 870-10-19-94. **E-mail**: makhmadyatim.nazarov@mail.ru

Abstract. The article analyzes the current accounting organization and methods of financial reporting of companies in the Republic of Tajikistan. The purpose of the study is to identify the specific features of accounting organization, the processes of preparation and presentation of financial statements, and assess the problems that arise in the activities of companies. The analysis includes the regulatory framework for accounting and corporate reporting, the implementation of International Financial Reporting Standards, the role of accounting policies of companies, and the impact of digitalization of accounting processes. The results show that improving accounting methods, using modern digital technologies, and improving the quality of financial reporting contribute to improving transparency, reliability, and efficiency of corporate governance.

Keywords: accounting, corporate reporting, financial reporting, accounting methodology, accounting policy, international standards, financial reporting of the enterprise, digitalization, digital technologies.

Мубрамии таҳқиқот. Дар заминаи ҷаҳонишавии иқтисодиёт, рақамикунонии равандҳои тиҷорат ва муносибатҳои байналмилалӣ, нақши баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи корпоративӣ аҳамияти хоса пайдо намудааст. Имрӯз баҳисобгирии муҳосибӣ манбаи асосии иттилооти иқтисодӣ барои қабули қарорҳои идоракунӣ, арзёбии нишондиҳандаҳои молиявӣ ва вазъи иқтисодии ширкатҳо баҳисоб меравад. Аз ин рӯ, сифати иттилооти баҳисобгирӣ ва ҳисоботи корпоративӣ мустақиман ба шаффофият, эътимоднокӣ ва самаранокии идоракунии корпоративӣ таъсир мерасонад.

Дар баробари рушди муносибатҳои иқтисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва густариши муносибатҳои хоҷагидорӣ, зарурати такмил додани усулҳои мавҷудаи баҳисобгирӣ ва ҳисоботи корпоративӣ меафзояд. Дар асл, масъалаи такмили методикаи баҳисобгирӣ ва ҳисоботи корпоративӣ, иттилоотиро дар бар мегирад, ки ҳамаи онҳо ба сифати маълумоти пешниҳодшуда таъсир назарас мерасонад.

Аз ин рӯ, таҳлили усулҳои ҷории баҳисобгирӣ ва ҳисоботи корпоративии ширкатҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳамияти назарраси илмӣ ва амалӣ дорад ва барои муайян кардани мутобиқати онҳо ба талаботи муосири иқтисодӣ, муайян кардани мушкилоти мавҷуда ва таҳияи дастурҳо барои такмили минбаъда мусоидат мекунад.

Асосҳои назариявии таҳқиқот. Дар асарҳои муҳаққиқон масъалаҳои гуногуни илмӣ интишор шудаанд, ки ба хусусиятҳои таҳлили методикаи амалкунандаи ташкили баҳисобгирӣ ва ҳисоботи корпоративӣ бахшида шудаанд. Олимони хориҷӣ, аз ҷумла М.С. Алам [1], Р.М. Бушман [2], Островская, А.Ю. [12], Одинцова, Т.М. [11] асосҳои назариявии таҳлили методикаи баҳисобгирии корпоративиро таҳлил карда, принсипҳои ҳамоҳангсозии вазифаҳои баҳисогирии корпоративӣ, молиявӣ ва таҳлилиро муайян ва таъсири технологияҳои рақамиро ба низомҳои баҳисобгирӣ баррасӣ мекунанд.

Дар доираи илмии Ҷумҳурии Тоҷикистон, масъалаҳои рақамикунонии баҳисобгирии корпоративӣ дар интишороти Хушвахтзода, Қ.Х. [13], Кошонова, М.Р. [9], Б.Ҳ. Каримов [4] мавриди таҳлил қарор гирифтаанд, ки аҳамияти мутобиқ кардани стандартҳои байналмилалиро ба амалияҳои миллӣ, таҳлили методикаи баҳисобгирӣ ва ҳисоботи корпоративӣ дар корхонаҳои Ҷумҳурии тоҷикистон ва баланд бардоштани шаффофияти ҳисоботи корпоративиро таъкид мекунанд. Навобаста аз шумораи зиёди интишорот ва таҳқиқоти ҳамаҷониба, ки таҳлили муқоисавии таҷрибаи байналмилалӣ ва миллиро бо таҳлили методикаи амалкунандаи ташкили баҳисобгирӣ ва ҳисоботи корпоративӣ дар корхонаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон муттаҳид кунад, вуҷуд надорад, ки ин як холигоҳи илмӣ бунёд намуда, зарурати таҳқиқоти мазкурро асоснок мекунад.

Мақсади асосии таҳқиқот ин гузаронидани таҳлили ҳамаҷонибаи усулҳои кунунии баҳисобгирӣ ва пешниҳоди ҳисоботи корпоративии ширкатҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, муайян кардани мушкилоти мавҷуда ва пешниҳоди роҳҳои ҳалли онҳо мебошад.

Фарзияи таҳқиқот ин самаранокии идоракунии корпоративӣ ва сифати қабули қарорҳои иқтисодӣ мустақиман бо сатҳи ташкилӣ ва усулҳои баҳисобгирӣ ва ҳисоботдиҳии ширкатҳо алоқаманд аст. Бо таҳлили усулҳои мавҷуда, бартараф кардани камбудиҳои ташкилӣ ва методологӣ, беҳтар кардани мутобиқати баҳисобгирӣ бо талаботи муосири ҳисоботдиҳӣ ва истифодаи технологияҳои рақамӣ, эътимоднокӣ, шаффофият ва арзиши иттилоотии гузоришҳои ширкатҳоро беҳтар кардан мумкин аст.

Усулҳои таҳқиқот. Дар мақола усулҳои таҳқиқоти илмӣ, технологӣ ва иқтисодӣ истифода мешаванд. Аз ҷумла, он аз усулҳои таҳлилӣ ва якҷоя барои омӯзиши унсурҳои гуногуни баҳисобгирӣ ва ҳисоботи корпоративӣ истифода шуда, натиҷаҳои таҳлилиро ҷамъбаст менамояд. Усулҳои муқоисавӣ барои муқоисаи нишондиҳандаҳо ва тартиботи баҳисобгирии корпоративӣ бо талаботи танзимкунанда ва принсипҳои муосири баҳисобгирӣ истифода мешаванд.

Ғайр аз ин, асосноккунии таснифот, мушоҳида, таҳлили омори иқтисодӣ ва усулҳои системавӣ низ истифода мешаванд. Равиши системавӣ ба мо имкон медиҳад, ки баҳисобгирӣ ва ҳисоботи корпоративиро ҳамчун як системаи ягонаи иттилоотӣ баррасӣ кунем ва робитаҳои байни унсурҳои он ва таъсири онҳоро ба сифати маълумоти молиявӣ муайян кунем.

Пойгоҳи додаҳои таҳқиқотӣ ҳуҷҷатҳои танзимкунанда, Стандартҳои байналмилалии ҳисоботдиҳии молиявӣ (СБҲМ), адабиёти илмӣ ва таълимӣ, маълумоти оморӣ ва маълумоти баҳисобгирӣ ва ҳисоботдиҳӣ аз корхонаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар бар мегирад.

Қисмати асосӣ. Дар шароити муосир самаранокии идоракунии корпоративӣ асосан аз сифати ташкили раванди баҳисобгирии муҳосибӣ, сатҳи таъминоти меъёрию методологӣ, оқилона таҳия ва роҳандозӣ намудани сиёсати баҳисобгирӣ, инчунин қобилияти муҳосибот

барои қонеъ кардани талаботи афзояндаи иттилоотии истифодабарандагони дохилӣ ва берунӣ муайян мегардад. Зеро, тавре М.Р. Кошонова қайд мекунад, «имрӯз муҳосибот таъминкунандаи ягонаи иттилооти иқтисодии бо ҳуҷҷатҳо асоснокшуда дар бораи мавҷудият ва истифодаи воқеии дороиҳо, уҳдадориҳо, сармоя, равандҳои хоҷагидорӣ ва натиҷаҳои фаъолияти корхона мебошад. Муҳосибот тавассути ҳисоботи молиявӣ пеш аз ҳама иттилооти воқеъбинонаро дар бораи вазъи молиявӣ, ки ченаки асосии арзёбии он устувории молиявӣ мебошад, пешниҳод мекунад» [9, с. 24].

Аҳамияти ҳисоботи корпоративӣ на танҳо бо риояи талаботи қонунгузорӣ, балки инчунин бо нақши он дар таъминоти иттилоотии идоракунии корпоративӣ муайян мегардад. Дар робита ба ин, муҳаққиқи Р.Г. Осипова дуруст қайд мекунад, ки «сифати ҳисоботи корпоративӣ ба обрӯи корхонаҳои тиҷоратӣ, мавқеи онҳо дар соҳа, ҷолибияти сармоягузории онҳо, муносибати мақомоти давлатӣ, мақомоти андоз ва муштариён, инчунин ба рушди ояндаи онҳо таъсир мерасонад. Ҳисоботи корпоративии дуруст тартибдодашуда ва ифшогардида, ки тамоми иттилооти заруриро ба назар гирифтааст, ба сифати қарорҳои идоракунии қабулшаванда таъсир мерасонад. Ҳар қадар баҳисобгирӣ ва таҳлили нишондиҳандаҳои баррасишавандаи фаъолияти корхонаи тиҷоратӣ дақиқтар бошад, ҳамон қадар ошкор шудани имкониятҳои инкишоф ва рушди он бештар воқеӣ мебошад» [11, с. 32]. Бинобар ин, арзёбии низоми амалкунандаи таъминоти меъёрию ҳуқуқӣ ва методии баҳисобгирӣ ва ҳисоботи корпоративӣ шарти зарурии ошкор кардани мушкилоти мавҷуда ва муайян кардани самтҳои мукаммалгардонии минбаъдаи он мебошад.

Мақбул ба назар мерасад, ки таҳқиқи методикаи муосири ташкили баҳисобгирӣ ва ҳисоботи корпоративӣ аз таҳлили пойгоҳи меъёрию ҳуқуқие, ки асосҳои ҳуқуқӣ, ташкилӣ ва методии баҳисобгирӣ ва ҳисоботи корпоративиро муайян мекунад, оғоз карда шавад. Равиши мазкурро муҳаққиқони дигар низ ҷонибдорӣ мекунанд. Аз ҷумла, А.Ю. Островская чунин зикр мекунад, ки: «методикаи ҳисоботи корпоративӣ доираи васеи унсурҳоро дар шакли принсипҳо, стандартҳо ва расмиёт дар бар мегирад, ки корхона онҳоро барои ҷамъоварӣ, банизомдарорӣ, коркард ва пешниҳоди иттилоот дар бораи фаъолияти хоҷагидории худ истифода мебарад. Худи методикаи тартибдиҳии ҳисобот бо танзими меъёрии он робитаи наздик дорад. Танзими меъёрӣ доираҳо, қоидаҳо ва стандартҳоеро муқаррар мекунад, ки ҳисобот бояд ба онҳо мувофиқат кунад, методика – таҷассуми амалии ин талабот мебошад. Аз ин рӯ, омӯзиши масъалаи мазкур бояд аз баррасии танзими меъёрии ҳисоботи корпоративӣ оғоз шавад» [12, с. 329].

Имрӯз, ташкили равандҳои баҳисобгирию ҳисоботӣ дар корхонаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ба низоми бисёрсатҳаи танзимкунанда, ки қонунгузорӣ, стандартҳои байналмилалӣ ва қоидаҳо (низомномаҳо)-и миллии баҳисобгирии муҳосибӣ, ҳуҷҷатҳои методии идоравӣ ва қоидаҳои дохилии субъектҳои хоҷагидориро муттаҳид мекунад, асос ёфтааст. Чунин низом асосҳои ягонаи ташкилӣ ва методии ташаккули иттилооти корпоративии баҳисобгириро фароҳам меорад ва ҳамзамон ба корхонаҳо имкон медиҳад, ки унсурҳои алоҳидаи сиёсати баҳисобгириро ба хусусиятҳои фаъолияти худ мутобиқ кунанд. Вобаста ба ин, сохтори низоми амалкунандаи таъминоти меъёрию ҳуқуқии баҳисобгирӣ ва ҳисоботи корпоративӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҷадвали 1 оварда шудааст.

Ҷадвали 1. – Низоми таъминоти меъёрию ҳуқуқии ташкили баҳисобгирӣ ва ҳисоботи корпоративӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

Сатҳи танзими меъёрӣ	Санадҳои меъёрии асосӣ	Вазифаҳо дар танзими ташкили баҳисобгирӣ ва ҳисоботи корпоративӣ
1. Сатҳи қонунгузорӣ	Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон [8]; Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ» [10]; Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон [7]; фармонҳои	Асосҳои ҳуқуқии ташкили баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявиро муайян мекунад, сиёсати давлатиро дар соҳаи фаъолияти баҳисобгирию ҳисоботӣ муқаррар мекунад, ҳуқуқ, уҳдадориҳо ва

	Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон.	масъулияти субъектҳои баҳисобгириро муқаррар мекунад, инчунин заминаҳои қонунгузориро барои татбиқи СБҲМ ташаккул медиҳад.
2. Сатҳи меъёрию методологӣ	СБҲМ, низомнома (стандартҳо)-и миллии баҳисобгирии муҳосибӣ (НБМ).	Принсипҳои ягонаи методологии эътироф, баҳодиҳӣ, инъикос ва ифшои иттилоотро дар баҳисобгирӣ ва ҳисоботи молиявӣ муқаррар мекунад. Барои корхонаҳои бахши корпоративӣ асоси афзалиятноки меъёрию методии омодасозии ҳисоботи молиявӣ СБҲМ мебошанд.
3. Сатҳи методӣ	Нақшаи ҳисобҳои баҳисобгирии муҳосибии фаъолияти молиявӣ-хоҷагии субъектҳои хоҷагидорӣ ва нишондоди методӣ оид ба корбурди он; тавсияҳои методӣ, дастурамалҳо, муқаррарот, тавзеҳот ва дигар ҳуҷҷатҳои меъёрии Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон.	Татбиқи амалии талаботи қонунгузорӣ, СБҲМ ва НБМ-ро таъмин мекунад, тартиби ҳуҷҷатнигории амалиёти хоҷагидорӣ, пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ, истифодаи феҳристҳои муҳосибӣ, ташаккул ва пешниҳоди ҳисоботи молиявиро танзим мекунад.
4. Сатҳи корпоративӣ	Сиёсати баҳисобгирии корхона; нақшаи кории ҳисобҳо; ҷадвали ҳуҷҷатгардиш; низомнома дар бораи хадамоти муҳосибӣ; низомнома дар бораи назорати дохилӣ; стандартҳои дохилии ташаккули ҳисоботи корпоративӣ; дигар ҳуҷҷатҳои меъёрии дохилӣ.	Ташкили баҳисобгирии корпоративӣ ва омодасозии ҳисоботи корпоративиро дар сатҳи корхона танзим мекунад, татбиқи талаботи қонунгузорӣ, СБҲМ ва НБМ-ро бо назардошти хусусиятҳои соҳавӣ, миқёсҳои фаъолият, сохтори ташкилӣ ва эҳтиёҷоти иттилоотии истифодабарандагони манфиатдор мушаххас мекунад.

Сарчашма: таҳияи муаллиф

Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар низоми меъёрию ҳуқуқии танзимкунандаи баҳисобгирӣ ва ҳисоботи корпоративӣ дар кишвар мақоми махсусро ишғол мекунад. Дар тафовут аз аксари санадҳои меъёрию ҳуқуқие, ки бевосита ташкили баҳисобгирии муҳосибиро танзим мекунанд, муқаррароти он асоси ҳуқуқии появиро барои эътироф кардани объектҳои алоҳидаи баҳисобгирии муҳосибӣ муайян мекунанд. Ин пеш аз ҳама ба моддаи 13 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дахл дорад, ки мувофиқи он замин, маъданҳои зеризаминӣ, об, фазои ҳавоӣ, олами набототу ҳайвонот ва дигар захираҳои табиӣ моликияти истисноии давлат мебошанд. Ин муқаррароти конститутсионӣ бевосита ба таркиби объектҳои баҳисобгирии муҳосибӣ ва муҳтавои ҳисоботи молиявии корпоративӣ таъсир мерасонад.

Аҳамияти амалии ин муқаррарот дар он ифода меёбад, ки объектҳои моликияти истисноии давлатӣ наметавонанд ҳамчун дороиҳои субъектҳои хоҷагидорӣ эътироф шаванд ва дар тавозуни муҳосибии онҳо инъикос ёбанд. Корхонаҳо на худи захираҳои табиӣ, балки ҳуқуқҳои моликиятеро, ки аз истифодаи онҳо ба вуҷуд меоянд, ба ҳисоб мегиранд, ба шарте ки чунин ҳуқуқҳо ба маҳакҳои муқарраршудаи эътирофи объектҳои баҳисобгирии муҳосибӣ ҷавобгӯ бошанд. Аз ин рӯ, меъёрҳои конститутсионӣ заминаҳои аввалии ҳуқуқии ташкили баҳисобгирии муҳосибиро бунёд мекунанд ва ба татбиқи СБҲМ ва қоидаҳои миллии баҳисобгирии муҳосибӣ бевосита таъсир мерасонанд.

Ин хусусияти низоми миллии баҳисобгирии муҳосибиро муҳаққиқ Б.Ҳ. Каримов тасдиқ намуда, чунин қайд мекунад: «Мувофиқи моддаи 13 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон замин, маъданҳои он ва дигар сарватҳои табиӣ моликияти истисноии давлат мебошанд. Ин маъное дорад, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон конҳои маъданҳои минералӣ ва дигар сарватҳои табиӣ моликияти корхонаву ташкилотҳо нестанд ва наметавонанд дар тавозуни муҳосибии онҳо чун дороиҳо нишон дода шаванд. ... Мусаллам аст, ки яке аз пояҳои

асосии баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ ин принсипи ченкунии арзишӣ – баҳодиҳӣ мебошад, ки ба вай моддаҳои 10 ва 23-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ низ ишорат мекунанд. Ин принсип водор месозад, ки бояд ҳамаи объектҳои баҳисобгирии муҳосибӣ дар шакли арзишӣ ифода ёбанд. Он чизеро, ки бо пул чен кардан номумкин аст, наметавон чун объекти баҳисобгирии муҳосибӣ ҳисобид» [5, с. 172-173].

Дар асоси таҳлили гузаронидашуда метавон хулоса бароварда, ки Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон на танҳо вазифаи умумии ҳуқуқиро иҷро мекунад, балки нсури асосии танзими меъёрии баҳисобгирӣ ва ҳисоботи корпоративӣ низ мебошад. Бо муқаррар кардани ҳуқуқии истисноии моликият нисбат ба объектҳои муайян, он ҳудуди эътирофи онҳоро дар баҳисобгирии муҳосибӣ муайян мекунад ва бо ин васила ба методологияи ташаккули ҳисоботи молиявии корхонаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсири мустақим мерасонад.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ» дар низоми танзими қонунгузории баҳисобгирии муҳосибӣ мавқеи марказиро ишғол мекунад. Он «асосҳои ташкилию ҳуқуқӣ, принсипҳо ва қоидаҳои пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ ва тартиб додани ҳисоботи молиявиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда, муносибатҳои ин соҳаро танзим менамояд» [11]. Қабули қонуни мазкур марҳилаи муҳим дар рушди низоми миллии баҳисобгирии муҳосибӣ гардид, зеро он ташаккули заминаи ҳуқуқии муосири ташкили баҳисобгирии муҳосибиро, ки ба ҳамоҳангсозии пайваста бо СБҲМ ва мукаммалгардонии минбаъдаи ҳисоботи молиявии субъектҳои хоҷагидорӣ нигаронида шудааст, таъмин намуд. Дар баробари ин, таҳлили муқаррароти қонун нишон медиҳад, ки меъёрҳои он асосан ба танзими баҳисобгирӣ ва ҳисоботи молиявӣ дар маҷмуъ нигаронида шуда, хусусиятҳои ташкили баҳисобгирӣ ва ҳисоботи корпоративӣ ба назар гирифта нашудаанд.

Ҳадафи қонун «таъмини сиёсати ягонаи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ, пешбурди баҳисобгирии молу мулк, дороиҳо, уҳдадориҳо ва тартиб додани иттилооти муқоисавӣ ва саҳеҳ вобаста ба амалиёти хоҷагидорие мебошад, ки мақомоти давлатӣ, корхонаҳо, муассисаҳо ва дигар ташкилотҳо барои истифодабарандагон пешниҳод менамоянд» [11].

Таҳлили ҷанбаи истилоҳии қонун низ мавҷудияти муқаррароторо нишон медиҳад, ки бо назардошти марҳилаи муосири рушди баҳисобгирии муҳосибӣ ба тавзеҳот ва дақиқкунӣ ниёз доранд. Чунончӣ, моддаи 2 қонуни мазкур таърифи баҳисобгирии муҳосибиро чунин муайян мекунад: «низоми ягонаи ҷамъоварӣ, бақайдгирӣ, ҷамъбасти иттилоот дар бораи молу мулк, дороиҳо, уҳдадориҳо ва сармояи ташкилот, ки аз рӯи шаклҳои муқарраршуда тартиб дода шудаанд» [11]. Вале, ин таъриф аз ҷиҳати ҳам мазмун ва ҳам грамматика саҳеҳ нест. Чунин ба назар мерасад, ки он муҳтавои имрӯзаи баҳисобгирии муҳосибиро ҳамчун низоми иттилоотии идоракунӣ пурра инъикос намекунад. Дар он якчанд камбудиҳо мавҷуд мебошанд, ки ба онҳо таваҷҷуҳ бояд зоҳир кард.

Якум, мафҳумҳои «молу мулк» (амвол) ва «дороиҳо» ҳамдигарро такрор мекунанд. Дар худи қонун дороиҳо чунин муайян карда шудаанд: «захираҳое, ки дар натиҷаи амалиёти пешин таҳти назорати шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ қарор дошта, гирифтани нафъи иқтисодӣ аз онҳо дар назар аст» [11]. Бинобар ин, алоҳида номбар кардани молу мулк дар баробари дороиҳо такрори истилоҳотро ба вуҷуд меорад. Ғайр аз ин, таърифи баҳисобгирӣ даромад, хароҷот ва амалиёти хоҷагидориро дар бар намегирад, гарчанде ки қонун онҳоро ҳамчун объектҳо ва мафҳумҳои мустақили баҳисобгирӣ эътироф мекунад: «амалиёти хоҷагидорӣ – муомила, рӯйдод, шарт ва амалиёте, ки ба ҳолати молиявии ташкилот, натиҷаи фаъолияти молиявии он ё муомилоти маблағ таъсир расонида метавонад; ... даромад – афзоиши манфиати иқтисодии давраи ҳисоботӣ дар шакли воридшавӣ ё зиёдшавии дороиҳо ё худ камшавии уҳдадориҳо, ки сармояи саҳомии бо ҳиссагузориҳои соҳибмулкон вобастаро афзун мегардонад; хароҷот – камшавии манфиати иқтисодӣ дар давраи ҳисоботӣ дар шакли

хориҷшавӣ ё камшавии дороиҳо ё худ зиёдшавии уҳдадориҳо, ки ба камшавии сармояи саҳомии бо ҳиссагузориҳои соҳибмулкон новобаста оварда мерасонад» [11].

Дуюм, ибораи «аз рӯи шаклҳои муқарраршуда тартиб дода шудаанд» аз ҷиҳати грамматикӣ бо объектҳои номбаршуда – молу мулк, дороиҳо, уҳдадориҳо ва сармоя - алоқаманд аст, гарчанде ки дар асл он бояд ба иттилоот ё ҳуҷҷатҳо ишорат кунад. Аммо, худи иттилооти баҳисобгирӣ на ҳамеша танҳо «аз рӯи шаклҳои муқарраршуда» тартиб дода мешавад: баҳисобгирии муҳосибӣ мушоҳидаи аввалӣ, ҳуҷҷатнигорӣ, баҳодиҳӣ, банизомдарорӣ, инъикос кардан дар ҳисобҳо ва ҷамъбасти ниҳойии маълумотро дар бар мегирад.

Сеюм, таъриф муҳтавои баҳисобгириро танҳо ба се амал маҳдуд мекунад: ҷамъоварӣ, бақайдгирӣ ва ҷамъбасти иттилоот. Дар он унсурҳои асосии раванди баҳисобгирӣ оварда нашудаанд, аз қабили: андозагирӣ (ченкунӣ), баҳодиҳӣ (арзёбӣ), тасниф, коркард, банизомдарорӣ, нигоҳдорӣ ва интиқоли иттилоот ба истифодабарандагон. Ҳамчунин аломатҳои хоси баҳисобгирии муҳосибӣ – инъикоси пайваста, беист, бо ҳуҷҷат асоснокшуда ва ифодаи арзишӣ низ оварда нашудаанд. Масалан, Қ.Х. Хушвахтзода чунин таърифи баҳисобгирии муҳосибиро пешниҳод кардааст: «баҳисобгирии муҳосибӣ ҷамъоварӣ, бақайдгирӣ ва ҷамъбасткунии ахборро дар бораи фаъолияти хоҷагидории корхона бо роҳи баҳисобгирии яклухт, беист ва ҳуҷҷатнокгардидаи тамоми амалиёти хоҷагидорӣ бо ченаки ягонаи пулӣ ба ҷо меорад» [13, с. 30].

Б.Ҳ. Каримов баҳисобгирии муҳосибиро ба таври васеътар тафсир мекунад: «Баҳисобгирии муҳосибӣ мавзеи пайвасткунандаи фаъолияти хоҷагидорӣ ва шахсони қабулкунандаи қарорҳои идоракунӣ мебошад. Он ба хотири дар оянда истифода кардани маълумот дар бораи рӯйдодҳои фаъолияти хоҷагидорӣ онҳоро бо роҳи бақайдгирӣ дар ҳуҷҷатҳои аввалӣ сабт мекунад; маълумоти бақайдгирифтаро коркард намуда, то лаҳзаи зарурӣ нигоҳ медорад ва пас онҳоро ба шакле мубаддал мекунад, ки барои қабули қарорҳои идоракунӣ мусоид ва муфид шаванд; иттилоотро тавассути ҳисобот ба истифодабарандагон барои таҳияи қарорҳои идоракунӣ пешниҳод мекунад. Ҳамин тавр, баҳисобгирии муҳосибӣ ҷамъоварӣ, бақайдгирӣ ва ҷамъбасткунии иттилоотро дар бораи фаъолияти хоҷагидории корхона бо роҳи инъикоси яклухт, беист ва ҳуҷҷатноки тамоми рӯйдодҳои хоҷагидорӣ бо ченаки ягонаи пулӣ ба ҷо меорад» [4, с. 10].

Бояд қайд кард, ки хусусиятҳои ошкоршудаи қонуни амалкунандаи соҳаи баҳисобгирии муҳосибӣ на танҳо аҳамияти назариявӣ доранд, онҳо бештар ба ҷанбаҳои амалии ташкили баҳисобгирии муҳосибӣ дахл мекунанд. Ҷанбаи консептуалии ҳар як санади меъёрию ҳуқуқӣ асоси татбиқи минбаъдаи онро ташкил медиҳад, зеро маҳз тавассути низоми истилоҳоти истифодашуда муҳтавои объектҳои баҳисобгирии муҳосибӣ, принсипҳои ташкили раванди баҳисобгирӣ ва корбурди якхелаи қонунгузорӣ аз ҷониби субъектҳои хоҷагидорӣ муайян мегардад. Муайянии нокифояи баъзе мафҳумҳои появӣ метавонад боиси тафсирҳои гуногун ҳам дар мавриди ташкили баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳам дар мавриди омодасозии ҳисоботи молиявӣ гардад.

Ин масъала бо назардошти татбиқи фаъоли СБҲМ дар кишвар махсусан муҳим мебошад. Консепсияи муосири СБҲМ ба пешниҳоди иттилооти саҳеҳ ва барои қабули қарорҳои иқтисодӣ муфид нигаронида шудааст. Бинобар ин, муҳтавои мафҳумҳои асосии баҳисобгирии муҳосибӣ бояд бо равишҳои байналмилалӣ оид ба эътироф, баҳодиҳӣ ва ифшои иттилоот дар ҳисоботи молиявӣ мувофиқ бошад.

Ҳамчунин бояд қайд кард, ки баррасӣ нашудани мафҳумҳои «баҳисобгирии корпоративӣ» ва «ҳисоботи корпоративӣ» дар қонуни амалкунандаи соҳаи баҳисобгирии муҳосибӣ нишон медиҳад, ки қонунгузорӣ ба мисли қаблӣ асосан ба танзими умумии баҳисобгирӣ нигаронида шудааст. Аммо, рушди муосири бахши корпоративӣ, густариши корбурди принсипҳои идоракунии корпоративӣ, рақамикунонии равандҳои баҳисобгирию ҳисоботӣ ва талаботи афзояндаи сармоягузорон, қарздиҳандагон ва дигар истифодабарандагони манфиатдор ба сифати иттилооти ошкоршаванда рушди минбаъдаи низоми миллии танзими меъёриро тавассути ба таври қонунгузорӣ муқаррар кардани асосҳои

баҳисобгирӣ ва ҳисоботи корпоративӣ ҳамчун унсурҳои мустақили низоми муосири таъминоти иттилоотии идоракунии корпоративӣ тақозо мекунанд.

Вобаста ба мавқеи мазкур Б.Ҳ. Каримов чунин қайд мекунад: «Низомҳои миллии баҳисобгирии муҳосибӣ ва тартибдиҳии ҳисоботи молиявӣ ботадриҷ ташаккул ёфта, таърихан ҳамаи хусусиятҳои рушди давлатро ба худ қабул менамоянд. Бино бар ин, ба ҳар як низоми баҳисобгирии муҳосибии дар мамлакати алоҳида ташаккулёфта ва пойдоргардида хусусиятҳои фарқкунандаи худ рост меоянд. Ин ҷо омили калидӣ – пеш аз ҳама ба кадом доираи истифодабарандагон нигаронида шудани низоми иттилоотии баҳисобгирии муҳосибӣ мебошад. Ҳангоми муайян кардани ҳадафҳо, ғояҳо ва принсипҳои поягузори ҳисоботи молиявӣ, аниқ кардани методика ва қоидаҳои бақайдгирӣ ва баҳодиҳии объектҳои алоҳидаи баҳисобгирии муҳосибӣ омили ба кадом гурӯҳи исифодабарандагони ҳисоботи молиявӣ мансуб будани таъминкунандаи асосии сармояи корхона муҳим аст» [6, с. 171]. Ин нуқтаи назари илмӣ нишон медиҳад, ки рушди низоми миллии баҳисобгирии муҳосибӣ бояд на танҳо тамоюлҳои байналмилалӣ, инчунин хусусиятҳои иқтисодиёти миллӣ, сохтори моликият, низоми идоракунии корпоративӣ ва эҳтиёҷоти иттилоотии истифодабарандагони ҳисоботи корпоративиро низ ба назар гирад.

Дар робита ба ин, мақбул ба назар мерасад, ки баъзе муқаррароти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ» бояд мукаммал карда шаванд. Хусусан, таърифи баҳисобгирии муҳосибӣ бояд бо тасаввуроти илмии муосир ва талаботи СБҲМ мутобиқ карда шавад ва он ҳамчун низоми иттилоотии мураттаби ташаккули иттилооти саҳеҳ дар бораи дороиҳо, уҳдадориҳо, сармоя, даромад, хароҷот ва амалиёти хоҷагидорӣ, ки барои қонеъ кардани эҳтиёҷоти иттилоотии истифодабарандагони дохилӣ ва берунӣ пешбинӣ шудааст, баррасӣ карда шавад. Гузашта аз ин, самти умедбахши рушди қонунгузорӣ муқарраркунии меъёрии мафҳумҳои «баҳисобгирии корпоративӣ» ва «ҳисоботи корпоративӣ», инчунин муайян кардани хусусиятҳои ташкили онҳо, ки нисбат ба корхонаҳои бахши корпоративии Ҷумҳурии Тоҷикистон татбиқ мешаванд, ба назар мерасад.

Дар танзими ташкили баҳисобгирӣ ва ҳисоботи корпоративӣ Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон мавқеи муҳим дорад. Гарчанде ҳадафи асосии он танзими муносибатҳои андозӣ аст, баъзе муқаррароти кодекси андоз бевосита ба бунёди низоми баҳисобгирии муҳосибӣ, ташкили ҳуҷҷатгардиш, ташаккули сиёсати баҳисобгирӣ ва омодасозии ҳисоботи молиявӣ таъсир мерасонанд. Зеро, уҳдадориҳои андозии субъектҳои хоҷагидорӣ дар асоси маълумоти баҳисобгирии муҳосибӣ ташаккул меёбанд ва саҳеҳии он шарти зарурии ҳисобкунии дурусти андозҳо ва иҷрои уҳдадориҳои андоз мебошад.

Робитаи наздики байни баҳисобгирии андоз ва баҳисобгирии муҳосибӣ махсусан дар муқаррароти Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дархости ҳуҷҷатҳо ва иттилоотро ҳангоми роҳандозӣ намудани назорат ва санҷиши андоз танзим мекунанд, возеҳ аст. Чунончӣ, мувофиқи моддаи 52 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон: «Шахси мансабдори мақомоти андоз, ки санҷиши андозро мегузаронад, ҳуқуқ дорад аз контрагент ё шахсони дигар ҳуҷҷатҳо ва иттилооти марбут ба фаъолияти андозсупорандаи санҷишшавандаро талаб кунад. ... Тартиби талаб кардани иттилоот, ки дар ҳамин модда пешбинӣ шудааст, инчунин ҳангоми талаб кардани иттилооти марбут ба иштирокдорони гурӯҳи ширкатҳо истифода карда мешавад. ... Корманди ваколатдори мақомоти андоз дар ҷараёни санҷиши андоз бо мақсади ҷамъоварии маълумот бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқ дорад, ки ҳуҷҷатҳои муҳосибӣ ва дигар ҳуҷҷатҳои марбут ба андозбандиро нусхабардорӣ намояд, дар асоси санад оид ба гирифтан ҳуҷҷатҳои муҳосибӣ ё ҳуҷҷатҳои дигари марбут ба ҳамин санҷиши андозро гирад; ба ҳуҷҷатҳои муҳосибӣ ва ҳуҷҷатҳои дигар муҳр гузошта, истифодаи онҳоро ба муҳлати на зиёда аз нисфи муҳлати ин санҷиш манъ намояд» [12].

Муҳтавои ин муқаррарот нишон медиҳад, ки барои ҳадафҳои назорати андоз, иттилооте, ки корхонаҳо дар бораи даромад ва хароҷот, муносибатҳои хоҷагидорӣ, инчунин ҳуҷҷатҳои баҳисобгирӣ ва дигар ҳуҷҷатҳои тасдиқкунандаи амалиёти дахлдор таҳия

мекунанд, муҳим мебошанд. Яъне, талаботи қонунгузории андоз ба ташкили ҳуҷҷатгузорӣ, банизомдарории иттилооти баҳисобгирӣ, тартиби нигоҳдории он ва амалкунии назорати дохилӣ дар корхонаҳои корпоративӣ таъсири воқеъбинона мерасонад.

Корбурди тартиби дархости иттилоот нисбат ба аъзои гурӯҳ сазовори таваҷҷуҳи махсус аст. Ин муқаррарот бевосита ба бахши корпоративӣ дахл дорад, зеро назорати андоз метавонад амалиёт ва муносибатҳои иттилоотии якчанд шахсони ҳуқуқиро, ки ба сохтори умумии корпоративӣ дохил мешаванд, дар бар гирад. Ин ҳамоҳангии расмиёти баҳисобгирӣ, мушаххассозии амалиёти бо ҳам алоқаманд ва таъмини пайгиришаванда будани ҷараёнҳои иттилоотии байни аъзои гурӯҳро талаб мекунад.

Дар баробари ин, таҳлил нишон медиҳад, ки Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаҳои баҳисобгириро асосан аз нигоҳи маъмурикунонии андоз танзим мекунад ва муқаррароторо, ки хусусиятҳои баҳисобгирӣ ва ҳисоботи корпоративиро баррасӣ мекунанд, дар бар намегирад. Ин шаҳодат медиҳад, ки танзими меъёрии баҳисобгирии муҳосибӣ ва маъмурикунонии андоз асосан мустақилона рушд мекунад, дар ҳоле ки шароити муосири иқтисоди рақамӣ ҳамоҳангии наздиктарро байни ин низомҳо талаб мекунад. Бинобар ин, мукаммалгардонии минбаъдаи қонунгузории андоз дар баробари таъмини назорати муассири андоз, бояд ба фароҳам овардани шароит барои ташаккули иттилооти баландсифати баҳисобгирии корпоративӣ, ки барои қабули қарорҳои идоракунӣ, баланд бардоштани шаффофии фаъолияти корхонаҳо ва рушди идоракунии корпоративӣ зарур мебошанд, равона карда шавад.

Дар тафовут аз санадҳои меёрию қонунгузории баррасишуда, ки асосҳои умумии ҳуқуқии ташкили фаъолияти баҳисобгирию ҳисоботиро муайян мекунанд, фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон вазифаи дигарро иҷро мекунанд. Онҳо татбиқи амалии сиёсати давлатӣ дар соҳаи ислоҳоти баҳисобгирии муҳосибӣ, ҷорӣ намудани СБҲМ ва мукаммалгардонии низоми ҳисоботи молиявии субъектҳои хоҷагидориро таъмин мекунанд.

Таҳлили санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ нишон медиҳад, ки рушди низоми миллии баҳисобгирии муҳосибӣ марҳила ба марҳила сурат гирифтааст. Марҳилаи аввалии ислоҳот ба фароҳам овардани шароити ташкилию ҳуқуқӣ барои татбиқи СБҲМ нигаронида шуда буд. Маҳз дар ҳамин давра Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарорҳоеро қабул кард, ки механизми гузариши низоми миллии баҳисобгирии муҳосибӣ ба татбиқи стандартҳои байналмилалӣ, инчунин чорабиниҳои мукаммалгардонии танзими меъёрии ҳисоботи молиявиро муайян кардаанд. Асоси раванди мазкур қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 4 ноябри соли 2002 № 428 «Оиди стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ» буд, ки самтҳои асосии гузариши низоми миллии баҳисобгирии муҳосибиро ба стандартҳои байналмилалӣ муайян мекард. Минбаъд, сиёсати давлатӣ бо қабули қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 октябри соли 2006 № 465 «Оиди чорабиниҳои иловагии татбиққунии СБҲМ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», аз 5 марти соли 2008 № 124 «Дар бораи ворид намудани тағйирот ба қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 октябри соли 2006 № 465» ва аз 3 майи соли 2010 № 231 «Дар бораи чорабиниҳои иловагӣ оид ба татбиқи Стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки мукаммалгардонии минбаъдаи механизми ташкилии татбиқи СБҲМ, рушди пойгоҳи меъёрии баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳамоҳангсозии чорабиниҳо оид ба ислоҳоти низоми миллии ҳисоботи молиявиро пешбинӣ менамуданд, рушд ёфт.

Бо мурури ташаккули низоми муосири танзими баҳисобгирии муҳосибӣ дар кишвар, зарурати навсозии санадҳои меъёрию ҳуқуқии қаблан қабулшуда ба миён омад. Дар робита ба ин, бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 сентябри соли 2014 № 575, қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 4 ноябри соли 2002 № 428, аз 3 октябри соли 2006 № 465, аз 5 марти соли 2008 № 124 ва аз 3 майи соли 2010 № 231 беэътибор дониста шуданд.

Чунин ба назар мерасад, ки қабули қарори № 575 маънои даст кашидани ҳукумат аз уҳдадории худ барои татбиқи СБҲМ-ро надорад. Баръакс, он аз анҷоми марҳилаи аввалии ислоҳоти низоми миллии баҳисобгирии муҳосибӣ ва гузариш ба амсилаи сифатан нави

танзими меъёрӣ, ки ба қонунгузории навшуда, принсипҳои муосири танзими давлатӣ ва мукаммалгардонии минбаъдаи амалияи корбурди СБҲМ асос ёфтааст, шаҳодат медиҳад.

Таҳлили санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ нишон медиҳад, ки низоми муосири баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ дар натиҷаи мукаммалгардонии пайвастаи қонунгузории миллӣ ва татбиқи ботадриҷи СБҲМ ташаккул ёфтааст. Дар марҳилаҳои гуногуни ислоҳот санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ қабул карда шуданд, ки ба рушди методологияи баҳисобгирии муҳосибӣ, мукаммалгардонии танзими давлатӣ ва ҳамоҳангсозии низоми миллии баҳисобгирӣ бо амалияи байналмилалӣ нигаронида шудаанд. Масъалаҳои марбут ба ташкили баҳисобгирӣ ва ҳисоботи корпоративӣ ҳанӯз ба муқарраркунии меъёрию ҳуқуқии мустақил фаро гирифта нашудаанд. Ба хотири ҷамъбаст кардани натиҷаҳои таҳқиқот ва муайян кардани самтҳои асосии мукаммалгардонии минбаъдаи таъминоти меъёрию ҳуқуқии баҳисобгирӣ ва ҳисоботи корпоративӣ, натиҷаҳои таҳлил дар шакли тарҳ пешниҳод карда мешаванд (расми 1).



Расми 1. – Вазъ ва самтҳои мукаммалгардонии таъминоти меъёрию ҳуқуқии баҳисобгирӣ ва ҳисоботи корпоративӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон
Сарчашма: таҳияи муаллиф.

Тарҳи дар расми 1 пешниҳодшуда натиҷаҳои таҳқиқотро ба таври возеҳ тасдиқ мекунад ва нишон медиҳад, ки низоми дар Ҷумҳурии Тоҷикистон амалкунандаи танзими меъёрию ҳуқуқӣ асосҳои ҳуқуқӣ, ташкилӣ ва методии баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявиро фароҳам меорад. Бо вуҷуди ин, таҳлили қонунгузории амалкунанда нишон дод, ки танзими мустақили меъёрӣ барои баҳисобгирӣ ва ҳисоботи корпоративӣ вуҷуд надорад, ки ин бо тамоюлҳои муосири рушди идоракунии корпоративӣ, иқтисоди рақамӣ ва амалияи байналмилалии ташаккули иттилооти корпоративӣ пурра мувофиқат намекунад. Бинобар ин, мукаммалгардонии минбаъдаи пойгоҳи меъёрии миллӣ бояд ба муқаррар кардани асосҳои консептуалии баҳисобгирӣ ва ҳисоботи корпоративӣ аз ҷиҳати қонунгузорӣ, инчунин таҳияи таъминоти дахлдори методӣ барои ташкили онҳо дар корхонаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон нигаронида шавад.

Сатҳи дуюми танзими меъёрии баҳисобгирӣ ва ҳисоботи корпоративӣ сатҳи меъёрию методологӣ мебошад, ки онро СБҲМ ва НБМ ифода мекунанд. Дар ҳоле ки сатҳи қонунгузорӣ асоси ҳуқуқии баҳисобгириро муайян мекунад, сатҳи меъёрию методологӣ принсипҳои ягонаро барои эътироф, баҳодиҳӣ, пешниҳод ва ифшои иттилооро дар ҳисоботи молиявиро муқаррар намуда, қиёспазирии иттилооти баҳисобгирӣ ва корбурди ягонаи расмиёти баҳисобгириро таъмин мекунад.

Таҳлил нишон медиҳад, ки СБҲМ барои корхонаҳои бахши корпоративии Ҷумҳурии Тоҷикистон афзалият доранд ва ҳамчун пояи методологии асосии омодасозии ҳисоботи молиявӣ амал мекунанд. Дар баробари ин, қоидаҳо (стандартҳо)-и миллии баҳисобгирӣ – НБМ ҳамчун унсури низоми миллии танзими меъёрӣ аҳамияти худро нигоҳ медоранд ва то андозае, ки бо талаботи қонунгузорӣ ва стандартҳои байналмилалӣ мувофиқ аст, мавриди истифода қарор мегиранд. Тавсифи муқоисавии нақши СБҲМ ва НБМ дар ташкили баҳисобгирӣ ва ҳисоботи корпоративӣ дар ҷадвали 2 оварда шудааст.

Ҷадвали 2. – Тавсифи муқоисавии нақши СБҲМ ва НБМ дар ташкили баҳисобгирӣ ва ҳисоботи корпоративӣ

Маҳаки муқоиса	СБҲМ	НБМ	Арзёбии муаллифӣ ҷиҳати баҳисобгирӣ ва ҳисоботи корпоративӣ
Таъиноти асосӣ	Ташаккули методологияи ягонаи байналмилалии омодасозии ҳисоботи молиявӣ	Танзими объектҳои алоҳидаи баҳисобгирӣ ва тартиби ташаккули ҳисоботи молиявӣ дар низоми миллӣ.	Ҳарду низом асосан ба баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ нигаронида шудаанд, на ба ташкили баҳисобгирии корпоративӣ.
Сатҳи истифодабарӣ	Байналмилалӣ	Миллӣ	Барои бахши корпоративӣ СБҲМ афзалият доранд, НБМ нақши дуюмдараҷа доранд.
Объекти танзим	Эътироф, баҳодиҳӣ, пешниҳод ва ифшои иттилоот дар ҳисоботи молиявӣ	Қоидаҳои баҳисобгирии объектҳои алоҳида (сиёсати баҳисобгирӣ, ашё, даромадҳо, харҷот, шартномаҳои паймонкорӣ, ҳисоботи муҳосибӣ ва ғ.).	НБМ қитъаҳои алоҳидаи баҳисобгириим уҳосибиро муфассал мекунанд, вале низоми комили баҳисобгирии корпоративиро ташаккул намедиҳанд.
Нигарониш ба истифодабаранда	Сармоягузорон, қарздиҳандагон ва дигар истифодабарандагони берунии ҳисоботи молиявӣ.	Истифодабарандагони ҳисоботи муҳосибӣ бо санадҳои меъёрии миллӣ муайян карда мешавванд.	Эҳтиёҷоти иттилоотии мақомоти дохилии идоракунии корпоративӣ нокифоя ифшо шудаанд.
Ҳисоботи корпоративӣ	Объекти асосии танзими методологӣ мебошад.	Ҳисоботи муҳосибии корхонаҳо танзим карда мешавад.	Мафҳуми мустақили «ҳисоботи корпоративӣ» вуҷуд надорад. Лекин СБҲМ пойгоҳи асосии меъёрии ташаккули ҳисоботи молиявии корпоративӣ мебошанд.
Ташкили баҳисобгирии корпоративӣ	Ба танзим фаро гирифта нашудааст	Ба танзим фаро гирифта нашудааст	Таҳияи таъминоти методии мустақил талаб карда мешавад.
Рақамикунонии равандҳои баҳисобгирӣ	Истифодаи технологияҳои муосири рақамӣ бо риояи талаботи стандартҳо иҷозат дода мешавад.	Танзими махсуси ташкили рақамии баҳисобгирӣ умуман вуҷуд надорад.	Мутобиқсозии пойгоҳи меъёрӣ ба шароити иқтисоди рақамӣ зарур аст.
Мувофиқат ба талаботи муосири идоракунии корпоративӣ	Дараҷаи баланди мувофиқат ба амалияи байналмилалии ифшои иттилооти молиявӣ.	Дар доираи амсилаи анъанавии баҳисобгирии муҳосибӣ маҳдуд аст.	Рушди таъминоти меъёрию методии миллии баҳисобгирӣ ва ҳисоботи корпоративӣ бо назардошти принсипҳои идоракунии корпоративӣ зарур аст.

Сарчашма: таҳияи муаллиф

Натиҷаҳои таҳлили муқоисавӣ нишон медиҳанд, ки СБҲМ ва НБМ ҳадафи муштарак доранд: таъмини ташаккули иттилооти саҳеҳи молиявӣ. Дар баробари ин, барои корхонаҳои бахши корпоративии Ҷумҳурии Тоҷикистон, СБҲМ пояи асосии методологии омодасозии ҳисоботи молиявӣ мебошанд, дар ҳоле ки қоидаҳои миллӣ масъалаҳои мушаххаси баҳисобгириро дар доираи низоми миллии танзимкунанда мушаххас мекунанд.

Бо вуҷуди ин, на СБҲМ ва на қоидаҳои миллии баҳисобгирии муҳосибӣ ташкили баҳисобгирии корпоративиро ҳамчун як низоми иттилоотии комил барои идоракунии корпоративӣ танзим намекунанд. Муқаррароти онҳо асосан ба методологияи ташаккули ҳисоботи молиявӣ нигаронида шуда, масъалаҳои ташкили раванди баҳисобгирӣ, назорати дохилӣ, рақамикунонӣ ва ташаккули иттилооти дохилии корпоративиро берун аз доираи танзим мегузоранд.

Ҳамин тариқ, пойгоҳи меъёрию методологии амалкунанда омодасозии ҳисоботи молиявии корпоративиро таъмин мекунад, аммо методологияи мустақилро барои ташкили баҳисобгирии корпоративӣ пешниҳод намекунад. Ин зарурати мукаммалгардонии минбаъдаи таъминоти меъёрию методологии миллиро дар соҳаи мазкур тасдиқ мекунад.

Дар равишҳои муосири байналмилалӣ ҳисоботи корпоративӣ нисбат ба ҳисоботи анъанавии молиявӣ хеле васеътар баррасӣ мешавад. Чунончӣ, Федератсияи Байналмилалии Муҳосибон (IFAC) таъкид мекунад: «Ҳисоботи корпоративӣ бояд тамоми иттилооти муҳимро дар бораи корхона фаро гирад. Аммо, сармоягузорон ва дигар ҷонибҳои манфиатдор ба иттилооти нисбатан пурра, босифат ва дарки амиқтари натиҷаҳои фаъолияти корхона, хавфҳо, имкониятҳо ва дурнамои дарозмуддати он дар муқоиса ба ҳисоботи анъанавии молиявӣ эҳтиёҷ доранд. Барои таъмини таҳтисоботӣ будани худ, корхонаҳо бояд тасвири равшан ва ҳамаҷонибаи қобилияти худро барои бунёди арзиши устувор дар ояндаи тӯлонӣ пешниҳод кунанд» [3]. Равиши мазкур аз он шаҳодат медиҳад, ки амалияи муосири байналмилалӣ ҳисоботи корпоративиро ҳамчун як низоми ҳамаҷонибаи пешниҳоди иттилоот ба истифодабарандагони манфиатдор мешуморад, ки муҳтавои он танҳо ба нишондиҳандаҳои ҳисоботи молиявӣ маҳдуд намешавад.

Сатҳи сеюми танзими меъёрӣ – сатҳи методӣ аз нақшаи ҳисобҳои баҳисобгирии муҳосибӣ, нишондод оид ба корбурди он, тавсияҳои методӣ, тавзеҳот ва дигар ҳуҷҷатҳои меъёрии Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон иборат аст. Дар тафовут аз сатҳҳои қаблан баррасишуда, ин ҳуҷҷатҳо ба ташкили амалии раванди баҳисобгирӣ нигаронида шудаанд ва тарзи ягонаи корбурди талаботи қонунгузорӣ ва СБҲМ-ро дар фаъолияти субъектҳои хоҷагидорӣ таъмин мекунанд.

Дар баробари ин, таҳлили ҳуҷҷатҳои методии амалкунанда нишон медиҳад, ки муҳтавои онҳо асосан ба танзими тартиби инъикоси амалиёти хоҷагидорӣ, пешбурди ҳисобҳои баҳисобгирӣ ва тартибдиҳии ҳисоботи молиявӣ нигаронида шудааст. Масъалаҳои марбут ба ташкили баҳисобгирии корпоративӣ, ташаккули иттилооти дохилии корпоративӣ, робитаи низоми баҳисобгирӣ бо идоракунии корпоративӣ ва технологияҳои рақамӣ асосан нодида гирифта мешаванд. Натиҷаҳои таҳлили таъминоти методии ташкили баҳисобгирӣ ва ҳисоботи корпоративӣ дар шакли амсила оварда шудаанд (расми 2).

Амсила ба таври возеҳ нишон медиҳад, ки низоми амалкунандаи таъминоти методии баҳисобгирии муҳосибӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон асосан ба танзими тартиби инъикоси амалиёти хоҷагидорӣ, пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ ва омодасозии ҳисоботи молиявӣ нигаронида шудааст. Бо вуҷуди ин, таҳлил ба таъминоти методии нокифояи ташкили баҳисобгирӣ ва ҳисоботи корпоративӣ, аз ҷумла масъалаҳои марбут ба бунёди низоми баҳисобгирии корпоративӣ, ташаккули ҳисоботи дохилии корпоративӣ ва рақамикунонии равандҳои баҳисобгирию ҳисоботӣ ишорат мекунад.

Ин зарурати рушди минбаъдаи пойгоҳи меъёрию методологии миллиро бо назардошти талаботи муосири идоракунии корпоративӣ, табдили рақамии иқтисодиёт ва эҳтиёҷоти иттилоотии истифодабарандагони манфиатдор тасдиқ мекунад.



Расми 2. – Таъминоти методии ташкили баҳисобгирӣ ва ҳисоботи корпоративӣ дар корхонаҳои ҷумҳурии Тоҷикистон

Сарчашма: таҳияи муаллиф.

Сатҳи ниҳойии танзими меъёрии ташкили баҳисобгирӣ ва ҳисоботи корпоративиро ҳуҷҷатҳои дохилии корхонаҳо – сиёсати баҳисобгирӣ, нақшаи корияи ҳисобҳо, қоидаҳои дохилӣ, низомномаҳо оид ба ҳуҷҷатгардиш, назорати дохилӣ ва дигар ҳуҷҷатҳо ифода мекунанд. Маҳз дар ҳамин сатҳ талаботи қонунгузорӣ, СБҲМ ва ҳуҷҷатҳои методӣ ба хусусиятҳои фаъолияти корхонаи мушаххас мутобиқ карда мешаванд ва ташкили амалии баҳисобгирӣ ва ҳисоботи корпоративиро таъмин мегардад.

Сиёсати баҳисобгирии корхона дар низоми танзими меъёрии баҳисобгирии корпоративӣ мавқеи махсусро ишғол мекунад. Он татбиқи амалии талаботи қонунгузорӣ ва стандартҳои баҳисобгириро, ки ба шароити фаъолияти корхонаи мушаххас татбиқ мешаванд, таъмин намуда, маҷмуи усулҳо, тарзҳо ва расмиёти пешбурди баҳисобгирӣ ва омодасозии ҳисоботи корпоративиро муайян мекунад. Қ.Х. Хушвахтзода ва Г.Т. Қодирова робитаи мазкурро чунин шарҳ медиҳанд: «Рушди баҳисобгирии муҳосибӣ дар шароити муосири иқтисодӣ истифодаи равишҳои методологӣ, усулҳо ва қоидаҳои гуногуни дар баҳисобгирӣ инъикос кардани далелҳои фаъолияти хоҷагидорӣ ва ташаккули ҳисоботи молиявиро пешбинӣ менамояд. Гузашта аз ин, гуногунии усулҳо ва тарзҳои пешбурди баҳисобгирии ин ё он объекти баҳисобгирии муҳосибӣ дар санадҳои меъёрии соҳаи баҳисобгирии муҳосибӣ муқаррар карда шудааст. Ин, аз як ҷониб, дар ташкил ва пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ мушкилоти муҳимро ба миён оварда, аз ҷониби дигар, гуногунии методика воситаи муҳимми ташаккул ва амсилабандии низоми муносиби баҳисобгирии муҳосибии ба беҳгардонии нишондиҳандаҳои муайяни фаъолияти молиявию хоҷагидорӣ нигаронидашуда мебошад» [14, с. 6]. Ҳамин тариқ, сиёсати баҳисобгирӣ ҳамчун пайванде байни талаботи ҳуҷҷатҳои меъёрию ҳуқуқӣ ва ташкили амалии баҳисобгирӣ ва ҳисоботи корпоративӣ амал намуда, мутобиқшавии онҳоро ба хусусиятҳои фаъолияти корхонаи мушаххаси корпоративӣ таъмин мекунад.

Таҳлил нишон медиҳад, ки муҳтавои ҳуҷҷатҳои дохилии корпоративӣ асосан аз рӯи талаботи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ муайян мегардад. Дар баробари ин, дар амалияи муосири корхонаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаҳои марбут ба ташкили баҳисобгирии корпоративӣ, ташаккули ҳисоботи дохилии корпоративӣ, ҳамгироии равандҳои баҳисобгирӣ бо низоми идоракунии корпоративӣ ва истифодаи технологияҳои рақамӣ дар ҳуҷҷатҳои меъёрии дохилӣ ба таври нокифоя инъикос ёфтаанд. Унсурҳои асосии танзими меъёрии дохиликорпоративӣ дар ҷадвали 3 оварда шудаанд.

Натиҷаҳои таҳлил нишон медиҳанд, ки маҳз сатҳи дохиликорпоративӣ татбиқи амалии талаботи ҳамаи сатҳҳои болоии танзими меъёриро таъмин мекунад. Дар шароити муосир, барои корхонаҳо васеъ кардани муҳтавои ҳуҷҷатҳои дохиликорпоративӣ бо ба онҳо ворид кардани масъалаҳои рақамикунонии равандҳои баҳисобгирӣ, ташаккули ҳисоботи дохилии корпоративӣ ва таъминоти иттилоотии идоракунии корпоративӣ мақбул аст, ки барои баланд бардоштани сифати иттилооти баҳисобгирӣ ва самаранокии қарорҳои идоракунӣ имкон медиҳад.

Ҷадвали 3. – Унсурҳои асосии танзими меъёрии дохиликорпоративии ташкили баҳисобгирӣ ва ҳисоботи корпоративӣ

Ҳуҷҷати дохиликорпоративӣ	Таъиноти асосӣ	Аҳамият барои ташкили баҳисобгирӣ ва ҳисоботи корпоративӣ
Сиёсати баҳисобгирӣ	Тарзҳои пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ ва омодасозии ҳисоботи молиявиро муайян мекунад.	Асоси ташаккули низоми ягонаи баҳисобгирии муҳосибӣ дар корхона мебошад
Нақшаи кории ҳисобҳо	Корбурди нақшаи намунавии ҳисобҳоро мушаххас мекунад.	Мутобиқати баҳисобгириро ба хусусиятҳои фаъолияти корхона таъмин мекунад.
Тарҳи ҳуҷҷатгардиш	Ҳаракати ҳуҷҷатҳои аввалиро танзим мекунад.	Ташаккули саривақтии иттилооти баҳисобгириро таъмин мекунад
Низомнома оид ба назорати дохилӣ	Расмиёти назорати равандҳои баҳисобгириро муайян мекунад.	Саҳеҳии иттилооти корпоративиро баланд мебардорад ва хавфҳои баҳисобгириро коҳиш медиҳад.
Қоидаҳои дохилии омодасозии ҳисобот	Тартиби ташаккули ҳисоботи дохилӣ ва беруниро муайян мекунанд.	Дастгирии иттилоотии идоракунии корпоративиро таъмин мекунанд.
Қоидаҳои идоракунии электронии ҳуҷҷатҳо ва ҳифзи маълумот	Тартиби истифодаи технологияҳои рақамиро муқаррар мекунанд	Ба рақамикунонии баҳисобгирӣ ва ҳисоботи корпоративӣ мусоидат мекунанд.

Сарчашма: таҳияи муаллиф

Маҳдудияти таҳқиқот. Маҳдудияти асосии ин таҳқиқот дастрасӣ ба маълумоти дақиқи баҳисобгирӣ ва ҳисоботи корпоративӣ аз баъзе ширкатҳои дар Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияткунанда мебошад. Аз сабаби махфият ё дастрасии маҳдуд ба иттилооти молиявӣ ва ғайримолиявӣ, баъзе ширкатҳо маълумоти дохилиро барои мақсадҳои таҳқиқотӣ интишор наменамоянд. Аз ин рӯ, ин таҳлил асосан ба маълумоти мавҷуда, ҳисоботҳои молиявӣ, қоидаҳои дахлдор ва адабиёти илмӣ такя мекунад.

Маҳдудияти дигар гуногунрангии ширкатҳо, аз ҷумла хусусиятҳои мушаххаси доираи фаъолияти онҳо, сохтори ҳуқуқӣ ва бахшҳои иқтисодии онҳо мебошад. Ин омилҳо метавонанд ба амалияи баҳисобгирӣ ва ҳисоботи ширкатҳо таъсир мерасонанд.

Хулоса. Таҳқиқоти дар мақолаи мазкур анҷомдодашуда имкон медиҳад хулоса бароварда, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низоми бисёрсатҳаи танзими меъёрию ҳуқуқӣ ва методии баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ, аз ҷумла ҳуҷҷатҳои қонунгузорӣ, меъёрию методӣ, методологӣ ва дохилии корпоративӣ ташаккул ёфтааст. Низоми мазкур

асосҳои ҳуқуқӣ ва ташкилии баҳисобгирӣ ва ҳисоботи молиявиро фароҳам меорад ва ба татбиқи СБҲМ дар амалияи миллии баҳисобгирии муҳосибӣ мусоидат мекунад.

АДАБИЁТ:

1. Alam, M.S., Hossain, D.M. Management Accounting in the Era of Digitalization / M.S. Alam, D.M. Hossain // The Journal of Industrial Distribution & Business. – 2021. – Vol. 12. - No 11. – P. 1-8
2. Bushman, R.M. Financial accounting information and corporate governance / R.M. Bushman, A.J. Smith // Journal of Accounting and Economics. – 2001. – Vol. 32. – P. 237-333
3. International Federation of Accountants. Enhancing Corporate Reporting: IFAC Points of View / International Federation of Accountants. New York: IFAC, 2019 [Electronic Source] / Access mode: URL: https://www.ifac.org/what-we-do/speak-out-global-voice/points-view/enhancing-corporate-reporting
4. Каримов, Б.Ҳ. Асосҳои баҳисобгирии муҳосибӣ: Васоити таълимӣ [Матн] / Б.Ҳ. Каримов. – Душанбе: ДБССТ, 2024. – 324 с.
5. Каримов, Б.Ҳ. Таъсири ҷаҳонишавӣ ба рушди низоми миллии баҳисобгирии муҳосибӣ [Матн] / Б.Ҳ. Каримов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2021. – № 4. – С. 169-179
6. Каримов, Б.Ҳ. Таъсири ҷаҳонишавӣ ба рушди низоми миллии баҳисобгирии муҳосибӣ [Матн] / Б.Ҳ. Каримов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2021. – № 4. – С. 169-179
7. Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон [Сарчашмаи электронӣ] / Низоми дастрасӣ: URL: https://www.andoz.tj/docs/kodex/Tax-Code__17_12_2025-RT_tj.pdf
8. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон [Сарчашмаи электронӣ] / Низоми дастрасӣ: URL: https://mmk.tj/content/ конститутсияи-ҷумҳурии-тоҷикистон
9. Кошонова, М.Р. Назорати дохилӣ ва моҳияти он дар фаъолияти субъектҳои хоҷагидорӣ [Матн] / М.Р. Кошонова // Идоракунии давлатӣ. – 2023. – № 4-3(65). – С. 24-29
10. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ [Сарчашмаи электронӣ] / Низоми дастрасӣ: URL: https://mmk.tj/content/ қонуни-ҷумҳурии-тоҷикистон-дар-бораи-баҳисобгирии-муҳосибӣ-ва-ҳисоботи-молиявӣ
11. Одинцова, Т.М. Развитие бухгалтерского учета в условиях цифровизации экономики [Текст] / Т.М. Одинцова // Современная экономика: проблемы и решения. – 2021. - № 4 (136). – С. 190-208
12. Островская, А.Ю. Корпоративная отчетность: методика формирования [Текст] / А.Ю. Островская, С.А. Спиридонова // Потенциал российской экономики и инновационные пути его реализации: Материалы Всероссийской научно-практической конференции, реализуемой в рамках Московского академического экономического форума (МАЭФ-2025), Омск, 24 апреля 2025 года. – Москва: ООО «Издательство Перо», 2025. – С. 328-333
13. Хушвахтзода, Қ.Х. Баҳисобгирии муҳосибӣ: китоби дарсӣ барои муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ [Матн] / Қ.Х. Хушвахтзода, Д.Т. Расулов, С.Қ. Шоймардонов, Б.А. Набиев. – Душанбе: Сино, 2021. – 490 с.
14. Хушвахтзода, Қ.Х. Сиёсати баҳисобгирӣ чун асоси ташаккули низоми баҳисобгирии муҳосибӣ [Матн] / Қ.Х. Хушвахтзода, Г.Т. Қодирова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2023. – № 4-1. – С. 5-13

УДК 334.72:330.341.424(575.3)

АРЗЁБИИ РУШДИ ФАЪОЛИЯТИ СОҲИБКОРӢ ДАР ШАРОИТИ САНОАТИКУНОНИИ БОСУРЪАТИ ИҚТИСОДИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

ОДИНАЕВ БАҲРИДДИН ҲАКИМОВИЧ
Омӯзгори калони кафедраи таҳлили иқтисодӣ ва омори Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон. **Суроға:** 734000, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, к. Борбад 48. **E-mail:** odinaevtj@mail.ru; **Тел:** (+992) 904-21-23-05.

Аннотатсия. Дар мақолаи мазкур арзёбии рушди фаъолияти соҳибкорӣ дар шароити саноатикунонии босуръати иқтисоди Ҷумҳурии Тоҷикистон анҷом дода шудааст. Зимни таҳқиқ қайд гардидааст, ки бо истифодаи имкониятҳои мавҷуда баррасӣ намудани масъала чи аз дидгоҳи назариявӣ ва чи аз дидгоҳи амалӣ муҳим ва саривақтӣ мебошад. Дар натиҷаи таҳлили васеи омори соҳавӣ ошкор гардидааст, ки ташаккул ва рушди навъҳои гуногуни соҳибкории саноатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон имконпазир аст. Муаллиф рушди тадриҷии соҳибкории саноатиро дар заминаи бунёди корхонаҳои саноатӣ ояндадор меҳисобад. Инчунин қайд гардидааст, ки рушди минбаъдаи соҳибкории саноатӣ бояд ба ҳадафҳои мушаххас асоснок карда шавад. Ҳангоми баррасии масъала бо истифодаи консепсияҳои соҳавӣ ва афзорҳои усулҳои амсиласозии иқтисодӣ – математикӣ натиҷагириҳои дақиқ анҷом додашуда барои рушди минбаъдаи он тавсияҳои мушаххас роҳандозӣ гардидааст.

Калидвожаҳо: соҳибкорӣ, фаъолияти соҳибкорӣ, саноат, саноатикунонии босуръат, рақамикунонӣ, иқтисоди рақамӣ, иттилоот, равандҳои иттилоотӣ, амсиласозӣ, усулҳои амсиласозии иқтисодии математикӣ, арзёбӣ.

ОЦЕНКА РАЗВИТИЯ ПРЕДПРИНИМАТЕЛЬСКОЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ В УСЛОВИЯХ УСКОРЕННОЙ ИНДУСТРИАЛИЗАЦИИ ЭКОНОМИКИ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

ОДИНАЕВ БАҲРИДДИН ҲАКИМОВИЧ
Старший преподаватель кафедры экономического анализа и статистики Международного университета туризма и предпринимательства Таджикистана. **Адрес:** 734000, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Борбад 48. **E-mail:** odinaevtj@mail.ru; **Тел:** (+992)904-21-23-05.

Аннотатсия. В данной статье оценивается особенности развития предпринимательской деятельности в условиях ускоренной индустриализации экономики Республики Таджикистан. В ходе исследования отмечено, что рассмотрение данного вопроса с использованием имеющихся возможностей является важным и своевременным как с теоретической, так и с практической точки зрения. В результате широкого анализа отраслевой статистики установлено, что формирование и развитие различных видов промышленного предпринимательства в Республике Таджикистан является возможным. Автор считает перспективным постепенное развитие промышленного предпринимательства на основе создания промышленных предприятий. Кроме того отмечается, что дальнейшее развитие промышленного предпринимательства должно быть обосновано конкретными целями. При рассмотрении данного вопроса с использованием отраслевых концепций и инструментов экономико-математического моделирования были получены точные результаты, на основе которых разработаны конкретные рекомендации по его дальнейшему развитию.

Ключевые слова: предпринимательство, предпринимательская деятельность, промышленность, ускоренная индустриализация, цифровизация, цифровая экономика, информация, информационные процессы, моделирование, экономико-математические методы моделирования, оценка.

ASSESSMENT OF THE DEVELOPMENT OF ENTREPRENEURIAL ACTIVITY UNDER THE CONDITIONS OF ACCELERATED INDUSTRIALIZATION OF THE ECONOMY OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

ODINAEV BAHRIDDIN HAKIMOVICH
Senior Lecturer, Department of Economic Analysis and Statistics, International University of Tourism and Entrepreneurship of Tajikistan. **Address:** 734000, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Borbad Street 48. **E-mail:** odinaevtj@mail.ru; **Tel.:** (+992) 904-21-23-05.

Abstract. This article assesses the features of the development of entrepreneurial activity under the conditions of accelerated industrialization of the economy of the Republic of Tajikistan. The study notes that consideration of this issue using existing opportunities is important and timely from both theoretical and practical perspectives. As a result of a broad analysis of industry statistics, it was established that the formation and development of various types of industrial entrepreneurship in the Republic of Tajikistan is possible. The author considers the gradual development of industrial entrepreneurship through the establishment of industrial enterprises to be promising. It is also noted that the further development of industrial entrepreneurship should be justified by specific objectives. In examining this issue, industry concepts and economic-mathematical modeling tools were applied, resulting in precise findings that served as the basis for developing specific recommendations for its further development.

Keywords: entrepreneurship, entrepreneurial activity, industry, accelerated industrialization, digitalization, digital economy, information, information processes, modeling, economic-mathematical modeling methods, assessment.

Муқаддима. Рушди соҳаи сонат дар шароити имрӯза яке аз масъалаҳои муҳим ва мубоҳисавии илмӣ ба ҳисоб меравад. Мушоҳида мегардад, ки соҳаи саноат ба сифати унсури муҳими рушди устувори иқтисодӣ зуҳур намуда ба бунёд ва таҷдиди корхонаҳои хурду бузурги саноатӣ алоқаманд аст. Ҷиҳати рушди ҳаматарафаи соҳаи саноат дар кишвар заминаҳои муҳими рушд фароҳам оварда шудааст.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади такмили соҳаи саноат аз ҷониби Ҳукумати мамлакат як қатор санадҳои муҳим қабул гардидааст. Аз ҳама муҳим ин эълон гардидани солҳои 2022 – 2026 солҳои рушди саноат мебошад. Дар доираи чунин ҳадафи стратегӣ бунёди корхонаҳои бузурги саноатӣ ба нақша гирифта шудааст. То кунун қисми зиёди корхонаҳо бунёд гардида, марҳила ба марҳила фаъолияти истеҳсолии онҳо тақвият дода мешавад.

Бо шарофати дастгириҳои давлатии соҳибкорони дар соҳа амалкунанда айни замон корхонаҳои зиёде сохта ба истифода дода шуда истодаанд. Ҳамаи ин тасмимҳои саривақтиро соҳбкорон дарк намуда, ба бунёди корхонаҳои хурду бузург машғуланд. Гузашта аз ин Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои рушд ва ва дасгирии иҷтимоии аҳолӣ барои бунёди корхонаҳои дорои аҳаммияти иҷтимоӣ моратория эълон намудааст, ки дар муддати 5 сол аз пардохти ҳамаи андозҳо озод мебошанд.

Мавод ва усули таҳқиқот. Дар робита ба ин, сол аз соз шумораи соҳибкорони дар соҳа амалкунанда афзоиш меёбад ва паёмадҳои мусбат ба бор овардаст (ҷадвали 1.)

Баррасии ҳамаҷонибаи ҷадвали 1 ошкор менамояд, ки шумораи умумии соҳибкорон, дар соли 2020, 334 ҳаз. адад буда, дар соли 2024, ба 387 нафар расидааст. Афзоиши мусбат 1,16 маротибаро ташкил медиҳад. Ин нишондиҳандаҳо аз суръати баланди афзоиш шаҳодат медиҳанд. Дар ҳоле, ки чунин суръат ва тавонмандии рушд дар кишварҳои ҳамсоя нисбатан кам мебошад. Нисбат ба соҳибкорони истеҳсолӣ сатҳи афзоиш 1,39 маротиба ба мушоҳида мерасад. Доир ба соҳибкорони инфиродӣ, ҳаз. адад дар соҳа амалкунанда тағйирот 1,12 маротиба мебошад. Ба ҳамин тартиб афзоиши ҳаҷми маҳсулоти истеҳсолшуда бошад, 1,83 маротиба буда, зиёдшавии бесобиқаи онро мушоҳида намудан мумкин аст.

Ҷадвали 1. Шумораи шахсони ба фаъолияти соҳибкории истеҳсолӣ машғулбуда бо патент ва дигар иҷозатномаҳо, солҳои 2020 - 2024

Нишондодҳо	Солҳо					Афзоиш соли 2024/2020 мар.
	2020	2021	2022	2023	2024	
Шумораи умумии соҳибкорон, ҳаз. адад	334	342	339	350	387	1,16
Соҳибкорони истеҳсолӣ, ҳаз. адад	30	30	31	33	41	1,39
Соҳибкорони инфиродӣ, ҳаз. адад	308	311	307	316	345	1,12
Ҳаҷми маҳсулоти истеҳсолшуда, млн. сомонӣ	84209	101379	118535	131183	153861	1,83

Манбаъ: Ҳисоби муаллиф дар асоси www.stat.tj.
Реҷаи дастрасӣ: https://www.stat.tj/nishondihandahoi-makroiktisodi/ (вақти даромад 05.06.2026)

Дар намуди диаграмма низ афзоиши нишондодҳоро ба баври зерин мушоҳида намудан мумкин аст. (расми 1).



Расми 1. Ҳолати воқеии рушди нишондиҳандаҳои фаъолияти соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

Ҳолати воқеии рушди раванди ҷараёнҳои соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистн нишон медиҳад, ки айни замон имконоти мавҷуда истифода гардида истодааст. Аммо, барои беҳтар рушд намудани ҳолат зарурати рушди зерсохтори соҳибкорӣ мувофиқи мақсад мебошад.

Муҳаққиқ Г.М. Каримова чунин қайд намудаанд, ки «Барои васеъ кардани иқтидори истеҳсолии соҳибкорони саноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба масъалаҳои барқарорсозии фаъолияти корхонаҳои калони саноатӣ, ташкил кардани корпоратсияҳои саноатии истихроҷ ва коркарди маъданҳои фоиданок, рушди саноати сабук ва хӯрокворӣ, васеъ кардани маводи сохтмон ва коркарди ашёи маҳаллӣ, васеъ кардани имкониятҳои содиротии кишвар диққати ҷиддӣ ва доимӣ додан зарур аст. Барои таъмини иҷроиши вазифаи мазкур сохтмони корхонаҳои нави саноатӣ дар кишвар зарур мебошад. Аҳамияти хосаи танзими давлатии рушди фаъолияти соҳибкории саноатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро қайд карда, ба ҷанбаи сиёсии он таваҷҷуҳи махсус додан зарур аст, ки дар он стратегияи сиёсати берунаи давлат махсусан таъкид мешавад. Дар ин маврид маҳсулоти хӯрокворӣ дар ҳамаи давру замонҳо воситаҳои

самараноки таъсир ба ҳаллу фасли масъалаҳои сиёсати хориҷӣ мутобиқ ба манфиатҳои умумимиллии кишвар боқӣ мемонад» [1.5, с. 369 - 372].

Таҳлили маводи мазкур нишон медиҳад, ки рушди ташаккули навъҳои гуногуни соҳибкории саноатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон имконпазир аст. Муаллиф рушди тадриҷии соҳибкории саноатиро дар заминаи бунёди корхонаҳои саноатӣ ояндадор ҳисоб намудааст. Инчунин ӯ қайд намудааст, ки рушди минбаъдаи соҳибкории саноатӣ бояд ба ҳадафҳои мушаххас асоснок карда шавад.

Дарвоқеъ рушди соҳибкории саноатӣ барои кишвари мо аз ҳама ҷиҳат ояндадор мебошад. Зеро бунёд ва таҷдиди корхонаҳо на танҳо боиси афзоиши ҷойҳои корӣ гардида, тадриҷан масоили бекориро аз байн мебарад. Дигар масъалаи муҳим сатҳи муҳоҷирати аҳолиро боз медорад. Раванди мазкур боиси афзоиши маҷмуи маҳсулоти дохилӣ низ мегардад ва ба ҳаҷми афзоиши маҳсулоти ватанӣ замина мегузорад.

Мувофиқи нишондодҳои муҳаққиқон О. М. Гусарова, В. В. Попова, А. В. Сулеменков «Ҳангоми интихоби нишондиҳандаҳои ченшавандаи миқдорӣ, ки ҳамчун нишондиҳандаҳои натиҷавӣ ва омилӣ истифода мешаванд, диққати асосӣ ба ҳадафҳое равона карда шуд, ки дар барномаи миллии дастгирии соҳибкорӣ зикр шудаанд. Нишондиҳандаҳои зерин метавонанд ҳамчун нишондиҳандаҳои натиҷавӣ ва омилӣ бо салоҳдиди муҳаққиқ истифода шаванд: суръати афзоиш ё афзоиши маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ, суръати афзоиши даромади миёна, суръати афзоиши сармоягузорӣ дар сармояи асосӣ, суръати афзоиши содирот ва шумораи одамоне, ки ба соҳибкорӣ машғуланд» [1.2, с. 25 - 30].

Чунин мушоҳида мегардад, ки барои моделсозии ҳолати рушди соҳибкории саноатӣ истифодаи захираҳои мавҷудаи молиявӣ, мутахассисон, ҳаҷми содироти маҳсулот ва дигар омилҳо таъсири ҷиддӣ мерасонанд. Афзоиши ҳаҷми маҳсулоти саноатӣ имкон медиҳад, ки қобилияти содиротии мамлакат афзоиш ёбад ва ин раванд ба коркарди вариантҳои нави амсиласозии иқтисодӣ-математикӣ, ки истифодаи самараноки ҳамаи захираҳоро бо боварӣ асоснок менамояд, такя менамояд.

Муҳаққиқи дигар И. Кирзнер ақидаи худро дар чаҳорчӯбаҳои назарияи рушди соҳибкорӣ асоснок намудааст. «Ӯ қайд намудааст, ки моделҳои иқтисодии неоклассикӣ дорои фарзияҳои ғайривоқеӣ, ба монанди дониши комил, мебошанд. Аммо воқеият далели мавҷудияти як қатор имкониятҳои кашфнашуда мебошад. Ба гуфтаи Кирзнер, одамон на ҳама имкониятҳои имконпазири мубодилаи мутақобилан судмандро дарк мекунанд Пажӯҳишгари Н.П. Добрягина ақидаи И. Кирзнерро шарҳ дода қайд менамояд, ки ӯ мафҳуми «ҳушёрии соҳибкорӣ»-ро муаррифӣ мекунад, ки маънои қобилияти амалӣ кардани имкониятҳо дар бозор ва ҷустуҷӯи роҳҳои татбиқи онҳо барои ба даст овардани фоидаро дорад. Мафҳуми ҳушёриро ба қобилияти афроде монанд мекунад, ки ин имкониятҳоро доранд, дар ҳоле ки дигарон надоранд» [1.14, с. 50 – 60; 1.15].

Дар ҳақиқат имкониятҳои амалии масъала чӣ аз нигоҳи амсиласозии иқтисодӣ – математикӣ ва чӣ аз лиҳози таҳқиқи назарияҳои бунёдии илмии соҳибкорӣ ба таври мушаххас зарурати тақвиятбахшии равандҳои соҳибкории саноатиро баҳогузорӣ намудаанд. Чунин тартиби корбурди муҳаққиқон ва таҷрибаҳои амалӣ шаҳодат медиҳад, ки дар рушди соҳа истифодаи иқтидорҳои гуногуни истеҳсолӣ ва малакаи соҳибкорӣ нақши муассирро иҷро менамоянд.

Натиҷаи таҳқиқот. Ҳамин тариқ, натиҷаҳои таҳлили анҷомдодашуда нишон медиҳанд, ки дар давраи солҳои 2019–2023 рушди соҳаи саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон тамоюли устувори мусбат доштааст. Дар ин давра шумораи корхонаҳои саноатӣ дар маҷмӯъ 1289 адад зиёд гардидааст.

Аз ҷумла, дар соҳаи саноати истихроҷи маъдан афзоиш 65 ададро ташкил дода, аз ин шумора 1 адад ба истихроҷи маводҳои энергетикӣ ва 64 адад ба истихроҷи маводҳои ғайриэнергетикӣ рост меояд.

Дар соҳаи саноати коркард бошад, шумораи корхонаҳо 1208 адад афзоиш ёфтааст. Дар таркиби он бештар афзоиш дар истеҳсоли маҳсулоти хӯрокворӣ, аз ҷумла нӯшокиҳо ва

маҳсулоти тамоку (333 адад), истеҳсоли ҳар гуна маҳсулоти ғайрифилизии маъданӣ (307 адад), истеҳсоли маснуоти резинӣ ва пластмассӣ (200 адад), истеҳсоли маҳсулоти нассоҷӣ ва дӯзандагӣ (116 адад) ва дигар соҳаҳои саноатӣ (106 адад) ба қайд гирифта шудааст.

Ҷадвали 2. Нишондодҳои рушди соҳаи саноат, солҳои 2019-2023*

Нишондиҳандаҳо	*Солҳо*					*Тағйирот 2023/2019 (+,-)*	*Афзоиш 2023/2019 Мар.*
	2019	*2020*	*2021*	*2022*	*2023*		
Ҳамагӣ саноат	**2164**	**2283**	**2397**	**2802**	**3453**	1289,00	1,60
Саноати истихроҷи маъдан	250	264	291	303	**315**	65,00	1,26
аз он ҷумла:							
истихроҷи маводҳои энергетикӣ	26	24	29	27	27	1,00	1,04
истихроҷи маводҳои ғайри энергетикӣ	224	240	262	276	288	64,00	1,29
Саноати коркард	1746	1846	1927	2318	**2954**	1208,00	1,69
аз он ҷумла:							
Истеҳсоли маҳсулоти хӯрока, аз ҷумла нӯшокиҳо ва тамоку	462	501	515	634	795	333,00	1,72
истеҳсоли насоҷӣ ва дузандагӣ	368	397	414	451	484	116,00	1,32
истеҳсоли чарм, маснуот аз чарм ва истеҳсоли пойафзол	18	20	20	24	27	9,00	1,50
коркарди чӯбу тахта ва истеҳсолоти маснуот аз чӯб	17	18	19	21	34	17,00	2,00
истеҳсоли селулозаю қоғаз, фаъолияти табъу нашр	142	143	144	152	165	23,00	1,16
истеҳсоли маҳсулоти нафт	23	24	26	24	24	1,00	1,04
истеҳсоли кимиѐвӣ	58	62	66	88	106	48,00	1,83
истеҳсоли маснуоти резинӣ ва пластмассӣ	77	82	93	157	277	200,00	3,60
истеҳсоли ҳаргуна маҳсулоти ғайрифилизии маъданӣ	354	365	388	476	661	307,00	1,87
истеҳсоли металлургӣ ва истеҳсоли маснуоти тайѐрифилизӣ	112	115	116	131	147	35,00	1,31
мошинсозӣ	32	36	38	42	45	13,00	1,41
ҳаргуна соҳаҳои саноат	83	83	88	118	189	106,00	2,28
Истеҳсолу тақсими нерӯибарқ, газ ва об	168	173	179	181	184	16,00	1,10

Сарчашма: Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон АОНПҶТ. Душанбе – 2024. С. 255.

Ҳамзамон, дар истеҳсоли маҳсулоти кимиёвӣ 48 адад, истеҳсоли металлургӣ ва маснуоти тайёри филизӣ 35 адад, истеҳсоли селлюлоза, қоғаз ва фаъолияти табъу нашр 23 адад, коркарди чӯбу тахта ва истеҳсоли маснуоти чӯбӣ 17 адад, мошинсозӣ 13 адад, истеҳсоли чарм, маснуот аз чарм ва пойафзол 9 адад ва истеҳсоли маҳсулоти нафтӣ 1 адад корхонаҳои нав таъсис дода шудаанд.

Дар бахши истеҳсол ва тақсими нерӯи барқ, газ ва об низ шумораи корхонаҳо 16 адад зиёд гардидааст. Таҳлили нишондиҳандаҳои нисбии афзоиш низ аз рушди мусбати бахши саноат шаҳодат медиҳад. Дар маҷмӯъ шумораи корхонаҳои саноатӣ нисбат ба соли 2019 1,60 маротиба зиёд шудааст. Аз ҷумла, афзоиш дар соҳаи саноати истихроҷи маъдан 1,26 маротиба,

аз ҷумла дар истихроҷи маводҳои энергетикӣ 1,04 маротиба ва маводҳои ғайриэнергетикӣ 1,25 маротиба ба қайд гирифта шудааст.

Дар саноати коркард суръати афзоиш нисбатан баландтар буда, 1,69 маротибаро ташкил медиҳад. Дар ин бахш афзоиши назаррас бештар дар истеҳсоли маснуоти резинӣ ва пластмассӣ (3,60 маротиба), дигар соҳаҳои саноатӣ (2,28 маротиба), коркарди чӯбу тахта ва истеҳсоли маснуоти чӯбӣ (2,00 маротиба), истеҳсоли ҳар гуна маҳсулоти ғайрифилизии маъданӣ (1,87 маротиба), истеҳсоли маҳсулоти кимиёвӣ (ҳамагӣ 1,83 маротиба) ва истеҳсоли маҳсулоти хӯрокворӣ, нӯшокиҳо ва тамоку (1,72 маротиба) мушоҳида мегардад. Инчунин, истеҳсоли чарм ва пойафзол 1,50 маротиба, мошинсозӣ 1,41 маротиба, истеҳсоли металлургӣ ва маснуоти тайёри филизӣ 1,31 маротиба, нассоҷӣ ва дӯзандагӣ 1,32 маротиба, истеҳсоли селлюлоза ва қоғаз 1,16 маротиба ва истеҳсоли маҳсулоти нафтӣ 1,04 маротиба афзоиш ёфтааст.

Дар маҷмӯъ, натиҷаҳои таҳлил нишон медиҳанд, ки дар солҳои охир сиёсати саноатикунонии босуръати кишвар, дастгирии давлатии фаъолияти соҳибкорӣ ва ҷалби сармоягузорӣ ба рушди шумораи корхонаҳои саноатӣ мусоидат намуда, заминаҳои мусоиди институционалӣ ва иқтисодиро барои таҳкими иқтидори истеҳсолии мамлакат фароҳам овардааст. Махсусан, рушди босуръати соҳаҳои коркарди ашёи хом, истеҳсоли маҳсулоти сохтмонӣ, маснуоти резинӣ ва пластмассӣ аз тамоюли тадриҷии гузариш аз иқтисодиёти ашёгаро ба иқтисодиёти истеҳсолӣ ва арзиши иловагидор шаҳодат медиҳад.

Ба ҳамин монанд таҳлили саривақтии омилҳо ва пешниҳоди вариантҳои мувофиқ ҷиҳати рушди минбаъдаи соҳаи саноат пеш омадааст. Чунин вазифагузориҳои саривақтӣ барои рушди соҳаи саноат метавонад аз ҳама ҷиҳат мақсаднок бошад. Бино ба таъкиди мутахассисон ва коршиносони соҳавӣ истифодаи усулҳои амсиласозии иқтисодӣ – математикӣ метавонад барои рушди соҳаи саноат манфиатовар бошад.

Пажӯҳишгари соҳа иброз менамояд, ки «Саноат мояи асоси рушди иқтисоди миллӣ буда, пойгоҳи истеҳсолӣ, андоз ва содироти кишварро ташкил медиҳад. Истифодаи усулҳои муосири моделсозии рақамӣ ба корхонаҳо имкон медиҳад, ки равандҳои истеҳсолиро ба шакли муносиб оранд, дақиқии банақшагириро беҳтар созанд, хароҷотро кам кунанд ва хатарҳои технологиро ба ҳадди ақал расонанд. Усулҳои математикӣ ва абзорҳои моделсозӣ, ки имкон медиҳанд арзёбии миқдории таъсири рақамикунонӣ ба фаъолияти иқтисодии корхонаҳо анҷом дода шавад, махсусан муҳиманд. Усулҳои мазкур имкон медиҳанд, ки робитаҳо байни татбиқи технологияҳои рақамӣ, хароҷот ва ҳосилнокӣ ба расмият дароварда шаванд ва имкон медиҳанд, ки моделҳои пешгӯикунанда ва оптималикунонии рушди саноат коркард карда шаванд» [4, с. 108].

Дар ҳақиқат истифодаи мувофиқи усулҳои амсилаҳои иқтисодӣ – матеатикӣ имкон медиҳанд, ки равандҳои соҳаи саноат ба шакли мувофиқ оварда шаванд. Ҳолати мазкур тартиби амалишавии стратегияҳои давлатиро таъмин намуда, самаранокии онҳоро таъмин менамояд.

Муҳаққиқон Петухов М.В., Петухова Ж.Г. чунин мешуморанд, ки «фаъолияти соҳибкорӣ соҳаи муҳими иқтисоди миллӣ буда, ба он намудҳои гуногуни хизматрасонӣ дохил мешаванд ва он муттаҳидкунандаи шохаи васеи субъектҳои иқтисодӣ дар зинаҳои макро ва микроиқтисодиёт мебошад» [1.7, с. 29 -7 1].

Дар ҳақиқат рушди соҳибкории саноатӣ асос ва сарманшаи рушди дигар соҳаҳои иқтисодӣ мебошад. Дар заминаи рушди соҳа имконияти ташаккули бозорҳои истеъмолӣ ба вуҷуд омада, тартиби дастрасӣ ба маҳсулот ва хизматрасониҳо дар ин замина афзоиш меёбад.

Ба андешаи мо, рушди соҳибкории саноатӣ боиси тадриҷан аз байн рафтани омилҳои номутавозини иқтисодӣ гардида, самарнокии равандҳои гуногуни иқтисодӣ таъмин карда мешавад. Моҳияти масъалаи мазкурро дарк намуда, ба ин соҳаи муҳим аз ҷониби Ҳукумати мамлакат диққати махсус дода мешавад. Вазифаи асосии пажӯҳишгарон таҳқиқ ва дарёфти роҳу усулҳои мушаххаси рушди соҳаи саноат аз нигоҳи такмили фаъолияти соҳибкорӣ мебошад.

Пажӯҳишгар С.Л. Сазанова, ки қисми зиёди таҳқиқоти худро дар ин соҳа анҷом додааст чунин мешуморад: «Ояндабинии иқтисодӣ фарогири равандҳои ташаккули пешгӯинамоиҳои иқтисоди буда, тариқи усулҳои илмӣ, падидаҳои иқтисодӣ бо дарназардошти маҷмӯи усулҳо ва афзорҳои илмии ояндадор мебошад» [1.8, с. 34 - 48].

Мо ҷиддан ақидаи муаллифро дастгирӣ намуда, чунин меҳисобем, ки ояндабинии нишондиҳандаҳои иқтисодӣ, хусусан соҳибкории саноатӣ боиси банақшагирии дақиқ ва истифодаи самараноки захираҳои дар ихтиёри сохторҳои саноатӣ буда, мегардад.

Муҳаққиқон М.К. Черняков, С.С. Мухторзода, М.С. Тулиев чунин ақидаи сареҳро ҷиҳати рушди соҳаҳои иқтисодӣ пешниҳод намудаанд: «Таҷрибаи баъзе кишварҳо нишон медиҳад, ки коҳиш додани меъёрҳои андоз барои соҳибкороне, ки дар ин самт фаъолият мекунанд, манфиатҳои назаррас, аз ҷумла густариши фаъолияти тиҷоратии онҳо ва пайдоиши намудҳои нави хизматрасониҳои рақамиро ба бор меорад. Ин омилҳо рушди устувори иқтисодиро дар шароити имрӯза таъмин мекунанд» [1.13, с. 91].

Бояд қайд намуд, ки ягон василае, ки муҳити соҳибкории саноатиро метезонад, ин дар шакли дуруст ҷорӣ намудани меъёрҳои андозӣ мебошад. Ин раванд фаъолияти соҳибкоронро бештар намуда, як навъ ҳавасмандӣ ё худ дастгирии давлатии ҳадафманд мебошад.

Олими рус Н.И. Сасаев чунин мешуморад, ки стратегияи мушаххаси рушд боиси истифодаи тамоми имконот ва захираҳо гардида метавонад ва соҳибихтиёрии комили дилоҳ кишварро таъмин намояд. Ба андешаи ӯ «Стратегия барои истиқлолияти дарозмуддати технологӣ ва амнияти иқтисодӣ барои ҳар як давлат аҳаммияти аввалиндараҷа дорад. Доштани технологияҳои муҳими худ ва истеҳсолоти технологии баланд дар соҳаҳои афзалиятноки иқтисодӣ устувории давлатро ба равишҳо ва таҳдидҳои беруна афзоиш медиҳад ва инчунин иқтисодро ба самти пайгирии манфиатҳои миллӣ ва рушди инноватсионӣ, пеш аз ҳама тавассути амалӣ кардани имкониятҳои стратегии пайдошаванда равона мекунад» [1.9].

Дар ҳақиқат чунин зарфиятҳои рушди иқтисодӣ барои кишвари мо мавҷуд аст. Танҳо фаъолсозии корхонаҳои хурду бузург ва таҷдиди инфрасохтори саноат бо ҷалби соҳибкорон дар шароити имрӯза муҳим мебошад. Аллакай дар ин самт корҳои зиёде ба сомон расонида шудаанд ва соҳаи саноати Тоҷикистон таи 30 соли охир марҳилаи амалии рушдро аз сар мегузаронад.

Таҳлили васеи адабиёти илмии соҳавӣ нишон медиҳад, ки аз ҳама соҳаи пешрафта ва зудрушдкунанда дар қиёс бо дигар соҳаҳо ин соҳаи саноат мебошад. Аксарияти пажӯҳишгарон ва коршиносони илми иқтисодӣ, ки қисми зиёди таҳқиқоти худро ба таҳқиқи масъалаи рушди соҳибкории саноатӣ бахшидаанд, ташаккули саривақтии соҳаи саноатро барои таъмини ҳаёти зиндагии осоиштаи мардум ва рақобатпазирии кишвар муҳим арзёбӣ намудаанд. Мо низ чунин ақидаҳоро муҳим арзёбӣ намуда, чунин мешуморем, ки таъмини саривақтии рушди соҳаи саноат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон зарур мебошад. Барои таъмини рушди устувори соҳа ҳамаи захираҳои зарурӣ мавҷуданд. Танҳо ҷалби мақсадноки сармоягузорӣ ва роҳандозии фаъолияти соҳибкорӣ дар ин самт метавонад рушди ҳаматарафаи соҳаро аз ҳама ҷиҳат таъмин намояд.

Дар ин ҳол саҳми соҳаи саноат ва дигар соҳаҳоро дар рушди иқтисодӣ чунин тасвир намудан, мумкин аст (расми 2).

Таҳлили саривақтии ҷадвали мазкур шаҳодат медиҳад, ки саҳми соҳаи саноат дар қиёс бо дигар соҳаҳо дар рушди сохтори ММД таъсири қавӣ мерасонад. Бо вуҷуди ҷой доштани баъзе мушкилот мо саҳми онро баланд арзёбӣ менамоем. Барои рушди ҳаматарафаи он истифодаи ҳамаи имкониятҳо хусусан таҳлил, баҳодиҳӣ ва истифодаи усулҳои амсиласозии иқтисодӣ – математикиро барои ошкорсозии таъсири омилҳо ва пешниҳоди варианти мувофиқи банақшагирӣ ояндадор ва муҳим меҳисобем.

Диққати аксарияти коршиносонро [1.3; 3581.10; 1.11; 1.12; 1.6; 1.1] чунин ҳадафгузориҳо, ки натиҷаи дилхоҳи иқтисодӣ ба бор меорад ба худ ҷалб намудааст. Ин ҳадафгузориҳо ҳанӯз аз оғози рӯзҳои аввали соҳибистиқлолӣ ба риштаи таҳлил ва таҳқиқ кашидашуда то кунун аз моҳияти баланди илмӣ доштани масъала гувоҳӣ медиҳад.



	2021 млн смн.	2021 в %	2022 млн смн.	2022 в %	2023 млн смн.	2023 в %	2024 млн смн.	2024 в %
ММД	101076,3	100	118181,7	100	130791,5	100	153402,2	100
Саноат	19830	19,6	22920,7	19,4	24810	19,0	19962	13,0
Кашоварзӣ	22690,7	22,4	27104,8	22,9	30352,5	23,2	34954,8	22,8
Наклиёт	3735	3,7	4401,1	3,7	5272,4	4,0	12275,4	8,0
Хизматрасонӣ	2405,8	2,4	3060,8	2,6	3687,1	2,8	3336,9	2,2
Маориф	4778,7	4,7	5058,3	4,3	6075,3	4,6	9271,6	6,0

Расми 2. Саҳми соҳаи саноат дар қиёс бо дигар соҳаҳоро дар афзоиши ММД, солҳои 2021 – 2024

Сарчашма: Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон АОНПҶТ. Душанбе – 2024. С. 255.

Муҳиммияти масъаларо дарк намуда, дар идома амсилаи иқтисодӣ - математикии таҳлили нишондиҳандаҳои муҳими рушди фаъолияти соҳибкорӣ дар шароити саноатикунонии босуръати иқтисоди Ҷумҳурии Тоҷикистонро таҳия менамоем.

Ҷадвали 3. Нишондиҳандаҳои рушди фаъолияти соҳибкорӣ дар шароити саноатикунонии босуръат барои таҳияи амсилаи иқтисодӣ – математикӣ 2014 - 2024

№ р/т	Солҳо	Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ, млн. сомонӣ	Ҳаҷми сармоягузориҳо млн. сомонӣ	Шумораи соҳибкорон, адад	Шумораи кормандони корхонаҳои саноатӣ, адад	Шумораи корхонаҳо, адад	Сатҳи истифодаи технологияҳои нав дар соҳаи саноат, бо фоиз (%)
		Y	X_1	X_2	X_3	X_4	X_5
1.	2014	15826	4836,0	238,0	1412,6	1723	10,4
2.	2015	16216	5056,3	243,8	1586,6	1810	12,8
3.	2016	16702	5208,0	251,1	1634,2	1979	15,6
4.	2017	21203	5364,2	258,6	1683,2	2050	19,5
5.	2018	25234	6366,2	284,7	1728,9	2161	22,6
6.	2019	28567	6652,9	295,7	1733,1	2164	28,5
7.	2020	31081	6474,9	304,0	1770,5	2283	32,6
8.	2021	37546	6367,0	307,8	1775,5	2397	34,5
9.	2022	41187	6558,1	307,2	1784,9	2802	36,4
10.	2023	44894	6754,7	316,5	1857,7	3453	38,9
11.	2024	53873	6957,3	330,3	1944,4	3779	40,1

Сарчашма: Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. АОНПҶТ, Душанбе. 2025. С. 83; 238; 242; 258.

Натиҷаи ҳисолшудаи зарибии коррелятсионӣ нишон медиҳанд, ки таъсири омилҳои **X_2; X_5; X_4** назаррас мебошанд.

	Y	X_1	X_2	X_3	X_4	X_5
Y	1,0000					
X_1	0,8730	1,0000				
X_2	0,9469	0,9727	1,0000			
X_3	0,8929	0,9026	0,9281	1,0000		
X_4	0,9497	0,7673	0,8433	0,8574	1,0000	
X_5	0,9552	0,9372	0,9859	0,9209	0,8565	1,0000

Сарчашма: таҳияи муаллиф бо ёрии ДБА.

Аз ҳамин лиҳоз таҳлили регрессионии минбаъда бо истифодаи омилҳои **X_2; X_4; X_5** сурат мегирад.

	Коэффит - сиентҳо	*Хатогии стандартӣ*	*t-оморӣ*	*P-аҳамиятнокӣ*
Y-Пайвастшавӣ	-26459,7	27619,2	-0,9580	0,3700
Шумораи соҳибкорон, адад, X_2	81,100	132,09	0,6140	0,5586
Шумораи корхонаҳо, X_4	9,5519	2,0708	4,6126	0,0024
Сатҳи истифодаи технологияҳои нав дар соҳаи саноат, бо фоиз, X_5	393,39	407,82	0,9646	0,3669

Сарчашма: таҳияи муаллиф бо ёрии ДБА.

Аз рӯйи маълумоти овардашуда чунин қайд намудан мумкин аст, ки рушд минбаъдаи соҳа ба ташаккули фаъолияти соҳибкорӣ алоқамандии қавӣ дорад. Дар сурати тақвияти раванд имконияти афзоиши ҳаҷми маҳсулоти саноатӣ таъмин карда мешавад. Дар ин миён аз таъсири дигар омилҳо низ ёдовар шудан мумкин аст, ки боиси рушди ҳаматарафаи соҳа мегардад.

Ҳоло бошад ба ояндабинии нишондиҳандаҳои асосӣ ё худ ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ, млн. сомонӣ диққат медиҳем.



Расми 3. Ояндабинии ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ, млн. сомонӣ, солҳои 2026 – 2030

Ояндабинии мазкур нишон медиҳад, ки ҳаҷми маҳсулоти саноатӣ 18032,2 млн. сомонӣ афзоиш ёфта, тағйирот 1,33 маротибаро ташкил медиҳад. Нишондоди мазкур аз он шаҳодат медиҳад, ки соҳаи саноат дар заминаи ташаккули шаклҳои гуногуни соҳибкорӣ мақрои мушаххаси рушдро соҳиб мегардад.

Ҳолати мазкур аз банақшагирии дақиқ ҷиҳати рушди соҳа шаҳодат медиҳад ва барои Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳама ҷиҳат метавонад дорои аҳаммияти махсуси иқтисодӣ гардад.

Хулоса. Ҳамин тавр, Ҷумҳурии Тоҷикистон дорои иқтидор ва имконоти зиёди соҳаи саноат мебошад ва рушди соҳа дар заминаи истифодаи иқтидорҳои саноатӣ имконпазир

мебошад. Барои ташаккули ҳамаҷонибаи соҳа навсозии инфрасохтори соҳа, татбиқи технологияҳои баланд, истифодаи платформаҳои махсус ва танзими давлатии мақсадноки соҳа зарур мебошад.

АДАБИЁТ:

1. Гафурзода, С.Х. Механизмҳои инноватсионии рушди соҳибкории саноатӣ ҳамчун омили амнияти иқтисодӣ / С.Х. Гафурзода // Экономика и туризм: тенденции и перспективы. – 2026. – No. 1(9). – P. 73-86.
2. Гусарова, О.М. Моделирование механизма мотивации предпринимательской деятельности малого и среднего бизнеса / О.М. Гусарова, В.В. Попова, А.В. Сулеменков // Фундаментальные исследования. – 2022. – № 12. – С. 25-30.
3. Джурабаев, Г.Д. Некоторые приоритетные направления стратегии инновационного развития промышленности Республики Таджикистан / Г.Д. Джурабаев, Н.Р. Мукимова // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2018. – № 1. – С. 104-110.
4. Егорова, А.Ю. Информационные технологии моделирования экономических процессов в промышленности РФ / А.Ю. Егорова // Вестник Самарского университета. Экономика и управление. – 2025. – Т. 16, № 4. – С. 107-114.
5. Каримова, Г.М. Рушди фаъолияти соҳибкорӣ ва соҳибкории саноатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон / Г.М. Каримова // Вестник Бохтарского государственного университета имени Носира Хусрава. Серия гуманитарных и экономических наук. – 2025. – No. 1-2(134). – P. 369-372.
6. Қаюмова, Ш.Т. Рушди соҳибкории саноатӣ омили асосии пешрафти иқтисодиёти кишвар ва таъмини сатҳи некӯаҳволии мардум / Ш.Т. Қаюмова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2020. – No. 2. – P. 136-144.
7. Петухов М.В., Петухова Ж.Г. Возможности экономико-математического моделирования взаимодействия государства и малого и среднего предпринимательства / М.В. Петухов, Ж.Г. Петухова // В книге: Организация эффективного бизнеса: современная модель. Баранова И.В., Зуб А.Т., Петухова Ж.Г., Сенченко Е.В., Кай Ч., Петухов М.В. монография. Новосибирск, 2017. С. 29-71.
8. Сазанова С.Л. Структурное моделирование института предпринимательства в России / С.Л. Сазанова // Экономическая наука современной России. 2019. №1 (84). С. 34-48.
9. Сасаев, Н.И. Стратегирование промышленного ядра национальной экономики / Н.И. Сасаев, В. Л. Квинт // Экономика промышленности. – 2024. – Т. 17, № 3. – С. 245-260.
10. Ҷабборов, Ф.А. Вазъи муосир ва дурнамои рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар шароити саноатикунонии босуръати иқтисоди Ҷумҳурии Тоҷикистон / Ф.А. Ҷабборов, Б.Ҳ. Одинаев // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – 2025. – No. 2(57).
11. Ҷабборов, Ф.А. Рақамикунонии корхонаҳои саноатӣ омили калидии таъмини устувории соҳаи саноат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон / Ф.А. Ҷабборов, Ф.А. Марипова // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – 2025. – No. 3(58).
12. Ҷабборов, Ф.А. Такмили механизми институтсионалии рушди инноватсонии соҳаи саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон / Ф.А. Ҷабборов, Н.Ҷ. Назарова // Идоракунии давлатӣ. – 2025. – No. 3(74). – P. 323-330.
13. Черняков М.К. и. др. Некоторые аспекты становления цифровой экономики сферы услуг / М.К. Черняков, С.С. Мухторзода, М.С. Тулиев // Финансовый бизнес. Научно-аналитический журнал по экономике и финансам. 2023. - № 5. - С. 89-93.
14. Dobryagina, N.P. Behavioural Economics Contribution to the Entrepreneurship Theory and its Application in Entrepreneurship Policies / N.P. Dobryagina // Administrative consulting. – 2021. – No. 1(145). – P. 50-60.
15. Kirzner I. Perception, opportunity and profit. Chicago: University of Chicago Press, 1979.

УДК: 338.2:004:339.543

ТАЪМИНИ УСТУВОРИИ ИҚТИСОДИ МИЛЛӢ ДАР ЗАМИНАИ РАҚАМИКУНОНИИ ИҚТИСОДИЁТ ВА ФАЪОЛИЯТИ ГУМРУКӢ

РАҶАБОВ РАҶАБ КУЧАКОВИЧ
Доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи фаъолияти гумруки Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. **Суроға:** 734061, Тоҷикистон, ш. Душанбе, ул. Деҳоти, ½.
Тел.: (+992) 934-44-41-07; **E-mail**: drrajab@mail.ru
АШУРОВА МИЖГОНА ТАВАКАЛОВНА
Муаллими калони кафедраи фаъолити гумруки Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон
Суроға: 734061, Тоҷикистон, ш. Душанбе, ул. Деҳоти, ½.
Тел.: (+992) 102-09-00-05; **E-mail:** mijgonaa5@gmail.com

Аннотатсия. Дар мақолаи мазкур натиҷаҳои барномаҳои молиявию иқтисодии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, махсусан дар самти иқтисоди рақамӣ ва фаъолияти гумрукӣ бо мақсади таъмини устувории соҳаҳои иқтисодиёт анҷом дода шудааст.

Муаллифон самаранок истифодабарии дастовардҳои илмию техникии замони муосирро бо назардошти инноватсия, иқтисоди рақамӣ ва истифодаи васеъи онҳо дар истеҳсолот мавриди таҳлил қарор дода, ворид намудани техника, таҷҳизот ва технологияи муосирро бо мақсади фароҳам овардани шароити мусоид барои гузариш ба модели нави рушди иқтисоди рақамӣ ҳамчун омили асосии рушди устувор дар шароити имрӯзаи иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон додаанд.

Дар мақола муаллифон ба сатҳи рушди иқтисодиёти кишвар аз рӯйи маълумоти оморӣ ба соҳаҳои роҳу нақлиёт, гумрук ва иқтисоди рақамӣ баҳо дода, нишондиҳандаҳои соҳаҳои воқеии иқтисодиро ба таҳияи барномаҳои ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин, ба босуботии низоми муосири иқтисодию молиявӣ ва гумрукӣ алоқаманд муайян кардаанд.

Калидвожаҳо: технологияҳои муосири рақамӣ, зеҳни сунъӣ, ҳадафҳои стратегӣ, рушди соҳаҳои иқтисодиву иҷтимоӣ, рақамикунонии иқтисодиёт, рақобатнокӣ, шабакаҳои савдои электронӣ, платформаҳои таълимӣ, шабакаҳои 5G.

ОБЕСПЕЧЕНИЕ УСТОЙЧИВОСТИ НАЦИОНАЛЬНОЙ ЭКОНОМИКИ НА ОСНОВЕ ЦИФРОВИЗАЦИИ И ТАМОЖЕННОГО ДЕЛА

РАДЖАБОВ РАДЖАБ КУЧАКОВИЧ
Доктор экономических наук, профессор кафедры таможенное дело Таджикского государственного университета коммерции. **Адрес:** 734061, Таджикистан, г. Душанбе, ул. Дехоти, ½. **Тел.:** (+992) 934-44-41-07; **E-mail**: drrajab@mail.ru
АШУРОВА МИЖГОНА ТАВАКАЛОВНА
Старший преподаватель кафедры таможенное дело Таджикского государственного университета коммерции. **Адрес:** 734061, Таджикистан, г. Душанбе, ул. Дехоти, ½.
Тел.: (+992) 102-09-00-05; **E-mail:** mijgonaa5@gmail.com

Аннотация. В данной статье представлены результаты финансово-экономических программ Правительства Республики Таджикистан, в частности, в сфере цифровой экономики и таможенного дела, направленных на обеспечение устойчивости экономических секторов.

Авторы анализирует эффективное использование современных научно-технических достижений с учетом инноваций, цифровой экономики и их широкого применения в производстве, а также показывает внедрение современной техники, оборудования и технологий с целью создания благоприятных условий для перехода к новой модели развития цифровой экономики как основного фактора устойчивого развития в современных условиях экономики Республики Таджикистан.

Также в статьи авторы оценили уровень экономического развития страны на основе статистических данных по секторам дорожного и транспортного хозяйства, таможни и цифровой экономики, а также определил показатели реальных экономических секторов, связанные с развитием программ Правительства Республики Таджикистан, а также стабильностью современной экономической и таможенной системы.

Ключевые слова: цифровые технологии, искусственный интеллект, стратегические цели, развитие экономической и социальной сфер, конкурентоспособность, сети электронной коммерции и сети 5G.

ENSURING THE SUSTAINABILITY OF THE NATIONAL ECONOMY BASED ON DIGITALIZATION AND CUSTOMS

RAJABOV RAJAB KUCHAKOVICH
Doctor of Economic Sciences, Professor at the Department of Customs Affairs, Tajik State University of Commerce. **Address:** 734055, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Dehoti 1/2.
Phone: (+992) 934-44-41-07, **E-mail:** drrajab@mail.ru
ASHUROVA MIJGONA TAVAKALOVNA
Senior Lecturer, Department of Customs Affairs, Tajik State University of Commerce.
Address: 734055, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Dehoti 1/2.
Phone: (+992) 102-09-00-05; **E-mail:** mijgonaa5@gmail.com

Abstract. This article presents the results of the financial and economic programs of the Government of the Republic of Tajikistan, particularly in the digital economy, aimed at ensuring the sustainability of economic sectors, and customs system.

The authors analyze the effective use of modern scientific and technological advances, taking into account innovation, the digital economy, and their widespread application in production. They also demonstrate the introduction of modern machinery, equipment, and technologies to create favorable conditions for the transition to a new digital economy development model as a key factor in sustainable development in the current economic conditions of the Republic of Tajikistan.

The authors also assess the country's level of economic development based on statistical data on the road and transport sectors, customs, and the digital economy, and identify indicators of real economic sectors related to the development of Government of the Republic of Tajikistan programs, as well as the stability of the current economic and customs system.

Key words: digital technologies, artificial intelligence, strategic goals, economic and social development, competitiveness, e-commerce networks, and 5G networks.

Муқаддима. Дар шароити муосири созмон додани иқтисодиёти платфомавӣ рақамикунонӣ омили таъмини рушди босуботи дониста шуда, самаранок истифода намудани зеҳни сунъӣ, технологияҳои рақамӣ ва электрониро зарур мешуморад. Ҳамзамон, рақамикунонӣ дар рушди иқтисодиёти дилхоҳ давлатҳои муосир кӯмаки бевосита расонида, барои расидан ба ҳадафҳои стратегӣ низ заминаи мусоид гузошта метавонад.

Асосҳои назариявӣ. Дар раванди таҳқиқи таъмини устувории иқтисоди миллӣ дар заминаи рақамикунонии иқтисодиёт ва фаъолияти гумрукӣ аз назария ва амалияи омӯзиши ин самтҳо истифода шудааст.

Объекти таҳқиқот – маҷмӯи муносибатҳои иқтисодӣ ва ташкилӣ вобаста ба таъмини устувории иқтисоди миллӣ дар заминаи рақамикунонии иқтисодиёт ва фаъолияти гумрукӣ фаҳмида мешавад.

Мақсади таҳқиқот: таҳлили ҳамаҷонибаи таъмини устувории иқтисоди миллӣ дар заминаи рақамикунонии иқтисодиёт ва фаъолияти гумрукӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, арзёбии самаранокии фаъолияти он ва муайян намудани роҳҳои такмилу рушди минбаъда мебошад.

Маълумот ва усулҳо. Дар раванди таҳқиқот ҳамчун сарчашма маълумотҳои омории соҳаҳои иқтисодиёт бо усули индуксия, дедуксия, синтез ва таҳлил истифода гардидаанд.

Натиҷаҳо аз пешбурди таҳқиқот. Дар шароити трансформатсионии рушди иқтисодиёти миллӣ, соҳаҳою бахшҳои он арзёбии таъмини устуворӣ дар заминаи рақамикунонии иқтисодиёт ва фаъолияти гумрукӣ хело муҳим дониста мешавад. Аз ин рӯ вобаста ба заминаҳои воқеии рушди иқтисодиёти кишвар дар асоси гузариш ба рақамикунонӣ, таъмин намудани шаффофияти муносибатҳои амалӣ корҳои назаррас ба сомон расонида шудаанд.

Аз таҳлиҳо бар меояд, ки дар маҷмӯ дар кишвар заминаҳои ҳуқуқӣ ва меъёрӣ созмон дода шуда, мунтазам такмил додани санадҳои дахлдори ҷорӣ намудани иқтисоди рақамӣ таҳрреҳӣ ва мавриди истифода қарор дода шуда истодаанд [5-6].

Ҳамзамон, барои ҳалли маъалаи созмон додани инфрасохтори рақамӣ, бонкдории рақамӣ, хизматрасониҳои электронии пардохтӣ, шабакаҳои савдои электронӣ ва платформаҳои таълимии рушди соҳибкорӣ шароити муосир таъмин карда шудааст, ки ин барои рақобаттавонии иқтисодиёти Тоҷикистон ҷойи муносибро ишғол менамояд.

Дар Тоҷикистон барои рақамикунонии босубот аз ҷониби Ҳукумати Тоҷикистон барномаҳои зиёде қабул карда шудаанд, ки ба таъмини рушди босуботи иқтисодиёти ва ворид шудани он ба иқтисодиёти байналмилалӣ таъмин карда шавад [1-4].

Дар раванди таҳқиқ мо динамикаи нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ, аз ҷумла маҷмуи маҳсулоти дохили (ММД)-ро дида баромадем (ҷадвали 1).

Ҷадвали 1- Динамикаи нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ ва гумрукӣ тули солҳои 2020-2024 дар Тоҷикистон

Нишон-диҳандаҳо	2020	2021	2022	2023	2024	2024с. ба 2020с., %
ММД бо нархҳои амалии мутобиқи солҳо, млн.сомонӣ	83958,3	101076,3	181181,7	132781,9	153402,2	182,71
ММД ба ҳар нафар аҳолӣ, сомонӣ	8922,2	10312,0	11838,8	13039,2	14760,0	165,43
Вазни қиёсии истеҳсоли молҳо дар сохтори ММД,%	56,4	57,5	57,6	56,6	48,7	-7,7 б.ф
Вазни қиёсии хизматрасо-ниҳо дар сохтори ММД, %	34,6	32,9	33,3	33,5	42,8	+8,2 б.ф.
Пардохтҳои гумрукии ба буҷа воридшуда, млн.сомони	5489,4	6809,2	7371,0	8898,8	9614,9	175,15

Сарчашма: Омори Ҷумҳурии Тоҷикистон.-Душанбе, 2025. - 442с.-С.215, 218 ва маълумотҳои Хадамоти гумрук.-Душанбе, 2025.-171с.

Аз ҷадвали 1 бар меояд, ки тули солҳои 2020-2024 ММД ба 82,71 фоиз ва ба ҳар нафар аҳолӣ ба 65,43 фоиз афзуда ҳаҷми пардохтҳои гумрукии ба буҷа воридшуда ба 75,15 афзудааст. Ҳамзамон, вазни қиёсии истеҳсоли молҳо ба 7,7 банди фоизи коҳиш ёфта, хизматрасониҳо ба 8,2 банди фоизи зиёд шудааст.

Ин маълумотҳо аз он гувоҳӣ медиҳанд, ки дар маҷму рушди иқтисодёт дар кишвар таъмин гардида, ҳиссаи мақомоти гумрук ба рушди он таъсир расонидааст. Новобаста ба ин имкониятҳои зиёде дар кишвар барои таъмини устувории иқтисоди миллӣ дар заминаи рақамикунонии иқтисодиёт ва соҳаҳою бахшҳои он мавҷуданд.

Пажӯҳишҳо нишон медиҳанд, ки дар шароити муосири Тоҷикистон рушд додани соҳаҳои илмталаб, маблағгузорӣ ба сармояи истеҳсолӣ ва инсонӣ бартарии зиёд дода шавад [7, с. 315].

Иқтисоди рақамӣ на танҳо истифодаи технологияҳои муосири рақамӣ, балки тағйироти назаррас дар қоидаҳои анъанавии тиҷорат ва тартиби нав дар қонунҳои иқтисод низ ба шумор меравад. Рушди шабакаҳои глобалии алоқа ва дастгоҳҳое, (компютерҳои нав, смартфонҳо, планшетҳо ва дигар воситаҳои пардохти муосир), ки ба онҳо аҳолӣ дастрасӣ доранд, ба пайдоиши маҳсулоти нави рақамӣ замина гузоштааст [8].

Ин раванд дар навбати худ, ба сифату микдор, талаботи истеъмолкунандагон ва рақобат, миёнаравон, логистика, сармояи инсонӣ ва истифодаи технологияҳои рақамии савдо, маркетинг ва дигарҳоро дар назар дорад [9].

Таҷрибаи хориҷӣ гувоҳи он аст, ки иқтисодиёти рақамӣ қисматҳои калидиро нисбати технологияҳои инноватсионӣ доро аст, ки онҳо имконият доданд рушди босуботи иқтисодӣ ба даст оварда шавад.

Бо назардошти ин дар раванди расидан ба яке аз ҳадафҳои стратегии Тоҷикистон, раҳоӣ аз бунбасти коммуникатсионӣ ва табдил додани он ба кишвари транзитӣ, бунёду азнавсозии роҳҳои дорои аҳаммият ва хусусияти байналмилалидошта ва пешбурди фаъолияти гумрукӣ бо маром идома ёфта истодааст, ки барои рушди он асоси воқеи созмон дода шуду ин масъала мавриди таваҷҷуҳи махсуси давлат мебошад [12].

Аз тарафи дигар, аз амалия бар меояд, ки татбиқи технологияи инноватсионӣ дар соҳаҳою бахшҳои иқтисодиёт ва пеш аз ҳама, мақомоти гумрукӣ марҳилаи мураккаб буда, ҳамгирории илму истеҳсолот ва тиҷоратро дар назар дорад.

Дар Тоҷикистон аввалин бор «Барномаи рушди инноватсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2020» қабул карда шуд [2], ки барои ҷори намудани иқтисоди рақамӣ шароити мусоид фароҳам оварда шуд.

Дар ин раванд аз соли 2015 сар карда дар Тоҷикистон ҳамкории паркҳои технологӣ ва инноватсионии амалкунанда барои дар истеҳсолот татбиқ намудани дастовардҳои инноватсионӣ тадбирҳо андешида шуда, имруз натиҷаҳои ҷолиб ба даст оварда шудаанд.

Ҳамзамон, ҷиҳати беҳтар намудани раванди инноватсионӣ ва ҷорӣ намудани иқтисодиёти рақамӣ дар Паёми хеш Маҷлиси Олӣ соли 2019 Эмомалӣ Раҳмон нисбати тарҳрезии якчанд ҳуҷҷатҳо ҷиҳати тезонидани суръати рушди иқтисодиёту гузариш ба иқтисоди рақамӣ шароит муҳайё намуд, ки мавқеъи хосро ишғол намуда истодааст [11-12].

Раванди дигари ҷорӣ намудани иқтисодиёти рақамӣ гузаштан ба пардохтҳои ғайринақдӣ аз 1 июли соли 2023 ба ҳисоб рафта, барои тараққии низоми бонкӣ, коҳиш додани таъсири омилҳои инсонӣ кумаки амалӣ менамояд.

Инчунин, солҳои 2025 – 2030 - Солҳои рушди иқтисоди рақамӣ ва инноватсия дар Тоҷикистон эълон карда шуданд [13].

Аз таҷрибаи гумруки кишвар бар меояд, ки дар ин мақомот системаи ягонаи автоматикикунонидашудаи гумрукӣ (расми 1) хело хуб фаъолият менамояд. Аз расми 1 дида мешавад, ки дар байни ҳамаи сохторҳои мақомоти гумрукӣ алоқаи зич мавҷуд буда, ҳамаи амалиётҳои гумрукӣ ба тариқи электронӣ сурат мегиранд.

Аз таҷрибаи Тоҷикистон бар меояд, ки бори аввал дар Осиёи марказӣ дар соҳаи фаъолияти гумрукӣ гузариш ба низоми иттилоотии АСИКУДА[1]-и ҷаҳонӣ оғоз гардида, он аз 1 октябри соли 2025 дар раёсатҳои минтақавии гумрукӣ ҷорӣ карда шуд.

[1]**АСИКУДА–**(Automated System for Customs Data) - низоми автоматикунонидаи маълумоти гумрукии системаи компютерие аст, ки аз ҷониби Конфронси СММ оид ба савдо ва рушд барои идоракунӣ ва рушди гумрукии давлатҳои ҷаҳон таҳия шудааст.



1-VPN	4- 5- Мудириятҳои минтақавии гумрукӣ
2- Маркази коркард маълумот	6-7- Дидбонгоҳҳои гумрукӣ
3- Интернет	Намудҳои пайвастшавӣ : Fiber optic, ADSL, Wi-Fi, Wimax, Edge, Satellite-спутниковый.

Расми 1. - Сохтори системаи ягонаи автоматикикунонидашудаи гумрукӣ Тоҷикистон

Ба ақидаи мо, ҳадафи ҷорӣ намудани АСИКУДА пеш аз ҳама гузаштан ба сатҳи муосири маъмурикунонии равандҳои барасмиятдарорӣ, татбиқи шакли пурраи декларатсиякунонии электронии гумрукӣ, таъмини шаффофият дар пардохтҳои гумрукӣ ба буҷети давлатӣ мебошад.

Ҳамзамон, дар Хадамоти гумрук Маркази коркарди маълумоти иловагӣ бо истифода аз таҷҳизоти муосири серверию компютерӣ ва шабакавӣ таъсис дода шуда, натиҷаҳои назаррас ба даст оварда шаванд.

Хулоса. Дар замони муосир таъмини рушди иқтисодиёти рақамӣ дар тамоми соҳаҳои иқтисодиёт, аз ҷумла фаъолияти гумрукӣ дар асоси созмон додани шабакаи боэътимоди мобилӣ, инфрасохтор ва интернети ҷавобгуйи талаботи муосри имконпазир мебошад. Ҳамзамон, гузаштан ба шабакаи 5G ногузир буда, такмили инфрасохтори мавҷудаи рақамӣ, созмон додани марказҳои коркарди маълумотҳо, аз ҷумла Big data, махзани мукаммали миллии маълумот, рушди хизматрасониҳои гумрукӣ низоми Асикуда зарур дониста мешавад.

Барои расидан ба ҳадафҳо дар самти рақамикунонии иқтисодиёт зарур аст, ки масъалаи омода кардани кадрҳои ватанӣ нақши муосир дошта, рақобаттавонии Тоҷикистонро то давраи амалӣ шудани Стратегияи миллии рушд то соли 2030 таъмин менамояд.

АДАБИЁТ:

1. “Барномаи миёнамуҳлати рушди иқтисоди рақамӣ барои солҳои 2021-2025”. - Душанбе, 2020.
2. “Барномаи рушди инноватсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2020”. - Душанбе, 2011.
3. “Барномаи савдои электронӣ барои солҳои 2025-2029”. - Душанбе, 2023.
4. «Консепсияи иқтисоди рақамӣ» ва «Барномаи миёнамуҳлати рушди иқтисоди рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025», - Душанбе, 2020.
5. Алиев М.Б., Раджабов Р.К., Аюбов Д.М. Инновационное развитие таможенного обслуживания в Республике Таджикистан / М.Б. Алиев, Р.К. Раджабов, Д.М. Аюбов // Вестник Белгородского университета потребительской кооперации, № 4(36), 2010. – С.61-66.
6. Алиев М.Б., Развитие цифровых технологий в современных условиях и их использование в таможенной деятельности // Государственное управление. Научно-политический журнал Академии государственного управления при Президенте Республики Таджикистан, Душанбе: 2024 – №4/3(71). - С.17-28.
7. Бобоев Ҷ.И. Таъмини рушди устувори иқтисоди миллӣ дар заминаи фаъолгардонии равандҳои саноати инноватсионӣ // Маҷаллаи Муносибатҳои байналмилалӣ ва амният №4 (16) 2025 .- Душанбе: Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.- 2025. - С. 315.
8. Головенчик Г.Г., Ковалев М.М. “Цифровая экономика” – Минск: Изд. центр БГУ, 2019. – 395 с.
9. Набизода Т.Т. ва диг. “Иқтисоди инноватсионӣ”. – Душанбе:ҶДММ “Аржанг”, 2024. - 328 саҳ.
10. Омори Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Душанбе: АОНПҶТ, 2025. - 442с.
11. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон “Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ”, 28.12.2024, ш. Душанбе.
12. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон “Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ”, 20.04.2011, 2021, 28.12.2024, ш. Душанбе. [Захираи электронӣ]. URL: https://www. president.tj. (Санаи мурочиат: 29.01.2026).
13. Солҳои 2025 – 2030 “Солҳои рушди иқтисоди рақамӣ ва инноватсия”. -Душанбе, 2024.
14. “Стратегияи рушди зеҳни сунъӣ барои давраи то соли 2040”. - Душанбе, 2021.

УДК 339.543:339.5

МИНТАҚАҲОИ ОЗОДИ ИҚТИСОДӢ ҲАМЧУН ИНСТИТУТИ МУОСИРИ РУШД ДАР ТИҶОРАТИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ

РАУФӢ АБДУҒАФФОР

Профессори кафедраи менеҷменти инвеститсионӣ ва маркетинги Донишгоҳи технологии Тоҷикистон. **Суроға:** 734061, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Н. Қаробоев 63/3. **E-mail:** eco-institute@mail.ru; **Тел.:** (+992) 918-70-12-18.

ШАРАФОВА МАҲИНА ҶУНАЙДУЛЛОЕВНА

Унвонҷӯи кафедраи иқтисодиёт ва идораи Донишгоҳи технологии Тоҷикистон. **Суроға:** 734061, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯч. Н. Қарабаева, 63/3. **E-mail:** m_sharafova88@mail.ru; **Тел.:** (+992) 009-33-59-15.

Аннотатсия. Дар мақолаи мазкур ҷанбаҳои ташкилӣ ва амалии фаъолияти минтақаҳои озоди иқтисодӣ мавриди тадқиқ қарор дода шудааст. Исбот карда шудааст, ки минтақаҳои озоди иқтисодӣ ҳамчун, институти муҳими иқтисодиёти ҷаҳонӣ ва яке аз воситаҳои рушди иқтисоди миллӣ мебошанд, ки барои ворид гардидан ба тиҷорати ҷаҳонӣ, сафарбаркунии сармоягузорӣ, инчунин рушди ҷараёни ҳамгироии иқтисодӣ таъсис дода мешаванд.

Тадқиқот нишон дод, ки минтақаҳои озоди иқтисодӣ самаранокии худро дар бисёр мамлакатҳои ҷаҳон нишон дода, фаъолияти онҳо аз ҳадафҳои таъсисдиҳӣ вобаста аст. Муаллифон дар натиҷаи тадқиқот муайян намуданд, ки зиёд намудани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти ба содирот нигаронидашуда ва воридотивазкунанда, кам кардани вобастагии бозори истеъмолӣ аз воридоти маҳсулоти асосии ниёзи мардум, баланд бардоштани қобилияти рақобатнокии маҳсулот, беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ, инчунин тақвияти шарикӣ ва ҳамкории давлат ва бахши хусусӣ, таъсиси марказҳои муосири логистикӣ, рушди долонҳои байналмилалии коммуникатсионӣ, нақлиётӣ ва иқтисодӣ фароҳам овардани шароити мусоид ҷиҳати амалӣ намудани сиёсати давлатӣ дар самти фаъолияти иқтисоди хориҷӣ, баланд бардоштани рақобатпазирии маҳсулоти ватанӣ дар бозорҳои дохилӣ ва хориҷӣ муҳим арзёбӣ мегардад.

Вожаҳои калидӣ: минтақаҳои озоди иқтисодӣ, тақсимоти байналмилалии меҳнат, иқтисодиёти ҷаҳонӣ, рушди барномавии минтақа, субъекти соҳибкорӣ ва сармоягузорӣ, имтиёзҳои андозӣ сармояи хориҷӣ, неруи содиротӣ.

СВОБОДНЫЕ ЭКОНОМИЧЕСКИЕ ЗОНЫ КАК СОВРЕМЕННЫЙ ИНСТИТУТ РАЗВИТИЯ МЕЖДУНАРОДНОЙ ТОРГОВЛИ

РАУФИ АБДУГАФФОР
Профессор кафедры инвестиционного менеджмента и маркетинга Технологического университета Таджикистана. **Адрес:** 734061, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Н. Карабаева, 63/3. **E-mail:** eco-institute@mail.ru; **Тел.:** (+992) 918-70-12-18.
ШАРАФОВА МАХИНА ДЖУНАЙДУЛЛОЕВНА
Соискатель кафедры экономики и управления Технологического университета Таджикистана. **Адрес:** 734061, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Н. Карабаева, 63/3. **E-mail:** m_sharafova88@mail.ru; **Тел.:** (+992) 009-33-59-15

Аннотация. В данной статье рассматриваются организационно-практические аспекты деятельности свободных экономических зон. Доказано, что свободные экономические зоны являются важным институтом мировой экономики и одним из инструментов развития национальной экономики, создаваемых для выхода на мировой рынок, мобилизации инвестиций и развития процесса экономической интеграции.

Исследование показало, что свободные экономические зоны доказали свою эффективность во многих странах мира, и их деятельность зависит от целей их создания. Авторы исследования определили, что к таким целям относятся: увеличение объёма производства экспортно-ориентированной и импортозамещающей продукции, снижение зависимости потребительского рынка от импорта товаров первой необходимости, повышение конкурентоспособности продукции. Важными задачами являются улучшение инвестиционного климата, а также укрепление партнерских отношений и сотрудничества между государственным и частным секторами, создание современных логистических центров, развитие международных коммуникационных, транспортных и экономических коридоров, создание благоприятных условий для реализации государственной политики в сфере внешнеэкономической деятельности и повышение конкурентоспособности отечественной продукции на внутреннем и внешнем рынках.

Ключевые слова: свободные экономические зоны, международное разделение труда, мировая экономика, развитие региональных программ, субъекты предпринимательства и инвестиций, налоговые льготы, иностранные инвестиции, экспортный потенциал.

FREE ECONOMIC ZONES AS A MODERN INSTITUTION FOR THE DEVELOPMENT OF INTERNATIONAL TRADE

RAUFI ABDUGHAFFOR
Professor of the Department of Investment Management and Marketing at the Technological University of Tajikistan. **Address:** Republic of Tajikistan, city of Dushanbe, ul. N. Karaboeva, 63/3. **E-mail:** eco-institute@mail.ru; **Tel.:** (+992) 918-70-12-18.
SHARAFOVA MAHINA JUNAYDULLOEVNA
Applicant for a degree at the Department of Economics and Management of the Technological University of Tajikistan. **Address:** 734061, Republic of Tajikistan, Dushanbe, St. N. Karabaev, 63/3. **E-mail:** m_sharafova88@mail.ru; **Tel.:** (+992) 009-33-59-15

Abstract. This article examines the organizational and practical aspects of free economic zones. It demonstrates that free economic zones are an important institution in the global economy and a tool for national economic development, created to access global markets, mobilize investment, and advance economic integration. The study found that free economic zones have proven their effectiveness in many countries worldwide, and their effectiveness depends on the objectives of their creation.

The study's authors identified these objectives as increasing the production of export-oriented and import-substituting products, reducing the consumer market's dependence on imported essential goods, and enhancing product competitiveness. Important tasks include improving the investment climate, strengthening partnerships and cooperation between the public and private sectors, creating modern logistics centers, developing international communication, transport, and economic corridors, creating favorable conditions for the implementation of state policy in the field of foreign economic activity, and increasing the competitiveness of domestic products in the domestic and foreign markets.

Key words: free economic zones, international division of labor, world economy, development of regional programs, business and investment entities, tax incentives ,foreign investment, export potential.

Муқаддима. Дар солҳои охир тағйирёбии низоми иқтисодии ҷаҳонӣ низоъҳои тиҷоратӣ тарифҳои муҳофизатӣ барои шарикони асосии тиҷоратӣ ва таҷдиди бозорҳои асосии фурӯш боиси қоидаҳои нави пешбурди тиҷорати байналмилалӣ байни кишварҳо ва ширкатҳое мешаванд, ки дар савдои ҷаҳонӣ иштирок мекунанд. Дар ин бобат истифодаи воситаю механизмҳои гуногуне, ки ба тараққиёти ҳам иқтисодиёти алоҳида ва ҳам умуман иқтисодиёти ҷаҳон мусоидат менамояд, яке аз чунин воситаҳо ташкили минтақаҳои озоди иқтисодӣ ҳамчун институтҳои рушд дар тиҷорати байналмилалӣ мебошад.

Истифодаи механизмҳои мавҷуда ва пешниҳоди маҷмуи ҳавасмандиҳо барои ширкатҳо дар минтақаҳои озоди иқтисодӣ (МОИ) як заминаи муҳими табдили тиҷорат, дарёфти шарикони нав ва барқарор кардани робитаҳои ҳамкорӣ бо дигар иштирокчиёни савдои байналмилалӣ мегардад. Бинобар ин, таъсиси минтақаҳои озоди иқтисодӣ барои ворид шудан ба низоми хоҷагии ҷаҳонӣ мебошад. Дар ин росто, пайвастшавии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба низоми хоҷагии ҷаҳонӣ барои рушди минбаъдаи қуввaҳои истеҳсолкунанда, ташаккул ёфтани муносибатҳои истеҳсолӣ ва иқтидори содиротии кишвар замина мегузорад.

Ба ақидаи муҳаққиқон, В.Г. Игнатов, В.И. Бутов “Минтақаҳои озоди иқтисодӣ бо мақсади ҷалби сармояи маҳаллӣ ва хориҷӣ, инчунин барои тавсеаи содирот, зиёд намудани даромадҳои асъорӣ, дастрасӣ ба технологияҳои нав, беҳтар намудани вазъи тавозуни пардохт ва дар ниҳоят ба рушди иқтисоди миллӣ ва ҳамкорӣ ба иқтисодиёти ҷаҳонӣ таъсис дода мешаванд” [2].

Мақсади таҳқиқот: Таҳлили манбаъҳои илмӣ ба мақсади омӯзиши фаъолияти минтақаҳои озоди иқтисодӣ ҳамчун институти муосири рушд дар тиҷорати байналмилалӣ.

Вазифаи таҳқиқот. Вазифаи таҳқиқот аз муайян намудани нақши МОИ, ҳамчун институти муосири рушд дар тиҷорати байналмилалӣ, таъсири он ба ҳаҷми содироту воридот,

ҷалби сармояи ватанию хориҷӣ, баланд бардоштани мақоми содироткунанда миёни истеҳсолкунандагон, ҳавасмандсозии соҳибкорон, тақвияти ҳамкорӣ ва ҳамгироии иқтисодӣ дар доираи минтақа ва байналмилалӣ бо мақсади дарёфти бозорҳои устувори содиротӣ иборат аст.

Объекти таҳқиқот. Объекти таҳқиқотро фаъолияти минтақаҳои озоди иқтисодии кишвар ва таҷрибаи байналмилалӣ дар ин самт ташкил медиҳад.

Предмети таҳқиқот. Маҷмӯи муносибатҳои иқтисодӣ барои беҳтар намудани ҷалби сармоягузорӣ ва ҳавасмандкунии содирот, низоми махсуси андозию гумрукӣ ва молиявӣ дар минтақаҳои озоди иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад.

Навгонии илмии таҳқиқот. Нақши МОИ дар тиҷорати байналмилалӣ дида баромада шуда, меъёрҳо ва нишондиҳандаҳои нави баҳодиҳии самаранокии фаолияти МОИ таҳти таъсири фишангҳои тиҷорати байналмилалӣ такмил дода шудаанд. Пешниҳодҳо оид ба такмили заминаи ҳуқуқӣ, низоми андозбандӣ ва механизми идоракунии МОИ бо мақсади баланд бардоштани рақобатпазирии маҳсулоти ватанӣ дар бозори байналмилалӣ коркард шудааст.

Аҳамияти амалӣ. Аҳамияти амалии таҳқиқот аз имконияти истифодаи натиҷаҳо, хулосаҳо ва тавсияҳои бадастомада барои такмили фаъолияти ниҳодӣ ва рушди содирот, тақвияти фаъолияти тиҷоратии кишвар, таъмини шароит барои амалӣ намудани сиёсати давлатӣ дар самти фаъолияти тиҷорати хориҷӣ, таҳлили имтиёзҳои пешниҳодгардида ба ширкатҳои ватанӣ ва хориҷӣ барои ворид шудан ба тиҷорати байналмилалӣ иборат аст. Ҳамчунин, натиҷаҳои таҳқиқот метавонад дар рушди фаъолияти минтақаҳои озоди иқтисоди қишвар мавриди истифода қарор дода шавад

Методи таҳқиқот. Зимни таҳқиқот санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои рушди иқтисодиву иҷтимоии кишвар ва амалисозии лоиҳаҳои афзалиятноки сармоягузории давлатӣ, инчунин, татбиқи нақшаву барномаҳои миллӣ, ҳисоботҳои вазорату идораҳои дахлдор, таҷрибаҳои кишварҳои тараққикарда, ки ба масъалаҳои самаранокии фаъолияти минтақаҳои озоди иқтисодӣ равона гардидаанд, инчунин усулҳои омории ҷамъоварии маълумотҳои рақамӣ, усулҳои муқоисавӣ-таҳлилии самаранокии фаъолияти тиҷоратии минтақаҳои озоди иқтисодӣ истифода бурда шудааст.

Заминаи иттилоотии таҳқиқотро санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, адабиёти илмӣ ва таҳқиқотӣ, маводҳои оморӣ ва манбаъҳои электронии иттилоотӣ ташкил медиҳад.

Қисмати асосӣ. Раванди ҷаҳонишавӣ бо ҳамгироии системавии бозорҳои ҷаҳонӣ ва иқтисодиёти минтақавӣ, ки дар натиҷа рушди баланди иқтисодӣ ва суръатбахшии азхудкунии технологияҳо ва усулҳои муосири идоракуниро ба вуҷуд меорад, Минтақаҳои озоди иқтисодӣ воситаи муҳими ҷалби иқтисодиёти кишвар ва ҳудудҳои алоҳидаи он ба ҷомеаи иқтисодии ҷаҳонӣ, фароҳам овардани шароити мусоид барои ҷалби сармояи хориҷӣ, ҷорӣ намудани инноватсия дар истеҳсолот ва дигарҳо мебошад.

Тоҷикистон кишвари агросаноатӣ буда, дорои иқтидори бузурги гидроэнергетикӣ ва саноатӣ, захираҳои зиёди табиӣ мебошад. Таъсиси минтақаҳои озоди иқтисодӣ ба барномаи рушди инноватсионии Тоҷикистон ворид карда шудааст. Мувофиқи маълумоти адабиётҳо 30%-и тиҷорати ҷаҳонӣ ба воситаи минтақаҳои озоди иқтисодӣ гардиш меёбанд. Дар тиҷорати ҷаҳон он истеҳсолкунандагон ва ширкатҳое, ки рақобатпазирии истеҳсолоти худро таъмин карда тавонанд, дар муборизаи рақобатӣ ғолиб меоянд.

Тибқи маълумоти адабиётҳо ба ҳолати 1 январи соли 2021 теъдоди минтақаҳои озоди иқтисодӣ дар саросаи ҷаҳон 5383 ададро ташкил медиҳад. Хусусан, зиёда аз 1 ҳазор адади он дар даҳсолаҳои охир таъсис ёфтанд. Асосан шумораи зиёда аз 4046 адади МОИ дар кишварҳои Осиё таъсис дода шудаанд [7].

Ҳадафҳои ташкили минтақаҳои озоди иқтисодӣ аз сатҳи рушди иҷтимоию иқтисодии ва нақшаҳои стратегии кишварҳои ташкилкунанда вобаста аст. Аз ин рӯ, сабаб ва мақсадҳои

ташкили минтақаҳои озоди иқтисодӣ дар ҳар як ҳолати мушаххас метавонанд, гуногун бошанд.

Маълумот дар бораи тақсимоти МОИ аз рӯйи кишварҳо ва минтақаҳо дар ҷадвали зер оварда шудааст.

Ҷадвали 1. - Тақсимоти МОИ дар кишварҳо ва минтақаҳо вобаста ба дараҷаи тараққиёт

Минтақа	Шумораи МОИ		
	Ҳамагӣ МОИ	МОИ дар раванди коркард	МОИ дар марҳилаи банақшагирӣ
Дар тамоми ҷаҳон	5383	474	507
Кишваҳои иқтисодиёти пешрафта	374	5	-
Аврупо	105	5	-
Америкаи шимолӣ	262	-	
Кишарҳои рӯ ба тараққӣ	772	451	502
Осиё	4046	371	419
Осиёи Шаркӣ, аз ҷумла:	2645	13	-
Чин	2543	13	-
Осиёи Ҷанубӣ ва Шарқӣ	737	167	235
Ситёи Ҷанубӣ , аз ҷумла:	456	167	184
Ҳиндустон	373	142	61
Осиёи Ғарбӣ	208	24	-
Африқо	237	51	53
Америкаи Лотинӣ, Ҳавзаи Кариб	486	28	24
Кишварҳои бо иқтисоди давраи гузариш	237	18	5

Манбаъ: Special economic zones // World Investment Report 2019. URL: https://unctad.org/en/Publi-cationChapters/WIR2019_CH4.pdf (санаи мурочиат: 20.02.2026)

Дар кишварҳои аз ҷиҳати саноатӣ пешрафта, аз қабили ИМА, Британияи Кабир ва Фаронса, минтақаҳои озоди иқтисодӣ аксар вақт барои фаъол кардани робитаҳои иқтисодии хориҷӣ, татбиқи сиёсати минтақавӣ барои ташкили тиҷорати хурду миёна дар минтақаҳои аз ҷиҳати иқтисодӣ қафомонда ва баробар кардани фарқиятҳои байниминтақавӣ таъсис дода мешуданд. Агар ба таърихи МОИ назар андозем онҳо дар бисёр кишварҳо пеш аз Чин таъсис ёфта буданд, аммо онҳо дар навсозии иқтисодӣ нақши ба мисли Чин муҳимро набозиданд.

«Барои МОИ рушди ҳамкориҳои байналмилалии иқтисодӣ тақрибан дар ҳама шаклҳои имконпазир хос аст, ки ин на танҳо барои мунтазам такмил додани бахшҳои инфрасохтори барои ин сатҳи рушд зарурӣ дар МОИ, балки барои аз байн бурдан сохторҳои идоракунии куҳнашуда, занҷираҳои технологӣ ва ғайра низ такони ҷиддӣ мебахшад» [4, с.4].

Дар аксари кишварҳои тараққикарда бештар ба рушди минтақаҳои озоди савдо ва минтақаҳои илмию техникӣ аҳамияти зиёд дода мешаванд. Дар кишварҳои рӯ ба тараққӣ бошад, минтақаҳои истеҳсолию содиротӣ бештар густариш ёфтаанд. МОИ бо мақсади таъмини рушди устувори иқтисодии мамлакат, ноилшавӣ ба сатҳи баланди инкишофи саноатӣ, воридшавӣ ба тақсимоти ҷаҳонии меҳнат таъсис дода шудаанд. Барои ҳар чи бештар ҷалби сармояҳои хориҷӣ ва рушди иқтисодиёт, аксарияти кишварҳо имтиёзҳои алоҳида ва афзалиятҳоро пешниҳод мекунад.

Таҷрибаи иқтисодии ҷаҳонӣ категорияҳои зерини имтиёзҳои андозиро, ки мо онро дар расми 1 пешниҳод намудаем, барои МОИ муайян мекунад:



Расми 1. Имтиёзҳои андозӣ.
Манбаъ: таҳияи муаллифон.

Дар ҳудуди МОИ субъектҳо, новобаста аз шакли моликият, аз пардохти ҳама намуди андозҳо, ки Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар намудааст, озод карда мешаванд. Субъектҳои МОИ ба буҷет андози иҷтимоӣ (20% аз Фонди музди маош) ва андоз аз даромади шахсони воқеӣ (12%), пардохт менамоянд. Муҳлати амали минтақаҳои озоди иқтисодӣ дар ҷумҳурӣ панҷоҳ сол муайян карда шудааст, ки ба субъектҳо ҳавасмандиҳои андозиву гумрукӣ вобаста аз шакли фаъолияташ дода мешавад.

Бо мақсади ба танзим даровардани фаъолияти МОИ Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи минтақаҳои озоди иқтисодӣ» қабул карда шуд, ки мутобиқи он дар ҷумҳурӣ панҷ минтақаи озоди иқтисодӣ, аз ҷумла МОИ «Суғд», МОИ «Панҷ», МОИ «Данғара» МОИ «Кӯлоб» ва МОИ «Ишкошим» таъсис дода шудааст.

Дар соли 2025 дар корхонаҳои МОИ 525774,6 ҳазор.сом. (687 млн.сом.) маҳсулоти саноатӣ истеҳсол шудааст. МОИ «Суғд» 441979,9 ҳазор сомонӣ, МОИ «Данғара» 57512,9 ҳазор сомонӣ, МОИ «Панҷ» 26261,2 ҳазор сомонӣ, МОИ «Кӯлоб» 201,6 ҳаз.сом. ба қайд гирифта шуд [5, с.42-43].

Яке аз ҳадафҳои таъсиси минтақаҳои озоди иқтисодӣ ҷалби сармояи ватаниву хориҷӣ ба ҳисоб меравад. Ҳаҷми сармоягузорӣ дар МОИ дар соли 2024 ба 2499 млн. сомонӣ баробар гардид. Саҳми асосии сармоягузориҳои азхудшуда аз ҳисоби корҳои иҷрошуда ва воридоти таҷҳизоти субъектҳо дар МОИ «Данғара» дар соли 2025 39,23 млн. сомонӣ, нисбат ба соли 2024 27 млн.сомонӣ ё, ин ки 144% афзоиш ёфтааст, аз оғози таъсиси минтақа то инҷониб ҳаҷми сармоягузории субеъктон ба маблағи 2 млд.112,4 млн. сомонӣ расонида шуд.

Дар соли 2025 ҳаҷми сармоягузории мустақим дар МОИ “Суғд” 48,9 млн сомониро ташкил намуда, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта (47,3 млн. сомонӣ) 103,3 фоиз ё 1,6 млн. сомонӣ зиёд гардида, аз оғози фаъолияти МОИ “Суғд” ба 267,2 млн. сомонӣ баробар гардид. Ҳаҷми маҳсулоти содиротии субъектҳо дар соли 2025 201,5 млн сомонро ташкил намудааст, ки нисбат ба соли 2024 (141,5 млн.сомонӣ) 142,4 фоиз ё 60,0 млн. сомонӣ зиёд мебошад.



Расми 2. Ҳадафҳои асосии фаъолияти МОИ
Манбаъ: таҳияи муаллифон.

Маҳсулоти дар минтақаҳои озоди иқтисодӣ истеҳсолгардида на танҳо дар бозорҳои дохилӣ, инчунин ба бозорҳои хориҷӣ, аз ҷумла ба давлатҳои Русия, Қазоқистон, Узбекистон, Қирғизистон, Туркия, Олмон, Афғонистон, Покистон ва Ироқ ба фурӯш бароварда шудаанд.

Ба ҳолати 1 январи соли 2025 дар минтақаҳои озоди иқтисодии ҷумҳурӣ 107 субъект ба қайд гирифта шуд, ки 41 субъект ба МОИ «Суғд», 36 субъект ба МОИ «Данғара», 17 субъект ба МОИ «Панҷ» 9 субъект ба МОИ «Кӯлоб» ва 4 субъект МОИ «Ишкошим» ва 41 дар МОИ Суғд, 36 МОИ «Данғара» рост меояд (нигар ба диагараммаи 1.).



Диаграммаи 1. Субъектҳои МОИ дар соли 2024
Манбаъ: таҳияи муаллифон.

Аз соли 2021 Тоҷикистон аъзои Созмони Умумиҷаҳонии Савдо гардидааст. Созмондиҳии ҳамкориҳо имконияти воқеии таъмини рушди робитаҳои иқтисодии хориҷии ҷумҳуриро муайян намуда, омили афзоиши муомилоти савдои хориҷӣ гардидааст. Воридшавии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Созмони Умумиҷаҳонии Савдо имкон фароҳам оварда, ки бемайлон маҳсулоти худро ба бозорҳои байналмилалӣ озодона содир кунад. Ин ба афзоиши ҳаҷми савдо ва ҷалби имкониятҳои нав барои рушди иқтисоди кишвар мусоидат намудааст.

Имрӯз Ҷумҳурии Тоҷикистон бо 110 кишвари ҷаҳон робитаҳои иқтисодиро ба роҳ мондааст. Дар натиҷа нишондиҳандаи гардиши савдои хориҷӣ ба ҳисоби миёна солона аз 4,5 млрд доллари ИМА соли 2020 то қариб ба 9 млрд доллар дар соли 2024 расонида шуд. Ҳаҷми

содироти молу маҳсулоти ватанӣ аз 1,4 млрд доллари ИМА соли 2020 то ба 1,9 млрд доллар дар соли 2024-ум ё 1,4 маротиба зиёд гардида, дар сохтори содирот тамоюли зиёдшавии молу маҳсулоти нави дорои арзиши баланди иловашуда беш аз ним миллиард доллар ИМА ташкил намуд [1, с. 66].

Айни замон МОИ дар амалӣ намудани яке аз ҳадафи асосии стратегии кишвар, яъне саноатикунонии босуръат нақши муҳим гузошта истодаанд. Дар ин росто, бо ҷалби сармояи ватаниву хориҷӣ ҷиҳати таъсис додани корхонаҳои нав барои коркарди пурраи ашёи хоми ватанӣ, хусусан маъдан, металлҳои ранга ва нодиру қиматбаҳо, маҳсулоти кишоварзӣ ва растаниҳои шифобахш тадбирҳои иловагӣ андешида, афзоиши ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти содиротӣ ва ивазкунандаи воридот зиёд карда шавад. Таъсиси МОИ ба ҷалби сармоягузориҳо барои ташкили иқтидорҳои истеҳсолӣ ва истеҳсоли маҳсулоти рақобатпазир, фаровонии бозори дохилӣ бо маҳсулоти воридотивазкунанда, таъсиси истеҳсолоти ба содирот нигаронидашуда ва ҷойҳои нави корӣ мусоидат намудааст.

Чунончӣ, олимони ватанӣ М.М. Шарифзода, Ҳ.А. Солиев қайд менамояд: “МОИ дар Тоҷикистон барои татбиқи технологияҳои нав, истифодаи инноватсия дар истеҳсолот, истеҳсоли маҳсулоти нав ва батанзимдарории механизмҳои ҳамгироии байни давлатҳо, амалишавии лоиҳаҳои сармоягузорони дохилию берунӣ ва ташкили тиҷорат мебошад” [9].

Дар натиҷаи амалӣ намудани тадбирҳои созанда дар ҳафт соли охир ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ ду баробар афзоиш ёфта, дар соли 2025 ба 66 миллиард сомонӣ баробар гардид. Ҷараёни рушди воқеии соҳаи саноат дар соли 2025-ум 22 фоизро ташкил дод.

Дар солҳои 2021-2025 ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ ва кишоварзӣ – 2 маротиба, савдои дохилӣ – 2,7 маротиба, хизматрасонии пулакӣ – 2,2 маротиба, боркашонӣ – 1,8 маротиба, мусофиркашонӣ – 1,7 маротиба ва гардиши савдои хориҷӣ – 2,1 маротиба, бахусус содирот – 1,6 маротиба зиёд шуд [1, с. 13].

Новобаста ба ин, дар самти содирот ва фурӯши мол монеаҳои зиёд, дар бақайдгирии ҳуҷҷатҳо ва расмиёти гумрукӣ, набудани заминаи кофии моддию техникӣ дар гузаргоҳи сарҳадӣ ва таҷҳизоти назоратӣ; мукаммал набудани низоми андозбандӣ ва маъмурикунонии андоз, истифода нашудани воситаҳои муосири баргардонидани ААИ, сатҳи нокифояи рушди ширкатҳо ва инфрасохтори нақлиётӣ-логистикӣ, риоя накардани қоидаҳо, меъёрҳо ва талаботи байналмилалӣ, аз ҷумла талабот оид ба тамғагузорӣ ва бастабандӣ ва мушкилоти норасогии анборҳо ва сардхонаҳо барои нигоҳдории маҳсулот ба назар расиданд.

Бинобар ин, бояд ба воридотивазкунии он молҳое, ки метавонанд дар корхонаҳои мавҷуда ва навтаъсиси ватанӣ тавассути истифодаи ашёи хоми маҳаллӣ ва дигар захираҳо истеҳсол карда шаванд, пешбинӣ мегардад ва ин раванд таҳкими занҷираи арзиши иловагиро таъмин менамояд, афзалият дода шавад. Рушди содирот ҳамчун афзалияти дуюмдараҷа баррасӣ карда мешавад. Дар ҳолати пайдо гардидани имкониятҳои молиявии дохилии корхонаҳо ба бозорҳои хориҷӣ як қисми молҳои истеҳсолшударо содирот мекунанд. Афзоиш ёфтани истеҳсолот шарти муҳим барои рушди содирот мегардад. Тадбирҳои молиявӣ оид ба дастгирии содирот давра ба давра, бо дарназардошти принсипи самаранокии буҷети давлатӣ амалӣ карда мешавад, яъне дар маҷмӯъ ҳаҷми дастгирии корхонаҳои давлатии ба содирот нигаронидашуда ҳангоми фаъолияти самарабахш меафзояд.

Ҳамчунин, шароити мусоиди ҷойгиршавии минтақаҳои озоди иқтисолии кишвар дар назди шоҳроҳҳои бузург барои рушди тиҷорати назди сарҳадӣ мусоидат менамояд. Ба ибораи дигар, минтақаҳои озоди иқтисодӣ ҳамчун, институти муҳими иқтисодиёти ҷаҳонӣ ва яке аз воситаҳои рушди иқтисоди миллӣ мебошанд.

Барои баланд бардоштани иқтидори содиротии молҳои истеҳсолии МОИ таъмини вазифаҳои зерин: ҳавасмандгардонии фаъолияти содиротӣ, мутобиқ намудани стандартҳои миллӣ ба талаботи байналмилалӣ, васеъ намудани номгӯи маҳсулот ва рақобатпазир намудани он, ҷорӣ намудани технологияҳои рақамӣ ва рушди савдои электронӣ ва платформаи рақамӣ барои муаррифии мустақими маҳсулоти минтақавӣ дар бозорҳои ҷаҳонӣ, истеҳсолоти ба

содирот нигаронидашуда ва воридотивазкунӣ аз рӯйи бахшҳо дар заминаи инфрасохтори зудрушдёбандаи нақлиётиву логистикӣ муҳим мебошанд.

Хулоса ва пешниҳодҳо. Ҳамин тавр, таҳқиқот нишон медиҳад, ки ноустуворӣ ва низоъҳои тиҷоратӣ дар иқтисоди ҷаҳонӣ тайи соли охир ба тағйири ҳайати ширкатҳои азим – пешвоёни тиҷорати байналмилалӣ таъсир расонида истодааст. Зарурати таҷдиди самти стратегӣ ва ҳадафҳои ширкатҳо барои фаъолият дар МОИ ба далели рушди инқилоби нави саноатӣ, инчунин тағйир додани шаклҳои истеҳсолоти байналмилалӣ кулан таъғир ёфта истодааст. Ширкатҳои пешрафтаи ҷаҳон институти минтақаҳои озоди иқтисодиро ҳамчун модели муосири инкубаторҳои саноатӣ истифода бурда, онҳоро ба марказҳои инноватсионии истеҳсолот табдил медиҳанд. Барои ворид шудан ба бозори байналмилалӣ ва ишғол намудани мавқеи пешсафӣ дар тиҷорати байналмилалӣ ва дарёфти бозорҳои фурӯш, ширкатҳо бо риояи тамоюлҳои ҷаҳонӣ, таъминоти сатҳи болоравии молҳои содиротӣ мавқеи устувор ва роҳҳои гуногунро ҷустуҷӯ менамоянд.

Рушди институти содироткунанда дар Тоҷикистон ин вазифаи стратегиест, ки ба ташаккули ҷомеаи касбӣ ва рақобатноки содироткунандагон равона шудааст. Аз ин лиҳоз, баланд бардоштани мақоми содироткунанда миёни истеҳсолкунандагон, ҳавасмандсозии соҳибкорон, ҳамоҳангсозии стандартҳои истеҳсоли молҳои рақобатнок, тақвияти ҳамкорӣ ва ҳамгироии иқтисодӣ дар доираи минтақа ва байналмилалӣ бо мақсади дарёфти бозорҳои устувори содиротӣ муҳим арзёбӣ мегардад.

АДАБИЁТ:

1.Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2026-2030. Душанбе – 2025, 156с. https://mmih.adlia.tj /SEARCH/ Document View?DocumentId=139442

2.Игнатов В.Г., Бутов В.И. Свободные экономические зоны: Методические и организационные основы. М., 2008. - 120 с.

3. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 марти соли 2011 «Дар бораи минтақаҳои озоди иқтисодӣ» - Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2011, №3, мод.167), (Қонуни ҶТ аз 2.01.2019 № 1581, аз 20.06.2024 №2077).

4. Муминов Н.Г. Свободные экономические зоны.Учебное пособие. Ташкент: Национальный университет Узбекистана имени Мирзо Улугбека, 2005. – 203 с

5. Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон // Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе.- 2025. – С. 42-43 .

6. Павлов, П.В. Роль различных типов свободных экономических зон в развитии мировой экономики [Текст] / П.В. Павлов // Региональная теория и практика. – 2006. – №9(36). – С. 54–61

7. Павлов П.В. Свободные экономические зоны как современный институт развития в международном бизнесе [Текст] / П.В. Павлов, Е.К. Защитина // Вестник СПбГУ. Экономика. 2020. Т. 36. С. 675-692.

8. Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030. [Матн]. - Душанбе, 2016. – 103 с.

9. Шарифзода, М.М. Минтақаи озоди иқтисодии Суғд ва нақши он дар саноатикунонии босуръати кишвар[Матн] / М.М. Шарифзода, Ҳ.А. Солиев // Ахбори Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон. – 2021. – №1 (86). – С. 81-88.

10. Электронный ресурс. Special economic zones // World Investment Report 2019. URL: https://unctad.org/en/Publi-cationChapters/WIR2019_CH4.pdf

УДК: 339.9:330.34 (575.3)

ТАҲКИМИ РОБИТАҲОИ ИҚТИСОДИИ ХОРИҶӢ ҲАМЧУН ОМИЛИ РУШДИ ИҚТИСОДИ МИЛЛӢ

РАҲИМЗОДА БАҲОДУР КАРИМ
Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедари идораи давлатӣ ва маҳаллӣ.
Суроға: 734067, ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, кӯчаи Нахимов, 64/14.
Тел.: (+992) 104-900-900. **E-mail**: bahodur-rudn02@mail.ru

Аннотатсия. Ҳадафи мақолаи мазкур таҳлили аҳаммияти робитаҳои иқтисодии хориҷӣ дар рушди иқтисоди миллии Тоҷикистон мебошад. Дар доираи он масъалаҳои моҳият, шакл ва самтҳои ҳамкориҳои иқтисодии хориҷӣ, таъсири онҳо ба рушди соҳаҳои стратегӣ ва пешрафти иқтисоди миллӣ мавриди омӯзиш ва баррасӣ қарор гирифтааст. Таҳқиқи мазкур асосан дар таҳлили санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, барномаҳои давлатӣ, адабиёти соҳа ва маълумоти оморӣ асос ёфтааст. Арзёбии вазъи имрӯза нишон дод, ки густариши ҳамкориҳои иқтисодии хориҷӣ на танҳо ба ҷалби сармоя ва технологияҳои муосир мусоидат мекунад, балки барои афзоиши иқтидори содиротӣ, таҳкими иқтидори истеҳсолӣ ва баланд бардоштани сатҳи рақобатпазирии маҳсулоти миллӣ нақши муҳим дорад. Бо вуҷуди ин, ҳамгироии стратегии захираҳо, такмили механизми дастгирии молиявӣ ва иттилоотӣ, ҳамчунин омодасозии кадрҳои баландихтисос дар доираи ҳамкориҳои хориҷӣ талаботи асосӣ маҳсуб меёбад.

Мақолаи мазкур нишон медиҳад, ки таҳкими робитаҳои иқтисодии хориҷӣ метавонад ҳамчун омил ва муҳаррики устувори рушди иқтисоди миллӣ ва беҳтар кардани мавқеи Тоҷикистон дар низоми иқтисоди ҷаҳонӣ хизмат намояд.

Калидвожаҳо: робитаҳои иқтисодии хориҷӣ, рушди иқтисоди миллӣ, сармоягузорӣ, ҳамкории байналмилалӣ, иқтидори содиротӣ, механизмҳои дастгирӣ, сиёсати иқтисодӣ.

УКРЕПЛЕНИЕ ВНЕШНЕЭКОНОМИЧЕСКИХ ОТНОШЕНИЙ КАК ФАКТОР РАЗВИТИЯ НАЦИОНАЛЬНОЙ ЭКОНОМИКИ

РАХИМЗОДА БАХОДУР КАРИМ
Таджикский государственный финансово-экономический университет, кандидат экономических наук, доцент кафедры государственного и местного управления.
Адрес: 734067, Душанбе, Республика Таджикистан, улица Нахимова, 64/14.
Тел.: (+992) 104-900-900. **E-mail:** bahodur-rudn02@mail.ru

Аннотация. Цель данной статьи, анализ значимости внешнеэкономических отношений в развитии национальной экономики Таджикистана. В её рамках изучаются и обсуждаются вопросы сущности, формы и направлений внешнеэкономического сотрудничества, его влияния на развитие стратегических отраслей и прогресс национальной экономики. Исследование в основном основано на анализе нормативно-правовых актов, государственных программ, отраслевой литературы и статистических данных. Оценка текущей ситуации показала, что расширение внешнеэкономического сотрудничества не только способствует привлечению капитала и современных технологий, но и играет важную роль в увеличении экспортного потенциала, укреплении производственных мощностей и повышении конкурентоспособности национальной продукции. Однако основными требованиями считаются стратегическая интеграция ресурсов, совершенствование механизма финансово-информационной поддержки, а также подготовка высококвалифицированных кадров в рамках внешнеэкономического сотрудничества.

В статье показано, что укрепление внешнеэкономических отношений может служить фактором и устойчивым двигателем развития национальной экономики и улучшения позиций Таджикистана в глобальной экономической системе.

Ключевые слова: внешнеэкономические отношения, развитие национальной экономики, инвестиции, международное сотрудничество, экспортный потенциал, механизмы поддержки, экономическая политика.

STRENGTHENING FOREIGN ECONOMIC RELATIONS AS A FACTOR IN NATIONAL ECONOMIC DEVELOPMENT

RAHIMZODA BAKHODUR KARIM
Tajik State University of Finance and Economics, Candidate of Economics,
Associate Professor of the Department of Public and Local Administration.
Address: 734067, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Nakhimov Street, 64/14.
Phone: (+992) 104-900-900. **E-mail:** bahodur-rudn02@mail.ru

Abstract. The purpose of this article is to analyze the importance of foreign economic relations in the development of Tajikistan's national economy. It examines and discusses the nature, form, and direction of foreign economic cooperation, as well as its impact on the development of strategic sectors and the progress of the national economy. The study is primarily based on an analysis of regulatory legal acts, government programs, industry literature, and statistical data. An assessment of the current situation has shown that expanding foreign economic cooperation not only facilitates the attraction of capital and modern technology but also plays a significant role in increasing export potential, strengthening production capacity, and enhancing the competitiveness of national products. However, the key requirements are considered to be the strategic integration of resources, the improvement of financial and information support mechanisms, and the training of highly qualified personnel within the framework of foreign economic cooperation.

The article demonstrates that strengthening foreign economic relations can serve as a factor and sustainable driver for national economic development and the improvement of Tajikistan's position in the global economic system.

Key words: foreign economic relations, development of national economy, investments, international cooperation, export potential, support mechanisms, economic policy.

Муқаддима. Дар заминаи густариши босуръати муносибатҳои тиҷорати байналмилалӣ, масъалаи таҳкими робитаҳои иқтисодии хориҷӣ ба яке аз унсурҳои калидии рушди иқтисоди давлатҳо табдил ёфтаанд. Дар чунин шароит, пешбурди сиёсати мақсадноки ҳамгироӣ ба низоми иқтисоди ҷаҳонӣ заминаи мусоид ҷиҳати рушди савдои хориҷӣ, тавассути диверсификатсияи бозорҳои фурӯш, ҷалби сармояи мустақими хориҷӣ, истифодаи имконияту иқтидорҳои мавҷуда ва таъмин намудани устувории вазъи умумии иқтисодӣ фароҳам меорад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар раванди таҳкими заминаҳои рушди устувори иқтисодӣ қарор дорад, тавсеаи ҳамкориҳои иқтисодии хориҷӣ яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатӣ маҳсуб меёбад. Аз ин рӯ, таҳкими робитаҳои иқтисодии хориҷии Тоҷикистон ҳамчун омили муҳими рушди иқтисоди миллӣ аҳамияти стратегӣ касб мекунад. Дар баробари ин, рушди муносибатҳои иқтисодии хориҷӣ яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати иқтисодии Тоҷикистон ба ҳисоб мервад.

Бояд тазаккур дод, ки андешаҳои гуногун доир ба таҳкими робитаҳои иқтисодии хориҷӣ ҳамчун омили рушди иқтисоди миллӣ бо таваҷҷуҳи бештар ба шароити муосири рушди иқтисоди ҷаҳонӣ, густариши ҳамгироии иқтисодӣ, афзоиши нақши дониш ва технологияҳои пешрафта, мутобиқшавӣ ба меъёрҳои байналмилалӣ ва истифодаи имкониятҳои нави иқтисоди рақамӣ таҳия мешаванд. Олимон ва муҳаққиқон ба масъалаҳои таҳкими робитаҳои иқтисодии хориҷӣ, махсусан таъсири онҳо ба рушди иқтисоди миллӣ, аз нуқтаи назари гуногуни илмӣ ва методологӣ таваҷҷуҳ зоҳир менамоянд.

Андешаҳо ва равишҳои илмӣ оид ба таҳкими робитаҳои иқтисодии хориҷӣ вобаста ба хусусиятҳои хоси замон, шароити иҷтимоию иқтисодӣ, сиёсати давлатӣ, инчунин сатҳи рушди кишварҳо фарқ менамоянд. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ масъалаи мазкур дар осори илмӣ, мақолаҳо, китобҳо, ҳуҷҷатҳои стратегӣ, паёмҳо ва суханрониҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мавқеи муҳим дошта, самтҳои асосии таҳким ва рушди робитаҳои иқтисодии хориҷии кишварро инъикос менамояд.

Мақсади мақолаи мазкур таҳлили моҳият ва аҳаммияти робитаҳои иқтисодии хориҷӣ дар рушди иқтисоди миллӣ, муайян намудани нақш ва таъсири онҳо ба афзоиши истеҳсолот, ҷалби сармоя, рушди савдои хориҷӣ ва баланд бардоштани рақобатпазирии иқтисодиёт, инчунин пешниҳоди тавсияҳои амалӣ ҷиҳати такмили механизмҳои таҳкими робитаҳои иқтисодии хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити муосири иқтисоди ҷаҳонӣ мебошад.

Мавод ва усулҳои тадқиқот. Дар таҳқиқи мақолаи мазкур маҷмӯи маводҳои илмӣ-амалӣ ва усулҳои таҳлилӣ истифода гардиданд, ки ба омӯзиши ҳамаҷонибаи нақш ва аҳаммияти робитаҳои иқтисодии хориҷӣ дар рушди иқтисоди миллӣ равона шудаанд. Ба сифати манбаъҳои асосии таҳқиқ санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, стратегия ва барномаҳои давлатии рушди иқтисод, омори расмии мақомоти давлатӣ, гузоришҳои байналмилалӣ, инчунин адабиёти илмии ватанӣ ва хориҷӣ дар соҳаи иқтисодиёти ҷаҳонӣ ва ҳамкориҳои иқтисодии байналмилалӣ истифода шуданд. Дар ҷараёни таҳқиқ усулҳои таҳлили муқоисавӣ, оморӣ ва мантиқӣ татбиқ гардиданд.

Ҳамзамон, дар таҳқиқ усули таҳлили мундариҷаи ҳуҷҷатҳои стратегӣ ва сиёсӣ истифода шуда, самтҳои асосии сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи робитаҳои иқтисодии хориҷӣ баррасӣ ва арзёбӣ карда шуданд. Дар асоси таҳлили анҷомёфта, вазъи кунунии ҳамкориҳои иқтисодии хориҷӣ, тамоюлҳои рушди онҳо ва мушкилоти мавҷуда муайян гардида, самтҳои такмили минбаъдаи механизмҳои ҳамгироии иқтисоди миллӣ бо низоми иқтисоди ҷаҳонӣ пешниҳод карда шуданд.

Натиҷаҳо. «Дар солҳои Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, бо мақсади иҷрои дастуру супоришҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷиҳати баланд бардоштани иқтидори содиротии кишвар, ташкили фазои созгор барои татбиқи сиёсати давлатӣ дар самти фаъолияти иқтисоди хориҷӣ, рушди рақобатпазирии маҳсулоти ватанӣ, зиёд кардани ҳаҷми истеҳсоли молу маҳсулоти содиротии ватанӣ тадбирҳои судманд андешида шуд» [6, с. 228].

Омӯзиши китобҳо, паёмҳо ва суханрониҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар минбарҳои сатҳи миллӣ, минтақавӣ ва байналмилалӣ, инчунин дигар сарчашмаҳои илмӣ ва соҳавӣ нишон медиҳад, ки дар солҳои Истиқлолияти давлатӣ сиёсати иқтисодии хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба густариши ҳамкориҳои судманду мутақобилан манфиатнок бо кишварҳои хориҷӣ равона шудааст.

Дар ин давра Ҷумҳурии Тоҷикистон тавонист муносибатҳои иқтисодию тиҷоратии худро бо давлатҳои аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, аксари кишварҳои Иттиҳоди Аврупо, Иёлоти Муттаҳидаи Амрико ва кишварҳои Осиёву Аврупо ба сатҳи нав баровард. Ҳамзамон, ҳамкориҳои стратегӣ бо Федератсияи Русия, Ҷумҳурии Мардумии Чин, Ҳиндустон, Эрон, Туркия ва Покистон густариш ёфта, барои ҷалби сармоя ва рушди иқтисоди миллӣ заминаи мусоид фароҳам овард.

Ҳамчунин, дар ин марҳила Тоҷикистон муносибатҳои иқтисодии худро бо давлатҳои ҳамсоя, кишварҳои минтақа ва ҷаҳон тақвият дода, ба узвияти як қатор созмонҳои бонуфузи байналмилалӣ шомил гардид. Бахусус, ба Созмони Умумиҷаҳонии Савдо, Созмони Ҳамкории Шанхай, Иттиҳоди Иқтисодии Европаю Осиё, Созмони Ҳамкории Иқтисодӣ, Созмони Ҳамкории Исломӣ, Бонки Байналмилалии Таҷдид ва Рушд, Хазинаи Байналмилалии Асъор, Бонки Умумиҷаҳонӣ, Корпоратсияи Байналмилалии Молиявӣ, Бонки Осиёии Рушд, Бонки Исломии Рушд, Ассотсиатсияи Байналмилалии Рушд, Ассотсиатсияи Байналмилалӣ оид ба Кафолатҳои Сармоягузориҳо, Хазинаи байналмилалии рушди кишоварзӣ, Комиссияи Иқтисодӣ барои Аврупо ҳамроҳ шуд. Ин раванд ба ҳамгироии иқтисоди Тоҷикистон ба низоми

иқтисоди ҷаҳонӣ, густариши савдои хориҷӣ, ҷалби сармояи хориҷӣ ва дастрасӣ ба бозорҳои нав мусоидат намуд.

Бояд тазаккур дод, ки бо мақсади ташаккули низоми самарабахши ҳамкорӣ бо кишварҳои хориҷӣ ва созмонҳои бонуфузи байналмилалӣ, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон сиёсати либерализатсияи савдои хориҷиро пеш гирифт ва воридшавӣ ба Созмони Умумиҷаҳонии Савдоро ҳамчун яке аз самтҳои муҳим муайян намуд.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар асари илмии худ бо номи «Уфуқҳои Истиқлол» иброз намудаанд, ки… «Дар замони соҳибистиқлолӣ мо узвият дар Созмони Умумиҷаҳонии Савдоро ба даст оварда, ҷиҳати ба тавсиб расонидани созишномаҳои интиқоли транзитии молу маҳсулот байни давлатҳои минтақа, инчунин, васеъ намудани имкониятҳои гузаргоҳҳои наздисарҳадӣ ба муваффақият ноил гардидем» [10, с. 165-166].

Бо мақсади гузоштани қадамҳои аввалин дар самти ислоҳоти низоми савдои хориҷӣ ва мутобиқсозии он ба принсипҳои иқтисоди бозорӣ, «27 июни соли 1995, №261 Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи либерализатсияи минбаъдаи савдои хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» қабул гардид» [9].

Санади мазкур заминаи ҳуқуқию институтсионалиро барои кӯҳиш додани маҳдудиятҳои маъмурӣ, соддагардонии расмиёти содироту воридот ва транзит, васеъ намудани майдони фаъолияти субъектҳои савдои хориҷӣ ва ташаккули муҳити рақобатпазир фароҳам овард. Қабули ин фармон марҳилаи муҳими гузариш ба сиёсати нисбатан кушода ва озоди тиҷоратӣ маҳсуб ёфта, барои ҳамгироии тадриҷии кишвар ба низоми иқтисоди байналмилалӣ шароити мусоид фароҳам сохт.

Ҷиҳати мутобиқсозии низоми муносибатҳои савдои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба меъёрҳо ва қоидаҳои эътирофшудаи тиҷорати байналмилалӣ, дар кишвар як қатор тадбирҳои ҳуқуқӣ, институтсионалӣ ва сохторӣ амалӣ карда шуданд. Ин раванд, пеш аз ҳама, ба мутобиқ намудани қонунгузории миллӣ ба принсипҳои низоми бисёрҷонибаи савдо, такмили механизми танзими тарифӣ ва ғайритарифӣ, инчунин баланд бардоштани шаффофият ва пешбинишавандагии сиёсати савдо равона гардид.

Дар ин замина, ҷиҳати суръат бахшидан ба раванди шомилшавии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Созмони Умумиҷаҳонии Савдо заминаҳои мусоиди ташкилӣ ва ҳуқуқӣ фароҳам оварда шуда, ҳамоҳангсозии сиёсати савдо бо стандартҳои байналмилалӣ тақвият ёфт. Тадбири мазкур ҳамчун марҳилаи муҳим дар раванди ҳамгироии иқтисоди миллӣ ба низоми тиҷорати байналмилӣ арзёбӣ мешавад.

Дар Барномаи мутобиқгардонии иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон бинобар узвият дар Созмони Умумиҷаҳонии Савдо дарҷ гардидааст, ки «...Ҷумҳурии Тоҷикистон узви 159-уми ин созмон буда, барои ноил шудан ба ин мақсад давраи тӯлонии гуфтушунидҳоро анҷом додааст. Таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки раванди дохилшавӣ хеле мураккаб мебошад ва ба кишварҳои нозир зарур аст, ки қонунгузории ҷории худро ба талаботу меъёрҳои СУС мутобиқ намуда, бо давлатҳои аъзо оид ба низоми савдои хориҷӣ, шароитҳои дастрасӣ ба бозори мол ва хизматрасониҳо, ҷанбаҳои тиҷоратии ҳуқуқҳои моликияти зеҳнӣ, ҳимояи ҳуқуқҳои истеҳсолкунанда ва дигар самтҳо гуфтушунидҳо баргузор намоянд» [2, с. 1].

Дар натиҷаи тадбирҳои болозикр, Ҷумҳурии Тоҷикистон 2 марти соли 2013 мақоми узви комилҳуқуқи Созмони Умумиҷаҳонии Савдоро соҳиб гардид.

Ҳамин тариқ, шомилшавӣ ба Созмони Умумиҷаҳонии Савдо ҳамчун дастоварди муҳими сиёсати иқтисодии хориҷии кишвар арзёбӣ гардида, барои рушди устувор ва баланд бардоштани рақобатпазирии иқтисоди миллӣ заминаи мусоид фароҳам овард.

Ҳамчунон, дар ин марҳила, бо мақсади мутобиқ намудани равандҳои савдои хориҷии кишвар ба низоми муосири тиҷорати байналмилалӣ, дар Тоҷикистон «...дар кишвар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи савдои электронӣ» ва Барномаи савдои электронӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2025-2029 қабул гардида, фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар хусуси ҳамроҳшавии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Созишномаи қолабӣ оид ба

содагардонии расмиёти савдои беқоғази наздисарҳадӣ дар минтақаи Осиё ва Уқёнуси Ором» ба тасвиб расид [1, с. 4]. Амалишавии сандҳои мазкур ҷиҳати сода кардани равандҳои савдо, рушди тиҷорати электронӣ ва рақамисозии иқтисоди миллӣ мусоидат менамоянд.

Бояд таъкид намуд, ки яке аз шаклҳои муҳими институтсионалӣ ва воситаҳои самараноки рушди муносибатҳои савдои хориҷӣ, ин таъсис ва фаъолияти минтақаҳои озоди иқтисодӣ маҳсуб меёбад. Дар Тоҷикистон минтақаҳои озоди иқтисодии «Суғд», «Панҷ», «Данғара», «Кӯлоб» ва «Ишкошим», бо мақсади фароҳам овардани шароити мусоид барои ҷалби сармояи хориҷӣ, технологияи нав, барои бунёди инфрасохтори муосир, ташкил карда шудаанд. Дар ин замина, минтақаҳои озоди иқтисодӣ ҳамчун механизми муҳими ҳамгироии фаъол ба низоми иқтисоди ҷаҳонӣ ва таҳкими рақобатпазирии миллӣ арзёбӣ мегарданд.

Дар сархати 1 моддаи 2-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи минтақаҳои озоди иқтисодӣ» пешбинӣ гардидааст, ки минтақаҳои озоди иқтисодӣ бо ҳадафи «ба ҷомеаи иқтисодии ҷаҳонӣ самараноктар ҷалб намудани иқтисодиёти ҷумҳурӣ ва минтақаҳои алоҳидаи он» [5, с. 2] таъсис дода мешаванд.

Аз нигоҳи иқтисодӣ, минтақаҳои озоди иқтисодӣ ҳамчун муҳити институтсионалӣ ва иқтисодию ҳуқуқӣ барои ҳамгироии пайгиронаи иқтисоди миллӣ ба низоми ҷаҳонии савдо ва рушди устувори иқтисодӣ нақши калидӣ мебозанд.

Боиси тазаккур аст, ки раҳоӣ аз бунбасти коммуникатсионӣ ва табдил ба кишвари транзитӣ ҳамчун яке аз ҳадафҳои стратегии сиёсати иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ гардида, барои таъмини ҳамгироии минтақавӣ ва тақвияти иқтидори транзитии кишвар аҳамияти муҳим дорад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, сохтмон ва таҷдиди роҳҳо ва нақбҳо ҷиҳати тавсеаи имкониятҳои транзитӣ ва содиротӣ босуръат идома доранд. Ин тадбирҳо на танҳо шароити босифати ҳаракати молу маҳсулот ва сайёҳонро фароҳам меоранд, балки барои рушди ҳамгироии минтақавӣ, афзоиши иқтидори транзитии кишвар ва ҷалби сармояи хориҷӣ аҳамияти калидӣ доранд.

Ба истифода дода шудани неругоҳҳои обию барқии калон, ба монанди Сангтӯда ва Роғун, оғози азхудкунии захираҳои обию барқии дарёи Панҷ, ҳамчунин ба истифода додани меҳмонхонаҳои замонавӣ ва беҳбуди корҳо дар фурудгоҳҳои байналмилалии кишвар, имкониятҳои навро фароҳам овард. Ин раванд боиси васеъ шудани самти парвозҳо ба кишварҳои дур, аз ҷумла парвозҳои транзитӣ аз тариқи Тоҷикистон бо ҳавопаймоҳои замонавӣ шуд. Ин иқдомҳо, ҷиҳати рушди содироти неруи барқ, хизматрасониҳои байналмилалӣ ва бахши сайёҳӣ ба таври назаррас муосидат мекунанд.

Дар Тоҷикистони муосир бо мақсади рушди боэътимоди муносибатҳои байналмилалӣ ва таҳкими фазои мусоиди сармоягузорӣ, пайваста барои ҷалби сармоя ва густариши ҳамкорӣ бо кишварҳои хориҷӣ тадбирҳои зарурӣ амалӣ карда мешвад.

Бо мақсади мутобиқсозӣ ва ҷалби сармояи хориҷӣ, ҳамчунин ҳамоҳанг сохтани муносибатҳои сармоягузории кишвар бо талаботи байналмилалӣ, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сатҳи қонунгузорӣ ислоҳоти зиёде амалӣ гардид, ки барои фароҳам овардани шароити мусоиди сармоягузорӣ дар соҳаҳои афзалиятнок равона шудаанд. Ҷанбаи асосии ин раванд қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сармоягузорӣ» мебошад.

Фаъолият барои беҳтарсозии муҳити сармоягузорӣ тавассути Шурои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дастгирӣ меёбад. Ба ҳайати Шурои мазкур ҳам намояндагони Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳам бахши хусусӣ ва ҳам шарикони рушд шомил мебошанд.

«Ҷалби сармоя ба Тоҷикистон тайи солҳои охир тамоюли мусбиро касб намуда, танҳо дар панҷ соли охир ҳаҷми воридоти сармояи хориҷӣ ба кишвар 11,6 млрд доллари ИМА-ро ташкил намудааст. Боиси тазаккур аст, ки нишондиҳандаи мазкур дар соли 2024 ба 5 млрд доллари ИМА баробар шуд, ки дар муқоиса ба соли 2020-ум, 11 маротиба бештар мебошад» [8, с. 7]. Ин афзоиш натиҷаи амалисозии ислоҳот ва иқдомҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

мебошад, ки воридоти сармоя ба кишварро сол аз сол таъмин намуда, рушди иқтисодиро дастгирӣ кардааст.

Айни замон, Ҷумҳурии Тоҷикистон тадбирҳои устуворро барои таҳкими робитаҳо ва густариши ҳамкориҳои тиҷоратӣ ва иқтисодӣ бо кишварҳои хориҷӣ амалӣ истодааст. Дар ин самт, Комиссияҳои байниҳукуматии ҳамкориҳои тиҷоратию иқтисодӣ нақши асосӣ дорад ва бо зиёда аз 40 кишвари ҷаҳон ҳамкории зичро ба роҳ мондааст.

Тоҷикистон бо кишварҳои хориҷӣ дар фазои дӯстона роҳҳои густариши ҳамкориҳои иқтисодӣ, тиҷоратӣ, техникӣ, илмӣ, фарҳангӣ, ташкили кумитаҳо ва гуруҳҳои кории гуногун барои пайгирии тавофуқҳо ва тавсеаи ҳамкориҳо дар доираи Комиссияҳои муштарак мавриди баррасӣ қарор медиҳад.

«Имрӯзҳо фаъолияти иқтисоди хориҷӣ ба яке аз соҳаҳои муҳими иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон табдил ёфтааст. Таҳлили муносибатҳои содиротию воридотии дах соли охир аз вусъатёбии робитаҳои тиҷоратии байналхалқӣ, қудратнокшавӣ ва бунёди корхонаҳои нави муштарак, сол аз сол афзудани ҳаҷми сармоягузории хориҷӣ, пешниҳод ва истифодаи хизматрасониҳои байналмилалии Тоҷикистон гувоҳӣ медиҳад» [4, с. 779].

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бинобар нақши стратегӣ ва аҳаммияти ҳалкунанда доштани савдои хориҷӣ дар таҳкими рушди иқтисоди миллӣ ва тавсеаи ҳамгироии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо иқтисоди ҷаҳонӣ, дар заминаи узвият дар Созмони Умумиҷаҳонии Савдо, мунтазам тадбирҳо ва чораҳои саривақтиро амалӣ месозад.

Ин тадбирҳо бо мақсади дастгирии субъектҳои содироткунанда, инчунин фароҳам овардани фазои мусоид барои рушди соҳибкорӣ ва сармоягузорӣ роҳандозӣ шудаанд. Амалисозии иқдомҳои ислоҳотӣ дар соҳаҳои гуногуни иқтисоди миллӣ, заминаи мусоидро барои рушди гардиши савдои хориҷии Тоҷикистон марҳила ба марҳила фароҳам оварда истодааст (ҷадвали 1 ва расми 1).

Ҷадвали 1. «Гардиши савдои хориҷии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2024 (бо млн доллари ИМА)» [3, с. 317].

Нишондод	2020	2021	2022	2023	2024	Фарқият/ маротиба
Гардиши савдои хориҷӣ	4557,8	6359,1	7309,5	8328,9	8955,0	1,96
Содирот	1406,8	2149,6	2142,0	2448,8	1947,4	1,38
Воридот	3150,9	4209,5	5167,5	5880,1	7007,6	2,22

Сарчашма: Ҷадвали мазкур аз ҷониби муаллиф таҳия шудааст.

Аз ҷадвал ва расм мазкур хулоса карда мешвад, ки гардиши савдои хориҷии Тоҷикистон дар солҳои 2020–2024 пайваста дар ҳоли афзоиш мебошад. Масалан, нишондищандаи гардиши савдои хориҷӣ аз 4557,8 млн доллар дар соли 2020 ба 8955,0 млн доллар дар соли 2024 расидааст, ки дар ин давра тақрибан 2 маротиба афзоиш ёфтааст.

Содирот бошад аз 1406,8 млн доллар дар соли 2020 ба 1947,4 млн доллар дар соли 2024 расидааст, ки нишондиҳандаи афзоиши нисбӣ 1,38 маротиба ва ё қариб 38 фоиз зиёд шудааст.

Дар баробар ин, воридот аз 3150,9 млн доллар дар соли 2020 ба 7007,6 млн доллар дар соли 2024 расидааст, ки 2,22 маротиба афзоиш ёфтааст. Ин нишон медиҳад, ки воридот дар гардиши савдо нақши калонтар дорад.

Маълумоти ҷадвал нишон медиҳад, ки дар солҳои 2020–2024 воридот нисбат ба содирот зиёд мебошад.

«...Рушди нишондиҳандаи воридот бештар ба зиёдшавии воридоти технологияҳо, сармоя ва ашёи хом барои рушди соҳаҳои гуногуни иқтисоди миллӣ, ки зиёда аз 76 фоизро ташкил медиҳад, вобаста мебошад. Аз ҷумла, соли 2024 воридоти молу маҳсулот бо мақсади рушд ба маблағи 5,4 миллиард доллар ва бо мақсади истеъмол ва истифода 1,3 миллиард доллярро ташкил дод» [6, с. 232].

Расми 1. «Гардиши савдои хориҷии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2024 (бо млн доллари ИМА)» [3, с. 317-332].



Сарчашма: Расми мазкур аз ҷониби муаллиф таҳия шудааст.

Бояд қайд кард, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкили низоми самарабахши робитаҳои дуҷониба ва бисёрҷонибаи иқтисодию тиҷоратӣ бо дигар кишварҳо марҳила ба марҳила амалӣ шуда истодааст. Айни замон, Ҷумҳурии Тоҷикистон бо тамоми сохторҳои молиявии байналмилалӣ ҳамкории пурсамарро ба роҳ монда, бо зиёда аз 170 давлати дунё робитаҳои иқтисодӣ дорад. Дар ҷавдали 2 робитаҳои иқтисоди хориҷии Тоҷикистон бо кишварҳои ИДМ ва дигар кишварҳо дар давоми солҳои 2020–2024 бо млн доллари ИМА нишон дода шудааст.

Ҷадвали 2. «Робитаҳои иқтисоди хориҷӣ бо кишварҳои ИДМ ва дигар кишварҳо дар давоми солҳои 2020–2024 (млн доллари ИМА)» [3, с. 317-332].

Нишондод	**2020**	**2021**	**2022**	**2023**	**2024**	**Фарқият/ маротиба**
Гардиши савдои хориҷӣ	***4557,8***	***6359,1***	***7309,5***	***8328,9***	***8955,0***	***1,96***
Мамлакатҳои ИДМ	2357,9	3120,1	3870,4	3556,2	4142,9	***1,75***
Дигар мамлакатҳо	2199,9	3239,0	3439,1	4772,3	4812,2	***2,18***
Содирот	**1406,8**	**2149,6**	**2142,0**	**2448,8**	**1947,4**	***1,38***
Мамлакатҳои ИДМ	289,4	574,7	761,4	551,4	491,2	***1,69***
Дигар мамлакатҳо	117,4	1574,9	1380,6	1897,3	1456,2	***12,4***
Воридот	**3150,9**	**4209,5**	**5167,5**	**5880,1**	**7007,6**	***2,22***
Мамлакатҳои ИДМ	2068,4	2545,4	3109,0	3004,8	3651,7	***1,76***
Дигар мамлакатҳо	1082,5	1664,1	2058,5	2875,4	3355,9	***3,10***

Сарчашма: Ҷадвали мазкур аз ҷониби муаллифон сохта шудааст.

Тибқи маълумоти ҷадвали 2, гардиши савдои хориҷии Тоҷикистон пайваста афзоиш ёфта, дар солҳои 2020–2024 тақрибан 1,96 маротиба зиёд шудааст.

Ҳиссаи гардиши савдо бо кишварҳои ИДМ низ афзоиш ёфта, аз 2357,9 млн доллар дар соли 2020 ба 4142,9 млн доллар дар соли 2024 расида, тақрибан 1,75 маротиба зиёд шудааст. Гардиши савдо бо дигар кишварҳо суръати тезтари афзоиш дошта, аз 2199,9 млн доллар ба 4812,2 млн доллар расида, фарқият 2,18 маротиба мебошад.

Содирот низ афзоиш ёфтааст ва аз 1406,8 млн доллар дар соли 2020 ба 1947,4 млн доллар дар соли 2024 расидааст. Аз ин ҳаҷм, содирот ба кишварҳои ИДМ аз 289,4 млн доллар ба 491,2

млн доллар афзоиш ёфта, содирот ба дигар кишварҳо бошад, аз 117,4 млн доллар дар соли 2020 ба 1456,2 млн доллар дар соли 2024 расида, фарқият то 12,4 маротиба мебошад.

Ҳамзамон, воридот аз 3150,9 млн доллар дар соли 2020 ба 7007,6 млн доллар дар соли 2024 афзоиш ёфта, тақрибан 2,22 маротиба зиёд шудааст. Воридот аз кишварҳои ИДМ аз 2068,4 млн доллар ба 3651,7 млн доллар афзоиш ёфта, афзоиши асосӣ аз ҳисоби дигар кишварҳо мебошад, ки аз 1082,5 млн доллар ба 3355,9 млн доллар расидааст.

Нишондиҳандаҳои болозикр ниҳоӣ набуда, Ҷумҳурии Тоҷикистон дорои имкониятҳои васеъ барои рушди содироти молу маҳсулот ва васеъ намудани ҳамкориҳои тиҷоратӣ мебошад. Инчунин, кишвар метавонад гуногуншаклии истеҳсолоти маҳсулоти ба содирот нигаронидашударо таъмин намуда, бозорҳои ҷуғрофии нав ва ҳудудҳои тиҷоратиро фароҳам оварад.

Натиҷаҳо. Новобаста аз натиҷаҳои ба дастомада, имрӯзҳо имкониятҳо, иқтидорҳо ва афзалиятҳои соҳавӣ, бо дарназардошти мавҷудияти мушкилоти зерин ҳоло пурра ва самаранок истифода намегарданд.

1. Истифодаи нопурра ва саривақтии технологияҳои инноватсионӣ. Дар раванди истеҳсол ва ташаккули номгӯи маҳсулоти содиротӣ ва воридотивазкунанда технологияҳои муосир ба таври пурра ва зарурӣ татбиқ намешаванд. Омили мазкур ба стандартҳои байналмилалӣ ҷавобгӯ набудани маҳсулот ва паст будани рақобатпазирии он дар бозорҳои ҷаҳонӣ сабаб мешавад.

2. Содироти ашёи хом ва маҳсулоти коркардношуда. Дар бештар мавридҳо қисми зиёди маҳсулоти содиротӣ бе коркарди иловагӣ ва афзоиши арзиши иловашуда аз кишвар содир мешавад. Ҳолати номбурда имкониятҳои баланд бардоштани самаранокии иқтисодӣ ва таъсири стратегӣ дар бозорҳои хориҷиро маҳдуд мекунад.

3. Дастрасии маҳдуди субъектҳои иқтисодӣ ба воистаҳои молиявӣ ва хизматрасониҳои содиротӣ. Субъектҳои истеҳсолӣ ва содиротӣ ба воситаҳои молиявии нисбатан арзон, кафолатҳои бонкӣ, қарзҳои содиротӣ ва ҳавасмандгардонии содирот дастрасии кофӣ надоранд.

4. Фаъолияти маҳдуди бахши хусусӣ ва малакаҳои касбии нокофӣ дар самти тиҷорати байнламилалӣ, бахусус содирот. Сатҳи иштироки бахши хусусӣ дар савдои хориҷӣ паст буда, донишҳои соҳавии онҳо дар самти таҳлили бозор, маркетинг ва механизмҳои воридоти ва содироти байналмилалӣ нокифоя аст.

5. Норасоии инфрасохтори нақлиётӣ ва логистикӣ – инфрасохтори муосири нақлиётӣ, борфарорӣ ва логистика пурра ташаккул наёфтааст. Ҳиссаи баланди хароҷоти нақлиётӣ ва боркашонӣ ба арзиши ниҳоии маҳсулоти содиротӣ, таъсири манфӣ мерасонад.

6. Риоя нагардидани стандартҳои бастабандӣ ва тамғагузорӣ. Талаботи байналмилалӣ оид ба бастабандӣ, тамғагузорӣ ва дигар меъёрҳои стандартии истеъмолӣ дар истеҳсол ва содироти баъзе маҳсулот пурра риоя намешаванд. Ин ҳолат ба рақобатпазирии маҳсулот ва қобилияти воридшавӣ ба бозорҳои ҷаҳонӣ халал мерасонад.

7. Дастгирии нокифояи молиявӣ ва механизми ҳавасмандгардонии содирот. Амалияи ҳавасмандгардонии субъектҳои содиротӣ ва дастгирии молиявии онҳо, ки метавонад ҷалби сармояи дохилӣ ва хориҷиро ба содирот тақвият диҳад, ҳанӯз шакли комил ва низомандӣ надорад.

«Боиси тазаккур аст, ки содирот, ҳамчун қисми таркибии асосии савдои хориҷӣ дар таъмини гуногуншаклии истеҳсоли молу маҳсулот ва хизматрасониҳои ватанӣ ва рақобатпазирии онҳо нақши стратегӣ дорад. Ҳамчунон, рушди савдои хориҷӣ, бахусус фаъолияти савдои хориҷии субъектҳои содиротӣ ба яке аз ҳадафҳои стратегӣ ва афзалиятноки кишварҳо, бо мақсади рушди иқтисоди миллӣ ва баланд бардоштани нуфузи кишварҳо дар рейтингҳои байналмилалӣ табдил ёфтааст» [7, с. 320].

Хулоса. Дар чунин шароит, рушди минбаъдаи муносибатҳои иқтисоди хориҷӣ ҳамчун заминаи стратегияи дарозмуддати рушди иқтисодӣ ва таҳкими рақобатпазирии миллӣ ба ҳисоб меравад. Ин раванд ба ҳалли масъалаҳои диверсификатсияи иқтисодиёт, ҷалби сармояи мустақими хориҷӣ ва ташкили иқтисоди рақобатпазир равона карда шудааст, ки барои

ҳамгироии устувор ба низоми ҷаҳонии савдо ва баланд бардоштани иқтидори содиротии кишвар аҳамияти стратегӣ дорад.

Ҳамзамон, истифодаи афзалиятҳои Созмони Умумиҷаҳонии Савдо, ҳифз намудани манфиатҳои иқтисодии истеҳсолкунандагони ватанӣ ва рушди мунтазами робитаҳои иқтисодии хориҷӣ аҳамияти хоса пайдо намуда, ба омили асосии рушди иқтисодиёти миллӣ табдил меёбад. Бо дарназардошти ин, густариши ҳамкориҳои иқтисодии хориҷӣ барои Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд ҳамоҳанг бо татбиқи ислоҳоти сохторӣ, баланд бардоштани рақобатпазирӣ ва рушди сармояи инсонӣ амалӣ гардад, то имкониятҳои стратегии кишвар дар арсаи байналмилалӣ пурра истифода шаванд.

АДАБИЁТ:

1. Барномаи давлатии рушди содироти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2026–2030 (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2025, №652).
2. Барномаи мутобиқгардонии иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон бинобар узвият дар Созмони умумиҷаҳонии савдо (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 октябри соли 2014, №691).
3. Маҷмуаи оморӣ: “Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон”. АОНПҶТ. – Душанбе, 2025. – 442 с.
4. Оймаҳмадов М., Муртазоев М. Иқтисодиёти ҷаҳон. – Теҳрон, 2001. – 802 с.
5. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи минтақаҳои озоди иқтисодӣ» (Қонуни ҶТ аз 2.01.2019 №1581, аз 20.06.2024 №2077).
6. Раҷабов Р.К., Раҳимзода Б.К. Рушди содироти Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳлили вазъи муосир, дастовардҳо ва роҳҳои тақвияти рушди содирот // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ). Бахши илмҳои иқтисодӣ. – Душанбе: «Сино», 2025. – №10. – С. 227–239.
7. Раҳимзода Б.К. Содагардонии расмиёти савдо - яке аз самтҳои афзалиятноки рушди содирот// Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ).– Душанбе: – 4/1 (59) / 2025 – С. 319–326.
8. Стратегияи ҷалби сармоя ба Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2040 (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 июли соли 2025, №372).
9. Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 июни соли 1995, №261 «Дар бораи либерализатсияи минбаъдаи савдои хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон».
10. Эмомалӣ Раҳмон. Уфуқҳои Истиқлол. – Душанбе: «Ганҷи нашриёт», 2018. – 436 с.

УДК: 330.341:004(575.3)

ТАБДИЛИ РАҚАМӢ ВА ТАҒЙИРИ ТАРЗИ ТЕХНОЛОГӢ ДАР ШАРОИТИ ТАБДИЛИ МУНОСИБАТҲОИ ИСТЕҲСОЛӢ ВА МУҲИТИ ИНСТИТУТСИОНАЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

РАҲМОНОВ ФАРИДУН МАДИСЛОМОВИЧ
Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон, ассистенти кафедраи назарияи иқтисодӣ. **Суроға:** 734055, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Борбад 48/5. **Тел.: (**+992) 905-69-97-97. **E-mail:** faridunrahmonov@mail.ru

Аннотатсия. Мақола ба таҳлили иқтисодию сиёсии табдили рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун раванди ивазшавии тарзи технологӣ бахшида шудааст. Дар асоси маълумоти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Бонки ҷаҳонӣ ва Бонки рушди Осиё, инчунин дигар ниҳодҳои байналмилалӣ қуввaҳои пешбарандаи рақамикунонӣ, табдили муносибатҳои истеҳсолӣ ва паёмадҳои институтсионалии онҳо баррасӣ мешаванд. Муқаррар карда шудааст, ки давлат ҳамчун субъект ва ҳомили асосии раванди табдили рақамӣ, пойгоҳи институтсионалиро таъсис дода, солҳои 2025-2030-ро дар мамлакат «Солҳои

рушди иқтисоди рақамӣ ва инноватсия» эълон кардааст. Қувваи пешбарандаи махсус табдили бозори меҳнат мебошад, ки аз ҳаҷми баланди интиқоли пул (49%-и ММД) ва рушди фрилансинг ба вуҷуд меояд. Мухолифати асосии байни қувваҳои нави истеҳсолӣ (платформаҳои рақамӣ, шуғли фосилавӣ) ва муносибатҳои кӯҳнашавандаи истеҳсолӣ (қонунгузории меҳнат, андоз ва шаҳрвандӣ, ки боқимонда аз давраи тарзи технологии саноатӣ мебошанд) ошкор карда шудааст. Табдили рақамӣ тафовути иҷтимоию иқтисодиро пурзӯр мекунад: бахши дорои даромади баланд (музди меҳнат дар соҳаи алоқа аз музди меҳнати миёнаи иқтисодиёти кишвар 2,6 маротиба зиёд аст) камтар аз 0,3%-и аҳолии машғулро фаро мегирад, дар ҳоле ки 70,9%-и аҳолӣ, ки дар деҳот зиндагӣ мекунанд, бо монеаҳои институтсионалӣ ва инфрасохторӣ рӯ ба рӯ мешаванд. Дар муқоисаи минтақавӣ, Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷиҳати арзиш ва сифати дастрасӣ ба интернет аз кишварҳои пешсафи Осиёи Марказӣ қафо мондааст. Инчунин дар кишвар платформаҳои миллии экосистемавӣ вуҷуд надоранд. Бартараф кардани ин мухолифатҳо роҳандозӣ намудани ислоҳоти институтсионалиро талаб мекунад. Дар доираи чунин ислоҳот мутобиқсозии қонунгузорӣ ба воқеияти тарзи рақамии технологӣ, аз нигоҳи қонунӣ ба расмият даровардани дороиҳои рақамӣ ва пешбурди сиёсати ҳадафмандона барои коҳиш додани нобаробарии рақамӣ зарур аст.

Калидвожаҳо: табдили рақамӣ, тарзи технологӣ, муносибатҳои истеҳсолӣ, муҳити институтсионалӣ, иқтисоди сиёсӣ, нобаробарии рақамӣ, шуғли платформавӣ, кори фосилавӣ, интиқоли пул, рентаи рақамӣ, платформаҳои экосистемавӣ.

ЦИФРОВАЯ ТРАНСФОРМАЦИЯ И СМЕНА ТЕХНОЛОГИЧЕСКОГО УКЛАДА В УСЛОВИЯХ ТРАНСФОРМАЦИИ ПРОИЗВОДСТВЕННЫХ ОТНОШЕНИЙ И ИНСТИТУЦИОНАЛЬНОЙ СРЕДЫ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

РАХМОНОВ ФАРИДУН МАДИСЛОМОВИЧ

Международный университет туризма и предпринимательства Таджикистана, ассистент кафедры экономической теории. **Адрес:** 734055, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Борбад 48/5. **Тел.:** (+992) 905-69-97-97. **E-mail:** faridunrahmonov@mail.ru

Аннотация. Статья посвящена экономико-политическому анализу цифровой трансформации в Республике Таджикистан как процесса технологических изменений. На основе данных Статистического агентства при Президенте Республики Таджикистан, Национального банка Таджикистана, Всемирного банка и Азиатского банка развития, а также других международных институтов, рассматриваются движущие силы цифровизации, трансформация производственных отношений и их институциональные последствия. Установлено, что государство, как главный субъект и носитель процесса цифровой трансформации, создало институциональную базу и объявило 2025-2030 годы в стране «Годами цифровой экономики и инновационного развития». Особой движущей силой является трансформация рынка труда, обусловленная большим объемом денежных переводов (49% ВВП) и развитием фриланса. Выявлено основное противостояние между новыми производительными силами (цифровые платформы, удаленная работа) и устаревшими производственными отношениями (трудовое, налоговое и гражданское законодательство, являющееся пережитком эпохи индустриально-технологического режима). Цифровая трансформация усугубляет социально-экономическое неравенство: на высокооплачиваемый сектор (заработная плата в коммуникационной сфере в 2,6 раза выше средней заработной платы в экономике страны) приходится менее 0,3% занятого населения, в то время как 70,9% населения, проживающего в сельской местности, сталкиваются с институциональными и инфраструктурными барьерами. В региональном сравнении Республика Таджикистан отстает от ведущих стран Центральной Азии по стоимости и качеству доступа в Интернет. В стране также отсутствуют национальные экосистемные платформы. Устранение этих очевидных противоречий требует институциональных реформ. В рамках таких реформ необходимо

адаптировать законодательство к реалиям цифрового технологического ландшафта, юридически регистрировать цифровые активы и проводить целенаправленную политику по сокращению цифрового разрыва.

Ключевые слова: цифровая трансформация, технологический уклад, производственные отношения, институциональная среда, политическая экономия, цифровое неравенство, платформенная занятость, дистанционная работа, денежные переводы, цифровая рента, экосистемные платформы.

DIGITAL TRANSFORMATION AND CHANGE OF TECHNOLOGICAL ORDER IN THE CONTEXT OF TRANSFORMATION OF INDUSTRIAL RELATIONS AND THE INSTITUTIONAL ENVIRONMENT OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

RAHMONOV FARIDUN MADISLOMOVICH
International University of Tourism and Entrepreneurship of Tajikistan, Assistant Professor at the Department of Economic Theory. **Address:** 734055, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Borbad Avenue 48/5. **Tel.:** (+992) 905-69-97-97. **E-mail:** faridunrahmonov@mail.ru

Abstract. The article provides an economic and political analysis of digital transformation in the Republic of Tajikistan as a process of technological change. Based on data from the Statistical Agency under the President of the Republic of Tajikistan, the National Bank of Tajikistan, the World Bank, the Asian Development Bank, and other international institutions, the article examines the driving forces of digitalization, the transformation of production relations, and their institutional consequences. It has been established that the state, as the main actor and bearer of the digital transformation process, has created an institutional framework and declared 2025-2030 the «Years of the Digital Economy and Innovative Development» in the country. A special driving force is the transformation of the labor market, caused by the large volume of remittances (49% of GDP) and the development of freelancing. The main confrontation is identified between new productive forces (digital platforms, remote work) and outdated production relations (labor, tax, and civil legislation, a relic of the industrial-technological regime). Digital transformation is exacerbating socioeconomic inequality: the high-paying sector (wages in the communications sector are 2,6 times higher than the average wage in the country) accounts for less than 0,3% of the employed population, while 70,9% of the rural population faces institutional and infrastructural barriers. In a regional comparison, the Republic of Tajikistan lags behind leading Central Asian countries in the cost and quality of internet access. The country also lacks national ecosystem platforms. Addressing these obvious contradictions requires institutional reforms. Such reforms require adapting legislation to the realities of the digital technological landscape, legally registering digital assets, and implementing targeted policies to reduce the digital divide.

Keywords: digital transformation, technological paradigm, industrial relations, institutional environment, political economy, digital inequality, platform employment, remote work, remittances, digital rent, ecosystem platforms.

Муқаддима.Тағйири тарзҳои технологӣ чун анъана лаҳзаи муҳим дар таҳаввулоти иқтисодӣ буда, на танҳо табдили қуввaҳои истеҳсолкунанда, балки инчунин таҷдиди куллии сохтори низоми муносибатҳои истеҳсолиро ба миён меорад. Дар даҳсолаи дуюми асри XXI ташаккули тарзи шашуми технологӣ, ки ба технологияҳои рақамӣ, платформавӣ ва зеҳни сунъӣ асос ёфтааст, ба амал омад. Ин падида ба тағйироти амиқ дар муносибатҳои моликият, хосияти меҳнат ва механизмҳои тақсимот боис гардид. Барои кишварҳои рӯ ба рушд, аз ҷумла Ҷумҳурии Тоҷикистон, табдили рақамӣ на як чолиши технологӣ, балки равзанаи имкониятҳои институтсионалӣ барои рафъи номутавозинии сохторӣ, гуногунрангсозии иқтисодиёт ва ҳамгироӣ ба занҷираҳои ҷаҳонии бунёди арзиш мебошад.

Аммо, дараҷа ва хосияти таъсири рақамикунонӣ ба муносибатҳои истеҳсолӣ вобаста ба муҳити институтсионалӣ, низоми мавҷудаи қоидаҳои расмӣ ва ғайрирасмӣ, инчунин нақши

давлат ҳамчун субъекти иқтисодӣ ба таври назаррас фарқ мекунанд. Дар робита ба ин, на танҳо тавсифи равандҳои татбиқи технологияҳои рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, балки дарки онҳо дар доираи илми иқтисоди сиёсӣ низ муҳим аст. Зеро ин амал барои ошкор кардани тағйироти амиқ дар муносибатҳои байни меҳнат ва сармоя, табдили шаклҳои моликият ва паёмадҳои институтсионалии марбут ба гузариш ба тарзи нави технологӣ имконият фароҳам меорад.

Асосҳои назариявии таҳқиқи тарзҳои технологӣ ба муҳтавои асарҳои Н.Д. Кондратев [12], Й. Шумпетер [23], С.Ю. Глазев [4], Л.И. Абалкин [1] марбут мебошанд. Ҷанбаҳои институтсионалии рушди иқтисодӣ дар асарҳои Д. Норт [15], Р. Коуз [13] ва О. Вилямсон [21] баррасӣ шудаанд. Таҳлили иқтисодию сиёсии табдили рақамӣ, аз ҷумла масъалаҳои капитализми платформавӣ, чолишҳои марбут ба шуғл ва рентаи рақамӣ, дар асарҳои муаллифон Н. Срничек [28], Ш. Зубофф [31], А.В. Бузгалин [3] ва дигарон пешниҳод шудааст.

Масъалаҳои марбут ба навсозии технологӣ ва табдили рақамии иқтисодиёт дар асарҳои олимони ватанӣ низ инъикос ёфтаанд. Аз ҷумла, С. Олимов ҳангоми арзёбии сохтори технологии саноат қайд мекунад, ки сатҳи рушди саноатии иқтисодиёти миллӣ ба тарзҳои сеюм ва чоруми технологӣ мувофиқат мекунад, дар ҳоле ки тарзҳои панҷум ва шашум, ки дурнамои пешрафтро муайян мекунанд, дар кишвар амалан вуҷуд надоранд [18, с. 43].

Ин хулоса мубрам будани таҳқиқи табдили рақамиро ҳамчун механизми гузариш ба тарзҳои баландтари технологӣ таъкид мекунад. Т.Н. Юдина такмили идоракунии шуғлро дар заминаи рушди иқтисоди рақамӣ таҳлил карда, таъсири рақамикуниро ба бозори меҳнат, шаклҳои шуғл ва хусусиятҳои иҷтимоию иқтисодии шуғл дар заминаи табдили рақамии ҷаҳонӣ ба назар мегирад [24, с. 114].

Ҷанбаҳои появии табдили рақамии иқтисодиёт дар асарҳои К.С. Одиназода ифшо карда шудаанд. Муаллиф мафҳумҳо ва марҳилаҳои асосии рақамикуниро ба низом дароварда, заминаи назариявиро барои таҳлили ин раванд дар шароити миллӣ фароҳам оварда [17, с. 309], ҳамчунин механизмҳои танзими давлатии бозори фосилавии шуғлро таҳқиқ кардааст, ки барои таҳлили иқтисодию сиёсӣ ва табдили муносибатҳои меҳнатӣ дар шароити рақамикунонӣ аҳамияти мустақим дорад [16, с. 324].

Мушкилоти тағйироти институтсионалӣ ва рушди соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нигоҳи гуногун ба таҳқиқ фаро гирифта шудаанд. Аз ҷумла, Х.Ҳ. Алишоев нақши соҳибкории саноатиро ҳамчун омили таҷдиди сохтории иқтисодиёти миллӣ муайян кардааст [2, с. 148]. Ф.А. Ҷабборов механизмҳои таъмини рушди устувори фаъолияти соҳибкориро дар шароити ҷаҳонишавӣ меомӯзад [22, с. 128]. Б.Ҳ. Каримов масъалаҳои дастгирии давлатӣ ва таъмини сармоягузории соҳаҳои иқтисодиёти миллиро таҳлил мекунад [6; 7; 9]. Дар баробари ин, таҳлили муназзами иқтисодию сиёсии табдили рақамӣ ҳамчун тағйири тарзи технологӣ, таҳқиқи табдили муносибатҳои истеҳсолӣ дар шароити муҳити институтсионалии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қадри кофӣ коркард нашудааст, ки аҳамияти илмии ин мақоларо муайян мекунад.

Низоъи асосие, ки дар доираи мақолаи мазкур ҳалли худро талаб мекунад, дар он ифода меёбад, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, сарфи назар аз сиёсати фаъоли ҳукумат оид ба рақамикунонии иқтисодиёт ва афзоиши талабот ба хизматрасониҳои рақамӣ, ҳамоҳангии институтсионалӣ байни қувваҳои нави истеҳсолӣ (платформаҳои рақамӣ, шуғли фосилавӣ, дороиҳои рақамӣ) ва муносибатҳои истеҳсолии мавҷуда ба назар намерасад.

Ҳадафи таҳқиқот ошкор кардани қувваҳои пешбарандаи тағйирёбии тарзи технологӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва таҳлили табдили муносибатҳои истеҳсолӣ бо таъсири рақамикунонӣ дар шароити муҳити мавҷудаи институтсионалӣ мебошад.

Усулҳо ва маводи таҳқиқот. Асоси назариявию методологии таҳқиқотро омезиши назарияи тарзҳои технологӣ, иқтисоди сиёсии ба таҳлили муносибатҳои истеҳсолӣ нигаронидашуда ва назарияи иқтисодии институтсионалӣ ташкил медиҳад. Ҳамгироии ин равишҳо имкон медиҳад, ки табдили рақамӣ ҳамчун раванди иҷтимоию иқтисодӣ, ки тағйиротро дар муносибатҳои моликият, хосияти меҳнат ва механизмҳои тақсимот муайян

мекунад, баррасӣ карда шавад. Дар таҳқиқот усули диалектикӣ барои муайян кардани мухолифат (низоъҳо) байни қуввахои нави истеҳсолӣ ва муносибатҳои истеҳсолии мавҷуда истифода мешавад. Равиши муназзам барои таҳлили табдили рақамӣ ҳамчун як падидаи комил, усули таҳлили институтсионалӣ барои омӯзиши ниҳодҳои расмӣ ва ғайрирасмӣ, усули таҳлили муқоисавӣ барои муқоисаи амсилаҳои табдили рақамӣ, инчунин усулҳои таҳлили сифатӣ ва миқдорӣ барои коркарди маълумоти меъёрӣ, оморӣ ва адабиёти илмӣ истифода мешаванд.

Пойгоҳи амалии таҳқиқотро чунин мавод ташкил медиҳанд: маълумоти расмии Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки рушди иҷтимоию иқтисодии кишварро тавсиф мекунанд; ҳуҷҷатҳои стратегӣ ва барномавии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи иқтисоди рақамӣ; инчунин нашрияҳои илмии муаллифони ватанӣ ва хориҷӣ оид ба масъалаҳои табдили рақамӣ, тарзҳои технологӣ ва тағйироти институтсионалӣ.

Натиҷаҳои таҳқиқот. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, давлат субъект ва ҳомили асосии оғоз ва роҳнамоии раванди табдили рақамӣ мебошад. Бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз 8 январи соли 2025, № 911 солҳои 2025-2030 «Солҳои рушди иқтисоди рақамӣ ва инноватсия» эълон гардида, рақамикунонӣ ҳамчун самти афзалиятноки сиёсати давлатӣ муқаррар карда шудааст. Дар ин маврид, асоси институтсионалии табдили рақамӣ аз чунин ҳуҷҷатҳои стратегӣ ташаккул меёбад: Консепсияи иқтисоди рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 декабри соли 2019, № 642), Барномаи миёнамуҳлати рушди иқтисоди рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025 (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 октябри соли 2021, № 460), Консепсияи ташаккули ҳукумати электронӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 декабри соли 2011, № 643), Стратегияи рушди зеҳни сунъӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2040 (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 сентябри соли 2022, № 483), Барномаи савдои электронӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2025-2029 (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 16 майи соли 2024, № 295) ва дигарҳо. Дар соли 2024 Агентии инноватсия ва технологияҳои рақамии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун мақомоти марказии ҳокимияти давлатӣ таъсис дода шуд, ки аз институтсионаликунонии идоракунии рушди рақамӣ дар сатҳи олӣ шаҳодат медиҳад. Он пешбурди сиёсати ягонаи давлатиро дар соҳаи рушди инноватсия в технологияҳои рақамӣ амалӣ менамояд.

Самаранокии сиёсати давлатӣ бо пӯёи рушди соҳаи алоқа тасдиқ карда мешавад. Тавре аз ҷадвали 1 дида мешавад, даромади умумӣ аз фаъолияти асосии алоқа аз 2613,4 миллион сомонӣ дар соли 2019 то 4304,9 миллион сомонӣ дар соли 2024 зиёд шуда, суръати афзоиш дар давраи баррасишаванда 164,7%-ро ташкил додааст. Афзоиши махсусан назаррас дар солҳои 2021-2022 (зиёда аз 15% солона) мушоҳида мешавад, ки бо фаъолгардонии барномаҳои давлатии рақамикунонӣ рост меояд. Дастоварди муҳими дигар густариши назарраси пойгоҳи истифодабарандагон аст: ба ҳолати 1 январи соли 2025 дар кишвар шумораи истифодабарандагони интернет ба 4,63 миллион нафар ва истифодабарандагони мобилӣ ба 7,96 миллион нафар расидааст [14, с.

Ҷадвали 1. Даромад аз фаъолияти асосии алоқа

Сол	Даромад, миллион сомонӣ	Суръати афзоиш нисбат ба соли пешин, %	Суръати афзоиш нисбат ба соли появӣ (2019), %
1919	2613,4	-	100
1920	2730,3	+4,5	104,5
1921	3150,9	+15,4	120,6
1922	3625,6	+15,1	138,7
1923	3980,9	+9,8	152,3
1924	4304,9	+8,1	164,7

Сарчашма: таҳияи муаллиф дар асоси [14, с. 25]

Бозори хизматрасониҳои телекоммуникатсионӣ ва инфрасохтори рақамии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дараҷаи баланди тамаркузи сармоя ва ҳузури назарраси сармоягузорони хориҷӣ тавсиф мешавад. Тибқи маълумоти омори расмӣ, ба ҳолати 1 январи соли 2025 дар бахши алоқа 627 корхона ва ташкилот фаъолият мекунанд, ки 363-тои онҳо дар маҳалҳои деҳот ҷойгир мебошанд [14, с. 25]. Афзоиши шумораи умумии корхонаҳо (аз 490 дар соли 2019 то 627 дар соли 2024) аз рушди муҳити рақобат шаҳодат медиҳад, вале сохтори воқеии бозор хеле мутамарказ аст.

Тавре ки дар ҷадвали 2 нишон дода шудааст, дар бозори алоқаи мобилӣ ҳам ширкатҳои дорои саҳми хориҷӣ (Tcell, Мегафон) ва ҳам операторон бо сармояи маҳаллӣ (Вавилон-М, Таком, Тоҷикмобайл) ҳузур доранд. Бахши давлатиро оператори миллии Тоҷиктелеком, ки дар соҳаи алоқаи собит фаъолият менамояд, намояндагӣ мекунад. Аз рӯи шумораи муштариён, ширкатҳои дорои сармояи хориҷӣ мавқеи пешсафро ишғол мекунанд: ба ҳолати 1 январи соли 2025, ширкати Tcell ба 2664651 нафар муштарӣ ва ширкати MegaFon ба 2057835 нафар муштарӣ хизматрасонӣ кардаанд.

Ҷадвали 2. Операторҳои асосии бозори телекоммуникатсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба ҳолати 1 январи соли 2025

Оператор	Намуд	Шумораи муштариён	Эзоҳ
Tcell (ҶСП «Индиго Тоҷикистон»)	Оператори мобилӣ	2664651	Сармояи хориҷӣ (Фонди рушди иқтисодии Оғохон)
Мегафон (ҶСП «ТТ-мобайл»)	Оператори мобилӣ	2057835	Сармояи хориҷӣ (Россия)
Вавилон-М (ҶСП «Вавилон-М»)	Оператори мобилӣ	1889535	Сармояи маҳаллӣ
Таком (ҶДММ «Таком»	Оператори мобилӣ	1066614	Сармояи маҳаллӣ
Тоҷикмобайл (ҶДММ «Тоҷикмобайл»)	Оператори мобилӣ	84483	Сармояи маҳаллӣ
Тоҷиктелеком (ҶСК «Тоҷиктелеком»	Оператори миллӣ (алоқаи собит)	274755 (шаҳрӣ)	Корхонаи давлатӣ (100% саҳмияҳои давлат)

Сарчашма: таҳияи муаллиф дар асоси [14, с. 27]

Яке аз қувваҳои пешбарандаи табдили рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон табдили бозори меҳнат аст, ки азбоиси ду раванди бо ҳам алоқаманд – ҳиссаи баланди муҳоҷирати меҳнатӣ ва рушди шаклҳои фосилавии шуғл ба вуҷуд омадааст. Тибқи маълумоти Бонки Ҷаҳонӣ, дар соли 2024 интиқоли пул ба Ҷумҳурии Тоҷикистон 49%-и ММД-ро ташкил додааст [30]. Ҳаҷми баланди интиқоли пул талаботи зиёдро ба хизматрасониҳои молиявии рақамӣ ба миён меорад. Тибқи маълумоти Бонки Рушди Осиё, дар нимаи соли 2024 шумораи ҳамёнҳои рақамӣ ба 10,4 миллион расида, ба афзоиши 16,2%-и амалиёти ғайринақдӣ дар муқоиса бо соли пешин мусоидат кардааст [25].

Рушди шуғли фрилансерӣ ва фосилавӣ омили муҳимест, ки талаботро ба хизматрасониҳои рақамӣ ҳавасманд мекунад ва бахши нави бозори меҳнатро ташаккул медиҳад. Дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 16 декабри соли 2025 таъкид карда мешавад, ки «Вазорати рушди иқтисод ва савдо ва Агентии инноватсия ва технологияҳои рақамӣ вазифадоранд, ки якҷо бо вазоратҳои маориф ва илм, саноат ва технологияҳои нав ва молия талаботи бозори меҳнатро дар самти иқтисоди рақамӣ омӯхта, барои зиёд намудани теъдоди мутахассисони соҳаи мазкур, инчунин, баланд бардоштани сифати омодасозии кадрҳо тадбирҳои зарурӣ андешанд» [19].

Таваҷҷуҳи махсус ба тайёр кардани барномасозон дар низоми таҳсилоти касбӣ дар ҳама сатҳҳо, инчунин ҳавасмандгардонии мутахассисони соҳаи IT барои такмили ихтисос дар муассисаҳои пешбари хориҷӣ равона карда мешавад.

Миқёси интиқоли пул (49%-и ММД) талаботи зиёдро ба хизматрасониҳои рақамии пулрасонӣ ва пардохтҳои ғайринақдӣ ба вуҷуд меорад. Шумораи ҳамёнҳои рақамӣ (10,4 миллион) аз шумораи аҳолии аз ҷиҳати иқтисодӣ фаъоли кишвар зиёдтар аст, ки аз сатҳи баланди иштироки аҳолӣ дар муносибатҳои молиявии рақамӣ шаҳодат медиҳад. Рушди интернет (4,6 миллион истифодабаранда) ва алоқаи мобилӣ (7,9 миллион муштарӣ), дар навбати худ, заминаи техникиро барои густариши шуғли фосилавӣ фароҳам меорад.

Рушди табдили рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити махсуси иҷтимоию иқтисодӣ сурат мегирад, ки ҳамзамон ҳамчун омилҳои ҳавасмандкунандаи талабот ба хизматрасониҳои рақамӣ ва ҳам маҳдудиятҳои бордорандаи паҳншавии онҳо амал мекунад.

Тавре маълумоти омори расмӣ тасдиқ мекунад, ба ҳолати 1 январи соли 2025 шумораи аҳолии кишвар 10508500 нафарро ташкил медиҳад, ки аз ин 70,9% дар деҳот ва танҳо 29,1% дар шаҳрҳо зиндагӣ мекунанд [20, с. 25]. Ин номутаносибӣ барои паҳншавии баробари инфрасохтори рақамӣ мушкилоти ҷиддӣ эҷод мекунад: хароҷоти пайваст кардани минтақаҳои дурдасти деҳот нисбат ба минтақаҳои сераҳолии шаҳрӣ ба таври назаррас баландтар буда, боздеҳии сармоягузориҳо камтар аст.

Тибқи маълумоти Speedtest Global Index, суръати дастрасӣ ба интернети собит дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 33,77 Мбит/с аст, ки аз қимати миёнаи ҷаҳонӣ (98,3 Мбит/с) хеле пасттар аст. Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи суръати интернети мобилӣ дар байни 143 кишвар дар ҷои 139-ум қарор дорад [27]. Сифати пасти пайвастшавӣ ба интернет истифодаи хизматрасониҳои рақамии захираталабро маҳдуд мекунад, инчунин рушди таҳсилоти фосилавӣ ва тибби фосилавиро бозмедорад.

Тибқи раддабандии Global Relocate, арзиши 1 ГБ интернети мобилӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 1,65 доллари ИМА-ро ташкил медиҳад, ки яке аз нишондиҳандаҳои баландтарин дар минтақа аст. Барои муқоиса, қимати ин нишондиҳанда дар кишварҳои ҳамсоя – Қирғизистон 0,17 доллар, Ӯзбекистон 0,30 доллар ва Қазоқистон 0,41 долларро ташкил медиҳад [26]. Арзиши баланди дастрасӣ ба интернет барои қишрҳои зиёди аҳолӣ, бахусус дар шароите, ки даромади миёна ба сари аҳолӣ паст аст, монеа эҷод мекунад.

Коршиносон арзёбӣ мекунанд, ки малакаҳои рақамӣ дар байни аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, бахусус дар деҳот, ки дар он ҷо беш аз 70%-и аҳолӣ зиндагӣ мекунад, нокифоя мебошанд. Ин маҳдудият ҳам дар қобилияти истифодаи хизматрасониҳои рақамӣ ва ҳам дар омодагӣ барои эътимод доштан ба онҳо ҳангоми анҷом додани амалиёти молиявӣ ва дигар амалиёт зоҳир мешавад.

Табдили рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон боиси пайдошавии объектҳои нави моликият мегардад, вале мақоми ҳуқуқии онҳо ба доираи танзим фаро гирифта нашудааст. Ин объектҳо дороиҳои рақамӣ (криптовалютаҳо, токенҳо), маълумоте, ки истифодабарандагони платформаҳои рақамӣ ҳосил мекунанд, инчунин нармафзор ва алгоритмҳоеро, ки технологияҳои платформавӣ ба онҳо асос меёбанд, дар бар мегиранд.

Дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон танзими махсуси моликияти рақамӣ вуҷуд надорад. Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки соли 1999 қабул ва борҳо тағйир дода шудааст, муқаррароти муҳимеро дар бар намегирад, ки мақоми ҳуқуқии дороиҳои рақамиро муайян кунад. Ин барои иштирокчиёни бозори рақамӣ номуайянии ҳуқуқиро ба вуҷуд меорад, ҳифзи ҳуқуқҳои моликиятро мушкил ва имкониятро барои рушди шаклҳои нави хоҷагидорӣ маҳдуд мекунад.

Масъалаи ҳуқуқи моликият ба маълумоте, ки истифодабарандагони платформаҳои рақамӣ ҳосил мекунанд, махсусан муҳим аст. Бо назардошти дар бозори соҳаи коммуникатсия бартарӣ доштани операторони хориҷӣ (Tcell, Мегафон) ва технологияҳои платформавӣ (маркетплейсҳои Wildberries, Ozon, низомҳои пардохт), маълумот дар бораи рафтори истеъмолкунандагон, афзалиятҳо ва муомилоти молиявиро ширкатҳои хориҷӣ ҷамъоварӣ мекунанд. Ин хавфи аз даст додани соҳибихтиёрӣ ба маълумоти стратегӣ ва заминаҳоро барои пайдошавии намуди нави вобастагӣ - вобастагии рақамӣ фароҳам меорад.

Табдили рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон боиси пайдошавии механизмҳои нави тақсимот мегардад, ки онҳо тафриқаи иҷтимоию иқтисодиро такрор ва тақвият дода, ҳамзамон манбаъҳои нави даромад ва шаклҳои нави нобаробариро ба вуҷуд меоранд.

Дар шароити бартарӣ доштани операторони хориҷӣ дар бозори алоқаи мобилӣ ва хизматрасониҳои интернет (Tcell, Мегафон), инчунин платформаҳои рақамии ҷаҳонӣ (маркетплейсҳои Wildberries, Ozon, низомҳои пардохт), рента (иҷорапулӣ)-и рақамӣ – даромаде, ки соҳибони платформа ва инфрасохтор барои пешниҳоди дастрасӣ ба захираҳо ва маълумоти рақамӣ ба даст меоранд, асосан берун аз кишвар азхуд карда мешавад. Маълумот дар бораи рафтори истеъмолкунандагон, афзалиятҳо ва муомилотро, ки истифодабарандагон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳосил мекунанд, аз ҷониби ширкатҳои хориҷӣ ҷамъоварӣ карда мешавад, ки ин масири наверо барои содироти арзиш эҷод мекунад.

Тавре пештар қайд карда шуд, дар соли 2024 ҳаҷми интиқоли пул тавассути низомҳои пардохти рақамӣ (ҳамёнҳои рақамӣ, интиқоли мобилӣ) 10,4 миллион амалиётро ташкил дода, ҳаҷми назарраси маълумотро дар бораи рафтори молиявии аҳолӣ бунёд мекунад, ки ба он танҳо операторони хориҷӣ дастрасӣ доранд.

Бо таъсири табдили рақамӣ дар бозори меҳнат бахши нави дорои даромади баланд ташаккул меёбад. Тибқи маълумоти омори расмӣ, дар соли 2024 музди меҳнати миёнаи моҳона дар бахши алоқа 5970,78 сомониро ташкил додааст [14, с. 32], ки аз қимати миёнаи дар сатҳи иқтисоди миллӣ муқарраргардида (2310,21 сомонӣ) хеле баландтар аст [20, с. 18-19]. Бо вуҷуди ин, бахши мазкур аз ҷиҳати фарогирии шуғл ҳанӯз маҳдуд аст: 6600 нафар дар бахши алоқа кор мекунанд [14, с. 32], ки камтар аз 0,3%-и шумораи умумии шахсони дар иқтисодиёт машғул (2747,8 ҳазор нафар)-ро ташкил медиҳад [20, с. 18-19].

Ҳамзамон, ҷалби қисми назарраси аҳолӣ – 70,9%, ки дар деҳот зиндагӣ мекунанд, дар бахшҳои дорои даромади баланди иқтисоди рақамӣ маҳдуд аст. Чунин вазъ мавқеи онҳоро дар бахшҳои дорои даромади паст (кишоварзӣ, меҳнати беихтисос) нигоҳ медорад. Ҳамин тариқ, табдили рақамӣ тафовути даромадро байни як гурӯҳи хурди мутахассисони баландихтисоси бахши рақамӣ ва шумораии умумии аҳолӣ на кам, балки баръакс зиёд мекунад.

Арзиши баланди интернет (1,65 доллари ИМА барои як ГБ) ва сифати пасти пайвастшавӣ, ки дар маҳаллҳои деҳот чандин маротиба шадидтар аст, монеаҳоро дар дастрасӣ ба захираҳои рақамӣ барои одамоне, ки берун аз шаҳрҳои калон зиндагӣ мекунанд, эҷод мекунад. Чунин вазъ нобаробариро на танҳо дар даромадҳои аҳолӣ, балки дар дастрасӣ ба таҳсилот, иттилоот, хизматрасониҳои давлатӣ ва бозорҳои меҳнат низ ба вуҷуд меорад.

Табдили рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нигоҳи воқеъбинӣ тақозо мекунад, ки вазифаҳои анъанавии давлат бозбинӣ карда шаванд. Давлат тадриҷан аз танзимгари бахши воқеӣ ба оператори платформаҳои рақамӣ ва ҳакам дар низоъҳои нави иҷтимоию меҳнатӣ табдил меёбад. Таъсиси Агентии инноватсия ва технологияҳои рақамии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (соли 2024) ва эълон шудани солҳои 2025-2030 ҳамчун «Солҳои рушди иқтисоди рақамӣ ва инноватсия» эътирофи зарурати мутобиқшавии институтсионалиро дар сатҳи олӣ нишон медиҳад.

Аммо, самаранокии идоракунии давлатӣ дар шароити рақамикунонӣ ҳанӯз ҳам самти дорои мушкилот аст. Маълумотҳо нишон медиҳанд, ки талаботи қонеънашуда барои насби телефонҳои хонагӣ, гарчанде ки шумораи чунин дархостҳо дар соли 2024 то 100 нафар коҳиш ёфтааст, ҳанӯз боқӣ мемонад [14, с. 31]. Дар соҳаи танзими шаклҳои нави шуғл пешрафтҳои муайяне ба даст оварда шудаанд. Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон боби 23, «Хусусиятҳои танзими меҳнати кормандони ба кори фосилавӣ (дистансионӣ) машғулбуда» (моддаҳои 255–257)-ро дар бар мегирад, ки мақоми ҳуқуқии кормандони дорои шуғли фосилавӣ, уҳдадориҳои корфармоёнро оид ба таъмини таҷҳизоти алоқа ва ҷуброни харочот, тартиби баҳисобгирии вақти кори фосилавӣ ва дигар муносибатҳои марбутро муайян мекунад [11].

Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррароти махсусеро дар бар мегирад, ки андозбандии хизматрасониҳои фосилавӣ (электронӣ)-ро танзим мекунанд. Мувофиқи

моддаҳои 258 ва 259 кодекси мазкур, маҳалли хизматрасонии фосилавӣ аз рӯи маҳалли қабулкунанда - резиденти Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешавад ва хизматрасониҳое, ки тавассути платформаҳои тиҷорати электронӣ пешниҳод карда мешаванд, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон андозбандӣ карда мешаванд. Субъектҳои хориҷие, ки ба шахсони воқеӣ хизматрасониҳои фосилавӣ мерасонанд, бояд дар мақомоти андоз ба қайд гирифта шаванд (моддаи 78, банди 20) ва андоз аз арзиши иловашударо пардохт кунанд (моддаҳои 272-279). Рӯйхати хизматрасониҳои электронӣ додани ҳуқуқи истифодаи нармафзор, махзани электронии маълумот, хизматрасониҳои таблиғотӣ, дастрасӣ ба маводи таълимӣ ва иттилоотӣ, инчунин дигар намудҳои фаъолиятро дар бар мегирад, ки тавассути шабакаи иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ анҷом дода мешаванд (моддаи 279, банди 7) [10]. Ҳамин тариқ, қонунгузории андози Ҷумҳурии Тоҷикистон заминаи ҳуқуқиро барои андозбандии фрилансерҳо ва шуғли платформавӣ, ки тавассути платформаҳои рақамӣ анҷом дода мешаванд, фароҳам овардааст.

Дар баробари ин, дар робита ба шуғли платформавӣ ҷиҳати ҳуқуқҳои меҳнатӣ ва кафолатҳои иҷтимоӣ, холигоҳи ҳуқуқӣ мавҷуд аст. Кормандоне, ки тавассути платформаҳои рақамӣ (Upwork, Fiverr, Freelancer ва ғайра) кор мекунанд, пурра ба доираи қонунгузории меҳнат фаро гирифта нашудаанд. Муносибатҳои онҳо бо платформаҳо аксар вақт ҳамчун муносибатҳои шаҳрвандӣ тасниф мешаванд ва онҳоро аз кафолатҳои пешбининамудаи қонунгузории меҳнат (рухсатии ҳатмии пардохтшавандаи ҳарсола, рухсатиҳои иҷтимоӣ, пардохти давраи беморӣ) маҳрум мекунад. Ғайр аз ин, дар соҳаи баҳисобгирии муҳосибӣ санадҳои махсуси танзимкунандаи баҳисобгирӣ, ки амалиёти марбут ба шуғли фосилавӣ ва платформавиро танзим кунанд, вуҷуд надоранд, ки барои андозсупорандагон ва мақомоти танзимкунанда мушкилоти иловагӣ эҷод мекунад [5; 8]. Инчунин набудани санадҳои махсуси танзимкунандаи марбут ба дороиҳо ва маълумоти рақамӣ қобилияти давлатро барои ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои миллӣ дар соҳаи рақамӣ маҳдуд мекунад.

Муҳокимаи натиҷаҳо. Мухолифати намоёни табдили рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар фосилаи байни қувваҳои нави истеҳсолӣ (платформаҳои рақамӣ, шуғли фосилавӣ, дороиҳои рақамӣ, идоракунии алгоритмӣ) ва муносибатҳои кӯҳнашудаи истеҳсолӣ, ки сохтори институтсионалии дар давраи саноатӣ ташаккулёфтаро нигоҳ медоранд, ифода меёбад. Ин мухолифат дар якчанд сатҳҳо зоҳир мешавад.

1. Дар сатҳи муносибатҳои меҳнатӣ. Платформаҳои рақамӣ ва шуғли фосилавӣ шаклҳои нави танзимро талаб мекунанд, ки бояд хусусиятҳои кори фосилавӣ, ҷадвалҳои чандир ва набудани вобастагӣ аз ҷойи кории мушаххасро ба назар гиранд. Аммо, Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон, гарчанде ки он боби алоҳидаи 23-юмро оид ба кори фосилавӣ дар бар мегирад, танзими тамоми шаклҳои нави шуғлро фаро нагирифтааст. Кормандони платформавӣ (фрилансерҳое, ки тавассути Upwork, Fiverr, Freelancer ва дигар платформаҳо кор мекунанд) дар холигоҳи ҳуқуқӣ мемонанд. Муносибатҳои онҳо бо платформаҳо аз доираи баъзе кафолатҳои иҷтимоии пешбининамудаи қонунгузории меҳнат берун мемонанд.

2. Дар сатҳи андоз ва баҳисобгирии муҳосибӣ. Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон заминаи ҳуқуқиро барои андозбандии хизматрасониҳои фосилавӣ, ки аз ҷониби субъектҳои хориҷӣ пешниҳод мешаванд, фароҳам овардааст. Аммо, дар соҳаи баҳисобгирии муҳосибӣ санадҳои дахлдоре вуҷуд надоранд, ки баҳисобгирии амалиётҳои марбут ба шуғли фосилавӣ ва платформавиро танзим кунанд, ки ин ҳам барои андозсупорандагон ва ҳам барои мақомоти танзимкунанда мушкилоти иловагӣ эҷод мекунад.

3. Дар сатҳи муносибатҳои моликият. Пайдошавии дороиҳои рақамӣ (криптовалютаҳо, токенҳо, маълумот) ва моликияти платформавӣ аз нигоҳи ҳуқуқӣ ба таври кофӣ расмӣ нашудааст. Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон, муқаррароторо дар бар намегирад, ки мақоми ҳуқуқии дороиҳои рақамиро муайян кунад. Маълумоте, ки истифодабарандагони платформаҳои рақамӣ ҳосил мекунанд, аз ҷониби ширкатҳои хориҷӣ ҷамъоварӣ мешаванд, ки хавфи аз даст додани соҳибихтиёрӣ ба маълумоти стратегиро эҷод мекунад.

Муқоиса бо кишварҳои ҳамсояи Осиёи Марказӣ хусусиятҳои хоси амсилаи табдили рақамии Ҷумҳурии Тоҷикистонро ошкор мекунад (ҷадвали 3).

Ҷадвали 3. Нишондиҳандаҳои муқоисавии рушди рақамии кишварҳои Осиёи Марказӣ (солҳои 2024-2025)

Нишондиҳанда	Тоҷикистон	Ӯзбекистон	Қазоқистон	Қирғизистон	Туркменистон
Арзиши 1 ГБ интернети мобилӣ	1,65	0,30	0,41	0,17	11,42
Суръати интернети мобилӣ (миёна), Мбит/с	6,43	13,85	18,00	17,45	3,09
Ҳиссаи аҳолии деҳот	70,9%	49,2%	42,3%	72,0%	53,8%
Мавҷудияти платформаҳои миллии IT	Нест	Uzum	Kaspi	Нест	Нест

Сарчашма: таҳияи муаллиф дар асоси [27; 29]

Тавре дар ҷадвали 3 нишон дода шудааст, Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷиҳати арзиши интернет (1,65 доллар барои 1 ГБ) мавқеи миёнаро ишғол мекунад ва аз Қирғизистон (0,17 доллар), Ӯзбекистон (0,30 доллар) ва Қазоқистон (0,41 доллар) ба таври назаррас қафо мемонад. Аммо, арзиши дастрасӣ ба интернет дар Туркманистон (11,42 доллар) дар минтақа баландтарин аст, ки ин дар шароити Осиёи Марказӣ як ҳолати беназир мебошад. Аз ҷиҳати суръати интернети мобилӣ, Ҷумҳурии Тоҷикистон (6,43 Мбит/с) ва Туркманистон (3,09 Мбит/с) аз ҷумҳуриҳои Қазоқистон (18,00 Мбит/с), Қирғизистон (17,45 Мбит/с) ва Ӯзбекистон (13,85 Мбит/с) ба таври назаррас қафо мондаанд. Ҳиссаи аҳолии деҳот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (70,9%) ва Қирғизистон (72,0%) нисбат ба Қазоқистон (42,3%), Ӯзбекистон (49,2%) ва Туркманистон (53,8%) ба таври назаррас баландтар аст, ки барои рушди инфрасохтори рақамӣ дар минтақаҳои кӯҳистон ва деҳот мушкилоти шабеҳ эҷод мекунад.

Дар тафовут аз ҷумҳуриҳои Ӯзбекистон ва Қазоқистон, ки дар он ҷо платформаҳои миллии экосистемавӣ (суперзамимаҳо), аз қабили Kaspi дар Қазоқистон ва Uzum дар Ӯзбекистон ташаккул ёфта, хизматрасониҳои пардохтӣ, бонкӣ, нақлиётӣ ва савдоро дар замимаи ягона муттаҳид мекунанд, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин платформаҳои экосистемавӣ ҳанӯз ҳам вуҷуд надоранд. Аммо, дар моҳи сентябри соли 2025 лоиҳаи платформаи миллии «Равзанаи ягона» барои минтақаҳои озоди иқтисодӣ оғоз ёфт, ки якҷоя бо UNIDO (United Nations Industrial Development Organization – Ташкилоти рушди саноатии милали муттаҳид) ва бо дастгирии молиявии Федератсияи Россия амалӣ карда мешавад. Ин платформа ба навсозии хизматрасониҳо барои сармоягузорон, кам кардани монеаҳои маъмурӣ ва баланд бардоштани шаффофии расмиёт дар минтақаҳои озоди иқтисодӣ равона шудааст. Дар соҳаи хизматрасониҳои давлатӣ портали ягонаи EGOV.TJ (eHukumat) фаъолият мекунад. Ҳамин тариқ, Ҷумҳурии Тоҷикистон дар марҳилаи аввалии рушди экосистемаҳои миллии рақамӣ қарор дорад ва аз пешсафони минтақавӣ ба таври назаррас қафо мондааст.

Хулоса. Таҳқиқоти анҷомдодашуда нишон дод, ки табдили рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон раванди воқеъбинонаи тағйири тарзи технологӣ мебошад, ки бо ташаббуси давлат оғоз шуда, пойгоҳи институтсионалӣ – стратегияҳо, барномаҳо ва агентиҳои махсуси худро таъсис додааст. Ҳамчун қувваи пешбарандаи махсус табдили бозори меҳнат амал мекунад: ҳаҷми назарраси интиқоли пул (49%-и ММД) талаботро ба хизматрасониҳои молиявии рақамӣ зиёд намуда, рушди фриланс ва шуғли фосилавӣ бахши нави бозори меҳнатро ташаккул медиҳад.

Мухолифати асосӣ дар фосилаи байни қуввахои нави истеҳсолӣ (платформаҳои рақамӣ, шуғли фосилавӣ) ва муносибатҳои кӯҳнашудаи истеҳсолӣ (қонунгузории меҳнат, андоз ва

шаҳрвандӣ, ки аз тарзи технологии саноатӣ боқӣ мондаанд) ифода меёбад. Рентаи рақамиро асосан ширкатҳои хориҷӣ азхуд мекунанд, маълумоти истифодабарандагон дар берун аз кишвар ҷамъоварӣ мешавад, ки хавфи аз даст додани соҳибихтиёрӣ ба маълумоти стратегиро ба вуҷуд меорад.

Дар муқоисаи минтақавӣ, Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мавқеи дорои манфиати иқтисодии нисбатан кам қарор дорад: арзиши интернет (1,65 доллар) нисбат ба Қирғизистон 9,7 маротиба гаронтар аст, суръати интернети мобилӣ (6,43 Мбит/с) нисбат ба Қазоқистон 2,8 маротиба сусттар аст. Платформаҳои экосистемавии миллӣ (шабеҳи Kaspi ва Uzum) вуҷуд надоранд. Бартараф кардани мухолифатҳои ошкоршуда ислоҳоти институтсионалӣ – мутобиқ кардани қонунгузорӣ ба воқеияти иқтисоди рақамӣ, расмикунонии қонунии дороиҳои рақамӣ, дастгирии рушди платформаҳои миллӣ ва сиёсати ҳадафмандонаро барои коҳиш додани нобаробариҳои рақамӣ талаб мекунад.

АДАБИЁТ:

1. Абалкин, Л.И. Избранные труды: в 4 т. / Л.И. Абалкин. - Москва: Экономика, 2000. - Т. 1: Политическая экономия. - 798 с.
2. Алишоев, Х.Х. Роль производственного предпринимательства в развитии национальной экономики / Х.Х. Алишоев, М.А. Рахимов // Вестник Таджикского государственного университета коммерции. - 2020. - № 4-1 (33). - С. 148-154
3. Бузгалин, А.В. Глобальный капитал: в 2 т., Т. 1. Методология: По ту сторону позитивизма, постмодернизма и экономического империализма (Маркс re-loaded) / А.В. Бузгалин, А.И. Колганов. Издание 3-е, испр. и сущ. доп. - Москва: ЛЕНАНД, 2015. - 640 с.
4. Глазьев, С.Ю. Теория долгосрочного технико-экономического развития / С.Ю. Глазьев. - Москва: ВлаДар, 1993. - 310 с.
5. Каримов, Б.Х. Формирование системы бухгалтерского учета и организация бухгалтерской работы в экономических субъектах / Б.Х. Каримов, М.Б. Каримиен // Вестник Таджикского государственного университета коммерции. - 2024. - № 3(53). - С. 150-156
6. Каримов, Б.Ҳ., Аҳмади, З. Сармоягузорӣ ҳамчун омили пешбарандаи рушди сайёҳӣ ва инфрасохтори он / Б.Ҳ. Каримов, З. Аҳмади // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. - 2023. - № 4 (49). - С. 236-243
7. Каримов, Б.Ҳ., Раҳимов, М.А. Ҷанбаҳои иқтисодии идоракунӣ ва рушди соҳаи сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон / Б.Ҳ. Каримов, М.А. Раҳимов / - Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. - 2022. - № 3 (42). - С. 180-188
8. Каримов, Б.Ҳ. Таъсири ҷаҳонишавӣ ба рушди низоми миллии баҳисобгирии муҳосибӣ / Б.Ҳ. Каримов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. - 2021. - № 4. - С. 169-179
9. Каримов, Б.Ҳ., Тохтаров, И.Х. Дастгирии давлатии қарздиҳии кишоварзӣ / Б.Ҳ. Каримов, И.Х. Тохтаров // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. - 2023. - № 12. - С. 139-148
10. Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон [Сарчашмаи электронӣ] / Низоми дастрасӣ: URL: https://www.andoz.tj/docs/kodex/Tax-Code__17_12_2025-RT_ru.pdf
11. Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон [Сарчашмаи электронӣ] / Низоми дастрасӣ: URL: https://mmk.tj/content/ кодекси-меҳнати-ҷумҳурии-тоҷикистон
12. Кондратьев, Н.Д. Большие циклы конъюнктуры и теория предвидения: избранные труды / Н.Д. Кондратьев, Ю.В. Яковец, Л.И. Абалкин. - Москва: Экономика, 2002. - 766 с.
13. Коуз, Р.Г. Природа фирмы / Р.Г. Коуз // Природа фирмы: [сборник] / Р.Г. Коуз, Ш. Розен, П. Джоскоу и др.; пер. с англ. М.Я. Каждана; под общ. ред. О.И. Уильямсона, С.Дж. Уинтера; науч. ред. пер. В.Г. Гребенников. - Москва: Дело, 2001. - С. 33–52
14. Нақлиёт ва алоқаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Маҷмуаи оморӣ / Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Душанбе, 2025. - 33 с.

15. Норт, Д. Институты, институциональные изменения и функционирование экономики / Д. Норт; пер. с англ. А.Н. Нестеренко; предисл. и науч. ред. Б.З. Мильнера. - Москва: Фонд экономической книги «Начала», 1997. - 180 с.
16. Одиназода, К.С. Механизми танзими давлатии бозори меҳнатии корҳои фосилавӣ / К.С. Одиназода, Қ.О. Давлатова // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. - 2025. - № 1(56). - С. 324-329
17. Одиназода, К.С. Табдили рақамии иқтисодиёт: мафҳумҳои асосӣ ва марҳилаҳо / К.С. Одиназода, Ф.М. Раҳмонов // Паёми молия ва иқтисод. - 2024. - № 4-2(43). - С. 309-316
18. Олимов, С. Оценка технологического уклада и пути совершенствования промышленности Таджикистана / С. Олимов // Наука и инновации. - 2018. - № 1 (179). - С. 43-46
19. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ [Сарчашмаи электронӣ] / Низоми дастрасӣ: URL: https://www.president.tj/event/missives/54181
20. Тоҷикистон дар рақамҳо 2025. Маҷмуаи оморӣ / Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Душанбе, 2025. - 167 с.
21. Уильямсон, О.И. Экономические институты капитализма: Фирмы, рынки, «отношенческая» контрактация / О.И. Уильямсон; пер. с англ. Ю.Е. Благова, В.С. Катькало, Д.С. Сладкова; науч. ред. и вступ. ст. В.С. Катькало. - Санкт-Петербург: Лениздат; CEV Press, 1996. - 703 с.
22. Ҷабборов, Ф.А. Такмили механизми таъмини рушди устувори фаъолияти соҳибкорӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ / Ф.А. Ҷабборов, Б.Ҳ. Одинаев // Паёми Донишгоҳи давлатии тҷиорати Тоҷикистон. - 2023. - № 4-2 (50). - С. 128-134
23. Шумпетер, Й.А. Теория экономического развития. Капитализм, социализм и демократия / Й.А. Шумпетер / пер. с нем. В.С. Автономова, М.С. Любского, А.Ю. Чепуренко и др. - М.: Эксмо, 2008. - 864 с.
24. Юдина, Т.Н. Совершенствование управления занятостью населения в Таджикистане в контексте развития цифровой экономики / Т.Н. Юдина, С. Шодибеки // Таджикистан и современный мир. - 2025. - № 1(89). - С. 114-126
25. Asian Development Bank. Asian Development Outlook April 2025: Tajikistan – Manila, 2025 [Electronic source] / Access mode: URL: https://www.adb.org/publications/asian-development-outlook-april-2025
26. Global Relocate. Global Mobile Data Pricing Ranking. – 2024 [Electronic source] / Access mode: URL: https://www.globalrelocate.com/rankings/mobile-data-pricing
27. Speedtest Global Index. Global Internet Speed Test Data. – February 2025 [Electronic source] / Access mode: URL: https://www.speedtest.net/global-index
28. Srnicek, N. Platform Capitalism / N. Srnicek. - Cambridge: Polity Press, 2016. - 120 p.
29. United Nations. World Population Prospects 2024: The 2024 Revision / Department of Economic and Social Affairs, Population Division. – New York, 2024 [Electronic source] / Access mode: URL: https://population.un.org/wpp/
30. World Bank. Tajikistan Economic Update – Summer 2025: Focusing on Digital Transformation of Trade in Tajikistan. – Dushanbe, 2025 [Electronic source] / Access mode: URL: https://www.worldbank.org/en/country/tajikistan/publication/tajikistan-economic-update-summer-2025
31. Zuboff, S. The Age of Surveillance Capitalism: The Fight for a Human Future at the New Frontier of Power / S. Zuboff. - New York: PublicAffairs, 2019. - 704 p.

УДК: 332.1:338.24:69:004.9(575.3)

ДАСТГИРИИ ДАВЛАТ ДАР ТАШАККУЛИ КЛАСТЕРҲОИ СОХТМОНӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР ШАРОИТИ РАҚАМИКУНОНИИ ИҚТИСОДИЁТ

РУСТАМОВ РАҲИМ УМАРШОҲОВИЧ
Н.и.и., дотсенти кафедраи таҳлили иқтисодӣ ва омори
Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон.
Суроға: 734055, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Борбад, 48/5.
Тел.: (+992) 935-10-90-60, **E-mail:** reustamovtj@mail.ru
ГАДОЕВ ҲАСАН СОЛИҲОВИЧ
Н.и.и., и.в. дотсент, мудири кафедраи сайёҳӣ ва бизнеси меҳмондории
Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон.
Суроға: 734055, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Борбад, 48/5.
Тел.: (+992) 901-09-88-95, **E-mail:** hasan_81-g@mail.ru

Аннотатсия. Дар мақола дастгирии давлатӣ ба ташаккули кластерҳои сохтмонӣ ва баландбардории иқтидори ширкатҳои сохтмонӣ, ширкатҳои сабук ва вазнини сохтмонӣ, таъминкунандагон ва хизматрасониҳо имкониятҳо, таъсири он ба истифодаи иқтидори меҳнатӣ, ҷалби мутахассисони соҳавӣ дар минтақаҳои муайян дида шудаанд.

Ташаккули кластерҳои сохтмонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади афзоиши рақобатпазирӣ ва баланд бардоштани сифати корҳои сохтмонӣ - конструксионӣ баҳри беҳтар намудани фаъолият мебошад. Дар ин ҷода дастгирии давлат метавонад ба ширкатҳо ва корхонаҳои иштироккунанда кӯмакҳои молиявӣ, субсидияҳо ва ё имтиёзҳои андозӣ бошад. Чунин кӯмакҳо метавонанд барои рушди тадқиқоти технологӣ, ба кор андохтани лоиҳаҳои мавҷуда ва ё сохтмони иншооти муҳим истифода шаванд. Инчунин давлат бо қонунгузорӣ, барномаҳо, санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ ва сиёсати молиявии мувофиқро баҳри таъсиси кластерҳои сохтмонӣ таҳия гардида, ки дар он и ва сабукии баҳри пешбурди фаъолияти болозкир дастгирҳо гардад. Қонунҳое, ки фоида ва пайвастагии ширкатҳои сохтмонӣ бо якдигарро таъмини мекунанд, метавонанд хеле муҳим бошанд.

Калидвожаҳо: самтҳои асосии дастгирии давлатӣ, кластерҳо, сохтмон, иқтидори меҳнатӣ, баландбардории иқтидори ширкатҳои сохтмонӣ, таъссиси кластерҳои сохтмонӣ,

ГОСУДАРСТВЕННАЯ ПОДДЕРЖКА В ФОРМИРОВАНИИ СТРОИТЕЛЬНЫХ КЛАСТЕРОВ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН В УСЛОВИЯХ ЦИФРОВИЗАЦИИ ЭКОНОМИКИ

РУСТАМОВ РАХИМ УМАРШОХОВИЧ
К.э.н., доцент кафедры экономического анализа и статистики Международного университета туризма и предпринимательства Таджикистана.
Адрес: 734055, Республика Таджикистан, Душанбе, ул. Борбад, 48/5.
Тел.: (+992)935-10 90 60, **E-mail:** reustamovtj@mail.ru
ГАДОЕВ ХАСАН СОЛИХОВИЧ
К.э.н., и.о., дотсент, заведующий кафедрой туризма
Международного университета туризма и предпринимательства Таджикистана.
Адрес: 734055, Республика Таджикистан, Душанбе, ул. Борбад, 48/5.
Тел.: (+992) 901-09-88-95**, E-mail:** hasan_81-g@mail.ru

Аннотация. В статье рассматривается государственная поддержка формирования строительных кластеров и повышения потенциала строительных компаний, предприятий легкой и тяжелой строительной отрасли, поставщиков и поставщиков услуг, ее влияние на использование трудового потенциала и привлечение специалистов отрасли в отдельные регионы.

Формирование строительных кластеров в Республике Таджикистан направлено на повышение конкурентоспособности и улучшение качества строительства и строительных работ в целях повышения эффективности. В этом контексте государственная поддержка может осуществляться в форме финансовой помощи, субсидий или налоговых льгот участвующим компаниям и предприятиям. Такая помощь может быть использована для развития технологических исследований, запуска существующих проектов или строительства важных объектов. Государство также разрабатывает законодательство, программы, нормативно-правовые акты и соответствующую финансовую политику для создания строительных кластеров, что обеспечит качественную поддержку и содействие ведению деятельности. Очень важными могут быть законы, обеспечивающие рентабельность и взаимосвязь строительных компаний друг с другом.

Ключевые слова: основные направления государственной поддержки, кластеры, строительство, трудовой потенциал, повышение квалификации строительных компаний, создание строительных кластеров.

STATE SUPPORT FOR THE DEVELOPMENT OF CONSTRUCTION CLUSTERS IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN IN THE CONTEXT OF ECONOMIC DIGITALIZATION

RUSTAMOV RAHIM UMARSHOHOVICH
Candidate of Sciences Economics, Associate Professor, Department of Economic Analysis and Statistics, International University of Tourism and Entrepreneurship of Tajikistan.
Address: 48/5 Borbad Street, Dushanbe, 734055, Republic of Tajikistan.
Tel.: (+992)935-10-90-60, **E-mail:** reustamovtj@mail.ru
GADOEV HASAN SOLIHOVICH
Candidate of Sciences Economics, Acting Associate Professor, Head of the Tourism Department, International University of Tourism and Entrepreneurship of Tajikistan.
Address: 48/5 Borbad Street, Dushanbe, 734055, Republic of Tajikistan.
Tel.: (+992) 901-09-88-95, **E-mail:** hasan_81-g@mail.ru

Annotation. This article examines government support for the formation of construction clusters and the capacity building of construction companies, light and heavy construction enterprises, suppliers, and service providers. This support impacts labor force utilization and the attraction of industry specialists to specific regions.

The development of construction clusters in the Republic of Tajikistan aims to enhance competitiveness and improve the quality of construction and construction work to increase efficiency. In this context, government support can take the form of financial assistance, subsidies, or tax incentives for participating companies and enterprises. Such assistance can be used to develop technological research, launch existing projects, or construct important facilities. The government also develops legislation, programs, regulations, and appropriate financial policies for the creation of construction clusters, which will ensure high-quality support and facilitate their operations. Laws that ensure the profitability and interconnectivity of construction companies can be very important.

Keywords: key areas of government support, clusters, construction, labor force potential, advanced training of construction companies, creation of construction clusters.

Муқаддима. Рушди чунин кластерҳо инчунин метавонад барои ҷорӣ намудани рақамикунонии лоиҳаҳо ва иқтисоди даврӣ замина фароҳам оварда, истифодаи такрории масолеҳ, шаффофияти занҷираҳои таъминот ва самаранокии истифодаи захираҳоро беҳтар намояд. Барои муайян намудани равишҳои таҳлили дастгирии давлатӣ, методологияи мазкур мониторинги мақсадноки самаранокии шарикии давлат ва бахши хусусиро дар марҳилаҳои гуногуни таъсиси кластерҳо дар бар мегирад [15].

- аҳамияти сиёсати кластерӣ барои рушди иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- мушкилоти эҳтимолии идоракунии кластерҳои минтақавии сохтмонӣ;
- нақши дониш ва таҷрибаи байналмилалӣ дар такмили кластерҳо;

Дастгирии давлатӣ барои ташаккули кластерҳои сохтмонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ин як масъалаи муҳим ва инчунин стратегӣ мебошад, ки метавонад боиси рушди иқтисодӣ, беҳтар шудани сифати инфрасохтор ва таъсис ёфтани ҷойҳои нави корӣ гардад. Дар зер як таҳлили мухтасар дар бораи дастгирии давлатӣ ва аҳамияти ташаккули кластери сохтмонӣ оварда шудааст. Аз нигоҳи сиёсати пешбурди чунин фаъолият давлат метавонад шартҳои дастрасии осон ба моликияти замин ва манбаъҳои ашёи хомро фароҳам созад, ки ба ширкатҳои сохтмонӣ имконият диҳад, то ки корҳои меъморию сохтмонӣ ба таври устувор ва самаранок ба анҷом расанд. Сиёсати давлатӣ барои рушди кластери сохтмони минтақавӣ метавонад чораҳоеро барои ҷалби барномаҳои гуногуни байналмилалӣ барои дастгирии соҳавии иқтисодиёти кишвар аз Иттиҳоди Аврупо, Бонки ҷаҳонӣ, USAID ва дигарон дар бар гирад. Ин созмонҳо метавонанд ба рушд ва паҳн кардани дониш ва таҷрибаи байналмилалӣ дар рушди кластер, идоракунии кластер ва ташкилот ва таъмини хизматрасониҳои давлатии босифат мусоидат кунанд. Аз ин рӯ, сиёсати кластерӣ бояд қисми ҷудонашавандаи сиёсати иқтисодии Ҷумҳури Тоҷикистон гардад.

Асосҳои назариявӣ. Ҳадафи асосии ин сиёсат дастгирии рушди кластерҳо дар қаламравҳои минтақавӣ тавассути фароҳам овардани шароити иловагӣ барои баланд бардоштани рақобатпазирӣ ва ҳамкории муассир байни иштирокчиёни кластери сохтмонӣ мебошад. Сиёсати кластерии давлатӣ бояд шароити заруриро барои рушди фаъолияти сохтмонии рақобатпазир дар минтақаҳо фароҳам орад. Ниҳодҳои давлатӣ танҳо дар марҳилаҳои аввали таъсиси кластер инчунин дар тамоми марҳилаҳои минбаъдаи рушд ва густариши он нақши назаррас доранд, марҳилаҳои аввали рушди кластер, вазифаи асосии ҳукумат беҳтар кардани инфрасохтор ва бартараф кардани шароити номусоид аст; пас нақши он бояд ба бартараф кардани монеаҳо дар роҳи навоварӣ равона карда шавад [7, 8, 9]

Д. Портер, дар кори тадқиқотии худ «...Нақши мақомоти минтақавӣ бояд тадриҷан коҳиш ёбад ва қонунҳои иқтисоди бозорӣ, ки рушди соҳаҳои фоидаовартаринро ҳавасманд гардида, нақши асосӣ хоҳанд дошта дар ҳоле, ки нақши мақомоти минтақавӣ ба дастгирии рушди кластерҳои калидӣ коҳиш меёбад» [4].

Яке аз муҳимтарин самтҳои ташаккули молияи давлатӣ ва рушди кластерҳои сохтмонии минтақавӣ ҷудо кардани маблағ аз буҷаи миллӣ барои васеъ кардани истеҳсоли маҳсулоти сохтмонии рақобатпазир дар дохили кластер мебошад. Дар ин ҳолат, маҷмӯи гуногуни механизмҳои ҳавасмандгардонӣ, ки бо хусусиятҳои вазъи кунунии иҷтимоию иқтисодии кишвар муайян карда мешаванд, истифода бурдан мумкин аст [9].

Олими соҳавӣ У.Х. Абдуллоев дар кори илмии худ вобаста ба кластерҳои сохтмонӣ чунин қайд менамояд, ки «...соҳаи сохтмон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бинобар тағйироти доимӣ дар иқтисоди миллӣ ва тамоюлҳои иқтисодӣ дар ҳоли тағйирёбӣ ва гуногунрангӣ қарор дорад. Гарчанде, ки ин тағйирот ба фаъолияти ширкатҳои сохтмонӣ таъсири мусбат мерасонанд, онҳо инчунин як қатор мушкилотро дар робита бо такмили доимии иқтидорҳои истеҳсолӣ, ёфтани манбаъҳои нави маблағгузорӣ барои лоиҳаҳои сохтмонӣ ва татбиқи чораҳо оид ба беҳтар кардани сифати лоиҳаҳои сохтмонӣ мувофиқи талаботи тағйирёбандаи аҳолӣ ба миён меоранд» [2, 3].

Дар фаъолияти таҳқиқотии донишкадаҳои илмӣ-таҳқиқотии меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчунин ҷанбаҳои бозори меҳнат ва самтҳои ҳамсони иқтидори меҳнатии аҳолӣ, дар пушти нофаҳмии муҳоҷирати меҳнатӣ ҳангоми омӯзши қарор дорад. Аз ҷумла, яке аз мутахассисони соҳа дар таҳқиқотҳои монографии худ қайд кардаанд, ки «...дар натиҷаи ҷаҳонишавӣ, дар бозори меҳнат муборизаи рақобатпазирӣ шадид гардида истодааст, ки натиҷаи ғолибият дар мадди аввал иқтидори инсониро таъмин менамояд. Шаклҳои рақобат барои захираҳои инсонӣ ҳамагуна имтиёзҳо ва кафолати иҷтимоӣ, инчунин рушди низоми маориф ва омода намудани кадрҳоро тақозо менамояд»[1, 39-41].

Ба андешаи мо, дар ташаккули ширкатҳои сохтмонӣ тавассути таъсиси кластерҳои сохтмонӣ нақши муҳимро мутахассисони соҳибихтисос ва кадрҳои баландихтисос мебозанд. Нақши давлат дар таҳияи омӯзишҳои таълимии махсус, яъне марказҳои омодасозии кадрҳо ва рушди фанҳои таълимӣ вобаста ба самт бошанд.

Мусаллам аст, ки баландбардории иқтидори меҳнатӣ тавассути таъсиси кластерҳои сохтмонӣ метавонад ба рушди иқтисодиёти маҳаллӣ ва бозори меҳнат дар сатҳи ҷумҳурӣ мусоидат намояд.

Чӣ гунае, ки ҷомеаъи имруза худашон шоҳиди ҳол буда, айни замон бо афзудани корҳои сохтмонӣ ва инфраструктураи нав дар қаламравӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон, маҳсулот ва хизматҳои соҳавӣ низ мавҷуд гардида ба нигоҳи нав тавлид шуда истодаанд.

Аз нигоҳи истифодаи самаранокии кувваи барқ ва истифодаи технологиҳои нав, ҳаминро қайд намуданием, ки баландбардории иқтидори ширкатҳои сохтмонӣ тавассути кластерҳои сохтмонӣ имконият медиҳад, ки технологияи нав дар соҳаҳои сохтмон ва иншооти энергетикӣ истифода гардида, ки он метавонад, барои кам кардани сарфаи қувваи барқ ва ҳифзи муҳити зист гардад.

Беҳтар кардани самаранокии саноати сохтмонии ба баланд бардоштанти он дар ниҳоят, ба кластеркунонӣ ва татбиқи он чораҳои зеринро талаб менамояд.

Ҳавасмандгардонии шаклҳои нави ҳамкорӣ байни корхонаҳо. Азбаски ширкатҳои сохтмони ва ё саноати коркард фаъолияти ақлони ё доништалаб буда, зарур аст, ки доираи ҳамкорӣ байни ширкатҳо дар самтҳои нави фаъолияти корхонаҳо байни ҷомеаҳои гуногуни инноватсионӣ ва дигар иштирокчиён (ширкатҳо, намояндагони сатҳи байналмилали, миёнаравон ва ғайраҳо) васеъ карда шавад, то рушди байнисоҳавии иқтисодиёт, интиқоли таҷриба ва дониш ва такмили тахассус ва салоҳияти кормандон ва талаботи тағйирёбандаи бозор ҳавасманд карда шавад [14].

Ба андешаи мо, танзими дуруст ва ҳамаҷонибаи ширкатҳои сохтмонӣ, ки тавассути кластерҳоии сохтмонӣ фаъолият менамоянд, бояд диққат ба он дода дода шавад, ки тарзи дуруст ва шаффофро фароҳам орад, ки барои ҷалби сармоягузорони хориҷӣ ва маҳаллӣ бештар мусоидат намояд. Инчунин бо мақсади пешгирӣ гардидани ҳолатҳои коррупсионӣ ва ришвахӯрӣ дар фаъолияти ширкатҳои сохтмонӣ, бояд роҳандозии санадҳои меъёрию ҳуқуқии қатъӣ таҳия карда шаванд.

Ҳамин тавр, бояд гуфт, ки дастгирии давлатӣ барои ташаккули кластери сохтмонӣ дар марказҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонад як кӯмаки муҳим барои рушди минбаъдаи соҳа ва беҳтар кардани муҳити иқтисодӣ ва иҷтимоии кишвар гардад. Ҳангоми ташаккули баландбардории иқтидори шаиркатҳои сохтмонӣ тавассусит таъсиси кластерҳои сохтмонӣ, ширкатҳо ва корхонаҳо метавонанд ҷойҳои нави корӣ баҳри истифодаи иқтидори меҳнатии аҳолӣ, сокинони маҳаллӣ ва бозори меҳнат фароҳам орад.

Маълумот ва усулҳо. Дар мақолаи мазкур дастгирии давлатӣ барои ташакули кластерҳои сохтмонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз сарчашмаҳои зерин: «...Стратегияи милли рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон то давраи соли 2030»[1]., нашрияҳои илмии муҳаққиқони ватанию хориҷӣ истифода гардидааст [2-3, 7-9, 4-5, 11-17]. Маълумотҳлои гирдовардашуда тавассути моделҳо, расмҳо таҳлил ва ҷамъбаст шуданд.

Объекти таҳқиқотро дастгирии давлат дар ташакули кластерҳои сохтмонӣ дар шароити рақаикунонии иқтисодиёт мебошад.

Мақсади таҳқиқот: Таҳлили манбаъҳои илмӣ бо мақсади омӯзиши роҳҳои асосии дастгирии давлатии ташакулли кластерҳои сохтмонӣ дар шароити рақаикунонии иқтисодиёт ба шумор меравад.

Натиҷаҳои тадқиқот: ташакулли кластерҳои сохтмонӣ дар шароити рақаикунонии иқтисодиёт**.**

Аз таҳлилҳо чунин бар меояд, ки баланд бардории самаранокии иқтидори меҳнатӣ дар ширкатҳои сохтмонӣ тавассути таъсиси кластерҳо чунин шуда метавонад, **яъне:**

-таҳияи равишҳои ягона барои фаҳмидани кластерҳои ҳудудӣ, типологияҳои кластерҳо ва чаҳорчӯбаи ягонаи консептуалӣ барои сиёсати кластерӣ;

-такмил додани маҷмӯи ягонаи абзорҳои сиёсати кластерӣ;

-таҳияи механизмҳои зарурӣ барои ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти иҷроияи давлатӣ ва мақомоти иҷроияи маҳаллӣ.

Тадбирҳо барои дастгирии ташаббусҳои кластерӣ аз ҷониби ҳукумати миллӣ метавонанд инҳоро дар бар гиранд:

-оғоз ва дастгирии раванди кластерсозӣ;

-таҳияи барномаҳои рушд дар асоси равиши кластерӣ;"

-таҳия ва баланд бардоштани самаранокии барномаҳои мақсаднок, ки ба рушди маориф, тадқиқот ва рушд, инфрасохтор ва ғайра, ки барои кластер заруранд, равона карда шудаанд;

-кӯмак ба идоракунии кластер дар барқарор кардани муколама бо дигар сатҳҳои ҳукумат;

-кӯмак ба идоракунии кластер дар ҳамкории байналмилалӣ;

-нигоҳ доштани муколамаи доимӣ бо иштирокчиёни кластер ва ғайра.



Расми 1. Такмили механизми рушди иқтидори меҳнатӣ тавассути таъсиси кластерҳои сохтмонӣ.

Сарчашма: таҳияи муаллифон

Қайд намудан ба мавриди аст, ки давлат метавонад ҳамчун ташаббускори кластери сохтмонӣ ба ҳисоб рафта, дар ҷодаи ҳавасмандгардонӣ чораҳои амалӣ андешад, ки на танҳо барои рушди соҳаи сохтмон, балки барои рушди кластер ва бозори меҳнат, иқтисодиёти миллӣ таъсирбахш бошад. Беҳтар кардани муҳити танзимкунанда ва қабули қоидаҳои нав, ки ташаккул, фаъолият ва рушди кластерҳоро танзим мекунанд, дар ин ҷо нақши муҳим мебозанд.

Давлат инчунин метавонад ташаккул ва рушди кластери сохтмониро тавассути ҳавасмандгардонии фаъолияти сармоягузорӣ дар минтақа дастгирӣ кунад. Фароҳам овардани

шароити зарурӣ барои ҷалби сармоягузории хориҷӣ дар соҳаи сохтмон ба таъсиси саноати рақобатпазир дар минтақа мусоидат менамояд, ки дар ниҳоят рушди иқтидори сармоягузории худи минтақаро таъмин намуда ва мутобиқшавии дигар соҳаҳо ва истеҳсолотро ба шароити бозор мутобиқ созад.

Олимони ватанӣ низ дар корҳои илмии худ масъалаҳои инкишофи иқтисодии минтақавӣ, танзими давлатӣ ва рушди инфрасохторро таҳлил намуда қайд менамоянд, ки:

-интегратсияи иқтидориҳои саноатӣ ва соҳибкорӣ дар минтақаҳо, барои баланд бардоштани самаранокии истеҳсолот муҳим аст;

-давлат бояд шароити институтсионалӣ ва инфрасохториро барои ҳамгироии корхонаҳо тавассути кластерҳо фароҳам оварад.

Ҳамин тариқ, механизми пешниҳодшудаи дастгирии давлатӣ барои ташаккул ва рушди кластери сохтмонӣ тавассути тақвияти таъсири он ба унсурҳои асосии муҳити берунаи кластер татбиқи бомуваффақияти лоиҳаҳои инноватсиониро дар дохили кластер, афзоиши сармоягузорӣ ва рушди қувваи кории мувофиқ таъмин менамояд.

Ташаккули кластери сохтмонӣ метавонад як фурсат барои ҷалби сармоягузориҳои хориҷӣ бошад. Ҳамкориҳои байналмилалӣ дар соҳаи сохтмон, аз ҷумла бо ширкатҳои байналмилалӣ ва шарикони стратегӣ, метавонанд ба Тоҷикистон имконият диҳанд, ки на танҳо таҷрибаи байналмилалиро ба даст орад, балки сармоягузориҳоро барои рушд ва модернизатсияи соҳаро ҷалб намояд.

Барномаҳои давлатӣ, ки барои таъсиси марказҳои ташкилоти молиявӣ ва шарикони истеҳсолӣ равона шудаанд, ба ширкатҳои кластерҳои сохтмонӣ кӯмак мекунанд, ки пайвастагии бештар бо сохтмонҳои давлатӣ ва лоиҳаҳои рушди стратегиро таъмин намоянд.

Дар самти ташкили бозори меҳнати дохилии рақобатпазир:

-ҷорӣ намудани воситаҳои шарикии давлат ва бахши хусусӣ ва принсипҳои маблағгузории барномавии мақсадноки барномаҳои ҳудудии мусоидат ба шуғл;

-баланд бардоштани сифати муҳити рақобатпазир тавассути муносибгардонии имтиёзҳои соҳавӣ ва бартариятҳо;

-ташаккули низоми миллии мусоидат ба афзоиши ҳосилнокии меҳнат;

- инкишофи инфрасохтори бозори меҳнат;

-ташкили барномаҳои махсус, ки ба беҳтар намудани имкониятҳои шуғли шахсони дорои мушкилоти махсус (занон, шахсони маъюб, муҳоҷирони ба ватан бозгаштаи дорои тахассуси нокифоя) равона шудаанд;

-таҳкимдиҳии механизмҳои дастгирии иҷтимоии бекорон. Дар самти баланд бардоштани боздеҳи маълумоти касбӣ:

-ташаккул додани муҳити рақобатпазир, аз ҷумла дар инкишофи муассисаҳои таълимӣ;

-рушди низоми маълумоти техникӣ ва муҳандисӣ;

- таҳияи барнома ва механизмҳои арзёбии дараҷаи тахассуси мутахассисон (низоми миллии харитасозии салоҳиятҳо);

-ташаккул додани механизмҳои устувори таъмини дастрасии ҷавонон-хатмкунандагони муассисаҳои таълимӣ ба низомҳои мусоидат ба шуғл-ҷустуҷӯи кор.

Дар самти баланд бардоштани ҳиссаи шуғли расмӣ дар иқтисодиёт:

- андешидани як зумра тадбирҳои ҳавасмандгардонӣ оид ба фаъолияти соҳибкории қонунӣ, аз ҷумла ташаккули низоми устувори дастгирии андозии фаъолияти меҳнатии қонунӣ;

- амалҳои байнисоҳавӣ, ки ба беҳсозии муҳити соҳибкорӣ равона шудаанд, аз ҷумла дар самти рушди заминаи меъёрию ҳуқуқӣ барои ҳифзи ҳуқуқҳои соҳибмулкон ва қувваи кории кироя, рушди низоми “фармоиши давлатӣ” ва масъулияти иҷтимоии бизнес [1. С. 73-74].

Ба андешаи мо, агар баландбардории иқтидори ширкатҳои сохтмонӣ, ки тавассути кластерҳои сохтмонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ ёбад, бояд ба нигоҳ доштани сатҳи баландии сифат ва истифодаи стандартҳои байналмилалӣ диққати аввалин дараҷа дода шавад, ки ин метавонад ҳамкориҳои тарафайнро бо созмонҳои байналмилалӣ дар соҳаи сохтмонро бо ҳам наздик месозад.

Қайд намудан ба маврид аст, ки дар минтақаҳои кӯҳии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо ҷойгиршавӣ ва шароити табиӣ мушкилотҳо низ то ҳол ҷой доранд, маҳз он лоиҳаҳои ширкатҳои сохтмонӣ, ки тавассути кластерҳои сохтмонӣ таҳия гардида метавонанд бевосита ба таъмин кардани инфрасохтори зарурӣ, монанди роҳсозӣ ва диагр иншоотҳои сохтмонӣ кумаки аввалия расонанд. Дар ин ҷода нақши дастгири давлат, ки метавонад сармоягузориҳоро барои татбиқи чунин лоиҳаҳо ҷалб намояд.



Расми 2. Баландбардории иқтидори ширкатҳои сохтмонӣ тавассути таъсиси кластерҳои сохтмонӣ, ҳамгироӣ бо давлат.

Сарчашма: таҳияи муаллифон дар асоси [2], [3].

Арзёбии шароити омилҳо нишон медиҳад, ки аҳолӣ талаботи баландро ба сифати маҳсулоти сохтмонӣ нигоҳ медорад. Ин бояд ширкатҳои сохтмониро водор созад, ки ба беҳтар кардани сифати корҳои сохтмонӣ ва хизматрасониҳо ҷидди бошанд. Муштариён инчунин аз хизматрасонии сохтмонӣ ва мӯҳлати анҷоми лоиҳа интизориҳои зиёд мекашанд. Аммо, талаботи харoҷот баланд низ ҳисобида мешаванд [4].

Ба андешаи мо, агар баландбардории иқтидори ширкатҳои сохтмонӣ, ки тавассути кластерҳои сохтмонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ ёбад, бояд ба нигоҳ доштани сатҳи баланди сифат ва истифодаи стандартҳои байналмилалӣ диққати аавалиндараҷа дода шавад, то ки ингуна ҳамкориҳои трафайнро бо созмонҳои байналмилалӣ дар соҳаи сохтмонро бо ҳам боз ҳам наздиктар созад.

Муҳим дар ташаккули баландбардории иқтидори меҳнатӣ тавассути таъсиси кластерҳои сохтмонӣ — ин ба ҳифзи муҳити зист ва татбиқи принсипҳои рушди устувор алоқаманд

мебошад. Фаъолияти ширкатҳои сохтмонӣ дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар кишварҳои рушд карда метавонад таъсири манфии амиқи худро ба муҳити зист, мисли алоқа бо коҳиш ёфтани захираҳои табиӣ, ифлосшавии обу-ҳаво, замин, ва ғайраҳо бошад. Аз ин рӯ, дуруст ва барномасозӣ дар соҳаи сохтмон, амалисозии корҳои конструксионӣ, ки ба эҳтиром гузоштан ба муҳити зист равона шудааст, ба ташаккули кластерҳои сохтмонӣ аҳамияти калон дорад, **масалан:**

Иқтисодиёти сабз: Давлат ва ширкатҳои сохтмонӣ бояд ба татбиқи "иқтисодиёти сабз" ва шомили истифодаи маводҳои экологӣ, маҳсулот ва технологияи каммасрафии барқ диққат диҳанд. Инчунин истифодаи манбаъҳои тозаи энергия (монанди панелҳои офтобӣ ва бодҳо) равона шудаанд, метавонанд ба рушди устувори истифодаи иқтидори ширкатҳои сохтмонӣ гардад.

Хати барқии экологӣ: давлат метавонад дар ин самт лоиҳаҳоеро дастгирӣ намояд, ба мисли манзилҳои "сабз" ва минтақаҳои дӯстона бо муҳити зистро эҷод намояд. Фарз кардем, ки ширкатҳои сохтмонӣ манзилҳои муосирро ва муассисаҳои ҷамъиятӣ, ки бо технологияи ҷамъоварии оби борон ва истифодаи шиддати офтоб яъне истифода аз панелҳои офтобӣ барои гармидиҳӣ ва хунуксозӣ таъмин гардидаанд, метавонанд ба самаранокии муҳим дар таъмини рушди устувор ва **“иқтисодиёти сабз”** табдил дода шаванд.

Рушди нобаробари минтақаҳо яке аз масъалаҳои муҳими иҷтимоию иқтисодии Тоҷикистон ба ҳисоб рафта тафовутҳо дар сатҳи рушди минтақаҳо ба ҳаҷми истеҳсолот, ҷойгиршавии инфрасохтор, имкониятҳои шуғл, сатҳи даромади аҳолӣ ва дастрасӣ ба хизматрасониҳои иҷтимоӣ вобаста буда, дар байни шаҳракҳо, минтақаҳои саноатӣ ва деҳотӣ, инчунин ноҳияҳои кӯҳистон ва водиҳо ба таври возеҳ мушоҳида мешаванд. Чунин нобаробарӣ метавонад ба тақсимоти номутавозини захираҳо, афзоиши муҳоҷирати меҳнатӣ, маҳдуд шудани имкониятҳои рушди сармояи инсонӣ ва густариши фарқиятҳои иҷтимоӣ мусоидат намояд.

Дар шароити татбиқи ҳадафҳои рушди устувор таҳқиқи мушкилоти рушди нобаробари минтақаҳои Тоҷикистон аҳамияти махсус пайдо гардидаистодааст. Баҳодиҳии фарқиятҳои минтақавӣ барои муайян намудани омилҳои бордорандаи рушди иҷтимоию иқтисодӣ, таҳияи сиёсати муоссири минтақавӣ ва интихоби самтҳои афзалиятноки сармоягузорӣ барои таъсиси кластерҳои ҳамчун замина фароҳам меорад. Дар ин раванд, омӯзиши нишондиҳандаҳои рушди устувор ва корҳои сохтмони имкон медиҳад, ки вазъи иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва муҳити зист дар ҳудудҳо ҳамаҷониба таҳлил гардида, робитаи байни рушди иқтисодӣ, коҳиши камбизоатӣ, беҳтар намудани сифати зиндагӣ муайян карда шавад.

Мусаллам аст, ки шаҳри Душанбе ҳамчун маркази сиёсӣ, иқтисодӣ ва маъмурии кишвар дар низоми минтақавии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавқеи хос дошта. Ҳокимияти мутамаркази муассисаҳои давлатӣ, корхонаҳои истеҳсолӣ, ташкилотҳои молиявӣ, муассисаҳои таълимӣ ва хизматрасониҳои иҷтимоӣ дар пойтахт боиси ҷамъшавии қисми зиёди иқтидорҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ гардидааст.

Аз ин рӯ, таҳлили нишондиҳандаҳои ҳадафҳои рушди устувор дар шаҳри Душанбе на танҳо барои арзёбии раванди рушди пойтахт, балки барои дарки хусусиятҳои нобаробарии минтақавӣ дар кишвар низ аҳамияти муҳим дорад. Омӯзиши чунин роҳҳои мазкур ба муайян намудани сатҳи мутамарказшавии имкониятҳои рушд, мушкилоти мавҷуда ва самтҳои такмили сиёсати минтақавӣ равона шудааст, ҳалли масъала мебошад.

Хулоса ва пешниҳодҳо. Эҳтиёҷоти иҷтимоӣ ва ҳалли мушкилоти аҳолии шаҳрнишин. Дар ин самт ширкатҳои сохтмонӣ, ки тавассути кластери сохтмонӣ фаъолият менамоянд, нақши калидиро дар ҳадафи кӯмак намудан ба сохтмони манзилҳои дастрас ва бо сифат вобаста ба муҳит ва инчунин баҳри ҳалли мушкилоти аҳолие, ки дар минтақаҳои кӯҳии Ҷумҳурии Тоҷикистон тақсим шудаанд, ҳалли худро дошта бошанд.

Барои тамоми кишварҳо заминаи асосии таъмини рушди устувор ва мутавозин ин рушд додани минтақаҳои онҳо мебошад. Таҳлил нишон дод, ки ислоҳоти аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон амалишудаистода бештар дар сатҳи марказӣ амалӣ шудааст.

Аз механизми дар боло оварда шуда ва нишондиҳандаҳои иқтисодӣ чунин бар меояд, ки, ки дар таъсиси кластерҳои сохтмонӣ ва раванди идоракунии минтақавӣ норасоии маълумоти оморӣ ва механизмҳои номукаммали ҳисоботдиҳӣ монеаи ҷиддӣ барои таҳияи моделҳои асосноки рушд маҳсуб меёбанд.

Ҳангоми норасоии инфрасохтори зарурӣ ва маҳдудияти захираҳои молиявӣ имкони татбиқи лоиҳаҳои инноватсиониро дар сатҳи маҳаллӣ коҳиш дода, боиси амиқтар шудани тафовутҳои иҷтимоию иқтисодӣ байни минтақаҳо мегардад. Дар чунин шароит, ҷалби сармояи хусусӣ ва хориҷӣ, истифодаи механизмҳои шарикии давлат ва бахши хусусӣ ва такмили низоми маблағгузории мақсаднок метавонанд барои рушди кластерҳои сохтмони шароит фароҳам созанд, ки таҷрибаи татбиқи лоиҳаҳои шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсири мусбати чунин сармоягузориро ба нишондиҳандаҳои иқтисодии минтақаҳо нишон медиҳад.

Ҳамзамон, сиёсати минтақавӣ бояд ба ташаккули кластерҳои ҳудудию саноатӣ равона гардад, ки «…дар онҳо корхонаҳо, муассисаҳои илмӣ, марказҳои таълимӣ ва сохторҳои хизматрасон ҳамкорӣ намуда, коркарди ашёи хом, рушди занҷираҳои арзиш ва таъсиси ҷойҳои нави кориро таъмин мекунанд» [5]. Барои шаҳрҳо ин раванд бояд бо рушди марказҳои инноватсионӣ ва хизматрасониҳои муосир, барои кластерҳои минтақавӣ бошад, бо дастгирии коркарди маҳсулоти сохтмонӣ, логистика ва дастрасӣ ба бозорҳо пайваст карда шавад.

Афзалияти чунин муносибати ҳамгиро дар он аст, ки он на танҳо иқтидори иқтисодии маҳалҳоро тақвият медиҳад, балки робитаҳои шаҳр ва деҳотро ва маҳалро устувор намуда, заминаи коҳиши нобаробарии минтақавиро фароҳам меорад. Бо вуҷуди ин, барои ноил шудан ба натиҷаҳои дилхоҳ, зарурати таъхирнопазири таҷдиди муассисаҳои идоракунии маҳаллӣ ва бартарафсозии номукаммалии заминаҳои меъёрию ҳуқуқӣ ба миён меояд.

Таҳкими мустақилияти молиявии мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ дар маҳалҳо ва ҷорӣ намудани принсипҳои субсидиарӣ барои беҳтар намудани тақсимоти захираҳо ва самаранокии идоракунии корҳои сохтмонӣ аҳамияти калидӣ доранд [12].

Ба андешаи мо муаллифон, барои татбиқи як қатор ислоҳот, зарур аст, ки барномаҳои соҳавӣ ва минтақавӣ тавассути ташаккули механизмҳои ягонаи мониторинг ва баҳодиҳӣ ҳамоҳанг карда шаванд, то такрори фаъолиятҳо пешгирӣ ва самаранокии хароҷоти буҷетӣ таъмин гарданд, чунин масъалаҳо мавриди барраси бояд қарор гиранд:

-роҳҳои такмили ҳамоҳангсозии барномаҳои соҳавӣ ва минтақавӣ;

-нақши сармояи инсонӣ дар рушди мутавозини минтақаҳо;

-имкониятҳои рушди урбанизатсияи кластерҳо, долонҳои иқтисодӣ ва корҳои сохтмонӣ.

Дар маҷмӯъ, рушди мутавозини минтақавӣ тавассути тақвияти худмухторияти иқтисодии маҳалҳо, ҷалби сармояи хориҷӣ барои лоиҳаҳои инноватсионӣ ва татбиқи кластерҳои сохтмонӣ имконпазир аст.

Барои расидан ба ин ҳадаф ва мақсадҳои дар боло гузошта шуда, таҳияи стратегияҳои чандири таъсиси кластерҳои сохтмони - минтақавӣ бо назардошти хусусиятҳои хоси ҳар як маҳал, аз ҷумла иқтидори табиӣ ва ҳаракати ҷуғрофии аҳолӣ, муҳим буда, ҷалби иқтидори меҳнатӣ ба бозори маҳаллии меҳнат дар ин раванд нақши калидӣ мебозад, аз он ҷумла:

- самтҳои стратегии такмили сиёсати рушди минтақавӣ;
- чораҳои баланд бардоштани рақобатпазирии минтақаҳо;
- тавсияҳо барои рушди устувор ва баробарии ҳудудӣ;
- ҷамъбасти натиҷаҳои асосии таҳлили рушди кластерҳои сохтмонӣ дар маҳал;
- пешниҳоди самтҳои беҳтарсозии хизматрасонӣ ва имкониятҳои беҳбурди корҳои сохтмонӣ бо ҷалби мутахассисони соҳавӣ.

Арзёбии нақши барномаҳои минтақавӣ дар идоракунии ҳудудҳо нишон медиҳад, ки онҳо ҳамчун воситаи асосии ҳамоҳангсозии манфиатҳои мақомоти давлатӣ ва ҷонибҳои манфиатдор барои коҳиш додани нобаробарии иқтисодӣ хидмат мекунанд. Айни замон барномаҳои минтақавӣ бештар ҳамчун абзорҳои банақшагирии буҷетӣ амал мекунанд, ки дар

онҳо робитаи байни маблағгузорӣ ва натиҷаҳои мушаххаси иҷтимоию иқтисодӣ норавшан боқӣ мемонад [11].

Барои муайян намудани самтҳои афзалиятноки рушди кластерҳои сохтмонӣ дар минтақа ва таҳкими баробарии ҳудудӣ ва беҳтарсозии сатҳи зиндагӣ бо ҷалби иқтидори меҳнатӣ дар ҳудуди минтақа чунин чорабиниҳо зарур аст:

- Муайян намудани самтҳои афзалиятноки рушди минтақаҳо
- Таҳкими баробарии ҳудудӣ ва беҳтарсозии сатҳи зиндагӣ
- Баробарсозии нишондиҳандаҳои асосии сатҳи зиндагӣ
- Баланд бардоштани сифати сармояи инсонӣ дар минтақаҳо
- Тавсеаи фазои бозори меҳнат дар минтақаҳо
- Ҳамоҳангсозии малакаҳои меҳнатӣ бо талаботи иқтисодиёт
- Рушди кластерҳои сохтмонӣ ва корҳои конструктсионӣ
- Тақвияти кластерҳои сохтмонӣ ва логистикӣ
- Тезонидани рушди минтақаҳои озоди иқтисодӣ
- Ташкили ҳудудҳои индустриализатсияи нав
- Пайвастани кластерҳо ба занҷирҳои минтақавии арзиши иловашуда
- Баланд бардоштани рақобатпазирии иқтисодиёти миллӣ

Дар умум гуфтан мумкин аст, ки баҳодиҳии мунтазами индекси рушди инсонӣ ё худ иқтидори меҳнатӣ истифодаи методологияи ягона барои муқоисаи минтақаҳо ва равнақ додани кластерҳои сохтмонӣ мебошад.

АДАБИЁТ:

1. Стратегияи милли рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон то давраи соли 2030, с. 39-41, 74-75.
2. Абдуллоев У.Х.: «Совершенствование организационно-экономического механизма развития предпринимательских структур в регионе (на материалах Центрального Таджикистана)». дисс. канд. эк. наук 08.00.05 (Экономика и управление народным хозяйством. 2007 год.
3. Абдуллоев, У.Х. Приоритетные направления и эффективность формирования и развития регионального строительного кластера / У.Х. Абдуллоев // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2022. – № 3. – С. 64-73.
4. Кибанов А.Я., Ивановская Л.В. Управление персоналом: теория и практика.Кадровая политика и стратегия управления персоналом: учебно-практическое пособие / под ред. А.Я. Кибанова. − Москва: Проспект, 2014. – 64 с
5. Комарова Г.Б., Азизова Ш.Г., Кобилов Ш.А. Предпринимательские кластеры в инновационном развитии экономики Таджикистана // Научное обозрение: теория и практика. 2021. Т. 11. Вып. 7. С. 2206–2215. DOI: 10.35679/2226-0226-2021-11-7-2206-2215
6. Проворов В.Н. Управление кадровым потенциалом строительной организации // Вестник Евразийской науки, 2021 №3, https://esj.today/PDF/21SAVN321.pdf (доступ свободный)., Том 13
7. Рустамов Р.У. Истифодаи иқтидори меҳнатии аҳолӣ дар ширкатҳои сохтмонӣ тавассути таъсиси кластерҳо // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон / ISSN-2308054X-№ 1-(61)-2026. с. 350
8. Рустамов, Р. У. Основные направления мотивации трудовых ресурсов в строительных предприятиях Республики Таджикистан / Р. У. Рустамов, Х. А. Шарипов // Известия Академии наук Республики Таджикистан. Отделение общественных наук. – 2021. – № 2(263). – С. 140-142.
9. Рустамов, Р.У. Организационно-методические принципы исследования потенциала труда в строительной сфере / Р.У. Рустамов // Вопросы управления и экономики: современное состояние актуальных проблем : Сборник статей по материалам CIV международной научно-практической конференции, Москва, 10 февраля 2026 года. – Москва: ООО "Интернаука", 2026. – С. 74-82.

10. Рустамов, Р.У. Трудовой потенциал населения: некоторые теоретические аспекты / Р.У. Рустамов, М. Муродова // Экономика и туризм: тенденции и перспективы. – 2024. – № 1(1). – С. 232-237.

11. Самков К.Н. Финансирование реализации национальных и региональных проектов: проблемы и направления устойчивого развития, 2021. стр.34

12. Aslanov Əmir Elxan oğlu. State Regulation Problems and Conceptual Approaches in Regional Socio-Economic Development / Global Spectrum of Research and Humanities/ Vol. 2 No. 5(2025): Winter- ISSN: 3007-9136

13. https://manage.com/methods.porter.model_ru.html

14. Ive, G. J., & Gruneberg, S. (2000). Economics of the modern construction sector. Palgrave Macmillan.

15. Karimova T. DIGITAL TRANSFORMATION AND ITS IMPACT ON THE ECONOMIC SAFETY OF THE CONSTRUCTION SECTOR - 2021, p 501.

16. Kuria, E.W. (2020). Internal organization environment and project performance in construction firms within Nairobi City County, Kenya. (Master's thesis). Kenyatta University. -1 web pages

17. Loosemore, M., Dainty, A., & Lingard, H. (2003). Human resource management in construction projects: strategic and operational approaches. Taylor & Francis.

УДК 336.14(575.3):330.47

ТАНЗИМИ БУҶЕТИ ДАВЛАТӢ ВА РУШДИ ИҚТИСОДИ РАҚАМӢ ДАР КИШВАР

САИДЗОДА МАҲМАДТОҲИР САИД

Унвонҷӯи Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Суроға: ш. Душанбе, кӯчаи А. Ғуломов, 37/1. **Тел.:** (+992) 777-07-48-80.

Аннотатсия. Сарфи назар аз мушкилоти мураккаби ҷаҳони имрӯза ва таъсири манфии онҳо ба иқтисоди тамоми мамлакатҳои сайёра, дар самтҳои сиёсӣ ва иҷтимоии мамлакат пешравиҳо ба назар мерасад ва иқтисоди миллии кишвар марҳила ба марҳила рушд ва мустаҳкам мегардад. Ин раванд ба танзим намудан ва дурусту самаранок тақсимот намудани буҷети кишвар замина муҳайё месозад, ки асоси баланд гардидани сатҳи некуаҳволии ҷомеа мебошад. Раванди сол ба сол зиёд гардидани қисмати хароҷоти буҷаи давлатӣ гувоҳи рушд намудани иқтисоди миллӣ буда, стратегия ва барномаҳои давлатие, ки дар ин самт роҳандозӣ мегарданд, самаранокӣ ва механизмҳои амалӣ гардидани ин самтҳоро тақвият мебахшад. Гузаштан ба иқтисоди рақамӣ дар замони муосир масъалаи мубрами рӯз ба ҳисоб рафта, иқтисоди миллӣ низ барои ворид гардидан ба он зарурият дорад. Барои баррасии пурраи низоми мазкур бартариятҳо, афзалиятҳо ва зарурияти онро таҳлил ва шарҳ намудан мувофиқи мақсад мебошад. Чунки рушди босуръати иқтисоди рақамӣ марҳилаи муҳим ва саривақтӣ дар пешрафти самтҳои гуногуни ҳаёт ба ҳисоб меравад. Дар мақолаи мазкур таҳлил ва нақши буҷети давлатӣ ва аҳамияти гузаштан ба иқтисоди рақамӣ, инчунин механизмҳое, ки тавассути онҳо ба устувории иқтисоди миллӣ замина пайдо мегардад, мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Маълум аст, ки марҳилаҳои гузариш ба иқтисодиёти рақамӣ танҳо аз масъалаҳои дар мақола овардашуда иборат нест, чунки ин раванд самтҳо ва паҳлуҳои зиёде дорад, ки бевосита тадқиқоти мушаххаси илмиро талаб менамояд. Аз ин лиҳоз, умедворем, ки оянда оид ба марҳилаҳои рушди иқтисодиёти рақамӣ олимон ва мутахассисони тоҷик дар ҳамкорӣ бо якдигар ва таҷрибаи мамлакатҳои пешрафтаи ҷаҳон хулосаву андешаҳои ҷолибе пешниҳод менамоянд.

Калидвожаҳо: рақамикунонӣ, буҷети давлатӣ, иқтисодиёт, иқтисоди рақамӣ, технологияи рақамӣ, истеҳсолот, зеҳни сунъӣ, тандурустӣ, маориф, омилҳо, шаффофият, коррупсия.

РЕГУЛИРОВАНИЕ ГОСУДАРСТВЕННОГО БЮДЖЕТА И РАЗВИТИЕ ЦИФРОВОЙ ЭКОНОМИКИ В СТРАНЕ

САИДЗОДА МАХМАДТОХИР САИД
Соискатель Академии государственного управления при Президенте Республики Таджикистан.
Адрес: г. Душанбе, ул. А. Гуломова, 37/1. **Тел.:** (+992) 777-07-48-80.

Аннотация. Несмотря на сложные проблемы современного мира и их негативное влияние на экономику всех стран планеты, в политической и социальной сферах страны наблюдается прогресс, а национальная экономика постепенно развивается и укрепляется. Этот процесс создаёт основу для регулирования и правильного и эффективного распределения государственного бюджета, что является залогом повышения уровня блогосостояния общества. Ежегодный рост компонента государственных бюджетных расходов свидетельствует о развитии национальнойэкономики, а реализуемые в этой области государственные стратегии и программы повышают эффективность и укрепляют механизмы осуществления этих направлений. Переход к цифровой экономике является актуальной проблемой современности и национальная экономика также нуждается в его внедрении. Для всесторонного обзора этой системы целесообразно проанализировать ее преимущества, приоритеты и необходимость. Потому что стремительное развитие цифровой экономики является важным и решающим фактором прогресса в различных сферах жизни. В данной статье рассматриваются анализ и роль государственного бюджета, а также важность перехода к цифровой экономике и механизмы, посредством которых создается основа для устойчивости национальной экономики. Совершенно очевидно, что этапы перехода к цифровой экономике не ограничиваюся вопросами, представленными в статье, поскольку этот процесс имеет множество направлений и аспектов, которые непосредственно требует конкретных, углубленных иследований. В связи с этим мы надеемся, что таджикские ученые и эксперты, сотрудничая друг сдругом и опираясь на опыт развитых стран мира, смогут предложить интересные выводы и идеи.

Ключевые слова: цифровизация, государственный бюджет, экономика, цифровая экономика, цифровая технология, производство, искусственное интеллект, здравоохранение, образование, причин, факторы, прозрачность, коррупция.

REGULATION OF THE STATE BUDGET AND DEVELOPMENT OF THE DIGITAL ECONOMY IN THE COUNTRY

SAIDZODA MAKHMADTOKHIR SAID
Applicant of the Academy of Public Administration under the President of Tajikistan.
Address: Dushanbe city, Street A. Gulomov, 37/1 **Tel.:** (+992) 777-07-48-80.

Abstract. Despite the complex challenges of the modern world and their negative impact on the economies of all countries, progress is being made in the country's political and social spheres, and the national economy is gradually developing and strengthening. This process creates the foundation for the regulation and proper and effective distribution of the state dudget, which is the key to improving the well-being of society. The annual growth of the state budget expenditure component indicates the development of the national economy, and the state strategies and programs implemented in this area improve efficiency and strengthen the mechanisms for implemented in these measures. The transition to a digital economy is a pressing issue today, and the national economy also needs to implement it. For a comprehensive overview of this system, it is appropriate to analyze its advantages, priorities, and necessity. Because the rapid development of the digital economy is an important and decisive factor in progress in various areas of life. This article examines the analysis and role of the state budget, as well as the importance of the transition to a digital economy and the mechanisms by which the basis for the sustainability of the national economy is created. Cleary, the stages of transition to a digital economy are not limited to the issues presented in this article, as this process has many areas and aspects that directly reguire specific, in-depth research. Therefore, we hope that Tajik scientists and experts, collaborating with one another and drawing on the experience of developed countries, will be able to offer interesting conclusions and ideas.

Key words: digitalization, state budget, economy, digital economy, digital technology, production, artificial intelligence, healthcare, education, reasons, factors, transparency, corruption.

Муқаддима. Дар натиҷаи кушишу заҳматҳои беназири Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва сиёсати дурусти пешгирифтаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, вазъи иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва сиёсии кишвар, бо амалӣ намудани мақсадҳои муҳими стратегӣ вусъати тоза касб намуда истодааст. Ин раванд барои муҳити орому муътадил ва зиндагии шоистаи мардум мусоидат намуда, иқтидори захиравии иқтисодии миллиро баланд мегардонад.

Новобаста аз мураккабии вазъияти ҷаҳон ва омилҳои таъсиркунанда ба иқтисодиёти мамлакат, дар сатҳи зиндагии аҳолӣ пешравиҳо ба назар расида, иқтисоди миллии кишвар танзим, рушд ва мустаҳкам гардида истодааст.

Мақсади таҳқиқот. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамасола ҷиҳати таъмини рушди устувори иқтисоди мамлакат, кам гардонидани омилҳои таъсиркунанда, вусъат додани самтҳои гуногуни кишвар ва пешрафти сатҳи некуаҳволии халқ, буҷети мамлакатро таҳия ва қабул менамояд. Ин раванд ҳамасола танзим ва рушд карда, дар ҳама соҳаҳо инкишоф ва густариш меёбад. Таҳаввулотҳое, ки дар протсеси тағйирот ва ташаккулёбӣ сол то сол ба назар мерасад, ҷиҳати ба даст овардани нақшаю ҳадафҳои стратегии рушди кишвар, амалӣ намудани барномаҳову лоиаҳои соҳавӣ мусоидат намуда, ҳамзамон сармоягузориҳои хориҷиву дохилиро ба давлат зиёд менамояд.

Масъалаи баланд бардоштани самтҳои гуногун ва рақобатнокии иқтисоди миллӣ, гузаштан ба саноатикунонии мамалакат, гузаштан ба раванди рақамикунонии иқтисодиёт, дар ҳама самтҳо амалӣ намудани технологияҳои инноватсионӣ, вусъат бахшидани нерӯи инсонӣ, роҳандозӣ намудани зеҳни сунъӣ **мақсаду ҳадафҳои устувори ҳукумату давлат** ба шумор рафта, маҳаки асосии рушди иқтисоди миллӣ ба ҳисоб меравад.

Муҳтавои асосӣ. Тибқи ҳисоботи Сарвазири кишвар дар соли 2025 ба қисми даромади буҷети давлат 60,3 миллиард сомонӣ маблағ ворид гардида, 400 корхонаи нави саноатӣ-истеҳсолӣ ба истифода дода шуд ва рушди босуръати истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ таъмин гардид. Ҳаҷми маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ бошад ба 176,9 миллиард сомонӣ баробар буда, суръати афзоиши он 8,4 фоизро ташкил медиҳад [1].

Мувофиқи маълумотҳои Вазорати молия ва Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар натиҷаи рушди иқтисодиёт, таъсиси ҷойҳои нави корӣ, беҳтар намудани маъмурикунонии андозу хизматрасонӣ, доир ба муқаррароти қонунгузории андоз гузаронидани корҳои фаҳмондадиҳӣ, вусъатбахшии ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ тавассути воситаҳои электронии пардохт, густариши низоми рақамикунонӣ ва дигар тадбирҳои андешидашуда, дар соли 2025 аз ҳисоби андозҳо ва пардохтҳои дохилӣ ба буҷети давлатӣ 26,5 миллиард 598 миллион сомонӣ зиёд мебошад [2].

Буҷети давлатии Тоҷикистон дар ҷаласаи навбатии ҳукумати кишвар барои соли 2026 ба ҳаҷми 65 миллиард сомонӣ пешбинӣ гардидааст, ки он нисбат ба буҷети соли гузашта 31,2% зиёд мебошад. Ин рақам нисбат ба буҷети тасдиқшудаи соли 2025 –ум 15,5 миллиард сомонӣ бештар буда, ба 33,3% маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ (ММД) баробар аст [3].

Хароҷоти буҷаи давлатии Тоҷикистон барои соли 2026 чунин пешбинӣ гардидааст: (бо млрд сомонӣ)



- бахши комплекси сузишворӣ ва энергетика – 14,96 млрд сомонӣ;
- бахши маориф – 13,67 млрд сомонӣ;
- бахши суғурта ва ҳифзи иҷтимоӣ - 8,49 млрд сомонӣ;
- бахши хароҷотҳои дигар – 7, 12 млрд сомонӣ;
- бахши мудофиа ва ҳифзи ҳуқуқ млрд сомонӣ;
- бахши тандурустӣ – 5,02 млрд сомонӣ;
- бахши нақлиёт ва алоқа – 2,52 млрд сомонӣ;
- бахши фарҳанг ва вазиш – 2,29 млрд сомонӣ;
- бахши ҳифзи муҳити зист – 2,06 млрд сомонӣ;
- бахши кишовазӣ, моҳидорӣ ва шикор – 1,73 млрд сомонӣ;
- бахши саноат ва сохтмон – 0,412 млрд сомонӣ:

Таваҷҷуҳи Ҳукумати Тоҷикистон бештар ба он самтҳое равона гардидааст, ки асоси рушди босуръати иктисоди миллии Тоҷикистонро тақвиат мебахшанд. Ба монанди соҳаҳои сузишворию энергетика, нақлиёту алоқа, саноату сохтмон, кишоварзию моҳидорӣ ва дигар самтҳо. Дар робита ба ин, Раиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зикр намуданд, ки барои зиёд гардидани даромади буҷети давлатӣ чораҳои зерин андешида шавад:

- тезонидани раванди рақамикунонӣ;
- гузштан ба пардохтҳои ғайринақдӣ дар ҳама соҳаҳо;
- истифодаи васеи технологияҳои муосир дар гузаргоҳҳои сарҳадию гумрукӣ [4].

Тоҷикистони муосири имрӯзаи мо дар марҳилаҳои рушди иқтисодиёти рақамӣ қарор дорад, ки таҳти идора ва назорат қарор гирифтани он барои рушди давлату миллат, саноату энергетика, кишоварзиву иқтисодиёт ва беҳбудии аҳолӣ бениҳоят муҳим мебошад. Марҳилаи гузариш ба иқтисоди рақамӣ, як низоми саривақтӣ ба ҳисоб рафта, доир ба он дар Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ–Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин зикр шудааст: "Сармояи инсонӣ ҳамчун муҳаррики пуриқтидор ба пешрафти инноватсия ва технологияҳои нав мусоидат мекунад ва бинобар ин, илми муосири ватанӣ бояд ҷавононро бештар ба илмомӯзӣ, татбиқи лоиҳаҳои инноватсионӣ ва таҳқиқи масъалаҳои иқтисоди рақамӣ сафарбар намояд" [4].

Дар Тоҷикистон гузариш ба рушди иқтисодиёти рақамӣ зина ба зина бо истифода аз технологияҳои нав роҳандозӣ гардида, дастрасии бемамоният дар ҳама минтақаҳо ва шароити мутаносибан баробар таъмин мегардад. Иқтисоди рақамӣ бояд дар ҳама дараҷаҳои аҳолӣ ва ҳама самтҳои фаъолият истифода гардида, ба манфиати ҷамъият ва мамлакат бошад.

Истифодаи технологияҳои нав, бахусус зеҳни сунъӣ дар истеҳсолот ва хизматрасонӣ таъсири ногусастанӣ ва назаррас дошта, аз ҷумла имконияти ба маротиб осон гардонидани меҳнат, ихтисори ҷойҳои корӣ ва мусоидат намудан ба имкониятҳои навро муҳайё месозад.

Паҳншавии босуръати технологияҳои нав, нишондодҳои иқтисодӣ ва иҷтимоиро дигаргун сохта, баъзан боиси эҳтимолияти бавуҷудоии хатарҳои нав низ мегарданд. Барои бомувафақият гузаштан ба иқтисоди рақамӣ дар корхонаву ташкилот ва муассисаву ширкатҳо зарур аст, ки ҳарчи бештар ворид намудани технологияҳои навро тақвият бахшида, идоракунӣ ва назорату таъмини бехатариро таъмин намуд.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки ин низом боиси гузаштан ба барномаҳо ва амалиётҳои нав гардида, иттилоот ва маълумотҳои зиёди зарурии дастрасшавандаро дар муддати кӯтоҳ ва хело босуръат таҳлил ва ҷамъоварӣ менамояд. Ин равандро метавон ҳам дар фаъолияти шахсони инфиродӣ, ҳамчунин дар фаъолияти муассисаву корхонаҳо истифода бурд.

Тоҷикистон ҳамчун субъекти комилҳуқуқи иқтисоди ҷаҳонӣ марҳила ба марҳила чун кишварҳои мутараққӣ ба низоми рақамикунонӣ ворид гардида, истифодаи дурусту оқилонаи интернет ва раванди гузариш ба технологияҳои нав, бахусус зеҳни сунъиро дар истеҳсолот татбиқ менамояд.

Иқтисоди рақамӣ бо истифода аз технологияҳои рақамӣ ба вуқуд омада, дар ҳама соҳаҳо ба монанди тиҷорат, маориф, ҳарбӣ, бонкдорӣ, тандурустӣ, суғуртавӣ, нақлиёт, гумрук, андоз ва ғайра ба таври маъмулӣ истифода мешаванд. Ба монанди тиҷорат ва соҳибкорӣ ҳангоми ҳисобу китоб ва мубодилаи мол маблағҳо тариқи воситаҳои электронӣ, яъне пардохтҳои ғайринақдӣ роҳандозӣ мегардад, ки омили муҳими рушди соҳибкорӣ мегардад. Бо истифода аз ин раванд дар фаъолияти соҳибкорӣ метавонад бисёр монеаҳо ва мушкилиҳо аз байн равад. Гардиши маблағҳо зиёд гардида, мушкилоти доду гирифт ҳангоми интиқоли маблағҳои нақдӣ аз байн меравад. Яъне якчанд ҷиҳатҳои мусбӣ ва бартариятҳо мушоҳида мешавад: сарфаи маблағ, рақобатпазирӣ, сарфаи вақт, интихоб, дастрасӣ бо иттилоотҳои электронӣ, шаффофият, логистика, мониторинг ва ғайра.

Гузариш ба рақамикунонӣ ва истифодаи технологияҳои нав барои сарфа гардидани вақт ва баланд бардоштани сифатнокии истеҳсолот нақши муҳим бозида, вусъатёбии нишондодҳои иқтисодиро таъмин месозад. Масалан, амалеро ё фаъолиятеро, ки шахс дар як рӯз иҷро менамояд, технологияи муосир онро метавонад дар муддати як соат, ҳатто аз ин ҳам кам иҷро намояд. Истифодаи технологияҳои нав метавонанд дар самти муайяне бошад, ки ҳангоми истеҳсолот ва хизматрасонӣ маҳсулоти рақобатпазирро дар муҳлатҳои муқарраргардида таъмин намуда, банақшагирӣ ва ва қабули қарори дурустро ба роҳ монад.

Бо истифода бурдан аз технологияи рақамӣ дар иқтисодиёт дар баробари сарфа гардидани вақт, инчунин маблағ ва хароҷотҳои нолозим низ сарфа мегардад. Масалан, ҳангоми гузаштан ба коргузории электронӣ дар корхонаю ташкилотҳо имконият ба вуҷуд меояд, ки қисмати зиёди хароҷотҳо доир ба ранг, коғаз, мубодилаи ҳуҷҷатҳо ва ғайра маблағҳои зиёд сарфа мегарданд. Инчунин технологияҳои рақамӣ бе ташрифи инсон миқдори маҳсулоти зарурӣ барои истеҳсолот, боқимондаи молу маҳсулот, саҳми ҳар як корманд дар корхона, сифатнокии маҳсулот, мониторинг, таҳлил ва ҳисоботро дақиқ муайян мекунад.

Истифодаи технологияи рақамӣ дар корхонаву ташкилотҳо сабаби сарфа гаштани қувваи корӣ гардида, барои пайдо гардидани ҷойҳои кории нав мусоидат менамояд. Айни замон аксариати муассисаву ташкилотҳо ва корхонаҳо бисёр вазифаву кормандонро ихтисор намуда, ҷойи онҳоро технологияҳои рақамӣ ва дастгоҳҳои худкор иваз намудаанд. Зеро ҳар корманд ҳуҷраи кории инфиродии худро дошта, бевосита худаш маводҳои заруриро назорат менамояд ва компютери кории корманд бо технологияҳои ҳозиразамон пайваст ва муҷаҳаз гардонида шудаанд. Яъне ҳангоми мубодила, омода, нашр ва қабулу интиқоли маълумотҳо истифодаи шахси алоҳида зарурат надорад.

Ба ҳамин монанд дар фаъолияти муҳосибон, хазинадорон, иктисодчиён, логистҳо ва дигар кормандон истифодаи технологияҳои нав ба назар мерасад. Масалан, ҳама амалиётҳои муҳосибӣ даромад, хароҷот ва баҳисобгирӣ ба воситаи барномаҳои махсуси муҳосиботӣ дар

як барнома ворид гардонида шудааст, ки ин амалиётҳоро ба маротиб қулай, осон ва шаффоф гардонидааст. Бо ин васила дар бахши муҳосибот зарурати шумораи зиёди кормандон аз байн меравад. Ҳамзамон таъсиси ҷойҳои нави корӣ пайдо гардида, эҳтиёҷот ба мутахассисон ва кормандоне, ки технологияи муосирро омухтаанд ва истеъдоди сатҳи барномасозиро доранд зиёд мегардад. Айни замон аксарияти корхонаву ширкатҳои истеҳсолӣ барои батанзим даровардан ва пешбурди фаъолияти бонизоми худ ба кормандони тахассусии технологияҳои нав ва коргузории электронӣ зарурат доранд.

Ҳангоми гузариш ба технологияҳои рақамӣ шаффофият, низоми дуруст, эътимоднокӣ, дастрасӣ ва дақиқият дар идоракунии фаъолияти корӣ ба вуҷуд меояд. Имрӯзҳо технологияҳои рақамӣ дар ҳама соҳаҳои ҳаёту фаъолият, дар самти иҷтимоӣ ва дар самти моддӣ мушоҳида карда мешавад. Ҳама пешрафту камбудиҳои фаъолияти ташкилотро роҳбарият тавассути барномаи махсус зери назорати худ қарор медиҳад.

Масалан, дар муассисаҳои таълимӣ (муассисаҳои томактабӣ, муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва донишгоҳу донишкадаҳо) роҳбарият бо истифода аз технологияҳои рақамӣ метавонад давомоти хонандагон ва донишҷӯёнро ҳангоми машғулиятҳо назорат намуда, ҳамзамон сатҳу сифати дарсгузарии омузгоронро мушоҳида намояд ва самаранокии таълимро зиёд гардонад. Имрӯзҳо технологияҳои рақамӣ як низоми пешқадами раванди таълим ба ҳисоб рафта, дар ташаккул ва такмили усул ва барномаҳои таълимӣ, таъмини заминаи устувору боваринок ва роҳандозӣ намудани технологияҳои иттилоотии ҳозиразамон мусоидат менамояд. Дар муассисаҳои таълимӣ бештар машғулиятҳо тариқи интерактивӣ ва электронӣ, бо истифода аз технологияҳои рақамӣ, наворҳои видеоӣ ва роликҳо истифода гардида, мавзуҳо чун таҳлил ва маниторинг баррасӣ мегарданд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон дар баробари дигар мамалакатҳои пуриқтидор дар самти иқтисодиёти рақамӣ рушд намуда, дар марҳилаи гузариш ба он қарор дорад. Яке аз паҳлуи он ин моликияти зеҳнӣ ба ҳисоб меравад, ки дар иқтисодиёти рақамӣ нақши калидиро мебозад. Соҳибилмон, муҳаққиқон, барномасозон ва мутахассисони соҳавӣ лоиаҳо ва барномаҳои электронии махсуси худро омода ва эҷод намуда, ба аҳолӣ пешниҳод менамоянд, ки ин рақобати солимро дар ин соҳа зиёд мегардонад. Истифодаи технологияи рақамӣ шароит муҳайё месозад, ки муошират шахс дар дилхоҳ замон ва макон ба осонӣ ва қулай сурат гирад. Ин ҷараён хароҷотҳои алоқавиро сарфа намуда, баъдан тавассути технологияҳои нав ва системаҳои байналмилалӣ маблағҳои зарурии худро хусусан соҳибкорон ва муҳоҷирон ба ҷои лозимии худ интиқол ва қабул намоянд.

Тоҷирон ва соҳибкорон ба коргоҳ ва бозор ташриф наоварда, молу маҳсулоти худро тавассути технология аз назар гузаронида, ба мизоҷон пешниҳод ва ё дархост менамоянд. Истифодаи технология воситаи арзонтарин ва осонтарини тоҷирон барои рекламаи молу маҳсулоти худ гардидааст. Дар сомонаҳои рекламавӣ (ба монанди, somon.tj, сомонаҳои far.tj, durahshon.tj) ҳама маълумоти молу маҳсулот гузошта шуда, имкони рушди савдо ва тиҷоратро зиёд мегардонад. Мисолҳои овардашуда анҷоми кор нестанд, чунки технологияи рақамӣ мисли рақам имконияту дарёфтҳои беохир дорад.

Тавассути истифодаи технологияҳои рақамӣ нишондодҳо барои тоҷирон ва соҳибкорон ҳангоми муомилоти молу маҳсулот осону тезтар дастрас мегарданд. Фаҳмидани талаботҳо ва эҳтиёҷотҳои бозор осону қулай мегардад. Тавассути омӯзиши бозор муайян мегардад, ки аҳолӣ ба кадом намуди маҳсулот ниёз дорад ва талабот ба кадом маҳсулот зиёдтар мебошад. Айни замон, ба воситаи технологияҳои рақамӣ, мо метавонем сомонаҳо ва рекламаҳо сохта, дар шабакаҳои интернетӣ тиҷорати худро фаъол намоем. Технологияҳои рақамӣ ва шабакаҳои интернетӣ имрӯз воситаи асосии муарифӣ ва ҷаҳонишавӣ мебошад ва маҳз бо ҳамин роҳ иттилоот ва маълумотҳо дар тамоми дунё дастрас ва паҳн мегардад, ки ҳам ҷанбаҳои мусбӣ ва ҳам ҷанбаҳои манфиро дар бар мегиранд.

Дар самти технологияи рақамӣ олимону коршиносонро зарур аст, ки ба таҳқиқу таҳлили масъалаҳои мубрами рӯз рӯ оварда, технологияҳои иттилоотию коммуникатсионии тамоми соҳаҳои ҳаётро пайваста ва самаранок истифода баранд. Аз тарафи дигар, ҳар як шахс

новобаста аз мақом ва касбияташ метавонад аз технологияҳои рақамӣ истифода бурда, дар фаъолияту истеҳсолот ва эҷодиёташ ҳамқадами замон гардад. Нақши асосиро дар рушд ва гузаштан ба иқтисоди рақамӣ давлат мебозад. Чунки, давлат имконияти тамоми масъалаҳои сиёсию иҷтимоӣ ва иқтисодиро, ки марбут ба иқтисоди рақамӣ мебошанд, бо таври устувор ба низом дароварда метавонад.

Қобили зикр аст, ки дар ин ҷараён илм ҳамчун воситаи муайян кардани татбиқи технологияҳои рақамӣ дар иқтисод баромад мекунад. Яъне дар асоси нишондодҳои илмӣ ҳамгироии технология ва иқтисодиёт ба амал меояд. Дар ин ҷараён ҷанбаи ҳуқуқии масъала дар он ифода меёбад, ки қонунгузор барои рушди иқтисоди рақамӣ бояд шароити мусоид фароҳам оварад. Таҷрибаи қонунгузории давлатҳои пешрафта нишон медиҳад, ки баҳри рушди иқтисоди рақамӣ имтиёзҳои андозию гумрукӣ, бақайдгирию ташкилӣ ба роҳ монда мешавад. Инчунин маҳдудиятҳои беасосе, ки боиси косташавии иқтисодиёт мегардад аз байн бурда мешавад [5].

Хулоса. Бо назардошти гуфтаҳои боло, гуфтан мумкин аст, ки низоми иқтисодӣ дар Тоҷикистон дар марҳилаи рушди иқтисоди рақамӣ қарор дорад. Ин раванд пеш аз ҳама ба самтҳои муайяни ҳадафҳои стратегии мамлакат вобаста буда, барои амалӣ намудани онҳо заминаи устувор ва асосӣ мегузорад.

Аз он ҷумла, дар ғанигардонидани буҷети давлатии кишвар ва танзиму ташаккул додани маблағҳои ҷудогонаи буҷети давлатӣ мавқеи хосаро касб менамояд.

АДАБИЁТ:

1. Маҷлиси васеи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳисоботи Сарвазири кишвар Қоҳир Расулулзода аз 23 январи соли 2026.
2. Баромади вазири молия Фазлиддин Қаҳҳорзода, маҷлиси васеи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз 23 январи соли 2026.
3. Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар маҷлиси васеи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе 23.01.2026.
4. Суханронии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Форуми байналмилалии соҳибкорӣ таҳти унвони «Рушди соҳибкориву сармоягузорӣ ва раванди муосири иқтисодӣ » октябри соли 2018
5. Шукуров А.А. “Тоҷикистон дар марҳилаи рушди иқтисоди рақамӣ”. https://www.hgu.tj/news/media/item/256.html

УДК: 330.567.26: 31(575.3)

ОСНОВНЫЕ ПРОБЛЕМЫ ПОВЫШЕНИЯ УРОВНЯ БЛАГОСОСТОЯНИЯ НАСЕЛЕНИЯ ТАДЖИКИСТАНА

САФАРЗОДА НАВРУЗ УМАРАЛИ
Кандидат экономических наук, доцент кафедры национальной экономики и экономической безопасности Таджикского национального университета.
Адрес: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки 17.
Тел.: (+992) 988-72-21-23. **E-mail:** cheh-16@mail.ru

Аннотация. В статье рассматривается основные проблемы повышения уровня благосостояния населения Таджикистана в данном этапе. В результате перехода Республики Таджикистан к рыночной экономике наблюдается процесс усиления дифференциации уровня жизни населения. Данная проблема присуща любой стране, находящийся в переходном периоде. Для решения этих проблем в стране приняты стратегические документы, позволяющие достичь социального прогресса в обществе. Социальный прогресс следует понимать, как одну из форм развития общества, основанную на таких необратимых изменениях в нем, в результате которых осуществляется переход к более высокому уровню

материального производства и благосостояния людей, осуществляется и развивается человеческая личность. Социально-экономические преобразования любой страны сказываются на уровне развития социальной сферы. Особенно это актуально в условиях мировой рецессии, которая наблюдается в последние 10 лет. За эти годы серьёзно уменьшились доходы потребителей, что привело к снижению качества их жизни.

Ключевые слова: проблемы уровня жизни, средний класс, благосостояния населения, определение дохода граждан, материальное производства, методологический аспект.

МУАММОҲОИ АСОСИИ БАЛАНД БАРДОШТАНИ САТҲИ НЕКЎАҲВОЛИИ АҲОЛИИ ТОҶИКИСТОН

САФАРЗОДА НАВРУЗ УМАРАЛӢ

Номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти, кафедраи иқтисоди миллӣ ва бехатарии иқтисодии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. **Тел.:** (+992) 988-72-21-23. **E-mail:** cheh-16@mail.ru

Аннотатсия. Дар мақолаи мазкур муаммоҳои асосии баланд бардоштани сатҳи некўаҳволии аҳолии Тоҷикистон мавриди омузиш қарор гирифтааст. Дар натиҷаи гузариши Ҷумҳурии Тоҷикистон ба иқтисоди бозорӣ, нобаробарии афзоянда дар сатҳи зиндагӣ мушоҳида мешавад. Ин мушкилот хоси ҳар кишвари дар ҳоли гузариш қарордошта мебошад. Барои ҳалли ин масъалаҳо, кишвар ҳуҷҷатҳои стратегиеро қабул кардааст, ки пешрафти иҷтимоиро имконпазир мегардонанд. Пешрафти иҷтимоиро бояд ҳамчун шакли рушди ҷомеа, ки ба тағйироти бебозгашт асос ёфтааст ва ба гузариш ба сатҳи баланди истеҳсолоти моддӣ ва некўаҳволии инсон, инчунин рушд ва афзоиши шахсияти инсон оварда мерасонад, фаҳмид. Тағйироти иҷтимоию иқтисодӣ дар ҳар кишвар ба сатҳи рушди иҷтимоӣ таъсир мерасонанд. Ин махсусан дар шароити бўҳрони ҷаҳонии иқтисодӣ, ки дар 10 соли охир мушоҳида шудааст, муҳим аст. Дар тўли ин солҳо даромади истеъмолкунандагон ба таври назаррас коҳиш ёфтааст, ки боиси паст шудани сифати зиндагии онҳо шудааст.

Калидвожаҳо: мушкилоти сатҳи зиндагӣ, табақаи миёна, некўаҳволии аҳолӣ, муайян кардани даромади шаҳрвандон, истеҳсоли моддӣ, ҷанбаи методологӣ.

THE MAIN PROBLEMS OF IMPROVING THE LEVEL OF WELL-BEING OF THE POPULATION OF TAJIKISTAN

SAFARZODA NAVRUZ UMARALI

Дар Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии кишвар (16.12.2025) қайд гардидаст, ки «Ба мақсади ноил гардидан ба яке аз ҳадафҳои стратегии миллӣ – саноатикунонии босуръати кишвар дар давраи татбиқи он (солҳои 2019 – 2025), яъне дар 7 соли охир беш аз 2600 корхонаи саноатӣ бо ташкили зиёда аз 87 ҳазор ҷойи корӣ сохта, ба истифода дода шудааст. Аз ин ҷост, ки дар натиҷаи тадбирҳои самараноки амалинамудаи Ҳукумати мамлакат дар соли 2024 ҳиссаи соҳаи саноат дар Маҷмӯи Маҳсулоти Дохилии кишвар ба 19 фоиз афзоиш ёфт». Вобаста ба ин, бинобар «Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» ҳиссаи саноат бояд то соли 2030 ба 22 фоиз расонида шавад [1, с.4]. Дар ин самт, ба ақидаи мо, тамоюли рушди нишондиҳандаҳои соҳаи саноати кишвар дар заминаи фаъолияти босамари корхонаҳои саноатии кишвар ва МОИ босуръат амалӣ гардида, дар марҳилаҳои рушд ҳар сол ҳиссаи он дар Маҷмӯи Маҳсулоти Дохилии кишвар ба маротиб афзуда, боиси расидан ба ҳадафи гузошташуда мегардад.

Бинобар ин, аз дастовардҳои соҳаи саноати кишвар бармеояд, ки дар марҳилаи рушди бомароми иқтисодиёти миллӣ, хусусан дар соҳаи саноат ва мунтазаму самаранок амалишавии ҳадафҳои стратегии кишвар аз ҷониби Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон эълон гардидани ҳадафи чоруми миллӣ-саноатикунонии босуръати кишвар дар заминаи татбиқи низоми индустриалӣ-аграрӣ дар минтақаҳои Тоҷикистон амали саривақтӣ мебошад [3, с.91].

Дар баробари ҳадафҳои стратегии кишвар саноатикунонӣ ҳамчун раванди мусоидаткунандаи низоми индусриалӣ-аграрӣ дар минтақаҳои мамлакат мебошад. Аз ин ҷост, ки эълон гардидани ҳадафи мазкур, пеш аз ҳама боиси дар кишвар, хусусан дар МОИ ба роҳ мондани истеҳсолоти ватанӣ, ҳамчун омили рушди иқтисодиёти миллӣ, таъмин намудани аҳолии мамлакат бо маҳсулоти истеҳсоли ватанӣ, ба хусус хӯрокворӣ ва ба содирот нигаронидани он, ташкил кардани корхонаҳои нави саноатӣ ва дар ин замина бо ҷойи корӣ ҳарчи бештар таъмин намудани аҳолӣ, рақобатпазир кардани маҳсулоти дохилӣ дар бозори ҷаҳонӣ ва афзун гардонидани истеҳсоли маҳсулоти ватании воридотивазкунанда дар раванди саноатикунонии кишвар самтҳои афзалиятнок ба шумор мегардад.

Дар асарҳои илми иқтисодӣ раванди саноатикунонӣ рушди босуръати иқтисодӣ-иҷтимоии гузариш аз низоми аграрию индустриалӣ ба индустриалӣ-аграрӣ буда, бо бартарии истеҳсолоти маҳсулоти саноатӣ дар иқтисодиёти минтақаҳои кишвар устуворӣ нишон медиҳад. Ҳамин аст, ки дар ҷараёни индустриалӣ тағйироти назаррас дар самти истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ, таъсиси ҷойҳои корӣ ба миён омада, дар натиҷа бозори ҷаҳонии маҳсулоти соҳа ва ҳамаи намуди хизматрасониҳо бо маром рушд ёфта, дар навбати худ, ҳавасмандии

раванди сармоягузорӣ ва рушди минбаъдаи иқтисодиёти минтақа афзоиш меёбад. Ин амал боис мегардад, ки бахшҳои алоҳидаи МОИ вобаста ба соҳаҳои истеҳсоли саноатӣ рушд ёфта, ҳаҷми истеҳсолот афзоиш ва рақобатнокии он дар бозори дохил ва хориҷи кишвар таъмин гардад. Дар ин самт олими ватании соҳаи иқтисод Ғаффаров Ф.М. дар таҳқиқоти худ нақши сармоягузорӣ ва МОИ дар раванди саноатикунонии кишварро аз нуқтаи назари амалигардонии стратегияи рушди соҳаи саноат баҳо дода, самаранокии онро дар татбиқи саноатикунонӣ минтақаҳои кишвар таҳқиқ карда, қайд намудааст, ки "Маҳз минтақаҳо, махсусан минтақаҳои озоди иқтисодӣ имконияти татбиқи самараноки раванди саноатикунониро дошта, дар ин самт стратегияи рушди саноатро дар кишвар таъмин менамоянд" [2, с.132].

Аз ин ҷост, ки МОИ ҳудуди махсус аз ҷониби давлат таъсисгардидае ба шумор меравад, ки дорои комилан имтиёзҳои андозӣ, боҷӣ, молиявӣ буда, дар Тоҷикистон бо мақсади таъмини низоми идустриалӣ ва татбиқи ҳадафҳои рушди иқтисодиву иҷтимоӣ дар минтақаҳо таъсис дода мешавад. Дар ин самт, ҳанӯз аз санаи 5 марти соли 2008 дар қаламрави кишвар чаҳор МОИ таъсис ёфа, аз рӯи шаклҳои зерин: МОИ "Суғд" - саноатӣ-инноватсионӣ дорои 48 субъект (35-то истеҳсолӣ, 13-то хизматрасонӣ), "Данғара"-истеҳсолӣ-инноватсионӣ дорои 33 субъект (25-то истеҳсолӣ, 8-то хизматрасонӣ), "Панҷ"-комплексӣ дорои 25 субъект (18-то истеҳсолӣ, 7-то хизматрасонӣ), "Ишкошим"-истеҳсолӣ-тиҷоратӣ дорои 5 субъект (3-то истеҳсолӣ, 2-то хизматрасонӣ) ва соли 2019 МОИ "Кӯлоб" таъсис дода шуд, шакли фаъолияташ - истеҳсолӣ буда, дорои 5 субъект мебошад фаъолиятро ба роҳ монда, дар истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ ва хизматрасонӣ саҳми худро гузошта истодаанд [10, с.84].

Бояд қайд намуд, ки дар замони муосир фаъолияти самараноки МОИ-и "Суғд", "Панҷ", "Данғара" ва "Ишкошим" ба ҳалли мушкилоти бо минтақаҳои алоҳидаи ҷумҳурӣ алоқаманд бо раванди босуръати рушди иҷтимоӣ-иқтисодӣ, паст намудани сатҳи бекорӣ, ташкили ҷойҳои нави корӣ, рушди соҳибкории истеҳсолӣ ва ғайра мусоидат менамояд. Зарур мешуморем, ки барои ин, пеш аз ҳама, бояд корҳои муҳим оид ба сохтмон ва беҳтарсозии инфрасохтор, маблағгузорӣ ва фаъолнокии ин минтақаҳо ҷоннок карда шаванд [2, с.135].

Маъмулан чунин минтақаҳо дар аксари гӯшаҳои ҷаҳон бо намудҳои гуногун арзи ҳастӣ кардаанд, ки онҳо бо вазифаҳояшон аз ҳамдигар фарқ мекунанд. Инчунин, таъсиси ҳар як МОИ ҳадафҳои мушаххас дорад ва ҳадафҳо метавонанд аз ҳалли мушкилоти иқтисодӣ, саноатӣ, сиёсӣ ва иҷтимоии кишвар иборат бошанд. Бо назардошти ин, МОИ одатан ба минтақаҳои тиҷоратӣ, истеҳсолӣ ва технологии инноватсионӣ тақсим мешаванд. Минтақаҳои махсуси иқтисодӣ дар зиёда аз 120 давлати дунё мавҷуданд, ки афзоиши содирот ва шуғли аҳолиро дар кишварҳои худ ҳавасманд мекунанд. Мувофиқи маълумоти мавриди таҳлил мо, то соли 2025 ҳаҷми савдои молу маҳсулоти МОИ аз 30 то 40 фоизи савдои ҷаҳонро ташкил хоҳад дод. Нақши МОИ дар иқтисоди ҷаҳонӣ пайваста афзуда, дурнамои захираҳои сармоягузориро пешбинӣ мекунад ва рушди устувори раванди истеҳсолиро дар саноат таъмин менамояд [2, с.131].

Мусаллам аст, ки фаъолияти МОИ заминаи устуворе ҷиҳати татбиқи технологияҳои нави соҳавӣ, истифодаи равандҳои инноватсионӣ дар истеҳсолоти саноатӣ, татбиқи раванди индустриалӣ дар соҳа, истеҳсоли маҳсулоти нав ва батанзимдарории механизмҳои ҳамгироӣ байни давлат, тиҷорати дохила ва амалишавии лоиҳаҳои сармоягузорони дохилию берунӣ мебошад.

Боиси қайд аст, ки дар минтақаи шимоли Ҷумҳурии Тоҷикистон МОИ "Суғд" фаъолияти босамар дошта, аз оғози фаъолият ба натиҷаҳои назаррас ноил гардида, дар самти истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ бо ҷорӣ намудани технологияи муосир ва ҷалби сармоягузориҳои дохиливу хориҷӣ яке аз минтақаҳои фаъоли кишвар ба ҳисоб меравад. Фаъолияти МОИ "Суғд" асосан аз саноатию истеҳсолӣ ва инноватсионӣ иборат буда, дар минтақа муҳити мувофиқ ва шароити хуб барои сармоягузорон, махсусан имтиёзҳои андоз ва гумрукӣ фароҳам карда, субъектҳои гуногуни истеҳсолӣ ба қайд гирифта шудаанд [4, с.11].

Дар иртибот бо нуктаҳои боло марҳилаи кунунии рушди иқтисодиёти Тоҷикистон бо маҳдудияти назарраси маблағҳои буҷетӣ, ки бо тағйирёбии нархҳои ҷаҳонии ашёи хом ва

мураккаб шудани вазъи иқтисодӣ бо назардошти таҳримот алоқаманданд, тавсиф карда мешавад [5, с.282]. Ҳукумат бояд ба рушди соҳаи иқтисодиёт, хусусан саноат, ки дар кишвари мо ба заминаҳои устувор, аз қабили афзунии қувваи корӣ ва ашёи хом, доро аст, мусоидати бештар кунад. Мусаллам аст, ки барои амалишавии ҳадафи саноатикунонии кишвар омилҳои зарурӣ, пеш аз ҳама, қувваи барқ ва сармоягузорӣ басанда ҳастанд.

Рушди минтақавии соҳаи саноат аз фаъолияти босамари корхонаҳои комплекси агросаноатӣ вобастагии калон дошта, такмили инфрасохтори истеҳсолии корхонаҳои мазкур дар минтақаҳои кишвар бо мақсади саривақт коркард кардани ашёи хоми соҳаи кишоварзӣ дар мадди аввал гузоштан боиси рақобатпазирии маҳсулоти ватанӣ мегардад. Зеро минтақаҳои кишвар имтиконияти васеи ба роҳ мондани истеҳсолоти маҳсулоти саноатии рақобатпазирро дошта, онҳо яке аз омил ва пойгоҳи асосии татбиқу ташаккули иқтисодиёти индустриалӣ-аграриро доранд [6, с.57].

Бинобар ин, раванди амалишавии ҳадафҳои стратегии мамлакат дар замони хеле душвори иқтисодӣ, ки тамоми ҷаҳонро фаро гирифтааст, марҳила ба марҳила ба роҳ монда шуда, дар солҳои соҳибистиқлолӣ аз тарафи ҳукумат баҳри таҳаввулоти саноатӣ таваҷҷӯҳи зиёд зоҳир мегардад [7, с.152]. Ба андешаи мо, баҳри амалӣ намудани ҳадафи мазкур ва ба кор андохтани иқтидорҳои нав ба нави истеҳсолӣ саҳм ва ҷойгоҳи энергетика назаррас мебошад. Иқрор бояд шуд, ки имрӯз дар Тоҷикистон саноат ба қувваи барқ эҳтиёҷ дорад. Вобаста ба ин, аз ҷониби Ҳукумати кишвар барои муҳайё кардани иқтидорҳои нави истеҳсоли қувваи барқ тадбирҳои муассир андешида мешаванд, ки қадами устувор дар рушди иқтисодиёт ва саноатикунонии кишвар мебошад.

Ҳамазамон дар ин самт самаранок ва бемайлон афзоиш бахшидани сармоягузории дохилӣ ва хориҷӣ дар рушди МОИ боис мегардад, ки раванди индустриалӣ-аграрӣ дар минтақа саривақт таъмин гардад. Зеро, дар ҷалби сармояи дохилӣ ва хориҷӣ ҷиҳати татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ, таъсиси корхонаҳои нави истеҳсолӣ нақши МОИ муҳим буда, барои фаъолияти босамари субъектони истеҳсолӣ шароит фароҳам меоварад. Инчунин дар минтақаҳои ҷумҳурӣ лоиҳаҳои соҳавии татбиқшаванда ба манбаъҳои асосии сармоягузорӣ эҳтиёҷ дошта, ин муаммои асосӣ мебошад, зеро бе сармояи кофӣ фаъолияти мунтазами соҳаро таъмин кардан ғайриимкон аст. Аз ин рӯ, дар ҷадвали зер саҳми лоиҳаҳои мақсадноки сармоягузорӣ дар соҳаҳои гуногуни минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистонро дида мебароем.

Ҷадвали 1. – Нишондиҳандаҳо оид ба лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон: аз рӯи соҳаҳо (с. 2025)

Кишвар минтақаҳо	Миқдори лоиҳаҳо вобаста ба соҳаҳо							Ҳамагӣ лоиҳаҳо	*дар %*
	Гидроэнергетика	Саноати кӯҳӣ	Инфрасохтор	Саноати сабук	Соҳаҳои кишоварзӣ	Сектори иҷтимоӣ	Туризм		
Тоҷикистон	**54**	**27**	**21**	**45**	**18**	**20**	**11**	**196**	**100**
Суғд	18	14	4	8	2	5	3	54	27,5
Хатлон	14	4	3	4	2	4	3	34	17,3
НТҶ	12	6	12	31	13	10	4	88	45,0
ВМКБ	10	3	2	2	1	1	1	20	10,2

Манбаъ: Додаҳои Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон // www.investcom.tj [8, с.15]

Аз маълумоти ҷадвал бармеояд, ки дар вилояти Суғд ҳамагӣ 54 лоиҳаи сармоягузорӣ таҳия шудааст, ки ин нишондод нисбат ба миқдори умумии лоиҳаҳои дар кишвар таҳиягардида 27,5% - ро ташкил дода, қисми зиёди онҳо ба соҳаҳои саноат (22 лоиҳа) ва энергетика (18 лоиҳа) нигаронида шудаанд. Аз миқдори умумии лоиҳаҳои дар вилояти Суғд

таҳиягардида 17-тоашон (31%) ба МОИ – и Суғд рост меоянд. Тасаввур метавон кард, ки агар лоиҳаҳои таҳияшуда сари вақт сармоягузорӣ шаванд, иқтидорҳои азими саноатӣ бунёд гардида, рушди иқтисоди миллӣ хеле ҷоннок карда мешаванд.

Аз маълумоти ҷадвал бар меояд, ки дар солҳои охир ҳаҷми сармоягузориҳои мустақим дар МОИ-и кишвар афзоиш ёфтааст. Масалан, ин нишондод дар МОИ-и «Суғд», тибқи маълумоти оморӣ, ҳаҷми умумии сармоягузорӣ ва андозҳои пардохтшуда суръати болоравиро инъикос намудааст [9, с. 85].

Бояд тазаккур дод, ки МОИ пойгоҳе барои татбиқи технологияҳои нав, истифодаи инноватсия дар истеҳсолот, азхудкунии истеҳсоли маҳсулоти нав ва батанзимдарории механизмҳои ҳамгироӣ байни давлат, бизнеси дохила ва сармоягузорони берунӣ инчунин амалишавии лоиҳаҳои сармоягузорӣ мебошад. Аз маълумотҳои оморӣ мушоҳида мегардад, ки ҳаҷми сармоягузориҳои мустақим дар МОИ кишвар дар соли 2025 андозаи 65,1 млн. сомониро ташкил дод. Саҳми асосии сармоягузориҳои азхудшуда ба минтақаҳои озоди иқтисодии «Суғд»-26 млн. сомонӣ ва «Данғара»-41,3 млн. сомонӣ рост меояд [10, с. 85].

Боиси қайд аст, ки дар ҳама давру замон фаъолияти минтақаҳои озоди иқтисодӣ ҷиҳати рушди истеҳсолоти маҳсулоти саноатӣ ва хизматрасонӣ нақши муассир дошта, дар афзоиш додани ҳаҷми маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ саҳми арзандаи худро мегузоранд. Хусусан дар самти таъмини аҳолии минтақа бо ҷойи корӣ, маҳсулоти ниёзи аввал ва коркарди ашёи хоми маҳаллӣ дар татбиқи низоми индустриалӣ-аграрӣ дар кишвар саҳми босазо мегузоранд.

Ҳанӯз аз оғози фаъолият (с.2008) ба минтақаҳои озоди иқтисодии мамлакат сармоягузории мустақим ба маблағи 2,13 млрд. сомонӣ равона гардидааст, ки нишондиҳандаи мазкур дар вазъи феълии новобаста аз буҳрони иқтисодӣ ҳам назаррас арзёбӣ мегардад. Агар барои мисол ҳаҷми сармоягузорӣ дар МОИ “Суғд”-ро гирем, маълум мегардад, ки аз оғози фаъолияти он пардохти андозҳо дигаргун шудааст, ки онро аз диаграммаи зерин бахубӣ метавон дид.

Диаграммаи 1. – Маълумот оид ба вазъи иқтисодии фаъолияти МОИ – и “Суғд” дар солҳои 2016-2025 (бо сомонӣ) [4, с. 177]



Аз таҳлили диаграмма бармеояд, ки ҳаҷми сармоягузориҳо ба МОИ “Суғд” дар солҳои 2016-2025 тамоюли афзоишро касб кардааст. Агар, ҳамчун мисол, мо маблағҳои умумии пардохти андозро дар ин давра бинем, маълум мегардад, ки ҳаҷми умумии он 10 маротиба афзоиш ёфтааст, яъне аз 1566 ҳазор сомонӣ то ба 15672 ҳазор сомонӣ расидааст.

Сабаби асосии зиёд гардидани ҳаҷми истеҳсолот афзоиши ҳаҷми сармоягузорӣ дар соҳаи саноат мебошад, ки аз 1,5 млн. сомонӣ то 14,3 млн. сомонӣ расидааст. Ба андешаи мо, сабаби ин болоравиҳо ба якчанд омил вобаста аст. Пеш аз ҳама, дуруст интихоб намудани стратегияи рушди иқтисодии давлат, аз тарафи дигар, дар асоси қонун зиёд кардан ва

ҳавасмангардонии субъектҳои иқтисодӣ барои ҷоннок кардани фаъолият дар МОИ мебошад [7, с. 86]. Инчунин, бо мақсади баланд бардоштани ҳаҷми содирот дар низоми гардиши савдои хориҷӣ корхонаҳои дар ҳудуди МОИ қайдшуда самаранок ва устувор фаъолият кардаанд, иқтидорҳои истеҳсолӣ мақсаднок истифода бурда шудаанд.

Вобаста ба ин, бино бар маълумоти оморӣ, дар соли 2025 дар минтақаҳои озоди иқтисодии кишвар маҳсулоти саноатӣ ба маблағи 141,7 млн.сомонӣ истеҳсол карда шудааст, ки нисбат ба соли 2024 42,6% зиёд мебошад. Ин нишондиҳанда дар МОИ-и “Суғд” 116,1 млн. сомонӣ, “Данғара” 25,3 млн. сомонӣ, “Панҷ” 0,293 млн. сомонӣ ва “Ишкошим” 0,036 млн. сомониро ташкил кардааст. Аз ин бармеояд, ки 82%-и ҳаҷми истеҳсоли молҳои саноатии кишвар ба МОИ-и “Суғд” рост омада, саҳми ин минтақа дар рушди иқтисоди миллӣ ва расидан ба ҳадафи индустриалӣ-аграрӣ назаррас мебошад. Барои таҳлил афзалиятҳои истеҳсолии МОИ-и “Суғд”-ро нисбат ба дигар минтақаҳо дар диаграммаи зерин манзур менамоем.

Диаграммаи 2. – Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар МОИ-и Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2024-2025, млн.сомонӣ [2, с.136]



Аз нишондиҳандаҳои диаграмма бармеояд, ки ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот дар МОИ-и “Суғд” нисбат ба дигар минтақаҳо зиёдтар мебошад. Мушаххасан дар минтақаҳои мазкур ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот дар соли 2025 нисбат ба соли 2024 ба андозаи 145% зиёд гардидаст. Ин нишондиҳанда дар минтақаҳои “Данғара” ба андозаи 133% ва “Панҷ” 117% мебошад. Сабаби зиёд гардидани нишондиҳандаҳои истеҳсолии МОИ-и “Суғд”-ро дар рушди соҳаи сармоягузорӣ дар ин минтақа ва бо мутахассисони баландихтисос таъмин будани он медонем. Ба андешаи мо, чунин фаъолияти ибратпазири МОИ-и “Суғд” дар заминаи иқтидорҳои истеҳсолӣ ва ворид намудани технологияҳои нави инноватсионӣ, афзун намудани истеҳсоли намудҳои гуногуни маҳсулот дар роҳи амалишавии ҳадафи стратегии мамлакат такони ҷиддӣ хоҳад шуд [10, с. 87].

Инчунин қайд кардан хеле муҳим аст, ки ташаккули МОИ дар сатҳи минтақавӣ ба таҳкими масъулияти ҳукуматҳои маҳаллӣ ва сабук кардани баъзе масъулиятҳо барои қарорҳои идоракунии мақомоти ҳокимияти маҳаллӣ мусоидат хоҳад кард. Бо вуҷуди ин дар ин самт мушкилоти ҳалталаб ҷой доранд, ин тақсимоти маблағҳо аз буҷаи давлат дар МОИ муддати тӯлонӣ бесамар буд ва ин ба ҳеҷ сурат сармояҳои ба онҳо воридшударо ҷуброн намекунад. Сарфи назар аз гуногунии минтақаҳои озоди иқтисодӣ дар ҷаҳон, як қатор хусусиятҳои умумиҷаҳониро қайд кардан мумкин аст, ки метавонанд ба ҳама гуна минтақаҳо дахл дошта бошанд:

• истифодаи имтиёзҳо ва ҳавасмандиҳои гуногун, ки бо мақсади фароҳам овардани шароити мусоид барои соҳибкорӣ ва сармоягузорӣ дар қаламрави минтақа, қонеъ кардани ниёзҳои сокинон ва сармоягузорон пешбинӣ шудаанд (яъне таъмин намудани аҳолии минтақа бо молҳои ниёзи аввалия ва хизматрасониҳои гуногуни ичтимоӣ ба онҳо);

• мавҷудияти низоми маҳаллии нисбатан ҷудошудаи мақомоти идоракунии минтақаи махсус, ки дар ихтиёри худ ҳуқуқи қабули қарорҳои мустақилро дар доираи васеи иқтисодӣ доранд (яъне бо қабули қарорҳои дахлдори соҳавӣ пешбурдани фаъолияти самараноки соҳибкории истеҳсолӣ бо мақсади асоси ҳуқуқӣ пайдо кардани кори онҳо);

• дастгирии лоиҳаи МОИ аз ҷониби мақомоти марказӣ, минтақавӣ ва ҳукумати маҳаллӣ (яъне дар асоси қабули стратегия ва барномаҳои давлатӣ дастгирӣ намудани лоиҳаҳои соҳавӣ аз тарафи ҳукуматҳои маҳаллӣ);

• ташкили бузургтарин МОИ барои содироти мол ба бозори ҷаҳонӣ ва ҷалби сармояи хориҷӣ (яъне ташкили минтақаи бузурги саноатию хизматрасонӣ дар минтақаҳои кишвар бо мақсади ҷалби сармояи хориҷӣ ва содироти маҳсулот ба бозорҳои байналмилалӣ).

Дар ҳамин ҷода пешниҳод менамоем, ки баҳри пешрафти соҳа ва таъмини МОИ-и кишвар бо мутахассисони баландихтисоси соҳавӣ дар мавридҳои созгор дар муассисаҳои марбутаи таълимии мамлакат доир ба хусусиятҳо, қоидаву қонуниятҳо ва бартариятҳои фаъолият дар МОИ пайваста омӯзонида шаванд.

Имрӯз гуфта метавонем, ки дар қаламрави кишвар дурнамои ташкили минтақаи махсуси иқтисодӣ вуҷуд дошта, дар ин замина дар маҳалҳои муносиб минтақаи махсуси сайёҳӣ ва фароғатӣ таъсис додан манфиатбахш хоҳад буд. Бидуни шубҳа, чунин тадбир ба маҳалҳое, ки ба сармоягузориҳои гуногун ниёз дорад, метавонист бештар манфиат орад.

Бо мақсади марҳила ба марҳила амалӣ намудани раванди индустриалӣ-аграрии кишвар ба рушди соҳибкорӣ (хурду миёна), махсусан соҳибкории истеҳсолӣ ва ҷоннок намудани фаъолияти сармоягузорӣ, диққати махсус додан зарур аст. Ба соҳибкории хурду миёна, дар навбати аввал ба соҳибкорони соҳаҳои истеҳсоли ватанӣ, ки дар МОИ фаъолият мебаранд, ҳарчи бештар имтиёзҳои андозӣ дода шаванд [11, с. 395]. Бо назардошти шароити хуби табиӣ муҳим аст, ки коркарди оқилонаву мақсадноки маҳсулоти (ашёи хоми) соҳаи кишоварзӣ дар сатҳи сифатан нав ба роҳ монда шавад.

Ҳамин тариқ, аз таҳқиқоти боло бармеояд, ки фаъолияти пурраву босамар ва устувори МОИ дар кишвар имконият медиҳад, ки дар марҳилаҳои рушди иқтисодӣ мушкилоти дар минтақаҳои ҷумҳурӣ, хусусан дар самти босуръати тараққиёти иқтисодӣ-иҷтимоӣ, гузариш аз низоми аграрӣ-индустриалӣ ба индустриалӣ – аграрӣ, бунёди корхонаҳои нави саноатӣ, коҳиш додани сатҳи бекорӣ, таъсиси ҷойҳои нави кории инноватсионӣ, рақобатпазирии молу маҳсулоти ватанӣ ва ғайра ҷойдошта ҳал карда шуда, заминаҳои устувори рушди иқтисоди миллӣ таъмин гардад.

Хулоса, фаъолияти МОИ дар минтақаҳои кишвар боиси истифодаи самаранок ва мақсадноки иқтидорҳои истеҳсолӣ аз қабили ашёи хоми маҳаллӣ, қувваи корӣ, инфрасохтори истеҳсолӣ, сармояи дохилӣ ва дигар манбаъҳои истеҳсолӣ мегардад, ки дар як вақт ҷиҳати таъмини раванди саноатикунонии босуръат дар кишвар ва дар якҷоягӣ низоми индустриалӣ-аграриро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ менамоянд. МОИ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо фароҳам овардани шароит ҷиҳати фаъолияти босамар аз тарафи давлат ба яке аз минтақаҳои фаъоли истеҳсолӣ табдил ёфта, марҳилаҳои рушди иқтисоди миллиро таъмин хоҳанд кард. Ҳамзамон дар рақобатпазирии молу маҳсулот ва таъмини ҳаҷми маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ саҳми босазо доранд. Инро дар мисоли МОИ “Суғд”, ки яке аз минтақаҳои фаъоли саноатӣ маҳсуб меёбат метавон мушоҳида кард, ки бо истифодаи самараноки иқтидорҳои истеҳсолии мавҷуда ба иҷропазир будани ҳадафҳои стратегии кишвар аз ҷумла саноатикунонии босуръат ба таври равшан далолат дода, аз ояндаи неки соҳаи саноат ва тараққиёти соҳа гувоҳӣ медиҳад.

МОИ метавонанд ҳамчун як платформаи таҷрибавӣ барои барномаҳои минтақавии рушди тиҷорати хурд баромад кунанд, аммо набояд фаромӯш кард, ки тиҷорати калон қодир аст дар атрофи худ муҳити зарурии иҷтимоию иқтисодиро ташаккул диҳад. Маҳз корхонаҳои

калон бояд аз ҳисоби буҷаи минтақавӣ дастгирии васеъ дошта бошанд, ки қобилияти молиявии эҷоди инфрасохтори заруриро дошта бошанд ва мувофиқан, қобилияти нигоҳ доштани фаъолияти иқтисодӣ дар қаламрави минтақаи озоди иқтисодиро дошта бошанд. Ғайр аз ин, онҳо барои дастгирии молиявии тиҷорати хурд захираҳои кофӣ доранд.

АДАБИЁТ:

1. Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз 16.12.2025 ш.Душанбе. www.president.tj. (Санаи мурочиат 20.01.2026).
2. Ғаффаров Ф.М. Нақши сармоягузорӣ ва МОИ дар раванди саноатикунонии кишвар/мақолаи илмӣ/Душанбе: Ахбори Донишгоҳи миллӣ, 2019. – С. 130-139.
3. Мирсаидов А.Б. Соҳибистиқлолӣ ва рушди иқтисоди миллӣ-Хуҷанд, 2018, - С.252.
4. Маълумоти омории Сарраёсати Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Суғд дар соли 2025. – С. 385.
5. Мадаминов А.А. Проблемы устойчивого развития аграрного сектора Таджикистана. – Душанбе, 2016. – С.281-283.
6. Назаров А.А. Региональные особенности формирования и развития предпринимательства // Вестник ТГУПБП, Худжанд, 2012.-№1.-С.56-61.
7. Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон // Маҷмӯаи омории Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2025. - С. 465.
8. Сомонаи расмии Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон // www.investcom.tj. (санаи мурочиат 08.01.2025)
9. Сомонаи расмии МОИ - Ҷумҳурии Тоҷикистон // info@fez.tj. (санаи мурочиат 02.01.2025)
10. Солиев, Ҳ.А. Минтақаи озоди иқтисодии Суғд ва нақши он дар саноатикунонии босуръати кишвар / М.М. Шарифзода // Ахбори Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон, Силсилаи илмҳои ҷомеашиносӣ. – 2021. – №1 (86). – С. 81-88.
11. Солиев Ҳ.А. Раванди индустриалӣ-аграрӣ дар иқтисодиёти кишвар, муаммоҳо ва дурнамои рушд // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон, Силсилаи илмҳои ҷомеашиносӣ. – Душанбе, 2025. – №4/1 (59). – С. 395-400.

УДК 338.45:330.34(575.3)

САҲМИ ИҚТИДОРҲОИ САНОАТӢ ДАР ТАЪМИНИ САНОАТИКУНОНИИ БОСУРЪАТ ВА РУШДИ ИҚТИСОДИ МИЛЛӢ

СОЛИЕВ ҲОМИДҶОН АБДУМАННОНОВИЧ
Номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи маркетинг-агробизнеси
Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон.
Суроға: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Хуҷанд, мкр-н 17, бинои 1.
Тел.: (+992) 92 752-22-44, **E-mail:** anisjon_2014@mail.ru.
БОБОҶОНОВА ЗАРРИНА ҒАНИЕВНА
Номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи маркетинг-агробизнеси
Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон.
Суроға: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Хуҷанд, мкр-н 17, бинои 1.
Тел.: (+992) 927-60-11-60, **E-mail:** zarinakhon.boboonova.79@mail.ru.

Аннотатсия: Дар мақола масъалаҳои вобаста ба истифодаи иқтидорҳои саноатии кишвар, минтақаҳои саноатӣ ва мавқеи онҳо дар рушди соҳаи саноати кишвар бо мақсади расидан ба ҳадафи саноатикунонии босуръат мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Инчунин ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва минтақаҳои алоҳидаи он,

саҳми минтақаҳо дар таъмини ҳаҷми маҷмӯи маҳсулоти саноатии кишвар, рушди соҳаи саноат дар панҷ соли охир мавриди таҳлил қарор гирифтааст. Исбот гардидааст, ки минтақаҳои кишвар бо таъсиси корхонаҳои нави саноатӣ дар солҳои таҳлилӣ ҳаҷми истеҳсоли маҳсулотро афзоиш дода, нишондиҳандаҳои соҳаро дар сатҳи назаррас нигоҳ доштаанд. Аз таҳлилҳо муайян карда шудааст, ки ҳар як минтақа вобаста ба иқтидори истеҳсолӣ ва истифодаи самараноки он дар ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатии кишвар ҳиссаи назарраси худро гузоштаанд.

Ҳамзамон, нақши соҳаи саноати вилояти Суғд дар таъмини нишондиҳандаҳои соҳаи саноати ҷумҳурӣ, шумораи корхонаҳои вилоят, ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот, суръати рушди соҳаи саноат дар вилоят таҳқиқ гардидааст. Самтҳои минбаъдаи рушди соҳаи саноат дар вилоят бо истифода аз стратегия ва барномаҳои давлатӣ ва иқтидорҳои мавҷуда муайян ва баррасӣ карда шудааст.

Калидвожаҳо: саноатикунонии босуръат, иқтисоди миллӣ, саноат, сармоягузорӣ, иқтисодиёт, иқтидор, стратегия, минтақаҳо, инфрасохтори истеҳсолӣ, энергетика.

ВКЛАД ПРОИЗВОДСТВЕННЫХ МОЩНОСТЕЙ В ОБЕСПЕЧЕНИЕ УСКОРЕННОЙ ИНДУСТРИАЛИЗАЦИИ И РОСТА НАЦИОНАЛЬНОЙ ЭКОНОМИКИ

СОЛИЕВ ХОМИДЖОН АБДУМАННОНОВИЧ
Кандидат экономических наук, доцент кафедры маркетинга-агробизнеса
Таджикского государственного университета права, бизнеса и политики.
Адрес: 735700, Республика Таджикистан, г. Худжанд, улица 17, корпус 1.
Тел.: (+992) 92 752-22-44. **E-mail**: anisjon_2014@mail.ru.
БОБОДЖОНОВА ЗАРРИНА ГАНИЕВНА
Кандидат экономических наук, доцент кафедры маркетинга-агробизнеса
Таджикского государственного университета права, бизнеса и политики.
Адрес: 735700, Республика Таджикистан, г. Худжанд, улица 17, корпус 1.
Тел.: +992 927-60-11-60, **E-mail:** zarinakhon.boboonova.79@mail.ru.

Аннотация: В статье рассматриваются вопросы использования промышленных мощностей и промышленных зон страны, а также их роль в развитии национального промышленного сектора с целью достижения ускоренной индустриализации. Кроме того, анализируются объемы промышленного производства в Республике Таджикистан и отдельных ее регионах, вклад этих регионов в общий объем промышленного выпуска страны, а также развитие промышленного сектора за последние пять лет. Было показано, что благодаря созданию новых промышленных предприятий в рассматриваемый период регионы страны нарастили объемы производства и сохранили отраслевые показатели эффективности на высоком уровне. Анализ свидетельствует о том, что каждый регион внес существенный вклад в совокупный объем промышленного производства страны, соразмерный его производственному потенциалу и эффективности его использования.

Наряду с этим был проведен анализ роли промышленного сектора Согдийской области - в частности, его вклада в общенациональные показатели промышленности, количества предприятий, объемов производства и темпов роста отрасли. Были определены и рассмотрены перспективные направления развития промышленности региона с учетом государственных стратегий и программ, а также имеющегося потенциала.

Ключевые слова: ускоренной индустриализация, национальная экономика, промышленность, инвестиции, экономика, производственные мощности, стратегия, регионы, производственная инфраструктура, энергетический сектор.

THE CONTRIBUTION OF PRODUCTION CAPACITIES TO ACCELERATED INDUSTRIALIZATION AND NATIONAL ECONOMIC GROWTH

SOLIEV HOMIDJON ABDUMANNONOVICH
Candidate of economy, associate professor of marketing-agribusiness department of Tajik State University of Law, Business and Politics. **Address:** 735700, Republic of Tajikistan, Khujand, street 17, building 1. **Phone:** (+992) 92 752-22-44, **E-mail:** anisjon_2014@mail.ru.
BOBOJONOVA ZARRINA GANIEVNA
Candidate of economy, associate professor of marketing-agribusiness department of Tajik State University of Law, Business and Politics. **Address:** 735700, Republic of Tajikistan, Khujand, street 17, building 1. **Phone:** (+992) 927-60-11-60, **E-mail:** zarinakhon.boboonova.79@mail.ru.

Abstract: The article examines issues regarding the utilization of the country's industrial capacities and industrial zones, as well as their role in the development of the national industrial sector aimed at achieving accelerated industrialization. Furthermore, it analyzes industrial production volumes in the Republic of Tajikistan and its specific regions, the contribution of these regions to the country's total industrial output, and the development of the industrial sector over the past five years. It has been shown that, thanks to the establishment of new industrial enterprises during the period under review, the country's regions increased their production volumes and maintained high levels of sectoral performance efficiency. The analysis indicates that each region made a significant contribution to the country's total industrial output, commensurate with its production potential and the efficiency of its utilization.

In addition, an analysis was conducted regarding the role of the industrial sector in the Sughd Region—specifically its contribution to national industrial indicators, the number of enterprises, production volumes, and the sector's growth rates. Promising avenues for the region's industrial development were identified and examined, taking into account state strategies and programs as well as existing potential.

Key words: accelerated industrialization, national economy, industry, investments, economy, production capacities, strategy, regions, production infrastructure, energy sector.

Сарсухан. Дар замони муосир ҷиҳати рушди соҳаҳои иқтисодиёти кишвар истифодаи захираҳои мавҷуда дар минтақаҳо вобаста ба самти истеҳсолоти саноатӣ аҳамияти калидӣ дорад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва минтақаҳои он иқтидорҳои саноатӣ хеле зиёд буда, истифодаи самараноки онҳо дар раванди такрористеҳсоли саноатӣ ва ба кор андохтани коргоҳҳои нави истеҳсолӣ бештар мусоидат менамояд.

Мавҷудияти захираҳои меҳнатӣ, инфрасохтори истеҳсолӣ, ашёи хоми маҳаллӣ ва фароҳам овардани шароити истеҳсолӣ дар минтақаҳои кишвар боиси рушди бо мароми истеҳсолоти саноатӣ гардида, ҷиҳати афзун намудани номгӯи маҳсулоти саноатӣ, рақобатпазир намудани он дар бозори дохиливу байналмиллалӣ ва истеҳсоли маҳсулоти баландсифати воридотивазкунанда аз самараҳои минтақавии рушди саноат мебошад.

Асосогузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёмҳои худ пайваста доир ба рушди истеҳсолоти ватанӣ, ба кор андохтани иқтидорҳои нави саноатӣ, таъмини ҷойҳои нави корӣ, афзоиш додани ҳаҷми содироти маҳсулот таъкидҳо мекунанд.

Вобаста ба ин ҷиҳати дар амал татбиқ намудани сиёсати давлат дар соҳаи саноат, рушди истеҳсолоти ватанӣ, афзоиш додани номгуи маҳсулоти саноатии ватанӣ, дар бозорҳои дохиливу хориҷӣ таъмини рақобатпазирии маҳсулоти саноатӣ, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ (соли 2018) саноатикунонии босуръати кишварро ҳадафи чоруми стратегӣ эълон намуданд. Инчунин дар доираи ин ҳадаф ҷиҳати таъмини босуръати марҳилаҳои амалишавии ҳадафи мазкур, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар

паёми худ (соли 2021) солҳои 2022-2026-ро “Солҳои рушди саноат” эълон намуданд, ки ин ҳама боиси афзоиши нишондиҳандаҳои соҳа гардидааст [1].

Мақсади таҳқиқот. Муайян ва таҳқиқ намудани ҷанбаҳои фаъолияти корхонаҳои саноатии минтақаҳо ва нақши онҳо дар таъмини рушди соҳаи саноати кишвар ва татбиқи ҳадафи саноатикунонии босуръат, арзёбии рушди иқтисодиёти миллӣ дар минтақаҳо ва пешниҳоди чораҳои зарурӣ ҷиҳати истифодаи мақсадноки иқтидорҳои истеҳсолии минтақаҳои саноатии кишвар мебошад. Инчунин таҳлили нишондиҳандаҳои иқтисодии минтақаҳо, хусусан дар самти таъсиси корхонаҳои саноатӣ ва афзоиши ҳаҷми маҳсулоти саноатӣ, муайян намудани самтҳои минбаъдаи рушди истеҳсолоти саноати минтақа мебошад. Аз ин рӯ, дар таҳқиқоти худ оид ба самаранокии иқтисодии истифодаи иқтидорҳои саноатӣ, саҳми истеҳсолоти корхонаҳои саноатии вилояти Суғд дар рушди иқтисоди миллӣ, саҳми корхонаҳои саноатӣ дар раванди саноатикунонии босуръати кишвар ва омилҳои мусоидаткунанда ба рушди соҳаи саноатро мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор додем.

Мавод ва методҳои таҳқиқот. Пояи иттилоотии таҳқиқотро Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 [10], Стратегияи рушди саноат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 [11], Барномаи саноатикунонии босуръати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2025 [2], дигар барномаҳои давлатии соҳавӣ ва асарҳои олимони ватаниву хориҷӣ доир ба масъалаи таҳқиқшаванда, ҳамчунин маводи омории Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил доданд. Дар рафти таҳқиқ усулҳои таҳлилию муқоисавӣ, арзёбии коршиносӣ ва ғайра истифода шудаанд.

Натиҷаҳои тадқиқот. Мусаллам аст, ки дар ҷодаи афзоиш додани истеҳсолоти маҳсулоти саноатӣ саҳми минтақаҳои кишвар дар алоҳидагӣ мушоҳида мегардад. Зеро ҳар минтақаҳои Тоҷикистон дорои захираҳои истеҳсолии ба худ хос, аз ҷумла қувваи корӣ, ашёи хоми маҳаллӣ, инфрасохтори саноатӣ ва фазои сармоягузорӣ мебошанд. Вилояти Суғд ҳам дар қатори минтақаҳои рушдкардаи соҳаи саноат маҳсуб ёфта, дар маҷмӯи маҳсулоти саноатии кишвар ба андозаи наздик 60 фоиз саҳми арзанда гузошта, дар ҷодаи истифодаи захираҳои истеҳсолии минтақавӣ бо истифода аз фазои мусоиди сармоягузорӣ, ҷорӣ намудани технологияи инноватсионӣ дар раванди истихроҷи канданиҳои фоиданок ва коркарди онҳо, ташкили бомароми истеҳсолоти корхонаҳои комплекси агросаноатӣ дар шаҳру ноҳияҳои манбаи ашёи хоми саноатӣ мавқеи хосаро касб кардааст.

Аз ин рӯ, дар таҳқиқот ҷиҳати муайян намудани раванди рушди соҳаи саноат ва мавқеи минтақаҳои кишвар дар афзоиши ҳаҷми маҳсулоти саноатии ҷумҳурӣ, бо истифода аз нишондиҳандаҳои соҳаи саноати вилояти Суғд, дар ҷадвали зерин саҳми саноати вилоятро нисбат ба дигар минтақаҳои кишвар муайян ва онро мавриди таҳлил қарор додем.

Аз маълумоти ҷадвали мазкур бармеояд, ки дар ҷодаи истеҳсолоти саноатӣ саҳми минтақаҳои кишвар назаррас буда, мутаносибан аз ҳамдигар фарқ мекунанд. Ҳамин тавр, дар ин самт вилояти Суғд ба андозаи 59,2 фоиз дар истеҳсолоти саноатии кишвар саҳмгузор мебошад.

Дигар минтақаҳо, аз ҷумла шаҳри Душанбе 10,4 фоиз, вилояти Хатлон 21,1 фоиз, Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон 0,5 фоиз ва Ноҳияҳои Тобеи Ҷумҳурӣ 8,8 фоиз дар рушди истеҳсолоти саноатии кишвар саҳмгузорӣ кардаанд. Афзоиши ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ бошад, дар панҷ соли таҳлилӣ мутаносибан мувофиқи минтақаҳо назаррас арзёбӣ гардида, тибқи маълумотҳои оморӣ чунин нишондиҳандаро ташкил додааст: дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 38829 миллион сомонии соли 2021 ба 66726,1 миллион сомонӣ дар соли 2025 расида, 27897 миллион сомонӣ ё 1,7 баробар афзудааст.

Ин нишондиҳанда дар минтақаҳои кишвар, аз ҷумла дар шаҳри Душанбе аз 3339,4 миллион сомонии соли 2021 ба 6800 миллион сомонӣ дар соли 2025 расида, 3461 миллион сомонӣ ё 2,0 баробар афзудааст, дар вилояти Суғд аз 21064,8 миллион сомонии соли 2021 ба 39146,4 миллион сомонӣ дар соли 2025 расида, 18082 миллион сомонӣ ё 1,8 баробар афзудааст, дар вилояти Хатлон аз 10333 миллион сомонии соли 2021 ба 13980 миллион сомонӣ дар соли 2025 расида, 3647 миллион сомонӣ ё 1,4 баробар афзудааст, дар Вилояти Мухтори Куҳистони

Бадахшон аз 315,5 миллион сомонии соли 2021 ба 340,9 миллион сомонӣ дар соли 2025 расида, 25,4 миллион сомонӣ ё 1,1 баробар афзудааст, дар Ноҳияҳои Тобеи Ҷумҳурӣ бошад аз 3776,3 миллион сомонии соли 2021 ба 5830 миллион сомонӣ дар соли 2025 расида, 2054 миллион сомонӣ ё 1,5 баробар афзоиш ба қайд гирифта шудааст, ки ин шаҳодати истифодаи самараноки иқтидорҳои саноатӣ дар минтақаҳои кишвар мебошад.

Ҷадвали 1. - Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, мувофиқи минтақаҳо

Минтақаҳо	2021с		2022с		2023с		2024с		2025с		Афзоиш дар 5 сол	
	Ҳаҷми маҳсулот, млн. сомонӣ	Саҳм, бо %	Ҳаҷми маҳсулот, млн. сомонӣ	Саҳм, бо %	Ҳаҷми маҳсулот, млн. сомонӣ	Саҳм, бо %	Ҳаҷми маҳсулот, млн. сомонӣ	Саҳм, бо %	Ҳаҷми маҳсулот, млн. сомонӣ	Саҳм, бо %	Ҳаҷми маҳсулот, млн. сомонӣ	Рушд, бо %
Ҷумҳурии Тоҷикистон	38829	100	43025	100	46857	100	53873	100	66726,1	100	27897	171,8
ш.Душанбе	3339,4	8,6	3535,9	8,2	4265,1	9,1	5259,4	9,8	6800	10,4	3461	203,6
в.Суғд	21064,8	54,3	24326,3	56,5	26188,1	55,9	30499,4	56,6	39146,4	59,2	18082	185,8
в.Хатлон	10333	26,6	10792,5	25,1	11841,2	25,3	12666	23,5	13980	21,1	3647	135,3
ВМКБ	315,5	0,8	184,1	0,4	214,8	0,5	313,9	0,6	340,9	0,5	25,4	108,1
НТҶ	3776,3	9,7	4186,1	9,7	4347,8	9,3	5134,5	9,5	5830	8,8	2054	154,4

Манбаъ: маълумоти омории Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2025. – 442с [4].

Дар баробари нишондиҳандаҳои болозикр қайд кардан ба маврид аст, ки иқтидорҳои саноатӣ дар минтақаҳои кишвар фаровон аст, танҳо истифодаи самараноку мақсадноки онҳо аз вазифаҳои аввалиндараҷаи мақомотҳои маҳаллӣ вобастагии калон дорад. Ҳамзамон, дар минтақаҳои кишвар татбиқи лоиҳаҳои инноватсионӣ дар соҳаи саноат, хусусан истихроҷи канданиҳои фоиданок, истеҳсоли маҳсулоти саноатии баландсифату рақобатпазир мувофиқи мақсад мебошад.

Иқтидори саноатӣ худ воситаи асосии таъмини раванди такрористеҳсолии саноатӣ буда, аз қуввaҳои истеҳсолкунанда, техникаву таҷҳизоти истеҳсолӣ, инфрасохтори истеҳсолӣ, сармоягузории дохиливу хориҷӣ, мавҷудияти ашёи хоми маҳаллӣ, энергетика ва дигар воситаҳои истеҳсолӣ иборат буда, раванди истеҳсолоти саноатиро таъмин ва дар ҷараёни татбиқи саноатикунонии босуръат саҳми арзандаю саривақтӣ мегузоранд [3].

Бо назардошти мавҷудияти иқтидорҳои саноатӣ ҳамасола ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар кишвар афзоиш ёфта, саҳми ин соҳа дар Маҷмӯи Маҳсулоти Дохилӣ зиёд ва рушди иқтисоди миллӣ назаррас арзёбӣ мегардад. Истеҳсоли номгуи зиёди маҳсулоти саноатӣ, ба талаботи стандартҳои байналмилалӣ мутобиқ гардонидани раванди истеҳсолот ва муаррифӣ намудани номгуҳои маҳсулоти саноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бозори байналмилалӣ аз нишонаҳои марҳила ба марҳила истифода гардидани иқтидорҳои саноатӣ дар минтақаҳо мебошад [5].

Дар баробари истифодаи самараноки иқтидорҳои саноатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, дигар манбаъҳои истеҳсолӣ аз қабили истеҳсолоти соҳаи кишоварзӣ мавҷуданд, ки боиси таъмини раванди такрористеҳсоли соҳаи агросаноатӣ мегардад. Мусаллам аст, ки иқтидори саноатии минтақа аз истеҳсолоти соҳаи кишоварзӣ пайвастагӣ дошта, маҷмӯи захираҳои табиӣ, қувваи корӣ, истеҳсолӣ, технологӣ, молиявӣ ва инфрасохториро ҷиҳати рушди

истеҳсолоти саноатӣ дар заминаи корхонаҳои комплекси агросаноатӣ истифода карда, мақсади асосиаш баланд бардоштани рақобатпазирии маҳсулоти истеҳсолгардида, таъмини нишондиҳандаҳои баланди иқтисодиёти миллӣ дар минтақа мебошад [6].

Дар сатҳи Ҳукумати кишвар рушди иқтидори саноатию кишоварзӣ ва самаранок истифода кардани онҳо яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати иқтисодии давлат маҳсуб меёбад. Ин раванд боиси уҳдадориҳои зиёд дар самти самаранок истифода кардани иқтидорҳои саноатӣ дар минтақаҳои кишвар гардида, дар ҳамкорӣ бо ширкатҳои хориҷӣ дар самти истихроҷи канданиҳои фоиданок ва коркарди пурраи онҳо дар ҳудуди кишвар ҷиҳати татбиқи ҳадафи стратегии кишвар - саноатикунонии босуръат мусоидати бештар мекунад.

Вобаста ба ин, ҷиҳати муайян кардани таносуби иқтидори истеҳсолии соҳаи саноати кишвар вобаста ба минтақаҳои он дар ҷадвали зерин нишондиҳандаҳои иқтидори саноатии минтақаҳои кишварро мавриди таҳлил қарор медиҳем, ки он аз шумораи корхонаҳои саноатии минтақа ва мавқеи онҳо дар соҳаи саноати кишвар иборат мебошад.

Ҷадвали 2. - Шумораи корхонаҳои саноатии минтақаҳо ва мавқеи онҳо дар саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон

Минтақаҳо	2021с		2022с		2023с		2024с		2025с		Афзоиш дар 5 сол	
	Шумораи корхонаҳо, адад	Мавқеъ, бо %	Шумораи корхонаҳо, адад	Мавқеъ, бо %	Шумораи корхонаҳо, адад	Мавқеъ, бо %	Шумораи корхонаҳо, адад	Мавқеъ, бо %	Шумораи корхонаҳо, адад	Мавқеъ, бо %	Шумораи корхонаҳо, адад	Афзоиш, бо %
Ҷумҳурии Тоҷикистон	2840	100	2795	100	3580	100	3692	100	3849	100	1009	135,5
Шаҳри Душанбе	643	22,6	607	21,7	783	21,9	794	21,5	824	21,4	181	128,1
Вилояти Суғд	950	33,5	893	31,9	1162	32,5	1198	32,5	1272	33,0	322	133,9
Вилояти Хатлон	650	23,1	698	25,1	841	23,5	864	23,4	873	22,7	223	134,3
ВМКБ	70	2,5	74	2,6	116	3,2	137	3,7	183	4,8	113	261,4
НТҶ	520	18,3	523	18,7	678	18,9	699	18,9	697	18,1	**177**	**134,0**

Манбаъ: маълумоти омории Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2025. – 442с [7].

Аз маълумоти ҷадвал бармеояд, ки шумораи корхонаҳои саноатӣ дар 5 соли охир аз 2840 адади соли 2021 то 3849 адад дар соли 2025 расида, 1009 адад ё 135,5 фоиз афзудааст. Ин нишондиҳанда вобаста ба минтақаҳои кишвар фарқкунанда буда, мутаносибан мувофиқи минтақаҳо чунин мебошад: дар шаҳри Душанбе шумораи корхонаҳо аз 643 адади соли 2021 ба 824 адад дар соли 2025 расида, 181 адад ё 128,1 фоиз зиёд шудааст, дар вилояти Суғд аз 950 адади соли 2021 ба 1272 адад дар соли 2025 расида, 322 адад ё 134 фоиз зиёд шудааст, дар вилояти Хатлон аз 650 адади соли 2021 ба 873 адад дар соли 2025 расида, 223 адад ё 134,3 зиёд шудааст, дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон аз 70 адади соли 2021 ба 183 адад дар соли 2025 расида, 113 адад ё 261,4 фоиз зиёд шудааст, дар Ноҳияҳои Тобеи Ҷумҳурӣ аз 520 адади соли 2021 ба 697 адад дар соли 2025 расида, 177 адад ё 134 фоиз зиёд шудааст.

Аз таҳлилҳои мазкур бармеояд, ки дар ин ҷода саҳми вилояти Суғд нисбат ба дигар минтақаҳои кишвар дар афзоиш додани шумораи корхонаҳои саноатии ҷумҳурӣ назаррас арзёбӣ гардида, аз лиҳози таъсис додани корхонаҳои саноатӣ, муҳайё кардани ҷойҳои нави корӣ, афзоиш додани номгӯи маҳсулоти саноатӣ мавқеи пешсафро ишғол кардааст.

Боиси қайд аст, ки дар афзоиши нишондиҳандаҳои болозикр омилҳои зерин мусоидат мекунанд, ки истифодаи самараноки онҳо дар ҳар минтақаҳои кишвар боиси афзоиши бомароми ҳаҷми маҳсулоти саноатӣ, афзоиши номгуи маҳсулоти саноатӣ ва таъмини ҷойҳои корӣ мегардад.

Қайд кардан ба маврид аст, ки ҷанбаҳои ташаккулёбии раванди саноатикунонии иқтисодиёт дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз омилҳои зерин иборат мебошад: истеҳсоли саноатӣ дар заминаи корхонаҳои замони шуравӣ-корхонаҳое, ки аз замони гузашта мерос мондаанд; захираҳои табиӣ-ҷиҳати истихроҷ ва коркарди он ҳамчун ашёи хоми саноатӣ; сиёсати давлатӣ-дастгирии давлатӣ ҷиҳати рушди соҳаи саноат; инфрасохтори саноатӣ-таъсиси коргоҳҳои нави саноатӣ дар замони соҳибистиқлолӣ; тақсимоти меҳнат-таъсиси ҷойҳои нави корӣ, ҷорӣ гардидани технологияи инноватсионӣ дар раванди истеҳсолоти саноатӣ [8; 9].

Омилҳои мазкур шароит фароҳам оварданд, ки соҳаи саноати кишвар босуръат рушд кунад ва ба яке аз бахшҳои муҳимми иқтисоди миллӣ табдил ёбад ва ҷиҳати боз ҳам такмил додани раванди истеҳсолоти саноатӣ баҳри иҷрои вазифаҳои зерин ҳидоят менамояд:

- ҷалби бештари сармоягузориҳои дохиливу хориҷӣ дар соҳаи истихроҷу коркарди ашёи хоми саноатӣ бо истифода аз хизматрасониҳои маркетингӣ;
- самаранок истифода кардани инфрасохтори мавҷудаи саноатӣ дар минтақаҳо ва такмил додани онҳо бо ҷорӣ намудани инноватсия;
- омода намудани мутахассисони соҳаи истихроҷи канданиҳои фоиданок ва ҷалби онҳо дар раванди истеҳсолот дар ҳамкорӣ бо муассисаҳои таълимӣ;
- истифодаи мақсадноки захираҳои энергетикӣ дар раванди истеҳсолоти саноатӣ ва истифодаи технологияи муосири каммасрафи барқӣ;
- пайвастагии илму истеҳсолот бо мақсади саривақт ва босифат омода кардани мутахассисони соҳавӣ дар минтақаҳо.

Омилҳои болозикр қисмате аз онҳо буда, бо иҷрои вазифаҳои қайдгардида, истифодаи самараноки воситаҳои истеҳсолӣ дар рушди соҳаи саноат, афзоиши нишондиҳандаҳои он ва расидан ба ҳадафи стратегии кишвар - саноатикунонии босуръат мусоидат намуда, ҷиҳати таъмини рушди иқтисоди миллӣ ва зиндагии шоистаи мардуми кишвар саҳми арзанда мегузорад.

Хулоса, истифодаи мақсадноки иқтидорҳои саноатии кишвар боиси афзоиши ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ гардида, дар марҳилаҳои рушди иқтисоди миллӣ саҳми арзанда мегузорад. Ин раванд дар навбати худ боиси суръатнокии истеҳсолоти ватанӣ гардида, дар роҳи расидан ба ҳадафи стратегӣ - саноатикунонии босуръат наздик мегардонад. Ҳамзамон истеҳсолоти саноатии кишварро дар сатҳи байналмиллалӣ муаррифӣ ва Тоҷикистонро ба кишвари индустриалӣ табдил медиҳад. Дар ин замина кишвари мо аз воридоткунандаи маҳсулоти саноатӣ ба содиркунандаи он шинохта мегардад.

АДАБИЁТ:

12. Паёмҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе. www.president.tj. (Санаи мурочиат 20.05.2026).

13. Барномаи саноатикунонии босуръат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2025. – Душанбе, 2020. – С. 16-21.

14. Мирсаидов А.Б. Соҳибистиқлолӣ ва рушди иқтисоди миллӣ-Хуҷанд, 2018, - С.252.

15. Маълумоти омории Сарраёсати Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Суғд дар соли 2025. – С. 385.

16. Мадаминов А.А. Проблемы устойчивого развития аграрного сектора Таджикистана. – Душанбе, 2016. – С.281-283.

17. Назаров А.А. Региональные особенности формирования и развития предпринимательства // Вестник ТГУПБП, Худжанд, 2012.-№1.-С.56-61.

18. Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон // Маҷмӯаи омории Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2025. - С. 465.
19. Солиев Ҳ.А. Раванди индустриалӣ-аграрӣ дар иқтисодиёти кишвар, муаммоҳо ва дурнамои рушд // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон, Силсилаи илмҳои ҷомеашиносӣ. – Душанбе, 2025. – №4/1 (59). – С. 395-400.
20. Солиев Ҳ.А. Раванди саноатикунонӣ дар вилояти Суғд ва аҳамияти он дар таъмини амнияти озуқаворӣ [Матн] / Ҳ.А. Солиев // Номаи Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров. – Хуҷанд, 2023. – №4 (67). – С.191-197.
21. Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030. – Душанбе, 2016. - С. 75-78.
22. Стратегияи рушди саноат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030. – Душанбе, 2018. - С. 20-25.

УДК 336.22:338.24.01:330.342.24

РАЗВИТИЕ ТЕОРЕТИЧЕСКИХ КОНЦЕПЦИЙ НАЛОГОВ В МИРОВОЙ ЭКОНОМИКЕ, ИХ ЗНАЧЕНИЕ В ФОРМИРОВАНИЕ НАЛОГОВОЙ ПОЛИТИКИ В ПЕРЕХОДНЫЕ ЭКОНОМИКИ

ТОДЖИБОЙЗОДА ФАРАНГЕЗ ЭСАНБОЙ
Кандидат экономических наук, доцент кафедры финансы и страхования
Таджикского национального университета.
Адрес: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17
Тел.: (+992) 886-03-30-30; **E-mail:** Jessika_7780@mail.ru

Аннотация. В статье исследована эволюция теоретических концепций налогообложения в мировой экономической мысли и раскрыта их роль в формировании современной налоговой политики. Рассмотрены основные этапы развития представлений о природе, функциях и принципах налогообложения от ранних форм осмысления налоговых отношений до классической, кейнсианской, неоклассической, институциональной и современной концепций налогообложения. Особое внимание уделено трансформации роли налогов: от преимущественно фискального инструмента к комплексному механизму макроэкономического регулирования, стимулирования инвестиций, предпринимательской активности, структурных преобразований и обеспечения социальной справедливости. На основе сравнительного анализа обоснована необходимость сочетания фискальной эффективности, экономической нейтральности, социальной справедливости, административной простоты и институционального качества налоговой системы. Рассмотрены особенности развития налоговой политики Республики Таджикистан в условиях структурной трансформации экономики и совершенствования налогового законодательства. Сформулированы научно-практические положения относительно совершенствования налогового механизма с учетом особенностей переходной и развивающейся экономики.

Ключевые слова: налоги, налогообложение, налоговая система, налоговая политика, налоговый механизм, налоговое регулирование, классическая теория, кейнсианство, неоклассическая теория, теория экономики предложения, институциональная теория, налоговая нагрузка, инвестиции, экономический рост, Республика Таджикистан.

РУШДИ КОНСЕПСИЯҲОИ НАЗАРИЯВИИ АНДОЗҲО ДАР ИҚТИСОДИ ҶАҲОНӢ, АҲАМИЯТИ ОНҲО ДАР ТАШАККУЛИ СИЁСАТИ АНДОЗ ДАР ИҚТИСОДИ ГУЗАРИШ

ТОДЖИБОЙЗОДА ФАРАНГЕЗ ЭСАНБОЙ
Номзади илмҳои иқтисодӣ, досенти кафедраи молия ва суғуртаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17.
Тел.: (+992) 886-03-30-30; **E-mail:** Jessika_7780@mail.ru

Аннотатсия. Дар мақола таҳаввулоти консепсияҳои назариявии андозбандӣ дар афкори иқтисодии ҷаҳонӣ таҳқиқ гардида, нақши онҳо дар ташаккули сиёсати муосири андозбандӣ муайян карда шудааст. Марҳилаҳои асосии ташаккули тасаввурот оид ба моҳият, вазифаҳо ва принсипҳои андозбандӣ аз шаклҳои ибтидоии дарки муносибатҳои андозӣ то консепсияҳои классикӣ, кейнсианӣ, неоклассикӣ, институтсионалӣ ва муосири андозбандӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Ба таҳаввулоти нақши андозҳо таваҷҷуҳи махсус зоҳир гардида, гузариши онҳо аз воситаи асосан фискалӣ ба механизми мураккаби танзими макроиқтисодӣ, ҳавасмандгардонии сармоягузорӣ, фаъолияти соҳибкорӣ, тағйироти сохторӣ ва таъмини адолати иҷтимоӣ нишон дода шудааст. Дар асоси таҳлили муқоисавӣ зарурати ҳамоҳангсозии самаранокии фискалӣ, бетарафии иқтисодӣ, адолати иҷтимоӣ, соддагии маъмурӣ ва сифати институтсионалии низоми андозбандӣ асоснок карда шудааст. Хусусиятҳои рушди сиёсати андозии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити дигаргунсозии сохтории иқтисодиёт ва такмили қонунгузории андоз баррасӣ гардидаанд. Дар мақола як қатор пешниҳодҳои илмию амалӣ оид ба такмили механизми андозбандӣ бо дарназардошти хусусиятҳои иқтисодиёти гузаришӣ ва рушдёбанда таҳия шудаанд.

Калидвожаҳо: андозҳо, андозбандӣ, низоми андозбандӣ, сиёсати андоз, механизми андозбандӣ, танзими андозӣ, назарияи классикӣ, кейнсианӣ, назарияи неоклассикӣ, назарияи иқтисодиёти пешниҳод, назарияи институтсионалӣ, бори андоз, сармоягузорӣ, рушди иқтисодӣ, Ҷумҳурии Тоҷикистон.

DEVELOPMENT OF THEORETICAL CONCEPTS OF TAXES IN THE GLOBAL ECONOMY, THEIR IMPORTANCE IN THE FORMATION OF TAX POLICY IN A TRANSITIONAL ECONOMY

TOJIBOYZODA FARANGEZ ESANBOY
Candidate of Economic Sciences, Associate Professor, Department of Finance and Insurance,Tajik National University **Address:** 17 Rudaki Avenue, Dushanbe, 734025, Republic of Tajikistan
Phone: (+992) 886-03-30-30; **E-mail:** Jessika_7780@mail.ru

Abstract. The article examines the evolution of theoretical concepts of taxation in global economic thought and reveals their role in shaping modern tax policy. The main stages in the development of approaches to the nature, functions, and principles of taxation are considered, ranging from early interpretations of tax relations to classical, Keynesian, neoclassical, institutional, and contemporary taxation concepts. Particular attention is paid to the transformation of the role of taxes from a predominantly fiscal instrument into a comprehensive mechanism for macroeconomic regulation, investment promotion, stimulation of entrepreneurial activity, structural transformation, and the achievement of social equity. Based on a comparative analysis, the study substantiates the need to combine fiscal efficiency, economic neutrality, social justice, administrative simplicity, and the institutional quality of the tax system. The specific features of tax policy development in the Republic of Tajikistan under conditions of structural transformation of the economy and improvement of tax legislation are examined. The article formulates a number of scientific and practical provisions aimed at improving the tax mechanism, taking into account the specific characteristics of transition and developing economies.

Keywords: taxes, taxation, tax system, tax policy, tax mechanism, tax regulation, classical theory, Keynesianism, neoclassical theory, supply-side economics, institutional theory, tax burden, investment, economic growth, Republic of Tajikistan.

Аннотация. Увеличение различных форм банковского кредитования населения считается одной из главных задач всех коммерческих банков страны, играющих первостепенную роль в удовлетворении кредитных потребностей хозяйствующих субъектов и постепенном формировании производства всех структурных компонентов ВВП. Осознавая чрезвычайно важную роль одной из форм банковского кредитования, а именно лизингового кредита, в экономике страны, исследователь выбрал актуальную тему и изучил многие ее аспекты, обращаясь к уровню кредитных потребностей хозяйствующих субъектов. В связи с этим в статье определяется количество лизинговых организаций в стране и указываются те коммерческие банки, которые сыграли роль в создании лизинговых организаций, направляя на это свои инвестиции.

В статье далее рассматривается деятельность ООО «Эсхата Лизинг», полностью принадлежащего одному из действующих банков страны, а именно ОАО «Банк Эсхата», которое напрямую контролирует его деятельность, и представлены его лизинговые кредитные продукты в табличной форме, с учетом реализации их преимуществ для всех хозяйствующих субъектов. Путем всестороннего анализа исследователь показал тенденцию предоставления коммерческими банками годовых лизинговых кредитов параллельно с ипотечными кредитами и овердрафтами, а также проанализировал и оценил значительную деятельность некоторых банков, играющих важную роль в предоставлении кредитов, финансового лизинга и овердрафтов хозяйствующим субъектам.

В заключительной части, изучив и проанализировав ситуацию по выбранной теме, исследователь четко обозначил в тексте статьи некоторые проблемы рынка лизинговых кредитов и утверждает, что при эффективных совместных действиях государства, банковской системы, предприятий и хозяйствующих субъектов эти проблемы могут быть постепенно устранены, и таким образом, это сыграло роль в повышении финансовой состоятельности всех хозяйствующих субъектов, коммерческих банков, предприятий и государства.

Ключевые слова: финансовая система, коммерческие банки, лизинговые организации, рынок банковских операций, лизинговый кредитный фонд, предоставление инвестиций для создания лизинговых организаций, предоставление хозяйствующим субъектам нефинансовых кредитных инструментов, активизация производственного сектора, адекватный финансовый доход банков и организаций, развитие национальной экономики.

LEASING LOAN AND ITS POSITION IN THE BANKING OPERATIONS MARKET OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

HAYOZODA QIYOMUDDIN AMONULLO
Doctor of philosophy (PhD), senior lecturer of the department of finance and credit, Kulob State University named after Abuabdullohi Rudaki. **Address:** 735360, Republic of Tajikistan, Kulob, S. Safarov street, 16. **Tel.:** (+992) 988-00-60-29. **E-mail:** qiyom1995@mail.ru
BOZOROVA SAYORA SHERALIEVNA
Doctoral student (PhD), department of Enterprise Economics and Entrepreneurship of the Kulob State University named after Abuabdulloh Rudaki. **Address:** 735360, Republic of Tajikistan, Kulob, S. Safarov street, 16. **Tel.:** (+992) 918-01-17-37. **E-mail:** bozorovassh@mail.ru

Annotation. Increasing various forms of bank lending to the public is considered one of the main tasks of all commercial banks in the country, playing a primary role in meeting the credit needs of economic entities and gradually forming the production of all structural components of GDP.

Realizing the extremely important role of one of the forms of the banking credit sector, namely leasing credit, in the country's economy, the researcher chose a topical topic and studied many of its issues, referring to the level of credit requirements of economic entities. That is why the article determines the number of leasing organizations in the country, and indicates those commercial banks that have played a role in the establishment of leasing organizations by directing their investments.

The article continues with the activities of LLC "Eskhata Leasing", which is fully invested by one of the active banks in the country, namely OJSC "Bank Eskhata", which directly controls its activities, and presents its leasing loan products in the form of a table, taking into account the implementation of its advantages for all economic entities. Through extensive analysis, the researcher has shown the trend of commercial banks providing annual leasing loans in parallel with housing loans and overdrafts, and at the same time, has analyzed and assessed the significant activity of some banks that play a significant role in providing loans, financial leasing and overdrafts to economic entities.

In the last part, by studying and analyzing the situation of the selected topic, the researcher has clearly included some of the problems of the leasing loan market in the text of the article and states that with the effective joint activities of the state, the banking system, and enterprises and economic entities, the problems can be gradually eliminated, and thus, it has played a role in increasing the financial capabilities of all economic entities, commercial banks, enterprises and the state.

Keywords: financial system, commercial banks, leasing organizations, banking operations market, leasing loan fund, providing investment for the establishment of leasing organizations, providing economic entities with non-financial credit instruments, activating the production sector, adequate financial income of banks and entities, development of the national economy.

Муқаддима. Асоси ташаккулдиҳии бозори амалиётҳои бонкӣ агар аз як тараф аз сатҳи танзими давлатӣ ва чигунагии раванди татбиқи он вобаста бошад, аммо аз тарафи дигар, бевосита аз сатҳи талабот ва боварии молиявии аҳолӣ манбаъ гирифта, бархе аз амалиётҳои он, аз ҷумла қарзи лизингӣ бо назардошти талаботи рӯзафзуни аҳолӣ ва ворид гаштан ба бозори ҷаҳонии молиявию иқтисодӣ, аз доираи бонк берун гашта, аллакай ба як сохтори молиявие, ки метавонад дар рушди низоми бонкӣ бо истифода аз имконоти ҳудудии талаботдоштаи худ таъсир расонад, табдил ёфтааст, ки худи интихоби мавзуъ ва барраси масъалаҳои марбутаи он, собитсозандаи муҳиммияти он мебошад, ки аз ҷониби муҳаққиқ равандҳои татбиқшавии он дар доираи фаъолияти бонкҳои тиҷоратии Тоҷикистон мавриди омӯзишу таҳлил ва пешниҳоди хулосаю тавсияҳо қарор гирифта аст.

Усулҳо. Ҳангоми мавзуи интихобгардида, кушиш бар он шудааст, ки ба таври васеъ аз усулҳои омӯзишӣ, муқоисавӣ ва натиҷагирӣ истифода карда шавад.

Натиҷаҳо. Қисмати назариявии мавзуи интихобгардида омӯзиш шуда, вазъи татбиқшавии он дар бозори амалиётҳои бонкӣ бо овардани нишондиҳандаҳои оморӣ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифта, бархе аз мушкилотҳои самти қарзи лизингии бонкии Тоҷикистон ошкор гашта, иброз шудааст, ки агар тамоми ҷонибҳои он, яъне давлату бонк ва субъектону корхонаҳо якҷоя ва ҷиддӣ дар ин масир корро мусбат пеш бурда бошанд, имкони бартараф гаштани мушкилотҳо пайдо шуда, дар таъмини фазои солими молиявии ҷонибҳои зикршуда, саҳмгузор гашта, вазъи иқтисодии кишварро боз ҳам дар сатҳи баланд қарор хоҳад дод.

Таҳлил ва муҳокима. Ҷиҳати таъмини ҳуқуқӣ ба ҷонибҳои шартномаи лизингӣ ва асос доштани фаъолияи он дар саросари кишвар, аз ҷониби мақоми дахлдори низоми бонкӣ, яъне Бонки миллии Тоҷикистон санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии муайян қабул гаштааст, ки дар татбиқ намудани он мусоидат намуда, ба истеъмолкунандагони чунин амалиёт ҳуқуқи истифода ва ҳимояро медиҳад. Вобаста ба ин, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои бонкҳои тиҷоратии амалкунанда Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иҷораи молиявӣ (лизинг)» қабул гашта, дар он роҷеъ ба амалиёти лизингӣ ишора шудааст, ки иҷораи молиявӣ (лизинг) ин

маҷмӯи муносибатҳои иқтисодӣ-ҳуқуқие, ки вобаста ба иҷрои шартномаи иҷораи молиявӣ, аз ҷумла хариди предмети иҷораи молиявӣ, ба вуҷуд меоянд [5].

Дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти бонкӣ» бошад, дар баробари дигар амалиётҳои татбиқшаванда, амалиёти лизингӣ ҳамчун амалиёти муҳим ва талаботдошта дарҷ ёфтааст [6], ки ин масоилҳо рушди амалиётҳои лизингии бонкҳои тиҷоратии Тоҷикистонро нишон медиҳанд. Ҳамзамон, дар дигар санадҳо, аниқтараш дар Дастурамали № 141-и Бонки миллии Тоҷикистон «Дар бораи тартиби баҳисобгирии бухгалтерии иҷораи молиявӣ (лизинг) дар бонкҳо» чунин оварда шудааст, ки пардохти лизингӣ аз маблағи лизинг, меъёрҳои лизингӣ, пардохти комиссионӣ ва пардохт барои хизматрасонии иловагии пешниҳодшуда иборат буда [3], дар дигар Дастурамал [4] амалиёти лизингӣ яке аз мафҳумҳои асосӣ дониста шуда, ҳамчун уҳдадории қарзӣ дарҷ ёфтааст.

Бо назардошти санадҳои зиёди дахлдор ва тақвиятдиҳии онҳо бо мақсади ташкили сохторҳои зиёди лизингӣ ва таъмини субектҳои иқтисодӣ ба воситаҳои зарурии ғайримолиявии қарзӣ ҷиҳати фаъол намудани бахши истеҳсолӣ, дар низоми молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон сохтори лизингӣ низ фаъолият менамояд, ки мавқеи онҳо дар ҷамъияти иқтисодӣ назаррас мебошад (диаграммаи 1).

Диаграммаи 1. – Шумораи ташкилотҳои лизингӣ дар сохтори низоми молиявии Тоҷикистон, адад



Сарчашма: таҳияи муҳаққиқ дар асоси адабиёти [13]

Мутобиқ ба нишондиҳандаҳои диаграммаи 1. маълум мегардад, ки мавқеи ташкилотҳои лизингӣ низ дар сохтори низоми молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон назаррас мебошад. Соли 2021 дар кишвар ҳамагӣ 89 адад ташкилотҳои молиявӣ бақайд гирифта шудааст, ки аз он 63 адад ташкилотҳои қарзии молиявӣ, 19 адад ташкилотҳои суғуртавӣ, 4 адад ташкилотҳои лизингӣ, 2 адад биржаҳои фондӣ ва 1 адад АСИН мебошад. Соли 2022 ҳамагӣ 87 адад ташкилотҳои молиявӣ, ки аз он 64 адад ташкилотҳои қарзии молиявӣ, 16 адад ташкилотҳои суғуртавӣ, 4 адад ташкилотҳои лизингӣ, 2 адад биржаҳои фондӣ ва 1 адад АСИН ва соли 2023 бошад, ҳамагӣ 86 адад ташкилотҳои молиявӣ, ки 63 адад ташкилотҳои қарзии молиявӣ, 16 адад ташкилотҳои суғуртавӣ, 2 адад биржаҳои фондӣ ва 1 адад АСИН дар тамоми минтақаҳои кишвар бақайд гирифта шуда, ба таъмини хизматрасониҳои молиявӣ ба муштариёнашон машғул буданд.

Солҳои 2024-2025 ҳамагӣ 90 ва 92 адад ташкилотҳои молиявӣ дар сохтори низоми молиявии Тоҷикистон бақайд гирифта шудааст, ки аз онҳо 65 ва 69 адад ташкилотҳои қарзии молиявӣ, 16 ва 16 адад ташкилотҳои суғуртавӣ, 6 ва 6 адад ташкилотҳои лизингӣ, 2 адад биржаҳои фондӣ ва 1 ва 1 адад АСИН мебошанд. Яъне, агар шумораи ташкилотҳои лизингӣ дар соли 2021 ҳамагӣ 4 ададро дарбар гирифта бошад, пас ин нишондиҳанда дар 5 соли оянда, аниқтараш дар соли 2025 ба 6 адад расидааст, ки дар ин муддат 2 адад зиёд шудааст.

Бо дарки муҳим будани фаъолияти ташкилотҳои лизингӣ дар низоми молиявии кишвар, тайи солҳои охир аз ҷониби бархе аз бонкҳои тиҷоратӣ раванди сармоягузорӣ ба ин самт бо мақсади ташкили як ташкилоти алоҳидае, ки танҳо ва пурра ба таъмини иҷораи молияӣ (лизинг) ба субъектҳои иқтисодӣ машғул мебошанд, таъмин гашта, дар баланд бардоштани

нуфузи низоми бонкӣ нақши асосиро мебозанд. Ин аст, ки амалиёти лизингӣ бо назардошти талаботи бемайлон доштанаш ба соҳаҳои афзалиятноки иқтисодӣ аз дохили бозори амалиётҳои бонкӣ берун гашта, имрӯз ба як ташкилоти алоҳидае, ки имконоти зиёди таъмини қарзро, дар симои воситаҳои молиявӣ не, балки дар симои воситаҳои моддӣ, яъне ба иҷораи қарзӣ додани иншоотҳо, биноҳо, таҷҳизотҳои гуногун, нақлиётҳои махсус ва ғайраҳо дорад, табдил ёфтааст.

Ба роҳ мондани фаъолияти пайвастаи лизингӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бештари фаъолияти иқтисоди миллии он аз бахши кишоварзӣ вобаст буда, соҳаи саноат дар ҳоли ташаккули босуръат дар таркиби ММД қарор дорад, ҳамчун заминаи асосии рушди иқтисодӣ дониста мешавад (расми 1).



Расми 1. – Сармоягузории бахше аз бонкҳои тиҷоратии Тоҷикистон ҷиҳати таъсиси ташкилотҳои лизингӣ

Сарчашма: таҳияи муҳаққиқ дар асоси адабиёти [10]

Аз рӯйи ҳар яке аз нишондиҳандаҳои алоҳидаи бонкӣ, ба монанди бозори қарз, пасандоз, интиқоли маблағ, кортҳои бонкӣ ва ғайраҳо, ҳар яке аз бонкҳои тиҷоратӣ пешсаф дар фаъолият мебошанд, ки рушди онҳо аз имконоти молиявӣ ва нуфузу эътимодии қавии аҳолӣ нисбат ба фаъолияти онҳо асос дониста мешавад. Аммо, тибқи ҳисоботҳои Бонки миллии Тоҷикистон ва расми сохташудаи муҳаққиқ ҷиҳати татбиқи пайвастаи амалиётҳои лизингӣ бо таъсиси ташкилотҳои алоҳида лизингӣ, бо ташаббуси молиявии бахше аз бонкҳои тиҷоратӣ, ба монанди ҶСК «Ориёнбонк», ҶСК «Бонки Эсхата» ва ҶСП «Бонки байналмилалии Тоҷикистон» ташкилотҳои лизингӣ таъсис ёфта, дар зиёд намудани сохторҳои дигари лизингии бонкҳои тиҷоратӣ ҳамчун маркази такягоҳӣ ва намуна эътироф мегарданд.

Фаъолияти лизингии ҶДММ «Эсхата Лизинг», ки таъмини сармоягузории он ба таври 100 фисад аз ҷониби яке аз бонкҳои фаъоли Тоҷикистон, ки аз давраи таъсисаш то кунун ҳамчун бонки боэътимоди молиявӣ дар байни рақобатҳои босуръати бозори бонкӣ эътироф гашта, қисми муайяни аҳолиро дар заминаи фаъолитяи босамараш ба худ мизоҷ намудааст, ҶСК «Бонки Эсхата» таъмин карда мешавад.

Дар фаъолияти хеш ин ташкилот барои соҳибкорони кишвар маҳсулотҳои зиёди қарзиро пешниҳод менамояд, ки бо чунин усули фаъолияташ, аллакай мавқеи хешро ҳамчун як сохтори боэътимоди иқтисодии лизингӣ дар кишвар касб намудааст (ҷадвалҳои 1, 2, 3, 4).

Номгӯйи маҳсулотҳои зерини қарзии лизингии ҶДММ «Эсхата Лизинг» ба субъектҳои иқтисодӣ дар Тоҷикистон:

Ҷадвали 1. - Лизинги таҷҳизот

Ин иҷораи дарозмуддат бо пардохтҳои ҳармоҳа ва бо имконияти харидории минбаъдаи таҷҳизот бо арзиши бақимонда мебошад.	
Бартариҳои лизинги таҷҳизот:	
Ҳифзи сармояи гардон	Лизинг талаб намекунад, ки маблағҳои калон якбора аз гардиши тиҷорат хориҷ карда шаванд. Кофист пардохти аввалия анҷом дода шуда, баъдан пардохтҳо тибқи ҷадвал сурат гиранд.

Имтиёзҳои андозӣ	Пардохтҳои лизингӣ ба арзиши аслии маҳсулот дохил шуда, имкон медиҳанд андози фоидаро коҳиш диҳанд.
Амортизатсияи босуръат	Истифодаи амортизатсияи босуръат барои кам кардани бори андоз.
Интихоби таҷҳизот ва таъминкунанда	Лизинггиранда мустақилона таҷҳизот ва таъминкунандаро интихоб мекунад, дар ҳоле ки ширкати лизингӣ онро харидорӣ намуда, ба лизинг медиҳад.
Озодӣ аз андози молумулк	Дар давраи амали шартнома таҷҳизот дар баланси ширкати лизингӣ қарор дорад ва корхона андози молумулк намепардозад.

Ҷадвали 2. - Лизинги техникаи махсус

Роҳи оптималӣ мебошад, зеро он нисбат ба қарз содатар ва фоиданоктар аст. Пас аз анҷоми шартнома техника пурра харидорӣ мешавад. Ин намуди лизинг барои соҳибкороне мувофиқ аст, ки мехоҳанд тиҷорати худро оғоз кунанд, вале сармояи калон надоранд.	
Бартариҳои лизинги таҷҳизот:	
Ҷадвали чандири пардохтҳо	Дар аксари ҳолатҳо метавон бо ширкати лизингӣ ҷадвали қулайи пардохтҳоро мувофиқа кард.
Имконияти даромад гирифтан аз техника	Бо истифодаи техникаи ба лизинг гирифташуда метавон даромад ба даст оварда, пардохтҳои ҳармоҳаро таъмин намуд.

Ҷадвали 3. - Лизинги нақлиёт

Роҳи содда ва фоиданоки харид мебошад. Пас аз анҷоми шартнома нақлиёт пурра ба моликияти шумо мегузарад. Ин қарор барои оғоз ё рушди тиҷорат бо сармояи маҳдуд мувофиқ аст.	
Бартариҳои лизинги таҷҳизот:	
Ҷадвали чандири пардохтҳо	Ҳангоми бастани шартномаи лизинги нақлиёт, қариб ҳамеша мумкин аст бо ширкати лизингӣ дар бораи ҷадвали барои шумо қулайи пардохт мувофиқа кард.
Даромад аз нақлиёт	Нақлиётро метавон барои фаъолияти тиҷоратӣ истифода бурда, даромад ба даст оварда ва пардохтҳоро анҷом дод.

Ҷадвали 4. - Лизинги панелҳои офтобӣ

Имконияти фоиданок барои гузариш ба энергияи барқароршаванда бидуни хароҷоти зиёди ибтидоӣ мебошад. Шумо метавонед неругоҳи офтобии муосирро ба лизинг гирифта, аз рӯзҳои аввал сарфаи барқро оғоз намоед.	
Бартариҳои лизинги таҷҳизот:	
Сарфаи энергия	Коҳиш додани хароҷоти неруи барқ то 70% аз рӯзҳои аввали истифода. Пардохтҳои лизингӣ метавонанд аз пардохтҳои ҷории барқ камтар бошанд.
Муҳлати дарози хизмат	Панелҳои муосир зиёда аз 25 сол хизмат мекунанд ва коҳиши самаранокии онҳо камтар аз 1% дар як солро ташкил медиҳад.
Истиқлолияти энергетикӣ	Таъмини барқи бефосила барои тиҷорати шумо ва ҳифз аз болоравии тарифҳои неруи барқ.
Экологӣ	Саҳм гузоштан дар ҳифзи муҳити зист ва беҳтар намудани имиҷи ширкати шумо.

Сарчашма: таҳияи ҷадвалҳои 1, 2, 3, 4 аз ҷониби муҳаққиқ дар асоси адабиёти [11]

Он қишри аҳолие, ки ба фаъолияти гуногуни истеҳсолӣ машғул мебошанд, агар хоҳиши афзоиш ва рушд додани фаъолияти истеҳсолии худро дошта, ҳавасманди дастраси ёфтан ба имкониятҳои зиёди молиявиро доранд, метавонанд вобаста ба самти фаъолият қарзи лизингиро аз доираи маҳсулотҳои пешниҳоднамудаи лизингии ҶДММ «Эсхата Лизинг» дастрас намуда, онро ба таври васеъ ва бо истифода аз бартариятҳои махсуси иқтисодӣ, ки барои ҳар яке аз маҳсулотҳои лизингии ин ташкилот муайян шудааст, истифода намуда, мавқеи истеҳсолии хешро дар бозорҳои истеҳсолӣ мустаҳкам намуда бошад.

Ташаккули бозори қарзии бонкҳои тиҷоратӣ яке аз ҳадафҳои асосии низоми бонкии кишвар дониста шуда, ҷиҳати афзоиш додани шаклҳои навъ ва таъмин будани он ба дасти эҳтиёҷдоштагон, пайваста аз ҷониби бонки марказӣ чораҳои таъсирбахш андеша карда мешавад. Чун дар шароити навини иқтисодӣ, ки бевосита асоси онро ин вазъи солими молиявии сохторҳои низоми молиявӣ ташкил медиҳанд, наметавон бидуни ба инобат гирифтани талаботҳои истеъмолии он фаъолияти босамари молиявии дилхоҳро оғоз кард.

Ин аст, ки имрӯз дар низоми фаъолияти бонкҳои тиҷоратии Тоҷикистон дар баробари дигар шаклҳои қарз, қарзии лизингӣ низ дар вазъи истеъмол қарор дошта, бо таъмини чунин шакли қарз ва бо назардошти фаъолияти қисми зиёди бонкҳои тиҷоратӣ дар ин самт, метавон ниёзи молиявии субъектро муҳайё сохта, ҳамзамон дар асоси даромади пайвастаи муносиби он сатҳи устувории молиявии бонкҳои тиҷоратиро таъмин сохт. Чун бидуни ҳолати устувори молиявӣ, наметавонанд бонкҳои тиҷоратӣ дилхоҳ шакли амалиёт, бахусус амалиёти лизингиро пеш бурд.

Вобаста ба муҳимияти калидӣ доштани ҳаҷми захираҳои молиявии бонкҳои тиҷоратӣ муҳаққиқ Ҳаёзода Қ.А. бар он назар мебошад, ки бонкҳои тиҷоратиро мебояд ҳаҷми захираҳои молиявиро ба дигар самтҳои ғайри амалиётҳои бонкӣ дар шароите, ки талабот ба муносибатҳои молиявӣ меафзояд, ба роҳ намонда, танҳо бо мақсади таъмини сатҳи лозимаи пардохти уҳдадориҳои худ бо мақсади баланд бардоштани сатҳи пардохтпазириаш мавриди истифода қарор дода бошанд [9, с. 409].

Ҳамзамон, дар ин масоил чунин қайд гаштааст, ки низоми бонкӣ унсури муҳими ҳам иқтисоди миллӣ ва ҳам иқтисоди байналмилалӣ мебошад, зеро он вазифаҳои муҳимтарини ҷамъоварӣ ва азнавтақсимкунии сармоя, содагардонӣ, ба тартиб даровардан ва суръат бахшидани пардохтҳоро ичро намуда, ба ин васила истеҳсоли беист ва муттасили молҳо ва хизматрасониҳоро таъмин намуда, ангезаи фаъолияти сармоягузорӣ, талабот ва истеъмолро вусъат мебахшад [8, с. 158].

Сандуқи қарзи лизингии бонкҳои тиҷоратии кишвар дар ҳоли ташаккул қарор дошта, нишондиҳандаи он давра ба давра тақвият ёфта истодаанд, ки чунин ҷараён аз таваҷҷуҳи бевоситаи субъектҳои иқтисодӣ дарак дода, имрӯз дар бозори қарзии Тоҷикистон самти талаботдошта арзёбӣ шуда, нишондиҳандаҳои он чашмрас мебошанд (ҷадвали 5).

Ҷадвали 5. – Тамоюли пешниҳоди қарзи лизингӣ аз ҷониби бонкҳои тиҷоратии Тоҷикистон, млн. сомонӣ

Нишондиҳандаҳо	Солҳо					Тағйирот, 2025/2021, +/-
	2021	2022	2023	2024	2025	
Ҳаҷми бақияи қарзҳои додашуда	12 051,1	13 656,9	17 921	21 454,5	26 195,8	+14 144,7
Қарзи лизингӣ	5,6	3,3	1,2	7,7	42,1	+36,5
Қарзи манзилӣ	257,8	250,7	309,6	413,5	476,6	+218,8
Қарзи овердрафтӣ	102,9	50,8	102	146,8	214,7	+111,8
Бо пулли миллӣ						
Ҳаҷми бақияи қарзҳои додашуда	8 089,4	9 795,6	12 084	15 696,1	20 630,8	+12 541,4
Қарзи лизингӣ	5,6	3,3	1,2	6,1	27,5	+21,9
Қарзи манзилӣ	121,3	127,8	154,3	216,8	300	+178,7
Қарзи овердрафтӣ	59,8	48,2	70,8	119,9	158,1	+98,3

Бо асъори хориҷӣ						
Ҳаҷми бақияи қарзҳои додашуда	3 961,6	3 861,3	5 837	5 758,3	5 565	+1 603,4
Қарзи лизингӣ	0	0	0	1,5	14,6	14,6
Қарзи манзилӣ	136,5	122,8	155,2	196,6	176,5	+40
Қарзи овердрафтӣ	43,1	2,5	31,1	26,8	56,6	+13,5

Сарчашма: таҳияи муҳаққиқ дар асоси адабиёти [2]

Назар ба ҷадвали болозикр карда бошем, маълум мегардад, ки қарзи лизингӣ дар баробари қарзи манзилӣ ва овердрафтӣ, талабот ба истеъмол дошта, аз ҷониби субъектҳои иқтисодӣ ҷонибдорӣ шуда истодааст, ки ин амалро аз нишондиҳандаҳо метавон таҳлил кард. Агар соли 2021 ҳаҷми бақияи қарзҳои додашудаи бонкӣ 12 051,1 млн. сомониро ташкил намуда бошад, пас дар таркиби он 5,6 млн. сомонӣ ё 0,04 фоиз ин қарзи лизингӣ, 257,8 млн. сомонӣ ё 2,13 фоиз ин қарзи манзилӣ ва 102,9 млн. сомонӣ ё 0,85 фоиз ин қарзи овердрафтӣ мебошад. Дар солҳои 2022 ва 2023 суръати қарзи лизингӣ дар таркиби сандуқи умумии қарзии бонкӣ коҳиш ёфта, ба 3,3 ва 1,2 млн. сомонӣ ё 0,02 ва 0,00 фоиз барбораб гаштааст, ки боиси ба амал омадани чунин ҳолати коҳишёбӣ, бевосита аз таъсири вазъи ногувори баамаломадаи берунӣ, дар симои бемории коронавирус ва пайдошавии ҳолати ғайрифаъоли истеҳсолӣ дида мешавад.

Баъд аз солҳои 2022-2023 вазъи коҳишёфтаи сандуқи қарзии лизингӣ барқарор шуда, дар соли 2024 майли афзоишро касб намудааст, ки дар сандуқи умумии қарзии бонкии кишвар ба 7,7 млн. сомонӣ ё 0,03 фоиз баробар шуда, ҳаҷми қарзи лизингии соли мазкур нисбат ба солҳои 2021 дар ҳаҷми 2,1 млн. сомонӣ, соли 2022 дар ҳаҷми 4,4 млн. сомонӣ ва соли 2023 дар ҳаҷми 6,5 млн сомонӣ афзоиш ётааст.

Дар соли 2025 ҳаҷми додани қарзи лизингӣ нисбат ба солҳои 2021 то 2024 беназир афзоиш ёфта, мавқеи онро боз ҳам дар низоми бонкӣ ва иқтисодии Тоҷикистон ҳамчун қарзи муҳимиятдошта нишон медиҳад. Агар ҳаҷми бақияи қарзҳои додашудаи бонкҳои тиҷоратӣ дар соли мазкур 26 195,8 млн. сомониро ташкил намуда бошад, пас ҳиссаи қарзи лизингӣ 42,1 млн. сомонӣ ё 0,16 фоиз, қарзи манзилӣ 476,6 млн. сомонӣ ё 1,81 фоиз ва қарзи овердрафтӣ 214,7 млн. сомонӣ ё 0,81 фоизро дар таркиби он дарбар гирифта аст. Яъне, ҳаҷми қарзи лизингӣ аз 5,6 млн. сомонии соли 2021 ба 42,1 млн. сомонӣ дар соли 2025 расида, дар ин давра 36,5 млн. сомонӣ ё 651,78 фоиз афзоиш ёфтааст, ки чунин ҷараёни мусбат омили ташаккулдиҳандаи бозори он арзёбӣ гашта, дар таъмини субъектҳои иқтисодӣ бо воситаҳои қарзии иҷоравӣ ва расидан ба сатҳи фаъоли истеҳсолоти дохила, мусоидат менамояд ва ин шакли қарзро тамоми бонкҳои тиҷоратӣ мебояд рушд дода бошанд.

Ҳамзамон, қарзи лизингӣ ҳам бо пули миллӣ ва ҳам бо асъори хориҷӣ дода мешавад. Пешниҳоди он дар соли 2021 дар ҳаҷми 5,6 ва 0 млн. сомонӣ, соли 2022 дар ҳаҷми 3,3 ва 0 млн. сомонӣ, соли 2023 дар ҳаҷми 1,2 ва 0 млн. сомонӣ, соли 2024 дар ҳаҷми 6,1 ва 1,5 млн. сомонӣ ва соли 2025 дар ҳаҷми 27,5 ва 14,6 млн. сомонӣ бақайд гирифта шудааст. Яъне, ҳаҷми қарзи лизингӣ бо пули миллӣ аз 5,6 млн. сомонии соли 2021 ба 27,5 млн. сомонӣ расида, дар ҳаҷми 21,9 млн. сомонӣ ё 391,07 фоиз афзоиш ёфта, ҳаҷми чунин қарз бо асъори хориҷӣ аз 0 млн. сомонии соли 2021 ба 14,6 млн. сомонӣ дар соли 2025, ки дар ин давра 14,6 млн. сомонӣ пешниҳод шудааст.

Дар афзоиши сандуқи қарзии лизингӣ ҳиссаи тамоми бонкҳои тиҷоратӣ назаррас буда, наметавон бо як ё ду бонк ин бозори талаботдоштаи низоми иқтисодии навинро таъмин кард. Чун фаъолияти якҷояи ниҳоди бонкӣ дар ин самт, метавонад бо сармоягузориҳои хеш ба субъектҳои иқтисодӣ, ки онҳо дар ҳама ҳолат ба мусоидати молиявӣ эҳтиёҷ доранд, таъсири молиявӣ расонида, фаъолияти пайвастаи истеҳсолиро бо назардошти таъмини бозори дохила муҳайё сохта бошанд.

Муҳаққиқ Асозода Ф.Н. роҷеъ ба лизинг иброз медорад, ки лизинг яке аз самтҳои умедбахши рушди иқтисоди кишвар мебошад, зеро тавассути амалиёти лизингӣ сармоягузориҳои заруриро воқеан ба қисматҳои ниёзмандтарини иқтисоди Тоҷикистон ҷалб кардан мумкин аст [1, с. 146]. Бо афзоишёбии амалиётҳои қарзии лизингӣ қисмати фарогирии аҳолӣ ба хизматрасониҳои молиявӣ-бонкӣ таъмин гашта, ҷиҳати самараноктар намудани натиҷаҳои стратегияҳои давлатии соҳавӣ асос шуда метавонад.

Аз ин рӯ, қайд шудааст, ки фарогирии молиявӣ воситаи самараноки беҳтар намудани дастрасӣ ва истифодаи хизматрасониҳои босифати молиявӣ мебошад, ки дар таъмини рушди устувори бахши молиявӣ, бахши хусусӣ, беҳтар намудани фазои соҳибкорӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, рушди сармояи инсонӣ ва дар ин замина баланд бардоштани сатҳи некуаҳволӣ дар кишвар нақши муҳим дорад [12].

Агар дар ҷадвали 2. ҳаҷми қарзҳои умумии додашудаи лизингии бонкҳои тиҷоратӣ ба субъектҳои иқтисодӣ таҳлил шуда бошад, пас дар диаграммаи 1. ҳиссаи бархе аз бонкҳои алоҳидаро дар татбиқи амалиётҳои лизингӣ мушоҳида менамоем. Чун фаъолияти лизингии ин бонкҳо дар бозори амалиётҳои лизингии бонкии кишвар бараъло мушоҳида гашта, дар ташаккули устувори ин бозор ҳамчун намуна ва омӯзишаванда баҳри дигар бонкҳои тиҷоратӣ асос дониста мешавад (диаграммаи 2).

Диаграммаи 2. – Ҳиссаи бархе аз бонкҳои тиҷоратии Тоҷикистон дар таъмини қарзҳо, иҷораи молиявӣ ва овердрафт ба шахсони эҳтиёҷдоштаи кишвар, млн. сомонӣ



Сарчашма: таҳияи муҳаққиқ дар асоси адабиёти [7]

Асоси рушди ҷамъиятиро ин маблағгузориҳои қарзии бонкҳои тиҷоратӣ ташкил намуда, масъалаи афзоиш додани он ва дар расидан ба мақсадҳои гузошташудаи иқтисодӣ ҳамчун манбаи дохилаи имконпазир дониста мешавад. Бо дарки чунин муҳиммият ва тибқи маълумотҳои омории диаграммаи 2. муайян шудааст, ки дар соли 2021 ҳаҷми қарзҳо, иҷораи молиявӣ ва овердрафти бархе аз бонкҳои тиҷоратии Тоҷикистон 5 679,8 млн. сомониро ташкил намудааст, ки 266,7 млн. сомонӣ ё 4,6 фоиз ба ҶСП «Коммерсбонк Тоҷикистон», 966,8 млн. сомонӣ ё 17 фоиз ба КВД БА ҶТ «Амонатбонк», 266,9 млн. сомонӣ ё 4,6 фоиз ба ҶСК «Бонки байналмилалии Тоҷикистон», 2 018,2 млн. сомонӣ ё 35,5 фоиз ба ҶСК «Бонки Эсхата» ва 2 161,2 млн. сомонӣ ё 38 фоиз ба ҶСК «Ориёнбонк» рост меояд.

Солҳои 2022-2023 ҳаҷми қарзҳо, иҷораи молиявӣ ва овердрафт 6 281,5 ва 8 196,5 млн. сомониро ташкил намуда, аз онҳо 353 млн. сомонӣ ё 5,6 фоиз ва 839,6 млн. сомонӣ ё 10,2 фоиз ба ҶСП «Коммерсбонк Тоҷикистон», 1 284,3 млн. сомонӣ ё 20,4 фоиз ва 1 756,4 млн. сомонӣ ё 21,4 фоиз ба КВД БА ҶТ «Амонатбонк», 322,8 млн. сомонӣ ё 5,1 фоиз ва 573,6 млн. сомонӣ ё 6,9 фоиз ба ҶСК «Бонки байналмилалии Тоҷикистон», 2 452,7 млн. сомонӣ ё 39 фоиз ва 3 018,5 млн. сомонӣ ё 36,8 фоиз ба ҶСК «Бонки Эсхата» ва 1 868,7 млн. сомонӣ ё 29,7 фоиз ва 2 008,4 млн. сомонӣ ё 24,5 фоиз ба ҶСК «Ориёнбонк» рост меоянд.

Нишондиҳандаҳои ҳаҷми қарзҳо, иҷораи молиявӣ ва овердрафти бонкҳои тиҷоратӣ дар солҳои 2024-2025 тағйир ёфта, майл ба афзоиш намудаанд, ки рушди ин бозорҳоро нишон медиҳад. Ин аст, ки дар солҳои 2024-2025 ҳаҷми қарзҳо, иҷораи молиявӣ ва овердрафт 10 149,4 ва 11 582,4 млн. сомониро дарбар гирифта, ҳиссаи ҶСП «Коммерсбонк Тоҷикистон» 959,3 млн. сомонӣ ё 9,4 фоиз ва 910,9 млн. сомонӣ ё 7,8 фоиз, ҳиссаи КВД БА ҶТ «Амонатбонк» 2 655,2 млн. сомонӣ ё 26,1 фоиз ва 2 714,8 млн. сомонӣ ё 23,4 фоиз, ҳиссаи ҶСК «Бонки байналмилалии Тоҷикистон» 715,6 млн. сомонӣ ё 7 фоиз ва 839,4 млн. сомонӣ ё 7,2 фоиз, ҳиссаи ҶСК «Бонки Эсхата» 3 694,1 млн. сомонӣ ё 36,3 фоиз ва 4 864,4 млн. сомонӣ ё 41,9 фоиз ва ҳиссаи ҶСК «Ориёнбонк» 2 125,2 млн. сомонӣ ё 20,9 фоиз ва 2 252,9 млн. сомонӣ ё 19,4 фоизро дарбар гирифтаанд.

Аз натиҷаи таҳлили диаграммаи мазкур маълум мегардад, ки дар ин 5 сол ҳаҷми қарзҳо, иҷораи молиявӣ ва овердрафт ҳамагӣ 41 889,6 млн. сомониро ташкил намуда, аз ҳама бештар соли 2025 бақайд гирифта шудааст, ки ҳаҷми он 11 582,4 млн. сомониро ташкил кардааст. Ҳамзамон, дар соли 2021 ҳаҷми бештари қарзҳо, иҷораи молиявӣ ва овердрафт ба ҶСК «Ориёнбонк» бо ҳаҷми 2 1612 млн. сомонӣ, соли 2022 ба ҶСК «Бонки Эсхата» бо ҳаҷми 2 452,7 млн. сомонӣ, соли 2023 ба ҶСК «Бонки Эсхата» бо ҳаҷми 3 018,5 млн. сомонӣ, соли 2024 ба ҶСК «Бонки Эсхата» бо ҳаҷми 3 694,1 млн. сомонӣ ва соли 2025 бошад, боз ҳам ба ҶСК «Бонки Эсхата» бо ҳаҷми 4 864,4 млн. сомонӣ рост омадааст, ки фаъолияти назарраси чунин бонкҳо омили муҳим дар бозори бонкии Тоҷикистон бо мақсади рушди амалиёти лизингӣ арзёбӣ мегардад.

Хулоса. Бо дарки муҳиммияти зиёди ташаккули амалиётҳои лизингӣ ва нақши калидӣ доштани он дар таъмини эҳтиёҷоти субъектҳои иқтисодӣ ба воситаҳои зарурии қарзии ғайримолиявӣ ва рушди ботадриҷи фаъолияти истеҳсолӣ, ҳамзамон, ба роҳ мондани таҳлили нишондиҳандаҳои васеъи он дар бозори амалиётҳои бонкии Тоҷикистон, муҳаққиқ масоили мазкурро дар шароити устувор намудани вазъи молиявии низоми фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ ҳамчун як самти талаботдоштаю ояндадор бо назардошти қабули барномаю стратегияҳои дахлдори давлатӣ чиҳати баланд бардоштани сатҳи даромад ва зиндагии аҳолӣ ва минтақашавӣ-ҷаҳонишавии шароити молиявию иқтисодии кишварҳои алоҳида арзёбӣ намуда, батараф намудани мушкилотҳои мухталифи зеринро пешниҳод менамояд, ки татбиқ намудани он, бевосита аз фаъолияти босамари ҳам бонкҳои тиҷоратӣ ва ҳам аҳолӣ вобастагии ҷудонопазир дошта, бо фаъолияти як самт наметавон рушди бозори амалиётҳои лизингиро таъмин сохт:

- кам ба чашм расидани фаъолияти он бонкҳое, ки ба додани иҷораи молиявӣ машғул мебошанд;

- аз ҷониби мақоми танзими низоми бонкӣ (БМТ) дар кишвар вазифагузорӣ намудани тамоми бонкҳои тиҷоратӣ чиҳати ба роҳ мондани ҳамкориҳои иқтисодӣ бо корхонаҳо (тарафҳо)-и лизингдиҳанда ва пайваста амалӣ намудани хизматрасониҳои лизингӣ ба соҳибкорон;

- бо мақсади ҳавасмандии соҳибкорон ва баланд бардоштани талаботи истеъмолӣ ва эътимоди онҳо ба амалиётҳои лизингӣ, мебояд аз ҷониби бонкҳои тиҷоратии алоҳидаи устувор, ҳадди ақал то 3 моҳи баъди фаъолият меъёри пасти фоизи қарзӣ ба субъектҳои иқтисодӣ пешниҳод карда шавад;

- вобаста ба рушди соҳаҳои таркибии ММД ва талаботи кунунии низоми бонкӣ-иқтисодии Тоҷикистон ва соҳибкорон, қабул ва додани иҷораи молиявии (лизинг) нав бо мақсади бардавом фаъол гаштани бахши истеҳсолӣ;

- бо назардошти вазъи ногаҳонӣ ва бидуни ихтиёрии баамаломада дар фаъолияти муштариёни боэътимоду ҳамешагӣ, якҷоя ба уҳда гирифтани ҷавобгарӣ ҳангоми қисман носоз гаштани воситаи иҷорагирифташуда;

- бо мақсади тақвияти ҳамкориҳои бенуқсону бардавоми бонку мизоҷ дар тамоми фасл, андешидан ва пешниҳод кардани меъёри фоизии қарзи лизингӣ дар доираи на зиёд аз 10 фоиз.

- ҳар сол аз қисмати захираҳои молиявии ташкилкардашудаи ҳар як бонк, афзоиши таъмини сармоягузорӣ ба фаъолияти лизингӣ ва таъмини назорати фаъолияти сохторҳои лизингдиҳандаи бонкҳо.

Албатта, бартараф намудани мушкилотҳои зикршуда, давраи муайян ва имкониятҳои муносиби молиявии ҳар як бонкро талаб намуда, таъсири давлат низ дар ин самт ҳамчун фазои созгору тақвиятдиҳандаи фаъолияти лизингӣ арзёбӣ гашта, асоси оммавӣ гаштани он дар симои таъмини сабукиҳои низоми андозӣ ва пайдо намудани сармоягузорони доимии дохилӣ-хориҷӣ вобаста мебошад. Чун фаъолияти солҳои охири бархе аз бонкҳои тиҷоратии низоми бонкии кишвар нишон медиҳад, ки бархе аз он бонкҳое, ки имкониятҳои молиявии хешро дуруст бо назардошти шароити талаботи асри пешрафти иқтисодию молиявӣ истифода накарданд, ба шикастпазирии молиявӣ дучор гашта, сипас аз аз фаъолият боз монданд, ки чунин вазъият дар он солҳо то як андозае боварии аҳолиро нисбат ба фаъолияти бонкҳо коста намуда буд. Бино ба омӯзиши ин масъала ва маротибаи дигар роҳ надодан ба он, мебояд, ки дар самти амалиётҳои лизингӣ ҳар як бонки тиҷоратӣ ба саросемагии беасос роҳ надода, бо истифодаи босамари вақт ва имкониятҳои молиявии хеш, рушди солими хизматрасониҳои лизингиро таъмин сохта, мавқеи онро дар имрӯз ва ояндаи бозори амалиётҳои тамоми бонкҳои тиҷоратии кишвар баланд намуда бошанд.

АДАБИЁТ:

1. Асозода, Ф.Н. Мукаммалгардонии низоми қарздиҳӣ дар иқтисодиёти кишоварзӣ (дар мисоли корхонаҳои кишоварзии Тоҷикистон): дисс. номзади илмҳои иқтисодӣ: 08.00.04.02 / Ф.Н. Асозода. – Душанбе, 2025. – 187 с.
2. Бюллетени омори бонкии Бонки миллии Тоҷикистон барои солҳои 2021, 12 (316), 2022, 12 (329), 2023, 12 (341), 2024, 12 (353), 2025, 12 (365).
3. Дастурамали № 141 «Дар бораи тартиби баҳисобгирии бухгалтерии иҷораи молиявӣ (лизинг) дар бонкҳо», аз 06.07.2005, № 178.
4. Дастурамали № 186 «Дар бораи тартиби додани қарз ва ҳисоб кардани фоиз дар ташкилотҳои қарзӣ», аз 28 апрели соли 2011, № 73 (тағйирот ба дастурамали мазкур аз 03 майи соли 2016, № 58).
5. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи иҷораи молиявӣ (лизинг)”, аз 22 апрели соли 2003, № 9 (тағйирот ба қонуни мазкур аз 15.03.2016, № 1300).
6. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи фаъолияти бонкӣ”, аз 19 майи соли 2009, № 524 (тағйирот ба қонуни мазкур аз 20.06.2024, № 2072).
7. Нишондиҳандаҳои молиявии бонкҳо барои солҳои 2021, 2022, 2023, 2024, 2025. [Захираи электронӣ]: https://nbt.tj/tj/banking_system/nishondihandaho/finance_bank_pokazatel.php (санаи мурочиат: 14.07.2026).
8. Ҳаёев, Қ.А. Такмили амсилаи танзими низоми бонкӣ бо мақсади таъмини устувории молиявии бонкҳои тиҷоратӣ / Қ.А. Ҳаёев // Маҷаллаи илмию сиёсии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон: “Идоракунии давлатӣ”. - 2024. - № 1 (66). – С. 158-167.
9. Ҳаёзода, Қ.А. Масъалаҳои арзёбии устувории молиявии бонкҳои тиҷоратии Тоҷикистон дар шароити навини иқтисодӣ / Қ.А. Ҳаёзода // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. - 2025. - № 3 (58). – С. 403-410.
10. Рӯйхати сармоягузориҳои ташкилотҳои қарзии молиявӣ. [Захираи электронӣ]: https://nbt.tj/tj/banking_system/investments_of_banks.php (санаи мурочиат: 15.07.2026).
11. Сомонаи ҶДММ «Эсхата Лизинг». [Захираи электронӣ]: https://eskhata-leasing.tj./tg/products/equipment-leasing (санаи мурочиат: 14.07.2026).
12. Стратегияи миллии фарогирии молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2022-2026, аз 01 июли соли 2022, №314.
13. Шарҳи низоми молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021, 2022, 2023, 2024, 2025.

УДК 336.71:336.77:338.43:338.45(575.3)

ТАЪМИНИ РУШДИ БАХШҲОИ САНОАТИЮ КИШОВАРЗӢ БО ИСТИФОДА АЗ ИМКОНИЯТҲОИ ҚАРЗИИ БОНКҲОИ ТИҶОРАТӢ

ҲАЁЗОДА ҚИЁМУДДИН АМОНУЛЛО
Доктори фалсафа (PhD), муаллими калони кафедраи молия ва қарзи
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ.
Сурооға: 735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Кӯлоб, кӯчаи С. Сафаров, 16.
Тел.: (+992) 988-00-60-29. **E-mail:** qiyom1995@mail.ru

Аннотатсия. Рушди пайвастаи бахшҳои саноату кишоварзӣ яке аз талаботҳои муҳими шароити иқтисодиёти миллӣ бо мақсади таъмини вазъи истеъмолии аҳолӣ дониста шуда, таъмини рушди он соҳаҳоро муҳаққиқ бо истифода аз маблағгузориҳои қарзии бонкҳои тиҷоратӣ асоснок намудааст. Бо таҳқиқотҳои зиёд, зарурати ташаккул ва рушди соҳаҳои болозикр дар шароити афзоишёбии талаботҳои иқтисодии аҳолӣ нишон додашуда, бо нишондиҳандаҳои омори амиқи илмии расмӣ вазъи бозори истеҳсоли маҳсулотҳои саноатӣ ва кишоварзӣ таҳлил гашта, ҳиссаи онҳо дар рушди иқтисодиёти миллӣ баҳогузорӣ шудааст. Муҳаққиқ бахши қарзии бонкиро ҳамчун манбаи ягонаи калидии таъмин ва истеҳсоли маҳсулоти соҳаҳои саноату кишоварзӣ баёни намуда, ҳаҷми қарзҳои равонгаштаи бонкиро дар ин самт ва вобастагии рушди истеҳсолоти маҳсулоти чунин бахшҳоро аз истеъмоли қарзи бонкӣ бо овардани ҷадвалу диаграммааҳо ба таври фаҳмо дар матни мақола дарҷ намудааст. Ҷиҳати рушди минбаъдаи соҳаҳо ва зуҳур наёфтани мушкилотҳои соҳавӣ, муҳаққиқ бархе аз пешниҳодҳои худро ба таври мушаххас баён намудааст, ки дар мавриди истифода, метавонанд як тағйирот дар рафъи мушкилотҳо дучор гардонида, рушди бахшҳои кишоварзию саноатиро бо мақсади даст ёфтан ба сатҳи муносиби нишондиҳандаҳои стратегии банақшагирифташудаи кишвар ва афзоиши иқтидори молиявии ҳам бонкҳои тиҷоратӣ ва ҳам аҳолӣ таъмин намуда бошанд.

Калидвожаҳо: бонкҳои тиҷоратӣ, маблағгузориҳои қарзӣ, гирифтани даромад, ҳавасмандии молиявии субъектҳои иқтисодӣ, истеҳсоли маҳсулотҳои саноатӣ-кишоварзӣ, таъмини ҷойҳои корӣ ва даромади муносиби аҳолӣ, коҳиш ёфтани сатҳи камбизотаӣ, баланд гаштани нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ.

ОБЕСПЕЧЕНИЕ РАЗВИТИЯ ПРОМЫШЛЕННОГО И СЕЛЬСКОХОЗЯЙСТВЕННОГО СЕКТОРОВ С ИСПОЛЬЗОВАНИЕМ КРЕДИТНЫХ ВОЗМОЖНОСТЕЙ КОММЕРЧЕСКИХ БАНКОВ

Хаёзода Киёмуддин Амонулло
Доктор философии (PhD), старший преподаватель кафедры финансы и кредита
Кулябский государственный университет имени Абуабдуллох Рудаки.
Адрес: 735360, Республика Таджикистан, г. Куляб, ул. С. Сафарова, 16
Тел.: (+992) 988-00-60-29. **E-mail:** qiyom1995@mail.ru

Аннотация. Непрерывное развитие промышленного и сельскохозяйственного секторов рассматривается как одно из важных требований национальной экономики для обеспечения потребительского положения населения, и исследователь обосновал развитие этих секторов с использованием кредитных инвестиций коммерческих банков. Многочисленные исследования показали необходимость формирования и развития вышеупомянутых секторов в условиях возрастающих экономических потребностей населения, а также провели углубленный анализ состояния рынка продукции промышленного и сельскохозяйственного сектора с использованием официальной научной статистики и оценили их вклад в развитие национальной экономики. Исследователь охарактеризовал банковский сектор как единственный ключевой источник снабжения и производства

промышленной и сельскохозяйственной продукции, и четко указал в тексте статьи объем банковских кредитов в этом направлении и зависимость развития производства таких секторов от потребления банковских кредитов, приведя таблицы и диаграммы. Для дальнейшего развития секторов и предотвращения возникновения секторальных проблем исследователь конкретно изложил ряд своих предложений, которые, в случае реализации, могли бы привести к изменению ситуации в устранении проблем и обеспечить развитие агропромышленного сектора с целью достижения надлежащего уровня плановых стратегических показателей страны и повышения финансового потенциала как коммерческих банков, так и населения.

Ключевые слова: коммерческие банки, кредитные инвестиции, формирование доходов, финансовые стимулы для хозяйствующих субъектов, производство промышленной и сельскохозяйственной продукции, обеспечение занятости и достойного дохода населения, снижение уровня бедности, улучшение макроэкономических показателей.

ENSURING THE DEVELOPMENT OF THE INDUSTRIAL AND AGRICULTURAL SECTORS USING THE LOAN OPPORTUNITIES OF COMMERCIAL BANKS

HAYOZODA QIYOMUDDIN AMONULLO
Doctor of philosophy (PhD), senior lecturer of the department of finance and credit,
Kulob State University named after Abuabdullohi Rudaki.
Address: 735360, Republic of Tajikistan, Kulob, S. Safarov street, 16,
Tel.: (+992) 988-00-60-29. **E-mail:** qiyom1995@mail.ru

Annotation. The continuous development of the industrial and agricultural sectors is considered one of the important requirements of the national economy in order to ensure the consumer situation of the population, and the researcher has justified the development of these sectors using the loan investments of commercial banks. Numerous studies have shown the need for the formation and development of the above-mentioned sectors in the context of increasing economic needs of the population, and the state of the market for industrial and agricultural products has been analyzed using in-depth official scientific statistics, and their contribution to the development of the national economy has been assessed. The researcher has identified the banking sector as the only key source of supply and production of industrial and agricultural products, and has clearly presented the volume of bank loans in this direction and the dependence of the development of production of such sectors on the consumption of bank loans in the text of the article, using tables and diagrams. For the further development of the sectors and the elimination of sectoral problems, the researcher has specifically outlined some of his proposals, which, if implemented, can lead to a change in the elimination of problems, ensuring the development of the agricultural and industrial sectors with the aim of achieving the appropriate level of planned strategic indicators of the country and increasing the financial capacity of both commercial banks and the population.

Keywords: commercial banks, credit investments, income generation, financial incentives for economic entities, production of industrial and agricultural products, provision of jobs and decent incomes for the population, reduction of poverty levels, improvement of macroeconomic indicators.

Муқаддима. Тақвияти иқтидори истеҳсолӣ ва баланд бардоштани сатҳи нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ, аз самаранокии фаъолияти тамоми бахшҳои он вобаста буда, дар мавриди фазои созгори истеҳсолӣ, имкони таъмини ҷойҳои корӣ барои аҳолии кишвар пайдо шуда, дар паст намудани сатҳи камбизоатӣ нақши ҳар яке аз соҳаҳои таркибии маҷмӯи маҳсулоти дохила ҳамчун қисми ҷудонопазир дониста мешавад. Бахши саноату кишоварзӣ ҳамчун мавзуи рӯзмараи низоми иқтисодӣ интихоб гашта, чунин иброз медорем, ки асоси расидан ба сатҳи лозимаи саноатикунонӣ, ин фаъолияти самараноки бахши кишоварзӣ дониста шуда, таъминкунандаи ашёи хом ҷиҳати табдили он ба қисмати маҳсулоти саноатӣ арзёбӣ гашта, дар натиҷагирии фаъолияти иқтисодӣ-молиявии кишвар ҳамчун манбаҳои ягонаи манфиати зиёди иқтисодидошта ба ҳисоб меравад.

Усулҳо. Муҳаққиқ саъй намудааст, ки ҳангоми таҳқиқи асари илмӣ аз усулҳои омӯзишӣ, таҳлили қиёсӣ ва натиҷагирӣ истифода карда бошад.

Натиҷаҳо. Имкониятҳои молиявию қарзии бонкҳои тиҷоратӣ ҳамчун заминаи асосии рушди бахшҳои саноатию кишоварзии кишвар дониста шуда, дар мавриди фаъолияти босамари ҳарду ҷониб, рушди бахшҳои молиявӣ-иқтисодӣ намуддор гашта, дар расидан ба ҳадафҳои олии гузошташудаи стратегӣ нақши аввалиндараҷаро мебозад.

Таҳлил ва муҳокима. Яке аз масъалаҳои асосие, ки имрӯз Ҷумҳурии Тоҷикистон бо назардошти имконоти мавҷудаи ҳам захираҳои иқтисодӣ ва ҳам захираҳои меҳнатии хеш ба он таваҷҷуҳи зиёд дошта, ҳатто дар ин самт стратегия ва барномаҳои махсуси давлатӣ қабул намудааст, ин афзоиши истеҳсолӣ маҳсулоти саноатӣ ва кишоварзӣ буда, баҳри зиёдшавии субъектҳои фаъолияткунанда дар ин бахшҳои ояндадори иқтисодӣ ва ташкили як фазои озоди иқтисодӣ ҷиҳати ҳаракати пайвастаи маҳсулоти истеҳсолшуда ба бозорҳои истеъмолӣ, имтиёзҳои муносиби мутобиқ ба шароити ҷаҳонишавии иқтисодиро равона карда, дар афзоиши ботадриҷ ва устувори қисмати содиротии кишвар бо мақсади фуруш дар бозорҳои минтақавӣ-ҷаҳонӣ ва ворид намудани захираҳои молиявии иловагӣ кушишҳои шабонарӯзиро татбиқ намуда истодаат, ки чунин ҷараён ҳам барои низоми бонкӣ ва ҳам барои аҳолӣ аз нигоҳи иқтисодӣ афзалиятнок мебошад.

Бо доштани хусусиятҳои мусбати ташаккул ва рушд, дар ҳар се сенарияҳои дарҷшудаи Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 бахшҳои саноатию кишоварзӣ дар рушди иқтисодиёти миллии кишвар ҳамчун бахшҳои калидӣ ва такягоҳӣ дониста шуда, ҷиҳати расидан ба сатҳи муносиб ва баланди он ҳамаи имконоти дарназардошта мавриди истифода қарор мегиранд [9], ки ҳамзамон, роҷеъ ба таъмини воситаҳои молиявӣ дар Стратегияи миллии фарогирии молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2022-2026 чунин ишора шудааст, ки дар ҷаҳони муосир фарогирии молиявӣ воситаи самараноки беҳтар намудани дастрасӣ ва истифодаи хизматрасониҳои босифати молиявӣ мебошад, ки дар таъмини рушди устувори бахши молиявӣ, бахши хусусӣ, беҳтар намудани фазои соҳибкорӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, рушди сармояи инсонӣ ва дар ин замина баланд бардоштани сатҳи некуаҳволӣ дар кишвар нақши муҳим дорад [10].

Дар фазои иқтисодии кунунии Ҷумҳурии Тоҷикистон шумораи зиёди соҳибкорон ҷиҳати таъмини сабади истеъмолии аҳолӣ ба фаъолият машғул мебошанд, ки маҳз беҳшавии фазои молиявӣ ва иқтисодии ҷомеа аз сатҳи дониш ва кордонии ҳар яке аз табақаҳои гуногуни соҳибкорӣ вобаста буда, ҳар сол тибқи нишондиҳандаҳои оморӣ маълуми он мегардад, ки вазъи истеҳсолии ММД-и кишвар дар ҳоли афзоиш қарор дошта, худи талаботи истеъмолии аҳолӣ боиси афзоиши бахши истеҳсолӣ мегардад (ҷадвали 1).

Ҷадвали 1. - Вазъи ММД-и Тоҷикистон ва бахшҳои саноатию кишоварзӣ дар ташаккули он

Нишондиҳандаҳо	Солҳо					Тағ. 2024/2021, +/-
	2021	2022	2023	2024	2025	
Ҳаҷми ММД, млн. сомонӣ	98 910	115 739	130 791	153 402	176 919	+ 78 009
Сатҳи рушд, фоиз	9,2	8	8,3	8,4	8,4	- 0,8
Аз ҳисоби ММД ба сари аҳолӣ, сомонӣ	10 053	11 551	12 805	14 699	16 600	+ 6 547
Рушди истеҳсолоти саноатӣ, фоиз	22	15,4	12	20	22,10	+ 0,10
Рушди истеҳсолоти кишоварзӣ, фоиз	6,6	8	9	10,6	9,5	+ 2,9

Сарчашма: таҳияи муаллиф дар асоси Бюллетени оморӣ бонкии Бонки миллии Тоҷикистон барои солҳои 2021, 12 (316), 2022, 12 (329), 2023, 12 (341), 2024, 12 (353), 2025, 12 (365).

Аз нишондиҳандаҳои ҷадвали болозикр метавон чунин таҳлил ва арзёбӣ намуд, ки соли 2021 ҳаҷмии ММД-и Тоҷикистон 98 910 млн. сомонӣ, ки рушди воқеии он нисбат ба соли 2020

9,2 фоизро ташкил дода, дар ин сол ба сари аҳолӣ 10 053 сомонӣ рост меояд, ки суръати рушди бахши саноатӣ 22 фоиз ва кишоварзӣ 6,6 фоизро дар таркиби ММД ташкил медиҳанд. Соли 2022 ҳаҷми ММД 115 739 млн. сомонӣ, ки суръати рушд 8 фоиз ва ба ҳар сари аҳолӣ аз ҳисоби ММД 11 551 сомонӣ рост омада, суръати рушди бахшҳои саноатию кишоварзӣ 12 ва 9 фоизро дарбар мегирад. Соли 2023 тибқи оморҳои расмии ҷадвал ММД 130 791 млн. сомониро ташкил намуда, суръати рушди он 8,3 фоиз ва ба сари аҳолӣ дар ҳаҷми 12 805 сомонӣ рост меояд, ки дар таркиби ММД суръати рушди бахши саноатӣ 12 ва кишоварзӣ 9 фоизро ташкил намудааст. Соли 2024 рушди ММД нисбат ба соли гузашта бақайд гирифта шуда, ҳаҷми 153 402 млн. сомониро дарбар гирифта, рушди он 8,4 фоиз буда, суръати бахши саноатию кишоварзӣ 20 ва 10,6 фоизро ташкил намудааст.

Соли 2025 бошад, бо истифодаи тамоми имконот ҳаҷми ММД дар Тоҷикистон 176 919 млн. сомониро ташкил намуда, рушди он 8,4 фоиз муайян гашта, ба сари аҳолӣ аз ҳисоби фаъолияти ММД 16 600 сомонӣ, ки суръати рушди бахши саноат 22,1 фоиз ва бахши кишоварзӣ 9,5 фоиз арзёбӣ мегардад. Дар натиҷаи нишондиҳандаҳои оморӣ агар усули қиёсӣ, яъне соли 2025 нисбат ба соли 2021-ро истифода карда бошем, пас чунин маълум мегардад, ки ҳаҷми ММД-и соли 2025 нисбат ба соли 2024 дар ҳаҷми 78 009 млн. сомонӣ ё 78,86 фоиз афзоиш ёфта, аммо аз лиҳози рушди воқеӣ дар ҳаҷми 0,8 фоиз коҳиш ёфтааст. Ҷудокунии маблағ аз ҳисоби ММД ба сари аҳолӣ дар ҳаҷми 6 547 млн. сомонӣ ё 65,12 фоиз, рушди истеҳсоли саноатӣ ва кишоварзӣ дар ҳаҷмӣ 0,10 ва 2,9 фоиз афзоиш ёфтаанд, ки худи баланд гаштани чунин нишондиҳандаҳо ин собиткунандаи мавқеи калидӣ доштани бахшҳои саноатию кишоварзиро дар Тоҷикистон нишон дода, рӯз то рӯз талаботи аҳолӣ ба зиёдшавӣ ва беҳшавии маҳсулоти истеҳсолии онҳо меафзояд, ки чунини раванд дар расидан ба шакли иқтисоди сабз боис мегардад.

Бо назардошти натиҷаҳои таҳлилшудаи ҷадвали 1, ҳамзамон дар ҷадвали 2 ҳаҷми маҳсулотҳои истеҳсолшудаи ҳам бахши саноатӣ ва ҳам кишоварзиро дар ММД бо нишондиҳандаҳои омори расмӣ мушоҳида менамоем:

Диаграммаи 1. - Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ ва кишоварзӣ дар таркиби ММД-и Ҷумҳурии Тоҷикистон, млн. сомонӣ



Сарчашма: таҳияи муаллиф дар асоси Бюллетени омории бонкии Бонки миллии Тоҷикистон барои солҳои 2021, 12 (316), 2022, 12 (329), 2023, 12 (341), 2024, 12 (353), 2025, 12 (365).

Дар диаграммаи 1. вазъи истеҳсоли маҳсулоти саноатию кишоварзӣ мавриди таҳлил қарор гирифта, нақши ҳарду ҳамчун самти вобаста дониста шудааст. Соли 2021 ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ 17 964 млн. сомонӣ ва маҳсулоти кишоварзӣ 23 883 млн. сомониро ташкил намудааст, ки ба 18,16 ва 24,14 фоизӣ ММД баробар мебошад. Соли 2022 ҳаҷми 19 553 млн. сомонӣ ва 28 466 млн. сомонӣ, ки ба 16,89 ва 24,59 фоизи ММД, соли 2023 ҳаҷми истеҳсолӣ ҳам бахши саноатӣ ва ҳам кишоварзӣ афзоиш ёфта, бахши саноатӣ 21 143 млн. сомонӣ ва кишоварзӣ 31 769 млн. сомонӣ, ки ба 16,16 ва 24,28 фоизи ММД, соли 2024

истеҳсоли саноатию кишоварзӣ 25 921 млн. сомонӣ ва 34 954 млн. сомонӣ, ки ба 16,89 фоиз ва 22,78 фоизи ММД ва соли 2025 бошад, ҳаҷми истеҳсоли саноатӣ 28 632 млн. сомонӣ ва истеҳсоли кишоварзӣ 38 820 млн. сомонӣ, ки ба 16,18 фоиз ва 21,94 фоизи ММД баробар мебошанд. Яъне, ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатии соли 2025 нисбат ба соли 2021 дар ҳаҷми 10 668 млн. сомонӣ ё 59,38 фоиз ва маҳсулоти кишоварзӣ дар ҳаҷми 14 937 млн. сомонӣ ё 62,54 фоиз афзоиш ёфтаанд.

Агар тибқи нишондиҳандаҳои ҷадвали 1. суръати афзоиши маҳсулоти саноатӣ нисбат ба маҳсулоти кишоварзӣ зиёдтар бақайд гирифта шуда бошад ҳам, аммо аз лиҳози ҳаҷми истеҳсол дар таркиби ММД, бо назардошти оне, ки саноатикунонии иқтисодӣ ҳамчун ҳадафи стратегӣ қабул шуда, ва ҷиҳати таъсиси корхонаҳои саноатии гуногун ва афзоши ҳаҷми истеҳсоли онҳо бо мақсади табдили кишвар ба самти саноатӣ имкониятҳо татбиқ шуда истодаанд, тамоюли камро нишон дода, ҳоло ҳам бахши кишоварзӣ дар таркиби ММД мавқеи аввалиндараҷа дорад. Чун Тоҷикистон кишвари аграрӣ буда, имконоти мавҷудаи ҳам молиявӣ ва ҳам сатҳи тахассусии кормандон нисбат ба бозори саноатии хориҷа як андозае дар сатҳи нокифоя қарор дошта, чунин ҷараён мушкилотҳои зиёдро баҳри расидан ба иқтисоди саноатӣ ворид месозад, ки фазои рушди бенуқсони онҳо аз муносибати идоракунии бахши давлатӣ низ дар соҳаи хусусӣ вобаста мебошад.

Рушди бахшҳои саноатию кишоварзӣ, имрӯз аз манбаъҳои гуногуни молиявӣ таъмин шуда, фаъолияти истеҳсолиро дар тамоми минтақаҳои кишвар идома дода истодаанд. Аммо бо назардошти талаботи бемайлонӣ аҳолӣ, рӯз то рӯз қисмати истеъмолии ин соҳаҳо ба воситаҳои молиявӣ афзун гашта, ба таъмини саривақтӣ, арзон ва пайвастаи захираҳои молиявӣ тақозо доранд, ки бонкҳои тиҷоратӣ ҳамчун манбаи ягонаи таъмини онҳо ба захираҳои қарзӣ дониста шуда, ҳамчун сохтори муҳими низоми молиявии кишвар баҳисоб меравад. Роҷеъ ба манбаъи ягонае, ки дар ташаккули захираҳои молиявии бонкҳои тиҷоратӣ бо мақсади таъмини молиявии на танҳо ду соҳа, балки тамоми соҳаҳои афзалиятноки иқтисодӣ ва афзун намудани низоми дохилаи молиявии мамлакат боис мегардад, қайд шудааст, ки муштариён ин истеъмолкунандагони асосии хизматрасониҳои молиявии бонкҳои тиҷоратӣ ба шумор рафта, дар мавриди боз ҳам андеша кардан ва истифода бурдани имкониятҳои дохила, шароити мусоид ҷиҳати ҷалби бештари аҳолӣ ва дар ин замина ворид намудани маблағҳои аз муомилот бозмондаи онҳо ба дохили бонкҳои тиҷоратӣ имконият пайдо хоҳад шуд [5, с. 141].

Вобаста ба нақши бонкҳои тиҷоратӣ дар бунёди корхонаҳо ва афзоиши истеҳсолоти онҳо муҳаққиқ Ҳаёзода Қ.А. иброз медорад, ки имрӯз дар кишвар масъалаҳои бунёди корхонаҳои хурду миёна босуръат ба роҳ монда шуда, дар афзоиши ММД ва таъмини бозорҳои дохила бо мақсади кам вобаст намудани талаботи иқтисодии аҳолиро аз воридоти маҳсулоти хориҷа нақшгузор мебошад. Маҳз яке аз масъалаҳои ниҳоятан калидие, ки дар хариди интизориҳои аҳолӣ нақшии аввалиндараҷа дорад, ин низоми бонкии солим дониста шуда, раванди танзими давлатии бонкҳои тиҷоратӣ аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон ҷиҳати таъмини саривақтии аҳолӣ ба хизматрасониҳои босифати молиявӣ ва ҳамзамон, сохтани як низоми устувори бонкие, ки пайваста ҳуқуқҳои муштариёнашро ҷонибдорӣ карда, сатҳи лозимаи пардохтпазириашро собит месозад, пайваста идома ёфта истодааст [6, с. 384].

Дар дигар асараш Ҳаёзода Қ.А. таъкид бар он менамояд, ки ба мисли талаботи ҳаррӯзаи одамон ба воситаҳои молиявӣ, бонкҳои тиҷорати низ ба афзун намудани ҳаҷми сармояи худ аз ҳисоби манфиатдоронаш ниёз дошта, дар васеъ намудани доираи хизматрасониҳои навини олами бонкдорӣ ва беш равона намудани ҳаҷми сандуқи қарзии худ бо мақсади истифодаи босамари ҳам захираҳои меҳнатӣ ва ҳам иқтисодии кишвар ҷиҳати таъмини бозорҳои дохила бо молу маҳсулоти ватанӣ, ботадриҷ зиёд намуди қисмати содиротӣ ва дар заминаи он баланд бардоштани нуфузи кишварро дар минтака ва ҷаҳон ҳавасманд буда, ҳатто ба макони охирин умеди аҳолӣ ҷиҳати амалишавии орзуҳояшон табдил ёфтааст [7, с. 405].

Низоми бонкии кишвар дар ин масир, яъне равона кардани маблағгузориҳои қарзӣ ба чунин самтҳои афзалиятдоштаи стратегӣ ҳавасманд буда, аз васеъгардии сандуқи қарзӣ дар ин

самт ба худ сатҳи баланди даромадеро таъмин месозад, ки дар вазъи устуворӣ ва зиёдшавии дороиҳои пардохтпазирии бонкҳои тиҷоратӣ таъсиргузор мебошанд.

Роҷеъ ба нақши қарзи бонкӣ дар бахши кишоварзӣ Қувватзода С.С. иброз медорад, ки дар таърихи рушди муносибатҳои молиявӣ-иқтисодӣ, бахусус дар бахши кишоварзӣ қарз ҳамчун воситаи пулӣ ва молӣ нақши калидӣ дошта, инкишофи ин ё он соҳаро бе дарназардошти рушди низоми молиявӣ-қарзӣ ва дастрасии кофӣ доштан ба он дар сатҳи таъмин намудан ғайриимкон мебошад [3, с. 17] ва муҳаққиқи дигар Асозода Ф.Н. таъкид менамояд, ки хусусиятҳои ташаккули сиёсати қарзӣ дар соҳаи кишоварзӣ дар давраи ташаккули иқтисодиёти бозорӣ пеш аз ҳама ба роҳҳои ҳалли масъалаи таносуби танзими давлатӣ ва худтанзимкунии худии бозор дар асоси арзёбии воридшавии бахши аграрӣ ба муносибатҳои бозорӣ вобаста аст [2, с. 35]. Ҳамзамон, муҳаққиқон Арабов Ф.М. ва Амонов С.С. бо таҳқиқи худ дар бахши кишоварзӣ, чунин хулоса намудаанд, ки ҷорӣ намудани технологияи рақамӣ бо воситаи интернет дар соҳаи кишоварзӣ метавонад бахши кишоварзиро ба як тиҷорати баландтехнологӣ табдил диҳад [1, с. 8].

Миршарифзода Э.Қ. дар масъалаи вобастагӣ доштани рушди бахши саноатӣ аз қарзи бонкӣ бо таҳқиқоти худ чунин ишора мекунад, ки барои корхонаҳои саноатӣ, аз ҷумла корхонаҳои саноати сабук, воситаҳои қарзӣ аксар вақт ба сарчашмаи асосии маблағгузорӣ барои фаъолияти ҷорӣ ва рушди дарозмуҳлат табдил меёбад. Ин аз он сабаб аст, ки пасандозҳои худи корхонаҳо одатан барои ҳамзамон, пӯшонидани эҳтиёҷот ба навсозии таҷҳизот, васеъ кардани иқтидори истеҳсолӣ ва таҳияи маҳсулоти нав нокифоя мебошанд [3, с. 35]. Яъне бонкҳои тиҷоратӣ бо таъмини қарз ба чунин бахшҳо ба худ афзоиши сармояи пулӣ ва дар навбати худ бахшҳои саноатию кишоварзӣ низ ба худ афзоиши истеҳсолотро таъмин мекунанд, ки чунин ҷараёнҳо пайвастсозандаи муносибати ҷудонопазири бонку соҳаҳои иқтисодӣ арзёбӣ гашта, дар афзоиши таъмини талаботи истеъмолии аҳолӣ ва коҳиш додани сатҳи таҳримҳои беруна ва дар нигоҳдошти вазъи муътадилии иқтисодии дохила ҳамчун самти мусбат дониста мешавад (ҷадвали 2).

Ҷадвали 2. – Таъмини бахшҳои саноатӣ-кишоварзӣ бо қарздиҳии бонкҳои тиҷоратӣ дар Тоҷикистон, млн. сомонӣ

Солҳо	Нишондиҳандаҳо				
	Шумораи ТҚМ, адад	**Қарзҳои додашуда, млн. сомонӣ**	**Нисбат ба ММД, фоиз**	**Қарзҳо дар бахши саноат, млн. сомонӣ**	**Қарзҳо дар бахши кишоварзӣ, млн. сомонӣ**
2021	63	11 563	11,69	142	214
2022	64	14 382	12,42	1 478	2 433
2023	63	18 991	14,52	2 678	2 734
2024	65	24 557	16	3 045	3 127
2025	69	29 985	16,94	2 474	3 457
Тағйирот, 2025/2021, +/-	+ 6	+ 18 422	+ 5,25	+ 2 332	+ 3 243

Сарчашма: таҳияи муаллиф дар асоси Бюллетени омории бонкии Бонки миллии Тоҷикистон барои солҳои 2021, 12 (316), 2022, 12 (329), 2023, 12 (341), 2024, 12 (353), 2025, 12 (365).

Вазъи таъмини соҳаҳои саноат ва кишоварзӣ ба қарздиҳии бонкӣ дар кишвар назаррас буда, нишондиҳандаҳои он дар ҷадвали 2. дар муддати панҷ соли охир мавриди таҳлил қарор ёфтааст. Аз натиҷаи таҳлил маълум мебошад, ки шумораи ташкилотҳои қарзии молиявӣ соли 2021 ҳамагӣ 63 ададро ташкил намуда, ҳаҷми қарзҳои пешниҳодшуда ба аҳолӣ 11 563 млн. сомонӣ, ки ба 11,69 фоизи ММД баробар буда, ҳаҷми қарзҳо ба соҳаи саноат ва кишоварзӣ 142 млн. сомонӣ ва 214 млн. сомониро ташкил дода, ҳиссаи онҳо дар сандуқи умумии қарзии соли таҳлилшаванда ба 1,22 ва 1,85 фоиз баробар гашта, ҳиссаи қарзи бонкӣ дар рушди ин соҳаҳо ба 0,79 ва 0,89 фоиз расидааст. Соли 2022 шумораи чунин ташкилотҳо 64 адад, қарзҳои пешниҳодшуда 14 382 млн. сомонӣ, ки ба 12,42 фоизи ММД, ҳаҷми қарзҳо дар бахшҳои

саноатию кишоварзӣ 1 478 млн. сомонӣ ва 2 433 млн. сомонӣ, ки ба 10,27 ва 16,91 фоизи ҳаҷми сандуқи қарзии умумӣ баробар буда, рушди истеҳсоли бахшҳои саноатию кишоварзӣ аз истеъмоли қарздиҳии бонкӣ ба 7,5 ва 8,5 фоиз баробар гаштааст. Соли 2023 шумораи ташкилотҳо 63 адад, ки ҳаҷми қарздиҳӣ 18 991 млн. сомонӣ, ки ба 14,52 фоизи ММД баробар гашта, ҳаҷми қарзҳо дар бахши саноатӣ ва кишоварзӣ 2 678 ва 2 734 млн. сомониро ташкил намудааст, ки ба 14,10 ва 14,39 фоизи сандуқии қарзии бонкҳои тиҷоратӣ баробар буда, рушди бахшҳои саноатию кишоварзӣ аз маблағгузориҳои қарзӣ ба 12,66 ва 8,60 фоиз баробар шудааст. Соли 2024 шумораи ташкилотҳо 65 адад, қарзҳои додашуда 24 557 млн. сомонӣ, ки ба 16 фоизи ММД, ҳаҷми қарзҳои додашудаи соҳаи саноату кишоварзӣ 3 045 ва 3 127 млн. сомониро ташкил намуда, ба 12,39 ва 12,73 фоизи сандуқи қарзии умумӣ баробар буда, рушди бахшҳои саноатию кишоварзӣ аз маблағгузори қарзии бонкӣ ба 11,74 ва 8,94 фоиз баробар мебошад.

Соли 2025 бошад нишондиҳандаҳо тағйир ёфта, шумораи ташкилотҳои қарзии молиявӣ 69 адад, ки ҳаҷми қарзҳо 29 985 млн. сомонӣ, ки ба 16,94 фоизи ММД баробар гашта, ҳаҷми қарзҳои додашуда ба соҳаҳои саноату кишоварзӣ ба 2 474 ва 3 457 млн сомонӣ ташкил дода, рушди истеҳсолӣ бахшҳои саноатию кишоварзӣ аз бахши қарзии бонкӣ ба 8,64 ва 8,90 фоиз расидааст. Яъне, агар усули қиёсиро истифода барем, чунин натиҷа мешавад, ки нишондиҳандаҳои соли 2025 нисбат ба соли 2021 тамоюли афзоишро касб намуда, шумораи ташкилотҳои қарзии молиявӣ 6 адад, қарзҳои пешниҳодшуда дар ҳаҷми 18 422 млн сомонӣ, нисбат ба ММД 5,25 фоиз, қарзҳои додашуда дар бахши саноат 2 332 млн. сомонӣ ва қарзҳои додашуда дар бахши кишоварзӣ дар ҳаҷми 3 243 млн. сомонӣ афзоиш ёфтаанд, ки чунин афзоиши нишондиҳандаҳо, бевосита фаъолияти самараноки бонкҳои тиҷоратиро дар масъалаи қарз ва таъмини он ба соҳаҳои муҳими хоҷагидории кишвар, яъне саноату кишоварзӣ нишон медиҳад, ки дар Тоҷикистон ин соҳаҳо дар ҳолати ташаккули таъмини ҳолати истеъмолии аҳолӣ қарор дошта, дар мавриди фаъолияти бардавому устувор фарогирандаи шуғли пайвастаи аҳолии ҳам шаҳру ва ҳам ноҳияҳои дурдасти кишвар гашта, дар ташкили низоми иқтисодие, ки вазъи истеҳсолиаш дар ҳоли муътадил қарор мегирад, табдил хоҳад ёфт.

Тибқи ҷадвали болозикр ҳаҷми қарзҳои равонагашта дар бахшҳои саноату кишоварзӣ ба таври фаҳмо маълум мебошад, ки дар ташаккули сандуқи қарзии низоми бонкӣ ҳиссаи ҳар яке аз бонкҳои тиҷоратии фаъолияткунанда ба чашм мерасад. Бо ишора ба ин масоил, чунин қайд менамоем, ки яке аз бонкҳои тиҷоратии фаъоли Ҷумҳурии Тоҷикистон КВД БАҶТ “Амонатбонк” маҳсуб ёфта, дар таъмини аҳолӣ ва соҳаҳои иқтисодиёти миллӣ ба воситаҳои қарзӣ нақши муҳим дошта, ҳамчун бонки низомсоз дар тайи чандин солҳои охир бо пешниҳоди Бонки миллии Тоҷикистон эътироф гаштааст, ки нишондиҳандаҳои қарзии онро дар бахшҳои саноату кишоварзӣ мавриди таҳлил қарор медиҳем (ҷадвали 3):

Ҷадвали 3. – Шароитҳои пешниҳоди қарзҳо ба соҳаҳои саноат ва кишоварзӣ дар фаъолияти КВД БАҶТ «Амонатбонк»

БА ШАХСОНИ ВОҚЕӢ (ҚАРЗИ КИШОВАРЗӢ)	
Муҳлати қарз	то 6 моҳ
Меъёри солона	21 фоиз
АСЪОРИ ҚАРЗДИҲӢ	
Бо пули миллӣ	то 2 сол 19 фоиз
Бо асъори хориҷӣ (доллари ИМА)	то 2 сол 12 фоиз
Бо пули миллӣ	то 3 сол 20 фоиз
Бо асъори хориҷӣ (доллари ИМА)	то 3 сол 12 фоиз
Бо пули миллӣ	то 5 сол 21 фоиз
Бо асъори хориҷӣ (доллари ИМА)	то 5 сол 12 фоиз
Таъминнокии маблағи қарз	амволи манқул ва ғайриманқул
Муҳлати имтиёз барои пардохти қарзи асосӣ	то 6 моҳ
Маҳдудияти синну сол	шаҳрвандони аз 18 то 65 сола
Ҳудуди қарз	вобаста ба зарурияти мизоҷ ва пардохтпазирии ӯ муайян карда мешавад

Барои муштариёни такрории боэътимод 1 банди фоизӣ имтиёз дода мешавад	
БА ШАХСОНИ ҲУҚУҚӢ (ҚАРЗИ КИШОВАРЗӢ)	
АСЪОРИ ҚАРЗДИҲӢ	
То 2 сол	
Бо пули миллӣ	21 фоиз
Бо асъори хориҷӣ (доллари ИМА)	10 фоиз
То 3 сол	
Бо пули миллӣ	22 фоиз
Бо асъори хориҷӣ (доллари ИМА)	10 фоиз
То 5 сол	
Бо пули миллӣ	22 фоиз
Бо асъори хориҷӣ (доллари ИМА)	9 фоиз
Ҳудуди қарз вобаста ба зарурияти мизоҷ ва пардохтпазирии ӯ муайян карда мешавад	
БА ШАХСОНИ ҲУҚУҚӢ (ҚАРЗИ САНОАТӢ)	
ШАРТҲОИ ҚАРЗДИҲӢ	
То 5 сол	
Бо пули миллӣ	18 фоиз
Бо асъори хориҷӣ (доллари ИМА)	12 фоиз
Имтиёз ба муштариёни такрории боэътимод	
Бо асъори хориҷӣ (доллари ИМА)	11 фоиз

Сарчашма: таҳияи муҳаққиқ бо истифода аз адабиёти

Тибқи ҷадвали 3. раванди пешниҳоди қарз ба шахсони воқеӣ-ҳуқуқӣ ва бахшҳои саноату кишоварзӣ ба таври равшан маълум буда, таваҷҷуҳи ин бонкро нисбат ба фаъолияти истеҳсолии бахшҳои афзалиятноки иқтисодиёти миллии Тоҷикистон собит сохта, дар фаъолгардонии онҳо ҳамчун бонкӣ боэътимод ва устувор дар бозори бонкӣ дониста мешавад. Тибқи шароитҳои пешниҳодкардаи ин бонк шахсони воқеӣ метавонанд, қарзи кишоварзиро ба муҳлати то 6 моҳ ва бо меъёри солонаи то 21 фоиз, ҳам бо пули миллӣ ва ҳам бо асъори хориҷӣ (доллари ИМА) аз 2 сол то 5 сол ва аз 12 то 21 фоиз дастрас намуда, ҳамзамон ба муштариёни доимӣ то 1 фоиз имтиёзи қарзии бонкӣ дода мешавад. Қарзи кишоварзӣ ба шахсони ҳуқуқӣ низ пешбинӣ гардида, метавонанд ҳам бо пули миллӣ ва ҳам бо асъори хориҷӣ (доллари ИМА) аз 2 то 5 сол ва аз 9 то 22 фоиз дастрасӣ намуда бошанд.

Қарз дар соҳаи саноат низ ба шахсони ҳуқуқӣ равона гашта, имкон пайдо мешавад, ки то 5 сол, ҳам бо пули миллӣ ва ҳам бо асъори хориҷӣ (доллари ИМА) аз 12 то 18 фоиз қарз гирифта, ҳамзамон дар ин шакли қарз низ ба муштариёни доимӣ танҳо ба асъори хориҷӣ (доллари ИМА) то 1 фоиз имтиёз дода мешавад, ки чунин ташкили як низоми қарздиҳӣ баҳри рушди соҳаҳои саноату кишоварзӣ рақобатҳоро дар бозори бонкӣ ташкил намуда, бонкҳои дигарро низ маҷбур месозад, ки бо мақсади зиёдшавии шумораи муштариён чунин раванди қарзиро дар фаъоляти хеш татбиқ намуда, фазои солимӣ дастрасдоштаи воситаҳои қарзиро ҷиҳати истеъмоли саривақтӣ ба шахсони эҳтиёҷдоштаи қарзӣ таъмин намуда бошанд.

Хулоса. Бо анҷоми таҳқиқотҳои назариявӣ ва амалии таҳлилу арзёбии вазъи истеҳсолоти бахшҳои саноатию кишоварзӣ, бахусус, муайян намудани зарурати ташаккули босуръати истеҳсоли маҳсулоти бахшҳои зикршуда, бо чунин раванд коҳиш додани сатҳи воридоти маҳсулотҳои мазкури хориҷӣ, муайян намудани рушди иқтисодиёти миллӣ аз фаъолияти ин бахшҳо, нишон додани вазъи маблағгузориҳои қарзии бонкии кишвар ба соҳаҳои саноату кишоварзӣ, муайян гаштани ҳиссаи қарзҳои бонкӣ дар рушди истеҳсолоти чунин бахшҳо, ҳамзамон, пешниҳод менамоем, ки бо мақсади тақвияти иқтидорҳои молиявии низоми бонкӣ ва таъсиргузории пайвастаи мусбати он дар бахшҳои саноатию кишоварзӣ, идоракунии давлатии бахши бонкӣ аз ҷониби ҳукумат дар симои паст намудани сатҳи меъёри андоз аз даромад аз бонкҳои тиҷоратиро ба роҳ монда, як фазои солим ва ҳавасаманддоштаи низоми бонкиро ташкил намуда бошад.

Дар ин асос, бонкҳои тиҷоратиро мебояд, ки ҳаҷми захираҳои молиявии хешро афзун намуда, онҳоро ба хариди дороиҳои ғайрипардохтпазир ва таъсиси иншоотҳои хурду миёнае, ки ба талаботи муштариёни бонк ҷиҳати дастрасӣ ва истифода дар соҳаи саноатию кишоварзӣ

мутобиқ нестанд, масраф накарда, захираҳоро танҳо ба анҷоми амалиётҳои фаъоли бонкӣ тақсим намоянд. Пеш аз додани қарз ба шахсоне, ки ба истеҳсолоти саноатию кишоварзӣ машғул мебошанд, сараввал ба нақшаи корӣ ва шакли истеҳсолоти онҳо шиносоӣ пайдо намуда, муайян намоянд, ки оё маҳсулоти истеҳсолии онҳо дар бозорҳои фуруш талабот ба истеъмол доранд ё не. Бо баинобат гирифтани чунин ва дигар равандҳои алоқаманд, бонкҳои тиҷоратӣ метавонанд ҳаҷми қарзро дар бахши саноату кишоварзӣ зиёдтар равона карда, аз ин ҳисоб даромади муносиб гирифта, ва дар афзоиши истеҳсоли маҳсулоти саноатию кишоварзӣ бо истифода аз имкониятҳои фаррохи қарзӣ нақши бевосита аввалиндараҷаро иҷро намоянд.

АДАБИЁТ:

1. Арабов, Ф.М. Механизмҳои татбиқи технологияҳои рақамӣ рушди экологӣ-иқтисодии соҳаи кишоварзӣ / С.С. Амонов, Ф.М. Арабов // Рушди устувор ва иқтисоди сабз. - 2026. Т.2. №1 (3). – 388 с.
2. Асозода, Ф.Н. Мукаммалгардонии низоми қарздиҳӣ дар иқтисодиёти кишоварзӣ (дар мисоли корхонаҳои кишоварзии Тоҷикистон): дисс. номзади илмҳои иқтисодӣ: 08.00.04.02 / Ф.Н. Асозода. – Душанбе, 2025. – 187 с.
3. Қувватзода, С.С. Заминаҳои молиявӣ-қарзии таъмини рушди соҳаи кишоварзӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷиистон): дисс. доктори фалсафа (PhD): 6D050608 / С.С. Қувватзода. – Душанбе, 2025. – 171 с.
4. Миршарифзода, Э.Қ. Воситаҳои қарзӣ ҳамчун сарчашмаи асосии рушди саноати сабук дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: дисс. номзади илмҳои иқтисодӣ: 5.2.17 / Э.Қ. Миршарифзода. – Душанбе, 2026. – 198 с.
5. Ҳаёев, Қ.А. Низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва тамоюли пешниҳоди қарзии он дар бахши соҳибкорӣ / Қ.А. Ҳаёев // Иқтисодиёти Тоҷикистон. - 2022. 4 (2). – 230 с.
6. Ҳаёзода, Қ.А. Масъалаҳои арзёбии устувории молиявии бонкҳои тиҷоратии Тоҷикистон дар шароити навини иқтисодӣ / Қ.А. Ҳаёзода // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. - 2025. - № 3 (58). - 539 с.
7. Ҳаёзода, Қ. А. Пасандозҳои аҳолӣ ҳамчун механизми муҳими таъмини сатҳи устувории молиявии бонкҳои тиҷоратӣ дар шароити гузариши иқтисодӣ / Қ. А. Ҳаёзода // Паёми молия ва иқтисод. – 2026. –No. 1. – 511 с.
8. Сомонаи расмии КВД БАҶТ «Амонатбонк», amonatbonk.tj.
9. Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, аз1 декабри соли 2016, №636.
10. Стратегияи миллии фарогирии молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2022-2026, аз 01 июли соли 2022, №314.

УДК 338.43:657.1:338.2 (575.3)

Бахшида ба 35 солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

35 СОЛИ ИСТИҚЛОЛИ ДАВЛАТӢ, ДАСТГИРИИ ДАВЛАТӢ ВА БАЪЗЕ ХУСУСИЯТҲОИ БАҲИСОБГИРИИ ИДОРАВӢ ДАР ТАЪМИНИ УСТУВОРИИ МОЛИЯВИЮ ИСТЕҲСОЛИИ КОМПЛЕКСИ ОЗУҚАВОРӢ

ҲАКИМЗОДА МАЪРУФ МАҲМУДӢ
Муассисаи давлатии таълимии Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон дар шаҳри Хуҷанд, доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент.
Суроға: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Суғд, шаҳри Хуҷанд, хиёбони И. Сомонӣ, 169.
Тел.: (+992) 92-774-99-81. **E-mai:** hakimzoda79@gmail.com.
БОБОЗОДА МЕЪРОҶ
Муассисаи давлатии таълимии Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон дар шаҳри Хуҷанд, доктор PhD.
Суроға: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Суғд, шаҳри Хуҷанд, хиёбони И. Сомонӣ, 169.
Тел.: (+992) 929-30-05-01. **E-mai:** mehrojbo@mail.ru.

Аннотатсия. Дар тӯли 35 соли Истиқлоли давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баҳри таъмини устувории молиявию истеҳсолӣ, ки аз якчанд омилҳо иборатанд бо ҳамоҳангӣ ва дастгирии давлат дар танзими комплекси озуқаворӣ, сарҳадҳои дахолати давлатӣ ба инкишофи бозорҳои озуқаворӣ, самтҳои афзалиятноки сиёсати озуқавории кишоварзӣ, масъалаҳои калидии ташаккулёбии стратегияи рушди устувори иқтисодиёт ва ҷамъият равона гардиданд. Истиқлолият имконият фароҳам овард, ки сиёсати аграрӣ мустақилона ташаккул ёфта, ба истифодаи самараноки захираҳои дохилӣ равона карда шуда, заминаҳои ҳуқуқии рушди иқтисодиву иҷтимоии мамлакат дар ин давра қавитар гардад.

Калидвожаҳо: комплекси озуқаворӣ, рушди устувор, зеҳни сунъӣ, баҳисобгирии идоравӣ, иқтисодиёти рақамӣ, амнияти озуқаворӣ, дастгирии давлатӣ, устувории молиявӣ.

35 ЛЕТ ГОСУДАРСТВЕННОЙ НЕЗАВИСИМОСТИ, ГОСУДАРСТВЕННАЯ ПОДДЕРЖКА И НЕКОТОРЫЕ ОСОБЕННОСТИ ВЕДОМСТВЕННОГО УЧЕТА В ОБЕСПЕЧЕНИИ ФИНАНСОВОЙ И ПРОИЗВОДСТВЕННОЙ СТАБИЛЬНОСТИ ПРОДОВОЛЬСТВЕННОГО КОМПЛЕКСА

ХАКИМЗОДА МАРУФ МАХМУДИ
Государственное образовательное учреждения Институт экономики и торговли Таджикского государственного университета коммерции в городе Худжанд, доктор экономических наук, доцент. **Адрес:** 735700, Республика Таджикистан, Согдийская область, город Худжанд, проспект И. Сомони, 169. **Тел.:** (+992) 927-74-99-81. **E-mail:** hakimzoda79@gmail.com.
БОБОЗОДА МЕЪРОДЖ
Государственное образовательное учреждения Институт экономики и торговли Таджикского государственного университета коммерции в городе Худжанд, доктор PhD. **Адрес:** 735700, Республика Таджикистан, Согдийская область, город Худжанд, проспект И. Сомони, 169.
Тел.: (+992) 929-30-05-01. **E-mai:** mehrojbo@mail.ru.

Аннотация. За 35 лет государственной независимости Республики Таджикистан были предприняты усилия по обеспечению финансовой и производственной стабильности, которая включает в себя ряд факторов, координацию и поддержку со стороны государства в регулировании продовольственного комплекса, границы государственного вмешательства в развитие продовольственных рынков, приоритетные направления агропродоволь-ственной политики и ключевые вопросы формирования стратегии устойчивого развития экономики и общества. Независимость предоставила возможность для самостоятельного развития аграрной

политики, направленной на эффективное использование внутренних ресурсов, и укрепила правовую основу социально-экономического развития страны в этот период.

Ключевые слова: продовольственный комплекс, устойчивое развитие, искусственный интеллект, управленческий учет, цифровая экономика, продовольственная безопасность, государственная поддержка, финансовая стабильность.

35 YEARS OF STATE INDEPENDENCE, STATE SUPPORT AND SOME FEATURES OF DEPARTMENTAL ACCOUNTING IN ENSURING FINANCIAL AND PRODUCTION STABILITY OF THE FOOD COMPLEX

HAKIMZODA MARUF MAHMUDI

Institute of Economy and Trade of Tajik State University of commerce, in Khujand city, Doctor of Economic Sciences, Associate Professor. **Address:** 735700, Republic of Tajikistan, Sughd region, Khujand city, I. Somoni avenue, 169. **Phone:** (+992) 927-74-99-81. **E-mail:** hakimzoda79@gmail.com.

BOBOZODA MEROJ

Institute of Economy and Trade of Tajik State University of commerce, in Khujand city, Doctor of Economic Sciences, doktor PhD. **Address:** 735700, Republic of Tajikistan, Sughd region, Khujand city, I. Somoni avenue, 169. **Phone:** (+992) 929-30-05-01. **E-mai:** mehrojbo@mail.ru.

Abstract. Over the 35 years of state independence in the Republic of Tajikistan, efforts have been made to ensure financial and production stability, which consists of several factors, with coordination and support from the state in regulating the food complex, the boundaries of state intervention in the development of food markets, priority areas of agricultural food policy, and key issues in the formation of a strategy for sustainable development of the economy and society. Independence provided an opportunity for the independent development of agrarian policy, aimed at the efficient use of domestic resources, and the legal basis for the country's socio-economic development during this period was strengthened.

Keywords: food complex, sustainable development, artificial intelligence, management accounting, digital economy, food security, state support, financial stability.

Муқаддима. Соли 2026 дар Тоҷикистон бо ташаббуси Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бахшида ба 35-солагии Истиқлолияти давлатӣ, **«Соли вусъат додани корҳои ободониву созандагӣ ва тақвияту таҳкими худшиносиву худогоҳии миллӣ»** эълон гардид. Ин иқдом ба таҳкими Истиқлолият ва ободии кишвар нигаронида шудааст. Ҷоизи қайд аст, ки дар тӯли 35 соли Истиқлоли давлатӣ, Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти таъмини амнияти озуқаворӣ ва рушди комплекси озуқаворӣ ба дастовардҳои назаррас ноил гардид. Истиқлолият имконият фароҳам овард, ки сиёсати аграрӣ мустақилона ташаккул ёфта, ба истифодаи самараноки захираҳои дохилӣ равона карда шуда, заминаҳои ҳуқуқии рушди иқтисодиву иҷтимоии мамлакат дар ин давра қавитар гардад.

Чуноне Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ- Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми солонаи худ масъалаи минбаъд низ баҳри баланд бардоштани сатҳи зиндагии мардум қайд менамоянд, ҳадаф ва сарнавишти ҷомеаи демократӣ, дунявӣ ва ҳуқуқбунёди Тоҷикистони соҳибистиқлоли мо ин расидан ба зиндагии шоистаи мардум мебошад [7].

Дар ҷаҳони муосир ба рушди устувори соҳаҳои гуногуни иқтисодиёт бе дастгирӣ ва танзими давлатӣ ноил гаштан душвор мегардад. Дар ин васила баъди соҳибистиқлол гардидани Ҷумҳурии Тоҷикистон якқатор барномаву стартегияҳо ва нақша чорабиниҳои амалӣ оид ба рушди устувори комплекси озуқаворӣ аз ҷумла, дар сатҳи ҷумҳурӣ қабул намудани яке аз ҳадафҳои асосӣ – “Таъмини амнияти озуқаворӣ” мебошад [1].

Мавод ва усули таҳқиқот. Дар раванди иқтисодиёти рақамӣ ва хоҷагидории бозории муосир давлат ба маркази ақлӣ мубаддал гаштааст, ки ташаккулёбии муҳити бозориро танзим карда, тағйирёбӣ ва усутувории рушди иқтисодиро таъмин менамояд. Дастгирии давлатӣяке аз омилҳои асосии устувории молиявию истеҳсолӣ дар комплекси озуқаворӣ мебошад.

Ба андешаи мо самтҳои асосии дастгирии давлатӣ ҳамчун омили калидӣ иборат аз:

- ❖ Субсидия ва қарзҳои дарозмуҳлати имтиёзнок барои истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ;
- ❖ Барномаҳои давлатӣ, аз ҷумла барномаҳои рушди соҳаи кишоварзӣ ва таъмини амнияти озуқаворӣ дар сатҳи минтақаҳо бо баназаргирии хусусиятҳои хоси минтақаҳо;
- ❖ Рушди инфрасохтор дар минтақаҳо ва ҳудудҳои кишоварзӣ (обёрӣ, роҳҳо, анборҳо)
- ❖ Имтиёзҳои андозӣ барои корхонаҳои агросаноатӣ аз ҷумла истеҳсолкунандагони маҳсулоти озуқаворӣ

Тадбирҳои мазкур метавонад ба баланд бардоштани ҳаҷми истеҳсолот, коҳиши вобастагӣ аз воридот ва беҳтар шудани рақобатпазирии маҳсулоти ватанӣ мусоидат кунад.

Бо баробари ин ҳаҷми дахолати давлат метавонад гуногун буда, бо хусусиятҳои субъекти иқтисодӣ, хислат ва шиддатнокии мушкилотҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ муқаррар карда шавад. Дар комплекси озуқаворӣ баҳисобгирии идоравӣ низ нақши муҳим дошта, барои қабули қарорҳои дуруст мусоидат мекунад.

Ба андешаи мо, баҳисобгирии идоравӣ яке аз самтҳои муҳими идоракунии самараноки корхонаҳои агросаноатӣ мебошад. Он имкон медиҳад, ки роҳбарият дар асоси маълумоти дақиқ қарорҳои стратегӣ қабул намояд. Баъзе хусусиятҳои асосии баҳисобгирии идоравиро дар шароити иқтисодиёти рақамӣ дар намуди ҷадвал пешниҳод намудем.

Натиҷаи таҳқиқот. Дар тӯли 35 соли Истиқлоли давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баҳри таъмини устувории молиявию истеҳсолӣ, ки аз якчанд омилҳо иборатанд бо ҳамоҳангӣ ва дастгирии давлат дар танзими комплекси озуқаворӣ, сарҳадҳои дахолати давлатӣ ба инкишофи бозорҳои озуқаворӣ, самтҳои афзалиятноки сиёсати озуқавории кишоварзӣ, масъалаҳои калидии ташаккулёбии стратегияи рушди устувори иқтисодиёт ва ҷамъият равона гардиданд. Муқаррарист, ки тавозун байни танзими бозорӣ ва давлатӣ тағйирёбанда аст.

Ҷадвали 1. Хусусиятҳои баҳисобгирии идоравӣ дар рушди комплекси озуқаворӣ

Хусусиятҳо	Омилҳои рушд
Истеҳсолот	Бо мақсади рушди соҳа бо назардошти устувории он гузаронидани таҳлили харочот ва даромад дар сатҳи истеҳсолот.
Мавсимият	Буҷетбандӣ ва банақшагирӣ барои мавсимҳои кишоварзӣ. Вобастагӣ аз мавсимият ва омилҳои табиӣ.
Захираҳо	Баҳри беолоиш вогузор намудани захираҳои табиӣ ба наслҳои оянда дар истеҳсолот ин истифодаи самараноки захираҳо, аз ҷумла замин, об, нуриҳо. Мақсади асосии он назорати самаранокии истифодаи захираҳо.
Хавфҳо	Ҳисобгирии хавфҳо, аз ҷумла хавфҳои иқлимӣ ва бозорӣ, таҳлили доимии хавфҳо ва натиҷаҳои молиявӣ. Пешгӯии маҳудудиятҳои иқтисодӣ (санксияҳо)

Сарчашма: Таҳияи муаллифон.

Устуворii комплекси озуқаворӣ аз ҳамоҳангии якчанд омилҳо вобаста аст. Пеш аз ҳама, ҷорӣ намудани технологияҳои муосир, иқтисодӣ рақамӣ, истифодаи зеҳни сунъӣ, баланд бардоштани ҳосилнокӣ ва дигаргункунии истеҳсолот аҳамияти калон дорад. Ҳамзамон, рушди коркарди маҳсулоти кишоварзӣ ва ташкили занҷираи пурраи арзиш (аз истеҳсол то фурӯш) ба афзоиши арзиши иловашуда мусоидат менамояд.

Ҳангоми нигоҳдории принсипҳои асосии танзими давлатӣ, шакл ва усулҳои таъсири давлат ва раванди иқтисодӣ такомул гардидаанд. Таҷрибаи мамлакатҳои тараққикардаи саноатӣ оид ба таҳаввули дарозмуддати сиёсати дахолати давлат аз танзими пурра то монетаризми озод, таъсисдиҳии механизми худтанзимшаванда шаҳодат медиҳад.

Ҳама намудҳои сиёсати иқтисодӣ, новобаста аз фарқияти фишангҳои истифодашаванда бояд барои баланд намудани устувории рушди иҷтимоӣ-иқтисодии ҷамъият равона карда мешаванд. Ин талаботро дар намуди умумӣ барномаи амнияти озуқаворию мамлакат ба пуррагӣ ба инобат мегирад, ки 25 июни соли 2020 аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул карда шудааст. Барномаи мазкур инкишофи комплекси озуқавориро ҳамчун яке аз самтои афзалиятноки сиёсати иҷтимоӣ-иқтисодии давлат эътироф намуда, чорабиниҳои аввалиндарачаро оид ба мӯътадилгардонӣ ва рушди истеҳсолоти агросаноатӣ муқарар намудааст.

Мавқеъи заруриро дар механизми иқтисодии дастгирии давлатии комплекси озуқаворӣ пешгӯикунӣ ва банақшагирии дарозмуддат ва миёнамӯҳлат ишғол менамоянд. Лекин дар шароити ташаккулёбии бозори озуқаворию тамаддунӣ ба масъалаҳои банақшагирии стратегӣ ва пешгӯикунӣ дар комплекси агросаноатӣ то ҳол диққати пурра дода намешавад. Норасогиҳои дар давраҳои низоми нақшавӣ-тақсимотӣ ҷой дошта дар аксари ҳолат ба таври автоматӣ ба банақшагирии муосир гузаронида мешаванд.

Дар замони муосир зарур аст, ки мавқеъи пешгӯикунӣ ва банақшагирӣ дар механизми иқтисодии хоҷагидории комплекси агросаноатӣ илман асоснок карда шавад. Ҳангоми гузариш ба бозори тамаддунӣ пешгӯикунӣ ва банақшагирӣ ҳамчун вазифаи фаъолияти идоракунӣ на танҳо мавқеъи худро дар низоми механизмҳои иқтисодӣ нигоҳ медоранд, балки соҳаи таъсироти худро ба истеҳсолоти агросаноатӣ васеъ менамоянд.

Бо баробари ин тағйиротҳо дар ҳама сатҳои идоракунии комплекси озуқаворӣ ҷой дорад. Ҳисобҳои пешгӯикунӣ ва нақшагирӣ дар шароити муосир нисбат ба муносибат ба молистеҳсолкунандагони ватании маҳсулоти озуқаворӣ бештар хислати тавсиявӣ доранд. Бо баробари ин молистеҳсолкунандагон бояд ҳуқуқи пурраро барои интихоби самти фаъолияти худ дошта бошанд, ки нисбатан самаранок дар вазъияти додашудаи бозори озуқаворӣ ба ҳисоб мераванд.

Ба ақидаи Фасихов А.И. “Танзими давлатӣ ҳангоми гузариш ба бозор бояд дар принсипҳои риояшаванда асоснок шуда бошанд, яъне: протексионизми аграрӣ; ҳамзистии мақсадҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ; алоқамандии индикативӣ ва директивӣ; танзими барномавӣ; пурракунии механизмҳои танзимкунӣ; ҳамзистии иштироки хоҳишмандӣ ва ҳатмӣ дар барномаҳои мақсаднок ва маҳсулнок; иштироки ҳиссавии молистеҳсолкунандагон дар молиягузории чунин барномаҳо; кафолатнокӣ ва дастгирии мақсадноки молистеҳсолкунандагон” [11].

Бо мақсади наздикшавӣ ба таҷриба бояд пешгӯикуни макроиқтисодии рушди комплекси агросаноатиро ба чунин тарз мубаддал намуд:

Дар раванди таҳқиқоти бисёрсолаи пешгӯикунӣ-таҳлилӣ ва коркарди як қатор олимон ақидаи илмӣ ба миён омад, ки барои рушди рақобатпазири иқтисодиёти ватанӣ дар асоси инноватсионӣ ташаккулёбии низоми пешгӯикунӣ ва банақшагирии стратегӣ дар мамлакат зарур мебошад.

Механизми танзими давлатии рушди устувори комплекси озуқаворӣ бо худ низоми ташкили таъсиррасонии мақсадноки давлатро ба фаъолияти хоҷагидории субъектони комплекси озуқаворӣ баҳри баланд намудани устуворӣ ва рушди иҷтимоӣ-иқтисодии он ифода мекунад. Вобаста ба ин, барои мушоҳида намудани механизми танзими давлатии фаъолияти устувори комплекси озуқаворӣ зарур аст, ки субъект, объект, мақсад, фишангҳо ва ё воситаҳо, инчунин марҳилаҳои тараққиёт тавсиф карда шаванд (ҷадвали 2).

Ҷадвали 2. Механизми танзими давлатии фаъолияти устувори комплекси озуқаворӣ

1. Субектон	2. Объектҳо
1.1. Дорандагони манфиатҳои хоҷагидорӣ аз рӯи таъиноти иҷтимоӣ ва касбӣ, даромад,	2.1. Сикли иқтисодӣ.
	2.2. Комплекси соҳавӣ ва минтақавии сохтори комплекси озуқаворӣ.

намуди фаъолият, манфиатҳои минтақавӣ тавсиф карда мешаванд.	2.3. Унсури асосии таъсисдиҳандаи сохтории иқтисодии корхона.
	2.4. Шароитҳои андӯхти сармоя.
1.2. Баёнкунандагони манфиатҳои хоҷагидорӣ – иттиҳодияҳо, иттифоқҳо, ҳаракатҳои ҷамъиятӣ, ҳизбҳои сиёсӣ.	2.5. Шуғли аҳолӣ.
	2.6. Корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ва таҷрибавӣ-конструкторӣ.
	2.7. Шароитҳои рақобат.
1.3. Иҷрокунандагони манфиатҳои хоҷагидорӣ – мақомотои ҳама шохаҳои ҳокимият, кумитаҳо ва шуроҳо оид ба дастгирии соҳаҳои алоҳида ва намудҳои алоҳидаи фаъолият.	2.8. Муносибатҳои иҷтимоӣ ва таъминоти иҷтимоӣ.
	2.9. Муҳити атроф.
	2.10. Алоқаҳои берунииқтисодӣ.
3. Мақсадҳо	**4. Воситаҳо**
3.1 Сиёсати зиддисиклӣ	4.1. Ҳуқуқӣ (қонунҳо)
3.2. Танзими соҳавӣ ва сохтори минтақавӣ	4.2. Чораҳои маъмурии манъкунӣ, иҷозатдиҳӣ ва маҷбурӣ (дар асоси қувваи ҳокимияти давлатӣ, ки бо рағбатҳои моддӣ алоқаманд нестанд)
3.3. Идоракунии истеҳсолот.	
3.4. Таъсисдиҳии шароит барои андӯхти сармоя	
3.5. Танзими шуғли аҳолӣ, бо дарназардошти муносибати байни кордиҳанда ва коргари кироя.	4.3. Меъёрӣ (Стандартҳои давлатӣ)
	4. 4. Хоҳиши ҳукумат – ташаккулёбии рағбатҳо.
3.6. Сиёсати илмӣ-техникӣ.	4.5. Воситаҳои иқтисодӣ ва сиёсати буҷетӣ (сиёсати андозӣ); воситаҳои сиёсати хӯрдашавӣ (амортизатсионӣ).
3.7. Сиёсати зиддиинҳисорӣ.	
3.8. Сиёсати иҷтимоӣ.	
3.9. Танзими истифодабарии табиат , ҳифзи муҳити атроф.	
	4.6. Воситаҳои банақшагирии индикативӣ ва пешгӯикунӣ.
3.10. Сиёсати берунииқтисодӣ.	
5. Марҳилаҳо	
5.1. Таъсисдиҳии шароитҳои мусоид барои такрористеҳсоли сармояи хусусӣ ва инкишофи инфрасохтор.	5.3. Коркарди сиёсати зиддибӯҳронӣ ва сохторӣ; хусусигардонӣ.
5.2. Коркарди қонунгузории меҳнатӣ, андозӣ, савдо ва гумрук.	5.4. Барномасозии миёнамӯҳлат бо дарназардошти коркарди пешгӯикуниҳои таъминотӣ.

Сарчашма: Таҳияи муаллифон.

Объекти танзими давлатии фаъолияти устувори комплекси озуқаворӣ муносибатҳои хоҷагидорӣ (бевосита ва бавосита, мустақим ва ғайримустақим, истеҳсолӣ ва ғайриистеҳсолӣ) давраҳо ва соҳаҳои такрористеҳол, корхонаҳо, соҳаҳо, минтақаҳо, вазъиятҳо, ҳодисаҳои ҳаёти иҷтимоӣ-иқтисодӣ баромад карда метавонанд, ки бе дахолати давлат ҳал карда намешаванд. Ҳалли чунин мушкилотҳо барои мӯътадилии вазъияти иҷтимоӣ ва устувории фаъолияти комплекси озуқаворӣ ҳамчун низоми иқтисодӣ бениҳоят зарурати калон дорад.

Профессор Раҳимов З.А. дуруст қайд мекунанд, ки "... ҳалли мушкилоти комплекси озуқаворӣ дар Тоҷикистон бо ташаккулёбии низоми самараноки танзими давлатӣ алоқамандии зич дорад, ки барои стратегияи интихоби афзалиятҳо таъминот дошта, таъминоти низомии таъсири мақсадҳои афзалиятнокро ба ҳолати иқтисодиёти миллӣ дорад. Барои асосноккунии соҳаҳои афзалиятноки инкишофи комплекси озуқаворӣ дар таркиби

иқтисодиёти миллӣ зарур аст, ки муносибати байнисоҳавӣ васеъ истифода шавад. Муносибати байнисоҳавӣ ба омӯзиши хусусиятҳои комплекси озуқаворӣ имкон медиҳад, ки таъсири инкишофи он ба суръати афзоиши маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ ва таъминоти амнияти озуқавории мамлакат муқаррар карда шаванд. Ҳамин тавр рушди устувори минтақаҳо таъмин гардида, сатҳ ва сифати зиндагонии аҳолии онҳо беҳтар мегардад" [10].

Самтҳои асосии дастгирии давлатии фаъолияти устувори комплекси озуқавории минтақаҳо дар ҷадвали 3 оварда шудааст.

Ҷадвали 3. Самтҳои дастгирии давлатии фаъолияти комплекси озуқаворӣ

Объети танзим	Самтҳои танзими давлатӣ
Сикли иқтисодӣ	Сиёсати зиддисиклӣ (танзими вазъияти хоҷагидорӣ) ба ҳавасмандгардонии талабот ба мол ва хизматҳо, шуғли аҳолӣ ва сармоягузорӣ дар ҳолати бӯҳрон равона карда шудааст. Ба сармояи хусусӣ имтиёзҳои иловагӣ пешкаш карда шуда, хароҷот ва инвеститсияҳои давлатӣ зиёд мешаванд.
Сохтори бахшҳо, соҳаҳо, минтақаҳо	Сиёсати сохторӣ ва минтақавӣ ба воситаи рағбатҳои молиявӣ ва сармоягузории давлатӣ амалӣ карда мешавад, ки шароитҳои афзалиятнокро барои соҳаҳо ва ноҳияҳои алоҳида таъмин менамоянд. Соҳаҳои дар ҳолати бӯҳрони бардавом қарор дошта, инчунин истеҳсолоти пешбарандаи ПИТ, ки барои ба тағйиротҳои сохторӣ дар иқтисодиёт оварда мерасонанд, дастгирӣ карда мешаванд.
Шартҳои андӯхти сармоя	Мақсади асосии фаъолияти хоҷагидорӣ дар иқтисодиёти бозорӣ ин истеҳсолот, азхудкунӣ ва капитализатсияи фоида ба ҳисоб меравад. Мақомотҳои танзимкунанда рағбатҳои иловагӣ ва имкониятҳои андӯхтро таъсис медиҳанд, ки ба сикли иқтисодӣ ва сохтори хоҷагии халқ таъсири мусбат мерасонанд.
Шуғли аҳолӣ	Танзими шуғли аҳолӣ аз нуқтаи назари иқтисодиёти бозорӣ ин нигоҳдории таносуби мӯътадили талабот ва пешниҳоди қувваи корӣ мебошад. Чунин таносуб бояд эҳтиёҷотро ба қувваи кории тахассунок ва музди меҳнати мувофиқ таъмин намояд.
Тавозуни пардохт	Танзими фаврӣ ва стратегии тавозуни пардохт ба воситаи таъсиррасонӣ ба содирот ва воридот, ҳаракати сармоя, баланд ва паст намудани қурби асъори миллӣ, сиёсати савдо ва шартномавӣ, иштирок дар ҳамгироии иқтисодӣ.
Нархҳо	Ба воситаи танзими нархҳо давлат ба сохтори иқтисодиёт, шарти сармоягузорӣ, усутвории қурби асъори миллӣ, муҳити иҷтимоӣ таъсир мерасонад.
Корҳои илмӣ-таҳқиқоти ва таҷрибавӣ-конструкторӣ	Баланд намудани манфиатнокии ширкатҳои хусусӣ дар амалигардонии таҳқиқотҳои илмӣ ва ҷорӣ намудани натиҷаҳои он, дар содироти солҳо, сармоя, донишҳои андӯхташуда ва таҷриба.
Шароити рақобат	Таъмини шароити рақобат, дастгирии бизнеси хурду миёна, сиёсати зиддиинҳисорӣ.
Муносибатҳои иҷтимоӣ, таъминоти иҷтимоӣ	Таъминоти мӯътадилии иҷтимоии низоми ҷамъиятӣ; тавозуни манфиатҳои ҳама гурӯҳҳои ҷамъиятӣ; таъсиси фондҳои суғуртаи иҷтимоӣ ба тақсимоти баробари даромадҳо ва манфиатҳои дастрасии созишномаи иҷтимоӣ.
Муҳити атроф	Коркарди механизмҳои иқтисодии танзими истифодабарии табиат ва ҳифзи муҳити атроф; ҳавасмандгардонии фаъолияти хоҷагидорӣ ва ҷорӣ намудани ҳудудҳои ӯҳдадорӣ барои оқибатҳои он.
Алоқаҳои беруниқтисодӣ	Чораҳои ҳавасмандгардонии содироти молҳо, хизматҳо, сармоя, маҳсулоти илмӣ-техникӣ; кафолатдиҳии қарзҳои содиротӣ ва инвеститсияҳо ба хориҷа, тағйирдиҳии боҷҳо дар савдои беруна; иштирок дар ташкилотҳои иқтисодии байналмилалӣ. Ба ғайр аз ин ба алоқаҳои беруниқтисодӣ фишангҳои таъсиррасон ба раванди истеҳсолот дар дохили мамлакат таъсир мерасонанд.

Сарчашма: Таҳияи муаллифон.

Воситаҳои танзими давлатии фаъолияти устувори комплекси озуқаворӣ ба қисматҳои ҳуқуқӣ (қонунҳо, барномаҳои рушдимиллӣ, минтақавӣ ва соҳавӣ), маъмурӣ (ҷораҳои манъкунӣ, иҷозатдиҳӣ, маҷбуркунӣ) ва иқтисодӣ (воситаҳои сиёсати қарзӣ ва буҷетӣ).

Соҳаи асосии фаъолияти онҳо ин ҳифзи муҳити зист ва таъсисдиҳии шароитҳои маишӣ барои табақаҳои осебпазири аҳолӣ. Вобаста ба ин, ба ақидаи профессор Қандиёрова Д.О. "...вазифаи таъминоти амнияти озуқаворӣ дар ҳолате дуруст ҳал карда мешавад, ки агар дар ин раванд танзими давлатии фаъол амалӣ карда шуда, институтҳои давлатӣ масъалаҳои сифат, самаранокӣ ва дастрасии таносуби оптималии байни истеҳсолоти ватанӣ ва воридоти маҳсулоти озуқавориро аз рӯи ҳама намудҳои он таъмин намоянд" [3].

"Дар ҷумҳурӣ то ҳол усулҳои танзими мустақими давлатии муносибатҳои байни кишоварзӣ ва соҳаҳои коркард истифода мешавад", чунин ақида дорад профессор Раҳимов З.А. [10].

Хулоса, дар тӯли 35 соли Истиқлолият, як қатор ислоҳот ва барномаҳои давлатӣ амалӣ гардидаанд, ки ба устувории молиявию истеҳсолии соҳа мусоидат намуданд. Истиқлоли давлатӣ барои ташаккули низоми миллии аграрӣ заминаи мусоид фароҳам овард. Дар натиҷа, ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти асосии озуқаворӣ афзоиш ёфта, вобастагӣ аз воридоти маҳсулоти хориҷӣ тадриҷан коҳиш ёфт.

Дастгирии давлатӣ ҳамчун воситаи асосии танзими соҳа нақши калидӣ бозида, давлат тавассути барномаҳои махсус, аз ҷумла стратегияҳои рушди комплекси озуқаворӣ, ба истеҳсолкунандагон имтиёзҳои гуногун пешниҳод намуд.

Ҳамин тариқ, бояд хулоса кард, ки дар шароити Истиқлолият, дастгирии давлатӣ ва истифодаи дурусти механизмҳои баҳисобгирии идоравӣ имконият медиҳанд, ки комплекси озуқавории Ҷумҳурии Тоҷикистон устувор, рақобатпазир ва самаранок рушд ёбад.

АДАБИЁТ:

1. Барномаи амнияти озуқавории Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2026-2030. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 июли соли 2025 таҳти № 429. Душанбе. – С. 1-11
2. Барномаи рушди озуқаворӣ барои солҳои 2015-2025. ФАО (созмони озуқаворӣ ва кишоварзии СММ). Соли 2024. –С. 16-22
3. Кандиёрова Д. О. Продовольственная безопасность как фактор обеспечения экономической безопасности национальной экономики / Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ - иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – Душанбе – 2019. №4. Қисми 2. С. 46 – 50.
4. Мадаминов А.А. Уровень обеспеченности населения в растениеводческих продовольственных продуктах. / Теоретический и практический журнал Кишоварз (Земледелец). – Душанбе – 2019. №4(85). С. 114 – 119.
5. Маълумоти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Омори солона. Душанбе – 2024, саҳифаи 204. Маҷмаа маълумотҳои оморӣ.
6. Омори солонаи вилояти Суғд. Сарраёсати Агентии омори назди Президенти Љумњурии Тољикистон дар вилояти Суғд. Хуљанд, 2026. С. 112-121 ва маълумотњои фаврии Сарраёсати кишоварзии вилояти Суғд.
7. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ аз **16**.12.2025, Душанбе, «Шарки озод», 2026
8. Программа среднесрочного развития Республики Таджикистан на 2021-2030 годы от 30 апреля 2021 года, №168.
9. Продовольственная безопасность и бедность: информационный бюллетень. Агентство по статистике при Президенте Республики Таджикистан, Душанбе, 2020 г. С. 112-121
10. Рахимов З.А. Региональные особенности формирования агропродовольственных комплексов в Таджикистане. / Тоҷикистон ва ҷаҳони имрӯз / Паёми Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе – 2015. №4(47). С.133.

11. Фасихов А.И. Формирование стратегии экономической безопасности в условиях трансформации национальной экономики (на примере продовольственной безопасности Республики Таджикистан). Монография. – Душанбе: Изд-во «Ирфон», 2016.-180 с.

УДК 339.543(575.3)

СИЁСАТИ АНДОЗӢ ВА МЕХАНИЗМИ ТАЪСИРИ ДАВЛАТ БА РУШДИ АНДОЗБАНДӢ ВА СИТОНИДАНИ ПАРДОХТҲОИ ГУМРУКӢ

ҲАМИДОВА САДАФМОҲ ҲАЛИМОВНА
Доктор (Ph.D), кафедраи андоз ва андозбандии Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон.
Суроға: 734055, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, Деҳоти 1/2.
Тел: (+992) 989-88-84-86; **E-mail:** hamidova-1986@mail.ru
АШУРОВА МИЖГОНА ТАВАКАЛОВНА
Муаллими калони кафедраи фаъолияти гумрукии Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. **Суроға:** 734055, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, Деҳоти 1/2.
Тел: (+992) 915-08-28-69; **E-mail:** mijgonaa5@gmail.com

Аннотатсия. Дар мақола муаллиф сиёсати андозӣ ва механизми таъсири давлат ба рушди андозбандӣ ва ситонидани пардохтҳои гумрукиро мавриди омӯзиш ва таҳқиқ қарор додааст. Мақсади мақола аз арзёбии сиёсати андозӣ ва механизми таъсири давлат ба рушди андозбандӣ ва ситонидани пардохтҳои гумрукӣ иборат аст. Дар ин мавриди воридоти андозҳо ва пардохтҳои гумрукӣ, ки ба рушди иқтисодиёти кишвар аҳамияти аввалиндараҷа дорад, диққати махсус дода шуда, омилҳои асосии таъсиррасон ба он ҳаматарафа омӯхта шудааст. Ҳамзамон, танзими давлатии иқтисодиёт дар сатҳҳои мухталиф дар кишвар таҳлил гардида, таҷрибаи давлатҳои рушдёфта таҳти омузиш қарор дода шуда, хулосаю тавсияҳои муфиди илмӣ пешниҳод гардидааст. Татбиқи тадбирҳои болозикр рақобатпазирии иқтисоди миллиро баланд бардошта, рушди устувори тиҷорати хориҷӣ ва иқтисоди миллиро таъмин менамояд. Сиёсати муоссири давлатӣ дар самти тиҷорати байналмилалӣ амнияти иқтисодии кишварро таъмин ва тақвият дода, рақобатпазирии истеҳсолкунандагони ватаниро афзоиш медиҳад ва бо ин васила рушди устувори иқтисодии кишварро таъмин менамояд.

Вожаҳои калидӣ: андозҳо, пардохтҳои гумрукӣ, сармоягузорӣ, содирот, технологияҳои инноватсионӣ, боҷҳои гумрукӣ, рушди устувор, омилҳои таъсиррасон, имтиёзҳои андозӣ, имтиёзҳои гумрукӣ.

НАЛОГОВАЯ ПОЛИТИКА И МЕХАНИЗМ ГОСУДАРСТВЕННОГО ВЛИЯНИЯ НА РАЗВИТИЕ НАЛОГООБЛОЖЕНИЯ И СБОР ТАМОЖЕННЫХ ПЛАТЕЖЕЙ

ХАМИДОВА САДАФМОХ ХАЛИМОВНА
Доктор (Ph.D) кафедры налоги и налогообложения Таджикского государственного университета коммерции. **Адрес:** 734055, Республика Таджикистан, Душанбе, Дехоти 1/2.
Тел.: (+992) 989-88-84-86; **E-mail:** hamilova-1986@mail.ru
АШУРОВА МИЖГОНА ТАВАКАЛОВНА
Старший преподаватель кафедры таможенного дела Таджикского государственного университета коммерции. **Адрес:** 734055, Республика Таджикистан, Душанбе, Дехоти 1/2.
Тел.: (+992) 915-08-28-69; **E-mail:** mijgonaa5@gmail.com

Аннотация. В статье автор изучает и исследует налоговую политику и механизм государственного влияния на развитие налогообложения и сбора таможенных платежей. Цель статьи – оценка налоговой политики и механизма государственного влияния на развитие налогообложения и сбора таможенных платежей. В данном случае особое внимание уделяется поступление налогов и таможенных платежей, имеющему первостепенное значение для

развития экономики страны, и подробно изучаются основные факторы, влияющие на него. Одновременно анализируется государственное регулирование экономики на различных уровнях в стране, изучается опыт развитых стран, представлены полезные научные выводы и рекомендации. Реализация вышеуказанных мер повышает конкурентоспособность национальной экономики, обеспечивает устойчивое развитие внешней торговли и национальной экономики. Современная государственная политика в направлении международной торговли обеспечивает и укрепляет экономическую безопасность страны, повышает конкурентоспособность отечественных производителей и, таким образом, гарантирует устойчивое экономическое развитие страны.

Ключевые слова: налоги, таможенные платежи, инвестиции, экспорт, инновационные технологии, таможенные пошлины, устойчивое развитие, факторы влияния, налоговые льготы, таможенные привилегии.

TAX POLICY AND THE MECHANISM OF STATE INFLUENCE ON THE DEVELOPMENT OF TAXATION AND COLLECTION OF CUSTOMS DUTIES

HAMIDOVA SADAFMOH HALIMOVNA
Doctor (Ph.D), Department of Taxes and Taxation, Tajik State University of Commerce
Address: 734055, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Dekhoti 1/2.
Tel.: (+992) 989-88-84-86; **E-mail:** hamidova-1986@mail.ru
ASHUROVA MIZHGONA TAVAKALOVNA
Senior Lecturer, Department of Customs, Tajik State University of Commerce
Address: 734055, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Dekhoti 1/2.
Tel.: (+992) 915-08-28-69; **E-mail:** mijgonaa5@gmail.com

Abstract. In this article, the author examines and explores tax policy and the mechanisms of state influence on the development of taxation and customs duty collection. The purpose of the article is to evaluate tax policy and the mechanisms of state influence on the development of taxation and customs duty collection. This article focuses on the collection of taxes and customs duties, which are of primary importance for the country's economic development, and examines in detail the main factors influencing them. At the same time, state regulation of the economy at various levels in the country is analyzed, the experience of developed countries is examined, and useful scientific conclusions and recommendations are presented. The implementation of the above measures increases the competitiveness of the national economy and ensures the sustainable development of foreign trade and the national economy. Modern state policy on international trade ensures and strengthens the country's economic security, increases the competitiveness of domestic producers, and thus guarantees the country's sustainable economic development.

Keywords: taxes, customs duties, investments, exports, innovative technologies, customs duties, sustainable development, influencing factors, tax incentives, customs privileges.

Муқаддима. Сиёсати андозӣ ва ситонидани пардохтҳои гумрукӣ яке аз самтҳои афзалитноки ҳар як мамлакат, аз ҷумла Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб рафта, дар рушди иқтисодӣ миллӣ саҳми арзишманд мегузоранд.

Дар шароити тағйирёбии муҳити иқтисодии ҷаҳонӣ аҳаммияти масъалаи мазкур боз ҳам бештар мегардад. Рушди робитаҳои иқтисодии байни давлатҳо, зиёдшавии ҳаҷми амалиёти тиҷорати хориҷӣ ва тағйирёбии шаклҳои фаъолияти соҳибкорӣ аз мақомоти давлатӣ истифодаи усулҳои нисбатан муосири танзими андозию гумрукиро талаб менамояд. Дар чунин вазъият низоми андозбандӣ ва пардохтҳои гумрукӣ бояд тавре ташкил карда шавад, ки аз як тараф манфиатҳои молиявии давлат ҳифз гарданд ва аз ҷониби дигар, барои фаъолияти қонунии иқтисодӣ монеаҳои изофӣ ба вуҷуд наоянд.

Аз ин рӯ, таҳқиқи сиёсати андозии давлат ҳамчун заминаи ташаккули механизми танзими муносибатҳои андозию гумрукӣ имкон медиҳад, ки нақши воситаҳои андозӣ ва

гумрукӣ дар таъмини даромадҳои давлатӣ, танзими фаъолияти иқтисодӣ ва рушди тиҷорати хориҷӣ ҳамаҷониба баррасӣ карда шавад. Дар чунин замина, масъалаи такмили механизми таъсири давлат ба рушди андозбандӣ ва ситонидани пардохтҳои гумрукӣ ҳамчун яке аз самтҳои муҳими баланд бардоштани самаранокии идоракунии молияи давлатӣ арзёбӣ мегардад.

Усулҳои таҳқиқот. Дар раванди таҳқиқот усулҳои гуногуни илмӣ, аз қабили усули омӯзиши сабабу натиҷа, омӯзиши омилҳо, таҳлили экспертӣ ва ғайра истифода гардидааст.

Натиҷаҳои таҳқиқот. Мақолаи илмӣ ба сиёсати андозӣ ва механизми таъсири давлат ба рушди андозбандӣ ва роҳҳои ситонидани пардохтҳои гумрукӣ бахшида шудааст. Таҳқиқоти гузаронидашуда ба мавқеъҳои назариявии олимони ватанӣ ва хориҷӣ, инчунин ба санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи андозбандӣ ва фаъолияти гумрукӣ такя менамояд.

Дар мақола қайд гардидааст, ки роҳҳои баамалбарории ҷамъоварии андозҳо ва ситонидани пардохтҳои гумрукӣ дар доираи қонунгузории ҷорӣ амалӣ карда мешаванд. Рушди гардиши тиҷорати хориҷӣ, ташаккули фазои мусоиди фаъолиятро дар мамлакат талаб менамояд, ин дар навбати худ омили муҳимми стратегии таҷдиди иқтисоди миллӣ мегардад. Натиҳои муҳимми таҳқиқотро субъектҳои фаъолияти тиҷорати хориҷӣ метавонанд баҳри пешрафти фаъолияти худ дар амал татбиқ намоянд.

Мақсади таҳқиқот. Мақсади мақола аз арзёбии сиёсати андозӣ ва механизми таъсири давлат ба рушди андозбандӣ ва ситонидани пардохтҳои гумрукӣ иборат аст. Дар таҳқиқот имкониятҳо ва омилҳои асосии таъсиркунанда ба ба буҷаи мамлакат муайян, ошкор ва баррасӣ карда шудааст.

Фарзияи таҳқиқот ба он асос меёбад, ки такмили сиёсати андозӣ ва механизми давлатии ситонидани пардохтҳои гумрукӣ метавонад самаранокии танзими муносибатҳои андозию гумрукиро баланд бардошта, барои рушди фаъолияти тиҷорати хориҷӣ шароити мусоид фароҳам оварад.

Таҳлили адабиёт ва гузориши масъала. Масъалаи сиёсати андозӣ ва механизми таъсири давлат ба рушди андозбандӣ ва роҳҳои ситонидани пардохтҳои гумрукӣ дар таҳқиқотҳои олимон: Барулин С.В., Макрушин А.В., Тимошенко В.А. [1], Винницкий Д. В. [2], Дробозиной Л.А. [3], Евдокимов А. А. [4], Едронова В.Н., Мамыкина Н.Н [5], Карп М.В.[6], Козырин А. Н. [7], Козырин А. Н., Трошкина Т. Н. [8], Котляревский С.А. [9], Черник Д.Г. [10], Пансков В.Г. [11], Пансков В. Г.[12], Петти В. [13] , Пинская М. Р.[14], Сердюков А.Э., Вылкова Е.С., Тарасевич А.Л.[15], Сердюков А.Э.[16], Сомоев Р.Г. [17], Трошкина Т. Н.[18], Гончаренко Л. И., Абрамова М. А., Маркина Е. В. [19], Янжул И. И.[20]. мавриди омӯзиш, баррасӣ ва таҳлил қарор дода шудааст, ки дар мақола истифода гардиданд.

Муҳтавои асосӣ. Аз таҳқиқи «...баррасии пайдарпайи маънои фалсафавӣ, лингвистӣ ва иқтисодии категорияҳо, ки аз ҷониби А.Э. Сердюков, Е.С. Вылкова ва А.Л. Тарасевич, пешниҳод шудааст, бар меояд, ки ин раванд хеле асоснок шудааст» [16 – С.14.]. Аз ин рӯ муаллифон таърифи зеринро нисбати сиёсати андозии давлат пешниҳод намудаанд, ки «...фаъолияти мақомоти давлатӣ ва идораи давлатӣ дар доираи стратегияҳои умумии иқтисодии он барои ҳалли комплексии масъалаҳои андозбандӣ бо дарназардошти манфиатҳо ва ҳадафҳо дар марҳилаи муайяни рушди таърихии он амалӣ мешавад ва аз фаъолияти онҳо вобастаанд»[15, – С. 15].

Ҳамзамон, таърифе, ки В.Г. Пансков додааст, чунин аст: «...сиёсати андозӣ маҷмӯи чораҳои иқтисодию молиявӣ ва ҳуқуқии давлатро барои ташаккули низоми андозӣ бо мақсади қонеъ намудани ниёзҳои молиявии давлат, гурӯҳҳои иҷтимоии муайяни ҷомеа ва инчунин, рушди иқтисодиёт тақсимоти захираҳои молиявӣ ифода мекунад» [12, – С.49].

Дар адабиёти иқтисодӣ мазмуни сиёсати андозӣ аз мавқеъҳои гуногун шарҳ дода мешавад. Бархе муҳаққиқон ҳадафи асосии онро дар таъмини манфиатҳои молиявии давлат ва ташаккули даромадҳои буҷетӣ мебинанд. Бо вуҷуди ин, доираи вазифаҳои сиёсати андозӣ

танҳо бо ҷамъоварии даромадҳои давлатӣ маҳдуд намегардад, зеро андозҳо дар танзими фаъолияти иқтисодӣ ва таъсиррасонӣ ба муносибатҳои иҷтимоию иқтисодӣ низ истифода мешаванд.

Дар ин замина, гурӯҳбандии ҳадафҳои сиёсати андозӣ нишон медиҳад, ки қисми зиёди онҳо тавассути низоми буҷетию молиявии давлат амалӣ мегарданд. Аз ин рӯ, танҳо ба вазифаи фискалии андозҳо такя намудан мазмуни воқеии сиёсати андозиро пурра инъикос намекунад. Ба сиёсати андозӣ инчунин масъалаҳои ташаккул, тағйирёбӣ ва такмили низоми андоз, интихоби воситаҳои танзими андозӣ ва муайян намудани самтҳои рушди минбаъдаи он дохил мешаванд.

Карп М.В. мафҳуми сиёсати андозиро чунин шарҳ медиҳад: «...сиёсати андозӣ як ҷузъи сиёсати молиявии умумии давлат дар дурнамои миёнамуддат ва дурмуддат мебошад ва мафҳумҳое монанди консепсияи фаъолияти давлатӣ дар соҳаи андозбандӣ, механизми андозӣ ва ҳамчунин идоракунии низоми андозро дар бар мегирад» [6, – С.39.]. Аз иқтибоси мазкур бармеояд, ки сиёсати андозӣ танҳо ба ташаккули даромадҳои буҷетӣ маҳдуд намешавад. Он маҷмӯи самтҳои фаъолияти давлатро дар соҳаи андозбандӣ дар бар гирифта, масъалаҳои ташкили низоми андоз, механизми татбиқи он ва идоракунии муносибатҳои андозиро низ фаро мегирад.

Мавқеи дигарро С.В. Барулин ва гурӯҳи олимони таҳти роҳбарии ӯ пешниҳод намудаанд. Ба андешаи онҳо, «...сиёсати андозӣ маҷмӯи чораҳои стратегӣ ва тактикӣ дар соҳаи идоракунии равандҳои андозӣ мебошад, ки давлат дар доираи сиёсати умумии иқтисодӣ амалӣ мекунад ва бо мақсади татбиқи ҳарҷи бештар функсияҳои фискалӣ, танзимкунанда ва назоратии андозҳо барои расидан ба натиҷаи муайян, ки дар марҳилаи мазкур иқтисодӣ ва иҷтимоан муҳим аст, равона шудааст» [1, – С. 24]. Дар маврид метавон ибрози ақида дошт ки, пеш аз ҳама, он дар самти вазифагирии андозҳо фаъолтар буда, баъдан ба сиёсати андозӣ на танҳо чораҳои гуногун, балки ғояҳо, принсипҳо ва назарияҳо низ мансубанд.

Едронова В.Н. ва Мамыкина Н.Н. ҳангоми шарҳи мазмуни сиёсати андозӣ онро бо маҷмӯи чораҳои мақсадноки давлат алоқаманд намуда, чунин таъкид мекунанд: «...ҷамъи чораҳои ҳуқуқӣ, иқтисодӣ ва ташкилидошта аз ҷониби субъекти сиёсати андозӣ барои танзими муносибатҳои андозиро мансуб медонанд» [5, С.37- 40].

Аз муҳтавои ин таъриф бармеояд, ки сиёсати андозӣ танҳо ба қабули қарорҳои вобаста ба андозситонӣ маҳдуд нашуда, ҷанбаҳои ҳуқуқӣ, иқтисодӣ ва ташкилии фаъолияти давлатро низ дар бар мегирад.

Дар натиҷа, таъриферо пешниҳод менамоем, ки ҳамаи хусусиятҳои дар боло овардашударо дар бар мегирад. Аз нигохи мо сиёсати андози дар давлат тартиби муаянгардидаи тадбирхои мақомоти давлатӣ ва худидораи маҳаллӣ буда, хислати ҳатмӣ-ихтиёрӣ дорад. Аз чумла он як кисмати стратегияи иқтисодии давлат буда, ҳалли маҷмуии вазифаҳои андозбандиро вобаста ба манфиатҳо ва мақсадҳои таърихан инкишофёфтаи онхо дар бар мегирад.

Дар идомаи таҳқиқи мазмуни сиёсати андозии давлат, муайян намудани доираи субъектҳо ва объектҳои он аҳаммияти махсус дорад. Зеро бе мушаххас намудани иштирокчиёни раванди ташаккул ва татбиқи сиёсати андозӣ, инчунин самти таъсири чораҳои андозӣ, моҳияти ин падидаи иқтисодиро пурра ошкор намудан душвор аст. Ҳамзамон, ҳангоми таҳлил бояд сиёсати андозӣ аз муносибатҳои бевоситаи андозбандӣ ва ситонидани пардохтҳои гумрукӣ ҷудо карда шавад. Махсусан, фарқияти субъектҳо ва объектҳои сиёсати андозии давлат аз субъектҳо ва объектҳои андозбандӣ ва муносибатҳои гумрукие, ки ҳангоми интиқоли мол тавассути сарҳади гумрукӣ ба вуҷуд меоянд, бояд ба назар гирифта шавад. Чунин тафриқа барои муайян намудани доираи таъсири давлат ва арзёбии механизми татбиқи сиёсати андозию гумрукӣ аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ дорад.

Дар ин раванд нақши танзими давлатии иқтисодиёт дар сатҳҳои мухталиф ҳангоми баррасии андозситонӣ ва ситонидани пардохтҳои гумрукӣ зарур аст (расми 1).



Расми 1. - Танзими давлатии иқтисодиёт дар сатҳҳои мухталиф
Сарчашма: пешниҳоди муаллифон.

Аз расми 1 бар меояд, ки ситонидани пардохтҳои гумрукӣ дар сатҳи микро, макро ва мезо нақши бузургро дар рушди иқтисодию иҷтимоии давлат мебозад. Ҳамзамон, ба субъектҳои андозбандӣ ва ситонидани пардохтҳои гумрукӣ, аз як ҷониб, субъектҳои хоҷагидоре, ки (шахсон) маблағи андозро пардохт мекунанд ё агентҳои андозӣ дохил мешаванд ва аз ҷониби дигар, корхонаи давлатӣ дар шакли мақомоти андоз, хадамоти гумрук ва корхонаҳои фонди давлатӣ берун аз буҷет мебошанд.

Дар ин раванд арзёбии дастгирии давлатии савдои байналмилалӣ ҳангоми амали намудани воридоту содиротҳои молҳо зарур аст (расми 2).



Расми 2 - Чораҳои дастгирии давлатии савдои байналмилалӣ.
Сарчашма: пешниҳоди муаллифон.

Аз баррасии расми 2 бар меояд, ки дар ин раванд истифодаи воситаҳои батанзимдарории андозӣ нақши муҳимро мебозад.

Маҷмуи дастгирии давлатии тиҷорати хориҷӣ механизмҳои молиявӣ, андозӣ, гумрукӣ, иттилоотӣ, инфрасохторӣ ва танзими ҳуқуқиро вобаста ба тиҷорати байналмилалӣ дар бар мегирад.

Дастгирии молиявӣ яке аз воситаҳои муоссиртарини чораҳои ҳавасмандгардонии тиҷорати байналмилалиро дар бар мегирад. Он аз пешниҳоди қарзҳо вобаста ба содироти мол, кафолатҳои давлатӣ, суғуртакунии хатари содирот ва субсидияҳои меъёрии фоиз иборат мебошад.

Дастгирии андозӣ. Сиёсати андози давлатӣ ба рушди тиҷорати байналмилалӣ таъсири назаррас мегузорад. Ҷиҳати ҳавасмандгардонии содирот, давлат имтиёзҳо ва бартариятҳои гуногуни андозро истифода мебарад.

Чораҳои дастгирии андоз чунинанд:

- озод намудани амалиётҳои содиротӣ аз андоз аз арзиши иловашуда;
- пешниҳоди имтиёзҳои андозӣ ба содиркунандагони моли ватанӣ;
- кам кардани бори андоз барои субъектоне, ки фаъолияти тиҷорати хориҷиро ба амал мебароранд;
- иҷозаи истифодаи низомҳои махсуси андоз.

Дастгирии инфрасохторӣ. Рушди нақлиёти боркаш ва мусофиркаш, логистика ва инфрасохтори рақамӣ барои фаъолияти самараноки тиҷорати байналмилалӣ зарур мебошад. Давлат сохтмон ва навсозии роҳҳои автомобилгард, роҳи оҳан, роҳҳои баҳрӣ, фурудгоҳҳо ва марказҳои логистикиро маблағгузорӣ менамояд.

Дастгирии иттилоотии тиҷорати байналмилалӣ пешниҳоди маълумотҳоро ба интиқолдиҳандагон дар бораи бозорҳои ҷаҳонӣ, талабот ба молҳо, шароити тиҷорат ва имкониятҳои ҳамкории тиҷоратӣ дар бар мегирад.

Чораҳои дастгирии муассисаҳои махсусгардонидашуда инҳоро ташкил мекунанд:

- машваратҳо бо субъектон оиди фаъолияти тиҷорати хориҷӣ;
- омӯзишҳои ҳуқуқӣ ва такмили ихтисоси содиркунандагони ватанӣ;
- ташкили форумҳои тиҷоратӣ ва намоишгоҳҳои байналмилалӣ;
- ёрӣ дар барқарор намудани робитаҳои тиҷоратӣ бо шарикони тиҷорат.

Дастгирии гумрукӣ ва тарифӣ дар низоми дастгирии давлатии тиҷорати хориҷӣ нақши асосӣ мебозад. Воситаҳои асосии танзими гумрукӣ ва тарифӣ ҳангоми баамалбарории тиҷорати хориҷӣ боҷҳои гумрукӣ, имтиёзҳои тарифӣ ва расмиёти соддакардашудаи гумрукӣ мебошанд.

Дастгирии ҳуқуқии тиҷорати байналмилалӣ ба эҷоди чаҳорчӯбаи батанзимдарории устувор ва пешгӯишаванда барои фаъолияти тиҷорати хориҷӣ равона гардидааст.

Танзими андоз худ як маҷмуи чораҳои иқтисодӣ, ҳуқуқӣ ва ташкилӣ буда, аз ҷониби давлат роҳандозӣ ва амалӣ карда мешаванд. Таъсир расонидан ба фаъолияти иқтисодӣ одатан дар ҳолатҳои зарурӣ тавассути тағир додани параметрҳои андозбандӣ амалӣ мегардад.

Танзими андоз яке аз роҳҳои муҳимтарини воситаҳои таъсири давлат ба иқтисодиёт дар дунё мебошад. Ба воситаи сиёсати пешгирифтаи андоз, давлат захираҳои молиявиро аз нав тақсим мекунад, рушди бахшҳои алоҳидаи иқтисодиро ҳавасманд намуда, фаъолияти сармоягузориро ба танзим медарорад ва амнияти иҷтимоиро таъмин менамояд.

Батанзимдарории андозӣ ҳамчун ҷузъи муҳими давлат ба ҳисоб рафта, барои таъмини даромадҳои буҷетӣ, рушди иқтисодӣ, дастгирии соҳаҳо ва минтақаҳои афзалиятнок, коҳиши нобаробарии иҷтимоӣ ва баланд бардоштани рақобатпазирии иқтисодиёт равона карда мешавад.

Воситаҳои асосии он, ки меъёрҳои андоз, имтиёзҳои андозӣ, тамдид ва ба таъхиргузории андоз, маъмурикунонии андоз ва низомҳои махсуси андоз мебошад ва самаранокии онҳо дар натиҷаи беҳтар гардидани муҳити соҳибкорӣ, афзоиши даромади буҷетӣ ва рушди иқтисодиёт инъикос меёбад, муфасалтар дар расми 3 дида мешавад.

Меъёрҳои андоз дар таҷрибаи андозӣ яке аз воситаҳои асосии танзими андоз мебошанд. Тағйирот дар меъёрҳои андоз ба вазъи молиявии субъектҳои андоз, ҳаҷми истеҳсолот ва фаъолияти сармоягузорӣ дар минтақа таъсири мустақим мерасонанд.

Имтиёзҳои андозӣ озодкунии пурра ё қисман аз андоз мебошанд. Ин ҷарён аз ҷониби давлат барои дастгирии баъзе бахшҳои ниёзманди иқтисодиёт, ҳавасмандгардонии навоварӣ ва ҷалби сармоягузорӣ дар кишвар фаъолона истифода мешавад.

Намудҳои асосии имтиёзҳои андозӣ инҳоянд:

- озодкунӣ аз баъзе намуди андозҳо;
- меъёрҳои таъғирёфтаи андоз;

- таътилҳои андозӣ;
- имтиёзҳои андози сармоягузорӣ барои субъетҳои ниёзманд.

Кам кардани андоз ба субъектони андоз имкон медиҳад, ки объекти андозбандишаванда ё маблағи андози пардохтшавандаро тағйир диҳад. Ин ҷараён барои ҳавасмандгардонии хароҷоти иҷтимоӣ, фаъолияти сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ васеъ истифода мегардад ва бо чунин роҳҳо амалӣ мегардад:

- кам кардани андози иҷтимоӣ;
- кам кардани андози амвол;
- кам кардани андоз дар сармоягузорӣ;
- пардохти андоз аз даромади соф.



Расми 3. - Сохтори механизми батанзимдарории андозӣ дар низоми сиёсати андозии давлат
Сарчашма: пешниҳоди муаллифон.

Муҷозоти андоз ҷазо барои вайрон намудани қонунгузории андоз ба ҳисоб меравад. Ҳадафи асосии татбиқи муҷозоти андоз таъмини риояи қонунгузории андоз ва пешгирии саркаш аз пардохти андоз мебошад.

Муҷозоти андоз бо чунин роҳҳо амалӣ мегардад:

- ҷаримаҳо;
- баҳра;
- бастани суратҳисобҳои бонкӣ;
- ҷавобгарии маъмурӣ барои саркашӣ аз пардохти андоз.

Дар ин замина, бо назардошти хусусиятҳои фаъолияти соҳибкории хурду миёна, соҳаҳои афзалиятноки иқтисодиёт, аз ҷумла кишоварзӣ, инчунин гурӯҳҳои алоҳидаи андозсупорандагон, давлат низомҳои махсуси андозбандиро ҳамчун воситаи танзими муносибатҳои андозӣ истифода мебарад. **Ҳамзамон,** татбиқи чунин низомҳо имкон медиҳад, ки тартиби ҳисоб ва пардохти уҳдадориҳои андозӣ бо дарназардошти хусусиятҳои фаъолияти

субъектҳои дахлдор ба роҳ монда шавад. **Умуман,** низомҳои махсуси андозбандӣ шаклҳои махсус ва содакардашудаи андозбандиро дар бар мегиран:

- низоми андозбандии фаъолияти минтақаҳои озоди иқтисодӣ;
- низоми андозбандии субъектҳои бозори коғазҳои қиматнок;
- низоми андозбандии шахсони воқеие, ки фаъолияти соҳибкориро дар асоси патент ё шаҳодатнома амалӣ менамоянд.
- низоми содакардашудаи андозбандӣ барои субъектҳои соҳибкории хурд;
- низоми содакардашудаи андозбандӣ барои истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ (андози ягонаи кишоварзӣ);
- низоми содакардашудаи андозбандӣ барои субъектҳои бизнеси бозӣ;
- низоми содакардашудаи андозбандии фаъолияти парандапарварӣ, моҳипарварӣ ва истеҳсоли хӯроки паранда ва чорво;
- низоми содакардашудаи андозбандии фаъолияти инноватсионию технологӣ.

Ба назари мо, доираи субъектҳои сиёсати андозӣ танҳо бо шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ маҳдуд намешавад. Онҳо ҳамчун иштирокчиёни муносибатҳои андозӣ, аз таҳиягарони сиёсати андозӣ фарқ доранд. Танҳо дохил кардани мақомоти давлатӣ низ мафҳуми субъектҳои сиёсати андозиро пурра инъикос намекунад. Аз ин рӯ, чунин муносибат бештар сохтори иштирокчиёни низоми андозбандиро тавсиф менамояд.

Сиёсати андозӣ танҳо аз қарорҳои расмии санадҳои меъёрӣ иборат нест. Ба раванди таҳия ва татбиқи он омилҳо ва мақомоти гуногун метавонанд таъсир расонанд. Аз ин рӯ, доираи субъектҳои сиёсати андозиро васеътар баррасӣ кардан лозим аст. Ба ин гурӯҳ метавонанд сохторҳое дохил шаванд, ки ба ташаккул ва такмили сиёсати андозӣ таъсир мерасонанд.

Субъектоҳое иштирокчиёни муносибатҳои ҳуқуқии андоз, онҳое ба ҳисоб мераванд, ки ҷараёни ҷамъоварӣ, интиқол ва пардохти андозҳо ва боҷҳои гумрукиро таъмин менамоянд. Ба ин гурӯҳ бонкҳо, интиқолдиҳандагони молҳо аз сарҳади гумрукӣ, инчунин мақомоту шахсони масъули ҷамъоварии андоз ва пардохтҳои гумрукӣ мансуб мебошанд.

Доираи субъектҳои сиёсати андозӣ васеъ буда, танҳо бо мақомоти андоз маҳдуд намешавад. Ба ин гурӯҳ вазоратҳо ва мақомоти дигари таъсиррасон ба қарорҳои андозӣ низ дохил мешаванд. Мақомоти дорои ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ низ дар ташаккули сиёсати андозӣ нақш доранд.

Объекти сиёсати андозӣ нисбат ба объекти андозбандӣ васеътар мебошад. Агар объекти андозбандӣ мушаххас бошад, объекти сиёсати андозӣ равандҳои васеътари иқтисодиро фаро мегирад. Объекти сиёсати андозӣ фаъолияти субъектҳои хоҷагидорӣ ва иштирокчиёни тиҷорати хориҷӣ мебошад.

Ба андешаи мо, низоми андозро пурра ҳамчун объекти сиёсати андозӣ муайян кардан нодуруст аст. Низоми андоз воситаи амалисозии қарорҳо буда, ба субъектҳои иқтисодӣ таъсир мерасонад. Дар ин таҳқиқот, объекти сиёсати андоз фаъолияти иқтисодии субъектҳои хоҷагидор ва иштирокчиёни тиҷорати хориҷӣ мебошад.

Бо ин шарҳи субъект ва объект, масъалаи муҳими дигар мазмуни «механизми андоз» аст. Агар андоз категорияи иқтисодӣ бошад, механизми андоз қисми механизми молиявӣ аст. Он тавассути воситаҳо ва усулҳои муайян ба муносибатҳои андозӣ таъсир расонида, иқтисодро танзим мекунад.

Дар адабиёти илмӣ низ ин мавқеъ бо муносибатҳои гуногун шарҳ дода мешавад. Тибқи як назария, «...дар назарияи молия механизми молиявӣ маҷмӯи он субъекти муносибатҳоро, ки ба объекти муайян таъсир мерасонад ҷудо карда шудааст» [3]. Ин маънои онро дорад, ки механизми молиявӣ на танҳо қоидаҳо, балки муносибати субъектҳо, объектҳо ва воситаҳоро дар бар мегирад.

Дар асоси ин, дар адабиёти иқтисодӣ механизми андоз низ гуногун тавсиф мешавад. Аз ҷумла, ду равиши нисбатан маъмулро ҷудо кардан мумкин аст:

1. механизми андоз ҳамчун маҷмӯи усулҳо ва воситаҳои андозбандӣ дар марҳилаи муайяни рушд;

2. механизми андоз ҳамчун маҷмӯи воситаҳо ва усулҳои ташкилӣ, ҳуқуқӣ ва идоракунии муносибатҳои андозӣ.

Дар мавриди равиши дуюм, ба истилоҳоти истифодашуда диққати махсус додан зарур аст. Ибораи «шаклҳои ташкилию ҳуқуқӣ» асосан барои шахсони ҳуқуқӣ аст ва истифодаи он дар механизми андоз мазмунро маҳдуд мекунад. Ба назари мо, «шаклҳо ва воситаҳои ташкилию ҳуқуқӣ» барои механизми андоз мувофиқтар аст, зеро он ҷанбаҳои ташкилӣ ва ҳуқуқиро фаро мегирад.

Бархе муҳаққиқон механизми андозро тавассути муносибати давлат ва андозсупорандагон шарҳ медиҳанд. Тибқи ин назар, механизми андоз «...маҷмӯи шаклҳо ва усулҳои муносибатҳои андозӣ байни давлат ва пардохткунандагони андоз мебошад» аст [10, - С. 48].

Ин таъриф ҷанбаи муҳимро инъикос мекунад, зеро муносибати давлат ва андозсупоранда унсури асосии низом аст. Аммо, маҳдуд кардани механизми андоз танҳо ба ин муносибатҳо, доираи воқеии онро пурра ифода намекунад. Зеро механизми андоз равандҳои қонунгузорӣ, банақшагирӣ, маъмурикунонӣ, назорат ва дигар таъсироти давлатиро низ дар бар мегирад. Қисми муайяни ин равандҳо ҳатто бе иштироки мустақими андозсупоранда амалӣ карда мешаванд.

Ҳамзамон, дар таҳқиқоти алоҳида механизми андоз асосан ба низоми идоракунии андоз вобаста карда мешавад. Тибқи ин равиш, сиёсати андоз тавассути механизми андоз, ҳамчун маҷмӯи меъёрҳо ва воситаҳои идоракунии низоми андоз амалӣ мешавад.

Бо вуҷуди ин, чунин муносибат низ баҳси назариявиро ба миён меорад. Агар низоми андоз ҳам объект ва ҳам механизми сиёсати андоз бошад, фарқияти байни ин мафҳумҳо аз байн меравад. Механизми андозро на ҳамчун низом, балки ҳамчун маҷмӯи усулҳо ва воситаҳои татбиқи сиёсати андозии давлат бояд фаҳмид.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки механизми андоз мафҳуми фарогир буда, муносибатҳои давлат ва андозсупоранда, воситаҳои танзим ва маъмурикуниро муттаҳид мекунад. Чунин фаҳмиш барои таҳлили таъсири сиёсати андоз ба пардохтҳои гумрукӣ ва рушди тиҷорати хориҷӣ заминаи назариявӣ фароҳам меорад.

Бо назардошти ин гуфтаҳо, объекти сиёсати андозии давлатӣ амали субъектҳои хоҷагидорӣ ва иштирокчиёни фаъолияти тиҷорати хориҷӣ ба ҳисоб меравад.

1. Мафҳуми механизми андозбандиро Р.Г. Сомоев нисбатан мукаммал чунин шарҳ додааст: «...ин маҷмӯи усулҳо ва қоидаҳои ташкилоти муносибатҳои андозӣ мебошад, ки тавассути он татбиқи низоми васеи муносибатҳои тақсимотӣ ва такрорӣ таъмин мешавад, эҷоди фонди марказии давлат барои иҷрои вазифаҳои он, танзими рушди иҷтимоӣ-иқтисодӣ, истеъмол ва захираҳои субъектҳои хоҷагидорӣ амалӣ мегардад» [18, – С. 57]. Бо вуҷуди ин мафҳум то андозае зиёдатӣ буда, низоми андози давлатро низ дар бар мегирад. Дар айни ҳол, Р.Г. Сомоев унсурҳои асосии механизми андозбандиро ба таври мукаммал муайян менамояд:«....маҷмӯи намудҳои андоз, нақшабандӣ ва пешгӯии пардохтҳои андозӣ, ҳуқуқи андоз ва қонунгузории андоз, принсипҳои андозбандӣ, низоми идоракунӣ, унсурҳо, усулҳо ва тартиби пардохту назорати андоз, таъминкунӣ бо иттилоот, ҳисобот ва гузоришдиҳӣ оид ба андозҳоро ҷудо менамояд» [18, – С.56].

Аз ин лиҳоз, баъзе номувофиқатҳо низ ба назар мерасанд. Аз ҷумла, муаллиф ҳуқуқи андоз ва қонунгузории андозро ҷузъҳои алоҳида донистааст, дар ҳоле ки қонунгузорӣ, аслан, заминаи ҳуқуқии соҳаи мазкур буда, аз он ҷудо нест. Аз ин рӯ, ба мақсад мувофиқ мебуд, ки яке аз ин мафҳумҳо ҳамчун мафҳуми возеҳтар истифода мегардид.

Дар баробари ин, унсурҳое, ки пешниҳодшудаанд нобаробарии мазмунӣ дида мешавад, чунки баъзе аз онҳо дорои аҳаммияти равандӣ мебошанд. Аз ин лиҳоз, Сердюков А.Э. унсурҳоро чунин баён менамояд: «...унсурҳои равандии сиёсати андоз, яъне: таъминкунӣ

молиявӣ-қарзӣ, моддӣ-техникӣ, ташкилии-ҳуқуқӣ ва нормативӣ, кадрӣ ва иттилоотӣ барои амали намудани сиёсати андоз» [15, – С.69].

Бо дарназардошти ҳолатҳое, ки дар боло зикргардид, сохтори механизми андоз ба бахшҳои алоҳида ҷудо карда шавад:

1. Низоми андозҳо ва пардохтҳо;
2. Батанзимдарории банақшагирӣ ва пешгӯии пардохтҳои андозӣ;
3. Амалисозии талаботи санадҳои меъёрию ҳуқуқии соҳаи андоз ва таъмини иҷрои пардохтҳо;
4. Таъминоти информатсионӣ ва кадрӣ, аз ҷумла, истифодаи низоми ягонаи автоматикунонидашудаи андозсупорӣ.

Бояд қайд намуд, ки яке аз хусусиятҳои муҳими сиёсати андоз ин мутобиқати ҳаматарафаи қонунгузории андозии давлат мебошад. Баҳодиҳии дурусти ин хусусият сабаб мегардад, ки ҷузъҳои воқеан мансуб ба механизми андоз аз дигар унсурҳои сиёсати давлатӣ алоҳида карда шаванд.

Хулоса, бо дарназардошти ҳолатҳои баҳодиҳии зикршуда, механизми андозии давлатро ба таври зайл маънидод намудан мумкин аст: он маҷмӯи шаклҳо, усулҳо ва роҳҳои ташкил ва танзими муносибатҳои андозӣ ва ситонидани пардохтҳо мебошад, ки ба ҳадафҳо ва вазифаҳои ташаккулёфтаи сиёсати андозии давлат мутобиқ буда, дар санадҳои меъёриву ҳуқуқии соҳаи андоз муқаррар гардидааст.

Ҳамзамон зарур аст, ки воситаҳои танзими давлатии савдои байнамилалиро бо назардошти арзёбии нақши пардохтҳои гумрукиро дида бароем (расми 4).



Расми 4 - Воситаҳои танзими давлатии савдои байналмилалӣ

Сарчашма: пешниҳоди муаллифон дар асоси адабиёти соҳавӣ.

Истифодаи воситаҳои дар расми 4 оварда шудааст, ки имкон медиҳад натиҷаҳои назаррас барои пур кардани қисми даромади буҷети давлат ба даст оварда шавад.

Дар доираи фаъолияти иқтисодии байналмилалӣ усулҳои иқтисодии танзими давлатӣ амалӣ карда мешаванд, метавонанд гумрукӣ-тарифӣ, андозӣ ва махсус бошанд. Пардохтҳои гумрукии ситонидашуда ҳангоми интиқоли мол аз сарҳади гумрукӣ ҳамчун воситаҳои иқтисодии танзими иқтисодиёт баромад намуда, боҷҳо ва дигар пардохтҳои гумрукӣ ба гурӯҳи усулҳои гумрукӣ-тарифӣ мансуб мебошанд. Дар ин маврид, андоз аз арзиши иловашуда ва аксизҳо ҳамчун элементҳои механизми танзими андоз арзёбӣ мегарданд.

Ба усулҳои соҳавии танзими савдои хориҷӣ чораҳои зиддисубсидиявӣ, мавсимӣ ва махсуси иқтисодӣ, аз ҷумла боҷҳои ҷубронӣ ва квотаҳо, дохил мешаванд. Дар баробари ин, тартибдодани квота, шаҳодатномадиҳӣ, додани иҷозатнома ва маҳдудиятҳои воридотӣ ба воситаҳои маъмурикунонии танзими дохил мешаванд. Нишонгузорӣ, таснифоти мол ва муайян намудани кишвари истеҳсолкунанда бошанд, хусусияти омехта дошта, унсурҳои маъмурикунони ва тарифиро муттаҳид менамоянд.

Ташаккули низоми пардохтҳои гумрукӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо рушди низоми андозбандӣ иртиботдошта буда, масъалаи муайян намудани мазмуни ягонаи мафҳум «пардохтҳои гумрукӣ» ҳанӯз ҳам аҳамияти назариявӣ дорад. Аз ҷиҳати сохторӣ, ба пардохтҳои гумрукӣ дохил мешаванд: андоз аз арзиши иловашуда, аксизҳо, боҷҳои гумрукӣ ва хироҷҳои гумрукӣ. Ҳар яки ин пардохтҳо вобаста ба навъи расмиёти гумрукӣ тартиби муайяни ҳисоб ва ситонидан доранд.

Дар айни замон, аз тарафи Козирин А.Н. қайд намудааст, мафҳуми «пардохтҳои гумрукӣ» «...якҷоя кардани пардохтҳое, ки метавонанд асосан андоз, хироҷ ва ғайра бошанд, дар мафҳуми пардохтҳои гумрукӣ оварда шудааст» [7]. Дар ин маврид муайян намудани мавқеи боҷҳои гумрукӣ дар даромадҳои буҷаи давлат норавшанӣ эҷод мекунад: ААИ ва аксизҳо ба даромадҳои андозӣ, дар ҳоле ки боҷҳо ва хироҷҳои гумрукӣ ба даромадҳои ғайриандозӣ мансуб дониста мешаванд.

Дар доираи таснифоти буҷети давлатӣ даромадҳо мафҳуми «даромад аз фаъолияти иқтисодии байналмилалӣ» ҳамчун гурӯҳи мустақили даромадҳо муайян мегардад, ки системаи қонунгузорӣ онро ба гурӯҳи боҷҳо ва пардохтҳои гумрукӣ мансуб мешуморад. Дар баробари ин, агар фаъолияти иқтисодии байналмилалӣ воқеан ҳамчун маҳзани даромади буҷа эътироф шавад, пас ба таркиби он бояд андоз аз арзиши иловашуда ва аксизҳо низ дохил карда шаванд, чунки онҳо ҳамчун қисми пардохтҳои гумрукӣ ҳангоми воридоти мол аз сарҳади гумрукӣ ситонида мешаванд.

Ҳамин тавр, норасоиҳо дар дастури раванди истифодаи боҷҳои гумрукиро ҳамчун воситаи танзими андоз мураккаб мегардонад. Ғайр аз ин, тавре ки В.Г. Пансков қайд мекунад, ААИ ва аксизҳои ҳангоми воридоти мол ба кишвар пардохтшаванда аз боҷҳои гумрукӣ аз ҷиҳати қоидаҳои муайян кардани пойгоҳи андоз, меъёрҳо ва рӯйхати молҳои андозбандишаванда фарқ мекунанд. Аммо, тавре ки ӯ дуруст қайд мекунад, «...ин пардохтҳо аз ҷиҳати иқтисодӣ, мантиқӣ ва ҳуқуқӣ то ҳол якхелаанд» [12, – С. 58], яъне аз нигоҳи иқтисодӣ, мантиқӣ ва ҳуқуқӣ, ин пардохтҳо хусусияти умумӣ доранд ва ба ҳамдигар наздик мебошанд.

Дар Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон қайд гардидааст, ки ҳангоми муайян намудани андоз ҳамаи ҷузъҳои он бояд мутобиқи талаботи он муайян карда шаванд. Ин санад барои пешгирии ҳолатҳое муаян гардидааст, ки дар онҳо дар шароити иқтисодӣ пардохтҳои ҳархела бо ҳаҷми фарқкунанда ситонида мешаванд. Муайян намудани объекти андозбандӣ аз ҷониби мақомоти ваколатдор оид ба масъалаҳои мазкур ба таъмини ягонагии талаботи пардохт мусоидат менамояд. Дар айни замон, номуайянӣ дар муайян намудани мақоми пардохт метавонад сабаби саркашӣ аз андоз ва ба вуҷуд омадани фарқиятҳои назаррас дар ҳаҷми маблағҳои пардохтшаванда гардад, ҳатто агар вазъи иқтисодии андозсупорандагон қариб монанд бошад.

Мувофиқи назари Винницкий Д.В. «...таснифоти нодурусти пардохтҳои давлатӣ аз кӯшиши пинҳон намудани моҳияти воқеии онҳо тавассути истифодаи баъзе механизмҳои ҳуқуқи шаҳрвандӣ сарчашма мегирад» [2, – С. 65]. Дар таҳқиқоти илмӣ ин ҳолат баҳсҳои назариявиро оид ба тағйирёбии мақоми ҳуқуқии боҷҳо ва дигар пардохтҳои гумрукӣ гардидааст. Аммо, дар асл, мувофиқи муқаррароти Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон, боҷҳо ва пардохтҳои гумрукӣ ба ҳамаи нишонаҳои ҳуқуқии таърифҳои «андоз» ва «пардохт» мувофиқат мекунанд.

Боҷи гумрукӣ ҳангоми интиқоли мол аз сарҳади гумрукӣ ҳамчун пардохти ҳатмӣ ва инфиродӣ-ройгон ситонида шуда ва яке аз манбаъҳои ташаккули даромади буҷетӣ ба ҳисоб меравад. Аз ин лиҳоз, ин яке аз аломатҳои хоси андоз буда, аз ҷумла: ҳатмият, инфиродӣ-ройгон, хусусияти умумӣ ва мунтазамии нисбӣ мебошад.

Боҷҳо ва пардохтҳои гумрукӣ аз рӯи хусусияти ҳуқуқӣ ба пардохтҳои ҳатмии мансуб буда, бо иҷрои амалиёти гумрукӣ ва интиқоли мол аз сарҳади гумрукӣ алоқаманд мебошанд.

Амалиёти тиҷорати хориҷӣ нисбати мавқеи ААИ ва аксизҳо аз боҷҳои гумрукӣ фарқ мекунад. Инчунин, тибқи меъёрҳои Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми воридоти мол андозҳо татбиқ шуда, уҳдадории андозиро ба вуҷуд меоранд. Аз ин рӯ, мавҷудияти чунин андозҳо дар амалиёти гумрукӣ худ аз худ боиси баробар донистани онҳо бо боҷҳои гумрукӣ намегардад.

Боҷу пардохтҳои гумрукӣ дар талаботи конститутсионии риояи пардохтҳои қонунан муқарраргардида ҳатмияти пардохтӣ ифода меёбад. Ҳамин тариқ, боҷҳои гумрукӣ дорои хусусиятҳои хоси ҳуқуқию иқтисодӣ мебошад.

Мо зарур мешуморем, ки хусусияти ҳуқуқии барасмиятдарории гумрукӣ меъёрҳои дахлдоро дар Кодекси гумрукӣ ва Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ карда шаванд. Ин имкон медиҳад, ки муносибати ҳуқуқии байни амалиёти гумрукӣ, хизматрасонии давлатӣ ва уҳдадории пардохти боҷу пардохтҳои гумрукӣ дақиқ муайян карда шавад.

Ба хотири он ки барасмиятдарории гумрукӣ хизматрасонӣ арзёбӣ гардад, зарур аст ба талаботҳои Кодекси гумрукӣ ва Кодекси шаҳрвандӣ муроҷиат намоем, то асос гардад, ки боҷҳои гумрукӣ воқеан хусусияти хизматрасонӣ доранд ва чунин мақом бо далелҳои боэътимод тасдиқ карда шавад.

Дар манбаи [13, – С. 258]. бо такя ба андешаҳои В. Петти, асосҳои муайян намудани моҳияти боҷҳои гумрукӣ ҳамчун боҷ ё андоз дар мавриди воридот ва содироти молҳо тавассути сарҳади гумрукӣ шарҳ дода шудаанд.

Бинобар ин, ҳамаи асосҳои зикршуда нодуруст будани хориҷ намудани боҷҳо ва пардохтҳои гумрукиро аз низоми андозҳо ва пардохтҳо гувоҳӣ медиҳанд. Айни ҳол, «...хусусияти андозии чунин пардохтҳо ҳам аз ҷониби мутахассисони давраи пеш аз инқилоб, ҳам олимони давраи иттиҳоди шӯравӣ ва ҳам муҳаққиқони замони муосир эътироф гардидааст» [19].

Бояд қайд намуд, ки И. И. Янжул, ҳамчун олими намоён ба назарияи боҷҳои гумрукӣ саҳми назаррас гузоштааст, онҳоро ҳамчун «...аввалин, қадимтарин андози ғайримустақим ҳисобидааст» [20, – С. 405].

Котляревский С.А. ҳамчунин «...масъалаи мансубияти боҷҳои гумрукиро ба андозҳои мустақим ё ғайримустақим таҳти омӯзиш ва матраҳ қарор додааст» [9, – С.78].

Гончаренко Л. И. [19, – с. 47], Козырин А. Н. ва Трошкина Т. Н. [8] ақидаҳои дар боло зикр шударо ҷонибдори менамоянд ва ақидаи худро чунин баён менамоянд:

1) «...пардохт намудани боҷҳои гумрукӣ ҳатмӣ мебошанд, ва бо роҳи маҷбуркунии давлатӣ ба амал бароварда мешавад»;

2) «...боҷҳои гумрукии давлатӣ пардохт барои хизматрасониҳои гумрукӣ набуда, бемузд ситонида мешаванд»;

3) «...тартиби супоридани боҷҳои гумрукӣ имкони гуфтугузорро бо давлат дар бораи роҳҳои гуногуни пардохт, чунон ки дар муносибатҳои ҳуқуқии шаҳрвандӣ омадааст, истисно мекунанд».

Бо нигоҳи муҳаққиқ Трошкина Т. Н. розӣ шудан мумкин аст: «...бар хилофи номаш, боҷҳои гумрукӣ хусусияти боҷӣ надоранд, балки хусусияти андозӣ доранд, ки як навъи андози ғайримустақимест, ки аз гардиши фаромарзии мол ситонида мешавад» [18, С. 5–16].

Гуруҳи муҳақиқон пешниҳод доранд, ки истилоҳи "андозбандии гумрукӣ"-ро барои муайян кардани тартиби батанзимдарории боҷҳои гумрукӣ истифода баранд. «...онҳо ин истилоҳро ҳамчун муносибатҳо байни шахсони ҳамчун андозсупоранда эътирофшуда дар робита бо интиқоли молҳо аз сарҳади гумрукӣ аз як тараф муайян шудааст, ва хадамоти гумрук ва кумитаи андоз аз тарафи дигар, дар робита бо ҳисоб ва пардохти андозҳои гумрукӣ мефаҳманд» [18].

Номбурда истифодаи мафҳуми «ҷамъоварии молиявӣ»-ро пешниҳод менамояд, ки «...дар доираи он андозҳо ва пардохтҳо вобаста ба хусусиятҳои умумии худ муттаҳид мегарданд. Ба чунин хусусиятҳо дохил мешаванд: пардохт ба фоидаи давлат ё дигар сохторҳои давлатӣ, ки ҳамчун субъекти ҳокимият амал мекунанд; хусусияти ҳатмӣ; ройгон ё нобаробар будани ивазпазирӣ; инчунин набудани хусусияти ҷазо барои ҳуқуқвайронкунӣ ва ҷиноят» [20].

Дар умум, боҷҳои гумрукӣ метавонанд ҳамчун андозҳои молиявӣ арзёбӣ шаванд, чунки «...онҳо дар мавриди анҷом додани фаъолияти муайян, аз ҷумла тиҷорати хориҷии молу воситаҳои нақлиёт, аз ҷониби шахсон пардохт мегарданд. Ин пардохтҳо дорои хусусиятҳои асосии андозҳои молиявӣ буда, дар муносибатҳо хусусияти ҷаримавӣ надоранд, чунки масъалаҳои вобаста ба ҳаҷм, асос, шартҳо ва дигар ҷузъҳои андозбандӣ метавонанд мавриди мувофиқа қарор гиранд» [14, – С. 60] .

Дар ин ҳолат, ақидаи М.Р. Пинскаяро дар асоснок кардани фарқиятҳои байни истилоҳоти “низоми андоз ва пардохтҳо” ва “низоми андоз” истифода бурдан мумкин аст. Бояд бо ин ақида розӣ шуд, ки «...мафҳуми “низоми андоз”, мисли низоми андозбандии гумрукӣ, наметавонад танҳо ба намудҳои пардохтҳои ҳатмӣ маҳдуд карда шавад. Он инчунин “маҷмӯи принсипҳо, шаклҳо ва усулҳои муқаррар кардан, тағйир додан ва бекор кардани онҳо, пардохт ва татбиқи чорабиниҳо барои пардохти онҳо, татбиқи назорат, инчунин ба ҷавобгарӣ кашидан барои вайрон кардани қонун” мебошад» [14, – С.73].

Муносибати системавӣ бояд мутобиқати ҳадафҳои сиёсати давлатӣ, ҳамчун низоми бо ҳам алоқаманди усулҳо ва воситаҳои таъсиррасонии давлат баррасӣ карда шавад. Дар ин раванд низоми танзимии гумрукӣ ҳамчун унсури сиёсати иқтисодии давлат ба танзими равандҳои содиротию воридотӣ равона гардида аз тарифҳо, квотаҳо, маҳдудиятҳо ва дигар механизмҳои танзими истифода бурда мешавад. Дар баробари ин, самаранокии он бо механизмҳои андозӣ ва тартиби ситонидани пардохтҳои дахлдор робитаи зич дорад.

Дар ин замина, ҳадафҳои танзими андозии амалиёти воридотӣ пеш аз ҳама ба ҳифзи оқилонаи бозори дохилӣ, дастгирии истеҳсолкунандагони миллӣ ва таъмини бозор бо молҳое равона мешаванд, ки истеҳсоли дохилии онҳо вуҷуд надорад ё барои қонеъ намудани талаботи бозор кофӣ нест. Танзими андозии амалиёти содиротӣ бошад, ба ташаккули таносуби самараноки содироту воридот, ҳифзи манфиатҳои иқтисодии миллӣ ва васеъ намудани иштироки кишвар дар муносибатҳои иқтисодии байналмилалӣ мусоидат мекунад.

Мувофиқи ақидаи Евдокимов А. А., «танзими давлатии амалиёти содиротию воридотӣ маҷмӯи воситаҳои иқтисодӣ ва андозиро дар бар мегирад, ки тавассути тағйир додани меъёрҳои андоз, тартиби ситонидани онҳо, пешниҳоди имтиёзҳо ва чорабиниҳои ҷавобгарӣ амалӣ карда мешаванд» [4, – С.37-40]. Ҳамзамон Евдокимов А.А. таснифоти усулҳои танзими давлатии амалиёти содиротию воридотиро пешниҳод менамояд, ки онро муфасалтар дар расми 5 дида мешавад.

Таҳлил нишон медиҳад, ки пардохтҳои гумрукӣ бо низоми танзими андоз робитаи зич дошта, ҳамчун яке аз воситаҳои таъсиррасонӣ ба муносибатҳои иқтисодӣ истифода мешаванд. Дар ин раванд, ААИ, аксизҳо ва боҷҳои гумрукӣ бештар ба воситаҳои мустақими танзими андозӣ мансуб буда, пардохтҳои хизматрасонии гумрукӣ хусусияти ҷубронӣ доранд.





Расми 5. - Таснифоти усулҳои танзими давлатии амалиёти содиротию воридотӣ
Сарчашма: пешниҳоди муаллифон.

Бо дарназардошти вазифаи танзимии пардохтҳои гумрукӣ, вобаста ба хусусияти худ ҳамчун воситаи мустақим ё ғайримустақими таъсиррасонӣ истифода мешаванд: яъне мустақим, ки ба ҳисоб ва андозаи пардохтҳо таъсир мерасонанд, ва ғайримустақим, ки тавассути тартиби барасмиятдарорӣ, низомҳои гумрукӣ ва дигар шароити интиқоли мол таъсиргузор мебошанд.

Аз ин рӯ, механизми танзими пардохтҳои гумрукӣ маҷмӯи воситаҳои умумии давлатӣ, механизмҳои махсуси гумрукӣ ва воситаҳои назорати андозию гумрукиро дар бар мегирад. Ҳамин тавр, татбиқи онҳо вобаста ба навъи амалиёти гумрукӣ метавонад боиси пайдоиш, тағйир ё қатъ гардидани уҳдадориҳои андозӣ ва гумрукӣ гардад.

Ба роҳҳои умумии батантанзимдарории давлатӣ чунин абзорҳое дохил мешаванд, ки ҳам дар самти андоз ва ҳам дар самти гумрук самаранок истифода мешаванд, аз ҷумла коҳиш додани андозҳо, имтиёзҳои андозӣ ва дигар механизмҳои ба ин монанд.

Роҳҳои махсуси батанзимдарории давлатӣ дар самти боҷҳои гумрукӣ бевосита ба ҳисобкунии онҳо таъсир мерасонанд. Ба ин гурӯҳ муайян намудани кишвари истеҳсолкардаи мол, муайян кардани арзиши гумрукии мол, декларатсиякунонии молу воситаҳои нақлиёт ва дигар расмиёти гумрукӣ дохил мешаванд.

Ба яке аз гурӯҳои воситаҳои танзимкунанда чораҳое дохил мешаванд, ки мақсадҳои танзимкунӣ истифода мешаванд, аммо, ба дигар гурӯҳҳо дохил намешаванд чун ки ба ҳисобкунии пардохтҳои гумрукии ғайримустақим таъсир мерасонанд. Чунончи, ба онҳо боҷҳои зиддидемпингӣ, мавсимӣ, махсус ва ҷубронӣ, субсидияҳои мақсаднок ва квотаҳои содиротӣ вобаста ба арзиши гумрукии молҳо дохил мегарданд.

Аз таҳқиқотҳо бар меояд, ки дар раванди пешбурди сиёсати гумрукӣ маъмурикунонии андозҳо ва пардохтҳои гумрукӣ беназир аст (расми 6).



Расми 6 – Идоракунии низоми маъмурикунонии андозҳо ва пардохтҳои гумрукӣ дар шароити иқтисоди рақамӣ

Сарчашма: пешниҳоди муаллифон.

Аз расми 6 бар меояд, ки идоракунии низоми андозсупорӣ ва пардохтҳои гумрукию маъмурикунонии он раванди хело зарурӣ мебошад ва барои амали намудани сиёсати андозию гумрукӣ дар Тоҷикистон самти афзалиятнок ҳисобида мешавад.

Дар раванди татбиқи сиёсати андозию гумрукӣ назорати онҳо унсури калидӣ ва асосии низоми андози Тоҷикистон мебошад ва вазифаи асосии он таъмини ноил шудан ба ҳадафи асосии барои ташаккули даромадҳои буҷет аз ҳисоби андозҳо ва пардохтҳо мебошад.

Аз арзёбии муносибатҳои ҳуқуқӣ бар меояд, ки назорат ҳамчун механизми асосӣ барои тасдиқи риояи рафтор ва кори субъектҳои назоратшаванда (мақомоти давлатӣ, субъектҳои ФИБ, муассисаҳо, корхонаҳо ва шаҳрвандон) ба талаботи танзимкунанда истифода мешавад. Аз ин лиҳоз, зарурияти назорат аз имконоти ошкор ва бартараф кардани норасоиҳо дар фаъолияти субъекти назоратшаванда, баҳодиҳии интизом зимни иҷрои талаботи қонунӣ ва муайян намудани самаранокии танзими ҳуқуқӣ дар самти мушаххаси фаъолияти идоракунӣ ҷиҳати такмили минбаъда, бартараф кардани камбудиҳо дар санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ ва мутобиқ намудани моҳияти онҳо бо қонунҳое, ки пайдоиш ва рушди муносибатҳои иҷтимоиро танзим мекунанд, баён мегардад.

Қобили зикр аст, ки технологияҳои муосири рақамӣ системаҳои идоракунии маълумоти калонро ҳам дар тиҷорат ва ҳам дар идоракунии ҳуҷҷатҳо ва сабтҳои давлатӣ муайян мекунанд. Рақамӣ кардани системаҳои баҳисобгирӣ ва назорат ба ҳама бахшҳо, аз ҷумла андозбандӣ ва маъмурикунонӣ ва назорати андоз, ворид шуда истодааст. Равандҳои маъмурикунонии андоз тавассути барномаҳо ва технологияҳои компютерии муосир сурат гирифта, дар навбати худ модели назорати андоз ва риояи қонунҳои онро дар Тоҷикистон тағйир медиҳад. Ин ҳолат, намунаҳои амали мавҷудаи андозсупорандагонро вобаста ба иҷрои ӯҳдадориҳои шахс тағйир медиҳад. Марказҳои коркарди маълумоти калон дар ин самт ба пояиасоси беҳдошти фаъолият табдил меёбанд.

Аз маълумотҳои омории Кумитаи андоз ва Хадамоти гумруки Тоҷикистон бар меояд,ки системаҳои идоракунии ҳуҷҷатҳоро ба тариқи автоматӣ ба роҳ монда шуда, ҳамзамон, технологияҳои рақамиро барои коркарди эъломияҳои андоз барои категорияҳои гуногуни андозсупорандагон ва пардохтҳои гумрукӣ татбиқ мекунанд. Ҳамин тариқ, рақамикунонии маъмурикунонӣ ва назорати андозу ситонидани пардохтҳои гумрукӣ боиси ҳамкории ҳатмии электронӣ ҳамчун як қисми таҷрибаи корӣ; ҷорӣ намудани мониторинги андоз барои шумораи маҳдуди корхонаҳо; системаи автоматии назорат дар раванди ташаккули ААИ ва рушди савдо; ошкор кардани маҳсулоти қалбакӣ; пардохти пурраи андозҳо ва ғайра мегардад.

Ҳамзамон, системаҳои ҳамкории электронӣ байни мақомоти андозу гумрук ва дигар мақомоти давлатӣ, ки вазифаҳои назоратиро иҷро мекунанд, инчунин, фондҳои ғайрибуҷетӣ, идораҳои сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ ва ғайра таҳия карда мешаванд.

Дар ин раванд ҷорӣ намудани дастгоҳҳои хазинавии онлайн дар Тоҷикистон ниёзро ба ҳисоботи пули нақд аз байн бурда, шумораи санҷишҳо кам карда шуда ва тартиби пардохти андозҳою пардохтҳои гумрукиро тибқи низоми соддакардашуда тағйир дод ва муҳити тиҷоратро беҳтар намуд.

Ба ақидаи мо, пешрафти афзалиятнок дар ҷаҳони муосир васеъ ҷорӣ намудани барномаҳоро ба монанди “Андози ман” мебошад, ки ҳама гуна ҳамкории байни шахсонро бо мақомоти андоз осон мекунад. Ҷорӣ намудани чунин барномаҳо хатогиҳоро дар ҳисобҳои андоз кам мекунад, раванди пардохтро содда намуда, умуман сатҳи риояи қонуниятро баланд мебардорад. Ғайр аз ин, имконияти ҳамгироии барнома бо суратҳисобҳои бонкии онлайн дар айни замон барои содда кардани пардохти андози даромади касбӣ баррасӣ мешавад.

Сарфи назар аз он, ки Кумитаи андоз ва Хадамоти гумрук ҳоло мақомоти иҷроияи аз ҷиҳати технологӣ пешрафтатарин буда, имконоти коркарди иттилоотро тавассути ҷорӣ намудани таҳаввулоти нав ва технологияҳои муосир такмил медиҳанд. Бо назардошти ин, дар шароити кунунӣ самтҳои зерин рушди афзалиятнок ва самараноктаринро дар пиёдасозии сиёсати андозию гумрукӣ зарур мешуморем:

1. Пурра истифодаи рақамикунонии хизматрасониҳои давлатӣ, аз ҷумла пардохтҳои андозу гумрукӣ. Ин харочоти давлатиро ба таври назаррас коҳиш медиҳад, дар ҳоле ки шаҳрвандон метавонанд пардохтҳоро ба осонӣ ва бе хато анҷом диҳанд.

2. Гузариши пурра ба системаи ягонаи платформа - бо барномаҳои мобилӣ, бонкдорӣ ва хизматҳои гуногун, ки дар бахши истеҳсолию ФИБ муташаккилона фаъолият мекунанд.

3. Тақвияти ҷараёни ҷорӣ намудани низоми гардиши электронии ҳуҷҷатҳо, ки ҳамаи маълумоти заруриро фаро гирифта, имконияти сохтакорӣ ё таҳрифи маълумотро истисно мекунад.

4. Беҳдошти фаъолияти мақомоти андоз ва хадамоти гумрук бо назардошти самаранокии хароҷот ва соддагардонии муносибатҳои байни мақомоти андозу андозсупорандагон ва субъектҳои ФИБ ва ғайра.

Хулоса аз нигоҳи мо, баҳодиҳии сиёсати андозӣ ва механизми таъсири давлат ба рушди андозбандӣ ва ситонидани пардохтҳои гумрукӣ ҳангоми интиқоли мол аз сарҳади гумрукӣ аз самтҳои мухталиф иборат буда, фарқияти калидии унсурҳои ин механизм мутобиқати пурраи онҳоро бо қонунгузории Тоҷикистон тақозо менамояд, ва имконият медиҳад, ки натиҷаҳои назаррас барои ғанӣ гардонидани қисми даромади буҷаи кишвар шароит фарҳам оваранд.

АДАБИЁТ:

1. Барулин С.В., Макрушин А.В., Тимошенко В.А. Налоговая политика России. – Саратов: Сателлит, 2004. – 167 с.
2. Винницкий Д. В. Налоги и сборы: Понятие. Юридические признаки. Генезис. М.: НОРМА; 2002. – 144 с.
3. Дробозиной Л.А. – М.: Финансы: Учебник для вузов / Под ред. проф. ЮНИТИ, 2000. – 527с.
4. Евдокимов А. А. Налоговое регулирование экспортно-импортных операций: специальность 08.00.10 «Финансы, денежное обращение и кредит». Автореферат диссертации на соискание ученой степени кандидата экономических наук. Саратов. 2007. 173с.
5. Едронова В.Н., Мамыкина Н.Н. Сущность и элементы налоговой политики // Финансы и кредит. – 2005. – №5. [Захираҳои электронӣ]: Реҷаи дастрасӣ: https://cyberleninka.ru/article/n/suschnost-i-elementy-nalogovoy-politiki
6. Карп М.В. Налоговый менеджмент: Учебник для вузов. – М.: ЮНИТИ-ДАНА, 2001. – 477с.
7. Козырин А. Н. Правовое регулирование таможенно-тарифного механизма (сравнительно-правовое исследование). Автореферат диссертации на соискание ученой степени доктор юридических наук. М. 1994.
8. Козырин А. Н., Трошкина Т. Н. Комментарий к Закону РФ «О таможенном тарифе» (постатейный). Консультант + Комментарии законодательства; 2021. Справочная система «Консультант» [Захираҳои электронӣ]: Реҷаи дастрасӣ: https://www.consultant.ru
9. Котляревский С.А. Финансовое право СССР / Проф. А.С. Котляревский. – Л.: Государственное издательство, 1926. – 157 с.
10. Налоги и налогообложение: Учебное пособие / Под ред. Д.Г. Черника. — 2-е изд., перераб. и доп. — М.: ЮНИТИ, 2010. — 367с.
11. Пансков В.Г. Налоги и налогообложение в Российской Федерации: Учебник для вузов. – 7-е изд., доп. и перераб. – М.: МЦФЭР, 2006. -592с.
12. Пансков, В. Г. Налоги и налогообложение: учебник и практикум для прикладного бакалавриата / В. Г. Пансков. — 6-е изд., перераб. и доп. — М.: Издательство Юрайт, 2018. — 436 с
13. Петти В. Трактат о налогах и сборах. Шедевры мировой экономической мысли. Т. 2. Петрозаводск; 1993.
14. Пинская М. Р. Основы теории налогов и налогообложения: / под научн. ред. Д.э.н., профессор В.С. Барда: Монография. – М.: Издателӣство «Палеотип». 2004.–216с.
15. Сердюков А.Э., Вылкова Е.С., Тарасевич А.Л. Налоги и налогообложение. 2-ое изд: Учебник для вузов. – СПб.: Питер, 2008. -704с.

16. Сердюков А.Э. Теоретические основы налоговой политики современной России / А.Э. Сердюков М-во образования и науки Рос. Федерации, С.-Петерб. гос. ун-т экономики и финансов. Санкт-Петербург: Изд-во СПбГУЭФ, 2004. 142с.
17. Сомоев Р.Г. Общая теория налогов и налогообложения: Учебное пособие. – М.: ―Издательство «ПРИОР», 2000. - 176с.
18. Трошкина Т. Н. Налоговый характер таможенно-тарифных правоотношений (о правовой природе таможенной пошлины). Консультант+ Комментарии законодательства; 2021. Справочная система «Консультант».
19. Финансовые и денежно-кредитные методы регулирования экономики. Теория и практика: учебник / под ред. Л. И. Гончаренко, М. А. Абрамовой, Е. В. Маркиной. — М.: Издательство Юрайт, 2015. — 551 с.
20. Янжул И. И. Основные начала финансовой науки. Учение о государственных доходах. М.: Статус. - 2002. 532 с.

УДК 330.34(575.3)

БАҲОГУЗОРИИ ИҚТИДОРИ ИНФРАСОХТОРИ ТАЪЛИМИИ РУШДИ САРМОЯИ ИНСОНӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

ҲОДИЕВ ДАДАХОН АБДУЛЛОЕВИЧ
Н.и.и., дотсенти кафедраи менеҷмент ва маркетинги Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.
Суроға: 734025, ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Рӯдакӣ, 17.
Тел.: (+992) 935-01-70-51; **E-mail:** mfahim@mail.ru;
ҚУРБОНОВ АЪЗАМҶОН ҶАЛИЛОВИЧ
Ассистенти кафедраи менеҷмент ва маркетинги Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.
Суроға: 734025, ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Рӯдакӣ, 17.
Тел.: (+992) 919-14-50-04. **E-mail:** Azamjon_5004 @ mail.ru

Аннотатсия: Мақолаи мазкур ба масъалаҳои мубрами баҳодиҳии ҳолат ва самаранокии инфрасохтори таълимӣ ҳамчун омили калидии шаклгирӣ ва рушди сармояи инсонӣ дар шароити муосири Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шудааст. Дар кор нишондиҳандаҳои асосии соҳаи маориф, аз ҷумла таъмин будан бо муассисаҳои таълимӣ, сатҳи муҷаҳҳазгардонии техникӣ ва захираҳои кадрии низоми маориф мавриди таҳлили амиқ қарор гирифтаанд. Муаллифон нобаробарии минтақавиро дар дастрасӣ ба таҳсилоти босифат баррасӣ намуда, таъсири бевоситаи инфрасохтори таълимиро ба нишондиҳандаҳои рушди сармояи инсонӣ (ба монанди сатҳи саводнокӣ, касбият ва қобилияти рақобатпазирии қувваи корӣ дар бозори меҳнат) арзёбӣ кардааст.

Дар асоси таҳлилҳо, камбудиҳо ва «нуқтаҳои заиф»-и инфрасохтори мавҷуда муайян гардида, самтҳои афзалиятноки модернизатсияи он пешниҳод шудаанд.

Калидвожаҳо: Инфрасохтори таълимӣ, сармояи инсонӣ, бозори меҳнат, сармояи дониш, сармоягузори ба сармояи инсонӣ, иқтидори инсонӣ.

ОЦЕНКА ПОТЕНЦИАЛА ОБРАЗОВАТЕЛЬНОЙ ИНФРАСТРУКТУРЫ ДЛЯ РАЗВИТИЯ ЧЕЛОВЕЧЕСКОГО КАПИТАЛА В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

ХОДИЕВ ДАДАХОН АБДУЛЛОЕВИЧ
К.э.н., доцент кафедры менеджмента и маркетинга Таджикского национального университета. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17.
Тел.: (+992) 935-01-70-51; **E-mail:** mfahim@mail.ru;

КУРБОНОВ АЗАМДЖОН ДЖАЛИЛОВИЧ
Ассистент кафедры кафедры менеджмента и маркетинга Таджикского национального университета. **Адрес**: 734025, г. Душанбе, Республика Таджикистан, проспект Рудаки, 17. **Тел.:** (+992) 919-14-50-04. **E-mail:** Azamjon_5004 @ mail.ru

Аннотация: В статье рассматриваются актуальные вопросы оценки состояния и эффективности образовательной инфраструктуры, как ключевого фактора формирования и развития человеческого капитала в современных условиях Республики Таджикистан. Проведен углубленный анализ основных показателей сферы образования, включая обеспеченность учебными заведениями, уровень технического оснащения и кадровый потенциал системы образования. Авторы исследуют региональные диспропорции в доступе к качественному образованию и оценивают прямое влияние образовательной инфраструктуры на показатели развития человеческого капитала (такие как уровень грамотности, профессионализм и конкурентоспособность рабочей силы на рынке труда).

На основе проведенного анализа выявлены недостатки и «слабые места» существующей инфраструктуры, а также предложены приоритетные направления ее модернизации.

Ключевые слова: образовательная инфраструктура, человеческий капитал, рынок труда, капитал знаний, инвестиции в человеческий капитал, человеческий потенциал.

ASSESSMENT OF THE POTENTIAL OF EDUCATIONAL INFRASTRUCTURE FOR HUMAN CAPITAL DEVELOPMENT IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

KHODIYEV DADAHON ABDULLOEVICH
PhD in Economics, Associate Professor of the Department of Management and Marketing of the Tajik National University. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. **Phone:** (+992) 935-01-70-51; **E-mail:** mfahim@mail.ru;
KURBONOV AZAMJON JALILOVICH
Assistant at the Department of Management and Marketing of the Tajik National University. **Address:** 17 Rudaki Avenue, Dushanbe, Republic of Tajikistan, 734025. **Phone:** (+992) 919-14-50-04. **E-mail:** Azamjon_5004@mail.ru

Abstract: This article examines key issues regarding the assessment of the state and effectiveness of educational infrastructure as a crucial factor in the formation and development of human capital in the Republic of Tajikistan today. An in-depth analysis is conducted of major indicators within the education sector, including the availability of educational institutions, the level of technical equipment, and the system's human resource capacity. The authors investigate regional disparities in access to quality education and assess the direct impact of educational infrastructure on human capital development indicators (such as literacy levels, professionalism, and workforce competitiveness in the labor market).

Based on this analysis, the study identifies shortcomings and "weak points" in the existing infrastructure and proposes priority areas for its modernization.

Keywords: educational infrastructure, human capital, labor market, knowledge capital, investment in human capital, human potential.

Муқаддима. Дар шароити мураккаб гардидани равандҳои мутобиқшавӣ ба тағйиротҳои ҷаҳонӣ ва гузариш ба низоми иқтисодиёти дар дониш асосёфтаи (иқтисодиёти донишбунёд)-и тарҳи комилан инноватсионӣ, масъалаи рушди сармояи инсонӣ дар ҳошияи ташкили инфрасохтори мусоиди таълиму тадрис, яке сатҳои муҳими сиёсати давлатӣ ба шумор меравад. Маълум аст, ки сармояи инсонӣ, ин маҷмуи захираҳои дониш, маҳорат, тачриба ва саломатии шахс аст, ки барои ба даст овардани даромад ва сармояи асосии арзишофарӣ дар оянда истифода бурда мешавад. Яъне дар баробари дониш, инчунин дигар унсурҳои муҳим, низ ҳастанд, ки низоми ягонаи сармояи инсониро ташкил медиҳанд ва

фаҳмиши онро пурра мекунанд. Аммо дар меҳвари ин ҳама унсурҳои таркибии сармояи инсонӣ «сармояи дониш» меистад, ки воситаи асосии ташаккул ва инкишофи онро таълиму тадрис ташкил медиҳанд. Бо назардошти ин гуна махсусият ва ҳамбастагӣ, арзёбӣ ва такмили инфрасохтори таълимии рушди сармояи инсонӣ яке аз масъалаҳои муҳим ба шумор меравад.

Аҳамияти назариявии таҳқиқот. Таҳқиқоти мазкур дар алоқамандӣ бо муҳтаво, мақсад ва вазифаҳои гузошташудаи стратегияи милли рушд, барнома ва консепсияҳои рушди сармояи инсонӣ, стратегия ва барномаҳои амалкунандаи соҳаи маориф ва илм, инчунин маҷмуи консепсия ва равиҳои таҳқиқоти илмӣ, ки ҷиҳати рушди инфрасохтори мусоиди таълиму тадрис ва самаранокии истифодаи сармояи инсонӣ бахшида шудааст, тартиб ва пешниҳод шудааст.

Мақсади татқиқот. Мақсади таҳқиқот аз омӯзиши масоили илмию назариявӣ ва таҳлили равандҳои амалии иқтидори инфрасохтори таълимӣ, ҳамзамон коркарди маҷмуи тавсия ва пешниҳодҳои муфид ҷиҳати такмили он дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шумор меравад.

Фарзияи таҳқиқот. Тибқи натиҷаи таҳқиқот ва арзёбии равандҳои алоқаманд бо баҳогузории иқтидори инфрасохтори таълимии рушди сармояи инсонӣ маълум гардид, ки сифат ва самаранокии истифодаи сармояи инсонӣ, ҳамзамон баланд бардоштани дараҷаи рақобатпазирии сармояи инсонӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ бевосита аз дараҷаи таъминоти инфрасохтори таълимӣ вобаста мебошад. Вобаста ба ин, фарзия бар он аст, ки дар натиҷаи таъмини инфрасохтори мусоиди рушди таълим ва тадрис дараҷаи рақобатпазири сармояи инсонӣ таъмин гардида ба ин васила рушди босуръати тамоми самтҳои фаъолияти хоҷагидории ҷумҳурӣ таъмин мегарданд.

Усулҳои таҳқиқот. Дар таҳқиқоти мавриди назар бештар усули муқоиса истифода шуда бошадҳам, барои аниқият ва асосноксозии натиҷаҳои илмӣ аз усули экспертӣ-таҳлилӣ, усули омӯзиши омилҳо, мушоҳида ва ба инҳо монанд истифода шудааст.

Шарҳи адабиёти илмӣ. Бо мақсади арзёбии ҷанбаҳои илмию амалии масъалаи иқтидори инфрасохтори таълимии рушди сармояи инсонӣ аз адабиётҳои ватанию хориҷӣ васеъ истифода бурда шудааст. Дар раванди таҳқиқот бештар ба таҳқиқотҳои олимони зерин таваҷҷӯҳ дода шудааст, аз ҷумла: олимони хориҷӣ: Заир-Бек С.И., Лозовский М.Б., Мерсалова Т.А. [6], Забелина Т.В. [6], Шеховцева Е.В. [14], Гошин М. Е., Бочкарева П. А., Косарецкий С.Г. [7], Демина В. В., Ян Юеин[4]; олимони ватанӣ: Раҷабов Р.К. [10], Амонова Д.С. [2], Ғаниев Т.Б. [3], Усмонова Т.Д. [12], Ҳодиев Д.А. [13], Қодиров Ш.Ш.[9]. ва дигарон.

Муҳтавои асосӣ. Мафҳум, моҳият, махсусият ва унсурҳои таркибии инфрасохтори таълимӣ аз ҷониби олимону коршиносони ватанию хориҷӣ мавриди пажуҳиш қарор дода шудааст. Натиҷаи таҳқиқотҳои анҷомдодашуда, имконияти муайян намудани низоми амалкард ва натиҷаҳои интизорӣ аз ташкили инфрасохтори таълимиро медиҳад. Дар баъзан маъхазҳои илми қайд шудааст, ки "... инфрасохтори таълимӣ, ин яке аз омилҳои калидии ташаккул, такмил ва рушди пайвастаи сармояи инсонӣ тавассути дониш ба шумор меравад, ки дкар натиҷа чигунагии рушди нишондиҳандаҳои сатҳи тараққиёти иҷтимоию иқтисодии як давлатро муайян карда метавонанд" [8, 11].

Мавриди зикр аст, ки дар шароити шиддат гирифтани рақобат тавассути авлавиятҳои инноватсионию эҷодӣ, ҳамзамон такмили пайвастаи сифати захираҳои меҳнатӣ дар такя бо донишҳои наву замонавӣ, масъалаи инфрасохтори таълимӣ, ки асоси онро шароити таълим, мавҷудияти захираҳои техникӣ, истифодаи технологияи ҷадид дар раванди тадрис ташкил медиҳанд, шарти муҳим ба шумор меравад.

Олимон ва коршиносоне, ки инфрасохторро дар раванди таълим бо авлавият ва махсусиятҳои таъминоти моддию техникӣ ва технологияи тадрис алоқаманд дониста пешниҳод намудаанд, хело зиёданд. Аммо, дар ин радиф коршиносоне ҳастанд, ки таъминоти кадрӣ ва усулҳои таълимро, ки сарчашмаи асосии татбиқи онҳо инсон, яъне ҳайати омӯзгорон мебошанд, ба сифати муҳимтарин унсури инфрасохтори раванди таълим дохил намудаанд. Ба ин қатори олимон метавонем, Заир-Бек С.И., Лозовский М.Б., Марсалова Т.А., ва дигаронро

ёдовар шавем. Дар стратегия, барнома ва лоиҳаҳои рушди соҳаи маориф ва илми бисёр давлатҳои ҷаҳон масъалаи инсфрасохтори таълимӣ ва тарзу воситаҳои ташкили бо мақсад мувофиқи он ҳамчун авлавияти асосии рушди инсон интихоб шудааст. Мутобиқи ин мушоҳида ва ҳатмияти ташкил ва такмили инфрасохтори таълимӣ, таъкид мешавад, ки инфрасохтори таълимӣ ҷамъи воситаҳои модию техникие дар назар дошта мешавад, ки бевосита ё бавосита ба ҷараёни таълим алоқамандӣ доранд, ва истифодаи ба мақсад мувофиқи он боиси такмили пайвастаи сифати сармояи инсонӣ ва таъмини рақобатпазирии қувваи корӣ заминаи мусоидро фароҳам месозад [6].

Дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон, низ масъалаи мазкур ба уҳдадориҳои асосии сиёсати давлатӣ дар соҳаи маориф дохил гардида, зина ба зина ҷиҳати истифода намудани унсурҳои ҷадиди инфрасохтори сармояи инсонӣ ва таълимӣ кор мегиранд.

Бо назардошти моҳияти таркиби инфрасохтор, ки дар сарчашмаҳои мавҷуда матраҳ гардидаанд, гуфтан мумкин аст, ки инфрасохтор чун ҷузъи муҳими фазои таълимӣ дорои моҳияти васеъ буда, ифодакунандаи маҷмуи муносибатҳои мақсадноки тамоми иштирокчиёни ташаккулдиҳанда, истифодабаранда, нигоҳдоранда ва сармоягузори сармояи инсонӣ буда метавонад [6, 7].

Дар баробари ин, унсури муҳими инфрасохтори таълимие, ки дар ташаккул ва рушди сармояи инсонӣ ҳангоми зуҳури бемории COVID-19 таъсири мусбат гузошт, ин инфрасохтори рақамии таълим ба шумор меравад. Мутобиқи хулосаи таҳлилгарони созмонҳои байналмилалӣ инфрасохтори электронӣ-рақамӣ аз ҷумлаи шароитҳои созгори рушди инсон ба шумор меравад, ки на танҳо ба раванди таълим замина гузошта метавонад, балки боиси сарфа гардидани бисёр захираҳои маҳдуд сабаб шуда, заминаи мусоиди рушди некуаҳволии мардум ва ҳамгироии тамоми иштирокчиёни раванди таълиму тадрис заминаи устувор ва муассир мегузорад. Дар бисёри маврид ақидаҳои мухолиф ва баҳсу муносираи бо ҷуръатона, ки дар фазои маҷозӣ ба вуқуъ меоянд, боси зуҳури андешаҳои нав ва ботил гардидани ғояҳои ғайрисамаранок мегарданд[1].

Дар адабиёти ватанӣ таваҷҷуҳ ба хатару хавфҳои фаъолияти сармоягузории суғуртавӣ нокифоя мебошад. Он ба бахши сармоягузории бевосита ба амволи ғайриманқул, тилло ва сармоягузории бавосита, яъне депозиту вексел, қоғазҳои дигари қимматнок мансуб мебошад.

Хатару хавфҳои фаъолияти сармоягузории суғуртавӣ дар мамлакати мо аз пайдо нашудани даромади муайян бинобар муфлис гардидани бонкҳои мухталиф тибқи таҷрибаи ҳаётӣ аз иқтисодиёт бармеояд. Нишонаҳои ба хатару хавфҳои фаъолияти сармоягузории суғуртавӣ хос пажуҳиши илмӣ- таҳқиқотиро барои бартараф сохтани ин хатару хавфҳор тақозо менамоянд.

Дар навбати аввал, зарурат ба муайянсозии категорияи хатарҳо ба вуҷуд омадааст ва мувофиқи категорияи мазкур санаду меъёрҳои қонунгузории мамлакат бояд рушд намояд. Тибқи сатҳи хатарҳои руйдиҳанда категорияҳои зерин муайян карда шудаанд: сармоягузории консервативӣ; сармоягузорие, ки сатҳи минёнаи хатарро дорад; сармоягузорие, ки сатҳи баланди хатарро дорад. (ҷадвали 2.)

Мувофиқи сармоягузории консервативӣ фоиз аз даромад дараҷаи беқурбшавии пули миллиро нишон медиҳад ва ё дар дараҷаи нисбатан болотар қарор дорад. Аз ин рӯ, ҳадафи сармоягузории мазкур ҳимояи маблағҳо бе хатар ва ҳосилкунии даромадҳои начандон калон барои қаноатмандсозии талаботи инфиродӣ ҳисоб меёбад.

Сармоягузорӣ ба саҳмияву вомбаргҳо, ба ин ё он корхонаи дуюмдараҷаи мавҷуда, сармоягузорӣ ба тиҷорати инфиродии интернетӣ, замимаи мобиливу, тиҷорати маркетинги шабакавӣ, фонди венчуриву фонди сармоягузориҳои муосир барои ташкилотҳои суғуртавии имрӯза аҳамияти калон доранд.

Ҷадвали 2.

Ташкилоти суғуртавӣ ва категорияҳои хатарҳои сармоягузориҳои онҳо

№	Категорияҳои хатар	Тавсифнома
1.	Категорияҳои консервативӣ	Депозит дар бонк, сармоягузорӣ ба молумулки ғайриманқул ё ба вомбаргҳои давлатӣ.
2.	Сармоягузориҳои дараҷаи миёнаи хатар	Саҳмҳо ва вомбаргҳои мӯҳрачаҳои кабуд, инчунин, корхонаҳои дуюмдараҷа, маблағгузорӣ ба интернет-тиҷорати шахсӣ, ба замимаҳои мобилӣ ё ба тиҷорати маркетинги шабакавӣ.
3.	Сармоягузориҳои хатари баланддошта	Фондҳои венчурӣ ва фондҳои сармоягузорӣ.

Манбаъ: аз тарафи муаллиф тартиб дода шуд.

Хулоса, хоссагиҳои назарияи бароҳмонии кори сармоягузорӣ дар ташкилотҳои суғуртавии имрӯза бахши босуръат инкишофёбандаи фикррони иқтисодӣ ҳисоб ёфта, вижагиҳои таҷрибавиро доро мебошад ва ҳадафи он зиёдшавии сармояи суғуртакунандагон мебошад. Назарияи умумии сармоягузориву консепсияи роҳандозии фаъолияти сармоягузориҳо ба ташкилотҳои суғуртавии муосир, бартариҳои сармоягузории бавосита дар қиёс бо сармоягузории миёнаву хурд дорои хусусиятҳои худ мебошад.

Мо функсияи чорумро, чун функсияи сармоягузориҳои суғуртавӣ, ки ба ташкилотҳои суғуртавии инфиродӣ, қобилият ба пардохткунӣ доштанро ёрӣ менамояд, ҳавасмандкунии таҷоруби якҷоякуниву ҷаббишҳо барои боло бурдани устувории ҳар як ташкилоти суғуртавию рақобатпазирӣ ҳам дар бозори дохиливу ҳам дар бозори беруниро пешниҳод менамоем.

АДАБИЁТ:

1. Fisher I. The Debt-Deflation Theory of Great Depressions. — Econometrica. — 1933. — №1(4), pp.
2. Markowitz H.M. Portfolio Selection // The Journal of Finance, Vol. 7, No. 1. (Mar., 1952), pp. 77-91 URL: https://www.math.ust.hk/~maykwok/courses/ma362/07F/markowitz_JF.pdf
3. S. DAVIDSON HERRON Urance company investments, JR.p.238 – 243https://www.casact.org/pubs/proceed/ proceed65/65238.pdf.
4. Wagner A. Three Extracts on Public Finance (Nature of the Fiscal Economy)//Classics in The Theory of Public Finance. / eds. by Musgrave R.A. and Peacock A.R. - London: Macmillan, 1958. - P. 1-15. URL: http://desmarais-tremblay.com/Resources/Musgrave/20Peacock/201958/20Classics/20in/20the/20Theory/20of/20Public/20Finance.pdf.
5. Абалова Светлана Анатольевна. Инвестиционная деятельность страховых организаций : Дис. канд. экон. наук:08.00.10, Хабаровск, 1999 216 с. РГБ ОД, 61:00-8/1026-1
6. Бирман Г., Шмидт С. Экономический анализ инвестиционных проектов. М.: ЮНИТИ, 1997.- С. 13
7. Загребной В.Н. Использование супермаркетов в конкурентной борьбе. Практический опыт сотрудничества банков и страховых компаний URL: http://dfiles. dedal. pdf. ua/006/ru/2_Presentations/Zagrebnoy_ru.
8. Иванов Н.И. Инвестиционная деятельность страховых организаций на рынке ценных бумаг// Дисс. на соиск. учен. степ. канд. экон. наук по специальности 08.00.10 - Финансы, денежное обращение и кредит. Москва: 2006.- 165 с. URL: http://www.dissercat.com/content/investitsionnaya-deyatelnost-strakhovykh-organizatsii-na-rynke-tsennykh-bumag.
9. Интеллектуальные технологии в страховании URL: https://www.sap.com/industries/insurance.html; В каких ИТ нуждаются страховщики? Опыт бизнеса и интеграторов - URL: https://bankir.ru/publikacii/20141009/v-kakikh-it-nuzhdayutsya-strakhovshchiki-opyt-biznesa-i-integratorov-10005581
10. Муллабаева И.З. Особенности инвестиционных отношений в социальной сфере российской экономики// Дисс. на соиск. учен. степ. канд. экон. наук по специальности 08.00.01,

08.00.05 - Экономическая теория.- Тамбов: 2006.- 165 с. URL: http://www.dissercat.com/content/osobennosti-investitsionnykh-otnoshenii-v-sotsialnoi-sfere-rossiiskoi-ekonomiki.
11. Найт Ф.Х. Риск, неопределенность и прибыль / пер. с англ. — М.: Дело, 2003. — 360 с. URL: http: // www. bibliotekar. ru/ biznes-47/index.htm.
12. Насырова Г.А. Инвестиционная составляющая страхования//Финансы и кредит.- №24 (192).- 2005. - С.36
13. Никулина Н.Н., Мамыкина Н.Н., Березина С.В. Основы моделирования и алгоритм построения оптимального инвестиционного портфеля страховой организации //Вестник Московского университета МВД России. 2016. № 1. С. 187—192. URL: https://cyberleninka.ru/article/n/osnovy-modelirovaniya-i-algoritm-postroeniya-optimalnogo-investitsionnogo-portfelya-strahovoy-organizatsii.
14. Окорокова О.А. Зарубежный опыт инвестиционной деятельности страховых компаний URL: https://cyberleninka.ru/article/n/zarubezhnyy-opyt-investitsionnoy-deyatelnosti-strahovyh-kompaniy
15. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Эмомалӣ Рахмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 22.12.17 с.
16. Порядок размещения страховщиками средств страховых резервов утвержден приказом Минфина Р.Ф. от 2 июля 2012 г. № 100.
17. Проскурина А И. Ю. совершенствование инвестиционной политики страховой организации// Социально-экономические явления и процессы - № 11 (033).-2011.- С.169.
18. Турбина К.Е. Инвестиционный процесс и страхование инвестиций от политических рисков. - М.: Издательский центр АНИИЛ, 2006. - 80 с.
19. Турбинина К. А. Инвестиционная деятельность страховой организации. М.: 2007 г.
20. Шахов В.В. страхование Учебник для вузов. — М.: Страховой полис, ЮНИТИ, 1997. — С.40

УДК 332.1:330.322(575.3)

ИҚТИДОР ВА СИЁСАТИ САРМОЯГУЗОРИИ МИНТАҚАҲОИ ОЗОДИ ИҚТИСОДИИ ТОҶИКИСТОН

ШАРАФОВА МАҲИНА ҶУНАЙДУЛЛОЕВНА
Унвонҷӯи кафедраи иқтисодиёт ва идораи Донишгоҳи технологии Тоҷикистон.
Суроға: 734061, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯч. Н. Қарабаева, 63/3.
E-mail: m_sharafova88@mail.ru; **Тел.:** (+992) 009-33-59-15

Аннотатсия. Дар мақола механизмҳои институтсионалӣ ва иқтисодию молиявии иқтидор ва сиёсати сармоягузории фаъолияти иқтисодии минтақаҳои озоди иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ гардидаанд. Дар кори илмӣ таваҷҷуҳи махсус ба таҳлили заминаҳои меъёрии ҳуқуқӣ, иқтидор ва сиёсати давлатӣ оид ба ҳавасмандгардонии фаъолияти сармоягузорӣ дода шудааст. Нишон дода шудааст, ки татбиқи яке аз самтҳои стратегии кишвар, яъне саноатикунонии босуръат маҳз тавассути ҳавасмандгардонии сармоягузорӣ ва ҷорӣ кардани технологияҳои муосир дар минтақаҳо амалӣ карда мешавад. Зеро, минтақаҳои озоди иқтисодӣ дар ҷалби сармояи дохилӣ ва хориҷӣ ҷиҳати амалисозии лоиҳаҳои сармоягузорӣ ва таъсиси корхонаҳои нави истеҳсолӣ нақши муҳим мебозанд.

Натиҷаҳои таҳқиқот нишон медиҳанд, ки такмили низоми дастгирии давлатии фаъолияти соҳибкорӣ ва сармоягузорӣ, афзоиш додани ҳаҷми сармоягузорӣ ба бахши воқеии иқтисод ва рушди экосистемаи фаъолияти соҳибкорӣ ва сармоягузорӣ, баланд бардоштани фарҳанг ва маърифати молиявию соҳибкорӣ дар сатҳи миллӣ муҳим мебошанд.

Калидвожаҳо: минтақаҳои озоди иқтисодӣ, сиёсати сармоягузорӣ, ислоҳоти иқтисодӣ, рушди минтақаҳо, иқтидори содиротӣ, имтиёзҳои андозӣ ва гумрукӣ, марказҳои логистикӣ, шарикии давлат ва бахши хусусӣ, инфрасохтори саноатӣ

ИНВЕСТИЦИОННЫЙ ПОТЕНЦИАЛ И ПОЛИТИКА СВОБОДНЫХ ЭКОНОМИЧЕСКИХ ЗОН ТАДЖИКИСТАНА

ШАРАФОВА МАХИНА ДЖУНАЙДУЛЛОЕВНА
Соискатель кафедры экономики и управления Технологического университета Таджикистана. **Адрес:** 734061, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Н. Карабаева, 63/3. **E-mail:** m_sharafova88@mail.ru; **Тел.:** (+992) 009-33-59-15

Аннотация. В статье рассматриваются институциональные, экономические и финансовые механизмы, определяющие инвестиционный потенциал и политику в свободных экономических зонах Республики Таджикистан. Особое внимание уделяется анализу нормативно-правовой базы, инвестиционного потенциала и государственной политики, направленной на стимулирование инвестиционной деятельности. Показано, что реализация одного из стратегических приоритетов страны -ускоренной индустриализации - достигается именно за счет привлечения инвестиций и внедрения современных технологий в этих зонах. Это обусловлено тем, что свободные экономические зоны играют ключевую роль в привлечении отечественного и иностранного капитала для реализации инвестиционных проектов и создания новых производственных предприятий.

Результаты исследований указывают на важность совершенствования системы государственной поддержки предпринимательства и инвестиций, увеличения объемов инвестиций в реальный сектор экономики, развития экосистемы предпринимательства и инвестиций, а также повышения финансовой и предпринимательской культуры и грамотности на национальном уровне.

Ключевые слова: свободные экономические зоны, инвестиционная политика, экономические реформы, региональное развитие, экспортный потенциал, налоговые и таможенные льготы, логистические центры, государственно-частное партнерство, промышленная инфраструктура

INVESTMENT POTENTIAL AND FREE ECONOMIC ZONE POLICY OF TAJIKISTAN

SHARAFOVA MAHINA JUNAYDULLOEVNA
Applicant for a degree at the Department of Economics and Management of the Technological University of Tajikistan. **Address:** 734061, Republic of Tajikistan, Dushanbe, St. N. Karabaev, 63/3. **E-mail:** m_sharafova88@mail.ru; **Тел.:** (+992) 009-33-59-15

Abstract. The article examines the institutional, economic, and financial mechanisms that determine the investment potential and policies of free economic zones in the Republic of Tajikistan. Particular attention is paid to analyzing the regulatory framework, investment potential, and state policies aimed at stimulating investment activity. It is demonstrated that the realization of one of the country's strategic priorities-accelerated industrialization-is achieved precisely through attracting investment and introducing modern technologies within these zones. This is due to the fact that free economic zones play a pivotal role in attracting domestic and foreign capital for the implementation of investment projects and the establishment of new manufacturing enterprises.

Research findings highlight the importance of improving the system of state support for entrepreneurship and investment, increasing investment volumes in the real sector of the economy, developing the entrepreneurship and investment ecosystem, and enhancing financial and entrepreneurial culture and literacy at the national level.

Keywords: free economic zones, investment policy, economic reforms, regional development, export potential, tax and customs incentives, logistics centers, public-private partnerships, industrial infrastructure

Муқаддима. Беҳтар намудани фазои сармоягузориву соҳибкорӣ яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати иқтисодии кишвар дар даврони соҳибистиқлолӣ маҳсуб меёбад. Зимнан, рушди минтақаҳои озоди иқтисодӣ заминаи муҳимтарини амалисозии ислоҳоти иқтисодӣ дар ҷумҳурӣ ба ҳисоб меравад. Минтақаҳои озоди иқтисодии кишвар (МОИ) бо низоми махсуси ҳуқуқӣ ва иқтисодии худ, ҳамчун омили ҳавасмандкунӣ ва ҷалби сармояи хориҷӣ ба шумор мераванд

Айни замон дар минтақаҳои озоди иқтисодии навтаъсиси кишвар масъалаҳои зиёде ҷой доанд, ки ба фаъолияти оҳибкорӣ ва сармоягузорӣ, ҷалби сармоя таъсири манфӣ мерасонанд, аз ҷумла таъмин набудани минтақаҳо бо инфрасохтори зарурӣ, аз ҷумла роҳҳои нақлиётӣ, роҳи оҳан, лимити барқ дар фасли зимистон, арзиши баланди боркашонии байналмилалӣ, ки нархи маҳсулоти ба содирот нигаронишавандаро аланд мекунад, ҳуҷҷатгузории зиёд зимни бақайдгирӣ ва норасоии кормандони баландихтисос ва дигарҳо.

Бинобар ин сиёсати давлат дар ин самт ба масъалаҳои кафолатҳои ҳуқуҳии сармоягузорон, имтиёзҳои андозӣ ва гумрукӣ,дастгирӣ ва ҳавасмандгардонии соҳибкорон равона карда шавад. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки дар паёмашон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қайд намуданд «…доир ба дастгирии фаъолияти соҳибкориву сармоягузорӣ, боз ҳам беҳтар намудани фазои сармоягузориву соҳибкорӣ, махсусан, сармоягузории мустақим, таъмин намудани иҷрои кафолату имтиёзҳо ва чораҳои дастгирии давлатӣ, ҳавасмандгардонӣ ва қадрдонии соҳибкорон, инчунин, рушди инфрасохтори сармоягузориву соҳибкорӣ тадбирҳои зарурӣ амалӣ гардида, дар ин самт барои соҳибкорон имтиёзу сабукиҳои зиёд ҷорӣ карда шуданд…» [5].

Мақсади таҳқиқот. Муайян намудани иқтидор ва сиёсати сармоягузорӣ дар сатҳи минтақавӣ, баҳодиҳии ҳолати кунунии ҷараёни сармоягузорӣ ва таҳияи тавсияву пешниҳодҳо оид самаранок гардонидани ҷалби сармоя ба минтақаҳои озоди иқтисоди кишвар мебошад.

Вазифаи таҳқиқот. Вазифаи таҳқиқот аз таҳлили нақши минтақаҳои озоди иқтисодӣ дар рушди иқтисоди миллӣ ва ҷалби сармоягузорӣ, арзёбии фаъолияти МОИ-и кишвар дар самти ҷалби сармояи ватанию хориҷӣ, омӯзиши низоми ҳавасмандиҳои андозӣ ва гумрукии кишвар баҳри ҷалби сармоягузорӣ ва роҳҳои самараноки ҷолибияти сармоягузории МОИ иборат аст.

Объекти таҳқиқот. Объекти таҳқиқот фаъолияти сармоягузори минтақаҳои озоди иқтисодии кишвар ба ҳисоб меравад.

Предмети таҳқиқот.Маҷмӯи муносибатҳои иқтисодӣ барои беҳтар намудани ҷалби сармоягузорӣ ва рушди инфрасохтори сармоягузорӣ дар минтақаҳои озоди иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил медиҳад. Таҳқиқот ҷараёни рушд, баҳодиҳии иқтидори иқтисодӣ ва сиёсати ҷалби сармояро дар ин минтақаҳо дар бар мегирад.

Навгонии илмии таҳқиқот. Дар таҳқиқот нақши сармоягузорӣ дар рушди минтақаҳои озоди иқтисодӣ, хусусан ба соҳаҳои алоҳидаи иқтисодиёт, ҷиҳати аз худ намудани технологияи пешқадами хориҷӣ, такомули таҷрибаи идоракунӣ ва қарорҳои инноватсионӣ, баланд бардоштани дараҷаи шуғл, ихтисоси коргарони маҳаллӣ, ҳосилнокии меҳнат муҳим арзёбӣ гардида, роҳҳои такмили онро дар минтақаҳои озоди иқтисодии кишвар пешниҳод гардидааст. Инчунин пешниҳодҳои илмӣ ва тавсияҳои амалӣ баҳри ҷалби сармояи хориҷию ватанӣ ба рушди устувори фаъолияти минтақаҳои озоди иқтисодии кишвар асоснок карда шудааст.

Аҳамияти амалӣ. Ҷалб ва заминасозии дурусти сармоягузорӣ, бахусус, сармояи мустақим ба рушди самараноки минтақаҳои озоди иқтисодии кишвар ҷараён бахшида, дар натиҷа боиси пешрафти иқтисоди миллӣ ва баланд гардидани сатҳу сифати зиндагонии аҳолии кишвар мегардад. Ҳамчунин, натиҷаҳои таҳқиқот метавонад дар рушди фаъолияти корхонаҳои саноатии минтақаҳои озоди иқтисоди қишвар ва раванди таълими фанҳои иқтисодӣ мавриди истифода қарор дода шавад.

Методи таҳқиқот. Дар раванди таҳқиқот маҷмуи усулҳои илмӣ, усулҳои таҳлил ва муқоиса, оморӣ, хулосабарорӣ ва мушоҳидаҳо истифода бурда шудааст.

Заминаи иттилоотии таҳқиқотро санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, асарҳои бунёдии олимони ватанӣ дар самти рушди сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ, консепсияҳои рушди устувор, назарияи иқтисодиёти минтақа ва роҳҳои афзалиятноки ҷалби сармоягузорӣ ба минтақаи озоди иқтисодӣ ташкил медиҳад**.**

Қисмати асосӣ. Ҳукумати кишвар барои беҳтар намудани фазои сармоягузорию соҳибкорӣ ва дастгирии фаъолияти субъектҳои иқтисодӣ тадбирҳои судмандро амалӣ менамояд. Бо мақсади мутобиқ намудани фазои сармоягузорию соҳибкорӣ ба талаботи меъёрҳои байналмилалӣ, ҷумҳурӣ аъзои созмонҳои бонуфузи ҷаҳониву минтақавӣ, аз ҷумла Созмони Умумиҷаҳонии Савдо (СУС) гардид. Дар робита ба ин, барои боз ҳам зиед кардани имкониятҳои истифодабарии воситаҳои молиявӣ, инфрасохтори рушди соҳибкории муосир, роҳандозии стандартҳои байналмилалии сифат ва бехатарии маҳсулот, беҳтар кардани сатҳ ва сифати хизматрасониҳои давлатӣ ба соҳибкорону сармоягузорон корҳои зиёде анҷом дода шудааст.

Дар ин замина, дар ҳамкорӣ бо бахши хусусӣ ҷиҳати фароҳам овардани шароити мусоид барои рушди истеҳсоли маҳсулоти саноати ватании воридотивазкунанда, ҳавасманд намудани фаъолияти навоварӣ, дар истеҳсолот васеъ истифода кардани технологияҳои инноватсионӣ тадбирҳои зарурӣ амалӣ мегарданд. Инчунин, дастгирии ташаббусҳои созандаи соҳибкорон доир ба коркарди ашёи хоми ватанӣ ва истифодаи самараноки захираҳои мавҷуда шароит фароҳам муҳайё карда мешавад, ки ба баланд бардоштани рақобатнокӣ ва зиёд кардани ҳаҷми истеҳсолоти саноати коркард, коҳиш додани содироти ашёи хом ва зиёд намудани содироти молу маҳсулоти дорои арзиши баланди иловашуда, равона мегардад.

Бо ин мақсад, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, стратегияҳо ва барномаҳои давлатӣ қабул гардида, мавриди амал қарор доранд, аз ҷумла «…Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сармоя ва ҳавасмандгардонии фаъолияти сармоягузорӣ», «Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ», «Дар бораи мораторий ба санҷишҳои фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ», «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидор», Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳрири нав, қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъалаҳои банақшагирии воридоти сармояи хориҷӣ ба иқтисоди Ҷумҳурии Тоҷикистон», Стратегияи ҷалби сармоя ба Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2040 ва Барномаи дастгирии давлатӣ ва рушди бахши хусусӣ барои солҳои 2023-2027…» [2].

Ҳукумати кишвар рушди бахши хусусӣ, соҳибкорӣ ва сармоягузориро дар Стратегияи миллии рушд барои давраи то соли 2030 ҳамчун воситаи асосии ноил шудан ба ҳадафҳои миллӣ муайян кардааст ва ҷиҳати фароҳам овардани шароити мусоид барои пешбурди фаъолияти соҳибкориву сармоягузорӣ, барои сармоягузорӣ ҷолиб гардонидани иқтисодиёти кишвар ва ба содирот нигаронидани он пайваста чорабиниҳо менамояд.

«…Дар солҳои 2021-2024 дар доираи созишномаҳои сармоягузории баимзорасонидашуда ба иқтисоди ҷумҳурӣ беш аз 10 млрд сомонӣ сармояи мустақими ватанию хориҷӣ ҷалб карда шуда, зиёда аз 17 корхонаи истеҳсолӣ сохта, ба истифода дода шуданд барои амалишавии лоиҳаҳои афзалиятноки ҷумҳурӣ бо шарикони рушд 121 созишномаи қарзию грантӣ ва кумаки техникӣ ба маблағи 3,8 млрд доллар ба имзо расонида шуд…» [2].

Тибқи маълумоти расмии Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ ва Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, воридоти умумии сармоягузории хориҷӣ ба иқтисодиёти кишвар дар солҳои 2021–2025 динамикаи афзоишро касб намуда, бахусус дар давоми солҳои 2024-2025 нишондиҳандаҳо ба сатҳи назаррас расиданд.

Ҷадвали 1.Воридоти умумии сармоягузори хориҷи ба Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2021-2025

Солҳо	Ҷалби сармоя			
	Мустақим (млн.сом)	**Дигар сармоягузориҳо (млн.сом)**	**Сармоягузории потрфелӣ (млн.сом.)**	**Ҳамагӣ (млн. сом.)**
2020	162,5	265,4	0,1	428,5
2021	342,2	376,0	0,1	718,3
2022	618,4	1958,2	0,2	2 576,8
2023	284,1	510,7	0,1	2840,0
2024	503,9	4644,4	1,5	5126,7
2025	**509,5**	**6414,3**	**1,5**	**6925,3**

Манбаъ: таҳияи муаллиф дар асоси истифодаи маълумоти [13].

Дар натиҷаи татбиқи ислоҳоти иктисодӣ воридоти сармояи хориҷӣ ба ҷумҳурӣ сол аз сол афзоиш ёфта, «…ҳаҷми умумии сармояи хориҷӣ дар давоми солҳои 2021-2024 ба 11,2 млрд доллар баробар гардид. Шумораи субъектҳои соҳибкории хурду миёна аз 338,8 ҳаз. адад дар соли 2021 ба 365 ҳаз. адад дар соли 2024 баробар гардида, ҳиссаи сармоягузориҳои хусусӣ дар ММД аз 8,2 дарсад дар соли 2021 то ба 8,7 дарсад дар соли 2024 афзоиш ёфт…» [2, саҳ 33].

Ҷадвали 2. Бақайдгирии субъектҳо ва самтҳои асосии сармоягузорӣ дар соли 2025 дар МОИ

МОИ	Теъдоди субъектҳо	Сармоягузорӣ ба соҳаҳо	Имкониятҳо
МОИ «Суғд»	41	Саноати сабук, ноқилҳо	Пешсаф дар ҷалби сармоя ва фурӯши маҳсулот
МОИ «Данғара»	36	Саноати вазнин, масолеҳт сохтмонӣ	Ҳудуди калон ва лоиҳаҳои инфрасохторӣ
МОИ «Панҷ»	17	Тиҷорат, логистика	Хамсарҳадӣ бо кишварҳои Афғонистон, Покистон
МОИ «Ишкошим»	4	Тиҷорати хурд, хизматрасонӣ	Истоҳсолот суст рушд ёфта истодааст
МОИ «Кулоб»	9	Коркарди маҳсулоти бофандагӣ ва кишоварзӣ	Суръати баланди ҷалби ширкатҳо

Манбаъ:таҳияи муаллиф дар асоси истифодаи маълумоти [9].[10].

Ҳаҷми сармоягузории мустақим дар соли 2025 МОИ **«**Суғд**»** 48,9 млн сомониро ташкил намуда, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта (47,3 млн. сомонӣ) 103,3 фоиз ё 1,6 млн. сомонӣ зиёд гардида, аз оғози фаъолияти МОИ **«**Суғд**»** ба 267,2 млн. сомонӣ баробар гардид. Дар ин давра «…сармоягузорӣ асосан аз ҷониби 14 корхона, аз ҷумла ҶДММ “Сайр Суғд”, ҶДММ КМ ТТ “Таҷпроф”, ҶДММ КМ ТТ “Афранг Пластик”, ҶДММ “Тоҷпанел”, ҶДММ КМ “Ривер Суғд Фарм”, ҶДММ “Бунёди Суғд”, ҶДММ “Саманди Суғд”, ҶДММ “Полинур”, ҶДММ “Санг Оро”, ҶДММ “Донаи Алмос”, ҶДММ “Суғд Агро Трейд” ҶДММ “Синтай Метал Суғд”, ҶДММ “Сомон Кейс” ва ҶДММ “Идораи Сохтмонии №1” таъмин гардид…» [10].

Дар соли 2025 «…ҳаҷми сармоягузории мустақим дар МОИ **«**Данғара**»** 39,23 млн сомониро ташкил намуда, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта (27 млн. сомонӣ) 144,8 фоиз ё 1,6 млн. сомонӣ зиёд гардида, аз оғози фаъолияти МОИ **«**Данғара**»** ба 2 млрд. 112,4 млн. сомонӣ баробар гардид…**»**. Дар МОИ **«**Панҷ**»** бошад, дар ин давра «…ҳаҷми сармоягузорӣ аз ҳисоби корҳои сохтмонӣ ва воридоти таҷҳизот маблағи 6,4 млн сомониро ташкил дод. Ҳаҷми умумии сармоя ва маблағгузории субъектҳо аз аввали давраи фаъолияти минтақа ба 75 миллиону 803 ҳаз. баробар шуд…» [10].

Таҳлил нишон дод, ки фаъолнокии сармоягузорӣ дар минтақаҳои кишвар нобаробар буда, асосан, минтақаҳои иқтисодии саноатии МОИ «Суғд», МОИ «Данғара», МОИ «Панҷ» бештар зери таваҷҷуҳи сармоягузорон қарор дошта, МОИ «Кӯлоб» ва МОИ «Ишкошим» аз раванди сармоягузориҳо канор мондаанд. Бинобар ин, коркард ва амалисозии тадбирҳои иловагӣ барои ҷалби сармоягузорӣ ба минтақаҳои ақибмондаи кишвар зарур аст.

Асосан, сармоягузорӣ ба соҳаҳои саноат, бахусус саноати коркарди ашёи хоми ватанӣ, саноати маъданҳои кухӣ, саноати мошинсозӣ ва кимиё, саноати сабук ва хӯрокворӣ, инчунин барои баланд бардоштани фарҳанг ва маърифати молиявию соҳибкорӣ дар сатҳи миллӣ муҳим арзёбӣ мегардад. Зарурати бунёдии ташкили минтақаҳои озоди иқтисодӣ дар Тоҷикистон дар асоси таҳқиқоти олимони ватанӣ ва ҷаҳонӣ амалан исбот шудааст. Аммо татбиқи самараноки ин шакли иқтисодӣ мумкин аст дар ҳолати ташаккули консепсияи аниқ дар сатҳи минтақа бо назардошти манфиатҳои миллӣ ва минтақавӣ, инчунин таҳия ва қабули заминаи дахлдори қонунгузорӣ ва меъёрии ҳуқуқӣ сурат гирад.

Рушди устувори МОИ идомаи ислоҳоти иқтисодиро дар бахши хизматрасониҳои давлатӣ, соддагардонии расмиёти тиҷоратию гумрукӣ ва таъминоти инфрасохторӣ тақозо менамояд. Айни замон минтақаҳои озоди иқтисодии кишвар барои бунёди инфрасохтори зарурии истеҳсолию иҷтимоӣ ба манбаҳои молиявӣ ниёз доранд. Ин маблағҳом м метавонад аз чунин манбаъҳо сафарбар шаванд (нигар ба расми 1).



Расми 1. Манбаҳои сармоягузории минтақаҳои озоди иқтисодӣ.
Манбаъ:таҳияи муаллиф дар асоси омӯзиши адабиёти илмӣ.

Манбаҳои сармоягузории минтақаҳои озоди иқтисодии кишвар, ки аз рӯи фаъолият, асосан минтақаи саноатию, истеҳсолӣ ва иноватсионӣ ва тиҷоратӣ мебошанд, аз ҷалби сармояи мустақими хориҷӣ барои таъсиси корхонаҳои нав, маблағгузории давлатӣ барои ташкили инфрасохтори зарурӣ, сармояи хусусии соҳибкорони ватанӣ барои истеҳсоли маҳсулоти рақобатпазир дар бозор, ки сатҳи воридотро коҳиш медиҳанд, шарикии давлат ва бахши хусусӣ барои амалӣ намудани лоиҳаҳои муштараки аҳамияти стратегӣ дошта равона карда мешавад.

Аз рӯйи таҷрибаи кишварҳои дар ин самт рушдкарда хулоса кардан мумкин аст, ки хусусиятҳои манбаъҳои маблағгузорӣ аз навъи минтақаҳои озоди иқтисодии дар мамлакат таъсисёбанда вобастагии зиёд дорад. Бинобар ин такмили заминаи меъёрии ҳуқуқии фаъолияти МОИ зарур аст. Ин замина бояд танзими сармоягузории мустақими хориҷӣ ба сармояи асосӣ, тақсими ваколатҳои танзим дар байни марказ ва минтақаҳо, пешниҳоди имтиёзҳои андозу гумрукӣ ва мутобиқсозии онҳоро бо стандартҳои ҷаҳонӣ, инчунин таъмини шаффофияти ҳисоботи молиявию муҳосибии ширкатҳоро дар бар гирад.

Таҳияи нокифояи консепсияи дохилии фаъолияти МОИ боиси як қатор мушкилоти дигар мегардад. Дар бисёр мавридҳо сармоягузории хориҷӣ дар шакли таҷҳизоте сурат мегирад, ки аз ҷониби ширкатҳо ворид карда мешавад, ки ҳаҷми афзоиши маҳсулотро таъмин мекунанд.

Афзалиятҳои сармоягузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, асосан аз мавҷудияти захираҳои бойи табиӣ ва энергетикӣ, имтиёзҳои гумрукӣ ва андозӣ, шароити мусоиди ҳуқуқӣ ва кафолатҳо, мавқеи ҷойгиршавӣ ва транзитӣ, мавҷудияти қувваи кории арзон, татбиқи лоиҳаҳои муштарак ва шартҳои имтиёзнок барои тиҷорат иборат мебошанд. Сармоягузорӣ ба соҳаи саноат яке аз масъалаи асосӣ ба ҳисоб рафта, барои амалӣ намудани ҳадафи чоруми стратегии кишвар «Саноатикунонии босуръати кишвар» нақши муҳим мебозад. Сармоягузорӣ ба соҳаи саноат дорои афзалиятҳои зерин мебошад, ки мо онро дар расми 2. пешниҳод намудаем.



Расми 2. Афзалиятҳои сармоягузорӣ ба истеҳсолот.
Манбаъ:таҳияи муаллиф дар асоси омӯзиши адабиёти илмӣ [6], [7].

Дар ин замина, барои ҷалби сармояи мустақим барои таъмин намудани рушди устувори иқтисоди миллӣ, беҳтар намудани таъминоти аҳолии кишвар бо маводҳои аввалиндарачаю ниёзи мардум, ташкили низоми самарабахши савдо ва фурӯши молҳои минтақаҳои озодӣ иқтисодӣ тадбирҳои зиёд амалӣ гардиданд. Сиёсати сармоягузории МОИ Тоҷикистон яке аз воситаи рушди кишвар барои гузариш аз модели аграрӣ-индустриалӣ ба модели индустриалӣ-аграрии рушд ба шумор меравад.

Ҳадафи асосии ин сиёсат - ҷалби сармояи хориҷӣ, воридоти технологияҳои муосир ва инноватсионӣ ва ташкили ҷойҳои кори иловагӣ ба ҳисоб меравад

Ҳамчунин нақши МОИ дар ҷалби сармоягузорӣ ва амалӣ намудани яке аз ҳадафҳои стратегии кишвар, саноатикунонии босуръат, баланд бардоштани фарҳанг ва маърифати молиявию соҳибкорӣ дар сатҳи миллӣ муҳим мебошад. «...Идоракунии сармоягузорӣ унсури муҳим дар таъмини рушди самараноки иқтисодии кишвар дар маҷмӯъ ва инчунин минтақаҳои он ба шумор меравад. Таъмини рушди устувори иқтисодии минтақавӣ дар шароити иқтисоди бозоргонӣ, ҷустуҷӯи роҳҳои нав ва самарабахш, аз ҷумла ҷалб ва идоракунии самараноки сармоягузориро дар дохили минтақа тақозо мекунад...» [3, с.210-211].

Дар ҳақиқат имрӯз дар минтақаҳои озоди иқтисодии кишвар лоиҳаҳои амалишаванда ба манбаъҳои сармоягузорӣ эҳтиёҷ дошта, бе ҷалби сармояи зарурӣ фаъолияти мунтазами онҳоро таъмин кардан ғайриимкон аст. Рушди минтақаҳои озоди иқтисодӣ тавассути ҷалби сармоягузорӣ, ки яке аз маҳаки асосии афзоиш додани соҳаҳои гуногуни иқтисоди кишвар ба ҳисоб меравад.

Дар ин радиф, ҳамасола Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади муаррифии имкониятҳои сармоягузорӣ дар минтақаҳои озоди иқтисодӣ ва мусоидат намудан ба рушди иҷтимоию иқтисодии ҷумҳурӣ, аз ҷумла дар давоми солҳои 2020-2025 ҷиҳати таъмини иҷрои фаъолияти минтақа бо сармоягузорони ватанию хориҷӣ ва корпуси дипломатӣ зиёда аз 50 вохӯриҳо ва гуфтушунидҳои маҷозӣ баргузор гардиданд, ки барои ҷалби сармояи мустақими ватанию хориҷӣ замина гузошта, барои рушди устувори фаъолияти минбаъдаи минтақаҳо равона мегардад [14].

Таҳлили иқтидор ва сиёсати сармоягузории минтақаҳои озоди иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи солҳои 2020–2025 нишон медиҳад, ки минтақаҳои озоди иқтисодии кишвар ба яке омилҳои калидии саноаткунонии босуръати кишвар ва ҷалби сармояи мустақими хориҷӣ табдил ёфтаанд. Новобаста ба ин, динамикаи афзоиши сармоягузорӣ нишон медиҳад, ки як қатор мушкилиҳо дар корхонаҳои саноатии минтақаҳои иқтисодии кишвар ҳанӯз боқӣ мондааст, ки боиси ба таври зарурӣ рушд наёфтани корхонаҳои истеҳсолӣ гардидаанд. Асосан, мушкилиҳои асосии ҷалби сармоягузорӣ дар кишвар аз рушди нокифояи инфрасохтори дастгирии рушди фаъолияти соҳибкорӣ ва тиҷорат, дараҷаи рушди нокифояи инфрасохтори истеҳсолӣ ва нақлиёт, маҳдудияти дастрасӣ ба захираҳои дарозмуддати молиявӣ ва мушкилиҳои идоракунӣ баҳисоб меравад. Сармоягузорони хориҷӣ бештар ба минтақаҳое, ки дар онҷо суботи иқтисодӣ ва сиёсӣ, инфрасохтори зарурӣ, захираҳои арзон ё бозори бузурги фурӯш ҷой доранд, бештар майл доранд.

Хулоса ва пешниҳодҳо. Таҷрибаи кишварҳои хориҷӣ нишон медиҳад, ки барои фаъолияти босамар ва рушди МОИ ҷалби сармояи хориҷӣ ва маҳаллӣ нақши муҳимро мебозад. Аз ин рӯ зарур аст, ки сиёсати самарабахши давлатии ҷалби сармоягузорӣ таҳия ва амалӣ карда шавад, бахусус, сармояи хориҷи ва ватанӣ ба самтҳои афзалиятнок равона карда шавад. Шартҳои асосии ҷалби сармоягузорӣ ба минтақаҳои озоди иқтисодӣ, асосан, низоми махсуси андози ва гумрукӣ, мавқеи мусоиди ҷойгиршавӣ ва транзитӣ нисбат ба бозорҳои берунӣ ва дохилӣ мебошад.

Вобаста ба ин, барои беҳтар намудани фаъолияти минтақаҳои озоди иқтисодӣ дар кишвар амалӣ намудани пешниҳодҳои зеринро зарур меҳисобем:

-барои ҷалби сармояи хориҷӣ ва ватанӣ ба МОИ-и Тоҷикистон имтиёзҳои андозӣ ва гумрукиро зиёд намуда, инфрасохтори ба талаботҳои байналхалқӣ ҷавобгӯй ташкил карда, суботи устувори фазои сулҳу оромиро таъмин карда, бозори озоди минтақавиро ташкил намуда, кувваи кории арзон ва ашёи хоми маҳалиро пешниҳод кардан зарур аст;

-сармоягузорӣ асосан, барои таъмин намудани инфрасохтори зурурӣ, логистика, барқ, хусусан дар минтақаҳои қафомонда (МОИ «Панҷ», МОИ «Кӯлоб» ва МОИ «Ишкошим») равона карда шавад;

-бо назардошти таҷрибаи кишварҳои дар ин самт тараққикарда, барои ширкатҳое, ки ба кишвар технологияи муосир ворид мекунанд, имтиёзҳои махсус ҷорӣ карда шавад;

-баланд бардоштани фарҳанги саноатии кормандони корхонаҳо бо роҳи бозомӯзӣ ва такмили ихтисос дар хориҷи кишвар бо мақсади андӯхтани таҷрибаи пешқадам.

АДАБИЁТ:

1. Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021–2025. Душанбе – 2021, 282с. https://mmih.adlia.
2. Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2026-2030. Душанбе – 2025, 156с. https://mmih.adlia.tj
3. Дадоматов Д.Н Управление инвестициями в региональной экономической системе: опыт зарубежных стран [Текст] / Д.Н. Дадоматов. З.Т. Сохибназаров // Паёми ДТТ.-2024 №3 (58). – С. 210-211.
4. Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. ш. Душанбе, 16-уми декабри соли 2025

5. Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. ш. Душанбе, 23 декабри соли 2022.
6. Ғаффаров, Ф.М. Нақши сармоягузорӣ ва МОИ дар раванди саноатикунонии кишвар [Матн] / Ф.Г. Ғаффаров // Душанбе.- Ахбори Донишгоҳи миллӣ.- 2019. – С. 130-139.
7. Комилов, С.Д. Роль свободных экономических зон в развитии инвестиционного потенциала региона (на примере Республики Таджикистан) [Текст] / С.Д. Комилов, Ф.М. Гафаров // Евразийский международный научно-аналитический журнал проблемы современной экономики). - 2017. -№ 3 (63). – С. 194 – 197.
8. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 марти соли 2011 «Дар бораи минтақаҳои озоди иқтисодӣ» - Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2011, №3, мод.167), (Қонуни ҶТ аз 2.01.2019 № 1581, аз 20.06.2024 №2077).
9. Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон // Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе.- 2025. – С. 42-43 .
10. Ҳисоботҳои ҳарсолаи маъмурияти минтақаҳои озоди иқтисодӣ.
11. Шарифзода, М.М. Минтақаи озоди иқтисодии Суғд ва нақши он дар саноатикунонии босуръати кишвар[Матн] / М.М. Шарифзода, Ҳ.А. Солиев // Ахбори Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон. – 2021. – №1 (86). – С. 81-88.
12. Шарафова М.Ҷ. Минтақаҳои озоди иқтисодӣ ҳамчун омили рушди иқтисодии минтақа [Матн] /М.Ҷ. Шарафова // Паёми Донишгоҳи идоракунии Тоҷикистон. – 2024, 2 (67). – С.153 – 161. ISSN 266–0651(Print) ISSN 2709–8567.
13. Электронный ресурс. Сомонаи Кумитаи сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии https://investcom.tj /(санаи мурочиат: 11.06.2026).
14. Электронный ресурс. Сомонаи расмии Вазорати рушди иқтисодиёт ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон www.medt.tj ва https://catalog.fez.tj (санаи мурочиат: 25.02 2026).

УДК 005.334:339.37(575.3)

АРЗЁБИИ САТҲИ ТАЪСИРРАСОНИИ ОМИЛҲО БА ТАШАККУЛИ МЕХАНИЗМИ РИСК-МЕНЕҶМЕНТ ДАР СОҲАИ САВДОИ ЧАКАНА

ШАРИПОВА МАВЗУНА НАРЗИЛЛОЕВНА
Муаллими калони кафедраи баҳисобгирии бухгалтерӣ, таҳлил ва аудит,
Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон.
Суроға: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Хуҷанд, к. И. Сомнӣ 169.
Тел.: (+992) 77-701-75-00. **E-mail:** mavzuna-sh@mail.ru
АЛИЕВ АБДУРАҲИМ РАҲМОНОВИЧ
Номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, мудири кафедраи баҳисобгирии бухгалтерӣ, таҳлил ва аудити Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон.
Суроға: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Хуҷанд, к. И. Сомнӣ 169
Тел.: (+992) 92-737-77-80. **E-mail:** abdurahim-aliev@mail.ru

Аннотатсия. Дар мақола масоили арзёбии сатҳи таъсиррасонии омилҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва техникӣ ба механизми риск-менеҷмент дар корхонаҳои савдои чакана таҳқиқ ва баррасӣ гардидааст. Дар он гурӯҳбандии омилҳо тибқи усули PEST – таҳлил амалӣ гардонида, бо истифода аз имконоти таҳлили он-лайнӣ тариқи интернет аз сомонаи math.semestr.ru истифода карда шудааст.

Натиҷаҳои таҳлил арзёбӣ гардида, сатҳи таъсири омилҳо дар алоҳидагӣ ва дар доираи гурӯҳ муайян карда шудааст. Дар охир самти такмили МРМ вобаста аз сатҳи таъсири омилҳо ҷамъбаст ва тавсия дода шудааст.

Калидвожаҳо: риск-менеҷмент, механизм, омилҳо, савдои чакана, PEST – таҳлил, арзёбӣ, конкордатсия

ОЦЕНКА УРОВНЯ ВЛИЯНИЯ ФАКТОРОВ НА ФОРМИРОВАНИЕ МЕХАНИЗМА РИСК-МЕНЕДЖМЕНТА В СФЕРЕ РОЗНИЧНОЙ ТОРГОВЛИ

ШАРИПОВА МАВЗУНА НАРЗИЛЛОЕВНА
Старший преподаватель кафедры бухгалтерского учета, анализ и аудита Института экономики и торговли Таджикского государственного университета коммерции.
Адрес: 735700, Республика Таджикистан, г. Худжанд, ул. И. Сомони 169.
Тел.: (+992) 77-701-75-00. **E-mail:** mavzuna-sh@mail.ru
АЛИЕВ АБДУРАХИМ РАХМОНОВИЧ
кандидат экономических наук, доцент, зав. кафедрой бухгалтерского учета, анализ и аудита Института экономики и торговли Таджикского государственного университета коммерции
Адрес: 735700, Республика Таджикистан, г. Худжанд, ул. И. Сомони 169.
Тел.: (+992) 92-737-77-80. **E-mail:** abdurahim-aliev@mail.ru

Аннотация. В статье исследуются и анализируются вопросы оценки уровня влияния политических, экономических, социальных и технических факторов на механизм управления рисками крупных предприятий розничной торговли. Представлена группировка факторов по методу PEST-анализа с использованием возможностей онлайн-анализа сайта math.semestr.ru.

Проведена оценка результатов анализа, определен уровень влияния факторов по отдельности и внутри группы. Обобщены направления совершенствования механизма управления рисками в зависимости от уровня влияния факторов и даны рекомендации.

Ключевые слова: управление рисками, механизм, факторы, розничная торговля, PEST-анализ, оценка, согласованность

ASSESSMENT OF THE LEVEL OF INFLUENCE OF FACTORS ON THE FORMATION OF A RISK MANAGEMENT MECHANISM IN THE RETAIL TRADE SECTOR

SHARIPOVA MAVZUNA NARZILLOEVNA
Senior Lecturer, Department of Accounting, Analysis, and Audit,
Institute of Economy and Trade, Tajik State University of Commerce
Address: 169 I. Somoni Street, Khujand, 735700, Republic of Tajikistan.
Tel.: (+992) 77-701-75-00. **E-mail:** mavzuna-sh@mail.ru
ALIEV ABDURAKHIM RAKHMONOVICH
Candidate of Economic Sciences, Associate Professor, Head of the Department of accounting, analysis, and audit, Institute of Economy and Trade, Tajik State University of Commerce
Address: 169 I. Somoni Street, Khujand, 735700, Republic of Tajikistan.
Tel.: (+992) 92-737-77-80. **E-mail:** abdurahim-aliev@mail.ru

Abstract. This article explores and analyzes the impact of political, economic, social, and technical factors on the risk management mechanisms of large retailers. A PEST analysis is used to group factors using the online analysis capabilities of math.semestr.ru.

The analysis results are evaluated, and the influence of individual factors and their subgroups is determined. Areas for improving risk management mechanisms based on the influence of these factors are summarized, and recommendations are provided.

Keywords: risk management, mechanism, factors, retail, PEST analysis, assessment, consistency

Муқаддима. Дар шароити ташаккул ва рушди иқтисоди рақамӣ, ки зуҳуротҳои дар ҳаёти иқтисодии субъектон ба миён ояндаро дар зери омилҳои гуногун мухталиф ва номуайян мегардонад, истифодаи низом ва механизмҳои мутобиқи ташакул ва рушди фаъолият муҳим мебошад. Аз ин ру, воситаҳои муҳим ё усули мувофиқ дар шароити номуайянӣ ё мураккабии зуҳурот барои таҳқиқ ва арзёбии сатҳи таъсиррасонии омилҳо ба низом ва механизмҳои иқтисодию молиявӣ истифодаи усулҳои арзёбии нисбӣ аз нигоҳи коршиносон мувофиқ

мебошад. Зеро, дар ҳолати мавҷуд набудани нишондиҳандаҳои мутлақи арзёбии онҳо, истифодаи васоити таҳлили нисбии омилҳо талаб карда мешавад. Маҳз, барои таҳлил ва арзёбии нисбии омилҳои таъсиррасон ба низом ва механизми иқтисодӣ усулҳои коршиносии арзёбӣ пешбинӣ шудаанд.

Асосҳои назариявӣ. Бо мақсади арзёбии ҳамаҷонибаи сатҳи таъсиррасонии омилҳо ба раванди ташаккул ва рушди механизми риск-менеҷмент (МРМ), истифодаи усули PEST-таҳлил ҳамчун яке аз воситаҳои муосири таҳлили муҳити беруна мувофиқ арзёбӣ мегардад. Афзалияти ин усул дар он ифода меёбад, ки имконияти гурӯҳбандии омилҳои таъсиррасонро аз рӯйи хусусияти сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва технологӣ фароҳам оварда, барои муайян намудани дараҷаи таъсири ҳар як гурӯҳи омилҳо ба самаранокии механизми риск-менеҷмент заминаи таҳлилӣ муҳайё месозад (ҷадвали 1).

Дар марҳилаи минбаъдаи таҳқиқот, дар асоси натиҷаҳои таснифоти омилҳои таъсиррасон тавассути усули PEST-таҳлил, арзёбии экспертии дараҷаи таъсири онҳо анҷом дода мешавад. Бо ин мақсад, дар ибтидо натиҷаҳои холгузории коршиносон нисбат ба ҳар як омил ҷамъбаст ва низомнок гардида, баъдан дар асоси маълумоти бадастомада ҳисобу китоби дараҷаи таъсиррасонии омилҳо ба раванди ташаккули механизми риск-менеҷмент амалӣ карда мешавад.

Ин раванд имконият медиҳад, ки омилҳои дорои таъсири баланд, миёна ва паст муайян гардида, самтҳои афзалиятноки такмили низоми риск-менеҷмент аз нуқтаи назари илмӣ ва амалӣ асоснок карда шаванд.

Ҷадвали 1. PEST – таҳлили омилҳои таъсиррасон ба низоми риск-менеҷмент дар корхонаҳои савдои чакана

Гурӯҳи омилҳо	Аломат	Гурӯҳи омилҳо	Аломат
Сиёсӣ (Political)	**(P)**	**Иқтисодӣ (Economic)**	**(E)**
Номукаммалии бамеъёргирии риск дар қонунгузории соҳаи савдо	P_1	Таваррум ё ноустувории қурби асъори миллӣ	E_1
Тағйирёбии қоида ва меъёрҳои андозбандӣ ва пардохтҳои гумрукӣ	P_2	Нокифоягии сармоягузорӣ барои татбиқи низоми риск-менеҷмент	E_2
Сиёсати давлатӣ ва маҳдудиятҳо дар соҳаи савдо	P_3	Дараҷаи баланди рақобати носолим дар бозор	E_3
Фишори идора ва мақомотҳои танзимкунанда ва ё бюрократия	P_4	Тағйирёбии қобилияти харидории аҳолӣ	E_4
Иҷтимоӣ (Social)	**(S)**	**Технологӣ (Technological)**	**(T)**
Тағйирёбии афзалиятҳо ва талаботи истеъмолгарон ба молҳо	S_1	Номукаммалии низомҳои иттилоотӣ дар самти рақамисозии идоракунии риск	T_1
Дараҷаи пасти фарҳанги молиявӣ ва тиҷоратӣ дар ҷомеа	S_2	Таҳдидҳои амнияти киберӣ ва ҳифзи маълумотҳо	T_2
Нокифоягии кадрҳои дорои малака ва дониши риск-менеҷмент	S_3	Норасогии маблағгузорӣ барои дастрасӣ ба технологияҳои нав	T_3
Хатарҳои дохилии корхона (бекористӣ, талафот, хатогӣ ва ғ..)	S_4	Заифӣ дар таъмини инфрасохтори логистӣ ва таъминот	T_4

***Сарчашма:** таҳияи муаллиф дар асоси адабиёти [2, 4]

Дар асоси натиҷаҳои бадастомада аз таснифоти омилҳои таъсиррасон ба механизми риск-менеҷмент (МРМ) бо истифода аз усули PEST-таҳлил, марҳилаи минбаъдаи таҳқиқот ба арзёбии экспертии дараҷаи таъсиррасонии омилҳо равона карда мешавад. Дар ин замина, барои муайян намудани аҳаммият ва сатҳи таъсири ҳар як омил, натиҷаҳои баҳогузории коршиносон мавриди таҳлил қарор мегиранд. Сараввал, маълумоти вобаста ба холгузории пешниҳоднамудаи коршиносон ҷамъбаст ва коркард гардида, баъдан дар асоси онҳо ҳисоби дараҷаи таъсиррасонии омилҳо ба раванди ташаккули механизми риск-менеҷмент амалӣ карда мешавад.

Бо мақсади таъмини эътимоднокӣ ва воқеъбинона будани натиҷаҳои таҳқиқот, ба сифати коршиносон намояндагони сатҳҳои гуногуни идоракунӣ ва мутахассисони соҳавӣ ҷалб гардидаанд. Дар доираи таҳқиқот ақида ва баҳодиҳии 8 нафар коршинос мавриди омӯзиш қарор гирифта, маҷмӯи омилҳои таҳлилшаванда ба 16 гурӯҳ (ё банд) ҷудо карда шудааст. Ин равиш имконият фароҳам овард, ки ҳар як омил аз нуқтаи назари таъсири воқеии он ба самаранокии механизми риск-менеҷмент ба таври муқоисавӣ арзёбӣ карда шавад.

Раванди холгузории коршиносон тибқи меъёрҳои қаблан таҳияшуда ва ҷадвали махсуси баҳодиҳӣ амалӣ гардидааст. Мазмуни ҷадвали мазкур дараҷаи аҳаммият ва сатҳи таъсири омилҳоро дар асоси низоми муайяни холгузорӣ инъикос намуда, барои гузаронидани таҳлили минбаъдаи оморӣ ва ҳисоб намудани вазни қиёсии омилҳо ҳамчун асоси методологӣ хизмат менамояд (ҷадвали 2).

Ҷадвали 2. Низоми холгузории коршиносии таъсири омилҳо ба МРМ

Хол	Сатҳи таъсирот	Баҳо бо фоиз
0 ≤ 1	бетаъсир	то 10%
1 ≤ 2	нисбатан бетаъсир	10%-20%
2 ≤ 3	паст	30%-40%
3 ≤ 4	нисбатан паст	40%-50%
4 ≤ 5	миёна	50%-60%
5 ≤ 6	нисбатан миёна	60%-70%
6 ≤ 7	баланд	70%-80%
7 ≤ 8	нисбатан баланд	80%-90%
8 ≤ 9	баландтарин	90%-100%
9 ≤ 10	бе он ғайриимкон аст	100%

Таҳияи муаллифон.

Бо такя ба меъёрҳо ва нишондиҳандаҳои баҳодиҳии қаблан муқарраргардида, маълумоти бадастомада аз пурсишномаи экспертии коршиносон мавриди ҷамъбаст, низомноккунӣ ва коркарди таҳлилӣ қарор дода шуд.

Ҷадвали 3. Низоми холгузории коршиносии таъсири омилҳо ба МРМ

№	Намуди омилҳо	Коршиносон							
		$К_1$	$К_2$	$К_3$	$К_4$	$К_5$	$К_6$	$К_7$	$К_8$
1	$Р_1$	9	7	8	7	9	7	8	9
2	$Р_2$	6	8	7	6	8	6	7	8
3	$Р_3$	5	6	4	5	6	5	6	5
4	$Р_4$	6	7	5	6	7	6	5	4
5	$Е_1$	9	8	9	8	9	7	8	9
6	$Е_2$	10	9	10	9	10	8	9	10
7	$Е_3$	9	8	7	6	9	7	8	7
8	$Е_4$	6	7	8	6	7	8	7	6
9	S_1	5	8	6	5	6	7	6	5
10	S_2	6	7	5	4	5	6	5	4
11	S_3	9	10	8	9	10	9	9	10
12	S_4	7	8	6	8	6	7	6	8
13	$Т_1$	9	7	8	7	8	9	7	9
14	$Т_2$	6	5	4	6	4	6	5	4
15	$Т_3$	8	9	9	7	9	9	8	9
16	$Т_4$	9	8	7	9	8	7	9	7

Таҳияи муаллифон дар асоси ҷамъбасти пурсишномаҳо.

Натиҷаҳои ҳосилшуда дар шакли ҷадвал пешниҳод гардида, имконият медиҳанд, ки дараҷаи таъсиррасонии омилҳои таҳқиқшаванда ба раванди ташаккули механизми риск-менеҷмент ба таври муқоисавӣ ва илмӣ арзёбӣ карда шавад. Инчунин, ин тарзи пешниҳоди маълумот барои муайян намудани аҳаммияти нисбии омилҳо ва гузаронидани ҳисобҳои минбаъдаи таҳлилӣ заминаи мусоид фароҳам меорад.

Бо дарназардошти он, ки дар раванди холгузории экспертӣ миёни баъзе аз рангҳои муайяншуда ҳолатҳои такроршавии холҳо мушоҳида гардиданд, эҳтимолияти коҳиш ёфтани дараҷаи дақиқӣ ва эътимоднокии натиҷаҳои баҳодиҳӣ ба вуҷуд меояд. Дар чунин ҳолат, бо мақсади нигоҳ доштани саҳеҳияти таҳлил ва таъмини мутобиқати оморӣ, азнавтартибдиҳии рангҳо амалӣ карда мешавад. Ин раванд бидуни тағйир додани мавқеъ ва моҳияти ақидаҳои пешниҳоднамудаи коршиносон анҷом дода шуда, танҳо тартиби рақамии рангҳо бо риояи таносуб ва фосилаи мавҷуда байни онҳо мутобиқ гардонида мешавад.

Татбиқи чунин усули коркард имконият медиҳад, ки натиҷаҳои баҳодиҳии экспертӣ шакли нисбатан дақиқ ва таҳлилшавандаро касб намуда, барои гузаронидани ҳисобҳои минбаъдаи оморӣ заминаи боэътимод фароҳам оваранд. Натиҷаҳои азнавташкилдиҳии рангҳо дар ҷадвали навбатӣ пешниҳод гардидаанд. Коркарди мазкур бо истифода аз имкониятҳои барномаи онлайнии semester.ru амалӣ карда шудааст, ки барои ҳисобу таҳлили маълумоти экспертӣ ва муайян намудани рангҳои мутобиқшуда васеъ истифода мегардад.

Ҷадвали 4. Матритсаи аз нав ташкилдиҳии рангҳо

№	Намуди омилҳо	Коршиносон								Ҷамъ	d	d^2
		К₁	**К₂**	**К₃**	**К₄**	**К₅**	**К₆**	**К₇**	**К₈**			
1	P_1	12.5	5	11.5	10	12.5	8.5	11.5	12.5	84	16	256
2	P_2	5	10.5	8	6	9	3.5	8	9.5	59.5	-8.5	72.25
3	P_3	1.5	2	1.5	2.5	4	1	5	4.5	22	-46	2116
4	P_4	5	5	3.5	6	6.5	3.5	2	2	33.5	-34.5	1190.25
5	E_1	12.5	10.5	14.5	12.5	12.5	8.5	11.5	12.5	95	27	729
6	E_2	16	14.5	16	15	15.5	12.5	15	15.5	120	52	2704
7	E_3	12.5	10.5	8	6	12.5	8.5	11.5	7.5	77	9	81
8	E_4	5	5	11.5	6	6.5	12.5	8	6	60.5	-7.5	56.25
9	S_1	1.5	10.5	5.5	2.5	4	8.5	5	4.5	42	-26	676
10	S_2	5	5	3.5	1	2	3.5	2	2	24	-44	1936
11	S_3	12.5	16	11.5	15	15.5	15	15	15.5	116	48	2304
12	S_4	8	10.5	5.5	12.5	4	8.5	5	9.5	63.5	-4.5	20.25
13	T_1	12.5	5	11.5	10	9	15	8	12.5	83.5	15.5	240.25
14	T_2	5	1	1.5	6	1	3.5	2	2	22	-46	2116
15	T_3	9	14.5	14.5	10	12.5	15	11.5	12.5	99.5	31.5	992.25
16	T_4	12.5	10.5	8	15	9	8.5	15	7.5	86	18	324
∑		**136**	**136**	**136**	**136**	**136**	**136**	**136**	**136**	**1088**		**15813.5**

Ҳисоби муаллифон дар асоси [5]

Барои бовари ҳосил намудан ба дурустии матритсаи нав суммаи рангҳои онро дар асоси формулаи зерин ҳисоб намуда натиҷаи онро месанҷем.

$$d = \sum x_{ij} - \frac{\sum\sum x_{ij}}{n} = \sum x_{ij} - 68$$

Санҷиши дурустии таҳияи матритса дар асоси ҳисоби ҷамъи санҷиши чунин ҳосил гардид:

$$\sum x_{ij} = \frac{(1+n)n}{2} = \frac{(1+16)16}{2} = 136$$

Аз ин ҷо, бар меояд, ки маблағи сутунҳои матритса бо суммаи байни худ ва маблағи санҷишӣ барабар аст ва ин аз дурусти он шаҳодат медиҳад.

Маълумот ва усулҳо. Дар раванди таҳқиқот барои муайян намудани сатҳи таъсиррасонии омилҳо ба механизми риск – менеҷмент дар соҳаи савдои чакана усули PEST – таҳлил, ТМИ – таҳлили матритсавии иерархӣ, коэфитсиенти конкордатсия, формулаи мувофиқаи Пирсон истифода бурда шудааст. Барои арзёбии дурусти сатҳи илмии мақола пойгоҳи байналмилалии Google Scholar истифода бурда шудааст.

Объекти тадқиқотро корхонаҳои савдои чаканаи вилояти Суғд ташкил додааст.

Ҳамзамон аз усули таҳлилӣ ва муқоисавӣ барои баровардани хулосаи амиқи илмӣ васеъ истифода бурда шудааст.

Мақсади таҳқиқот аз муайянсозӣ, таҳлил ва арзёбии ҳамаҷонибаи дараҷаи таъсиррасонии омилҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва технологӣ ба раванди ташаккул ва рушди механизми риск-менеҷмент дар соҳаи савдои чакана иборат мебошад. Дар доираи таҳқиқот диққати махсус ба ошкор намудани омилҳое равона карда мешавад, ки ба сатҳи устуворӣ, мутобиқшавӣ ва самаранокии фаъолияти субъектҳои савдо дар шароити тағйирёбии муҳити бозорӣ ва афзоиши номуайянии иқтисодӣ таъсири бевосита мерасонанд.

Ҳамзамон, таҳқиқот ба асоснок намудани роҳҳо ва воситаҳои такмили механизми риск-менеҷмент, бо дарназардошти хусусиятҳои фаъолияти субъектҳои савдои чакана ва талаботи иқтисоди муосир, равона гардидааст. Дар натиҷа, пешниҳоди тавсияҳои амалӣ ва илмӣ-асоснок ҷиҳати баланд бардоштани сатҳи муқовиматпазирӣ, устуворii молиявӣ ва самаранокии идоракунии хавфҳо дар фаъолияти корхонаҳои соҳаи савдои чакана пешбинӣ карда мешавад.

Дар натиҷаи таҳлил ва арзёбии омилҳои таҳқиқшаванда муайян карда шуд, ки дараҷаи таъсиррасонии онҳо ба раванди ташаккул ва самаранокии механизми риск-менеҷмент яксон набуда, ҳар яке вобаста ба хусусият ва моҳияти иқтисодию ташкилии худ сатҳи гуногуни таъсирро доро мебошанд. Натиҷаҳои таҳлил нишон медиҳанд, ки қисми муайяни омилҳо таъсири назаррас ва бевосита дошта, гурӯҳи дигар бештар таъсири ғайримустақим ё нисбатан маҳдуд мерасонанд.

Бо мақсади инъикоси муқоисавии дараҷаи таъсиррасонии омилҳо ва пешниҳоди натиҷаҳои ҳисобу таҳлил дар шакли муназзам, маълумоти бадастомада дар ҷадвали навбатӣ ҷамъбаст гардидааст. Ҷадвали мазкур натиҷаҳои ҳисобкуниҳои анҷомдодашударо оид ба бузургӣ ва аҳаммияти нисбии омилҳои таҳқиқшаванда инъикос намуда, барои таҳлили минбаъдаи илмӣ ва хулосабарорӣ ҳамчун заминаи таҳлилӣ хизмат менамояд (ҷадвали 5).

Ҷадвали 5. Мавқеи ҷойгиршавии омилҳо вобаста аз вазни таъсиррасонӣ

Мавқеъ	Омилҳо	Суммаи рангҳо	Мавқеъ	Омилҳо	Суммаи рангҳо
1	P_3	22	9	E_3	77
2	T_2	22	10	T_1	83.5
3	S_2	24	11	P_1	84
4	P_4	33.5	12	T_4	86
5	S_1	42	13	E_1	95
6	P_2	59.5	14	T_3	99.5
7	E_4	60.5	15	S_3	116
8	S_4	63.5	16	E_2	120

Ҳисоби муаллифон дар асоси [5]

Бо мақсади таъмини эътимоднокӣ ва саҳеҳияти натиҷаҳои бадастомада ҳангоми муайян намудани вазни омилҳои таъсиррасон, зарурати арзёбии дараҷаи мувофиқати ақидаҳои

коршиносон ба миён меояд. Азбаски дақиқии натиҷаҳои таҳлили экспертӣ аз сатҳи ҳамоҳангии баҳогузории иштирокчиён вобастагии мустақим дорад, муайян намудани дараҷаи мувофиқати андешаҳои онҳо яке аз марҳилаҳои муҳими таҳқиқот ба ҳисоб меравад.

Дар ин замина, барои баҳодиҳии сатҳи мувофиқати ақидаҳои коршиносон аз коэффитсиенти конкордатсия истифода карда мешавад, ки он ҳамчун воситаи омории муайянкунандаи дараҷаи якрангӣ ва ҳамоҳангии баҳодиҳиҳои экспертӣ хизмат менамояд. Бо дарназардошти он ки дар раванди холгузорӣ рангҳои бо ҳам алоқаманд ва ё такроршаванда мушоҳида мегарданд, ҳисобкунии коэффитсиенти мазкур бо усули мутобиқшуда анҷом дода мешавад.

Фарзияи таҳқиқот. Фарз карда мешавад, ки ташкил ва мавриди истифода қарор додани равиши кластерӣ метавонад дар рушди сифатию шуморавии саноти сабуки ватанӣ замина гузошта, ҳамзамон боиси рушди иштирокчиёни кластер замина гузошта, занҷираи устувори инноватсионию истеҳсолиро ба вуҷуд меорад.

Усулҳои таҳқиқот. Дар таҳқиқоти мазкур маҷмуи усулҳои назариявӣ ба монанди: таҳлил, синтез, муқоиса, хулосабарорӣ, таснифот ва баъзан усулҳои эмпирикӣ истифода шудаанд. Истифодаи усулҳои мавриди назар дар муайян намудани сати таҳқиқоти дигар олимон ва раванди таъсири масъалаи интихобшуда заминаи устувор гузоштаанд.

Муҳтавои асосӣ. Дар мавриди арзёбии натиҷаи таҳкикотҳои илмии олимони ватанӣ ва барномаю стртаегияҳои соҳавии сатҳи миллию минтақавии ҷумҳурӣ маълум мегардад, ки масъалаи рушди саноти сабуки кишвар дар таъмини рушди устувори иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳамзамон беҳдошти сатҳи зиндагии аҳолӣ нақши калидӣ дорад. Масъалаи

мазкурро олимони ватанӣ на танҳо барои ташкили ҷоёҳои кории наву доимӣ, балки вобаста ба арзиш ва талабот пайдо намудани ашёи хоми маҳаллӣ (пахта, пила, пашм, пуст ва ғ.) муҳим медонанд. Дар воқеъ ҳангоми таъмини рушди бо низоми саноати сабук, албата дар асоси равиши кластерӣ иштироккунандагони занҷираи истеҳсолӣ метаонанд зина ба зина усувории молиявию меҳнатии худро рушд бахшанд. Дар натиҷаи рушди фаъолияти таъминкунандагони ашёи хом ва истеҳсоли маҳсулоти саноти сабук, инчунин, рушди корхонаҳои хурди истеҳсоли ришта ва дигар ҷузъиёти саноти сабуқ низ дар назар аст.

Вобаста ба мубрам будан ва шартан рушд бахшидани саноти сабук дар шароити имрӯзаи Ҷумҳурии Тоҷикистон Хушвахтзода Қ.Х. ва Низомова Т.Д. андешаҳои гуногуни илмӣ пешниҳод намудаанд. Аз ҷумла иброз медоранд, ки рушди бемайлони иқтисодиёти ҷаҳон дар чаҳорчубаи меъёрҳои ҷаҳонишавӣ дар баробари фароҳам овардани имкониятҳои васеи рушд, инчунин боиси сар задани баъзан мушкилот ва монеаҳое мегарданд, ки дар натиҷа зарурати гузаштан ба модел ва роҳу равишҳои ҷадиди ташкили фаъолият ба миён меояд. Мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки чун анъана аксарияти моделҳои тараққиёт ва чораандешиҳои рақобатӣ дар доираи истеҳсолот бо назардошти манфиатҳои илмӣ сурат мегиранд. Яке аз чунин соҳаҳо метавонад саноати сабук бошад. Дар доираи ташаккули саноати сабук Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонад сиёсати санотиеро ташаккул ва рушд диҳад, ки имконияти ташкил ва нигоҳдории ҷойҳои корӣ, ҷалби сармоя ва моделҳои нави тиҷорат, коҳиш додани камбизоатӣ, тақвияти нерӯи содиротӣ ва ба монанди ин авлавиятҳоро фароҳам оварад. Илова бар ин брендҳои миллие ташаккул меёбанд, ки дар натиҷа чун воситаи рақобат ва имконияти ҷалби сармоя дар иқтисодиёти миллӣ хизмат мекунанд [7, 18]. Бо таваҷҷӯҳ ба ғояҳои илмии олимони ватанӣ хулоса намудан мумкин аст, ки саноати сабук яке аз бахшҳои муҳими иқтисодиёти миллӣ ба шумор рафта, махсусияти гуногуншаклӣ ва рушдёбандагии васеъро доро мебошад.

Қаюмов Н.Қ. ҳангоми баррасии масоили рушди саноати сабук ва махсусиятҳои фаъолияти корхонаҳои ин бахши фаъолияти иқтисодӣ, хулоса намудаанд, ки рушди саноати сабук дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз бахшҳои фаъолияти муҳим ва стртаегии кишвар ба шумор рафта, роҳу равиши комилан махсуси ташаккул, рушд ва фоидаоварӣ дорад. Натиҷаи ба мақсад мувофиқи рушди соҳа бошад, аз фаъолияти самараноки корхонаҳои соноати сабук вобаста мебошанд. Дар чунин маврид хулоса намудан мумкин аст, ки аҳамият ва мубрамияти саноти сабук дар шинохти хусусиятҳои фаъолияти корхонаҳои мавриди назар инъикос меёбад. Ба сифати махсусиятҳои фаъолияти корхонаҳои саноати сабук инҳо дохил мешаванд [1, 2]:

- маҳсулоти саноти сабук аз ҷумлаи молҳое мебошанд, ки қобилияти истифодабарии дуру дароз доранд, аниқтараш онҳоро метавонем, ду ё се маротиба истифода намоем;
- раванди истифодаи маҳсулоти саноати сабук баъди фурӯш, ҳангоми дастрас гардидан ба истифодабарандаи ниҳоӣ, хислати истифодаи мавсимиро касб мекунад;
- маҳсулоти саноти сабук дар муқоиса пештар ба хурдашавии маънавӣ ру ба ру мешавад, дар ҳоле, ки баъзан молҳои дигар бештар хурдашавии ҷисмониро доранд. Ин гуна махсусият дар назди корхонаҳои саноати сабук вазифаи такмил, азнавсозӣ ва татбиқи инноватсияро пеш мегузорад;
- истеъмолкунандаи ниҳоии маҳсулоти саноати сабук омодааст, ки нуфузи истеҳсолкунандаро ҳифз намуда, арзиши морлро пардохт намояд. Вобаста ба ин истеҳсолкунандаро зарур аст, ки ба сифат ва диққатҷабкунандагии мол пайваста кӯшиш намуда, интихоби истеъмолкунандаро осон намояд;
- истеъмолкунандаи ниҳоии маҳсулоти саноати сабук ба аслияти маҳсулот бештар таваҷҷӯҳ менамояд, ки дар натиҷа ба хусусияти силсилавии истеҳсолот таъсир расонида, бештар навъҳои нави маҳсулот ва намудҳои гуногуни он талаб карда мешавад;
- маҳсулоти саноати сабук аксаран як силсисаи калони истеҳсолотро талаб мекунад, бо якчанд нусха истеҳсол ва ба фурӯш бароварда намешавад;

- тавре қаблан зикр гардид, ҳангоми пайдоиши зарурати истеҳсоли силсилаи дигари мол, ҳатман навсозӣ ва дигаргунӣ талаб карда мешавад;
- ҳиссаи хароҷоти таҷҳизот дар нархи аслии воҳиди маҳсулоте, ки аз наҳҳои табии истеҳсол мешавад, бинобар болоравии нархи ашёи хом коҳиш меёбад. Ҳамзамон, дар истеҳсоли маҳсулот аз наҳҳои сунъӣ низ, ба сабаби пеш аз афзоиши нархи таҷҳизот, коҳиш мушоҳида мегардад.

Ҳангоми омӯзиш ва мавриди мулоҳиза қарор додани ғояҳои илмии Қаюмов Н.Қ. маълум мегардад, ки барои ташкил корхонаҳои саноати сабук ва таъмини самаранокии фаъолияти онҳо, зарурати ба эътибор гирифтани хусусиятҳои истеъмолию истеҳсолии маҳсулоти саноати сабук зарур аст. Илова бар ин барои таҳияи консепсияи илмии саноати сабук ин гуна андешаҳо заминаи мусоидро фароҳам месозанд.

Дар мавриди арзёбии натиҷаи таҳқиқотҳои илмии олимони ватнӣ, масоили алоқаманд бо рушди саноати сабукро бо якчанд нуқтаҳои муҳим хулосабарорӣ кардан мумкин аст, ки донистани онҳо моҳияти саноти сабукро асоснок менамояд:

- рушди саноти сабук ҷиҳати коркарди пурра ва шакли нав бахшидани ашёи хоми кишоварзӣ мисли, пахта ва пилла дар дохили кишвар шароити мусоид фароҳам меоварад;
- саноти сабук метавонад дар таъмини бозори дохилӣ, тавассути истеҳсоли ба талабот мувофиқи маҳсулоти ниёзи пайваста, чун матоъ, либос, пойафзол ва ба монанди инҳо нақши калидӣ иҷро намояд;
- рушди саноти сабук дар асосии равиши кластерӣ, ки асоси онро ҷараён гирифтани фаъолияти инноватсионӣ ташкил медиҳад, метавонад дар баланд бардоштани иқтидори содиротии ҷумҳурӣ тавассути фурӯши маҳсулоти тайёр ба ҷойи ашёи хоми холис саҳмгузорӣ намояд;
- рушди ба талабот мувофиқи саноти сабукро аксарияти олимони ватанӣ асоси созмон ёфтани ҷойҳои нави корӣ, махсусан барои занон дар ноҳияҳои гуногун арзёбӣ мекунанд, ки дар волқеъ чунин аст;
- илова бар ин, рушди саноти сабук дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон боиси рушди фаъолияти кишоварзӣ замина гузошта, дар татбиқи модили “индустриалӣ-аграрӣ” саҳми асосиро дошта метавонад;
- рушди соҳаи мавриди назар боиси коҳиш ёфтани вобастагии бозори дохилӣ аз молу маҳсулоти хориҷӣ тавассути дастгирии истеҳсолкунандагони ватанӣ замина мегузорад, ки ба ин васила масъалаи бехатарии истеъмолу истифода низ таъмин мегардад;
- рушди саноати сабук боиси ҳавасмандии фаъолият дар бахши хусусӣ гардида, ҷиҳати эҳё ва рушди ҳар гуна хунарҳои мардумӣ сабаб шуда метавонад.

Дар мавриди омӯзиши ин махсусиятҳо хулоса намудан мумкин аст, ки саноати сабук яке аз бахшҳои муҳими саноати истеҳсолӣ ба шумор меравад, ки хосатан молҳои истеъмолӣ тавлид намуда, нуқтаи ниҳоии он ба таъмини қаноатмандӣ ва гирифтани фоида равона гардидааст. Яке аз вижагиҳои муҳими саноати сабук бо он алоқаманд дониста мешавад, ки стратегяи истеҳсолии он бештар ба коркарди ашёи хоми кишоварзӣ ва захираҳои мавҷудаи табиӣ равноа карда шудааст. Дар мавриди омӯзиш ва мушоҳидаю муқоисаи равандҳои амалии рушди саноти сабук дида мешавад, ки аз рӯйи аксарияти маҳсулотҳои истеҳсолшуда, соҳаи мазкур тамоюли рушдро касб намудааст.

Вобаста ба ин, дар поён ҷадвали таҳлилии рушди саноати сабуки Тоҷикистон дар асоси маълумоти расмии Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оварда шудааст. Барои таҳлил нишондиҳандаҳои асосии соҳаи нассоҷӣ, дӯзандагӣ, қолинбофӣ, ҷӯробу пайпоқ, трикотаж ва пойафзол истифода шудаанд. Агентии омор дар маҷмӯаи «Саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон» маълумоти истеҳсолиро ҳам бо арзиши пулӣ ва ҳам дар шакли аслӣ нашр мекунад.

Ҷадвали 1. Арзёбии баъзан нишондиҳандаҳои рушди саноти сабук дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

Нишондиҳандаҳои асосӣ	Давраи арзёбии тамоюли рушд					Арзёбии тамоюли рушд
	2020	2021	2022	2023	2024	
Газвори пахтагин, млн м²	7,4	8,2	25,6	24,5	23,8	+3,2 баробар нисбат ба с.2020
Газвори абрешимӣ, ҳазор м²	21,9	22,2	28,8	37,6	42,2	+ 92,7 фоиз
Қолин ва маснуоти қолинӣ, ҳазор м²	2 658,0	4 534,0	6 401,0	5 739,0	6 216,0	+ 2,3 баробар
Ҷӯробу пайпоқ, ҳазор ҷуфт	7 807	15 409	14 803	10 053	13 349	+ 71,0 фоиз
Маснуоти трикотажӣ, ҳазор дона	160,8	145,4	433,6	256,4	2 774,6	+ 17,3 баробар
Пойафзол, ҳазор ҷуфт	1 033,1	1 228,0	1 070,7	1 124,4	2 677,4	+ 2,6 баробар

Сарчашма: таҳия ва ҳисоби муаллиф дар асоси маълумотҳои Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Сомонаи расмӣ. – URL: https://www.stat.tj/ (санаи мурочиат: 21.08.2026)

Тибқи маълумотҳои омори и ҷадвали 1 маълум мегардад, ки аксарияти нишондиҳандаҳои асосии рушди саноти сабук дар айни замон тамоюли умумии афзоишро касб намудаанд. Албата, дар радифи ин баъзан тағиротҳоро дар давоми лоиҳахо мушоҳида намудан мумкин аст, масалан, баъзе намудҳои маҳсулот тағйирёбии солона ва коҳишҳои муваққатӣ доранд, ки аз назари муқоиса ва озмоиши муҳит маълум мегардад, ки бо таъсири алоқамандиҳои байниомилӣ ин гуна ҳодисаҳо пайдо шуданаш мумкин аст.

Дар солҳои таҳлилшаванда (2020-2024) истеҳсоли газвори пахтагин аз 7,4 млн м² дар соли 2020 то 23,8 млн м² дар соли 2024 афзоиш ёфтааст. Яъне, дар давоми панҷ сол истеҳсол тақрибан 3,2 баробар зиёд шудааст. Афзоиши махсусан назаррас дар соли 2022 ба қайд гирифта шудааст, ки истеҳсол ба 25,6 млн м² расидааст. Аммо баъд аз ин нишондиҳанда дар солҳои 2023–2024 каме коҳиш мушоҳида мешавад.

Дар ин самт рушди нисбатан устувор ба назар мерасад. Ҳаҷми истеҳсол аз 21,9 ҳазор м² дар соли 2020 то 42,2 ҳазор м² дар соли 2024 расидааст. Яъне, истеҳсол қариб 2 баробар (92,7%) зиёд шудааст. Ин нишон медиҳад, ки истеҳсоли матоъҳои абрешимӣ тадриҷан васеъ шуда истодааст. Истеҳсоли қолин аз 2 658 ҳазор м² дар соли 2020 ба 6 216 ҳазор м² дар соли 2024 расидааст. Афзоиш тақрибан 2,3 баробар мебошад. Баландтарин нишондиҳанда дар соли 2022 — 6 401 ҳазор м² ба қайд гирифта шудааст. Дар соли 2023 истеҳсол коҳиш ёфта, соли 2024 боз афзоиш ёфтааст. Ин ҳолат метавонад аз тағйирёбии талабот, иқтидори истеҳсолӣ ва вазъи бозор вобаста бошад. Истеҳсоли ҷӯробу пайпоқ аз 7 807 ҳазор ҷуфт дар соли 2020 то 13 349 ҳазор ҷуфт дар соли 2024 афзоиш ёфтааст. Ҳамин тавр, истеҳсол тақрибан 71 фоиз зиёд шудааст. Нишондиҳандаи баландтарин соли 2021 — 15 409 ҳазор ҷуфт буд. Баъди коҳиш дар солҳои 2022–2023, дар соли 2024 боз афзоиши истеҳсол ба назар мерасад.

Дар байни нишондиҳандаҳои ҷадвал маҳз истеҳсоли маҳсулоти трикотажӣ суръати баландтарини афзоиш дорад. Ҳаҷми истеҳсол аз 160,8 ҳазор дона дар соли 2020 то 2 774,6 ҳазор дона дар соли 2024 расидааст. Яъне, истеҳсол тақрибан 17,3 баробар зиёд шудааст. Ин нишондиҳанда аз рушди босуръати корхонаҳои истеҳсоли либос ва маҳсулоти трикотажӣ шаҳодат медиҳад. Истеҳсоли пойафзол аз 1 033,1 ҳазор ҷуфт дар соли 2020 то 2 677,4 ҳазор ҷуфт дар соли 2024 расидааст. Дар натиҷа истеҳсол тақрибан 2,6 баробар афзоиш ёфтааст. Хусусан дар соли 2024 афзоиши назаррас ба қайд гирифта шудааст.

Дар маҷмӯъ, ҷадвал нишон медиҳад, ки солҳои 2020-2024 барои саноати сабуки Тоҷикистон давраи афзоиши иқтидори истеҳсолӣ буданд. Аз ҳама бештар истеҳсоли

маҳсулоти трикотажӣ, газвори пахтагин ва пойафзол афзоиш ёфтааст. Ҳамзамон, дар истеҳсоли қолин ва ҷӯробу пайпоқ тағйирёбии солона мушоҳида мешавад.

Дар такя ба тамоюли пайваста рушдёбандаи баъзан маҳсулоти санотаи сабук маълум мегардад, ки ташкили кластерҳо метавонанд ба суръати афзоиши рушд сабаб гардан ва ҳамзамон дар зиёд шудани шумораи маҳсулот саҳм гузоранд. Илова бар ин, мақсаднок ташкил додани кластерҳо ҷиҳати рушди инноватсионӣ ва муътадил гардидани нарх ва рақобатпазирӣ, низ замина гузошта метавонанд.

Ҳангоми мавриди омӯзиш ва баррасии нақши кластер дар низоми муносибатҳои иқтисодӣ маълум мегардад, ки равиши мавриди назар дар тамоми сохторҳои хоҷагии халқ натиҷаи мусбиро таъмин кардааст. Ба ҳамагон маълум аст, ки асосгузори назарияи кластерӣ иқтисоддони машҳури амрикоӣ Майкл Портер ба шумор меравад. Мувофиқи таърифи ӯ, «…кластер ин гурӯҳи ширкатҳои аз ҷиҳати ҷуғрофӣ наздик ва ташкилотҳои алоқаманде мебошанд, ки дар соҳаи муайян фаъолият намуда, бо умумияти фаъолият ва мукаммалии якдигар тавсиф мешаванд» [9, 10].

Дар такя ба натиҷаи таҳқиқотҳои ӯ якчанд принсип ва вижагиҳои равиши кластерӣ тасниф ва пешниҳод шудааст, ки ҳангоми таҳия ва пешниҳоди модели ягонаи кластеркунонии раванди истеҳсолоти саноти сабук заминаи мусоид фароҳам сохта метавонад. Масалан тибқи андешаҳои ӯ масъалаи ошкор ва риояи принсипҳо дар идораи кластерӣ бисёр муҳим арзёбӣ гардидааст, ки ба қатори принсипҳои мавриди назар инҳоро шомил намудан мумкин аст:

1. Принсипи наздиксозии ҷуғрофӣ, принсипи мазкур ба чораҳои кам кардани маҷмуи хароҷотҳои нақлиёт ва дастрас намудани ашёи хом ва маҳсулоти таёри санотӣ бахшида шудааст;
2. Принсипи ҳамгироии амудӣ ва уфуқӣ, ин принсип масъалаи ташкил ва риояи қатъии ҳамкории таъминкунандагони ашёи хом, истеҳсолкунандагон ва фурӯшандагонро ифода мекунад;
3. Принсипи шафофият, ки ошкор ва аниқ будани ҳадафҳои иштиркчиёни занҷираи кластер бахшида шудаас.

Дар баробари ин ва дигар принсипҳои ҷузъӣ, ки дар раванди фаъолияти истеҳсолию муомилотӣ маҷудият ва риояи онҳо талаб карда мешавад, инчунин, махсусиятҳои соҳавие вуҷуд доранд, ки раванди ташкил ва амалигардонии равиши кластерӣ таъсир мерасонанд. Албата ба монанди дигар соҳаҳо, саноти сабук хусусиятҳои татбиқи равиши кластерии ба худ хосро доро мебошад.

Саноати сабук (бофандагӣ, дӯзандагӣ, чарму пойафзол) дорои хусусиятҳои хосе мебошад, ки заминаро барои кластеризатсия устувор мегардонанд. Аввалан, ин соҳа ба ашёи хоми маҳаллӣ (масалан, пахта, пилла, чарм) вобастагии зиёд дорад. Сониян, занҷири арзиши иловагӣ дар ин соҳа аз коркарди аввалияи ашёи хом то тайёр кардани маҳсулоти ниҳоӣ ва брендингро дар бар мегирад. Вобаста ба ин таҳия ва пешниҳоди сохтори кластери саноти сабук дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳим дониста мешавад (расми 1).

Дар мавриди омӯзиши сарчашмаҳои илмию таҷрибаи амалии ватанию хориҷӣ маълум мегардад, ки ташкил ва фаъолияти пайвастаи истеҳсолот дар асоси равиши кастерӣ кори саҳлу осон нест. Мушкил будани фаъолият дар асоси ин маделро маҷмуи амал ва чорабиниҳое ташкил медиҳанд, ки дар марҳилаҳои гуногуни занҷираи кластер анҷом дода мешавад.

Тибқи расми 1 дар доираи кластери саноати сабук сохторҳои зерин муттаҳид мешаванд, ба монанди: корхонаҳои бофандагӣ ва дӯзандагӣ, ки маҳсулоти ниҳоӣ мебароранд; корхонаҳои коркарди пахта, истеҳсоли ришта, матоъ, рангҳо ва фурнитура; донишгоҳҳо ва пажӯҳишгоҳҳои технологӣ, ки кадрҳо тайёр мекунанд ва инноватсияҳоро коркард менамоянд; ширкатҳои логистикӣ, маркетингӣ ва марказҳои тарроҳӣ (дизайн) ва дигарон.



Расми 1. Сохтори кластери саноти сабук дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон
Сарчашма: таҳияи муаллиф

Дар мавриди ташкили фаъолияти муштарак махлум мегардад, ки онҳо бо ҳамдигар вобаста гардида, яке бе дигаре фаъолияти самаранок дошта наметавонад. Хусусан ҳангоми ба низом даромадани онҳо, ҷуз илоҷи дастгирии ҳамдигар ва ҳифзи манфиатҳои ҳамдигар чорае надоранд. Ин гуна фаъолият боиси тақсимоти дурустӣ уҳдадориҳо ва хавфҳои бозорию молиявӣ ба ниҳодҳои ҳамкор мусоидат мекунад. Аммо ядрои асосии равиши кластерро дар айни замон корхонаҳои бофандагӣ ва дӯзандагӣ ташкил медиҳанд. Онҳо дар ҳамкории муштарак натиҷаи кушиши ҳамаи иштирокчиёнро дар шакли маҳсулоти тайёри инноватсионии бозоргир пешниҳод ва ба фурӯш мебароранд.

Хулоса. Натиҷаи таҳқиқоти анҷомшуда нишон медихад, ки рушди саноти сабук дар воқеъ паёмадҳои мусбӣ ва самаранокии баланди иқтисодию иҷтимоиро таъмин карда метавонад. Илова бар ин, таҳлили илмию назариявии равиши кластерӣ нишон медиҳад, ки ташкили кластерҳо дар саноати сабук воситаи пуриқтидори модернизатсияи иқтисодиёт аст. Он имкон медиҳад, ки аз содироти оддии ашёи хом (пахтаи хом) ба содироти маҳсулоти ниҳоии дорои арзиши баланди иловагӣ гузариш таъмин карда шавад.

Барои татбиқи муваффақи ин равиш, таҳияи барномаҳои мақсадноки давлатӣ, беҳтар кардани фазои сармоягузорӣ ва таҳкими ҳамкории байни илм, маориф ва бизнес зарур мебошад.

АДАБИЁТ:

1. Каюмов Н.К., Оборотные производственные фонды легкой промышленности Таджикистана и их использование [Текст] / Н. Каюмов, С.П. Пышнограй, Под ред. д-ра экон. наук, проф. Л.И. Итина, АН Тадж. ССР, Ин-т экономики. — Душанбе: Дониш, 1975. — 206 с.
2. Каюмов Н.К., Стратегия индустриально-инновационного развития Республики Таджикистан. — Душанбе: Ирфон, 2014.
3. Қаюмов А.А., Кластеризатсия ҳамчун омили баланд бардоштани рақобатпазирии соҳаҳои саноат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон // Иқтисодиёти Тоҷикистон. — 2022. — №2. — С. 89-96.

4. Қурбонов, Ҷ.А., Нақши кластерикунонӣ дар баланд бардоштани иқтидори содиротии корхонаҳои саноати сабук / Ҷ.А. Қурбонов // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – 2021. – № 4 (39). – С. 88–95.
5. Линдаль, Э. Исследования по теории денег и капитала = Studies in the Theory of Money and Capital / Эрик Линдаль. – Лондон : Джордж Аллен энд Анвин, 1939. – 391 с.
6. Маршалл, А. Принципы экономической науки / Альфред Маршалл; перевод с английского И.В. Размановой. – Москва : Эксмо, 2007. – 832 с.
7. Низомова Т.Д., Мухсинова П.А., Стратегия развития легкой промышленности региона на основе кластерного подхода. Монография - ТГНУ Душанбе 2021. 176 с.
8. Одинаев Х.А., Разиков Р.С. Формирование и развитие текстильного кластера в Республике Таджикистан: теория и практика. — Душанбе: ТТУ, 2018.
9. Портер М. Конкуренция.: Пер. с англ. — М.: Издательский дом «Вильямс», 2005. — 608 с.
10. Портер, М. Конкурентная стратегия: Методика анализа отраслей и конкурентов / Майкл Портер, перевод с английского И. Минервина. – Москва: Альпина Паблишер, 2023. – 453 с.
11. Рахимов Р.К., Проблемы структурных преобразований в экономике Республики Таджикистан. — Душанбе: Дониш, 2012.
12. Рахимов, А.А. Перспективы развития текстильного кластера как фактора повышения конкурентоспособности легкой промышленности/ А.А. Рахимов // Вестник Таджикского государственного университета коммерции. – 2023. – № 1 (45). – С. 112–119.
13. Умаров Х., Устувории рушди саноати сабук ва бофандагии Тоҷикистон // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Силсилаи илмҳои иқтисодӣ. — 2021. — №4. — С. 45-52.
14. Умаров Х.У., Аграрно-промышленная интеграция в Таджикистане: тенденции и перспективы. — Душанбе: Сино, 2016.
15. Усманов А.Г., Развитие экономики легкой промышленности Таджикистана. — Душанбе: Таджик НИИНТИ, 1984. — 46 с.; 20. — (Обзорная информация)
16. Шарипов Б.М., Омилҳои рушди рақобатпазирии корхонаҳои саноати сабук дар асоси модели кластерӣ // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иқтисодӣ. — 2021. — №4. — С. 112-118.
17. Шарипов Б.М., Хусусиятҳои шаклгирии кластерҳои саноатӣ дар соҳаи саноати сабуки Тоҷикистон/ Б.М. Шарипов, С.С. Раҷабов // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – 2022. – № 2 (41). – С. 45–52.
18. Ятимзода Х.М., Хушвахтзода Қ.Х. Идоракунии арзиши истеҳсолот дар соҳаи кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон / Ятимзода Х.М., Хушвахтзода Қ.Х. // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. 2024. № 12. С. 77-83.

УДК: 331.5:004:332.14(575.323)

ТАҲАВВУЛОТИ БОЗОРИ МЕҲНАТИ МАҲАЛЛӢ ДАР ШАРОИТИ РАҚАМИКУНОНИИ ИҚТИСОДИЁТИ ВИЛОЯТИ СУҒД: ТАМОЮЛҲО ВА ДУРНАМО

ШОКИРЗОДА ШӮҲРАТ УСМОН
Номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи назарияи иқтисодӣ ва менеҷменти Муассисаи давлатии «Донишкадаи байналмилалии Хуҷанди Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон». **Суроға:** Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Суғд, шаҳри Хуҷанд, маҳаллаи 27, хонаи 1. **E-mail:** shuhrat-2015@mail.ru; **Тел.:** (+992) 927-00-72-76.
ҚУЛБОБОЕВ ҶАВОҲИР АҲМАДҶОНОВИЧ
Ассистенти кафедраи иқтисодиёти ҷаҳони МДТ “Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон дар шаҳри Хуҷанд” **Суроға:** Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Хуҷанд, хиёбони Исмоили Сомонӣ, 169.
E-mail: kulboboevjavohir@gmail.com; **Тел.:** (+992) 927-17-53-54.

Аннотатсия. Дар мақола равандҳои таҳаввулоти бозори меҳнати маҳаллӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёти вилояти Суғд мавриди таҳқиқ ҳамаҷониба ва арзёбии илмӣ-амалӣ қарор гирифтаанд. Муаллиф нишондиҳандаҳои асосии иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва вилояти Суғдро дар давраи солҳои 2020–2024 таҳлил намуда, афзоиши устувори аҳолии машғули иқтисодиёт ва коҳиши сатҳи бекории расмиро собит месозад. Дар таҳқиқот тағйироти сохтории шуғл амиқ баррасӣ шуда, аҳамияти рӯзафзуни бахши хусусӣ ва соҳаҳои хизматрасонӣ, аз ҷумла алоқа, иттилоот ва фаъолияти илмию техникӣ ҳамчун муҳаррикҳои асосии ташкили ҷойҳои нави корӣ нишон дода шудааст. Таъсири рақамикунонӣ ба ташаккули касбҳои нав, густариши шуғли фосилавӣ, тиҷорати электронӣ ва афзоиши талабот ба малакаю салоҳиятҳои рақамӣ дар минтақа муайян гардидааст. Хусусиятҳои вилояти Суғд, аз қабили иқтидори баланди саноатӣ, шабакаи васеи муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва рушди соҳибкории инноватсионӣ ба инобат гирифта шудаанд. Дар асоси натиҷаҳои таҳлил, модели панҷунсураи рушди бозори меҳнати рақамӣ, ки ҳамкории донишгоҳҳо, бахши хусусӣ, марказҳои инноватсионӣ, мақомоти давлатӣ ва инфрасохтори рақамиро фаро мегирад, пешниҳод шудааст. Ҳамчунин тавсияҳои амалӣ ҷиҳати таъсиси Маркази рушди малакаҳои рақамӣ, мониторинги бозор ва дастгирии стартапҳо баён гардидаанд.

Калидвожаҳо: бозори меҳнат, иқтисодиёти рақамӣ, вилояти Суғд, захираҳои меҳнатӣ, шуғли аҳолӣ, бахши хусусӣ, сармояи инсонӣ, хизматрасониҳои рақамӣ, касбҳои инноватсионӣ.

ТРАНСФОРМАЦИЯ МЕСТНОГО РЫНКА ТРУДА В УСЛОВИЯХ ЦИФРОВИЗАЦИИ ЭКОНОМИКИ СОГДИЙСКОЙ ОБЛАСТИ: ТЕНДЕНЦИИ И ПЕРСПЕКТИВЫ

ШОКИРЗОДА ШУХРАТ УСМОН
Кандидат экономических наук, доцент кафедры экономической теории и менеджмента Государственного учреждения «Худжандский международный институт Международного университета туризма и предпринимательства Таджикистана». **Адрес:** Республика Таджикистан, Согдийская область, г. Худжанд, посёлок 27, дом 1.
E-mail: shuhrat-2015@mail.ru; **Тел.:** (+992) 927-00-72-76.
КУЛБОБОЕВ ДЖАВОХИР АХМАДЖОНОВИЧ
Ассистент кафедры мировой экономики ГОУ «Институт экономики и торговли Таджикского государственного университета коммерции в городе Худжанде» **Адрес:** Республика Таджикистан, г. Худжанд, проспект Исмоила Сомони, 169
E-mail: kulboboevjavohir@gmail.com; **Тел.:** (+992) 927-17-53-54.

Аннотация. В статье проводится комплексное исследование и научно-практическая оценка процессов трансформации местного рынка труда в условиях цифровизации экономики Согдийской области. Автор анализирует основные социально-экономические показатели Республики Таджикистан и Согдийской области за 2020–2024 годы, подтверждая устойчивый рост занятого населения и снижение официального уровня безработицы. В исследовании подробно рассматриваются структурные сдвиги в занятости, возрастающая роль частного сектора и сферы услуг, включая информацию, связь, а также профессиональную и научно-техническую деятельность как главных драйверов создания новых рабочих мест. Определено влияние цифровизации на формирование новых профессий, развитие дистанционной занятости, электронной коммерции и рост спроса на цифровые навыки в регионе. Учтены специфические особенности Согдийской области, такие как высокий промышленный потенциал, развитая сеть высших учебных заведений и динамичное инновационное предпринимательство. На основе результатов анализа предложена пятикомпонентная модель развития цифрового рынка труда, охватывающая взаимодействие вузов, частного сектора, инновационных центров, государственных органов и цифровой инфраструктуры. Также сформулированы практические рекомендации по созданию Центра развития цифровых навыков, мониторингу рынка труда и поддержке технологических стартапов.

Ключевые слова: рынок труда, цифровая экономика, Согдийская область, трудовые ресурсы, занятость населения, частный сектор, человеческий капитал, цифровые услуги, инновационные профессии.

TRANSFORMATION OF THE LOCAL LABOR MARKET UNDER THE CONDITIONS OF ECONOMIC DIGITALIZATION IN THE SUGHD REGION: TRENDS AND PROSPECTS

SHOKIRZODA SHUHRAT USMON
Candidate of Economic Sciences, Associate Professor of the Department of Economic Theory and Management, State Educational Institution "Khujand International Institute of the International University of Tourism and Entrepreneurship of Tajikistan"
Address: Republic of Tajikistan, Sughd Region, Khujand, 27th Neighborhood, Building 1.
E-mail: shuhrat-2015@mail.ru; **Тел.:** (+992) 927-00-72-76.
KULBOBOEV JAVOHIR AHMADJONOVICH
Assistant at the World Economy Department, State Educational Institution "Institute of Economy and Trade of the Tajik State University of Commerce in Khujand City"
Address: Republic of Tajikistan, Khujand, Avenue Ismoili Somoni, 169.
E-mail: kulboboevjavohir@gmail.com; **Тел.:** (+992) 927-17-53-54.

Abstract. This article provides a comprehensive research and empirical evaluation of local labor market transformation under the conditions of economic digitalization in the Sughd region. The author analyzes key socio-economic indicators of the Republic of Tajikistan and the Soughed region for 2020-2024, demonstrating steady growth in the employed population alongside a low official unemployment rate. The study highlights structural shifts in employment, emphasizing the expanding role of the private sector and services industry-particularly information and communication, professional, scientific, and technical activities-as primary drivers of job creation. It assesses the impact of digitalization on the emergence of new occupations, remote work options, e-commerce, and increasing regional demand for digital skills. Specific regional characteristics of the Sughd region, including strong industrial capacity, a wide higher education network, and active innovative entrepreneurship, are carefully examined. Based on the analytical findings, a five-element digital labor market model is proposed, integrating universities, private businesses, innovation centers, public authorities, and digital infrastructure. Furthermore, practical recommendations are outlined to establish a Digital Skills Development Center, implement labor market monitoring systems, and support tech startups to enhance overall regional economic competitiveness.

Keywords: labor market, digital economy, Sughd region, labor resources, employment, private sector, human capital, digital services, innovative professions.

Муқаддима. Дар муҳити муосири иқтисоди ҷаҳонӣ рақамикунонӣ ба яке аз омилҳои калидии рушди устувори низоми иқтисодӣ ва иҷтимоӣ табдил ёфтааст. Технологияҳои рақамӣ сохтори истеҳсолот ва хизматрасониҳоро тағйир медиҳанд, ҳамчунин ба ташаккули муносибатҳои нави меҳнатӣ, талаботи бозори меҳнат ва сифати сармояи инсонӣ низ таъсири бевосита мерасонанд. Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун қисми фазои иқтисоди ҷаҳонӣ ҷиҳати татбиқи стратегияҳои рушди иқтисодиёти рақамӣ [7]. тадбирҳои заруриро амалӣ намуда, ҷиҳати фароҳам овардани инфрасохтори рақамӣ ва рушди бозори меҳнат иқдомоти муҳимро роҳандозӣ кардааст .

Дар марҳалаи рақамикунонии иқтисодиёт бозори меҳнат аз шакли анъанавии худ ба низоми муосири муносибатҳои меҳнатӣ табдил ёфта, талабот ба мутахассисони дорои малакаҳои рақамӣ, рушди шуғли фосилавӣ, хизматрасониҳои рақамӣ ва соҳибкории инноватсионӣ рӯз аз рӯз афзоиш меёбад [5]. Раванди мазкур махсусан барои минтақаҳои дорои иқтидори баланди иқтисодӣ, аз ҷумла вилояти Суғд, аҳаммияти муҳим дорад. Вилояти Суғд

ҳамчун минтақаи саноативу соҳибкорӣ ва маркази рушди хизматрасониҳо имкониятҳои васеъро ҷиҳати ташаккули бозори меҳнати рақамӣ доро мебошад.

Таҳлили нишондиҳандаҳои оморӣ собит менамоянд, ки тайи солҳои охир иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон тамоюли мусбати рушдро нигоҳ дошта, шумораи аҳолии машғул дар иқтисодиёт мунтазам афзоиш ёфтааст. Агар соли 2020 шумораи аҳолии машғули иқтисодиёт 2506 ҳазор нафарро ташкил дода бошад, пас ин нишондиҳанда соли 2024 ба 2748 ҳазор нафар расидааст, ки аз афзоиши устувори иқтидори меҳнатӣ шаҳодат медиҳад [6, саҳ.11].

Аз ҷониби дигар, рушди иқтисодиёти рақамӣ зарурати бознигарии сиёсати давлатии шуғл, низоми омодасозии мутахассисон ва механизмҳои танзими бозори меҳнатро ба миён овардааст. Маҳз дар ҳамин замина таҳқиқи тамоюлҳо ва дурнамои рушди бозори меҳнати маҳаллӣ дар вилояти Суғд аҳаммияти махсуси илмӣ ва амалӣ пайдо менамояд.

Ҳадафи таҳқиқот омӯзиши тамоюлҳои таҳаввулоти бозори меҳнати маҳаллии вилояти Суғд дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт, баҳодиҳии тағйироти сохтории шуғл ва муайян намудани самтҳои афзалиятноки рушди бозори меҳнати рақамӣ ба шумор меравад.

Методҳо ва мавод. Иқтисодиёти рақамӣ маҷмӯи муносибатҳои иқтисодӣ мебошад, ки дар асоси истифодаи технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ ва захираҳои рақамӣ ташаккул меёбад. Тибқи назарияи рушди иқтисодиёти рақамӣ, сармояи инсонӣ ва дониш ба омили асосии рақобатпазирии иқтисоди миллӣ табдил меёбанд.

Бозори меҳнат дар чунин шароит хусусиятҳои нав пайдо менамояд, аз ҷумла:

- рақамикунонии муносибатҳои меҳнатӣ;
- ташаккули шуғли фосилавӣ;
- рушди иқтисодиёти платформавӣ;
- афзоиши талабот ба малакаҳои рақамӣ;
- густариши соҳибкории рақамӣ;
- рушди касбҳои нав ва ихтисосҳои инноватсионӣ.

Тибқи таҳлилҳои байналмилалӣ, технологияҳои рақамӣ боиси аз байн рафтани баъзе касбҳои анъанавӣ ва ташаккули ҷойҳои нави корӣ рақамӣ мегарданд. Аз ин рӯ, масъалаи мутобиқ намудани бозори меҳнат ба талаботи иқтисодиёти рақамӣ ба яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати иқтисодӣ табдил ёфтааст [8, саҳ.57].

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон татбиқи Консепсияи иқтисодиёти рақамӣ ва стратегияҳои рушди инноватсионӣ ҷиҳати омода намудани бозори меҳнат ба талаботи муосир заминаи мусоид фароҳам овардааст. Бо вуҷуди ин, масъалаҳои вобаста ба рушди сармояи инсонӣ ва омодасозии кадрҳои самти рақамикунонӣ ҳанӯз ҳам аҳаммияти муҳим доранд.

Дар таҳқиқоти гузаронидашуда методҳои таҳлили иқтисодию оморӣ, таҳлили муқоисавӣ, таҳлили сохторӣ, гурӯҳбандӣ, таҳлили тамоюлӣ ва усули моделсозӣ истифода гардидаанд. Пойгоҳи иттилоотии таҳқиқотро маълумоти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳисоботҳои байналмилалии ILO [1], OECD [2]. ва World Economic Forum [5] ташкил медиҳанд.

Натиҷаҳо. Таҳлили нишондиҳандаҳои асосии иҷтимоию иқтисодӣ собит менамояд, ки шумораи аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2024 ба 10 миллиону 508,5 ҳазор нафар расидааст [6, саҳ.10]. Дар баробари ин, шумораи миёнаи солонаи аҳолии машғули иқтисодиёт тағйир ёфтааст (ҷадвали 1).

Ҷадвали 1-Шумораи миёнаи солонаи аҳолии машғул дар иқтисодиёт

Сол	Шумораи машғулбудагон (ҳазор нафар)
2020	2506
2021	2534
2022	2545
2023	2625
2024	2748

Манбаъ: таҳияи муаллиф дар асоси маълумоти оморӣ [6, саҳ.11].

Аз додаҳои ҷадвали 1 бармеояд, ки танҳо дар давоми солҳои 2020–2024 шумораи аҳолии машғул зиёда аз 240 ҳазор нафар афзоиш ёфтааст. Нишондиҳандаи мазкур рушди мусбати бозори меҳнатро инъикос менамояд.

Ҳамзамон, шумораи бекорони расман ба қайд гирифташуда дар соли 2024 ҳамагӣ 49 ҳазор нафарро ташкил додааст ва сатҳи расмии бекорӣ ба 1,8 фоиз баробар мебошад [6, саҳ.11].

Таҳлили нишондиҳандаҳои бозори меҳнат (ҷадвали 2) нишон медиҳад, ки дар солҳои охир на танҳо шумораи аҳолии машғули иқтисодиёт афзоиш ёфтааст, балки сохтори соҳавии шуғл низ тағйир ёфта истодааст. Тибқи маълумоти оморӣ, захираҳои меҳнатии ҷумҳурӣ аз 5585 ҳазор нафар дар соли 2020 то 5982 ҳазор нафар дар соли 2024 афзоиш ёфтаанд, ки ба 397 ҳазор нафар ё 7,1 фоиз баробар мебошад. Ҳамзамон шумораи қувваи корӣ аз 2557 ҳазор нафар то 2797 ҳазор нафар зиёд гардидааст. Ин нишон медиҳад, ки имкониятҳои иштироки аҳолӣ дар фаъолияти иқтисодӣ мунтазам васеъ мегарданд [6, саҳ.79].

Ҷадвали 2 - Захираҳои меҳнатӣ ва қувваи корӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

Сол	Захираҳои меҳнатӣ, ҳазор нафар	Қувваи корӣ, ҳазор нафар	Аҳолии машғул, ҳазор нафар
2020	5585	2557	2506
2021	5653	2587	2534
2022	5754	2600	2545
2023	5862	2675	2625
2024	5982	2797	2748

Манбаъ: таҳияи муаллиф дар асоси маълумоти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Оморои солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон [6, саҳ.79].

Таҳлил собит менамояд, ки суръати афзоиши аҳолии машғул нисбат ба афзоиши умумии захираҳои меҳнатӣ баландтар буда, ин ҳолат самаранокии нисбии сиёсати давлатии шуғлро инъикос менамояд.

Яке аз нишондиҳандаҳои муҳими самаранокии бозори меҳнат сатҳи иштироки аҳолӣ дар фаъолияти иқтисодӣ мебошад. Таҳлили маълумотҳои оморӣ нишон медиҳад, ки дар солҳои 2020–2024 шумораи қувваи корӣ аз 2557 ҳазор нафар то 2797 ҳазор нафар афзоиш ёфтааст. Дар ҳамин давра шумораи аҳолии машғули иқтисодиёт аз 2506 ҳазор нафар ба 2748 ҳазор нафар расидааст. Дар натиҷа, ҳиссаи аҳолии машғул дар таркиби қувваи корӣ аз 98,0 фоиз дар соли 2020 то 98,2 фоиз дар соли 2024 зиёд гардидааст [6, саҳ.79].

Ин нишондиҳанда аз самаранокии нисбатан баланди сиёсати давлатии шуғл ва мутобиқшавии иқтисоди миллӣ ба тағйироти сохтории бозори меҳнат шаҳодат медиҳад. Ҳамзамон коҳиш ёфтани сатҳи бекории расмӣ то 1,8 фоиз дар соли 2024 нишон медиҳад, ки иқтисодиёт қобилияти ҷабби нерӯи меҳнатиро нигоҳ доштааст [6, саҳ.79].

Аз рӯйи шаклҳои моликият низ тағйироти ҷиддӣ ба назар мерасад. Дар соли 2024 аз 2747,8 ҳазор нафар аҳолии машғули иқтисодиёт 1944,4 ҳазор нафар ё 70,8 фоиз дар бахши хусусӣ фаъолият доранд, дар ҳоле ки ҳиссаи бахши давлатӣ танҳо 18,7 фоизро ташкил медиҳад [6, саҳ.83]. Нишондиҳандаи мазкур шаҳодат медиҳад. ки бахши хусусӣ ба манбаи асосии ташкили ҷойҳои нави корӣ табдил ёфтааст.

Рушди иқтисодиёти рақамӣ махсусан ба соҳаҳои хизматрасонӣ таъсири назаррас мерасонад. Агар соли 2019 дар бахши хизматрасонӣ 732,4 ҳазор нафар фаъолият мекарданд, пас соли 2024 ин нишондиҳанда ба 851,8 ҳазор нафар расидааст, ки афзоиши 16,3-фоизаро ташкил медиҳад [1, саҳ.86]. Дар ҳамин давра шумораи машғулин дар соҳаи иттилоот ва коммуникатсия аз 11,7 ҳазор нафар то 12,9 ҳазор нафар афзоиш ёфтааст, дар ҳоле ки фаъолияти касбӣ, илмӣ ва техникӣ аз 15,9 ҳазор нафар то 25,2 ҳазор нафар зиёд гардидааст [6, саҳ.86].

Ҷадвали 3 - Соҳаҳои дорои иқтидори баланди рақамикунонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

Соҳа	2019	2024	Афзоиш, %
Маълумот ва коммуникатсия	11,7	12,9	10,3
Фаъолияти касбӣ, илмӣ ва техникӣ	15,9	25,2	58,5
Меҳмонхонаҳо ва тарабхонаҳо	16,4	23,4	42,7
Савдо	153,5	174,2	13,5

Манбаъ: таҳияи муаллиф дар асоси маълумоти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Оморои солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон [6, саҳ.86].

Маълумоти ҷадвали 3 собит менамояд, ки маҳз соҳаҳои ба иқтисодиёти донишбунёд ва технологияҳои рақамӣ алоқаманд босуръат рушд намуда истодаанд. Ин тамоюл барои вилояти Суғд низ хос буда, бо рушди марказҳои хизматрасонии рақамӣ, савдои электронӣ ва фаъолияти соҳибкории инноватсионӣ зич алоқаманд мебошад.

Таҳлили сохтори шуғл аз рӯйи намудҳои фаъолияти иқтисодӣ нишон медиҳад, ки дар иқтисодиёти ҷумҳурӣ ҳанӯз ҳам бахши кишоварзӣ мавқеи асосиро нигоҳ медорад. Дар соли 2024 дар соҳаи кишоварзӣ 1629,4 ҳазор нафар ё 59,5 фоизи аҳолии машғули иқтисодиёт фаъолият намудаанд [6, саҳ.89].

Ҳамзамон ҳиссаи бахши хизматрасонӣ ба 30,8 фоиз расидааст, ки ин нишондиҳанда нисбат ба соли 2019 як банди фоизӣ зиёд мебошад [6, саҳ.89].

Афзоиши шуғл дар бахшҳои ба иқтисодиёти рақамӣ алоқаманд махсусан назаррас мебошад. Дар солҳои 2019–2024 шумораи кормандони соҳаи фаъолияти касбӣ, илмӣ ва техникӣ аз 15,9 ҳазор нафар ба 25,2 ҳазор нафар расидааст, ки афзоиши 58,5-фоизиро ташкил медиҳад [6, саҳ.86].

Дар ҳамин давра шумораи кормандони соҳаи иттилоот ва коммуникатсия аз 11,7 ҳазор нафар ба 12,9 ҳазор нафар расидааст [1, саҳ.86].

Нишондиҳандаҳои зикргардида аз он шаҳодат медиҳанд, ки:

- иқтисодиёти кишвар қобилияти эҷоди ҷойҳои нави кориро доро мебошад;
- талабот ба қувваи корӣ мунтазам афзоиш меёбад;
- рушди соҳаҳои хизматрасонӣ ва иқтисоди рақамӣ ба бозори меҳнат таъсири мусбат расонида истодааст.

Соли 2024 ҳаҷми ММД ба 153,4 млрд сомонӣ расида, суръати рушди иқтисодӣ 108,4 фоизро ташкил додааст [6, саҳ.12; саҳ.17]. Нишондиҳандаҳои овардашуда имкониятҳои иловагиро барои рушди бозори меҳнат ва сармоягузорӣ ба соҳаҳои рақамӣ фароҳам месозанд.

Дар шароити иқтисоди бозорӣ бахши хусусӣ нақши асосиро дар ташкили ҷойҳои нави корӣ иҷро менамояд. Таҳлил нишон медиҳад, ки соли 2024 аз 2747,8 ҳазор нафар аҳолии машғули иқтисодиёт 1944,4 ҳазор нафар ё 70,8 фоиз дар бахши хусусӣ фаъолият доштаанд [1, саҳ.83].

Ҳиссаи бахши давлатӣ танҳо 18,7 фоизро ташкил медиҳад. Ин ҳолат аз он шаҳодат медиҳад, ки рушди соҳибкорӣ ва сармоягузориҳои хусусӣ ба омили асосии тавсеаи бозори меҳнат табдил ёфтаанд.

Барои вилояти Суғд, ки яке аз марказҳои саноатӣ ва соҳибкории кишвар ба ҳисоб меравад, рушди бахши хусусӣ заминаи ташкили ҷойҳои нави корӣ рақамӣ ва инноватсионӣ мегардад.

Дар иқтисодиёти рақамӣ инфрасохтори иттилоотӣ яке аз омилҳои асосии рушди бозори меҳнат маҳсуб меёбад. Рушди соҳаи алоқа ва хизматрасониҳои рақамӣ ба пайдоиши касбҳои нав мусоидат менамояд.

Мувофиқи маълумоти оморӣ, шумораи донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ дар соли 2024 ба 214,7 ҳазор нафар расидааст [6, саҳ.14].

Ин нишондиҳанда барои бозори меҳнати рақамӣ аҳаммияти муҳим дорад, зеро қисми зиёди мутахассисони ҷавон дар соҳаҳои технологияҳои рақамӣ омода мешаванд; талабот ба ихтисосҳои IT мунтазам меафзояд; рушди иқтисодиёти рақамӣ сатҳи рақобатпазирии сармояи инсониро баланд мебардорад.

Илова бар ин, рушди соҳибкорӣ ва хизматрасониҳои пулакӣ низ ба ташаккули ҷойҳои нави корӣ мусоидат менамояд. Соли 2024 ҳаҷми хизматрасониҳои пулакӣ ба аҳолӣ зиёда аз 27 млрд сомониро ташкил намудааст [6, саҳ.13].

Дар шароити иқтисодиёти рақамӣ самтҳои зерини шуғл бештар рушд хоҳанд кард:

- барномасозӣ;
- маркетинги рақамӣ;
- таҳлили додаҳо;
- иқтисодиёти платформавӣ;
- хизматрасониҳои электронӣ;
- тиҷорати электронӣ;
- омӯзиши маҷозӣ;
- соҳибкории инноватсионӣ.

Муҳокима. Вилояти Суғд яке аз минтақаҳои аз ҷиҳати иқтисодӣ пешрафтаи ҷумҳурӣ ба ҳисоб рафта, дар рушди саноат, соҳибкорӣ, хизматрасонӣ ва сайёҳӣ мавқеи муҳимро ишғол менамояд.

Дар шароити рақамикунонӣ бозори меҳнати вилояти Суғд дорои хусусиятҳои зерин мебошад:

1. Консентратсияи баланди муассисаҳои таҳсилоти олӣ.
2. Мавҷудияти иқтидори баланди саноатӣ.
3. Рушди соҳибкории хурду миёна.
4. Афзоиши талабот ба мутахассисони рақамӣ.
5. Имкониятҳои васеи рушди хизматрасониҳои электронӣ.

Бо дарназардошти сохтори иқтисодии вилояти Суғд ва тамоюлҳои ҷаҳонии рақамикунонӣ самтҳои зерини рушди бозори меҳнат ҳамчун самтҳои афзалиятнок арзёбӣ мегарданд:

- саноати рақамӣ ва автоматизатсияи истеҳсолот;
- тиҷорати электронӣ;
- маркетинги рақамӣ;
- таҳлили додаҳои калон (Big Data);
- хизматрасониҳои молиявии рақамӣ;
- технологияҳои зеҳни сунъӣ;
- туризми интеллектуалӣ;
- амнияти иттилоотӣ ва киберамният.

Рушди самтҳои зикршуда ба ташкили ҳазорҳо ҷойҳои нави корӣ, маоши муносиб ва рақобатпазир мусоидат намояд.

Имрӯз дар вилояти Суғд талабот ба чунин мутахассисон бештар мушоҳида мешавад:

- таҳиягарони нармафзор;
- мутахассисони амнияти иттилоотӣ;
- таҳлилгарони иқтисодӣ;
- менеҷерони рақамӣ;
- мутахассисони маркетинги рақамӣ;
- коршиносони маълумоти оморӣ ва Big Data.

Аз ин рӯ, муассисаҳои таҳсилоти олӣ бояд барномаҳои таълимии худро мутобиқ ба талаботи бозори меҳнати рақамӣ таҷдид намоянд.

Таҳлил нишон медиҳад, ки дар солҳои наздик бозори меҳнати вилояти Суғд таҳти таъсири омилҳои зерин рушд хоҳад кард:

- рақамикунонии иқтисодиёти минтақавӣ;
- рушди соҳибкории рақамӣ;

- ташкили шаҳрҳои ҳушманд;
- татбиқи технологияҳои зеҳни сунъӣ;
- рушди хизматрасониҳои электронӣ;
- зиёд гардидани талабот ба сармояи инсонӣ.

Барои рушди устувори бозори меҳнат тавсия дода мешавад:

1. Ташкили Маркази рушди малакаҳои рақамӣ дар вилояти Суғд.
2. Омодасозии мутахассисони рақамӣ дар ҳамкорӣ бо бахши хусусӣ.
3. Ҷорӣ намудани мониторинги бозори меҳнати рақамӣ.
4. Ташкили платформаҳои рақамии шуғл.
5. Рушди экосистемаи стартапҳои технологӣ.
6. Тақвияти ҳамкории донишгоҳҳо бо корхонаҳои саноатӣ.

Дар асоси натиҷаҳои таҳқиқот модели рушди бозори меҳнати рақамии вилояти Суғд аз панҷ унсури асосӣ иборат буда метавонад:

- Муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва илмӣ;
- Марказҳои инноватсионӣ ва технологӣ;
- Бахши хусусӣ ва соҳибкорӣ;
- Мақомоти идоракунии давлатӣ;
- Инфрасохтори рақамӣ ва платформаҳои электронӣ.

Ҳамкории самараноки унсурҳо замина фароҳам меоваранд, ки дар минтақа экосистемаи устувори рушди сармояи инсонӣ ва бозори меҳнати рақамӣ ташаккул ёбад.

Натиҷаҳои таҳқиқот собит намуданд, ки рушди бозори меҳнати рақамии вилояти Суғд бояд дар асоси ҳамгироии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, бахши хусусӣ ва инфрасохтори рақамӣ амалӣ гардад. Таҷрибаи кишварҳои пешрафта собит менамояд [2, 3, 4], ки маҳз чунин модели ҳамкорӣ мутобиқшавии самараноки бозори меҳнатро ба тағйироти технологӣ таъмин менамояд.

Хулоса

1. Натиҷаҳои таҳқиқот собит менамоянд, ки дар шароити муосир рақамикунонӣ ба яке аз омилҳои муҳими тағйирдиҳандаи сохтори бозори меҳнат табдил ёфта, ба равандҳои ташаккул, тақсимот ва истифодаи захираҳои меҳнатӣ таъсири назаррас мерасонад. Дар иқтисодиёти рақамӣ талабот ба дониш, малакаҳои касбӣ ва салоҳиятҳои рақамӣ мунтазам афзоиш ёфта, бозори меҳнат тадриҷан аз шакли анъанавии худ ба низоми нави муносибатҳои меҳнатӣ мегузарад. Дар чунин шароит рақобатпазирии минтақаҳо ва субъектҳои хоҷагидорӣ бештар аз сатҳи рушди сармояи инсонӣ, инфрасохтори рақамӣ ва қобилияти мутобиқшавӣ ба тағйироти технологӣ вобаста мегардад.

2. Таҳлили нишондиҳандаҳои оморӣ собит намуд, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон солҳои охир тамоюли мусбати рушди бозори меҳнат ба мушоҳида мерасад. Аз ҷумла, шумораи аҳолии машғули иқтисодиёт аз 2506 ҳазор нафар дар соли 2020 то 2748 ҳазор нафар дар соли 2024 афзоиш ёфта, 242 ҳазор нафар ё 9,7 фоиз зиёд гардидааст. Ҳамзамон шумораи қувваи корӣ аз 2557 ҳазор нафар ба 2797 ҳазор нафар расида, захираҳои меҳнатӣ аз 5585 ҳазор нафар то 5982 ҳазор нафар афзоиш ёфтаанд. Нишондиҳандаҳои мазкур аз густариши имкониятҳои иштирок дар фаъолияти иқтисодӣ ва баланд гардидани иқтидори меҳнатии кишвар шаҳодат медиҳанд.

3. Таҳқиқот инчунин нишон дод, ки дар сохтори шуғл тағйироти муҳим ба вуҷуд омада истодаанд. Агар дар гузашта қисми асосии аҳолии машғул дар бахшҳои анъанавии иқтисодиёт фаъолият менамуданд, имрӯз ҳиссаи бахшҳои хизматрасонӣ ва фаъолиятҳои донишбунёд мунтазам меафзояд. Соли 2024 ҳиссаи бахши хизматрасонӣ ба 30,8 фоиз расида, шумораи кормандони он 851,8 ҳазор нафарро ташкил дод. Дар ҳамин ҳол, фаъолияти касбӣ, илмӣ ва техникӣ нисбат ба соли 2019 ба андозаи 58,5 фоиз афзоиш ёфта, яке аз самтҳои босуръат рушдкунандаи иқтисодиёт ба ҳисоб меравад. Раванди мазкур аз тадриҷан ташаккул ёфтани унсурҳои иқтисодиёти донишбунёд ва рақамӣ дарак медиҳад.

4. Таҳлилҳо дарак медиҳанд, ки бахши хусусӣ имрӯз ба нерӯи асосии рушди бозори меҳнат табдил ёфтааст. Дар соли 2024 аз шумораи умумии аҳолии машғули иқтисодиёт 70,8 фоиз дар бахши хусусӣ фаъолият доштанд. Нишондиҳандаи мазкур аз нақши рӯзафзуни соҳибкорӣ, сармоягузорӣ ва ташкили ҷойҳои нави корӣ дар рушди иқтисоди миллӣ шаҳодат медиҳад. Аз ин рӯ, дастгирии соҳибкории инноватсионӣ ва рақамӣ бояд яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатии шуғл боқӣ монад.

5. Муайян гардид, ки рушди иқтисодиёти рақамӣ дар оянда ба тағйирёбии талаботи бозори меҳнат мусоидат намуда, талабот ба мутахассисони соҳаҳои технологияҳои иттилоотӣ, таҳлили додаҳо, амнияти киберӣ, маркетинги рақамӣ, идоракунии рақамӣ ва зеҳни сунъиро афзоиш хоҳад дод. Дар чунин шароит муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва миёнаи касбӣ бояд барномаҳои таълимиро мутобиқ ба талаботи нави бозори меҳнат таҷдид намуда, ба рушди малакаҳои рақамии ҷавонон таваҷҷуҳи махсус зоҳир намоянд.

6. Натиҷаҳои таҳқиқот собит менамоянд, ки вилояти Суғд ҷиҳати ташаккули бозори меҳнати рақамӣ дорои имкониятҳои назаррас мебошад. Иқтидори баланди саноатӣ, рушди соҳибкорӣ, мавҷудияти шабакаи муассисаҳои таҳсилоти олӣ, мавқеи мусоиди ҷуғрофӣ ва рушди босуръати хизматрасониҳо ҷиҳати ташаккули экосистемаи рақамии минтақавӣ заминаи мусоид фароҳам меоранд. Ҳамзамон афзоиши талабот ба мутахассисони рақамӣ ва густариши хизматрасониҳои электронӣ замина фароҳам еоваранд, ки вилояти Суғд ба яке аз марказҳои асосии рушди иқтисодиёти рақамӣ ва бозори меҳнати инноватсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон табдил ёбад.

7. Бо мақсади таъмин намудани рушди устувори бозори меҳнати рақамӣ дар вилояти Суғд татбиқи як қатор тадбирҳо мувофиқи мақсад мебошад. Аз ҷумла, ташкили марказҳои рушди малакаҳои рақамӣ, тақвияти ҳамкории муассисаҳои таҳсилоти олӣ бо бахши хусусӣ, ҷорӣ намудани низоми мониторинги бозори меҳнат, рушди платформаҳои рақамии шуғл, дастгирии стартапҳои технологӣ ва густариши инфрасохтори рақамӣ ба баланд гардидани рақобатпазирии нерӯи корӣ ва афзоиши самаранокии иқтисодиёти минтақавӣ мусоидат менамоянд.

Ҳамин тавр, таҳқиқот собит намуд, ки рақамикунонӣ ҳам омили муҳими рушди иқтисодӣ ва ҳам механизми муассири навсозии бозори меҳнат мебошад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва махсусан дар вилояти Суғд барои ташаккули бозори меҳнати рақамӣ заминаҳои воқеии иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва институтсионалӣ фароҳам омадаанд. Истифодаи самараноки имкониятҳои мавҷудбуда ба баланд гардидани сатҳи шуғли аҳолӣ, рушди сармояи инсонӣ, афзоиши маҳсулнокии меҳнат ва таҳкими рақобатпазирии иқтисоди миллӣ дар шароити иқтисодиёти рақамӣ мусоидат менамояд.

Маҳдудиятҳои таҳқиқот. Таҳқиқот асосан ба маълумотҳои омории солҳои 2020-2024 такя намуда, таҳлили иқтисодсанҷии вобастагии байни нишондиҳандаҳои рақамикунонӣ ва шуғлро дар бар намегирад. Дар таҳқиқоти минбаъда истифодаи моделҳои иқтисодсанҷӣ ва таҳқиқоти сотсиологӣ мувофиқи мақсад мебошад.

АДАБИЁТ:

1. International Labour Organization. World Employment and Social Outlook 2025. – Geneva, 2025.
2. OECD Digital Economy Outlook 2024. – Paris, 2024.
3. UNDP Human Development Report 2025. – New York, 2025.
4. World Economic Forum. The Future of Jobs Report 2025. – Geneva, 2025.
5. Маҳмадов Н.М. Бозори меҳнат ва сармояи инсонӣ. - Душанбе: Маориф, 2022. – 312 саҳ.
6. Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон - 2025. - Душанбе: Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2025. - 442 саҳ.
7. Стратегияи рушди иқтисоди рақамии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2040. - Душанбе, 2024.
8. Шарипов Ф.М. Иқтисодиёти рақамӣ: назария ва амалия. - Душанбе: Ирфон, 2023. - 286 саҳ.

УДК 332.14:004 (575.3)

ИДОРАКУНИИ СТРАТЕГИИ МИНТАҚАҲО: АЗ НАЗАРИЯ БА АМАЛИЯИ «ҲУШМАНД»

ШОКИРЗОДА ШӮҲРАТ УСМОН
Номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи назарияи иқтисодӣ ва менеҷменти Муассисаи давлатии «Донишкадаи байналмилалии Хуҷанди Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон» **Суроға:** Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Суғд, шаҳри Хуҷанд, маҳаллаи 27, хонаи 1. **E-mail:** shuhrat-2015@mail.ru; **Тел.:** (+992) 927-00-72-76.

Аннотатсия. Дар мақола масъалаҳои муосири трансформатсияи рақамӣ ва такмили механизмҳои идоракунии стратегии рушди устувори воҳидҳои маъмурию ҳудудӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тавассути имплементатсияи технологияҳои инноватсионӣ ва консепсияи «Минтақаи ҳушманд» мавриди таҳқиқи маҷмӯӣ қарор гирифтаанд. Муаллиф дар асоси ретроспективаи нишондиҳандаҳои расмии омории солҳои 1991–2024 динамикаи равандҳои муҳими демографӣ, тағйироти сохтории бозори меҳнат, рушди инфрасохтори нақлиётию коммуналӣ ва нишондиҳандаҳои макроиқтисодии кишоварзиву энергетикиро амиқ таҳлил намудааст.

Дар раванди таҳқиқот, зарурати назариявӣ-методологӣ ва амалии гузариш аз моделҳои анъанавии экстенсивии банақшагирии ҳудудӣ ба моделҳои рақамии идоракунии фазоӣ, ки ба сиёсати «қабули қарорҳо дар асоси маълумоти воқеӣ» такя мекунанд, ба таври илмӣ асоснок карда шудааст. Бо назардошти хусусиятҳои геоиқтисодии минтақаҳои ҷумҳурӣ, муаллиф модели чорзинагии экосистемаи ҳушмандро пешниҳод намуда, алгоритмҳои татбиқи амалии технологияҳои Интернети чизҳо (IoT), низомҳои Smart Grid, автоматикунонии биноҳо ва платформаҳои рақамиро дар соҳаҳои стратегию ҳаётан муҳим, аз ҷумла кишоварзии ҳушманд, энергетика, логистикаи нақлиётӣ ва хизматрасониҳои давлатии электронӣ муайян ва бандубаст кардааст.

Натиҷаҳои таҳқиқот нишон медиҳанд, ки истифодаи амалияи «Ҳушманд» воситаи калидии минимизатсияи хавфҳои стратегӣ, коҳиш додани нобаробарии рақамии ҳудудӣ ва таъмини рақобатпазирии макроминтақавии кишвар дар шароити ҷаҳонишавӣ маҳсуб меёбад. Мақола барои хизматчиёни давлатӣ, муҳаққиқони соҳаи иқтисодиёти минтақавӣ ва мутахассисони бахши менеҷменти стратегӣ аҳамияти баланди амалӣ дорад.

Калидвожаҳо: идоракунии стратегӣ, минтақаи ҳушманд, менеҷменти ҳудудӣ, трансформатсияи рақамӣ, рушди устувор, дивиденди демографӣ, бозори меҳнат, ММД, шабакаҳои ҳушманди энергетикӣ, Интернети чизҳо (IoT), маълумоти бузург, зеҳни сунъӣ (AI), шарикии давлат ва бахши хусусӣ, идоракунии проактивӣ.

СТРАТЕГИЧЕСКОЕ УПРАВЛЕНИЕ РЕГИОНАМИ: ОТ ТЕОРИИ К «ИНТЕЛЛЕКТУАЛЬНОЙ» ПРАКТИКЕ

ШОКИРЗОДА ШУХРАТ УСМОН
Кандидат экономических наук, доцент кафедры экономической теории и менеджмента Государственного учреждения «Худжандский международный институт Международного университета туризма и предпринимательства Таджикистана» **Адрес:** Республика Таджикистан, Согдийская область, г. Худжанд, посёлок 27, дом 1.
E-mail: shuhrat-2015@mail.ru; **Тел.:** (+992) 927-00-72-76.

Аннотация. В статье подвергнуты комплексному исследованию современные вопросы цифровой трансформации и совершенствования механизмов стратегического управления устойчивым развитием административно-территориальных единиц в Республике Таджикистан посредством имплементации инновационных технологий и концепции «Умный регион». На основе ретроспективы официальных статистических показателей за 1991–2024

годы автор углубленно проанализировал динамику ключевых демографических процессов, структурные изменения на рынке труда, развитие транспортной и коммунальной инфраструктуры, а также макроэкономические показатели сельского хозяйства и энергетики.

В процессе исследования научно обоснована теоретико-методологическая и практическая необходимость перехода от традиционных экстенсивных моделей территориального планирования к цифровым моделям пространственного управления, опирающимся на политику «принятия решений на основе фактических данных». С учетом геоэкономических особенностей регионов республики автор предложил четырехэтапную модель умной экосистемы, а также определил и классифицировал алгоритмы практического внедрения технологий Интернета вещей (IoT), систем Smart Grid (умных сетей), автоматизации зданий и цифровых платформ в стратегически и жизненно важных сферах, включая умное сельское хозяйство, энергетику, транспортную логистику и электронные государственные услуги.

Результаты исследования показывают, что использование «Умной» практики является ключевым инструментом минимизации стратегических рисков, сокращения территориального цифрового разрыва и обеспечения макрорегиональной конкурентоспособности страны в условиях глобализации. Статья имеет высокую практическую значимость для государственных служащих, исследователей в области региональной экономики и специалистов в сфере стратегического менеджмента.

Ключевые слова: стратегическое управление, умный регион, территориальный менеджмент, цифровая трансформация, устойчивое развитие, демографический дивиденд, рынок труда, ВВП, умные энергетические сети, Интернет вещей (IoT), большие данные, искусственный интеллект (AI), государственно-частное партнерство, проактивное управление.

STRATEGIC MANAGEMENT OF REGIONS: FROM THEORY «SMART» TOPRACTICE

SHOKIRZODA SHUHRAT USMON

Candidate of Economic Sciences, Associate Professor of the Department of Economic Theory and Management, State Educational Institution "Khujand International Institute of the International University of Tourism and Entrepreneurship of Tajikistan". **Address:** Republic of Tajikistan, Sughd Region, Khujand, 27th Neighborhood, Building 1.

E-mail: shuhrat-2015@mail.ru; **Тел.:** (+992) 927-00-72-76.

Abstract. This article provides a comprehensive study on the contemporary issues of digital transformation and the improvement of strategic management mechanisms for the sustainable development of administrative-territorial units in the Republic of Tajikistan through the implementation of innovative technologies and the "Smart Region" concept. Based on a retrospective analysis of official statistical data from 1991 to 2024, the author deeply analyzes the dynamics of crucial demographic processes, structural shifts in the labor market, the development of transport and municipal infrastructure, as well as macroeconomic indicators in agriculture and energy.

In the course of the research, the theoretical-methodological and practical necessity of transitioning from traditional extensive models of territorial planning to digital models of spatial management—which rely on data-driven decision-making policies—is scientifically substantiated. Taking into account the geo-economic characteristics of the country's regions, the author proposes a four-tier model of the smart ecosystem and defines and categorizes the practical application algorithms of Internet of Things (IoT) technologies, Smart Grid systems, building automation, and digital platforms in strategically vital sectors, including smart agriculture, energy, transport logistics, and electronic public services.

The research results indicate that the utilization of "Smart" practices serves as a key tool for minimizing strategic risks, reducing territorial digital divides, and ensuring the country's macro-

regional competitiveness in the context of globalization. The article holds high practical value for public servants, researchers in the field of regional economics, and specialists in strategic management.

Keywords: strategic management, smart region, territorial management, digital transformation, sustainable development, demographic dividend, labor market, GDP, smart grids, Internet of Things (IoT), Big Data, Artificial Intelligence (AI), public-private partnership, proactive management.

Муқаддима. Дар марҳалаи муосири рушди иқтисодиёти ҷаҳонӣ, самаранокии идоракунии стратегии воҳидҳои маъмурию ҳудудӣ омили асосии рақобатпазирии давлатҳо маҳсуб меёбад. Анъанаҳои қаблии банақшагирии минтақавӣ, ки танҳо ба нишондиҳандаҳои экстенсивии истифодаи захираҳо такя мекарданд, дар шароити рақамикунонии умумӣ корзории худро гум карда истодаанд. Имрӯз зарурияти гузариш ба модели сифатан нав - консепсияи «Минтақаи ҳушманд» ба миён омадааст [14].

«Минтақаи ҳушманд» танҳо як лоиҳаи технологӣ ё техникӣ нест. Он экосистемаи мураккабест, ки идоракунии давлатӣ, соҳибкорӣ, инфрасохтори иҷтимоӣ ва захираҳои инсониро тавассути технологияҳои иттилоотию алоқа (ИТА) ва зеҳни сунъӣ (АІ) муттаҳид месозад. Барои Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар раванди татбиқи «Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» [11] ва «Консепсияи иқтисоди рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» [5] қарор дорад, рақамикунонии идоракунии минтақавӣ дорои аҳамияти ҳаётан муҳим аст.

Дар ин замина, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии кишвар аҳамияти раванди макурро махсус таъкид намуда, қайд намудаанд: «Иқтисоди рақамӣ, ки технологияҳои иттилоотиро ҳамчун омили калидии истеҳсолот истифода мебарад, воситаи муҳимтарини баланд бардоштани рақобатпазирии кишвар ва рушди устувори иқтисодӣ мебошад» [8]. Аз ин рӯ, таҳияи амалияи «Ҳушманд» дар идоракунии стратегӣ замина фароҳам месозад, ки хусусиятҳои хоси ҳар як ҳудуд ба назар гирифта шаванд.

Минтақаҳои кишвар аз нуқтаи назари ҷуғрофӣ, демографӣ ва сохтори иқтисодӣ аз якдигар фарқ мекунанд. Аз ин рӯ, таҳияи амалияи «Ҳушманд» дар идоракунии стратегӣ имконият фароҳам месозад, ки хусусиятҳои хоси ҳар як ҳудуд ба назар гирифта шуда, қарорҳои идоракунӣ дар асоси таҳлили дақиқи оморӣ ва воқеӣ қабул карда шаванд.

Дастгоҳи назариявии идоракунии минтақавӣ дар даҳсолаҳои охир таҳаввулоти ҷиддиро аз сар гузаронид. Дар аввал, назарияҳои рушди минтақавӣ (ба монанди назарияи «қутбҳои рушд»-и Ф. Перру ё назарияи ҷойгиршавии кунҷӣ) бештар ба ҷамъоварии сармояи моддӣ ва мавқеи ҷуғрофӣ таваҷҷуҳ мекарданд [9]. Аммо дар асри XXI, консепсияи рушди устувор ва назарияи иқтисодиёти дониш заминаи пайдоиши консепсияи «Smart City» (Шаҳри ҳушманд) ва сипас «Smart Region» (Минтақаи ҳушманд) гардиданд.

Бино ба таърифи муосири илмӣ, минтақаи ҳушманд ҳудудест, ки дар он шаш рукни асосӣ бо ҳам алоқаманданд **[1]:**

1. Иқтисодиёти ҳушманд. Инноватсияҳо, соҳибкории рақамӣ ва рақобатпазирии баланд.
2. Идоракунии ҳушманд. Шаффофият, хизматрасониҳои давлатии электронӣ ва иштироки шаҳрвандон дар қабули қарорҳо.
3. Аҳолии ҳушманд. Сармояи инсонӣ, таҳсилоти пайваста ва тафаккури инноватсионӣ.
4. Мобилият ва нақлиёти ҳушманд. Инфрасохтори нақлиётии рақамӣ ва логистикаи муосир.
5. Муҳити зисти ҳушманд. Идоракунии сабз, мониторинги экологии рақамӣ ва энергетикаи устувор.
6. Зиндагии ҳушманд. Сатҳи баланди бехатарӣ, тандурустии рақамӣ ва дастрасии фарҳангӣ.

Методологияи таҳқиқоти мазкур ба усулҳои таҳлили низомӣ, муқоисавии оморӣ, таҳлили динамикӣ ва моделсозии иқтисодию математикӣ асос ёфтааст. Асоси иттилоотии таҳқиқотро маълумоти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла нашри соли 2025-и маҷмӯаи «Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон» ташкил медиҳад [7].

Мавод ва усули таҳқиқот. Дар таҳқиқот нишондиҳандаҳои давраи аз соли 1991 то соли 2024 мавриди омӯзиш қарор гирифтаанд, ки ин имкон медиҳад тамоюли дарозмуддати тағйироти сохториро дар иқтисодиёт ва демографияи кишвар муайян кунем [7]. Саҳеҳияти маълумоти оморӣ заминаи асосии таҳияи моделҳои дурнамои идоракунии стратегӣ барои минтақаҳо мебошад.

Сармояи инсонӣ таҳкурсии ҳама гуна стратегияи «Ҳушманд» мебошад. Бидуни ташаккули малакаҳои рақамии шаҳрвандон ва саломатии устувор, татбиқи технологияҳои инноватсионӣ ғайриимкон аст. Нишондиҳандаҳои демографии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи Истиқлоли давлатӣ аз афзоиши баланди миқдорӣ ва тағйироти ҷиддии сифатӣ гувоҳӣ медиҳанд (ҷадвали 1).

Ҷадвали 1. Динамикаи нишондиҳандаҳои асосии демографии Ҷумҳурии Тоҷикистон

Нишондиҳандаҳо	1991	2000	2010	2020	2024
Шумораи аҳолии доимӣ дар охири сол (ҳазор нафар)	5505,6	6264,6	7621,2	9716,8	10508,5
- мардҳо	2744,2	3140,7	3846,1	4929,6	5328,9
- занҳо	2761,4	3123,9	3775,1	4787,2	5179,6
Шумораи таваллудшудагон (ҳазор нафар)	212,6	167,2	239,8	243,0	262,2
Шумораи фавтидагон (ҳазор нафар)	33,1	29,4	33,3	42,6	33,8
Афзоиши табиии аҳолӣ (ҳазор нафар)	179,5	137,8	206,5	200,4	228,4
Дарозумрии эҳтимолӣ дар мавриди таваллуд (сол)	70,1	68,2	72,5	-	76,6

Сарчашма: Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Маҷмӯаи оморӣ / Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2025. – 374 с.

Таҳлили додаҳои ҷадвали 1 нишон медиҳад, ки шумораи аҳолии доимии кишвар аз 5,5 млн. нафар дар соли 1991 ба 10,5 млн. нафар дар соли 2024 расидааст, ки ин қариб ду баробар (90,8%) афзоишро ташкил медиҳад. Суръати афзоиш дар фазои пасошӯравӣ беназир буда, аз як тараф устувории биологии миллатро нишон диҳад, аз тарафи дигар, ба мақомоти идоракунии стратегии минтақаҳо ҷиҳати таҳияи инфрасохтори иҷтимоӣ ва банақшагирии шаҳрсозӣ вазифаҳои навро пеш мегузорад.

Суръати афзоиши табиии аҳолӣ дар соли 2024 ба 228,4 ҳазор нафар расидааст, ки ин устувории демографиро нишон дода, гувоҳӣ медиҳад, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар марҳалаи сеюми гузариши демографӣ қарор дорад, ки дар он сатҳи таваллуд устувор боқӣ монда, сатҳи фавт коҳиш меёбад (дар соли 2024 шумораи фавтидагон ҳамагӣ 33,8 ҳазор нафарро ташкил дод). Чунин таносуб боиси шаклгирии сохтори синнусолии «ҷавон»-и аҳолӣ мегардад, ки дар илми иқтисодиёт ҳамчун «дивиденди демографӣ» арзёбӣ мешавад. Иқтидори мазкур ҳамчун манбаи асосии рушди иқтисодиёти рақамӣ ва инноватсионӣ хизмат мекунад, ба шарте ки стратегияҳои минтақавӣ ба сифати таҳсилот ва таъсиси ҷойҳои кории муосир нигаронида шаванд [12].

Вобаста ба ин, Сарвари давлат пайваста ба рушди сармояи инсонӣ дар асри технологияҳо таваҷҷуҳи аввалиндараҷа зоҳир намуда, изҳор доштаанд: «Мо бояд насли ҷавонро ба омӯзиши илму донишҳои муосир, технологияҳои инноватсионӣ ва забонҳои хориҷӣ ҳарчи бештар ҷалб намоем, зеро ояндаи Тоҷикистон ба сатҳи соҳибмаърифатии ҷавонони мо вобаста аст» [13]**.** Ин амри Пешвои миллат собит месозад, ки сармояи инсонии кишвар қобилияти қабули технологияҳои инноватсиониро дорад.

Хусусан, нишондиҳандаи дарозумрии эҳтимолӣ дар мавриди таваллуд аз 70,1 соли соли 1991 ба 76,6 сол дар соли 2024 боло рафтааст, ки ин нишондиҳандаи баландтарин дар таърихи

муосири кишвар буда, ин ҷаҳиши сифатӣ бевосита натиҷаи беҳтар шудани шароити умумии санитарию гигиенӣ ва сатҳи зиндагии аҳолӣ дар минтақаҳо, коҳиш ёфтани сатҳи фавти кӯдакон ва модарон, муваффақиятҳои соҳаи тандурустӣ дар бахши пешгирии бемориҳои сироятӣ мебошад.

Аз нуқтаи назари идоракунии стратегӣ, афзоиши дарозумрии эҳтимолӣ сохтори талаботи иҷтимоиро дар минтақаҳо тағйир медиҳад. Раванди мазкур зарурати ворид намудани амалияи «Ҳушманд»-ро дар соҳаи ҳифзи иҷтимоӣ ва тандурустӣ, аз ҷумла таҳияи низоми «Тандурустии электронӣ», назорати рақамии бемориҳои музмин ва мутобиқсозии инфрасохтори шаҳрӣ ба талаботи гурӯҳҳои синнусолии гуногунро тақозо менамояд. Ан ин бармеояд, афзоиши дарозумрӣ сармояи инсонии кишвар ҳам аз ҷиҳати миқдорӣ, ҳам аз назари сифатӣ ва қобилияти меҳнатӣ устувор гардида истодааст.

Самаранокии иқтисодиёти минтақавӣ бо устувории бозори меҳнат ва динамикаи ММД чен карда мешавад (ҷадвали 2).

Ҷадвали 2. Шуғли аҳолӣ, музди меҳнат ва динамикаи макроиқтисодӣ

Нишондиҳандаҳо	1991	2000	2010	2020	2024
Шумораи миёнаи солонаи машғулин дар иқтисодиёт (ҳазор нафар)	1971	1745	2233	2506	2 748
Шумораи бекорони расман бақайдгирифташуда (ҳазор нафар)	-	43,1	47,2	52,0	50,2
Сатҳи расмии бекорӣ (%)	-	2,7	2,1	2,1	1,8
Музди миёнаи ҳармоҳаи меҳнати як корманд (сомонӣ)	10,0	15,57	354,44	1393,78	2310,21
ММД (бо нархҳои амалӣ, млн. сомонӣ)	13,4	1 786,8	24 707,1	83958,3	153402,2

Сарчашма: Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Маҷмӯаи оморӣ / Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2025. – 374 с.

Аз маълумоти ҷадвали 2 бармеояд, ки шумораи дар иқтисодиёти кишвар машғулбудагон аз 1,9 млн. нафар дар соли 1991 ба 2,7 млн. нафар дар соли 2024 расидааст. Тамоюли мусбат (афзоиши машғулият ба 42,1%) собит месозад, ки иқтисодиёти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон қобилияти баланди ҷалби қувваи корӣ навро, ки дар натиҷаи афзоиши демографӣ ба бозор ворид мешавад, доро мебошад. Аз нуқтаи назари илми макроиқтисодӣ, раванди зикргардида устувории умумии бозори меҳнатро собит месозад, вале идоракунии стратегии минтақаҳоро водор месозад, ки аз таъсиси ҷойҳои корӣ анъанавии экстенсивӣ ба сохтори муосири «интенсивӣ ва рақамӣ» гузаранд [15].

Сатҳи расмии бекорӣ дар соли 2024 ҳамагӣ 1,8%-ро ташкил медиҳад. Ннишондиҳандаи паст аз лиҳози илмӣ гувоҳӣ медиҳад, ки бозори меҳнат дар ҳолати «шуғли пурра» ё наздик ба сатҳи табиии бекорӣ қарор дорад. Лозим ба зикр аст, ки чунин нишондиҳандаи пасти бекории расмӣ дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон хусусиятҳои хоси худро дошта, фаъолияти баланди соҳибкории хурду миёна, бахши хусусӣ ва устувории соҳаи кишоварзиро дар деҳот инъикос мекунад. Аз нуқтаи назари амалияи «Ҳушманд», мақомоти маҳаллӣ бояд ба таҳлили сифатии ин нишондиҳанда тавассути маълумоти бузург таваҷҷуҳ кунанд, то суръати гузариши бекории пинҳонӣ ва мавсимиро ба шуғли устувори рақамӣ ва бахши технологияҳои иттилоотӣ суръат бахшанд.

ММД-и кишвар суръати баланди афзоишро нишон дода, дар соли 2024 ба 153402,2 млн. сомонӣ расидааст. Ин ҷаҳиши баланди макроиқтисодӣ (нисбат ба 83958,3 млн. сомонии соли 2020) гувоҳӣ медиҳад, ки сиёсати иқтисодии давлат дар самти саноатикунонии босуръат ва рушди бахшҳои муҳим натиҷаҳои назаррас дода истодааст.

Дар ин замина, таҳияи моделҳои МДМ дар асоси консепсияи «Иқтисодиёти ҳушманд» замина мегузорад, ки ҳар як минтақа (ба монанди вилоятҳои Суғду Хатлон ва шаҳри Душанбе)

саҳми худро дар ин афзоиш на тавассути хомӯшӣ ва фурӯши ашёи хом, балки тавассути коркарди ниҳоӣ ва ворид намудани инноватсияҳо баланд бардоранд.

Музди миёнаи меҳнат низ ба 2310,21 сомонӣ баробар шуд, ки ин нишондиҳандаи муҳими некуаҳволии моддии аҳолӣ мебошад. Мувофиқи қонуниятҳои иқтисодӣ (махсусан Қонуни Оукен ва назарияҳои маҳсулнокии меҳнат), афзоиши музди меҳнат бояд бо афзоиши маҳсулнокии воқеии меҳнат мутаносиб бошад. Дар идоракунии стратегии минтақаҳо, баланд бардоштани ин нишондиҳанда бевосита ба автоматикунонии равандҳои истеҳсолӣ ва рақамикунонии соҳаҳои хидматрасонӣ вобаста аст. Вақте ки корхонаҳои минтақавӣ ба технологияҳои «Ҳушманд» (ба мисли IoT ва низомҳои идоракунии ERP) гузариш мекунанд, арзиши иловашудаи маҳсулот зиёд шуда, имконияти молиявии ҷонибҳо барои боло бурдани музди ҳақиқии меҳнати кормандон ба миён меояд.

Тибқи маълумоти оморӣ соли 2024 тавассути ҳамаи намудҳои нақлиёт 134,4 млн. тонна бор кашонида шудааст [1], ки ин рушди логистикаи рақамиро талаб мекунад [11]. Шумораи мусофирон ба 1020 млн. нафар расидааст. Гардиши бор 12368 млн. тонна-километрро ташкил дод.

Ҷумҳурии Тоҷикистон дорои иқтидори бузурги энергетикӣ аст ва истеҳсоли қувваи барқ асосан дар неругоҳҳои барқи обии бузург (НОБ-ҳо, ба монанди Норак, Сангтуда-1, Сангтуда-2, Сарбанд ва НОБ-и азими Роғун) ва марказҳои барқу гармидиҳӣ иҷро мешавад [7]. Бо назардошти он ки кишвар ҳадафи стратегии «саноатикунонии босуръат»-ро пеш гирифтааст, талабот ба энергия дар минтақаҳои саноатии кишвар (хусусан дар вилояти Суғд ва ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ) сол ба сол афзоиш меёбад. Раванд тақозо мекунад, ки иқтидори истеҳсолӣ, ҳамчунин низоми тақсимот ва идоракунии шабакаҳо низ навсозӣ карда шавад.

Татбиқи лоиҳаҳои «Шабакаҳои ҳушманди энергетикӣ» маҳз ҳамин усули инноватсиониро пешниҳод менамояд [10]. Ин низом занҷираи аз истеҳсолкунанда то истеъмолкунандаро тавассути технологияҳои дуҷонибаи иттилоотӣ муттаҳид месозад. Дар ин замина, насби ҳисобкунакҳои электронии ҳушманд ва низоми автоматикунонии назорату баҳисобгирии барқ имкон медиҳад, ки талафоти тиҷоратӣ ва техникии барқ дар шабакаҳои магистралӣ ва минтақавӣ ба таври худкор ва фаврӣ ошкор ва пешгирӣ карда шавад; Мувозинати динамикӣ байни пешниҳоди барқ ва талаботи воқеии истеъмолкунандагон дар соатҳои авҷи борборӣ танзим гардад; Интегратсияи манбаъҳои алтернативии энергия (масалан, панелҳои офтобӣ дар ноҳияҳои дурдасти кӯҳии ВМКБ ва Хатлон) ба шабакаи ягона ба роҳ монда шавад.

Раванди урбанизатсия ва афзоиши сохтмони биноҳои бисёрқабата дар марказҳои вилоятҳо ва шаҳрҳои калон (Душанбе, Хуҷанд, Бохтар, Кӯлоб) фишорро ба инфрасохтори коммуналӣ зиёд кардааст. Гузариш ба сохтмони «биноҳои ҳушманд», ки низомҳои худкори гармидиҳӣ, ҳавокашӣ ва равшанидиҳии каммасрафро (технологияҳои LED ва сенсорҳои ҳаракат) доранд, роҳи самараноки ҳалли ин мушкилот мебошад [2].

Низоми идоракунии автоматии бино имкон фароҳам месозад, ки истифодаи захираҳо мувофиқи ҳузури воқеии аҳолӣ ва шароити обу ҳавои беруна танзим карда шавад. Амалияи зикргашта истеъмоли энергия ва обро дар бахши манзилию коммуналӣ то 30–40% коҳиш медиҳад; Ҷараёни шабакаҳои обпартоӣ ва идоракунии партовҳои сахти маиширо тавассути контейнерҳои ҳушманд осон мекунад; Хароҷоти буҷетҳои маҳаллиро барои нигоҳдории инфрасохтори коммуналӣ коҳиш дода, сатҳи бехатарӣ (низомҳои автоматии сӯхторхомӯшкунӣ ва видеокамераҳои «Шаҳри бехатар») ва бароҳатии зиндагии шаҳрвандонро баланд мебардорад.

Барои татбиқи амалии идоракунии стратегии минтақаҳо дар асоси консепсияи «Ҳушманд», таҳияи сохтори ягонаи функсионалӣ зарур аст. Дар мақола модели чорзинагии зерин пешниҳод мешавад (расми 1), ки пайдарпайии гузариши маълумотро аз низомҳои техникӣ ба қарорҳои идоравии мақомоти маҳаллӣ нишон медиҳад.



Расми 1. Модели чорзинагии экосистемаи «Минтақаи ҳушманд» дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (таҳияи муаллиф)

Тибқи маълумотҳои расми 1 зинаи 1 (Инфрасохтори рақамӣ) таҳкурсии моддии модел аст, ки ҷамъоварии аввалияи маълумотро тавассути дастгоҳҳои Интернети чизҳо (IoT), сенсорҳо дар заминҳои кишоварзӣ ва ҳисобкунакҳои ҳушманд дар шабакаҳои барқ иҷро мекунад. Зинаи 2 (Маркази ягонаи маълумот) маълумоти гирифташуда ба марказҳои ягонаи абрӣ (Data Centers) интиқол меёбад. Дар ин ҷо бо истифода аз алгоритмҳои Маълумоти бузург (Big Data) ва зеҳни сунъӣ, иттилоот полоиш ва таҳлил карда мешавад. Зинаи 3 (Платформаҳои соҳавии Smart) дар ин марҳала барномаҳои махсусгардонидашуда кор мекунанд, ки фаъолияти соҳаҳои алоҳидаро (нақлиёт, кишоварзӣ, сохтмон) ба таври худкор мутобиқ месозанд. Зинаи 4 (Қабули қарорҳо) зинаи охиринест, ки дар он роҳбарони стратегии минтақаҳо ба ҷои фарзияҳо ва ҳисоботҳои коғазии куҳнашуда, харитаҳои интерактивии рақамӣ ва таҳлилҳои дақиқи стратегиро истифода бурда, қарорҳои муассир қабул мекунанд.

Татбиқи бомуваффақияти консепсияи «Минтақаи ҳушманд» дар низоми менеҷменти стратегии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳалли мушкилоти комплексии институтсионалӣ ва сохторӣ-иқтисодӣ вобастагии зич дорад. Мониторинги илмии ин монеаҳо воситаи асосии коҳиш додани таҳдидҳои стратегӣ дар раванди моделонии дурнамои рушди ҳудудӣ мебошад.

Норасоии мутахассисони сатҳи баланд дар бахши маълумоти бузург (Big Data), зеҳни сунъӣ (AI) ва Интернети чизҳо (IoT) дар сохторҳои давлатии маҳаллӣ яке аз монеаҳои асосӣ маҳсуб меёбад. Дар марҳалаи муосир, аксари кормандони мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва сохторҳои худмуҳофизатӣ бо усулҳои анъанавии ҷамъоварӣ ва коркарди маълумот (бештар дар шакли коғазӣ ё ҷадвалҳои оддии электронӣ) фаъолият мекунанд. Ҳолати мазкур боиси пайдоиши «муқовимати ташкилӣ» нисбат ба низомҳои автоматикунонидашуда мегардад. Барои ҳалли ин мушкилот, зарурати куллӣ дар самти бозомӯзии хизматчиёни давлатӣ, ташкили курсҳои махсуси рақамӣ ва ҳамкории зич бо муассисаҳои таҳсилоти олии касбии минтақавӣ ҷиҳати омода намудани кадрҳои дорои тафаккури «Ҳушманд» ба миён меояд.

Фарқияти зиёд дар дастрасӣ ба интернети босуръат ва устувор миёни марказҳои шаҳрҳо (ба монанди Душанбе, Хуҷанд, Бохтар) ва ноҳияҳои дурдасти кӯҳистон (баъзе ноҳияҳои ВМКБ, водии Рашт ва ноҳияҳои кӯҳии вилояти Суғд) устувории экосистемаи ҳушмандро зери суол мегузорад. Консепсияи «Минтақаи ҳушманд» низоми ягона ва фарогирро тақозо мекунад.

Натиҷаи таҳқиқот. Агар дар марказҳои шаҳрҳо инфрасохтори нақлиёти ҳушманд ё ҳисобкунакҳои электронӣ самаранок кор кунанд, вале дар деҳоти атроф бинобар суръати пасти интернет ё набудани фарогирии шабакаҳои мобилии муосир (4G/5G) сенсорҳои рақамӣ маълумотро интиқол дода натавонанд, низоми идоракунии стратегӣ ягонагии худро гум мекунад. Нобаробарии қайдкардашуда боиси суст шудани раванди рақамикунонии соҳаи кишоварзӣ ва таъмини хизматрасониҳои давлатии электронӣ дар маҳалҳо мегардад.

Гузариш ба моделҳои ҳушманди идоракунӣ хароҷоти калони аввалияро барои хариди дастгоҳҳои IoT, таъсиси дата-марказҳо, харидани софтверҳои гаронқиммат ва таъмини бехатарии киберӣ талаб менамояд. Буҷетҳои маҳаллии шаҳру ноҳияҳо аксар вақт дорои характери иҷтимоӣ буда, имконияти мустақилона маблағгузорӣ кардани чунин лоиҳаҳои бузурги инноватсионӣро надоранд.

Дар ин замина, зарурати рушди механизмҳои шарикии давлат ва бахши хусусӣ ба миён меояд [5]. Пешвои миллат ҷиҳати ҷалби сармояи соҳибкорон ба инфрасохтори рақамӣ таъкид намудаанд: «Татбиқи бомуваффақияти барномаҳои рақамикунонӣ бе шарикии фаъоли давлат ва бахши хусусӣ ва ҷалби сармояи ватанӣ соҳаи технологияҳои иттилоотӣ ғайриимкон аст» [8].

Мақомоти маҳаллӣ бояд барои ширкатҳои телекоммуникатсионӣ ва соҳибкорони бахши IT имтиёзҳои ҷолиб (масалан, имтиёзҳои андозӣ ё шартномаҳои дарозмуддати консессионӣ) пешниҳод намоянд, то онҳо сармояи худро ба ҷорӣ намудани технологияҳои ҳушманд (ба монанди таваққуфгоҳҳои ҳушманд, равшанидиҳии автоматии кӯчаҳо ва идоракунии рақамии партовҳо) ворид созанд.

Ҳар қадаре ки низоми идоракунии минтақа рақамӣ ва «ҳушманд» гардад, ҳамон қадар вобастагии он аз устувории шабакаҳо зиёд шуда, осебпазирии он дар баробари киберҳамлаҳо ва қатъ шудани энергияи барқ бештар мегардад.

Ҷамъоварии ҳаҷми зиёди маълумоти шахсии шаҳрвандон дар бахшҳои тандурустии электронӣ ё низомҳои нақлиётӣ, таҳияи механизмҳои қатъии ҳуқуқӣ ва техникиро барои ҳифзи сирри давлатӣ ва тиҷоратӣ тақозо мекунад. Набудани стандартҳои ягонаи миллӣ дар соҳаи амнияти иттилоотии минтақавӣ боиси аз кор мондани низомҳои ҳаётан муҳим дар ҳолатҳои фавқулода мегардад.

Таҳлили амиқи нишондиҳандаҳои омории Ҷумҳурии Тоҷикистон собит менамояд, ки кишвар дорои заминаи устувори демографӣ ва макроиқтисодӣ барои гузариш ба марҳалаи нави рушди рақамӣ мебошад [7]. Ин замина, пеш аз ҳама, дар афзоиши босуръати аҳолии фаъоли иқтисодӣ, коҳиш ёфтани сатҳи расмии бекорӣ ва суръати устувори афзоиши ММД ифода меёбад [7]. Чунин нишондиҳандаҳо собит месозанд, ки иқтисодиёти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон марҳалаи ҷамъоварии экстенсивии захираҳоро паси сар намуда, ба давраи таҳвили сифатии интенсивӣ, ки асоси онро технологияҳои иттилоотӣ ва иқтисодиёти донишбунёд ташкил медиҳанд, ворид шудааст.

Татбиқи консепсияи «Минтақаи ҳушманд» шароит фароҳам меоварда, ки қарорҳои стратегӣ дар асоси таҳлили дақиқи оморӣ ва воқеӣ қабул карда шаванд. Гузариш ба чунин модели идоракунӣ воситаҳои анъанавии банақшагириро, ки аксар вақт ба маълумоти куҳнашуда ё фарзияҳои умумӣ такя мекарданд, ба низоми муосири «қабули қарорҳо дар асоси маълумот» табдил медиҳад. Раванди мазкур тавассути ворид намудани алгоритмҳои Маълумоти бузург (Big Data) ва зеҳни сунъӣ (AI) дар сохторҳои мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ занҷираи идоракуниро шаффоф, фаврӣ ва чандир мегардонад.

Хулоса. Дар натиҷа, идоракунии стратегии минтақаҳо аз усули «реактивӣ» (ҷавоб додан ба мушкилоти аллакай пайдошуда) ба усули «проактивӣ» (пешгӯӣ ва пешгирии хавфҳо дар соҳаҳои энергетика, кишоварзӣ, нақлиёт ва амнияти иҷтимоӣ) гузариш мекунад. Ҳамин тариқ, рақамикунонии сохторҳои ҳудудӣ ҳадафи технологӣ ва ҳам механизми асосии таъмини рушди устувор ва баланд бардоштани рақобатпазирии геоиқтисодии минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити ҷаҳонишавӣ маҳсуб меёбад.

АДАБИЁТ:

1. Caragliu A., Del Bo C., Nijkamp P. Smart Cities in Europe // Journal of Urban Technology. - 2011. - Vol. 18. - № 2. - P. 65-82.
2. Mitchell W. J. Intelligent Cities // e-Topia: Urban Life, Jim—But Not As We Know It. - MIT Press, 2000.
3. Toffler A. The Third Wave: The Classic Study of Tomorrow. - Bantam, 1984. – 544 p.
4. Азизов Ш.М. Развитие региональной транспортно-логистической системы в контексте концепции «Smart Mobility» // Известия АН РТ. Серия: экономика. - 2024. - № 1. - С. 89–96.
5. Консепсияи иқтисоди рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. (Бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 декабри соли 2019, №642 тасдиқ шудааст).
6. Назаров А.А. Государственно-частное партнерство как инструмент финансирования инновационных проектов в регионах // Экономический вестник. - 2023. - №3. - С. 74–81.
7. Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Маҷмӯаи оморӣ / Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Душанбе, 2025. - 374 с.
8. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ». – Душанбе: Шарқи озод, 2023.
9. Перру Ф. Вопросы экономической теории: Полюса роста. - М.: Прогресс, 2007.
10. Раҳимов Р.К. Проблемы устойчивого развития энергетики Таджикистана и внедрение технологий «Smart Grid» // Вестник Академии наук Республики Таджикистан. - 2022. - № 4. - С. 112–119.
11. Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030. - Душанбе, 2016.
12. Стратегияи рушди зеҳни сунъӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2040. (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31.01.2025 №83) - Душанбе, 2022.
13. Суханронии Пешвои миллат дар мулоқот бо зиёиёни кишвар ва ходимони илм. - Душанбе, 2024.
14. Шваб К. Четвертая промышленная революция. - М.: Эксмо, 2017. - 208 с.
15. Шокиров Р.А. Проблемы трансформации рынка труда в условиях цифровизации экономики Таджикистана // Экономика Таджикистана. - 2023. – № 2. – С. 45–52.

УДК 332.1:330.322

ИНСТРУМЕНТЫ РЕГИОНАЛЬНОЙ ПОЛИТИКИ УПРАВЛЕНИЯ ИНВЕСТИЦИОННОЙ АКТИВНОСТЬЮ ТЕРРИТОРИЙ В ЗАРУБЕЖНОЙ ПРАКТИКЕ

ЮСУПОВ ДАВРОНДЖОН СИДДИКБОЕВИЧ
ГУ «Худжанский международный иститут» ГУ «Международный университет туризма и предпринимательства Таджикистана», кандидат экономических наук, доцент кафедры финансов и кредита. **Адрес:** 735700, Республика Таджикистан, г. Худжанд, микрорайон 27, дом 1. **E-mail:** davron-yusupov@mail.ru. **Тел.:** (+992) 92-976-57-57.
АМИНОВ ДАДОХОН ГАЙБУЛЛОЕВИЧ
ГУ «Худжанский международный иститут» ГУ «Международный университет туризма и предпринимательства Таджикистана», кандидат экономических наук, доцент, заведующий кафедрой международного туризма. **Адрес:** 735700, Республика Таджикистан, г. Худжанд, микрорайон 27, дом 1. **E-mail:** dadohon.aminov@gmail.com. **Тел.:** (+992) 92-779-45-25.

Аннотация. В статье рассматриваются современные инструменты региональной политики управления инвестиционной активностью территорий на основе анализа зарубежного опыта. Исследование посвящено изучению механизмов стимулирования инвестиционной деятельности, применяемых в странах с развитой рыночной экономикой, а также возможностям их адаптации в условиях Республики Таджикистан. Особое внимание уделено формированию благоприятного инвестиционного климата, совершенствованию региональной инвестиционной политики и повышению инвестиционной привлекательности территорий. В работе проанализированы подходы Китая, США, Японии и стран Европейского Союза к регулированию инвестиционных процессов, развитию кластерной политики, государственно-частного партнёрства и поддержке инновационной активности. Обоснована роль кластерных моделей как одного из ключевых факторов повышения конкурентоспособности регионов и активизации инновационного развития. Авторами систематизированы основные инструменты государственного регулирования инвестиционной деятельности, выявлены особенности их применения в зарубежной практике и предложены направления их использования в региональной политике Республики Таджикистан. Сделан вывод о необходимости разработки комплексных региональных программ стимулирования инвестиционной активности, основанных на принципах защиты интересов инвесторов, развития инфраструктуры, поддержки кластерных образований и расширения механизмов государственного финансирования.

Ключевые слова: инвестиционная политика, инвестиционная активность, инвестиционный климат, региональная экономика, государственное регулирование, кластерная политика, инновационное развитие, зарубежный опыт.

ФИШАНГҲОИ СИЁСАТИ МИНТАҚАВИИ ИДОРАКУНИИ ФАЪОЛИЯТИ САРМОЯГУЗОРИИ ҲУДУДҲО ДАР ТАҶРИБАИ ХОРИҶӢ

ЮСУПОВ ДАВРОНҶОН СИДДИҚБОЕВИЧ
МД «Донишкадаи байналмилалии Хуҷанд»-и МД «Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон», номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи молия ва қарз.
Суроға: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Хуҷанд, микроноҳияи 27, хонаи 1.
E-mail: davron-yusupov@mail.ru. **Тел.:** (+992) 92-976-57-57.
АМИНОВ ДАДОХОН ҒАЙБУЛЛОЕВИЧ
МД «Донишкадаи байналмилалии Хуҷанд»-и МД «Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон», номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, мудири кафедраи сайёҳии байналмилалӣ. **Суроға:** 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Хуҷанд, маҳаллаи 27, хонаи 1.
E-mail: dadohon.aminov@gmail.com. **Тел.:** (+992) 92-779-45-25.

Аннотатсия. Дар мақола фишангҳои муосири сиёсати минтақавии идоракунии фаъолияти сармоягузории ҳудудҳо дар асоси таҳлили таҷрибаи кишварҳои хориҷӣ мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Таҳқиқот ба омӯзиши механизмҳои ҳавасмандгардонии фаъолияти сармоягузорӣ, ки дар кишварҳои дорои иқтисодиёти бозоргонии рушдёфта истифода мешаванд, инчунин имкониятҳои мутобиқсозии онҳо ба шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шудааст. Таваҷҷуҳи махсус ба ташаккули фазои мусоиди сармоягузорӣ, такмили сиёсати минтақавии сармоягузорӣ ва баланд бардоштани ҷозибанокии сармоягузории ҳудудҳо равона гардидааст. Дар мақола равишҳои Чин, ИМА, Ҷопон ва кишварҳои Иттиҳоди Аврупо нисбат ба танзими равандҳои сармоягузорӣ, рушди сиёсати кластерӣ ва дастгирии фаъолияти инноватсионӣ таҳлил шудаанд. Нақши моделҳои кластерӣ ҳамчун яке аз омилҳои асосии баланд бардоштани рақобатпазирии минтақаҳо ва фаъолгардонии рушди инноватсионӣ асоснок карда шудааст. Муаллифон фишангҳои асосии танзими давлатии фаъолияти сармоягузориро низомманд намуда, хусусиятҳои истифодаи онҳоро дар таҷрибаи хориҷӣ муайян ва самтҳои татбиқи онҳоро дар сиёсати минтақавии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намудаанд. Хулоса шудааст, ки таҳияи барномаҳои мукаммали минтақавии ҳавасмандгардонии фаъолияти сармоягузорӣ, ки ба принсипҳои ҳифзи манфиатҳои сармоягузорон, рушди инфрасохтор, дастгирии сохторҳои кластерӣ ва тавсеаи механизмҳои маблағгузории давлатӣ асос ёфтаанд, зарур мебошад.

Калидвожаҳо: сиёсати сармоягузорӣ, фаъолияти сармоягузорӣ, фазои сармоягузорӣ, иқтисодиёти минтақавӣ, танзими давлатӣ, сиёсати кластерӣ, рушди инноватсионӣ, таҷрибаи хориҷӣ.

INSTRUMENTS OF REGIONAL POLICY FOR MANAGING INVESTMENT ACTIVITY OF TERRITORIES IN FOREIGN PRACTICE

YUSUPOV DAVRONJON SIDDIKBOEVICH

SI “Khujand International Institute” of the SI “International University of Tourism and Entrepreneurship of Tajikistan”, Candidate of Economic Sciences, Associate Professor of the Department of Finance and Credit. **Address:** 7357001, Republic of Tajikistan, Khujand, 27th Microdistrict, house 1. **E-mail:** davron-yusupov@mail.ru. **Tel.:** (+992) 92-976-57-57.

AMINOV DADOHON GAYBULLOEVICH

SI “Khujand International Institute” of the SI “International University of Tourism and Entrepreneurship of Tajikistan”, Candidate of Economic Sciences, Associate Professor, Head of the Department of International Tourism. **Address:** 7357001, Republic of Tajikistan, Khujand, 27th Microdistrict, house 1. **E-mail:** dadohon.aminov@gmail.com. **Tel.:** (+992) 92-779-45-25.

Abstract. The article examines modern instruments of regional policy for managing the investment activity of territories based on the analysis of foreign experience. The study is devoted to the investigation of mechanisms for stimulating investment activity applied in countries with developed market economies, as well as the possibilities of their adaptation to the conditions of the Republic of Tajikistan. Particular attention is paid to the formation of a favorable investment climate, the improvement of regional investment policy, and the enhancement of the investment attractiveness of territories. The paper analyzes the approaches of China, the United States, Japan, and the countries of the European Union to the regulation of investment processes, the development of cluster policy, public-private partnership, and the support of innovative activity. The role of cluster models as one of the key factors in increasing regional competitiveness and intensifying innovative development is substantiated. The authors systematize the main instruments of state regulation of investment activity, identify the features of their application in foreign practice, and propose directions for their use in the regional policy of the Republic of Tajikistan. It is concluded that there is a need to develop comprehensive regional programs for stimulating investment activity based on the principles of protecting investors’ interests, infrastructure development, support for cluster formations, and expansion of state financing mechanisms.

Keywords: investment policy, investment activity, investment climate, regional economy, state regulation, cluster policy, innovative development, foreign experience.

Введение. Особое значение в условиях рыночной экономики приобретает способность государства определять долгосрочные направления развития и обеспечивать их последовательную реализацию. Для Республики Таджикистан одним из приоритетных задач является выпуск продукции, способной успешно конкурировать как на внутреннем, так и на внешнем рынках. При этом важное значение имеет внедрение современных технологических решений. Реализация этих мер позволит укрепить и расширить производственный потенциал страны, что в итоге приведёт к повышению уровня жизни населения.

Однако реализация намеченных мер требует серьёзной финансовой поддержки. Обновление производственных мощностей и внедрения современных технологий требуют значительных инвестиционных ресурсов. Вместе с тем достижение долгосрочных результатов невозможно без подготовки высококвалифицированных специалистов. Поэтому одним из важных элементов инвестиционной политики является развитие человеческого потенциала. Именно профессиональная подготовка работников выступает важным фактором роста производительности труда.

Устойчивое развитие регионов Республики Таджикистан во многом зависит от объёмов привлекаемых инвестиций. Уровень социально-экономического развития регионов во многом определяется качеством проводимой инвестиционной политики. От её результативности зависит способность территории привлекать финансовые ресурсы и создавать условия для реализации новых проектов.

Повышение эффективности управления инвестиционными процессами на государственном и региональном уровнях невозможно без изучения опыта других стран. Многие государства накопили значительную практику в области привлечения инвестиций и создания благоприятных условий для бизнеса. Используемые ими подходы отличаются разнообразием и учитывают особенности социально-экономического развития территорий. Анализ таких подходов представляет практический интерес для Республики Таджикистан.

Формулировка целей исследования. Цель исследования состоит в изучении инвестиционной активности регионов и определение направлений совершенствования региональной инвестиционной политики с учётом накопленного зарубежного опыта.

Анализ последних исследований и публикаций. Вопросы формирования и реализации региональной инвестиционной политики, а также механизмы стимулирования инновационно-инвестиционной активности территорий получили широкое отражение в трудах как зарубежных, так и отечественных исследователей [1; 3; 5; 8; 9]. Значительный интерес в научной литературе уделяется изучению зарубежного опыта государственного регулирования инвестиционных процессов, в частности моделей США, Японии и Китая, где инвестиционная политика рассматривается как один из ключевых факторов обеспечения устойчивого экономического роста и повышения конкурентоспособности регионов [1; 2; 4; 11].

Теоретико-методологические основы конкурентных преимуществ и кластерного развития экономики подробно раскрыты в работах М. Портера [6], чьи подходы получили широкое распространение в современной практике регионального управления. Особое внимание вопросам адаптации международного опыта к условиям национальной экономики уделено в исследованиях Х.Ш. Пулотовой, П.Р. Хоҷаевой, Н.Р. Каримовой [7], а также Р.С. Шокирова и Ғ.М. Шарифзода [10], в которых рассматриваются возможности совершенствования механизмов управления региональным развитием в Республике Таджикистан с учётом зарубежных подходов и современных тенденций

Изложение основного материала исследования. Анализ зарубежного опыта свидетельствует о том, что стимулирование инвестиционной деятельности осуществляется посредством различных механизмов и управленческих решений. При этом всё многообразие

применяемых инструментов может быть сгруппировано в несколько базовых направлений воздействия. Среди них особое место занимают институциональные условия ведения бизнеса, организационно-экономические меры поддержки инвесторов, развитие инфраструктуры, маркетинговое продвижение территорий и формирование эффективной системы информационного обеспечения инвестиционной деятельности (рисунок 1).



Рисунок 1. Типы государственного влияния на инвестиционную активность
Источник: разработано авторами.

Проведённое исследование показало [1], что результативная реализация инвестиционных программ и проектов на региональном уровне выступает одним из важных факторов социально-экономического развития территорий. Практика различных стран свидетельствует о том, что повышение инвестиционной активности напрямую связано с качеством государственной политики, направленной на формирование благоприятных условий для вложения капитала. Международный опыт также демонстрирует, что эффективность региональной инвестиционной политики во многом зависит от уровня взаимодействия между государственными структурами, бизнес-сообществом и институтами гражданского общества.

Эффективность реализации инвестиционных программ в значительной степени определяется качеством взаимодействия всех участников инвестиционного процесса. Важную роль в данном случае играет координационный механизм управления, обеспечивающий согласование интересов, целей и действий органов власти, бизнеса, финансовых институтов и других заинтересованных сторон на региональном уровне.

Анализируя инструменты экономико-организационного воздействия, следует отметить, что государственная политика по стимулированию инвестиционной активности основывается на формировании благоприятной среды для привлечения частного капитала. Для достижения данной цели используются различные группы финансовых и нефинансовых инструментов поддержки, основные из которых представлены на рисунке 2.



Рисунок 2. Инструменты государственного регулирования инвестиционной деятельности

Источник: составлено по [3; 9].

Деятельность государства в лице уполномоченных органов власти направлена на координацию процессов реализации региональных программ и формирование действенного механизма их практического осуществления. Данный механизм включает несколько взаимосвязанных направлений деятельности:

– развитие правовых механизмов, которые направленны на регулирование инвестиционных процессов и защиту интересов её участников;

– обеспечение эффективного использования финансовых ресурсов, а также материально-технической базы;

– усиление роли региональных органов управления в эффективной реализации инвестиционной политики;

– повышение ответственности органов управления по выполнению мероприятий, предусмотренных инвестиционной политикой;

– обеспечение открытости сведений относительно инвестиционных возможностях региона посредством публикаций в средствах массовой информации.

Опыт зарубежных стран подтверждает, что инвестиционная политика на региональном уровне играет важную роль в обеспечении экономической устойчивости территорий. Она способствует улучшению деловой среды и создаёт дополнительные возможности для привлечения капитала. Особого внимания заслуживает практика Китайской Народной Республики. Китай смог сформировать эффективную систему привлечения инвестиций, которая стала одним из ключевых факторов экономического роста отдельных регионов и страны в целом [7].

Среди факторов, способствующих увеличению объёмов инвестиций в китайскую экономику, следует выделить:

1. высокий потенциал национального рынка, обусловленный устойчивым расширением внутреннего спроса;

2. создание благоприятной институциональной среды, обеспечивающей надёжность и стабильность инвестиционных процессов для иностранных компаний;

3. конкурентные преимущества, связанные с относительно невысокой стоимостью рабочей силы;

4. последовательное развитие инфраструктурного комплекса, включая транспортную, энергетическую и логистическую системы.

Инвестиционная политика Китая характеризуется:

1. Поддержанием устойчивой политической обстановки и последовательным проведением долгосрочного экономического курса государства;

2. Постепенным расширением участия зарубежного капитала в новых секторах экономики и перспективных направлениях хозяйственной деятельности;

3. Расширением спектра механизмов и форм привлечения иностранных инвестиций в национальную экономику;

4. Совершенствованием подходов к государственной поддержке привлечения зарубежного капитала;

5. Проведением политики территориальной концентрации иностранных инвестиций в специально выделенных экономических зонах. В начале 1980-х годов в ряде прибрежных территорий Китая, включая Шэньчжэнь, Чжухай, Шаньтоу и Сямэнь, был введён особый режим хозяйствования, ориентированный на привлечение зарубежного капитала. Для стимулирования экспортно-ориентированных производств государство предоставляло предприятиям налоговые преференции, льготное финансирование и доступ к кредитным ресурсам на специальных условиях. Реализация данных мер способствовала развитию промышленного потенциала регионов, повышению качества продукции и расширению экспортных возможностей страны;

6. Передачей части полномочий по регулированию инвестиционной деятельности на уровень специальных экономических зон. Предоставление местным органам управления большей самостоятельности при решении вопросов экономического развития способствовало повышению эффективности управления территориями и созданию благоприятных условий для притока иностранного капитала [5].

Последовательная государственная политика Китая, ориентированная на расширение притока прямых иностранных инвестиций при сохранении контроля над другими каналами привлечения зарубежного капитала, способствовала формированию особой модели внешнего финансирования национальной экономики. В результате структура привлечения иностранных ресурсов в КНР приобрела характерные особенности, существенно отличающие её от моделей, используемых в большинстве других государств.

Согласно имеющимся оценкам [5], ведущую роль в привлечении зарубежного капитала в экономику Китая играют прямые иностранные инвестиции. На их долю приходится две трети совокупного объёма иностранных вложений, поступающих в страну. Другие формы внешнего финансирования имеют значительно меньшее значение: удельный вес иностранных кредитов составляет около 26 %, тогда как портфельные инвестиции занимают лишь порядка 5 % в структуре накопленного зарубежного капитала.

Отдельного внимания заслуживает опыт США в сфере инвестиционного развития. Как показывает практика, устойчивые позиции страны в мировой экономике во многом обусловлены значительными вложениями в научно-исследовательскую деятельность, инновационные разработки и внедрение передовых технологий. Последовательная поддержка научного сектора и стимулирование технологического прогресса способствовали укреплению конкурентных преимуществ американской экономики на международном уровне [1].

В американской практике повышение инвестиционной привлекательности территорий рассматривается как результат комплексного взаимодействия государства, частного сектора и

иностранных партнёров [7]. Координация их деятельности способствует формированию благоприятного инвестиционного климата, расширению возможностей для привлечения капитала и реализации стратегически значимых проектов. Для достижения указанных целей на различных уровнях государственного управления применяется система мер и инструментов стимулирования инвестиционной деятельности (см. табл. 1).

Таблица 1. Инструменты стимулирования инвестиционной активности, применяемые в США на различных уровнях государственного управления

№	Категория мер	Основные инструменты
1	Меры прямой финансовой поддержки	1) выделение бюджетных субсидий, грантовых средств, льготных займов и иных форм финансовой помощи со стороны органов власти; 2) государственная поддержка научных исследований, инновационных проектов и опытно-конструкторских работ.
2	Меры косвенного финансового воздействия	1) применение различных видов налоговых преференций; 2) использование механизмов инвестиционного налогового стимулирования; 3) предоставление доступа к финансовым ресурсам на более выгодных условиях.
3	Организационные и институциональные меры поддержки	1) модернизация и расширение объектов производственной, транспортной и социальной инфраструктуры; 2) обеспечение открытости информации для инвесторов, развитие консультационной и информационной поддержки инвестиционной деятельности.

Источник: разработано авторами.

В практике регионального управления инвестициями редко используется какой-либо один инструмент поддержки. Как правило, органы власти сочетают различные механизмы стимулирования, подбирая их с учётом особенностей территории, отраслевой структуры экономики и целей конкретного инвестиционного проекта. При этом уровень государственной поддержки определяется ожидаемым вкладом проекта в социально-экономическое развитие региона. Наиболее благоприятные условия обычно создаются для инициатив, способствующих модернизации ключевых отраслей, внедрению новых технологий и повышению конкурентоспособности экономики. Дополнительные меры поддержки также предоставляются проектам, ориентированным на расширение экспортного потенциала, освоение внешних рынков и развитие производств, способных заменить импортную продукцию отечественными аналогами.

Среди нефинансовых инструментов стимулирования инвестиционной деятельности особое место занимает информационная поддержка потенциальных инвесторов со стороны региональных и местных органов власти. В зарубежной практике значительное внимание уделяется формированию открытой информационной среды, позволяющей инвесторам получить всестороннее представление о возможностях конкретной территории. Как правило, заинтересованным субъектам предоставляются сведения о стоимости и порядке получения земельных участков, уровне развития инженерной и транспортной инфраструктуры, состоянии коммуникационных сетей, перспективах расширения рынков сбыта продукции, а также экологических требованиях и действующих природоохранных программах. В результате повышается привлекательность территории для размещения новых производств и привлечения долгосрочного капитала.

Существенную роль в стимулировании инвестиционной активности в Соединённых Штатах играет практика создания региональных институтов развития, ориентированных на

комплексное решение социально-экономических задач территорий. Одним из наиболее известных примеров является программа развития долины реки Теннесси, реализованная через специально созданную организацию Tennessee Valley Authority (TVA). Деятельность данной структуры была направлена на модернизацию региона посредством осуществления масштабных инфраструктурных преобразований. Реализация указанных мероприятий способствовала притоку инвестиционных ресурсов, расширению хозяйственной деятельности и укреплению финансовой устойчивости региона.

В последние годы развитие механизмов государственно-частного партнёрства рассматривается как одно из важных направлений совершенствования инвестиционной и экономической политики. В связи с этим во многих странах активно формируются специализированные организации, задачей которых является координация, сопровождение и повышение результативности реализации проектов ГЧП. Международный опыт показывает, что подобные институты позволяют обеспечить более эффективное взаимодействие государства и бизнеса на всех этапах подготовки и осуществления совместных инициатив. Так, в Великобритании функции поддержки и развития проектов государственно-частного партнёрства длительное время выполняла структура Partnership UK, тогда как в Чехии аналогичные задачи возложены на центр PPP Centrum. Анализ зарубежной практики свидетельствует о том, что в настоящее время наиболее часто используются две основные модели организации деятельности органов и учреждений, отвечающих за управление и сопровождение проектов ГЧП.

При самостоятельном статусе организаций, отвечающих за сопровождение проектов государственно-частного партнёрства, их деятельность может частично обеспечиваться за счёт оплаты услуг, оказываемых государственным учреждениям и ведомствам. Подобная практика применяется, в частности, в Великобритании и Чехии. В тех случаях, когда соответствующие структуры входят в состав министерств или иных государственных органов, расходы на их функционирование покрываются из средств государственного бюджета.

Важным направлением стимулирования социально-экономического развития территорий выступает формирование и реализация кластерной политики. Опыт многих государств показывает, что кластерный подход рассматривается как эффективный инструмент повышения инвестиционной привлекательности территорий. Именно поэтому в экономически развитых странах на протяжении многих лет реализуются различные программы и стратегии кластерного развития, направленные на укрепление регионального потенциала, активизацию инвестиционных процессов и обеспечение устойчивого экономического роста.

Впервые термин «кластер» был использован в работах профессора Гарвардской школы бизнеса Майкл Портер. Согласно теории Портера, «кластер - это географически сконцентрированные группы взаимосвязанных компаний, специализированных поставщиков, фирм в соответствующих отраслях, а также связанных с их деятельностью организаций в определённых сферах, которые конкурируют, но одновременно ведут совместную работу» [6].

В последние годы в мировой практике наблюдается устойчивый рост интереса к кластерным механизмам развития территорий. Наиболее заметные результаты кластерный подход демонстрирует в США, странах Азиатско-Тихоокеанского региона и государствах Европейского Союза. Практика этих стран показывает, что объединение предприятий, научных организаций и образовательных учреждений в рамках кластеров способствует более устойчивому развитию территорий. Как показывает опыт зарубежных стран, создание кластерных структур выступает важным фактором в социально-экономическом развитии территорий [2].

Среди мирового опыта по регулированию инвестиционной сферы особого внимания заслуживает японский подход. Особенность данного подхода заключается в установлении и постоянном расширении международных инвестиционных связей. Такая политика как показывают исследования в данной области, позволила расширить внешнеэкономические связи японского бизнеса [4; 10]. Благодаря этому предприятия Японии стали важными

участниками мировых производственных процессов. Все это привело к тому, что Япония смогла построить долгосрочные и взаимовыгодные отношения с иностранными компаниями.

В своём экономическом развитии Япония активно применяет кластерных подход. Данный механизм показал свою эффективность в повышении конкурентоспособности национальной экономики. В силу ограниченности природных ресурсов страна начала искать альтернативные источники экономического роста, что привело к развитию инновационной сферы. В этом направлении именно кластеризация смогла объединить представителей малого и среднего бизнеса, научно-исследовательских организаций и высших учебных заведений.

Показательным примером успешного развития кластерного подхода в Японии является деятельность Университета Хоккайдо, вокруг которого сформированы инновационные объединения «Долина Саппоро» и «Биомедицинский центр». Значительный интерес представляет также кластер «Научно-исследовательский парк Китакюсю», объединяющий более десяти высших учебных заведений и научно-исследовательских организаций, включая зарубежных партнёров. Во многом именно благодаря активному развитию инновационных кластеров Япония сохраняет лидирующие позиции среди наиболее технологически развитых и инновационно ориентированных государств мира [9].

Формирование кластерного подхода в странах Европейского Союза получило институциональное оформление во второй половине 2000-х годов. Одним из ключевых событий стало принятие Европейского кластерного меморандума, утверждённого в январе 2008 года в ходе конференции, посвящённой вопросам инновационного развития и кластерной политики, проходившей в Стокгольме. Документ определил стратегические ориентиры дальнейшего совершенствования кластерной среды в государствах ЕС. Его основная идея заключалась в создании достаточного количества эффективных кластерных объединений, способных обеспечить устойчивый рост конкурентных преимуществ как отдельных национальных экономик, так и Европейского Союза в целом.

В странах Европейского союза развитие кластеров рассматривается как один из ключевых инструментов реализации региональной инновационной политики. Поддержка кластерных инициатив интегрирована в стратегические программы территориального развития и направлена на укрепление конкурентных преимуществ отдельных регионов. Практика показывает, что подобный подход успешно применяется в ряде европейских регионов, среди которых Валлония в Бельгии, Нормандия во Франции, Баден-Вюртемберг в Германии, а также Каталония. Объёмы ежегодного финансирования существенно различаются в зависимости от страны и приоритетов её экономической политики: если в Германии расходы на реализацию кластерных программ составляют 45 млн евро в год, то во Франции данный показатель достигает 144 млн евро.

Проведённый анализ международной практики развития кластеров позволил систематизировать существующие подходы к формированию кластерной политики и на этой основе разработать классификацию её основных моделей, представленную на рисунке 3.

При анализе участия государства в процессах формирования и развития кластерных объединений выделяют два основных подхода. Первый связан с англосаксонской моделью, в рамках которой ключевая роль отводится рыночным механизмам. Второй подход представлен континентальной моделью, предусматривающей более активное участие государственных институтов в регулировании и поддержке деятельности кластеров.

При анализе подходов к организации и развитию кластерных образований можно выделить несколько наиболее распространённых моделей государственной кластерной политики. В мировой практике к ним относятся североамериканская, западноевропейская, скандинавская, индийская, китайская и японская модели. Кроме того, важным критерием систематизации кластеров выступает стадия их развития. С учётом данного подхода кластеры обычно рассматриваются как структуры, находящиеся на разных этапах развития. Одни из них только формируются. Другие находятся в стадии активного роста. Третьи уже достигли высокого уровня устойчивости и считаются зрелыми.



Рисунок 3. Классификация моделей кластерной политики

Источник: разработано авторами.

Опыт многих зарубежных стран показывает, что устойчивое развитие кластеров редко происходит без целенаправленной поддержки. Существенную роль играют финансовые механизмы, организационное сопровождение и информационная поддержка участников. Благодаря этому создаются более благоприятные условия для ведения бизнеса.

Выводы. Накопленный зарубежными странами опыт в сфере регулирования инвестиционных процессов представляет значительный интерес для Республики Таджикистан. Анализ международной практики показывает, что отдельные механизмы и инструменты могут быть адаптированы к условиям отечественной экономики. Одним из ключевых условий расширения инвестиционной деятельности является согласованное взаимодействие органов государственной власти, предпринимательского сектора и финансовых организаций. В этой связи важным является разработка специализированных региональных программ, ориентированных на стимулирование инвестиционной активности.

Эффективность подобных программ во многом зависит от соблюдения ряда базовых требований. Инвесторы должны быть уверены в сохранности принадлежащих им активов и законности их использования. Кроме того, финансовые обязательства участников инвестиционного процесса должны выполняться в полном объёме и в установленные сроки. Другим важным условием снижения инвестиционных рисков выступает предоставление государственных и частных гарантий. В тоже время, необходима современная нормативно-правовая база, способная обеспечить прозрачные правила ведения инвестиционной деятельности.

При подготовке региональных программ инвестиционного развития целесообразно учитывать накопленный зарубежный опыт. Рост инвестиционной активности невозможен без применения комплекса взаимосвязанных мер. Важное место среди них занимают инструменты, ориентированные на поддержку инноваций и создание благоприятных условий для инвесторов. Существенную роль играет государственное участие в финансировании приоритетных направлений развития территорий.

Для этих целей используются специальные программы, предусматривающие перенаправление ресурсов на решении конкретных социально-экономических задач территорий.

ЛИТЕРАТУРА:

1. Асланов Р.Х. Особенности инвестиционной политики в США // Вестник молодых ученых Самарского государственного экономического университета. 2020. № 1 (41). С. 21-23.
2. Кох Л.В. Инновационные кластеры – основа конкурентоспособности японской экономики // Азимут научных исследований: экономика и управление. 2019. Т. 8. № 3(28). С. 201-205.
3. Курманбаева Б.Ж. Государственное регулирование инновационно-инвестиционной деятельности // Известия Санкт-Петербургского университета экономики и финансов. 2009. № 2 (58). С. 137-140.
4. Кутепов О.Е., Красноглазов А.Ю. Инвестиционная деятельность и инновации в странах Азии: Япония, Китай // Закон и право. 2016. № 7. С. 175-178.
5. Мацукевич Н.А. Зарубежный опыт стимулирования инвестиционных процессов на региональном уровне // Вестник Брестского государственного технического университета. 2025. № 2 (137). С. 200-207.
6. Портер М. Конкуренция.: Пер. с англ..: Издательский дом «Вильямс», 2005. 608 с.
7. Пулотова Х.Ш., Хоҷаева П.Р., Каримова Н.Р. Таҷрибаи хориҷӣ дар амалигардонии сиёсати минтақавӣ ва имконияти мутобиқнамоии он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон // Номаи донишгоҳ. Силсилаи илмҳои табиатшиносӣ ва иқтисодӣ. 2024. № 2 (69). С. 56-65.
8. Санковец Н.А. О зарубежном опыте государственного управления региональным развитием // Экономический журнал. 2009. № 2 (16). С. 42-49.
9. Чиркунова Е.К., Алпатов Д.Ю., Алпатова О.В. Инструменты совершенствования инновационно-инвестиционной политики для устойчивого развития региона // Экономическое развитие России. 2024. Т. 31. № 7. С. 87-93.
10. Шокиров Р.С., Шарифзода Ғ.М. Имкониятҳои истифодаи таҷрибаи хориҷӣ дар такмили механизми идоракунии иқтисодиёти иҷтимоию иқтисодии минтақа // Экономика и туризм: тенденции и перспективы. 2024. № 1 (1). С. 242-250.
11. Шумаев В.А. Опыт Китая по привлечению иностранных инвестиций путем организации особых экономических зон // Инноватика и экспертиза: научные труды. 2011. № 1 (6). С. 134-143.

УДК: 336.14

АСОСҲОИ НАЗАРИЯВИИ ТАШАККУЛ ВА ИДОРАКУНИИ МАБЛАҒҲОИ БУҶЕТӢ

ҚУРБОНЗОДА ҚОБИЛҶОН ДАВЛАТАЛӢ
Омӯзгори кафедраи молияи Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав.
Суроға: 735140, ш. Бохтар, Ҷумҳурии Тоҷикистон, кӯчаи Айнӣ, 67.
Тел.: (+992) 903-70-11-11.

Аннотатсия. Дар мақола асосҳои назариявии ташаккул ва идоракунии маблағҳои буҷетӣ мавриди таҳқиқ қарор дода шудаанд.Моҳияти иқтисодӣ ва мазмуни идоракунии маблағҳои буҷетӣ ҳамчун ҷузъи муҳими низоми молияи давлатӣ баррасӣ гардидааст.Нақши буҷети давлатӣ дар татбиқи сиёсати иқтисодӣ ва иҷтимоии давлат муайян карда шудааст.Назарияҳои олимони хориҷӣ оид ба идоракунии маблағҳои буҷетӣ таҳлил ва ҷамъбаст гардидаанд.Хусусиятҳои асосии назарияҳои Адам Смит, Ҷон Мейнард Кейнс, Ричард Масгрейв, Пол Самуэлсон ва Ҷозеф Стиглитс мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Ҳамзамон,

саҳми олимони рус дар рушди назарияи буҷет ва идоракунии маблағҳои буҷетӣ таҳлил шудааст. Андешаҳои олимони тоҷик вобаста ба ташаккул, тақсим ва истифодаи маблағҳои буҷетӣ низ мавриди омӯзиш қарор гирифтаанд.

Калидвожаҳо: идоракунии маблағҳои буҷетӣ, буҷети давлатӣ, молияи давлатӣ, сиёсати буҷетӣ, самаранокии хароҷоти давлатӣ, буҷетбандии ба натиҷа нигаронидашуда, банақшагирии буҷетӣ.

ТЕОРЕТИЧЕСКИЕ ОСНОВЫ ФОРМИРОВАНИЯ И УПРАВЛЕНИЯ БЮДЖЕТНЫМИ СРЕДСТВАМИ

КУРБОНЗОДА КОБИЛДЖОН ДАВЛАТАЛИ

Преподаватель кафедры финансов Бохтарского государственного университета имени Носира Хусрава. **Адрес:** 735140, г. Бохтар, Республика Таджикистан, улица Айни 67. **Тел.:** (+992) 903-70-11-11.

Аннотация. В статье исследованы теоретические основы формирования и управления бюджетными средствами. Рассмотрены экономическая сущность и содержание управления бюджетными средствами как важнейшего элемента системы государственных финансов. Определена роль государственного бюджета в реализации экономической и социальной политики государства. Проведен анализ и обобщение научных взглядов зарубежных ученых по вопросам управления бюджетными средствами. Рассмотрены основные положения теорий Адама Смита, Джона Мейнарда Кейнса, Ричарда Масгрейва, Пола Самуэльсона и Джозефа Стиглица. Одновременно проанализирован вклад российских ученых в развитие теории бюджета и управления бюджетными средствами. Изучены научные подходы таджикских ученых, посвященные формированию, распределению и использованию бюджетных средств.

Ключевые слова: управление бюджетными средствами, государственный бюджет, государственные финансы, бюджетная политика, эффективность государственных расходов, бюджетирование, ориентированное на результат, бюджетное планирование.

THEORETICAL FOUNDATIONS OF THE FORMATION AND MANAGEMENT OF BUDGET FUNDS

QURBONZODA QOBILJON DAVLATALI

Lecturer of the Department of Finance at Bokhtar State University named after Nosiri Khusrav. **Address:** 735140, Bokhtar, Republic of Tajikistan, Aini street 67. **Phone:** (+992) 903-70-11-11.

Annotation. The article examines the theoretical foundations of the formation and management of budget funds. It considers the economic essence and content of budget funds management as a key component of the public finance system. The role of the state budget in implementing the country's economic and social policy is identified. The study analyzes and summarizes the theoretical approaches of foreign scholars to budget funds management. Particular attention is given to the theories of Adam Smith, John Maynard Keynes, Richard Musgrave, Paul Samuelson, and Joseph Stiglitz. The contribution of Russian scholars to the development of budget theory and budget funds management is also analyzed. Furthermore, the scientific views of Tajik scholars on the formation, allocation, and utilization of budget funds are examined.

Key words: budget funds management, state budget, public finance, budget policy, efficiency of public expenditure, performance-based budgeting, budget planning.

Муқаддима. Идоракунии маблағҳои буҷетӣ яке аз самтҳои муҳимтарини идоракунии молияи давлатӣ ба ҳисоб рафта, дар таъмини рушди устувори иқтисодӣ ва иҷтимоии давлат нақши калидӣ мебозад. Дар шароити муосир самаранокии фаъолияти мақомоти давлатӣ бештар аз сатҳи дурусти банақшагирӣ, тақсимот, истифода ва назорати захираҳои буҷетӣ вобастагӣ дорад. Аз ин рӯ, масъалаҳои назариявии идоракунии маблағҳои буҷетӣ ҳамчун

заминаи илмии ташаккул ва татбиқи сиёсати молиявии давлат аҳамияти махсус касб менамоянд. Дар адабиёти иқтисодӣ мафҳуми идоракунии маблағҳои буҷетӣ ҳамчун маҷмӯи усулҳо, шаклҳо ва воситаҳои таъсиррасонӣ ба равандҳои ташаккул, тақсим ва истифодаи маблағҳои фонди марказонидашудаи молиявии давлат шарҳ дода мешавад. Мақсади асосии чунин идоракунӣ таъмини истифодаи мақсаднок, сарфакорона ва самараноки маблағҳои давлатӣ барои иҷрои вазифаҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва сиёсӣ мебошад.

Асосҳои назариявии идоракунии маблағҳои буҷетӣ ба принсипҳои илмии идоракунӣ, назарияи молияи давлатӣ, назарияи интихоби ҷамъиятӣ ва консепсияҳои муосири идоракунии давлатӣ такя менамоянд. Ин назарияҳо зарурати мутобиқ намудани захираҳои маҳдуди молиявиро ба эҳтиёҷоти афзояндаи ҷомеа асоснок намуда, роҳҳои самараноки истифодаи маблағҳои буҷетиро муайян месозанд.

Мавод ва усули таҳқиқот. Дар ин замина, идоракунии маблағҳои буҷетӣ ҳамчун раванди муттасили банақшагирӣ, ташкил, ҳамоҳангсозӣ, назорат ва баҳодиҳии натиҷаҳои истифодаи маблағҳои давлатӣ баррасӣ мегардад. Самаранокии ин раванд аз сатҳи шаффофият, масъулиятнокӣ, самтгирӣ ба натиҷаҳо ва риояи интизоми буҷетӣ вобастагии мустақим дорад. Бояд қайд намуд, ик дар илми молияи давлатӣ масъалаҳои идоракунии маблағҳои буҷетӣ аз ҷониби олимони хориҷӣ, рус ва тоҷик мавриди таҳқиқи васеъ қарор гирифтаанд, ки мо онро дар ҷадвали 1 пешниҳод менамоем.

Ҷадвали 1. – Назарияи олимони хориҷ оид ба идоракунии маблағҳои буҷети давлатӣ.

Олимони хориҷӣ	Назарияи олимон
Адам Смит	Асосгузори мактаби классикии иқтисодӣ. Дар асари «An Inquiry into the Nature and Causes of the Wealth of Nations» (1776) принсипҳои ташаккули даромадҳои давлатӣ ва истифодаи самараноки захираҳои молиявиро асоснок кардааст. Ба андешаи ӯ, «маблағҳои давлатӣ бояд дар доираи манфиатҳои ҷамъиятӣ ва бо риояи принсипҳои самаранокӣ истифода шаванд» [19].
Ҷон Мейнард Кейнс	Дар асари «The General Theory of Employment, Interest and Money» (1936) нақши фаъоли давлатро дар танзими иқтисодиёт тавассути хароҷоти буҷетӣ асоснок намудааст. Ӯ «хароҷоти давлатиро воситаи муҳими рушди иқтисодӣ ва бартараф намудани буҳронҳои иқтисодӣ медонад» [20].
Ричард Масгрейв	Яке аз асосгузорони назарияи муосири молияи давлатӣ мебошад. Ӯ дар асари «The Theory of Public Finance» (1959) «вазифаҳои асосии буҷети давлатиро ба се гурӯҳ ҷудо кардааст: аллокатсионӣ, тақсимотӣ ва устуворгардонӣ» [22].
Пол Самуэлсон	«Назарияи неъматҳои ҷамъиятиро таҳия намуда, нақши буҷетро дар маблағгузории хизматрасониҳои ҷамъиятӣ асоснок кардааст» [21].
Ҷозеф Стиглитс	«Масъалаҳои самаранокии бахши давлатӣ, асимметрияи иттилоот ва нақши давлатро дар идоракунии захираҳои молиявӣ таҳқиқ намудааст» [23].

Манбаъ: Таҳияи муаллиф дар асоси адабиёти дастрасшуда.

Маълумоти дар ҷадвали 1 пешниҳодшуда нишон медиҳад, ки масъалаҳои идоракунии маблағҳои буҷети давлатӣ дар марҳилаҳои гуногуни рушди афкори иқтисодӣ вобаста ба шароити иқтисодӣ ва иҷтимоии ҷомеа такмил ёфтаанд. Таҳлили назарияҳои олимони хориҷӣ имкон медиҳад, ки равандҳои ташаккул ва рушди механизмҳои муосири идоракунии маблағҳои буҷетӣ муайян карда шаванд.

Асосҳои ибтидоии назарияи молияи давлатӣ дар корҳои Адам Смит ташаккул ёфтаанд. Ӯ идоракунии маблағҳои давлатиро аз нуқтаи назари таъмини манфиатҳои ҷамъиятӣ баррасӣ намуда, принсипҳои адолат, муайянӣ, қулайӣ ва сарфакориро ҳамчун заминаи ташкили муносибатҳои молиявии давлат пешниҳод кардааст. Маҳз ҳамин принсипҳо баъдан ба асоси

сиёсати андозию буҷетии аксари кишварҳои ҷаҳон табдил ёфтанд. Вале дар назарияи Смит нақши давлат асосан ба иҷрои вазифаҳои маҳдуд, маҳдуд гардида, масъалаҳои дахолати фаъоли давлат ба иқтисодиёт пурра инъикос нашудаанд.

Минбаъд дар натиҷаи тағйироти иқтисодии асри XX назарияи Ҷон Мейнард Кейнс ташаккул ёфт, ки дар он буҷети давлатӣ ҳамчун воситаи муҳими танзими иқтисодӣ арзёбӣ гардид. Бар хилофи равиши классикӣ, Кейнс зарурати истифодаи фаъоли маблағҳои буҷетиро барои ҳавасмандгардонии талаботи маҷмӯӣ, рушди истеҳсолот ва паст намудани сатҳи бекорӣ асоснок намуд. Аз ин лиҳоз, назарияи ӯ оғози марҳилаи нави истифодаи сиёсати буҷетӣ дар идоракунии макроиқтисодӣ ба ҳисоб меравад.

Дар рушди минбаъдаи назарияи молияи давлатӣ саҳми Ричард Масгрейв назаррас мебошад. Ӯ буҷети давлатиро ҳамчун воситаи иҷрои вазифаҳои иҷтимоӣ ва иқтисодии давлат арзёбӣ намуда, вазифаҳои аллокатсионӣ, тақсимотӣ ва устуворгардонии онро муайян кардааст. Афзалияти назарияи Масгрейв дар он аст, ки вай на танҳо масъалаҳои ҷамъоварии захираҳои молиявӣ, балки самаранокии истифодаи онҳоро низ мавриди омӯзиш қарор медиҳад.

Пол Самуэлсон назарияи неъматҳои ҷамъиятиро инкишоф дода, зарурати иштироки давлатро дар маблағгузории хизматрасониҳое, ки бахши хусусӣ наметавонад ба таври самаранок пешниҳод намояд, асоснок кардааст. Ин равиш аҳамияти буҷети давлатиро дар рушди соҳаҳои иҷтимоӣ, аз ҷумла маориф, тандурустӣ ва инфрасохтор боз ҳам тақвият медиҳад.

Дар шароити муосир корҳои Ҷозеф Стиглитс аҳамияти махсус пайдо намудаанд. Ӯ таваҷҷуҳи асосиро ба баланд бардоштани самаранокии бахши давлатӣ, шаффофияти истифодаи маблағҳои буҷетӣ ва коҳиш додани асимметрияи иттилоот равона кардааст. Ба андешаи Стиглитс, самаранокии идоракунии маблағҳои давлатӣ на танҳо аз ҳаҷми захираҳо, балки аз сифати идоракунӣ ва механизмҳои назорат низ вобаста мебошад.

Ҳамин тариқ, таҳлил нишон медиҳад, ки афкори илмӣ оид ба идоракунии маблағҳои буҷети давлатӣ аз принсипҳои классикии ташаккули даромадҳои давлатӣ (А. Смит) то консепсияҳои муосири самаранокӣ, шаффофият ва натиҷанокии хароҷоти давлатӣ (Ҷ. Стиглитс) роҳи тӯлонии рушдро тай намудааст. Бо вуҷуди аҳамияти назарраси ин назарияҳо, аксари онҳо дар асоси таҷрибаи кишварҳои иқтисодиёти пешрафта таҳия шудаанд ва хусусиятҳои иқтисодиёти гузаришро пурра инъикос намекунанд.

Аз ин рӯ, барои амиқтар дарк намудани масъалаҳои идоракунии маблағҳои буҷетӣ дар шароити иқтисодиёти гузариш ва мутобиқ намудани онҳо ба воқеияти Ҷумҳурии Тоҷикистон, омӯзиши корҳои илмии олимони рус аҳамияти махсус касб менамояд. Олимони рус масъалаҳои ташаккул ва истифодаи маблағҳои буҷетиро дар шароити ислоҳоти иқтисодӣ, тағйирёбии муносибатҳои молиявӣ ва такмили низоми идоракунии давлатӣ мавриди таҳқиқ қарор додаанд. Аз ин лиҳоз, дар қисмати минбаъдаи таҳқиқот назарияҳои олимони рус оид ба идоракунии маблағҳои буҷети давлатӣ баррасӣ карда мешаванд.

Ҷадвали 2. – Назарияи олимони рус оид ба идоракунии маблағҳои буҷетӣ

Олимон	Шарҳи назарияи олимон
А.М. Годин	«Буҷет дар иқтисод – ин тақсими даромад ва хароҷоти субъектҳои хоҷагидорӣ барои муддати муайян мебошад, одатан як сол» [1].
Г.Б. Поляк	«Буҷети давлатӣ – ин воситаи асосии ҷамъоварӣ ва истифодаи маблағҳои давлат мебошад, ки ба мақоми сиёсӣ имконияти воқеӣ медиҳад, ки ба иқтисод таъсир расонад, таҳаввулоти сохтории онро маблағгузорӣ кунад, рушди бахшҳои афзалиятноки иқтисодро таҳрик диҳад ва дастгирии иҷтимоиро ба қишрҳои ҳифзнашудаи аҳолӣ таъмин намояд» [2].
М.В. Романовский ва О.В. Врублевская	«Буҷет – ин низоми муносибатҳои пулӣ бо фармони давлатӣ буда, ки дар он ҳангоми ташаккул ва истифодаи фонди буҷетӣ – фонди

	марказонидашудаи пулӣ, ки аз ҷониби давлат ҷамъ ва барои маблағгузории ниёзҳои муайяни ҷамъиятӣ истифода мешавад, аз ҷумла таъмини амнияти миллӣ ва мудофиаи миллӣ, ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, дастгирии соҳаҳои хоҷагии халқ, рушди маориф, тандурустӣ ва фарҳанг» [9].
В.М. Родионова	«Буҷет – муносибатҳои пулӣ мебошад, ки байни давлат ва шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ оид ба тақсимоти даромади миллӣ ҳангоми ташаккул ва истифодаи фонди буҷетӣ ба вуҷуд меоянд, ки барои маблағгузории хоҷагии халқ, чорабиниҳои иҷтимоӣ-маърифатӣ, ниёзҳои мудофиа ва идораи давлатӣ пешбинӣ шудаанд» [8].
Ю.Г. Шветсов	«Буҷет – ин моликияти ҷамъиятӣ мебошад, ки дар манфиати аксарияти аҳолии кишвар истифода мешавад» [17].
Ф. Кливленд	«Буҷет – ин нақшаи маблағгузории корхона ё давлат мебошад, ки барои муддати муайян таҳия шуда, аз ҷониби шахси масъул омода гардида ва ба мақомоти иҷроия (ё дигар мақомоти мувофиқ) пешниҳод мешавад, ки баррасӣ ва тасдиқи он барои амалӣ намудани нақша зарур аст» [24].
Ю.А. Крохина	«Буҷет – муносибатҳои иқтисодии ҷамъиятӣ мебошад, ки равандҳои ҷамъоварӣ, тақсим ва истифодаи фонди марказонидашудаи маблағҳои пулӣ дар доираи ҳудудҳои давлат ё шаҳрак/ноҳия ташкил меёбанд. Ин маблағҳо дар ихтиёри мақомоти давлатӣ ё ҳокимияти маҳаллӣ қарор дошта, барои маблағгузории вазифаҳои умумии ҳудуд пешбинӣ шудаанд ва ҳамчун нақшаи асосии молиявӣ аз ҷониби органи намояндагӣ дар шакли ҳуқуқӣ тасдиқ карда мешаванд» [6].
О.А. Булаш ва Ю.Г. Шветсова	«Буҷет – фонди марказонидашудаи пулӣ мебошад, ки барои қонеъ кардани ниёзҳои аҳамияти ҷамъиятӣ бо мақсади бартараф кардани нобаробарии изофӣ ва баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ пешбинӣ шудааст» [18].

Манбаъ: Таҳияи муаллиф дар доираи дабиёти дастрасшуда**.**

Таҳлили назарияҳои олимони рус нишон медиҳад, ки масъалаҳои буҷет ва идоракунии маблағҳои буҷетӣ дар илми иқтисодии Русия ҳамчун ҷузъи муҳими низоми молияи давлатӣ мавқеи махсусро ишғол менамоянд. Бар хилофи бисёр олимони ғарбӣ, ки бештар ба нақши макроиқтисодии буҷет диққат медиҳанд, олимони рус буҷетро ҳамчун низоми мураккаби муносибатҳои иқтисодӣ, молиявӣ ва ҳуқуқӣ арзёбӣ намуда, ба равандҳои ташаккул, тақсим ва истифодаи фондҳои марказонидашудаи пулӣ диққати махсус медиҳанд.

Таҳлили таърифи пешниҳоднамудаи А.М. Годин нишон медиҳад, ки ӯ буҷетро пеш аз ҳама ҳамчун нақшаи тақсимоти даромад ва хароҷоти субъектҳои иқтисодӣ барои давраи муайян арзёбӣ менамояд. Ин равиш ба моҳияти банақшагирии буҷетӣ такя намуда, буҷетро ҳамчун воситаи идоракунии захираҳои молиявӣ шарҳ медиҳад. Бартарии ин назария дар он аст, ки аҳамияти пешгӯӣ ва банақшагирии молиявиро дар фаъолияти давлат таъкид менамояд.

Дар корҳои илмии Г.Б. Поляк буҷет ҳамчун воситаи асосии ҷамъоварӣ ва истифодаи маблағҳои давлатӣ баррасӣ гардидааст. Ба ақидаи ӯ, тавассути буҷет давлат имконияти таъсиррасонӣ ба равандҳои иқтисодӣ ва иҷтимоиро пайдо мекунад. Ин назария аҳамияти буҷетро ҳамчун воситаи татбиқи сиёсати давлатӣ инъикос намуда, нақши онро дар рушди соҳаҳои афзалиятноки иқтисодиёт нишон медиҳад.

Мавқеи М.В. Романовский ва О.В. Врублевская нисбатан васеъ буда, онҳо буҷетро ҳамчун низоми муносибатҳои пулие арзёбӣ менамоянд, ки дар раванди ташаккул ва истифодаи фондҳои марказонидашудаи давлатӣ ба вуҷуд меоянд. Дар ин назария диққати асосӣ ба

мақсади иҷтимоии буҷет равона гардидааст, зеро маблағҳои буҷетӣ барои таъмини амнияти миллӣ, ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, рушди маориф, тандурустӣ ва фарҳанг истифода мешаванд.

Дар назарияи В.М. Родионова буҷет ҳамчун шакли махсуси муносибатҳои иқтисодӣ байни давлат ва дигар субъектҳои иқтисодӣ шарҳ дода мешавад. Муаллиф таваҷҷуҳи махсусро ба масъалаҳои аз нав тақсим намудани даромади миллӣ ва таъмини манфиатҳои ҷамъиятӣ равона кардааст. Аз ин нуқтаи назар буҷет на танҳо воситаи молиявӣ, балки механизми танзими муносибатҳои иҷтимоӣ ва иқтисодӣ низ мебошад.

Ю.Г. Швецов бошад, буҷетро моликияти ҷамъиятӣ арзёбӣ намуда, истифодаи онро ба манфиати аксарияти аҳолӣ асоснок менамояд. Ин равиш бештар хусусияти иҷтимоии буҷетро нишон дода, нақши онро дар баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ инъикос мекунад.

Дар таърифи пешниҳоднамудаи Ф. Кливленд буҷет ҳамчун нақшаи маблағгузории давлатӣ баррасӣ шудааст. Муаллиф аҳамияти тасдиқ ва назорати давлатии нақшаҳои молиявиро таъкид намуда, буҷетро воситаи муҳими идоракунии фаъолияти мақомоти давлатӣ меҳисобад. Ин равиш заминаи рушди буҷетбандии муосир ва низоми идоракунии натиҷанокро ташкил медиҳад.

Ю.А. Крохина бошад, буҷетро ҳамчун маҷмӯи муносибатҳои иқтисодӣ оид ба ташаккул, тақсим ва истифодаи фондҳои марказонидашудаи маблағҳои пулӣ шарҳ медиҳад. Бартарии ин назария дар он аст, ки ҳамзамон ҷанбаҳои иқтисодӣ ва ҳуқуқии буҷетро фаро гирифта, нақши мақомоти давлатӣ ва маҳаллиро дар идоракунии маблағҳои буҷетӣ муайян менамояд.

О.А. Булаш ва Ю.Г. Швесова буҷетро ҳамчун фонди марказонидашудаи маблағҳои пулӣ тавсиф намудаанд, ки барои қонеъ гардонидани эҳтиёҷоти аҳамияти ҷамъиятӣ ва коҳиш додани нобаробарии иҷтимоӣ равона мегардад. Ин назария аҳамияти иҷтимоии буҷетро ҳамчун воситаи дастгирии аҳолӣ ва баланд бардоштани сатҳи зиндагӣ асоснок мекунад.

Дар маҷмӯъ, таҳлили назарияҳои олимони рус нишон медиҳад, ки онҳо буҷетро на танҳо ҳамчун нақшаи молиявӣ, балки ҳамчун низоми муносибатҳои иқтисодӣ, молиявӣ ва ҳуқуқӣ арзёбӣ менамоянд. Хусусияти муҳими ин назарияҳо дар он аст, ки диққати асосӣ ба масъалаҳои ташаккул, тақсим, истифода ва назорати маблағҳои буҷетӣ, инчунин нақши онҳо дар рушди иҷтимоию иқтисодии давлат равона гардидааст. Дар муқоиса бо олимони хориҷӣ, олимони рус бештар ба масъалаҳои ташкилии идоракунии маблағҳои буҷетӣ ва механизмҳои амалисозии сиёсати давлатии молиявӣ таваҷҷуҳ зоҳир намудаанд.

Ҳамин тариқ, таҳлили назарияҳои олимони хориҷӣ ва рус нишон медиҳад, ки идоракунии маблағҳои буҷетӣ ҳамчун низоми мураккаби муносибатҳои иқтисодӣ, молиявӣ ва ҳуқуқӣ баромад намуда, самаранокии он аз сифати банақшагирӣ, тақсимот, истифода ва назорати захираҳои молиявии давлатӣ вобастагӣ дорад. Бо вуҷуди ин, бисёр ҷанбаҳои марбут ба идоракунии маблағҳои буҷетӣ дар шароити иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон хусусиятҳои хоси худро доранд, ки дар корҳои олимони тоҷик инъикоси бештар ёфтаанд. Аз ин рӯ, барои таҳқиқи ҳамаҷонибаи масъала омӯзиши назарияҳои олимони тоҷик аҳамияти муҳим дошта, дар қисмати минбаъдаи таҳқиқот мавриди баррасӣ қарор дода мешаванд.

Ҷадвали 3.- Назарияи олимони тоҷик оид ба идоракунии маблағҳои буҷетӣ

Олимон	Назарияи олимон
Улуғхоҷаева Х.Р.	«Ҷамъоварии андозҳо – ин муаммои муҳиме, ки аз ҳалли он буҷети давлатӣ вобаста буда, ҳамзамон иҷрои вазифаҳои давлат вобаста аст. Дар ин ҳолат камкунии меъёри андозҳо ва зиёдкунии баззаи андозҳо ҳамчун маҳаки асоси самаранокии амалинамоии фаъолияти низоми андоз ба ҳисоб меравад» [12].
Садриддинов Н.Т., Наимов Б.Қ., Садриддинова М.Н.	«Барномаи мақсадноки давлатӣ аз рӯи соҳаҳо аз ҷониби мақоми дахлдори давлатӣ бо дарназардошти маблағгузорӣ аз ҳисоби буҷети давлатӣ ва фондҳои мақсадноки буҷетӣ таҳия мешавад» [11].
Обидов Ф.С., Давлатмуродов Ш.М.	«Мустақилияти ҳар як буҷет танҳо дар ҳамон ҳолат таъмин карда мешавад, ки агар сохтори дахлдори ҳокимияти давлатӣ дорандаи маблағҳои зарурии худии захираҳои молиявӣ буда, вобаста ба вазифаҳои иҷромекардааш ҳуқуқи озодона истифодабарии онҳоро дошта бошад, оиди мувофиқи қонун

	сарфакорона ва самаранок истифодабарии воситаҳои буҷетӣ масъул бошад»[7].
Ҳикматов С., Ахмедов У.С.	«Яке аз механизмҳое, ки ба давлат барои татбиқи сиёсати иқтисодӣ ва иҷтимоии он кумак мекунад, ин низоми молиявии ҷомеа аст, ки бо тадбирҳои сиёсиву ҳуқуқӣ ба буҷети давлатӣ нигаронида шуда, ифодагари мутамаркази он мебошад»[14].
Имомализода Б.Б., Исоев А.Ш, Баротзода Ш.М.	«Барои инкишофи минбаъдаи фаъолияти маблағгузории хурд, ки ба дастгирии соҳибкории хурду миёна нигаронида шудааст, диверсификатсияи сарчашмаҳои маҷмуи қарзҳои ТМХ зарур аст. Асосӣ ва дар маҷмуъ ягона сарчашмаи пур кардани онҳо маблағҳои буҷетӣ мебошанд»[4].
Давлатзода М.Х.	«Буҷети давлатӣ воситаи асосии молиявие мебошад, ки бо ёрии он азнавтақсимкунии даромади миллӣ ва ташаккули захираҳои молиявӣ барои иҷрои вазифаҳои давлатӣ ба амал бароварда мешавад»[3].
Сафаров Х	«Дар сиёсати буҷети давлати мо шакли пассивии каср амалӣ мегардад, ки хусусияти истеъмолӣ дорад. Ин маънои онро дорад, ки қисми зиёди маблағҳои буҷетӣ барои дастгирии иҷтимоии аҳолӣ, маблағгузории маориф, фарҳанг, тандурустӣ, идоракунӣ, мудофиа, инчунин барои дастгирии корхонаҳои зараровар дар бахши давлатӣ равона карда мешаванд» [10].
Ҳикматов С.	«Идоракунии самаранокии молияи давлатӣ (буҷети давлатӣ) дар Ҷумҳури Тоҷикистон тибқи ҳодисаҳои стратегии қабулгардида ва вазифаҳои иқтисодию иҷтимоии давлат, ки пеш аз ҳама ба таъминсозии рушди устувор иқтисодӣ ва афзоиши ҳаҷми солона нишондиҳандаи макроиқтисодӣ равона, сурат мегирад. Дар шароити ҷаҳонишавии иқтисодиёт идоракунии самаранок ва масъулиятноки молияи ҷамъиятӣ аҳамияти бундиро барои ҳамаи мамлакатҳо, аз ҷумла Тоҷикистон, аз нуқтаи назари таъминоти устувории низомъои миллии буҷетӣ ва инчунин амнияти умуми молияви ва рушди устувори иқтисодӣ доро мебошад» [15].
Исупов С.И.	«Барои амалисозии ҳадафҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва иҷрои вазифаҳои давлат маблаҳои муайян зарур мебошанд, ки асосан аз ҷониби буҷети давлатӣ пешниҳод карда мешаванд. Ин маблаҳо хароҷоти буҷети давлатиро ифода мекунанд ва омили муҳими рушди давлат буда, ба равандҳои гуногуни иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ дар мамлакат таъсир мерасонанд» [5].
Ҷураев Х.Ғ Гафарович, Буризода Х.Б.	«Буҷети давлатӣ муносибатҳои пулие мебошад, ки байни давлат ва шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ вобаста ба азнавтақсимкунии ММД ва ташаккули фонди буҷетӣ ва истифодаи мақсадноки маблаҳо барои амалӣ намудани тамоми вазифаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ ва дигар вазифаҳое, ки дар доираи низоми дахлдори хоҷагӣ ба зиммаи он гузошта шудаанд» [16].
Ҳасанов А.Р.	Дурнамои татбиқи буҷетикунонии барномавиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳқиқ карда, қайд менамояд, ки «...татбиқи усулҳои ташаккули буҷет дар асоси принсипҳои банақшагирии буҷетӣ, ки ба натиҷа нигаронда шудаанд, яке аз воситаҳои асосии баланд бардоштани самаранокии хароҷоти буҷет маҳсуб меёбад”. Чӣ тавре таҷрибаи мамлакатҳои рушдёфта нишон медиҳад, ислоҳоти раванди буҷет ба он самт рафта истодааст, ки давра ба давра аз менеҷменти анъанавии буҷет даст кашида, ба низоми идоракунии молия аз рӯйи натиҷанокӣ ва татбиқи шаклҳои гуногуни мониторинг, баҳодиҳии буҷетикунонӣ ба натиҷа нигарондашуда гузашта истодаанд»[13].

Манбаъ: Таҳияи муаллиф дар доираи адабиёти дастрасшуда.

Таҳлили назарияҳои олимони тоҷик нишон медиҳад, ки масъалаи идоракунии маблағҳои буҷети давлатӣ дар шароити муосири рушди иқтисоди Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун яке аз самтҳои муҳими сиёсати молиявии давлат баррасӣ мегардад. Дар муқоиса бо олимони хориҷӣ ва рус, ки асосан масъалаҳои умумии назариявӣ ва методологии буҷетро таҳқиқ намудаанд, олимони тоҷик бештар ба масъалаҳои амалии ташаккул, тақсим ва истифодаи самараноки маблағҳои буҷетӣ дар шароити иқтисоди миллӣ диққат медиҳанд.

Таҳқиқоти Х.Р. Улуғхоҷаева ба масъалаи ташаккули даромадҳои буҷети давлатӣ тавассути низоми андозбандӣ бахшида шудааст. Муаллиф бар он назар аст, ки иҷрои самараноки вазифаҳои давлат бевосита аз устувории манбаъҳои даромадии буҷет вобаста мебошад. Дар ин замина андозҳо ҳамчун манбаи асосии таъмини молиявии фаъолияти давлат баррасӣ гардида, аҳамияти такмили маъмурикунонии андоз ва васеъ намудани заминаи андозбандӣ таъкид мешавад. Бартарии ин назария дар он аст, ки он асосҳои молиявии устувории буҷетро ҳамчун шарти муҳими идоракунии самараноки маблағҳои давлатӣ арзёбӣ менамояд.

Дар корҳои Н.Т. Садриддинов, Б.К. Наимов ва М.Н. Садриддинова масъалаи маблағгузории барномаҳои мақсадноки давлатӣ мавқеи марказӣ дорад. Ба андешаи онҳо, буҷет бояд пеш аз ҳама барои амалӣ намудани стратегияҳои давлатӣ ва ҳалли масъалаҳои афзалиятноки иҷтимоию иқтисодӣ истифода шавад. Ин равиш ба консепсияи муосири буҷетбандии барномавӣ мувофиқат намуда, зарурати пайваст намудани ҳаҷми маблағгузорӣ бо натиҷаҳои пешбинишавандаро асоснок менамояд. Аз нуқтаи назари илмӣ, чунин муносибат ба баланд бардоштани самаранокии истифодаи маблағҳои буҷетӣ мусоидат мекунад.

Обидов Ф.С. ва Давлатмуродов Ш.М. мустақилияти ҳар як буҷетро ҳамчун яке аз принсипҳои асосии низоми буҷетӣ арзёбӣ намудаанд. Ба андешаи онҳо, мустақилияти буҷет танҳо дар ҳолате таъмин мегардад, ки мақомоти дахлдори давлатӣ дорои манбаъҳои молиявии худӣ бошанд ва тавонанд онҳоро барои иҷрои вазифаҳои ваколатдори худ мустақилона истифода баранд.

Ин ақида ба мафҳуми муосири мустақилияти буҷетӣ мувофиқат мекунад, зеро мавҷудияти ваколатҳои ҳуқуқӣ бе таъмини молиявӣ самаранокии идоракунии давлатиро маҳдуд месозад. Агар мақомоти давлатӣ танҳо аз маблағгузории болоӣ вобаста бошанд, имконияти қабули қарорҳои мустақил дар самти рушди иқтисодию иҷтимоӣ коҳиш меёбад.

Ҳикматов С. ва Ахмедов У.С. низоми молиявии ҷомеаро ҳамчун яке аз механизмҳои муҳими татбиқи сиёсати иқтисодӣ ва иҷтимоии давлат муаррифӣ мекунанд. Ин мавқеъ нишон медиҳад, ки молия танҳо воситаи ҷамъоварӣ ва тақсимоти маблағҳо нест, балки ҳамчун воситаи танзими равандҳои иқтисодӣ хизмат мекунад.

Буҷети давлатӣ дар низоми молиявӣ нақши марказӣ дорад, зеро тавассути он захираҳои молиявӣ мутамарказ шуда, барои иҷрои вазифаҳои давлатӣ, аз ҷумла рушди инфрасохтор, таъмини хизматрасониҳои иҷтимоӣ, маориф, тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ равона мегарданд.

Таҳқиқоти Б.Б. Имомзода, А.Ш. Исоев ва Ш.М. Баротзода ба масъалаҳои дастгирии соҳибкории хурд ва рушди фаъолияти сармоягузорӣ бахшида шудаанд. Муаллифон нақши буҷети давлатиро дар дастгирии бахши хусусӣ ва ҳавасмандгардонии фаъолияти иқтисодӣ муҳим арзёбӣ намуда, зарурати диверсификатсияи манбаъҳои маблағгузориро таъкид мекунанд. Дар ин назария буҷет ҳамчун воситаи рушди иқтисодӣ ва тақвияти иқтидори истеҳсолии кишвар баррасӣ мегардад.

М.Х. Давлатзода буҷети давлатиро ҳамчун воситаи асосии молиявии давлат арзёбӣ намуда, нақши онро дар азнавтақсимкунии даромади миллӣ ва ташаккули захираҳои молиявӣ нишон медиҳад. Ин назария бештар ба равишҳои классикӣ ва кейнсӣ наздик буда, буҷетро ҳамчун механизми муҳими танзими иқтисоди миллӣ ва татбиқи сиёсати давлатӣ шарҳ медиҳад.

Дар таҳқиқоти Х. Сафаров ҷанбаи иҷтимоии буҷет мавқеи асосӣ дорад. Муаллиф нишон медиҳад, ки қисми зиёди маблағҳои буҷетӣ барои маблағгузории соҳаҳои иҷтимоӣ, аз ҷумла маориф, тандурустӣ, фарҳанг, ҳифзи иҷтимоӣ ва мудофиа истифода мешаванд. Ин нуқтаи назар аҳамияти буҷетро ҳамчун воситаи баланд бардоштани некӯаҳволии аҳолӣ ва таъмини суботи иҷтимоӣ асоснок менамояд.

Яке аз таҳқиқоти муҳим дар самти идоракунии маблағҳои буҷетӣ ба С. Ҳикматов тааллуқ дорад. Ӯ масъалаи идоракунии самараноки молияи давлатиро дар шароити ҷаҳонишавӣ ва тағйирёбии муҳити иқтисодӣ баррасӣ намуда, таъкид мекунад, ки рушди устувори иқтисодӣ ва амнияти молиявии давлат аз сатҳи самаранокии идоракунии маблағҳои буҷетӣ вобастагии

мустақим дорад. Аҳамияти илмии ин назария дар он аст, ки идоракунии буҷет ҳамчун унсури муҳими амнияти иқтисодӣ ва молиявии давлат арзёбӣ мегардад.

С.И. Исупов диққати асосиро ба нақши харочоти буҷетӣ дар амалисозии вазифаҳои давлат равона кардааст. Ба андешаи ӯ, маблағҳои буҷетӣ воситаи асосии татбиқи сиёсати иҷтимоию иқтисодӣ буда, тавассути онҳо давлат метавонад ба рушди соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқ таъсири фаъол расонад. Ин равиш аҳамияти самаранокии харочоти давлатиро ҳамчун омили муҳими рушди иқтисодӣ нишон медиҳад.

Дар корҳои Х.Ғ. Ҷӯраев ва Х.Б. Буризода буҷет ҳамчун маҷмӯи муносибатҳои иқтисодӣ байни давлат ва субъектҳои иқтисодӣ тавсиф мешавад. Муаллифон ба масъалаҳои азнавтақсимкунии маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ, ташаккул ва истифодаи фондҳои буҷетӣ диққати махсус додаанд. Афзалияти ин назария дар он аст, ки буҷет ҳамчун падидаи иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва ҳуқуқӣ дар ягонагӣ баррасӣ мегардад.

Таҳқиқоти А.Р. Ҳасанов ба масъалаҳои буҷетбандии барномавӣ ва буҷетбандии ба натиҷаҳо нигаронидашуда бахшида шудааст. Муаллиф нишон медиҳад, ки дар шароити муосир самаранокии харочоти буҷетӣ бояд аз рӯи натиҷаҳои бадастомада баҳогузорӣ карда шавад. Ба андешаи ӯ, татбиқи механизмҳои мониторинг, баҳодиҳӣ ва идоракунии натиҷанок имконият медиҳад, ки самаранокии истифодаи маблағҳои буҷетӣ ба таври назаррас баланд бардошта шавад.

Натиҷаҳои таҳқиқот. Дар маҷмӯъ, таҳлили назарияҳои олимони тоҷик нишон медиҳад, ки онҳо масъалаҳои идоракунии маблағҳои буҷетиро дар иртибот бо вазифаҳои рушди миллӣ, баланд бардоштани самаранокии харочоти давлатӣ, таъмини амнияти молиявӣ ва рушди устувори иқтисодӣ баррасӣ намудаанд. Хусусияти асосии таҳқиқоти онҳо мутобиқ намудани таҷрибаи байналмилалӣ ба шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Дар асоси таҳлили назарияҳои олимони хориҷӣ, рус ва тоҷик метавон ба хулоса омад, ки ҳамаи онҳо аҳамияти буҷети давлатиро ҳамчун воситаи муҳими идоракунии иқтисодиёт эътироф менамоянд. Аммо вобаста ба мактаби илмӣ ва шароити иқтисодии кишварҳо дар муносибати онҳо ба моҳияти буҷет ва идоракунии маблағҳои буҷетӣ фарқиятҳо вуҷуд доранд.

Олимони хориҷӣ, аз ҷумла Адам Смит, Ҷон Мейнард Кейнс, Ричард Масгрейв, Пол Самуэлсон ва Ҷозеф Стиглитс, бештар ба масъалаҳои назариявии молияи давлатӣ диққат додаанд. Дар назарияҳои онҳо буҷет ҳамчун воситаи танзими макроиқтисодӣ, таъмини рушди иқтисодӣ, бартараф намудани нокомилии бозор ва ҳифзи манфиатҳои ҷамъиятӣ арзёбӣ мешавад.

Олимони рус, ба монанди Г.Б. Поляк, М.В. Романовский, В.М. Родионова, Ю.А. Крохина ва дигарон, буҷетро пеш аз ҳама ҳамчун низоми муносибатҳои иқтисодӣ, молиявӣ ва ҳуқуқӣ баррасӣ менамоянд. Дар таҳқиқоти онҳо масъалаҳои ташаккул, тақсим, истифода ва назорати фондҳои марказонидашудаи пулӣ, инчунин механизми идоракунии давлатии маблағҳои буҷетӣ мавқеи марказӣ доранд.

Олимони тоҷик бошанд, асосан ба масъалаҳои амалии идоракунии маблағҳои буҷетӣ дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон диққат медиҳанд. Дар корҳои онҳо масъалаҳои такмили сиёсати андозӣ, баланд бардоштани самаранокии харочоти давлатӣ, буҷетбандии барномавӣ, дастгирии соҳибкорӣ, рушди иҷтимоӣ ва таъмини амнияти молиявӣ ҷойгоҳи муҳимро ишғол менамоянд.

Ҳамин тариқ, агар олимони хориҷӣ асосҳои назариявии идоракунии маблағҳои буҷетиро ташаккул дода бошанд, олимони рус ҷанбаҳои иқтисодӣ, молиявӣ ва ҳуқуқии онро мукаммал гардонидаанд. Олимони тоҷик бошад, ин назарияҳоро ба шароити иқтисоди миллӣ мутобиқ намуда, роҳҳои амалии баланд бардоштани самаранокии идоракунии маблағҳои буҷетиро пешниҳод менамоянд.

Хулоса. Дар асоси таҳлили назарияҳои олимони хориҷӣ, рус ва тоҷик муайян гардид, ки идоракунии маблағҳои буҷетӣ дар ҳамаи марҳилаҳои рушди давлатдорӣ ҳамчун воситаи асосии татбиқи сиёсати иқтисодӣ ва иҷтимоии давлат баромад менамояд. Аммо таҳқиқот нишон медиҳад, ки аксари назарияҳои мавҷуда бештар ба масъалаҳои умумии ташаккул,

тақсим ва истифодаи захираҳои молиявии давлатӣ равона гардида, хусусиятҳои идоракунии маблағҳои буҷетиро дар шароити иқтисодиёти рӯ ба рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон пурра инъикос намекунанд.

Ба андешаи мо, дар шароити муосири Ҷумҳурии Тоҷикистон идоракунии маблағҳои буҷетӣ бояд на танҳо ҳамчун раванди банақшагирӣ ва маблағгузории харoҷоти давлатӣ, балки ҳамчун механизми стратегии таъмини рушди устувори иқтисодӣ, баланд бардоштани самаранокии истифодаи захираҳои молиявӣ ва таҳкими амнияти молиявии давлат баррасӣ карда шавад. Зеро дар шароити маҳдуд будани захираҳои буҷетӣ, афзоиши талабот ба хизматрасониҳои давлатӣ ва татбиқи ҳадафҳои стратегии миллӣ зарурати истифодаи оқилона ва натиҷаноки маблағҳои давлатӣ бештар мегардад.

Мо чунин мешуморем, ки самаранокии идоракунии маблағҳои буҷетӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд дар асоси чор самти асосӣ таъмин карда шавад:

– такмили низоми ташаккули даромадҳои буҷетӣ ва таҳкими иқтидори андозии давлат;

– ҷорӣ намудани принсипҳои буҷетбандии ба натиҷаҳо нигаронидашуда дар ҳамаи сатҳҳои идоракунии молияи давлатӣ;

– баланд бардоштани шаффофият ва ҳисоботдиҳии истифодаи маблағҳои буҷетӣ;

– таҳкими назорати молиявӣ ва баҳодиҳии самаранокии харoҷоти давлатӣ.

Аз ин рӯ мо, идоракунии маблағҳои буҷетиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар чунин шакли таъриф пешниҳод менамоем (расми 1).



Расми 1. – Назарияи муаллиф: Қурбонзода Қобилҷон Давлаталӣ оид ба идоракунии маблағҳои буҷети давлатӣ.

Ҳамин тавр, таҳқиқоти назариявӣ нишон медиҳад, ки такмили механизми идоракунии маблағҳои буҷетӣ яке аз шартҳои асосии баланд бардоштани самаранокии сиёсати молиявии давлат буда, дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун омили муҳимми ноил гардидан ба ҳадафҳои стратегии миллӣ ва рушди устувори иқтисодӣ баромад менамояд.

Дар баробари ин, омӯзиши назарияҳои мавҷуда нишон медиҳад, ки барои баҳодиҳии воқеии сатҳи самаранокии идоракунии маблағҳои буҷетӣ танҳо муайян намудани моҳияти асосии буҷет кофӣ нест. Зарур аст, ки маҷмӯи принсипҳо, усулҳо ва нишондиҳандаҳое истифода шаванд, ки имконияти муайян намудани дараҷаи самаранокӣ, натиҷанокӣ ва мақсаднокии истифодаи маблағҳои буҷетиро фароҳам оваранд.

